**ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**
**ВАЗОРАТИ КОРҲОИ ДОХИЛӢ**

**АКАДЕМИЯ**

# СИЁСАТИ ЗИДДИКОРРУПСИОНӢ

## (ВОСИТАИ ТАЪЛИМӢ)

***Зери назари***

***Раҳимзода Рамазон Ҳамро***
*Вазири корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, Ҳуқуқшиноси Шоистаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, генерал – полковники милитсия*

**Душанбе – 2018**

**ББК: 67.99(2)2+65.5+67.99(2)32**
**Ҳ – 94**

Сиёсати зиддикоррупсионӣ. Воситаи таълимӣ. // Зери таҳрири Ф.Р. Шарифзода, С.Ҳ. Ҳусейнзода. «Ирфон». – Душанбе, 2018. - 800 саҳ.

***Зери таҳрири***

**Шарифзода Файзалӣ Раҳмоналӣ**
*Сардори Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, генерал – майори милитсия.*
**Ҳусейнзода Сино Ҳотамӣ**
*Профессори кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ, криминология ва психологияи факултети №2 Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, подполковники милитсия.*

**МУҚАРРИЗОН:**

**Ализода Алиҷон Шариф –** сардори факултети №2 Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, полковники милитсия.

**Имомёрбеков Атобек –** сардори кафедраи ҳуқуқи маъмурӣ ва фаъолияти маъмурии Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои таърих, генерал – майори милитсия.

**Ғайратов Тимуршо Муборакшоевич** – муаллими кафедраи фанҳои ҳуқуқии Мактаби олии Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, подполковник.

**Юлдошев Рифат Рахмадҷонович -** профессори кафедраи мурофиаи ҷиноятии факултети №2 Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, майори милитсия.

Дар воситаи таълимии «Сиёсати зиддикоррупсионӣ» мавзӯъҳои муҳим ҷиҳати омӯхтани сиёсати зиддикоррупсионӣ ва моҳияти воқеии коррупсия, инчунин институтҳои муқовимат ба коррупсия, ҷой дода шудаанд.

Воситаи таълимии мазкур ба курсантон, донишҷӯён, аспирантон, адъюнктон, ки дар муассисаҳои таълимии ихтисосҳои ҳуқуқшиносӣ ва идоракунии давлатӣ таълим мегиранд, тавсия карда мешавад. Инчунин, омӯзгорон дар рафти машғулиятҳои таълимӣ ва ҳамаи хизматчиёни давлатӣ дар фаъолияти хизматӣ истифода бурда метавонанд.

**ISBN: 978-99975-0-834-8**

## Муаллифон:

**Шарифзода Файзалӣ Раҳмоналӣ** – сардори Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, генерал – майори милитсия – мавзӯи №7.

**Кабирзода Ҷурахон Ҳаким** – муовини аввали сардори Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, генерал – майори милитсия – мавзӯи №5.

**Идрисзода Илёс Мумин** – муовини Директори Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, полковники адлия – мавзӯи №6.

**Ҳусейнзода Сино Ҳотамӣ** – профессори кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ, криминология ва психологияи факултети №2 Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, подполковники милитсия – мавзӯъҳои №№ 1, 2, 3, 6, 8, 9, 10, 11, 12.

**Ҳасанов Шарифхӯҷа Қозиевич** – декани факултети идораи давлат ва ҳуқуқи Донишгоҳи давлатии Данғара, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент – мавзӯъҳои №№ 2, 3, 12.

**Нажбудинов Муҳридин Амрудинович** – сардори кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ, криминология ва психологияи факултети №2 Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, майори милитсия – мавзӯи №10.

**Алимардонов Манучеҳр Усмонович** – сардори кафедраи ташкили идоракунии фаъолияти ҳифзи ҳуқуқи факултети №1 Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои таърих, майори милитсия – мавзӯи №4.

**Расулӣ Барот** – муовини сардори Сарраёсат – сардори Раёсати таҳлили хавфҳо ва мубориза бо ҳуқуқвайронкуниҳои маъмурии коррупсионии Сарраёсати пешгирии коррупсияи Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, полковники адлия – мавзӯи №11.

**Сафарзода Анвар Ислом –** мудири кафедраи ҳуқуқи ҷиноятии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент – мавзӯи №9.

**Аҳёзода Шоҳрух Табарукшо –** омӯзгори калони кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ, криминология ва психологияи факултети №2 Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, капитани милитсия – мавзӯи №9.

**Назаров Умедҷон Сунатуллоевич –** омӯзгори калони кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ, криминология ва психологияи факултети №2 Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, капитани милитсия– мавзӯи №9.

**Шарифзода Вафоидин –** омӯзгори калони кафедраи мурофиаи ҷиноятии факултети №2 Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, подполковники милитсия – мавзӯи №10.

**Нарзуллоев Сухробидин Саидаҳмадович –** омӯзгори кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ, криминология ва психологияи факултети №2 Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, капитани милитсия – мавзӯи №9.

**МУНДАРИЧА**

**СУХАНРОНИИ АСОСГУЗОРИ СУЛҲУ ВАҲДАТИ МИЛЛӢ – ПЕШВОИ МИЛЛАТ, ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН, МУҲТАРАМ ЭМОМАЛӢ РАҲМОН БА МУНОСИБАТИ 10 – СОЛАГИИ ТАЪСИСИ АГЕНТИИ НАЗОРАТИ ДАВЛАТИИ МОЛИЯВӢ ВА МУБОРИЗА БО КОРРУПСИЯ 9**

**САРСУХАН 23**

**МАВЗӮИ №1. СИЁСАТИ ЗИДДИКОРРУПСИОНӢ ҲАМЧУН ФАННИ ТАЪЛИМӢ 31**

1. Сиёсати зиддикоррупсионӣ ҳамчун фанни таълимӣ 32
2. Мафҳум ва намудҳои коррупсия 37

**МАВЗӮИ №2. ЗАМИНАҲОИ ПАЙДОИШИ КИРДОРҲОИ КОРРУПСИОНӢ ДАР ТАЪРИХИ БАШАРИЯТ 41**

1. Заминаҳои ташаккулёбии омилҳои коррупсионӣ дар давлатҳои Шарқи Бостон 43
2. Заминаҳои ташаккулёбии омилҳои коррупсионӣ дар давлатҳои антиқа: Юнони Қадим; Карфаген; Рими Қадим 59
3. Таърихи ташаккулёбии омилҳои коррупсионӣ дар низоми давлатдории тоҷикон 75

**МАВЗӮИ №3. АСОСҲОИ ҲУҚУҚИИ МУҚОВИМАТ БА КОРРУПСИЯ 85**

1. Асоҳои ҳуқуқии байналмиллаӣ дар муқовимат ба коррупсия 88
2. Асоҳои ҳуқуқии Ватанӣ дар муқовимат ба коррупсия 122

**МАВЗӮИ №4. ПРИНСИПҲОИ МУҚОВИМАТ БА КОРРУПСИЯ 142**

1. Мафҳуми умумии принсипҳои муқовимат ба коррупсия 143
2. Намудҳои принсипҳои муқовимат ба коррупсия 144

**МАВЗӮИ №5. АГЕНТИИ НАЗОРАТИ ДАВЛАТИИ МОЛИЯВӢ ВА МУБОРИЗА БО КОРРУПСИЯИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ҲАМЧУН МАҚОМОТИ МАХСУСГАРДОНИДАШУДАИ МУҚОВИМАТ БА КОРРУПСИЯ** **162**

1. Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун мақомоти махсусгардонидашудаи муқовимат ба коррупсия 163
2. Вазифа, принсип ва самтҳои асосии фаъолияти мақомоти Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон 170
3. Низом, сохтор ва ташкили фаъолияти мақомоти Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон 174
4. Хизмат дар мақомоти Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон 180
5. Салоҳияти мақомоти Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон 187

**МАВЗӮИ №6. ШӮРОИ МИЛЛИИ МУҚОВИМАТ БА КОРРУПСИЯ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН** **194**

1. Шӯрои миллии муқовимат ба коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: мақсад, вазифа ва ваколати он 195
2. Ҳайат ва тартиби кори Шӯрои миллии муқовимат ба коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон 197

**МАВЗӮИ №7. ҲАМОҲАНГСОЗИИ ФАЪОЛИЯТИ МАҚОМОТИ МУБОРИЗА БАР ЗИДДИ КОРРУПСИЯ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН** **202**

1. Мақсад, принсип ва самтҳои асосии ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомоти мубориза бар зидди коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон 203

2. Шӯрои ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомоти мубориза бар зидди коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон 205

**МАВЗӮИ №8. ЭКСПЕРТИЗАИ ЗИДДИКОРРУПСИОНИИ САНАДҲОИ МЕЪЁРИИ ҲУҚУҚӢ ВА ЛОИҲАҲОИ САНАДҲОИ МЕЪЁРИИ ҲУҚУҚӢ 212**

1. Мафҳум, принсипҳо ва намудҳои экспертизаи зиддикоррупсионии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ 214
2. Асосҳо ва самтҳои афзалиятноки гузаронидани экспертизаи зиддикоррупсионии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ 220
3. Объектҳо ва субъектҳои гузаронидани экспертизаи зиддикоррупсионии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ 223
4. Тартиби гузаронидани экспертизаи зиддикоррупсионии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ 229

**МАВЗӮИ №9. ҶИНОЯТҲОИ ХУСУСИЯТИ КОРРУПСИОНИДОШТА 234**

1. Тавсифи умумии ҷиноятҳои хусусияти коррупсионидошта 240
2. Тавсифи ҳуқуқии ҷиноятии ҷиноятҳои хусусияти коррупсионидошта ба муқобили моликият (боби 26 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон) 252
3. Тавсифи ҳуқуқии ҷиноятии ҷиноятҳои хусусияти коррупсионидошта дар соҳаи фаъолияти иқтисодӣ (боби 27 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон) 276
4. Тавсифи ҳуқуқии ҷиноятии ҷиноятҳои хусусияти коррупсионидошта ба муқобили ҳокимияти давлатӣ ва манфиатҳои хизматӣ давлатӣ (боби 30 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон) 391

5. Тавсифи ҳуқуқии ҷиноятии ҷиноятҳои хусусияти коррупсионидошта ба муқобили тартиби идоракунӣ (боби 31 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон) 425

6. Тавсифи ҳуқуқии ҷиноятии ҷиноятҳои хусусияти коррупсионидошта ба муқобили адолати судӣ (боби 32 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон) 435

7. Тавсифи ҳуқуқии ҷиноятии ҷиноятҳои хусусияти коррупсионидошта ба муқобили хизмати ҳарбӣ (боби 33 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон) 466

**МАВЗӮИ № 10. ТАВСИФИ КРИМИНОЛОГИИ ҶИНОЯТКОРИИ КОРРУПСИОНӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН 475**

1. Мафҳум, моҳият ва намудҳои коррупсия чун зуҳуроти иҷтимоӣ 476

2. Сабаб ва шароитҳои зуҳурёбии коррупсия дар ҷомеа 484

3. Роҳҳои мубориза ва пешгирии ҷинояткории коррупсионӣ 493

**МАВЗӮИ №11. ТАҲЛИЛИ ХАВФҲОИ КОРРУПСИОНӢ 504**

1. Мафҳум, мақсад ва принсипҳои таҳлили хавфҳои коррупсионӣ 505

2. Тартиби ташкили раванди таҳлили хавфҳои коррупсионӣ ва давраҳои он 511

3. Таҳлили хавфҳои коррупсионии хавфҳои пешакӣ 514

4. Таҳлили бевоситаи хавфҳои коррупсионӣ 517

5. Марҳилаҳои хотимавии баҳодиҳӣ (таҳлил) ва азнавбаҳодиҳӣ (таҳлилкунӣ) 524

**МАВЗӮИ №12. ТАҶРИБАИ ДАВЛАТҲОИ МУВАФФАҚ ДАР МУҚОВИМАТ БА КОРРУПСИЯ 550**

1. Таҷрибаи пешқадами кишварҳои тараққикарда дар мубориза бо коррупсия 552

2. Таҷрибаи зиддикоррупсионии Штатҳои Муттаҳидаи Амрико дар ташаккули иқтисод 554

3. Таҷрибаи зиддикоррупсионии Канада 564
4. Таҷрибаи зиддикоррупсионии Фаронса 573
5. Таҷрибаи зиддикоррупсионии Олмон 577
6. Таҷрибаи зиддикоррупсионии Голландия 582
7. Таҷрибаи зиддикоррупсионии Сингапур 584
**ЗАМИМАҲО 597**
**САНАДҲОИ МЕЪЁРИИ ҲУҚУҚӢ ДАР САМТИ МУҚОВИМАТ БА КОРРУПСИЯ 597**
1. Конвенсияи Созмони милали муттаҳид зидди коррупсия 597
2. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мубориза бар зидди коррупсия» 671
3. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон» 695
4. Дастурамали баҳисобгирии омории ҷиноятҳои хусусияти коррупсионидошта ва феҳристи чунин ҷиноятҳо 729
5. Методологияи тартиб ва методикаи гузаронидани таҳлили фаъолият (хавфҳои коррупсионӣ) 748
6. Низомномаи шӯрои миллии муқовимат ба коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон 760
7. Низомномаи ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомоти мубориза бар зидди коррупсия 767
8. Қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи таҷрибаи судӣ оид ба парвандаҳои ҷиноятӣ марбут ба гирифтан, додани пора ва ришвадиҳии тиҷоратӣ” № 2 аз аз 19 декабри соли 2008 775
**АДАБИЁТИ ИСТИФОДАШУДА 791**

# СУХАНРОНИИ АСОСГУЗОРИ СУЛҲУ ВАҲДАТИ МИЛЛӢ – ПЕШВОИ МИЛЛАТ, ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН, МУҲТАРАМ ЭМОМАЛӢ РАҲМОН БА МУНОСИБАТИ 10 – СОЛАГИИ ТАЪСИСИ АГЕНТИИ НАЗОРАТИ ДАВЛАТИИ МОЛИЯВӢ ВА МУБОРИЗА БО КОРРУПСИЯ (10.01.2017, ШАҲРИ ДУШАНБЕ)



Муҳтарам кормандони мақомоти мубориза бо коррупсия!

Ҳозирини гиромӣ!

Ҳадафи чорабинии имрӯзаи мо натиҷагирӣ аз фаъолияти мақоми махсуси мубориза ба муқобили коррупсия - Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба муносибати даҳсолагии таъсиси он мебошад.

Ба ин муносибат роҳбарият ва ҳамаи кормандони мақомоти назорати молиявӣ ва мубориза бар зидди коррупсияро самимона табрик гуфта, ба ҳамаи онҳо ва ҳар яки шумо, ҳозирини арҷманд барору комёбӣ орзу менамоям.

Коррупсия зуҳуроте номатлубест, ки эътимоди мардумро ба давлат коста гардонида, обрӯву эътибори онро коҳиш медиҳад, барои рушди иқтисодиёти пинҳонӣ ва истифодаи ғайримақсадноки маблағҳои давлативу ҷамъиятӣ шароит фароҳам меорад ва дар маҷмӯъ, боиси поймолшавии ҳуқуқи инсон ва заиф шудани пояҳои ахлоқии ҷомеа мегардад.

Ин зуҳурот решаҳои хеле қадимӣ дошта, мутаассифона, имрӯз мисли экстремизм ва терроризм ба проблемаи глобалӣ табдил ёфтааст.

Ҳанӯз дар аҳди бостон калимаи «коррупсия» ба истилоҳи фасод, вайронкунанда, зараррасонанда ва фурӯхтани мансаб маънидод карда шуда, ҳамчун рафтори истифода намудани имкониятҳои мансаб ба манфиатҳои шахсӣ фаҳмида мешуд ва афроди ба чунин амал дастзада дар ҳамаи давру замонҳо аз ҷониби аҳли ҷомеа маҳкум мегардиданд.

Тоҷикистон аз рӯзҳои нахустини ба даст овардани истиқлолияти давлатӣ мубориза бо коррупсияро ҳамчун самти афзалиятноки сиёсати давлатӣ қарор дода, ба ташаккули заминаҳои ҳуқуқиву сохторӣ ва таҳкими ҳамкориҳои байналмилалӣ дар ин самт оғоз намуд.

Ҳанӯз 21 июли соли 1999 Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тадбирҳои иловагӣ оид ба пурзӯр намудани мубориза бар зидди ҷинояткорӣ дар соҳаи иқтисод ва коррупсия» қабул гардида, дар он самтҳои асосии ташаккули сиёсати давлатии зиддикоррупсионӣ муайян карда шуданд.

Ҷиҳати тақвияти шаффофияти раванди идоракунии давлатӣ, ҷорӣ намудани маҳдудиятҳои пешгирикунанда дар соҳаи хизмати давлатӣ, муқаррар кардани ҷавобгарӣ барои содир намудани тамоми шаклҳои рафтори коррупсионӣ ва ошкору пешгирӣ намудани чунин амалҳо заминаҳои боэътимод фароҳам оварда шуданд.

Ҷиҳати ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомоти давлатӣ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ дар ин самт Шӯрои миллии муқовимат бо коррупсия ва дар сатҳи вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо комиссияҳои ҷамъиятӣ оид ба пешгирии коррупсия таъсис дода шуданд.

Дар даврони истиқлолият ду стратегияи миллии муқовимат бо коррупсия қабул карда шуд, ки дар онҳо чораҳои маҷмӯии хусусияти ташкиливу ҳуқуқӣ, иқтисодиву иҷтимоӣ ва маърифативу фарҳангидоштаи вобаста ба муқовимат бо коррупсия пешбинӣ гардидаанд.

Дар ин самт ҳамаи санадҳои дахлдори байналмилалӣ, аз ҷумла соли 2006 Конвенсияи Созмони Милали Муттаҳид зидди коррупсия ба тасвиб расонида шуданд.

Бо дарназардошти он, ки коррупсия аз ҷумлаи зуҳуроти хатарноки глобалӣ мебошад, соли 2003 Тоҷикистон яке аз аввалинҳо шуда, ба шабакаи зиддикоррупсионии Созмони ҳамкориҳои иқтисодӣ ва рушд шомил гардид ва дар доираи Нақшаи Истамбулии амалҳо оид ба мубориза бо коррупсия иқдомоти зиёдеро вобаста ба такмили қонунгузорӣ дар ин самт амалӣ намуд.

Коррупсия дар тамоми шаклҳояш рафтори зиддиҳуқуқӣ эътироф гардида, нисбат ба шахсони содиркунандаи чунин кирдор ҷавобгарӣ пешбинӣ карда шуд.

Ҳамин тавр, заминаи ҳуқуқии мубориза бо коррупсия муҳайё карда шуда, мақомоти ба муқобили коррупсия муборизабаранда муайян карда шуданд.

Мо бо мақсади ба меъёрҳои байналмилалӣ мутобиқ гардонидани қонунгузории кишвар ва ҷиҳати фарогирии масъалаҳои марбут ба коррупсия Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи экспертизаи зиддикоррупсионии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ»-ро қабул намудем, ки ба рафъи омилҳои коррупсионӣ дар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва лоиҳаи онҳо мусоидат менамояд.

Ҳамчунин, бо мақсади баланд бардоштани масъулияти хизматчиёни давлатӣ дар қонунгузории кишвар тақвияти муқовимат бо коррупсия ва гузаронидани таҳлили хавфҳои коррупсияро ҳамчун шарти ҳатмӣ муқаррар намуда, ҳангоми қабул ба хизмати давлатӣ санҷиши ҳолатҳои содир гардидани кирдори коррупсиониро зарур шуморидем.

Дар натиҷаи ин чорабиниҳо шиддати коррупсия дар кишвар тадриҷан коҳиш ёфта, эҳсоси таҳаммулнопазирии мардум нисбат ба чунин амалҳои нангин хеле афзуд.

Афкори ҷомеаи ҷаҳонӣ оид ба вазъи коррупсия дар кишвари мо низ ба таври мусбат тағйир ёфта, соли 2015 Ҷумҳурии Тоҷикистон дар индекси байналмилалии дарки коррупсия 16 зина боло баромад.

Аз ин лиҳоз, бо итминон метавон гуфт, ки Тоҷикистон ба ташаккули сиёсати давлатии зиддикоррупсионӣ ва фароҳам овардани заминаҳои мусоид барои муқовимати самаранок ба ин зуҳурот муваффақ шудааст.

Дӯстони азиз!

Таъсиси ниҳоди махсусгардонидашуда - Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсия

яке аз дастовардҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти муқовимат бо коррупсия мебошад, ки вазифаи он аз назорати истифодаи дуруст ва мақсадноки маблағҳои буҷетӣ, амволи давлатӣ, таҳкими қонуният, ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, инчунин, манфиатҳои давлат ва ҷомеа иборат мебошад.

Вазифаҳои мақомоти мубориза бар зидди коррупсия муҳимму мураккаб буда, онҳо ба ҳифзу ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсон, манфиатҳои давлату ҷамъият, ташкилоту идораҳо, таъмини қонуният, ошкор ва пешгирӣ намудани кирдорҳои коррупсионӣ ва ба ҷавобгарӣ кашидани шахсони гунаҳгор равона гардиданд ва бинобар ин, аз кормандони он донишу малакаи пухтаи касбӣ ва масъулияти баландро тақозо мекунад.

Вобаста ба ин, таъкид месозам, ки Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсия, пеш аз ҳама, бояд озод аз коррупсия бошад.

Яъне худи кормандони ин ниҳод бояд шахсони пок бошанд, манфиатҳои давлатро аз манфиатҳои шахсӣ боло донанд, даст ба қонуншиканӣ назананд ва барои кормандони дигар мақомоти давлатӣ намуна бошанд. Зеро бидуни доштани чунин сифатҳои неки инсониву касбӣ мо наметавонем дар мубориза бо ин кирдори ҷиноятӣ ба натиҷаҳои дилхоҳ муваффақ шавем.

Таҳлили кори агентӣ нишон медиҳад, ки кормандони он вазифаҳои худро поквиҷдонона иҷро менамоянд, дар фаъолияти худ қонуниятро риоя карда, барои пешгирӣ намудани қонуншиканиҳо дар ин самт тамоми чораҳоро андешида истодаанд.

Тайи даҳ соли фаъолият аз тарафи ин мақомот ҷиҳати пешгирӣ ва ошкоркунии ҷиноятҳои коррупсионӣ корҳои зиёде ба анҷом расонида шудаанд.

Дар ин давра агентӣ дар вазорату кумитаҳо, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, марказҳо ва гурӯҳҳои татбиқи лоиҳаҳои инвеститсионӣ, субъектҳои хоҷагидори давлатӣ ва дигар ташкилоту муассисаҳо 12 ҳазор тафтишу санҷишҳои молиявӣ гузаронида, ба маблағи умумии қариб 2 миллиард сомонӣ зарари молиявиро ошкор намудааст.

Агар соли 2007 – ум 130 миллион сомонӣ зарар ошкор шуда бошад, ин рақам соли 2016 – ум 386 миллион сомониро ташкил медиҳад.

Дар даҳ соли охир аз маблағи умумии зарарҳои молиявии ошкоргардида 529 миллион сомонӣ ё 27 фоизро изофанависии ҳаҷми корҳои таъмиру сохтмон, 521 миллион сомонӣ ё 26,6 фоиз маблағҳои кам ҳисобишуда ва рӯйпӯшшудаи андозҳо, 672 миллион сомонӣ ё 34 фоиз талаф, камомад ва тасарруфи воситаҳои пуливу молӣ, 151 миллион сомонӣ пардохти беасоси музди меҳнат, нафақа, ҷубронпуливу сафархарҷиҳо ва 85 миллион сомониро зарар аз фурӯш ва иҷораи амволи давлатӣ ташкил медиҳад.

Ғайр аз ин, аз ҳисоби маблағи бақияпулиҳои андоз 88 миллион сомонӣ, кам кардани маблағгузории сметаҳои хароҷотӣ 25 миллион сомонӣ, кам кардани қарзҳои беасоси кредиторӣ ва дебиторӣ 140 миллион сомонӣ ва зиёдомади молу мавод ба маблағи 157 миллион сомонӣ ба буҷет ва корхонаҳои давлатӣ даромад карда шудааст.

Ҷиҳати чораҷӯӣ ба мақомоти ҳифзи ҳуқуқ қариб 5600 маводи тафтишӣ ба маблағи умумии зарари молиявӣ 1 миллиарду 241 миллион сомонӣ фиристода шудааст, ки онҳо баррасӣ ва нисбат ба шахсони гунаҳкор чораҳои дахлдор татбиқ гардидаанд.

Дар ҳамин давра ҷиҳати назорати истифодаи самараноки қарзҳои давлатии дохилӣ ва хориҷӣ, ки бо

кафолати Ҳукумати Тоҷикистон ҷалб шудаанд, дар фаъолияти марказҳо ва гурӯҳҳои татбиқи лоиҳаҳои инвеститсионӣ 182 тафтишу санҷишҳои молиявӣ гузаронида шуда, ба маблағи 120 миллион сомонӣ зарари молиявӣ ошкор гардидааст, ки 66 миллион сомонӣ ё 55 фоизи он ба ду соли охир рост меояд.

Аз маблағи умумии зарари ошкоршуда 97 миллион сомонӣ ё 82 фоизи он барқарор карда шудааст.

Агентӣ ба нигоҳдорӣ ва истифодаи самараноки моликияти давлатӣ низ диққати махсус зоҳир намуда, дар давраи фаъолияти худ моликияти давлатии ғайриқонунӣ хусусӣ гардонидашударо ба маблағи умумии зиёда аз 84 миллион сомонӣ ошкор намудааст.

Дар раванди хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонӣ шаффофият таъмин нашуда, баргузории тендерҳои қалбакӣ, мавҷуд набудани рақобати воқеӣ ва забонаккунӣ байни тарафҳо, ба таври дахлдор иҷро нашудани уҳдадориҳои шартномавӣ ва дар ин замина тасарруф намудани маблағҳои буҷетӣ то ҳол аз байн нарафтааст.

Ҳолатҳои тавассути сохтакории ҳуҷҷатҳо оид ба собиқаи корӣ, музди меҳнат ва маъюбӣ тасарруф намудани маблағҳои барои нафақа пешбинишуда тамоюли афзоиш дошта, зарур аст, ки агентӣ таваҷҷуҳи худро ба ин самт низ пурзӯр намояд.

Дар ин кор баъзе масъулини мақомоти давлатӣ низ даст дошта, маҳз мусоидат ё шарикии онҳо содиршавии ин ҷиноятҳоро имконпазир мегардонад.

Воҳидҳои ҳифзи ҳуқуқи агентӣ дар давраи фаъолияти худ беш аз 12 ҳазор ҷиноятҳои коррупсионӣ, ҷиноятҳои иқтисодии хусусияти коррупсионидошта ва бо андоз алоқамандро ошкор кардаанд, ки қариб 3700 ҳолати онро ҷиноятҳои вазнин ташкил медиҳанд.

Қобили зикр аст, ки фаъолияти агентӣ дар ин самт низ беҳтар гашта, шумораи ҷиноятҳои ошкоргардида дар соли 2016 нисбат ба соли 2007 чор баробар афзудааст.

Маблағи зарари молиявӣ аз ҳисоби ҷиноятҳои ошкоргардида дар давраи таҳлилӣ 980 миллион сомониро ташкил медиҳад, ки дар рафти санҷишу тафтишот 294 миллион сомонии он барқарор шудааст. Зарур аст, ки маблағи зарари ошкоргардида пурра барқарор карда шавад.

Таҳлили омори даҳсола нишон медиҳад, ки ҳамасола содиршавии ҷиноятҳои коррупсионӣ тамоюли зиёдшавӣ дорад. Аз ҷумла, агар соли 2007 ҳамагӣ 464 ҷиноят ошкор карда шуда бошад, ин рақам соли 2016 қариб ба 1900 адад расидааст.

Бахусус, тайи 5 соли охир шумораи ин ҷиноятҳо хеле афзуда, аз 1320 ҷинояти дар соли 2012 содиршуда то 1900 ҷиноят дар соли 2016 афзудааст.

Аз рӯи маълумоти агентӣ шумораи ҷиноятҳои ошкоргардида дар даҳ соли охир дар мақомоти корҳои дохилӣ ва вазорати нақлиёт якуним баробар, мақомоти судӣ ва прокуратура зиёда аз ду баробар, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, вазоратҳои адлия, маориф ва илм, кумитаи давлатии заминсозӣ ва геодезӣ зиёда аз чор баробар, вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, Кумитаи давлатии амнияти миллӣ беш аз панҷ баробар афзоиш ёфтааст.

Дар соҳаи бонкӣ кирдорҳои хусусияти коррупсионидошта танҳо дар ду соли охир зиёда аз дуюним баробар ва нисбат ба соли 2007 беш аз 80 баробар афзудаанд.

Илова бар ин, таъкид месозам, ки дар давоми даҳ соли охир нақшаи буҷети давлатӣ аз 3 миллиарду 780 миллион ба 19 миллиарду 860 миллион сомонӣ, ҳаҷми

маблағгузории мутамарказ аз 1 миллиарду 350 миллион ба 3 миллиарду 175 миллион сомонӣ ва сармоягузории давлатии берунӣ аз 1 миллиарду 270 миллион қариб ба сеюним миллиард сомонӣ расидааст.

Назорати истифодаи шаффоф ва самараноку мақсадноки чунин маблағҳои бузург, пеш аз ҳама, вазифаи Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсия мебошад ва аз кормандони он сатҳи баланди касбӣ ва муносибати бисёр ҷиддиро талаб менамояд.

Ҳозирини гиромӣ!

Тавре ки аз маълумоти зикргардида бармеояд, бо вуҷуди чораҳои андешидашуда, вазъи содир намудани ҷиноятҳои хусусияти коррупсионидошта то ҳанӯз боиси нигаронӣ боқӣ мемонад.

Аз ин рӯ, кормандони Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсия ва дигар субъектҳои бо коррупсия мубориза баранда бояд дар баробари пешгирӣ, ошкор кардани ҳуқуқвайронкуниҳо ва ба ҷавобгарӣ кашидани шахсони гунаҳгор, инчунин, доир ба барқарор кардани зарарҳои моливу пулии ба давлату ҷамъият расонидашуда чораҳои қатъӣ андешанд.

Дар мубориза ба муқобили коррупсия саҳми аҳли ҷомеа низ хеле пурарзиш мебошад. Таҳлили натиҷаҳои пурсиши сотсиологие, ки соли сипаришуда аз ҷониби Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсия оид ба арзёбии вазъи коррупсия дар байни аҳолӣ гузаронида шуд, метавонад ба тақвияти мубориза бо ин зуҳуроти нангин ва таҳкими ҳамкорӣ бо ҷомеа нақши муҳим гузорад.

Аксарияти мусоҳибон сатҳи коррупсияро дар фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқу судҳо, соҳаҳои заминсозиву тандурустӣ, бахшҳои оид ба корҳои дин, танзими анъана ва ҷашну маросимҳои милливу сабти

асноди ҳолати шаҳрвандӣ ва комиссариатҳои ҳарбӣ баланд арзёбӣ кардаанд.

Дар соли 2016 аз тарафи кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқи кишвар 145 ҷинояти хусусияти коррупсионидошта содир гардидааст.

Аз ин шумора 45 ҷиноят аз тарафи кормандони Вазорати корҳои дохилӣ, 20 ҷиноят дар Вазорати адлия, 15 ҷиноят дар Кумитаи давлатии амнияти миллӣ, 12 ҷиноят дар Вазорати мудофиа, 1 ҷиноят дар мақомоти прокуратура ва 5 ҷиноят аз тарафи кормандони мақомоти судӣ содир карда шудааст.

Инчунин, 90 ҷинояти содирнамудаи кормандони соҳаи маориф, 103 ҷинояти кормандони соҳаи тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ва 12 ҷинояти дар комиссариатҳои ҳарбӣ ва 31 ҷинояти кормандони соҳаи идораи замин содиршуда дурустии назарсанҷиро собит месозанд.

Кормандони агентӣ ҳолатҳои хариду фурӯши ғайриқонунии замин, беасос аз истифода берун мондани заминҳои корами обӣ, қабули қарорҳои ғайриқонунӣ аз тарафи раисони шаҳру ноҳияҳо ва ҷамоатҳо, худсарона аз худ намудани қитъаҳои заминро ошкор намудаанд.

Танҳо зарари дар шаҳри Панҷакент дар натиҷаи ба Корхонаи муштараки «Зарафшон» ғайриқонунӣ ҷудо кардани замин расонидашуда беш аз 31 миллион сомониро ташкил медиҳад.

Вобаста ба ин, ба агентӣ зарур аст, ки барои барқарор кардани зарари зикршуда чораҷӯӣ намояд.

Бояд гуфт, ки амалиёт дар масъалаи ба ҳолати аввала баргардонидани заминҳои ғайриқонунӣ ҷудошуда, агар аз як тараф, амали қонунӣ арзёбӣ гардад, аз ҷониби дигар, боиси ба вуҷуд омадани норизоияти сокинон мешавад.

Ин натиҷаи назорати сусти сохтору мақомоти дахлдор аст, ки кор то марҳалаи сохтмон расидааст.

Дар робита ба ин таъкид карданиам, ки таъйин кардани шахс ба мансаби давлатӣ нишонаи боварии давлат буда, суиистифода аз он комилан нораво ва таҳаммулнопазир аст.

Чунин шахсон бояд дар мақомоти давлатӣ кор накунанд.

Бинобар ин, ба роҳбарияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва сохторҳои низомӣ зарур аст, ки интихоб ва ҷобаҷогузории кадрҳоро дуруст ба роҳ монда, ҷиҳати муайян кардан ва аз мақомот барканор намудани шахсони фасодзада тадбирҳои судманд андешанд.

Лекин дар ин раванд дар хотир бояд дошт, ки танҳо бо роҳи ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидан ва аз озодӣ маҳрум кардани шахсони гунаҳкор тамоми мушкилоти ҷойдоштаро бартараф намудан ғайриимкон аст.

Мо бояд тавассути корҳои фаҳмондадиҳӣ дар ҷомеа фазои оштинопазирӣ нисбат ба коррупсияро тақвият бахшем.

Агентӣ дар ин самт низ корҳои зиёдро ба сомон расонида, ба роҳбарони вазорату идораҳо, корхонаву муассисаҳо, ташкилоту идораҳои дахлдор зиёда аз 18 ҳазор дастури хаттӣ ва беш аз 8 ҳазор пешниҳод ҷиҳати бартараф намудани омилҳои бавуҷудоварандаи коррупсия ирсол намудааст.

Вале то ҳол содир гардидани кирдорҳои коррупсионӣ нишон медиҳад, ки ин чораҳо басанда нестанд.

Аз ин рӯ, Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсия ва дигар мақомоти дахлдор вазифадоранд, ки бо истифода аз ваколатҳои қонунии худ ба ин раванд таъсири бештар расонида, пеши роҳи

қонунвайронкуниро сари вақт гиранд ва вазъиятро дар ин самт беҳтар намоянд.

Ҳамзамон бо ин, мақомоти мубориза бар зидди коррупсияро зарур аст, ки барои тоза кардани мақомоти давлатӣ аз шахсони тасодуфӣ ва ҷиноятпеша чораҳои дахлдор андешанд ва пеш аз ҳама, ҳангоми қабул ба кор ва ҷобаҷогузории кадрҳо дар худи Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсия ва сохторҳои он дар маҳалҳо ба ин масъала таваҷҷуҳи ҷиддӣ зоҳир намоянд.

Тавре ки зикр гардид, дар мубориза бо коррупсия шаҳрвандон ва ниҳодҳои ҷамъиятӣ низ метавонанд саҳми муҳим гузоранд.

Бо ҳамин мақсад, зарур аст, ки ҳамкориҳо дар ин самт тақвият бахшида шаванд.

Ҷиҳати ба вуҷуд овардани фазои умумии тоқатнопазирӣ нисбат ба зуҳуроти коррупсия, баланд бардоштани савияи дониши ҳуқуқии зиддикоррупсионии табақаҳои гуногуни аҳолӣ, махсусан, дар байни ҷавонон баргузории корҳои тарғиботӣ ва ташвиқотӣ аҳаммияти махсус дорад.

Барои муқовимати фаъол нишон додан ба кирдорҳои коррупсионӣ зарур аст, ки чорабиниҳои иловагӣ таҳия ва амалӣ карда шаванд.

Чунин муносибат метавонад боиси боз ҳам баланд гардидани сатҳи маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон шуда, назари онҳоро нисбат ба коррупсия ҳамчун падидаи номатлуби ҷамъиятӣ ба куллӣ тағйир диҳад, то ки онҳо ҳуқуқу манфиатҳояшонро дар доираи қонунгузорӣ ҳимоя намоянд.

Ба шаҳрвандон бояд нишонаҳои ҳуқуқвайронкунии коррупсионӣ, тарзу роҳҳои ҳуқуқии муқовимати мардум ба амалҳои коррупсионӣ, кирдорҳои коррупсионии шахсони масъули мақомоти иҷроияи

маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, алалхусус, дар самтҳои тақсим ва вобаста намудани қитъаҳои заминҳои наздиҳавлигӣ барои сохтмони хонаҳои истиқоматӣ, таъсису барҳамдиҳии хоҷагиҳои деҳқонӣ, дар соҳаҳои маориф, тандурустӣ, хизматрасонии коммуналӣ, андоз, ҳуқуқвайронкуниҳои кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ҳангоми гузаронидани санҷиш, таҳқиқ ва тафтишот, ки айни замон боиси ташвиши шаҳрвандони кишвар шудааст, фаҳмонида шавад.

Мехоҳам ёдрас шавам, ки дар мубориза бо коррупсия фаъолияти Шӯрои миллии муқовимат ба коррупсия назаррас бояд бошад. Шӯрои мазкур имконият дорад ҳамкориро бо мақомоти давлатӣ, шаҳрвандон, олимону коршиносон, муҳаққиқону рӯзноманигорон, ташкилотҳои ҷамъиятӣ ва байналмилаливу байнидавлатӣ густариш диҳад.

Ҷиҳати ба аҳолии кишвар сари вақт ва дуруст расонидани моҳияти сиёсати давлат дар самти муқовимат ба коррупсия, зарур аст, ки дар воситаҳои ахбори омма силсилаи барномаҳои махсус ташкил карда шаванд.

Дар ин раванд, тавассути барномаҳои фарҳангӣ бо роҳи нишон додани паҳлӯҳои манфии кирдорҳои коррупсионӣ, оқибатҳои номатлуби иҷтимоиву иқтисодӣ, ахлоқиву маънавӣ, ҳуқуқӣ ва зиёни он ба саломатӣ, манфиати оила ва фарзандон, метавон ба раванди мубориза ва муқовимат ба коррусия таъсири мусбат расонид.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки ҷиҳати беҳтар гардонидан ва ба талаботи замона мувофиқ намудани касбияти кормандони мақомоти мубориза бо коррупсия такмили барномаҳои махсуси таълимӣ ва дастурамалҳои илмиву амалӣ оид ба муқовимат ба коррупсия зарур аст.

Таъсиси шӯъба ё кафедраи пешгирии коррупсия дар муассисаҳои дахлдори таҳсилоти олии кишвар, таҳияву нашри адабиёти назариявӣ ва амаливу методӣ оид ба коррупсия, варақаҳои рекламавии огоҳкунанда ва ба ҷойҳои ҷамъиятӣ дастрас намудани онҳо яке аз роҳҳои муассири баланд бардоштани самаранокии мубориза бо коррупсия мебошад.

Бо дарназардошти ин, ҳар як корманди мақомоти зидди коррупсияро зарур аст, ки муносибати худро ба вазифаи хеш дар асоси талаботи қонун ба роҳ монда, ҷиҳати пурзӯр намудани мубориза дар ин самт чораҳои зарурӣ андешад.

Муҳтарам кормандони Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсия!

Тадбирҳои андешидаи Ҳукумати мамлакат нишонаи равшани мақсаду мароми қатъии мо дар самти муқовимат ба коррупсия мебошанд.

Бинобар ин, Тоҷикистон дар ин роҳ ба ҳамкориву дастгирии ҷомеаи ҷаҳонӣ ва истифодаи таҷрибаи пешрафта дар ин соҳа, инчунин, ба ҳамкории ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ ва мардуми кишвар ниёз дорад.

Бовар дорам, ки кишвари мо бо амалӣ намудани чорабиниҳои дорои хусусияти фаҳмондадиҳӣ, огоҳкуниву пешгирикунанда ва ҳамзамон бо ин, баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон ва ҷалби ҷомеаи шаҳрвандӣ дар муқовимат ба коррупсия, инчунин, иҷрои талаботи қонуну қарорҳо ва стратегияву барномаҳои давлатӣ дар самти мубориза бо коррупсия ба натиҷаҳои дилхоҳ ноил мегардад.

Дар охир бори дигар ҳамаи шуморо ба ифтихори ҷашни касбиатон табрик гуфта, ба ҳар яки шумо муваффақиятҳои боз ҳам бештар ва барори кор орзу менамоям.

Ташаккур!

## САРСУХАН



Ҷумҳурии Тоҷикистон мисли дигар давлатҳои мутараққии замони муосир дар раванди ҷаҳонишавии фарҳангҳои гуногун қарор дорад ва ҷомеаи ҷаҳониро муаммоҳои зиёде аз ҷумлаи терроризм, экстремизм, хариду фурӯши одамон ва ба инҳо монанд, ки дар байни онҳо коррупсия мавқеи махсусро ишғол менамояд, фаро гирифтаанд. Коррупсия яке мавзӯъҳои мубрами рӯз ва муаммои "сарпеч" дар замони муосир ба шумор меравад, зеро дар қатори дигар падидаву омилҳои номатлуб зуҳуроти барои ҷомеа ва давлат хатарнок донистa шуда, яке аз масъалаҳои доғи рӯзи тамоми мамлакатҳои ҷаҳон, аз ҷумла Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб меравад. Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дуруст ишора намудаанд, ки «Чунин як падидаи манфӣ ҳамчун коррупсия дар пешрафти ҷомеаи мо, яке аз монеаҳои хеле ҷиддӣ мебошад. Мо бояд тамоми омилҳо ва сабабҳои зуҳури коррупсияро ҳамаҷониба омӯхта, таҳлил намоем ва тамоми қувваҳои солими ҷомеаро барои пешгирии ин зуҳур ва поён овардани шиддати он сафарбар намоем[1]».

[1] Эмомалӣ Раҳмон. Бахри волоияти қонун, манфиатҳои давлат ва ҳуқуқи шаҳрвандон. Маърӯза дар ҷамъомади кормандони мақомотҳои ҳифзи ҳуқуқ бахшида ба 80-солаги мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон// «Народная газета», соли 2005, №1.

Дар ҳақиқат, бадтарин зарари коррупсия ба сохторҳои давлату давлатдорӣ – ин дар масири ҷомеа бедор кардани ҳисси нобоварӣ ба институтҳои давлатӣ ба ҳисоб меравад. Беҳуда нест, ки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон 10 январи соли 2017 дар суханронии худ ба муносибати 10 – солагии таъсиси Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсия зикр намуд, ки "Коррупсия зуҳуроте номатлубест, ки эътимоди мардумро ба давлат коста гардонида, обрӯву эътибори онро коҳиш медиҳад, барои рушди иқтисодиёти пинҳонӣ ва истифодаи ғайримақсадноки маблағҳои давлативу ҷамъиятӣ шароит фароҳам меорад ва дар маҷмӯъ, боиси поймолшавии ҳуқуқи инсон ва заиф шудани пояҳои ахлоқии ҷомеа мегардад[1]".

Коррупсия ин амали ғайриқонунии шахсоне мебошад, ки ба давлату ҷамъият зарари калонро ба вуҷуд меорад. Дар ин ҷо, мазмун ва диққати асосӣ ба калимаи зарар додан мумкин аст, зеро омили ҷойдошта имконияти вайронкунӣ, маҳудкунӣ, ё ин, ки маҳрумкуниро ба миён меорад.

Ҳанӯз чанд аср қабл яке аз мутафаккирони бузург Ш.Л. Монтеские гуфта буд, ки: «Дар натиҷаи амалҳои коррупсионӣ, тартиботи хуби ҷамъиятӣ аз байн рафта, дастгоҳи давлатӣ фалаҷ ва ба як чизи бекора мубаддал мешавад».

Агар мо ба таърихи инсоният назар афканем мебинем, ки коррупсия дар давраи пайдоиши аввалин давлатҳо низ мавҷуд буд, яъне аз давраи пайдоиши

---

[1] Суханронии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба муносибати 10 – солагии таъсиси Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсия (10 январи соли 2017) // Сомонаи интернетии www.prezident.tj.

давлат то ин дам ҳамқадами замон мебошад. Дар ин ҷо аз китоби Авесто мисол овардан ба маврид аст, ки гуфта шудааст: «Бо одами ҳасис ҳамкорӣ накун ва ӯро мансаб мадеҳ».

Аз гуфтаҳои боло хулоса кардан мумкин аст, ки коррупсия падидаи нав нест, балки аз таърих маъмул буд. Таҳлилҳо нишон дода истодаанд, ки коррупсия ба тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷомеа ва давлат таъсири манфии худро расонида истодааст.

Муносибати шаҳрвандон бо коррупсия гуногун буда, онро бо «ришва», «суиистифода аз мансаб», «порситонӣ», «судхӯрӣ», «падидаи тамаллуқкорӣ», «хушомад задан» ва ғайра мешуморанд. Бо вуҷуди ин ҳама, новобаста аз зиёд будани фаҳмиш ва нуқтаи назари гуногун нисбати коррупсия, аксарияти одамон дар ақидаанд, ки ин амал ҳамчун зуҳуроти манфӣ пояҳои ҷомеаро вайрон намуда, таҳаввулоти ҷомеаро зери хатар мегузорад, вазъияти рифоҳӣ ва ахлоқии одамонро хароб ва ба пайвасти институтҳои давлатӣ бо доираҳои ҷиноятӣ ва коҳиш ёфтани боварии мардум нисбати мақомоти давлатӣ, оварда мерасонад.

Бояд тазаккур дод, ки коррупсия асосан ба фаъолияти давлат ва мақомоти он алоқаманд буда, ин зуҳурот аз рӯзи пайдоиши давлат, то ин дам ҳамқадами он мебошад. Дар давраҳои гуногуни таърихӣ бо тарзу усулҳои гуногун он амалӣ мешуд. Суоле ба миён меояд, ки барои чӣ ин тавр аст?. Ба ин савол ҷавоб хеле одист, зеро давлат ва мақомоти он ин ё он вазифаҳои амрдиҳиву танзимкунии муносибатҳои ҳуқуқиро дар ихтиёр дошта, буҷет ва дигар захираҳои моддиро ихтиёрдорӣ мекунанд, ки бевосита барои ба вуҷуд омадани коррупсия замина шуда метавонад.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ

Раҳмон, бо дарки хавфи баланди кирдорҳои хусусияти коррупсионидошта, баъди соҳибистиқлол гардидани Ҷумҳурии Тоҷикистон, мубориза оштинопазирро бо ин зуҳуроти номатлуби ҷомеа пурзӯр намуда истодааст.

Маҳдуд сохтани коррупсия бояд ба таври маҷмӯӣ ва ҳамматарафа сурат гирад ва азбаски сиёсати зиддикоррупсионӣ метавонад дар сатҳҳои гуногуни ҳокимият ба зиддият рӯ ба рӯ шавад, тақозо мегардад, ки чораҳои мубориза бо коррупсия бояд ҳамеша таҳти назорати ҷиддӣ қарор гирад, то ки чораҳои каммаҳсул ошкор ва аз онҳо даст кашида шуда, ба чораҳои таъсирбахш иваз карда шаванд.

Таҳлил нишон дод, ки таҷрибаи коррупсионӣ гуногуншакл мебошад. Коррупсия дар тамоми шаклҳояш бояд дар қонунгузории ҷиноятӣ, маъмурӣ ва дигари Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таври дахлдор инъикос ёбад.

Бо дарназардошти он ки коррупсия дар қатори дигар зуҳуроти хавфноки ҷаҳони муосир асосҳои давлатдориро суст карда, садди роҳи инкишофи ҷомеа мегардад, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мубориза бар зидди ин падидаи нангин ва паст кардани сатҳи онро ба самти афзалиятноки сиёсати давлатӣ табдил додааст.

Дар миқёси ИДМ яке аз аввалинҳо шуда дар Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 1999 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мубориза бар зидди коррупсия» қабул гардид.

21 – уми июли соли 1999 тахти № 1262 Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тадбирҳои иловагии пурзӯр намудани мубориза бо коррупсия» қабул карда шуд, ки ба давраи сифатан нави мубориза бо коррупсия замина гузошт.

Вобаста ба вуҷуд омадани зарурият ва мутобиқ сохтани қонунгузорӣ оид ба мубориза бар зидди коррупсия ба талаботи меъёрҳои СММ дар бораи мубориза бар зидди коррупсия, соли 2005 Қонуни нави Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мубориза бар зидди коррупсия» аз ҷониби Президенти кишвар ба имзо расид. Мақсади қонуни мазкур аз ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, манфиатҳои ҷамъиятӣ, таъмини амнияти миллӣ, фаъолияти муътадили мақомоти ҳокимияти давлатӣ, поктинатӣ ва беғаразӣ дар хизмати давлатӣ равона гардида, асосҳои ташкилию ҳуқуқии пешгирӣ, ошкоркунӣ, кушодан ва барҳам додани оқибатҳои ҳуқуқвайронкуниҳои ба коррупсия алоқаманд ва ба ҷавобгарӣ кашидани шахсро муқаррар карда, навъҳои ҷиноятҳои ба коррупсия алоқаманд ва чораҳои ҷавобгариро барои онҳо муайян менамояд.

Бо нияти амалӣ сохтани асоси институтсионалии мубориза бо коррупсия соли 2004 дар сохтори Прокуратураи Генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон сохтори махсуси мубориза бо коррупсия ташкил шуд.

Бо мақсади муборизаи бевосита бо коррупсия дар мамлакат ва муттаҳид сохтани саъю кӯшишҳои зиддикоррупсионии давлат, ба мубориза ҷалб намудани ҷомеаи шаҳрвандӣ ва ташкилотҳои байналхалқӣ барои мубориза бо коррупсия бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 10 – уми январи соли 2007 таҳти № 143 Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис ёфт.

Баъди таъсиси мақомоти агентӣ, 20 – уми апрели соли 2008 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон» қабул гардид, ки он

вазифа, самтҳои асосии фаъолият, принсипҳо, низом, сохтор ва ташкили фаъолият, ҳуқуқ ва уҳдадориҳои хизматчиёни Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистонро ба роҳ мемонад. Вазифаҳои асосии Агентӣ аз пешгирӣ, барҳам додан ва ошкор намудани ҳуқуқвайронкуниҳои коррупсионӣ, таҳқиқи ибтидоӣ, тафтишоти ҷиноятҳои коррупсионӣ, инчунин гузаронидани назорати давлатии молиявӣ иборат мебошад.

Мубориза бо коррупсия ва таъсиси Агентӣ иродаи қатъии Пешвои миллат, Президенти мамлакат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо мақсади расидан ба ҳамфикрии байни ҳамаи қувваҳои солим ва дар амал ҷорӣ намудани сиёсати роҳбари давлат дар мубориза бо коррупсия мебошад.

Баъди таъсиси мақомоти Агентӣ, соли 2007 – 99 ҷиноятҳои коррупсионӣ вобаста ба додан ва гирифтани пора ошкор карда шудааст. Аз ҷониби тамоми мақомотҳои ҳифзи ҳуқуқи ҷумҳурӣ, дар соли 2006, яъне то таъсиси мақомоти Агентӣ, ҳамагӣ 121 ҷиноятҳои коррупсионӣ вобаста ба додан ва гирифтани пора ошкор карда шудааст. Дар соли 2008 аз ҷониби мақомоти Агентӣ 161 ҷиноятҳои коррупсионӣ вобаста ба додан ва гирифтани пора ошкор карда шудааст, ки нисбат ба соли 2006 – 51 адад ё 67 % порагирии шахсони мансабдори мақомоти давлатӣ зиёдтар ошкор карда шудааст.

Албатта, гуфта намешавад, ки муборизаи пурра бо ин намуди ҷинояти хусусияти коррупсионидошта имконпазир аст, зеро он дорои латентнокии баланд мебошад, яъне ин ҷиноят нисбати содиршавиашон камтар дар мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ба қайд гирифта мешаванд, зеро дар асл ҳам порадиҳанда ва ҳам порагиранда кӯшиш мекунанд, ки ин кирдор пинҳонӣ

содир шавад ва сирри миёни тарафҳо боқӣ монад. Аз ин ҷо бармеояд, ки тарафҳо барои ошкор гардидани кирдорҳои пинҳониашон ҳавасманд намебошанд.

Мавқеи муқовимат ба коррупсияи ин ё он давлат – аз сиёсати зиддикоррупсионии вай вобастагӣ дорад. Сиёсати зиддикоррупсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон ифодакунандаи иродаи ҳокимият дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб рафта, бо мақсади паст намудани сатҳи амалҳои коррупсионӣ ва таъмини ҳуқуқ ва озодиҳои қонунии шаҳрвандон, ҷамъият ва давлат аз таҳдидҳои бо коррупсия алоқамад мебошад.

Бо мақсади омода намудани кадрҳои тахассуснок дар самти муқовимат ба коррупсия, дар Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон курсантон бо ихтисос ва касби "ҳуқуқшинос - мутахассиси соҳаи агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсия" таълим мегиранд. Тибқи Нақшаи таълимии Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон курсантони зикргардида дар курси сеюм, нимсолаи 5 ва 6 аз фанни тахассусии "Сиёсати зиддикоррупсионӣ" таълим мегиранд ва маҳз ҷиҳати таълими онҳо воситаи таълимии "Сиёсати зиддикоррупсионӣ" омода гардидааст.

Муллифон дар воситаи таълимии мазкур мавзӯъҳои муҳиме, ки дар онҳо сиёсати зиддикоррупсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон ифода мегарданд, ҷой додаанд. Аз ҷумла:

– Сиёсати зиддикоррупсионӣ ҳамчун фанни таълимӣ;
– Заминаҳои пайдоиши кирдорҳои коррупсионӣ дар таърихи башарият;
– Асосҳои ҳуқуқии муқовимат ба коррупсия;
– Принсипҳои муқовимат ба коррупсия;
– Стратегияи муқовимат ба коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун мақомоти махсусгардонидашудаи муқовимат ба коррупсия;
- Шӯрои миллии муқовимат ба коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- Ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомоти мубориза бар зидди коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- Экспертизаи зиддикоррупсионии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ;
- Ҷиноятҳои хусусияти коррупсионидошта;
- Тавсифи криминологии ҷиноятҳои хусусияти коррупсионидошта;
- Таҳлили хавфҳои коррупсионӣ;
- Таҷрибаи давлатҳои муваффақ дар муқовимат ба коррупсия.

Дастури таълимии мазкур ба курсантон, донишҷӯён, аспирантон, адъюнктон, ки дар муассисаҳои таълимии ихтисосҳои ҳуқуқшиносӣ ва идоракунии давлатӣ таълим мегиранд, тавсия карда мешавад. Инчунин, омӯзгорон дар рафти машғулиятҳои таълимӣ ва ҳамаи хизматчиёни давлатӣ дар фаъолияти хизматӣ истифода бурда метавонанд.

***Раҳимзода Рамазон Ҳамро***
*Вазири корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон,*
*номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, Ҳуқуқшиноси*
*Шоистаи Ҷумҳурии Тоҷикистон,*
*генерал – полковники милитсия*

# МАВЗӮИ № 1. СИЁСАТИ ЗИДДИКОРРУПСИОНӢ ҲАМЧУН ФАННИ ТАЪЛИМӢ

1. **Сиёсати зиддикоррупсионӣ ҳамчун фанни таълимӣ.**
2. **Мафҳум ва намудҳои коррупсия.**

## АДАБИЁТИ ТАВСИЯВӢ БАРОИ МАВЗӮИ №1


1. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 06 ноябри соли 1994 бо тағйиру иловаҳои солҳои 1999, 2003 ва 2016. Душанбе.-2016.
2. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 22 декабри соли 2016 // Ҷумҳурият. Душанбе, 26 декабри 2016. № 254 (23 076).
3. Эмомалӣ Раҳмон. Бахри волояти қонун, манфиатҳои давлат ва ҳуқуқи шаҳрвандон. Маърӯза дар ҷамъомади кормандони мақомотҳои ҳифзи ҳуқуқ бахшида ба 80-солаги мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон// «Народная газета», соли 2005, №1.
4. Суханронии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба муносибати 10 – солагии таъсиси Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсия (10 январи соли 2017) // Сомонаи интернетии www.prezident.tj.
5. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи мубориза бар зидди коррупсия" аз 25 июли соли 2005, таҳти № 100 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2005, №7, мод. 402; с. 2007, №7, мод. 660; с. 2008, №10, мод. 800; с. 2011, №12, мод. 837; с. 2014, №3, мод. 148; Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 24 феврали соли 2017, №1385; Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 24 феврали соли 2017, №1386.

6. Стратегияи муқовимат ба коррупсия дар ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2013-2020. Душанбе, 2013.
7. Ҳасанов Ш.Қ. Масъалаҳои ичтимоию иқтисодӣ ва сиёсию ҳуқуқии коррупсия. – Душанбе: Ирфон, 2014.
8. Богуш Г.И. Коррупция и международное сотрудничество в борьбе с ней: дисс. … к.ю.н., 12.00.08 Москва, 2004.
9. Гевелинг Л.В. Клептократия. Социально – политическое измерение коррупции и неготивной экономики. Борьба африканского государства с деструктивным формами организации власти. М., 2001.

## I. СИЁСАТИ ЗИДДИКОРРУПСИОНӢ ҲАМЧУН ФАННИ ТАЪЛИМӢ

Яке аз масъалаҳои ташвишовари инсоният дар ҳама давру замон ва дар тамоми миқёси давлатҳои ҷаҳон, аз ҷумла Ҷумҳурии Тоҷикистон – коррупсия мебошад. Дар шарҳи коррупсия, Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 22 декабри соли 2016 зикр намуд, ки рушди босуботи иқтисодиву ичтимоии кишварро халалдор намуда, боиси нигаронии шаҳрвандон шудааст[1]. Маҳз устувории сатҳи хуби ичтимоӣ ва иқтисодӣ, инчунин хотирҷамъии мардуми кишвар, ифодакунандаи амнияти комил баҳо дода мешавад.

Муқовимат ба коррупсия - аз унсурҳои мубориза бар зидди коррупсия ва пешгирии коррупсия иборат буда, қисми таркибии сиёсати дохилӣ ва хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳсуб ёфта, таҳия ва амалишавии он аз

[1] Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 22 декабри соли 2016 // Ҷумҳурият. Душанбе, 26 декабри 2016. № 254 (23 076).

иродаи олии сиёсии роҳбарияти давлат оғоз гардида, самаранокии муқовимат ба он аз иштироки фаъоли тамоми шохаҳои ҳокимияти давлатӣ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ дар раванди амалигардии он вобастагии зич дорад.

**Сиёсати зиддикоррупсионӣ** ҳамчун фанни таълимии тахассусӣ *аз маҷмӯи донишҳое иборат мебошад, ки дар он моҳияти воқеии коррупсия ифода гардида, сиёсати зиддикоррупсионӣ ва асосҳои ҳуқуқии муқовимат ба онро муайян месозад.*

Аз маҷмӯи донишҳои ҳуқуқӣ иборат будани сиёсати зиддикоррупсионӣ ҳамчун фанни таълимии тахассусӣ, маънои онро дорад, ки мавзӯъҳои мавриди омӯзиш қароргирандаи он қисми таркибии фанҳои ҳуқуқи маъмурӣ, ҳуқуқи ҷиноятӣ, криминология, назарияи давлат ва ҳуқуқ, ҳуқуқи конститутсионӣ, ҳуқуқи байналмиллалӣ ва дигар фанҳо ба ҳисоб меравад.

Моҳияти воқеии коррупсия дар раванди омӯзиши фанни таълимии тахассусии зикргардида ифода мегардад. Он дар ифодаи муқаррароти пешниҳодкардаи қонунгузорӣ ва мутафаккирони соҳаҳои гуногун равшан мегардад. Моҳияти воқеии коррупсия дар раванди омӯзиши мазӯъҳои “**Сиёсати зиддикоррупсионӣ** ҳамчун фанни тахассусии таълимӣ”, “Заминаҳои пайдоиши кирдорҳои коррупсионӣ дар таърихи башарият”, “Асосҳои ҳуқуқии муқовимат ба коррупсия”, “Принсипҳои муқовимат ба коррупсия”, “Ҳамкории байналмиллалии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар муқовимат ба коррупсия”, “Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун мақомоти махсусгардонидашудаи муқовимат ба коррупсия”, “Шӯрои миллии муқовимат ба коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон”, “Экспертизаи зиддикоррупсионии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ”, “Стратегияи муқовимат ба коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон”, “Таҳлили хавфҳои коррупсионӣ”, “Ҷиноятҳои хусусияти

коррупсионидошта", "Тавсифи криминологии ҷиноятҳои хусусияти коррупсионидошта", "Таҷрибаи давлатҳои муваффақ дар муқовимат ба коррупсия" инъикос мегардад.

Сиёсати зиддикоррупсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон ифодакунандаи иродаи ҳокимият дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб рафта, бо мақсади паст намудани сатҳи амалҳои коррупсионӣ ва таъмини ҳуқуқ ва озодиҳои қонунии шаҳрвандон, ҷамъият ва давлат аз таҳдидҳои бо коррупсия алоқамандбуда, бо роҳҳои таъмини амалигардонии самтҳои зерин равона карда мешавад:

- баланд бардоштани самаранокии фаъолияти мақомоти марказӣ ва маҳалии ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, тавассути таҳия, мунтазам мукаммал ва амалӣ намудани барномаҳои идоравии зиддикоррупсионӣ дар самти фаъолияти онҳо;
- дар фаъолияти мақомоти ҳокимияти давлатӣ ҷорӣ намудани технологияҳои инноватсионӣ, ки айният ва шаффофиятро мавриди қабули санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва қарорҳои идоравӣ, инчунин ҳамкории байниидоравии электронии мақомоти зикршуда бо шаҳрвандон ва ташкилотҳо дар доираи низоми ҳукумати электронӣ, расонидани хизматрасонии давлатӣ;
- имплементатсияи муқаррароти санадҳои ҳуқуқии байналмилалии аз тарафи Тоҷикистон эътирофгардида ва уҳдадориҳои дигари байналмилалӣ, аз ҷумла дар доираи иштироки намояндагони ваколатдори Тоҷикистон дар иқдомҳои минтақавии зиддикоррупсионӣ дар шакли тавсияҳои мониторингӣ ва рейтингӣ дода шуда, бо роҳи ҳуқуқэҷодкунӣ ва гузаронидани экспертизаи зиддикоррупсионии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- криминализатсияи талаботи ҳатмӣ ва иловагии Конвенсияи Созмони Миллали Муттаҳид зидди коррупсия бо пешбинӣ намудани паҳлӯҳои асосии ин самт ҳамчун тадбирҳои ҳуқуқэҷодкунанда дар Стратегия;
- таҳияи механизми иҷрои талаботи меъёрҳои Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи мубориза бар зидди коррупсия” оид ба низоми пешгирии коррупсия ва такмили минбаъдаи ин низом дар Қонуни зикршуда;
- такмили низоми назорати давлатии молиявӣ ва аудит оид ба хароҷоти мақсадноки маблағҳои буҷетӣ;
- таҳлили соҳавии хавфҳои коррупсия дар мақомоту муассисаҳои давлатӣ;
- такмили шароит, расмиёт ва механизмҳои хариди давлатӣ, аз ҷумла бо роҳи васеъ намудани амалияи гузаронидани музоядаҳо дар шакли электронӣ, инчунин такмили расмиёти дахлдор;
- баланд бардоштани аҳамиятнокии мақомоти маъмурӣ ва дохилиидоравӣ оид ба риояи талабот нисбат ба рафтори хизматии хизматчиёни давлатӣ ва батанзимдарории бархурди манфиатҳо;
- вусъат додани низоми маърифати ҳуқуқии ҷомеа;
- такмили кори воҳидҳои хадамоти кадрҳо ва аудити дохилии мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва ҷорӣ намудани масъулият ва маҳаки нишондиҳандаҳои натиҷаи фаъолияти хизматии онҳо оид ба пешгирии коррупсия ва ҳуқуқвайронкуниҳои маъмурӣ;
- тадқиқоти даврии маҷмӯии ҳолати коррупсия ва самаранокии тадбирҳо оид ба пешгирӣ ва мубориза бо коррупсия дар миқёси ҷумҳуриявӣ ва минтақавӣ бо истифодаи усулҳои махсуси тафтишот ва кумаки техникӣ;
- таҷдиди назар кардани қонунгузории мурофиавии судии гражданӣ ва иқтисодӣ;
- баланд бардоштани самаранокии иҷрои қарорҳои судӣ;

- таҳияи асосҳои ташкилӣ ва ҳуқуқии мониторинги ҳуқуқтатбиққунӣ бо мақсади таъмини қабули саривақтии қарорҳо дар ҳолатҳои бо санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ пешбинишуда;
- такмили асосҳои ташкилию методии экспертизаи зиддикоррупсионии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, муқаррар намудани натиҷаҳои мусбии баррасии хулосаҳои он дар таносуби дарсад ба сифати нишондиҳандаи натиҷаи фаъолияти мақомоти ҳуқуқэҷодкунанда;
- татбиқи босамар ва мақсадноки маҳдудиятҳо, манъкуниҳо ва уҳдадориҳо, ки бо санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ бо мақсади пешгирии коррупсия муқаррар карда шудаанд доир ба шахсоне, ки мансабҳои давлатиро ишғол менамоянд, аз ҷумла шахсони мансабдорони ҳокимияти давлатӣ;
- баланд бардоштани сифати омодагии касбии мутахассисон дар соҳаи ташкили пешгирӣ ва мубориза бар зидди коррупсия;
- такмили низоми баҳисобгирии молиявӣ ва ҳисоботдиҳӣ мувофиқ ба талаботи стандартҳои байналмилалӣ;
- вусъат додани иштироки Тоҷикистон дар ҳамкории байналмилалии зиддикоррупсионии ҳуқуқӣ, аз ҷумла коркарди асосҳои ташкилии ташаббусҳои минтақавии зиддикоррупсионӣ, мубодилаи таҷриба бо давлатҳои дигар дар ҷараёни таълими мутахассисон бо роҳи ташкили таҷрибаомузии онҳо, тадқиқоти сабаб ва оқибатҳои коррупсия ҳангоми тайёр кардани кадрҳо, иштирок дар семинарҳо, конференсияҳо ва мизҳои мудаввар;
- бартараф намудани ҳама гуна омилҳои тавлидкунандаи коррупсия, ки ба фароҳам овардани шароити мусоид барои ҷалби сармоягузориҳо монеагӣ мекунанд;
- омӯзиши амалия ва ҷорӣ намудани таҷрибаи пешқадами хориҷӣ оид ба муқовимат ба коррупсия;

– таъмини иштироки манфиатдори ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ ва бахши хусусӣ дар чараёни муқовимат ба коррупсия.

Асосҳои ҳуқуқии муқовимат ба коррупсия аз санадҳои меъёрии ҳуқуқие, ки муносибатҳои ҷамъиятиро дар муқовимат ба коррупсия муқаррар менамояд, эътироф мешаванд.

## II. МАФҲУМ ВА НАМУДҲОИ КОРРУПСИЯ

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки мафҳум ва ибораи «коррупсия» манзури назари мавзӯи илмӣ – тадқиқотии замони муосир қарор гирифтааст, гарчанде пайдоиши он ба давраҳои гуногуни таърихӣ рост меояд. Дараҷаи омӯзиш ва таҳлили ин масъала ба худ ҷалби истифодаи усулҳои гуногуни илмӣ-назариявӣ ва амалиро тақозо менамояд.

«Коррупсия» калимаи лотинии «korruptio» буда, маънои ба худ тобеъ кардан тавассути харидан, пора додан ба шахсони мансабдор, арбобони ҷамъиятию сиёсӣ ва хизматчиёни давлатиро доро мебошад. Ин мафҳум бештар мутааллиқи амали ходимони ҷамъиятӣ ва сиёсӣ, мансабдорони давлатӣ ё ашхоси вазифадор аст, ки ба дорошавии ғайриқонунии шахсии онҳо нигаронида шудааст.

Дар ҳуқуқи римӣ калимаи «corrumpere» ҳамчун зараррасонӣ, шикастан, хароб кардан, харидан маънидод гашта, сар задани амалҳои зиддиҳуқуқиро дар таҷрибаи судӣ тақозо менамояд[1].

Ибораи мазкур дар асоси ба ҳам пайвастшавии калимаҳои лотинии «correi» – иштирокчии яке аз тарафҳои муносибатҳои уҳдадорӣ оид ба чиз ё ашёи ягона бо «rumpere» (шикастан, хароб кардан, иваз кардан) ба

[1] Ҳасанов Ш.Қ. Масъалаҳои иҷтимоию иқтисодӣ ва сиёсию ҳуқуқии коррупсия. – Душанбе: Ирфон, 2014. – С. 55.

вуқуъ пайвастааст. Дар натиҷаи якҷояшавии ин калимаҳо («correi» ва «rumpere») – коррупсия ҳамчун «амали якҷояи якчанд шахс бо мақсади заиф (хароб) гардонидани ҷараёни дурусти мурофиаи судӣ ва идоракунии ҳаёти ҷомеа» маънидод шудааст.

Дар адабиётҳои ҳуқуқӣ оид ба мафҳуми коррупсия ақидаи ягона ҷой надорад. Чунончи, онро ба фаҳмишҳои зерин ифода мекунанд:

– коррупсия – суиистифода аз ваколатхои мансабӣ мебошад, ки бо мақсади ғаразнок содир мешавад.
– коррупсия – суиистифода аз вазъи хизматӣ, ки ба манфиатҳои шахсӣ содир мешавад, ҳамчунин суиистифодаи ғаразнок аз вазъи хизматӣ, ки дар харида гирифтани хизматчиёни давлатӣ ифода мегардад.
– коррупсия – унсури ҷинояткории муташаккил аст.
– коррупсия – тарзи дилхоҳи қасдона вайрон кардани ваколатҳои хизматӣ аз ҷониби шахси мансабдор мебошад.
– коррупсия – ин порагирӣ аст.
– коррупсия – созиши ғайриқонунии байни корманди мақомоти давлатӣ ва ашхоси корафтода аст.
– коррупсия – боварии шаҳрвандонро ба давлат ва ояндаи нек коста месозад.
– коррупсия – табақаҳои камбизоати аҳолиро аз имкони комёб шудан ба сатҳи шоистаи зиндагӣ маҳрум мекунад.

Мафҳуми коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тибқи муқаррароти моддаи 1 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикисто «Дар бораи мубориза бар зидди коррупсия» аз 25 июли соли 2005, таҳти № 100 фаҳмида мешавад. Тибқи он, коррупсия – кирдоре (ҳаракат ё беҳаракатие), ки шахсони ба иҷрои вазифаҳои давлатӣ ваколатдор ё шахсони ба онҳо баробаркардашуда бо истифода аз мақоми худ ва имкониятҳои он барои ба манфиати худ ё шахсони дигар ғайриқонунӣ ба даст овардани неъматҳои моддию

ғайримоддӣ, бартарият ва имтиёзҳои дигар содир менамоянд, инчунин ба ин шахсон ваъда додан, таклиф ё пешкаш намудани ин гуна неъмату бартарият ва имтиёзҳои дигар бо мақсади моилкунӣ ё қадр кардани онҳо барои содир намудани чунин кирдорҳо (ҳаракат ё беҳаракатӣ) ба манфиати шахсони воқеӣ ё ҳуқуқӣ.

Дар баробари муқаррар кардани мафҳуми коррупсия, ба хулосае омадан мумкин аст, ки тасаввуроти коррупсионӣ умумисоҳавӣ эътироф мешавад.

Донишҳои сиёсӣ ба коррупсия чун пасткунандаи нуфузи ҳокимият дар назари халқ муносибат мекунанд. Сиёсатшиносон ҳангоми таснифи коррупсия, асосан маблағгузории ғайриқонунии ҳизбҳои сиёсӣ, суиистифода аз ваколатҳои дар парлумон дошта, савдои мақоми дошта ва ба ҳаминҳо монандро коррупсияи сиёсӣ эътироф менамоянд[1]. Л.В. Гевлинг дуруст зикр намудааст, ки коррупсияи сиёсӣ клептократияро (аз klepto – дуздидан ва kratos – ҳукмрони кардан: ҳокимияти дуздонро) ба миён меоварад[2].

Донишҳои сотсиологӣ бо ҳамчун муносибатҳои инкорӣ (радшаванда) муносибат мекунанд. Профессор К. Фридрих чунин зикр менамояд: «Коррупсия чунин намуди рафторе мебошад, ки зидди меъёрҳои ахлоқии ҷамъиятӣ мебошад. Рафтори зиддиҷамъиятӣ буда, аз ҷиҳати рӯҳи – манфиатҳои шахсӣ аз манфиатҳои ҷомеа боло гузошта мешавад».

Ҳамин тавр, коррупсия падидаи иҷтимоиест, ки дар тафаккури ҷамъиятӣ низ фаҳмиш ва тафсири якхела надорад. Имрӯзҳо муносибати шаҳрвандон бо коррупсия гуногун буда, онро бо «ришва», «суиистифода аз мансаб», «пораситонӣ», «судхӯрӣ», «падидаи тамаллуқкорӣ»,

---

[1] Богуш Г.И. Коррупция и международное сотрудничество в борьбе с ней: дисс. … к.ю.н., 12.00.08 Москва, 2004. – С. 24.

[2] Гевелинг Л.В. Клептократия. Социально – политическое измерение коррупции и неготивной экономики. Борьба африканского государства с деструктивным формами организации власти. М., 2001. С. 10.

«хушомад задан», «хешутаборбозӣ» ва ғайра мешуморанд. Бо вуҷуди ин ҳама, новобаста аз зиёд будани фаҳмиш ва нуқтаи назари гуногун ба нисбати коррупсия, аксарияти одамон дар ақидаанд, ки ин амал ҳамчун зуҳуроти манфӣ пояҳои ҷомеаро вайрон намуда, таҳаввулоти ҷомеаро зери хатар мегузорад, вазъияти рифоҳӣ ва ахлоқии одамонро хароб ва ба пайвасти институтҳои давлатӣ доираҳои ҷиноятӣ ва коҳиш ёфтани боварии мардум нисбати мақомоти давлатӣ, оварда мерасонад.

## МАВЗӮИ № 2. ТАЪРИХИ ПАЙДОИШИ ЗАМИНАҲОИ КОРРУПСИОНӢ

### НАҚШАИ МАВЗӮЪ:

1. Заминаҳои ташаккулёбии омилҳои коррупсионӣ дар давлатҳои Шарқи Бостон.
2. Заминаҳои ташаккулёбии омилҳои коррупсионӣ дар давлатҳои атиқа: Юнони Қадим; Карфаген; Рими Қадим.
3. Таърихи ташаккулёбии омилҳои коррупсионӣ дар низоми давлатдории тоҷикон.

### АДАБИЁТИ ТАВСИЯВӢ БАРОИ МАВЗӮИ №2


1. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 06 ноябри соли 1994 бо тағйиру иловаҳои солҳои 1999, 2003 ва 2016. Душанбе.-2016.
2. Суханронии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба муносибати 10 – солагии таъсиси Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсия (10 январи соли 2017) // Сомонаи интернетии www.prezident.tj.
3. Анжель Ж. Римская империя. Москва, 2004.
4. Брестед Д., Тураев Б. История Древнего Египта. – Минск, 2003.
5. Всемирная история государства и права (Энциклопедический словарь). -ИНФРА-М., 2001;
6. Всемирная история. В 24 томах. А.Бадак, И.Войнич, Н. Волчек и др., Минск, 1997-1999;
7. Гарни О. Хетты. Разрушители Вавилона. Москва, 2002; Крамер С. Шумеры. Первая цивилизация на Земле. Москва, 2002;
8. Грант моддаи История Древнего Рима. Москва, 2003.
9. Джонс А. Гибель античного мира. Ростов н/Д, 1997;

10. История Древнего Востока. Под. ред. В.Кузицина.-М, 2001;
11. История Китая. В.Адамчик, М.Адамчик, А.Бадан и др. Москва – Минск, 2005.
12. История политических и правовых учений. - М., Наука, 1989.
13. Ковалев С. История Рима, под ред. Э.Фролова. С-Петербург, 2003.
14. Кузовков Ю.В. Мировая история коррупции. М., Издательство Анима-Пресс, 2010;
15. Милан Бартошек Римское право (Понятия, термины, определения), Пер. с чешск. - М., 1989.
16. Моммзен Т. История Рима. т. 1 кн. 1, 2; т. 1 кн. 3; т. 2 кн. 4; т.3 кн. 5; т. 5 кн. Москва, 2001,
17. Памятники Римского права, Законы XII таблиц, Институции Гая, Дигесты Юстиниана. - М., Зерцало, 1997;
18. Петухов Ю. Русы Древнего Востока. Москва, 2008.
19. Роджерс Г. Александр Македонский. - М., 2006.
20. Рыжов К. Все монархи мира. Древняя Греция, Древний Рим, Византия. Москва, 2002.
21. Сидихменов В.Я. Китай. Страницы прошлого. - М.,1987.
22. Сотиволдиев Р.Ш. Назарияи умумии ҳуқуқ ва давлат.- Душанбе, 2003.
23. Черетаев А. Византия. Юстиниановская эпоха. - М., 2004.
24. Ҳасанов Ш.Қ. Масъалаҳои ичтимоию иқтисодӣ ва сиёсию ҳуқуқии коррупсия. – Душанбе: Ирфон, 2014.

# I. ЗАМИНАҲОИ ТАШАККУЛЁБИИ ОМИЛҲОИ КОРРУПСИОНӢ ДАР ДАВЛАТҲОИ ШАРҚИ БОСТОН

**Мисри Қадим.** Таърихнигорон оғози рушди давлатдории Мисри Қадимро ба шоҳигарии барвақта, вақти бо тариқи зӯрӣ якҷояшавии Мисри боло ва Мисри поён аз ҷониби фиръавн Нармерон (асрҳои XXX-XXVIII пеш аз милод) мансуб медонанд. Таърихи минбаъдаи Мисри Қадим ба се давраи зерин ҷудо мешавад:

– Шоҳигарии Қадим асрҳои (XXXVIII-XXIII пеш аз милод);

– Шоҳигарии миёна (охири ҳазорсолаи III асри XVII пеш аз милод);

– Шоҳигарии нав (асрҳои XVI-XXI пеш аз милод).[1]

Оид ба тавоноии Мисри Қадим дар давраи шоҳигарии қадим сохтмони пирамида шаҳодат медиҳад, ки барои чунин иншооти азим зиёда аз 100 ҳазор одам сафарбар гашта ва дар тӯли 20 сол сохтмони он анҷом дода ёфтааст. Инчунин дар самтҳои мухталифи ҳаёти давлатӣ ва ҷамъиятӣ пешравиҳо назаррас буд. Тартиботи ҳуқуқӣ нисбатан ҷавобгӯйи талаботи замон буд. Низоми мустаҳками судӣ амал мекард. «Маҷмӯи муфассали қонунҳои ба тасвиб расида риоя мешуд... Губернаторони маҳаллӣ оид ба фаъолияти содиқонаи худ аз рӯйи адолат дар баррасии баҳсҳо таҳсини хеш менамуданд. Баъзе муаллифон низоми ташаккулёфтаи мақомоти судии Мисри Қадимро ҳамчун омили тартибот ва устуворгардии адолати иҷтимоӣ арзёбӣ намудаанд. Аз ҷумла, дар хусуси баррасӣ ва ҳалли дурусти баҳси тарафҳо дар рӯйи тобути яке аз губернаторони маҳаллӣ чунин навишта шудааст: «Ҳеҷ гоҳ баҳси бародаронро тарзе ҳал накардаам, ки яке

---

[1] Черниловский З.М. Всеобщая история государства и права (история государства и права зарубежных стран). - М., Высш. шк., 1983. - С. 14-15.

аз фарзандон аз сарвати падар маҳрум гардад».[1] Ё худ, барои сӯиқасди фиръавн, ки дар он замон ба қатлрасонии гунаҳгор дар ҷойи ҳодиса имконпазир буд, вале фиръавн такя ба ҳиссиёти баланди адолат ва тааҷҷуби тоқатпазирии судӣ, ки бояд баррасии чунин кирдор бо иштироки шоҳидон дар суд ҳатман сурат гирад, хусусан дар давраи шоҳигарии барвақтаи Миср ин лаҳзаҳо назаррас буд.

Бояд тазаккур дод, ки дар асрҳои XXVIII-XXVI пеш аз мелод баъди ба анҷом расидани сохтмони пирамидаҳои азим вазъи иҷтимоӣ-иқтисодии аҳолии Миср бад мегардад ва дар натиҷа қашшоқӣ сар мезанад. Сабабгори асосии рӯ ба рӯ гаштани Миср ба чунин вазъи ногувори иҷтимоӣ сулолаи IV бо номи сохтмончиён мебошад, ки ба сӯистифодаи ваколатҳо роҳ додаанд. Таърихнигорон дар сар задани ин қазия ашрофонро муттаҳам менамоянд, ки гӯё сафи онҳо аз ҳисоби харидани манбаи давлатӣ хеле зиёд гардида бошад. Фиръавн бошад, яке аз чеҳраи бонуфузи ин табақаи иҷтимоӣ эълон гашт.

Дар ин давра таърихнигор Ҳеродот аз бераҳмию бешавкатӣ ва ноадолатии амалҳои фиръавн Хеопс ва Хефрена нисбат ба сохтмончиён, ки хусусан дар арафаи ба анҷомрасии пирамидаҳо рост меояд, қайд намудааст, ки сохтмони пирамида як навъ зиёне буд, ки оқибат ба зиёд гаштани сафи ашрофон ва аз ин ҳисоб ба қашшоқгардии аҳолӣ боис гашт.

Зеро аз басо носаҳеҳии шароит ва техникаи меҳнат, ки ин дар ҷараёни сохтмон сабаби сар задани ҳар гуна ҳодисаҳои нохуш гардида буд ва хавфи маъюбгардии оммавии кормандонро ба миён овард, ин вазъ оилаи онҳоро ба бенавогию қашшоқии оварда расонид.

Аз ин ҷост, ки деҳқонон маҷбур мешуданд барои таъмин ва нигаҳдошти оилаи худ хонаву дари худро ба савдо гузоранд. Сарфи назар аз дороии ашрофону фиръавнҳо деҳқонон аз ҳама гуна имтиёзҳо маҳрум буданд. Аз ин

[1] Брестед Д., Тураев Б. История Древнего Египта. - Минск, 2003. С. 80-81.

лиҳоз, далелҳои мазкур аз ҷой доштани коррупсия ва ҳукмфармо гаштани ҷаҳонбинии коррупсионӣ дар сохтори давлати Миср гувоҳӣ медиҳад. Зеро сохтмони пирамидаҳо дар тафовут аз девори Бузурги Чин ба мақсад ва манфиатҳои давлатӣ мувофиқат намекард. Шояд ба он хотир, ки сохтмони пирамидаҳо барои қонеъ намудани иззати нафс ва шӯҳратпарастии фиръавнҳо нигаронида шуда буд. Дар ҳақиқат, дуруст аст, ки дар он давра байни моликияти фиръавн ва моликияти давлатӣ фарқият вуҷуд надошт. Онҳо заминҳои шоҳиро ба хешу табор, наздикон ва ашрофон ҳадя мекарданд. Пирамида моликияти фиръавнҳо ҳисобида мешуд.

Ин омилҳо боиси сустгардии ҳокимияти марказӣ гашт, ки оқибат дар охири асри VII ва то асри XI идоракунии давлат пурра ба дасти феодалҳои маҳаллӣ – «нормаҳо» гузашт. Ин давраро таърихчиён ба давраи ташаккули ҷаҳонбинии коррупсионӣ ва паст гаштани одоби идоракунӣ дар байни ҳокимон мансуб медонанд, ки яке аз хусусияти фарққунандаи идоракунии ашрофон номидан мумкин аст. Ба ин нигоҳ накарда, ашрофон худро доимо ғамхор ва дастгири халқ эълон доштанд ва то андозае кӯшиш мекарданд, ки аз ин нексириштиҳо дар болоқабати тобути худ иқтибосҳои хусусияти тарбиявидошта оранд. Аз ин ҷост, ки дар болои тобути яке аз ашрофони сулолаи V-и Мисри Қадим навишта шудааст, ки гӯё ӯ «ягон вақт ба дуздии гӯри кӯҳна даст назадааст, тобути худро аз ҳисоби меҳнати ҳалоли қонунӣ сохтааст, ҳеҷ вақт чизе, ки мутааллиқи дигар шахс аст, аз худ накардааст. Яъне ҳеҷ гоҳ бо роҳи зӯрӣ соҳиби моликият нагаштааст».

Мутаассифона, ғасби ғайриқонунии моликият, аз андозаи муайян зиёд ситонидани андоз аз ҷониби зердастони фиръавнҳо ба як чизи оддӣ мубаддал гардида буд.

Аз ҷониби дигар, ширкати мунтазам ва фаъол дар савдои беруна (савдои байналмиллалӣ) омили дигари сар задани ҷаҳонбинии коррупсионӣ дар Мисри Қадим ном бурда мешавад, ки тақрибан ба идоракунии давлат аз

ҷониби сулолаи IV рост меояд. Шояд таъсири ин омил бошад, ки аз рӯйи маълумотҳои таърихӣ як худи фиръавн Снофру ба сохтани киштиҳои обӣ, ки дарозии ҳар яки он тақрибан 50 метрро ташкил медод, муваффақ гардида, барои харидории дарахти ҷалғӯза 40 киштиро ба Фаластин омода сохтааст, ки ин киштиҳо ба моликияти ӯ тааллуқ доштааст.

Аз ҷониби дигар, фиръавн Соҳура намояндаи сулолаи IV ба Фунт (Сомалии ҳозира) экспедитсияи савдо ташкил намудааст, ки ҳини бозгашт аз он ҷо бо вазни 6000 воҳиди хулаи тилло ва мис, инчунин 2600 сутуни қиматбаҳои дарахти сиёҳ ба Миср ворид намудааст.[1] Инчунин яке аз савдогарони бонуфузи Миср Хнумхетеп бо ҳамроҳии чанд ҳокими маҳаллӣ 11 маротиба ба шаҳрҳои Сурия, Библ экспедитсияи иқтисодӣ ташкил намудааст.

Умуман, дарёи Нил пур аз киштӣ буд, ки ин аз пеш рафтани савдои беруна гувоҳӣ медод. Вале, ба ақидаи баъзе аз муаллифон баъд аз ба далел пайвастани тағйироти дарборӣ, хусусан дар арафаи идоракунии сулолаи минбаъдаи VI-VII дар Миср қашшоқию гуруснагӣ авҷ мегирад. Ҳатто, кор то ба ҷое расидааст, ки дар 70 рӯз 70 фиръавн иваз шудааст. Дар адабиётҳо ин тобиши сиёсиро гузариши ҳокимияти фиръавн ба бою ашрофон меноманд, ки аз ин ҳар чӣ бештар ба халқи оддӣ зарар расидааст. Бо истифода аз ин хар як княз худро ҳокими мутлақи шаҳр ва ё маҳалли алоҳида эълон менамуд, ки ин бевосита ба парокандагии хокимияти марказӣ боис мегашт. Ин ҳолатро як шакли классикии сар задани коррупсия метавон номид. Ба бӯҳрони сиёсӣ, иқтисодӣ, демографӣ ва пастгардии одоби ҳамида, авҷ гирифтани ғоратгарӣ ва ҷинояткорӣ, шӯришҳои халқӣ ва ғайра нигоҳ накарда, ашрофон ҳамеша дар паёми худ, ки аслан дар сарпӯши тобути онҳо дар шакли иқтибос овардаву навишта

---

[1] Брестед Д., Тураев Б. История Древнего Египта. - Минск, 2003. С.125.

мешуданд, ҳамеша бо таърифкунӣ ва таҳсини сулолаи хеш машғул буданд.

Агар парокандагии феодалӣ дар Мисри Қадим ба асрҳои VI-X рост ояд, чораёни барқароргардии он бештар ба идоракунии фиръавн Аменемхети I мувофиқ аст. Фиръавн Аменемхети I асосгузори сулолаи XI маҳсуб аст, ки тавонист давлати феодалиро ворисӣ кунад. Баъд аз таназзулёбии шоҳигарии Миёна – Миср ба як давлати ашрофон табдил ёфт. Бо ҳамин сабаб шӯришҳои халқӣ афзуда мубориза ҳо вусъат ёфтанд.

Дар натиҷа ҳокимият ба дасти «гиксосҳо», ки ҳамчун поягузори сулолаи XVI-XVI фиръавнҳои Миср маъруф гардидаанд, мегузарад. Аслан, гиксосҳо аҷнабиёне буданд, ки барои ба даст гирифтани Миср фиръавнҳоро пуштибонӣ менамуданд. Дар давраи гиксосҳо хариду фурӯши вазифаи давлатӣ ба як чизи оддӣ табдил ёфта буд. Шоҳи онҳо Салатис ном дошт ва дар Мемфис иқомат дошт. Ӯ барои нигаҳ доштани қисми ҳарбӣ аз аҳолии Мисри поён ва боло боҷи калон меситонид.

Гиксосҳо сиёсати ноадолатонаро бар зидди халқи маҳаллӣ анҷом медоданд, ки ин ба ҳазорсолаи 2 пеш аз мелод рост меояд. Калимаи «гиксос» аз юнонӣ баромада маънои «ҳокимони кишвар»-ро дорад. Аз ҷониби дигар, гиксосҳо ҳамчун ҳарбиёни кироя и хориҷӣ дар идоракунии давлат манфиати ҳокимони Мисрро, ки бо хости онҳо вориди кишвар гардида буданд, ҳифз мекарданд. Шояд аз ҳамин хотир бошад, ки гиксосҳо давлати худро надоштанд. Вале дар пойдоргардонии худои давлати Сета нақши муҳим бозидаанд. Ба хотири ин худо шуда, онҳо чандин ибодатхонаҳоро вайрон намудаанд.

Ҳукмронии гиксосҳо дар Миср 100 сол давом дошт ва оқибат аз ҷониби Яхмоси I дар миёнаҳои асри XXVI пеш аз мелод онҳо сарнагун гардидаанд. Яхмоси I асосгузори «шоҳигарии Нав» ном бурда мешавад.[1] Ба ӯ муяссар

[1] История Древнего Востока. Под ред. В.Кузищина. - М, 2001. - С.69.

шудааст, ки табақаи ашрофонро нест намуда, сипас ҳокимияти мутамаркази шоҳиро устувор гардонад. Баъди ба сари қудрат омадан даст ба гузаронидани ислоҳоти замин задааст. Мусодираи моликияти заминдорони калон ва мардумӣ намудани он яке аз самтҳои асосии рафъи коррупсия дар ин ислоҳот эълон гардида буд.

Дар заминаи густариши ҳокимияти давлатӣ ва пойдоргардии муносибатҳои некбинона нисбат ба манфиатҳои мардум, Яхмоси I бо коррупсия мубориза беамон бурдааст. Ӯ ва ҳамсафонаш шиори «хизмат ба мардум»-ро пеша намудаанд. Аз ҷумла, одоби матлуби идоракунӣ ва услуби хоси кори вазирон ва ҳокимонро зери назорати ҷиддӣ қарор додааст. Аз ин ҷост, ки дар маводҳои таърихӣ таъкид шудааст, ки «вазирон» ҳамчун ҳифзкунандаи манфиатҳои мардум эътибор доранд.

Шоёни таҳсин аст, ки Амон вазири бенавоён гаштаст ва нисбат ба гунаҳкорон фасодҷӯ нест. Аз ҷониби дигар шоҳ ба вазирон мегуфт, ба ҳар ҳол ду навъи муносибат, яке бо князҳо ва дигаре дар симои мардум ҷустани бародар натиҷаи мушаххас нест, яъне ба шахси маълуму номаълум, дур ва наздик назари умум намо». Инчунин Яхмоси I мансабдорони боинсоф ва хоксору содиқро қадр менамуд.

Яхмоси I мукаммал ва пойдоргардонии механизми идоракунии давлатро дар тафовут бо поквиҷдонии вазирон воситаи муҳими мубориза бо коррупсия ва пойдоргардии ҷаҳонбинии зидди коррупсионӣ мешуморид. Ӯ ба монанди Ю. Сезар мубориза фаъоли зидди фасоду ришвакорӣ буд.

Таърихи минбаъдаи Миср ба дунёигароӣ ва сохтмони иншоотҳои шоҳӣ вобаста аст. Бояд тазаккур дод, ки яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати пешгирифтаи Яхмоси I забти давлатҳои бегона ва аз ин ҳисоб васеъ намудани марзи Миср буд. Ин сиёсат аз ҷониби меросхӯрони Яхмоси I фиръавн Аменхотапи I ва Тутомоси I (охири

асри XVI) идома дошт, ки Нубия ва як қисми Либия, инчунин саросари Фаластинро забт намоянд.

Дар баробари ин, кашмакашиҳои дарборӣ ба пешрафти давлат таъсири мусбат расонид. Аслан, munoқиша байни ҳизби «ҷанговар» (таҳти сарварии шоҳ Тутмос) (ҳукмрон) ва ҳизби «сулее» сурат мегирад. Ҳизби сулҳро малика Хотшепсут сарварӣ дошт, ки оқибат низои дарборӣ бо ғалабаи ӯ анҷом ёфт.

Малика Хотшепсут шоҳи Миср эълон мегардад.

Тутомос бошад, аз идоракунии давлат маҳрум гашт.

Хуллас, идомаи сиёсати забткорӣ боиси дастгирии шоҳони дигар дар Миср гардид. Аммо Аменхотапи IV (аҷдодони Тутомоси III), ба ин ғоратгарӣ хотима бахшид.

Аз ин ҷост, ки ӯ якчанд муддат бар зидди ашрофон мубориза бурдааст. Зеро ашрофон сарчашмаи сар задани табаддулоти дарборӣ буданд.

Минбаъд кам гаштани шумораи мардуми Миср ба миён меояд, ки ин ба охири шоҳигарии нав рост меояд. Таърихнигорон ин ҳолатро ба бӯҳрони коррупсия ғӯта задани Миср нисбат медиҳанд.

Бархӯрди Миср бо бӯҳрони коррупсия ба идоракунии сулолаи XVIII фиръавнҳо рост меояд, ки сабаби асосии ин рӯйдод коҳиш ёфтани робитаи ҳокимон бо мардуми камбизоат мебошад. Решаҳои он дар услуби бунёди ҳокимияти ашрофон ва молик эълон намудани онҳо зоҳир мегашт. Масалан, яке аз ашрофон бо номи Амон, ки арзи ҳастии он ба охири шоҳигарии Нав рост меояд, қариб 10% заминҳои корами кишвар ва ниммиллион сар ҳайвони шохдор, на кам аз 80 киштии савдо, кони тиллои вилояти Нубияро, ки ба манфиати шахсии ӯ истифода мешуд, дар ихтиёр дошт.[1] Чунин имконотро ашрофони дигар соҳиб буданд.

Бархӯрди ҳифзи манфиати мардум бо давлат омили дигари бӯҳрони коррупсия, ки ба шоҳигарии барвақта

[1] Брестед Д., Тураев Б. История Древнего Египта. - Минск, 2003. С.475.

рост меояд, ҳисоб мешавад. Яъне дар ин давра аз ҷониби давлат манфиати мардум қатъиян инкор мегардад. Аз ин лиҳоз, дар охири сулолаи XVIII ҳарбиён, ашрофон ва судяҳо даст ба ғорати мардуми оддӣ мезананд.

Гарчанде баъзе аз фиръавнҳои сулолаи 18 дар мубориза бо коррупсия даст доштанд, вале ба натиҷаи дилхоҳ комёб нагардиданд.

Гӯё дар ҷамъоварии моликияти фиръавн Рамсес (соли 1290-1224 пеш аз мелод) ҳадду канор надошт. Ӯ таомҳои камёб, пурлаззат ва хушхӯрро дӯст медошт, ки маҳсулоти онро барои тайёр намудан аз Бобулистон ва Наҳорин таъмин ва ҳаллу фасл менамуданд.

Рамсес зан ва канизакони бисёр дошт, ки онҳо зиёда аз 100 писар ва 50 духтар таваллуд намуданд. Яҳудиҳо ӯро ҳамчун шоҳи қотил ном мебаранд. Рамсеси II бо роҳи маҷбурӣ ва ройгон мардумро барои сохтмони бино ва қасри боҳашамат сафарбар менамуд.

Коҳиш ёфтани одоб ва ахлоқи умумӣ эътироф гардидаи табақаҳои болоӣ бархӯрд бо коррупсия ҳисобида мешавад, ки Миср бо он рӯ ба рӯ шуда буд.

Ғайр аз ин, муборизаи ашрофон барои тоҷу тахт, авҷи зулму ситам, ҷинояткорӣ ва беадолатии иҷтимоӣ сабабҳои сар задани бӯҳрони нави коррупсия дар охири шоҳигарии нав гардидааст.

Аз ҷумла, бахри қонеъ намудани нафси бади худ Рамсеси II ба номуси духтаронаш даст зада онҳоро ба канизӣ табдил додаст, ки ин беинсофиро таърих ҳеҷ гоҳ нахоҳад бахшид. Алалхусус дар давраи шоҳигарии Рамсеси II дар Миср ҷангҳои байни ҳамдигарӣ ва гуруснагӣ ба авҷи аъло расида буд. Мардум аз бенавоӣ несту нобуд мешуданд. Ба туфайли сатҳи баланди фавтшудагон миқдори таваллуд кам гардид. Дар охир ин ҳама омилҳои коррупсионӣ ба сустгардӣ ва оқибат ба таназзули давлати Миср боис гардид.

Амсоли ин ҳодисаҳо ва воқеаҳоро вобаста ба арзёбии бархӯрди коррупсия ва сар задани бухрони он дар таъри-

хи Бобулистони қадим дида метавонем. Таърихнигорон бар он ақидаанд, ки соли 2370 пеш аз мелод дар яке аз шаҳрдавлатҳои Шумер Логаш шӯриши халқӣ тахти сарварии Урукагин сар мезанад.[1] Сабаби сар задани шӯриш истисмор ва маҳрум сохтани халқи оддӣ аз заминҳои мардумӣ буд, ки инро ба бӯҳрони коррупсия шабоҳат медиҳанд. Баъди ба сари қудрат омадан Урукагин ба гузаронидани ислоҳоти замин шурӯъ намуд.

Урукагин муқаррароти кӯҳнаро нисбат ба истифодаи замин барқарор кард. Ашрофон аз сабаби соҳибияти худсарона аз заминҳои мардумӣ маҳрум гаштанд. Минбаъд ашрофон ҳуқуқи ба боғи камбағалон ворид гаштанро аз даст доданд. Урукагин музди моҳонаи деҳқононеро, ки дар заминҳои назди ибодатхонаҳо кор мекарданд, зиёд кард. Баъзе амалҳои ашрофонро маҳдуд намуд. Умуман ислоҳоти Урукагин як зарба ба коррупсия дар байни ашрофон буд. Вале бо мурури замон режими Урукагин аз байн меравад.

Бобулистон бо номи шоҳ Хоммурапӣ маъруф аст.[1] Давраи идоракунии шоҳ Хоммурапӣ ба солҳои 1792 – 1750 рост меояд. Ӯ дар ободонии кишвар, сохтмони иншоот, канал ҳамчунин дар ба тасвибрасонии Маҷмӯи қонунҳо нақши муҳим бозидааст. Империяи Хоммурапӣ ду асрро фаро мегирад. Ягона осоре, ки боқӣ мондааст, бо ном қонунҳои Хоммурапӣ мебошад.

Қонун аз 282 модда иборат аст. Аз он то ба давраи мо 247 модда омада расидааст. Қонун самтҳои мухталифи ҳаёти ҷомеаро танзим менамояд. Маҷмӯи меъёрҳои ҷамъгаштаи Қонун дар санги сиёҳи сутунмонанд навишта шудааст. Муаллифони Қонун то андозае кӯшиш ба харҷ додаанд, ки меъёрҳои онро аз рӯйи мазмун ва равиш

---

[1] Гарни О. Хетты. Разрушители Вавилона. Москва, 2002; Крамер С. Шумеры. Первая цивилизация на Земле. Москва, 2002; Петухов Ю. Русы Древнего Востока. Москва, 2008.

[1] Всемирная история. В 24 томах. А.Бадак, И.Войнич, Н.Волчек и др., Минск, 1997-1999. Том.I. - С.54.

гурӯҳбандӣ намоянд. Дар асл бошад, байни ҳуқуқи гражданӣ, ҷиноятӣ ва ҳуқуқӣ-мурофиавӣ фарқият дида намешуд.

Аз ин лиҳоз, Қонуни мазкур дар инъикос қисмати зиёди муносибатҳои ҷамъиятиро истисно менамуд.

Дар қонун уҳдадориҳои шартномавӣ мавқеи хоса дорад. Масалан, бастани шартномаи хариду фурӯш қоидаеро пешбинӣ менамояд, ки тибқи он:

1) ашё аз муомилот хориҷ набошад;

2) бояд фурӯшанда молики ҳақиқии ашё бошад;

3) ба расмиятдарории созишнома бо иштироки шоҳидон сурат гирад.

Ё худ, дар ҳолати нодуруст ба анҷом расонидани сохтмон, дар натиҷаи фурӯ рафтани бино, ки агар боиси марги соҳибхона гардад, барои иҷрои номатлуби уҳдадорӣ сохтмончиён ба қатл маҳкум мешуданд.

Моддаи 230 Қонун зоҳир намудани хунукназариро пешбинӣ менамояд. Аз ҷумла, агар ба таври пинҳонӣ ғорат кардани ашёи молик аз ҷониби идоракунандаи он сурат гирад, дар чунин ҳолат ғоратгар ба зери пойи чорвои хонагӣ гузошта мешуд. Дар масъалаҳои коррупсия таърихи Бобулистон ба таърихи Мисри Қадим монандӣ дорад. Яъне аз рӯйи баъзе маълумотҳо фурӯши мансабҳои давлатӣ гӯё ҷой доштаанд, ки аслан дараҷаи таъйин намудани ашхос ба хизмати давлатӣ аз рӯйи андозаи ҳадя ва тухфаҳои пешниҳодгашта ба шоҳ сурат мегирифт. Баръакси ин, дар Шумери Қадим талабагони синфҳои болоӣ бо ҷидду ҷаҳд ба омӯзиши қонун ва аз худ намудани формулаҳои душвори ҳуқуқӣ машғул мегаштанд. Яъне ба комёбгардии дониши ҳуқуқӣ дар Бобулистон диққати ҷиддӣ дода мешуд. Умуман Бобулистон яке аз давлатҳои Шарқи Қадим буд, ки дар он тарбияи ҳуқуқии насли наврас эътибори хоса дошт.

Аз ин рӯ, дар кишварҳои қадима ба мавқеъ ва манзалати волоияти қонун аҳамияти беандоза дода мешуд. Гарчанде дар Қонуни Хоммурапӣ масъалаи фасод ҳамчун

ҷиноят шинохта шуда бошад ҳам, вале эҳтиёҷ ба раводиди он пурра назаррас нест. Ба ин нигоҳ накарда коррупсия дар шакли зоҳирӣ дар Мисри Қадим ва Бобулистон ҳамчун падидаи хислатан мукаммал ва мазмунан манфӣ ба ҳадди ақал ҷой дошт.

**Ҳиндустони Қадим.** Аз рӯйи маълумотҳои мавҷуда баъди ба миён омадани сулолаи Маура дар соли 180 пеш аз мелод гӯё ҷомеаи ҳиндуён коррупсионӣ буд. Сабаби ин муамморо олимон дар сохтори нодурусти табақаҳои иҷтимоӣ арзёбӣ менамоянд, ки яке соҳиби бартарият ва дигаре маҳрум аз он буд.

Аниқтараш сохтори ҷамъиятӣ аз «варнаҳо» ва «кастаҳо» иборат буданд. Дар навбати худ табақоти «варна» ба чаҳор зина тақсим мешуд. Аз рӯйи мавқеъ ва бартарият варнаи коҳиёнро браҳманҳо ташкил медоданд. Табақаи дуюм аз ҳарбиён иборат буданд, ки онҳоро кшатрии меномиданд. Дар якҷогӣ ҳар ду ин варна табақаи бонуфуз ва боломақоми Ҳиндустони қадим ба ҳисоб мерафтанд. Дар тафовут варнаи сеюм, ки аз деҳқонон, савдогарон, ҳунармандон ва варнаи чаҳорум, ки шудра – аз гадою қамбағалон ва ғуломони озодшуда иборат будаанд, табақаи сатҳи поёнро дар сохтори ҷамъиятӣ ифода менамуданд. Ин табақа аз манзалати бартариятҳо дур буданд.

Аз рӯйи нишондоди «Артхашастра» дар мурофиаи судӣ ба ҳайси шоҳид иштирок намудани шудра шубҳанок буд. Вале шудра дар сохтори ҷомеа як зина аз ғуломон баланд меистад. Яъне ҳаддалимкон шудра соҳиби мақоми ҳуқуқӣ буд. Ӯ дар мурофиаи судӣ ба ҳайси шоҳид ширкат варзида метавонист ва ғ. Ҳолати дигаре, ки ҳамчун заминаи давомноки сар задани коррупсия аз қадим то имрӯз боис гардидааст, аз рӯзи таваллуд мутааллиқ гардидан ба варна мебошад. Яъне дар ҷомеаи ҳиндуён гузариш аз як варна бар дигар қатъиян манъ буд.

Танҳо сохти феодалӣ ба табдилёбии варна ба каста боис шуд. Ҳамин тариқ, яке аз омил ва сабаби сар задани

коррупсия дар Ҳиндустон ноадолатии иҷтимоӣ ба шумор мерафт. Зеро дар ин кишвар истисмори инсон имконпазир буд.

Омили дигари сар задани коррупсияро метавон аз рӯйи меъёрҳои Қонуни Ману муайян кард.

Ин Қонун аз Қонуни Хаммурапӣ каме фарқ дошт. Таҳияи Қонуни Ману ба асрҳои II пеш аз мелод ва I мелодӣ рост меояд. Муаллифони Қонун гӯё коҳиёни яке аз мактабҳои қадимаи браҳмании ҳиндуён ба шумор мерафтанд ва ин Қонунро бо номи бобокалони ҳиндуён Ману гузоштаанд.

Бо мақсади оммафаҳм ва дастрас гаштан, Қонуни Ману дар шакли шеър, насри мавзун ба тасвиб расидааст. Қонун аз 2685 модда ва 12 боб иборат аст. Ҳудуди мазмуни ҳуқуқии он маҳдуд мебошад. Зеро дар он бештар сухан оид ба сиёсат, ахлоқ, таълимоти динӣ, маросимҳо ва ғайра меравад.

Раводидҳои ҳуқуқӣ такрор ба такрор дар шакли таҳдид оид ба рафтори бад баррасӣ гардидааст. Инчунин баҳо додан ба рафтори бад ҳамчун раводид пешбинӣ шудааст. Масалан, дар боби сиёсат омадааст, ки агар касе бо рафтори номатлуб аҳволи браҳманро нороҳат гардонад, охирати чунин шахс нороҳат мегардад. Яъне, ӯ дар он дунё ба ҷаҳаннам меравад.

Ё худ дар мурофиаи судӣ шоҳидро огоҳ месохтанд, ки агар ӯ далели сохта оид ба чорвои хурди хонагӣ пешниҳод намояд, оқибат 5 нафар аз наздикони ӯ ба қатл расонида мешаванд. Дар тафовут нисбати чорвои калон бошад (гов) 10 нафар, нисбати асп бошад 100 нафар, нисбати ғуломон 1000 нафар аз наздикони шоҳиди сохтакор ба қатл расонида мешаванд (боби 8 моддаҳои 97,98). Шоҳ ҳамчун молики асосии ҳамаи заминҳо ба шумор меравад, вале ӯ ба пешрафти хоҷагии обшинагӣ, ҳуқуқи монеа гаштанро надошт. Аз ин хотир, масъалаи аз нархи муқаррарӣ барзиёд ва аз ҳад зиёд ба фоидаи шахсӣ ба фурӯш гузоштани амволи манқул аз ҷониби шахс дар

«Артхашастра» (моддаҳои 3,9) маҳкум шудааст, ки ин аз ҷой доштани назорати давлатӣ нибат ба амволи ғайриманқул шоҳидӣ медиҳад.

Дар ҳолатҳои дигар тасарруфи моликият зарурати асосҳои ба даст овардани онро бо нишон додани сабабҳои соҳиб гардидан (дар натиҷаи бастани шартномаи хариду фурӯш, тариқи мерос соҳиб гаштан ба амвол, тариқи тақсими замини ҳиссагӣ, ки баъзе аз табақаҳои иҷтимоӣ ба гирифтани он ҳуқуқ доштанд ва ғ.) пешбинӣ менамуд. Ба ин нигоҳ накарда Қонуни Ману ба танзими самтҳои мухталиф – муносибатҳои ҳуқуқи гражданӣ, оилавӣ, оммавӣ, ҷиноятӣ, мурофиавӣ нигаронида шуда буд.

Барои содир намудани ҷинояти дуздӣ ва хусусан одамкушӣ ҷазои сахт пешбинӣ шуда буд. Инчунин дар Қонуни Ману тамаъҷӯӣ, қаллобӣ ва фурӯши маҳсулоти бадсифат ҳамчун ҷиноятҳои вазнин ном бурда мешаванд. Аз рӯйи маълумотҳои таърихӣ «агар шоҳ андоз ситонаду вале зердастони худро ҳифз накунад, ӯ ҳатман ба дӯзах меравад». Чунин шоҳ «ғоратгари ҳиссаи ҳосили шаш» ном бурда мешуд. Ё худ «...касе аз ҳисоби хазинаи шоҳ беасос доро гардад... ӯ ба дӯзах меравад». Аз ин лиҳоз ришваю фасодкорӣ дар таърихи Ҳиндустони Қадим кам ба назар мерасад, вале ҷой доштани онро инкор нахоҳем кард.

**Хитои Қадим.** Коррупсия дар Хитои Қадим ҳамчун зуҳуроти номатлуб пиндошта мешуд ва вобаста ба давраҳои инкишофи таърихи тамаддуни ин кишвар хос мебошад. Аз ин лиҳоз боло рафтани коррупсияро дар таърихи Хитои Қадим ба миён омадани империяи Син, ки ба нимаи дуюми асри 3 пеш аз мелод рост меояд, мансуб медонанд. Империяи мазкур қисми зиёди ҳудуди Хитойро, баъдтар Кореяи Шимолӣ ва нимҷазираи Ҳиндухитойро фаро мегирифт.[1] Таъсиси ин империя боиси воридгардии Хитой ба ҷараёни глобализатсия, аз ҷумла савдои

---

[1] История Китая. В.Адамчик, М.Адамчик, А.Бадан и др. Москва – Минск, 2005. - С. 9.

шиддатноки байни қисматҳои империя гардид. Империяи навтаъсис сарҳадоти гумрукиро барҳам дод. Барои муомилот пули ягона ҷорӣ намуд, фурӯши озоди заминҳое, ки пештар ба деҳқонони обшинагӣ тааллуқ доштанд, иҷозат дода шуд.

Аз ҳисоби чунин рушди муносибатҳои савдо ва иқтисодиёти бозорӣ, мавқеъ ва манзалати савдогарони калон, судхӯрон ва заминдорон комилан устувор гардид. Аниқтараш дар бикри ин император Син Шихуанди (с.246-210 пеш аз милод) пешсаф буд, яъне вақти дар қайди ҳаёт буданаш ба ӯ 700 қасри императорӣ мутааллиқ буд, ки аз рӯйи баъзе маълумотҳо дар толори марказии яке аз ин қасрҳо ҷойгир намудани 10 000 одам имконпазир буд. Ҳатто баъди барҳам додани унвони асилзодагон, «доройӣ» маҳаки асосии шӯҳратмандӣ ба ҳисоб мерафт.

Ба тағйиротҳои сиёсӣ-иқтисодӣ нигоҳ накарда, тамоми мансабҳои давлатӣ озодона мавриди хариду фурӯш қарор дода мешуданд. Дар заминаи маҳдуд намудани мақоми асилзодагон ин ҳолат ба устуворгардии мавқеи савдогарон дар дастгоҳи давлатӣ боис гардид. Аз рӯйи баъзе маълумотҳои таърихӣ ҳабсхонаҳо ба маркази савдои ғуломон табдил ёфта будааст. Сатҳи ҷиноят то андозае боло рафтааст. Бо амри император ҷонибдорони таълимоти конфутсия, ки волоияти арзишҳои умумиинсонӣ, принсипи ахлоқӣ ва қарзи шаҳрвандӣ, аскетизмро ҷонибдорӣ мекарданд, ба ҷавобгарӣ кашида мешуданд. Қисми зиёди тарафдорони конфутсӣ ба қатл ё бадарға маҳкум мегаштанд. Бидуни шубҳа чанд маротиба ба ҳаёти император Син сӯиқасд ташкил намудаанд. Ин ҳама ба сар задани шӯриши халқӣ боис гардидааст.

Дар натиҷаи шикасти империя Син Лю Бан (с. 206-195 пеш аз мелод) ба сари қудрат омад, ки ӯ асосгузори сулолаи нави императори Хон (охири асри 3 пеш аз мелод – аввали асри 3 мелодӣ) дар Хитой гардид. Ӯ василаи тадбирҳоро оид ба мубориза бо коррупсия андешид. Аз ҷумла, таъсири ашрофонро дар идоракунии давлатӣ

маҳдуд намуд. Таъйингардии савдогарон ва судхӯронро ба вазифаҳои давлатӣ қатъиян манъ сохтааст. Инчунин нисбати тоҷирон андози баландро муқаррар кард.

Оид ба тарзи истифодаи зебу зинат ва ороиши он дар ҷойҳои зарурӣ қонун ба тасвиб расонид. Дар деҳаҳо худидоракунии маҳаллиро, ки императори пештара Син Шихуанди барҳам дода буд, барқарор кард.[1]

Болоравии зуҳуроти коррупсионӣ ба давраи идоракунии император У-ди (с.141-87 пеш аз мелод) рост меояд, ки дар ин вақт мавқеъ ва таъсири тоҷирон устувор мегардад. Император нисбати фурӯши оҳан, намак ва шароб монополияи давлатиро ҷорӣ намуд, ки ин иқдом ҳамчун боиси ғоратгарии мардум гардид. Бидуни шубҳа император У-ди дини конфутсиониро ба хизмати давлат ва манфиатҳои хеш истифода намудааст. Ба ин нигоҳ накарда сиёсати пешгирифтаи ӯ тавлидгари ноорамии кишвар буд.

Ҷараёни идоракунии император Ван Манн (с.9-23) бошад, бештар бо барҳам додани моликияти калон ва миёна вобаста аст. Тибқи ислоҳоти гузаронидаи ӯ хариду фурӯши замин ва ғуломон манъ гардид. Аз ҷумла, назорати давлатӣ аз болои танзими нархи бозорӣ ва фоизситонӣ аз суд ҷорӣ карда шуд. Дар иртибот, монополия нисбат ба оҳан, намак ва дигар боигариҳои зери заминӣ ва об амалӣ гашт. Вале норасоиҳои назарраси идоракунӣ ба таназзул ёфтани империяи ӯ боис гардид.[2] Аз ҷумла, хушксолӣ ва гуруснагӣ, офати табиӣ аз амсоли чунин норасоиҳо маҳсуб меёфтанд. Оқибат баъд аз забти қасри император Ван Манн аз ҷониби шӯришгарони «Қош сурхон» ба қатл расонида мешавад.

Дар идоракунӣ ва пешбурди сиёсати давлатии Хитой нақши император Гуан У-ди (с.25-57) назаррас мебошад.

---

[1] Черниловский З.М. Всеобщая история государства и права (история государства и права зарубежных стран). - С.18-25.

[2] Сидихменов В.Я. Китай. Страницы прошлого. - М.,1987. С.56.

Ӯ ба комёбиҳо муваффақ гардидааст. Аз як тараф нақши ӯ ҳамчун император ба боло рафтани самаранокии идоракунии дастгоҳи давлатӣ боис гардида бошад, аз ҷониби дигар дар барқарор намудани оқибатҳои харобиовари системаи ирригатсионии Хуанхэ, ки Хитой дар давраи идоракунии Ван Манн рӯ ба рӯ гардидааст, боис шудааст. Инчунин яке аз саҳифаҳои сиёсати дурусти давлатдории Гуан У-ди тақсимоти замин аз рӯи адолат буд, ки асоси ин қазия аз мусодираи замини заминдорони бой ва аз ин ҳисоб тариқи ройгон ё бо шартҳои имтиёзнок додани замин ба табақаҳои камбизоати аҳолӣ иборат буд.

Дар бахши ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои ғуломон ва қатъиян манъ гардидани фурӯши онҳо қонунҳои муҳим қабул намудааст. Гуан У-ди дар сиёсат ба икдоми пешгирифтаи авлоди худ Лю Бан такя мекард. Ӯ ба Сезар ва Августин монандӣ дошт. Зеро чунин шахсиятҳо ҳифзи манфиат ва манзалати мардуми куллро аз ҳама боло донистаанд. Бидуни шубҳа онҳо баҳри пойдории адолати иҷтимоӣ ҷони худро фидо намудаанд.

Баъдан, бо тағйирёбии форматсияҳои ҷамъиятӣ дар қисмати Шарқии империя давлатҳои нав бунёд мегарданд.[1] Аз ин ҷост, ки ҷаҳонбинии зидди коррупсионӣ ҳамчун падидаи номатлуб ҳамеша решаҳои амиқи таърихӣ дорад. Минбаъд он дар шаклу усулҳои гуногун зуҳур ва густариш меёбад. Вале имрӯз Хитой нахустдавлате мебошад, ки дар он барои содир намудани ҷиноятҳои хусусияти коррупсионӣ дошта ҳукми қатл муқаррар гардидааст.

---

[1] Всемирная история. В 24 томах. А.Бадак, И.Войнич, Н. Волчек и др., Минск, 1997-1999; История Древнего Востока. Под. ред. В.Кузицина.- М, 2001; История Китая. В.Адамчик, М.Адамчик, А.Бадан и др. Москва-Минск, 2005;. Ю.В.Кузовков. Мировая история коррупции. М., Издательство Анима-Пресс, 2010.

## II. ЗАМИНАҲОИ ТАШАККУЛЁБИИ ОМИЛҲОИ КОРРУПСИОНӢ ДАР ДАВЛАТҲОИ АТИҚА: ЮНОНИ ҚАДИМ; КАРФАГЕН; РИМИ ҚАДИМ

Ҷаҳонбинии зидди коррупсионӣ дар ҳар вақту замон аз пос доштани арзишҳои сиёсӣ-ҳуқуқӣ, иқтисодӣ, маънавӣ-фарҳангӣ ва дар ин самт андешидани маҷмӯи тадбирҳои самараноки тарбиявӣ, хусусан тарбияи ҳуқуқӣ ривоҷу равнақ меёбад.

Таъкид кардан бамаврид аст, ки ҷаҳонбинии зидди коррупсионӣ мӯҳтавои мутақобилаи мафҳуми коррупсия пиндошта мешавад. Он ҳамчун фаъолияти махсуси комплексии мақсаднок барои рушди шахс ва ворид шудани он ба ҷараёни зиндагии содиқона ва бунёди ҳаёти шаҳрвандӣ нигаронида шудааст.

Рафъпазир ва амсоли мутақобилаи ин навъи ҷаҳонбинӣ – коррупсия мебошад.

Коррупсия таърихи қадима дорад. Аслан коррупсия аз ҷомеаи ибтидоӣ оғоз ёфта, бо пойдоргардии давлат рӯ ба инкишоф ниҳодааст. Вале муаррихон сар задани коррупсия ва тарзу усулҳои рафъи онро бештар ба давраи элленизм, яъне давраи Эҳё мансуб медонанд.[1]

Гарчанде ба пайдоши коррупсия ва мавқеъ доштани ҷаҳонбинии зидди коррупсионӣ омилҳои зиёд боис гардида бошанд ҳам, мо паҳлӯҳои мухталифи амалҳои коррупсиониро дар замони атиқа мавриди таҳлил ва омӯзиш қарор хоҳем дод, зеро ин масъалаҳо то имрӯз дар адабиётҳои таърихӣ ва ҳуқуқӣ пурра мавриди омузиши муҳаққиқон қарор нагирифтааст.

**Юнон.** Соли 320 пеш аз мелод амалдори Юнон дар Миср Клеомон, ки ӯро Александри Мақдунӣ ба вазифаи «гузориш ва таъмини ғалла» аз Миср ба Юнон таъйин

[1] Всемирная история. В 24 томах. А.Бадак, И.Войнич, Н.Волчек и др., Минск, 1997-1999.

карда буд,[2] даст ба қаллобӣ мезанад, ки ин амали ӯ дар таърих ҳамчун коррупсия маънидод шудааст. Зеро дар амалҳои Клеомон аз як тараф сӯистифода аз мансаби хизматӣ мавриди назар гардида бошад, аз ҷониби дигар, аз ҳисоби моликияти давлат ғайриқонунӣ дорошавии ӯ зуҳур ёфта буд. Аслан, ӯ мебоист супориши давлатро ҳамчун шахси мансабдор иҷро мекард, вале ба вазифаи хизматӣ беэътиноӣ зоҳир менамуд. Он вақт дар Юнон ғалла кам истеҳсол мегашт ва ниёзи мардуми Юнон аз ҳисоби истеҳсоли ғаллаи Миср қонеъ гардонида мешуд. Аммо Клеомон бошад, ба тариқи сунъӣ садди роҳи ин амал мегашт, ки оқибат амали ӯ ба кам гаштани ғалла дар шаҳрҳои Юнон гардид ва аз ин сабаб нархи ғалла дар бозорҳои Юнон дučанд боло рафт.

Аз ин қаллобӣ хокими юнонӣ Клеомон фоидаи зиёд ба даст даровард. Ин амали ӯ боиси дар Юнон сар задани гуруснагӣ гардид, ки он қариб 5 сол (яъне аз соли 329 то соли 325 пеш аз милод) идома ёфт.

Муҳаққиқон ин амали Клеомонро ҳамчун коррупсия «дар ҳаҷми калон», ки аз ҷониби шахси мансабдор содир гардидааст, маънидод намудаанд. Чунин далелҳои коррупсиониро мо дар асри V пеш аз миелод дар ҳаҷми калон ба фурӯш мондани оҳан аз ҷониби яке аз чеҳраҳои шинохтаи молиявии Ситсилия, ки ӯ тавонистааст тамоми оҳанро харида дар бозор аз рӯйи ин мол монополияи пурраро барқарор созад ва сипас бо нархи гаронбаҳо ба фурӯш гузорад ва аз ин амал 200% фоидаи тоза ба даст оварда буд дида метавонем. Ин мисолҳо аз ҷой доштани намунаи амалҳои коррупсионӣ дар давраҳои қадимтарин шаҳодат медиҳанд.

Тавассути чунин амал монополия аз болои маҳсулоти оҳан барқарор гардида, нархи он дар бозор дучанд боло рафта, оқибат ба коҳиш ёфтани ин самти истеҳсолот боис гаштааст ва ба давлату ҷамъият зарари калон ба бор

---

[2] Роджерс Г. Александр Македонский. - М., 2006. С.67.

оварда буд. Хулоса, манфиати давлат ва ҷамъият аз ин амал пурра поймол гардида буд.

Оҳан ҳамчун ашёи хом бештар барои қонеъ гардонии зарурати давлат ва ҷамъият дар он вақт истифода мешуд. Ин амали мансабдори давлатӣ ба коррупсия хос аст ва чунин пайомадҳои манфиро дар ҷомеа олимон ва коршиносон ҳамчун коррупсия шарҳ додаанд. Ба он хотир, ки чунин амал аз рӯи мақсаду услубҳои сар задан ҳамчун монеа дар роҳи инкишофи давлату ҷамъият фаҳмида мешавад.

Аз ҷурми «ихтилофи манфиатҳо» давлат ва ҷомеа ҷабр дидааст. Ҳамзамон, давлат аз андешидани чораҳои мушаххас дар канор мондааст ё худ чунин иқдоми давлат дар ин самт хира ба назар мерасад. Зеро дар чунин ҳолат манфиати давлат ва ҷомеа ба фоидаи шахсони алоҳида ё дар ҳамбастагӣ бо давлати бегона ба савдо гузошта шудааст. Бинобар ҳамин, таҷрибаи таърихӣ ва анъанаҳои миллии давлатдорӣ нишон медиҳанд, ки барои пешгирӣ ва бартараф кардани коррупсия тамоми усулу шаклҳоро ёфтан лозим аст, то раванди инкишофи ҷомеа аз ин ҳисоб таъмин гардад.

Тавре, ки зикр шуд, коррупсия дар маънои васеъ ва маҳдуд бо далели ҷой доштани ғайриқонунӣ дорошавии ашхоси мансабдор ё ашрофи дарборӣ пайдо шудааст, ки дар охир ба падидаи номатлуби ҷамъиятӣ табдил ёфтааст. Вале то кадом андоза амали ашрофон ё симои молиявӣ, ки дар созмон додани монополияи ашёи хом нисбат ба давлат бартарият доранд ва дар ин бахш иқдом зоҳир намудаанд ва ҳамзамон ном бурдани ин амал ҳамчун коррупсия ҳисобида мешавад, ибрози ақидаи мухталифи иддаи олимон ва коршиносон қарор дорад. Дар ин маврид дипломат шудан нодуруст аст. Зеро сухан оид ба коррупсияи ҳаҷмаш бузург меравад. Чунин сатҳ дар байни ходимони сиёсӣ ба вуқуъ мепайвандад. «... ин намуди коррупсия ба сиёсат ва тарзи идораи давлат таъсири

беадолатонаю манфӣ мерасонад».[1] Аз ҳама муҳимаш, ин навъи коррупсия барои иқтисодиёти кишвар хеле зараровар аст, ки бо ҷурми оқибатҳои бади он Юнони Қадим борҳо ба бӯҳрони идоракунӣ рӯ ба рӯ гашта, бӯҳрони иқтисодиро паси сар намудааст.

**Карфаген.** Давраи атиқа бо рушду камоли худ баёнгари мафкура ва тавлидгари ҷаҳонбинии коррупсионӣ дар шакли муназзами таассуб аст. Аз ин лиҳоз, дар омӯзишу дарки амиқи таърихи коррупсия ҳамчун зуҳуроти номатлуби ҷомеа таъкид намуданием, ки дар асри III пеш аз мелод Карфаген дар тафовут нисбат ба Рим яке аз кишвари пуриқтидор маҳсуб буд. Вале зуҳур ва рушд хусусияти фасоднокии ин давлати атиқаро дар моҷарои таърих истисно намесозад. Ба ақидаи сиёсатшиноси юнонӣ Полибия «дар Карфаген он чизе, ки ба фоида росто дошт, сирояти бадномӣ надошт... довталабони мақоми давлатӣ тавассути ошкоро додани пора соҳиби мансаб мегаштанд».[1] Аслан коррупсия зодаи омил ва сабабҳои ниҳоят зиёд, мухталиф ва қисман ба ҳам зид ба субут расидааст. Аз ин лиҳоз, аз гуфтаи Полибия маълум мегардад, ки Юнон аз коррупсия бархурдор будааст на аз ҷаҳонбинии зидди коррупсионӣ.

Зеро дар охири асри III пеш аз мелод ҷаҳонбинии коррупсионӣ дар Юнон ташаккул ва таҳаввул ёфтааст. Дар ин росто, таъкид ба ёдоварист, ки ҳукуматдорони Карфагенро ҳизби ҳукмрон, ки феълан ҳадафаш аз тантанаи манфиатҳои Рим иборат буд, роҳнамоӣ мекард. Ин раванд бо номи идоракунии аҷнабиён маъруф гардидааст. Ҳатто таъсири чунин вазъ дар давраи ҷанги дуюми Пунӣ, ки қариб 27 сол тӯл кашид, нашъунамо дошт, ки оқибат бо шикасти Карфаген хотима ёфт. Аслан, доираи ашрофон, ки манфиати ҳизби ҳукмронро ҳимоя

[1] Кузовков Ю.В. Мировая история коррупции. М., Издательство Анима-Пресс, 2010. С.5.

[1] История политических и правовых учений. - М., Наука, 1989. С.48.

мекарданд, намехост намояндаи ҳизби халқи Ганнибал, ки сарварии Карфагенро ба уҳда дошт, дар сари қудрат боқӣ монад. Ҳатто доираи ҳукмрон бо мақсади ҳифзи манфиатҳои хеш розӣ буданд, ки аз ҳисоби заминҳои Карфаген баҳри комёб гаштани ҳадафҳои ғаразнокашон контрибутсия пардозанд. Аз ҳама муҳимаш, барои онҳо шикасти Карфаген таҳти сарварии Ганнибал зарур ва муҳим буд. Яъне, аз рӯйи манфиатҳои шахсӣ аз байн рафтани Карфаген барои онҳо ҳодисаи нангин набуд. Ҳадаф аз ин, амали баргузидаи доираи ҳукмрон ва ашрофони Карфаген бидуни рахна сохтани ҳифзи манфиатҳои кишвар ва халқи худ, пос доштани манфиатҳои дигар давлат мебошад.[1]

Ҳамин тариқ, мо ба зуҳуроти номатлуб – коррупсия рӯ ба рӯ мешавем.

Ба ақидаи Афлотун, Арасту ва Суқрот (асри V пеш аз мелод) доираи ҳукмрон, аниқтараш «олигархия» аз ибораи лотинӣ гирифта шуда ба маънои «қадре» ва «ҳокимият» (ҳокимияти дороён) ном бурда мешавад, ки яке аз шаклҳои идоракунии давлат маҳсуб меёбад. Аз ҷумла ба ақидаи Афлотун, Карфаген чунин шакли идоракуниро аз ҷониби доираҳои ҳукмрон паси сар намудааст. Яъне қариб, ки тамоми ҳокимият феълан дар дасти «корпоратсияи яксаду чаҳор»-дороён – боён қарор дошт. Ҳатто онҳо худро судя эълон намуда ба ҷараёни мурофиа дахолат мекарданд. Баъдан ба замми Шӯрои кӯҳансолон, ки аъзоёни он аз ҷониби халқ интихоб мегардиданд, идоракунии Карфаген пурра аз тарафи «корпоратсияи яксаду чаҳор» анҷом дода мешуд.

Ҳамин тариқ «корпоратсияи яксаду чаҳор», ки дар идоракунии давлат мақоми ғайрирасмӣ ва хоса дошт, ба зуҳур ёфтани коррупсия дар Карфаген боис гардид, ки оқибат тавассути ин васила низои иҷтимоӣ байни

---

[1] Рыжов К. Все монархи мира. Древняя Греция, Древний Рим, Византия. Москва, 2002.С.68.

«заминдорон», ки онҳоро давлат дастгирӣ мекард, бо «деҳқонони крепостной» ва «деҳқонони либиягӣ» (деҳқонони либиягӣ мақоми шаҳрвандӣ надоштанд, вале уҳдадории пардохти андоз ва хизмати ҳарбиро ба ҷо меоварданд) дар давраи аввали ҷанги Пунӣ ба вуҷуд омад, ки боиси шикаст хӯрдани Карфаген дар ин ҷанг ва бастани сулҳ бо Рим гардид. Аз ин ҷост, ки дар тӯли идоракунии давлат аз ҷониби «корпоратсияи яксаду чаҳор», Карфаген ба як давлати фасодкор табдил ёфт ва бо мақсади қонеъ намудани манфиатҳои молиявӣ ҳокимони давлат замину сарватҳои онро ба савдо гузоштанд, ки оқибат ҳамаи ин боиси сар задани низоъҳо байни табақаҳои иҷтимоии ҷомеа ва барҳам хӯрдани давлат гашт.

Чуноне, ки мебинем, коррупсия аввал давлатро заиф намуда, сонияи онро пурра аз байн мебарад. Аз ин таҷрибаи таърихӣ имрӯз мо бояд сабақ бардорем.

**Ҷумҳурии Рим.** То асри II пеш аз мелод Ҷумҳурии Рим ҳамчун давлати ғайрикоррупсионӣ ном бурда мешуд. Аниқтараш ҷаҳонбинии қавии зидди коррупсионӣ дар сатҳи гуногуни ҳаёти идоракунӣ ҳукмфармо гашта буд. Яъне Рим давлате буд, ки падидаҳои демократӣ ва ҳисси қарзи шаҳрвандӣ нисбат ба табақаҳои ин ҷамъият афзалият дошт.

Намояндагони давлат, ки аз ҷониби халқ интихоб мегардиданд (консулҳо, реторҳо, эдилҳо, трибунҳо) масъулияти хизматии худро ройгон ба ҷо меоварданд.[1] Онҳо ба гирифтани музди меҳнат ҳуқуқ надоштанд. Ба ин нигоҳ накарда, довталабони вазифаҳои давлатӣ хеле зиёд буданд. Яъне ҳар шаҳрванди Рим ба ин восита мехост дар рушду нумӯи кишвар ҳисса гузорад.

Ҳатто кор ба ҷое расида буд, ки дар Рим консулон аз ҳисоби шахсӣ сохтмони иншоотҳоро анҷом медоданд, инчунин дар баргузор гардидани театр, форум ва

[1] Грант моддаи История Древнего Рима. Москва, 2003. С.33.

намоишҳои завқовар нақши муҳим мебозиданд. Дар ин росто, азхудкунии амволи давлатӣ аз ҷониби консулҳо ҷой надошт.

Мувофиқи ҳуҷҷатҳои таърихӣ, ки ба арафаи ҷанги якуми Пуни рост меояд, консулҳои римӣ ба ҳайси пешвоёни ҷанг амалиётҳои ҳарбиро пеш мебурданд ва дар натиҷаи забт кардани шаҳру навоҳиҳо неъматҳои бадаст-овардаро (аз қабили асарҳои таърихӣ ва санъат) ба ҳисоби хазинаи давлат ворид мекарданд.[1] Ин бештар аз устувории одоби хизматчии давлатӣ гувоҳӣ медиҳад, ки танҳо хоси таърихи Рими Қадим аст.

Ё худ Синсинатро мисол овардан мумкин аст, ки ӯ яке аз римии хоксор, вале сарватманд буд. Синсинат дар асри V пеш аз милод ба вазифаи диктатори дорои салоҳияти фавқулодда оид ба таъмини бехатарии ҳарбиёни Рим таъйин гашта буд. Пештар ӯ ба киштукори замини ночизе машғул буд ва баъд аз ба вазифаи диктаторӣ таъйин гаштан ҳамоно ба иҷрои вазифа шурӯъ намуд. Ҳатто дар арафаи ҷанг ӯ ба дур партофтани душман аз девори Рим ва шикаст додани он муваффақ гардидааст. Баъд аз хотима ёфтани ҷанг барои хизматҳои шоёнаш ва шуҷоатмандиаш ба мукофот пешниҳод мегардад, вале ӯ мукофотро рад карда, ба машғулияти пешинаи худ кишоварзӣ бармегардад. Ин сабақи бузургест барои мардуми сайёра. Мисоли дигар, барои манфиати давлат ва ҷамъият, Консул Тит Маний Торкваий сари фарзанди худро аз тан ҷудо намуда буд. Сабаби рӯй додани ин ходиса аз ҷониби писари Тит Маний вайрон кардани қоидаи ҳарбӣ буд. Ҳол он ки дар амали писари ӯ хиёнати ҷиддие дида намешуд.

Хоксории сенаторони Рим ҳадду канор надошт. Сафирони Карфаген дар арафаи гуфтушунид бахшида ба

---

[1] Черниловский З.М. Всеобщая история государства и права (история государства и права зарубежных стран). – М., Высш.шк., 1983; Кузовков Ю.В. Мировая история коррупции. М., Издательство Анима-Пресс, 2010; Анжель Ж. Римская империя. Москва, 2004.

хотима додани ҷанги аввали Пунӣ сенаторони римиро барои дар хона нигоҳ доштани косаю қошуқ ва дигар лавозимоти маишии якхела, ки аслан аз мис сохта шуда буданд ва дар натиҷаи ба охир расидани муҳлати адои вазифа ин лавозимоти маишӣ аз даст ба даст интиқол дода мешуд, мавриди масхара қарор дода буданд. Яъне, сафирони Карфаген аз ин хоксории сенаторони Рим дар тааҷҷуб монда буданд. Шояд сабаби ғалабаи Рим дар ин ҷанг боло будани саховатмандӣ, фурӯтанӣ, ҳалолкорӣ ва ахлоқи солими сенаторон буд, ки онҳо ба иҷрои вазифаҳои худ дар назди давлат ва ҷамъият содиқ буданд. Ашрофони Карфаген бошанд, баръакс дар рафтору кирдори хеш чунин амалҳоро намеписандиданд, ки оқибат ба мағлубгардии давлаташон боис гардид.

Вале дар давоми асри II пеш аз мелод дар ҷамъияти римиён тағйирот ба вуқуъ мепайвандад.[1] Сафи мардуми бою доро зиёд ба назар мерасад. Аз ҷумла, дар асри III пеш аз мелод якчанд сенаторон байни худ доду гирифти косаю қошуқи мисини хизматиро ба ҷо меоварданд. Вале, минбаъд як сенатор соҳиби ашёи зиёде гардида, интиқоли даст ба дасти асбоби рӯзгори хизматӣ тамоман аз байн меравад.

Аз ҷумла, Ливий Друз яке аз доротарин шахсон (дар асри I пеш аз мелод) ба шумор мерафт ва дар зери тасарруфи ӯ панҷ тонна маснуоти коркарди мису тилло қарор дошт. Ҳатто як худи сенатор Сисиреон (асри I пеш аз милод) дар зери тасарруфаш 10 қасри калон ба истиснои 5 хона дар Рим ва 6 биноҳои пурҳашамат дар маҳалҳои гуногун дошт. Агар сенаторон пештар аз ҷое ба ҷойи дигар пиёда раҳсипор шаванд, минбаъд дар аробаи рӯкушод ё пӯшида, мисли шоҳон, ки онҳоро хизматгороне чанд ҳамроҳӣ мекарданд, савора рафту омад мекарданд. Вале ин мисолҳо далолат аз ҷой доштани амалҳои коррупсионӣ набуда, баръакс, ҳамчун замина барои

[1] Ковалев С. История Рима, под ред. Э.Фролова. С-Петербург, 2003. С.71.

зуҳури минбаъдаи он дар Ҷумҳурии баъдинаи Рим маҳсуб мешаванд. Ҷамъияти римӣ баҳри пешгирии зуҳуроти номатлуб амсоли коррупсия ва дар ин замина баҳри ташаккули ҷаҳонбинии зидди коррупсионӣ тадбирҳои зиёде меандешанд. Аз ҷумла, манъ гаштани иштироки сенаторон дар савдои баҳрӣ, амалиётҳои молиявӣ ва пудради казоӣ ва ғайра шоҳиди гуфтаҳои боло мебошад. Зеро таъмини иҷроиши пудради давлатӣ дар мисоли сохтмони бино ё иншоот аз ҷониби мансабдори давлатӣ (ҳамчун фаъолияти соҳибкорӣ маънидод мегашт), ки қатъиян манъ гардида буд, ҳамчун тадбирҳои бевоситаи пешгирӣ ва мубориза бо коррупсия арзёбӣ мегардид.

Вале дар савдои ғалла ва оҳан зуҳуроти коррупсионӣ рушд ёфта буд.

Ё худ тағйирёбии ахлоқи ҳамида, ки ба инкишофи коррупсия боис гашт, андешидани тадбирҳоро аз қабили ҷорӣ намудани маҳдудият ба зебу зинат додани симои зоҳирӣ ва нигоҳ доштани асбобу анҷоми (мисин) рӯзгор дар ҳаҷми муайян тақозои замон буд. Тибқи қонун барои нигоҳ доштани ҷавоҳирот ё худ истифодаи он дар ҷойҳои ҷамъиятӣ (бо мақсади ороиш ва зебу зинат додани симои зоҳирӣ) андози баланд муқаррар гашта буд. Инчунин қонун танзими қоидаҳои меҳмондорӣ ва ба меҳмонӣ даъват шуданро, ки хароҷоти зиёдро тақозо менамуд, муқаррар намуд. Вале ин қонунҳо дар решакан намудани коррупсия натиҷаи мусбӣ набахшидаанд. Зеро бо мурури замон муносибат байни аҳолии римиён рахна гардида буд. Яъне ҷангҳои охир, ки бо ғалабаи Рим анҷом ёфта буд, ба сарватманд гардидани сенаторону мансабдорони римӣ боис гардид. Ва ин мавзӯъ дар бахши моликияти ғайриманқул ва дар заминаи он соҳибият ба сарватҳои муҳими дигари табиӣ ва тақсимоти онҳо сабаб гашт. Хуллас, оҳиста-оҳиста даст задани сенаторон ба моликияти давлатӣ аз ҷумла, хусусигардонии замини давлатӣ яке аз зуҳуроти мудҳиши ба миён омадани коррупсия дар мамлакат шуд, ки оқибат ба рушди қо-

нунгузорӣ ва чораҳои демократии пешбарии намояндагони мардумӣ ба ҳокимият таъсири манфӣ расонид.

Дар ин ҷода иқдоми пеш гирифтаи Лисиния-Секстия дар соли 337 пеш аз мелод ба гирифтани пеши роҳи чунин худсариҳо боис шуд. Яъне тибқи қонуни Лисиния-Секстия андозаи ба фурӯш мондани замин аз як даст ба дасти дигар маҳдуд гашт. Вале дар натиҷаи ҷангҳои навбатӣ, ки тариқи мусодира бояд ҳамаи заминҳои забтгардида ба моликияти Рим интиқол дода мешуд, мутаассифона ба таври стихиявӣ сенаторон онҳоро ба моликияти хусусии худ табдил доданд. Бидуни барасмиятдарорӣ ва андозбандӣ ин заминҳо аз ҷониби сенаторон мавриди истифода мегашт. Ба маънои дигар, амали онҳо ҳамчун сӯиистифода аз мансаб ва эътибори хизмати давлатӣ маънидод мегардад, ки олимон ва коршиносон ин василаро хоси зуҳуроти коррупсионӣ аз ҳисоби ҳузур доштани ҷаҳонбинии коррупсионӣ номидаанд. Баъд аз сенаторон, дар азхудкунии ғайриқонунии заминҳои давлатӣ ашрофон мавқеъ ва манзалати хоса доштанд, ё худ бо ном «саворон». Қисми зиёди «саворон» аз соҳибкорон иборат буданд, ки онҳоро дар Рим шаҳрвандони бой меҳисобиданд. Феълан онҳо аз ҳисоби савдо ва гузаронидани амалиётҳои вобаста ба сохтмон ва молия даромад ба даст меоварданд.

Вале «саворон», ба монанди сенаторон намояндагони давлат ба ҳисоб намерафтанд. Танҳо оид ба баъзе самтҳои идоракунии давлат басо нақши муайян мебозиданд ва дар интихобот нисбат ба шаҳрвандони оддӣ ҳуқуқ ва бартариҳои сиёсӣ доштанд. Онҳо заминҳои давлатиро тариқи ройгон истифода ва баъдан ғайриқонунӣ ба даст меоварданд.

Боз як нуқтаи дигарро низ бояд хотирнишон сохт, ки тадбирҳои андешидаи Тиберия Гракха дар масъалаҳои тақсими заминҳои давлатӣ байни сенаторон ҳамчун икдоми боздоштани коррупсия ва беадолатӣ дар соҳаи истифодаи замин маънидод гардидааст. Ба ибораи дигар,

рафтори боадолатона чунин амалиётест, ки ба меъёрҳои адолат дар ҷамъият ҷавоб медиҳад.[1] Яъне тадбирҳои андешидаи Тиберия Гракха ба меъёрҳои адолати иҷтимоӣ ҷавобгӯ буд. Зеро ӯ ба муқовиматҳои Сенат нигоҳ накарда, тавассути овоздиҳии умумихалқӣ тавонист соли 133 пеш аз мелод қонуни Семпратониро қабул намояд. Ин қонун қиёсан ба қонуни Лисиния-Секстия, ки соли 367 пеш аз мелод ба тасвиб расидааст монандӣ дошт.

Тибқи муқарраротӣ қонуни мазкур ҳар як шахс на бояд дар тасарруфаш аз 500 югер (125 гектар) зиёд қитъаи замини давлатӣ дошта бошад. Инчунин қонун таъсиси комиссияи тақсимоти заминро байни шаҳрвандон пешбинӣ мекард. Аз назари ҳуқуқӣ тадбирҳои андешидаи Гракха ва ҷонибдорони ӯ мантиқан дуруст буд. Зеро қонунҳои қабул намудаи ӯ ҳуқуқи соҳиб шудани ҳамаи шаҳрвандонро ба ҳиссаи заминҳои давлатӣ имконпазир кард. Умуман иқдомҳои пешгирифтаи Гракха ба ҳифзи манфиати умум нигаронида шуда буд. Вале ин сиёсати боадолатона дер давом накард. Зеро даҳшати тақсими заминҳои давлатӣ байни мардуми оддӣ корро то ба афзоиши сатҳи шиддати сенаторон расонид, ки оқибат аз ҷониби онҳо Тиберия Гракха ба қатл расонида шуд. Инчунин раиси комиссия оид ба тақсими замин Публий Красс Мусиан, баъдтар Гай Гракха (бародари Тиберия) дар арафаи тақсим намудани заминҳои забтгардидаи Рим ба мардуми оддӣ (аз ҳисоби ҷанги Карфаген дар Африқо) кушта шуданд.[1]

Гарчанде ҳиссаи заминҳои забтгардидаи давлатӣ байни мардуми оддӣ тақсим гардида бошанд ҳам, вале муаммои ин масъалаҳо ҷой дошт. Зеро тезутундгардии ин масъалаҳоро таърихнигорон бештар дар мухолифати оштинопазири ҳизби «оптимат», ки манфиати заминдорон –

---

[1] Сотиволдиев Р.Ш. Назарияи умумии ҳуқуқ ва давлат.-Душанбе, 2003, С.109.

[1] Кузовков Ю.В. Мировая история коррупции. М., Издательство Анима-Пресс, 2010. С. 17.

ашрофонро пешгирӣ мекард ва ҳифзи «оммавӣ», ки дар ҳимояи манфиати халқи оддӣ иродаи комил дошт, арзёбӣ намудаанд, ки дар арафаи ҷанги шаҳрвандӣ муносибати онҳо бештар мавзӯи шиддатноки зиддияти тарафҳо баҳона гардидааст.

Лозим ба таъкид аст, ки дар қазияи тақсимоти заминҳои давлатӣ ба манфиати собиқадорони ҷанг, деҳқонон ва пролетариат амсоли Марий (солҳои 80 пеш аз милод), баъдан Юлий Сезар (дар давоми солҳои 50-60 пеш аз милод) ва баъдтар Октавиан Август (аслан баъд аз ба сари қудрат омадан, ки баҳри танзими дурусти тақсимоти заминҳои давлатӣ силсилаи қонунҳоро ба тасвиб расонидааст) шахсиятҳое мебошанд, ки дар муайян намудани мавқеъ ва манзалати амалҳои зидди коррупсионӣ нақши муҳими таърихӣ бозидаанд. Вале дар бартараф намудани муқовимат ва монеаи ашрофон дар қазияи тақсими заминҳои давлатӣ нақши Август хеле бузург аст. Дар ин росто, ба ӯ муяссар гардидааст «рӯйхати маҳвкунандаро» таҳия намояд, («рӯйхати маҳвкунанда” яке аз усулҳои мубориза бо коррупсия шинохта шудааст), ки ба он 300 сенаторон, 2000 саворон ва дигар дороёни римӣ номнавис шуда буданд. Таҳияи чунин рӯйхат ба иҷрои талаботи муқарраргардидаи қонун аз ҷониби ашрофон нигаронида шуда буд. Дар сурати содир намудани қонуншиканӣ онҳо ба қатл маҳкум шуда, заминҳояшон байни мардуми оддӣ тақсим карда мешуд.

Бояд тазаккур дод, ки дар ҷумҳурии деринаи Рим масъалаи тақсимоти замин омили ягонаи сар задани коррупсия набуд. Баръакс, ҷамъоварии андоз аз заминҳои забтгардидаи Рим, ки ба даромади тозаи «публиканҳо» табдил ёфта буд, яке аз самтҳои зуҳур ёфтани коррупсия ба ҳисоб мерафт. Зеро ин навъи андоз аз ҷониби публиканҳо ҷамъоварӣ мешуд, ки қариб 70 сол тӯл кашид ва танҳо қолаби ин беадолатиро Сезар дар асри I пеш аз мелод маҳв намуд.

Инчунин дигар омилҳои сар задани коррупсия низ ҷой дошт ва он бештар ба амали роҳзанҳои баҳрӣ рост меояд (аввали асри II пеш аз мелод). Роҳзанҳои баҳрӣ пай дар пай ба киштии тоҷирони римӣ ҳамлаҳои ғоратгарона мекарданд, ки аз ин бехатарии давлат халалдор мегашт. Зеро амали роҳзанҳои баҳрӣ таъмини шаҳрҳои дурдасти римро бо озуқа, ҳатто худи Римро бозмедошт.

Ҳамчунин ба роҳзанҳо муяссар шудааст, ки ба бандари Остия ҳамла оварда флоти римиро мағлуб созанд. Дар ин ҷода тадбирҳои андешидаи Рим бенатиҷа будаанд.[1] Зеро аз ташкили экспедитсияи зидди роҳзанҳо таҳти сарварии Помпей сенаторон канораҷӯи карда, ҳатто қасди куштани ӯро намуданд. Сабабҳои канораҷӯии сенаторон дастгирии роҳзанҳо буд, ки фоидаҳои аз ғоратгарӣ ба даст овардаро тақсим мекарданд. Қатъи назар аз ин, соли 67 пеш аз мелод экспедитсия барои несту нобуд кардани роҳзанҳо таъсис гардид, ки дар натиҷаи амалиёти бобарор роҳзанҳо дар баҳри Миёназамин қатъиян несту карда шуданд.

Омили дигари сар задани коррупсияро бенизомии нархи нон дар бар мегирад, ки дар Рими Қадим ба зуҳур ва рушди коррупсия боис гардид. Яъне дар байни аҳолии камбизоати Рим нон бо нархи қимат ба фурӯш гузошта шуда буд, ки ин ҳолат ба қоидаҳои муқаррар гардидаи фурӯши ин навъи маҳсулот мухолифат дошт. Зеро ин иқдом тавассути таҳияи рӯйхати аҳолии камбизоат сурат мегирифт, ки ин ҳам аз байн рафт. Ғуломон бошанд, аз чунин ҳуқуқ маҳрум буданд. Онҳо аз ҳисоби хӯҷаинон бо нони арзон таъмин мегаштанд. Бинобар ин кор ба ҷое расид, ки ғуломдорон ба рӯйхати аҳолии камбизоат, ки аз истифодаи чунин ҳуқуқ бархурдор буданд, ғуломони худро ҳамроҳ менамуданд. Хулоса, рӯйхати қалбакӣ сохта мешуд. Ин ҳолат ба дуздӣ ва ғорат кардани ғаллаи

[1] Моммзен Т. История Рима. т. 1 кн. 1, 2; т. 1 кн. 3; т. 2 кн. 4; т.3 кн. 5; т. 5. Москва, 2001,

давлатӣ боис шуд ва танҳо баъди ба сари қудрат омадани Сезар ба ин бесару сомонӣ хотима дода шуд.

Дар бикри молия ҷой доштани коррупсияро таърихи давлатдории Рими Қадим истисно намесозад. Вале рабудани одамон ва аз ин ҳисоб доро гаштани роҳзанҳо бошад, дар ин давлат ба зуҳур ёфтани коррупсия алоқамандӣ дорад. Зеро шахсиятҳои давлатие пайдо шуданд, ки (мо Ливий Друзро дар назар дорем) пешниҳоди бекор кардани қонунҳои зидди коррупсиониро ба миён гузоштанд. Вале яке аз намояндагони фаъоли ин ҷараён Ливий Друз аз ҷониби сенаторон ва саворон ба қатл расонида мешавад. Дар таърих ин давраро ба пастгардии одоби маънавӣ шабоҳат медиҳанд.[1]

Баъдан ба авҷ гирифтани коррупсия дар Рим «низои иҷтимоӣ» боис гардидааст, ки дар натиҷаи аз байн рафтани синфи миёна, ҷамъият ба синфи доро ва камбизоат тақсим шудааст. Ин давраро мутааллиқи рушди коррупсия номидаанд, ки дуруст аст.

Баъди ба сари қудрат омадан Сезар баҳри пешгирии коррупсия якчанд тадбирҳо андешидааст, ки баъзеи онҳоро номбар менамоем:

– хотима бахшидан ба ҷамъоварии ғайриқонунии андоз;
– аз рӯйи адолат тақсим намудани заминҳои давлатӣ ба аҳолии камбизоат;
– маҳкум ва маҳдуд сохтани судхӯрон аз муқаррар намудани фоизҳои беадолат;
– аз сабаби қарздорӣ ба ғуломӣ табдилгардӣ манъ гашт;
– ҷорӣ намудани назорати давлатӣ ба савдои нон;
– таъсиси политсияи давлатӣ ва пурзӯр намудани мубориза алайҳи ҷинояткорӣ;
– қоидаҳои нави истифодаи зебу зинат;

[1] Кузовков Ю.В. Мировая история коррупции. М., Издательство Анима-Пресс, 2010; Джонс А. Гибель античного мира. Ростов н/Д, 1997; Моммзен Т. История Рима. Москва, 2001, т. 1 кн. 1, 2; т. 1 кн. 3; т. 2 кн. 4; т.3 кн. 5; т. 5 кн.

– манъ намудани дар занбару аробаҳо гашту гузор кардани сенаторон ва ашрофон, ки ҳаракатро дар кӯчаҳо халалдор менамуданд;
– ҷорӣ кардани раводидҳои ҷаримавӣ ва дигар маҳдудиятҳо барои вайрон намудани талаботҳои мазкур.

Умуман Сезар бо коррупсия мубоѕизаи беамон бурдааст. Вале тадбирҳои андешидаи Сезар алайҳи мубориза бо коррупсия манзури дастгирии сенаторон набуд. Зеро дар маҷмуъ ин чораҳо як зарбаи сахт ба синфи доро ва ашхоси воломақом буд (андозситонии ғайрирасмӣ, судхӯрӣ, ҷалобии нон), ки дар натиҷа онҳоро аз манбаъҳои даромад маҳрум сохт ва ҳатто аз баъзеи онҳо заминҳои давлатӣ баргардонида ба аҳолии камбизоат тақсим карда шуд.

Вале пиёда намудани ин ислоҳот (соли 44 пеш аз мелод) ба кушта шудани Сезар аз ҷониби тӯдаи сенаторон боис гашт. Дар байни императорони Рим Сезар ва Август ҳамчун муборизони асил бар зидди ришваю фасодкорӣ ном бурда мешаванд.

Барномаи Август бошад, аз бартараф намудани нуқсонҳои ахлоқӣ ва маънавии ҷамъияти Рим иборат буд. Масалан, барои муҷаррадӣ ситонидани андоз ва маҳрум сохтан аз гирифтани мерос муқаррар гашта буд. Барои фоҳишагӣ ё бадномӣ ба ҷазираҳои беодам бадарға бо мусодираи ними амвол ҷорӣ гардида буд. Падар бе таъйини ҷазо ҳуқуқи куштани фарзанди фоҳишаро дошт. Хусусан, барои фасодкорӣ ҷазои сахт муқаррар гардида буд.

Қонуни нав дар бораи истифодаи ба мавриди зебу зинат ба тасвиб расид. Ҳаҷми маблағҳои базму зиёфатҳо ба танзим даровардa шуданд. Оро додани ҷавондухтарон (бешавҳар) бо зебу зинат, аз ҷумла бо «марвориди сиёҳ» маҳдуд карда шуд. Бо таъсири ин тадбирҳо иқтисодиёти Рим рӯ ба беҳбудӣ овард. Ҳатто дар арафаи идоракунии Август эътироз ва ошӯбҳои иҷтимоӣ ҷой надоштанд.

Ба ин нигоҳ накарда пастравии ахлоқ ва маънавиёт дар ҷамъияти римиён ба давраи идоракунии Клавдия (соли 41-45 пеш аз мелод) рост меояд. Маҳз дар давраи идоракунии ӯ фиребгарӣ, судхӯрӣ, фасодӣ, дуздӣ, фоҳишагӣ нашъунамо ёфтааст. Аз ин ҷост, ки идоракунии даврони Клавдияро зуҳурёбӣ ё рушди коррупсия меноманд.

Глобализатсия манбаи дигари сар задани коррупсия мебошад. Глобализатсия дар таърихи Рим ба савдои беруна, ки тавассути баҳру уқёнусҳо сурат мегирад, муқовимат карда натавонистанд. Аз ҷумла, предмети савдо ғалла ба ҳисоб мерафт, ки манбаи асосии коррупсияи минбаъда ҳисобида шуд.

Аз рӯйи баъзе манбаҳои таърихӣ гӯё Юстиниан сабабгори паҳнгардии коррупсия дар урду гардидааст. Яъне ӯ сипоҳиёни ҳалокгардидаро дар рӯйхати ҳайати сипоҳиёни зинда нигоҳ дошта, бо ин восита аз ҳисоби таъминоти моддии онҳо соҳиби фоидаи калон мегашт. Дар давраи Юстиниан парокандагии артиш, дуздӣ ва қаллобӣ нашъунамо ёфтааст. Бо ин восита олимон ва коршиносон Юстинианро ба харобгардии иқтисодиёти давлат муттаҳам менамоянд[1].

Фаъолияти ҳуқуқӣ яке аз самтҳои машғулияти баргузидаи ӯ ҳисоб мешуд, ки он бо номи «Кодекси Юстиниан» машҳур аст.[2] Ё худ бо мақсади ҳифзи манфиатҳои қаллобон ба ӯ муяссар шуд, ки муҳлати даъворо, ки 30-40 сол муқаррар гардида буд, ба 100 сол тағйир диҳад. Ин амри Юстиниан ба одамони бегуноҳ таъсири манфӣ расонид. Аз ин ҷост, ки мо марҳалаҳои муҳими заминаҳои

---

[1] Черетаев А. Византия. Юстиниановская эпоха. - М., 2004. С.56.

[2] Всемирная история государства и права (Энциклопедический словарь). - ИНФРА-М., 2001; Памятники Римского права, Законы XII таблиц, Институции Гая, Дигесты Юстиниана. - М., Зерцало, 1997; Милан Бартошек Римское право (Понятия, термины, определения), Пер. с чешск. - М., 1989.

пайдоиши коррупсияро дар мисоли давлатҳои атиқа ба хонанда пешкаш кардем.

Ва ниҳоят, таърих ба лаҳзаҳои дигари зуҳур ёфтани коррупсия ошноӣ дорад, ки он бештар ба форматсияҳои феодалӣ ва тантанаи буржуазия дар давлатҳои Ғарб рост меояд. Вале ба ин нигоҳ накарда, мудом коррупсия ҳамчун тамоюли номатлуби ҷамъиятӣ бо шаклу усулҳои нав раванди инкишофи ҷомеаро халалдор мекард ва мекунад.

## III. ТАЪРИХИ ТАШАККУЛЁБИИ ОМИЛҲОИ КОРРУПСИОНӢ ДАР НИЗОМИ ДАВЛАТДОРИИ ТОҶИКОН

Коррупсия аз давраҳои қадимтарин, ҳатто дар давраи шоҳаншоҳии Ҳахоманишӣ низ вуҷуд доштааст.

Чуноне ки файласуфи бузурги немис Г.Ф. Гегел қайд мекунад «шоҳаншоҳии (империяи) бузурги Ҳахоманишӣ – нахустин давлати мутамаддини ҷаҳон маҳсуб мешавад». Асосгузори ин давлат Куруши Кабир буд, ки баробари васеъ шудани қаламраваш дарк мекард, ки идора кардани мулкаш торафт душвору гаронтар мегардад. Куруш мехост тадбире андешаду мардуми гуногунзабон, гуногунмазҳаб ва гуногунмиллати қаламравашро ба иттиҳоду сулҳу созиш оварад ва хусумату душманиро дар байни онҳо дур созад.

Бо ин мақсад Куруш «Эъломияи ҳуқуқи башар»-и худро эълом мекунад, ки дар он омадааст: «Манам Куруш, шоҳи шоҳон, шоҳи бузург, шоҳи нерӯманд, шоҳи Бобул, шоҳи Шумер ва Акад, шоҳи чаҳор гӯшаи ҷаҳон, писари Камбуҷия, шоҳи бузург, шоҳи Аншон, ва тухмаи Чишпиш, шоҳи бузург, шоҳи Аншон, аз дудмони салтанати ҷовидон, ки салтанаташ мавриди хостаи худоён ва ҳукуматаш ба дилҳо наздик аст. Ҳангоме, ки бе ҷангу оромӣ вориди Бобул шудам, ҳама мардум қудуми маро ба шодмонӣ пазируфтанд. Дар қасри подшоҳони Бобул ба

сари салтанат нишастам. Мардук – Худои бузург, дилҳои наҷиби мардуми Бобулро моили ман кард, зеро ман ӯро муҳтарам ва гиромӣ доштам. Сипоҳи бешумори ман бе ҷанг вориди Бобул шуд. Нагузоштам садама ва озоре ба мардуми ин шаҳру ин сарзамин ворид ояд. Вазъи дохилии Бобул ва маконҳои муқаддаси он қалби маро такон дод. Фармон додам, ки ҳама мардум дар парастиши Худои худ озод бошанд ва бединонро наёзоранд. Фармон додам, ки ҳеҷ як аз хонаҳои мардум хароб нашавад. Ман ба бадбахтиҳои онон хотима бахшидам. Мардук – Худои бузург аз кирдори ман хушнуд шуд ва ба ман Куруш, ки ӯро сутудам ва ба фарзандам Камбуҷия ва тамоми лашкари ман аз роҳи иноят баракати худро нозил кард. Подшоҳоне, ки дар ҳама мамолики олам дар сарзаминҳои худ нишастаанд, аз дарёи боло то дарёи поин ва подшоҳони ғарб ва шоҳони сарзамини Бохтар ва подшоҳоне, ки дар хаймаҳо маскан доштанд, маро хироҷи гарон оварданд ва дар Бобул бар пойҳои ман бӯса заданд. Фармон додам, ки аз Бобул то Ошур ва Шуш ва Акад... ва ҳамаи сарзаминҳое, ки дар он тарафи Даҷла воқеанд ва аз айёми қадим бино шудаанд, маъбадҳоеро, ки баста ва вайрона буд, бикушоянд ва таъмир кунанд. Ҳама Худоёни ин маъбадҳоро ба ҷойҳои худ баргардондам ва дар манзаргоҳи поядор ҷой додам, то ҳамеша дар он ҷо муқим бошанд. Ман ҳамаи сокинони ин маҳалҳоро ҷамъ кардам ва хонаҳои онҳоро, ки хароб карда буданд, аз нав сохтам ва ба онон бозпас додам. Худоёни Шумеру Акадро, ки Набонид ба Бобул оварда буд, беосеб ба қасрҳои онҳо, ки «шодии дил» ном доранд, боз гардондам. Сулҳу оромишро ба тамоми мардум ато кардам»...

Ин паём, ки ба ҳифзи ҷону мол ва озодии эътиқоди ҳамаи сокинони Бобул ва халқиятҳои қаламрави паҳновари Куруш кафолат медод, аз ҷониби руҳониёни ибодатхонаҳои мухталиф ва кулли мардум хамовозию пуштибонии тамом ёфт.

Паёми озод будан дар парастиши Худои хеш, озор надодани бединон, обод кардани маъбадҳои вайронаю харобшудаи собиқа ва ба ҷойгоҳи худ баргардонидани худоёне, ки дар аҳди Навохудоносор ва Набонид ба Бобул оварда буданд, қавмҳои гуногунзабон ва гуногунмазҳаби қаламрави Курушро ба иттиҳоду сулҳу созиш меовард.

Овозаи ин паёми башардӯстона, на танҳо дар Бобул, балки дар тамоми кишварҳои дигари олам паҳн шуда, ҷонибдорони Куруши Кабирро дар миёни ҳафтоду ду халқияти сокини мамлакаташ рӯз то рӯз меафзуд. Даврони пурасорати Навохудоносор бо ҳама зулму зӯровариҳояш поён меёфту ройъи адолат, додгустарӣ, маниши нек ва банданавозии Куруш фаро мерасид. Ва фарҳанги ориёӣ бо оини гуфтори нек, пиндори нек ва рафтори некаш дар қаламрави паҳновари ин давлати навхез доман меафрохт.

Куруши Кабир ба муқобили фасод ва порахӯрӣ муборизаи беамон мебурд.

Решаҳои таърихии пораситонӣ ба замонҳои қадим мерасад. Дар ҷомеаи ибтидоӣ ва давлатҳои нахустин додани маблаҷи муайяне ба коҳин ё руҳонӣ ба меъёр мубаддал гардида буд. Бо гузашти замон ва ташаккули низоми давлатдорӣ ҳокимони сатҳи боло аз зердастон барои иҷрои корҳое музд талаб мекарданд. Бахшиши ҳадя ё туҳфа барои иҷрои кор, маъмултарин навъи пора додан ба ҳисоб мерафт. Яке аз маъниҳои пора дар луғатҳои қадимии мо иттифоқан ҳадяи номашруъ номида шудааст. Ҳар кас назди амалдоре бо дасти пур меомад, мавриди истиқбол қарор гирифта, дархости ӯ қабул карда мешуд. Шоҳи давлати Шумер (дар Байнаннаҳрайн) Урукагин – дар шаҳри Лагаш (асри XXIV то мелод) нахустин касест, ки таърихи башар вайро ба ҳайси мубориз алайҳи фасоди молӣ дар ёд дорад. Ӯ бо маҷмӯи қонунҳо хост порахӯрии амалдорони ҷомеаро пешгирӣ намояд ва худи ҳамин иқдоми наҷиб мояи хушномии Урукагин дар саҳифаҳои таърихи инсоният шуд.

Сабақи таърих баёнгари он аст, ки ҳар ҳокиме дар қаламрави хеш ба муқобили порахӯрӣ ҷанг эълон кардаву дар ин самт муваффақ гардад, агар дигар корномаи некӯ ҳам надошта бошад, ҳамин амр некӯномии ӯро абадӣ дар саҳифаҳои таърих ҷой додааст. Барои пора дар қаламрави нахустин императории ҷаҳон–шоҳаншоҳии Ҳахоманишиҳо то ҷое, ки муаррихони юнонӣ навиштаанд, ҷой набудааст. Асосгузори ин силсила Куруш ва ба вижа шоҳаншоҳи додгустару қонунгузор Дорои Кабир (522- 486 то мелод) тавонистанд бо маҷмӯи қонунҳои собит низоми кишварро сомон бахшанд. Барои гирифтани пора қонунҳои давлати Ҳахоманишиҳо дар ибтидо ҷазои қатлро пешбинӣ мекард. Бузургтарин дастоварди шоҳони нахустини Ҳахоманишӣ ба мансаб гузоштани афроде шоиставу кордон ва дур аз тамаъ бар мансабҳои давлатӣ буд. Ҳеродоти юнонӣ менависад, ки дар аҳди Ҳахоманишиҳо поктарин фардро масъули додгоҳ (қозӣ) таъйин мекарданд ва ӯ дар ин вазифа то поёни умр кор мекард, магар дар ҳолате, ки хурдтарин ноадолатие дар кори ӯ ба мушоҳида расад. Дар радифи зиддиятҳои дохилӣ яке аз иллатҳои шикасту фурӯпошии императории ҷаҳонии форсҳо дусад сол пас аз таъсиси он ривоҷи фасод дар дарбори шоҳони он будааст.

Ҳокимони охири Ҳахоманишӣ ба танпарвариву комравоӣ дода шуда, зимоми умурро ба дасти мушти нобакор доданд. Ин фурӯмоягон ҳам на афроди шоиставу кордида, балки муште чоплусу гадотабъро гирди хеш ҷамъ оварда, дастгоҳи давлатиро ба маркази порахӯриву сарватандӯзӣ мубаддал намудаанд. Форсҳо ба тамоми вилоят (сатрапия)-ҳои таҳти таъсири хеш ҳамқавмони худро гумошта, барои ҳар вазифае маблағи муайян ва баҳри ҳар коре музду дастмояе муқаррар намуда буданд. Натиҷаи ин амал ҳангоми юриши Искандар ба Эрон маълум гашт ва бештари халқҳо истилогарони юнониро чун озодкунандаи хеш истиқбол гирифтанд ва форсҳоро танҳо гузоштанд, дар натиҷа се сол пас аз омадани

юнониҳо ҳеҷ асаре аз императории замоне муқтадири форсҳо боқӣ намонд.

Дар ҳар гӯшаву каноре, ки ҳукумати марказӣ заиф ва иқтидори кофӣ надоштааст, истифода аз мансаб барои ҷамъоварии сарвату дороӣ маъмул мегардидааст. Таҷрибаи таърих собит месозад, ки ривоҷи пора дар як кишвар нишонгари заъфу нотавонии ҳукумати он аст.

Яке аз нишонаҳои ривоҷи пора дар ҷомеаҳои фасодзада қудратёбии кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ маҳсуб мегардид. Маъмурони ҳарбӣ аз заъфи ҳукумат ва ниҳодҳои қудратии он истифода карда, дар ҳалли мунокишаю низоъҳои фардӣ ва гурӯҳӣ худро ба ҳайси довар матраҳ мекарданд ва даромад аз ин ҳисоб бештар аз даромади расмии онон ба ҳисоб мерафт.

Дар рӯзгорони гузашта дар қатори шоҳон, табақаи руҳониён, ки шарики қудратмандон будаанд, ҳамвора бо порахориву сарватандӯзӣ машҳур гаштаанд ва саҳифаҳои таърихи башар саршор аз достонҳое дар ин боб аст. Макони порахӯрии табақаи руҳониён ғайр аз маъбад, инчунин додгоҳ, ки эшон масъули он будаанд, ба ҳисоб мерафт. То ҷорӣ гардидани ислом муғони зардуштӣ дин ва ахлоқу ҳуқуқи қазоиро бо ҳам ба худ ихтисос додаву арзу шикояти мардумонро дар додгоҳ расидагӣ мекарданд. Дар достонҳои аз замони қудрати муғон ба ёдгор монда порахӯриро аз айбҳои ин ҷамоа номидаанд. Бо ҷорӣ гардидани ислом ҳам руҳониён, ки қонунҳои шаръиро беҳтар аз ҳама медонистанд, ухдадори додгоҳу қазо мегаштанд. Қуръон бо сароҳат баён медорад, ки *«ва амволи хешро дар миёни хеш ба ноҳақ махӯред ва амволи худро ба ҳокимон марасонед, то порае аз амволи мардумро ба ситам бихӯред; ва шумо медонед!»(сураи «Бақара», ояи 188).*

Аммо, ришва миёни ин гурӯҳ зуд ҷой ёфт. Ҳатто руҳониён аз шеваҳои маъмули сиёсӣ истифода бурда, баъзан барои дур сохтани душманони худ расми пора доданро истифода мебурданд. Аз ҷумла, (ба навиштаи

Наршахӣ) дар замони Сомониён яке аз донишмандони шофеъимазҳаб Абӯзар Муҳаммад ибни Юсуфи Бухорой ба мансаби баланди қозии Бухоро таъйин мегардад ва ин мӯҷиби ҳасади гурӯҳе аз бадхоҳони ҳанафияш гардид. Онҳо борҳо кӯшиданд, ки ӯро ба ришва бифиребанду аз вазифа барканор созанд, вале муваффақ нашуданд, зеро ин фард ниҳоят парҳезкор буду мавриди эътимоди ҳамаи ҷомеа ва амир Исмоили Сомонӣ гардид. Дар маҷмуъ қозиҳову муфтиҳоро таърихи адаби тоҷик ҳамчун порахӯртарин табақаи ҷомеаи асримиёнагӣ меҳисобад. Ҳатто, дар яке аз фарҳангҳои мо зимни баёни маънии ришва чунин омадааст: «*он зарест, ки дар баробари фатво ба арбоби шариат диҳанд ё аз хавф ва ё ба тамаъи мансабе аз мансабҳои девонӣ ба салотин ва ҳукком ва арбоби девон расонанд*». Носири Хусрав дар мазамматти ин гуна ашхос мегӯяд:

*Чун хасм сари кисаи ришват бикушояд,*
*Дар вақт шумо банди шариат бикушоед.*

Ба фасод олуда гаштани табақае, ки бо муқаддасоти мардум сару кор доранд, паёмадҳои бисёр ногувор дошта, мӯҷиби коста гаштани эътибори мазҳаб миёни мардум мегардад. Дар Бухорои асри XII гурӯҳе аз руҳониён, ки бо номи садрҳо маъруф буданд, бо ситаму ришваситонӣ соҳиби ҷоҳу мартаба гардиданд, вале чун асли молашон аз роҳи ҳаром ҷамъ омада буд, саранҷом ба ҳокимони ғайримусулмони қарахитоӣ боҷ медоданд. Хоқонӣ шоири тоҷик дар васфи ин гурӯҳ гӯяд:

*Ҳар чӣ андӯхтам ин тоифаро ришва диҳам,*
*Бӯ ки дар роҳи гаравгон шуданам бигзоранд.*

Сӯзании Самарқандӣ низ ривоҷи ришваро дар асри худ ёдовар шуда мефармояд:

*Ба хуну хостаи меҳтарон шудам қосид,*
*Рибову ришва пазируфтам аз сабиву ятим.*

Саввумин табақаи фасодзадаи ҳамаи давру замонҳо мақомоти ҳифзи тартибот миршаб, муҳтасиб, асас ва сарбозони артиш буданд, ки аз гирифтани пора чандон бадашон намеомад. Аммо, ришваситонӣ миёни ин табақаҳо бештар ба шева ва сираи роҳбарон (шоҳон) бастагӣ доштааст. Чунончӣ, муаррихон перомуни рафтори Исмоили Сомонӣ пас аз шикояти додхоҳе, ки аз ришват гирифтани омили ӯ менолид, ҳикоят кардаанд. Исмоил ин омилро даъват намуда, пурсид, ки моҳона дарёфт мекунад ва оё ин моҳона рӯзгори вайро кифоят аст? Гуфт, оре. Исмоил фармуд, ӯро ба дор кашед. Гунаҳкор ба зорӣ омад, ки хато кардам. Исмоил фармуд, ки ман ба хатои ту нахоҳам ба дӯзах шудан. Ба шаҳодати таърих камтарин мизони порахӯрӣ дар ҳукумати Сомониён ба замони Исмоил рост меомад.

Дар давраҳои минбаъда шоҳону амирони турк пораро бо номҳои дигар аз ҷумла «инъом», «ҳадя», «пешкаш» қабул менамуданд. Аз ҷумла, ҳангоме ки шоҳ вазири худро таъйин менамуд ва маросими савганд ёд кардан ба иҷро меомад, вазир ҳатман ҳадяи гаронбаҳоеро ба шоҳ тақдим менамуд. Бо шаҳодати муаррих Байҳақӣ замоне, ки султон Маҳмуди Ғазнавӣ Маймандиро ба мансаби вазирӣ таъйин кард, «хоҷа бар пой хост ва замин бӯса дод ва пеши тахт рафт ва ақде гавҳар ба дасти амир дод ва гуфтанд даҳ ҳазор динор қиммати он буд». Сипас, тамоми масъулони даргоҳ ба вазир ҳадя мебахшиданд, ки қимати онҳо аз ин гавҳари даҳҳазор динор бештар мегашт. Аммо, саранҷоми ҳамаи мансабдорони порахӯру ришваситон бо фоҷиа тамом мегардад.

Дар бештари давраҳои таърихӣ, пораро бо номи ҳадя қабул мекунанд ва ин таомул то кунун миёни порахӯрон расм аст ва ҳеҷ порахӯре имрӯз ҳам амали худро бо номи

аслияш намебарад, балки амалашро чун «ҳаққи заҳмат», «миннатдорӣ», «малах» ва ғайра номбар мекунанд.

Порахӯрӣ дар аморати Бухоро яке аз аркони давлатдорӣ ба ҳисоб мерафт. Таърихи чандҳазорсолаи ин сарзамин дар ҳеҷ даврае чунин олудагии сартосарӣ ба порахӯриро дар ёд надорад. Аҳмади Дониш, ки солҳо бо амирону вазирони манғит ҳамнишин буд, фасоди ҳоким бар даргоҳу девони аморатро ба қалам додааст. Тамоми вазифаҳои давлатии Бухоро аз қозиву миршаб сар карда, то ҳокимиву беки ноҳияҳо бо маблағи муайян фурӯхта мешуд. «Ҳамчунин дар обе, ки ҳанӯз аз манбаъ наҷӯшида, мироб ришва меситонад». Порахӯрӣ то ба дараҷае инкишоф ёфта буд, ки миқдору маошу моҳонаро касе намепурсид ва ҳар касе мехост бо пайвандонаш дар зиндон ноне расонад, мебоист ба зиндонбонон пора пешкаш намояд. Ҳатто фаррошони дарбору сартарошҳои амир метавонистанд мушкили корафтодагонро осон намоянд ва бо гирифтани ришва афроди нолоиқу бесаводро ҳам то ба мартабаи беку ҳокими шаҳр бирасонанд. Пайдост, ки аз ин миён чӣ хоҳад бархост. Тамоми зару симе, ки дар давоми ҳукумати 170 солаи манғит аз ҳисоби мардумони заҳматкаш дар хазинаи Бухоро ҷамъоварӣ гардида буд, ба дасти дигарон афтод ва миқдори дигарро дар роҳ амири фирорӣ Олимхон аз даст дод ва саранҷом дар кишвари бегона бо зиллату бечорагӣ сар дар ниқоби хок кашид ва ин бадномиро барои худ ва тамоми дудмонаш дар таърих ба ёдгор гузошт.

Дар ҷомеаи Шӯравии тоҷик порахӯрӣ айби азим буд. Дар замони ҳукмронии И.В. Сталин порахӯрӣ тақрибан ба чашм намерасид ва мизони он миёни ҳамаи ҷумҳуриҳои собиқ Шӯравӣ ночиз буд. Дар чил соли охири давлатдории Шӯравӣ (1950-1991) Тоҷикистон дар масъалаи порахӯрӣ дар қиёс бо кишварҳои ҳамсоя вазъи хеле беҳтар дошт, ки барои ин чунин омилҳо сабаб буданд:

1. Менталитети тоҷикӣ порахӯриро чун амале зишт ва зиддиахлоқӣ қабул дошт. Дар қаламрави Тоҷикистони кунунӣ (дар тафовут бо Самарқанд, Бухоро, Қӯқанд ва шаҳрҳои азими минтақа) қабл аз инқилоб ҳам порахӯрӣ чандон маъмул набуд.

2. Се роҳбари вақти Тоҷикистон (Ғафуров Б., Ӯлҷабоев Т.ва Расулов Ҷ.) намунаи роҳбарии поку беолоиш буда, дар атрофи худ афроди нисбатан покро ҷамъ оварда буданд.

3. Кормандони давлатӣ, идораҳо, мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва муассисаҳои тиббию маориф бо моҳонаи худ имкони зиндагии арзандаро доштанд.

Мушкили аслии ҷомеаҳои фасодзада он аст, ки аксар қишрҳои ҷомеа, аз ҷумла зиёиёни миллат низ ба ин равиш кашида мешаванд ва дар ҷомеа ҳама ба наҳве бо фасод олуда мегарданд. Дар ин сурат касеро ҷуръат намемонад, ки ба амиру вазир ҳақиқати ҳолро бигӯяд ва садои эътироз баланд намояд. Сарнавишти тамоми ҷомеаҳои фасодзада бадбахтиву сарафкандагӣ буда, моро ҳушдор медиҳад, ки роҳи ғалати пешиниёнро напӯем.

Аз асри XVIII ин ҷониб дар Аврупо мубориза бо фасод характери ҷиддӣ гирифт ва аврупоиён ба ин натиҷа расиданд, ки мардумон бо додани андоз ҳукуматҳоро барои он нигоҳ медоранд, ки онон тартиботу қонунро нигаҳдорӣ намоянд, дар маҷмӯъ давлат аз барои осоиши мардумон аст, на мардумон барои осоиши давлатдорон.

Дар ҷомеаи муосири Тоҷикистон бошад, фасоди молӣ бештар ба зуҳур меояд ва ҳукумати кишвар ҳам ин воқеъиятро дарк намуда, ниҳодеро дар ҷомеа таъсис додаанд, ки ҳадафи асосии он мубориза бо фасод мебошад. Мувофиқи пурсишҳои имрӯза дар ҷаҳон (аз ҷумла, дар Тоҷикистон) маншаи фасоду порахӯрӣ дар ниҳодҳои зерин бештар аст: мақомоти давлатӣ дар марказ ва ноҳияҳо, суду прокуратура, милитсия, гумрук, системаи тиб ва маориф. Аз коррупсия қисмати хеле ками одамон

манфиат бардошта, аксари кулли ҷомеа аз он ранҷи сангин мекашанд.

Таърих ва сабақи дурахшони он беҳтарин омӯзгору ҳидоятгари инсонҳост. Аз чанд намунаи таърихи ҷаҳон ва фарозу нишеби давлатҳо мушоҳида мегардад, ки муҳимтарин омили заволи кишварҳо ва суқути силсилаҳои ҳукуматҳои таърих ривоҷи фасод ва порахӯрӣ будааст, аммо бештари қудратмандон замоне табобатнашаванда будани ин бемориро пай мебаранд, ки дигар кор аз кор гузаштаву дард дармонеро намепазирад. Мо имрӯз фурсатҳои зарринеро дар даст дорем ва истифодаи ҳар лаҳзаи он аз воҷиботи рӯз аст. Чун бо вуҷуди густариши рӯзафзуни ин бемории муҳлик, ки ҳанӯз ҳам ба тафаккуру андешаи мо пурра ворид нагардидааст, вақти он расидааст, ки тамоми ҷомеа муборизаи беамонро бар зиддӣ ин падидаи номатлуби аср–коррупсия пурзӯр намояд. Агар ин корро накунем, коррупсия ҳам ба давлат ва ҳам ба ҷомеа зарбаи ҳалокатовар хоҳад зад.

## МАВЗӮИ №3. АСОСҲОИ ҲУҚУҚИИ МУҚОВИМАТ БА КОРРУПСИЯ

**НАҚША:**

1. Асосҳои ҳуқуқии Ватанӣ дар самти муқовимат ба коррупсия;
2. Асосҳои ҳуқуқии байналмиллалӣ дар самти муқовимат ба коррупсия.

## АДАБИЁТИ ТАВСИЯВӢ БАРОИ МАВЗӮИ №3


1. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 06 ноябри соли 1994 бо тағйиру иловаҳои солҳои 1999, 2003 ва 2016. Душанбе.-2016.
2. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 22 декабри соли 2016 // Ҷумҳурият. Душанбе, 26 декабри 2016. № 254 (23 076).
3. Эмомалӣ Раҳмон. Бахри волоияти қонун, манфиатҳои давлат ва ҳуқуқи шаҳрвандон. Маърӯза дар ҷамъомади кормандони мақомотҳои ҳифзи ҳуқуқ бахшида ба 80-солаги мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон// «Народная газета», соли 2005, №1.
4. Суханронии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба муносибати 10 – солагии таъсиси Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсия (10 январи соли 2017) // Сомонаи интернетии www.prezident.tj.
5. Конвенция о гражданско – правовой ответственности за коррупцию — Совет Европы. Серия Европейских договоров. № 174.
6. Конвенция об уголовной ответственности за коррупцию от 27. 01.1999 года, Страсбург, 27 января

1999 года — Совет Европы. Серия Европейских договоров. № 173.
7. Конвенция Организации объединённых наций против коррупции. Нью-Йорк, ООН, 2004.
8. Конвенсияи Созмони Милали Муттаҳид бар зидди ҷиноятҳои муташаккили трансмиллӣ аз 15 ноябри соли 2000.
9. Кодекси Граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон.- Душанбе., 2004.
10. Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон. -Душанбе., 2016.
11. Кодекси Одоби хизматчии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 15 сентябри соли 2010 // Сомонаи интернетии www.mmk.tj.
12. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 20 марти соли 2008 // Сомонаи интернетии www.mmk.tj.
13. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи интихоботи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 10 декабри соли 1999 // Сомонаи интернетии www.mmk.tj.
14. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи назорати молиявии давлатӣ» 2 декабри соли 2000 // Сомонаи интернетии www.mmk.tj.
15. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳимоя ва дастгирии давлатии соҳибкорӣ» 23 апрели соли 2002 // Сомонаи интернетии www.mmk.tj.
16. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи мубориза бар зидди коррупсия" аз 25 июли соли 2005, таҳти № 100 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2005, №7, мод. 402; с. 2007, №7, мод. 660; с. 2008, №10, мод. 800; с. 2011, №12, мод. 837; с. 2014, №3, мод. 148; Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 24 феврали соли 2017, №1385; Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 24 феврали соли 2017, №1386.

17. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти аудитӣ» 3 марти соли 2006 // Сомонаи интернетии www.mmk.tj.
18. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ» 5 март соли 2007 // Сомонаи интернетии www.mmk.tj.
19. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хусусигардонии моликияти давлатӣ» 16 майи соли 1997 // Сомонаи интернетии www.mmk.tj.
20. Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сиёсати ҳуқуқӣ ва таъмини тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 9 апрели соли 1997.
21. Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тасдиқи Низомномаи адои хизмат дар воҳидҳои ҳифзи ҳуқуқ Агентии назорати давлатии молиявы ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 13 майи соли 2007.
22. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи баъзе чораҳои беҳтар намудани тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандон ва корҳои ҳуқуқӣ дар ҷумҳурӣ» аз 27 августи соли 1997.
23. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи натиҷаҳои тафтишу санҷишҳои Агенти назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба вазъи истифодабарии заминҳо дар шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ» аз 30 ноябри соли 2007.
24. Кудрявцев В.Н.Правовое поведение, норма и патология.- М., 1982.
25. Маърӯзаи миллӣ оид ба ҷараёни татбиқи паймони байналхалқӣ доир ба ҳуқуқи сиёсӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ аз ҷониби Ҷумҳурии Тоҷикистон. -Душанбе, 2008.
26. Сырых В.М.Теория государства и права. -М., 1998.

27. Фарҳанги истилоҳоти ҳуқуқ /Зери таҳрири Ҳуқуқшиноси шоистаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, доктори илми ҳуқуқ, профессор, Академики АИ Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҳмудов М.А. Душанбе., Нашриёти «ЭР-граф», 2004.
28. Халифаев М.Н. Ҳамоҳангсози сиёсати зиддикор-рупсионӣ //Прокуратураи Тоҷикистон 80 сол. – Душанбе «Сарпараст», 2004.
29. Худоёров Б.Т., Шонасридинов Н., Муқимова С.А. Тафсири Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон. - Душанбе, «ЭР-граф», 2004.

## I. АСОСҲОИ ҲУҚУҚИИ ВАТАНӢ ДАР САМТИ МУҚОВИМАТ БА КОРРУПСИЯ

Бахри комёб гаштан ба ҳадафҳои ниҳоии муқовимат ба коррупсия истифода аз тарзу усулҳои таъсиррасон ва хусусияти чораҳои маҷбуркунии давлатидошта дар алоҳидагӣ ғайриимкон аст. Зеро, баҳри комёб гаштан ба дараҷаи сифат ва самаранок, ҳадафу вазифа ва паҳлӯҳои судманди он, бевосита такя намудан ба силсилаи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ зарур ва муҳим аст.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон асосҳои меъёрии ҳуқуқии густариши ҷаҳонбинии зиддикоррупсионӣ ба давраи муайяни таърихӣ хос аст, ки ин ба давраи шӯравӣ ва истиқлолияти миллии давлатдории мо рост меояд. Санадҳои меъёрии ҳуқуқии давраи шӯравӣ хусусияти умумӣ дошт.

Баҳри мубориза ба фасоду ришваситонӣ бошад, Комитети бехатарии давлатӣ, Вазорати корҳои дохила (Мубориза алайҳи тороҷгарони моликияти сотсиалистӣ), Прокуратура саҳмгузоранд ва якчанд амалҳои судмандро дар ин ҷода ба анҷом расонидаанд. Баъзе паҳлӯҳои ҷиноятҳои хусусияти корупсиониро Кодекси ҷиноятӣ, Кодекс оид ба ҳуқуқвайрокунии маъмурӣ ва ғайра вобаста ба татбиқи тадбирҳои хатмии чораҳои

маҷбуркунии давлатӣ дастрас менамуд, ки дар заминаи ин санадҳои меъёри-ҳуқуқӣ тарбияи ҷаҳонбинии зиддикоррупстонӣ ба роҳ монда мешуд.

Вале истиқлолияти миллии давлатдорӣ ба қабули қонунгузории мубориза бо коррупсия ва инкишофи минбаъдаи он заминаи объективона гузошт. Чунин иқдом аз ҷониби Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил, аз ҷумла Федератсияи Россия, Ҷумҳурии Қазоқистон, Ҷумҳурии Белоруссия ва ғ. дастрас шудааст, ки дар ин самт силсилаи қонунҳоро қабул намудаанд.

Вале дар байни силсилаи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ тарбияи ҷаҳонбинии зиддикоррупсионӣ мавқеъ ва манзалати Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон беҳамтост, зеро мӯҳтавои методологии пешгирӣ ва мубориза бо коррупсия, ҳамчунин усулҳои густариши тарбия ва ташаккули ҷаҳонбинии зиддикоррупсионӣ гаштаю баргашта дар он таъкид гардидааст.

Аз ҷумла, дар боби 2. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуқуқ ва озодиҳои табиӣ инсон ва шаҳрванд ба таври расмӣ эътироф шудааст.

Тибқи м.5. бошад, «инсон, ҳуқуқ ва озодиҳои он арзиши олӣ мебошанд».

Мутобиқи Конститутсия:

– маҳдуд кардани ҳуқуқ ва озодиҳои шаҳрванд танҳо ба мақсади таъмини ҳуқуқ ва озодии дигарон, тартиботи ҷамъиятӣ ҳимояи сохти конститутсионӣ ва тамомияти арзии ҷумҳурӣ раво дониста мешавад (б.3. моддаи 14);
– ҳама дар назди қонун ва суд баробаранд (моддаи 17.);
– ҳар кас ҳаққи зиндагӣ дорад. Ҳеҷ кас аз ҳаёт маҳрум карда намешавад, ба истиснои ҳукми суд барои ҷинояти вазнин (моддаи 18.);
– ҳар кас кафолати ҳифзи судӣ дорад. Ҳар шахс ҳуқуқ дорад талаб намояд, ки парвандаи ӯро суди босалоҳият, мустақил ва беғараз, ки тибқи қонун таъсис ёфтааст, баррасӣ намояд (моддаи 19.);

– ҳеҷ касро бе асоси қонунӣ дастгир, ҳабс кардан мумкин нест. Ҳар кас аз лаҳзаи дастгир шудан метавонад аз ёрии адвокат истифода кунад (б.3. моддаи 19.);
– шахсоне, ки аз тарафи суд ғайри қобили амал дониста шудаанд ва ё мувофиқи ҳукми суд дар ҷойҳои аз озодӣ маҳрумшудагон нигоҳ дошта мешаванд, ҳуқуқи дар интихобот ва раъйпурсӣ иштирок кардан надоранд (б.4.моддаи 27.);
– дар Тоҷикистон ҳар шахс вазифадор аст, ки Конститутсия ва қонунҳоро риоя кунад, ҳуқуқ, озодӣ, шаъну шарафи дигаронро эҳтиром намояд. Надонистани қонун ҷавобгариро истисно намекунад (моддаи 42.).[1]

Дар ҳақиқат, ҳама гуна зуҳуроти номатлуби зидди ҷомеа аз қабили қонуншиканиҳои коррупсионӣ аз надонистан ва зоҳир намудани беэҳтиромӣ нисбат ба қонун сар мезанад. Зеро сатҳи пасти шуур ва фарҳанги ҳуқуқӣ дар содир намудани чунин кирдор боис мегардад. Дар ин радиф, ба ҳайси асосҳои меъёрӣ-ҳуқуқии мубориза бо коррупсия ва тарбияи ҷаҳонбинии зидди коррупсионӣ метавон Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 9 апрели соли 1997 № 691 "Дар бораи сиёсати ҳуқуқӣ ва таъмини тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон" ва қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 августи соли 1997 №883 "Дар бораи баъзе чораҳои беҳтар намудани тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандон ва корҳои ҳуқуқӣ дар ҷумҳурӣ" ном бурд.[2] Зеро ҷараёни пешгирии

---

[1] Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 06 ноябри соли 1994 бо тағйиру иловаҳои солҳои 1999, 2003 ва 2016. Душанбе.-2016.

[2] Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сиёсати ҳуқуқӣ ва таъмини тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 9 апрели соли 1997; Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи баъзе чораҳои беҳтар намудани тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандон ва корҳои ҳуқуқӣ дар ҷумҳурӣ» аз 27 августи соли 1997.

ҳуқуқвайронкунӣ яке аз унсурҳои таркибии тарбияи ҳуқуқӣ ба шумор меравад. Чи тавре ки Кудрявсев В.Н. қайд намудааст, «Вазифаи пешгирикунандаи тарбияи ҳуқуқӣ аз ошкор намудани[1] сабаб ва заминаҳои сар задани ҳуқуқвайронкунӣ, иборат аст», ва он ҳамчун воситаи муҳими таъсиррасонӣ, ташаккули шуур ва рафтори ашхоси ҷиноятткорро бар ивази инкори арзишҳои номатлуби зиддиҷамъиятӣ, пешбинӣ менамояд[2]. Гузашта аз ин, нақши тарбияи ҳуқуқӣ ҳамчун омили муҳими пешрафти ҷомеаи навин, дар тағйир ва ташаккули тафаккури шахс эътирофи арзишҳои нави ҳуқуқӣ афзалиятнок буда, дар таърихи кишвари соҳибистиқлоли мо мавқеи кофӣ пайдо кардааст.

Аз ин лиҳоз, тарбияи ҳуқуқӣ ҳамчун воситаи муҳими пешгирӣ ва решакан намудани қонуншиканиҳои коррупсионӣ, ташаккули ҷаҳонбинии зидди коррупсионӣ афзалиятнок аст.

Воқеан, дарки зарурии пешгирӣ аз ҳама гуна зуҳуроти номатлуби зидди ҷомеаи инсонӣ аз қабили коррупсия, густариш ва тақвият бахшидан ба ташаккули ҷаҳонбинии зиддикоррупсионӣ дар иҷрои Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз 21 июли соли 1999 «Дар бораи чораҳои иловагӣ оид ба пурзӯр кардани мубориза бар зидди ҷиноятткорӣ дар соҳаи иқтисод ва коррупсия» дарҷ гардидааст. Гузашта аз ин, нақши Фармони мазкур дар инкишофи минбаъдаи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва тақвият бахшидан ба кор ва мукаммалгардонии раванди фаъолияти мақомотҳои мубориза бо коррупсия назаррас аст, зеро Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қариб дар ҳар суханронии худ бевосита ба масъалаи қонуншиканиҳои аз қабили коррупсия ва

[1] Сырых В.М.Теория государства и права. -М., 1998.- С.22.
[2] Кудрявцев В.Н.Правовое поведение, норма и патология.- М., 1982. - С.67.

тарзу усулҳои мубориза бо он дахл мекунад. Гуфтаҳои ҷаноби Олӣ «Итоат ба қонун бояд ба одати ҳар шаҳванд табдил ёбад»,-моҳияти миллии пешгирӣ ва муборизаи беамон бурдан бо коррупсияро арзёбӣ менамояд. Дар ин радиф, ба ҳайси асосҳои пиёда намудани тарзу усулҳои кори тарбиявӣ ва мубориза бо коррупсия «Стратегияи мубориза бо коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2008-2012» ки 26 январи соли 2008 интишор гаштааст. Дар қатори амалӣ намудани принсип ва ҳадафҳои сиёсати зиддикорупсионии давлат дар ин ҳуҷҷат такмили усул ва таҳияи чораҳои комплексии ташкилию ҳуқуқӣ, иҷтимоию иқтисодӣ ва тарбиявӣ, ки ба пешгирии самаранок ва муассир ошкор ва бартараф кардани коррупсия, ташкили муборизаи судманди он дар сатҳи баланди касбӣ арзёбӣ шудааст. Қаблан, «Стратегияи мубориза бо коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2008-2012» ҳамчун яке аз бахшҳои ҷудонопазири «Барномаи давлатии мубориза бо ҷинояткорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2008-2015» маҳсуб аст. Бояд тазаккур дод, ки «Стратегияи мубориза бо коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2008-2012» аз 2 Фасл ва 5 боб иборат аст:

Фасли 1. Чораҳои мубориза бо коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон номгузорӣ шудааст, ки ба бобҳои зерин ҷудо карда шудааст:

Боби 1. Чораҳои иҷтимоию иқтисодии пешгирии коррупсия.

Боби 2. Чораҳои ташкилию ҳуқуқии мубориза бо коррупсия.

Боби 3. Фаъолияти судҳо ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқ. Татбиқи ҳуқуқ дар соҳаи муқобилият бо коррупсия.

Боби 4. Иштироки ҷомеи шаҳрвандӣ дар мубориза бо коррупсия.

Боби 5. Ҳамкориҳои байналмилалӣ дар соҳаи мубориза бо коррупсия.

Фасли 2. Нақшаи тадбирҳои иҷрои Стратегияи мубориза бо коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2008-2012, ки ба маҷмӯи чорабиниҳо дар бахши мубориза бо коррупсия бо назардошти доираи субъектоне, ки дар чунин ситод масъулият доранд ва комёбгаштани онҳо имконпазир аст, баррасӣ шудааст. Ҳамин тариқ, вазифаҳои асосии «Стратегияи мубориза бо коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2008-2012» аз:

- таъмини ҳифзи ҳуқуқ,озодӣ ва манфиатҳои қонунии инсон ва шаҳрванд, инчунин ҷамъият ва давлат аз коррупсия;
- амалӣ сохтани асосҳои меъёрии ҳуқуқии пешгирӣ, ошкор ва барҳам додани ҳуқуқвайронкуниҳои коррупсионӣ;
- васеъ намудани татбиқи чораҳои пешгирикунанда дар мубориза бо коррупсия;
- ҳамкорӣ бо сохторҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ;
- фаъол гардонидани ҳамкориҳои байналмилалии Тоҷикистон дар соҳаи мубориза бо коррупсия иборат[1].

Стратегияи мазкур ҳамчун ҳуҷҷати муҳими давлатӣ баҳри тақвияти мубориза ва пешгирии ҷиноятҳои коррупсионӣ заминаи мустаҳкам гузошта, дар доираи он аксари масъалаҳо дар самти мубориза бо коррупсия бо дарназардошти тадқиқотҳои сотсиологӣ, таҷрибаи мақомоти ҳифзи ҳуқуқи кишварҳои дигар ва таҳлили омории вазъи коррупсия тайи давраи сипаригашта дар ҷумҳурӣ ҳалли худро ёфтанд. Дар доираи Стратегияи зикргардида масъалаҳои самарабахшии мубориза бо коррупсия ва оғози сариватӣ ва гузаронидани таҳқиқу тафтишоти парвандаҳои ҷиноятҳои коррупсионӣ, мансубияти ҳуқуқвайронкуниҳои маъмурии хусусияти

[1] «Стратегияи мубориза бо коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2008-2012».-С.11.

коррупсионидошта, механизми муносиби идоракунӣ ва таъмини шаффофият дар фаъолияти мақомоти давлатӣ, баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботдиҳии молиявӣ, ба таври электронӣ ва ба воситаи бонк ҷорӣ намудани пардохти хизматрасониҳои муассисаҳои давлатӣ ва дигар тадбирҳои дар Стратегия пешбинигардида дар кодексҳои мурофиавии ҷиноятӣ, ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ ва андоз танзими худро ёфтаанд.

Бо дарназардошти самаранокии Стратегияи зикргардида ва бо мақсади андешидани чораҳои маҷмӯии ташкилӣ, иҷтимоию иқтисодӣ, ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомоти давлатӣ ва иштироки ҷомеаи шаҳрвандӣ дар раванди мубориза бар зидди коррупси Стратегияи муқовимат бар зидди коррупсия бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №1504, аз 30.08 соли 2013 «Дар бораи Стратегияи муқовимат ба коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2013 – 2020» қабул гардид. Стратегияи мазкур, бо дарназардошти меъёрҳои зиддикоррупсионӣ, ки аз уҳдадориҳои байналмилалии Тоҷикистон бар меоянд, дар мувофиқа бо мақомоти давлатӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва ба инобат гирифтани пешниҳодоти коршиносони ватаниву хориҷӣ таҳия шудааст. Ин Стратегия аз 140 бандҳои мухталиф, инчунин ҷиҳати иҷроиши ин бандҳо Нақша – чорабиниҳои замимагардида иборат мебошад. Он аз 5 фасл иборат буда, фасли аввал самтҳои асосии "Стратегияи муқовимат ба коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2013-2020"-ро муайян карда, масъалаҳои муқаррар намудани сиёсати зиддикоррупсионӣ, криминализатсияи коррупсия, пешгирӣ ва иштироки ҷомеаи шаҳрвандиро дар ин ҷараён дар бар мегирад. Фасли дувум бахшҳои афзалиятноки амалӣ намудани тадбирҳо, аз ҷумла, мукаммалгардонии идоракунии давлатӣ, механизми таҳлили соҳавии хавфҳои коррупсия, поктинатӣ ва шаффофият дар фаъолияти мақомоти давлатӣ, ташаккули ҳукумати электронӣ ва дастрасӣ ба иттилоот, пешгирии

коррупсияи сиёсӣ ва нақши мақомоти қонунгузорӣ дар самти муқовимат, такмили фазои сармоягузорӣ ва соҳибкорӣ (поктинатӣ дар бахши хусусӣ), кодексҳои касбии одоб дар хизмати давлатӣ, такмили низоми хариди давлатӣ, низоми назорати давлатии молиявӣ, пешгирии коррупсия дар соҳаҳои маориф ва тандурустиро фаро гирифтааст. Ба ин тартиб, фасли сеюм ҳамкории ҳуқуқии байналмилалӣ, фасли чорум натиҷаҳои татбиқи стратегия, мониторинг ва арзёбии он ва фасли панҷум нақшаи чорабиниҳои "Стратегияи муқовимат ба коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2013-2020 " - аст.

Стратегияи мазкур ҳамчун ҳуҷҷати муҳими давлатӣ баҳри тақвияти мубориза ва пешгирии ҷиноятҳои коррупсионӣ заминаи мустаҳкам гузошта, дар доираи он аксари масъалаҳо дар самти мубориза бо коррупсия бо дарназардошти тадқиқотҳои сотсиологӣ, таҷрибаи мақомоти ҳифзи ҳуқуқи кишварҳои дигар ва таҳлили омории вазъи коррупсия тайи давраи сипаригашта дар ҷумҳурӣ ҳалли худро ёфтанд.

Стратегияи муқовимат ба коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2013 – 2020 ҳамчун санади барномавии дурнамои миёнамуҳлати сиёсати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти муқовимат ба коррупсия, баҳри паст кардани шиддат ва сатҳи коррупсия дар кишвар равона гардида, дар ҳамкории миёни мақомоти давлатӣ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ мутобиқ ба стандартҳои байналмилалӣ ва ҳамкорӣ бо созмонҳои бонуфузи ҷаҳонӣ ва минтақавӣ амалӣ карда мешавад.

Мақсаду мароми Стратегияи мазкур ҷиҳати паст кардани сатҳи коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, мунтазам бартараф намудани монеаҳо, фароҳам овардани шароит барои рушди иқтисодиёт, инкишофи арзишҳои демократӣ, баланд бардоштани некӯаҳволии мардум равона карда шудааст.

Дар ҷараёни татбиқи талаботҳои Стратегия ҳадафҳои зерин амалӣ мегарданд:

– мусоидати бевосита дар амалӣ намудани Стратегияи миллии Рушд;
– татбиқи давра ба давраи мукаммалгардонии сиёсати зиддикоррупсионӣ;
– таъмини рушди соҳаҳои иқтисодию иҷтимоӣ ва суботи сиёсӣ;
– ташкил ва таъмини идоракунии муносиб дар мақомоти давлатӣ ва соҳаҳои гуногуни ҳаёти ҷамъиятӣ;
– ташкил ва амалигардонии идоракунии электронӣ дар ҳама соҳаҳои ҳаёти иқтисодию иҷтимоӣ дар доираи Консепсияи ташаккули ҳукумати электронӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон;
– устувор намудани боварии мардум ба давлат, иштироки васеи ҷомеа дар идоракунии давлатӣ ҳамчун ҷонибдории ислоҳоти давлатӣ;
– баланд бардоштани эътимоднокии шаҳрвандон ба фаъолияти сохторҳои давлатӣ.

Барои расидан ба ҳадафҳои Стратегия пайгирона вазифаҳои зерин бояд амалӣ гарданд:

– мукаммалгардонии заминаи ҳуқуқӣ ва институтсионалӣ оид ба пешгирӣ, ошкор ва садди роҳ шудани ҳуқуқвайронкуниҳои коррупсионӣ, мукаммал гардонидани шаклҳо, усулҳо, воситаҳои муқовимат ба коррупсия;
– ташкили иҷрои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва қарорҳои идоракунанда дар соҳаи муқовимат ба коррупсия, фароҳам овардани шароит бо мақсади мушкил гардонидани рафтори коррупсионӣ ва пастшавии сатҳи коррупсияро таъминкунанда;
– вусъатдиҳӣ ва фаъолгардонии ҳамкории байналмилалии Тоҷикистон дар соҳаи муқовимат ба коррупсия;
– ҳамкорӣ бо сохторҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ;

- таъмини иҷрои меъёрҳои рафтори зиддикоррупсионӣ аз тарафи аҳли ҷомеа, аз ҷумла дар мавридҳои зарурӣ татбиқ намудани чораҳои маҷбурсозӣ мувофиқи қонунгузории амалкунанда;
- муомилоти молиявӣ, аҳдҳои тиҷоратӣ, сармоягузориҳо ва корҳои оммавӣ бояд танзим ва идоракунанда бошанд, яъне зери назорати қатъии давлатию ҷамъиятӣ ва шаффоф бошанд, расмиёти танзимкунандаи онҳо содда гардонидашуда, фароҳам овардани шароити мусоид ва имтиёзнок барои ба Тоҷикистон ворид шудани сармояву амалиётҳои молиявӣ, дороиҳо ва таҷҳизотҳои муосир.

Зимнан бояд қайд кард, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон санади мушаххаси ҳуқуқӣ, ки мубориза бо куррупсия ва дар ин росто дуруст ба роҳ мондани тарбияи ҷаҳонбинии зиддикоррупсионӣ ба тасвиб расидааст, ки баъзе лаҳзаҳои онро дар боло зикр намудем ва ин Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мубориза бар зидди коррупсия» мебошад, ки онро ҳамчун намунаи санади ҳуқуқии мубориза бо коррупсия метавон номид. Дар Қонуни мазкур мафҳуми коррупсия дода шудааст.

Қонуни мазкур аз панҷ боб ва 16 модда иборат аст.

Дар сарсухани ин Қонун омадааст: «Ҳамин Қонун ба ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, манфиатҳои ҷамъият, таъмини амнияти миллӣ, фаъолияти муътадили мақомоти ҳокимияти давлатӣ, поктинатӣ ва беғаразӣ дар хизмати давлатӣ равона гардида, асосҳои ташкилию ҳуқуқии пешгирӣ, ошкоркунӣ, кушодан ва барҳам додани оқибатҳои ҳуқуқвайронкуниҳои ба коррупсия алоқаманд ва ба ҷавобгарӣ кашидани шахсро муқаррар карда, навъҳои ҳуқуқвайронкуниҳои ба коррупсия алоқаманд ва чораҳои ҷавобгариро барои онҳо муайян менамояд».

Аз ин ҷо, гуфтан ба маврид аст, ки ин Қонун баҳри ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии шаҳрвандон, бехатарии давлат, андешидани тадбирҳои судманд нисбат ба таъмини самараноки фаъолияти муътадили мақомоти

давлатӣ ва масъулиятшиносии шахси мансабдор, пойдории қонуният, пешгирӣ ва муборизаи беамон бурдан ба падидаи номатлуби иҷтимоӣ –коррупсия ва дар ин замина бахри пойдории тартиботи ҷамъиятӣ андешидан ва истифодаи чораҳои маҷбуркунии давлатӣ нисбати ашхоси ҷиноятпеша, ки даст ба чунин кирдор задааст, ҳамчун роҳнамо шинохта шудааст. Ҳамчунин Қонуни мазкур ҳамчун маводи муҳим дар роҳандозӣ ва ташкили тарбияи ҷаҳонбинии зиддикоррупсионӣ маҳсуб гардидааст

Сохт, ҳаҷм ва мазмуни Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мубориза бар зидди коррупсия» қаблӣ тафовути назаррас аст.

Аз ин ҷо, бобҳои Қонун ба танзими масъалаҳои зерин бахшида шудааст:

Боби 1. Муқаррароти умумӣ–амсоли чунин муносибатҳоро мавриди танзим қарор медиҳад:

- моддаи 1. Мафҳумҳои асосӣ (яъне дар Қонун мафҳумҳои асосии зерин истифода шудаанд: «коррупсия», «истифодаи мақом ё имкониятҳои он», «ҳуқуқвайронкуниҳои бо коррупсия алоқаманд»: «субъекти ҳуқуқвайронкуниҳои бо коррупсия алоқаманд», «шахсони ба иҷрои вазифаҳои давлатӣ ваколатдор», «шахсоне, ки ба шахси барои иҷрои вазифаҳои давлатӣ ваколатдор баробар карда шудаанд», «вазифаҳои давлатӣ», «хешовандони наздик»).
- моддаи 2. Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи мубориза бар зидди коррупсия. Аслан дар ин ҷо сухан оид ба заминаҳои меъёрӣ-ҳуқуқии Қонуни мазкур меравад. Бояд тазаккур дод, ки маҳаки ягонаи ин Қонун аз Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии Ватанӣ, инчунин аз санадҳои ҳуқуқии байналмиллалие, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон онҳоро эътироф кардааст, иборат аст.

– моддаи 3. Доираи амали Қонуни мазкур. Меъёри ҳуқуқӣ вобаста ба доираи субъектон,
– дар тамоми ҳудуди кишварамон нисбати ҳамаи шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ,
– берун аз ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбати шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон ва шахсони ҳуқуқие, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон сабти ном гардидаанд;
– нисбати шахсони мансабдори давлатҳои хориҷӣ ва ташкилотҳои байналмиллалие, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолият мекунанд, инчунин нисбати дигар субъектон вобаста ба вазъи ҳуқуқиашон амалӣ мегардад.

Дар моддаи 4 бошад, принсипҳои асосии мубориза бо коррупсия номбар шудааст. Тибқи банди 1 моддаи 5 Қонун бошад, ба ҳайси субъектони мубориза бар зидди коррупсия мақомоти назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсия, прокуратура, корҳои дохилӣ, амнияти миллӣ, идоракунии ҳарбӣ, назорати маводи нашъаовар, андоз ва гумрук дар доираи салоҳияти худ номбар шудаанд. Кафолати дахлнопазирии шахсоне, ки ба мубориза бар зидди коррупсия мусоидат менамоянд, дар моддаи 6 ҳамин Қонун баррасӣ шудааст.

Дар ин росто, боби 2 Қонунин Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мубориза бар зидди коррупсия» ба истифодаи тарзу усулҳои пешгирӣ ва мубориза бо коррупсия бахшида шудааст. Дар боби мазкур тарзу усулҳои таъйин намудани шаҳрвандон ба мансабҳои давлатӣ сухан меравад. Яъне дар натиҷаи ба мансабҳои давлатӣ ҷалб намудани шаҳрвандон риояи талаботҳои зерин зарур аст:

– «Довталабони мансабҳои давлатӣ дар мавриди таъйин (интихоб) ба мансаб ва шахсони ба иҷрои вазифаҳои давлатӣ ваколатдор ҳар сол ба мақомоти андози ҷои истиқоматашон бо тартиби муқаррар намудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар

бораи даромадҳояшон эъломия пешниҳод менамоянд (б.1 м.8)»;

- «Мақомоти давлатие, ки ҳуқуқи ба вазифаи давлатӣ таъйин (интихоб) ва аз он озод намуданро дорад, ҳуқуқ дорад дар мавриди ба мансаб таъйин (интихоб) намудани шахсон ва аз шахсони мансабҳои давлатиро ишғолкунанда соле як маротиба маълумоти зеринро талаб намояд,
- дар бораи даромадҳои аз тамоми манбаъҳо гирифтаи онҳо;
- амволи ғайриманқул ва манқули арзишашон дар алоҳидагӣ зиёда аз ду ҳазор нишондиҳанда барои ҳисобҳо, аз ҷумла молу мулки берун аз қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон воқеъбуда ё муваққатан дар ихтиёри шахси дигар буда бо нишон додани арзиш ва суроғаи он;
- дар бораи пасандозҳои бонкӣ, аз ҷумла дар бонкҳои хориҷӣ доштаашон ва коғазҳои қиматноке, ки шахсан ё ҳамроҳи дигарон ихтиёрдорӣ мекунанд;
- дар бораи иштироки бевосита ё бавосита ба сифати саҳмгузор ё иштирокчии ширкату ҷамъиятҳо, хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ), дигар субъектҳои хоҷагидор ва фондҳо бо нишон додани шакли иштирок ва фоизи моликият дар онҳо;
- дар бораи қарзҳои ҳаҷмашон бештар аз 500 нишондиҳанда барои ҳисобҳо ва дигар уҳдадориҳои молиявӣ, аз ҷумла дар хориҷа;
- маълумот оид ба амволи аъзои оила (б.2 м.8)»;

Қайд намудан зарур аст, ки дар Қонун монеаҳо барои таъйин (интихоб) намудан ба мансабҳои давлатӣ ва мансабҳои ба онҳо баробаркардашуда ҳамчун яке аз усулҳои ташаккули ҷаҳонбинии зиддикоррупсионӣ арзёбӣ шудааст. Усули номбурда вобаста ба манзалат ҳолатҳоеро фаро мегирад, ки шахс наметавонад ба мансабҳои давлатӣ ё мансабҳои ба онҳо баробаркардашуда таъйин (интихоб)

гардад. Аз ин лиҳоз, объекти таъсиррасонии усули мубориза бо коррупсия «мамониятҳо дар таъйин намудани (интихоб) шахс ба мансабҳои давлатӣ ё мансабҳои ба онҳо баробаркардашуда» иборат аст, ки дар асл риояи дақикро тақозо менамояд. Аз ҷумлаи чунин мамониятҳо инҳоянд:

- «мавҷудияти доғи судӣ барои ҷинояти барқасдона содирнамуда, агар ин доғи судиаш аз байн нарафта ё аз рӯи тартиби муқаррар кардаи қонун бардошта нашуда бошад;
- ғайри қобили амал эътироф кардан ё маҳдуд намудани қобилияти амали шахс бо қарори суд;
- надоштани таҳсилот, ихтисос ё собиқаи кории дахлдоре, ки мавҷудияти онҳо мувофиқи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои вазифаи мазкур ҳатмӣ мебошанд;
- бевосита дар итоат, таҳти назорат ё ҳисоботдиҳанда будани мансаби ишғолшаванда ё ишғолнамудаи ӯ ба мансабҳое, ки онро хешовандони наздики ӯ ишғол кардаанд;
- дар сурати шаҳрванди давлати хориҷӣ ё шахси бетабаа будан, ба истиснои ҳолатҳое, ки агар роҳ додани чунин шахсон ба хизмати давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо санадҳои ҳуқуқии байналмиллалии эътирофнамудаи Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ гардида бошанд;
- дар дигар мавридҳое, ки бо қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар гардидаанд» (б.1. м.9). Ин ҳолатро мо дар моддаи 33 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи интихоботи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 10 декабри соли 1999 пай бурда метавонем, ки мувофиқи он, «Шаҳрвандони зерин ҳуқуқи ба аъзои Маҷлиси миллӣ ва вакилони Маҷлиси намояндагон номзад шуданро надоранд:

- шаҳрвандоне, ки ба талаботи муқарраркардаи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ин Қонун ҷавоб дода наметавонанд:
- шаҳрвандоне, ки суд онҳоро ғайри қобили амал донистааст ё бо ҳукми суд дар ҷойҳои маҳрум аз озодӣ нигоҳ дошта мешаванд ва ё бо қарори суд дар муассисаҳои табобати маҷбурӣ мебошанд;
- хизматчиёни ҳарбии Қувваҳои Мусаллаҳ, ё дигар қӯшуну сохторҳои ҳарбӣ, вазорату идораҳо, ки дар онҳо Қонун хизмати ҳарбиро пешбинӣ намудааст, шахсони ҳайати қаторӣ ва роҳбарикунандаи мақомоти корҳои дохилӣ, мақомоти гумрук ва Агентии назорати маводи нашъаовари назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон:
- ходимони касбии ташкилотҳо ва иттиҳодияҳои динӣ ҳангоми дар вазифа буданашон;
- шаҳрвандоне, ки барои содир кардани ҷиноятҳои барқасдонаи вазнин ва махсусан вазнин суд шудаанд новобаста аз гузаштани муҳлат ва бардошта шудани доғи судиашон;
- шаҳрвандоне, ки доғи судиашон бардошта нашудааст;
- шаҳрвандоне, ки барои содир кардани ҷиноятҳои ба муқобили асосҳои сохти конститутсионӣ ва амнияти давлат ва дигар ҷиноятҳои барқасдонаи вазнин ва ё махсусан вазнин аз тарафи мақомоти таҳқиқу тафтишот гумонбар шудаанд ё нисбати онҳо кофтуков эълон карда шудааст, ба истисноии иштироккунандагони муқовимати сиёсию низомӣ, ки шомили авф гардидаанд».[1] Мамониятҳои зеринро мо дар қонунҳои дигар вохӯрда метавонем.

Ҳукумати Тоҷикистон тамоми тадбирҳоро меандешад, ки шаҳрвандони ҷумҳурӣ, аз хурд то калон,

[1] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи интихоботи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 10 декабри соли 1999.

дар асоси ҳуқуқҳои конститутсионӣ зиндагӣ, кор ва фаъолият намоянд. Аз ин лиҳоз, мутобиқи Кодекси одоби хизматчии давлатӣ,[1] хизматчии давлатӣ бояд фаъолияти касбии худро ҳамон тавр амалӣ намояд, ки ба қобилияти ӯ шубҳа пайдо нашавад, бовиҷдонона ва беғаразона кор карда, ба шаъну шараф ва обрӯю эътибори хизматчии давлатӣ иснод наоварад. Яъне мансабдорони давлатӣ бояд дар як ҷой ба ҳайси хизматчии давлатӣ ба фаъолияти адолатнок машғул гарданд. Аз ин ҷо, ки тибқи банди 1 моддаи 10 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мубориза бар зидди коррупсия» қонунгузор чунин маҳдудиятҳоро вобаста ба иҷрои мансаби давлатӣ ва мансаби ба он баробаркардашударо муқаррар намудааст: «Ба шахси ба иҷрои мансаби давлатӣ ваколатдор ва мансаби ба он баробаркардашуда манъ аст:

- ба кори дигари музднок дар асоси шароити ишғолкунии мансаби штатӣ, ғайр аз фаъолияти илмиву эҷодӣ ва омӯзгорӣ машғул шавад;
- аз рӯи масъалаҳои вобаста ба фаъолияти мақоми давлатие, ки дар он ҷо хизмат мекунад, ё бевосита тобеъ ё бевосита таҳти назорати он мақом қарор дорад, вакили шахсони сеюм бошад;
- шахсан ё ба воситаи шахсони боэътимод ба соҳибкорӣ машғул шавад, шахси ба иҷрои вазифаҳои давлатӣ ваколатдор уҳдадор аст, ки ҳиссаи (саҳмияҳои) дар сармояи оинномавии ташкилотҳои тиҷоратӣ қарордоштаи моликияти худро дар давраи дар хизмати давлатӣ буданаш таҳти кафолат ба идоракунии эътимоднок диҳад;
- воситаҳои молиявӣ, моддию техникӣ, нақлиётӣ, дигар захираҳои давлатӣ ё коллективӣ ва ахбороти хизматиро ба мақсадҳои ғайрихизматӣ истифода намояд;

[1] Кодекси Одоби хизматчии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 15 сентябри соли 2010.

– барои хизмате, ки аз рӯи вазифаҳои хизматии худ анҷом додаст, инъомҳо гирад, ба шахсони мансабдори болоӣ туҳфа диҳад ва хизмат расонад, ба истиснои туҳфа ва армуғонҳои рамзӣ дар чорабиниҳои расмӣ ва маросимҳои дигар, арзиши умумии туҳфаҳои гирифташуда дар давоми сол аз 100 нишондиҳанда барои ҳисобҳо набояд зиёд бошад;
– аз ҳисоби шахсони воқеӣ ва ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ё шахсони воқеӣ ва ҳуқуқии хориҷӣ ба саёҳат ва сафарҳои дохилиҷумҳуриявӣ ва хориҷии муолиҷавӣ – табобатӣ, саёҳатӣ ва дигар сафарҳо равад, ба истиснои сафарҳо бо даъвати хешовандони наздик ва аз ҳисоби онҳо ва сафарҳо дар асоси санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ё бо мувофиқаи байни мақомоти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақомоти давлатии кишварҳои хориҷӣ ва ташкилотҳои байналмилалӣ, ки аз ҳисоби мақомоти давлатии дахлдор ё ташкилотҳои байналмиллалӣ сурат мегиранд;
– супоришу дастурҳои ҳизбҳои сиёсӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ,ташкилотҳои динӣ ва субъектҳои хоҷагидорро, ки ба хизмати мақомоти давлатӣ дахл доранд, ба ҷо оварад ё мақоми хизматии худро ба манфиати онҳо истифода барад;
– бар хилофи манфиати кор бюрократизм, идорабозӣ ва маҳалгароӣ зоҳир намояд, нисбати ягон ташкилот, мақомот, иттиҳодияҳои шаҳрвандон ё шахси мушаххас бадхоҳ ё хайрхоҳ бошад;
– барои дар матбуот, радио ва телевизион интишор ва пахш гардидани мақолаю баромадҳои дар чорабиниҳои расмӣ ба сифати хизматчии давлатӣ баёнкарда, ки таҳияи онҳо ба уҳдадории хизматиаш дохил мешавад, ҳаққи қалам гирад». Аз ин лиҳоз, тибқи қоидаи мазкур дар ду (якчанд) ҷой кор кардани шахсони мансабдори давлатӣ манъ аст. Албатта, ба

истиснои фаъолияти илмиву эҷодӣ ва омӯзгорӣ, ки онро қонун муқаррар намудааст. Зеро унсурҳои таркибӣ, ки дар моддаи 10 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мубориза бар зидди коррупсия» баррасӣ шудааст, моҳияти танзими мавзӯи мамониатҳои хизматии шахсони мансабдорро дар натиҷаи риоя накардан ҳамчун кирдори хусусияти куррупсионидошта маънидод месозад.

Вале, бояд дар назар дошт, ки дар ду (ва ё якчанд) ҷой кор кардани гурӯҳҳои алоҳидаи кормандон, ба худ хусусияти хосеро доро мебошад, ки онҳоро Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян менамояд. Масалан, тибқи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба шароити кор дар ду (якчанд) ҷой ва пардохти музди меҳнати кормандони корхонаҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 17 апрели соли 1998, ба омӯзгорони мактабҳои олӣ, омӯзишгоҳҳои касбӣ-техникӣ, муассисаҳои таҳсилоти ҳамагонӣ, боғчаҳои бачагона, кормандони муассисаҳои фарҳанг, тандурустӣ, ҳифзи иҷтимоӣ ва ғайра ҳуқуқи дар ду (якчанд) ҷой кор кардан дода шудааст. Давомияти вақти кори чунин ашхос дар ҷои дуюми кор набояд аз чор соат зиёд бошад, ғайр аз иҷрои чунин кор дар рӯзҳои истироҳат ва муқаррарӣ, инчунин дар давраи дар рухсатӣ будани онҳо[1]. Ё худ, тибқи моддаи 229 Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба як шахс ишғол намудани ду вазифаи роҳбарикунанда бо шартҳои дар ду (якчанд) ҷой кор кардан дар муассисаҳои давлатӣ манъ аст[2].

Дар боби 3 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мубориза бар зидди коррупсия» бошад, сухан дар бораи ҳуқуқвайронкуниҳои ба коррупсия алоқаманд ва ҷавобгарӣ барои содир намудани онҳо меравад. Бевосита

---

[1] Худоёров Б.Т., Шонасридинов Н., Муқимова С.А. Тафсири Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон. -Душанбе, «ЭР-граф», 2004. - 76.

[2] Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон. - Душанбе., 2016.

чунин ҳуқуқвайронкуниҳо дар моддаҳои зерини қонун пешбинӣ шудааст:

1) «Моддаи 11. Ҳуқуқвайронкуниҳое, ки барои коррупсия шароит ба вуҷуд меоваранд ва ҷавобгарӣ барои онҳо»:

– истифодаи мақоми худ дар ҳалли масъалаҳое, ки ба манфиатҳои шахсӣ, хешовандони наздик ё шахсони сеюм дахл доранд;
– монеъ шудан ё ғайриқонунӣ дахолат кардан ба иҷрои фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва назоратӣ дар қаламрави муайян, ё нисбати объектҳо ва ё шахсони мушаххас;
– иштирок ба сифати намояндаи манфиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ аз рӯи корҳои мақоме, ки ин шахс дар он ҷо кор мекунад, ё зердасти вай мебошанд, ё фаъолияти онҳоро назорат мекунад;
– иштирок дар қиморбозиҳои пулӣ ё қиморбозиҳои дигари характери амволидошта бо шахсони мансабдори боломақом ё тобеъ ва ё аз ягон ҷиҳати корӣ ё хизматӣ ба онҳо тобеъ;
– машғул шудан ба фаъолияти соҳибкорӣ, узвият дар ташкилотҳои тиҷоратӣ ё мақомоти идоракунии онҳо ва ғайраҳо;

2) «моддаи 12. Ҳуқуқвайронкуниҳои маъмурии ба коррупсия алоқаманд»;

3) «моддаи 13. Ҷавобгарӣ барои қабули қарори хусусияти коррупсионидошта, ки ба тариқи коллегиалӣ қабул шудааст»;

4) «моддаи 14. Ҷиноятҳои хусусияти коррупсионидошта ва тартиби баҳисобгирии онҳо».

Дар боби 4 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мубориза бар зидди коррупсия» бошад, ба усулҳои бартараф намудани оқибатҳои ҳуқуқвайронкуниҳои ба коррупсия алоқаманд бахшида шудааст.

Дар боби мазкур бартараф намудани оқибатҳои ҳуқуқвайронкуниҳои ба коррупсия алоқаманд бо ду роҳ муқаррар шудааст:

1) «Ситонидани амволи ғайриқонунӣ гирифташуда ё арзиши хизматрасонии ғайриқонунӣ», (моддаи 15), ки бо тартиби муқаррарнамудаи қонун мусодираи чунин амвол ба фоидаи давлат анҷом дода мешавад;

2) «Беэътибор донистани санадҳои ба коррупсия алоқаманд» (моддаи 16) бошад, бо усулҳои зерин аз эътибор соқит киниста мешавад;

Боби 5. Қонуни мазкур ба усулҳои дар амал татбиқгардӣ бахшида шудааст. Ҳамин тариқ, нахустин қонун дар бораи пешгирӣ ва мубориза бо коррупсия дар кишвари соҳибистиқлоли мо бинобар ба миён омадани зарурат дар ин самт ба табъ расидааст. Алабата, чунин иқдом қадаме буд дар таҳким ва устувории қонуният дар бахши роҳандозии муборизаи маҷмуӣ бо коррупсия. Зеро барои кишвари мо санади ҳуқуқие лозим буд, боиси самаранокии мубориза бо чунин падидаи номатлуб гардад. Қонуни мазкур дар имтиҳони вақт истодагарӣ карда тавонист. Аз ҷониби дигар, ин санади мазкур заминаи муҳиме буд дар қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 20 марти соли 2008 ба ҳисоб меравад. Қонуни номбурда аз 8 бобу 40 модда иборат аст.

Мувофиқи моддаи 1 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон»: «Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон мақомоти ваколатдори назорати давлатии молиявӣ ва ҳифзи ҳуқуқ буда, назорати давлатии молиявиро оид ба истифодаи самарабахши маблағҳои давлатӣ ва молу мулки давлатӣ барои таъмини амнияти иқтисодии давлат, бо роҳи огоҳсозӣ, пешгирӣ, ошкорсозӣ, рафъи ҳуқуқвайронкуниҳои коррупсионӣ,

фошнамоӣ, таҳқиқ ва тафтишоти пешакии ҷиноятҳои коррупсионӣ, иқтисодии хусусияти коррупсионидошта ва ҷиноятҳои ба андоз алоқаманд, инчунин дигар вазифаҳоеро, ки ҳамин Қонун ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ кардаанд, иҷро менамояд».[1]

Инчунин, дар ҳамин ҷо омадааст, ки «Агентӣ дар фаъолияти худ танҳо ба Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тобеъ ва ҳисоботдиҳанда буда, ба Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба натиҷаҳои тафтишу санҷишҳои молиявӣ ҳисобот пешниҳод менамояд». Бояд тазаккур дод, ки коррупсия дар ҷабҳаҳои гуногуни ҳаёти иҷтимоӣ рух медиҳад. Аз ин лиҳоз, баҳри аз байн бурдани ин падидаи номатлуби ҷомеа сохтори қудратӣ лозим аст, ки мақсад ва ҳадафҳои таъсисёбии он бо муҳайё сохтани заминаи ҳуқуқии миллию байналмилалӣ усулҳои пешгирӣ ва мубориза бо коррупсия рост ояд. Яъне чунин сохтор бояд бевосита бо мубориза бо коррупсия сарукор дошта бошад. Ҳамин тавр ҳам шуд, бо мурури замон соли 2006 ислоҳоти мақомоти давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор гардид. Ин ислоҳот ба давраи нав ва васеи мубориза бо коррупсия дар кишварамон боис шуд. Аз ин ҷо, ки тибқи қонун мақомоти Агентӣ ҳамчун ҳомии мубориза бо коррупсия номбар шудааст ва баҳри пиёда намудани ҳадафҳои хеш дар таъмини амнияти кишвар, раванди низоми демократия, тақвият бахшидан ба густариши муносибатҳои иқтисодӣ ва бозоргонӣ дар ин замина мусоидат намудан ба устувор ва пойдоргардии қонуният ва амалисозии сиёсати давлатӣ дар соҳаи мубориза бо коррупсия бояд фаъолияти хешро пеш барад.

[1] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 20 марти соли 2008.

Ба ин хотир, дар бахши ҷанбаҳои ташкилӣ – ҳуқуқии самтҳои асосҳои фаъолияти Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар моддаи 3 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон»: тадбирҳои судманд андешида шудааст.

Аз ҷумла:

- «иштирок дар амалисозии сиёсати давлатӣ дар соҳаи мубориза бо коррупсия;
- дар доираи ваколати худ таъмин намудани ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, амнияти иқтисодии давлат, ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои қонунии субъектҳои фаъолияти соҳибкорӣ, ҷамъият ва давлат;
- амалӣ намудани мубориза бо коррупсия дар тамоми шохаҳои ҳокимияти давлатӣ, мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва худидоракунии маҳаллӣ, ташкилотҳои ҷамъиятӣ, ҳизбҳои сиёсӣ, бонкҳо, корхонаҳо, муассисаҳо ва дигар ташкилотҳо, сарфи назар аз шакли ташкилию ҳуқуқӣ;
- амалӣ намудани назорати давлатии молиявӣ дар тамоми шохаҳои ҳокимияти давлатӣ, мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва худидоракунии маҳаллӣ, корхонаю муассиса ва ташкилотҳои давлатӣ, инчунин дар дигар ҳолатҳои пешбининамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- гузаронидани чорабиниҳои оперативию ҷустуҷӯӣ бо мақсади огоҳсозӣ, пешгирӣ, ошкорсозӣ, рафъ ва фошнамоии ҷиноятҳои коррупсионӣ, иқтисодии хусусияти коррупсионидошта ва ҷиноятҳои ба андоз алоқаманд, ҷустуҷӯи шахсоне, ки ин гуна ҷиноятҳоро содир кардаанд;
- гузаронидани таҳқиқ ва тафтиши пешакии ҷиноятҳои коррупсионӣ, иқтисодии хусусияти коррупсионидошта ва ҷиноятҳои ба андоз алоқаманд;

– дар доираи салоҳияти худ ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомоти мубориза бар зидди коррупсия;
– амалисозии ҳамкориҳои байналмилалӣ оид ба масъалаҳое, ки ба ваколати Агентӣ мансубанд».

Аз ҷониби дигар, ҳамчун роҳнамо ва воситаи танзимнамои фаъолияти Агентӣ, қонуни номбурда, дар риояи ҳуқуқи шаҳрвандон нақши муҳим мебозанд.

Дар иртибот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон» дар ташкил ва пиёда намудани рукнҳои дигари уфуқӣ ва амудӣ фаъолияти мақомоти Агентӣ нақши муҳим мебозад. Бояд тазаккур дод, ки низоми қонунгузории мубориза бо коррупсия аз ду сохт иборат аст:

– сохти уфуқӣ (горизонталӣ);
– сохти амудӣ (вертикалӣ). Аз ин ҷо, сохти уфуқӣ хоси соҳаҳои муайяни ҳуқуқ аст, зеро масоилҳои ҳуқуқии мубориза бо коррупсия қариб, ки дар тамоми соҳаҳои мустақили ҳуқуқ баррасӣ шудаанд. Сохти амудии қонунгузории соҳаи мазкур дар як зина ҷойгиркунии маҷмӯи санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии мубориза бо коррупсияро дар назар дорад. Характери зинавӣ доштани низоми ҳуқуқӣ бештар аз рӯи ҷойгиршавиашон дар қонун ва зерқонунҳои соҳаи танзими фаъолияти Агентӣ ифода меёбад. Аз ин рӯ, мавзуе, ки мо таҳти омӯзиш ва таҳлил қарор дорем, дар он сохти амудии қонунгузории мубориза бо коррупсия роҳбалад аст.

Яъне, Қонун ба шарҳи муфассал ва паҳлӯҳои дигари арзишманди танзими фаъолияти Агентӣ аз рӯи сохти амудии қонунгузории соҳаи мазкур назар мекунад. Аз ҷумла, боби 2 Низом, сохтор ва ташкили фаъолияти мақомоти Агентӣ, ки ба масъалаҳои зайл бахшида шудааст, вазъи ҳуқуқӣ ва муносибати меҳнатии кормандони Агентӣ, хизмат дар мақомоти Агентӣ,

рутбаҳо ва ё тартиби додани унвонҳои кормандон, таъминоти моддӣ, иҷтимоӣ ва тартиби бо нафақа таъмин намудани кормандон, рухсатии ҳарсолаи пардохташавандаи меҳнатӣ, асосҳои қатъ гардидани хизмат дар мақомоти Агентӣ. Инчунин, дар бобҳои 3, 4, 5, 6, 7, 8 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон» паҳлӯҳои муҳим ва роҳнамо, унсурҳои таркибӣ ва тарзу усулҳои дар амал татбиқгардии салоҳияти мақомоти Агентӣ; дар ҷараёни фаъолияти фаврӣ коста гардонии тамоюли зиддиҷамъиятӣ, ки зарурати истифодаи қувваи ҷисмонӣ, воситаҳои махсус ва силоҳи оташфишон аз ҷониби кормандони мақомоти Агентӣ тақозо менамояд; тартиби баррасӣ ва танзими хизмат дар ин мақомот; принсип ва қоидаҳои ба роҳ мондани муносибот ва ҳамкориҳои байналмиллалии ҳуқуқии мақомот; дар сатҳи муқаррар гаштаи қонун касб намудани таъминоти молиявӣ ва моддию техникии мақомоти Агентӣ ва дар боби хотимавӣ, ки ба назорати риояи дақиқ ва иҷрои якхелаи қонунҳо ва дигар расмиятҳои дар фаъолияти мақомоти Агентӣ мақомоти прокуратура ва сохторҳои тобеи он тавассути салоҳияташон татбиқ менамояд, нигаронида шудааст.

Дар боби хотимавии Қонун ҳолатҳои аз ҷониби корманди мақомоти Агентӣ вайрон кардани қонунгузориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҷалби онҳо ба «... ҷавобгарии моддӣ, интизомӣ, маъмурӣ ва ҷиноятӣ» пешбинӣ шудааст. Ҳамчунин ба масоили «ҳангоми аз ҷониби корманди мақомоти Агентӣ поймол кардани ҳуқуқу манфиатҳои шаҳрвандон, ба корхонаҳо, муассисаҳо ва дигар ташкилотҳо расонидани зарар мақомоти Агентӣ вазифадор аст барои барқарор намудани ин ҳуқуқҳо чора андешад ва бо талаби шаҳрванд ба таври расмӣ аз ӯ узр пурсад. Товони зиёни расонидашуда тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон

ҷуброн карда мешавад (моддаи 39)» эътибори хоса дода шудааст. Аз ҷумла, дар ин хусус тибқи моддаи 1086 Кодекси Граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон омадааст, ки «1.Зараре, ки дар натиҷаи ғайриқонунӣ маҳкум намудан, ғайриқонунӣ ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидан, ғайриқонунӣ ба сифати чораи пешгирикунанда истифода бурдани баҳабсгирӣ ё забонхат барои ба ҷое нарафтан, ғайриқонунӣ андешидани ҷазои маъмурӣ дар шакли ба ҳабс гирифтан ё корҳои ислоҳи меҳнатӣ ба шаҳрванд расонида шудааст, сарфи назар аз гуноҳи шахси мансабдори мақоми таҳқиқ, тафтиши пешакӣ, прокуратура ва суд, тибқи тартиби муқаррарнамудаи қонун аз ҷониби давлат ба андозаи пурра ҷуброн карда мешавад.

2. Зарари ба шаҳрванд ё шахси ҳуқуқӣ дар натиҷаи фаъолияти дигари ғайриқонунии мақомоти таҳқиқ, тафтиши пешакӣ, прокуратура ва суд расонидашуда, агар дар қонун тартиби дигаре пешбинӣ нагардида бошад, дар асосҳои умумӣ (моддаи 1104) ҷуброн карда мешавад»[1].

Ҳамин тариқ, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон» сарчашмаи муҳими ба роҳ мондан ва пиёда намудани тарбияи ҷаҳонбинии зиддикоррупсионӣ ном бурда мешавад. Аз ҷониби дигар, бо қабули ин Қонун дар бахши мубориза бо коррупсия мақомоти махсус гардонидашудаи қудратӣ – Агентӣ, ки мақсад ва вазифаҳои асосии он мубориза алайҳи пешгирӣ ва решакан кардани унсурҳои номатлуби иҷтимоӣ– коррупсия нигаронида шудааст, ба вуқӯъ пайваст гашт. Дар устуворгардӣ ва тақвият бахшидан ба фаъолияти минбаъдаи Агентӣ метавон Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тасдиқи Низомномаи адои хизмат дар воҳидҳои ҳифзи ҳуқуқ Агентии Назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии

[1] Кодекси Граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон.-Душанбе., 2004.-С. 68.

Тоҷикистон» аз 13 майи соли 2007 ва Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи натиҷаҳои тафтишу санҷишҳои Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба вазъи истифодабарии заминҳо дар шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ» аз 30 ноябри соли 2007 ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, нақши муҳим бозидаанд[1].

Коррупсия ҳамчун зуҳуроти номатлуби ҷомеа мавриди омӯзиш ва таҳлили соҳаи мустақили ҳуқуқ (ҳуқуқи ҷиноятӣ, гражданӣ, маъмурӣ, меҳнатӣ) қарор дода мешавад.

Аз ин ҷо, Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳайси сарчашма дар бахши пешгирӣ ва мубориза бо коррупсия маҳсуб аст. Зеро, ҷиноятҳои характери коррупсионидошта дар модда ва бобҳои ин қонунгузорӣ тавзеҳ дода шудаанд.

Ҷиноятҳои мазкур бевосита таҷовузро ба эътибор ва манфиатҳои қонунии хизмати давлатӣ ва мақомоти идоракунии ҳокимияти маҳаллӣ тақозо менамояд. Субъектони он ашхоси мансабдор ё хизматчии ташкилоти тиҷоратӣ ва ғайритиҷоратӣ, ки аз рӯи бартарияти фаъолият ё фароҳам овардани чунин бартарият барои худ аз коррумпер ба сифати пул, мол, ҳуқуқ ба истифодаи он, хизматрасонӣ ё имтиёз ришва меситонад ба шумор мераванд.

Кодекси ҷинояти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки 1 сентябри соли 1998 қабул шудааст, аз XV фасл, 34 боб ва 405 модда иборат аст.

---

[1] Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тасдиқи Низомномаи адои хизмат дар воҳидҳои ҳифзи ҳуқуқ Агентии назорати давлатии молиявы ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 13 майи соли 2007; Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи натиҷаҳои тафтишу санҷишҳои Агенти назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба вазъи истифодабарии заминҳо дар шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ» аз 30 ноябри соли 2007 ва ғайра.

Бояд мутазаккир шуд, ки феҳристи ҷиноятҳои хусусияти коррупсионидошта дар банди 11 «Дастурамали баҳисобгирии омории ҷиноятҳои хусусияти коррупсионидошта ва феҳристи чунин ҷиноятҳо» банду баст шудааст.

Феълан, асосҳои ҳуқуқии пешгирӣ ва мубориза бо коррупсия дар Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар гардидааст. Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 4 фасл, 51 боб ва 853 модда иборат буда, 31 декабри соли 2008 ба тасвиб расидааст. Бояд тазаккур дод, ки истилоҳи коррупсия ва мансубияти он ба ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ аз рӯи чанд тобиши маъногӣ дар қоидаҳои пешбинигаштаи Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таври муфассал баён гардидааст. Дар ин қонун мавқеъ ва манзалати ҳуқуқвайронкунии хусусияти коррупсионидошта бештар дар кирдорҳои зерини шахсони мансабдори давлатӣ ва мақомоти идоракунии маҳаллӣ тавассути истифодаи шаклҳои хоси раводиди маъмурӣ таҷассум ёфтааст:

Бояд тазаккур дод, ки муносибатҳое, ки Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон танзим менамояд, аз инҳо иборатанд:

- қоидаҳои умумӣ ва принсипҳои қонунгузорӣ дар бораи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ;
- кирдоре (амале ё беамалие), ки ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ эътироф мешавад;
- ҷавобгарии маъмурии шахсони воқеӣ, мансабдор ва ҳуқуқӣ барои риоя накардани меъёрҳои пешбининамудаи Кодекси мазкур;
- намудҳои ҷазои маъмурӣ ва қоидаҳои татбиқи онҳо;
- судя, мақомоти давлатӣ ва шахси мансабдоре, ки барои баррасии парвандаҳои ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ ваколатдоранд;

– тартиби пешбурди истеҳсолоти парвандаҳои ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ, аз ҷумла чораҳои таъминкунандаи истеҳсолоти парвандаҳо;
– тартиби иҷрои ҷазои маъмурӣ (моддаи 3).

Аз ин ҷост, ки тибқи банди 1 моддаи 17 Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон: «Ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ кирдори (амал ё беамалии) зиддиҳуқуқӣ ва гунаҳкоронаи шахси воқеӣ, мансабдор ё ҳуқуқӣ мебошад, ки содир намудани он тибқи тартиби муқаррарнамудаи ҳамин Кодекси боиси ҷавобгарии маъмурӣ мегардад, ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ қасдан ё аз беэҳтиётӣ содир карда мешавад».

Аз қабили ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ вобаста ба коррупсия дар Боби 38 Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон эътибори хоса дода шудааст. Аз ҷумла дар моддаҳои зерини қонунгузорӣ номбар шудааст:

– «Ғайриқонунӣ гирифтани подош (моддаи 656)»;
– «Қабул кардани туҳфа ва дигар хизматрасонӣ барои иҷрои вазифаи давлатӣ аз шахсоне, ки аз рӯйи вазифа тобеанд (моддаи 657)»;
– «Истифодаи бартарияти бо қонун пешбининагардида ҳангоми гирифтану баргардонидани кредит ва қарз, харидани коғазҳои қиматнок, амволи ғайриманқул ва дигар молу мулк, пардохти андозҳои давлатӣ ва иҷрои уҳдадориҳои дигар (моддаи 658)»;
– «Додани бартарият ва имтиёзи ғайриқонунӣ ё беасос ба шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ ҳангоми таҳия ва қабули қарорҳо, фармоишҳои давлатӣ ва дигар фармоишҳое, ки аз ҳисоби буҷети давлатӣ маблағгузорӣ мешаванд (моддаи 659)»;
– «Риоя накардани тартиби вогузоштани ҳуқуқи моликият ба захираҳои молиявию моддии давлатӣ ё ба истифодаи муваққатӣ додани онҳо (моддаи 660);
– «Сӯйиистифода аз ваколатҳои мансабӣ (моддаи 661)»;

- «Ғайриқонунӣ гузаронидани восита ва захираҳои молиявии давлатӣ ба фондҳои интихоботии номзадҳои ҷудогона ва иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ (моддаи 662)»;
- «Беасос иҷро накардани санадҳои мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, назорат ва суд (моддаи 663)»;
- «Ба манфиати шахсӣ ё гурӯҳӣ истифода намудани маълумоте, ки ҳангоми иҷрои вазифаи давлатӣ ба даст омадааст (моддаи 664)»;
- «Ғайриқонунӣ дахолат кардан ба фаъолияти субъектҳои хоҷагидор (моддаи 665)»;
- «Риоя накардани тартиби нархгузорӣ ва фурӯши молу мулк, тартиби гузаронидани музояда ва тендер (моддаи 666)»;
- «Ғайриқонунӣ ихтиёрдорӣ намудани воситаҳои асосии давлат (моддаи 667)»;
- «Риоя накардани тартиби ба ҷавобгарии маъмурӣ кашидан барои ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ (моддаи 668)»;
- «Тартиб додан, ба расмият даровардан, тасдиқ намудан ё ба қайд гирифтани санадҳо, аҳдҳо ва қарордодҳои таҳрифшудаи ихтиёрдорӣ, истифода ё интиқоли молу мулк (моддаи 669)»;
- «Ба таври сунъӣ ба вуҷуд овардани монеаҳо ба шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ дар татбиқи ҳуқуқу манфиатҳои қонунии онҳо (моддаи 670)»;
- «Ба шахсони мансабдоре, ки вазифаҳои давлатиро иҷро мекунанд, пешниҳод намудани неъматҳои моддиву ғайримоддӣ (моддаи 671)»;
- «Ба мақомоти ҳифзи ҳуқуқ пешниҳод накардани хабару маълумот дар бораи ҳуқуқвайронкунии вобаста ба коррупсия (моддаи 672)»;
- «Ба мақомот ё шахси ваколатдор пешниҳод накардан ё дер пешниҳод кардани санад ва маводи тафтишу санҷиш (моддаи 673)»;

– «Саркашии бадқасдона аз барасмиятдарории амалиёти молиявию хоҷагидорӣ, таҳриф ва нобуд кардани ҳуҷҷатҳо ва ҳисобот(моддаи 674)»;
– «Дастҷамъона қабул кардани қарори дорои хусусияти коррупсионӣ (моддаи 675)».

Қоидаҳои пешбининамудаи Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун воситаи муҳими роҳандозӣ дар андешидани тадбирҳои характеран раводиддоштаи пешгирӣ ва мубориза бо коррупсия аҳамияти хоса дорад. Зеро дар қатори дигар масъалаҳо вазифаҳои қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон аз пешгирӣ намудани ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ дар ҷамъият ва давлат иборат мебошад.

Ҷиҳати ноил гаштан ба ҳадафи мазкур дар моддаи 4 омадааст, ки суд, мақомоти ваколатдори давлатӣ (шахси мансабдор) вазифадоранд барои пешгирӣ, ошкор ва бартараф кардани сабабу омилҳое, ки ба содир шудани ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ мусоидат менамоянд, инчунин барои дар рӯҳияи шуурнокӣ ва масъулиятнокӣ, риояи қатъӣ ва иҷрои дақиқу якхелаи қонунҳо тарбия намудани шаҳрвандон чораҳо андешанд.

Дар ин радиф, асосҳои ҳуқуқии пешгирӣ ва мубориза бо коррупсия дар баъзе моддаҳои Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасӣ шудааст. Аз ҷумла, **кирдорҳои** хусусияти коррупсионидоштаи хоси ин соҳаи ҳуқуқ одатан дар натиҷаи суиистифодаи мансабдорони хизмати давлатӣ ва идоракунии ҳокимияти маҳаллии давлатӣ, муассисаҳои ҳифзи иҷтимоӣ ё тарбиявӣ вобаста ба вазъи ба вуқӯъпайваста гирифтани туҳфа (тариқи интиқоли ҳуқуқи амвол ё бидуни он) аз шаҳрвандоне, ки наздикон ё хешу табори онҳо дар табобат, нигоҳубин ё тарбияи чунин муассисаҳо қарор доранд, маънидод мегардад.

Бояд тазаккур дод, ки ҷавобгариҳои хусусияти коррупсионидоштаи хоси ҳуқуқи гражданӣ дар қоидаҳои муқаррагардидаи Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷи-

кистон гирд оварда шудаанд ва бештари онҳо мансуби амалҳои (беамали) шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, ки аз дидаю дониста вайрон кардани меъёрҳои зерин ба вуқӯъ мепайванданд, баррасӣ гардидаанд:

- «Ҳиссаи саҳмияҳои имтиёзнок дар ҳаҷми умумии сармояи оинномавии ҷамъияти саҳҳомӣ набояд аз 25 фоиз зиёд бошад (банди 1 моддаи 113 Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон)»;
- «Ҷамъияти саҳҳомӣ пас аз пардохти пурраи сармояи оинномавӣ барои баровардани вомбарг ба маблағи на бештар аз андозаи сармояи оинномавӣ ё андозаи таъминоти бо ин мақсад ба ҷамъият пешниҳод кардаи шахси сеюм баъди пурра додани маблағи сармояи оинномавӣ ҳуқуқ дорад. Дар сурати набудани таъминот баровардани вомбарг танҳо пас аз се соли фаъолияти ҷамъияти саҳҳомӣ ва ба шарти то ин вақт дуруст тасдиқ кардани ду балански солонаи ҷамъият мумкин аст (банди 2 моддаи 113 Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон)»;
- «Ҷамъияти саҳҳомӣ дар ҳолатҳои зерин ҳуқуқи эълон кардану пардохтани дивидендро надорад,
- то пардохти пурраи тамоми сармояи оинномавӣ;
- агар арзиши активҳои ҷамъияти саҳҳомӣ аз сармояи оинномавӣ ва фонди эҳтиётии он камтар бошад ё дар натиҷаи пардохти дивидендҳо аз андозаи онҳо камтар гардад (банди 3 моддаи 113 Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон)».
- «Ҷамъияти саҳҳомӣ, вазифадор аст, бояд барои тафтиш ва тасдиқи дурустии ҳисоботи солонаи молиявӣ ҳар сол аудитори касбиеро ҷалб намояд, ки бо ҷамъият ё иштирокчиёни он манфиатҳои моддӣ надорад.

Фаъолияти ҷамъияти саҳҳомӣ, аз ҷумла ҷамъияти саҳҳомие, ки барои нашри ҳуҷҷатҳои зикргардида ба маълумоти умум вазифадор нест, бо талаби саҳмдороне,

ки ҳиссаи умумиашон дар сармояи оинномавӣ даҳ фоиз ё зиёда аз онро ташкил медиҳад, бояд ҳар вақт тафтиши аудиторӣ карда шавад (б. 5 моддаи 114 Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон)»;

– «Саркашӣ аз иҷрои уҳдадории тасдиқнамудаи қоғази қиматнокро ошкор намудааст, ҳақ дорад, аз шахси коғазро ба ӯ супурда ба таври даҳдор иҷрои уҳдадориҳои тасдиқ намудаи коғази қиматнок ва ҷуброни зиёнро талаб намояд (б.2 моддаи 161 Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон)»;
– «Ҳуқуқ аз рӯи коғази қиматноке, ки дар дасти соҳиби ғайриқонунӣ аст, татбиқ карда намешавад (б.3 моддаи 161 Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон»;
– «Дар сурати нияти ғаразнок доштани ҳар ду тарафи чунин аҳд, агар аҳдро ҳар ду тараф иҷро карда бошанд, тамоми даромади аз ин аҳд бадастовардаи онҳо ба ҳисоби даромади давлат рӯёнида мешавад ва агар аҳдро як тараф иҷро карда бошад, аз тарафи дигар тамоми даромад ва молу мулки гирифтааш ва тамоми молу мулке, ки он мебоист бар ивази даромад ва молу мулки гирифташуда ба тарафи аввал диҳад, ба фоидаи давлат рӯёнида мешавад (моддаи 194 Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон);
– «Барои ғайриқонунӣ истифода бурдани маблағи ғайр дар натиҷаи иҷро накардани уҳдадории пулӣ, ё гузаронидани муҳлати пардохти он ё бидуни асос гирифтани он ё ба амонат гузоштан аз ҳисоби шахси дигар, бояд ба андозаи ин маблағ фоиз пардохта шавад... (қисми 1 моддаи 426 Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон)». Инчунин кирдорҳои хусусияти коррупсионидошта ва ба он алоқаманд дар меъёрҳои дигари ҳуқуқи гражданӣ баррасӣ шудаанд. Албата ин лаҳзаҳоро мансуби ҷиноятҳои коррупсионӣ донистан нодуруст аст. Зеро онҳо ба гурӯҳи ҳуқуқвайронкуниҳои граждание, ки хусусияти

коррупсионӣ доранд, махсуб мешаванд. Маҳз аз ҳамин сабаб мо дар баррасии сарчашмаҳои мубориза бо коррупсия ҳуқуқвайронкунии гражданиро, ки феълан ба молу пул ё дигар асосҳои ғайриқонунии маҳдудсозӣ ҳуқуқи амвол ва аз дорошавии беасос ба вуқӯъ мепайвандад, мавриди таҳлил қарор додаем. Аз ҷониби дигар, паҳлӯҳои ҳуқуқвайронкунии гражданиро, ки аз лиҳози назари илми корруптология мавриди таҳлилу тадқиқ қарор дода шудааст, шубҳа надорем.

Қайд кардан лозим аст, ки раванди мубориза бо коррупсия ва андешидани чораҳои мушаххас чун зарурати беэътино намудани қабили унсури номатлуби ҷомеа ва аз маънии зиндагӣ берун намудани он дар силсилаи қонунгузориҳои кишварамон зикр гаштааст:

1) Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хусусигардонии моликияти давлатӣ» 16 майи соли 1997 ба тасвибрасида иборат аз 17 модда мебошад. Тибқи моддаи 1 ин Қонун муносибатҳои байни давлатро дар шахси мақомоти ваколатдори он ва шахсони ҳуқуқию воқеӣ дар рафти хусусигардонии моликияти давлатӣ муқаррар менамояд[1].

2) Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳимоя ва дастгирии давлатии соҳибкорӣ» 23 апрели соли 2002 қабулгашта аз 6 бобу 33 модда иборат аст. Дар пешгуфтори ин Қонун гуфта шудааст, ки он қоидаҳои умумии ҳимоя ва дастгирии давлатӣ, инкишофи озоди соҳибкориро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян намуда, шаклу усулҳои ҳавасмандгардонию танзими давлатии фаъолияти субъектҳои соҳибкориро муқаррар менамояд[2].

3) Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи назорати молиявии давлатӣ» 2 декабри соли 2003

---

[1] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хусусигардонии моликияти давлатӣ» 16 майи соли 1997.

[2] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳимоя ва дастгирии давлатии соҳибкорӣ» 23 апрели соли 2002.

батасвибрасида аз 5 бобу 24 модда иборат аст. Қонуни мазкур принсипҳои умумӣ, асосҳои ҳуқуқӣ ва иқтисодии ташкил ва амалӣ намудани назорати давлатии молиявиро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян менамояд.[1] Он барои таъмини ташкили санҷишу тафтиши воридот ва истифодаи самарабахши маблағҳои буҷети давлатӣ, фондҳои давлатӣ, қарзҳое, ки аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва таҳти кафолати он ҷалб карда мешаванд, грантҳо, кумаки башардӯстона ва амволи давлатӣ дар шароити инкишофи муносибатҳои бозорӣ ва ташаккули бахши хусусӣ нигаронида шудааст.

4) Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти аудитӣ», ки 3 марти соли 2006 қабул шудааст ва аз 22 модда иборат аст.[2] Дар пешгуфтори Қонуни мазкур омадааст, ки ҳуқуқӣ, ташкилӣ ва ҷараёни амалӣ сохтани фаъолияти аудиториро, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон байни мақомоти давлатӣ, шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, аудиторҳо ва ташкилотҳои аудиторӣ амалӣ мегарданд, ба танзим медарорад. Тибқи ин Қонун фаъолияти аудиторӣ, аудит ин фаъолияти соҳибкорӣ дар масъалаи санҷиши мустақилонаи баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи муҳосибии (молиявии) соҳибкорони инфиродӣ ва шахсони ҳуқуқӣ мебошанд (қисми 1 моддаи 1).

5) «Дар бораи санҷиши фаъолияти субъектҳои хоҷагидор дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» 28 июли соли 2006 аз 4 боб 27 модда иборат буда, тартиби гузаронидани санҷишҳо, ҳуқуқу уҳдадориҳои субъектҳои хоҷагидор ва шахсони мансабдори мақомоти санҷишро муқаррар намуда, барои ҳифз намудани фаъолияти онҳо аз дахолати ғайриқонунӣ равона гардидааст.

6) Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ» 5 март соли 2007 қабул шуда аз 5 боб ва 45 модда

---

[1] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи назорати молиявии давлатӣ» 2 декабри соли 2000.

[2] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти аудитӣ» 3 марти соли 2006.

иборат аст.[1] Қонуни мазкур асосҳои ташкилию ҳуқуқии хизмати давлатӣ, вазъи ҳуқуқӣ ва кафолатҳои иҷтимоии хизматчиёни давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистонро муайян менамояд.

Инчунин дигар санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқиро номбар намудан ба маврид аст, ки ҳамчун сарчашмаи мубориза бо коррупсия эътибори хоса доранд. Ҳамин тариқ, гуфтан ба маврид аст, ки сарчашмаҳои мубориза бо коррупсия, аз маҷмӯи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ иборат буда, ҳамчун воситаи ташкил ва таъмини чараёни пешгирӣ ва мубориза бо коррупсия мавриди истифода қарор дода мешавад.

Қонунгузории соҳаи коррупсия хусусияти маҷмӯӣ дорад. Яъне асосҳои ҳуқуқии коррупсия дар тамоми соҳаҳои ҳуқуқ ва қонунгузориҳои ҷорӣ арзёбӣ гардидааст. Вале Низомномаҳои зиёде ҳастанд, ки дар татбиқи сиёсати зиддикоррупсионии давлат ва дар ин замина густариш бахшидан ба ҷаҳонбинии зиддикоррупсионии шаҳрвандон нақши хоса мебозанд.

Қатъи назар аз ин, қисми таркибии низоми ҳуқуқии коррупсияро санадҳои байналмиллалие, ки Тоҷиистон эътироф кардааст, ташкил медиҳад. Феълан санадҳои байналмиллалии мубориза бо коррупсия ба сифати манбаъҳои муҳими тарбияи ҷаҳонбинии зиддикоррупсионии шаҳрвандон ҳисобида мешавад.

## II. АСОСҲОИ ҲУҚУҚИИ БАЙНАЛМИЛЛАЛӢ ДАР САМТИ МУҚОВИМАТ БА КОРРУПСИЯ

Дар заминаи тадқиқу таҳлили тарбия ва густариши ҷаҳонбинии зиддикоррупсионӣ нақши санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии байналмиллалии мубориза бо коррупсия мавқеи хосаро касб мекунанд. Меъёрҳои ҳуқуқии байналмиллалӣ ба монанди санадҳои ҳуқуқии миллӣ аз принсип ва

[1] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ» 5 март соли 2007.

қоидаҳое иборатанд, ки ба танзиму таъмин ва дарёфти риояи ҳуқуқи инсон нигаронида шудаанд. Дар чунин радиф мақом доштани тарбия ба густариши ҷаҳонбинии зиддикоррупсионӣ мусоидат мекунад.

Қобили зикр аст, ки тақрибан тамоми кишварҳои аъзои расмиятҳои байналмиллалӣ ё расмиятҳои байналмиллалии аз ҷониби онҳо эътирофгашта вобаста ба самту равиш ва алоқамандии он ба тамаддуни ҷаҳонӣ ба комёбию дастовардҳои бузурги қонунгузории миллӣ замина мешаванд. Аз ин лиҳоз омӯзиш ва ташвиқу тарғиби расмиятҳои байналмиллалии мубориза бо коррупсия дар бартараф намудани нуқсонҳои бесаводӣ ва беҳтар намудани сатҳи фарҳанг ва ҷаҳонбинии зиддикоррупсионӣ сабаб мегардад. Ба ҳамин тартиб, дар миёни ҳама манбаҳои ҳуқуқии мубориза бо коррупсия ситоиш ва фармудаҳои расмиятҳои байналмиллалро мавриди баррасӣ қарор медиҳем. Зеро мароmу мақсади ҳар гуна расмиятҳои байналмилалӣ таъмини озодӣ ва мусовот аст. Аз ин ҷо, дуруст аст, ки «Коррупсия костакунандаи қонуният, адолат, рушди иқтисодиёт, боварии мардум ба давлат ва аз ин лиҳоз боиси ташвишу нигарониҳои ахлоқиву сиёсӣ буда, мубориза бар зидди он талошҳои пайгиронаи мақомоти давлатӣ ва аҳли ҷомеа, истифодаи дастовард ва таҷрибаи байналхалқиро дар ин соҳа талаб мекунад» қайд намудааст Маризо Н.Х.[1]

Зимнан бояд гуфт, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯзҳои аввали мавҷудияти худ ҳамчун давлати соҳибистиқлол принсипҳои ҳуқуқи байналмиллалиро дар соҳаи ҳифзи ҳуқуқи башар ҷонибдорӣ менамояд ва ба онҳо содиқ

[1] Маризо Ниёзович Халифаев. Ҳамоҳангсози сиёсати зиддикор-рупсионӣ //Прокуратураи Тоҷикистон 80 сол. – Душанбе «Сарпараст», 2004, С.199.

мебошад.[2] Ҳамчунин ба сифати манбаҳои муҳими тарбияи шахс замина мегардад.

Санадҳои меъёрии ҳуқуқие, ки Тоҷикистон эътироф намудааст, ҷузъи таркибии системаи ҳуқуқии ҷумҳурӣ мебошанд. Дар сурати номутобиқатии қонунҳои ҷумҳурӣ ба санадҳои эътирофгардидаи байналмиллалии ҳуқуқӣ, меъёрҳои санадҳои байналмиллалии ҳуқуқӣ мавриди истифода қарор дода мешаванд (м. 10 Конститутсия Ҷумҳурии Тоҷикистон).

Меъёрҳои ҳуқуқии байналмиллалӣ маҷмӯи қавоидест, ба монанди санадҳои ҳуқуқии миллӣ, ки ба танзиму таъмин ва риояи ҳифзи ҳуқуқи шаҳрвандон аз ҳисоби таносуби воқеии кафолатҳои давлатӣ ва дар иртибот онҳоро ба якдигар наздик ва мушаххас менамояд.

Қобили тазаккур аст, ки кишвари соҳибистиқлоли мо имрӯз санадҳои зерини байналмиллалии ҳуқуқиро оид ба соҳаи ҳуқуқи инсон ба тасвиб расонид, мавқеи онҳо дар тарбияи инсони комил беназир аст. Аз ҷумла:

- Эъломияи умумии ҳуқуқи башар соли 1948;
- Паймони байналхалқӣ доир ба ҳуқуқи шаҳрвандӣ ва сиёсӣ аз 16 декабри соли 1966;
- Конвенсия дар бораи ҳуқуқи кӯдак аз 20 ноябри соли 1989;
- Конвенсияи байналхалқӣ дар бораи барҳам додани тамоми намудҳои табъизи нажодӣ аз 21 декабри соли 1965;
- Конвенсияи зидди шиканҷа ва дигар намудҳои муносибат ва ҷазои бераҳмона, ғайриинсонӣ ё таҳқиркунандаи шаъну шараф аз 10 декабри соли 1984;
- Конвенсия дар бораи барҳам додани тамоми шаклҳои табъиз нисбат ба занон аз 18 декабри соли 1979.

---

[2] Маърӯзаи миллӣ оид ба чараёни татбиқи паймони байналхалқӣ доир ба ҳуқуқи сиёсӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ аз ҷониби Ҷумҳурии Тоҷикистон. - Душанбе, 2008.-С.4.

Дар радифи ин бояд таъкид намуд, ки кишвари соҳибистиқлоли мо аъзои дигар расмиятҳои байналмилалӣ гардидааст, ки дар онҳо усулҳои мубориза бо коррупсия ва ташаккули ҷаҳонбинии зиддикоррупсионӣ таҷдиди назар гардидааст. Бинобар ин, дар баробари муайян гаштани тарзу усулҳои ташаккули ҷаҳонбинии зиддикоррупсионӣ дар «Стратегияи мубориза бо коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2008 - 2012» махсусан қайд гардидааст, ки проблемаи ҷиноятҳои муташаккили трансмиллӣ, махсусан коррупсия ва қонунигардонии (авфи) воситаҳои пулӣ айни замон таҳти назорати қатъии ҷомеаи ҷаҳонӣ қарор дорад.[1] Бо дарки ин ҳақиқат, мутазаккирем, ки 22 майи соли 2002 Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Конвенсияи Созмони Миллали Муттаҳид бар зидди ҷиноятҳои муташаккили трансмиллӣ[2] ҳамчун аъзо ба он ҳамроҳ шуд.

Конвенсияи Созмони Миллали Муттаҳид бар зидди ҷиноятҳои муташаккили трансмиллӣ 15 ноябри соли 2000 бо резолютсияи Ассамблеяи Генералӣ таҳти №55/25 ба тасвиб расидааст. Конвенсия аз 41 модда иборат аст.

Тибқи моддаи 1 мақсади асосии ба тасвибрасии Конвенсия аз мусоид ва таҳкими ҳамкорӣ дар бахши пешгирӣ ва мубориза зидди ҷиноятҳои муташаккили трансмиллӣ иборат аст. Дар Конвенсия маънои мафҳумҳои зайл аз қабили «гурӯҳи ҷинояткорон», «фоида аз ҷиноят» ва ба монанди ин дигар ибораҳое, ки дар ҷиноятҳои муташаккили трансмиллӣ мавриди истифода қарор доранд, баррасӣ шудаанд.

Дар Конвенсия қайд шудааст, ки давлатҳои аъзои ҳамин Конвенсия дар муқаррар намудани ҷавобгарии ҷиноятӣ барои силсилаи кирдорҳое, ки аз ҷониби Конвенсия ҳамчун ҷиноят эътироф гардидааст, уҳдадоранд.

---

[1] «Стратегияи мубориза бо коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2008-2012»

[2] Конвенсияи Созмони Милали Муттаҳид бар зидди ҷиноятҳои муташаккили трансмиллӣ аз 15 ноябри соли 2000.

Инчунин Конвенсия масъалаҳоро марбут ба ҳамкориҳои байналмиллалӣ ва дар ин росто истифодаи имконот ва андешидани тадбирҳои судманди ҳуқуқиро баҳри густариши тарбияи ҷаҳонбинии зиддикоррупсионӣ ва анҷоми вазифаҳои муштаракро дар ин самт пешбинӣ менамояд.

Дар моддаи 2 Конвенсия мафҳуми «гурӯҳи муташаккили ҷиноятӣ» чунин маънидод шудааст: гурӯҳи муташаккил ё иттиҳоди ҷиноятӣ иборат аз се ва зиёда шахсоне, ки дар вақту ҷои муайян амалҳои якҷояи ҷиноятиро бо мақсади содир намудани ҷиноят ва маҷмӯи ҷиноятҳои ҷиддӣ ё аз қабили ҷиноятҳое, ки мувофиқи ҳамин Конвенсия тариқи бевосита ё бавосита ба даст овардани фоидаи молиявӣ ва моддиро пешбинӣ менамояд, маънидод гардидааст.

Бояд тазаккур дод, ки истилоҳҳои «ҷинояткории муташаккил» вобаста ба вуқӯъ пайвастанаш чунин маънидод шудааст:

1) Ҷамъи ҷиноятҳои бақайдгирифташуда дар вақту ҷои муайян аз тарафи гурӯҳи муташаккил ё иттиҳоди ҷиноятӣ (ташкилоти ҷиноятӣ).
2) Ҷамъи гурӯҳи муташаккил ё иттиҳоди ҷиноятӣ (ташкилоти ҷиноятӣ) ва аъзои он дар вақту ҷои муаяйн.
3) Ташкили гурӯҳи муташаккил ё иттиҳоди ҷиноятӣ (ташкилоти ҷиноятӣ) ва фаъолияти ҷиноятии онҳо.
4) Шакли (гурӯҳи муташаккил) фаъолияти ҷиноятӣ буда, хусусияти устувор дорад, роҳбарикунанда мебошад, асосҳои касбӣ дошта, муҳофизат аз таъқиби ҳуқуқиро тавассути коррупсия восита менамояд.[1] Умуман «гурӯҳи муташаккили ҷиноӣ» чун созмон аз сохтори

[1] Фарҳанги истилоҳоти ҳуқуқ /Зери таҳрири Ҳуқуқшиноси шоистаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, доктори илми ҳуқуқ, профессор, Академики АИ Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҳмудов М.А. Душанбе., Нашриёти «ЭР-граф», 2004. С 543.

муайян, ки таркиби он аз субъект ва объекти ҷиноят иборат аст ва дар ин самт баҳри анҷом додани фаъолияти муштарак амалҳои зиддиҳуқуқиро касб менамоянд, фаҳмида мешавад.

Созмони Миллали Муттаҳид бар зидди ҷиноятҳои муташаккили трансмиллӣ тадбирҳое, ки нисбат ба пешгирӣ ва истифодаи тарзу усулҳои тадқиқ ва муайян намудани чунин ҷиноятҳо, ки аз ҷониби гурӯҳи муташаккили ҷиноятӣ, ки қисмати асосии нақшаи содиргардии он таҳти роҳбарӣ дар як давлат таҳия гардидаву дар дигар давлат содир шудааст, аз амсоли ҷиноятҳои муҳим ё хусусияти трансмилидошта баррасӣ менамояд, ки монанди он дар моддаи 3 Конвенсия дастрас шудааст. Давлатҳои ширкаткунандаи Конвенсия уҳдадории худро аз рӯи принсипи эҳтироми соҳибихтиёрӣ, истиқлолият ва тамомияти арзии ҳудудӣ ва дахолат накардан ба корҳои дохилии давлатӣ пеш мебаранд (м.3 «Ҳимояи истиқлолият» Конвенсия).

Аз ин лиҳоз, Конвенсия дар баробари сарчашмаи умумии эҳтиром ва риоя гардидани ҳуқуқ ва озодии инсон ба шумор равад, аз ҷониби дигар, ҳамчун маъхази пешгирӣ ва мубориза бо коррупсия маънидод мегардад. Дар б. 1 моддаи 8 («Криминализатсияи коррупсия») Конвенсия махсусан қайд шудааст,

«1. Ҳар як давлати ширкаткунанда дар боробари андешидани тадбирҳо бояд қонунҳое қабул намояд, ки зоҳиран дар онҳо барои қасдан содир намудани кирдори зайл ҷавобгарии ҷиноятӣ пешбинӣ гардад:

а) аз ҷониби шахс ё ба воситаи миёнарав ваъда, таклиф ё пешкаш намудани ягон хел неъмату бартариятҳои ғайриқонунӣ ба ашхоси оммавии мансабдори давлатӣ, ки дар натиҷа шахси мансабдор ё дигар шахси воқеӣ ва ҳуқуқӣ, истифода аз ваколатҳои хизматии худ ҳаракат ва беҳаракатӣ содир намояд.

б) бо роҳи тамаъҷӯӣ ё шахсан аз ҷониби шахси мансабдори оммавӣ ё ба воситаи миёнарав, гирифтани бар-

арияти ғайриқонунӣ барои шахси мансабдор ё дигар шахси воқеӣ ё ҳуқуқӣ, ки агар шахси мансабдор дар сурати иҷрои вазифаи хизматӣ ҳаракат ва беҳаракатӣ содир намояд.»

Дар б. 1 моддаи 9 Конвенсия, ки «Чораҳои зиддикоррупсӣ» номгузорӣ шудааст, Конвенсия тадибирҳои иловагиро оид ба мубориза бо коррупсия аз назари эҳтиёҷот такя ба такмил ва мувофиқгардонии низоми қонунгузории аъзо – давлатҳои (узви) Конвенсия ва дар ин сатҳ қабули як силсила санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва андешидани дигар чораҳои самаранок ва судманди маъмуриро баҳри пешгирӣ ва ошкоргардонии коррупсия дар байни шахсони мансабдор ва ба ҷавобгарӣ кашидани онҳоро тавсия намудааст.

Аз ҷумла, дар банди 2 моддаи 9 гуфта шудааст, ки «Ҳар як давлат-иштирокчӣ бо мақсади таъмини самараноки фаъолияти мақомоти пешгирӣ ва ошкор кардани коррупсия дар байни шахсони мансабдор ва татбиқи ҷазо барои он, инчунин зоҳир намудани монеъа ба таъсири ҳаракатҳои ғайриқонунии онҳо ба ин мақомот бояд ба қадри кофӣ муҳайё намудани мустақилият тадбирҳо андешад».

Дар моддаи 10 Конвенсия бошад, «Масъулияти шахсони ҳуқуқӣ» омадааст: «Ҳар як давлат-иштирокчӣ мувофиқи принсипҳои ҳуқуқии ба худ хос, ки барои муқаррар намудани масъулияти шахсони ҳуқуқӣ ва иштироки онҳо дар ҷиноятҳои вазнине, ки ба он гурӯҳи ҷинояткорони муташаккил шомиланд, бояд тадбирҳо андешад». Аз ҷониби дигар, Конвенсияи Созмони Миллали Муттаҳид бар зидди ҷиноятҳои муташаккили трансмиллӣ ҳуҷҷатест, ки дар он ғояҳои асосии мубориза алайҳи ҷиноятҳои хусусияти коррупсионидошта баррасӣ гаштааст, ҳамчун воситаи муҳими ташвиқ ва тарғиби решакан намудани амсоли чунин зуҳуроти номатлуби ҷомеа маҳсуб мегардад.

Меъёрҳои Конвенсия аз рӯи хусусият ба масъалаҳои танзими эҳтиёҷоти давлат ба пешгирию мубориза ба ҳар гуна ҷиноятҳои характеран муташаккили трансмиллидошта ва дар ин замина такмил ва қабули қонунгузориҳои ҷориро пешбинӣ менамояд. Аз ҷониби дигар, Конвенсия ҳамкориҳои васеи ҳуқуқии аъзо-давлатҳоро дар бахши таҳқиқ, дунболагирӣ (таъқиб) ва ба мурофиаи судӣ кашидани ҷиноятҳоро, ки ҳамин Конвенсия фаро гирифтааст баррасӣ менамояд. Дар ин самт, ҳамкориҳои тарафайни аъзо - давлатҳоро аз рӯи принсипи оқилона гумонбар шуданд, ки ҷинояти содиршуда бояд трансмиллӣ бошад, ҷабрдида, шоҳидон, фоида, воситаи содир намудани ҷиноят ё далел нисбат ба чунин ҷиноятҳо дар аъзо-давлат воқеъ мебошад ва дар содир намудани ин ҷиноят гурӯҳи муташаккили ҷиноятӣ даст дорад, амалигардии онҳо арзёбӣ шудааст (моддаи 18 Конвенсия). Ба роҳ мондани чунин ҳамкориҳо дар бахши таҳқиқи якҷояи ҷиноятҳои муташаккили хусусияти трансмиллидошта аз ҷониби аъзоёни давлатҳо тибқи муқаррароти Конвенсия имконпазир аст. (моддаи 19). Ин ҳамкориҳо дар асоси бастани аҳду паймони дуҷониба ва бисёрҷониба нисбат ба парвандаҳои ҷиноятӣ, ки предмети таҳқиқ, таъқиб ё баррасии судӣ дар як ва ё якчанд давлатҳо, ки ба таъсиси мақомоти ваколатдори давлатӣ оид ба гузаронидани амалҳои муштараки тафтишотӣ боис мешавад, татбиқ мегардад. Дар марзи аъзо-давлате, ки аъзо-давлатҳои Конвенсия тафтишот мегузаронад, тамомият, арз ва истиқлолияти он эҳтиром ва риоя карда мешавад. Инчунин дар ин ҷода, агар низоми қонунгузории аъзо-давлатҳо истифодаи махсуси тарзу усулҳои таҳқиқи ҷиноятро пешбинӣ намуда бошад, (мушоҳидаи электронӣ, амалиёти агентурӣ ва ғ.) татбиқи онҳо аз ҷониби аъзо-давлатҳо аз рӯи принсипи ихтиёрӣ ба роҳ монда мешавад (моддаи 20).

Ин ҳама, бо мақсади комёб гаштан ба дараҷаи самаранокии мубориза алайҳи ҷиноятҳои муташаккилонаи

гурӯҳӣ ва дар ин замина ба роҳ мондани тарбияи ҷаҳонбинии зиддикоррупсионӣ анҷом дода мешавад. Баъдан таҳвил додани истеҳсоли ҷиноятиро Конвенсия пешбинӣ намудааст. Баҳри мубориза муштарак ба ҷинояткориҳо Конвенсия ҳамкории байни мақомоти ҳифзи ҳуқуқи аъзодавлатҳоро тавсия менамояд (моддаи 27). Дар ин замина, тайёр ва такмили ихтисоси кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, аз он ҷумла кормандони прокуратура, муфаттишон ва ходимони мақомоти гумрук, инчунин дигар идораю ташкилотҳои давлатӣ, ки дар пешгирӣ ва ошкор намудани ҷиноят вазифадоранд, Конвенсия пешбинӣ намудааст, ки ин дар замони имрӯза муҳим мебошад (моддаи 28). Дар заминаи фаъолияти самараноки аъзо - давлатҳои Конвенсия, тақвият бахшидан ба тарзу усулҳои мубориза бо ҷиноятҳои муташаккили трансмиллӣ масъалаи муҳим шуморида шудааст (назорат ва интиқоли предмети қочоқ, ҷамъи далелҳо, усули назорат дар минтиқаи озоди савдо ва бандарҳо, истифодаи усулҳои ҳифзи ҷабрдида ва шоҳидон, инчунин истифодаи дигар тадбирҳое, ки баҳри татбиқи Конвенсия боис мегарданд, муҳим шуморида шудааст (моддаи 30). Дар моддаи 31 бошад, самтҳои асосии пешгирии ҷиноятҳои муташаккили трансмиллӣ бо истифодаи усулҳои қабул намудани қонугузорӣ ва андешидани тадбирҳои маъмурӣ-ҳуқуқӣ мушаххас гардонида шудааст.

Ҳамин тариқ Конвенсияи Созмони Миллали Муттаҳид бар зидди ҷиноятҳои муташаккили трансмиллӣ дар доираи ҳамкориҳои байналмиллалӣ оид ба мубориза бо коррусия ва густариши ҷаҳонбинии зиддикоррупсионӣ моҳиятан ҳамчун ҳуҷҷати муҳим ҳисобида мешавад. Чи хеле, ки дар «Стратегияи мубориза бо коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2008-2012» қайд шудааст: «Барои татбиқи амалии он созишномаҳои дуҷониба ва бисёрҷониба ё шартномаҳо дар доираи

ҳамкориҳои бевоситаи байни мақомоти ҳифзи ҳуқуқ баста мешаванд»[1].

Усулҳои пешгирӣ ва мубориза бо коррупсия дар «Конвенсияи Созмони Миллали Муттаҳид бар зидди коруппсия», ки дар Конгерсси СММ соли 2003 бо мақсади пешгирӣ ва мубориза алайҳи ҷиноятҳои коррупсионӣ ва дар ин замина риояи қоида ва принсипҳои байналмиллали ба тавсиб расидааст, баррасӣ шудааст[2].

Бояд тазаккур дод, ки кишвари соҳибистиқлоли мо 25 сентябри соли 2006 ба «Конвенсияи Созмони Миллали Мутаҳид бар зидди коррупсия», ҳамроҳ шуд, ва баъд аз тасдиқ баҳри амалисозии он тадбирҳои судманд андешида шудаанд.

Конвенсияи мазкур аз 8 боб ва 71 моддаи иборат аст.

Аз ҷумла: дар пешгуфтори он ҳадафҳои асосии таҳия, ба тасвибрасӣ ва усулҳои ба он ҳамроҳ шудан баррасӣ шудааст: «Давлатҳои иштирокчии ҳамин Конвенсия:

– бо изҳори ташвиш аз зиддияти масъалаҳо ва таҳдидҳои коррупсия барои амният ва суботи ҷомеа, ки арзишҳо ва ниҳодҳои демократӣ, меъёрҳои ахлоқӣ ва адолатро халалдор месозад, ба рушди устувор ва тартиботи ҳуқуқӣ зарар мерасонад;
– инчунин бо изҳори ташвиш аз алоқаҳои байни коррупсия ва шаклҳои дигари ҷинояткорӣ, аз ҷумла ҷинояткории муташаккилона ва иқтисодӣ, ҳамчунин қонунӣ гардонидани маблағҳои пулӣ;
– бо изҳори ташвиши минбаъда аз ҳолатҳои коррупсия вобаста ба ҳаҷми калони дороӣ, ки метавонад қисми назарраси захираҳои давлатро ташкил диҳад ва ба суботи сиёсӣ ва рушди устувори ин давлатҳо таҳдид намояд;

---

[1] «Стратегияи мубориза бо коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2008 -2012» -С.27.

[2] «Конвесияи Созмони Милали Муттаҳид бар зидди коррупсия» 31 октябри соли 2003, бо қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии /Т 16.04.2008 с. № 952 ратификатсия карда шудааст.

– бо изҳори боварӣ аз он, ки коррупсия кайҳо масъалаи минтақавӣ набуда, ба зуҳуроти трансмиллӣ мубаддал гаштааст, ба ҷомеа ва иқтисодиёти ҳамаи кишварҳо мудохила менамояд ва аз ин ҷиҳат аҳамияти истисноии муҳими ҳамкории байналмилалиро дар соҳаи пешгирии коррупсия ва мубориза бо он шароит муҳайё месозад;
– инчунин бо изҳори боварӣ аз он ки муносибати фарогир ва бештар бонизом барои пешгирии самараноки коррупсия ва мубориза бар зидди он зарур аст;
– бо изҳори боварии минбаъда аз он, ки мавҷудияти ёрии техникӣ метавонад дар тавсеъаи имкониятҳои давлатҳо нақши муҳим бозад, аз ҷумла бо роҳи пурзӯр намудани иқтидор ва таъсис додани институтҳо дар соҳаи пешгирии самараноки коррупсия ва мубориза бар зидди он;
– бо изҳори боварӣ аз он, ки ғайриқонунӣ ба даст овардани боигарии шахсӣ метавонад ба ниҳодҳои демократӣ, иқтисодоти миллӣ ва тартиботи ҳуҳуҳӣ зарари ҷиддӣ расонад;
– бо азми қатъии боз ҳам самараноктар пешгирӣ, ошкор ва қатъ кардани интиқолӣ байналмилалии дороиҳои ғайриқонунӣ бадастовардашуда ва таҳкими ҳамкории байналмилалӣ дар амалӣ намудани чораҳо ҷиҳати бозгардонидани дороиҳо;
– принсипҳои асосии татбиқи дахлдори ҳуқуқиро дар рафти мурофиаи ҷиноятӣ ва гражданӣ, маъмурӣ ва барои муқаррар намудани ҳуқуқҳои амволӣ тасдиқнамуда;
– бо назардошти он, ки пешгирӣ ва решакан кардани коррупсия вазифаи ҳамаи давлатҳо ва барои таъмини самаронокии кӯшишҳои худ дар ин соҳа онҳо бояд бо дастгирӣ ва иштироки гурӯҳо ва шахсони алоҳидаи берун аз доираи бахши оммавӣ, ба монанди ҷомеаи шаҳрвандӣ, ташкилотҳои ғайриҳукуматӣ ва

созмонҳои дар заминаи ҷамоат амалкунанда бо якдигар ҳамкорӣ намоянд;

- инчунин бо назардошти принсипҳои дахлдори идораи корҳои оммавӣ ва амволи оммавӣ, адолатӣ, ҷавобгарӣ ва баробарӣ дар назди қонун ва зарурати таъмини бовиҷдонӣ, устуворию садоқат, инчунин мусоидат ба ташаккули фарҳанге, ки коррупсияро инкор мекунад;
- фаъолияти Комиссияи оид ба пешгирии ҷинояткорӣ ва адолати судии ҷиноятӣ ва Раёсати Созмони Миллали Муттаҳид оид ба маводи нашъаовар ва ҷинояткориро дар соҳаи пешгирии коррупсия ва мубориза бар зидди он баланд арзёбӣ намуда;
- боистинод ба фаъолияти дигар созмонҳои байналмиллалӣ ва минтақавӣ, ки дар ин самт анҷом медиҳанд, аз ҷумла фаъолияти Иттиҳоди Африка, Иттиҳоди Европа, Ҷомеаи давлатҳои Араб, Созмони давлатҳои Америка, Созмони рушд ва ҳамкории иқтисодӣ, Шӯрои Европа ва Шӯрои ҳамкории гумрук, (ки ҳамчун Созмони умумиҷаҳонии гумрукӣ маъруф аст).

Инчунин эътибори хоса доштани як силсила расмиятҳои бисёртарафаи оид ба пешгирӣ ва мубориза бо коррупсия ва дар ин замина густариши ҷаҳонбинии зидии коррупсионӣ дар ҳамин Конвенсия, ки мавзӯи мувофиқаи аъзо-давлатҳо қарор гирифтааст, қайд шудааст.

Аз ҷумла:

- Конвенсияи байниамерикоии мубориза бар зидди коррупсия, ки Созмони давлатҳои Америка 29 марти соли 1964 қабул намудааст;
- Конвенсия дар бораи мубориза бар зидди коррупсия, ки шахсони мансабдори ҷомеаҳои Европосиё шахсони мансабдори Давлатҳои иштирокчии Иттиҳоди Европаро дар бар мегирад ва Шӯрои Иттиҳоди Европа 26 майи соли 1997 қабул кардааст;

– Конвенсия дар бораи мубориза бар зидди фурӯхташавии шахсони мансабдори хориҷӣ ҳангоми бастани аҳдҳои байналмиллалии тиҷоратӣ, ки Созмони рушд ва ҳамкории иқтисодӣ 21 ноябри соли 1997 қабул кардааст;
– Конвенсия дар бораи ҷавобгарии ҷиноятӣ барои коррупсия, ки Кумитаи Вазирони Иттиҳоди Европа 27 январи соли 1999 қабул кардааст;
– Конвенсия дар бораи ҷавобгарии гражданию ҳуқуқӣ барои коррупсия, ки Кумитаи Вазирони Иттиҳоди Европа 4 ноябри соли 1999 қабул кардааст;
– Конвенсияи Иттиҳоди Африка дар бораи пешгирии коррупсия ва мубориза бар зидди он, ки аз ҷониби Сарони давлатҳо ва ҳукуматҳои Иттиҳоди Африка 12 июли соли 2003 қабул гардидааст, бо миннатдорӣ ба маълумот гирифта ҳамзамон 29 сентябри соли 2003 эътибор пайдо намудани Конвенсияи Созмони Миллали Муттаҳид зидди ҷинояткории муташаккили трансмиллиро маъқул дониста шудааст.[1]

Тибқи м.2 Конвенсия дар бораи «шахси мансабдори оммавӣ» омадааст 1) ҳар шахси таъйиншаванда ё интихобшавандае, ки дар мақомоти қонунгузорӣ, иҷроия, маъмурӣ ё судии давлатӣ, иштирокчӣ дар асоси доимӣ ё муваққатӣ, барои музд ё бе подоши меҳнатӣ ягон вазифаро ишғол менамояд, новобаста аз сатҳи мансаби ин шахс;

2) ҳар шахси дигаре, ки ягон вазифаи оммавиро иҷро мекунад, аз ҷумла барои идораи оммавӣ ё муассисаи оммавӣ ё кадом як хизматрасонии оммавиро пешниҳод менамояд, чуноне ки он дар қонунгузории дохилии Давлатӣ иштирокчӣ муайян гардидааст ва тавре, ки дар соҳаи дахлдори танзими ҳуқуқии ин Давлатӣ иштирокчӣ истифода мешавад;

[1] Конвенция Организации объединённых наций против коррупции. Нью-Йорк, ООН, 2004.С.6,

3) ҳар шахси дигаре, ки ба сифати "шахси мансабдори оммавӣ" дар қонунгузории дохилии Давлатӣ иштирокчӣ муайян мегардад. Бо вуҷуди ин барои мақсадҳои қабули баъзе чораҳои мушаххаси пешбининамудаи боби II ҳамин Конвенсия мафҳуми "шахси мансабдори оммавӣ" метавонад ҳар шахсеро дар бар гирад, ки ягон вазифаи оммавиро иҷро ё кадом як хизматрасонии оммавиро пешниҳод менамояд, чуноне ки он дар қонунгузории дохилии Давлатӣ иштирокчӣ муайян гардидааст ва тавре, ки дар соҳаи дахлдори танзими ҳуқуқии он Давлатӣ иштирокчӣ истифода мешавад.

Дар банди дигари моддаи 2 мазкури Конвенсия сухан нисбати «шахси мансабдори хориҷӣ» меравад, ки аслан ба ҳайси он ҳар як шахсе тайин ва интихобгардидае, ки дар мақомоти қонунгузорӣ, иҷроия, маъмурӣ ё судии давлати хориҷа ба адои вазифа машғул аст, фаҳмида мешавад.

Паҳлӯҳои муҳим ва то андозае ба сиёсати давлат табдил ёфтани пешгирӣ ва мубориза бо коррупсия дар бобҳои Конвенсия ҷамъ оварда шудаанд.

Масъалан Боби 2 Конвенсия ба масоили «Чораҳои пешгирии коррупсия"бахшида шудааст, ки он аз моддаи 5 оғоз ёфта то моддаи 14 фаро мегирад. Дар боби мазкур тадбирҳои бо самтҳои алоҳидаи мубориза бо коррупсия муайян шудааст:

– «Сиёсат ва амалияи пешгирӣ ва муқобилият ба коррупсия» (м.5), ки бештар дар ин самт тарзу усул ва истифодаи воситаҳои мушаххаси мубориза бо коррупсия аз ҷониби сохторҳои қудратии давлат баррасӣ шудааст.
– «Мақом ё мақомот оид ба пешгирӣ ва муқобилият ба коррупсия» (м.6), ки ба мавқеъ ва манзалати субъектони мубориза бо коррупсия, ки дар таъсис ва назорати ин самт асос ва принсипҳои низоми қонунгузории давлатҳои аъзои Конвенсия афзалиятноканд, бахшида шудааст.

– «Бахши оммавӣ» (м.7), дар ин бахш зарурати риояи принсипҳои асосии низоми ҳуқуқӣ, аз ҷумла танзими ҷараёни ба кор қабулкунӣ, интихоб, адои хизмат, болоравӣ дар хизмат ва баромадан ба истеъфоро барои хизматчиёни гражданӣ ва дар ҳолатҳои зарурӣ дигар шахсони ба чунин вазифаҳои оммавӣ интихобнашавандаро, ки бояд аъзодавлат таъсис диҳад, дастгирӣ намояд ва таҳким бахшад, баррасӣ шудааст.
– «Кодексҳои рафтори шахсони мансабдори оммавӣ» (м.8), ки ба масоили пешбурди фаъолияти хизматии шахсони мансабдор, ки мақсади ташкили дурусти хизмати давлатӣ тариқи институтсионалӣ ба тасвиб расонидани Кодекси одоби хизматиро тақозо менамояд, ба татбиқи усулҳои он бахшида шудааст. Ба ин икдом бояд зери таъсири «Кодекси байналмиллалии рафтори шахсони мансабдори давлатӣ», ки тибқи Қарори 51/59 Ассамблеяи Генералии СММ аз 12 декабри соли 1996 ба тасвиб расидааст, эътибор додан лозим аст.

Бояд тазаккур дод, ки дар доираи пешгирӣ ва мубориза бо коррупсия аз ҷониби аъзо-давлатҳои Конвенсия андешидани маҷмӯи тадбирҳои зарурӣ ва тақвият бахшидан ба самаранокии он моддаҳои зерин тавсия шудааст, «Харидҳои оммавӣ ва идораи маблағҳои оммавӣ» (моддаи 9), «Ҳисоботдиҳии оммавӣ” моддаи 10.), «Чораҳо нисбат ба мақомоти судӣ ва мақомоти прокуратура» (моддаи 11), «Бахши хусусӣ» (моддаи 12). Моддаи 6 Конвенсия доира ва мақоми субъектони пешгирӣ ва мубориза бо коррупсияро дар мисоли мақомоти қудратӣ ва махсуси салоҳиятдор, ки фаъолияти пурсамарро бояд таъмин намояд, пешбинӣ намудааст.

Баҳри комёб гаштан ба самаранокии фаъолияти мақомоти давлатии мубориза бо коррупсия ташкилотҳои ҷамъиятӣ накши муҳим мебозанд, ки аз ҷониби давлат дар фазои ҳамоҳангсозии фароҳам овардани имконият ва

шароити мусоид баҳри иштироки созмонҳои ҷамъиятӣ ба ҳайси субъекти мубориза бо коррупсия ва тарзу усулҳои ширкати онҳо ба таври муфассал дар моддаи 13 Конвенсия оварда шудааст. Тадбирҳо оид ба пешгирӣ ва назорату сарфакории асъор нисбат ба фаъолияти бонкӣ ва муассисаҳои ғайрибонкӣ, аз ҷумла аз ҷониби шахсони воқеӣ ва хусусӣ, ки ба таври расмӣ ва ғайрирасмӣ, хизматрасонӣ анҷом дода мешавад, дар ин самт андешидани чораҳоро моддаи 14 тақозо менамояд.

Боби 3 Конвенсия бошад, ба «Криминализатсия ва фаъолият оид ба ҳифзи ҳуқуқ» ки аз моддаҳои 15 то 42 дар бар мегирад, бахшида шудааст. Дар ин боб Конвенсия қоидаҳоро муқаррар намудааст, ки онҳо мансуби ҷиноятҳои коррупсионӣ мебошанд.

Муқаррароти боби мазкур ҳамчун замина дар қабули санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ аз ҷониби аъзо-давлатҳо мавриди истифода қарор дода мешаванд, ки ҳамзамон дар ин ҷода муайян сохтан ва андешидани тадбирҳои заруриро алайҳи мубориза бо коррупсия силсилаи меъёрҳои Конвенсия тақозо менамояд.

Аз ҷумла:

- «Фурӯхташавии шахсони мансабдори оммавии миллӣ» (моддаи 15);
- «Фурӯхташавии шахсони мансабдори оммавии хориҷӣ ва шахсони мансабдори созмонҳои байналмиллалии оммавӣ» (моддаи 16);
- «Тасарруф, ғайриқонунӣ азони худ кардан ё истифодаи ғайримақсадноки амвол аз ҷониби шахси мансабдори оммавӣ» (моддаи 17);
- «Сӯйистифода аз нуфуз бо мақсадҳои ғаразнок» (моддаи 18);
- «Сӯйистифода аз ҳолати хизматӣ» (моддаи 19);
- «Бойшавии ғайриқонунӣ» (моддаи 20);
- «Харида гирифтан дар бахши хусусӣ» (моддаи 21);
- «Тасарруфи амвол дар бахши хусусӣ» (моддаи 22);

– «Ба даст овардани фоида бо роҳи ҷиноят» (моддаи 23).

Инчунин, дар моддаҳои 23, 24, 25, 26, 27, 28, 29, 30, 31, 32, 33, 34, 35, 36, 37, 38, 39, 40, 41, 42 Конвенсия ба паҳлӯҳои мубрами муносибатҳои дохилии давлатӣ ва байналмиллалӣ (дарк, кирдор, қасдан ҳамчун ҷузъи ҷиноят, муҳлати даъво, таъқиб ва баррасии қарор ва раводиди судӣ, боздории амалиёт нисбат ба ҳабс ва мусодираи амволи аз фоидаи ғайриқонунӣ ба даст омада, кафолати ҳимояи субъектони мурофиа, шоҳидон, экспертҳо ва ҷабрдидагон, оқибати кирдори коррупсионӣ, ҷуброни зарар, таъсиси мақомоти махсуси мубориза бо коррупсия, ҳамкориҳои байни мақомотҳои ҳифзи ҳуқуқ чи дар дохили давлат ва берун аз он дар сатҳи байналмиллалӣ, сирри бонкӣ, маълумот дар бораи судшаванда, юрисдиксияи макон ва маҳалли содир гаштани ҷиноят (марзи ҷиноят) танзими ҳуқуқии пешгирӣ ва мубориза бо коррупсия дахл намудааст.

Дар бобҳои боқимондаи Конвенсия масоили мухталиф аз ҷумла ба қабули санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва ҳамзамон андешидани тадбирҳои ташкилӣ-ҳуқуқии пешгирӣ ва мубориза бо коррупсияро, ки аз ҷониби аъзодавлатҳо бояд сурат гирад, гирд оварда шудааст. Аз ҷумла:

Боби 4 Ҳамкории байналмиллалӣ (м.43-50);

Боби 5 Чораҳо ҷиҳати баргардонидани даромадҳо (м.51-59);

Боби 6 Кумаки техникӣ ва мубодилаи иттилоот (м.60-62);

Боби 7 Механизми татбиқи Конвенсия (м.63-64);

Боби 8 Муқаррароти хотимавӣ (м.65-71).

Бояд тазаккур дод, ки дар соҳаи ҳамкориҳои байналмилалӣ ва дар доираи ёрии ҳуқуқии байниҳамдигарӣ, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон иштирокчӣ ва аъзои силсилаи созишномаҳои байналмиллалӣ, байнидавлатӣ ва байниҳукуматӣ мебошад, ки меъёрҳои он дар қисми таҳия ва ирсоли ҳуҷҷатҳо, гузаронидани кофтуков, мусодира,

ирсол ва додани далелҳои шайъӣ, гузаронидани экпертиза, пурсиши айбдоршаванда, шоҳидон, экспертҳо, оғоз кардани парвандаҳои ҷиноятӣ, кофтуков ва супоридани (экстрадитсяи) шахсоне, ки ҷиноят содиркардаанд, ҳамзамон ба ҷиноятҳои коррупсионӣ низ татбиқ мегардад.

Амсоли чунин расмиятҳое, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон дар моҳи сентябри соли 2003 ба он ҳамроҳ гаштааст, «Нақшаи Истамбулии мубориза бо коррупсия барои мамлакатҳои дорои иқтисодиёти давраи гузариш» маҳсуб аст. Яке аз шартҳои татбиқи Нақшаи амалиёти Истамбулӣ, мутобиқат намудани асосҳои қонунгузорию ҳуқуқӣ ва инстутсионалии мубориза бо коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Дар ин самт, Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба вазъи асосӣ қонунгузорию ҳуқуқӣ ва институтсионалии худ оид ба мубориза бо коррупсия ҳисобот манзур дошта ва тавсияҳои пешниҳод намудаи Ташкилоти Ҳамкориҳои Иқтисодӣ ва Рушдро (ТҲИР) бо муваффақият амалӣ месозад, таъкид гардидааст[1].

Баҳри татбиқи тавсияҳо зарур аст, ки тадбирҳои зерин андешида шаванд:

– «тасдиқи Конвенсияи Созмони Миллали Муттаҳид бар зидди коррупсия аз 31 октябри соли 2003 таъмин карда шавад;
– созишномаҳои байналмиллалӣ оид ба мубориза бо коррупсия барои мувофиқи мақсад будани ҳамроҳшавии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Конвенсияи Шӯрои Европа дар бораи масъулияти граждание ҳуқуқӣ барои коррупсия (Страссбург, 4 ноябри соли 1999), Конвенсияи Ташкилоти Ҳамкориҳои Иқтисодӣ ва Рушд оид ба мубориза бо тибқи пора харидани шахсони мансабдори давлатҳои хориҷӣ ҳангоми гузаронидани амалиёти байналмиллалии мансабӣ

[1] «Стратегияи мубориза бо коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2008 -2012».С.27.

(Истамбул, 21 ноябри соли 1997) ва ғайра мавриди омӯзиш қарор дода шавад;

- оид ба шартнома ва созишномаҳои байнидавлатӣ, байниҳукуматӣ ва байниидоравӣ бо мамлакатҳои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил (ИДМ) ва хориҷӣ дур дар бораи ёрии ҳуқуқӣ ва додугирифти ҷинояткорон корҳо доир гардад».[1]

Инчунин, дар ин самт андешидани тадбирҳои судманд оид ба расонидани ёрӣ ба мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, бозомӯзӣ ва такмили ихтисоси хизматчиёни давлатӣ ва мақомоти зиддикоррупсионӣ, дар доираи ҷалби мутахассисон аз давлатҳои хориҷа ба роҳ мондани ҳамкориҳо, бахшида дар мавзӯи коррупсия гузаронидани конфронс, семинар, тренингҳои ватанӣ ва байналмиллалӣ ва мониторингҳо оид ба иҷрои уҳдадориҳои байналмиллалӣ ва ғ. тақозои замон аст, таъқид шудааст.

Ҳуҷҷатҳои мазкур ҳамчун воситаи муҳими муфид ва манбаи иттилоот оид ба стандартҳои байналмиллалии пешгирӣ ва мубориза бо коррупсия арзёбӣ гардад, аз ҷониби дигар ҳамчун роҳнамои фаъолияти ҳайати кормандони мақомоти Агентии мубориза бо коррупсия ва дигар идораю ташкилотҳои давлатӣ ва ҷамъиятӣ маҳсуб аст:

- омӯзиши меъёр ва принсипҳои стандартҳои ҳуқуқи байналмилалӣ ва паҳлӯҳои он ҳамчун воситаи инкишофи маҳорат ва малакаи касбии мутахассисони ин самти фаъолият истифода мешавад;
- донистани санадҳои ҳуқуқии байналмиллалӣ оид ба пешгирӣ ва мубориза бо коррупсия зарур ва муҳим аст. Зеро ин расмиятҳо ҳамчун роҳнамои фаъолияти кормандони мақомоти мубориза бо коррупсия дар соҳаи ҳуқуқи инсон, ба тақвият бахшидани фаъолияти пурсамари онҳо таъсири мусбат мерасонад;

[1] Ҳамин ҷо. - С.28.

– санадҳои меъёрии байналмилалии мубориза бо коррупсия таҳкурсӣ ва манбаи асосии ташаккули эҳтиром ва қадр намудани ҳуқуқҳои асосии инсон аз ҷониби мақомотҳои давлатӣ ва масъулони ин соҳаи фаъолият ба шумор меравад;
– омӯзиши санадҳои меъёрӣ ҳуқуқии байналхалқии мубориза бо коррупсия, яке аз омилҳои рушди шахс дар соҳаи ҳуқуқи инсон ба шумор меравад ва асоси фаъолияти ҳар як аъзои ҷомеаи шаҳрвандӣ бояд бошад.

Аз ин лиҳоз, эътибор додан ба ҷанбаҳои муфиди ин санадҳои байналмилалии мубориза бо коррупсия вазифаи ҳар як аъзо - давлат бояд бошад ва дар ин замина андешидани чораҳои мушаххаси тарбиявӣ - тарбияи ҷаҳонбинии зиддикоррупсионӣ тақозои замон аст.

Бояд тазаккур дод, ки тадбирҳои муҳим ва таҳкими усулҳои мубориза бо коррупсия дар санадҳои дигари байналмиллалӣ мавриди баррасӣ қарор дода шудааст, ки шояд дарояндаи наздик кишвари соҳибистиқлоли мо ба ҳайси яке аъзо – давлатҳои ба ин ҳуҷҷатҳо шомил гардад.[1]

[1] Конвенция об уголовной ответственности за коррупцию от 27. 01.1999 года, Страсбург, 27 января 1999 года — Совет Европы. Серия Европейских договоров. № 173; Конвенция о гражданско-правовой ответственности за коррупцию — Совет Европы. Серия Европейских договоров. № 174

## МАВЗӮИ №4. ПРИНСИПҲОИ МУҚОВИМАТ БА КОРРУПСИЯ

### НАҚШАИ МАВЗӮЪ:

1. Мафҳуми умумии принсипҳои муқовимат ба коррупсия.
2. Намудҳои принсипҳои муқовимат ба коррупсия.

### АДАБИЁТИ ТАВСИЯВӢ БАРОИ МАВЗӮИ №4


1. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 06 ноябри соли 1994 бо тағйиру иловаҳои солҳои 1999, 2003 ва 2016. Душанбе.-2016.
2. Суханронии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба муносибати 10 – солагии таъсиси Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсия (10 январи соли 2017) // Сомонаи интернетии www.prezident.tj.
3. Конвенция Организации объединённых наций против коррупции. Нью-Йорк, ООН, 2004.
4. Кодекси Граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе, 2014.
5. Кодекси одоби хизматчии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе.-2017.
6. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ" // Сомонаи интернетии www.mmk.tj.
7. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мубориза бар зидди коррупсия» аз 25 июли соли 2005 № 100 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2005, №7, мод. 402; с. 2007, №7, мод. 660; с. 2008, №10, мод. 800; с. 2011, №12, мод. 837; с. 2014, №3, мод. 148; Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 24 феврали соли

2017, №1385; Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 24 феврали соли 2017, №1386.
8. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ» 5 март соли 2007.
9. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 20 марти соли 2008 // Сомонаи интернетии www.prezident.tj.
10. Раҳимзода Р.Ҳ. Фаъолияти оперативӣ – ҷустуҷӯӣ. Қисми умумӣ. Китоби дарсӣ. Нашри 3-юм. – Душанбе: «ЭР-граф», 2016.

## I. МАФҲУМИ УМУМИИ ПРИНСИПҲОИ МУҚОВИМАТ БА КОРРУПСИЯ

Қабл аз он, ки мафҳуми принсипҳои мубориза бар зидди коррупсия шарҳ дода шавад, мафҳуми худи принсипро таҳлил кардан ба мақсад мувофиқ аст.

Калимаи «принсип» аз забони лотинӣ гирифта шуда, маъноаш «асос» ва ё «поя» эътироф мешавад.

Дар адабиёти илмӣ ва таълимӣ асосҳои гуногуни таснифи принсипҳо, яъне гурӯҳбандии онҳо, ҷой дорад. Вобаста ба моҳият, принсипҳо ба иҷтимоӣ – иқтисодӣ, сиёсӣ, ахлоқӣ, динӣ ва ҳуқуқӣ ҷудо мешаванд. Принсипҳои ҳуқуқӣ ин ақидаҳои асосии раванди ташаккулёбӣ, инкишоф ва фаъолияти ҳуқуқ мебошанд. Принсипҳои ҳуқуқӣ дар меъёрҳои ҳуқуқ инъикос ёфта, ҳаёти ҳуқуқии ҷамъиятро ва низоми ҳуқуқии давлатро фаро мегиранд.

Принсипҳои ҳуқуқиро ба се гурӯҳ ҷудо кардан мумкин аст:

– принсипҳои умумӣ;
– принсипҳои байнисоҳавӣ;
– принсипҳои соҳавӣ.

Вобаста ба ин, принсипҳое, ки ба тамоми низоми ҳуқуқ паҳн мешаванд, мазмун ва моҳияти онро муайян месозанд, принсипҳои умумӣ ном доранд. Ба принсипҳои умумӣ одатан принсипҳои қонуният, адолати иҷтимоӣ, баробарӣ, инсондӯстӣ ва амсоли инҳо дохил мешаванд.

Принсипҳои байнисоҳавӣ ду ва зиёда соҳаи ҳуқуқро дар бар мегиранд, ки бо ҳам пайвастагии наздик доранд. Масалан, ҳуқуқи конститутсионӣ ва ҳуқуқи маъмурӣ, мурофиаи ҷиноятӣ ва мурофиаи гражданӣ. Ба ин гурӯҳи принсипҳо дохил мешаванд: принсипи мустақилияти судяҳо, принсипи рақобат дар мурофиаи судӣ, принсипи баробарии мурофиавии тарафайн ва ғайра.

Принсипҳои соҳавӣ танҳо ба як соҳаи ҳуқуқ таалуқ доранд ва ин гуна принсипҳо одатан аз номи соҳаи алоҳида номгузорӣ мешаванд. Масалан, принсипҳо дар соҳаи ҳуқуқи конститутсионӣ принсипҳои ҳуқуқи конститутсионӣ ном доранд.

Сиёсати зиддикоррупсионӣ дар навбати худ ҳама намуди принсипҳоро (умумӣ, байнисоҳавӣ ва соҳавӣ) дар бар мегирад.

Ҳамин тавр, принсипҳои муқовимат ба коррупсия – ин ақидаҳои роҳбарикунандае мебошанд, ки дар самти муқовимат ба коррупсия ба асос гирифта мешаванд.

## II. НАМУДҲОИ ПРИНСИПҲОИ МУҚОВИМАТ БА КОРРУПСИЯ

Тибқи моддаи 4 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мубориза бар зидди коррупсия» мубориза бар зидди коррупсия, бо ба вуҷуд овардани шароити пуктинатӣ барои шахсони ба иҷрои вазифаҳои давлатӣ ваколатдор ва шахсони ба онҳо баробаркардашуда, инчунин шахсоне, ки ба шахсони барои иҷрои вазифаҳои давлатӣ ваколатдор ё шахсони ба онҳо баробар кардашуда, дар асоси принсипҳои зерин ба амал бароварда мешавад:

1. Эътироф, риоя ва ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд;

2. Баробарии ҳама дар назди қонун ва суд;

3. Танзими дақиқи ҳуқуқии фаъолияти субъектҳои ҳуқуқвайронкунии бо коррупсия алоқаманд, қонуният, шаффофият ва ошкорбаёнӣ дар фаъолияти онҳо ва назорати давлативу ҷамъиятӣ аз болои ин субъектҳо;

4. Такмили сохтори дастгоҳи давлатӣ ва тартиби ҳалли масъалаҳое, ки ба ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ дахл доранд;

5. Эътирофи раво будани маҳдудкунии ҳуқуқ ва озодиҳои шахсони ба иҷрои вазифаҳои давлатӣ ваколатдор, инчунин шахсони ба онҳо баробар кардашуда мутобиқи моддаи 14 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон;

6. Ногузир будани ҷавобгарӣ барои содир намудани ҳуқуқвайронкуниҳои ба коррупсия алоқаманд;

7. Манъ будани иҷрои вазифаҳои давлатӣ дар ҳолати бархӯрди манфиатҳои шахсӣ ва давлатӣ;

8. Роҳ надодан ба хешутаборчигӣ, маҳалгароӣ ва пуштибонӣ ҳамчун зуҳуроти кирдорҳои коррупсионӣ;

9. Барқарор намудани ҳуқуқу манфиатҳои қонунии шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, пешгирӣ намудан ва барҳам додани оқибатҳои зарарноки ҳуқуқвайронкуниҳои ба коррупсия алоқаманд;

10. Аз тарафи давлат муҳофизат намудани ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии шахсони ба иҷрои вазифаҳои давлатӣ ваколатдор ё шахсони ба онҳо баробар кардашуда, муқаррар намудани музди меҳнат ва имтиёзҳое, ки ба онҳо ва аҳли оилаашон сатҳи муносиби зиндагиро таъмин мекунанд;

11. Манъ будани ваколатдоркунии шахсони воқеӣ ва ҳуқуқии ба фаъолияти соҳибкорӣ машғулбуда ба танзими давлатӣ ва назорат аз болои фаъолияти соҳибкорӣ;

12. Пешбурди фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ бо мақсади пешгирӣ, ошкор кардан, кушодан ва рафъ

намудани ҷиноятҳои хусусияти коррупсионидошта, ошкор ва муайян намудани шахсони онҳоро тайёркунанда, тайёркарда, содиркунанда ё содиркарда, инчунин татбиқи тадбирҳои махсуси назорати молиявӣ;

13. Таъмини амнияти шахсӣ ва кафолати ҳуқуқии шахсоне, ки ба мубориза бар зидди ҳуқуқвайронкуниҳои ба коррупсия алоқаманд мусоидат менамоянд;

14. Ҳамкории давлат бо ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ, ташкилотҳои байналмилалӣ ва шахсони воқеӣ.

Ҳамзамон принсипҳои номбурдаро ба ду гурӯҳ ҷудо кардан мумкин аст:

1. Принсипҳои конститутсионии зиддикоррупсионӣ (принсипҳои 1 ва 2);

2. Принсипҳои соҳавии зиддикоррупсионӣ (принсипҳои 3-14).

Дар мадди аввал принсипҳои гурӯҳи якумро таҳлил мекунем.

**Принсипи эътироф, риоя ва ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд.** Ин принсип яке аз принсипҳои асосии конститутсионӣ буда, дар як замон се зерпринсипро дар бар мегирад, аз ҷумла: 1) эътирофи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд; 2) риояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд ва 3) ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд.

Эътирофи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд маънои онро дорад, ки давлат кулли ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандро қабул, тасдиқ ва эълон менамояд. Ғайр аз ҳуқуқу озодиҳои навишта (позитивӣ), яъне дар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дарҷгардида, инчунин давлат ҳуқуқу озодиҳои нонавиштаи (фитрии) инсон ва шаҳрвандро эътироф менамояд. маҳз ба ҳамин хотир дар моддаи 5 Конститутсия дарҷ гардидааст, ки инсон, ҳуқуқ ва озодиҳои ӯ арзиши олӣ мебошанд.

Вобаста ба ин, шарҳ намудани мафҳумҳои «ҳуқуқ» ва «озодӣ»-ро зарур мешуморем. Калимаи ҳуқуқро бо ду маънои асосӣ фаҳмидан мумкин аст: объективӣ ва

субъективӣ. Ба маънои объективӣ ҳуқуқ ин низом ва ё маҷмӯи меъёрҳо мебошад, ки ба танзими муносибатҳои ҷамъиятӣ равона шудааст. Ҳуқуқҳои инсон ҳамчун падидаи иҷтимоӣ ба инсон аз лаҳзаи таваллуд ва то ба марг расидан таалуқ дорад. Озодӣ ба мисли ҳуқуқ аз лаҳзаи тавваллуд ва то ба марг расидан ба инсон таалуқ дорад, аммо аз ҳуқуқ фарқ дорад. Ҳуқуқ ба маънои субъективӣ, яъне ба маънои хос будан ба инсон, муносибатҳоеро ба вуҷуд меорад, ки аз як тараф инсон қарор дошта, аз тарафи дигар дорандаи уҳдадорӣ, яъне давлат мебошад. Ба ибораи дигар, ҳар лаҳзае, ки калимаи ҳуқуқ ба маънои субъективӣ истифода мешавад, муносибате ба назар гирифта мешавад, ки аз як тараф субъекти ҳуқуқдор ва аз тарафи дигар субъекти уҳдадор аст. Калимаи озодӣ дар навбати худ муносибатҳои дутарафаро ба вувҷуд намеорад, яъне давлат бешубҳа озодиҳои инсонро эътироф менамояд, аммо уҳдадор нест, ки барои инсон озодиҳои ӯро таъмин намояд. Истифода намудан аз озодиҳои худ ин танҳо аз иродаи худи инсон вобаста аст ва давлат ҳуқуқи дахолат намуданро дар ягон шакл надорад.

**Риояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд** аз ҷониби давлат кафолат дода шуда, амалӣ намудани он аз ҷониби ҳама ҳатмӣ мебошад. Риояи кардан, яъне дахолат накардан, поймол накардани ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд. Ҳуқуқу озодиҳои як шахс дар он ҷо анҷом мешавад, ки дар он ҷо ҳуқуқу озодиҳои дигар шахс оғоз меёбад. Яъне ҳама дорандаи ҳуқуқу озодиҳо мебошанд, аммо бо шарти поймол накардани ҳуқуқу озодиҳои ҳамдигар. Ҳурмат ва таҳаммулпазирӣ яке аз унсурҳои таркибии риояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд буда, ба роҳ надодан ба табъиз равона шудааст.

**Ҳимояи ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд** маънои онро дорад, ки дар ҳама ҳолатҳои поймолшавии чунин ҳуқуқу озодиҳо, давлат уҳдадор аст чораҳои заруриро андешад. маҳз ба ҳамин хотир давлат низоми мақомоти

махсус (мақомоти ҳифзи ҳуқуқ) ташкил намудааст, ки вазифааш аз ҳифз ва ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд иборат мебошад. Вобаста ба ин, дар ҳолатҳои поймолшавии ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд дар натиҷаи содир шудани ҳуқуқвайронкуниҳо ва ҷиноятҳои хусусияти коррупсионидошта, давлат дар симои мақомоти ҳифзи ҳуқуқ чораҳои зарурирo меандешад.

**Принсипи баробарии ҳама дар назди қонун ва суд.** Тибқи моддаи 17 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳама дар назди қонун ва суд баробаранд. Давлат ба ҳар кас, қатъи назар аз миллат, нажод, ҷинс, забон, эътиқоди динӣ, мавқеи сиёсӣ, вазъи иҷтимоӣ, таҳсил ва молу мулк, ҳуқуқу озодиҳоро кафолат медиҳад. Мардон ва занон баробарҳуқуқанд.

Баробарӣ дар назди қонун ва ё баробарҳуқуқӣ – ҳамчун принсипи асосии демократия эътироф шудааст. Вайрон намудани ин принсип табъиз ном дорад.

Моҳияти баробарҳуқуқӣ – ин уҳдадории риояи қонун аз ҷониби инсон ва шаҳрванд ва муносибати якхелаи мақомоти ҳифзи ҳуқуқ нисбат ба қонуншиканони меъёрҳои якхела.

Баробарӣ дар назди қонун ва суд ҳамчун принсипи сиёсати зиддикоррупсионӣ маънои онро дорад, ки ҳама қатъи назар аз миллат, нажод, ҷинс, забон, эътиқоди динӣ, мавқеи сиёсӣ, вазъи иҷтимоӣ, таҳсил ва молу мулк дар ҳолати содир намудани ҳуқуқвайронкунӣ ё ҷинояти хусусияти коррупсионидошта баробар ба ҷавобгарӣ ҷалб шуда, ҷазои сазоворро мегиранд.

**Принсипи танзими дақиқи ҳуқуқии фаъолияти субъектҳои ҳуқуқвайронкунии бо коррупсия алоқаманд, қонуният, шаффофият ва ошкорбаёнӣ дар фаъолияти онҳо ва назорати давлативу ҷамъиятӣ аз болои ин субъектҳо.** Принсипи мазкур яке аз принсипҳои мураккаби сиёсати зиддикоррупсионӣ буда, дар як замон чанд принсипи ҳуқуқиро дар бар мегирад. Аз ҷумла:

– принсипи танзими дақиқи ҳуқуқӣ;

– принсипи қонуният;
– принсипи шаффофият ва ошкорбаёнӣ;
– принсипи назорати давлативу ҷамъиятӣ.

Принсипи танзими дақиқи ҳуқуқӣ маънои онро дорад, ки ҳама гуна фаъолият, аз ҷумла фаъолияти субъектҳои ҳуқуқвайронкунии бо коррупсия алоқаманд, дақиқ ба танзим дароварда шавад . Бинобар ин, танзими ҳуқуқӣ дорои мақсад, восита ва усулҳо мебошад.

Мақсади асосии танзими ҳуқуқӣ – ин таъсиррасонӣ ба ҳаёти ҷамъиятӣ ва муносибатҳои ҷамъиятӣ тавассути меъёрҳои ҳуқуқӣ. Ба ҳамагон маълум аст, ки ба ҳаёти ҷамъиятӣ ва муносибатҳои ҷамъиятӣ меъёрҳои гуногун тасири худро (ҳам манфӣ ва ҳам мусбатро) мерасонанд. Вобаста ба ин, меъёрҳои ҳуқуқӣ танҳо дар он ҳолат аз ҷониби давлат эҷод ва дар санадҳои меъёрҳои ҳуқуқӣ аён гардида, муносибатҳои ҷамъиятиро ба танзим медароранд, ки аз ҳадаф ва идеологияи режими сиёсӣ сарчашма гиранд.

Принсипи дигари сиёсати зиддикоррупсионӣ принсипи қонуният мебошад. Принсипи мазкур аз принсипи умумиҳуқуқӣ ба принсипи фаъолияти зиддикоррупсионӣ табдил ёфта, маънои хоси худро иваз накардааст. Қонуният – ин баамалбарории дақиқ ва ягонаи қонун аст.

Баамалбарории қонун ду намуд дорад: умумӣ ва махсус.

Баамалбарории умумии қонун вобаста ба намудҳои меъёрҳои ҳуқуқ (манъкунанда, ҳуқуқдиҳанда ва уҳдадоркунанда) дар се шакл инъикос мегардад:
– риоя;
– истифодабарӣ;
– иҷро.

**Риояи қонун** маънои онро дорад, ки қонун аз ҷониби ҳама субъектҳои ҳуқуқ (давлат, шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ) риояи карда шавад, яъне вайрон карда нашавад. Ин

маънои онро дорад, ки ҳар амал ё кирдори аз ҷониби қонун манъкардашуда, содир карда нашавад. Масалан, ҳуқуқвайронкуниҳо ва ҷиноятҳои хусусияти коррупсионидоштаро қонунҳои маъмурӣ, ҷиноятӣ ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ манъ кардаанд ва субъектҳои муносибатҳои ҷамъиятӣ ин талаботи қонунро бояд риоя намоянд, яъне ба ҳуқуқвайронкунӣ ва ҷиноят даст назананд.

**Истифодабарии қонун** ҳамчун шакли баамалбарории он аз хоҳиши худи субъектҳои муносибатҳои ҷамъиятӣ вобастагӣ доранд. Ба ибораи дигар, қонун ба инсон ва шаҳрванд ҳуқуқ медиҳад барои содир намудан ва ё содир накардани ягон кирдор ё амал. Танҳо аз худи шахс вобаста аст аз ҳуқуқи ба ӯ додашуда истифода барад ё истифода набарад. Бинобар ин, истифодабарии қонун маънои истифода намудани ҳуқуқи инфиродии худро дорад. Масалан ҳуқуқ ба фаъолияти соҳибкорӣ машғул шудан. Ягон кас инсон ва шаҳрвандро ба машғул шудан ба фаъолияти соҳибкорӣ маҷбур кардан наметавонад. Барои истифода набурдани ҳуқуқҳои худ шахс ба ҷавобгарӣ ҷалб карда намешавад.

**Иҷрои қонун** шакли сеюми баамалбароии қонун аст, ки маънои он иҷроиши ҳатмии ҳама гуна уҳдадориҳои дар қонун инъикосгардида, мебошад. Ин шакли баамалбарӣ бо истифодабарии қонун алоқаи наздик дорад, чунки аз муносибатҳои ҳуқуқ-уҳдарорӣ бар меоянд. Агар як субъект дорандаи ҳуқуқ бошад, пас ҳатман субъекте ҳаст, ки ин ҳуқуқ таъмин менамояд, яъне уҳдадории амалгардонии ин ҳуқуқро дорад. Масалан, инсон ҳуқуқ ба таҳсилот дора два уҳдадории давлат таъмини ҳуқуқ ба таҳсилот аст, тавассути таъсиси муассисаҳои таҳсилотӣ.

Намуди дигари баамалбарии қонун ин баамалбарии махсус, яъне **татбиқи қонун** аст. Дар асл татбиқ ҳар се шакли баамалбарории қонунро дар мегирад, аммо дорои хусусият мебошад. Хусусияти татбиқи қонун ин субъекти амаликунандаи қонун аст. Дар ҳолате, ки қонун риоя,

истифода ва ё иҷро аз ҷониби субъекти махсус (мақомоти давлати, шахси мансабдор) дар раванди иҷрои ваколатҳои хизматӣ амалӣ мегардад, ин номи татбиқи қонунро мегирад, чунки субъекти махсус дар натиҷаи татбиқи қонун санади махсусро (санади татбиққунандаи қонунро) мебарорад. Масалан, санади татбиққунандаи судя ҳукм, ҳалнома ва дигар санадҳои ӯ мебошад.

**Шаффофият ва ошкорбаёнии фаъолият** ду унсури таркибӣ дорад: ошкорбаёнӣ ва шаффофият. **Ошкорбаёнӣ** маънои онро дорад, ки маъмурияти (садорати, роҳбарияти) мақомот, муассиса, ташкилоту корхона дар фаъолияти худ ошкор (кушода) аст барои мушоҳидаи берунӣ. **Шаффофият** дар навбати худ маънои онро дорад, ки мушоҳидаи фаъолият пурра мисли об дар истакон намоён аст.

**Назорати давлативу ҷамъиятӣ.** Барои пурра ва дақиқ таҳлил намудани принсипи мазкур дар мадди аввал қайд кардан ба маврид аст, ки дар забони тоҷикӣ ҳанӯз мушкилӣ дар тарҷумаи баъзе вожаҳои ҳуқуқӣ ҷой дорад. Масалан вожаи «контрол» дар аксарият ҳолатҳо ба калимаи «назорат» иваз карда мешавад. Ҳамзамон дар забони русӣ вожаҳои «надзор» (яъне назорат) ва «контроль» (яъне контрол) аз ҳамдигар фарқ доранд. Вобаста ба ин дар илмии ҳуқуқшиносии ватанӣ ду тарзи истифодабарии ин вожаҳо мавҷуд аст. Якум тарз ин фарқ накардани назорат аз контрол ва истифодаи вожаи якум ба маънои ҳам назорат ва ҳам контрол. Тарзи дуюм дар навбати худ истифода намудани калимаи назоратро ба маънои аслияш («надзор») ва истифодабарии калимаи «контрол»-ро пешбинӣ менамояд. Бояд тазаккур дод, ки дар аксарият ҳолатҳо тарзи якум, яъне фарқ накардани назорат аз контрол, истифода мешавад. Ин дар асл ба инкор кардани калимаҳои ғайритоҷикӣ вобастагӣ дорад.

Бинобар ин, аз ҷониби олими машҳури ватанӣ, вазири корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон Р.Ҳ. Раҳимзода ба

ивази калимаи «контрол» вожаи тоҷикӣ «назоратбарӣ» пешниҳод гардид, ки бешубҳа қобили ҷонибдорӣ аст.

Вобаста ба ин, назорат аз болои иҷроиши дақиқ ва ягонаи қонунҳо танҳои аз ҷониби як мақомот – мақомоти прокуратура, амалӣ карда мешавад. Назоратбарӣ дар навбати худ аз ҷониби дигар мақомоти давлатӣ ва унсурҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ ба роҳ монда мешавад.

Аз ин лиҳоз, бидуни назорат ва назоратбарӣ ягон намудани фаъолиятро дуруст ба роҳ монда намешавад. маҳз назорату назоратбарӣ тарзи самараноки таъсиррасонии давлатӣ ба фаъолияти давлатӣ, ҷамъиятӣ ва инсонӣ аст.

Назорати (аниқтару дурустараш - назоратбарии) ҷамъиятӣ – ин мушоҳида намудан аз болои фаъолияти аъзои ҷамъият, аз ҷумла аз болои фаъолияти мақомоти давлатӣ, бо мақсади таъсиррасӣ баҳри беҳтар намудани он.

**Принсипи такмили сохтори дастгоҳи давлатӣ ва тартиби ҳалли масъалаҳое, ки ба ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ дахл доранд.** Дар шароити иқтисодиёти гузариш тағйирёбии муносибатҳои истеҳсолӣ меояд ва ҳамзамон функсияҳои мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ табдил мегарданд. Дигаргунии функсия ба дигаргунии сохтори дастгоҳи давлатӣ меорад. Раванди ислоҳоти дастгоҳи давлатӣ бешубҳа бояд ба такмили он равона карда шавад.

Маҳс ба ҳамин хотир яке аз принсипҳои мубориза бар зидди коррупсия ин такмили сохтори дастгоҳи давлатӣ аст. Дар замони муосир усулҳои такмили сохтори дастгоҳи давлатӣ аз таҷрибаи бахши хусусии ҷомеа ифода мегарданд, алахусус менеҷменд, яъне идоракунии истеҳсолот дар соҳаи иқтисодиёт. Солҳои охир вожаи «менеҷер дар соҳаи идораи давлатӣ» паҳн гардида, яке аз самтҳои афзалиятноки омода намудани кадрҳои баландихтисос ба ҳисоб меравад.

Айни ҳол дар Ҷумҳурии Тоҷикистон эҳтиёҷ ба қабул ва амалисозии барномаи ягонаи такмили низоми мақомоти давлатӣ ва хизмати давлатӣ пайдо гардидааст. маҳз тавассути барномаи ягона мушкилиҳои ҷойдоштаи даврони гузариш ба иқтисодиёти бозоргонӣ ҳалли худро ба пуррагӣ меёбанд.

Дар ин ҷода яке аз мушкилиҳои пайдо гардидааст ин тартиби ҳалли масъалаҳое, ки ба ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ дахл доранд, мебошад. Манфиатҳои қонунӣ – ин маҷмӯи хоҳиш, талабот, эҳтиёҷи шахс мебошад, ки соҳиб гардидани неъматҳои моддиву ғайримоддиро пайравӣ мекунад.

Қонунгузор такмили сохтори дастгоҳи давлатӣ ва тартиби ҳалли масъалаҳое, ки ба ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ дахл доранд, ба як принсип беҳуда нагузоштааст. Ин ба он мақсад дар як ҷой гузошта шудааст, ки такмили сохтори дастгоҳи давлатӣ дар мадди аввал ба ҳалли муштилоти аҳолӣ равона карда шавад, чунки такмили низоми давлатӣ бидуни беҳбудии ҳаёти иҷтимоӣ маъно надорад.

**Принсипи эътирофи раво будани маҳдудкунии ҳуқуқ ва озодиҳои шахсони ба иҷрои вазифаҳои давлатӣ ваколатдор, инчунин шахсони ба онҳо баробар кардашуда мутобиқи моддаи 14 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон.** Шахсони ба иҷрои вазифаҳои давлатӣ ваколатдор ва шахсони ба онҳо баробар кардашуда, дар навбати аввал шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошанд, чунки чунин вазифаҳоро танҳо шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон ишғол намудан ҳуқуқ доранд. Бинобар ин, кулли талаботҳои қонунгузорие, ки нисбат ба шаҳрвандон пешбинӣ гардидааст, ба шахсони дар боло зикршуда низ таалуқ доранд.

Банди 3 моддаи 14 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон эълон менамояд, ки маҳдуд кардани ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд танҳо ба мақсади таъмини ҳуқуқ ва озодии дигарон, тартиботи ҷамъиятӣ, ҳимояи

асосҳои сохтори конститутсионӣ, амнияти давлат, мудофиаи мамлакат, ахлоқи ҷомеа, сиҳатии аҳолӣ ва тамомияти марзии ҷумҳурӣ раво дониста мешавад.

Вобаста ба ин, маҳдудкунии ҳуқуқ ва озодиҳои шахсони ба иҷрои вазифаҳои давлатӣ ваколатдор, инчунин шахсони ба онҳо баробар кардашуда ба мақсади таъмини ҳуқуқу ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд, тартиботи ҷамъиятӣ, ҳимояи асосҳои сохтори конститутсионӣ, амнияти давлат, мудофиаи мамлакат, ахлоқи ҷомеа, сиҳатии аҳолӣ ва тамомияти марзии ҷумҳурӣ раво дониста мешавад.

**Принсипи ногузир будани ҷавобгарӣ барои содир намудани ҳуқуқвайронкуниҳои ба коррупсия алоқаманд.** Принсипи ногузир будани ҷавобгарӣ яке аз принсипҳои асосии ҳуқуқи ҷиноятӣ буда, дар сиёсати зиддикоррупсионӣ нақши муҳимро мебозад. Дар сиёсати зиддикоррупсионӣ ногузир будани ҷавобгарӣ на танҳо ҷавобгарии ҷиноятиро дар мегирад, балки дигар намудҳои ҳуқуқиро низ фаро мегирад, чунки ҳуқуқвайронкуниҳои хусусияти коррупсионидошта ба ҳуқуқваронкуниҳои маъмурӣ ва ҷиноят ҷудо мешаванд. Барои содир намудани ҳуқуқвайронкуниҳои маъмурии хусусияти коррупсионидошта ҷавобгарии маъмурӣ пешниҳод гардидааст, инчунин баро содир намудани ҷиноятҳои хусусияти коррупсионидошта – ҷавобгарии ҷиноятӣ. Ғайр аз ин, ҳуқуқвайронкуниҳои хусусиятҳои коррупсионидошта на танҳо ба объектҳои ҳифзшавандаи ҳуқуқи маъмурӣ ва ҳуқуқи ҷиноятӣ зарароваранд, балки таъсироти манфӣ ба дигар муносибатҳои ҷамъиятӣ мерасонанд. Бинобар ин, ҷавобгарии моддӣ ва интизомӣ барои ҳуқуқвайронкуниҳои хусусияти коррупсионидошта пешбинӣ шудааст.

Ногузир будани ҷавобгарӣ барои содир намудани ҳуқуқвайронкуниҳои ба коррупсия алоқаманд мақсади зулм намудани ҳуқуқвайронкунанда (ҷинояткор) нест. Ҳадафи принсипи мазкур мавҷуд набудани эҳтимолияти

«роҳи гурез» аз ҷавобгарӣ барои содир намудан ҳуқуқвайронкунӣ (ҷиноят). Агар, ҷавобгарӣ барои ҳуқуқвайронкунӣ ҳатто ба қатл расондан бошад, аммо имконияти гузистан аз ҷавобгарӣ бошад, аз чунин намуди ҷавобгарӣ ва ҷазо ягон фойда нест. Лекин андешаи ногузир будани ҷавобгарӣ дар ҳама ҳолатҳои содир намудани қонуншиканӣ, навобаста аз намуди ҷазо, ифодагарӣ арзишнокӣ ва самаранокии қонун мебошад.

**Принсипи манъ будани иҷрои вазифаҳои давлатӣ дар ҳолати бархӯрди манфиатҳои шахсӣ ва давлатӣ.** Бархӯрди манфиатҳо яке аз сабабҳои асосии пайдо гардидани низоъ ва содиршавии ҳуқуқвайронкуниҳои бо коррупсия алоқаманд мебошад. Бархӯрди манфиатҳо – ин вазъияте мебошад, ки манфиати шахсии инсон метавонад ба раванди қабули қарор таъсир расонда, ба манфиатҳои давлат зарар орад. Бояд тазаккур дод, ки маҳз дар ҳолати мутобиқат накардани манфиатҳои шахсӣ ба манфиатҳои давлатӣ сухан дар бораи бархӯрди манфиатҳо меравад. Дар ҳолате, ки манфиатҳои давлат бо манфиатҳои шахсӣ бар мехӯрад, муқаррароти моддаи 14 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ мегардад.

Бинобар ин зери мафҳуми «бархӯрди манфиатҳо» танҳо бар хӯрдани манфиатҳои шахсӣ ва давлатӣ фаҳмида мешавад.

Моҳияти принсипи баррасишаванда дар он ифода меёбад, ки дар ягон ҳолат манфиати шахсии инсон ба муқобили манфиати давлат бодя баромад накунад. маҳз он манфиати шахсӣ қонунӣ ҳисобида мешавад, ки муқобили манфиатҳои давлату ҷамъият набошад.

**Принсипи роҳ надодан ба хешутаборчигӣ, маҳалгароӣ ва пуштибонӣ ҳамчун зуҳуроти кирдорҳои коррупсионӣ.** Кирдорҳои коррупсионӣ дар ҳар шакл зоҳир мегардад. Яке аз зуҳуроти номатлуби кирдорҳои коррупсионӣ хешутаборчигӣ, маҳалгароӣ ва пуштибонӣ аст.

Хешутаборчигӣ манои пешниҳод намудани бартарият, афзалият, сабукӣ аз ҷониби шахси мансабдор

нисбат ба хешу таборони худ ва ё аз ҷониби шахси мансабдор поймол намудани ҳуқуқу озодиҳо ва мантиатҳои инсон ва шаҳрванд ба манфиати хешу таборони худ. Вобаста ба муайян намудан зарур аст, ки ба гурӯҳи хешу таборон киро ворид кардан зарур аст. Дар мадди аввал хешу табор ин ҳамсар, фарзандон, падару модар, бародару хоҳар, хешовандони ҳамсар (падару модари ӯ, бародару хоҳари ӯ).

Маҳалгароӣ чун бемории иҷтимоӣ таърихи тӯлонӣ дорад, алалхусус байни мардуми тоҷик. Маҳалгароӣ дар Тоҷикистон чанд шакл дорад: ҳамвилоятгароӣ, ҳамшаҳргароӣ, ҳамноҳиягароӣ, ҳамдеҳотгароӣ. Ҳама шаклҳои номбурда ба ягонагӣ ва якпорчагии Тоҷикистон зарарӣ манфӣ расонда, ба ташаккулёбии худшиносии ягонагии миллати тоҷик монеагӣ менамояд.

Дар Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгарии ҷиноятӣ барои барангехтани нафрати маҳалгароӣ пешбинӣ гардидааст. Аммо, мутаассифона барои пайравӣ намудани маҳалгароӣ ҷавобгарӣ мавҷуд нест. маҳз ба ин хотир маҳалгароӣ ҳамчун зуҳурои номатлуби иҷтимоӣ яке аз шаклҳои шиддаттарини кирдорҳои коррупсионӣ мебошад.

Пуштибонӣ ҳамчун зуҳуроти кирдорҳои коррупсионии аксарияти шахсони мансабдори кишвар машҳур аст. Пуштибонӣ, яъне «нигоҳдорӣ», «кришагарӣ» аз ҷониби шахсони мансабдор бо мақсади ба даст овардани неъматҳои моддӣ (пулу мол) ғайримоддӣ (истироҳат кардан, хӯроки ройгон хӯрдан), амалӣ карда мешавад. Мутаассифона чунин кирдорҳо байни кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ бештар доман паҳн кардаанд.

Хешутаборчигӣ, маҳалгароӣ ва пуштибонӣ ҳамчун унсурҳои таркибии кирдорҳои фасодӣ ба маданияти ҳуқуқӣ ва адолатпарастӣ зарбаи манфӣ мерасонанд. Маҳз ба ҳамин хотир, принсипи роҳ надодан ба хешутаборчигӣ,

маҳалгарой ва пуштибонӣ ҳамчун принсипи афзалиятнок қабул гардидааст. айр

**Принсипи барқарор намудани ҳуқуқу манфиатҳои қонунии шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, пешгирӣ намудан ва барҳам додани оқибатҳои зарарноки ҳуқуқвайронкуниҳои ба коррупсия алоқаманд.** Ҳама гунна қонуншиканӣ, аз ҷумла ҳуқуқвайронкуниҳои ба коррупсия алоқаманд ба ҳуқуқу манфиатҳои қонунии шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ зарари манфӣ мерасонанд.

Принсипи барқарор намудани ҳуқуқу манфиатҳои қонунӣ сирф принсипи ҳуқуқи гражданӣ буда, ба сиёсати зиддикоррупсионӣ табдил гаштааст.

Принсипи мазкурро ворид намуда, давлат шароит барои барқарор намудани ҳолати пеш аз қонуншиканӣ бударо фароҳам месозад ва дар ҳолати имконият набудани барқарорсозӣ ситонидани ҷуброни зарари расонидаро пешбинӣ менамояд.

Барқарор намудани ҳуқуқу манфиатҳои қонунӣ тавассути низоми ҳимояи ҳуқуқҳои гражданӣ таъмин карда мешавад. Тибқи моддаи 12 Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон тавассути зайл ҳимояи ҳуқуқҳои гражданӣ ба роҳ монда шудааст:

- эътирофи ҳуқуқ;
- барқарор намудани ҳолати пеш аз қонуншиканӣ буда ва бартараф намудани ҳаракатҳое, ки ҳуқуқро вайрон мекунанд ва ё таҳдиди вайрон намудани онро ба миён меоранд;
- ғайриқонунӣ эътироф намудани санади мақомоти давлатӣ ва ё мақомоти худидораи маҳаллӣ;
- ҷуброни зарари расонидашуда;
- бекор ё тағйирдодани муносибатҳои ҳуқуқӣ ва ғайра.

Тавассути усулҳои ҳимояи ҳуқуқҳои гражданӣ, ҳуқуқ ва манфиатҳои поймолшуда дар натиҷаи ҳуқуқвайронкуниҳои ба коррупсия алоқаманд ҳимоя мегарданд. Вобаста ба ин, ду шакли асосии ҳимояи ҳуқуқҳои поймолшуда мавҷуд аст: судӣ ва ғайри судӣ.

Ҳимояи судии ҳуқуқҳои поймолшуда аз ҷониби мақомоти судӣ тавассути мурофиаи судӣ амалӣ карда мешавад.

Ҳимояи ғайрисудӣ аз ҷониби мақомоти прокуратура ва иҷроия амалӣ карда мешавад. Мақомоти прокуратура тавассути санадҳои таъсиррасонии прокурорӣ (қарор, эътироз, пешниҳод ва амр) ба барқарор намудани ҳуқуқу манфиатҳои қонунии шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, мусоидат менамояд.

**Принсипи аз тарафи давлат муҳофизат намудани ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии шахсони ба иҷрои вазифаҳои давлатӣ ваколатдор ё шахсони ба онҳо баробаркардашуда, муқаррар намудани музди меҳнат ва имтиёзҳое, ки ба онҳо ва аҳли оилаашон сатҳи муносиби зиндагиро таъмин мекунанд.** Шахсони ба иҷрои вазифаҳои давлатӣ ваколатдор ё шахсони ба онҳо баробаркардашуда тибқи қонунгузории ҷорӣ таҳти муҳофизати давлат қарор дошта, ба онҳо музди меҳнат ва имтиёзҳо таъмин карда мешаванд. Яке аз сабабҳои аз ҷониби шахсони мансабдор ва хизматчиёни давлатӣ даст задан ба ҷиноятҳои хусусиятҳои коррупсионидошта – ин паст будани музди меҳнат мебошад. Вобаста ба ин, принсипи мазкур ҳанӯз амалӣ нагардидааст. Мутаассифона имтиёзҳое, ки дар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дарҷ гардидаанд на дар ҳама ҳолат ба шахсони мансабдор ва хизматчиёни давлатӣ таъмин мегарданд.

**Принсипи манъ будани ваколатдоркунии шахсони воқеӣ ва ҳуқуқии ба фаъолияти соҳибкорӣ машғулбуда ба танзими давлатӣ ва назорат аз болои фаъолияти соҳибкорӣ.** Принсипи мазкур ба соҳибкорони инфиродӣ ва ҳуқуқӣ танзими давлатӣ ва назорат аз болои фаъолияти соҳибкориро манъ намудааст. Ин маънои онро дорад, ки соҳибкорон ҳамчун иштирокчиёни бевоситаи муносибатҳои тиҷоратӣ, ҳуқуқи ба чунин фаъолият таъсир расонданро надоранд. Чи тавре, ки қонун ба шахсони мансабдор ба фаъолияти соҳибкорӣ машғул

шуданро манъ намудааст, ҳамин гуна ба соҳибкорон ишғоли мансабҳои давлатӣ манъ карда шудааст. Алалхусус соҳибкорон наметавонанд аз болои фаъолияти худ ва ё фаъолияти рақибони худ, назорат баранд.

Ҳамин тариқ, мақомоти қонунгузор кӯшиш намудааст, ки фаъолияти соҳибкорӣ аз таъсироти манфии мансабӣ дур монда, зери назорати қонунӣ ва танзими давлатӣ қарор гирад.

**Принсипи пешбурди фаъолияти оперативӣ – ҷустуҷӯӣ бо мақсади пешгирӣ, ошкор кардан, кушодан ва рафъ намудани ҷиноятҳои хусусияти коррупсионидошта, ошкор ва муайян намудани шахсони онҳоро тайёркунанда, тайёр карда, содиркунанда ё содир карда, инчунин татбиқи тадбирҳои махсуси назорати молиявӣ.** Принсипи мазкур дар як замон ду зерпринсипро фаро мегирад:

– пешбурди фаъолияти оперативӣ – ҷустуҷӯӣ бо мақсади пешгирӣ, ошкор кардан, кушодан ва рафъ намудани ҷиноятҳои хусусияти коррупсионидошта, ошкор ва муайян намудани шахсони онҳоро тайёркунанда, тайёр карда, содиркунанда ё содир карда;
– татбиқи тадбирҳои махсуси назорати молиявӣ.

Зерпринсипи якум дар асл фаъолияти мустақили ҳифзи ҳуқуқӣ буда, тавассути қонуни махсус (Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти оперативӣ – ҷустуҷӯӣ») ба танзим дароварда мешавад.

Фаъолияти оперативӣ – ҷустуҷӯӣ ин намуди чунин фаъолиятест, ки ба таври ошкоро ва ё ғайриошкоро аз ҷониби мақомоти давлатии тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ин фаъолият ваколатдор шуда бо роҳи гузаронидани чорабиниҳои оперативӣ – ҷустуҷӯӣ бо мақсади ҳифзи ҳаёт, саломатӣ, ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд, моликият, таъмини амнияти ҷамъият

ва давлат аз таҷовузҳои ҷиноятӣ амалӣ гардонида мешавад.[1]

Тавассути чораҳои алоҳидаи оперативӣ – ҷустуҷӯӣ мақомоти зиддикоррупсионӣ имконият пайдо мекунад, ки ҷиноятҳои хусусияти коррупсионидоштаро пешгирӣ, ошкор ва рафъ намояд, инчунин шахсони чунин ҷиноятҳоро тайёркунанда, тайёр карда, содиркунанда ё содир кардаро муайян намояд.

Татбиқи тадбирҳои махсуси назорати молиявӣ ҳамчун яке аз принсипҳои сиёсати зиддикоррупсионӣ дар он ифода мегардад, ки давлат дар самти муқовимат бар зидди ҷинояткории иқтисодӣ, аз ҷумла қонунигардонии маблағҳо аз даромади ғайриқонунӣ, сармоягузории терроризм чораҳои махсуси назорати молиявиро ба роҳ мемонад. Аз ҷумла, тавассути санҷишҳои ғайринавбатии молиявӣ, бекор намудани иҷозатномаҳо барои амалӣ намудани фаъолияти молиявӣ ва ғайра.

**Принсипи таъмини амнияти шахсӣ ва кафолати ҳуқуқии шахсоне, ки ба мубориза бар зиддиҳуқуқвайронкуниҳои ба коррупсия алоқаманд мусоидат менамоянд.** Принсипи мазкур пурра ва васеъ дар моддаи 6 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мубориза бар зидди коррупсия» дарҷ гардидааст. Тибқи моддаи мазкур шахсе, ки дар бораи ҳодисаҳои ҳуқуқвайронкунии ба коррупсия алоқаманд хабар додааст ё ба тариқи дигар ба муборизаи зидди коррупсия мусоидат намудааст, таҳти ҳимояи давлат қарор дорад. Иттилоот дар бораи шахсе, ки ба муборизаи зидди коррупсия мусоидат намудааст, сирри давлатӣ мебошад ва фақат бо дархости мақомоти назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсия, прокуратура, корҳои дохилӣ, амнияти миллӣ, идоракунии ҳарбӣ, назорати маводи нашъаовар, андоз, гумрук ё суд бо тартиби

[1] Раҳимзода Р.Ҳ. Фаъолияти оперативӣ – ҷустуҷӯӣ. Қисми умумӣ. Китоби дарсӣ. Нашри 3-юм. – Душанбе: «ЭР-граф», 2016. - С. 36.

муқаррарнамудаи қонун танҳо бо ризоияти онҳо пешниҳод карда мешавад. Ошкор намудани ин сир боиси ҷавобгарии бо қонун пешбинишуда мегардад.

Вобаста ба ин, дар ҳолати зарурӣ мақомоте, ки бар зидди коррупсия мубориза мебаранд, амнияти шахсии онҳоеро, ки ба муборизаи зидди коррупсия мусоидат мекунанд, таъмин менамоянд.

**Принсипи ҳамкории давлат бо ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ, ташкилотҳои байналмилалӣ ва шахсони воқеӣ.** Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷузъи ҷудонашавандаи ҷомеаи ҷаҳонӣ буда, алайҳи ҳама гуна ҳуқуқвайронкуниҳо муборизаи беамон мебарад. Дар ин ҷода бидуни ҳамкорӣ бо ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ, ташкилотҳои байналмилалӣ ва шахсони воқеӣ муқовимат бар зидди коррупсияро бурдан ғайриимкон аст. Маҳз, тавассути ҳамкорӣ ва мусоидати ҷомеаи шаҳрвандӣ, мақомоти ҳифзи ҳуқуқ имконият пайдо мекунад, ки сабабу омилҳои ҷинояткориро муайян карда, алалхусус фаъолияти худро ба бартараф намудани чунин сабабу омилҳо ба харҷ барад.

Маҳз ба ҳамин хотир, бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Шӯрои миллии муқовимат ба коррупсия таъсис дода шуд, ки вазифаи асосии он аз ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомоти давлатӣ ва ниҳодҳои ҷамъиятӣ дар самти пешгирӣ ва мубориза бар зидди ҷиноятҳои хусусияти коррупсионидошта, иборат мебошад.

# МАВЗӮИ №5. АГЕНТИИ НАЗОРАТИ ДАВЛАТИИ МОЛИЯВӢ ВА МУБОРИЗА БО КОРРУПСИЯИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ҲАМЧУН МАҚОМОТИ МАХСУСГАРДОНИДАШУДАИ МУҚОВИМАТ БА КОРРУПСИЯ

## НАҚШАИ МАВЗӮЪ:

1. Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун мақомоти махсусгардонидашудаи муқовимат ба коррупсия;
2. Вазифа, самт ва принсипҳои асосии фаъолияти мақомоти Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон;
3. Низом, сохтор ва ташкили фаъолияти мақомоти Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон;
4. Хизмат дар мақомоти Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон;
5. Ҳуқуқ ва уҳдадориҳои мақомоти Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон.

## АДАБИЁТИ ТАВСИЯВӢ БАРОИ МАВЗӮИ №5


1. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 06 ноябри соли 1994 бо тағйиру иловаҳои солҳои 1999, 2003 ва 2016. Душанбе.-2016.
2. Суханронии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба муносибати 10 – солагии таъсиси Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсия (10 январи соли 2017) // Сомонаи интернетии www.prezident.tj.

3. Конвенция Организации объединённых наций против коррупции. Нью-Йорк, ООН, 2004.
4. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 20 марти соли 2008 // Сомонаи интернетии www.prezident.tj.
5. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи мубориза бар зидди коррупсия" аз 25 июли соли 2005, таҳти № 100 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2005, №7, мод. 402; с. 2007, №7, мод. 660; с. 2008, №10, мод. 800; с. 2011, №12, мод. 837; с. 2014, №3, мод. 148; Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 24 феврали соли 2017, №1385; Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 24 феврали соли 2017, №1386.

## I. АГЕНТИИ НАЗОРАТИ ДАВЛАТИИ МОЛИЯВӢ ВА МУБОРИЗА БО КОРРУПСИЯИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ҲАМЧУН МАҚОМОТИ МАХСУСГАРДОНИДАШУДАИ МУҚОВИМАТ БА КОРРУПСИЯ

Дар Ҷумҳурии бо мақсади мубориза бевосита бо коррупсия Тоҷикистон ва муттаҳид сохтани саъю кушишҳои зиддикорупсионии давлат, ҷалб намудани ҷомеаи шаҳрвандӣ, намояндагони тиҷорат ва ташкилотҳои байналмилалӣ, инчунин бартараф намудани такрори вазифа ва ваколатҳои мақомоти давлатӣ баҳри муқовимат ба коррупсия, бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон 10 – уми январи соли 2007 таҳти №143 мақомоти Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис ёфт, ки вазифаҳои асосии он аз пешгирӣ, барҳам додан ва ошкор намудани ҳуқуқвайронкуниҳои коррупсионӣ, таҳқиқи ибтидоӣ, тафтиши ҷиноятҳои коррупсионӣ, инчунин гузаронидани назорати давлатии молиявӣ иборат мебошад. Ин асос шуд, ки 20 марти соли 2008

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон» кабул гардид.

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон» вазифа, самтҳои асосии фаъолият, принсипҳо, низом, сохтор ва ташкили фаъолият, ҳуқуқу уҳдадориҳои хизматчиёни Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистонро ба роҳ мемонад.

Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд – Агентӣ) мақомоти ваколатдори назорати давлатии молиявӣ ва ҳифзи ҳуқуқ буда, назорати давлатии молияviро оид ба истифодаи самарабахши маблағҳои давлатӣ ва молу мулки давлатӣ барои таъмини амнияти иқтисодии давлат, бо роҳи огоҳсозӣ, пешгирӣ, ошкорсозӣ, рафъи ҳуқуқвайронкуниҳои коррупсионӣ, фошнамоӣ, таҳқиқ ва тафтишоти пешакии ҷиноятҳои коррупсионӣ, иқтисодии хусусияти коррупсионидошта ва ҷиноятҳои ба андоз алоқаманд, инчунин дигар вазифаҳоеро, ки Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ кардаанд, иҷро менамояд.

Агентӣ дар фаъолияти худ танҳо ба Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тобеъ ва ҳисоботдиҳанда буда, ба Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба натиҷаҳои тафтишу санҷишҳои молиявӣ ҳисобот пешниҳод менамояд.

Агентӣ фаъолияти назорати давлатии молияviро дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи назорати давлатии молиявӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба амал мебарорад.

Тибқи муқаррароти банди 3 Низомномаи Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №143 аз 10 январи соли 2007 тасдиқ шудааст, ваколатҳои Агентӣ инҳо эътироф мешаванд:

– ташкил ва анҷом додани ревизия ва санҷишҳо оид ба иҷрои қисмҳои даромад ва хароҷоти буҷетҳои ҷумҳуриявӣ ва маҳаллӣ, фондҳои давлатӣ аз рӯи ҳаҷм, сохтор ва таъйиноти мақсаднок, инчунин самаранокии хароҷоти воситаҳои давлатӣ ва истифодаи амволи давлатӣ;
– таҳлили асоснокии қисмҳои даромад ва хароҷоти буҷети давлатӣ ва фондҳои давлатӣ;
– назорат оид ба саривақт ва пурра маблағгузорӣ намудани барномаҳои давлатии инвеститсионӣ ва иҷтимоӣ, истифодаи мақсадноки воситаҳои аз буҷети ҷумҳуриявӣ барои рафъи оқибатҳои офатҳои табиӣ ҷудошаванда, инчунин тақсимоти кумаки башардӯстона ва техникии аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон гирифташуда;
– назорат оид ба қабул, истифода ва нигоҳдории фонди давлатии металлҳо ва сангҳои қиматбаҳо, ки қисми таркибии захираҳои тиллоию асъори давлат мебошанд;
– санҷиши қонунӣ ва саривақтӣ будани гардиши воситаҳои буҷети давлатӣ ва фондҳои давлатӣ дар бонкҳои давлатӣ ва дигар ташкилотҳои молиявию кредитӣ;
– назорат оид ба истифодаи мақсадноки захираҳои кредитӣ ва инвеститсияҳои хориҷии аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Бонки миллии Тоҷикистон дар мувофиқа бо Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷалбшаванда;

- таҳлили фарқиятҳои ошкоршуда аз нишондиҳандаҳои тасдиқшудаи буҷети давлатӣ, фондҳои давлатӣ ва таҳияи пешниҳодот ҷиҳати бартараф намудани онҳо;
- санҷиш ва таҳлили фаъолияти мақомоте, ки функсияҳои назорати дохилиидоравии молиявиро анҷом медиҳанд;
- назорати фаъолияти молиявию хоҷагии субъектҳои давлатии хоҷагидор, инчунин аз ҷониби онҳо таъмин гардидани нигаҳдории воситаҳои давлатӣ ва амволи давлатӣ;
- амалӣ намудани назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсия дар тамоми шохаҳои ҳокимияти давлатӣ, мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва худидоракунии маҳаллӣ, бонкҳо, ташкилотҳои ҷамъиятӣ, ҳизбҳои сиёсӣ, корхонаҳо, муассисаҳо ва дигар ташкилотҳо сарфи назар аз тобеият ва шакли моликият тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- муайян намудани самтҳои афзалиятноки мубориза бо коррупсия, аз рӯи нақшаи кории Агентӣ, ки аз тарафи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда мешавад ва дар мухлатҳои муқарраршуда гузаронидани санҷишҳо;
- иштирок дар таҳия ва татбиқи барномаҳои мубориза бо ҷинояткорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- пешгирӣ, ошкоркунӣ ва рафъи амалҳои коррупсионӣ;
- таъмини қонуният дар ҷараёни анҷомдиҳии мубориза бо коррупсия;
- таҳия ва амалисозии барномаҳо ва нақшаи чорабиниҳои мубориза бар зидди коррупсия;
- анҷомдиҳии фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ, таҳқиқ, тафтиши пешакӣ дар доираи пешбининамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- истифода ва нигаҳдории тавқифгоҳҳои дахлдори нигоҳдории муваққатӣ бо тартиби пешбининамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муроҷиат намудан ба мақомоти судӣ бо аризаи даъвоӣ;
- додани дастури ҳатмӣ ба шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ ҷиҳати бартараф намудани сабабҳо ва шароити содир намудани ҷиноят ва дигар ҳуқуқвайронкуниҳои коррупсионӣ мусоидаткунанда;
- дар ҷараёни ревизия ва санҷиши мухрзании кассаҳо, дастгоҳҳои кассавӣ, бино ва ҷои нигаҳдории ҳуҷҷатҳо, маблаҷҳои пулӣ ва арзишҳои моддӣ;
- – бо иштироки соҳибмулк ё намояндаи ӯ, дар ҳолати набудани онҳо ё рад кардан, бо иштироки намояндагони мақомоти худидоракунии маҳаллӣ, муоинаи объекҳои дахлдор, аз ҷумла воситаҳои нақлиёт, тафтиш ва ё гирифтани ашё, арзишҳои моддӣ ва ҳуҷҷатҳо тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- мувофиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон боздоштани амалиёти шахсони ҳуқуқӣ, ки субъекти соҳибкорӣ мебошанд, аз рӯи ҳисобҳо дар бонкҳо ва дигар ташкилотҳои молиявӣ, таҳти ҳабс қарор додани маблағҳои пулӣ, қарзҳои дебиторӣ ва дигар дороиҳои шахсони мазкур дар ҳолатҳои ошкорсозии далелҳои ғайриқонунӣ анҷом додани фаъолияти иқтисодӣ, саркашӣ намудан аз ворид намудани пардохтҳо ба буҷет;
- мубориза ба муқобили қонунигардонии арзишҳои моддӣ ва маблағҳои пулии ғайриқонунӣ ба даст овардашуда ва ба расмият даровардани онҳо;
- дар доираи салоҳияти худ таъмин намудани ҳифзи маълумоти дорои сирри давлатӣ;

– ташкил намудани тарбияи касбӣ, бозомӯзӣ, такмили ихтисос ва таҷрибаомӯзии кормандон ва фаъолияти илмию тадқиқотӣ, таълимӣ ва нашриётӣ;
– мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ намудан, нигаҳдорӣ, бақайдгирӣ ва истифодаи ҳуҷҷатҳои бойгонии тартибдодашуда;
– мутобиқи тартиби муқарраргардида таъсис додани нишонҳои хизмати шоиста ва мукофотҳои идоравӣ ва бо онҳо сарфароз гардонидани кормандон барои комёбиҳо дар бахши муқарраргардидаи фаъолият;
– барои баррасӣ ва такмили масъалаҳо дар соҳаи муқарраргардидаи фаъолият ҷалб намудани ташкилотҳои илмӣ, дигар ташкилот, олимон ва муттахассисон;
– таъсис додани шӯроҳо, комиссияҳо, гурӯҳҳо, аз ҷумла байниидоравӣ, дар соҳаи муқарраргардидаи фаъолият;
– – баррасии арзу шикоят – иттилооту маълумот, маводҳо оид ба санҷиши фаъолияти молиявию хоҷагӣ, маводҳо оид ба тафтишоти хизматӣ нисбат ба хизматчиёни давлатӣ вобаста ба ҳуқуқвайронкуниҳои коррупсионӣ;
– вобаста ба баррасии аризаҳо ва хабарҳои иттилоотии бо тартиби муқарраргардида ба қайд гирифташуда оид ба ҳуқуқвайронкуниҳо, салоҳияти худ мутобиқи қонунгузории Ҷум-ҳурии Тоҷикистон гузаронидани таҳқиқ ё ревизия аз рӯи ин ҳуқуқвайронкуниҳо, таъмин намудани ревизияи фаъолияти молиявию иқтисодӣ ва санҷишҳои андози шахсони ҳуқуқӣ ва воқеии субъектҳои соҳибкорӣ сарфи назар аз шакли моликият ва намуди фаъолияти онҳо;
– мувофиқи тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳолати санҷиш ва ё тафтишоти пешакӣ дархост намудан ва гирифтани асл ва нусхаҳои қарорҳо, фармоишҳо, фармонҳо,

ҳуҷҷатҳо ва маводи хизматӣ, иттилооти оморӣ ва дигар ҳуҷҷатҳои зарурӣ аз тамоми мақомоти давлатӣ, ташкилотҳои ҷамъиятӣ, ҳизбҳои сиёсӣ, бонкҳо, корхонаҳо, муассисаҳо ва дигар ташкилотҳо сарфи назар аз шакли тобеият ва моликият ва шахсони мансабдори онҳо, оид ба масъалаҳои агентӣ;

- ба Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон манзур намудани пешниҳодҳо оид ба масъалаҳои таъсис, азнавташкилдиҳӣ ва барҳамдиҳии мақомоти Агентӣ ва сохторҳои тобеи он, инчунин таҳкими ташкилию штатӣ, кадрӣ ва моддию техникии мақомоти он;
- ба Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод намудани маълумот ва хулосаҳо оид ба натиҷаҳои фаъолияти таҳлилию назоратӣ ва иҷрои буҷети давлатӣ дар соли сипаришуда, инчунин ба Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон манзур намудани ҳисоботи ҷамъбастии солона оид ба натиҷаҳои ревизия ва санҷишҳои гузаронидашуда;
- иштирок дар таҳияи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ оид ба масъалаҳои таъмини амнияти иқтисодии давлат, назорати давлатии молиявӣ ва дигар масъалаҳо;
- бо тартиби муқарраргардида ба роҳ мондани ҳамкорӣ бо мақомоти дахлдори давлатҳои хориҷа ва ташкилотҳои байналмилалӣ оид ба масъалаҳои назорати давлатии молиявӣ ва коррупсия;
- иҷрои уҳдадориҳо оид ба созишномаҳои байналмилалӣ ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалии мубориза бо коррупсия, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон эътироф намудааст;
- дар асоси санадҳои ҳуқуқии байнидавлатӣ анҷом додани мубодилаи тарафайни иттилоот оид ба муносибатҳои иқтисодии шахсони воқеӣ ва ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо шахсони воқеӣ ва ҳуқуқии дигар давлатҳо;

– ташкил ва истифодаи системаҳои иттилоотӣ барои ҳалли вазифаҳои гузоштташуда.

## II. ВАЗИФА, САМТ ВА ПРИНСИПҲОИ АСОСИИ ФАЪОЛИЯТИ МАҚОМОТИ АГЕНТИИ НАЗОРАТИ ДАВЛАТИИ МОЛИЯВӢ ВА МУБОРИЗА БО КОРРУПСИЯИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Вазифаҳо ва самтҳои асосии фаъолияти Агентӣ дар моддаи 5 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон» муқаррар гардидаанд, ки тибқи он вазифаҳо ва самтҳои асосии фаъолияти Агентӣ инҳоянд:

– иштирок дар амалисозии сиёсати давлатӣ дар соҳаи мубориза бо коррупсия;
– дар доираи ваколати худ таъмин намудани ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, амнияти иқтисодии давлат, ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои қонунии субъектҳои фаъолияти соҳибкорӣ, ҷамъият ва давлат;
– амалӣ намудани мубориза бо коррупсия дар тамоми шохаҳои ҳокимияти давлатӣ, мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, ташкилотҳои ҷамъиятӣ, ҳизбҳои сиёсӣ, бонкҳо, корхонаҳо, муассисаҳо ва дигар ташкилотҳо, сарфи назар аз шакли ташкилию ҳуқуқӣ;
– амалӣ намудани назорати давлатии молиявӣ дар тамоми шохаҳои ҳокимияти давлатӣ, мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, корхонаю муассиса ва ташкилотҳои давлатӣ, инчунин дар дигар ҳолатҳои пешбининамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон;
– гузаронидани чорабиниҳои оперативию ҷустуҷӯӣ бо мақсади огоҳсозӣ, пешгирӣ, ошкорсозӣ, рафъ ва

фошнамоии ҷиноятҳои коррупсионӣ, иқтисодии хусусияти коррупсионидошта ва ҷиноятҳои ба андоз алоқаманд, ҷустуҷӯи шахсоне, ки ин гуна ҷиноятҳоро содир кардаанд;

- гузаронидани таҳқиқ ва тафтиши пешакии ҷиноятҳои коррупсионӣ, иқтисодии хусусияти коррупсионидошта ва ҷиноятҳои ба андоз алоқаманд;
- дар доираи салоҳияти худ ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомоти мубориза бар зидди коррупсия;
- гузаронидани экспертизаи давлатии зиддикоррупсионии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ;
- амалисозии ҳамкориҳои байналмилалӣ оид ба масъалаҳое, ки ба ваколати Агентӣ мансубанд;
- амалӣ намудани дигар вазифаҳое, ки санадҳои қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ намудаанд.

Агентӣ фаъолияти худро тибқи принсипҳои муқаррарнамудаи моддаи 4 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба роҳ мемонад. Принсипҳои фаъолияти Агентӣ - ин ақидаҳои роҳбарикунандае эътироф мешаванд, ки ҳангоми фаъолияти худ, кормандони Агентӣ бояд ба эътибор гиранд. Ҳамин тавр, ба сифати принсипҳои фаъолияти Агентӣ инҳо баромад мекунанд:

1. Принсипи қонуният;
2. Принсипи эҳтиром ва риояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд;
3. Принсипи баробарии ҳама дар назди қонун;
4. Принсипи яккасардорӣ ва идоракунии мутамарказонида;
5. Принсипи истифодаи усулу воситаҳои ошкоро ва махфии фаъолият;

6. Принсипи алоқамандӣ бо аҳолӣ ва ба назар гирифтани афкори ҷамъиятӣ дар фаъолият;
7. Принсипи ғайриҳизбият.

Дар сурати риоя нагардидани принсипҳои зикргардида, кормандони Агентӣ ба вайронкунии қонунҳо роҳ медиҳанд, ки дар натиҷа ҷавобгарии интизомӣ, маъмурӣ гражданӣ ва ҳатто ҷиноятиро ба бор оварданаш аз имкон дур нест.

**Принсипи қонуният.** Агентӣ фаъолияти худро дар асоси Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон», "Дар бораи назорати давлатии молиявӣ", "Дар бораи мубориза бар зидди коррупсия", "Дар бораи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ", Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин санадҳои ҳуқуқии байналмилалии аз тарафи Тоҷикистон эътирофшуда ва Низомномаи Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ба роҳ мемонад.

**Принсипи эҳтиром ва риояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд**. Корманди Агентӣ дар ҳама ҳолатҳо вазифадор аст ба шаҳрванд, шаҳрванди хориҷӣ ё шахси бешаҳрванд асосу сабаби маҳдуд кардани ҳуқуқу озодиҳояшро фаҳмонад. Корманди Агентӣ ҳуқуқи ҳимоя ва дигар ҳуқуқҳои шахсони дастгиршуда ва ҳабсгардидаро таъмин мекунад, дар ҳолатҳои зарурӣ муоинаи тиббии онҳоро мегузаронад, инчунин бетаъхир дар бораи дастгир намудани онҳо ба хешовандон, маъмурияти ҷои кор ё таҳсил ва дар муддати 24 соат ба прокурор хабар медиҳад, дар мавриди зарурат ба дастгиршудагон барои расонидани кумаки аввалияи тиббӣ, инчунин барои рафъи хатар, ки ба ҳаёт, саломатӣ ё молу мулки онҳо ҳангоми дастгиркунӣ ё ҳабс таҳдид менамояд, тадбирҳо меандешад.

Агентӣ ҳуқуқи ҷамъ овардан, нигоҳ доштан, истифода бурдан ва паҳн кардани маълумотро дар бораи ҳаёти шахс бе розигии худи ӯ, ба истиснои мавридҳое, ки Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва дигар санадҳои қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ намудаанд, надорад.

Маҳдуд кардани ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, ба истиснои мавридҳое, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ намудааст, манъ аст. Агентӣ вазифадор аст шахсро бо ҳуҷҷатҳои маҳдудкунандаи ҳуқуқу озодиҳои вай шинос намояд, ба истиснои ҳолатҳое, ки қонун муқаррар кардааст.

Агар шахс ҳисоб кунад, ки ҳуқуқу озодиҳои ӯ аз тарафи мақомоти Агентӣ ё шахсони мансабдори он поймол карда шудаанд, метавонад нисбати амали ин мақомот ва шахсони мансабдор ба мақомоти болоии Агентӣ, прокуратура ё суд шикоят кунад.

**Принсипи баробарии ҳама дар назди қонун.** Агентӣ дар доираи салоҳияти худ ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандро, қатъи назар аз шаҳрвандӣ, ҷои истиқомат, ҷинс, миллат, нажод, забон, эътиқоди динӣ, мавқеи сиёсӣ, таҳсил, вазъи иҷтимоӣ ва молу мулкӣ, ҳимоя мекунад.

**Принсипи яккасардорӣ ва идоракунии мутамарказонида.** Дар фаъолияти Агентӣ принсипи яккасардорӣ мавқеи муҳим дорад. Кормандони Агентӣ дар фаъолияти худ, ба роҳбари бевоситаи худ тобеъ мебошанд. Директори Агентӣ роҳбарии соҳаи фаъолияти ба ӯ супурдашударо анҷом медиҳад ва барои иҷрои супоришу ухдадориҳои ба зиммаи он гузошташуда масъулияти шахсӣ дошта, дараҷаи масъулияти муовинон, сардорони сарраёсатҳо, раёсатҳо, шуъбаҳо ва роҳбарони дигар воҳидҳои онро муқаррар менамояд.

**Принсипи истифодаи усулу воситаҳои ошкоро ва махфии фаъолият.** Кормандони Агентӣ дар фаъолияти худ

баҳри пешгирӣ ва муқовимат ба коррупсия ҳам усулҳои махфӣ ва ҳам усулҳои ошкороро истифода мебаранд.

**Принсипи алоқамандӣ бо аҳолӣ ва ба назар гирифтани афкори ҷамъиятӣ дар фаъолият.** Ҳамкорӣ бо аҳолӣ яке аз роҳҳои асосии ошкор намудани ҷой доштани хавфҳои коррупсионӣ эътироф мешавад. Кормандони Агентӣ дар фаъолияти худ баҳри ошкор намудани амалҳои коррупсионӣ дар ҷомеа ва муқовимати мақсаднок ба он, мунтазам бо аҳолӣ дар робитаи ҷудонашавнда қарор доранд.

**Принсипи ғайриҳизбият.** Кормандони Агентӣ аъзои ҳизбҳои сиёсие, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон амал мекунанд, шуда наметавонанд. Ба тарафдорӣ ё муқобили ягон ҳизби сиёсӣ тарғибу ташвиқот бурдан манъ аст.

## III. НИЗОМ, СОХТОР ВА ТАШКИЛИ ФАЪОЛИЯТИ МАҚОМОТИ АГЕНТИИ НАЗОРАТИ ДАВЛАТИИ МОЛИЯВӢ ВА МУБОРИЗА БО КОРРУПСИЯИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Мақомоти Агентӣ дорои низоми ягонаи марказонидашуда мебошад. Сохтори мақомоти Агентӣ аз инҳо иборат мебошад:

1. Дастгоҳи марказӣ;
2. Раёсати Агентӣ;
3. Раёсати Агентӣ дар вилояти Хатлон ва шуъбаи минтақавии он дар шаҳри Кӯлоб;
4. Раёсати Агентӣ дар вилояти Суғд ва шуъбаи минтақавии он дар водии Зарафшон;
5. Раёсати Агентӣ дар шаҳри Душанбе;
6. Раёсати Агентӣ дар нақлиёт;
7. Шуъбаи минтақавии Рашт;
8. Шуъбаи минтақавии Агентӣ дар гурӯҳи ноҳияҳои водии Ҳисор.

Шуъбаи минтақвии Агентии вилояти Суғд дар водии Зарафшон ва Шуъбаи минтақавии Рашт бо Фармони

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №708 аз 18 сентябри соли 2009, инчунин Шуъбаи минтақавии Агентӣ дар гурӯҳи ноҳияҳои водии Ҳисор бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №275 аз 04 сентябри соли 2014 таъсис дода шудаанд.

Ба Агентӣ Директор сарварӣ менамояд. Директори Агентиро Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба вазифа таъйин ва аз вазифа озод менамояд ва ӯ дар фаъолияти худ бевосита ба Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон итоат мекунад.

Таъсис, азнавташкилдиҳӣ ва барҳамдиҳии мақомоти Агентӣ ва сохторҳои тобеи он, инчунин таҳкими ташкилию штатии мақомоти Агентӣ, тасдиқи Низомномаи Агентӣ, сохтори Дастгоҳи марказӣ ва нақшаи идоракунии он аз тарафи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ мегардад. Сохтори воҳидҳои Дастгоҳи марказӣ ва мақомоти маҳалли Агентӣ аз тарафи Директори Агентӣ тасдиқ карда мешавад.

Агентӣ ва мақомоти маҳалли он шахсони ҳуқуқӣ буда, дорои ҳуқуқи идоракунии фаврии моликияти ба онҳо вобастакардашуда ва объектҳои таъйиноти иҷтимоии маишӣ ва хоҷагидорӣ мебошанд.

Директори Агентӣ роҳбарии соҳаи фаъолияти ба ӯ супурдашударо анҷом медиҳад ва барои иҷрои супоришу ӯҳдадориҳои ба зиммаи он гузошташуда масъулияти шахсӣ дошта, дараҷаи масъулияти муовинон, сардорони сарраёсатҳо, раёсатҳо, шуъбаҳо ва роҳбарони дигар воҳидҳои онро муқаррар менамояд. Директори Агентӣ аз ҷиҳати сатҳи таъминоти моддию техникӣ ва хизматрасонии тиббӣ ба муовини Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон баробар мебошад.

Салоҳияти Директори Агентӣ дар моддаи 13 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки тибқи он Директори Агентӣ бо мақсади иҷрои вазифаҳои худ:

- дар доираи ваколатҳои муқарраргардида ба воҳидҳои сохтории Агентӣ роҳбарӣ мекунад, супоришҳо медиҳад ва иҷрои онҳоро назорат менамояд;
- низомномаҳои воҳидҳои сохториро тасдиқ менамояд;
- оид ба масъалаҳои таъсис, азнавташкилдиҳӣ ва барҳамдиҳии мақомоти Агентӣ ва сохторҳои тобеи он, инчунин оид ба таҳкими ташкилию воҳидӣ, кадрӣ ва моддию техникии мақомоти он, ворид намудани тағйирот ба Низомномаи Агентӣ, сохтори Дастгоҳи марказӣ ва нақшаи идоракунии он ба Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод манзур менамояд;
- харҷнома ва ҷадвали воҳидҳои Агентиро дар доираи фонди пардохти музди меҳнат ва шумораи кормандони аз ҷониби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муқарраргардида тасдиқ менамояд;
- сардорони сарраёсатҳо, раёсатҳо ва шӯъбаҳои Дастгоҳи марказӣ, сардорони Раёсатҳои Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятӣ, шаҳри Душанбе ва шӯъбаҳои минтақавиро бо розигии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба вазифа таъйин ва аз вазифа озод менамояд;
- шахсони мансабдор ва дигар кормандони масъули Дастгоҳи марказӣ, раёсатҳои Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятӣ, шаҳри Душанбе ва шӯъбаҳои минтақавӣ, инчунин кормандони ҳайати хизматрасони Дастгоҳи марказиро ба кор қабул ва аз кор озод менамояд;
- нақшаи кории мақомоти назорати давлатии молиявии Агентиро барои тасдиқ ба Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод менамояд;
- ҳар шаш моҳ ба Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба фаъолияти Агентӣ ҳисобот пешниҳод менамояд;
- оид ба натиҷаҳои фаъолияти таҳлилию назоратӣ, тафтиши молиявӣ ва санҷишҳо оид ба иҷрои қисмҳои

даромад ва хароҷоти буҷетҳои ҷумҳуриявӣ ва маҳаллӣ, самаранокии истифодабарии фондҳо, молу мулки давлатӣ ба Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳисобот, хулосаҳо ва таклифҳо, инчунин оид ба натиҷаҳои тафтишу санҷишҳои молиявӣ ба Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳисобот пешниҳод менамояд;

– тибқи тартиби муқарраргардида лоиҳаҳои қонунҳо, фармонҳо ва амрҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарорҳо ва фармоишҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистонро оид ба масъалаҳои марбут ба салоҳияти Агентӣ таҳия ва барои баррасӣ пешниҳод менамояд;
– дар таҳияи лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ оид ба масъалаҳои таъмини амнияти иқтисодии давлат, назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсия иштирок менамояд;
– дар доираи ваколати худ кормандони Агентиро мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон бо рутбаҳо ва унвонҳои махсуси дахлдор сарфароз мегардонад;
– ба Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи ба ҳайати роҳбарикунандаи Агентӣ додани рутбаҳо ва унвонҳои махсуси олӣ пешниҳод манзур менамояд;
– масъалаҳои ҳавасмандгардонӣ ва муҷозоти интизомии кормандонро тибқи тартиби муқарраргардида ҳал менамояд;
– оид ба сарфарозгардонии кормандони Агентӣ бо мукофотҳои давлатӣ ба Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод манзур менамояд;
– дар доираи салоҳияти худ фармонҳои дорои хусусияти меъёрӣ ва ғайримеъёрӣ қабул менамояд;
– ба шахсони мансабдор дастурҳои хаттӣ ва пешниҳод оид ба бартараф кардани камбудиҳои молиявӣ ва ҳуқуқвайронкуниҳои хусусияти коррупсионидошта

ирсол менамояд, ки баррасии онҳо аз ҷониби шахсони мансабдор ва мақомоту ташкилоти дахлдор ҳатмӣ мебошад;

- қарорҳои хилофи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон қабулнамудаи воҳидҳои сохтории Агентиро бекор мекунад, агар тартиби дигари бекор кардани онҳо дар қонунгузорӣ муқаррар нашуда бошад;
- Агентиро дар мақомоти ҳокимияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дар хориҷи кишвар намояндагӣ менамояд;
- бо тартиби муқарраргардида ҳамкориро бо мақомоти дахлдори давлатҳои хориҷӣ ва ташкилотҳои байналмилалӣ оид ба масъалаҳои назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсия ба роҳ мемонад;
- иҷрои уҳдадориҳоро оид ба созишномаҳои байналмилалӣ ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалии мубориза бо коррупсия, ки Тоҷикистон эътироф намудааст, таъмин ва назорат менамояд;
- дигар вазифаҳои пешбиникардаи қонунгузориро иҷро менамояд.

Агентӣ дар ҳайати 7 нафар аз ҷумлаи роҳбарият аз рӯи вазифа ва сардорони сарраёсатҳо ва раёсатҳо, ки бо пешниҳоди Директори Агентӣ аз ҷониби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таъйин мегарданд, ҳайати мушовара дорад.

Директори Агентӣ се муовин, аз ҷумла як муовини аввал дорад, ки аз ҷониби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба вазифа таъйин ва аз вазифа озод карда мешаванд. Муовинони Директори Агентӣ бевосита ба Директори он тобеъ буда, фаъолият ва коргузории Агентиро дар доираи уҳдадориҳои вазифавии худ ташкил ва амалӣ менамоянд. Муовини якум ва муовинони Директори Агентӣ аз ҷониби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба вазифа таъйин ва аз вазифа озод карда

мешаванд ва бевосита ба Директори Агентӣ тобеъ мебошанд. Муовинони Директори Агентӣ фаъолияти хизматиашонро дар доираи уҳдадориҳои вазифавии худ, ки аз тарафи Директори Агентӣ муқаррар мегардад, амалӣ намуда, ба соҳаҳои алоҳидаи ба онҳо вогузоршудаи фаъолияти Агентӣ роҳбарӣ мекунанд. Бо ин мақсад ва бо супориши Директори Агентӣ онҳо вазифаҳои алоҳидаи ӯро иҷро менамоянд.

Барои ҳалли масъалаҳои муҳимтарини фаъолияти Агентӣ дар назди Директори Агентӣ **ҳайати мушовара** аз ҷумлаи муовини якум ва муовинони Директор аз рӯи вазифа ва сардорони сарраёсатҳо ва раёсатҳо дар доираи шумораи пешбининамудаи Низомномаи Агентӣ бо пешниҳоди Директори Агентӣ аз ҷониби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис дода мешавад.

Сохтори Дастгоҳи марказӣ ва мақомоти маҳалли Агентӣ аз воҳидҳои назорати давлатии молиявӣ, оперативӣ – ҷустуҷӯӣ, тафтишотӣ ва дигар воҳидҳо иборат мебошад.

**Дастгоҳи марказӣ** дар доираи салоҳияти пешбининамудаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва Низомномаи Агентӣ вазифаҳои ҳамоҳангсозии байнисоҳавӣ ва дигар вазифаҳоро оид ба огоҳсозӣ, пешгирӣ, ошкорсозӣ, рафъи ҳуқуқвайронкуниҳои коррупсионӣ, фошнамоӣ, таҳқиқ ва тафтишоти пешакии ҷиноятҳои коррупсионӣ, иқтисодии хусусияти коррупсионидошта ва ҷиноятҳои ба андоз алоқамандро иҷро менамояд.

Дар Дастгоҳи марказӣ сарраёсатҳо, раёсатҳо, шӯъбаҳо, қисмҳо ва бахшҳо мавҷуданд. Дар сарраёсатҳо, раёсатҳо, шӯъбаҳо, қисмҳо ва бахшҳо ваколатдорони калони фаврӣ оид ба корҳои махсусан муҳим, ваколатдорони калони фаврӣ, ваколатдорони фаврӣ, муфаттишони калон оид ба корҳои махсусан муҳим, муфаттишони калон, муфаттишон, сарнозирон, нозирони

калон, нозирон, сармутахассисон, мутахассисони пешбар ва мутахассисон мавҷуданд.

**Мақомоти маҳаллии Агентӣ** дар ҳудуди маъмурии вобасташуда вазифаҳои Агентиро дар доираи ваколатҳои худ иҷро менамоянд.

Ба мақомоти маҳаллии Агентӣ сардорони дахлдор роҳбарӣ мекунанд ва дар он шуъбаҳо ва ё бахшҳо ташкил карда мешаванд. Сардорони мақомоти маҳаллии Агентӣ бо тартиби муқарраргардида оид ба тағйир додани шумораи ҳайати шахсии кормандони воҳидҳои тобеи худ ба Директори Агентӣ таклифҳо пешниҳод менамоянд. Онҳо дар доираи ваколати худ кормандони ҳайати хизматрасонро ба кор қабул ва аз кор озод менамоянд, инчунин фамонҳо ва фармоишҳо қабул менамоянд, ки иҷрои онҳо барои кормандони тобеъ ҳатмӣ мебошад.

Дар сохторҳои мақомоти маҳаллии Агентӣ ваколатдорони калони фаврӣ оид ба корҳои махсусан муҳим, ваколатдорони калони фаврӣ, ваколатдорони фаврӣ, муфаттишони калон оид ба корҳои махсусан муҳим, муфаттишони калон, муфаттишон, сарнозирон, нозирони калон, нозирон, сармутахассисон, мутахассисони пешбар ва мутахассисон мавҷуданд.

## IV. ХИЗМАТ ДАР МАҚОМОТИ АГЕНТИИ НАЗОРАТИ ДАВЛАТИИ МОЛИЯВӢ ВА МУБОРИЗА БО КОРРУПСИЯИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Дар боби 5, моддаҳои 23 то 32 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон” талаботи хизмат дар мақомоти Агентӣ муқаррар гардидаанд.

Кормандони мақомоти Агентӣ намояндагони ҳокимияти давлатӣ буда, таҳти ҳимояи давлат қарор доранд. Корманди мақомоти Агентӣ шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳисоб мешавад, ки дар хизмат ва

ҳайати эҳтиётии раёсати кадрҳои мақомоти Агентӣ буда, бо тартиби муайянкардаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ӯ рутба ва ё унвони махсус дода шудааст. Онҳо намояндаи ҳокимияти давлатӣ ба ҳисоб рафта, дар ҳимояи давлат буда, иҷрои талаботи қонунии кормандони мақомоти Агентӣ барои ҳамаи шаҳрвандон ва шахсони мансабдор ҳатмӣ ба ҳисоб меравад.

Ба кормандони мақомоти Агентӣ барои тасдиқи шахсият ва ваколаташон шаҳодатномаи хизматӣ дода мешавад. Тасвири шаҳодатномаи хизматӣ аз тарафи Директори Агентӣ тасдиқ карда мешавад.

Иҷро накардани талаботи қонунии мақомоти Агентӣ, таҳқир намудан, муқобилият нишон додан, таҳдиди зӯрӣ ё суиқасд ба ҳаёт, саломатӣ, шаъну шараф ва молу мулки корманди мақомоти Агентӣ, аъзои оила ва хешовандони наздики ӯ бинобар сабаби иҷрои вазифаҳои хизматиаш боиси ҷавобгарии пешбининамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон мегардад. Зарари моддие, ки ба корманди мақомоти Агентӣ, аъзои оилаи ӯ ва хешовандони наздики ӯ, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян кардааст, вобаста ба иҷрои вазифаҳои хизматӣ расонида шудааст, аз ҳисоби маблағи буҷети давлатӣ пурра ҷуброн карда шуда, ин маблағ аз ҳисоби шахсони гунаҳкор мутобиқи тартиби муқарраршнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба буҷет рӯёнида мешавад.

Корманди мақомоти Агентӣ дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон, новобаста аз будан ё набудан дар иҷрои вазифаҳои хизматиаш, дар ҳолати мурочиати шаҳрвандон ва шахсони мансабдор бо ариза ё хабар оид ба ҳуқуқвайронкунии коррупсионӣ ва ё дар ҳолати бевосита ошкор намудани чунин ҳуқуқвайронкуниҳо вазифадор аст, ки ба роҳбари бевоситаи худ ё ба мақомоти наздиктарини Агентӣ хабар диҳад.

Корманди мақомоти Агентӣ барои расонидани зарар ҳангоми истифодаи қувваи ҷисмонӣ, воситаҳои махсус ва

силоҳи оташфишон ҷавобгар нест, агар ин зарар дар асоси талаботи пешбининамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон расонида шуда бошад.

Ба хизмат дар мақомоти Агентӣ шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ба синни 20-солагӣ расида, забони давлатиро медонанд, аз рӯи сифатҳои шахсӣ, ахлоқӣ, кордонӣ, касбӣ, таҳсилот ва аз рӯи вазъи саломатиашон барои гузаштани хизмат дар мақомоти Агентӣ мувофиқ мебошанд, қабул карда мешаванд. Ба хизмат дар воҳидҳои ҳифзи ҳуқуқи Агентӣ шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистони синнашон то 35-сола қабул карда мешаванд. Ин маҳдудияти синнусолӣ нисбати шахсоне, ки аз дигар мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ба Агентӣ ба хизмат гузаштаанд, тааллуқ надорад. Синни ниҳоии хизмат дар мақомоти Агентӣ барои мардон 63 сол ва барои занон 58 сол мебошад. Нисбати кормандони воҳидҳои ҳифзи ҳуқуқи Агентӣ синни ниҳоии хизматро вобаста ба рутбаҳои махсус Низомнома оид ба тартиби адои хизмат дар воҳидҳои ҳифзи ҳуқуқи Агентӣ муайян менамояд.

Корманди воҳидҳои ҳифзи ҳуқуқи Агентӣ, ки собиқаи умумии меҳнатии 25-сола дорад, ҳуқуқ дорад аз рӯи собиқаи хизмат ба нафақа барояд, ба шарте, ки собиқаи хизматиаш ҳамчун корманди мақомоти ҳифзи ҳуқуқ аз 12 солу шаш моҳ кам набошад. Дар сурати зарурат Директори Агентӣ метавонад муҳлати дар хизмат будани кормандро то 2 сол дароз кунад. Дар ин ҳолат корманд метавонад фаъолияти хизматии худро дар асоси шартномаи меҳнатии муҳлатнок давом диҳад. Дигар масъалаҳоро доир ба тартиби адои хизмат дар Агентӣ Низомнома оид ба тартиби адои хизмат дар воҳидҳои ҳифзи ҳуқуқи Агентӣ, ки аз ҷониби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда мешавад, ба танзим медарорад.

Ба хизмат ба мақомоти Агентӣ шаҳрвандоне, ки доғи судӣ доштанд ё доранд, ба истисноӣ онҳое, ки аз тарафи суд сафед карда шудаанд, қабул карда намешаванд.

Ишғоли мансаби холӣ дар Агентӣ дар асоси озмун ва дар ҳолатҳои зарурӣ барои ишғоли мансабҳои роҳбарикунанда бо пешниҳоди ҳайати мушовара тибқи талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон сурат мегирад. Нисбати шахсоне, ки аз рӯи ихтисосашон таҷрибаи кофии амалӣ надоранд, то 6 моҳ муҳлати коромӯзӣ муқаррар карда мешавад.

Ҳангоми қабул шудан ба мақомоти Агентӣ кормандон бо тартиби муқарраршудаи савгандёдкунии хизматчиёни давлатӣ савганд ёд мекунанд.

Ба кормандони мақомоти Агентӣ иҷро кардани вазифаи дигари музднок, вакили мақомоти намояндагӣ, узви ҳизб ва ташкилотҳои сиёсӣ ва ба соҳибкорӣ машғул шудан манъ аст, ба истисноӣ фаъолияти илмиву эҷодӣ ва омӯзгорӣ.

Уҳдадорони ҳарбие, ки ба вазифаи ҳайати роҳбарикунандаи хурд, миёна, калон ва олии воҳидҳои ҳифзи ҳуқуқи Агентӣ таъйин мешаванд, бо тартиби муайяншуда аз қайди ҳарбӣ баромада, дар қайди махсуси воҳидҳои ҳифзи ҳуқуқи Агентӣ гузошта мешаванд. Кормандони воҳидҳои ҳифзи ҳуқуқи Агентӣ либоси ягона доранд, ки ройгон дода мешавад. Намунаи он аз ҷониби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда мешавад. Дар сурати ба кормандони воҳидҳои ҳифзи ҳуқуқи Агентӣ таъмин накардани либоси хизматӣ, маблағи либос ҷуброн карда мешавад.

Кормандони дорои рутбаҳои ҳарбӣ, махсус, дараҷавӣ ва тахассусӣ, ки аз дигар мақомоти ҳифзи ҳуқуқу қудратӣ ё ҳокимияти давлатӣ дар воҳидҳои ҳифзи ҳуқуқи Агентӣ ба вазифа таъйин шудаанд, рутбаҳои онҳо ба рутбаҳои махсуси кормандони Агентӣ баробар эътироф карда шуда, муҳлати хизмати пештараашон ба муҳлати хизмати онҳо дар Агентӣ дохил мешавад. Чунин ҳуқуқҳоро кормандони воҳидҳои ҳифзи ҳуқуқи Агентӣ низ ҳангоми ба дигар мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва ҳокимияти давлатӣ ба кор гузаштан доранд.

Ба кормандони мақомоти Агентӣ вобаста ба вазифаи ишғолкардаашон ва собиқаи кор рутбаҳо ва ё унвонҳои махсус дода мешаванд. Рутбаҳои махсуси кормандони воҳидҳои ҳифзи ҳуқуқи мақомоти Агентӣ аз ҷониби Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар карда мешаванд. Тартиби додани рутбаҳои махсуси ҳайати роҳбарикунандаи хурд, миёна ва калонро Низомнома оид ба тартиби адои хизмат дар воҳидҳои ҳифзи ҳуқуқи Агентӣ, ки аз тарафи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда мешавад, муайян мекунад. Номгӯи мансабҳоеро, ки генералҳо ва полковникҳои хадамоти зиддикоррупсионӣ ва адлия дар Агентӣ ишғол менамоянд, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ менамояд. Рутбаҳо ва ё унвонҳои махсуси кормандони Агентӣ якумра мебошанд. Дар вақти ба истеъфо рафтани кормандони воҳидҳои ҳифзи ҳуқуқи Агентӣ ба рутбаҳои махсуси онҳо ибораи «дар истеъфо» илова карда мешавад.

Муносибатҳои меҳнатии кормандони мақомоти Агентӣ тибқи қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон", "Дар бораи хизмати давлатӣ», инчунин Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Низомнома оид ба тартиби адои хизмат дар воҳидҳои ҳифзи ҳуқуқи Агентӣ ба танзим дароварда мешаванд.

Давомнокии вақти корӣ барои кормандони мақомоти Агентӣ дар асоси Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар карда мешавад. Ҳангоми зарурати иҷрои корҳои оперативӣ-ҷустуҷӯӣ ва чорабиниҳои тафтишотӣ мумкин аст кормандони мақомоти Агентӣ барои иҷрои вазифаҳои хизматии зиёда аз вақти муқарраршуда, инчунин шабона, рӯзҳои истироҳат ва ид ба кор ҷалб карда шаванд. Дар чунин мавридҳо ҳаққи хизмати корманд тибқи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷуброн карда мешавад. Ҷалб кардани

кормандони мақомоти Агентӣ ба иҷрои вазифаҳое, ки Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон" ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба зиммаашон вогузор накардааст, манъ аст.

Ба кормандони мақомоти Агентӣ рухсатии ҳарсолаи пардохтшавандаи давомнокиаш 30 рӯзи тақвимӣ дода мешавад. Роҳпулии рафтуомади кормандони воҳидҳои ҳифзи ҳуқуқи Агентӣ ба ҷои истироҳат дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон пардохта мешавад. Рухсатии иловагии ҳарсолаи пардохтшаванда барои собиқаи хизмати давлатӣ ба кормандони мақомоти Агентӣ ба мӯҳлатҳои зерин дода мешавад:

– баъди 5 сол – 3 рӯзи тақвимӣ;
– баъди 10 сол – 6 рӯзи тақвимӣ;
– баъди 15 сол – 10 рӯзи тақвимӣ;
– баъди 20 сол – 15 рӯзи тақвимӣ.

Ба кормандони мақомоти Агентӣ инчунин дигар намуди рухсатиҳои меҳнатии пешбининамудаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ», Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Низомнома оид ба тартиби адои хизмат дар воҳидҳои ҳифзи ҳуқуқи Агентӣ дода мешавад.

Кормандони воҳидҳои ҳифзи ҳуқуқи Агентӣ, ки бинобар расидан ба синну соли муқарраргардида, бо сабаби беморӣ ё ки пурра гардидани собиқаи хизматӣ ба нафақа мераванд, ба имтиёзҳои барои кормандони милитсия пешбининамудаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таъмини нафақаи хизматчиёни ҳарбӣ», аз ҷумла ба таъминоти тиббӣ дар муассисаҳои табобатие, ки дар он ҷо ба қайд гирифта шудаанд, ҳуқуқ доранд.

Ҳаҷми нафақаи кормандони воҳидҳои ҳифзи ҳуқуқи Агентӣ, ки аз хизмат бинобар расидан ба синну соли

муқаррааргардида, аз рӯи беморӣ ё ки пурра гардидани собиқаи хизматӣ озод шудаанд, аз таъминоти пурраи пулӣ ҳисоб карда мешавад.

Ҳангоми ба хизмати мақомоти Агентӣ қабул шудани мутахассисон аз мақомоти судӣ, прокуратура, ҳифзи ҳуқуқ ва ташкилотҳои ҳарбикунонидашуда як соли собиқаи меҳнатиашон барои таъмини нафақа ва илова намудани маоши изофагӣ ба собиқаи хизматӣ баробар ба як соли собиқаи хизматӣ дар воҳидҳои ҳифзи ҳуқуқи мақомоти Агентӣ ҳисобида мешавад. Дигар шаҳрвандоне, ки ба хизмати мақомоти Агентӣ қабул мешаванд, ду соли собиқаи умумии меҳнатии онҳо барои таъмини нафақа ва илова намудани маоши изофагӣ ба собиқаи хизматӣ баробар ба як соли собиқаи хизматӣ дар воҳидҳои ҳифзи ҳуқуқи мақомоти Агентӣ ҳисобида мешавад.

Кормандони воҳидҳои ҳифзи ҳуқуқи Агентӣ, ки 20 сол ва аз он зиёдтар хизмат кардаанд ва боз хизматро давом медиҳанд, ҳар моҳ ба таъминоти пулиашон то 20 фоиз маоши иловагӣ мегиранд. Тартиб ва шарти пардохти иловапулии мазкур аз ҷониби Директори Агентӣ муайян карда мешавад.

Таъмини нафақаи кормандони воҳидҳои назорати давлатии молиявии Агентӣ мувофиқи тартиби муқарраарнамудаи қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таъмини нафақаи шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва «Дар бораи нафақаҳои суғуртавӣ ва давлатӣ» амалӣ карда мешавад.

Хизмат дар мақомоти Агентӣ дар мавриди аз вазифа озод намудан, аз ҷумла бинобар ба истеъфо ва нафақа баромадан, қатъ меёбад. Ғайр аз асосҳои пешбинишудаи Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз вазифа озод намудани корманд бо ташаббуси Директори Агентӣ дар маврдҳои зерин сурат гирифта метавонад:

– расидан ба синни ниҳоии хизмат дар мақомоти Агентӣ;
– қатъ шудани шаҳрвандии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- ба охир расидани муҳлати хизмат мувофиқи қарордод;
- риоя накардани шартҳои қарордод аз ҷониби корманд;
- ихтисори басти корӣ;
- дар асоси хулосаи комиссияи тиббии дахлдор оид ба корношоямии корманд бинобар вазъи саломатиаш;
- аз рӯи натиҷаи аттестатсия;
- дағалона ва ё мунтазам вайрон кардани интизоми хизматӣ;
- содир кардани рафторе, ки ба шарафи корманди Агентӣ иснод меорад ё шикастани савганд;
- ба қувваи қонунӣ даромадани ҳукми айбдоркунии суд;
- тасдиқ гардидани ҳолати аз тарафи корманд фош карда шудани маълумоти дорои сирри давлатӣ, хизматӣ ва сирри дигаре, ки бо қонун ҳифз карда мешавад;
- вайрон кардани тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросимҳо.

Дар ҳолати қатъ шудани хизмат корманд аз қайди махсуси мақомоти Агентӣ бароварда шуда, дар қайди ҳарбӣ гузошта мешавад, агар ба синни ниҳоии қайди шахсони эҳтиётӣ барои гузаштани хизмати ҳарбӣ, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ кардааст, нарасида бошад.

## V. ҲУҚУҚ ВА УҲДАДОРИҲОИ МАҚОМОТИ АГЕНТИИ НАЗОРАТИ ДАВЛАТИИ МОЛИЯВӢ ВА МУБОРИЗА БО КОРРУПСИЯИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Ҳуқуқ ва уҳдадориҳои мақомоти Агентӣ дар моддаҳои 18 ва 19 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо

коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон» мустаҳкам гардидаанд.

Мутобиқи муқаррароти моддаи 18 Қонуни зикргардида мақоми Агентӣ вобаста ба вазифаҳои дар наздаш гузошташуда уҳдадор аст:

– самтҳои афзалиятноки мубориза бо коррупсияро муайян намояд;
– дар доираи салоҳият барномаҳо ва нақшаҳои чорабиниҳои мубориза бар зидди коррупсияро таҳия ва амалӣ намояд;
– дар таҳия ва татбиқи барномаҳои мубориза бо ҷиноятк орӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон иштирок намояд;
– мубориза бо коррупсияро дар тамоми шохаҳои ҳокимияти давлатӣ, мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, ҳизбҳои сиёсӣ, бонкҳо, корхонаҳо, муассисаҳо ва дигар ташкилотҳо, сарфи назар аз шакли ташкилию ҳуқуқӣ, амалӣ намояд;
– ҳуқуқвайронкуниҳои коррупсиониро огоҳ, пешгирӣ, ошкор ва рафъ намояд, аз рӯи ин амалҳо санҷиш гузаронад;
– бо қонунигардонии (расмикунонии) даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда ва маблағгузории терроризм мубориза барад;
– тибқи қонунгузории мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳқиқ ва тафтишоти пешакӣ барад;
– бо мақсади огоҳсозӣ, пешгирӣ, ошкорсозӣ, рафъ, фошнамоӣ, таҳқиқ ва тафтишоти пешакии ҷиноятҳои коррупсионӣ, иқтисодии хусусияти коррупсионидошта ва ҷиноятҳои ба андоз алоқаманд амалиётҳои оперативӣ – ҷустуҷӯӣ гузаронад;
– оид ба барқарор намудани зарари молумулкӣ ва молиявӣ чораҳо андешад;

- сирри давлатӣ ё дигар сирреро, ки бо қонун муҳофизат карда мешавад ва дигар маълумоте, ки ҳангоми иҷрои вазифаи хизматӣ ба даст омадааст, ҳифз намояд;
- арзу шикоят, иттилооту маълумот, маводҳо оид ба санҷиши фаъолияти молиявию хоҷагӣ ва тафтишоти хизматиро нисбат ба хизматчиёни давлатӣ вобаста ба ҳуқуқвайронкуниҳои коррупсионӣ баррасӣ намояд;
- ҳангоми аз тарафи кормандони Агентӣ вайрон кардани ҳуқуқу манфиатҳои қонунии шаҳрвандон бо тартиби муқарраргардида ҳуқуқҳои халалдоршудаи шаҳрвандонро барқарор намояд, зарари расонидаро ҷуброн намояд ва барои ба ҷавобгарӣ кашидани гунаҳгор чораҳои зарурӣ андешад;
- дар мавриди зарурат амнияти шахсии кормандони мақомоти Агентӣ ва аҳли оилаи онҳоро таъмин намояд;
- дигар уҳдадориҳои пешбиникардаи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистонро иҷро намояд.

Мақоми Агентӣ дар доираи ваколатҳои худ барои иҷрои вазифаҳои ба зиммааш гузошташуда тибқи муқаррароти моддаи 19 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон», ҳуқуқ дорад:

- тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба мақомоти судӣ бо аризаи даъвогӣ муроҷиат намояд;
- ба шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ ҷиҳати бартараф намудани сабабу шароитҳои ба содир намудани ҷиноят ва дигар ҳуқуқвайронкуниҳои хусусияти коррупсионидошта мусоидаткунанда дастури хаттӣ диҳад ва пешниҳод ирсол намояд, ки баррасии онҳо ҳатмӣ буда, аз натиҷааш ба Агентӣ хабар дода мешавад;

– бо мақсади муқаррар намудани мувофиқати санадҳои мақомоти давлатӣ ва шахсони мансабдори онҳо ба талаботи қонунгузорӣ ба суд барои бекор кардан ё ба прокурори дахлдор оид ба овардани эътироз аз болои чунин санадҳо пешниҳод оварад;
– дар ҷараёни тафтиш ва санҷишҳои молиявӣ, амалиётҳои таҳқиқотӣ ва тафтишотӣ ба хазинаҳо, мошинҳои назоратӣ – хазинавии дорои хотираи фискалӣ, бино ва ҷои нигоҳдории ҳуҷҷатҳо, маблағҳои пулӣ ва арзишҳои моддӣ мӯҳр занад;
– ҳангоми саркашӣ аз пешниҳоди ҳуҷҷатҳо, пешниҳоди ҳуҷҷатҳои қалбакӣ ё таҳрифшуда, саркашӣ аз иҷрои талаби қонунии кормандони мақомоти Агентӣ, масъалаи ба ҷавобгарӣ кашидани шахсони мансабдор ва соҳибмулкони дахлдори иморату иншоотҳо, анборҳо, нуқтаҳои савдо ва дигар иншоотҳоро, новобаста аз шакли ташкилию ҳуқуқӣ, баррасӣ намояд;
– ҳангоми мавҷуд будани маводи боэътимод оид ба содиршавии ҷинояти коррупсионӣ бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон азназаргузаронии шахсӣ, бори дастӣ ва бағоҷи мусофирони тамоми намуди нақлиётро анҷом диҳад;
– барои баррасӣ ва такмили масъалаҳо дар соҳаи муқарраргардидаи фаъолият ташкилотҳои илмӣ, дигар ташкилотҳо, олимон ва мутахассисонро ҷалб намояд;
– дар соҳаи муқарраргардидаи фаъолият шӯроҳо, комиссияҳо ва гурӯҳҳои дохилиидоравӣ ва байниидоравӣ таъсис диҳад;
– экспертизаи давлатии зиддикоррупсионии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқиро ҷиҳати дар онҳо ошкор намудани омилҳои

бавуҷудоварандаи коррупсия гузаронад ва бо ин мақсад дорои воҳиди илмӣ – ташхисӣ бошад;

- оид ба ҳуқуқвайронкуниҳо ва ҷиноятҳои коррупсионӣ, иқтисодии хусусияти коррупсионидошта ва ҷиноятҳои бо андоз алоқаманд, бинобар тафтиши парвандаи ҷиноятӣ санҷиши фаъолияти молиявию иқтисодӣ ва дар ҳолати мавҷуд будани асосҳои кофӣ тибқи дархости хаттии Агентӣ якҷоя бо мутахассисони мақомоти андоз санҷишҳои андози шахсони ҳуқуқӣ ва воқеии субъектҳои соҳибкориро, сарфи назар аз шакли ташкилию ҳуқуқӣ ва намуди фаъолияти онҳо, гузаронад;
- мувофиқи тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳолати санҷиш ва ё тафтишоти пешакӣ асл ва нусхаҳои қарорҳо, фармоишҳо, ҳуҷҷатҳои зарурии вобаста ба коррупсияро аз тамоми мақомоти давлатӣ, ташкилотҳои ҷамъиятӣ, ҳизбҳои сиёсӣ, бонкҳо, корхонаҳо, муассисаҳо ва дигар ташкилотҳо, сарфи назар аз шакли ташкилию ҳуқуқӣ ва шахсони мансабдори онҳо оид ба масъалаҳои салоҳияти Агентӣ, талаб карда гирад;
- оид ба масъалаҳои ба салоҳияти мақомоти Агентӣ тааллуқдошта бо мақомоти ҳокимияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, мақомоти дахлдори давлатҳои хориҷӣ ва ташкилотҳои байналмилалӣ ҳамкорӣ намояд;
- дар ҳолати зарурӣ аз мақомоти ваколатдор ва шахсони мансабдор гузаронидани муоина, ташхис, тафтиши молиявӣ, санҷиш, аудит ва баҳодиҳиро талаб намояд;
- ҳангоми пешгирии бевоситаи ҷиноят, таъқиби шахси дар содир намудани ҷиноят гумонбаршуда дар ҳолати доштани маълумоти кофӣ ба ҳудуд ва бинои вазорату идора, корхона, муассиса, ташкилот, сарфи назар аз

шакли ташкилию ҳуқуқӣ, қитъаи замини шахсони алоҳида (ба истисноии намояндагиҳои дипломатӣ, муассисаҳои консулгарӣ ва намояндагии ташкилотҳои байналмилалии дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аккредитатсияшуда), инчунин минтақаҳои сарҳадӣ ва назорати гумрукӣ бо пешниҳоди шаҳодатномаи хизматӣ (ба иншооти реҷаашон махсус – ҳангоми мавҷуд будани иҷозати махсус) барои гузаронидани амалиёти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ ва тафтишотӣ ворид гардад;

- барои иҷрои баъзе амалиётҳои тафтишотӣ ҳуқуқи даромадани шаҳрвандонро ба иншоот ва бино муваққатан маҳдуд ё манъ кунад;
- дар ҳолатҳои таъхирнопазир ҳангоми иҷрои вазифаҳои хизматӣ аз воситаҳои алоқа ва нақлиётие, ки ба ташкилотҳо, сарфи назар аз шакли ташкилию ҳуқуқӣ ё шаҳрванд (ғайр аз воситаҳои нақлиётии намояндагиҳои дипломатии хориҷӣ, консулгариҳо, дигар намояндагиҳои давлатҳои хориҷӣ ва ташкилотҳои байналмилалӣ) тааллуқ доранд, бемамониат истифода намояд. Зиёни моддии расонидашуда, тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба соҳибони воситаҳои алоқа ва нақлиёт барқарор карда мешавад;
- аз воситаҳои ахбори оммаи давлатӣ ба таври ройгон истифода намояд;
- шаҳрвандонеро, ки ба мақомоти Агентӣ дар иҷрои вазифаҳояшон ёрӣ расонидаанд, ҳавасманд гардонад, таъйин гардидани мукофотро барои кумак кардан дар ошкор намудани ҷиноятҳо ва дастгир кардани шахсоне, ки онҳоро содир намудаанд, эълон кунад ва онро ба шаҳрвандон супорад;
- системаҳои иттилоотиро ташкил ва истифода намояд;

- чорабиниҳои оперативӣ – ҷустуҷӯиро тибқи талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти оперативӣ – ҷустуҷӯӣ» амалӣ менамояд;
- дигар ҳуқуқҳои пешбиникардаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистонро амалӣ намояд.

Ҳамичунин, кормандони воҳидҳои ҳифзи ҳуқуқи Агентӣ ҳуқуқ доранд силоҳи оташфишон ва воситаҳои махсусро баъд аз гузаштани тайёрии дахлдор бо худ нигоҳ доранд ва гирифта гарданд. Онҳо метавонанд аз қувваи ҷисмонӣ, воситаҳои махсус ва силоҳи оташфишон танҳо дар ҳолатҳо ва тибқи тартибе, ки Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи милитсия" пешбинӣ кардааст, истифода баранд.

## МАВЗӮИ 6. ШӮРОИ МИЛЛИИ МУҚОВИМАТ БА КОРРУПСИЯ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

### НАҚША:

1. Шӯрои миллии муқовимат ба коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: мақсад, вазифа, ваколат ва ҳуқуқҳои он;
2. Ҳайат ва тартиби кори Шӯрои миллии муқовимат ба коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон

### АДАБИЁТИ ТАВСИЯВӢ БАРОИ МАВЗӮИ №6

1. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 06 ноябри соли 1994 бо тағйиру иловаҳои солҳои 1999, 2003 ва 2016. Душанбе.-2016.
2. Суханронии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба муносибати 10 – солагии таъсиси Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсия (10 январи соли 2017) // Сомонаи интернетии www.prezident.tj.
3. Конвенция Организации объединённых наций против коррупции. Нью-Йорк, ООН, 2004.Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 20 марти соли 2008 // Сомонаи интернетии www.mmk.tj.
4. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи экспертизаи зиддикоррупсионии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» аз 28 декабри соли 2012 // Сомонаи интернетии www.mmk.tj.
5. Низомномаи Шӯрои миллии муқовимат ба коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 14 декабри соли 2010 № 968.

## I. ШӮРОИ МИЛЛИИ МУҚОВИМАТ БА КОРРУПСИЯ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН: МАҚСАД, ВАЗИФА, ВАКОЛАТ ВА ҲУҚУҚҲОИ ОН

Шӯрои миллии муқовимат ба коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон мақоми умумимиллии машваратӣ, мутобиқсозандаи фаъолияти мақомоти давлатӣ ва ҷалби ҷомеаи шаҳрвандӣ ҷиҳати амалигардонии чораҳои пешгирӣ ва муқовимат ба коррупсия мебошад.

Шӯрои миллии муқовимат ба коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис дода шуда, ба ӯ ҳисоботдиҳанда мебошад.

Шӯрои миллии муқовимат ба коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд – Шӯрои миллӣ) дар фаъолияти худ Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонунҳои конститутсионӣ, қонунҳо, Фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистонро ба роҳбарӣ мегирад

Мақсад, вазифа, ҳуқуқ, ҳайат, ваколат, тартиби кор ва таъминоти молиявии фаъолияти Шӯрои миллиро Низомномаи Шӯрои миллии муқовимат ба коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки он бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 14 декабри соли 2010 № 968 тасдиқ шудааст, муайян менамояд. Низомномаи мазкур аз 20 бандҳои мухталиф иборат мебошад.

Мақсади асосии Шӯрои миллӣ аз инҳо иборат аст:

- таҳлил ва баррасии масъалаҳои муқовимат ба коррупсия ва мутобиқ намудани фаъолияти мақомоти давлатӣ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ дар самти псшгирӣ ва мубориза бо коррупсия;
- мусоидат оид ба татбиқ намудани талаботи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба муқовимат ба коррупсия, Стратегияи муқовимат бо коррупсия дар Ҷумҳурии

Тоҷикистон барои солҳои 2013-2020 ва дигар санадҳои барномавии миллии мубориза бо коррупсия;

- мониторинги давлатию ҷамъиятӣ оид ба пешгирии коррупсия ва иҷрои самараноки вазифаҳои мақомоти давлатӣ дар мубориза бо коррупсия ва баҳогузорӣ намудан ба фаъолияти мақомоти давлатӣ ва дигар ташкилотҳо дар ин самт;
- ҷалби васеи ташкилотҳои ғайриҳукуматӣ, ҷомеаи шаҳрвандӣ ва шахрвандон дар мубориза бо коррупсия;
- бартараф намудани таҳдидҳо ба бехатарии иқтисодиёти миллӣ, пешгирии омилҳо ва шароитҳои ба коррупсия мусоидаткунанда, мусоидат ба дарки хавфнокии коррупсия дар ҷомеа ва ташаккули фазои тоқатнопазирӣ ба омилҳои коррупсионӣ.

Вазифаҳои Шӯрои миллӣ аз инҳо иборат мебошанд:

- мусоидат оид ба муайян намудани самтҳои афзалиятноки фаъолияти мақомоти давлатӣ оид ба пешгирӣ ва муқовимат ба коррупсия;
- пешниҳоди таклифҳо ҷиҳати муайянсозӣ, тасдиқ ва амалигардонии сиёсати давлатӣ дар соҳаи муқовимат ба коррупсия;
- мутобиқсозии фаъолияти мақомоти давлатӣ ва мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот ҷиҳати амалигардонии сиёсати давлатӣ дар соҳаи муқовимат ба коррупсия;
- мониторинг ва баҳогузорӣ ба фаъолияти мақомоти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот оид ба иҷрои ҷорабиниҳои муқовимат ба коррупсия;
- назорати иҷрои чорабиниҳои пешгирии коррупсия ва бартараф намудани сабабу шароитҳои ба коррупсия мусоидаткунанда;
- ташаккули фазои тоқатнопазирӣ ба коррупсия ва дарки хавфнокии коррупсия дар ҷомеа, ҷалби қувваҳои солимфикри ҷомеа дар муқовимат ба

коррупсия бо роҳи ҳамкории давлат бо ҷомеаи шаҳрвандӣ;

- иҷрои дигар вазифаҳое, ки санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ намудаанд.

Шӯрои миллӣ дорои ҳуқуқҳои зерин мебошад:

- таҳияи пешниҳодот оид ба такмили фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, дигар мақомоти давлатӣ ва мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот дар самти пешгирӣ ва муқовимат ба коррупсия;
- тибқи тартиби муқарраргардида талаб карда гирифтани маълумоти зарурӣ аз мақомоти дахлдор;
- барои иштирок дар ҷаласаҳои Шӯрои миллӣ ҷалб намудани роҳбарони мақомоти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, ташкилотҳои ҷамъиятӣ ва шунидани ахбороти онҳо оид ба масъалаҳои пешгирӣ ва муқовимат ба коррупсия;
- таъсиси комиссияҳо ва гурӯҳҳои корӣ дар ҳолатҳои зарурӣ;
- амалӣ намудани дигар ҳуқуқҳо, ки санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ намудаанд.

## II. ҲАЙАТ ВА ТАРТИБИ КОРИ ШӮРОИ МИЛЛИИ МУҚОВИМАТ БА КОРРУПСИЯ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Ҳайати Шӯрои миллӣ аз Раис, аъзо ва котиб иборат аст. Раисии Шӯрои миллиро Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон бар уҳда дорад.

Аъзои Шӯрои миллӣ инҳо мебошанд:

- Ёрдамчии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои ҳуқуқӣ - Намояндаи ваколатдори Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

– Ёрдамчии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои кадрҳо;
– Ёрдамчии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои рушди иҷтимоӣ ва робита бо ҷомеа;
– Ёрдамчии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои амнияти миллӣ;
– Раиси Кумитаи Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба таъмини асосҳои конститутсионӣ, ҳуқуқу озодиҳои инсон, шаҳрванд ва қонуният;
– Раиси Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба мудофиа ва тартиботи ҳуқуқӣ;
– Раиси Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон;
– Раиси Суди Олии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон;
– Директори Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон;
– Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон;
– Директори Агентии хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон;
– Вазири корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон;
– Вазири адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон;
– Вазири мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон;
– Вазири молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон;
– Раиси Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон;
– Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон;
– Директори Агентии назорати маводи нашъаовари назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон;
– Сардори Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон;
– Раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- Сардори Департаменти мониторинги молиявии назди Бонки миллии Тоҷикистон;
- Роҳбарони ҳизбҳои сиёсӣ, ки дар Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон вакил доранд;
- Раиси Федератсияи иттифоқҳои касабаи мустақили Тоҷикистон;
- Раиси Маркази исломии Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- Раиси Иттифоқи журналистони Тоҷикистон;
- Раиси Иттифоқи ҷавонони Тоҷикистон;
- Раиси Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон;
- Раиси Ассотсиатсияи соҳибкорони Тоҷикистон;
- раиси ташкилоти ҷамъиятии "Кумитаи кор бо ҷанговарони интернатсионалисти Ҷумҳурии Тоҷикистон".

Аъзоёни Шӯрои миллӣ вазифадоранд, ки дар ҷаласахои Шӯрои миллӣ иштирок намоянд. Онҳо наметавонанд иҷрои ваколатҳои худро ба шахси дигар супоранд.

Раиси Шӯрои миллӣ дорои ваколатҳои зерин мебошад:

- ҷаласаҳои Шӯрои миллиро даъват менамояд;
- ҷаласаҳои Шӯрои миллиро мегузаронад ва ба онҳо раисӣ менамояд;
- қарорҳои Шӯрои миллиро имзо менамояд;
- аз ҳисоби аъзои Шӯрои миллӣ, намояндагони дигар мақомоти давлатӣ, ташкилотҳои ҷамъиятӣ, коршиносон, олимон ва мутахассисон оид ба масъалаҳои алоҳидаи самтҳои фаъолияти Шӯрои миллӣ комиссияҳо ва гурӯҳҳои корӣ таъсис медиҳад ва ҳисоботи онҳоро мешунавад;
- ҷиҳати иҷрои қарорҳои Шӯрои миллӣ ба вазорату идораҳои дахлдор дастуру супоришҳо медиҳад;

– дигар ваколатҳоеро, ки ба фаъолияти Шӯрои миллӣ дахл доранд, амалӣ менамояд.

Котиби Шӯрои миллӣ аз ҷониби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба вазифа таъйин ва аз вазифа озод карда мешавад. Котиби Шӯрои миллӣ Сардори Раёсати мудофиа ва тартиботи ҳуқуқии Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб рафта, фаъолияти худро дар асоси доимӣ амалӣ менамояд. Котиби Шӯрои миллӣ масъалаҳои иттилоотию таҳлилӣ ва ташкилию техникии фаъолияти Шӯрои миллиро таъмин менамояд.

Вазифаҳои Котиби Шӯрои миллӣ аз инҳо иборатанд:

– рӯзномаи ҷаласаи Шӯрои миллиро омода менамояд;
– коргузории Шӯрои миллиро ташкил менамояд;
– мурочиатҳо ва дигар ҳуҷҷатҳои ба Шӯрои миллӣ воридшударо таҳия ва ҷамъбаст намуда ба Раиси Шӯрои миллӣ пешниҳод менамояд;
– якҷоя бо аъзои Шӯрои миллӣ ҳуҷҷатҳои заруриро оид ба масъалаҳои баррасишаванда таҳия намуда, лоиҳаи қарорҳоро аз рӯи онҳо ба Раис ва аъзои Шӯрои миллӣ пешниҳод менамояд;
– қарорҳои Шӯрои миллиро омода ва барои имзо ба Раиси Шӯрои миллӣ пешниҳод менамояд;
– тавассути воситаҳои ахбори омма тартиби фаъолияти Шӯрои миллӣ ва қарорҳои қабулнамудаи онро ташкил менамояд;
– назорати иҷрои қарорҳои Шӯрои миллиро ба роҳ мемонад;
– супоришҳои Раиси Шӯрои миллӣ ва дигар вазифаҳоро вобаста ба фаъолияти Шӯрои миллӣ тибқи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷро менамояд.

Дар кори таҳлил ва ҷамъбасти масъалаҳои дар ҷаласаҳои Шӯрои миллӣ муҳокимашаванда ба Котиби Шӯрои миллӣ Агентии назорати давлатии молиявӣ ва

мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон мусоидат менамояд.

Шӯрои миллӣ масъалаҳои муҳимро вобаста ба муқовимат ба коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди баррасӣ қарор дода, қарор қабул менамояд, ки дар шакли протокол ба расмият даровaрда шуда, аз ҷониби Раиси Шӯрои миллӣ имзо карда мешаванд.

Ҷаласаҳои Шӯрои миллӣ на камтар аз як маротиба дар як сол гузаронида мешаванд.

Ҷаласаи ғайринавбатии Шӯрои миллӣ аз рӯи зарурат бо ташаббуси Раиси Шӯрои миллӣ, ё аз нисф зиёди аъзои Шӯрои миллӣ даъват карда мешавад.

Рӯзномаи ҷаласа ва маводи баррасишаванда ба аъзои Шӯрои миллӣ на дертар аз се рӯз пеш аз оғози ҷаласа ирсол карда мешаванд.

Ҷаласаҳои Шӯрои миллӣ дар ҳолати иштироки на камтар аз се ду ҳиссаи аъзои Шӯрои миллӣ гузаронида мешаванд.

Қарори Шӯрои миллӣ бо овоздиҳии ошкоро ва тарафдории аксари иштирокчиёни ҷаласа қабул карда мешавад.

Шӯрои миллӣ барои шунидани ҳисобот метавонад ба ҷаласаҳои худ роҳбарони вазорату идораҳо, раисони вилоятҳо, шаҳру ноҳияҳо, роҳбарони мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, роҳбарони корхонаҳо, муассисаҳо, дигар ташкилотҳо ва шахсони мансабдорро даъват намояд. Шӯрои миллӣ дар мавриди зарурӣ метавонад барои додани хулоса оид ба масъалаҳои дар ҷаласаҳои худ баррасишаванда олимон, коршиносон ва мутахассисонро даъват намояд.

Маблағгузории фаъолияти Шӯрои миллӣ ва котиби он аз ҳисоби маблағҳои буҷети ҷумҳуриявӣ амалӣ карда мешавад.

## МАВЗӮИ №7. ҲАМОҲАНГСОЗИИ ФАЪОЛИЯТИ МАҚОМОТИ МУБОРИЗА БАР ЗИДДИ КОРРУПСИЯ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**НАҚША:**

1. Мақсад, принсип ва самтҳои асосии ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомоти мубориза бар зидди коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон;
2. Шӯрои ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомоти мубориза бар зидди коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон.

### АДАБИЁТИ ТАВСИЯВӢ БАРОИ МАВЗӮИ №7


1. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 06 ноябри соли 1994 бо тағйиру иловаҳои солҳои 1999, 2003 ва 2016. Душанбе.-2016.
2. Суханронии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба муносибати 10 – солагии таъсиси Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсия (10 январи соли 2017) // Сомонаи интернетии www.prezident.tj.
3. Конвенция Организации объединённых наций против коррупции. Нью-Йорк, ООН, 2004.
4. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи мубориза бар зидди коррупсия" аз 25 июли соли 2005, тахти № 100 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2005, №7, мод. 402; с. 2007, №7, мод. 660; с. 2008, №10, мод. 800; с. 2011, №12, мод. 837; с. 2014, №3, мод. 148; Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 24 феврали соли 2017, №1385; Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 24 феврали соли 2017, №1386.
5. Низомномаи ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомоти мубориза бар зидди коррупсия, ки бо Фармони

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25 ноябри соли 2015, № 587 тасдиқ шудааст.

## I. МАҚСАД, ПРИНСИП ВА САМТҲОИ АСОСИИ ҲАМОҲАНГСОЗИИ ФАЪОЛИЯТИ МАҚОМОТИ МУБОРИЗА БАР ЗИДДИ КОРРУПСИЯ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади баланд бардоштани самаранокии фаъолият ҷиҳати огоҳсозӣ, пешгирӣ, ошкорсозӣ ва рафъи ҳуқуқвайронкуниҳои коррупсионӣ, фошнамоӣ, таҳқиқ ва тафтиши пешакии ҷиноятҳои коррупсионӣ, иқтисодии хусусияти коррупсионидошта ва ҷиноятҳои ба андоз алоқаманд, ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомоти мубориза бар зидди коррупсия ба роҳ монда мешавад. Ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомоти мубориза бар зидди коррупсия аз ҷониби Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон анҷом дода мешавад.

Ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомоти мубориза бар зидди коррупсия дар асоси Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи мубориза бар зидди коррупсия", "Дар бораи Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон", дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар самти мубориза бо коррупсия, инчунин санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф кардааст ва Низомномаи ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомоти мубориза бар зидди коррупсия, ки бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25 ноябри соли 2015, № 587 тасдиқ шудааст, анҷом дода мешавад.

Ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомоти мубориза бар зидди коррупсия инҳоро дар бар мегирад:

– фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ;
– таҳқиқу тафтиши пешакии парвандаҳои ҷиноятӣ;

- пешбурди мубориза бо омилҳои коррупсионӣ бо истифода аз усулҳои гражданӣ-ҳуқуқӣ;
- андешидани тадбирҳо баҳри пешгирии ҷиноятҳои коррупсионӣ, иқтисодии хусусияти коррупсионидошта ва ба андоз алоқаманд, дигар ҳуқуқвайронкуниҳои хусусияти коррупсионидошта, бартараф намудани сабабу шароитҳое, ки ба содиршавии онҳо мусоидат мекунанд;
- таҳлили ҳолати таъмини қонуният ва ҷинояткории коррупсионӣ дар мақомот ва ё минтақаҳои алоҳида.

Самтҳои асосии ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомоти мубориза бар зидди коррупсия аз инҳо иборат мебошанд:

- огоҳсозӣ, пешгирӣ, ошкорсозӣ, рафъи ҳуқуқвайронкуниҳои коррупсионӣ, фошнамоӣ, таҳқиқ ва тафтишоти пешакии ҷиноятҳои коррупсионӣ, иқтисодии хусусияти коррупсионидошта ва ба андоз алоқаманд;
- таҳлили якҷояи вазъи ҷинояткории коррупсионӣ, иқтисодии хусусияти коррупсионидошта ва ба андоз алоқаманд, муайян намудани чараёни инкишофи онҳо, омӯзиш, мураттаб ва паҳн намудани таҷрибаи пешқадами пешгирӣ, ошкор, таҳқиқу тафтиш намудани ин гуна ҷиноятҳо, ҳамчунин рафъи сабабу шароитҳои ба онҳо мусоидаткунанда;
- таъмини иҷрои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар соҳаи муқовимат бо коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва чорабиниҳои давлатӣ оид ба мубориза бар зидди ҷиноятҳои коррупсионӣ, иқтисодии хусусияти коррупсионидошта ва ба андоз алоқаманд;
- дар якҷоягӣ бо дигар мақомоти давлатӣ ва муассисаҳои илмӣ тайёр намудани пешниҳодҳо оид ба такмили қонунгузорӣ баҳри пешгирии коррупсия;
- таҳлил ва ҷамъбасти таҷрибаи иҷрои шартномаҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон, аҳдномаҳо бо давлатҳои хориҷиву ташкилотҳои байналмилалӣ оид

ба масъалаҳои ҳамкорӣ дар мубориза бар зидди коррупсия, инчунин таҳияи пешниҳодҳои дахлдор дар ин самт.

Ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомоти мубориза бар зидди коррупсия дар асоси чунин принсипҳо ба роҳ монда мешавад:

– риояи қонуният;
– баробарҳуқуқии ҳамаи аъзои Шӯро дар масъалагузорӣ, пешниҳод намудани тавсияҳо баҳри банақшагирии чорабиниҳо;
– мустақилияти ҳар як мақомоти мубориза бар зидди коррупсия дар доираи ваколатҳои ба онҳо муқаррарнамудаи қонунгузорӣ ҳангоми иҷрои қарорҳо, тавсияҳо ва гузаронидани чорабиниҳои якҷоя; бо ҳамдигар мувофиқа намудани тарз, шакл ва усулҳои мубориза бар зидди коррупсия;
– расонидани ёрӣ ба ҳамдигар дар таъмин намудани бехатарии худи мақомот;
– ошкорбаёнии фаъолият то ҳадди пешбининамудаи қонунгузорӣ дар ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, ҳифзи сирри давлатӣ ва дигар сирри аз тарафи қонун ҳифзшаванда;
– масъулияти роҳбарони мақомоти мубориза бар зидди коррупсия барои иҷрои қарорҳои қабулнамудаи Шӯро.

## II. ШӮРОИ ҲАМОҲАНГСОЗИИ ФАЪОЛИЯТИ МАҚОМОТИ МУБОРИЗА БАР ЗИДДИ КОРРУПСИЯ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Бобати баланд бардоштани самаранокии мубориза бар зидди коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд - Агентӣ) фаъолияти мақомоти прокуратура, корҳои дохилӣ, амнияти миллӣ,

идоракунии ҳарбӣ, назорати маводи нашъаовар, андоз ва гумрукро ҷиҳати пешбурди кори таҳлилӣ, пешгирӣ, сари вақт ошкор намудану тафтиш кардани ҷиноятҳои коррупсионӣ, иқтисодии хусусияти коррупсионидошта ва ба андоз алоқаманд, бартараф намудани сабабу шароитҳои ба онҳо мусоидаткунанда ҳамоҳанг месозад. Бо ин мақсадҳо дар назди Агентӣ Шӯрои ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомоти мубориза бар зидди коррупсия (минбаъд - Шӯро) таъсис дода мешавад. Шӯрои ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомоти мубориза бар зидди коррупсия мақоми машваратӣ буда, иҷрои қарорҳои дар доираи салоҳияташ қабулнамудаи он барои аъзои Шӯро ҳатмист.

Ҳамоҳангии фаъолияти мақомоти мубориза бар зидди коррупсия дар ҷаласаҳои Шӯрои ҳамоҳангсозӣ мавриди баррасӣ қарор дода мешавад.

Ба ҳайати Шӯрои ҳамоҳангсозӣ Директори Агентӣ (Раиси Шӯро) ва роҳбарони аввали мақомоти дигари мубориза бар зидди коррупсия, ки дар моддаи 5 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи мубориза бар зидди коррупсия" пешбинӣ шудаанд, (аъзои Шӯро - мақомоти прокуратура, корҳои дохилӣ, амнияти миллӣ, идоракунии ҳарбӣ, назорати маводи нашъаовар, андоз ва гумрук дар доираи салоҳияти худ) шомил мешаванд ва ҳуқуқҳои баробар доранд.

Ҷаласаҳои Шӯро мутобиқи нақша ё бо дастури Раиси Шӯро дар вақти муайянгардида гузаронида шуда, дар сурати иштироки аз се ду ҳиссаи аъзои Шӯро салоҳиятнок ҳисобида мешаванд. Дар мавридҳои зарурӣ метавонанд ҷаласаҳои сайёри Шӯро гузаронида шаванд.

Дар ҷаласаҳои Шӯро дар мувофиқа бо Раиси Шӯро метавонанд тибқи тартиби муқарраргардида дигар шахсони мансабдори мақомоти мубориза бар зидди коррупсия, роҳбарони мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ ва худидоракунии шаҳрак ва деҳот, ташкилотҳои

ҷамъиятӣ, байналмилалӣ, кормандони илмию омӯзгорӣ, намояндагони воситаҳои ахбори омма иштирок намоянд.

Барои иштирок ва омода намудани масъалаҳои дар Шӯро баррасишаванда метавонанд намояндагони дигар мақомоти давлатӣ ҷалб карда шаванд.

Шӯро дар ҷаласаҳояш масъалаҳои муҳими фаъолияти мақомоти дахлдорро дар пешгирӣ ва мубориза бар зидди ҳуқуқвайронкуниҳои коррупсионӣ, ҷиноятҳои иқтисодии хусусияти коррупсионидошта ва ба андоз алоқаманд, инчунин мушкилиҳои дар ин самт ҷойдошта муҳокима намуда, гузориши аъзои Шӯро, роҳбарони воҳидҳои мақомоти ҳифзи ҳуқуқро мешунавад.

Қарори Шӯро дар шакли хаттӣ тартиб дода шуда, тариқи овоздиҳии ошкоро ва дар ҳолати ба тарафдории он аз нисф зиёди аъзои Шӯро овоз додан қабулшуда ҳисоб мешавад. Қарор ва протоколи ҷаласаи Шӯро аз ҷониби Раиси Шӯро ва Котиби масъули он имзо карда мешавад.

Лоиҳаи қарор ё дигар ҳуҷҷатҳоро оид ба масъалаҳои дар ҷаласаи Шӯро баррасишаванда мақоме, ки баррасии онҳоро пешниҳод намудааст, таҳия менамояд. Дар ҳолатҳои зарурӣ бо ин мақсад аз ҳисоби намояндагони мақомоти дахлдор гурӯҳи корӣ таъсис дода мешавад.

Аъзои Шӯро барои амалӣ намудани қарорҳои Шӯро дар доираи ваколатҳои худ фармоиш, дастур, амр ва дигар санадҳои дохилиидоравӣ қабул намуда, иҷрои қарорҳои Шӯроро дар қисми ба онҳо тааллуқдошта таъмин менамоянд. Агар иҷрои қарори қабулшуда ба зиммаи якчанд мақомоти мубориза бар зидди коррупсия вогузор карда шуда бошад, масъулияти ташкили иҷрои он ба зиммаи мақомоте, ки дар аввал зикр шудааст, гузошта мешавад.

Таъминоти моддию техникии фаъолияти Шӯро аз ҷониби Агентии назорати давлатӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Котиботи Шӯро амалӣ карда мешавад.

Шӯро бо мақсади иҷрои вазифаҳои гузошташуда:

- накшаи фаъолияти худро таҳия ва тасдиқ менамояд;
- лоиҳаи ҳуҷҷатҳои дахлдорро таҳия ва баррасӣ менамояд;
- тарзу усулҳои ҳамкории мақомоти ҳифзи ҳуқуқу қудратиро дар мубориза бар зидди коррупсия, ҷиноятҳои коррупсионӣ, иқтисодии хусусияти коррупсионидошта ва ба андоз алоқаманд муайян менамояд;
- маводҳои таҳлилӣ-иттилоотӣ ва дигар санадҳоро тайёр менамояд;
- бо мақсади гузаронидани санҷишу амалиётҳои муштарак ва тафтиши якҷояи ҷиноятҳои коррупсионӣ, иқтисодии хусусияти коррупсионидошта ва ба андоз алоқаманд гурӯҳҳои корӣ ва оперативӣ-тафтишотии байниидоравӣ таъсис медиҳад;
- мубодилаи иттилоотро дар бораи мубориза бар зидди коррупсия ба роҳ мемонад;
- барои баланд бардоштани савияи дониши касбии кормандони мақомоти мубориза бар зидди коррупсия аз имкониятҳои мавҷуда истифода намуда, машғулияту конференсияҳо мегузаронад.

Мавқеи Раиси Шӯро дар ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомоти мубориза бар зидди коррупсия:

- ҷаласаҳои Шӯроро мегузаронад;
- дар ҳолатҳои зарур, вале на камтар аз як маротиба дар шаш моҳ бевосита ё бо ташаббуси яке аз аъзои Шӯро, ҷаласаи онро даъват менамояд;
- Раиси Шӯро нақшаи кори Шӯроро дар мувофиқа бо аъзои Шӯро тасдиқ менамояд;
- барои ташкил намудани фаъолияти ҳамоҳангсозӣ маълумоти заруриро талаб менамояд;
- ба нақшаи кори Шӯро дар мувофиқа бо аъзои Шӯро тағйиру иловаҳо ворид менамояд;

– барои иҷрои бевосита ва назорати қарорҳои қабулнамудаи Шӯро аз ҳисоби намояндагони мақомоти ваколатдори мубориза бар зидди коррупсия гурӯҳҳои корӣ таъсис медиҳад;
– аз ҳисоби кормандони Агентӣ Котиби масъули Шӯрорo таъйин менамояд, ки ба Котиботи Шӯро роҳбарӣ мекунад;
– ба Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон доир ба вазъи ҷиноятҳои коррупсионӣ, иқтисодии хусусияти коррупсионидошта ва ба андоз алоқаманд, инчунин оид ба чораҳои мубориза бо коррупсия ва такмилу батанзимдарории масъалаҳои ҳуқуқӣ маълумот ва пешниҳодҳо манзур менамояд;
– дар бораи вазъи мубориза бар зидди коррупсия ва фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дар ин самт бо истифода аз воситаҳои ахбори омма ба аҳли ҷомеа иттилоъ медиҳад.

Котиботи Шӯро аз ҳисоби намояндагони ҳамаи мақомоти мубориза бар зидди коррупсия бо қарори Шӯро таъсис дода мешавад.

Котиботи Шӯро: корҳои ҷории ташкилиро амалӣ менамояд:

– лоиҳаи нақшаи кори Шӯрорo дар асоси таклифҳои аъзои Шӯро таҳия намуда, барои баррасӣ ба ҷаласаи Шӯро пешниҳод менамояд;
– ҳуҷҷатгузории Шӯрорo бо риояи талаботи коргузории махфӣ пеш мебарад; аъзои Шӯро ва даъватшавандагонро бо рӯзномаи ҷаласа бо пешниҳоди лоиҳаи ҳуҷҷатҳое, ки мавриди муҳокима қарор дода мешаванд, шинос менамояд, инчунин дигар маводи дахлдорро пешкаш менамояд;
– ҳолати иҷрои нақшаи корӣ ва қарорҳои Шӯрорo зери назорат мегирад, таҳлил мекунад ва аз натиҷааш ба Раиси Шӯро маълумот пешниҳод менамояд;

– маводро барои таҳия намудани лоиҳаи қарори Шӯро ҷамъ оварда, ирсол намудани маълумоти зарурииро ба сохторҳои гуногуни давлатӣ ба роҳ мемонад; - дигар супоришҳои Раиси Шӯророро иҷро менамояд.

Аъзои Шӯро дар ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомоти мубориза бар зидди коррупсия дорои ваколатҳои зерин мебошанд;

– дар муҳокима ва қабули қарорҳо оид ба масъалаҳои ба баррасии Шӯро пешниҳодгардида иштирок менамоянд;
– дар таҳияи нақшаи кори Шӯро бевосита иштирок намуда, оид ба баррасии масъалаҳои марбут ба фаъолияти ҳамоҳангсозӣ бо асоснокгардонии зарурат ва нишон додани роҳу усулҳои ҳалли онҳо таклифҳо пешниҳод менамоянд;
– бо тартиби мувофиқашуда лоиҳаи санадҳо ва дигар маводеро, ки муҳокима ва қабули қарорро талаб мекунанд, пешниҳод менамоянд;
– аъзои гурӯҳҳои кориро аз ҳисоби кормандони зертобеи худ муайян менамоянд;
– оиди самаранокии иҷрои қарорҳои Шӯро ва чораҳои амалигардонии онҳо таклифҳо пешниҳод менамоянд;
– ҳангоми муҳокимаи масъалаҳо ва қабули қарор доир ба онҳо баробарҳуқуқ мебошанд.

Ҳамкории мақомоти мубориза бар зидди коррупсия бо судҳо ва Шӯрои адлия бо риояи принсипҳои мустақилияти ҳокимияти судӣ, мустақилияти судяҳо ва тобеъ будани онҳо танҳо ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ба амал бароварда мешавад.

Раисони Суди Олӣ, Суди Олии иқтисодӣ, Шӯрои адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон метавонанд бо даъвати Раиси Шӯро ё бо мувофиқа бо ӯ дар ҷаласаҳои Шӯро иштирок намоянд.

Бо мақсади баланд бардоштани самаранокии ҳамоҳангии фаъолияти мақомоти мубориза бар зидди коррупсия бо судҳо ва мақомоти адлия ҳамкории мутақобила дар шакли зайл ба роҳ монда мешавад:

– мубодилаи тарафайни иттилоот оиди баррасии парвандаҳо вобаста ба ҷиноятҳои коррупсионӣ, иқтисодии хусусияти коррупсионидошта ва ба андоз алоқаманд, ҳамчунин нисбати маҳкумшудагон бо ин гуна парвандаҳо;
– истифодаи маълумотҳои омории судӣ ва маводҳои таҷрибаи судӣ ҳангоми гузаронидани чорабиниҳо доир ба мубориза бар зидди коррупсия;
– дар якҷоягӣ таҳия ва омода намудани лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ вобаста ба мубориза бар зидди коррупсия;
– бо мақсади баланд бардоштани тахассуси касбии кормандони мақомоти мубориза бар зидди коррупсия гузаронидани семинару конференсияҳо;
– таҳия ва ирсол намудани мактубҳои иттилоотӣ, маълумотномаҳо;
– иштирок дар ҷараёни таҳия намудани лоиҳаи қарорҳои Пленуми Суди Олӣ ва Суди Олии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон марбут ба масъалаҳои мубориза бар зидди коррупсия, ҷиноятҳои иқтисодии хусусияти коррупсионидошта ва ба андоз алоқаманд.

# МАВЗӮИ № 8. ЭКСПЕРТИЗАИ ЗИДДИКОРРУПСИОНИИ САНАДҲОИ МЕЪЁРИИ ҲУҚУҚӢ ВА ЛОИҲАҲОИ САНАДҲОИ МЕЪЁРИИ ҲУҚУҚӢ

## НАҚШАИ МАВЗӮЪ:

1. Мафҳум, принсипҳо ва намудҳои экспертизаи зиддикоррупсионии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ.
2. Асосҳо ва самтҳои афзалиятноки гузаронидани экспертизаи зиддикоррупсионии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ.
3. Объектҳо ва субъектҳои гузаронидани экспертизаи зиддикоррупсионии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ.
4. Тартиби гузаронидани экспертизаи зиддикоррупсионии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ.

## АДАБИЁТИ ТАВСИЯВӢ БАРОИ МАВЗӮИ №8


1. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 06 ноябри соли 1994 бо тағйиру иловаҳои солҳои 1999, 2003 ва 2016. Душанбе.-2016.
2. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 06 ноябри соли 1994 бо тағйиру иловаҳои солҳои 1999, 2003 ва 2016. Душанбе.-2016.
3. Суханронии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба муносибати 10 – солагии таъсиси Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсия (10 январи соли 2017) // Сомонаи интернетии www.prezident.tj.
4. Конвенция Организации объединённых наций против коррупции. Нью-Йорк, ООН, 2004.

5. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи экспертизаи зиддикоррупсионии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» аз 28 декабри соли 2012 // Сомонаи интернетии www.mmk.tj.
6. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи мубориза бар зидди коррупсия" аз 25 июли соли 2005, таҳти № 100 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2005, №7, мод. 402; с. 2007, №7, мод. 660; с. 2008, №10, мод. 800; с. 2011, №12, мод. 837; с. 2014, №3, мод. 148; Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 24 феврали соли 2017, №1385; Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 24 феврали соли 2017, №1386.
7. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Тартиби гузаронидани экспертизаи зиддикоррупсионии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, санадҳои меъёрии ҳуқуқии хусусияти умумиҳатмидоштаи вазоратҳо, кумитаҳои давлатӣ, дигар мақомоти давлатӣ, мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳраку деҳот ва лоиҳаҳои онҳо, арзёбии дохилиидоравии зиддикоррупсионии лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» // Сомонаи интернетии www.anticorruption.tj.
8. Қаюмов С.А. Тафсир ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи экспертизаи зиддикоррупсионии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ». Нашриёти «Кайҳон». – Душанбе, 2013.
9. Аламова С.М. Антикоррупционная экспертиза нормативных актов и их проектов: правовая основа и методика проведения / С.М. Аламова // Научные труды. Российская академия юридических наук. Вып.10: в 3т. Т.1. М.: - Издательская группа «Юрист». - 2010.

10. Корухов, Ю. Допустимы ли правовые и юридические экспертизы в уголовном процессе / Ю. Корухов // Законность. - № 1. - 2000.
11. Ноздрачёв, А.Ф. Коррупция как правовая проблема в вопросах и ответах / А.Ф. Ноздрачев // Адвокат. - 2007. - № 10.
12. Троицкая, Т.В. Понятие и юридическая природа общественной экспертизы / Т.В. Троицкая // Юридический мир. - 2006.

## I. МАФҲУМ, ПРИНСИПҲО ВА НАМУДҲОИ ЭКСПЕРТИЗАИ ЗИДДИКОРРУПСИОНИИ САНАДҲОИ МЕЪЁРИИ ҲУҚУҚӢ ВА ЛОИҲАҲОИ САНАДҲОИ МЕЪЁРИИ ҲУҚУҚӢ

Дар низоми чораҳои комплексии муқовимат ба коррупсия – экспертизаи зиддикоррупсионии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ мавқеи муҳимро ишғол мекунад.

Самарабахшии гузаронидани экспертизаи зиддикоррупсионӣ дар баробари риояи принсипҳои пешбининамудаи Қонун бо низомнокӣ, эътимоднокӣ ва воқеияти натиҷаҳои он муайян карда мешавад.

Муносибати ҷамъиятиро дар соҳаи экспертизаи зиддикоррупсионии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ - Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи экспертизаи зиддикоррупсионии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ” таҳти № 925 аз 28 декабри соли 2012 ва Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тартиби гузаронидани экспертизаи зиддикоррупсионии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, санадҳои меъёрии ҳуқуқии хусусияти умумиҳатмидоштаи вазоратҳо, кумитаҳои давлатӣ, дигар мақомоти давлатӣ, мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот ва лоиҳаҳои онҳо, арзёбии дохилиидоравии

зиддикоррупсионии лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» таҳти № 355 аз 3 июни соли 2014 қабул гардидааст, ба танзим медароранд. Ин санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ бо мақсади дар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ошкор намудани омилҳои бавуҷудоварандаи коррупсия ва андешидани чораҳо ҷиҳати бартараф намудани ин омилҳо ва дар маҷмуъ низоми пешгирии коррупсияро дар ҳамаи соҳаҳои ҳаёти ҷомеа, қабул гардидаанд. Санадҳои меъёрии ҳуқуқии зикргардида асосҳои ҳуқуқӣ ва ташкилии гузаронидани экспертизаи зиддикоррупсионии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқиро ба танзим медароранд.

Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи экспертизаи зиддикоррупсионии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон асос ёфта, аз Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи экспертизаи зиддикоррупсионии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ», дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф кардааст, иборат мебошад.

Мафҳуми экспертизаи зиддикоррупсионии санадҳои меъёрии ҳуқуқи ва лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар моддаи 3 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи экспертизаи зиддикоррупсионии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» муқаррар гардидааст, ки тибқи он ***экспертизаи зиддикоррупсионии санадҳои меъёрии ҳуқуқи ва лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ*** – фаъолият оид ба ошкор намудани омилҳои бавуҷудоварандаи коррупсия дар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, ки тибқи тартиби муқаррарнамудаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби субъектҳои барои гузаронидани экспертизаи зиддикоррупсионӣ ваколатдор амалӣ гашта,

аз натиҷаи он ҷиҳати баррасии ҳатмӣ ба мақомоти дахлдори давлатӣ (субъектҳои ҳуқуқэҷодкунанда) хулоса дода мешавад.

Ин намуди экспертизаро дар баробари дигар олимони соҳаи ҳуқуқшиносӣ[1] «ҳамчун технологияи инноватсионии муқовимат ба коррупсия» эътироф менамоем ва айни ҳолист, албатта агар он аз тарафи мутахассисони соҳа беғаразона баррасӣ гардида, дар амал татбиқ карда шавад.

Экспертиза ҳамчун як унсури ҳуқуқшиносӣ, барои муқаррар кардани ин ё он ҳолат равона гардида, дониши махсусро дар соҳаи алоҳида талаб мекунад. Ба категорияи дониши махсус он илме дар назар дошта мешавад, ки онро ҳама дарк карда наметавонанд ва доир ба он танҳо шахси донандаи (мутахассиси) соҳаи илми мушаххас (ҳуқуқшинос, табиб, иқтисодчӣ ва ғайраҳо) тасаввурот дошта метавонад. «Донишҳои ҳуқуқӣ низ ҳамчун дониши махсуси илмӣ эътироф карда мешавад ва дорандаи ин дониш бо соҳаҳои гуногуни илми ҳуқуқӣ сару кор мебаранд»[2]. Агар аз рӯи донишҳои ҳуқуқӣ доир ба ин ё он кор экспертизаи нодуруст дода шавад, пас баҳси ҳуқуқӣ пастсифат баррасӣ гардида, ба поймол гардидани ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд ҳамчун муносибатҳои ҷамъиятӣ боис шуда метавонад. Бинобар ин, Т.В. Троицкий дуруст қайд намудааст, ки «барои гузаронидани экспертизаи босифат ҳатман бояд чунин ҳолатҳо ҷой дошта бошанд: ҳавасмандӣ дар баргузор намудани он, дастрас будани иттилоот оид ба баргузории он ва имконияти ҷалби экспертҳо, инчунин таъмини мустақилияти экспертҳо»[3].

---

[1] Ноздрачёв, А.Ф. Коррупция как правовая проблема в вопросах и ответах / А.Ф. Ноздрачев // Адвокат. - 2007. - № 10. - С. 34 - 49.

[2] Корухов, Ю. Допустимы ли правовые и юридические экспертизы в уголовном процессе / Ю. Корухов // Законность. - № 1. - 2000. - С.39-40.

[3] Троицкая, Т.В. Понятие и юридическая природа общественной экспертизы / Т.В. Троицкая // Юридический мир. - 2006. - № 9. - С. 65-70.

Аз таҳлили сарчашмаҳои гуногуни илмии ба намудҳои гуногуни экспертизаҳои соҳаи ҳуқуқшиносӣ бахшидашуда бар меояд, ки чунин намудҳои экспертизаҳои ҳуқуқӣ фарқ карда шаванд: ҷамъиятӣ (умумӣ), ҳуқуқӣ, зиддикоррупсионӣ, махсусгардонидашуда ва криминологӣ.

Аз муқаррароти қисми 3 моддаи 13 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи экспертизаи зиддикоррупсионии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ" бар меояд, ки экспертизаи зиддикоррупсионӣ ба гурӯҳи экспертизаҳои ҳуқуқӣ шомил гардида, бо экспертизаи ҳуқуқии қонунгузорӣ дар робитаи ногусастанӣ қарор дорад ва ба ақидаи бархе аз олимони соҳа «қисми ҷудонашавандаи он мебошад»[1].

Экспертизаи зиддикоррупсионии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ бо мақсади тоза намудани санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва лоиҳаҳои онҳо аз хавфи коррупсия, ки дар татбиқи онҳо ба сар задани амалҳои коррупсионӣ шароит фароҳам меоранд, эътироф мегардад.

Экспертизаи зикргардида ҳамчун ошкоркунандаи меъёрҳое, ки барои дар таҷриба амалӣ гардидани амалҳои коррупсионӣ шароит фароҳам меоранд, дар худ тадқиқоти таҳлилии фаъолияти субъектони дорои дониши махсус ё маълумотҳои зарурӣ доир ба объекти экспертиза доранд, ки дар ҳама давраҳои омода намудани санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ё лоиҳаи онҳо ифода мегардад.

Гузаронидани экспертизаи зиддикоррупсионии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ба принсипҳои ба худ хос асос меёбад. Принсипҳои гузаронидани экспертизаи зиддикоррупсионии саиадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ –

---

[1] Аламова, С.М. Антикоррупционная экспертиза нормативных актов и их проектов: правовая основа и методика проведения / С.М. Аламова // Научные труды. Российская академия юридических наук. Вып.10: в 3т. Т.1. М.: - Издательская группа «Юрист». - 2010. - С.842.

асос ва ғояҳои роҳбарикунандае эътироф мешаванд, ки риояи онҳо аз тарафи субъектони ин намуди экспертиза ҳатмӣ мебошад.

Намудҳои принсинҳои гузаронидани экспертизаи зиддикоррупсионии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқиро моддаи 4 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи экспертизаи зиддикоррупсионии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» муайян намудааст, ки тибқи муқарраароти он, гузаронидани экспертизаи зиддикоррупсионии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ба принсипҳои зерин асос меёбад:

– асоснокӣ, холисӣ (беғаразӣ), айният ва имконпазирии санҷиши натиҷаҳои экспертизаи зиддикоррупсионии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ;
– салоҳиятнокии шахсоне, ки экспертизаи зиддикоррупсионии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқиро мегузаронанд;
– мустақилият ва ба субъектҳои ҳуқуқэҷодкунанда вобаста набудани экспертҳо;
– ҳатмӣ будани гузаронидани экспертизаи зиддикоррупсионии лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ;
– ҳамкорӣ ва мубодилаи иттилоот байни мақомоти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот (шахсони мансабдори онҳо) бо шаҳрвандон ва ташкилотҳои ҷамъиятӣ дар гузаронидани экспертизаи зиддикоррупсионии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ;
– ҳатмӣ будани баррасии хулосаи экспертизаи зиддикоррупсионии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва лоиҳаҳои санадхои меъёрии ҳуқуқй;
– шаффофият ва таъмини имконияти шинос шудан бо натиҷаи экспертизаи зиддикоррупсионии санадҳои

меъёрии ҳуқуқӣ ва лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ;

– масъулияти субъектҳои барои гузаронидани экспертизаи зиддикоррупсионии санадхои меъёрии ҳуқуқӣ ва лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ваколатдор барои сифати экспертизаи зиддикоррупсионӣ.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ду намуди экспертизаи зиддикоррупсионии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ гузаронида мешавад, ки инҳо:

1. Экспертизаи давлатии зиддикоррупсионии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ;
2. Экспертизаи ҷамъиятии зиддикоррупсионии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ.

Экспертизаи давлатии зиддикоррупсионии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, аз ҷониби субъектҳои экспертизаи зикргардида ба амал бароварда мешавад.

Экспертизаи ҷамъиятии зиддикоррупсионии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқиро шаҳрвандон, ташкилотҳои ҷамъиятӣ ё гурӯҳи коршиносон ё ташкилотҳои интихобкардаи шаҳрвандон ва ташкилотҳои ҷамъиятӣ гузаронида, онҳо хусусияти тавсиявӣ доранд. Дар хулосаи экспертизаи ҷамъиятии зиддикоррупсионии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ бояд омилҳои бавуҷудоварандаи коррупсия нишон дода шуда, роҳу воситаҳои бартараф кардани онҳо пешниҳод карда шаванд. Хулосаи экспертизаи ҷамъиятии зиддикоррупсионии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва лоиҳахои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ба субъектҳои ҳукукэҷодкунандаи дахлдор чиҳати баррасӣ пешниҳод карда мешавад.

Ба сифати эксперт шахси воқеие баромад карда метавонад, ки таҳсилоти олии ҳуқуқшиносӣ ва собиқаи кории на камтар аз панҷсола аз рӯи ихтисос дошта бошад.

Ташкилотҳои ҷамъиятӣ барои гузаронидани экспертизаи зиддикоррупсионии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ҳамон вақт ҳуқуқ доранд, ки агар дар ҳайати кормандонашон на камтар аз се шахси дорои таҳсилоти олии ҳуқуқшиносӣ ва собиқаи кории на камтар аз панҷсола аз рӯи ихтисосро дошта бошанд.

Дар сурати аз ҷониби субъектҳои ҳуқуқэҷодкунанда қабул накардани хулосаи экспертизаи ҷамъиятии зиддикоррупсионии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ба шаҳрвандон ва ташкилотҳои ҷамъиятии ташаббускори гузаронидани экспертизаи ҷамъиятии зидикоррупсионӣ раддияи асоснок ирсол карда мешавад.

Шаҳрвандон ва ташкилотҳои ҷамъиятӣ метавонанд дар ҳолати розӣ набудан ба раддияи хулосаи экспертизаи ҷамъиятии зиддикоррупсионии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва ё лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ба мақомоти назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсия муроҷиат намоянд.

## II. АСОСҲО ВА САМТҲОИ АФЗАЛИЯТНОКИ ГУЗАРОНИДАНИ ЭКСПЕРТИЗАИ ЗИДДИКОРРУПСИОНИИ САНАДҲОИ МЕЪЁРИИ ҲУҚУҚӢ ВА ЛОИҲАҲОИ САНАДҲОИ МЕЪЁРИИ ҲУҚУҚӢ

Асос барои гузаронидани экспертизаи зиддикоррупсионии лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқӣ ин пеш аз ҳама таҳия намудани лоиҳаи худи санади меъёрии ҳуқуқӣ мебошад.

Асосҳои гузаронидани экспертизаи давлатии зиддикоррупсионии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар моддаи

9 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷиистон «Дар бораи экспертизаи зиддикоррупсионии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» муайян шудаанд, ки тибқи муқаррароти он, инҳо ба ҳисоб меравand:
- мониторинги татбиқи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ аз ҷониби мақомоти назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсия;
- воридшавии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ба Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои бақайдгирии давлатӣ;
- муроҷиати мақомоти давлатӣ ва мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, ташкилотҳои ҷамъиятӣ ва шаҳрвандон дар бораи ҷой доштани омилҳои бавуҷудоварандаи коррупсия дар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ.

Экспертизаи давлатии зиддикоррупсионии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар асоси дастури Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, дархостҳои Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, супоришҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, пешниҳоди Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон, муроҷиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ аз ҷониби субъектҳои гузаронидани ин намуди экспертиза, амалӣ карда мешавад.

Ҳамчунин, хулосаҳои экспертизаи ҷамъиятии зиддикоррупсионии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ метавонанд барои гузаронидани экспертизаи давлатии зиддикоррупсионӣ асос гарданд.

Дар моддаи 10 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи экспертизаи зиддикоррупсионии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» самтҳои афзалиятноки гузаронидани экспертизаи зиддикоррупсионии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ муайян гардидааст. Самтҳои афзалиятнок бо дарназардошти муҳимӣ, таъсирбахшӣ,

мунтазамии татбиқшавӣ ва коррупсияафзоӣ муқаррар карда шудаанд[1].

Ба лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқие, ки вобаста ба афзалиятнокиашон дар навбати аввал аз экспертизаи зиддикоррупсионӣ гузаранд, чунин лоиҳаҳои таҳиягашта дохил мешаванд:

- лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ оид ба танзими ҳуқуқу озодиҳо ва вазифаҳои конститутсионии инсон ва шаҳрванд;
- лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ оид ба танзими муносибатҳои байни мақомоту идораҳои давлатӣ, аз як тараф ва шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, аз тарафи дигар;
- лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ оид ба танзими фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ;
- лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаҳои истифодаи замин, андоз, гумрук, зиддиинҳисорӣ, муфлисшавӣ, фаъолияти иқтисодии беруна, назорати асъор, идоракунии молу мулки давлатӣ, инчунин молу мулки ғайридавлатӣ, ки дар он ҳиссаи давлат мавҷуд аст;
- лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаҳои хизмати давлатӣ, муносибатҳои иҷтимоию меҳнатӣ, хоҷагии ҷангал, захираҳои об, ҳифзи муҳити зист, низоми иҷозатномадиҳӣ ва иҷозатдиҳӣ, суғуртакунонӣ, танзимкунандаи фаъолияти корхонаҳо, муассисаҳо, дигар ташкилотҳо, буҷети давлатӣ, фондҳои давлатӣ, вогузор намудани вазифаҳои як мақомот ба мақомоти дигар;
- лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ оид ба амалӣ намудани барномаҳои (стратегияҳои) миллии зиддикоррупсионӣ ва чораҳо чиҳати тақвияти муқовимат ба коррупсия;

---

[1] Қаюмов С.А. Тафсир ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи экспертизаи зиддикоррупсионии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ». Нашриёти «Кайҳон». – Душанбе, 2013.

- лоиҳаҳои консепсияҳо, стратегияҳои миллӣ ва барномаҳои давлатӣ;
- лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқие, ки вазоратҳо, кумитаҳои давлатӣ, дигар мақомоти давлатӣ, мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот таҳия намудаанд.

## III. ОБЪЕКТҲО ВА СУБЪЕКТҲОИ ГУЗАРОНИДАНИ ЭКСПЕРТИЗАИ ЗИДДИКОРРУПСИОНИИ САНАДҲОИ МЕЪЁРИИ ҲУҚУҚӢ ВА ЛОИҲАҲОИ САНАДҲОИ МЕЪЁРИИ ҲУҚУҚӢ

Дар моддаҳои 7 ва 8 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи экспертизаи зиддикоррупсионии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ” объектҳо ва субъектҳои гузаронидани экспертизаи зиддикоррупсионии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ муқаррар гардидааст.

Объектҳои экспертизаи зиддикоррупсионии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, он санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқие эътироф карда мешаванд, ки доир ба онҳо экспертизаи зиддикоррупсионии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ гузаронида мешавад. Ҳамин тавр, ба сифати ин объект баромад мекунанд:

1. Қонунҳои конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва лоиҳаҳои онҳо;
2. Кодексҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва лоиҳаҳои онҳо;
3. Қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва лоиҳаҳои онҳо;
4. Қарорҳои якҷояи Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва лоиҳаҳои онҳо;
5. Қарорҳои Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва лоиҳаҳои онҳо;

6. Қарорҳои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва лоиҳаҳои онҳо;
7. Фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва лоиҳаҳои онҳо;
8. Қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва лоиҳаҳои онҳо;
9. Санадҳои меъёрии ҳуқуқии хусусияти умумиҳатмидоштаи вазоратҳо ва лоиҳаҳои онҳо;
10. Санадҳои меъёрии ҳуқуқии хусусияти умумиҳатмидоштаи кумитаҳои давлатӣ ва лоиҳаҳои онҳо;
11. Санадҳои меъёрии ҳуқуқии хусусияти умумиҳатмидоштаи дигар мақомоти давлатӣ ва лоиҳаҳои онҳо;
12. Санадҳои меъёрии ҳуқуқии хусусияти умумиҳатмидоштаи мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва лоиҳаҳои онҳо;
13. Санадҳои меъёрии ҳуқуқии хусусияти умумиҳатмидоштаи мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот ва лоиҳаҳои онҳо.

Ҳамчунин, дастурҳо, низомномаҳо, оинномаҳо, консепсияҳо, стратегияҳо, барномаҳо, дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва лоиҳаҳои онҳо, ки бо санадҳои дар бандҳои 1 – 13 зикргардида тасдиқ мегарданд, ҳамчунин объекти экспертизаи зиддикоррупсионии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ маҳсуб меёбанд.

Мувофиқи муқаррароти моддаи 2 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» аз 30 майи соли 2017, ***санади меъёрии ҳуқуқӣ*** – ҳуҷҷати расмии шакли муқарраршудаест, ки бо роҳи раъйпурсии умумихалқӣ ё аз ҷониби мақомоти давлатӣ ё худидоракунии шаҳрак ва деҳот ё шахси мансабдори ваколатдори давлатӣ қабул гардида, хусусияти умумиҳатмӣ дорад ва меъёрҳои ҳуқуқиро муқаррар менамояд, тағйир медиҳад ва ё бекор мекунад.

Моддаи 8 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи экспертизаи зиддикоррупсионии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ" субъектҳои гузаронидани экспертизаи зиддикоррупсионии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқиро муайян намудааст, ки тибқи он ба сифати субъектҳои ин намуди экспертиза баромад мекунанд:

1. Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон;
2. Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон;
3. Субъектҳои ҳуқуқэҷодкунанда.

Субъектони зикргардида, дар гузаронидани ин экспертиза ваколатдор эътироф карда мешаванд.

Аз тарафи Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон - экспертизаи давлатии зиддикоррупсионии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ гузаронида мешаванд. Дар сохтори Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон – Раёсати экспертизаи зиддикоррупсионии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ амал мекунад. Раёсати мазкур ин намуди экспертизаро мегузаронад.

Аз ҷониби Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон – экспертизаи давлатии зиддикоррупсионии санадҳои меъёрии ҳуқуқии хусусияти умумиҳатмидоштаи вазоратҳо, кумитаҳои давлатӣ, дигар мақомоти давлатӣ, мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, гузаронида мешаванд.

Аз ҷониби субъектҳои ҳуқуқэҷодкунанда – арзёбии дохилиидоравии зиддикоррупсионии лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ гузаронида мешаванд.

Ба гузаронидани экспертизаи зиддикоррупсионӣ мутахассисоне ҷалб карда мешаванд, ки дар таҳияи лоиҳаи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ иштирок накардаанд.

Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон метавонад экспертизаи зиддикоррупсионии санадҳои меъёрии ҳуқуқии хусусияти умумиҳатмидоштаи вазоратҳо, кумитаҳои давлатӣ, дигар мақомоти давлатӣ, мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот ва лоиҳаҳои онҳоро бевосита гузаронад.

Дар рафти амалӣ намудани ваколатҳои худ Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва прокурорҳои тобеи он ҳангоми дар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ошкор намудани омилҳои бавуҷудоварандаи коррупсия метавонанд ба субъектҳои ҳуқуқэҷодкунанда ҷиҳати бартараф намудани омилҳои бавуҷудоварандаи коррупсия. ё ба мақомоти назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсия тибқи тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод ирсол намоянд, ки баррасии он ҳатмӣ мебошад.

Субъекти ваколатдор дар раванди гузаронидани экспертизаи зиддикоррупсионӣ ҳангоми баҳодиҳии санади меъёрии ҳуқуқӣ ё лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқӣ:

– асосҳои ҳуқуқи конститутсионӣ, байналмилалӣ (стандартҳои байналмилалӣ) ва танзими ҳуқуқии мавҷуда вобаста ба муносибати иҷтимоии ташаккулёбанда дар соҳаи дахлдорро ба инобат мегирад;
– таъсири санади меъёрии ҳуқуқӣ ё лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқиро ба муносибатҳои иҷтимоӣ аз нуқтаи назари коррупсия пешгӯӣ менамояд;
– амалияи татбиқи санади меъёрии ҳуқуқӣ, мушкилоти дар ин давра бавуҷудомада, ҳолатҳои муқаррарнашудаи коррупсия, инчунин муқаррароти мушаххаси санади меъёрии ҳуқуқии барои коррупсия шароит фароҳам оварандаро ба инобат мегирад;
– хусусиятҳои хоси низоми ҳуқуқӣ ва муқаррароти дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ҷиҳати роҳ надодан

ба такроршавии танзими ҳуқуқӣ бо якчанд санади меъёрии ҳуқуқӣ оид ба як соҳа ва объектҳоро ба инобат мегирад;

- муқаррар шудани ҳуқуқ ва уҳдадориҳои субъектҳо, ба таври дақиқ муайян шудани салоҳияти онҳоро месанҷад;
- таҳлили ботафсили сабабҳои таҳияи лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқиро амалӣ менамояд, ки кадом омилҳо барои таҳияи он таъсир расониданд;
- бо тартиби муқарраргардида иттилооти воҳидҳои дигари мақомоти давлатиро дархост ва истифода намуда, дигар ташкилотҳо, олимон ва мутахассисонро ҷалб менамояд;
- хавфи онро, ки меъёри нав ваколати назоратбариро васеъ менамояд (салоҳдиди субъектҳо) ва субъекти ҳуқуқдиҳанда ва назоратбаранда як шахс мебошад, муайян менамояд;
- додани ваколат ба як субъект (шахси мансабдор, комиссия) таҳлили низомнок ва арзёбии самаранокӣ ва таносуби оқилонаи расмиёти пешбинишавандаи назоратбарӣ, инчунин хароҷоти зарурии иқтидори назорат барои амалӣ намудани онро месанҷад;
- маҳдудиятҳои маъмуриро, ки бо ин меъёр дар бозори озод ва соҳаҳои дигар муқаррар мешаванд ва садди роҳи масалан, соҳибкории озод мегарданд, муайян мекунад;
- ба таври асоснок нишон медиҳад, ки барои чӣ ин ё он меъёр метавонад барои ба вуҷуд омадани коррупсия шароит фароҳам оварад;
- мувофиқати мазмуни санади меъёрии ҳуқуқӣ ё лоиҳаи он ба ҳаҷми муносибатҳои ҳуқуқии танзимшаванда ва кофӣ будани ҳаҷми танзими ҳуқуқиро месанҷад;
- мавҷуд будани нуқсонҳо ё ихтилофоти меъёрҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқиро, ки ба тафсири дуҳӯраи

(думаънидори) мазмуни санади меъёрии ҳуқуқӣ роҳ медиҳанд, ошкор менамояд;

- мавҷуд будани назорати иҷро гардидани санади меъёрии ҳуқуқии мазкур, фаъолияти субъектҳо ва расмиётро таҳлил мекунад;
- ҳолатеро муайян менамояд, ки санади меъёрии ҳуқуқии танзимкунандаи муносибатҳои бозорӣ бе асоси кофӣ (беадолатона) ҳуқуқҳои иштирокчиёни онҳоро (гурӯҳи иштарокчиёнро) маҳдуд насозад, даромади иқтисодиро ба манфиати гурӯҳҳои маҳдуд (бо тартиби инҳисорӣ имтиёзҳо диҳад) ва хароҷоти иловагиро ба дӯши субъектҳои хоҷагидорӣ нагузорад;
- ҳолатеро меомӯзад, ки санади меъёрии ҳуқуқӣ шаффофияти фаъолияти субъекти давлатӣ ё оммавиро паст накунад;
- масъалаи камтар пешбинӣ шудани расмиётро барои қабули қарорҳо, агар салоҳдиди шахси мансабдор ё мақомро васеъ намояд, ба инобат мегирад;
- ҳолатҳоеро ошкор мекунад, ки санади меъёрии ҳуқуқӣ пешниҳоди маълумоти иловагии барои моҳияти кор зарурнабударо пешбинӣ намуда, масъулияти шахсони назораткунандаро пешбинӣ намекунад ё ҷиҳати таъмини идоракунии дахлдор ба таври кофӣ пешбинӣ накардааст, тартиби ротатсия аз нуқтаи назари вазифаҳои асосӣ, ихтисос ва манфиатҳои истеъмолкунандагони хизматрасониҳои давлатӣ (оммавӣ) мақсаднок набуда, талаботи тахассусӣ нисбат ба таҷрибаи субъектҳо (шахсони мансабдор ва хизматчиёну кормандони дигари масъули онҳо) ғайрикофӣ буда, дигар ҳолатҳои бархӯрди манфиатҳо маълум гардидаанд.

## IV. ТАРТИБИ ГУЗАРОНИДАНИ ЭКСПЕРТИЗАИ ЗИДДИКОРРУПСИОНИИ САНАДҲОИ МЕЪЁРИИ ҲУҚУҚӢ ВА ЛОИҲАҲОИ САНАДҲОИ МЕЪЁРИИ ҲУҚУҚӢ

Тартиби гузаронидани экспертизаи зиддикоррупсионии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, санадҳои меъёрии ҳуқуқии хусусияти умумиҳатмидоштаи вазоратҳо, кумитаҳои давлатӣ, дигар мақомоти давлатӣ, мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот ва лоиҳаҳои онҳоро Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян менамояд. Бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 июни соли 2014 таҳти №355 «Тартиби гузаронидани экспертизаи зиддикоррупсионии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, санадҳои меъёрии ҳуқуқии хусусияти умумиҳатмидоштаи вазоратҳо, кумитаҳои давлатӣ, дигар мақомоти давлатӣ, мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳраку деҳот ва лоиҳаҳои онҳо, арзёбии дохилиидоравии зиддикоррупсионии лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ», тасдиқ карда шудааст.

Барои таъмини самарабахш гузаронидани экспертизаи зиддикоррупсионӣ бояд экспертизаи ҳар як меъёри санади меъёрии ҳуқуқӣ ё лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқӣ оид ба мавҷудияти омилҳои бавуҷудоварандаи коррупсия гузаронида шуда, натиҷаҳои он бо дарназардошти пайдарҳамии омилҳои бавуҷудоварандаи коррупсия баён карда шаванд.

Аз рӯи натиҷаҳои гузаронидани экспертизаи зиддикоррупсионӣ хулоса таҳия карда мешавад. Дар хулоса муқаррароти санади меъёрии ҳуқуқӣ ё лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқӣ бо нишон додани қисми таркибии он (муқаддима, қисм, фасл, боб, параграф, модда, қисм дар модда, банд, зербанд, сархат), ки дар он омилҳои бавуҷудоварандаи коррупсия ошкор карда шудаанд, инъикос мегарданд. Инчунин дар хулоса метавонад

оқибати эҳтимолии дар санади меъёрии ҳуқуқӣ ё лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқӣ бартараф нагардидани омилҳои бавуҷудоварандаи коррупсия инъикос карда шавад.

Муқаррароти дар раванди гузаронидани экспертизаи зиддикоррупсионӣ ошкоршуда, ки ба омилҳои бавуҷудоварандаи коррупсия мансуб намебошад, аммо метавонад барои коррупсия шароит фароҳам оварад, дар хулоса ба таври алоҳида нишон дода мешавад.

Субъекти ваколатдор дар асоси таҳлилҳои мавҷудаи мақомот оид ба амалияи ҳуқуқтатбиққунӣ (матни ҳисоботу маърӯзаҳо, омор ва дигар маводи воҳидҳои таҳлилию иттилоотӣ оид ба таҷрибаи амалии санҷишҳои молиявӣ ва аудит, оперативӣ, тафтишотию судӣ ва пешгирии коррупсияи низомнок), таҳқиқот (соҳаҳои илми ҳуқуқӣ, иқтисодӣ ва дигар соҳаҳо, сотсиологӣ дар бораи боварии аҳолӣ ба давлат, рейтингҳои байналмилалии ҳолати коррупсия дар кишвар), таҳлили хабарҳои воситаҳои ахбори омма оид ба коррупсия (дар бораи ҳуқуқвайронкуниҳои коррупсионӣ ва натиҷаҳои таҳқиқоти журналистии ҳолатҳои коррупсия) ва таҷрибаи амалии худ пешгӯӣ менамояд, ки чӣ меъёрии ҳухуқии амалкунанда ё қабули санади меъёрии ҳуқуқӣ метавонад барои коррупсия шароит фароҳам оварад ё имконият диҳад, ки ҳуқуқвайронкуниҳои коррупсионӣ содир шаванд.

Мухлати гузаронидани экспертизаи зиддикоррупсионии санади меъёрии ҳуқуқӣ ё лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқӣ ва муҳлати амалӣ намудани расмиёти арзёбии дохилиидоравии зиддикоррупсионии лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ то 1 моҳ буда, дар ҳолатҳои истисноӣ роҳбарияти мақоми дахлдор метавонад онро то 30 рӯз тамдид намояд.

Мақоми давлатии таҳиякунандаи лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқӣ ва санади меъёрии ҳуқуқии хусусияти умумиҳатмидоштаи вазоратҳо, кумитаи давлатӣ, дигар мақомоти давлатӣ, мақомоти маҳаллии ҳокимияти

давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот арзёбии идоравии зиддикоррупсионии лоиҳаҳоро мегузаронад ва онро якҷоя бо лоиҳаи таҳияшуда ё санади тасдиқгардида ба субъекти ваколатдор барои гузаронидани экспертизаи зиддикоррупсионӣ пешниҳод мекунад.

Дар раванди арзёбии дохилиидоравии зиддикоррупсионии лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ хусусиятҳои хоси танзими соҳавӣ, тахассусӣ, ки аз меъёрҳои техникӣ, таҷрибаи амалӣ ва анъанаҳои касбӣ бар меоянд, дар маълумотномаи асоснокkунанда ба пуррагӣ оварда мешаванд.

Натиҷаи арзёбии дохилиидоравии зиддикоррупсионии лоиҳаҳо дар маълумотномаи асоснокkунандаи лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқӣ оварда шуда, метавонад аз қисми муқаддимавӣ (асосҳои ҳуқуқии қабули қарор), тавсифӣ (овардани ҳолатҳои воқеӣ ва рақамҳои зарурӣ) ва хотимавӣ (баён намудани мақсади танзими ҳуқуқии санади мазкур, ба таври мушаххас нишон додани натиҷаҳои пешбинишаванда ва меъёри баҳодиҳии ҳолати иҷрои нишондиҳандаҳо ва сарчашмаҳои маблағгузории хароҷоти барои татбиқи санади меъёрии ҳуқуқӣ зарур, ҳангоми зарурат овардани ҳисоббарории даромади моддӣ барои буҷети давлатӣ ва манфиатҳои ҷамъиятӣ, ки қабули лоиҳаи мазкур меоварад ва омилҳои ба вуҷуд оварандаи коррупсия, дар сурати ошкор шудани онҳо) иборат бошад.

Натиҷаи экспертизаи зиддикоррупсионии санади меъёрии ҳуқуқӣ ё лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқӣ дар хулоса оварда мешавад, ки он аз қисми муқаддимавӣ (асосҳои ҳуқуқии экспертизаи зидди коррупсионӣ, аз ҷумла талаботи қонунгузории миллӣ ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф намудааст), тавсифӣ (мавҷуд будан ё набудани омилҳои ба вуҷуд оварандаи коррупсия, ки дар натиҷаи экспертизаи зиддикоррупсионҳӣ ошкор карда шуданд) ва хотимавӣ

(роҳу воситаҳои бартараф намудани омилҳои бавуҷудоварандаи коррупсия ба воситаи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба санади меъёрии ҳуқуқӣ ё лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқӣ) иборат мебошад.

Хулосаи экспертизаи зиддикоррупсионии санади меъёрии ҳуқуқӣ ва лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқӣ аз ҷониби роҳбари мақомот (сарпарасти воҳиди ваколатдор) имзо карда мешавад. Сардори воҳиди ваколатдоршуда ва муовинони роҳбари мақомот роҳбарии умумии чараёни гузаронидани экспертизаи зиддикоррупсиониро амалӣ намуда, масъалаҳои баҳснокро ҳал менамоянд. Хулосаи экспертизаи зиддикоррупсионӣ дар воҳиди сохтории дахлдори субъекти ваколатдор ба қайд гирифта шуда, ба субъекти ҳуқуқэҷодкунанда ирсол карда мешавад.

Гузаронидани экспертизаи зиддикоррупсионии санади меъёрии ҳуқуқӣ ё лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқии ҳаҷман калонро метавонад гурӯҳи мутахассисон амалӣ намояд, ки аз тарафи роҳбарияти мақомот таъйин гардида, хулосаи умумӣ таҳия менамояд.

Дар сурати ошкор намудани омилҳои бавуҷудоварандаи коррупсия, хусусияти онҳо, пешниҳодҳо оид ба бартараф намудани онҳо, тавсияҳо оид ба ворид намудани чораҳои пешгирикунанда ба таври алоҳида дар қисми хотимавии хулоса оварда мешаванд. Инчунин, дар хулоса дар сурати ошкор шудани омилҳои ба вуҷуд оварандаи коррупсия дар санади меъёрии ҳуқуқии амалкунанда, ки дар асоси он ё тибқи муқаррароти алоҳидаи он лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқӣ таҳия гардидааст, тавсияҳо ҷиҳати бартараф намудани онҳо оварда мешаванд.

Хулосаи экспертизаи зиддикоррупсионӣ ба мақоми давлатии таҳиякунандаи лоиҳа, мақоме, ки тибқи муқаррароти қонун барои гузаронидани экспертизаи зиддикоррупсионӣ дастур ё супориш додааст, дархост кардааст, мақоми давлатии дигар, шахси воқеӣ ё ҳуқуқӣ дар ҷавоб ба мурочиати онҳо, вобаста ба санади меъёрии

ҳуқуқии амалкунанда бошад, ба субъекти ҳуқуқэҷодкунанда ирсол карда мешавад. Ҳангоми такроран ворид шудани лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқӣ (лоиҳа оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба санади меъёрии ҳуқуқии пас аз гузаронидани экспертизаи зидди коррупсионӣ таҳияшуда), ки мавриди экспертизаи зидди коррупсионӣ қарор дода шуд, субъекти ваколатдор бо риояи қоидаҳои тартиби мазкур экспертизаи зиддикоррупсиониро такроран мегузаронад ва дар хулосаи экспертизаи зиддикоррупсионӣ дар ин хусус қайд гузошта мешавад.

## МАВЗӮИ 9. ҶИНОЯТҲОИ ХУСУСИЯТИ КОРРУПСИОНИДОШТА

**НАҚША:**

1. Тавсифи умумии ҷиноятҳои хусусияти коррупсионидошта;
2. Тавсифи ҳуқуқии ҷиноятии ҷиноятҳои хусусияти коррупсионидошта ба муқобили моликият (боби 26 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон);
3. Тавсифи ҳуқуқии ҷиноятии ҷиноятҳои хусусияти коррупсионидошта дар соҳаи фаъолияти иқтисодӣ (боби 27 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон);
4. Тавсифи ҳуқуқии ҷиноятии ҷиноятҳои хусусияти коррупсионидошта ба муқобили ҳокимияти давлатӣ ва манфиатҳои хизматӣ давлатӣ (боби 30 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон);
5. Тавсифи ҳуқуқии ҷиноятии ҷиноятҳои хусусияти корруасионидошта ба муқобили адолати судӣ (боби 32 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон);
6. Тавсифи ҳуқуқии ҷиноятии ҷиноятҳои хусусияти коррупсионидошта ба муқобили хизмати ҳарбӣ (боби 33 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон).

## АДАБИЁТИ ТАВСИЯВӢ БАРОИ МАВЗӮИ №9


1. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 06 ноябри соли 1994 бо тағйиру иловаҳои солҳои 1999, 2003 ва 2016. Душанбе.-2016.
2. Суханронии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба муносибати 10 – солагии таъсиси Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсия (10 январи соли 2017) // Сомонаи интернетии www.prezident.tj.

3. Конвенция Организации объединённых наций против коррупции. Нью-Йорк, ООН, 2004.
4. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи мубориза бар зидди коррупсия" аз 25 июли соли 2005, таҳти № 100 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2005, №7, мод. 402; с. 2007, №7, мод. 660; с. 2008, №10, мод. 800; с. 2011, №12, мод. 837; с. 2014, №3, мод. 148; Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 24 феврали соли 2017, №1385; Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 24 феврали соли 2017, №1386
5. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи мубориза бар зидди коррупсия" //
6. Дастурамали баҳисобгирии омории ҷиноятҳои хусусияти коррупсионидошта ва феҳристи чунин ҷиноятҳо, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 7 сентябри соли 2006, таҳти № 414 тасдиқ шудааст.
7. Қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҷрибаи баррасии парвандаҳои ҷиноятӣ оид ба азонихудкунӣ ва исрофкорӣ» аз 26.06.2009.
8. Қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз «Дар бораи таҷрибаи судӣ оид ба парвандаҳои марбут ба дуздӣ, қаллобӣ, ғоратгарӣ ва роҳзанӣ» аз 25 июни соли 2004.
9. Қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, «Дар бораи таҷрибаи судӣ доир ба баррасии парвандаҳои марбут ба тасарруф ва гардиши ғайриқонунии силоҳ, лавозимоти ҷангӣ, моддаҳои тарканда, воситаҳои таркиш, ҳамчунин маҳлулҳои оташангез ва моддаҳои зуддаргиранда, ки барои ба сифати силоҳ истифода бурдан таъйинанд ё мувофиқ карда шудаанд, инчунин воситаи дигари марговар ва маводи тарфгарӣ (пиротехникӣ)» аз 23.11.2012.
10. Қарори Хукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Номгӯи бемориҳо ва нуқсонҳои ҷисмоние, ки ҳангоми мавҷудияти онҳо ба шаҳрванд рухсатнома барои

соҳиб шудан ба силоҳ дода намешавад ва тартиби гузаштани шаҳрвандон аз муоинаи тиббӣ барои соҳиб шудан ба силоҳ» аз 31.04.2014.
11. Кодекси Граждани Ҷумҳурии Тоҷикистон. // Сомонаи интернетии www.mmk.tj.
12. Кодекси замини Ҷумҳурии Тоҷикистон. аз 13 .12. 1996с. таҳти № 326 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон с. 1996, №23, мод. 351; с. 1997, №23-24, мод. 333, фасли IV; с. 1999, №5, мод. 59; с. 2001, №4, мод. 176; с. 2004, №2, мод. 55, №3, мод. 190; с. 2006, №7, мод. 347; с. 2008, №1, қ. 2, мод. 22, №6, мод. 463; с. 2011, №3, мод. 171; с. 2012, №4, мод. 269, №8, мод. 828; с. 2016, №11, мод. 879).
13. Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон , с.1998, № 9, мод.68, мод.69; №22, мод. 306; с.1999, №12, мод. 316; с.2001, № 4, мод.149, мод.167; с.2002, №11, мод.675, мод.750; с.2003, № 8, мод. 456, мод.468; с.2004, №5, мод. 346; №7, мод.452, мод.453; с.2005, №3, мод.126; №7, мод.399; №12, мод.640; с.2007, №7, мод.665; с.2008, №1 қ.1, мод.3; №6, мод.444, мод.447; №10, мод.803; №12, қ.1, мод.986, №12, қ.2, мод. 992; с.2009, № 3, мод.80; №7-8, мод.501; с. 2010, № 3, мод.155; №7, мод.550; с.2011, №3, мод.161; №7-8, мод.605; с.2012, №4, мод.258; №7, мод.694, с.2013, №6, мод.403; мод.404; №11, мод.785; №12, мод.881; с.2014, №3, мод.141; Қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26.07.2014 с., №1088; № 1089)
14. Кодекси ҷиноятии ҶШС Тоҷикистон. Бо тағйироту иловаҳое, ки то 1 июни соли 1988 дохил карда шудаанд. Душанбе: Ирфон, 1989 – 119 с.
15. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мубориза бар зидди коррупсия» // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон,с. 2005, №7, мод. 402; с. 2007, №7, мод. 660; с. 2008, №10, мод. 800; с. 2011, №12, мод. 837; с. 2014, №3, мод. 148; Қонунҳои Ҷумҳурии

Тоҷикистон аз 24.02.2017 с., №1385; аз 24.02.2017 с., №1386; аз 30.05.2017 с., №1440.
16. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи силоҳ» аз 19.03.2013с. // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2013, №3, мод. 182; с. 2014, №7, қ. 2, мод. 402; Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 8.08.2015 с., № 1217.
17. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти бонкӣ» аз 19.05.2009с. // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 2009, №5, мод.331; соли 2010, №7, мод. 555; соли2011, №12, мод.846)
18. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон"Дар бораи бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ". // Сомонаи интернетии www.mmk.tj.
19. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон“Дар бораи ҳуҷҷатҳои тасдиққунандаи шахсияти”. // Сомонаи интернетии www.mmk.tj.
20. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон“Дар бораи хусусигардонии моликияти давлатӣ”. // Сомонаи интернетии www.mmk.tj.
21. Фармони ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тасдиқ намудани Дастурамал оиди кори мақомоти корҳои дохилӣ дар ҷорӣ намудани тартиби иҷозатдиҳӣ» бо замима аз 29.12. 2007с. таҳти № 790 бо замима.
22. Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими масъалаҳои муҳофизати давлатии ашхоси мансабдори Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 15 марти соли 2000с. таҳти № 188.
23. Низомномаи тартиби идораи кумаки башардӯстона ва техникӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. аз 09 11. 2000 № 459. (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26.01.2008 № 47, 02.02.2009с. № 86, аз 30.12.2009 № 714).
24. Маҷмӯаи Қарорҳои Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии

Тоҷикистон (солҳои 1992-2011). Душанбе-2011.
25. Абдурашидзода А.А., Назаров У.С. Ҳуқуқи ҷиноятӣ (қисми умумӣ). Курси лексияҳо: Воситаи таълимӣ. Душанбе: ЭР – граф., 2017.
26. Александрова А.И. Новое уголовное законодательство о мошенничестве // Юридическая наука и практика. Вестник Нижегородской Академии МВД России. – 2003. - № 21.
27. Безверхов А.Г. Имущественные преступления. Монография. – Самара: Издательство. Самарский университет, 2002.
28. Васильевна Ж.Г. Уголовная ответственность за служебный подлог. дис. … канд. юрид. наук. моддаи 2006.
29. Волженкин Б.В. Преступления в сфере экономичекой деятельности. СПб., 2002.
30. Волженкин Б.В. Преступления в сфере экономической деятельности. СПб., 2007.
31. Ғоибов Р.Д. Ҳуқуқи ҷиноятӣ (Қисми махсус) – Дастури таълимӣ. Хуҷанд, 2009.
32. Кузнецов А.А., Третьякова Н.С. Присвоение и растрата, совершаемые с использование своего служебного положения. (методические рекомендации) Омск, 2015.
33. Курс уголовного права. Том.5. Особенная часть / Под. ред. доктора юридических. наук, профессора Г. Н. Борзенокова. доктора юридических. наук, профессора В.С. Комиссарова – М.: 2002.
34. Лопашенко Н. А. Взяточничество: проблемы квалификации. //Правоведение. -2001. - № 6.
35. Лопашенко Н.А. Посягательства на собственность: монография. моддаи : Норма, Инфра – М., 2012.
36. Лунин Н.Н. Мошенничество по уголовному законодательству России: уголовно – правовая характеристика и квалификация. Дисс. … канд. юрид. наук. Москва. 2006.

37. Никифоров Б.С. Объект преступления по советскому уголовному праву. М, 1960.
38. Ҳуқуқи ҷиноятӣ (қисми умумӣ) Китоби дарсӣ. Зери таҳрири Н.А. Ғаффорова, Ҳ.С. Салимов. Душанбе, 2011.
39. Ҳусейнов С.Ҳ. Таркиби ҷиноят (дастури таълимӣ). – Душанбе, 2013. – С. 57;
40. Райзберг Б. А. Лозовский Л.Ш. Стародубцева Б. Б . Современный экономический словарь. М.: ИНФРА – М, 2007.
41. Сафаров А.И. Уголовное ответственность за легализацию(отмывание) денежных средств либо иного имущества, полученных противозаконным путем(по материалам Республики Таджикистан). Автореф. на соис. канд. юрид. наук. М., 2011. С. 19.
42. Тафсир ба Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Дар зери таҳрири Ҳ.Ҳ. Шарипов. Глобус. - Душанбе, 2006.
43. Тафсир ба моддаҳои алоҳидаи Қисми махсуси Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Дар зери таҳрири Қаҳҳоров А.А. Душанбе, 2011.
44. Тафсири илмию оммавии Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон. Зери таҳрири Раиси Суди Конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон , академики Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, д.и.ҳ., профессор М.А. Маҳмудов. Душанбе, 2009.
45. Трайнин А.Н. Общее учение о составе преступления. М, 1957. – С. 178 – 179.
46. Уголовное право России. М, 2008.
47. Уголовное право. Особенная часть/Под ред. Л.Д. Гаухман и С.В. Максимов. М., 2004.
48. Чучаев А.И., Иванова С.Ю. Таможные преступления в новом УК РФ// Государство и право. 1998. №11.

# I. ТАВСИФИ УМУМИИ ҶИНОЯТҲОИ ХУСУСИЯТИ КОРРУПСИОНИДОШТА

Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ягона санади меъёрии ҳуқуқие дар кишвар эътироф мешавад, ки ҷиноят будани кирдор, сазовори ҷазо ва оқибатҳои дигари ҳуқуқии ҷиноӣ будани онро муайян менамояд. Дар Қисми махсуси Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон муносибатҳои муҳими ҷамъиятии бо қонунгузории ҷиноятӣ ҳифзшаванда бо ифодаи онҳо дар фаслу бобҳо, муқаррар гардидаанд. Мафҳуми ҷиноятҳои хусусияти коррупсионидошта ва таснифи онҳо дар Қисми махсуси Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар карда нашудаанд.

Мафҳуми ҷиноятҳои хусусияти коррупсионидошта дар моддаи 14 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи мубориза бар зидди коррупсия" оварда шудааст, ки тибқи он *ҷиноятҳои хусусияти коррупсионидошта*, кирдорҳои дар қисми махсуси Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинигардидае ҳисоб мешаванд, ки аз тарафи шахсони ба иҷрои вазифаҳои давлатӣ ваколатдор ва ба онҳо баробар кардашуда бо ғараз ё дигар манфиатҳои шахсӣ ва бо истифодаи мақоми хизматӣ содир шудаанд ё ба ғайриқонунӣ пешниҳод намудани неъматҳои моддиву ғайримоддӣ, бартарият ва имтиёзҳои дигар ба онҳо вобастаанд.

Феҳристи ҷиноятҳои хусусияти коррупсионидошта ва тартиби баҳисобгирии омории онҳо бо дастурамале, ки аз тарафи мақомоти ҳамоҳангсоз таҳия ва аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ мегардад, муқаррар карда мешавад.

Тибқи банди 11 Дастурамали баҳисобгирии омории ҷиноятҳои хусусияти коррупсионидошта ва феҳристи чунин ҷиноятҳо, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 7 сентябри соли 2006, таҳти № 414 тасдиқ

шудааст, фехристи ҷиноятҳои хусусияти коррупсионидошта аз инҳо иборат мебошад:

I. Дар боби 26 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон - ҷиноятҳо ба муқобили моликият:

1. азонихудкунӣ ё исрофкорӣ бо истифодаи ваколати мансабдорӣ (банди "г" қисми 2 моддаи 245, қисмҳои 3 ва 4 ҳамин модда - агар кирдорҳои дар ин бандҳо зикршуда бо истифодаи ваколати мансабдорӣ содир шуда бошанд);
2. тасарруфи пулу моли ба тариқи кредит додашуда (моддаи 246) агар он бо истифодаи ваколати мансабдорӣ содир шуда бошад;
3. қаллобӣ, бо истифодаи мақоми хизматӣ (банди "г" қисми 2 моддаи 247, инчунин қисмҳои 3 ва 4 моддаи мазкур - агар кирдорҳои дар ин бандҳо зикршуда бо истифодаи мақоми хизматӣ содир шуда бошанд;
4. тасарруфи воситаи фондҳои кумаки хориҷӣ (моддаи 257);

II. Дар боби 27 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон - ҷиноятҳо дар соҳаи фаъолияти иқтисодӣ:

5. монеъ шудан ба фаъолияти қонунии соҳибкорӣ (моддаи 258);
6. бақайдгирии аҳди ғайриқонунӣ бо замин (моддаи 261);
7. ба расмият даровардани (қонунӣ гардонидани) маблағҳои пулӣ ё амволи дигари ғайриқонунӣ ба даст овардашуда (моддаи 262);
8. ғайриқонунӣ гирифтани кредит (моддаи 264) - агар он аз ҷониби роҳбари ташкилоту корхона новобаста аз шакли моликият содир шуда бошад;
9. ғайриқонунӣ додани кредит (моддаи 265);
10. ғайриқонунӣ истифода бурдани маблағ (моддаи 268);
11. кирдори инҳисорӣ (монополистӣ) ва маҳдуд кардани рақобат бо истифодаи мақоми хизматӣ (банди "в" қисми 3 моддаи 273);

12. бадқасдона вайрон кардани қоидаҳои баргузории тиҷорати оммавӣ, тендер ё музоядаҳо (аукcион) (моддаи 274);
13. ифшои сирри тиҷоратӣ ё бонкӣ (моддаи 278):
14. ришвадиҳии тиҷоратӣ (моддаи 279);
15. ришвадиҳӣ ба иштирокчиён ё ташкилотчиёни мусобиқаҳои касбии варзишӣ ва озмунҳои намоишии тиҷоратӣ (моддаи 280);
16. аз хориҷа барнагардонидани воситаҳо ба асъори хориҷӣ (моддаи 287);
17. қочоқаз ҷониби шахси мансабдор бо истифодаи мақоми хизматӣ (банди "б" қисми 3 моддаи 289), инчунин қисми 4 ҳамин модда агар дар гурӯҳи муташаккил субъекти ҷинояти коррупсионӣ иштирок дошта бошад;
18. саркашӣ аз пардохтҳои гумрукӣ бо истифодаи мақоми хизматӣ (банди "б" қисми 2 моддаи 291);
19. саркашӣ аз супоридани андозҳо ва (ё) пардохтҳо аз шахси ҳуқуқӣ (моддаи 292);
20. саркашии шахси воқеӣ аз пардохти андоз (моддаи 293);
21. сӯистифодаи ваколат аз ҷониби кормандони ташкилотҳои тиҷоратӣ ва дигар ташкилотҳо (моддаи 295);
22. сӯистифодаи ваколат аз ҷониби аудиторҳо, судяҳои ҳакамӣ (моддаи 296);.

III. Дар боби 30 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон - ҷиноятҳо муқобили ҳокимияти давлатӣ ва манфиатҳои хизмати давлатӣ:

23. сӯистифода аз ваколатҳои мансабӣ (моддаи 314);
24. беамалӣ дар иҷрои вазифа (моддаи 315);
25. баромадан аз ҳадди ваколатҳои мансабӣ (моддаи 316);
26. соҳибӣ кардани ваколати шахси мансабдор (моддаи 317);
27. иштироки ғайриқонунӣ дар фаъолияти соҳибкорӣ (моддаи 318);

28. гирифтани пора (моддаи 319);
29. додани пора (моддаи 320);
30. иғвои порадиҳӣ (моддаи 321)
31. сохтакории хизматӣ (моддаи 323);
32. гирифтани мукофот бо роҳи тамаъҷӯӣ (моддаи 324);
33. додани мукофот ба хизматчӣ (моддаи 325);
34. ғайриқонунӣ иҷозат додан ба гирифта гаштан ва нигоҳдории силоҳи оташфишон (моддаи 326);
35. ғайриқонунӣ нигоҳ доштани муҳофизони шахсӣ ва истифодаи техникаи ҷангӣ бо ҳамин мақсад (моддаи 327);

IV. Дар боби 32 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон - ҷиноятҳо ба муқобили адолати судӣ:

36. монеъ шудан ба татбиқи адолати судӣ, таҳқиқи ибтидоӣ ва тафтиши пешакӣ, ки бо истифода аз мақоми хизматӣ содир шудааст (қисми 3 моддаи 345);
37. дидаю дониста ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидани шахси бегуноҳ (моддаи 348);
38. дидаю дониста ғайриқонунӣ баровардани ҳукм, ҳалнома ё дигар актҳои судӣ (моддаи 349);
39. сохтакории далелҳои парвандаи ҷиноятӣ аз ҷониби шахси таҳқиқи ибтидоӣ гузаронанда, муфаттиш, прокурор ё ҳимоятгар (қисмҳои 2 ва 3 моддаи 359);
40. ғайриқонунӣ озод кардан аз ҷавобгарии ҷиноятӣ (моддаи 360);
41. ҳукм, ҳалнома ё санади дигари эътибори қонунӣ пайдонамудаи судро қасдан иҷро накардани намояндаи ҳокимият, хизматчии давлатӣ, хизматчии мақоми худидораи маҳаллӣ, инчунин хизматчии муассисаи давлатӣ, ташкилотҳои тиҷоратӣ ё дигар ташкилот, инчунин барои иҷрои онҳо монеъ шудан (моддаи 363).

V. Дар боби 33 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон - ҷиноятҳо ба муқобили хизмати ҳарбӣ:

42. сӯистеъмоли ҳокимият ё мақоми хизматӣ, аз ҳадди ваколатҳои мансабӣ ва хизматӣ баромадан ё бефаъолиятии ҳокимият (моддаи 391).

Маълум аст, ки дар Дастурамали баҳисобгирии омории ҷиноятҳои хусусияти коррупсионидошта ва феҳристи чунин ҷиноятҳо, 42 номгӯи ҷиноятҳои хусусияти коррупсионидошта пешбинӣ гардидааст.

Бояд дар назар дошт, ки баъзе ҷиноятҳои дар боло номбурда аз ҷумла: "Баромадан аз ҳадди ваколатҳои мансабӣ" (моддаи 316), "Соҳибӣ кардани ваколати шахси мансабдор" (моддаи 317), "Сохтакории далелҳои парвандаи ҷиноятӣ аз ҷониби шахси таҳқиқи ибтидоӣ гузаронанда, муфаттиш, прокурор ё ҳимоятгар" (қисмҳои 2 ва 3 моддаи 359 ) ва "Ғайриқонунӣ озод кардан аз ҷавобгарии ҷиноятӣ" (моддаи 360) дар шаклҳои гуногун зоҳир шуда, на ҳамеша хусусияти коррупсионӣ дошта метавонанд.

Дар моддаи 161 Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон тобеияти тафтиши пешакии парвандаҳои ҷиноятӣ муқаррар гардидааст, ки ба тобеияти тафтишоти Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон 51 номгӯи ҷиноятҳо вобаста мебошанд, ки онҳо ҳамчун хусусияти коррупсиядошта эътироф мешаванд. Тафтишоти чунин намуди ҷиноятҳоро, ки хусусияти коррупсионӣ дошта бошанд ё бо истифодаи ваколати мансабӣ содир шуда бошанд, аз тарафи муфаттишони Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ карда мешаванд:

I. Дар боби 26 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон - ҷиноятҳо ба муқобили моликият:

1. Азонихудкунӣ ё исрофкорӣ – моддаи 245 қисми 2 банди «г», қисмҳои 3 ва 4 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

2. Тасарруфи пулу молӣ ба тариқи кредит додашуда – моддаи 246 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон;
3. Қаллобӣ – моддаи 247 қисми 2 банди «г», қисмҳои 3 ва 4 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон;
4. Тасарруфи воситаи фондҳои кумаки хориҷӣ – моддаи 257 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

II. Дар боби 27 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон – ҷиноятҳо дар соҳаи фаъолияти иқтисодӣ

5. Монеъ шудан ба фаъолияти қонунии соҳибкорӣ – моддаи 258 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон;
6. Соҳибкории ғайриқонунӣ – моддаи 259 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон;
7. Истеҳсол, ба даст овардан, нигоҳдорӣ, ҳамлу нақл ё ба муомилот баровардани мол ва маҳсулоти тамғаношуда – моддаи 259[1] Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон;
8. Ташкили (таъсиси, азнавташкилдиҳии) ғайриқонунии шахси ҳуқуқӣ – моддаи 260 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон;
9. Истифодаи ғайриқонунии ҳуҷҷатҳо барои ташкили (таъсиси, азнавташкилдиҳии) шахси ҳуқуқӣ – моддаи 260[1] Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон;
10. Бақайдгирии аҳди ғайриқонунӣ бо замин – моддаи 261 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон;
11. Қонунигардонии (расмикунонии) даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда – моддаи 262 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон;
12. Ғайриқонунӣ гирифтани кредит – моддаи 264 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон;
13. Ғайриқонунӣ додани кредит – моддаи 265 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон;
14. Ғайриқонунӣ истифода бурдани маблағ – моддаи 268 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон;
15. Ҳаракати ғайриқонунӣ ҳангоми муфлисшавӣ – моддаи 269 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

16. Муфлисии бадқасдона – моддаи 270 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон;
17. Муфлисии сохта – моддаи 271 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон;
18. Кирдори инҳисорӣ (монополистӣ) ва маҳдуд кардани рақобат – моддаи 273 қисми 3 банди «в» Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон;
19. Бадқасдона вайрон кардани қоидаҳои баргузории савдои оммавӣ ё тендер, ё музоядаҳо (аукцион) – моддаи 274 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон;
20. Ифшои сирри тиҷоратӣ ё бонкӣ – моддаи 278 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон;
21. Ришвадиҳии тиҷоратӣ – моддаи 279 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон;
22. Ришвадиҳӣ ба иштирокчиён ё ташкилотчиёни мусобиқаҳои касбии варзишӣ ва озмунҳои намоишии тиҷоратӣ – моддаи 280 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон;
23. Аз хориҷа барнагардонидани воситаҳо ба асъори хориҷӣ – моддаи 287 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон;
24. Қочоқ – моддаи 289 қисми 4 банди «б», қисми 5 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, агар дар гурӯҳи муташаккил субъекти ҷинояти коррупсионӣ иштирок дошта бошад,
25. Саркашӣ аз пардохтҳои гумрукӣ – моддаи 291 қисми 2 банди «б» Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон;
26. Саркашӣ аз супоридани андозҳо ва (ё) пардохтҳо аз шахси ҳуқуқӣ – моддаи 292 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон;
27. Саркашии шахси воқеъӣ аз пардохти андоз – моддаи 293 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон;
28. Суиистифодаи ваколат аз ҷониби кормандони ташкилотҳои тиҷоратӣ ва дигар ташкилотҳо – моддаи 295 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

29. Суиистифодаи ваколат аз ҷониби аудиторҳо, судяҳои ҳакамӣ ё арбитрҳои арбитражи байналмилалии тиҷоратӣ, (адвокат) – моддаи 296 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

III. Дар боби 30 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон - ҷиноятҳо муқобили ҳокимияти давлатӣ ва манфиатҳои хизмати давлатӣ

30. Суиистифода аз ваколатҳои мансабӣ – моддаи 314 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон;
31. Беамалӣ дар иҷрои вазифа – моддаи 315 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон;
32. Баромадан аз ҳадди ваколатҳои мансабӣ – моддаи 316 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон;
33. Соҳибӣ кардани ваколати шахси мансабдор – моддаи 317 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон;
34. Иштироки ғайриқонунӣ дар фаъолияти соҳибкорӣ – моддаи 318 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон;
35. Гирифтани пора – моддаи 319 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон;
36. Додани пора – моддаи 320 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон;
37. Иғвои порадиҳӣ – моддаи 321 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон;
38. Сохтакории хизматӣ – моддаи 323 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон;
39. Гирифтани мукофот бо роҳи тамаъҷӯӣ – моддаи 324 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон;
40. Додани мукофот ба хизматчӣ – моддаи 325 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон;
41. Ғайриқонунӣ иҷозат додан ба гирифта гаштан ва нигоҳдории силоҳи оташфишон – моддаи 326 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон;
42. Ғайриқонунӣ нигоҳ доштани муҳофизони шахсӣ ва истифодаи техникаи ҷангӣ бо ҳамин мақсад – моддаи 327 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

IV. Дар боби 31 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон – ҷиноятҳо ба муқобили тартиби идоракунӣ:

43. Ғайриқонунӣ додани қитъаи замин – моддаи 338[1] Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон;
44. Сохтакорона тайёр кардан, ба муомилот баровардани маркаҳои боҷи аксизӣ, маркаҳои махсус ё аломатҳои мутобиқат ва ё истифодаи онҳо – моддаи 340[1] Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

V. Дар боби 32 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон - ҷиноятҳо ба муқобили адолати судӣ:

45. Монеъ шудан ба татбиқи адолати судӣ, таҳқиқ ва тафтиши пешакӣ – моддаи 345 қисми 3 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон;
46. Дидаю dониста ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидани шахси бегуноҳ – моддаи 348 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон;
47. Дидаю дониста ғайриқонунӣ баровардани ҳукм, ҳалнома ё дигар актҳои судӣ – моддаи 349 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон;
48. Сохтакории далелҳо – моддаи 359, қисмҳои 2 ва 3 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон;
49. Ғайриқонунӣ озод кардан аз ҷавобгарии ҷиноятӣ – моддаи 360 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон;
50. Иҷро накардани ҳукми суд, ҳалномаи суд ё санади дигари судӣ – моддаи 363 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

VI. Дар боби 33 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон – ҷиноятҳо ба муқобили хизмати ҳарбӣ:

51. Суиистеъмоли ҳокимият ё мақоми хизматӣ, аз ҳадди ваколатҳои мансабӣ ва хизматӣ баромадан ё бефаъолиятии ҳокимият – моддаи 391 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

**Объекти ҷиноятҳои хусусияти коррупсионидошта** – муносибатҳои ҷамъиятии бо қонунгузории ҷиноятӣ ҳифзшавандае, ки дар вақти содир намудани ҷиноят ба фаъолияти муътадил ва бо қонуну дигар санадҳои

меъёрии ҳуқуқӣ танзимшудаи мақомоти давлатӣ, мақомоти худидораи маҳаллӣ, Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон, дигар муассисаҳои давлати, субъектҳои хоҷагидори давлатӣ ва ғайридавлатӣ, ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии шаҳрвандон, шахсони ҳуқуқӣ, давлат ва ҷамъият зарар расонида мешавад ё таҳдиди расонидани чунин зарарҳоро ба миён меоранд, эътироф мешавад.

**Тарафи объективии ҷиноятҳои хусусияти коррупсионидошта** – истифода бурдани вазъи хизматӣ ё имкониятҳои он бо мақсади ба манфиати худ ё шахсони дигар ба даст овардани неъматҳои моддӣ ва ғайримоддӣ, бартарият ва имтиёзҳои дигари бо қонунҳо пешбининашуда, инчунин ба ин шахсон ваъда додан, таклиф ё пешкаш намудани ин гуна неъмату бартариятҳо бо мақсади моилкунӣ ва (ё) қадркунии онҳо барои иҷрои ин ё он кирдор (ҳаракат ё беҳаракатӣ) ба манфиати шахсони воқеию ҳуқуқӣ, эътироф мешаванд.

**Тарафи субъективии ҷиноятҳои хусусияти коррупсионидоштаро** гуноҳ дар шакли қасд ташкил медиҳад ва онҳо аз рӯи ғараз ё дигар манфиатдории шахсӣ содир карда мешаванд.

**Субъекти ҷиноятҳои хусусияти коррупсионидошта -** шахсони ба иҷрои вазифаҳои давлатӣ ваколатдор ё шахсони ба онҳо баробаркардашуда, инчунин шахсоне мебошанд, ки ба шахсони барои иҷрои вазифаҳои давлатӣ ваколатдор ё шахсони ба онҳо баробар кардашуда ғайриқонунӣ неъматҳои моддӣ ва ғайримоддиро ваъда, таклиф ё пешниҳод менамоянд. Мутобиқи моддаи 1 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи мубориза бар зидди коррупсия" шахсони ба иҷрои вазифаҳои давлатӣ ваколатдор инҳо мебошанд:

– шахсоне, ки мансаби давлатии ҳокимияти давлатӣ ё мансаби давлатии хизмати давлатиро мутобиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи хизмати

давлатӣ", аз ҷумла дар Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон ишғол мекунанд;

– шахсони мансабдори субъектҳои хоҷагидори давлатӣ ва дигар субъектҳои хоҷагидоре, ки ҳиссаи давлат дар моликияти онҳо на кам аз нисфро ташкил медиҳад.

Ба шахсони барои иҷрои вазифаҳои давлатӣ ваколатдор баробар карда шудаанд – шахсони мансабдори мақомоти худидоракунии маҳаллӣ, шахсони мансабдори ташкилотҳо новобаста аз тобеият ва шакли моликият, ташкилотҳои ҷамъиятӣ, ҳизбҳои сиёсӣ ва ташкилотҳои динӣ; шахсоне, ки бо тартиби муқарраркардаи қонун ба сифати номзад ба вазифаҳои давлатии интихобӣ ва аъзои мақомоти давлатии интихобӣ ба қайд гирифта шудаанд, шахсони мансабдори давлатҳои хориҷӣ ва ташкилотҳои байналмилалӣ, ки бо шахсони мансабдор, мақомоти давлатӣ, шахсони воқеӣ ва ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон муносибат доранд.

24 феврали соли 2017, таҳти №1380 ба Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон тағйиру иловаҳо ворид карда шуд, ки тибқи он дар эзоҳи моддаи 314 ҳамин Кодекс мафҳумҳои шахси мансабдор, шахсе, ки мансабҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистонро ишғол мекунад, вазифаҳои ташкилию амрдиҳӣ ва вазифаҳои маъмурию хоҷагидорӣ муқаррар гардидаанд, ки тибқи ин тағйирот:

1) Таҳти мафҳуми шахси мансабдор дар Кодекси мазкур шахси таъйин ё интихобшуда фаҳмида мешавад, ки ба таври доимӣ, муваққатӣ ё бо ваколати махсус вазифаи намояндаи ҳокимияти давлатиро амалӣ менамояд, яъне бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дорои ваколатҳои амрдиҳӣ нисбат ба шахсоне мебошад, ки дар тобеияти хизматии ӯ қарор надоранд, инчунин шахсе, ки вазифаҳои ташкилию амрдиҳӣ, маъмурию хоҷагидориро дар мақомоти ҳокимияти давлатӣ, муассисаҳои давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, ҳамчунин дар субъектҳои

хоҷагидори давлатӣ ва дигар субъектҳои хоҷагидоре, ки дар онҳо ҳиссаи давлат на кам аз нисфро ташкил медиҳад, батаври музднок ё бемузд иҷро менамояд ва шахсони ба онҳо баробаркардашуда.

2) Таҳти мафҳуми шахсе, ки мансабҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистонро ишғол мекунад, дар моддаҳои боби мазкур ва дигар моддаҳои ҳамин Кодекс шахсоне дар назар дошта шудаанд, ки мансабҳои барои иҷрои бевоситаи салоҳияти мақомоти давлатӣ муайнамудаи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистонро ишғол мекунанд.
3) Хизматчиёни давлатӣ, хизматчиёни мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, ки ба шумули шахсони мансабдор дохил намешаванд, мутобиқи моддаҳои ҳамин боб дар ҳолатҳои махсус пешбининамудаи моддаҳои дахлдор ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида мешаванд.
4) Вазифаҳои ташкилию амрдиҳӣ – ваколатҳо оид ба амалӣ намудани роҳбарии коллективи меҳнатӣ, доираи муайяни кор, кормандони алоҳида, интихоб ва ҷобаҷогузории кадрҳо, ташкили меҳнати кормандони тобеъ, назорат ва санҷиши риояи интизоми меҳнат, татбиқи чораҳои ҳавасмандгардонӣ ва муҷозоти интизомӣ.
5) Вазифаҳои маъмурию хоҷагидорӣ – ваколатҳо оид ба идора ва ихтиёрдории молумулк.

Дар мавзӯи мазкур, тибқи муқаррароти моддаи 161 Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон доир ба 51 номгӯи ҷиноятҳо, ки дар тобеияти тафтишоти Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор доранд, тавсифи ҳуқуқии ҷиноятӣ дода мешавад.

## II. ТАВСИФИ ҲУҚУҚИИ ҶИНОЯТИИ ҶИНОЯТҲОИ ХУСУСИЯТИ КОРРУПСИОНИДОШТА БА МУҚОБИЛИ МОЛИКИЯТ (БОБИ 26 КОДЕКСИ ҶИНОЯТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН)

### Азонихудкунӣ ё исрофкорӣ

Азонихудкунӣ ё исрофкорӣ ҳамчун ҷиноят дар моддаи 245 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ шуда, аз чор қисм иборат мебошад.

Дар моддаи зикршуда моҳиятан ду шакли мустақили тасарруф - азонихудкунӣ ва исрофкорӣ пешбинӣ шудааст, ки бо хусусияти хоси тарзи содиршавии кирдор аз дигар шаклҳои тасарруф фарқ карда мешаванд. Аз сабаби он, ки ҳар ду ин намуди тасарруф бо ҳамдигар зич алоқаманд мебошанд ва дар баъзе ҳолатҳо содиршавии онҳо бе ҳамдигар имконнопазир аст, қонунгузор зарур шуморидааст, ки онҳоро дар як модда ҷойгир намояд.

Объекти бевоситаи ҷинояти номбурдаро моликият, яъне муносибатҳои молумулкӣ вобаста ба нигоҳдорӣ, истифодабарӣ ва ихтиёрдорӣ намудани молу мулк ташкил медиҳад. Ба таври дигар, ҳангоми содир намудани ҷинояти мазкур соҳибмулк аз ҳуқуқҳои қонунии худ ҷиҳати нигоҳдорӣ, истифодабарӣ ва ихтиёрдорӣ намудани молу мулк ба таври ғайриқонунӣ маҳрум карда мешавад.

Предмети ин ҷиноятро танҳо он мулу мулке ташкил медиҳанд, ки дар онҳо меҳнати инсон сарф шудааст ва онҳо дорои арзиши муайяни иқтисодӣ (нарх) буда, дар муомилоти граждании иҷозат дода шудаанд. Он ашёе, ки дар онҳо меҳнати инсон сарф нашудааст, предмети ин ҷиноят шуда наметавонанд. Он ашёе, ки дар муомилоти граждании иҷозат дода нашудаанд, предмети ҷинояти мазкур маҳсуб намеёбанд ва барои тасарруфи онҳо ҷавобгарии ҷиноятӣ бо дигар моддаҳои Кодекси ҷиноятӣ ба миён меояд.

Тарафи объективии ҷинояти номбурда дар ҳаракатҳои фаъол бо шакли тасарруфи молу мулки ғайр, ки ба гунаҳгор бовар карда супурда шудааст ё дар ихтиёри ӯ қарор дорад, ифода меёбад.

Таҳти мафҳуми азонихудкунӣ аз ҷониби шахс ғайриқонунӣ, боғараз, ройгон гирифтан ва ба манфиати худ табдил додани молу мулки ғайр, ки ба ӯ бовар карда супурда шудааст ё дар ихтиёраш мебошад, фаҳмида мешавад.

Исрофкорӣ ҳамчун намуди мустақили тасарруф аз тарафи шахс дар ҳар шакл боғараз, ройгон, бе бозгашт ба фоидаи худ ё шахси дигар бегона кардан ё ин ки истифода намудани молу мулки ба ӯ бовар кардашуда ё дар ихтиёраш бударо дар бар мегирад.

Таҳти мафҳуми молу мулке, ки ба гунаҳгор бовар карда супурда шудааст, молу мулке дониста мешавад, ки ба таври муваққатӣ ё доимӣ дар нигаҳдошти қонунии ӯ қарор дошта, барои онҳо бо ҳуқуқҳои муайян дар хусуси ихтиёрдорӣ кардан, идора намудан, нигоҳ доштан, бурда расонидан ва ғайра дар асоси уҳдадориҳои мансабӣ, муносибатҳои шартномавӣ, меҳнатӣ, супоришҳои соҳибмулк ваколатдор карда шудааст[1].

Яке аз масъалаҳои муҳим ҳангоми квалификатсия намудани ин шаклҳои тасарруф, ин лаҳзаи хотимаёбии онҳо ва аз ҷиҳати консруксияи (сохти) таркиби ҷиноят муайян намудани таркиби онҳо мебошад. Масъалаи зикршуда дар Қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҷрибаи баррасии парвандаҳои ҷиноятӣ оид ба азонихудкунӣ ва исрофкорӣ» ҳалу фасли худро ёфтааст ва моҳиятан аз рӯи мазмуни онҳо таркиби ҳар ду намуди он моддӣ мебошад.

Чунончӣ, “азонихудкунӣ аз лаҳзае, ки молу мулк ба

---

[1] Қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҷрибаи баррасии парвандаҳои ҷиноятӣ оид ба азонихудкунӣ ва исрофкорӣ» аз 26.06. 2009с. б.3.

нигаҳдошти ғайриқонунии гунаҳгор гузашта, ӯ имкони истифода бурдан ё ихтиёрдорӣ кардани онро пайдо мекунад, хотимаёфта эътироф мешавад” ва исрофкорӣ бошад, “дар ҳолате хотимаёфта дониста мешавад, ки шахс воқеан молу мулкро ихтиёрдорӣ карда, ҷараёни бегонакунии онро ба анҷом расонида бошад”[1].

Дигар масъалаи муҳим, ҳангоми квалификатсия намудани ҷинояти номбурда умумият ва фарқияти азонихудкунӣ ва исрофкорӣ мебошад. Умумият ва монандии онҳо дар он зоҳир мегардад, ки онҳо бо вуҷуди шакли алоҳида ва мустақили тасарруф будан дар як моддаи Кодекси ҷиноятӣ пешбинӣ шудаанд ва ҳангоми содир шудани онҳо муносибатҳои молу мулкӣ зарар мебинанд. Инчунин, чуноне, ки дар боло зикр гардид, дар баъзе ҳолатҳо содиршавии онҳо бе ҳамдигар имконнопазир аст. Масалан, шахси гунаҳгор пеш аз оне, ки молу мулкро исроф намояд, нисбати он азонихудкунӣ менамояд.

Дар ҳолате, ки шахс бо қасди ягона молу мулкро тасарруф намуда, қисме аз онро азонихуд намуда, қисми дигарашро исроф карда бошад, кирдор ҳамчун маҷмӯи ҷиноят эътироф намешавад[2].

Бо вуҷуди монандӣ доштан бо баъзе хусусиятҳои хоси худ байни онҳо фарқият низ ҷой дорад. Ҳангоми содир намудани азонихудкунӣ молу мулки тасарруфшуда, таъйиноти истифодабарии худро гум накарда, бо намуд ё шакли пешина (аслӣ) боқӣ мемонанд. Дар ин ҳолат баргардонидани онҳо аз шахси ҷинояткор ба соҳибмулки қонунии он имконпазир мебошад.

Ҳангоми содир намудани исрофкорӣ молу мулки тасарруфшуда нобуд карда мешаванд (истеъмол карда мешаванд, вайрон карда мешаванд, фурӯхта мешаванд ва

---

[1] Ҳамон ҷо. б. 5.

[2] Кузнецов А.А., Третьякова Н.С. Присвоение и растрата, совершаемые с использование своего служебного положения. (методические рекомендации) Омск, 2015.

ғ) ва баргардонидани онҳо ба соҳибмулк имконнопазир аст, чунки онҳо аз ҷиҳати моддӣ аз байн бурда мешаванд. Дар ин ҳолат, танҳо арзиши молу мулк ҳисоб карда шуда, зарари ба ҷабрдида расида барқарор карда мешавад.

Тарафи субъективии ин ҷиноят дар қасди бевосита ифода меёбад. Гунаҳгор мефаҳмад, ки молу мулки ба ӯ боваркардашударо тасарруф карда истодааст, бо кирдорҳои худ ба соҳибмулк зарари моддӣ расонида истодааст ва хоҳиши онро дорад, ки чунин ҳаракатҳоро содир намуда, оқибатҳои ба ҷамъият хавфнок дар намуди зарари моддиро ба миён орад.

Ба ҳайси субъекти ҷинояти номбурда шахси мукаллафи ба синни 16 сола расида баромад менамояд. Ӯ шахсе маҳсуб меёбад, ки молу мулк ба ӯ бовар карда супорида шудааст ва ӯ нисбат ба молу мулк ваколатҳои муайянро анҷом медиҳад. Ба ғайр аз шахсони масъули ҷавобгарии моддӣ дошта, субъекти ҷиноят дигар шахсоне низ шуда метавонанд, ки молу мулк ба онҳо бовар карда супурда шудааст ё дар ихтиёрашон мебошад.

Дар қисми 2 моддаи 245 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон содир намудани азонихудкунӣ ва исрофкориро бо якчанд ҳолатҳои вазнинкунанда аз қабили такроран, аз ҷониби гурӯҳи шахсон бо маслиҳати пешакӣ, бо расонидани зарари ҷиддӣ ба шаҳрванд, бо истифодаи ваколати мансабӣ, пешбинӣ намудааст.

Дар банди «а» қисми 2-и моддаи 245 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон такроран содир намудани азонихудкунӣ ва исрофкорӣ пешбинӣ шудааст. Тибқи эзоҳи моддаи 244 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, таҳти мафҳуми такроран (такрорӣ) дар моддаҳои 244-251, 254 ва 257 Кодекси ҷиноятӣ ҷиноятe дар назар дошта шудааст, ки агар қабл аз он як ё якчанд ҷинояти пешбининамудаи ҳамин моддаҳо, ҳамчунин дар моддаҳои 186, 194, 199, 202 ҳамин Кодекс пешбинишуда, содир шуда бошад.

Азонихудкунӣ ва исрофкорӣ такроран эътироф намешавад, агар шахс барои ҷинояти қаблан содирнамудааш тибқи талаботи моддаҳои 72-75-и Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷавобгарии ҷиноятӣ озод ё парвандаи ҷиноятӣ бо асосҳои пешбининамудаи қонун нисбаташ қатъ гардида ё мутобиқи моддаи 84-и ҳамин Кодекс доғи судиаш барҳам хӯрда ё бардошта шуда бошад[1].

Банди «б» қисми 2-и моддаи 245 КҶ, аз ҷониби гурӯҳи шахсон бо маслиҳати пешакӣ банду баст карда мешавад. Тибқи моддаи 39 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиноят бо маслиҳати пешакӣ аз ҷониби гурӯҳи шахсон содиршуда эътироф мешавад, агар дар он шахсоне иштирок карда бошанд, ки дар хусуси якҷоя содир намудани он пешакӣ маслиҳат кардаанд.

Банди «в» қисми 2 моддаи 245 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон содир намудани азонихудкунӣ ва исрофкориро бо расонидани зарари ҷиддӣ ба шаҳрванд пешбинӣ намудааст.

Тибқи эзоҳи моддаи 244 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон андозаи зарари ба моликияти шахсӣ расонидашуда (ҷиддӣ, калон ва махсусан калон) аз рӯи аҳволи моддии ҷабрдида муайян карда мешавад.

Аз мазмуни эзоҳи моддаи мазкур бар меояд, ки андозаи зарари ба моликияти шахсӣ расонидашуда аз рӯи аҳволи моддии ҷабрдида бо назардошти вазъи молу мулкӣ, сарчашмаҳои даромади оилавӣ, вобаста ба шумораи шахсони дар эҳтиёҷаш қарордошта, даромадҳои иловагӣ ва ғайраҳо муайян карда мешавад.

Банди “г” қисми 2 моддаи 245 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон содир намудани азонихудкунӣ ва

---

[1] Қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҷрибаи баррасии парвандаҳои ҷиноятӣ оид ба азонихудкунӣ ва исрофкорӣ» аз 26.06. 2009с. б.6.

исрофкориро бо истифодаи ваколати мансабдорӣ пешбинӣ намудааст.

Субъекти ҷинояти дар банди «г» қисми 2 моддаи 245 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинишуда, шахсоне шуда метавонанд, ки нисбат ба молу мулки ба онҳо бовар карда супурда шуда ё дар ихтиёрашон буда ҳуқуқи идоракунии оперативӣ доранд. Бинобар ин, агар шахс бо истифодаи ваколати мансабдорӣ молу мулки ғайри ба ӯ бовар карда супурдашуда ё дар ихтиёраш бударо ғайриқонунӣ, боғараз, ройгон ва бебозгашт аз худ карда, онро ба фоидаи худ ё дигарон табдил диҳад, кирдори ӯ бояд бо банди «г» қисми 2-и моддаи 245 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон банду баст карда шавад.

Бояд ба эътибор гирифт, ки субъекти ин ҷиноят на танҳо шахсони мансабдори мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва идораҳои давлатӣ, инчунин, шахсоне дониста мешаванд, ки ваколатҳои фармонфармоӣ ё дигар ваколатҳои идоравиро дар ташкилотҳои тиҷоратӣ ва дигар ташкилотҳо иҷро мекунанд.

Тасарруфи молу мулки ғайр бо истифода аз ваколати мансабӣ бо кирдорҳои зерин: ба зердастони худ дар бораи ба соҳибияти каси дигар додани молу мулк ё онро аз ҳисоб баровардан, супориши ғайриқонунӣ додан; ғайриқонунӣ пардохти музди меҳнат, нафақа, ёрдампулӣ бо роҳи сохтани ҳуҷҷатҳои қалбакӣ, зиёд нишон додани корҳои иҷрошуда ва ғайраҳо, ки вобаста ба он маблағҳои пулии калон пардохта мешаванд, содир шуданашон мумкин аст.

Аз таркиби ҷинояти азонихудкунӣ ё исрофкорӣ, чунин суиистифодаи мансаби хизматӣ, ки гарчанде бо мақсади ғаразнок содир шуда, ба моликияти давлат ё дигар корхона новобаста аз шакли моликияташон зарар расонида, вале ба қасди бе бозгашт ба манфиати худ ё

шахси дигар табдил додани он алоқамандӣ надошта бошад, бояд фарқ карда шавад[1].

Дар қисми 3 моддаи 245 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон якчанд ҳолатҳои махсусан вазнинкунада пешбинӣ карда шудааст.

а) Содир намудани азонихудкунӣ ва исрофкорӣ, ки ба миқдори калон зарар расонидааст.

б) Содир намудани азонихудкунӣ ва исрофкорӣ аз ҷониби гурӯҳи муташаккил.

Тибқи эзоҳи моддаи 244 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти мафҳуми ба миқдори калон дар моддаҳои боби ҷиноятҳо ба муқобили моликият андозаи арзиши молу мулке дар назар дошта шудааст, ки аз андозаи нишондиҳанда барои ҳисобҳо ҳадди ақал як ҳазор маротиба зиёдтар мебошад.

Азонихудкунӣ ва исрофкорӣ бо аломатӣ аз ҷониби гурӯҳи муташаккил дар ҳолате банду баст карда мешавад, ки агар ин ҷиноят аз ҷониби гурӯҳи устувори шахсоне, ки пешакӣ барои содир кардани як ё якчанд ҷиноят муттаҳид шудаанд, содир шуда бошанд.

Дар қисми 4 моддаи 245 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон низ якчанд ҳолатҳои махсусан вазнинкунада пешбинӣ карда шудааст.

а) Содир намудани азонихудкунӣ ва исрофкорӣ дар ҳолати ретсидиви хавфнок ё махсусан хавфнок;

б) Содир намудани азонихудкунӣ ва исрофкорӣ, ки ба миқдори махсусан калон зарар расонидааст.

Тибқи талаботи моддаи 21 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти мафҳуми ретсидиви ҷиноят содир намудани ҷинояти қасдона аз тарафи шахсе, ки қаблан барои содир кардани ҷинояти қасдона доғи судӣ дорад, фаҳмида мешавад.

---

[1] Қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҷрибаи баррасии парвандаҳои ҷиноятӣ оид ба азонихудкунӣ ва исрофкорӣ» аз 26.06. 2009с. б.12.

Ретсидиви ҷиноят дар ҳолатҳои зерин хавфнок дониста мешавад:

а) дар ҳолати содир намудани ҷинояти вазнин, агар ин шахс қаблан на камтар аз ду маротиба барои қасдан содир намудани ҷиноятҳои дараҷаи миёна бо маҳрум сохтан аз озодӣ маҳкум шуда бошад;
б) дар ҳолати содир намудани ҷинояти вазнин, агар шахс қаблан барои содир намудани ҷинояти вазнин ё махсусан вазнин ба маҳрум сохтан аз озодӣ маҳкум шуда бошад;
в) дар ҳолати содир намудани ҷинояти махсусан вазнин, агар ин шахс қаблан барои содир намудани ҷинояти вазнин ба маҳрум сохтан аз озодӣ маҳкум шуда бошад.

Ретсидиви ҷиноят дар ҳолатҳои зерин махсусан хавфнок дониста мешавад:

а) дар ҳолати содир намудани ҷинояти вазнин, агар ин шахс қаблан ду маротиба барои содир намудани ҷиноятҳои вазнин ба маҳрум сохтан аз озодӣ маҳкум шуда бошад;
б) дар ҳолати содир намудани ҷинояти махсусан вазнин, агар ин шахс қблан ду маротиба барои содир намудани ҷиноятҳои вазнин маҳкум карда шудааст, ё ин ки қблан барои содир намудани ҷинояти махсусан вазнин маҳкум шуда бошад.

Ретсидиви ҷиноят дар ҳолатҳои зерин махсусан хавфнок дониста мешавад:

а) дар ҳолати содир намудани ҷинояти вазнин, агар ин шахс қаблан ду маротиба барои содир намудани ҷиноятҳои вазнин ба маҳрум сохтан аз озодӣ маҳкум шуда бошад;
б) дар ҳолати содир намудани ҷинояти махсусан вазнин, агар ин шахс қаблан ду маротиба барои содир намудани ҷиноятҳои вазнин маҳкум карда шудааст, ё ин ки қаблан барои содир намудани ҷинояти махсусан вазнин маҳкум шуда бошад.

Содир намудани азонихудкунӣ ва исрофкорӣ, ки ба миқдори махсусан калон зарар расонидааст, дигар ҳолати махсусан вазнинкунандае мебошад, ки дар қисми 4 моддаи мазкур пешбинӣ шудааст.

Тибқи эзоҳи моддаи 244 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба миқдори махсусан калон, арзиши молу мулке фаҳмида мешавад, ки аз андозаи маоши ҳадди ақал ё нишондиҳанда барои ҳисобҳо ду ҳазор маротиба зиёдтар бошад.

**Тасарруфи пулу моли ба тариқи кредит додашуда**

Тасарруфи пулу моли ба тариқи кредит додашуда ҳамчун ҷиноят дар моддаи 246 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ шуда, аз се қисм иборат мебошад.

Вақтҳои охир, хусусан дар замони бuҳрони иқтисодӣ яке аз проблемаи муҳими ҷамъиятӣ ва давлатӣ ин бар нагардонидани қарзҳои (кредитҳои) бонкӣ мебошад. Аз як тараф ин таъсири буҳрони иқтисодӣ бошад, аз тарафи дигар, бо шаклу тарзи нав зуҳур намудани қаллобӣ бо мақсади тасарруфи пулу моли ба тариқи кредит додашуда мебошад. Аз сабаби оне, ки масоили бар нагардонидани қарз (кредит) ба масъалаҳои вобаста ба баҳси гражданӣ таалуқдошта хеле монандӣ дорад ва фаҳмиши дуруст ва ягона оид ба баҳои ҳуқуқӣ додани чунин кирдорҳо мавҷуд нест, қонунгузор зарур шуморидааст, ки онро бо меъёри алоҳида аз дигар шаклҳои тасарруф ҷудо намояд.

Ҷинояти номбурда шакли мустақили тасарруф ба ҳисоб намеравад, чунки он тарзи содиршавии ба худ хосро доро намебошад. Моҳиятан он метавонад тамоми тарзҳои тасарруфро дошта бошад, лекин бо тарзи содиршавӣ бо ҷинояти қаллобӣ хеле наздикӣ ва шабоҳати зиёд дорад. Ҷинояти номбурда аз қаллобӣ ва дигар шаклҳои тасарруф асосан аз предмети ҷиноят (пулу моли

ба тариқи кредит додашуда ва ҳуҷҷатҳои вобаста ба он) фарқ мекунад.

Муҳақиқи рус А.И. Александрова қайд мекунад, ки сабаби ҷудо намудани қаллобӣ дар соҳаи қарздиҳӣ (кредитонӣ) аз дигар намуд қаллобӣ бо мақсади ҳимояи моликият, манфиатҳои молу мулкии бонкҳо ва дигар кредитҳо аз қарзгирандагони бевиҷдон, то ин ки фаъолияти муътадили соҳаи қарздиҳӣ (кредитонӣ) таъмин гардад[1].

Объекти бевоситаи ҷинояти номбурдаро муносибаҳои молу мулкӣ ташкил медиҳанд.

Объекти иловагии ҷинояти мазкур муносибатҳои ҷамъиятӣ дар соҳаи фаъолияти муътадили бонкӣ, махсусан дар соҳаи гирифтани қарз (кредит) мебошад.

Ба ҳайси предмети ҷинояти мазкур пулу моли ба тариқи кредит додашуда ва ҳуҷҷатҳои вобаста ба он баромад мекунанд.

Кредит маблағҳои пулие, ки муваққатан аз ҷониби ташкилот, муассиса, корхона, соҳибкорони инфиродӣ ё шахсоне, ки мувофиқи шартномаи кредитӣ дар ҳаҷми муайян ва бо шарту шароитҳои дар шартнома пешбинишуда дода, бояд дар вақташ бозпас гардонида шаванд, ташкил медиҳад. Мувофиқи шартнома қарзгиранда уҳдадор мешавад, ки маблағи пулии гирифтаашро бо фоизи муайян ва дар муҳлати муқарраршуда баргардонад.

Ҳангоми содир намудани ин ҷиноят одатан бонкҳо ва ташкилотҳои қарзӣ зарар мебинанд.

Тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти бонкӣ» мафҳуми бонк ва ташкилотҳои қарзӣ чунин пешбинӣ шудааст: бонк – ташкилоти қарзие, ки мақсади асосиаш гирифтани фоида буда, дорои сармояи

---

[1] А.И.Александрова. Новое уголовное законодательство о мошенничестве // Юридическая наука и практика. Вестник Нижегородской Академии МВД России. – 2003. - № 21. С.54.

оинномавии барои он муқарраркардаи Бонки миллии Тоҷикистон ва ҳуқуқи иҷрои на камтар аз се амалиёти зерин: ҷалби амонат ва пасандозҳо, додани қарз, кушодан ва пешбурди суратҳисобҳои бонкӣ мебошад;.

Ташкилотҳои қарзӣ - шахсони ҳуқуқие (бонкҳо, ташкилотҳои қарзии ғайрибонкӣ, аз ҷумла ташкилотҳои маблағгузории хурд), ки дар асоси иҷозатномаи Бонки миллии Тоҷикистон ҳама ё баъзе аз амалиёти бонкии дар қонун пешбинишударо иҷро менамоянд[1].

**Тарафи объективии** ин ҷиноят аз ҳаракатҳои фаъол бо шакли қаллобӣ ва азонихудкунию исрофкорӣ тасарруф намудани пулу моли ба тариқи кредит додашуда иборат аст. Бо дигар тарзҳои шаклҳои тасарруф содир намудани ҷинояти номбурда имконнопазир аст.

Агар шахси гунаҳгор пеш аз гирифтани қарз мақсади ба фоидаи худ ё шахси дигар истифода бурдани пулу моли ба тариқи кредит дода шударо дошта бошад, дар ин ҳолат маблағҳои кредитӣ бо роҳи қаллобӣ тасарруф мешаванд. Барои гирифтани қарз, ҷинояткор фиребро дар намуди истифодаи ҳуҷҷатҳои расмие, ки дорои маълумоти бардурӯғанд, истифода мебарад.

Бо тарзи сӯиистифодаи боварӣ тасарруфи маблағҳои кредитӣ бо истифода аз муносибатҳои махсуси бовариноки байни қарзгиранда ва бонк ё ташкилоти қарзӣ ба миён меоянд. Одатан, шахсе, ки қарз мегирад, пешакӣ қарзҳоро бо маблағҳои кам гирифта онҳоро сари вақт пардохт намуда, бо ин роҳ ба боварии кормандони бонк ё ташкилоти қарзӣ даромада, сипас қарзро бо маблағҳои зиёд гирфта, онҳоро бар намегардонад.

Ҷинояти номбурда бо роҳи азонихудкунӣ ё исрофкорӣ дар ҳолате содир мешавад, ки шахси гунаҳгор дар асоси шартнома маблағҳои кредитиро, ки ба ӯ бовар карда супурда шудааст ё дар ихтиёраш қарор доранд, гирифта,

---

[1] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти бонкӣ» аз 19.05.2009с. // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 2009, №5, мод.331; соли 2010, №7, мод. 555; соли2011, №12, мод.846)

ба манфиати худ ё шахси дигар истифода барад. Маблағҳои номбурда то лаҳзаи содир намудани ҷиноят ба таври қонунӣ дар ихтиёрдори гунаҳгор қарор доранд. Фарқи бо роҳи азонихудкунию исрофкорӣ тасарруф намудани маблағҳои кредитӣ аз бо роҳи қаллобӣ тасарруф намудани маблағҳои кредитӣ дар он аст, ки дар қаллобӣ қасди тасарруф намудани пулу моли ба тариқи кредит дода шуда, пешакӣ ҷой дошта, дар азонихудкунию исрофкорӣ бошад, баъди гирифтани онҳо пайдо мешавад.

Тасарруфи пулу моли ба тариқи кредит додашуда аз ғайриқонунӣ гирифтани кредит (моддаи 264 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон) бо он фарқ дорад, ки на ҳама вақт кредит бо роҳи ба бонк пешниҳод кардани маълумоти бардурӯғ, оид ба вазъи хоҷагидорӣ ё молиявии шаҳрванд, дода мешавад. Ҳангоми ғайриқонунӣ гирифтани кредит (моддаи 264 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон), шаҳрванд, соҳибкори инфиродӣ бо роҳи ба бонк баръало пешниҳод кардани маълумоти бардурӯғ оиди вазъи хоҷагидорӣ ё молиявӣ соҳиби кредит, иловапулӣ ё дигар шароити имтиёзноки кредитгузорӣ мешавад. Дар моддаи 246 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон бошад, тасарруфи пулу мол пас аз ба тариқи кредит дода шудани пулу мол оғоз меёбад.

Тасарруфи пули ба тариқи кредит додашуда аз саркашии бадқасдона аз адои қарзи кредиторӣ (моддаи 266 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон) бо он фарқ дорад, ки ҷавобгарии ҷиноятӣ барои саркашии бадқасдона аз адои қарзи кредиторӣ (моддаи 266 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон) танҳо дар он ҳолат ба миён меояд, ки агар кредит бо роҳи қонунӣ гирифта шуда, дар кирдори шахс аломатҳои таркиби ҷиноятҳои бо моддаҳои 246 ва 264 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинишуда ҷой надошта бошад ва шахс ба қарори суд, ки ба қувваи қонунӣ даромадааст, нигоҳ

накарда, минбаъд ҳам аз баргардонидани кредит саркашӣ намояд[1].

Тарафи субъективии ҷинояти номбурда аз гуноҳ дар шакли қасди бевосита иборат аст. Гунаҳгор мефаҳмад ва дарк мекунад, ки бо кирдорҳои худ пулу моли ба тариқи кредит додашударо тасарруф намуда истодааст, пешбинӣ менамояд, ки бо ҳаракатҳои худ ба бонк ё дигар ташкилотҳои молиявӣ зарари моддӣ расонида истодааст ва хоҳони фаро расидани чунин оқибатҳо аст.

Субъекти ҷинояти мазкур махсус аст, яъне танҳо шахсе шуда метавонад, ки дар асоси шартномаи кредит пулу молро ба тариқи кредит дар асоси шартнома гирифта, баъдан онҳоро бо тарзи қаллобӣ ва азонихудкунию исрофкорӣ тасарруф намудааст.

Аломатҳои вазнинкунандаи тасарруфи пулу моли ба тариқи кредит додашуда, ки дар қисмҳои 2 ва 3 моддаи 246 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ шудаанд, бо аломатҳое, ки таркиби қаллобӣ, азонихудкунӣ ва исрофкорӣ ташкил медиҳанд, мувофиқат мекунанд.

Танҳо фарқияти ҳолатҳои вазнинкунандаи қаллобӣ ва азонидхудкунию исрофкорӣ аз тасарруфи пулу молӣ ба тариқи кредит додашуда дар қ. 2. б. “в” моддаи 245 ва қ. 2. б. “в” моддаи 247 зоҳир мегардад, чунки дар моддаҳои зикршуда ҳолати вазнинкунанда дар шакли “бо расонидани зарари ҷиддӣ ба шаҳрванд” пешбинӣ шудааст. Дар тасарруфи пулу моли ба тариқи кредит додашуда чунин ҳолати вазнинкунанда ҷой надорад, чунки ҷабрдидаи ҷинояти номбурда шахси воқеӣ шуда наметавонад ва моҳиятан зарари ҷиддӣ танҳо ҳангоми расонидани зарар ба молу мулки шахсӣ ҷой дошта метавонад.

---

[1] Тафсир ба моддаҳои алоҳидаи Қисми махсуси Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Дар зери таҳрири Қаҳҳоров А.А. Душанбе, 2011. – С. 368

**Қаллобӣ**

Қаллобӣ ҳамчун ҷиноят дар моддаи 247 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ шуда, аз чор қисм иборат мебошад.

Объекти намудии ҷинояти қалобиро муносибатҳои ҷамъиятӣ дар соҳаи фаъолияти иқтисодӣ ташкил медиҳад, чунки ҷинояти номбурда дар фасли «Ҷиноятҳо дар соҳаи иқтисодиёт» пешбинӣ шудааст.

Иқтисодиёт (экономика) ибораи қадимии юнонӣ буда аз ду қисм: «хона, хоҷагӣ» ва «қоида, қонун», ки ба маънои аслӣ « қоидаи пешбурди хоҷагидорӣ» дар назар дошта шудааст[1]. Вобаста ба тағйирёбии замон маънои он низ тағйир ёфтааст. Агар дар Юнони қадим иқтисодиёт ба маънои хоҷагидории хона фаҳмида мешуд, дар замони муосир бошад он ба маънои низоми муносибатҳои ҷамъиятии марбут ба истеҳсолот, тақсимот, мубодилаи арзишҳо, ки ба таъмини шарту шароити ҳаёти ҷамъият ва аъзоёни он равона мегардад, фаҳмида мешавад.

Объекти хелии ҷинояти мазкур моликият мебошад.

Объекти бевоситаи ҷинояти номбурдаро муносибатҳои молу мулкии мушаххас ташкил медиҳанд.

Предмети қалобӣ молу мулк ва ҳуқуқ ба молу мулк (ҳуҷҷатҳое, ки ҳуқуқ ба молу мулкро муайян мекунанд) мебошад.

Тахти мафҳуми молу мулк маҷмӯи неъматҳои моддӣ ки дар онҳо меҳнати инсон сарф шудааст ва онҳо дорои арзиш мебошанд, фаҳмида мешавад.

Тахти мафҳуми ҳуқуқ ба молу мулк бошад, ваколатҳои соҳибӣ намудан, истифода бурдан ва ихтиёрдорӣ намудани молу мулк фаҳмида мешавад, ки дар ҳуҷҷатҳои муайян мустаҳкам мегарданд.

---

[1] Райзберг Б. А. Лозовский Л.Ш. Стародубцева Б. Б . Современный экономический словарь. М.: ИНФРА – М, 2007. С. 495.

Тарафи объективии қаллобӣ дар ҳаракатҳои фаъол дар шакли тасарруфи молу мулки ғайр ё ба даст овардани ҳуқуқ ба молу мулки ғайр бо роҳи фиреб ё суиистифодаи боварӣ ифода меёбад

Масъалаҳои баҳсталаб ва тарзи дурусти бандубасти ҳаракатҳои шахси гунаҳгоре, ки ҷинояти қаллобиро содир мекунад, дар Қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҷрибаи судӣ оид ба парвандаҳои марбут ба дуздӣ, қаллобӣ, ғоратгарӣ ва роҳзанӣ» мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гирифтаанд.

Чунончӣ, тибқи он таҳти мафҳуми фиреб ин қасдан вайрон нишон додани ҳолати ҳақиқии ашё, қасдан фиреб додани шахс (ҷабрдида), барқасдона гумроҳ кардани ӯ, дар хусуси воқеаҳои муайян, ҳолатҳо, ҳодисаҳо бо мақсади ӯро барои бо иродаи худ, лекин бо маълумотҳои дурӯғ ё қасдан нагуфтани ҳақиқат, бо роҳи қалбакӣ ба қаллоб додани амвол талқин кардан, фаҳмида мешавад[1].

Тибқи Тафсир ба Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии тоҷикистон фиреб ба ду намуд тақсимбандӣ карда шудааст: а) фиреби фаъол; б) фиреби ғайрифаъол;

Дар ҳолати аввал (фиреби фаъол) бо воситаи таҳрифи ҳақиқат: расонидани маълумоти бардурӯғ нисбати фактҳо ё вазъиятҳо, пешниҳод кардани хуҷҷатҳои қалбакӣ ва дигар кирдорҳо ҷабрдида дидаю дониста гумроҳ карда мешавад, ки дар ӯ тасаввуроти нодуруст доир ба қонунӣ ва зарурати додани молу мулк ба вуҷуд меорад. Аз ин ҷиҳат, агар хусусияти барқасдонаи таҳриф намудани ҳақиқат муайян карда нашавад ё маълумоте, ки худи шахс хабар додаст, дурӯғ набошанд, дар чунин маврид таркиби қаллобӣ вуҷуд надорад.

Фиреби ғайрифаъол - ин нагуфтани воқеаҳои аҳамияти юридикӣ дошта мебошад, ки бояд гунаҳгор

---

[1] Қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз «Дар бораи таҷрибаи судӣ оид ба парвандаҳои марбут ба дуздӣ, қаллобӣ, ғоратгарӣ ва роҳзанӣ» аз 25 июни соли 2004. б.3.

онҳоро хабар медод ва дар натиҷаи он шахсе, ки молу мулки худро додааст, нисбат ба қонунӣ ва ҳатмӣ будани додани молу мулк гумроҳ мешавад[1].

Дар адабиёти ҳуқуқи ҷиноятӣ фиреб аз рӯи назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ вобаста ба критерияҳои гуногун ба чунин гурӯҳ тасниф шудааст: 1) фиреб дар муносибат ба шахсият 2) фиреб дар муносибат бо предметҳои мухталиф 3) фиреб дар хусуси ҳодиса ва ҳаракат[2]

Дигар олимон аз ҷумла Лопашенко Н.А. фиребро ба якчанд гурӯҳ тасниф намудааст: 1) фиреб дар хусуси нияти воқеӣ; 2) фиреб дар предмети ҷиноят: хусусият, сифат ва шумораи он; 3) фиреб дар ягон намуд факт ё ҳодиса; 4) фиреб дар шахсияти гунаҳгор; 4) фиреб дар бозӣ; 5) «фиреби лӯлигӣ» яъне бо сӯистифодаи фолбинӣ 5) фиреб дар табобат ва шифобахшӣ[3].

Барои камтар чен кардан, кам баркашидан, кам додани бақияи пул, гумроҳ кардани истеъмолкунандагон дар мавриди хосияти истеъмолкунӣ ё сифати маҳсулот (хизматрасонӣ) ё дигар навъи фиреб додани истеъмолкунандагон дар корхонаҳо сарфи назар аз шакли моликият ҷавобгарии ҷиноятӣ бо моддаи 247 Кодекси ҷиноятӣ (қаллобӣ) ба вуҷуд наомада, ба моддаи 294 Кодекси ҷиноятӣ (фиреби истеъмокунандагон) ба миён меояд. Фиреби истеъмокунандагон аз ҷониби шахсоне, ки ба фурӯши молу маҳсулот ё хизматрасонӣ ба аҳолӣ машғуланд, содир шуда, дар ҳолате ҷавобгарии ҷиноятиро ба миён меорад, ки ба шаҳрвандон ба миқдори назаррас зарар расонида бошад.

Дигар тарзи содир намудани қаллобӣ ин суиистифодаи боварӣ ба шумор меравад, ки ҷинояткор бо

---

[1] Тафсир ба Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Дар зери таҳрири Ҳ.Ҳ. Шарипов. Душанбе 2006с. С 536.

[2] Безверхов А.Г. Имущественные преступления. Монография. – Самара: Издательство. Самарский университет 2002. – С. 251.

[3] Лопашенко Н.А. Посягательства на собственность: монография. моддаи : Норма, Инфра – моддаи 2012. С. 144.

ҷабрдида муносибатҳои муайяни гражданиро дар асоси боварии тарафҳо ба миён оварда, ҳангоми аз шаҳрвандон гирифтани пул бо шартҳои иҷро кардани ухдадориҳо, ки баъдан иҷро намекунад, истифода мебарад.

Ҳар ду тарзи содирнамоии қаллобӣ, яъне суиистифодаи боварӣ ва фиреб бо ҳамдигар алоқамандии зич доранд. Гунаҳгор муносибатҳои махсуси боваршавандаро байни ӯ ва соҳибмулк ё дигар шахсе, ки молумулкро қонунӣ ихтиёрдорӣ мекунад, истифода мебарад, то ки фиреб нисбатан бовариноктар бошад, ё ин ки ба фиреб барои он рӯй меоварад, ки боварии ҷабрдидаро ба даст орад.

Қаллобӣ бо дигар шаклҳои тасарруф монандӣ дошта, дар баробари ин бо хусусиятҳои тарзи содиршавии ба худ хос яъне фиреб ва сӯистифодаи боварӣ аз онҳо фарқ мекунад. Аз ҷумла, тарзи содир намудани ҷинояти номбурда бо ҷиноятҳои дуздӣ ва ғоратгарӣ шабоҳат дорад, чунки ҳарчанд ҳангоми содир намудани дуздӣ ва ғоратгарӣ низ гунаҳгор метавонад фиребро барои амалишавии нияташ истифода барад (масалан, бо роҳи фиреб ворид шудан ба хона, анбор ва ғ.). Хусусияти хоси дуздӣ ва ғоратгарӣ маҳз дар ҳамин зоҳир мегардад, ки молу мулк ҳама вақт бар хилофи иродаи соҳибмулк рабуда мешаванд. Чун дар дуздӣ молу мулк ба таври пинҳонӣ ё умуман бе иштироки ҷабрдида тасарруф мешавад. Дар ғоратгарӣ бошад, молу мулк ошкоро тасарруф шуда, нисбат атрофиён беэтиборӣ карда шуда, молу мулк рабуда мешавад. Ба таври дигар, ҳангоми дуздӣ ва ғоратгарӣ молу мулк бархилофи иродаи ҷабрдида ба таври ниҳонӣ ё ошкоро тасарруф мешавад, дар мавриди қаллобӣ бошад, соҳибмулк ё шахсе, ки молу мулкро ихтиёрдорӣ мекунад, молу мулкро ихтиёрона ба шахси гунаҳгор медиҳад. Фиреб ва истифодаи зӯроварӣ дар дуздӣ ва ғоратгарӣ на ҳамчун тарзи бевосита тасарруф намудани молу мулк истифода мешаванд, балки

ҳамчун воситаи дастрас будан ё шудан ба молу мулк ё ҷойи нигоҳдории онҳо истифода мешавад[1].

Аз рӯи сохтор (конструксия) таркиби каллобӣ моддӣ буда, ҷинояти мазкур дар ҳолате тамомшуда ҳисобида мешавад, ки агар молу мулк гирифта шуда бошад ва гунаҳгор барои аз рӯи салоҳдиди худ истифода бурдан ё ихтиёрдорӣ намудани он (масалан, молу мулки тасарруфшударо ба манфиати худ ё ба манфиати дигарон истифода кунад, ё аз рӯи ғараз бо дигар тарз онро ихтиёрдорӣ намояд) имконияти воқеӣ дошта бошад[2].

Тарафи субъективии ҷинояти номбурдаро қасди бевоситаро дар бар мегирад, яъне, гунаҳгор дарк менамояд, ки бо роҳи фиреб ва ё сӯистифодаи боварӣ молу мулки ғайрро ё ҳуқуқи соҳиб шудани онро ба худ гирифта истодааст, онро пешбинӣ менамояд, ки дар натиҷаи чунин кирдори ӯ ба ҷабрдида ва ё дорандаи ҳуқуқии он зарари молу мулкӣ мерасонад ва хоҳони фарорасии оқибат мебошад.

Субъекти ҷиноят, шахси мукаллафи ба синни 16 – солагӣ расида, ба ҳисоб меравад.

Аломатҳои вазнинкунандаи қаллобӣ, ки дар қисмҳои 2, 3 ва 4 моддаи 247 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ шудаанд, бо аломатҳое, ки ҳолати вазнинкунандаи моддаи 245 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон (азонихудкунӣ ва исрофкорӣ) пешбинӣ шудаанд, монандӣ доранд.

---

[1] Лунинн Н.Н. Мошенничество по уголовному законодательству России: уголовно – правовая характеристика и квалификация. (Электронный ресурс) Дисс. … канд. юрид. наук. Москва. 2006. С.134.

[2] Қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз «Дар бораи таҷрибаи судӣ оид ба парвандаҳои марбут ба дуздӣ, қаллобӣ, ғоратгарӣ ва роҳзанӣ» аз 25 июни соли 2004. б.8.

## Тасарруфи пулу моли воситаи фондҳои кумаки хориҷӣ

Тасарруфи пулу моли воситаи фондҳои кумаки хориҷӣ ҳамчун ҷиноят дар моддаи 257 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ шуда, аз се қисм ва эзоҳ иборат мебошад.

Объекти ин ҷиноятро муносибатҳои молумулкӣ ташкил медиҳанд.

Содир шудани ҷинояти мазкур баҳри мақсаднок тақсим намудани пулу моле, ки ҳамчун кумаки башардӯстона ба Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид гардидаанд, монеа эҷод намуда, ба манфиатҳои шахсони ба он эҳтиёҷманд зарар мерасонад.

Ба ҳайси предмети ин ҷиноят воситаи фондҳои кумаки хориҷӣ (пулу моле, ки ҳамчун кумаки башардӯстона аз тарафи давлатҳои хориҷӣ ва ташкилотҳои байналмилалӣ ба Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид мегарданд) баромад карда метавонанд. Ба инҳо дохил мешавад, аз он ҷумла, маблағи пулӣ дар намуди накдӣ, маводҳои хӯрокворӣ, масолеҳи сохтмонӣ, техникаи маишӣ, доруворӣ ё дигар воситаҳои тиббӣ ва ғайраҳо.

Кумакҳои башардӯстона бо мақсади паст намудани сатҳи камбизоатӣ ва факр дар ҷомеа, бартараф намудани оқибатҳои аз офатҳои табиӣ ба вуҷуд омада ва кумак намудани аҳолии аз он зарардида, дастгирии шахсони куҳансоли барҷомонда, маъюбон, оилаҳои серфарзанди эҳтиёҷманд ва ятимони ноболиғ равона мегардад.

Ҷабрдидаи ҷинояти мазкур шахсони ба чунин намуди кумак ниёзманд, шуда метавонанд.

Тарафи объективии ин ҷиноят аз ҳаракатҳои фаъол дар шаклҳои гуногуни тасарруф аз худ намудани предметҳои дар боло зикршуда иборат аст.

Тибқи Низомномаи тартиби идораи кумаки башардӯстона ва техникии дар Ҷумҳурии Тоҷикистон кумаки башардӯстона бо тариқи ройгон додани сарватҳои молию моддӣ, ки чӣ дар дохили кишвар ва чӣ берун аз

марзи он, хусусияти тиҷоратӣ надорад, ҳисобида мешавад[1].

Кумаки техникӣ барномаи мусоидати ройгон ба ислоҳоти иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Барномаи кумаки техникӣ бо роҳи ба шахсони ҳуқуқии Тоҷикистон додани таҷрибаю технологияҳо, ташкили тарбияи кадрҳо, таҳвили намудҳои гуногуни таҷҳизот ва дигар воситаҳои моддию техникӣ ва молҳо барои татбиқи барномаи мушаххаси кумаки техникӣ, инчунин бо додани маблаҳои пулии ба ин мақсадҳо ҷудошуда, татбиқ карда мешавад.

Тибқи Низомномаи дар боло зикршуда фурӯши кумаки башардӯстона ва техникӣ (пурра ё қисман) ба истисноии ҳолатҳои тибқи созишномаҳои байниҳукуматӣ пешбинигардида, манъ аст.

Кумаки башардӯстонаи ба Ҷумҳурии Тоҷикистон воридгардида бояд барои истеъмолкунанда бехатар бошад ва ба талаботи байналмилалии амнияти инсон, ба талаботи санитарию гигиенӣ, зиддисироятӣ, тиббӣ, фармасевтӣ, ветеринарӣ, инчунин ба қонунгузории ҷории ҷумҳурӣ дар бораи стандарту сертификатсиякунонӣ, назорати санитарӣ, дар бораи ҳифзи тандурустии аҳолӣ мутобиқат намояд.

Ҳангоми аз ҷониби шахси масъул, бо истифода аз ваколатҳои мансабӣ, ё ин ки аз ҷониби намояндаи давлати хориҷӣ вайрон намудани тартиби тақсими кумаки башардӯстона (ба шахсони мӯҳтоҷ нею ба хешовандон ё наздикони худ тақсим намудани чунин кумакҳо), кирдор дар маҷмуъ, бо моддаҳои 314 ва 257 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, бандубаст мегардад.

[1] Низомномаи тартиби идораи кумаки башардӯстона ва техникӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. аз 09 11. 2000 № 459. (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26.01.2008 № 47, 02.02.2009с. № 86, аз 30.12.2009 № 714)

Агар молу маҳсулоти кумаки хориҷӣ дар натиҷаи бемасъулиятию хунукназарии шахсони мансабдор несту нобуд ё вайрон шавад, кирдори онҳо бо моддаи 322 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, бандубаст карда мешавад, аммо агар аз ҷониби шахси мутасаддӣ амволи кумаки хориҷӣ бо дигар маҳсулот иваз карда шуда, шахси мутасаддӣ онро аз худ намояд, кирдор бо моддаи 257 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон бандубаст мегардад[1].

Моҳиятан ҷинояти номбурда бо тамоми тарзҳои тасарруф содир мешавад. Одатан дар амалия ин ҷиноят бо роҳи азонихудкунӣ ва исрофкорӣ содир мешавад. Агар ин ҷиноят бо роҳи дуздӣ, ғоратгарӣ ба истиснои роҳзанӣ ва тамаъҷӯӣ содир шуда бошад, кирдори шахси гунаҳгор бо қисми 1 моддаи 257 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон бандубаст карда мешавад. Агар бо роҳи роҳзанӣ ва тамаъҷӯӣ содир шавад, он гоҳ бо банди «б» қисми 3 моддаи 257 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, бандубаст мегардад.

Тарафи субъективии ин ҷиноят аз гуноҳ дар шакли қасди бевосита иборат аст. Шахс дарк менамояд, ки бо кирдори худ ба тартиби дурусти тақсимоти пулу моле, ки ҳамчун кумаки башардӯстона ҷудо шудаанд ва ба манфиатҳои шахсони эҳтиёҷманд зарар мерасонаду хоҳони расонидани чунин зарарро дорад.

Субъекти ҷинояти мазкур ҳам умумӣ (шахси мукаллафи ҷисмонии ба синни 16 сола расида) ва ҳам махсус (шахси ваколатдори дорои вазифаҳои нигоҳ доштан, интиқол додан ва тақсим кардани воситаҳои кумаки хориҷӣ) шуда метавонад.

Дар қисмҳои 2, 3 ва 4 ҳолатҳои вазнинкунанда ва махсусан вазнинкунанда пешбинӣ шудааст. Дар қисми 2

---

[1] Тафсир ба моддаҳои алоҳидаи Қисми махсуси Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Дар зери таҳрири Қаҳҳоров А.А. Душанбе 2011с. С. 416.

моддаи номбурда содир намудани ҷиноятро бо чунин ҳолатҳои вазнинкунанда аз қабили такроран, аз ҷониби гурӯҳи ашхос бо маслиҳати пешакӣ, ба миқдори калон, бо истифодаи зӯроварӣ, ки ба ҳаёт ё саломатӣ хавфнок нест ё бо таҳдиди истифодаи чунин зӯроварӣ пешбинӣ шудааст.

Такроран содир намудан ҳамчун ҳолати вазнинкунанда, ки дар банди «а» қисми 2 моддаи мазкур пешбинӣ шудааст, чунин маъно дорад, ки агар шахси гунаҳгор пеш аз ин як ё якчанд ҷинояти дар моддаҳои 244-251, 254, 257 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҳамчунин ҷиноятҳои дар моддаҳои 186, 194, 199, 202 Кодекси ҷиноятӣ пешбинишударо содир намуда, мувофиқи тартиби муқаррарнамудаи қонун аз ҷавобгарии ҷиноятӣ озод нашуда бошад ё доғи судиаш барои ин ҷиноятҳо барҳам нахӯрда бошад. Муқаррароти мазкур аз эзоҳи моддаи 244 Кодекси ҷиноятӣ ва моддаи 19 Кодекси ҷиноятӣ бар меояд[1].

Дар банди «б» қисми 2 моддаи мазкур содир намудани ҷинояти номбурда аз ҷониби гурӯҳи ашхос бо маслиҳати пешакӣ пешбинӣ шудааст Тибқи моддаи 39 Кодекси ҷиноятӣ ҷиноят бо маслиҳати пешакӣ аз ҷониби гурӯҳи ашхос содир шуда эътироф мешавад, агар дар он ашхосе иштирок карда бошанд, ки дар хусуси якҷоя содир намудани он пешакӣ маслиҳат карда бошанд.

Ҷавобгарӣ бо банди «в» қисми 2 моддаи 257 Кодекси ҷиноятӣ дар ҳолате ба вуҷуд меояд, ки агар дар натиҷаи

---

[1] Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон //Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон , с.1998, № 9, мод.68, мод.69; №22, мод. 306; с.1999, №12, мод. 316; с.2001, № 4, мод.149, мод.167; с.2002, №11, мод.675, мод.750; с.2003, № 8, мод. 456, мод.468; с.2004, №5, мод. 346; №7, мод.452, мод.453; с.2005, №3, мод.126; №7, мод.399; №12, мод.640; с.2007, №7, мод.665; с.2008, №1 қ.1, мод.3; №6, мод.444, мод.447; №10, мод.803; №12, қ.1, мод.986, №12, қ.2, мод. 992; с.2009, № 3, мод.80; №7-8, мод.501; с. 2010, № 3, мод.155; №7, мод.550; с.2011, №3, мод.161; №7-8, мод.605; с.2012, №4, мод.258; №7, мод.694, с.2013, №6, мод.403; мод.404; №11, мод.785; №12, мод.881; с.2014, №3, мод.141; Қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26.07.2014 с., №1088; № 1089)

содир намудани ҷинояти номбурда зарар ба миқдори калон расонида шавад. Таҳти мафҳуми ба миқдори калон дар моддаҳои боби «Ҷиноятҳо ба муқобили моликият» андозаи арзиши молу мулке дар назар дошта шудааст, ки аз андозаи нишондиҳанда барои ҳисобҳо ҳадди ақал як ҳазор маротиба зиёдтар бошад.

Бо истифодаи зӯроварӣ, ки ба ҳаёт ё саломатӣ хавфнок нест ё бо таҳдиди истифодаи чунин зӯроварӣ содир намудани тасарруфи пулу моли воситаи фондҳои кумаки хориҷӣ дар банди «г» қисми 2 моддаи мазкур пешбинӣ шудааст. Таҳти мафҳуми зӯроварие, ки ба ҳаёт ё саломатӣ хавфнок нест, ҳарактҳое фаҳмида мешаванд, ки бо расонидани зарари сабук ба саломатӣ, ки боиси ба муҳлати кӯтоҳ хароб шудани саломатӣ ё камтар аз даст додани қобилияти меҳнатӣ гардидааст, фаҳмида мешаванд. Мазмунан ин банд тасарруфро бо тарзи ғоратгарӣ дар назар дорад.

Таҳдиди истифодаи зӯроварӣ ки барои ҳаёт ва саломатии ҷабрдида хавфнок нест, чунин шакли фишори рӯҳие фаҳмида мешавад, ки он дар иифодаи суханҳо, имою ишора ва ҳаракатҳои шахси гунаҳгор, барои ҳаёт ва саломатии ҷабрдида имконияти расонидани оқибатҳои вазнинро надоранд.

Дар қисми 3 моддаи мазкур содир намудани ҷиноятро бо чунин ҳолатҳои вазнинкунанда аз қабили аз ҷониби гурӯҳи муташаккил, бо роҳи роҳзанӣ ва тамаъҷӯӣ, бо расонидани зарар ба миқдори махсусан калон, пешбинӣ шудаанд.

Аз ҷониби гурӯҳи муташаккил содир намудани тасарруфи пулу моли воситаи фондҳои кумаки хориҷӣ (банди «а» қисми 3 моддаи 257 Кодекси ҷиноятӣ) чунин маъно дорад, ки он аз ҷониби гурӯҳи устувори ашхосе, ки пешакӣ барои содир кардани як ё якчанд ҷиноят муттаҳид шудаанд, содир шуда бошад.

Дар банди «б» қисми 3 моддаи 257 Кодекси ҷиноятӣ бо роҳи роҳзанӣ ё тамаҷъӯӣ содир намудани ҷинояти

номбурда ҳамчун ҳолати вазнинкунанда пешбинӣ шудааст. Бо роҳи роҳзанӣ ва тамаъҷӯӣ содир намудани тасарруфи пулу моли воситаи фондҳои кумаки хориҷӣ хавфнокии ҷинояти мазкурро дучанд зиёд менамояд, чунки ҳангоми содир намудан бо ин тарз шахси гунаҳгор ба ғайр аз муносибатҳои молу мулкӣ ба дигар манфиатҳои шахсӣ аз қабили ҳаёт ва саломатӣ, обрӯ ва эътибори шахс зарар мерасонад.

Бо роҳи роҳзанӣ содир намудани ҷинояти номбурда чунин маъно дорад, ки шахси гунаҳгор пулу моли аз тарафи давлатҳои хориҷӣ ва ташкилотҳои байналмилалӣ ба Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид гардидаро бо роҳи ҳуҷум бо мақсади тасарруфи онҳо бо истифодаи зӯроварии барои ҳаёт ва саломатӣ хавфнок ё таҳдиди истифодаи чунин зӯроварӣ содир менамояд.

Бо роҳи тамаъҷӯӣ содир намудани ҷинояти мазкур чунин маъно дорад, ки шахси гунаҳгор пулу моли аз тарафи давлатҳои хориҷӣ ва ташкилотҳои байналмилалӣ ба Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид гардидаро бо роҳи таҳдиди ифшои маълумоти беобрӯкунанда (бадномкунанда) нисбати ҷабрдида ё наздикони ӯ, ошкор кардани чунин маълумот оид ба ҳолатҳое, ки вай мехоҳад онро ниҳон дорад, ҳамчунин бо таҳдиди истифодаи зӯроварӣ нисбат ба ӯ ё наздикони ӯ ё бо таҳдиди несту нобуд, вайрон кардани молу мулки ғайр тасарруф менамояд.

Ҷавобгарӣ бо банди «в» қисми 3 моддаи 257 Кодекси ҷиноятӣ дар ҳолате ба вуҷуд меояд, ки агар дар натиҷаи содир намудани ҷинояти номбурда зарар ба миқдори махсусан калон расонида шавад. Таҳти мафҳуми ба миқдори калон дар моддаҳои боби «Ҷиноятҳо ба муқобили моликият» андозаи арзиши молу мулке дар назар дошта шудааст, ки аз андозаи нишондиҳанда барои ҳисобҳо ҳадди ақал дуяк ҳазор маротиба зиёдтар бошад.

Тибқи эзоҳи моддаи номбурда дар ҳолати нарх надоштани воситаҳои фондҳои кумаки хориҷӣ арзиши он

аз рӯи нархи бозорӣ, ки дар рӯзи содиршавии ҷиноят ҷой дорад, ҳисоб карда мешавад.

## III. ТАВСИФИ ҲУҚУҚИИ ҶИНОЯТИИ ҶИНОЯТҲОИ ХУСУСИЯТИ КОРРУПСИОНИДОШТА ДАР СОҲАИ ФАЪОЛИЯТИ ИҚТИСОДӢ

### Монеъ шудан ба фаъолияти қонунии соҳибкорӣ

Монеъ шудан ба фаъолияти қонунии соҳибкорӣ чун ҷиноят дар моддаи 258 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ гардида, аз ду қисм иборат мебошад.

Монеъ шудан ба фаъолияти қонунии соҳибкорӣ баҳри ҳимояи фаъолияти қонунии соҳибкорӣ равона карда шудааст. Монеъ шудан ба фаъолияти ғайриқонунӣ, масалан, истеҳсоли маводи нашъаовар, на ин ки чун ҷиноят, балки фаъолияти қонунӣ эътироф мегардад.

Монеъ шудан ба фаъолияти қонунии соҳибкорӣ яке аз ҷиноятҳое мебошад, ки ба принсипи озодона машғул гаштан ба фаъолияти соҳибкорӣ ё фаъолияти иқтисодӣ таҷовуз мекунад. Вобаста ба ин, объекти бевоситаи ин ҷиноят - муносибатҳои ҷамъиятии таъминкунандаи принсипи озодона машғул гаштан ба фаъолияти соҳибкорӣ ё фаъолияти дигари иқтисодӣ баромад мекунад[1].

Моддаи 12 Конститутсияи Тоҷикистон муқаррар менамояд, ки давлат фаъолияти озоди иқтисодӣ, соҳибкорӣ, баробарҳуқуқӣ ва ҳифзи ҳуқуқии ҳамаи шаклҳои моликият, аз ҷумла моликияти хусусиро кафолат медиҳад. Дар асоси ин меъёри конститусионӣ ҳар як шахс

1 Сафаров А.И. Конституционно-правовые основы противодействия воспрепятствованию законной предпринимательской деятельности // Нақши Конститутсия дар рушди қонунугузории Ҷумҳурии Тоҷикистон (Маводҳои конфронси илмӣ-назариявӣ бахшида ба 19-солагии қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон). Душанбе, 2014.

дар ҳудуди Тоҷикистон метавонад озодона ба фаъолияти соҳибкорӣ ё фаъолияти дигари иқтисодӣ, дар шаклҳои пешбининамудаи қонунгузории кишвар машғул гардад. Барои таъмини ин меъёри конситутсионӣ ҷиҳати ҳифзи манфиатҳои шахсони ба фаъолияти соҳибкорӣ ё фаъолияти дигари иқтисодӣ аз суиистифодаи шахсони мансабдор дар самти бақайдгирӣ, иҷозатномадиҳӣ, маҳдуд кардани ҳуқуқу манфиатҳои онҳо, инчунин дахолат ба фаъолияти онҳо Кодекси ҷиноятӣ дар моддаи 258 ҷавобгарии ҷиноятӣ муқаррар намудааст.

Аз сабаби он ки моддаи 258 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон хусусияти бланкетӣ дорад, барои дар амалияи тафтишотию судӣ дуруст татбиқ намудани он таҳлил намудани санадҳои зиёди меъёрии ҳуқуқӣ зарур аст. Ба ин гурӯҳ санадҳои зерин дохил мешавад: Кодекси гражданӣ; Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон«Дар бораи бақайдгирии давлатии шахси ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ» аз 19 майи соли 2009; Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон“Дар бораи иҷозатномадиҳӣ ба баъзе намудҳои фаъолият” аз 17 майи соли 2004 ва ғ.

Моддаи 258 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба муқобили фаъолияти қонунии соҳибкории соҳибкори инфиродӣ, корхона ва корхонаи тиҷоратӣ равона карда шудааст[1].

Ба сифати ҷабрдидагони ин ҷиноят, соҳибкори инфиродӣ, корхона ва корхонаи тиҷоратӣ, ки ба фаъолияти соҳибкорӣ машғул гаштаанд, баромад мекунанд.

Фаъолияти соҳибкорӣ мутобиқи қисми 3 моддаи 1 Кодекси граждании Тоҷикистон – ин фаъолияти мустақил ва ба таваккали худ амалишавандаи шахсони ба чунин сифат бо тартиби муқарраркардаи қонун

[1] Сафаров А.И. Корупционные преступления в сфере предпринимательской деятельности по законодательству Республики таджикистан/ Вестник университета. 2015. Т.1. №4(51). С. 20-24.

бақайдгирифташудае мебошад, ки барои мунтазам ба даст овардани фоида аз истифодаи молу мулк, фӯруши мол, иҷрои кор ё расонидани хизмат равона карда шудааст. Ба фаъолияти соҳибкорӣ соҳибкорони инфиродӣ ва шахсони ҳуқуқӣ машғул шуда метавонанд.

Мувофиқи моддаи 24 Кодекси граждании шаҳрвандон метавонанд аз лаҳзаи бақайдгирии давлатӣ ба сифати сохибкорони инфиродӣ бе таъсиси шахси ҳуқуқӣ ба фаъолияти соҳибкорӣ машғул шаванд. Шаҳрвандоне, ки дар ҳайати хоҷагии деҳқонӣ фаъолияти соҳибкориро анҷом медиҳанд, аз бақайдгирии давлатӣ озод мебошанд. Шахсони ҳуқуқӣ бошад, мутобиқи моддаи 50 Кодекси гражданӣ, ба фаъолияти соҳибкорӣ ташкилотҳои тиҷоратӣ машғул мегарданд. Ташкилотҳои тиҷоратӣ шахси ҳуқуқие буда метавонанд, ки ба даст овардани фоидаро мақсади асосии фаъолияти худ қарор додаанд. Шахси ҳуқуқие, ки ташкилотҳои тиҷоратӣ мебошанд, метавонанд дар шакли ширкату ҷамъиятҳои хоҷагидорӣ, кооперативҳои истеҳсолӣ, корхонаҳои воҳиди давлатӣ ва коммуналӣ таъсис дода шаванд.

Қобилияти ҳуқуқдории шахси ҳуқуқӣ аз лаҳзаи таъсиси он ба миён омада, аз лаҳзаи барҳамхурии он қатъ мегардад. Ҳуқуқи шахси ҳуқуқӣ ҷиҳати татбиқи фаъолияте, ки барои машғул шудан ба он гирифтани иҷозатнома (литсензия) зарур аст, агар дар қонунҳо тартиби дигаре муқаррар нашуда бошад, аз лаҳзаи гирифтани чунин иҷозатнома (литсензия) ё дар муҳлати дар он зикргардида ба миён омада, бо гузаштани муҳлати амали он қатъ мегардад.

Бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ – ин амали мақомоти ваколатдори давлатӣ дар соҳаи бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ дар хусуси ба расмият даровардани воқеияти ҳуқуқии таъсисёбӣ, азнавташкилдиҳӣ ва барҳамдиҳии шахсони ҳуқуқӣ, шахсони воқеӣ ба сифати соҳибкорони инфиродӣ ва қатъ

намудани фаъолияти онҳо, таъсисёбӣ ва қатъ намудани фаъолияти филиалҳо ва намояндагиҳои шахсони ҳуқуқии хориҷӣ, инчунин ворид намудани маълумот дар бораи онҳо ба Феҳристи ягонаи давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ мебошад.

Тарафи объективии ҷинояти монеъ шудан ба фаъолияти қонунии соҳибкорӣ мутобиқи моддаи 258 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар кирдорҳои зерин ифода мегардад:

а) радди ғайриқонунии бақайдгирии соҳибкории инфиродӣ ё корхона ё корхонаи тиҷоратӣ;
б) саркашӣ аз бақайдгирии соҳибкории инфиродӣ ё корхона ё корхонаи тиҷоратӣ;
в) радди ғайриқонунии додани иҷозати махсус (литсензия) барои татбиқи фаъолияти муайян ё саркашӣ аз додани чунин иҷозатнома;
г) ғайриқонунӣ маҳдуд сохтани ҳуқуқ ва манфиатҳои соҳибкории инфиродӣ ё корхона ё корхонаи тиҷоратӣ;
д) дахолати ғайриқонунӣ ба фаъолияти соҳибкории инфиродӣ ё корхона ё корхонаи тиҷоратӣ, ки аз ҷониби шахси мансабдор бо суиистифодаи мақоми хизматӣ содир шудааст[1].

Радди ғайриқонунии бақайдгирии соҳибкории инфиродӣ ё корхона ё корхонаи тиҷоратӣ - ин кирдори ҷиноятие мебошад, ки ба тартиби умумии бақайдгирии фаъолияти соҳибкорӣ таҷовуз мекунад.

Барои амалӣ гардонидани бақайдгирии давлатии шахси воқеӣ ба сифати соҳибкори инфиродӣ ба мақомоти анҷомдиҳандаи бақайдгирии давлатӣ ҳуҷҷатҳои зерин пешниҳод карда мешаванд:

---

[1] Сафаров А.И. Анализ объективных признаков воспрепятствования законной предпринимательской деятельности по уголовному законодательству Республики Таджикистан/ Вестник Таджикского национального университета. Серия гуманитарных наук. 2015. №3/12(189). С. 173-180.

1) ариза барои бақайдгирии давлатии шахси воқеӣ ба сифати соҳибкори инфиродӣ аз рӯи шакли тасдиқнамудаи мақомоти анҷомдиҳандаи бақайдгирии давлатӣ. Дар ариза маълумоти зерин нишон дода мешавад:

а) ному насаби шахси воқеӣ;

б) суроғаи ҷойи истиқомати доимӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (суроғае, ки дар он ҷой шахси воқеӣ ба қайд гирифта шудааст), суроғаи ҷойи истиқомати муваққатӣ ва маҳалли анҷомдиҳии фаъолияти соҳибкори инфиродӣ, маълумот барои тамос бо шахси воқеӣ.

в) рақами мушаххаси андозсупорандаи (РМА) шахси воқеӣ;

г) намуди (намудҳои) асосии фаъолияти соҳибкории инфиродӣ, ки шахси воқеӣ хоҳиши анҷом додани онро (онҳоро) дорад;

д) санаи пешниҳод гардидани ариза ва имзои аризадиҳанда.

2) нусхаи ҳуҷҷате, ки шахсияти шахси воқеиро тасдиқ мекунад, инчунин ду расми андозаи 4х6;

3) нусхаи сертификати ҳуқуқи истифодабарии замин ё нусхаи қарор дар бораи ҷудо намудани қитъаи замин дар ҳолати бақайдгирии хоҷагии деҳқонии (фермерии) фардӣ ё оилавӣ, рӯйхати аъзои хоҷагии деҳқонӣ (фермерӣ), рақами мушаххаси андозсупоранда барои ҳар яки онҳо;

4) нусхаи ҳуҷҷате, ки дар асоси он ба шахси воқеии хориҷӣ сукунат ва амалӣ намудани фаъолияти соҳибкорӣ дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шудааст (раводид, варақаи бақайдгирӣ, иҷозатномаи иқомат;

5) пардохтномаи (квитансия) боҷи давлатӣ, ва (ё) пардохтномаи (квитансия)-и пешпардохти маблағи патент барои ҳуқуқи амалӣ гардонидани фаъолияти соҳибкории инфиродӣ барои шумораи муайяни моҳ (муҳлати амали патент) – барои шахсоне, ки хоҳиши гирифтани Патент барои ҳуқуқи амалӣ гардонидани фаъолияти соҳибкории инфиродиро доранд.

Мутобиқи моддаи 21 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бақайдгирии давлатии шахси ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ» бақайдгирии давлатии шахси воқеиро ба сифати соҳибкори инфиродӣ мақомоти анҷомдиҳандаи бақайдгирии давлатӣ дар муддати се рӯзи корӣ аз рӯзи пешниҳод намудани ҳуҷҷатҳои зикргардида амалӣ мегардонад. Бақайдгирии давлатии шахси воқеӣ ба сифати соҳибкори инфиродӣ ҳангоми гирифтани Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатии ӯ ба сифати соҳибкори инфиродӣ ё ҳангоми гирифтани Патент барои ҳуқуқи амалӣ намудани фаъолияти соҳибкорӣ дар маҳалли анҷомдиҳии фаъолияти соҳибкории чунин шахс амалӣ мешавад.

Барои амалигардонии бақайдгирии давлатии таъсисёбии шахси ҳуқуқӣ ба мақомоти анҷомдиҳандаи бақайдгирии давлатӣ ҳуҷҷатҳои зерин пешниҳод карда мешаванд:

1) ариза барои бақайдгирии давлатии шахси ҳуқуқӣ аз рӯи шакли тасдиқнамудаи мақомоти анҷомдиҳандаи бақайдгирии давлатӣ. Дар ариза маълумоти зерин нишон дода мешавад:

а) шакли ташкилию ҳуқуқии шахси ҳуқуқӣ;
б) номи пурраи (дар ҳолати мавҷуд будан, инчунин номи кӯтоҳи) фирмавии шахси ҳуқуқӣ бо забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон;
в) маҳалли ҷойгиршавӣ (суроғаи) шахси ҳуқуқӣ;
г) тарзи ташкилёбии шахси ҳуқуқӣ (таъсисёбӣ ё азнавташкилдиҳӣ);
д) маълумот дар бораи муассис (муассисон) ва роҳбари шахси ҳуқуқӣ (номи фирмавии шахси ҳуқуқӣ, насаб, ном ва номи падари шахси воқеӣ, маҳалли ҷойгиршавии шахси воқеӣ ва ҳуқуқӣ, маълумот барои тамос);
е) намуди (намудҳои) асосии фаъолияте, ки шахси ҳуқуқӣ нияти анҷом додани онро (онҳоро) дорад;

ж) санаи пешниҳод гардидани ариза ва имзои аризадиҳанда.

2) қарори муассис (протоколи маҷлиси муассисон) дар бораи таъсисдиҳии шахси ҳуқуқӣ. Қарор дар бораи таъсисдиҳии шахси ҳуқуқӣ аз ҷониби муассис (муассисон)-и шахси ҳуқуқӣ имзо карда мешавад;

3) нусхаи ҳуҷҷати тасдиққунандаи шахсияти роҳбари мақомоти иҷроияи шахси ҳуқуқии таъсисёбанда дар сурати аз ҷониби роҳбари мақомоти иҷроияи шахси ҳуқуқии таъсисёбанда пешниҳод гардидани ҳуҷҷат ё нусхаи ҳуҷҷати тасдиққунандаи шахсият ва ваколатнома ба номи шахси ваколатдор дар сурати аз ҷониби шахси ваколатдори муассисон пешниҳод гардидани ҳуҷҷатҳо барои бақайдгирии давлатии шахси ҳуқуқӣ;

4) нусхаи ҳуҷҷати тасдиққунандаи шахсияти ҳар як муассиси (шахси воқеии) шахси ҳуқуқии таъсисёбанда ва маълумотномаи мақомоти андоз нисбат ба муассис - шахси ҳуқуқӣ доир ба надоштани қарзи андоз;

5) дар ҳолати таъсис додани шахси ҳуқуқӣ дар ҳудуди минтақаи озоди иқтисодӣ маълумотномаи маъмурияти минтақаи озоди иқтисодӣ;

6) иқтибоси ҳуҷҷат дар бораи бақайдгирии давлатии шахси ҳуқуқӣ ё нусха аз феҳристи шахсони ҳуқуқии давлати хориҷӣ ( ё дигар ҳуҷҷати аз рӯи қувваи ҳуқуқиаш ба он баробар, ки мақоми шахси ҳуқуқии хориҷиро исбот менамояд), дар сурате, ки агар муассис шахси ҳуқуқии хориҷӣ бошад;

7) хулосаи мақомоти дахлдор дар мавриди бақайдгирии воситаҳои ахбори омма;

8) пардохтномаи (квитансия) боҷи давлатӣ.

Ҳуҷҷатҳои иловагии пешниҳодшаванда барои бақайдгирии давлатии шахси ҳуқуқии бо роҳи азнавташкилдиҳӣ таъсисёфта инҳо мебошанд:

1) қарори мақомоти ваколатдори шахси ҳуқуқӣ дар бораи азнавташкилдиҳӣ бо ҳатман нишон додани шакли азнавташкилдиҳӣ;

2) санади (акти) супурдан ё balанси тақсимот вобаста аз шакли азнавташкилдиҳии шахси ҳуқуқӣ.

3) хулосаи мақомоти давлатии зиддиинҳисорӣ дар ҳолатҳои пешбининамудаи қисми якуми моддаи 15 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон«Дар бораи рақобат ва маҳдудкунии фаъолияти инҳисорӣ дар бозорҳои мол».

Бақайдгирии давлатии таъсисёбии шахси ҳуқуқиро бошад мақомоти анҷомдиҳандаи бақайдгирии давлатӣ дар маҳалли ҷойгиршавии (суроғаи) шахси ҳуқуқӣ дар муддати то панҷ рӯзи корӣ аз лаҳзаи пешниҳод намудани ҳуҷҷатҳое, ки номгӯи онҳоро моддаи 11 Қонуни мазкур пешбинӣ намудааст, бо додани ҳуҷҷати тасдиққунандаи бақайдгирии давлатии шахси ҳуқуқӣ дар худи ҳамин муддат амалӣ мегардонад.

Бақайдгирии давлатӣ дар асоси пурра пешниҳод намудани ҳуҷҷатҳое, ки зикр карда шуд, анҷом дода мешавад. Талаб намудани ҳуҷҷатҳои иловагӣ аз ҷониби мақомоти анҷомдиҳандаи бақайдгирии давлатӣ манъ аст. Барои бақайдгирии давлатӣ аризадиҳанда ҳуҷҷатҳоро шахсан пешниҳод менамояд. Ба аризадиҳанда оид ба гирифтани ҳуҷҷатҳо бо нишон додани номгӯй ва санаи қабули онҳо аз ҷониби мақомоти анҷомдиҳандаи бақайдгирии давлатӣ забонхат дода мешавад.

Мутобиқи моддаи 34 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бақайдгирии давлатии шахси ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ» мақомоти анҷомдиҳандаи бақайдгирии давлатӣ ҳуқуқ дорад дар ҳолатҳои зерин бақайдгирии давлатии соҳибкории инфиродӣ ва шахси ҳуқуқиро рад намояд:

1) агар ҳуҷҷатҳои бо мақсади бақайдгирии давлатӣ пешниҳодгардида ба талаботи муқаррарнамудаи Қонуни мазкур мувофиқат накунанд;

2) агар номи шахси ҳуқуқӣ ба талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқат накунад;

3) агар бо худи ҳамон ном дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон шахси ҳуқуқии дигар ба қайд гирифта шуда бошад.

4) агар муассиси шахси ҳуқуқии таъсисёбанда аз ҳисоби андоз ва дигар пардохтҳои ҳатмӣ аз буҷет қарздор бошад;

5) агар шахси ҳуқуқӣ - муассиси шахси ҳуқуқии таъсисёбанда дар марҳилаи барҳамдиҳӣ қарор дошта бошад;

6) ҳангоми ҷой доштани баҳси судӣ байни муассисони шахси ҳуқуқӣ - тибқи муроҷиати хаттии онҳо.

Асосҳои зикршуда қатъӣ буда, дар дигар ҳолатҳо рад намудани бақайдгирии давлатии шахси ҳуқуқӣ ё соҳибкорони инфиродӣ ғайриқонунӣ мебошад.

Дар амалияи тафтишотию судӣ ҳолатҳои зерини ғайриқонунии рад намудани бақайдгирӣ мавҷуд аст:

1) радди ғайриқонунӣ вобаста ба муносбатҳои шахсӣ;

2) радди ғайриқонунӣ бинобар набудани баъзе ҳуҷҷатҳо, дар сурате, ки қонунгузорӣ ҳатман мавҷуд будани онҳоро талаб намекунад;

3) радди ғайриқонунӣ бинобар шахсан пешниҳод накардани ҳуҷҷатҳо аз ҷониби соҳибкори инфиродӣ ё муассиси шахси ҳуқуқӣ.

Саркашӣ аз бақайдгирии соҳибкории инфиродӣ ё корхона ё корхонаи тиҷоратӣ - дар кирдори (ҳаракат ё беҳаракати)-и шахси мансабдор ифода мегардад. Ин маънои онро дорад, ки шахси мансабдори дахлдор вазифаҳои худро оид ба бақайдгирии соҳибкорони инфиродӣ ва корхонаҳо дар муҳлати муқаррарнамудаи қонун, бе асосҳои узрнок, новобаста аз он, ки аз ҷониби ҷабрдида асос ва тартиби оғоз намудани фаъолияти худ, риоя карда шудааст иҷро намекунад. Масалан, саркашии шахси мансабдор аз қабули ҳуҷҷатҳои бақайдгирии фаъолияти соҳибкорӣ дар ҳолати пурра будани онҳо, бо баҳонаи камбудӣ доштани онҳо ё номувофиқ будани ҳуҷҷатҳо ба шакли муқарраршуда ё серкор будани шахси

мансабдор ё мунтазам талаб намудани ҳуччатҳои иловагӣ ва ғ.

Радди ғайриқонунии додани иҷозати махсус (литсензия) барои татбиқи фаъолияти муайян ё саркашӣ аз додани чунин иҷозатнома-кирдоре мебошад, ки ба вайрон намудани қонунгузорӣ оид ба иҷозатномадиҳӣ ҷиҳати ба амал баровардани фаъолияти соҳибкорӣ равона карда шудааст. Мувофиқи моддаи 4 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иҷозатномадиҳӣ ба баъзе намудҳои фаъолият» аз 17 майи соли 2004 ба баъзе намудҳои фаъолият, ки амалӣ шудани онҳо метавонад ба ҳуқуқу манфиатҳои қонунӣ, саломатии шаҳрвандон, мудофиа ва амнияти давлатӣ, мероси фарҳангии халқҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон зарар расонад ва танзими онҳо ба ғайр аз иҷозатномадиҳӣ бо роҳҳои дигар имконнопазир аст, бо роҳи иҷозатномадиҳӣ амалӣ карда мешавад.

Иҷозатнома (литсензия) – иҷозати махсусе, ки барои амалӣ намудани фаъолияти мушаххас бо риояи ҳатмии шарту талаботи иҷозатномадиҳӣ онро мақомоти иҷозатномадиҳанда ба шахси ҳуқуқӣ ё соҳибкори инфиродӣ додааст. Намуди фаъолияти иҷозатномадодашаванда (литсензияшаванда) бошад, фаъолиятест, ки барои амалӣ намудани он дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд иҷозатнома гирифта шавад. Иҷозатномадиҳӣ (литсензиякунонӣ) – чорабиниҳоест, ки ба иҷозатномадиҳӣ, аз нав ба расмиятдарории ҳуҷҷатҳое, ки мавҷудияти иҷозатномаро тасдиқ мекунанд, боздоштан ва барқарор намудани амали иҷозатнома, бекор кардани он ва ба назорати мақомоти иҷозатномадиҳанда оиди аз тарафи иҷозатномадор риояи шарту талаботи иҷозатномадиҳӣ ҳангоми ба амал баровардани намудҳои фаъолияти иҷозатнома додашаванда вобаста мебошад.

Довталаби иҷозатнома барои гирифтани иҷозатнома ба мақомоти иҷозатномадиҳанда ҳуҷҷатҳои зеринро пешниҳод менамояд:

– ариза дар бораи додани иҷозатнома барои намуди фаъолияти иҷозатномадодашаванда, ки дар он маълумотҳои зерин нишон дода мешаванд:

а) барои шахси ҳуқуқӣ – ном ва шакли ташкилию ҳуқуқии корхона, суроғаи ҳуқуқӣ, рақами суратҳисоб ва шӯъбаи бонк;

б) барои соҳибкори инфиродӣ – ному насаб, ҷойи истиқомат шиноснома, рақам ва таърихи гирифтани он;

– намуди фаъолияти иҷозатномадодашаванда, ки соҳибкори инфиродӣ ва шахси ҳуқуқӣ мақсади анҷом додани онро дорад ва муҳлате, ки дар давоми он чунин намуди фаъолият анҷом дода мешавад;

– барои шахси ҳуқуқӣ – нусхаи ҳуҷҷатҳои таъсисотӣ ва нусхаи шаҳодатномаи қайди давлатии довталаби иҷозатнома ба сифати шахси ҳуқуқӣ;

– нусхаи ҳуҷҷате, ки бақайдгирии давлатии довталаби иҷозатномаро тасдиқ мекунад;

– ҳуҷҷате, ки пардохти ҳаққи иҷозатномаро барои баррасӣ шудани аризаи довталаби иҷозатнома тасдиқ мекунанд;

– нусхаи хуҷҷат дар бораи аз тарафи мақомоти андоз ба довталаби иҷозатнома додани рақами мушаххаси андозсупоранда. Ба ғайр аз ҳуҷҷатҳои мазкур дар низомнома дар бораи хусусиятҳои иҷозатномадиҳӣ ба баъзе намудҳои фаъолият пешниҳод гардидани ҳуҷҷатҳои дигаре, ки ба шарту талаботи иҷозатномадиҳӣ мувофиқ будани довталаби иҷозатномаро тасдиқ мекунанд, пешбинӣ шуда метавонанд. Аз довталаби иҷозатнома пешниҳоди ҳуҷҷатҳоеро, ки дар Қонуни мазкур ва Низомнома дар бораи хусусиятҳои иҷозатномадиҳӣ ба баъзе намудҳои фаъолият пешбинӣ нашудаанд, талаб кардан мумкин нест.

Мутобиқи моддаи 10 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иҷозатномадиҳӣ ба баъзе намудҳои фаъолият» мақоми иҷозатномадиҳанда қарор дар бораи додан ё надодани иҷозатномаро дар мӯҳлати на зиёда аз сӣ рӯзи расидани аризаи довталаби иҷозатнома бо тамоми ҳуҷҷатҳои лозима қабул мекунанд. Қарори мазкур бо фармони мақоми иҷозатномадиҳанда ба расмият даровdefinitely мешавад. Аммо асосҳои надодани иҷозатнома чунин ҳолатҳо мебошанд:

– агар ҳуҷҷатҳои пешниҳодкардаи довталаби иҷозатнома дорои маълумоти нодуруст ё ғалат бошад;
– агар довталаби иҷозатнома, объектҳои ба ӯ тааллуқдошта ё аз тарафи ӯ истифодашаванда ба шарту талаботи иҷозатномадиҳӣ номувофиқ бошанд;
– агар вобаста ба намуди пешбинишудаи фаъолият аз тарафи мақомоти дахлдор ҷиҳати мутобиқати шароити фаъолият ва талаботи ба онҳо пешбинишаванда хулосаи манфӣ дода шуда бошад.

Радди ғайриқонунии додани иҷозати махсус (литсензия) барои татбиқи фаъолияти муайян дар беасосҳои зикршуда рад намудани додани иҷозатнома бо баҳонаи пешниҳод кардани ҳуҷҷатҳои нопурра; рад намудан дар асоси хулосаи қалбакӣ ва ғ.

Саркашӣ намудан аз додани иҷозатнома дар ҳолате ҷой дорад, ки шахси мансабдор бе асосҳои қонунӣ ҳуҷҷатҳоро барои додани иҷозатнома қабул намекунад ё аз қабули ҳуҷҷатҳо саркашӣ накарда, иловатан ҳуҷҷатҳои дигари дар қонунгузорӣ пешбининагардида талаб мекунад ва ғ.

Шакли сеюми тарафи объективии моддаи 258 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон – ин ғайриқонунӣ маҳдуд сохтани ҳуқуқ ва манфиатҳои соҳибкории инфиродӣ ё корхона ё корхонаи тиҷоратӣ мебошад. Барои муайн намудани ин тарзи монеъ шудан ба фаъолияти қонунии

соҳибкорӣ зарур аст, ки мафҳумҳои соҳибкори инфиродӣ, корхона ва корхонаҳои тиҷоратиро кушоем.

Соҳибкори инфиродӣ шахси воқеӣ (шаҳрванди Тоҷикистон, шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бетабаа) мебошанд, ки бе таъсиси шахси ҳуқуқӣ, аз номи худ, таҳти таваккал ва масъулияти молу мулкии худ ба фаъолияти соҳибкорӣ машғул мешавад.

Корхона ташкилотҳои зайле ба ҳисоб мераванд, ки фаъолияти соҳибкориро анҷом медиҳанд ё барои чунин фаъолият таъсис шудаанд:

а) шахсони ҳуқуқӣ, воҳидҳои махсуси таъсисдодаи онҳо, ки мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкил шуда, дорои баланс (тавозун) ё сметаи мустақил мебошанд;

б) корпоратсияҳо, ширкатҳо, фирмаҳо ва дигар сохторҳои шабеҳи онҳо, ки мутобиқи қонунгузории давлатҳои хориҷӣ ташкил шудаанд.

Ташкилотҳои тиҷоратӣ шахсони ҳуқуқие ба ҳисоб мераванд, ки мақсади гирифтани фоида ё даромад доранд ва фоида ва даромади гирифтаашонро (ҳангоми гирифтан) байни иштирокчиён (муассисон), тақсим мекунанд[1]. Аммо ин шаклҳои ташкилӣ-ҳуқуқӣ ба қонунгузории граждании мутобиқат намекунад, зеро мутобиқи Кодекси граждании на танҳо корхона, ташкилоти тиҷоратӣ ба фаъолияти соҳибкорӣ машғул мегардад, балки дигар шаклҳои ташкилию ҳуқуқӣ-ҷамъиятҳои саҳҳомӣ, ширкату муассисаҳо низ ба ин гурӯҳ дохил мегардад. Агар моддаи 258 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистонро тафсири низомнок намоем, пас монеъ шудан ба фаъолияти қонунии ғайр аз соҳибкорӣ инфиродӣ, корхона ва ташкилоти тиҷоратӣ иҷозат дода мешавад. Ин ҳолат ба мантиқи мақсади қонунгузории ҷиноятӣ дар самти ҳимояи фаъолияти соҳибкорӣ

[1] Тафсир ба моддаҳои алоҳидаи қисми махсуси Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе-2010. С. 457.

мутобиқат намекунад. Барои ин зарур аст, ки бо дарназардошти талаботҳои қонунгузории гражданӣ моддаи 258 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нав мавриди таҷдиди назар қарор дода шавад.

Таркиби ҷинояти дар қисми 1 моддаи 258 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинигардида расмӣ буда, аз лаҳзаи содир кардани яке аз кирдорҳои дар диспозитсияи қисми 1 муқарраршуда хотимаёфта дониста мешавад.

Субъекти моддаи 258 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон шахси мансабдоре шуда метавонад, ки бо суиистифода аз мақоми хизматиаш ба фаъолияти қонунии соҳибкорӣ монеъ мешавад. Ба сифати субъекти ҷинояти монеъ шудан ба фаъолияти қонунии соҳибкорӣ на ҳар як шахси мансабдор, балки он категорияи шахсони мансабдоре баромад мекунанд, ки соҳиби ваколатҳои махсус оид ба бақайдгирии фаъолияти соҳибкорони инфиродӣ ва корхонаҳо, додани иҷозатнома (литсензия), амалӣ гардонидани функсияҳои контролию назоратӣ, қабули қарорҳое, ки бо анҷом додани фаъолияти соҳибкорӣ алоқамананданд, ба танзим медароранд, мебошанд[1]. Вобаста ба ин субъектони ҷинояти монеъ шудан ба фаъолияти қонунии соҳибкориро чунин тақсимбандӣ кардан мумкин аст:

1) Субъекти радди ғайриқонунии бақайдгирӣ ё саркашӣ аз бақайдгирии соҳибкори инфиродӣ, корхона ё корхонаи тиҷоратӣ шахси мансабдори мақомоти давлатие шуда метавонад, ки ҳуқуқи бақайдгирии фаъолияти соҳибкориро дорад;

2) Субъекти радди ғайриқонунӣ аз додани иҷозатномаи махсус (литсензия) ё саркашӣ аз додани чунин иҷозатнома ҷиҳати татбиқи фаъолияти соҳибкорӣ

[1] Тафсир ба моддаҳои алоҳидаи қисми махсуси Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе-2010. С. 457.

шахсони мансабдори мақоми давлатие шуда метавонанд, ки ҳуқуқи додани иҷозатномаро доранд;

3) Субъекти ғайриқонунӣ маҳдуд сохтани ҳуқуқ ва манфиатҳои соҳибкории инфиродӣ ё корхона ё корхонаи тиҷоратӣ ё дахолати ғайриқонунӣ ба фаъолияти онҳо метавонад шахсони мансабдори мақоми нозироти андоз, зиддимонополӣ, назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бар зидди коррупсия, мақомоти маҳалии ҳокимияти давлатӣ баромад намоянд[1].

Нишонаи ҳатмии ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидани шахси мансабдор бо моддаи 258 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон суиистифодаи мақоми хизматӣ ҳангоми монеъ шудан ба фаъолияти қонунии соҳибкорӣ мебошад. Суиистифодаи мақоми хизматӣ дар он ифода мегардад, ки шахси мансабдор ҳаракатҳоеро, ки ба ваколати ӯ дохил мешаванд, ғайриқонунӣ суиистифода намуда, онҳоро бо манфиатҳои хизматӣ ё давлатӣ асоснок намуда, аз мақоми хизматии худ истифода бурда, имтиёзҳои мавҷударо маҳрум менамояд, литсензияро қатъ менамояд ё ба дигар оқибатҳои ногувори ҳуқуқӣ меоварад[2].

Тарафи субъективии ҷинояти монеъ шудан ба фаъолияти қонунии соҳибкорӣ бо қасди бевосита содир мешавад. Гунаҳгор дарк мекунад, ки кирдори ӯ ба манфиатҳои субъектони фаъолияти соҳибкорӣ таҷовуз мекунанд ва хоҳони фаро расидани оқибати он мебошад. Ангеза ва мақсад чун аломати ҳатмии ин ҷиноят баромад карда наметавонанд. Дар сурати монеъ шудан ба

---

[1] Сафаров А.И. Анализ субъективных признаков воспрепятствования законной предпринимательской деятельности по уголовному законодательству Республики Таджикистан/ Вестник Таджикского национального университета. Серия гуманитарных наук. 2015. №3/12(189). С. 84-87.

[2] Сафаров А.И. Проблемы определения общественной опасности должностных преступлений в сфере предпринимательской деятельности // Вестник Таджикского национального университета. Серия гуманитарных наук. 2014.№3/5(142).

фаъолияти қонунии соҳибкорӣ бо мақсади гирифтани пора, кирдори шахси мансбадор бо ду модда - 258 ва 319 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои содир намудани маҷмӯи ҷиноят ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида мешавад.

Ба сифати ҳолатҳои вазнинкунандаи содир намудани ҷиноят бо риоя накардани қарори эътибори қонунӣ пайдокардаи суд ва макдори калон зарар расонидан дар қисми 2 моддаи 258 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар карда шудааст.

Содир намудани ҷинояти монеъ шудан ба фаъолияти қонунии соҳибкорӣ дар сурати мавҷуд будани қарори эътибори қонунӣ пайдокардаи суд маънои дафъаи дуюм содир намудани ҷиноятро дорад. Аломати ҳатмӣ барои бо банди «а» қисми 2 моддаи 258 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидан зарур аст, ки ҷабрдида ба мақомоти судӣ муроҷиат карда бошад ва дар навбати худ мақомоти судӣ бо санади худ кирдорҳои шахси мансабдорро ҷиҳати монеъ шудан ба фаъолияти соҳибкорӣ ғайриқонунӣ эътироф намуда бошад.

Таркиби ҷинояти монеъ шудан ба фаъолияти қонунии соҳибкорӣ бо риоя накардани қарори эътибори қонунӣ пайдокардаи суд (банди “а” қисми 2 моддаи 258 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон) бо таркиби ҷинояти иҷро накардани ҳукми суд, ҳалномаи суд ё санади дигари суд (моддаи 363 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон) дар рақобати меъёрӣ қарор дорад ва ҷинояти аввал нисбати ҷинояти охирин чун меъёри махсус баромад мекунад. Мутобиқи қисми 4 моддаи 20 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон агар ҷиноят аз ҷониби меъёрҳои умумӣ ва махсус пешбинӣ шуда бошад, он гоҳ маҷмӯи ҷиноят ҷой надорад ва ҷавобгарии ҷиноятӣ дар асоси меъёри махсус ба миён меояд.

Дигар ҳолати вазнинкунанда мутобиқи қисми 2 моддаи 258 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон

содир намудани ҷинояти монеъ шудан ба фаъолияти қонунии соҳибкорӣ бо расонидани зарар ба миқдори калон мебошад. Қонунгузор миқдори зарари калонро дар эзоҳи моддаи 260 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ кардааст ва он вобаста ба ҷабрдидагони ин ҷиноят фарқ мекунад. Мутобиқи қисми 1 эзоҳи моддаи 260 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон агар зарар ба манфиатҳои соҳибкори инфиродӣ ё шахси ҳуқуқӣ расонида шавад, ба миқдори калон он гоҳ ҳисобида мешавад, ки агар андозаи он аз як ҳазор нишондиҳанда барои ҳисобҳо зиёд бошад. Зарари калон ба манфиати шаҳрвандон мутобиқи қисми 3 эзоҳи моддаи 260 зараре ҳисобида мешавад, ки андозаи он аз панҷсад нишондиҳанда барои ҳисобҳо зиёд бошад.

**Моддаи 259. Соҳибкории ғайриқонунӣ**

Соҳибкории ғайриқонунӣ чун ҷиноят дар моддаи 259 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ гардида, аз ду қисм иборат мебошад.

Ҷавобгарии ҷиноятӣ бо моддаи 259 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон танҳо дар сурате фаро мерасад, ки агар предмети онро фаъолияте ташкил намояд, ки чун соҳибкорӣ ба қайд гирифтани он қонунан имконпазир бошад. Дар сурати машғул шудани шахс ба фаъолиятҳое ки онҳо манъ карда шудаанд, ҷавобгарӣ танҳо барои содир намудани фаъолиятҳои манъшуда фаро мерасад. Масалан, хариду фӯруши одамон, ғайриқонунӣ сохтани силоҳ, ғайриқонунӣ истеҳсоли воситаҳои нашъадор ё моддаҳои психиотропӣ ва ғайра[1].

Тарафи объективии соҳибкории ғайриқонунӣ дар ба амал баровардани фаъолияти мустақил ва ба таваккали

---

[1] Сафаров А.И. Проблемы классификации уголовно-правовых норм, связанных с посягательством на предпринимательскую деятельности/ Вестник педагогического университета. 2014. №6(61).

худ амалишавандаи шахсони ба чунин сифат бо тартиби муқарраркардаи қонун бақайдгирифташудае мебошад, ки барои мунтазам ба даст овардани фоида аз истифодаи молу мулк, фӯруши мол, иҷрои кор ё расонидани хизмат равона карда шудааст. Мутобиқи қ. 1 моддаи 259 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон шаклҳои зерини соҳибкории ғайриқонунӣ ҷиноят шуморида мешавад:

а) татбиқи фаъолияти соҳибкорӣ бидуни бақайдгирӣ;
б) ба амал баровардани фаъолияти соҳибкорӣ бе иҷозатномаи махсус (литсензия) дар сурате, ки чунин иҷозат ҳатмӣ мебошад;
в) татбиқ кардани фаъолияти соҳибкорӣ бо вайрон кардани литсензиякунонӣ;
г) машғул шудан ба намудҳои манъшудаи фаъолияти соҳибкорӣ.

Барои бо қ. 1 моддаи 259 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгар намудан зарур аст, то дар кирдори шахс яке аз ҳаракатҳои зикргардида ва гирифтани даромад ба миқдори калон ё расонидани зарар ба миқдори калон мавҷуд бошад.

Мутобиқи Қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикиситон «Дар бораи таҷрибаи судӣ оиди парвандаҳои марбут ба соҳибкории ғайриқонунӣ» аз 25 июни соли 2004[1] таҳти татбиқи фаъолияти соҳибкорӣ бидуни бақайдгирӣ ҳолатҳое фаҳмида мешавад, ки агар шахс:

а) бе ба даст овардани мақоми соҳибкор, дар сурате, ки чунин мақом фақат бо роҳи бақайдгирии давлатӣ ба даст оварда мешавад, ба чунин фаъолият машғул шавад;
б) вақте, ки шахс барои бақайдгирии давлатии фаъолияти соҳибкорӣ ҳуҷҷат пешниҳод намуда, қабул карда шудани онро интизор нашуда, ба он машғул шуда бошад;

[1] Маҷмӯаи Қарорҳои Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон (солҳои 1992-2011). Душанбе-2011. С. 366.

в) вақте, ки шахс барои бақайдгирии давлатӣ радномa (қонунӣ ё ғайриқонунӣ) гирифтааст лекин бо вуҷуди ин фаъолияти соҳибкориашро давом дода бошад.

Мутобиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иҷозатномадиҳӣ ба баъзе намудҳои фаъолият» аз 17 майи соли 2004 барои машғул гаштан ба баъзе намудҳои фаъолияти соҳибкорӣ ба ғайр аз бақайдгирии давлатӣ, гирифтани иҷозатнома зарур аст, ки он ба муҳлати мушаххас дода шуда, шарту шароитҳои муайянро муқаррар мекунад ва иҷрои онҳо зарур аст. Амалӣ гардонидани фаъолияти соҳибкорӣ бе иҷозатнома дар мавриде ҷой дошта метавонад, ки агар:

а) шахс ба мақомоти иҷозатдиҳанда барои иҷозатномаи мувофиқ муроҷиат накарда ба фаъолияте машғул гашта бошад, ки иҷозатнома доштанро талаб мекунад;

б) фаъолият пас аз додани ариза дар бораи гирифтани иҷозатнома, лекин то қабул гардидани қарор оиди он, баъд аз гирифтани қарори мақомоти иҷозатномадиҳанда дар бораи рад намудани додани иҷозатнома, аз ҷониби мақомоти иҷозатномадиҳанда боз доштани амали иҷозатнома, аз эътибор соқит намудани он аз ҷониби мақомоти иҷозатномадиҳанда ё бо ҳалномаи суд дар асоси аризаи мақомоти иҷозатномадиҳанда ё ин, ки бинобар гузаштани муҳлати амали иҷозатнома, анҷом дода бошад;

в) дар як вақт чандин намудҳои фаъолияте ба амал бароварда шаванд, ки аз рӯи хусусият ва мазмун ба ҳам наздик мебошанд, гарчанде ки танҳо ба яке аз онҳо иҷозатнома вуҷуд дошта бошад;

г) фаъолият бо иҷозатномаи дигар шахс ё ташкилот таалуқдошта, амалӣ гардида бошад.

Шакли сеюми тарафи объективии соҳибкории ғайриқонунӣ дар ба амал баровардани фаъолияти соҳибкорӣ бо вайрон кардани шартҳои литсензиякунонӣ ифода меёбад. Ин шакли соҳибкории ғайриқонунӣ дар

амалӣ гардидани фаъолияти дар иҷозатнома нишондодашуда, вале бо вайрон намудани тартиб ва шартҳои амалӣ намудани он, машғул шудан ба соҳибкорӣ на дар маҳал ё ҷойе, ки ба ин иҷозат дода шудааст ё на дар вақте, ки дар иҷозатнома дарҷ ёфтааст, бе таҷҳизот ё техникаи муносиб ифода мегардад. Масалан, машғул гаштан ба фурӯши маҳсулоти алкоголӣ дар муассисисаҳои системаи маориф ё муассисаҳои табобатӣ-профилактикӣ .

Шакли чоруми соҳибкории ғайриқонунӣ дар машғул гаштан ба намудҳои манъгардидаи фаъолияти соҳибкорӣ муқаррар гаштааст. Ин шакли соҳибкории ғайриқонунӣ маънои онро дорад, ки:

а) шахс чунин фаъолиятеро амалӣ месозад, ки нисбати вай мамнӯъияти бевосита бо нишон додани он дар санади қонунгузорӣ вуҷуд дорад;
б) амалӣ намудани он танҳо танҳо ба доираи муайни субъектон иҷозат дода шудааст.

Таркиби ин ҷиноят моддӣ буда, ҷавобгарии ҷиноятӣ дар сурати ба даст овардани даромад ба миқдори калон ё расонидани зарар ба миқдори калон ба манфиати шаҳрвандон, ташкилотҳои тиҷоратӣ ё ғайритиҷоратӣ ё ба давлат фаро мерасад.

Даромад ин фоидае мебошад, ки шахс дар натиҷаи амалӣ сохтани соҳибкории ғайриқонунӣ гирифтааст, бо баровардани маблағи сарфшуда. Даромад ба миқдори калон мутобиқи эзоҳи моддаи 260 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳолате ҳисобида мешавад, ки он як ҳазор маротиба аз андозаи нишондиҳанда барои ҳисобҳо зиёд бошад.

Зарар ба миқдори калон дар мавриде ҳисобида мешавад, ки агар маблағи он мутобиқан ба шаҳрвандон аз андозаи нишондиҳанда барои ҳисобҳо 500, зарар ба ташкилотҳо ва давлат бошад, аз андозаи нишондиҳанда барои ҳисобҳо 1000 маротиба заёд бошад. Ҳангоми муайн намудани андозаи зарар бояд ҳам зарари воқеӣ ва ҳам фоидаи аз дастрафта ба назар гирифта шавад. Таҳти

мафҳуми фоидаи аздастрафта бояд он маблағе, ки дар натиҷаи напардохтани ҷиҳати бақайдгирии давлатии соҳибкорӣ ва додани иҷозатномаи махсус ва ғайра, ки аз тарафи давлат пурра гирифта нашудаасту мебоист ба буҷа гузаронида мешуд, фаҳмида мешавад.

Тарафи субъективии соҳибкории ғайриқонунӣ дар қасди бевосита ё бавосита ифода меёбад. Гунаҳгор дарк мекунад, ки ғайриқонунӣ ба соҳибкорӣ машғул гардида, имконият ё ногузирии расонидани зарар ё гирифтани фоидаро ба миқдори калон пешбинӣ карда, хоҳони фаро расидани он аст ё фаро расидани чунин оқибатҳоро нахоста, вале дидаю дониста ба он роҳ медиҳад.

Субъекти ин ҷиноят шахси мукаллафи ба синну соли 16 сола расида шуда метавонад, ки бинобар аз ҷониби ӯ амалӣ намудани фаъолияти соҳибкорӣ ба ӯҳдаи вай бақайдгирӣ, гирифтани иҷозатнома ё риояи шартҳои иҷозатномакунонӣ, ҳамчунин машғул шудан ба намудҳои манъшудаи фаъолияти соҳибкорӣ гузошта шудааст. Ба чунин сифат ҳам шахсе, ки чун соҳибкорӣ инфиродӣ амал мекунад ё шахсе, ки дорои чунин ҳолати ҳуқуқӣ намебошад, баромад карда метавонанд. Агар ба соҳибкории ғайриқонунӣ шахсӣ ҳуқуқӣ машғул гардад, ба ҷавобгарии ҷиноятӣ муассисон ё роҳбарони онҳо кашида мешаванд. Кормандони кироя шахсони ҳуқуқӣ новобаста аз шакли моликияташон, ки дар ҷараёни ба амал баровардани соҳибкории ғайриқонунӣ иштирок намудаанд, барои ҷинояти мазкур, ба истиснои ҷой доштани ҳолати маслиҳати пешакӣ, ба ҷавобгарӣ кашида намешаванд.

Ба сифати аломатҳои бандубастшаванда моддаи 259 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон содир намудани соҳибкории ғайриқонуниро аз ҷониби гурӯҳи муташаккил, бо ба даст овардани даромад ба миқдори махсусан калон ё аз ҷониби шахси қаблан барои содир намудани соҳибкории ғайриқонунӣ ё фаъолияти

ғайриқонунии бонкӣ судшуда содир шуда бошад, пешбинӣ мекунад.

Соҳибкории ғайриқонунӣ аз ҷониби гурӯҳи муташаккил маънои онро дорад, ки он аз ҷониби гурӯҳи устувори шахсоне, ки пешакӣ барои содир намудани як ё якчанд ҷиноят муттаҳид шудаанд, содир шуда аст.

Даромади махсусан калон ҳангоми соҳибкории ғайриқонунӣ ин даромаде мебошад, ки мутобиқи эзоҳи моддаи 260 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2000 андозаи нишондиҳанда барои ҳисобҳо зиёд аст.

Амалӣ сохтани соҳибкории ғайриқонунӣ аз ҷониби шахси қаблан барои содир намудани соҳибкории ғайриқонунӣ ё фаъолияти ғайриқонунии бонкӣ судшуда маънои онро дорад, ки шахс то мӯҳлатҳои бо қонуни ҷиноятӣ пешбинӣ гардидаи барҳамхурии доғи судӣ ё доғи судиаш бардошта нашуда барои соҳибкории ғайриқонунӣ ё фаъолияти ғайриқонунии бонкӣ, боз ба фаъолияти соҳибкории ғайриқонунӣ машғул мешавад.

**Истеҳсол, ба даст овардан, нигоҳдорӣ, ҳамлу накл ё ба муомилот баровардани мол ва маҳсулоти тамғаношуда**

Истеҳсол, ба даст овардан, нигоҳдорӣ, ҳамлу нақл ё ба муомилот баровардани мол ва маҳсулоти тамғаношуда чун ҷиноят дар моддаи 259[1] Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ гардида, аз ду қисм ва эзоҳ (се қисм) иборат мебошад.

Объекти ин ҷиноят - муносибатҳои ҷамъиятӣ дар соҳаи фаъолияти соҳибкорӣ вобаста ба истеҳсол, нигоҳдорӣ ё ба муомилот баровардан мол ва маҳсулоти тамғаношуда мебошад.

Предмети ин ҷиноятро мол ва маҳсулоте ташкил мекунанд, ки бояд ҳатман бо маркаҳои боҷи аксизӣ, маркаҳои махсус ё аломатҳои мутобиқатии аз сохтакорӣ муҳофизатшаванда тамға карда шаванд, ташкил мекунанд.

Мол ин объектҳои ҳуқуқи гражданӣ (аз ҷумла кор, хизматрасонӣ), ки барои фуруш, мубодила ё навъи дигари ба муомилоти гражданӣ баровардани он муқаррар шудааст.

Тамғаи молӣ ё хизматрасонӣ ин нишондодҳое мебошад, ки барои фардикунонии молҳо, корҳои иқрошаванда ё хизматрасонии шахсонӣ воқеию ҳуқуқӣ, ки ба фаъолияти соҳибкорӣ машғуланд, истифода бурда мешавад.

Тарафи объективии ҷинояти таҳлилшаванда дар ҳаракате, ки ба истеҳсол, ба даст овардан, нигоҳдорӣ, ҳамлу нақл ё ба муомилот баровардани молу маҳсулот, ки ҳатман бояд бо маркаҳои боҷи аксизӣ, маркаҳои махсус ё аломатҳои мутобиқатии аз сохтакорӣ муҳофизатшаванда тамға карда шаванд, агар он ба миқдори калон содир шуда бошад, ифода карда шудааст. Талаботҳои зарурӣ нисбати тамғагузории молу маҳсулот аз санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ бар меояд. Масалан, мутобиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими давлатии истеҳсолу муомилоти спирти этилӣ ва машрубот» дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон истеҳсол ё ба муомилот баровардани маҳсулоти спиртӣ бе тамғаҳои аксизӣ манъ аст.

Истеҳсоли молу маҳсулоте, ки бояд ҳатман мавриди тамғагузорӣ қарор дода шаванд ҷараёне фаҳмида мешавад, ки барои тайёр намудани обеъктҳое равона карда шудаанд, ки мутобиқи қонунгузории Тоҷикистон бояд мавриди тамғагузорӣ қарор дода шаванд.

Ба даст овардан ин бо ҳамагуна роҳ дар ихтиёри худ қарор додани молу маҳсулоте, ки бояд ҳатман маврди тамғагузорӣ қарор дода шаванд, фаҳмида мешавад.

Нигоҳдорӣ – ин ҷобаҷогузории молу маҳсулоте, ки бояд мавриди тамғагузорӣ қарор дода шаванд, дар анборхонаҳо ё дигар ҷойҳое, ки барои нигоҳдории чунин молу маҳсулот пешбинӣ карда шудаанд.

Ҳамлу нақл – ин аз як маҳал ба маҳали дигар интиқоли молу маҳсулоте, ки бояд мавриди тамғагузорӣ қарор дода шаванд, фаҳмида мешавад.

Ба муомилот баровардани молу маҳсулоти тамғаношуда дар содир намудани ҳаракатҳое ифода меёбад, ки дар натиҷаи он ин молу маҳсулот ба ихтиёри шахси дигар мегузаранд.

Таркиби ҷинояти таҳлилшаванда моддӣ буда, фаро расидани оқибати муайянро пешбинӣ мекунад. Барои фаро расидани ҷавобгарии ҷиноятӣ бо моддаи 259[1] Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон зарур аст, ки истеҳсол, ба даст овардан, ҳамлу нақл ё ба муомилот баровардани молу маҳсулоти тамғаношуда ба миқдори калон содир карда шавад. Ба миқдори калон мутобиқи эзоҳи моддаи 260 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳолате ҳисобида мешавад, ки агар он аз андозаи нишондиҳанда барои ҳисобҳо як ҳазор маротиба зиёд бошад.

Тарафи субъективии ҷинояти таҳлилшаванда гуноҳ дар шакли қасди бевосита ифода меёбад.

Субъекти ҷиноят-шахси мукалафи ҷисмонии ба синни 16 сола расида мебошад. Ба ақидаи Б.В. Волженкин, новобаста аз зикр нашудани талаботи иловагӣ нисбати субъекти ин ҷиноят, субъекти он бояд шахсе дониста шавад, ки уҳдадор аст молу маҳсулотро тамғагузорӣ намояд. Ба сифати чунин субъект роҳбари корхонаи тиҷоратӣ, соҳибкорӣ инфиродӣ, ичунин шахсоне, ки чунин фаъолиятро бе қайди давлатӣ ё бе иҷозатнома ба амал мебароранд, метавонанд баромад кунанд[1].

Аломатҳои бандубандшаванда дар қ. 2 моддаи 259[1] Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ карда шудааст, ки он ҷавобгарии ҷиноятиро барои аз ҷониби гурӯҳи шахсон бо маслиҳати пешакӣ ва ё гурӯҳи

---

[1] Волженкин Б.В. Преступления в сфере экономической деятельности. СПб., 2007. С. 253.

муташаккил ё ба миқдори махсусан калон содир шуда бошад, муқаррар менамояд.

**Ташкили (таъсиси, азнавташкилдиҳии) ғайриқонунии шахси ҳуқуқӣ**

Ташкили (таъсиси, азнавташкилдиҳии) ғайриқонунии шахси ҳуқуқӣ ҳамчун ҷиноят дар моддаи 260 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ гардида, аз ду қисм ва эзоҳ иборат мебошад.

Моддаи мазкур дар натиҷаи инкишоф ёфтани муносибатҳои ҷамъияти ва пайдо шудани тарзҳои махсуси содир намудани ҷиноят дар соҳаи фаъолияти соҳибкорӣ санаи 14.05.2016 ба Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид карда шудааст. Мақсад аз ин ҳимояи манфиатҳои шаҳвардон, аз ҷумла шахсоне мебошад ки ба доми фиреби чунин шахсони ҷинояткор афтидаанд, инчунин ҳимояи манфиатҳои шахсони ҳуқуқии дигар, ҷамъияту давлат дар муносибатҳои граждане мебошад. Тибқи моддаи 48 Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон шахси ҳуқуқӣ – ташкилоте шахси ҳуқуқӣ дониста мешавад, ки дар моликият, пешбурди хоҷакидорӣ ё идоракунии оперативии молу мулкро дошта, аз рӯи уҳдадориҳои худ бо ин молу мулк масъутият дорад, метаонад аз номи худ ҳуқуқҳои молу мулкӣ ва шахсии ғайримолу мулкиро ба даст оварда, татбиқ намояд, уҳдадорӣ гирад, дар суд даъвогар ва ҷавобдар бошад[1].

Ғайриқонуни ташкил кардани шахси ҳуқуқӣ дар он зоҳир мегардад, ки дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон тарзи ташкили қонунии шахси ҳуқуқӣ пешбини карда шудааст, лекин шахси ҷинояткор бошад роҳи пешбиникардаи қонунгузориро интихоб накарда бо мақсади амалӣ кардани нияти ғаразноки худ роҳи ғайриқонуниро пеша мекунад.

[1] Кодекси Граждани Ҷумҳурии Тоҷикистон. Дастрас (www.mmk.tj)

**Объекти** ҷинояти мазкур ин тартиби муайян кардани контроли давлатӣ аз болои ташкилдиҳӣ ва фаъолияти иқтисодии шахсони ҳуқуқӣ, ки бо мақсади амали кардани фаъолияти соҳибкорӣ ташкил карда шудаанд, ба ҳисоб меравад. Дар натиҷаи содир намудани ҷинояти мазкур он тартибе, ки алакай дар қонунгузори муайян карда шудааст вайрон карда мешавад. Бояд қайд намуд, ки ташкилдиҳии шахси ҳуқуқӣ дар асоси Кодекси граждани ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ" аз 19.05.2009 сурат мегирад. Контроли давлатӣ аз болои фаъолияти онҳо бошад тибқи дигар санадҳои меъёри ҳуқуқӣ сурат мегирад.

**Тарафи объективии** ҷинояти мазкур кирдор дар намуди ду ҳаракати фаъол содир карда мешавад:

1) Таъсиси шахси ҳуқуқӣ – ин маҷмуи ҳаракатҳо ҷиҳати омода намудани ҳуҷҷатҳои таъсиси ва бақадгирии шахси ҳуқуқӣ дар асоси қонунгузории амалкунанда мебошад. Тибқи моддаи 53 Кодекси гражданӣи Ҷумҳурии Тоҷикистон шахси ҳуқуқӣ дар асоси оинннома ё шартномаи таъсис ва оиннома ва ё танҳо шартномаи таъсис амал мекунад[1]. Тибқи талаботи қонунгузорӣ шахси ҳуқуқӣ аз лаҳзаи ба қайди давлатӣ гирифта шуданаш таъсисгардида дониста мешавад.

Тибқи моддаи 10 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ" - бақайдгирии давлатии таъсисёбии шахси ҳуқуқиро мақомоти анҷомдиҳандаи бақайдгирии давлатӣ дар маҳали ҷойгиршавии (суроғаи) шахси ҳуқуқӣ дар муддати то панҷ рӯзи корӣ аз лаҳзаи пешниҳод намудани ҳуҷҷатҳое, ки номгӯи онҳоро моддаи 11 Қонуни мазкур пешбинӣ намудааст, бо додани ҳуҷҷати

[1] Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон. Дастрас (www.mmk.tj)

тасдиққунандаи бақайдгирии давлатии шахси ҳуқуқӣ дар худи ҳамин муддат амалӣ мегардонад[1].

2) Азнавташкилдиҳии шахси ҳуқуқӣ – ин чунин маъно дорад, ки дар натиҷаи он якчанд шахсони ҳуқуқӣ дар як шахси ҳуқуқӣ ҳамроҳ мешаванд ё як шахси ҳуқуқӣ ба якчанд шахси ҳуқуқӣ тақсим мешанд. Мутобиқи моддаи 58 Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон азнавташкилдиҳии шахси ҳуқуқӣ (муттаҳид, ҳамроҳ, тақсим, ҷудо кардан, табдил додан) метавонад бо қарори муассисони (иштирокчиёни) он ё мақоми шахси ҳуқуқие, ки мутобиқи ҳуҷҷатҳои таъсис дорои чунин ваколат мебошад, ба амал бароварда шавад[2].

Дар натиҷа муттаҳидшавӣ якчанд шахси ҳуқуқӣ ба як шахси ҳуқуқӣ муттаҳид гардида, дар натиҷа шахси ҳуқуқии нав ташкил карда мешавад. Дар натиҷаи ҳамроҳшавӣ як ё якчанд шахси ҳуқуқӣ ба як шахси ҳуқуқӣ ҳамроҳ мешаванд, ки дар натиҷа шахси ҳуқуқии ҳамроҳшуда аз байн мераванд. Дар натиҷаи тақсимшавӣ як шахси ҳуқуқӣ ба якчанд шахси ҳуқуқӣ тақсим карда шуда, дар натиҷа ду ё зиёда шахси ҳуқуқии нав пайдо мешаванд. Дар натиҷа ҷудошавӣ аз як шахси ҳуқуқӣ як ё якчанд шахси ҳуқуқӣ ҷудо шуда, дар натиҷа шахси ҳуқуқии нав ташкил шавад ҳам шахсии ҳуқуқии пештара аз байн намеравад. Дар натиҷа табдилдиҳӣ шахси ҳуқуқии ҷой дошта шакли ташкили ҳуқуқии худро иваз карда ба шакли ташкили ҳуқуқии нав табдил меёбад.

Шахси ҳуқуқиро як ё якчанд муассис таъсис дода метавонанд. Дар ин ду ҳолати ташкили шахси ҳуқуқӣ аз ҷониби гунаҳгор ба номи худаш нею, балки ба номи шахси дигар амалӣ карда мешавад, ки ӯ оиди он хабар надорад. Мутобиқи эзоҳи моддаи мазкур таҳти мафҳуми шахсони дигар шахсоне фаҳмида мешаванд,

---

[1] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон"Дар бораи бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ". Дастрас (www.mmk.tj)

[2] Кодекси Граждани Ҷумҳурии Тоҷикистон. Дастрас (www.mmk.tj)

ки муассисони (иштирокчиёни) шахси ҳуқуқӣ ё мақомоти идоракунии шахси ҳуқуқӣ буда, бо роҳи гумроҳ намудани онҳо шахси ҳуқуқӣ ташкил (таъсис, азнавташкилдиҳӣ) шуда буд. Ин ҷо сухан дар бораи ташкили шахсони ҳуқуқии муваққатӣ, яъне барои пинҳон кардани манъбаи молу мулки бо роҳи ҷиноят ба даст оварда шуда, меравад. Масалан: дар таҳлили моддаи мазкур олим Ю.И.Бытко дар китоби худ қайд кардааст, ки ин ҷо сухан дар бораи фирмаҳои муваққатие (фирма однодневка) меравад, ки барои пинҳони молу мулки тасарруф карда шуда ғайр сохта шудааст[1]. Ин маънои онро дорад дар баъзе мавридҳо шахсони ҳуқуқие таъсис дода мешавад, ки мақсади он на амалӣ кардани фаъолияти соҳибкорӣ ва дар асоси он ба даст овардани фоида аст, балки мақсад аз он содир намудани ҷиноят мебошад, ки иштирокчиёни он аз ин мақсади ҷинояткорона огаҳӣ надоранд.

Таркиби ҷинояти дар моддаи 260 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон оварда шуда аз рӯйи сохти диспозитсияи он ба таркиби расмӣ тааллуқ дорад, яъне ҷинояти мазкур аз лаҳзаи ташкили (таъсиси, азнавташкилдиҳии) ғайриқонунии шахси ҳуқуқӣ ба воситаи шахсони дигар ва ё истифода бурдани чунин шахсони ҳуқуқӣ аз ҷониби шахсони дигар новобаста аз оқибати он хотима ёфта дониста мешавад.

**Тарафи субъективии** ҷинояти дар моддаи 260 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон оварда шуда бо қасди бевосита содир карда мешавад, яъне шахси ҷинояткор медонад, ки ба номи шахси дигар, ки иштирокчии шахси ҳуқуқӣ буда, аз нияти ҷинояткоронаи ӯ огоҳ нест, шахси ҳуқуқиро ташкил карда истодааст ва хоҳони чунин оқибат мебошад. Бояд қайд намуд, ки одатан ташкили чунин шахси ҳуқуқӣ ба номи шахсони дигар бо мақсади пинҳон

[1] Бытко Ю.И. “Уголовное право Росии (части общая и особенная)”. Учебник

кардани ҷиноятҳои тасарруфи молу мулки ғайр, амалӣ карда мешавад.

**Субъекти** ҷинояти мазкур шахси мукаллафи ба синну соли 16 расида шуда метавонад.

Аломатҳои бандубасткунанда дар қисми 2-юм оварда шудааст:

а) Агар ташкили (таъсиси, азнавташкилдиҳии) ғайриқонунии шахси ҳуқуқӣ аз ҷониби шахс бо истифодаи мақоми хизматиаш содир шуда бошад;

б) Агар ташкили (таъсиси, азнавташкилдиҳии) ғайриқонунии шахси ҳуқуқӣ аз ҷониби гурӯҳи шахсон бо маслиҳати пешакӣ содир шуда бошад.

**Истифодаи ғайриқонунии ҳуҷҷатҳо барои ташкили (таъсиси, азнавташкилдиҳии) шахси ҳуқуқӣ**

Истифодаи ғайриқонунии ҳуҷҷатҳо барои ташкили (таъсиси, азнавташкилдиҳии) шахси ҳуқуқӣ ҳамчун ҷиноят дар моддаи $260^1$ Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар гардида, аз ду қисм ва эзоҳ иборат мебошад.

Аломатҳои ҳуқуқии ҷиноятии ҷинояти мазкур дар диспозитсияи қисми 1 ва 2 моддаи $260^1$ Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ гардидааст: 1) Пешниҳоди ҳуҷҷати тасдиқкунандаи шахсият ё додани ваколатнома, агар ин ҳаракатҳо барои ташкили (таъсиси, азнавташкилдиҳии) шахси ҳуқуқӣ бо мақсади содир намудани як ё якчанд ҷиноятҳо вобаста ба амалиёти молиявӣ ва ё аҳдҳо бо маблағи пулӣ ё дигар молу мулк содир шуда бошанд; 2) Соҳиб шудан ба ҳуҷҷати тасдиқкунандаи шахсият ё истифодаи маълумоти шахсӣ, ки бо роҳи ғайриқонунӣ ба даст оварда шудаанд, агар ин кирдорҳо барои ташкили (таъсиси, азнавташкилдиҳии) шахси ҳуқуқӣ бо мақсади содир намудани як ё якчанд ҷиноятҳо вобаста ба амалиёти молиявӣ ё аҳдҳо бо маблағи пулӣ ё дигар молу мулк содир шуда бошанд.

Моддаи мазкур низ ба Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар натиҷаи инкишоф ёфтани муносибатҳои ҷамъиятӣ дар соҳаи фаъолияти соҳибкорӣ ва пайдо шудани тарзҳои нави содиршавии ҷиноят дар ин ҷодда ворид карда шудааст. Дар моддаи мазкур ду намуди мустақили ҷиноят пешбинӣ карда шудааст, ки аз якдигар вобаста тарафи субъективӣ ва субъеташон фарқ мекунанд, ки қисми якум бо ихтиёри худи шахси дорандаи ҳуҷҷати тасдиққунандаи шахсияташ содир карда мешавад ва қисми дуюм бошад, бидуни ихтиёри ӯ содир карда мешавад.

Истифодаи ғайриқонуни ҳуҷҷатҳо барои ташкил кардани шахси ҳуқуқӣ дар он зоҳир мегардад, ки дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон тарз, номгӯи ҳуҷҷатҳои лозима ва талаботҳои онҳо барои ташкили қонунии шахси ҳуқуқӣ пешбинӣ карда шудааст, лекин шахси ҷинояткор бошад роҳи пешбиникардаи қонунгузориро интихоб накарда, бо мақсади амалӣ кардани нияти ғаразноки худ роҳи ғайриқонуниро пеша мекунад.

**Объекти** ҷинояти мазкур ин тартиби қонунан ташкил кардани шахси ҳуқуқӣ ва амали кардани контрол аз болои фаъолияти он мебошад. Дар натиҷаи содир намудани ҷинояти мазкур он тартибе, ки алакай дар қонунгузорӣ муайян карда шудааст вайрон карда мешавад. Бояд қайд намуд, ки ташкилдиҳии шахси ҳуқуқӣ дар асоси Кодекси гражданӣ ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ" аз 19.05.2009 сурат мегирад. Назорати давлатӣ аз болои фаъолияти онҳо бошад тибқи дигар санадҳои меъёри ҳуқуқӣ сурат мегирад.

**Тарафи объективии** ҷинояти дар қисми 1 моддаи $260^1$ Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ кардашудакирдор дар шакли ҳаракати фаъол содир карда мешавад. Ин ҳаракат фаъол дар чунин намуд зоҳир мегардад:

1) Аз ҷониби худи шаҳрванд пешниҳод кардани ҳуҷҷати тасдиқкунандаи шахсияташ. Тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ҳуҷҷатҳои тасдиқкунандаи шахсият” аз 26.07.2014, **ҳуҷҷати тасдиқкунандаи шахсият** – санади намунааш тасдиқшуда, ки дар он иттилоот дар бораи маълумоти фардии шахси воқеӣ сабт шудааст ва он имкон медиҳад, ки шахсият ва вазъи ҳуқуқии соҳиби он бо мақсади айнияткунонии шахсият муқаррар карда шаванд[1].

Ба ин намуди ҳуҷҷатҳо дохил мешавад: шиносномаи шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон; шиносномаи дипломатии шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон; шиносномаи хизматии шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон; шиносномаи умумишаҳрвандии хориҷии шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон; шиносномаи шаҳрванди хориҷӣ; шаҳодатномаи шахси бешаҳрванд; шаҳодатномаи муваққатии паноҳҷӯянда; шаҳодатномаи гуреза; шаҳодатномаи таваллуд; шаҳодатномаи бозгашт ба Ҷумҳурии Тоҷикистон; гувоҳномаи иқомат барои шаҳрванди хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон; гувоҳномаи иқомат барои шахси бешаҳрванд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон; ҳуҷҷати тасдиқкунандаи шахсияти хизматчии ҳарбӣ.

**2)** Додани ваколатнома ба шахси дигар – мутобиқи моддаи 210 Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон - Ваколатнома аз ҷониби як шахс ба шахси дигар додани ваколати хаттӣ барои намояндагӣ дар назди шахси сеюм дониста мешавад[2].

Ваколатдиҳанда метавонад ваколатномаро барои аҳд бастани намоянда бевосита ба шахси сеюми дахлдор диҳад ва намоянда аз номи ваколатдиҳанда ба манфиати худ аҳд баста наметавонад.

---

[1] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ҳуҷҷатҳои тасдиқкунандаи шахсияти”. Дастрас (www.mmk.tj)

[2] Кодекси Граждани Ҷумҳурии Тоҷикистон. Дастрас (www.mmk.tj)

Бояд қайд кард, ки ин ду ҳаракат аз ҷониби худи шахс барои ташкили (таъсиси, азнавташкилдиҳии) шахси ҳуқуқӣ бо мақсади содир намудани як ё якчанд ҷиноятҳо вобаста ба амалиёти молиявӣ ва ё аҳдҳо бо маблағи пулӣ ё дигар молу мулк содир шуда бошанд, равона карда шуда бошад.

Ба сифати предмети ҷинояти мазкур ин ҳуҷҷати тасдиққунандаи шахсияти шаҳрванд ё ваколатномаи додаи ӯ ба шахси дигар барои ташкил кардани чунин шахси ҳуқуқӣ баромад мекунад.

Таркиби ҷинояти дар қисми 1 моддаи $260^1$ Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон оварда шуда аз рӯи сохти диспозитсияи он ба таркиби расмӣ тааллуқ дорад, яъне ҷинояти мазкур аз лаҳзаи пешниҳоди ҳуҷҷати тасдиққунандаи шахсият ё додани ваколатнома, агар ин ҳаракатҳо барои ташкили (таъсиси, азнавташкилдиҳии) шахси ҳуқуқӣ бо мақсади содир намудани як ё якчанд ҷиноятҳо вобаста ба амалиёти молиявӣ ва ё аҳдҳо бо маблағи пулӣ ё дигар молу мулк содир шуда бошанд, новобаста аз оқибати он хотима ёфта дониста мешавад.

**Тарафи субъективии** ҷинояти мазкур бо қасди бевосита содир карда мешавад, яъне шахси гунаҳгор мефаҳмад, ки ҳуҷҷати тасдиққунандаи шахсияти худ ё ваколатнома ба дигар шахс барои ташкили шахси ҳуқуқӣ ба номи худ медиҳад ва ин шахси ҳуқуқӣ бо мақсади содир намудани як ё якчанд ҷиноятҳо вобаста ба амалиёти молиявӣ ва ё аҳдҳо бо маблағи пулӣ ё дигар молу мулк, ташкил карда шудааст ва хоҳони он мебошад. Аломати дигари тарафи субъективии ҷинояти дар моддаи $260^1$ Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ин ангезаи ҷиноят шуда метавонад, лекин дар ин модда шарт нест он ғаразнок бошад ва барои банду баст аҳамият надорад.

**Субъекти** ҷинояти мазкур шахси мукаллафи ба синну соли 16 расида шуда метавонад.

Дар қисми 2-юми моддаи мазкур бошад ҷавобгарии ҷиноятӣ нисбати шахсе пешбинӣ карда шудааст, ки ӯ

барои ташкил кардани шахси ҳуқуқӣ бо мақсади содир намудани як ё якчанд ҷиноятҳо вобаста ба амалиёти молиявӣ ва ё аҳдҳо бо маблағи пулӣ ё дигар молу мулк, ба ҳуҷҷати тасдиққунандаи шахсияти дигар нафар ё маълумоти шахсӣ дигар нафар, ки бо роҳи ғайриқонунӣ ба даст овардааст, соҳиб шуда онро ба шахсони ташкилкунандаи чунин шахси ҳуқуқӣ медиҳад. Бояд қайд намуд, ки тибқи эзоҳи дар моддаи мазкур нишондода шуда таҳти мафҳуми соҳиб шудан ба ҳуҷҷати тасдиққунандаи шахсият дар асоси музднок ё ройгон ба даст овардани он, азонихудкунии ҳуҷҷати ёфтшуда ё тасарруфшудаи тасдиққунандаи шахсият, инчунин бо роҳи фиреб ё сӯйистифода аз боварӣ соҳиб шудан ба он фаҳмида мешавад. Яъне ки шахсе, ки аз номи таввасути ҳуҷҷати тасдиққунандаи шахсияташ шахси ҳуқуқӣ ташкил карда шудааст, оиди ин хабар надорад ва аз ҷавобгарии ҷиноятӣ озод мебошад. Дар сурати хабар доштанаш бо қисми якуми ҳамин модда ба ҷавобгарии ҷиноятӣ ҷалб карда мешавад.

Таркиби ҷинояти дар қисми 2 моддаи 260[1] Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон оварда шуда аз рӯи сохти диспозитсияи он ба таркиби расмӣ тааллуқ дорад, яъне ҷинояти мазкур аз лаҳзаи соҳиб шудан ба ҳуҷҷати тасдиққунандаи шахсият ё истифодаи маълумоти шахсӣ, ки бо роҳи ғайриқонунӣ ба даст оварда шудаанд, агар ин кирдорҳо барои ташкили (таъсиси, азнавташкилдиҳии) шахси ҳуқуқӣ бо мақсади содир намудани як ё якчанд ҷиноятҳо вобаста ба амалиёти молиявӣ ё аҳдҳо бо маблағи пулӣ ё дигар молу мулк содир шуда бошанд, новобаста аз оқибати он хотима ёфта дониста мешавад.

**Тарафи субъективии** ин қисм низ гуноҳ дар шакли қасди бевосита ва мақсади муайян содир карда мешавад, ки он мақсад метавонад ғаразнок бошад.

**Субъекти** ҷинояти дар қисми 2 моддаи 260[1] Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон оварда шуда низ шахси мукаллафи ба синну соли 16 расида шуда метавонад.

**Бақайдгирии аҳди ғайриқонунӣ бо замин**

Бақайдгирии аҳди ғайриқонунӣ бо замин ҳамчун ҷиноят дар моддаи 261 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар гардида, аз як қисм иборат мебошад.

Объекти ҷинояти бақайдгирии аҳди ғайриқонунӣ бо замин - муносибатҳои ҷамъиятие, ки ба таъмини қонунии муомилоти замин равона карда шудаанд, шуда метавонанд.

Предмети ҷинояти бақайдгирии аҳди ғайриқонунӣ бо замин, худи замин мебошад. Чунки, ҳама гуна кирдорҳое, ки дар ин модда пешбинӣ гардидааст, вобаста ба замин ё нисбати замин содир карда мешавад[1].

Тарафи объективии ин ҷиноят дар кирдорҳои зерин ифода меёбанд:

а) дидаю дониста бақайд гирифтани аҳди ғайриқонунӣ бо замин;
б) таҳриф намудани иттилооти баҳисобгирии Кадастри давлатии замин;
в) қасдан кам кардани андозаи пардохтҳо барои замин.

Бақайдгирии аҳдҳо бо замин он вақт ғайриқонунӣ эътироф мешавад ва аломати тарафи объективии ҷинояти мазкурро ташкил медиҳад, ки агар чунин амалиёт меъёрҳои амалкунандаи қонунгузорӣ оид ба заминро вайрон кунанд. Масалан, бақайдгирии аҳд:

а) ҳангоми ба шаҳрвандони хориҷӣ ё шахсони ҳуқуқии хориҷӣ додани қитъаҳои замине, ки ба категорияи ҳудудҳои махсус ҳифзшаванда мансубанд;
б) ҳангоми мавҷуд набудани қарори мақомоти дахлдори ҳокимияти иҷроия оид ба ҷудо кардани қитъаи замин;
в) ҳангоми тағйир додани таъйиноти мақсадноки қитъаи замин;

---

[1] Уголовное право. Особенная часть/Под ред. Л.Д. Гаухман и С.В. Максимов. М., 2004. С. 242-243.

г) ҳангоми дар мақомоти дахлдор вуҷуд доштани ҳуҷҷатҳое, ки оид ба ҷой доштани баҳс дар бораи мансубияти чунин қитъаи замин шаҳодат медиҳанд;
д) ҳангоми ба амал баровардани аҳди қалбакӣ, ки бо мақсади рӯйпӯш намудани аҳди дигар баста шудааст ва ғ[1].

Мутобиқи моддаи 61 Кодекси замин кадастри давлатии замин ягонагии ҷудонашавандаи системаи автоматикунонидаи маълумоти кадастри замин ва раванди кадастри замин мебошад. Кадастри давлатии замин маълумоти оид ба ташкили истифодаи дурусту ҳифзи замин, ба низом овардани муносибатҳои вобаста ба замин, асоснок кардани андозаи пардохти пули замин, танзими замин ва арзёбии фаъолияти хоҷагидориро дар бар мегирад. Вай яке аз самтҳои идоракунии фонди давлатии замини ҷумҳурӣ ба ҳисоб меравад.

Кадастри давлатии замин бо системаи ягонаи дар ҷумҳурӣ буда аз ҳисоби воридшавии пули замин аз тарафи мақоми давлатии заминсозии Тоҷикистон ва мақомоти он дар маҳалҳо бурда мешавад. Таҳриф намудани маълумотҳои баҳисобгирии кадастри замин тавасути ворид намудани маълумотҳо чунин маъно дорад, ки ба ҳуҷҷатҳои кадастрӣ маълумотҳои нодуруст (бардурӯғ) ворид карда мешаванд, ки ба вазъияти воқеӣ мувофиқат намекунанд. Хавфнокии чунин кирдор пеш аз ҳама дар он ифода мегардад, ки дар асоси чунин маълумотҳои нодуруст (бардурӯғ) мумкин аст қарорҳои ғайриқонунӣ нисбат ба қитъаҳои замин қабул карда шаванд.

Қасдан кам кардани андозаи пардохтҳо барои замин чунин кирдорҳое мебошад, ки натиҷаи он ба кам кардани ставкаҳои андози замин, кам намудани пардохти иҷорапулии замин, кам намудани нархи нормативии замин, пешкаш намудани имтиёзҳои ғайриқонунӣ оид ба

[1] Тафсир ба моддаҳои алоҳидаи Қисми махсуси Кодекси ҷиноятӣ. С. 486.

пардохти андози замин, ғайриқонунӣ озод намудан аз пардохти андози замин ва ғ. оварда мерасонад.

Таркиби ҷинояти таҳлилшаванда расмӣ буда, аз лаҳзаи содир намудани яке аз се кирдорҳои дар диспозитсияи он пешбинишаванда хотимаёфта ҳисобида мешавад.

Тарафи субъективии бақайдгирии аҳди ғайриқонунӣ бо замин бо қасди бевосита ифода меёбад. Гунаҳгор дарк мекунад, ки бо кирдорҳои худ дидаю дониста аҳди ғайриқонунӣ бо заминро ба қайд мегирад ё маълумоти баҳисобгирии кадастри давлатии заминро таҳриф менамояд ё барқасдона андозаи пардохтҳо барои заминро кам мекунад ва хоҳони фаро расидани оқибати он мебошад.

Аломати ҳатмии тарафи субъектии ин ҷиноят ангезаи содир намудани он мебошад, ки он дар шакли ғараз ё дигар манфиати шахсӣ зоҳир мегардад.

Бо ғараз содир намудани кирдорҳои номбаршуда маънои онро дорад, ки шахси мансабдор тавассути дидаю дониста бақайд гирифтани аҳди ғайриқонунӣ бо замин, таҳриф намудани маълумотҳои баҳисобгирии Кадастри давлатии замин, ҳамчунин қасдан кам кардани андозаи пардохтҳо барои замин кӯшиши ба даст овардани фоидаи хусусияти моддидоштаро мекунад.

Дигар манфиати шахсӣ мумкин аст дар кӯшиши шахси мансабдор дар ба даст овардани фоидаҳои хусусияти ғайримоддидошта, карериэм, хушутаборчигӣ, ба даст овардани ягон намуди хизматрасонӣ, пинҳон намудани бесалоҳиятии худ ва ғайра ифода меёбад.

Субъекти ҷинояти таҳлилшаванда махсус мебошад. Ба сифати шахси мансабдор мутобиқи эзоҳи моддаи 314 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон шахсе дар назар дошта шудааст, ки ба таври доимӣ, муваққатӣ ё бо ваколати махсус вазифаи намояндаи ҳокимиятро ба ҷо меоварад ё вазифаҳои ташкилию амрдиҳӣ, маъмурию хоҷагидориро дар мақомоти ҳокимияти давлатӣ, муассисаҳои давлатӣ, мақомоти худидоракунии маҳаллӣ

инчунин дар Қувваҳои мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон, дигар қӯшунҳо ва ҷузъу томҳои ҳарбии Ҷумҳурии Тоҷикистон анҷом медиҳад.

**Қонунигардонии (расмикунонии) даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда**

Қонунигардонии (расмикунонии) даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда ҳамчун ҷиноят дар моддаи 262 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар гардида, аз се қисм ва эзоҳ (ҳафт қисм) иборат мебошад.

Мубориза алайҳи қонунигардонии даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоваршуда дар шароити муосир яке аз масоили мубрами рӯз мебошад. Ин зуҳурот яке аз ҷиноятҳои байналмиллалии хусусияти трансмиллидошта буда, зарурати криминализатсия намудани он аз як қатор санадҳои байналмилалӣ, ба монанди Конвенсияи СММ оид ба мубориза алайҳи муомилоти ғайриқонунии моддаҳои нашъадор ва воситаҳои психиотропӣ аз 19 декабри соли 1988, Конвенсияи СММ оид ба мубориза бар зидии ҷинояткории муташаккили трансмиллӣ аз 15 ноябри соли 2000 ва Конвенсияи СММ оид ба мубориза бар зидди коррупсия аз 3 октябри соли 2003 ба миён омад[1].

Объекти ин ҷиноят-муносибатҳои ҷамъиятӣ дар самти ба амал баровардани фаъолияти қонунии иқтисодӣ, махсусан фаъолияти соҳибкорӣ баромад мекунад[2].

---

[1] Сафаров А.И. Конвенционные основы борьбы против легализации (отмывании) преступных доходов в Республике Таджикистан // Девятые Всероссийские Державинские чтения (Москва, 13-14 декабря 2013 года): сборник статей: в 7 кн. Кн. 5: Проблемы уголовно-процессуального, уголовно-исполнительного и уголовного права, криминалистики и криминологи. М., Из-во РПА, Минюста России. 2014. С. 147-150.

[2] Сафаров А.И. Уголовное ответственность за легализацию (отмывание) денежных средств либо иного имущества, полученных противозаконным путем (по материалам Республики Таджикистан). Автореф. на соис. канд. юрид. наук. М., 2011. С. 19.

Предмети моддаи 262 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ин маблағҳои пулӣ, коғазҳои қиматнок ё дигар молу мулк шуда метавонад.

Маблағҳои пулӣ- ин асъоре, ки дар шакли билетҳои бонкии (пули коғазии) Бонки миллии Тоҷикистон ва тангаҳо дар муомилот қарор дорад, ҳамчунин асъори хориҷӣ- аломатҳои пулӣ дар шакли билетҳои бонк, пули коғазӣ ва тангаҳо, ки дар муомилот қарор доранд ва воситаҳои қонунии пардохт дар давлати дахлдор мебошанд, инчунин аломатҳои пулӣ, ки аз муомилот гирифта шудаанд ё гирифта мешаванду вале қобили ивазкунӣ ҳастанд.

Қоғазҳои қиматнок. Мутобиқи моддаи 157-и Кодекси граждании қоғази қиматнок ҳуҷҷате мебошад, ки бо риояи шакли муқарраргардида ва реквизитҳои ҳатмӣ ҳуқуқи молу мулкиеро тасдиқ менамояд, ки татбиқ ё гузашт кардани онҳо танҳо дар сурати нишон додани он имконпазир аст. Ба коғазҳои қиматнок инҳо дохил мешаванд: вомбарг, вексел, чек, сертификати бонкӣ, коносамент, саҳмия ва ҳуҷҷатҳои дигаре, ки мутобиқи санади қонунгузорӣ дар бораи коғазҳои қиматнок ё мувофиқи тартиби муқаррарнамудаи онҳо ба ҷумлаи коғазҳои қиматнок мансуб дониста шудаанд.

Дигар молу мулк. Аз нуқтаи назари он ки маблағҳои пулӣ ва қоғазҳои киматнок ба молу мулки манқул дохил мешаванд, қонунгузор дар зери мафҳуми «дигар молу мулк» дар моддаи 262 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон молу мулки ғайри манқулро дар назар дорад. Мутобиқи моддаи 142 Кодекси гражданӣ молу мулки ғайриманқул объектҳое мебошанд, ки интиқолашон бидуни расонидани зиёни воқеии беҳисоб ба таъйиноташон имконнопазир аст. Масалан, бино (истиқоматӣ ва ғайриистиқоматӣ), иншоот ва объектҳои сохтмонии нотамом, ниҳолҳои бисёрсола ва молу мулки дигаре, ки бо замин алоқамандии мустаҳкам доранд. Ба молу мулки ғайриманқул инчунин киштиҳои ҳавоӣ ва

баҳрӣ, киштиҳои дар дохили кишвар шинокунанда, объектҳои кайҳон, ки мувофиқи санадҳои қонунгузорӣ ашёи дигарро низ ба ҷумлаи молу мулки ғайриманқул нисбат додан мумкин аст, дохил мешаванд, ки бояд ба қайди давлатӣ гирифта шаванд. Ашёе, ки ба молу мулки ғайриманқул дохил намешавад, аз ҷумла пул ва коғазҳои қиматнок, манқула дониста мешавад[1].

Тарафи объективии моддаи 262 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар анҷом додани амалиёти молиявӣ ё дигар аҳдҳо бо маблағҳои пулӣ, коғазҳои қиматнок ё дигар молу мулке, ки баръало бо роҳи ҷиноят ба даст оварда шудаанд, зоҳир мегардад.

Аҳд - ин чунин амали шахсони воқеӣ ё ҳуқуқӣ аст, ки ба муқаррар намудан, тағйир додан ё қатъ намудани ҳуқуқу уҳдадориҳои гражданӣ равона гардидааст.

Амалиёти молиявӣ-ин аҳде мебошад, ки предмети онро маблағҳои пулӣ ё қоғазҳои қиматнок ташкил мекунад.

Тарафи субъективии қонунигардонии даромадҳои бо роҳи ҷиноят ба даст овардашуда бо қасди бевосита ва мақсади махсус зоҳир мегардад. Бо қасди бевосита содир гардидани ҷинояти таҳлилшаванда истифодаи истилоҳи «баръало» дар диспозитсияи моддаи 262 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон шаҳодат медиҳад. Мақсади қонунигардонии даромадҳои бо роҳи ҷиноят ба даст овардашуда махфӣ нигоҳ доштан ё пинҳон намудани хусусияти аслӣ, манбаъ, маҳалли ҷойгиршавӣ, тарзи ихтиёрдорӣ, аз ҷо ба ҷо гузаронидан, тааллуқдорӣ ё ҳуқуқи моликият, инчунин намуди қонунӣ додан ба соҳибӣ, истифодабарӣ ва ихтиёрдории ин маблағҳои пулӣ, коғазҳои қиматнок ё дигар молу мулк ифода мегардад.

[1] Сафаров А.И. Некоторые проблемы определения предмет легализацией (отмыванием) денежных средств или иного имущества, полученных незаконным путем/ Вестник Таджикского национального университета №1(57). 2010. С. 95.

Субъекти қонунигардонии даромадҳои бо роҳи ҷиноят ба даст овардашуда шахси мукаллафи ҷисмонии ба синни 16 солагӣ расида шуда метавонад. Ба сифати субъекти ин ҷиноят ҳам шахсе, ки бевосита дар натиҷаи содир намудани ҷиноят даромад ба даст оварда, баъдан бо роҳи анҷом додани амалиёти молиявӣ ё дигар аҳдҳо ба даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастовардаашро қонунӣ мегардонад (шакли қонунӣ мебахшад) ва ҳам шахсе, ки дар содир намудани ҷинояти асосӣ, ки дар натиҷаи содири он даромад ба даст оварда шудааст, иштирок накарда, вале дида дониста ба қонунигардониии даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастовардаи дигар шахс муосидат мекунад[1].

Аломатҳои банду бастшавандии моддаи 262 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар қисмҳои 2 ва 3 ин модда пешбинӣ гардидааст:

2) Ҳамин кирдор, агар:

а) такроран;

б) аз ҷониби гурӯҳи шахсон бо маслиҳати пешакӣ;

в) аз ҷониби шахс бо истифода аз мақоми хизматӣ;

г) ба миқдори калон содир шуда бошад.

3) Кирдорҳои пешбининамудаи қисмҳои якум ё дуюми ҳамин модда, агар:

а) аз ҷониби гурӯҳи муташаккил ё иттиҳоди ҷиноятӣ (ташкилоти ҷиноятӣ);

б) ба миқдори махсусан калон содир шуда бошанд.

Эзоҳ ба моддаи 262 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон чунин ҳолатҳоро муқаррар намудааст:

1) Шахсе, ки дар қонунигардонии (расмикунонии) даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда иштирок кардааст, аз ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ҳамин кирдор озод карда мешавад, агар ӯ пас аз содир намудани ҷиноят

[1] Сафаров А.И. Некоторые проблемы определения субъекта легализации преступных доходов по законодательству Республики Таджикистан / Вестник Таджикского национального университета. №4(60). 2010. С. 75.

ихтиёрӣ омада, ба гуноҳи худ иқрор шуда, ба ошкор намудани ҷиноят фаъолона мусоидат кунад ва (ё) ихтиёран даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастовардаашро супорида бошад.

2) Таҳти мафҳуми ба миқдори калон дар моддаи мазкур андозаи даромадҳои бо роҳи ҷиноят ба дасовардашудае дар назар дошта шудааст, ки аз андозаи нишондиҳанда барои ҳисобҳо ду ҳазор маротиба зиёдтар мебошад. Ба миқдори махсусан калон андозаи маблағҳои пулӣ ё арзиши молу мулке фаҳмида мешавад, ки аз андозаи нишондиҳанда барои ҳисобҳо панҷ ҳазор маротиба зиёдтар мебошад.

3) Даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда - ҳама гуна молу мулке, ки бевосита ё бавосита дар натиҷаи содир намудани ҷиноят ба даст оварда шудаанд.

4) Агар даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда қисман ё пура ба дигар молу мулк табдил дода шуда бошанд ё ба шакли дигар гардонида шуда бошанд, он гоҳ чунин молу мулк мусодира карда мешавад.

5) Агар даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда ба молу мулки аз сарчашмаҳои қонунӣ гирифташуда ҳамроҳ карда шуда бошанд, он гоҳ бе расонидани зарар ба ҳар гуна ваколатҳои марбут ба манъ ё ҳабси он қисми молу мулк, ки ба арзиши даромадҳои ҳамроҳшуда мувофиқ меояд, мусодира карда мешавад.

6) Нисбат ба фоида ё дигар манфиатҳое, ки аз даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда аз молу мулке, ки даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда ба он табдил дода шудаанд ё ба шакли дигар гардонида шудаанд ё аз молу мулке, ки ба он даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда ҳамроҳ карда шудаанд, гирифта шудаанд, чораҳои дар моддаи мазкур зикршуда бо ҳамон тарз ва дараҷае, ки нисбат ба даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда пешбинӣ шудаанд, татбиқ карда мешаванд.

7) Маблағҳои пулӣ, коғазҳои қиматнок ва дигар молу мулке, ки бо роҳи ҷиноят ба даст оварда шудаанд,

инчунин фоида ё дигар манфиатҳое, ки аз ин даромадҳо ба даст оварда шудаанд, бо тартиби пешбининамудаи моддаи 78 Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон мусодира карда мешаванд.

**Ғайриқонунӣ гирифтани кредит**

Ғайриқонунӣ гирифтани кредит ҳамчун ҷиноят дар моддаи 264 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ гардида, аз ду қисм ва эзоҳ иборат мебошад.

Моддаи 264 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ду таркиби ҷиноятро дар бар мегирад, ки онҳо барои ҳифзи муносибатҳои кредитӣ равона карда шудаанд. Қисми 1 моддаи 264 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгарии ҷиноятиро барои ғайриқонунӣ гирифтани намудҳои гуногуни кредит пешбинӣ намуда, предмети қисми 2 моддаи 264 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистонро танҳо кредити мақсадноки давлатӣ ё кредите, ки дар зери кафолати давлатӣ дода мешавад, ташкил мекунад.

Объекти ҷинояти ғайриқонунӣ гирифтани кредит ин муносибатҳои ҷамъиятие мебошанд, ки фаъолияти бонкҳо ва дигар ташкилотҳои қарзиро таъмин мекунанд.

Предмети ҷинояти ғайриқонунӣ гирифтани кредитро мутобиқи қисми 1 моддаи 264 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон кредит, иловапулӣ (дотатсия) ё дигар шароити имтиёзноки кредитгузорӣ ташкил мекунад.

Муносибатҳои ҷамъиятиро вобаста ба гирифтани кредит моддаҳои 839-842 Кодекси гражданӣ танзим мекунад. Мутобиқи моддаи 839 Кодекси гражданӣ тибқи шартномаи кредит як тараф - бонк ё ташкилоти дигари кредитӣ (кредитор) уҳдадор мешавад ба тарафи дигар (қарзгиранда) тибқи андоза ва шартҳои пешбининамудаи шартнома маблағҳои пулӣ (кредит) диҳад ва қарзгиранда

бошад, ухдадор мешавад маблағи пулии гирифтаашро баргардонад ва барои он фоиз супорад.

Дар назарияи илми ҳуқуқи ҷиноятӣ то имрӯз ақидаи ягона оид ба намудҳои кредит, ки предмети ҷинояти таҳлилшавандаро ташкил мекунанд, ба миён наомадааст. Аммо аз нуқтаи назари он, ки дар худи қ.1 моддаи 264 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон оиди намудҳои кредит (кредити молӣ ё тиҷоратӣ) ягон ишора карда нашудааст, предмети онро ҳамагуна кредит ташкил мекунад.

Дотатсия –ин маблағи муайни пулие мебошад, ки аз ҷониби буҷаи давлат бе бозгашт, мақсаднок барои дастгирӣ намудани ин ё он соҳаи фаъолият, ки ба дастгирии молиявӣ ниёз доранд, дода мешаванд.

Шароити имтиёзноки кредитгузорӣ-ин дар муқоиса ба кредитдиҳии умумӣ, додани имтиёзи иловагӣ ҳангоми гирифтани кредит мутобиқи салоҳдиди кредитор ё талаботи санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ мебошад. Маслан, ба муҳлати дароз додан ё бо фоизи кам додани кредит.

Тарафи объективии қисми 1 моддаи 264 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар аз ҷониби шаҳрванд, соҳибкори инфиродӣ ё роҳбарӣ ташкилот гирифтани кредит, иловапулӣ (дотатсия) ё дигар шароити имтиёзноки кредитгузорӣ бо роҳи ба бонк ё дигар муассисаи кредитӣ баръало пешниҳод кардани маълумоти таҳрифшуда оид ба вазъи хоҷагидорӣ ё молиявии шаҳрванд, соҳибкории инфиродӣ ё ташкилот ё оид ба дигар ҳолатҳое, ки барои гирифтани кредит, иловапулӣ ё шароити имтиёзноки кредитгузорӣ заруранд, (ҳангоми мавҷуд набудани нишонаҳои тасарруфи молу мулки ғайр), ифода меёбад.

Тарзи содиркунии гирифтани кредити ғайриқонунӣ бо роҳи ба бонк ё дигар муассисаи кредитӣ баръало пешниҳод кардани маълумоти таҳрифшуда оид ба вазъи хоҷагидорӣ ё молиявии шаҳрванд, соҳибкории инфиродӣ ё ташкилот ё оид ба дигар ҳолатҳое, ки барои гирифтани

кредит, иловапулӣ ё шароити имтиёзноки кредитгузорӣ заруранд, муқаррар карда шудааст.

Пешниҳод намудани маълумоти бараъло таҳрифшуда оид ба вазъи молиявӣ ё хоҷагидорӣ ё дигар ҳолатҳое, ки барои гирифтани кредит заруранд, маънои онро дорад, ки шахси кредитгиранда ба бонк ё дигар ташкилоти қарзӣ ҳуҷаттҳои қалбакӣ оиди масъалаҳои зикршуда пешниҳод мекунад. Масалан, ба ташкилотҳои қарзӣ ба сифати гарав пешниҳод намудани ҳуҷҷатҳои молу мулки ғайриманқуле, ки ба гунаҳгор таалуқ надорад, сохтакории ҳуҷҷатҳои кафолати бонкӣ ва ғ.

Сохтакорӣ ва истифодаи ҳуҷҷатҳои сохтакоришуда ҳангоми гирифтани кредит ғайриқонунӣ қисми таркибии онро ташкил намуда, банду бастро бо моддаи барои сохтакорӣ ҷавобгарии ҷиноятӣ пешбининамуда иловатан талаб намекунад[1].

Тарафи субъективии қ.1 моддаи 264 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо қасди бевосита содир мешавад. Қонунгузор барои тавсифи қасди бевосита калимаи «баръало»-ро истифода намудааст, ки он аз ҷониби гунаҳгор дарк намудани ҳаракатҳоро оид ба пешниҳоди ҳуҷҷатҳои таҳрифшуда ҷиҳати гирифтани намудҳои гуногуни кредит, пешбинӣ намудани оқибати он ва хоҳони фаро расидани чунин оқибат, ифода месозад.

Субъекти ҷиноятe, ки дар қисми 1 моддаи 264 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ гардидааст, махсус мебошад. Ба чунин сифат шаҳрванд, соҳибкори инфиродӣ ё роҳбарӣ ташкилот, ки кредити ғайриқонуниро гирифтаанд, баромад мекунанд.

Кредити мақсадноки давлатӣ ё кредите, ки зери кафолати давлатӣ дода мешавад чун предмети қ.2 моддаи 264 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон –ин кредите мебошад, ки аз ҷониби Ҳукумати кишвар дар асоси

[1] Комисаров В.С. Российское уголовное право. Особенная часть. Учебник. Том 2. С. 244.

санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ ба мақсадҳои муайн ҷиҳати иҷрои барномаҳои давлатӣ дода мешаванд. Маслан, барои дастгирии хоҷагии қишлоқ ё соҳаҳои алоҳидаи он (боғпарварӣ ё пахтакорӣ) ва ғ.

Тарафи объективии ҷинояти дар қ.2 моддаи 264 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинишударо ғайриқонунӣ гирифтани кредити мақсадноки давлатӣ ё кредите, ки дар зери кафолати давлатӣ дода мешавад, ҳамчунин бар хилофи мақсад истифода бурдани онҳо, агар ин кирдор ба шаҳрванд, ташкилот ё давлат ба миқдори калон зарар расонида бошад (ҳангоми мавҷуд набудани нишонаҳои тасарруфи молу мулки ғайр), ташкил мекунад.

Кредитҳои номбаршуда он гоҳ ғайриқонунӣ ҳисобида мешавад, ки агар он дар асоси маълумотҳои бардуруғ ё беасос, ки асос барои додани кредитӣ давлатӣ гаштаанд, дода шуда бошад. Мисол, пешкаш намудани маълумотҳои бардурӯғ оид ба ин ё он барномаҳои мақсаднок, зарурияти чунин барномаҳо, арзиши онҳо ва ғайра. Оид ба ғайри-қонунӣ гирифтани кредит мумкин аст чунин ҳолатҳо шаҳодат диҳад: номувофиқатии статуси кредитгиранда ба статусе, ки ба он чунин намуди кредиткунонии мушаххас паҳн мегардад (фермер, гуреза, муҳоҷирони маҷбурӣ ва ғайра); бақайдгирии фирма бо ҳуҷҷатҳои қалбакӣ ё ин ки ба шахси сохта (ғайриҳуқуқӣ); мансубияти фирма ба ягон шахси мансабдор, ки оид ба тақсимоти кредит ваколатдор аст ва ғайра[1].

Бар хилофи мақсад истифода бурдани кредитҳои номбаршуда истифодаи онро дар самтҳое ифода мекунад, ки бархилофи мақсади додани худи кредит мебошанд. Масалан, кредити мақсадноки давалатӣ барои харидани тухми картошкаи хушсифат пешбинӣ шудааст, аммо гунаҳгор онро гирифта ба мақсади тиҷорат истифода мекунад.

---

[1] Тафсир ба моддаҳои алоҳидаи Қисми махсуси Кодекси ҷиноятӣ. С. 508.

Қонунгузор фаро расидани ҷавобгарии ҷиноятиро барои қ.2 моддаи 264 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар сурати ба шаҳрванд, ташкилот ё давлат ба миқдори калон расонидани зарар пешбинӣ мекунад. Мутобиқи эзоҳи моддаи 264 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон зарар ба миқдори калон чунин зараре ҳисобида мешавад, ки аз андозаи нишондиҳанда барои ҳисобҳо як ҳазор маротиба зиёд мебошад. Ҳамзамон қайд кардан ба маврид аст, ки байни ғайриқонунӣ гирифтани кредити мақсадноки давлатӣ ё кредите, ки дар зери кафолати давлатӣ дода мешавад, ҳамчунин бар хилофи мақсад истифода бурдани онҳо бо фаро расидани зарар ба миқдори калон аз ин кирдорҳо бояд алоқаи сабабӣ вуҷуд дошта бошад.

Тарафи субъективии қ.2 моддаи 264 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо қасди бевосита содир карда мешавад.

Субъекти ин ҷиноят шахси мукалафи ҷисмонии ба синну соли 16 расида мебошад, ки ғайриқонунӣ кредити мақсадноки давлатӣ, кредити дар зери кафолати давлатӣ дода шудааст ё ин кредитҳоро бар хилофи мақсад истифода бурдааст.

**Ғайриқонунӣ додани кредит**

Ғайриқонунӣ додани кредит ҳамчун ҷиноят дар моддаи 265 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ гардида, аз як қисм иборат мебошад.

Объекти ҷинояти ғайриқонунӣ додани кредит-ин муносибатҳои ҷамъиятие мебошанд, ки фаъолияти бонкҳо ва дигар ташкилотҳои қарзиро таъмин мекунанд.

Предмети ин ҷиноятро ҳама гуна кредит (кредити молӣ ё тиҷоратӣ) ташкил мекунад.

Тарафи обективии ғайриқонунӣ додани кредиро ғайриқонунӣ додани ҳама гуна кредит ё ба ин мусоидат кардани шахсоне, ки бо истифода бурдани вазифаи

хизматиаш мебоист ё метавонист ин кирдорҳоро ба ҷо оварад, ташкил мекунад.

Ғайриқонунӣ додани кредит дар сурате ҷой дорад, ки шахси масъули кредиткунонӣ бо вайрон кардани санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ ба шахси дигар кредит медиҳад. Масалан, додани кредит ба шахсе, ки вазъи хоҷагидории он имконияти бар гардонидани онро баъд аз тамом шудани муҳлати кредит надорад.

Мусоидат кардан ба ғайриқонунӣ додани ҳама гуна кредит чунин маъно дорад, ки шахс мақоми хизматии худ-ро барои додани кредити ғайриқонунӣ истифода бурдааст.

Тарафи субъективии ҷинояти додани кредити ғайриқонунӣ бо қасди бевосита содир карда мешавад. Гунаҳкор дарк менамояд, ки кредитро ғайриқонунӣ дода истодааст ё ин, ки ба гирифтани он мусоидат карда истодааст ва хоҳони он аст, ки чунин кирдорҳоро содир кунад.

Субъекти ин ҷиноят – махсус мебошад, яъне, шахсе ки барои додани кредит ҳуқуқ дорад ё шахсоне, ки бо истифода аз мақоми хизматии худ ба додани кредит мусоидат намудааст.

**Ғайриқонунӣ истифода бурдани маблағ**

Ғайриқонунӣ истифода бурдани маблағ ҳамчун ҷиноят дар моддаи 268 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ гардида, аз ду қисм ва эзоҳ иборат мебошад.

Объекти ин ҷиноят-муносибатҳои ҷамъиятие мебошанд, ки барои дуруст истифода бурдани маблағҳо ва таъмини интизоми молиявӣ дар корхонаву массисаҳо, сарфи назар аз шакли моликияташон равона карда шудааст.

Тарафи объективии ғайриқонунӣ истифода бурдани маблағ дар кирдорҳои зерин ифода меёбанд:

1. Аз ҷониби роҳбари муассисаи кредитӣ ё корхона бо мақсади ғараз ё манфиатдории шахсӣ маблағи пулии дар суратҳисоби худ бударо ба суратҳисоби ташкилоти дигар ғайриқонунӣ гузаронидан;

2. Бо вайрон кардани тартиботи муқарраршуда, маблағи пулиро ба тарзи дигар истифода бурдан;

3. Ғайримақсаднок истифода бурдани маблағҳои буҷетӣ.

Барои фаро расидани ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ғайриқонунӣ истифода бурдани маблағҳои пулӣ ба ғайр аз кирдорҳои ифодакунандаи тарафи объективиаш зарур аст, ки оқибатҳои муайни дар диспозитсияи қисми 1 моддаи 268 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинишуда-расонидани зарар ба миқдори калон ба манфиатҳои қонунии шаҳрвандон, корхона ё давлат фаро расад.

Мутобиқи эзоҳи 1 ба моддаи 268 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таҳти мафҳуми зарар ба миқдори калон чунин зараре фаҳмида мешавад, ки он аз андозаи нишондиҳанда барои ҳисобҳо ҳадди ақал панҷсад маротиба ва зарар ба миқдори махсусан калон аз ду ҳазор маротиба зиёд мебошад. Ҳамчунин қонунгузор талаб менамояд, ки ҳангоми муайян намудани андозаи (миқдори) зарари расонидашуда ғайр аз зиёни бевосита, ҳамчунин фоидаи аз даст рафтаро ба ҳисоб гирифтан зарур аст.

Тарафи субъективии ин ҷиноят бо қасди бевосита ифода ёфта, ангеза аломати ҳатмии он баромад мекунад. Ба сифати ангезаи ҷинояти ғайриқонунӣ истифода бурдани маблағ қонунгузор ғараз ё дигар манфиатҳои шахсиро муқаррар намудааст.

Ангезаи ғаразнок дар ба даст овардани фоидаи моддӣ аз ғайриқонунӣ истифода бурдани маблағҳои пулӣ аз ҷониби роҳбари муассиса ё ташкилот, тавасути гузаронидани маблағҳои дар суратҳисоби худ бударо ба суратҳисоби дигар ташкилот ё вайрон намудани тартиби

истифодабарии чунин маблағҳо ё ғайримақсаднок истифода бурдани маблағҳои буҷетӣ ифода меёбад.

Манфиатдории шахсӣ дар мумкин аст дар муносибатҳои шахсӣ,корӣ ё хизматӣ зоҳир гардад.

Субъекти ҷинояти ғайриқонунӣ истифода бурдани маблағ-махсус мебошад, яъне ба чунин сифат танҳо роҳбари муассисаи кредитӣ ё корхона, сарфи назар аз шакли моликият баромад карда метавонад.

Аломатҳои банду бастшавандаи ҷинояти ғайриқонунӣ истифода бурдани маблағ дар қисми 2 моддаи 268 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар шудааст:а) такроран;б) ба миқдори махсусан калон зарар расонида бошад.

Дар таҳти мафҳуми зарар ба миқдори махсусан калон чунин зарар дар назар дошта шудааст, ки он аз андозаи нишондиҳанда барои ҳисобҳо ҳадди ақал аз ду ҳазор маротиба зиёд мебошад.

**Ҳаракати ғайриқонунӣ ҳангоми муфлисшавӣ**

Ҳаракати ғайриқонунӣ ҳангоми муфлисшавӣ ҳамчун ҷиноят дар моддаи 269 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ гардида, аз ду қисм иборат мебошад.

Муфлисшавӣ бояд бо риояи шарт ва талаботҳои қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ин соҳа гузаронида шавад. Риоя накардани ин талаботҳо ба оқибатҳои гуногун оварда мерасонад. Яке аз воситаҳои таъмини қонуният дар муносибатҳои муфлисшавӣ истифода бурдани имкониятҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ, хусусан ҷавобгарии ҷиноятӣ мебошад.

Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ҷиноятҳое, ки бо муфлисшавӣ алоқамanданд дар моддаҳои 269 (ҳаракати ғайриқонунӣ ҳангоми муфлисшавӣ), 270 (муфлисии бадқасдона), 271 (муфлисии сохта) Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ карда шудаанд.

Ҷиноятҳое, ки бо муфлисшавӣ алоқаманданд, бештар вақт дар зери муносибатҳои гражданӣ-ҳуқуқӣ рӯйпуш шуда ва характери латентиро ба худ касб намудаанд. Ин ҷиноятҳо асосан ба муқобили ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии кредиторон, давлат ва дигар шахсон равона карда шудааст.

Объекти ин ҷиноятҳоро муносибатҳои ҷамъиятие, ки вобаста ба амалишавии тартиби қонунии муфлисшавии суъектони фаъолияти соҳибкорӣ ба вуҷуд меоянд, ташкил медиҳад.

Предмети ҷиноят аломати ҳатмии таркиби ҷиноят буда, ба сифати он:

а) молу мулк (амвол) – ин маҷмӯи ашё инчунин ҳуқуқҳои молумулкӣ ва уҳдадориҳои субъектони ҳуқуқи гражданӣ мебошад;

б) уҳдадориҳои молу мулкӣ - ин чунин уҳдадорие мебошад, аз рӯи он як шахс (қарздор) бояд ба фоидаи шахси дигар (кредитор) амали муайянеро анҷом диҳад. Масалан, молу мулкашро ба ӯ диҳад, корро иҷро кунад, пул супорад ва ғайра ё аз иҷрои ягон амал худдорӣ намояд.

Дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муфлисшавӣ» мафҳуми на уҳдадориҳои молу мулкӣ, балкӣ мафҳуми уҳдадориҳои пулӣ истифода шудааст. Мувофиқи Қонуни мазкур уҳдадориҳои пулӣ гуфта уҳдадории қарздор дар бораи ба кредитор пардохт намудани маблағи муайяни пулӣ, аз рӯи шартномаи гражданию ҳуқуқӣ ва дигар асосҳое, ки Кодекси гражданӣ пешбинӣ менамояд, фаҳмида мешавад.

в) маълумот дар бораи молу мулк, миқдори он, маҳалли ҷойгиршавӣ ё дигар маълумот оид ба молу мулк;

г) асноди (ҳуҷҷатҳои) муҳосибавӣ - мувофиқан ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ» аз 25.03.2011 дар зери мафҳуми асноди муҳосибавӣ ҳуҷҷатҳои аввалияи баҳисобгирии муҳосибӣ, сиёсати

баҳисобгирӣ, нақшаи ҳисобҳо, ҳисоботи молиявӣ, шартномаҳо ва ҳуҷҷатҳои дигари марбути баҳисобгирии муҳосибӣ ва тартиб додани ҳисоботи молиявии ташкилотҳо фаҳмида мешавад.

Ҳуҷҷатҳои аввалияи баҳисобгирӣ – ҳуҷҷатҳои шаҳодатдиҳандаи амалиёт ё рӯйдодҳои ба анҷомрасида ё ҳуқуқи ба анҷом расонидани он дар ҳомилҳои коғазӣ ва электронӣ, ки дар асоси онҳо баҳисобгирии муҳосибӣ сурат мегирад.

Ҳисоботи молиявӣ – маҷмӯи маълумоте, ки ҳолат ва натиҷаи фаъолияти молиявии ташкилотҳоро дар асоси нишондодҳои баҳисобгирии муҳосибӣ тибқи стандартҳои байналмилалӣ ё миллӣ дар бар мегирад.

Сиёсати баҳисобгирӣ – принсипҳои дақиқе, ки дар асоси ҳуҷҷатҳои тасдиқнамудаи роҳбарияти ташкилот, маҷмӯи қоидаҳо, усулҳо ва тартиби пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ ва тартиб додани ҳисоботи молиявиро тибқи стандартҳои байналмилалӣ ва ё миллӣ муайян менамояд.

д) дигар асноди баҳисобгирии бухгалтерӣ - ин он ҳуҷҷатҳои муҳосибие мебошанд, ки тартиб додани онҳоро Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон«Дар бораи баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ» пешбинӣ нанамудааст. Лекин, аз рӯи моҳият ҳуҷҷатҳои баҳисобгирӣ буда, дар онҳо фаъолияти иқтисодии қарздор дарҷ гардидаанд. Ба дигар ҳуҷҷатҳои баҳисобгирии муҳосибӣ метавон расидҳо (квитансияҳо) шартномаҳо, супоришҳо, дафтари бақайдгирии вақти кориро дохил кард.

Тарафи объективии қисми 1 моддаи 269 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҳаракатҳои ғайриқонуние иборат мебошад, ки ҳангоми муфлисшавӣ ё ҳангоми пешбинии муфлисшавӣ содир шуда ва ба миқдори калон зарар расонидааст.

Ҳаракатҳои дар қисми 1 моддаи 269 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинишударо шартан

ба панҷ гурӯҳ ва дувоздаҳ намуд ҷудо намудан мумкин аст:

1) гурӯҳи аввал - ин панҷ намуди пинҳонкунӣ (пинҳон кардани молу мулк; пинҳон кардани уҳдадориҳои молу мулкӣ; пинҳон кардани маълумот дар бораи молу мулк, миқдори он, маҳалли ҷойгиршавӣ ё дигар маълумот оид ба молу мулк; пинҳон кардани асноди муҳосибавӣ; пинҳон кардани дигар асноди баҳисобгирии бухгалтерӣ, ки фаъолияти иқтисодиро дар бар мегиранд);
2) гурӯҳи дуввум – ин се намуди несту нобуд кардан (несту нобуд кардани молу мулк; несту нобуд кардани асноди муҳосибавӣ; несту нобуд кардани дигар асноди баҳисобгирии бухгалтерӣ, ки фаъолияти иқтисодиро дар бар мегиранд);
3) гурӯҳи саввум – ин ду намуди таҳриф кардан (таҳриф кардани асноди муҳосибӣ; таҳриф кардани дигар асноди баҳисобгирии бухгалтерӣ, ки фаъолияти иқтисодиро дар бар мегиранд);
4) гурӯҳи чаҳорум – ин як намуди ба ихтиёри дигар кас вогузоштан (ба ихтиёри дигар кас вогузоштани молу мулк);
5) гурӯҳи панҷум – ин як намуди бегона кардан (бегона кардани молу мулк).

Ҷинояти мазкур дар шароити муфлисшавӣ ё пешбинии муфлисшавӣ содир карда мешавад. Шароти якум ин ҳангоми муфлисшавӣ содир намудани ҳаракатҳое, ки дар диспозитсияи моддаи 269 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон дода шудааст, мебошад. Муфлисшавӣ - ин аз тарафи қарздор дар ҳаҷми пурра қонеъ карда натавонистани талаби кредиторон оид ба уҳдадориҳои пулӣ ва иҷро карда натавонистани уҳдадориҳои ворид намудани пардохти ҳатмӣ мебошад, ки онро суди иқтисодӣ эътироф кардааст ё қарздор қодир набуданашро эълон намудааст, фаҳмида мешавад.

Барои муфлис эътироф намудани шахси ҳуқуқӣ ва соҳибкори инфиродӣ қонунгузор, чунин аломатҳи муфлисшавиро пешбинӣ намудааст:

а) қонеъ карда натавонистани талаби кредиторон аз рӯи уҳдадориҳои пули дар ҳаҷми пурра. Яъне уҳдадориҳои пулии қарздор нисбат ба амволаш зиёд буда бинобар ин вазъи молиявии ӯ ғайриқаноатбахш аст;
б) иҷро карда натавонистани пардохтҳои ҳатмӣ дар назди буҷет;
в) иҷро карда натавонистани ин уҳдадориҳо дар давоми се моҳ аз лаҳзаи эътибор пайдо карданашон;
г) аз тарафи суди иқтисодӣ эътироф намудани муфлисшавӣ

Инчунин барои муфлис эътироф намудани соҳибкори инфиродӣ қонунгузор як аломати дигарро пешбинӣ кардааст, ки бояд маблағи умумии уҳдадориҳо аз арзиши амволи онҳо зиёд бошад.

Шароити дуввум ин пешбинии муфлисшавӣ мебошад. Мафҳуми пешбинии муфлисшавӣ дар қонунгузорӣ дода нашудааст. Қонунгузории ҷиноятӣ пешбинии муфлисшавӣ гуфта он ҳолатеро дар назар дорад, ки шахси ҳуқуқӣ ё соҳибкори инфиродӣ дарк мекунад, ки дигар наметавонад уҳдадориҳои худро дар оянда дар назди кредиторон иҷро намояд.

Таркиби ҷиноят моддӣ буда, аз лаҳзаи расонидани зарари калон хотимаёфта дониста мешавад. Зарар ба миқдори калон чунин зараре ҳисобида мешавад, ки агар он аз андозаи нишондиҳанда барои ҳисобҳо аз як ҳазор маротиба зиёд бошад.

Субъекти ҷиноят махсус – роҳбар ё молики ташкилоти қарздор ё соҳибкори инфиродӣ, ки ба синни 16 солагӣ расидаанд, шуда метавонанд. Қайд кардан ба маврид аст, ки содиршавии ҷинояти мазкур аз ҷониби сармуҳосиб, мудири муваққатӣ, мудири беруна, мудири озмунӣ, коллекторҳо, муассиси ташкилот, ки дар моддаи 269

Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба сифати субъекти ҷиноят пешбинӣ карда нашудаанд, аз эҳтимол дур нест.

Тарафи субъективии ҷиноят бо гуноҳ дар шакли қасди бевосита шарҳ дода мешавад.

Қисми 2 моддаи 269 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои дидаю дониста бар зарари кредиторони дигар ғайриқонунӣ қонеъ намудани талаботи молу мулкии кредиторони алоҳида аз ҷониби роҳбар ё моликӣ ташкилоти қарздор ё соҳибкори инфиродӣ, ки аз вазъияти воқеии нодории худ (муфлисӣ) огоҳанд, ҳамчунин қабул намудани чунин шакли қонеъгардонӣ аз ҷониби кредиторе, ки бар зарари дигар кредиторон аз бартарии ба ӯ фароҳам овардаи қарздор (нодор) огоҳ аст, ҷавобгарии ҷиноятӣ пешбинӣ намудааст.

Тарафи объективии ҷиноят аз ду кирдор, ғайриқонунӣ қонеъ намудани талаботи молу мулкии кредиторони алоҳида ва қабул намудани чунин шакли қонеъгардонӣ аз ҷониби кредиторе, ки бар зарари дигар кредиторон аз бартарии ба ӯ фароҳам овардаи қарздор (нодор) огоҳ аст, иборат мебошад.

Муқаррароти моддаи мазкур ба ҳифзи яке аз принсипҳои муфлисшавӣ - боадолатона ва мутаносибан аз рӯи навбат қонеъгардонии талабҳои кредиторон. Мувофиқи моддаи 78 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муфлисшавӣ» талабҳои кредиторон аз рӯи навбати зайл қонеъ гардонида мешаванд:

дар навбати аввал талаби шаҳрвандоне, ки шахси ҳуқуқии барҳамдодашаванда дар назди онҳо барои расонидани зарар ба ҳаёт ва саломатиашон масъулият дорад, қонеъ гардонида мешаванд;

дар навбати дуюм пардохти кумакпулии аз кор рафтан ва музди кори шахсоне, ки тибқи шартномаи меҳнатӣ, аз ҷумла тибқи қарордод кор мекунанд ва пардохти подош аз рӯи шартномаҳои муаллифӣ ҳисобӣ карда мешаванд.

Дар навбати сеюм – қонегардонии талабҳои кредиторон аз рӯи уҳдадориҳое, ки барои онҳо амволи қарздор ба гарав гузошта шудааст;

Дар навбати чорум – пӯшонидани қарз аз рӯи пардохтҳои ҳатмии ба буҷет воридшаванда ва фондҳои ғайрибуҷетӣ;

Дар навбати панҷум – ҳисобӣ намудани талабҳои дигар кредиторон.

Қайд кардан ба маврид аст, ки риоя накардани яке аз ин навбатҳо боиси татбиқ гардидани қ. 2 моддаи 269 гардида метавонад.

Шароити содиркунии ҷиноят дар қисми 2 моддаи 269 ин вазъияти нодорӣи (муфлисӣ) қарздор мебошад. Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон категорияи нодорӣ ва муфлисшавиро ҳаммаъно ва баробар шуморидаст. Ҳол он ки нодорӣ муфлисшавӣ нест. Нодорӣ раванди то судие мебошад, ки оид ба муайян сохтани нодории қарздор аз тарафи кредиторон муайян карда мешавад. Нодориро кредиторон аз рӯи ҳолатҳои пайдарҳам дар муддати се моҳ иҷро нашудани уҳдадориҳои пулии қарздор муайян мекунанд.

Таркиби ҷиноят моддӣ буда, аз лаҳзаи расонидани зарари калон хотимаёфта дониста мешавад. Зарар ба миқдори калон чунин зараре ҳисобида мешавад, ки агар он аз андозаи нишондиҳанда барои ҳисобҳо аз як ҳазор маротиба зиёд бошад.

Субъекти ҷиноят махсус – роҳбар ё молики ташкилоти қарздор ё соҳибкори инфиродӣ ё кредитор, ки ба синни 16 солагӣ расидаанд, шуда метавонанд.

Роҳбари ташкилоти қарздор – мақоми яккаи иҷроияи шахси ҳуқуқӣ ва инчунин шахсони дигар, ки мутобиқи қонунгузорӣ фаъолияти хешро аз номи шахси ҳуқуқӣ бе боваринома амалӣ мегардонанд.

Соҳибкори инфиродӣ - шаҳрвандоне, ки аз лаҳзаи бақайдгирӣ бе таъсиси шахси ҳуқуқӣ ба фаъолияти соҳибкорӣ машғуланд фаҳмида мешавад.

Кредиторони озмунӣ – кредиторон аз рӯи уҳдадориҳои пулӣ, ба истисвои шаҳрвандоне, ки қарздор дар назди онҳо барои расонидани зиён ба ҳаёт ва саломатиашон ҷавобгар аст, инчунин муассисони (иштирокчиёни) қарздор - шахси ҳуқуқӣ аз рӯи уҳдадориҳое, ки аз чунин иштирок пайдо мешаванд.

Тарафи субъективии ҷиноят бо гуноҳ дар шакли қасди бевосита шарҳ дода мешавад. Яъне, субъект дидаю дониста бар зарари дигар кредиторҳо принсипи боадолатона ва мутаносибан аз рӯи навбат қонеъгардонии талабҳои кредиторонро вайрон намуда ва ба онҳо зарари калон мерасонад.

**Муфлисии бадқасдона**

Муфлисии бадқасдона ҳамчун ҷиноят дар моддаи 270 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ гардида, аз як қисм иборат мебошад.

Муфлисии бадқасдона, яъне бо мақсади ба манфиати худ ё шахсони дигар вонамуд сохтан ё зиёд кардани андозаи ғайри қобили пардохт будани ташкилоти тиҷоратӣ аз ҷониби молик ё роҳбари он, ҳамчунин аз ҷониби соҳибкори инфиродӣ, агар он ба миқдори калон зарар расонида бошад, ё ба дигар оқибатҳои вазнин оварда расонад, фаҳмида мешавад.

Мафҳуми муфлисии бадқасдона дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон«Дар бораи муфлисшавӣ» низ пешбинӣ шудааст. Мувофиқи қ. 2 моддаи 10 Қонун дар ҳолати муфлисшавии қарздор бо айби муассисони (иштирокчиёни) вай ё дигар шахсони мансабдор, аз ҷумла бо айби роҳбари қарздор, ки барои ба қарздор ҳуқуқи додани супоришҳои ҳатман иҷрошавандаро дорад ва ё ҳар гуна имконияти муайянсозии амали ӯро дорад (муфлисшавии барқасд), муассисон (иштирокчиён) – шахсони ҳуқуқӣ ё дигар шахсони мансабдор ба ҷавобгарии субсидиарӣ кашида мешаванд».

Ба сифати предмети ҷиноят объектҳои ҳуқуқи гражданӣ (ба ғайр аз неъматҳои ғайри моддӣ), ки дар моддаи 140 Кодекси гражданӣ пешбинӣ карда шудаанд, баромад карда метавонад.

Тарафи объективии ҷиноят аз кирдор (дар шакли ҳаракатҳои бадқасдона оид ба вонамуд сохтан ё зиёд кардани андозаи ғайри қобили пардохт будани ташкилоти тиҷоратӣ), оқибат (дар намуди зарари калон ва дигар оқибатҳои вазнин) ва робитаи сабабӣ байни кирдор ва оқибат иборат мебошад.

Вонамуд сохтани андозаи ғайри қобили пардохт будани ташкилоти тиҷоратӣ ё соҳибкори инфиродӣ - ин содир намудани ҳамагуна ҳаракатҳое, ки ташкилотро ба ҳолати нодорӣ ё ба муфлисшавӣ оварда мерасонад.

Зиёд кардани андозаи ғайри қобили пардохт будани ташкилоти тиҷоратӣ ё соҳибкори инфиродӣ - ин содир намудани ҳамагуна ҳаракатҳотҳое, ки дар ҳолати нодорӣ ва муфлисшавии қарздор ба амал омада андозаи ғайри қобили пардохт будани ташкилоти тиҷоратиро зиёд мекунад.

Тарзҳои содиркунии муфлисшавии бадқасдона асосан инҳоянд: бастани аҳдҳои бефоида; муттаҳид ё ҳамроҳ шудан бо ташкилоти қарздор; интиқоли маблағ ба сурат-ҳисоби дигар ташкилот; ташкил додани ҷамъияти хоҷагидории фаръӣ; гирифтани кредит бо фоизи баланд; ба зиммаи худ гирифтани қарзҳои дигар шахсон ҳамчун кафил ва ғайраҳо.

Таркиби ҷиноят моддӣ буда, аз лаҳзаи расонидани зарари калон ва дигар оқибатҳои вазнин хотимаёфта дониста мешавад. Зарар ба миқдори калон чунин зараре ҳисобида мешавад, ки агар он аз андозаи нишондиҳанда барои ҳисобҳо аз як ҳазор маротиба зиёд бошад. Ба дигар оқибатҳои вазнин дохил мешаванд: аз даст додани ҷойҳои корӣ, барҳам хӯрдани ташкилот ва монанди инҳо, ки хусусияти иқтисодӣ доранд.

Субъекти ҷиноят махсус – роҳбар ё молики ташкилоти тиҷоратии қарздор ё соҳибкори инфиродӣ, ки ба синни 16 солагӣ расидаанд, шуда метавонанд. Содиршавии ҷинояти мазкур аз тарафи шахсони дигар ба монанди мудири беруна, мудири озмунӣ, муассиси ташкилоти тиҷоратӣ ки дар моддаи 270 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба сифати субъекти ҷиноят пешбинӣ карда нашудаанд, низ мумкин аст.

Тарафи субъективии ҷиноят бо гуноҳ дар шакли қасди бевосита шарҳ дода мешавад. Шахс хавфнокии ҷиноятии ҳаракатҳои худро дарк мекунад, содир намудани онҳоро мехоҳад ва ба мақсади вонамуд сохтан ё зиёд намудани андозаи ғайри қобили пардохт будани ташкилоти тиҷоратӣ ё соҳибкори инфиродӣ фаъолият мекунад.

Аломати дигари тарафи субъективии ҷиноят ин ангезаи он мебошад, ки дар қонунгузории ҷиноятӣ ҳамчун «манфиати худ» ё «манфиати шахсони дигар» омадааст.

Қайд кардан ба маврид аст, ки мавҷудияти аломатҳои муфлисии бадқасдонаро дар баробари кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, инчунин мудири муваққатӣ низ метавонад ошкор кунад.

**Муфлисии сохта**

Муфлисии сохта ҳамчун ҷиноят дар моддаи 271 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ гардида, аз як қисм ва эзоҳ иборат мебошад.

Муфлисии сохта, яъне дидаю диниста аз ҷониби роҳбар ё молики корхонаи тиҷоратӣ, ҳамчунин соҳибкори инфиродӣ эълон кардани муфлисӣ бо мақсади ба таҳлука андохтани кредиторон барои дароз кардани муҳлат (отсрочка) ё қисм ба қисм додани (рассрочка) пардохти маблағ ба кредиторон ё тахфифи қарзҳо, ҳамчунин барои надодани қарзҳо, ки ба миқдори калон зарар расонидааст.

Дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муфлисшавӣ» бошад, омадааст, ки агар аризаи қарздор

оид ба муфлис эътироф намуданаш ба суд дар ҳолати мавҷуд будани имконияти қонеъгардонии пурраи талабҳои кредиторон пешниҳод шуда бошад (муфлисшавии сохта), қарздор, ки ҳамин аризаро пешниҳод намудааст, дар назди кредиторон барои зарари бо додани ҳамин ариза расонидааш ҷавобгар мебошад.

Предмети муфлисшавии сохтаро маълумоти бардурӯғ оиди муфлисшавии ташкилоти тиҷоратӣ ва соҳибкори инфиродӣ ташкил медиҳад.

Тарафи объективии ҷиноятро категорияи «дидаю дониста эълон кардани муфлисӣ» ташкил медиҳад.

Асос ва тартиби аз тарафи суд муфлис эътироф намудани соҳибкори инфиродӣ ва ё аз тарафи худи онҳо муфлис эълон гардиданашон, асоси аз тарафи суд муфлис эътироф намудани шахси ҳуқуқӣ, ё ин ки аз тарафи худи онҳо муфлис эълон намуданашон, инчунин тартиби барҳам додани чунин шахси ҳуқуқӣ, ё худ якҷоя бо кредиторон қабул кардани қарор дар бораи муфлисшавӣ ва ихтиёран барҳамдиҳии онҳоро Кодекси граждании ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муфлисшавӣ» муайян кардаанд.

Қарздор, кредитор, прокурор ва дар ҳолатҳое, ки Қонун «Дар бораи муфлисшавӣ» пешбинӣ намудааст, шахсони дигар низ ҳуқуқи бо ариза ба суд муроҷиат намудан дар хусуси муфлис эътироф намудани қарздор бо сабаби иҷро накардани уҳдадориҳои пулиро доранд.

Қарздор ҳуқуқ дорад бо аризаи худ дар хусуси пешакӣ муқаррар намудани муфлисшавӣ дар сурати мавҷуд будани ҳолатҳои бешубҳа шаҳодатдиҳанда дар бораи он ки вай наметавонад уҳдадориҳои пулӣ ва (ё) вазифаҳояшро оид ба ворид намудани пардохтҳои ҳатмӣ дар муҳлатҳои муқарраршуда иҷро намояд, ба суд муроҷиат кунад.

Қарздор дар ҳамон ҳолат метавонад ба суд ариза диҳад, ки амволи мавҷудбудаи ӯ барои пардохти хароҷоти суд кифоя бошад.

Хабари муфлис эътироф гардидани қарздор аз тарафи суде, ки дар бораи муфлис эътироф намудани қарздор ва оиди кушодани истеҳсолоти озмунӣ ҳалнома қабул кардааст, дар воситаҳои ахбори умум аз ҳисоби қарздор ва дар сурати набудани маблағҳои қарздор аз ҳисоби кредиторе, ки бо ариза оид ба муфлис эътироф намудани қарздор мурочиат кардааст, нашр карда мешавад.

Ҳамин тариқ, қарздор бар хилофи талаботҳои мавчуда, барои бо мақсади ба таҳлука андохтани кредиторон барои дароз кардани муҳлат (отсрочка) ё қисм ба қисм додани (рассрочка) пардохти маблағ ба кредиторон ё тахфифи қарзҳо, ҳамчунин барои надодани қарзҳо ғайриқонунӣ худро муфлис эълон намуда ва бо ин рафтораш ба кредиторон зарари калон мерасонад.

Дидаю дониста эълон кардани муфлисшавӣ ҳамон вақт сохта ҳисоб карда мешавад, ки агар он дар асоси муқаррароти қонунгузории дахлдор сурат гирифта бошад. Дар дигар ҳолатҳо, онро ҳамчун қаллобӣ метавон банду баст кард.

Таркиби чиноят моддӣ мебошад, яъне аз лаҳзаи расонидани зарари калон хотимаёфта дониста мешавад.

Зарари калон аломати ҳатмии тарафи объективии чинояти мазкур буда он дар натичаи дидаю дониста (бардурӯғ) эълон кардани муфлиссии худ ба кредиторон расонида мешавад.. Зарар ба миқдори калон чунин зараре ҳисобида мешавад, ки агар он аз андозаи нишондиҳанда барои ҳисобҳо аз як ҳазор маротиба зиёд бошад.

Субъекти чиноят махсус – роҳбар ё молики ташкилоти тичоратии қарздор ё соҳибкори инфиродӣ, ки ба синни 16 солагӣ расидаанд, шуда метавонанд.

Тарафи субъективии чиноят бо гуноҳ дар шакли қасди бевосита шарҳ дода мешавад. Яъне, субъект дидаю дониста бо мақсади ба таҳлука андохтани кредиторон барои дароз кардани муҳлат (отсрочка) ё қисм ба қисм додани(рассрочка) пардохти маблағ ба кредиторон ё тахфифи қарзҳо, ҳамчунин барои надодани қарзҳо худро

муфлис эълон менамояд ва ба онҳо зарари калон мерасонад.

Мақсади ҷиноят аломати ҳатмӣ буда он ба таҳлука андохтани кредиторон равона карда шудааст.

Қайд кардан ба маврид аст, ки мавҷудияти аломатҳои муфлисии сохтаро на аз тарафи кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, балки аз тарафи мудири муваққатӣ ошкор карда мешавад.

**Кирдори инҳисорӣ (монополистӣ) ва маҳдуд кардани рақобат**

Кирдори инҳисорӣ (монополистӣ) ва маҳдуд кардани рақобат ҳамчун ҷиноят дар моддаи 273 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ гардида, аз се қисм иборат мебошад.

Яке аз асосҳои инкишофи муносибатҳои иқтисодӣ ин мавҷудияти рақобати озод дар бозорҳои мол мебошад. Рақобат - ин мусобиқаи озоди субъектҳои хоҷагидор, ки амалиёти мустақилонаи онҳо имконияти таъсиррасонии яктарафаи ҳар кадоми онҳоро ба шароити умумии муомилоти мол дар бозори моли дахлдор ба таври самарабахш маҳдуд менамояд. Дар натиҷаи рақобат субъектони хоҷагидор байни худ мусобиқа намуда, барои ба даст овардани натиҷаи беҳтарин кушиш мекунанд. Вале дар бозорҳои мол ёфт мешаванд субъектони хоҷагидоре, ки тавасути ба амал баровардани кирдорҳои инҳисорӣ фаъолияти дигар субъектони хоҷагидорро ҳангоми ба амал баровардани рақобат маҳдуд месозанд. Вобаста ба ин, давлат чун назораткунандаи риояи шартҳои мусобиқаи озоди субъектони хоҷагидор ва танзимсозандаи фаъолияти онҳо ҳангоми ба амал баровардани рақобат, барои вайрон кардани қоидаҳои рақобат як қатор чораҳои таъ-сиррасонии ҳуқуқиро муқаррар намудааст, ки яке аз онҳо ин ҷавобгарии

ҷиноятӣ барои ба амал баровардани кирдори инҳисорӣ (монополистӣ) ва маҳдуд кардани рақобат мебошад.

Ба ҷамъият хавфнокии ин ҷиноят дар он зоҳир мешавад, ки ҳангоми содир шудани он муносибатҳои муътадили иқтисодии дар ҷомеа мавҷуда вайрон гашта, ба манфиатҳои истеъмолкунандагон дар самти ба даст овардани молу маҳсулоти босифат ва арзон таҷовуз мекунад. Чунки мавҷудияти рақобат дар бозори мол барои ба миён омадани маҳсулоти бо сифат сабаб гашта, маҳдуд ё мавҷуд набудани он ба ворид гаштани молҳои бесифат гардида метавонад.

Объекти бевоситаи ин ҷиноят - муносибатҳои ҷамъиятие, ки ба танзими тартиби амалисозии фаъолияти монополистӣ ва озодии рақобат дар бозори молу маҳсулот ва хизматрасонӣ равона гаштаанд, ташкил мекунанд. Ба сифати объекти иловагӣ мутобиқи қ. 3 моддаи 273 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон саломатӣ ва молу мулк баромад карда метавонад.

Тарафи объективии ин ҷиноят дар шаклҳои гуногуни ба амал баровардани кирдорҳои инҳисорӣ зоҳир мегарданд. Мутобиқи сархати 10 моддаи 3 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи рақобат ва маҳдудкунии фаъолияти инҳисорӣ дар бозорҳои мол» аз 28 июли соли 2006 кирдорҳои инҳисорӣ дар бозорҳои мол аз мавқеи ҳукмфармоии худ суиистифода кардани субъекти хоҷагидор (гурӯҳи шахсон), бастани созишнома ё иҷрои амалҳои мувофиқашудае, ки бо қонунгузории зиддиинҳисорӣ манъ карда шудаанд, фаҳмида мешаванд.

Мутобиқи диспозитсияи моддаи 273 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон кидорҳои инҳисорӣ дар шаклҳои зерин зоҳир гаштанашон мумкин аст:

а) муқаррар намудани нархҳои баланд ё пасти инҳисорӣ;
б) маҳдуд кардани рақобат бо роҳи тақсим кардани бозор;
в) маҳдуд кардани дохилшавӣ ба бозор, аз он танг карда баровардани дигар субъектҳои фаъолияти иқтисодӣ;

г) муқаррар намудан ё нигоҳ доштани нархҳои ягона.

Муқаррар намудани нархҳои баланд дар бозори мол бо мақсади амалисозии кирдори инҳисорӣ – ин нархи моли муқарраркардаи субъекти хоҷагидорӣ дорои мавқеи ҳукмфармо дар бозори мол ва хеле баландтар аз нархи дар шароити рақобат дар бозори моли муқоисашаванда муқарраарнамудаи субъектҳои хоҷагидоре мебошанд, ки бо харидорони (фурӯшандаҳои) мол ба як гурӯҳи шахсон шомил нестанд ва дар чунин бозори моли муқоисашаванда мавқеи ҳукмфармо надоранд ё нарх аз маблағи хароҷоти аз нигоҳи иқтисодӣ асоснокгардида ва даромади оқилонаи он ҳангоми истеҳсол ва фурӯши чунин мол бештар аст. Нархи моле, ки субъекти монополияи табиӣ дар ҳудудҳои тарифи ба чунин мол муайяннамудаи мақомоти танзимкунандаи монополияи табиӣ муқаррар кардааст, нархи баланди инҳисорӣ буда наметавонад. Паст кардани нархҳо бошад, ин нархи моли муқарраркардаи субъекти хоҷагидори дорои мавқеи ҳукмфармо дар бозори мол, ки аз маблағи хароҷоти аз нигоҳи иқтисодӣ асоснокгардида ва даромади оқилонаи он ҳангоми истеҳсол ва фурӯши чунин мол камтар аст ё нархи моли дар бозори мол муқаррарнамудаи субъекти хоҷагидори дар бозори мол мавқеи ҳукмрон дошта, ки аз нархи дар шароити рақобат дар чунин бозори моли муқоисашаванда муайяннамудаи субъектҳои хоҷагидоре, ки бо харидорони (фурӯшандаҳои) мол ба як гурӯҳи шахсон шомил намебошанд ва дар чунин бозори моли муқоисашаванда мавқеи ҳукмфармо надоранд, пасттар мебошад.

Муқаррар намудани нархи пасти инҳисории мол бошад, нархи моли муқарраркардаи субъекти хоҷагидори дорои мавқеи ҳукмфармо дар бозори мол, ки аз маблағи хароҷоти аз нигоҳи иқтисодӣ асоснокгардида ва даромади оқилонаи он ҳангоми истеҳсол ва фурӯши чунин мол камтар аст ё нархи моли дар бозори мол муқаррарнамудаи субъекти хоҷагидори дар бозори мол

мавқеи ҳукмрон дошта, ки аз нархи дар шароити рақобат дар чунин бозори моли муқоисашаванда муайяннамудаи субъектҳои хоҷагидоре, ки бо харидорони (фурӯшандаҳои) мол ба як гурӯҳи шахсон шомил намебошанд ва дар чунин бозори моли муқоисашаванда мавқеи ҳукмфармо надоранд, пасттар мебошад.

Тақсим кардани бозор гуфта, ин тақсим намудани соҳаи муомилоти мол ё хизматрасоние мебошад, ки дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон ё қисмати он мол ё хизматрасониҳои ивазкунанда ё баҳамивазшаванда надорад, ки вобаста ба имконияти иқтисодии харидор барои ба даст овардани мол дар қаламрави дахлдор ва мавҷуд набудани чунин имконият берун аз ҳудуди он муайян мегардад.

Маҳдуд кардани дохилшавӣ ба бозор дар монеъ шудан ба интиқол, ҷойгиркунӣ ё нигоҳдошти мол, хариди маҷбурӣ аз субъекти хоҷагидорӣ, муқаррар намудани манъи беасос дар фурӯши (харид, иваз намудан, ба даст овардан) мол аз як минтақа ба минтақаи дигар ва монанди инҳо зоҳир мегардад[1].

Муқаррар намудан ва нигоҳ доштани нархи ягона он гоҳ шарти фаро расидани ҷавобгарии ҷиноятӣ шуда метавонад, ки агар дар байни субъектони рақобаткунанда маслиҳати пешакӣ ҷой дошта бошад.

Тарафи субъективии ҷиноят гуноҳ дар намудани қасди бевосита тавсиф меёбад. Мақсади ин ҷиноят ба амал баровардани фаъолияти инҳисорӣ ва маҳдуд кардани рақобат бо роҳи манъ намудан, маҳдуд кардан ё танг карда баровардани субъектони фаъолияти иқтисодӣ аз бозори мол,ки имконият медиҳад дигар субъектон фоидаи моддии зиёд ба даст оваранд.

Ба сифати субъектони ин ҷиноят роҳбарони субъектони фаъолияти тиҷоратию ғайритиҷоратӣ, соҳибкорони инфиродӣ, ҳамчунин шахсони мансабдори

[1] Тафсири моддаҳои алоҳидаи Қисми махсуси Кодекси ҷиноятӣ. С. 534.

давлатӣ, ки барои маҳдуд намудани рақобат дар бозори мол бо субъектони фаъолияти иктисодӣ созиш кардаанд, баромад карда метавонанд.

Агар кирдори инҳисорӣ (монополистӣ) ва маҳдуд кардани рақобат бо истифода аз мақоми хизматӣ аз ҷониби шахси мансабдор содир карда шавад, чунин кирдор ҳамчун ҳолати вазнинкунанда бо банди "в" қ. 3 моддаи 273 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон банбу даст карда мешавад.

Ҳолатҳои вазнинкунандаи моддаи 273 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар қисми 2 ва 3 он муқаррар карда шудааст.

Аломатҳои банбудастшавандаи қисми 3 моддаи 273 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар кирдорҳои пешбининамудаи қисмҳои якум ё дуюми ҳамин модда, агар: а) бо зӯроварӣ ё таҳдиди истифодаи он; б) бо несту нобуд ё вайрон кардани молу мулки ғайр ё таҳдиди несту нобуд ё вайрон кардани молу мулки ғайр бидуни нишонаҳои тамаъҷӯӣ; в) бо суиистифодаи мақоми хизматӣ; г) аз ҷониби гурӯҳи муташаккил содир шуда бошад, муқаррар шудааст. Дар ин ҳолат кирдорҳои инҳисорӣ ва маҳдуд кардани рақобат натанҳо ба муносибатҳои ҷамъиятие, ки ба танзими тартиби амалисозии фаъолияти монополистӣ ва озодии рақобат дар бозори молу маҳсулот ва хизматрасонӣ равона гаштаанд, таҷовуз мекунанд, балки иловатан ин кирдорҳо ба саломатӣ ва молу мулки шахсони алоҳида низ зарар мерасонанд.

Банди «а» ва «б» қисми 3 моддаи 273 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон лату кӯб, расонидани зарари сабук ё дараҷаи миёна ба саломатӣ, ҳамчунин несту нобуд ё вайрон кардани молу мулкро дар бар гирифта, иловатан бо дигар моддаҳои ҷиноятҳо муқобили шахсият ё муқобили моликиятро банду баст карданро талаб намекунад. Агар дар натиҷаи кирдорҳои инҳисорӣ ва маҳдуд кардани рақобат зарари вазнин ба саломатӣ ё

одамкушӣ содир карда шавад, дар ин сурат иловатан бо моддаҳои 110 ё 104 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон банду баст намудан зарур аст.

Дар фарқият аз тамаъҷуӣ кирдорҳои инҳисорӣ ва маҳдуд кардани рақобат бо истифода аз несту нобуд ё вайрон кардани молу мулки ғайр ё таҳдиди содир кардани чунин кирдорҳо дар ҳолате ҷой дорад, ки чунин ҳаракатҳо ба талаби бе музд додани амвол ё ҳуқуқ ба амвол ё ҳаракатҳои хусусияти амволидошта, ки дар натиҷааш муносибатҳои молу мулкдорӣ вайрон мешаванд, алоқаманд нестанд. Баръакс, қасди гунаҳгор бо истифодаи тарзҳои номбаршуда ба маҳдуд кардани рақобат ва ба амал баровардани фаъолияти инҳисорӣ равона карда шудааст.

**Бадқасдона вайрон кардани қоидаҳои баргузории савдои оммавӣ ё тендер, ё музоядаҳо (аукцион)**

Бадқасдона вайрон кардани қоидаҳои баргузории савдои оммавӣ ё тендер, ё музоядаҳо (аукцион) ҳамчун ҷиноят дар моддаи 274 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ гардида, аз як қисм иборат мебошад.

Муносибатҳои ҷамъиятӣ дар соҳаи гузаронидани савдои оммавӣ ё тендер ё музоядаҳо (аукцион) тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонӣ” аз 03.03.2006 сол, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи савдо ва хизматрасонии маишӣ” аз 19.03.2013 сол, Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ҳолат ва тартиби фурӯши объекти хусусии давлат дар тендер” аз 01.03.2004 сол, фармоиши Агентии хариди мол, кор ва хизматрасонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ҳолати комисияи тендерӣ” аз 14.01.1999 сол ва дигар санадҳои меъёри ҳуқуқӣ ба танзим дароварда мешаванд. Мақсад аз ин модда муқаррар намудани

ҷавобгарии ҷиноятӣ барои кирдорҳои дар диспозитсияи моддаи тафсиршаванда пешбинишуда, барои мусоидат намудан ба иштироки ҳамаҷониба ва равнаќу ривоҷи раќобат миёни молрасонҳо (пудратчиён)-и ҳам ватанӣ ва ҳам хориҷӣ равона карда шудааст.

**Объекти** ҷинояти мазкур ин тартиби қонунан амалӣ гузаронидани қоидаҳои баргузори савдои оммавӣ ё тендер ё музоядаҳо (аукцион) ва амалӣ кардани контрол аз болои фаъолияти он мебошад. Дар натиҷаи содир намудани ҷинояти мазкур он тартибе, ки алакай дар қонунгузорӣ муайян карда шудааст вайрон карда мешавад ва дар натиҷа ба иштирокчиёни он зарар расонида мешавад. Бояд қайд намуд, ки қоидаҳои баргузори савдои оммавӣ ё тендер ё музоядаҳо (аукцион) тибқи талаботи санадҳои меъёри ҳуқуқие, ки дар боло зикр карда шуданд ва дигар санадҳои меъёри ҳуқуқӣ гузаронида мешаванд.

**Тарафи объективии** ҷиноят кирдор дар шакли ҳаракат содир карда мешавад. Тибқи талаботи диспозитсияи моддаи мазкур дар содир намудани ҳаракатҳои зерин ифода мегардад:

а) вайрон кардани қоидаҳои гузаронидани савдои оммавӣ –ин фаъолияти шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ оид ба муносибатҳои хариду фурӯши молҳои истеҳсолгардида, коркард ё харидшуда, инчунин иҷрои кору хизматрасонии маишӣ вобаста ба фурӯши маҳсулот мебошад.

б) вайрон кардани қоидаҳои гузаронидани тендер – ин озмуне (конкурсе) мебошад, ки дар байни довталабон барои иҷрои муассир ва самараноки кору хизматрасонӣ ва ё таҳвили намуди муайяни мол бо мақсади интихоби яке (ё якчанд) аз онҳо ва барояш (барояшон) супоридани иҷрои ин кор ё хизматрасонӣ гузаронида мешавад.

в) вайрон кардани қоидаҳои гузаронидани музоядаҳо (аукцион) - ин намуди фурӯши объектҳои хусусигардонӣ, ки аз харидор иҷрои ягон шартро нисбати объекти

харидашаванда баъди хусусигардонии он талаб намекунад.

Барои гузаронидани чунин чорабиниҳо шахси ҳуқуқӣ онҳоро тайёр мекунад, эълон менамояд ва мегузаронад ва аз рӯи натиҷаи онҳо аз номи Ҷумҳурии Тоҷикистон ё аз номи худ уҳдадориҳои муайянро ба ҷо меоварад. Чунин чорабиниҳоро метавонанд мақомоти дахлдори давлатии аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ваколатдоршуда, инчунин, дигар мақомоти давлатӣ ва ташкилотҳо бо супориши мақомоти ҳокимияти иҷроияи аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ваколатдоршуда гузаронад.

Қоидаҳои гузаронидани савдои оммавӣ, тендер ва музоядаҳо (ауксион) дар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар боло зикргардида инъикос ёфтаанд, бинобар ин, барои муайян намудани он, ки кадом қоидаҳо вайрон карда шудаанд, бояд ба онҳо муроҷиат кард. Мисол: барои гузаронидаи тендер дар аввал бояд дархости тендерӣ (пешниҳод дар хусуси молрасонӣ, иҷрои кор ё анҷоми хизматрасонӣ ҳангоми баргузор кардани озмуни харид) эълон карда шавад. Дар ин маврид субъекти эълонкунандаи тендер бояд ҳуҷҷатҳои тендерӣ (лифофаи ҳуҷҷатҳо, ки дорои шартҳо ва тартиби гузаронидани тендер буда, аз ҷониби ташкилоти харидор ба молрасон (пудратчӣ) барои таҳияи дархости тендерӣ пешниҳод карда мешавад)-ро омода карда ба ишкиротчиён пешниҳод бикунад. Дар натиҷаи пешниҳоди ҳуҷҷатҳои лозима аз ҷониби иштирокчиёни тендер бари муайян кардани ғолиби тендер комиссияи тендерӣ (роҳбари ташкилоти харидор бо пешниҳоди воҳиди харид барои ҳар як хариди алоҳида таъсис медиҳад. Комиссияи тендерӣ аз ҳисоби мутахассисони соҳибихтисоси соҳаҳое, ки ба мавзӯи (предмети) харид мувофиқанд ва мутахассис оид ба харид ташкил гардида, бояд шумораи тоқ, вале на камтар аз се нафарро дар бар гирад) ташкил карда мешавад.

Қоидаи музояда бошад - музояда дар сурати иштироки на камтар аз ду нафар гузаронида мешавад; барои гузаронидани музояда фурӯшанда бояд комиссияро дар ҳайати ҳафт нафар таъсис диҳад ва чунин комиссия ҳамон вақт салоҳиятнок ҳисоб мешавад, ки агар дар кори он на кам аз чор нафар аъзоён иштирок намоянд; манъи иштироки категорияҳои алоҳидаи шахсон дар музояда (кормандони фурӯшанда, ташкилотчии музояда ё аъзоёни комиссияи музоядавӣ ва ғ.) ва ғайра.

Ин қоидаҳои дар боло оварда шуда бояд бечунучаро иҷро карда шавад, дар сурати вайрон кардан боиси ҷавобгарӣ мегардад. Инро низ қайд намуд, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян намудани қоидаҳои баргузори савдои оммавӣ ё тендер ё музоядаҳо (аукcион) Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян мекунад. Назорати давлатиро дар ин самт бошад мақомотҳои махсусгардонида шуда амалӣ мекунанд. Инчунин, дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи хусусигардонии моликияти давлатӣ” аз 15.05.1997 сол, чунин муқаррарот пешбинӣ карда шудааст: Хусусигардонӣ ба шаклҳои зерин сурат мегирад:

а) ба савдо гузошта фурӯхтан;
б) аз рӯйи лоиҳаи инфиродии хусусигардонӣ дар асоси озмун[1].

Савдо ба намуди музояда ё тендер гузаронида мешавад. То гузаронидани савдо фурӯшанда вазифадор аст бо талаби харидор ба ӯ оид ба объекте, ки хусусӣ гардонида мешавад, маълумоти пурра диҳад.

Таркиби ҷинояти дар моддаи 274 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон оварда шуда аз рӯи сохти диспозитсияи он ба таркиби моддӣ тааллуқ дорад. Ин чунин маъно дорад, ки вайрон кардани қоидаҳои қоидаҳои баргузори савдои оммавӣ ё тендер ё музоядаҳо (аукcион) танҳо он вақт ҷиноят эътироф карда мешавад,

---

[1] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон“Дар бораи хусусигардонии моликияти давлатӣ”. Дастрас (www.mmk.tj)

ки агар он ба ҷабрдида зарар ба миқдори калон расонида бошад. Мувофиқи эзоҳи моддаи 276 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон – дар моддаҳои 274, 275, ва 276-и Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон зарар ба миқлори калон чунин зарар ҳисобида мешавад, ки агар он аз андозаи нишондиҳанда барои ҳисобҳо як ҳазор маротиба зиёд бошад[1].

Ба сифати ҷабрдидагони ҷинояти мазкур молики молу мулк, созмондиҳандаи савдои оммавӣ, созмондиҳандаи тендер ё созмондиҳандаи музояда, харидор ё дигар субъекти хоҷагидорӣ (ҳам шахсони ҳуқуқӣ ва ҳам шахсони воқеӣ) баромад мекунад.

**Тарафи субъективии** ин ҷиноят гуноҳ дар шакли қасди бевосита ифода мегардад, яъне шахс медонад ҳаракатҳои худ қоидаҳои баргузории савдои оммавӣ, тендер ё музояда (аукcион)-ро вайрон карда истидааст ва хоҳони он буда дар натиҷа ба ҷабрдида зарар мерасонад. Қасди бевосита аз он маълум карда мешавад, ки дар диспозитсияи худи модда ибораи бадқасдона истифода карда шудааст. Ангезаи ҷиноят метавонад гуногун бошад, лекин барои банду баст аҳамият надорад.

**Субъекти** ҷинояти мазкур махсус мебошад, чунки чунин қоида вайронкуниҳо аз ҷониби шахсони масъул содир карда мешавад. Метавонад ба сифати он ташкилотчии савдои оммавӣ, тендер ва ё музояда (аукcион), ки барои амалӣ сохтани фурӯши объектҳои моликияти дар чунин чорабиниҳо ваколатдор карда шудаанд, инчунин аъзоёни комиссияи савдои оммавӣ, тендер ё музояда (аукcион) баромад намоянд.

### Ифшои сирри тиҷоратӣ ё бонкӣ

Ифшои сирри тиҷоратӣ ё бонкӣ ҳамчун ҷиноят дар моддаи 278 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ гардида, аз як қисм иборат мебошад.

---

[1] Кодекси Ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Дастрас (www.mmk.tj)

Моддаи таҳлилишаванда бо мақсади ҳифзи ифшо ё истифодаи сирри тиҷоратӣ ё бонкӣ аз аз ҷониби шахсе, ки ин сир вобаста ба фаъолияти касбӣ ё хизматиаш маълум буд, равона карда шудааст. Тартиби истифода ва ҳифзи сирри тиҷоратӣ ва бонкӣ дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сирри тиҷоратӣ» аз 18 июни соли 2008 ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти бонкӣ» аз 19 майи соли 2009 пешбинӣ карда шудааст. Масалан, мутобиқи моддаи 11 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сирри тиҷоратӣ» бо мақсади ҳифзи махфияти иттилоот корфармо уҳдадор аст:

а) аз корманде, ки воқифгардии ӯ аз иттилооти дорои сирри тиҷоратӣ барои иҷрои уҳдадориҳои меҳнатиаш зарур аст, забонхат гирифта, ӯро бо иттилооти дорои сирри тиҷоратӣ, ки дорандаи он корфармо ва контрагентҳои ӯ мебошанд, шинос намояд;

б) ӯро бо низоми сирри тиҷоратии муқаррарнамудаи корфармо ва чораҳои ҷавобгарӣ барои риоя накардани ин низом шинос намояд;

в) ба корманд барои риояи низоми сирри тиҷоратии муқаррарнамудаи корфармо шароити зарурӣ муҳайё созад;

Корманд бо иттилооти дорои сирри тиҷоратие, ки ба иҷрои уҳдадориҳои хизматии ӯ вобастагӣ надорад, танҳо бо розигии корфармо шинос карда мешавад. Дар баробари ин, барои ҳифзи махфияти иттилоот корманд уҳдадор аст:

а) низоми сирри тиҷоратиро, ки корфармо муқаррар намудааст, риоя кунад;

б) иттилооти дорои сирри тиҷоратиро, ки дорандаи он корфармо ва контрагентҳои ӯ мебошанд, фош накунад ва бе розигии онҳо ба мақсади худ истифода набарад.

Зарурати ҳифзи ҳуқуқӣ-ҷиноятии ифшо ё истифодаи сирри тиҷоратӣ ё бонкӣ аз ҷониби шахсе, ки ба ин ҳуқуқ надошт, баҳри мустаҳкам намудани боварӣ ба ташкилот-

ҳои қарзӣ ва нигоҳ доштани рақобати солим дар ба амал баровардани фаъолияти соҳибкорӣ равона карда шудааст.

Объекти ҷиноятро муносибатҳои ҷамъиятие ташкил мекунанд, ки барои таъмини фаъолияти муътадили шахсони ҳуқуқии тиҷоратӣ, ташкилотҳои қарзӣ ва соҳибкорони инфиродӣ дар самти ҳифзи сирри тиҷоратӣ ё бонкӣ равона карда шудаанд. Манфиатҳои молу мулкии шахсони ҳуқуқии тиҷоратӣ, ташкилотҳои қарзӣ ё соҳибкорони инфиродӣ ба сифати объекти иловагӣ баромад мекунанд.

Тарафи объективии ин ҷиноятро элементҳои зерин тавсия медиҳанд:

1. Кирдор дар намуди ифшо ё истифодаи ғайриқонунии сирри тиҷоратӣ ё бонкӣ;

2. Оқибати кирдор - ба мафиатҳои корхонаи тиҷоратӣ ё соҳибкори инфиродӣ расонидани зарар ба миқдори калон;

3. Алоқаи сабаби байни кирдор ва оқибат.

Фош кардани иттилооти дорои сирри тиҷоратӣ ё бонкӣ– ин амал ё беамалие мебошад, ки дар натиҷаи он иттилооти дорои сирри тиҷоратӣ ё бонкӣ дар ҳар шакли имконпазир (шифоҳӣ, хаттӣ, шакли дигар, аз ҷумла бо истифодаи воситаҳои техникӣ) бе розигии дорандаи чунин иттилоот ё худ бар хилофи шартномаи меҳнатӣ ё ҳуқуқи граждании ба шахсони сеюм маълум мегардад.

Истифодаи ғайриқонунии иттилооте, ки сирри тиҷоратӣ ё бонкиро ташкил мекунад, маънои истифодаи онро дар ҳама гуна фаъолияти иқтисодӣ, ки дар натиҷаи он ба дорандаи иттилооти сирри тиҷоратӣ ё бонкӣ зарари калон мерасад, дорад.

Оқибати кирдори фош ё истифодаи ғайриқонунии сирри тиҷоратӣ ё бонкӣ дар намуди расонидани зарар ба миқдори калон ба дорандаи иттилооти сирри тиҷоратӣ ё бонкӣ муқаррар карда шудааст. Аммо қонунгузор миқдори зарарро бевосита муқаррар накарда, аниқ

намудани онро вобаста ба ҳар як ҳолати кор ба уҳдаи мақомоти ҳуқуқтат-биққунанда вогузор карда аст.

Тарафи субъективии ин ҷиноят бо қасди бевосита муқаррар карда шуда, ангезаи ҷиноят-ғараз ё дигар манфатдории шахсӣ тавсиф меёбад.

Субъекти ин ҷиноятро доираи маҳдуди шахсоне, ки сирри тиҷоратӣ ё бонкӣ вобаста ба фаъолияти касбӣ ё хизматиашон маълум буд, ташкил мекунад. Ба сифати субъекти ин ҷиноят асосан кормандони ташкилотҳои қарзӣ, андоз, гумрук, мақомоти судию ҳифзи ҳуқуқ, ки сирри тиҷоратӣ ё бонкӣ вобаста ба иҷрои вазифаҳои касбӣ ё хизматиашон маълум гардидааст, баромад мекунанд.

Дар эзоҳи моддаи 278 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон меъёри мурофиавӣ пешбинӣ гардидааст, ки мувофиқи он таъқиби ҷиноят барои содир намудани кирдорҳои пешбининамудаи ҳамин модда мутобиқи аризаи корхонаи тиҷоратӣ ё соҳибкори инфиродии зарардида оғоз меёбад, яъне моддаи 278 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба гурӯҳи парвандаҳои айбдоркунии хусусӣ дохил мешавад. Вале дар қ. 2 моддаи 24 Кодекси мурофиавиии ҷиноятӣ, ки мафҳум ва номгӯи моддаҳое, ки ба гурӯҳи парвандаҳои бо айдоркунии хусусӣ оғоз карда мешаванд, номи моддаи 278 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон вуҷуд надорад. Ин ҳолат аз як ҷиҳат номувофиқиии қонунгузориии ҷиноятӣ ва мурофиавиии ҷиноятӣ бошад, аз ҷиҳати дигар ба вайрон кардани низоми қонунгузории ҷиноятӣ, ки он қонунгузории моддӣ мебошад, оварда мерасонад.

**Ришвадиҳии тиҷоратӣ**

Ришвадиҳии тиҷоратӣ ҳамчун ҷиноят дар моддаи 279 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ гардида, аз чор қисм ва эзоҳ иборат мебошад.

Ҷиноятҳои марбут ба ришвадиҳии тиҷоратӣ дар баробари гирифтан ва додани пора ба таври ҷиддӣ масъалаҳоеро ба миён меорад, ки ба амният, субботи ҷомеа, арзишҳою падидаҳои демократӣ, меъёрҳои ахлоқӣ ва адолат халал расонида, ба рушду устувории давлат ва тартиботи ҳуқуқии он зарар мерасонад. Вобаста ба ин дар асоси таҳлилу ҷамбасти таҷрибаи судӣ дар ин самт, Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Қарор «Дар бораи таҷрибаи судӣ оид ба парвандаҳои ҷиноятӣ марбут ба гирифтан, додани пора ва ришвадиҳии тиҷоратӣ» (минбаъд - Қарори Пленум) аз 19 декабри соли 2008 қабул намуд, ки масъалаҳои банду басти ин ҷиноятҳоро дар бар мегирад.

Объекти ин ҷиноятро муносибатҳои ҷамъиятие ташкил мекунанд, ки барои таъмини фаъолияти муътадили дастгоҳи идоракунии корхонаҳои тиҷоратию дигар корхонаҳо равона карда шудааст[1].

Предмети ҷиноятро дар баробари маблағҳои пулӣ, қоғазҳои қиматнок ё дигар молу мулк, инчунин фоида ё хизматрасонии хусусияти молу мулкидошта, ки беподош расонида мешаванду аммо бояд пардохт карда шаванд (пешниҳод намудани роҳхатҳои сайёҳатӣ, таъмири манзили истиқоматӣ, сохтмони бӯстонсарой ва ғайра), шуда метавонанд. Таҳти мафҳуми фоидаи хусусияти молу мулкидошта бошад паст кардани арзиши амволи додамешуда, объектҳои хусусишаванда, кам кардани пардохти иҷора, маблағи фоизи истифодаи ссудаи (қарзи) бонкӣ, фаҳмида мешавад. Ҳангоми бандубасти кирдор бояд ба фоида ва хизматрасонии хусусияти амволидошта, баҳои маблағӣ дода шавад.

Моддаи 279 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ду ҷинояти мустақилро пешбинӣ менамояд. Вобаста ба ин тарафи объектии ин ҷиноят аз кирдорҳои зерин иборат аст:

---

[1] Уголовное право России. М, 2008. С. 305.

1.Ғайриқонунӣ додани пул, коғазҳои қиматнок ё дигар молу мулк, инчунин расонидани хизмати дорои хусусияти молу мулкӣ ба шахсе, ки дар корхонаи тиҷоратӣ ё дигар корхона вазифаи идоракуниро ба ҷо меорад ё вобаста ба мақоми ишғолнамудаи ин шахс барои амали анҷомдодааш (беамалиаш) ба манфиати ришвадиҳанда;

2. Аз ҷониби шахсе, ки вазифаи идоракуниро дар корхонаи тиҷоратӣ ё дигар корхона анҷом медиҳад, ғайриқонунӣ гирифтани пул, коғазҳои қиматнок ё дигар молу мулк, ҳамчунин аз ҷониби ӯ ғайриқонунӣ вобаста ба мақоми ишғол намудаи хизматӣ истифода бурдани хизматрасонии дорои хусусияти молу мулкӣ барои амали анҷомдода (беамалӣ) ба манфиати ришвадиҳанда.

Додани мукофоти ғайриқонунӣ ҳангоми ришвадиҳии тиҷоратӣ, ҳамчунин гирифтани он аз ҷониби шахси мансабдор ё шахсе, ки вазифаҳои идоракуниро дар корхонаи тиҷоратӣ ё дигар корхона анҷом медиҳад, аз лаҳзаи қабули ҳатто як қисми ашёи қиматноки додамешуда, хотимаёфта дониста мешаванд.

Дар ҳолате, ки шахси вазифаҳои идоракуниро дар корхонаи тиҷоратӣ ё дигар корхона анҷом медиҳад, гирифтани ришваи тиҷоратиро рад намудааст, шахсе, ки ришваро медиҳад, барои сӯиқасд ба ҷинояти бо қисми дахлдори моддаи 279 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинишуда ба ҷавобгарӣ кашида мешавад.

Агар додани ашёи қиматдори маслиҳатгардида бо сабабҳои аз иродаи ашхосе, ки кӯшиш мекарданд предмети ришваро диҳанд ё гиранд вобастанабуда, анҷом наёфта бошад, кирдори содирнамудаи онҳо бояд ҳамчун сӯиқасд ба гирифтан ё додани мукофоти ғайриқонунӣ ҳангоми ришвадиҳии тиҷоратӣ банду баст карда шавад.

Нияти изҳорнамудаи шахс дар бораи додани (гирифтани) маблағи пулӣ, қоғазҳои қиматнок, дигар амвол ё пешниҳод намудани имконияти ғайриқонунӣ истифода бурдани хизматрасонии хусусияти моддӣ дошта, таркиби ҷиноятро оиди сӯиқасди гирифтан ё додани пора

ё ришвадиҳии тиҷоратӣ ташкил намедиҳад, агар шахс барои амалӣ гардонидани ин нияташ ягон ҳаракатҳои мушаххасро иҷро накарда бошад.

Барои ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидан бо моддаи 279 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон зарур аст, ки ришва вобаста ба мақоми ишғолкардаи шахс дода ё гирифта шавад. Вобаста ба ин, таҳти мафҳуми ҳаракати (беҳаракатӣ) шахси мансабдор, ки ба фоидаи ришвадиҳанда амалӣ мегардад, бояд чунин ҳаракатҳое фаҳмида шаванд, ки шахси дар корхонаи тиҷоратӣ вазифаи идоракуниро ишғолнамуда, ба онҳо ваколат дошт ё вазифадор буд, ки мутобиқи ваколатҳои хизматии ба души ӯ вогузоргардидаро иҷро намояд. Таҳти мафҳуми ҳаракатҳои ғайриқонунии шахси мансабдор бошад, ҳаракатҳои ғайриҳуқуқие, ки аз ваколати хизматиаш барнамеоянд ё ин ки бархилофи манфиати хизматӣ амалӣ гардонида шудааст ва инчунин ҳаракатҳое, ки аломати ҷиноят ё дигар ҳуқуқвайронкуниро дар бар мегиранд, фаҳмида мешавад.

Тарафи субъективии ин ҷиноят бо қасди бевоста содир мешавад.

Субъекти қисми 1 ва 2 моддаи 279 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон шахси мукаллафи ба синну соли 16 расида шуда метавонад.

Субъекти қисми 3 ва 4 моддаи 279 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон – махсус, яъне шахсе, ки вазифаи идоракуниро дар корхонаи тиҷоратӣ ё дигар корхона анҷом медиҳад. Шахсоне, ки ба таври доимӣ, муваққатӣ, ё бо ваколати махсус вазифаҳои ташкилию амрдиҳӣ ё маъмурию хоҷагидориро дар корхонаи тиҷоратӣ ё дигар корхона новобаста аз шакли моликият ё корхонаи ғайритиҷоратие, ки мақомоти давлатӣ, мақомоти худидоракунии маҳаллӣ, муассисаи давлатӣ намебошад ва инчунин ваколатдороне, ки тибқи шартнома манфиати давлатро дар мақомоти идоракунии ҷамъиятҳои саҳҳомӣ (ширкатҳои хоҷагидорӣ), ки қисми саҳмияи онҳо (ҳисса,

амонат) моликияти давлат мебошад, намояндагӣ мекунанд, шахсони мансабдор эътироф карда намешаванд ва дар сурати ғайриқонунӣ гирифтани ашёи қиматнок ё истифодаи хизматрасонӣ барои анҷом додани ҳаракат (беҳаракатӣ) ба манфиати ришвадиҳанда, бинобар ишғол намудани мавқеи хизматиаш, бояд тибқи моддаи 279 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷавобгарӣ кашида шаванд.

Аз ҷониби шахси мансабдор ё шахсе, ки вазифаҳои идоракуниро дар корхонаи тиҷоратӣ ё дигар корхона анҷом медиҳад, гирифтани маблағи пулӣ, қоғазҳои қиматнок ва дигар ашёҳои қиматдор гӯё барои содир намудани ҳаракате (беҳаракатие), ки онро ӯ аз сабаби мавҷуд набудани ваколатҳои хизматӣ ё имконнопазир будани истифодабарии мавқеи хизматии худ наметавонад амалӣ гардонад, ҳангоми ҷой доштани қасд барои гирифтани ашёҳои қиматдори номбурда, бояд ҳамчун қаллобӣ бо моддаи 247 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон банду баст карда шавад.

Дар чунин ҳолатҳо соҳиби ашёҳои қиматдор барои сӯиқасд ба додани пора ё ришвадиҳии тиҷоратӣ ба ҷавобгарӣ кашида мешавад, агар додани ашёҳои қиматдор ба мақсади аз ҷониби шахсони қайдгардида амалӣ намудани ҳаракатҳои (беҳаракатӣ) хоҳишнамудаи ӯ, равона шуда бошад.

Қисмҳои 2,3 ва 4-и моддаи 279 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон алоаматҳои бандубастшавандаро пешбинӣ менамояд:

2) Ҳамин кирдор, агар:

а) такроран;

б) аз ҷониби гурӯҳи шахсон бо маслиҳати пешакӣ;

в) аз ҷониби гурӯҳи муташаккил содир шуда бошад.

3) Аз ҷониби шахсе, ки вазифаи идоракуниро дар корхонаи тиҷоратӣ ё дигар корхона анҷом медиҳад, ғайриқонунӣ гирифтани пул, коғазҳои қиматнок ё дигар молу мулк, ҳамчунин аз ҷониби ӯ ғайриқонунӣ вобаста ба

мақоми ишғол намудаи хизматӣ истифода бурдани хизматрасонии дорои хусусияти молу мулкӣ барои амали анҷомдода (беамалӣ) ба манфиати ришвадиҳанда.

4) Кирдорҳои пешбининамудаи қисми сеюми ҳамин модда, агар:

а) такроран;

б) аз ҷониби гурӯҳи шахсон бо маслиҳати пешакӣ ё гурӯҳи муташаккил;

в) дар алоқамандӣ бо тамаъҷӯи содир шуда бошад.

Бандубасти гирифтану додани ришваи тиҷоратӣ ҳангоми ришвадиҳии тиҷоратӣ бо аломати такрорӣ содир намудани ҳамон як ҷиноятро на камтар аз ду маротиба ифода менамояд, агар мӯҳлати ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидан барои ҷиноятҳои қаблӣ нагузашта бошад ё ин ки доғи судӣ барои чунин ҷинояти қаблан содирнамуда бардошта ё барҳам нахӯрда бошад.

Гирифтан ва додани мукофоти ғайриқонунӣ ҳангоми ришвадиҳии тиҷоратӣ дар якчанд марҳила барои иҷро намудан ё иҷро накардани ҳаракатҳое, ки ба вуқӯъ омадани натиҷаи дилхоҳро таъмин менамояд ва ҳамчунин додани предмети ришва ба гурӯҳи шахсони мансабдор ё шахсоне, ки вазифаҳои идоракуниро дар корхонаи тиҷоратӣ ё дигар корхона анҷом медиҳанд ва ҷиноятро бо маслиҳати пешакӣ ё дар ҳайати гурӯҳи муташаккил содир намудаанд, ҳамчун ҷинояти такроран содиршуда эътироф карда намешавад.

Гирифтани предмети ришвадиҳии тиҷоратӣ дар сурате бо маслиҳати пешакӣ аз ҷониби гурӯҳи ашхос дониста мешавад, ки агар дар ҷиноят ду ва зиёда шахсоне, ки вазифаҳои идоракуниро дар корхонаи тиҷоратӣ ё дигар корхона анҷом медиҳанд, иштирок карда, қаблан барои якҷоя содир намудани ҷинояти мазкур бо истифодаи мавқеи хизматии худ маслиҳат кардаанд. Дар ин маврид аҳамият надорад, ки кадом маблағро ҳар яке аз ин шахсон гирифтаанд.

Тахти мафҳуми тамаъҷӯи, аз ҷониби шахсе, ки вазифаҳои идоракуниро дар корхонаи тиҷоратӣ ё дигар корхона анҷом медиҳад, талаб намудани додани мукофоти ғайриқонунӣ дар намуди маблағи пулӣ, қоғазҳои қиматнок, дигар амвол ҳангоми ришвадиҳии тиҷоратӣ, зери таҳдиди содир намудани ҳаракатҳое, ки метавонанд ба манфиатҳои қонунии шаҳрванд зарар расонанд ё охиринро ба чунин вазъият гузоранд, ки ӯ маҷбур мешавад ришвадиҳии тиҷоратиро бо мақсади пешгирии оқибатҳои зарарнок ба манфиатҳои бо қонун ҳифзшавандааш амалӣ намояд, фаҳмида мешавад.

Эзоҳи моддаи 279 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон шартҳои озод намудан аз ҷавобгарии ҷиноятиро муқаррар менамояд, ки мутобиқи он агар нисбат ба шахси кирдорҳои пешбининамудаи қисмҳои якум ва дуюми ҳамин моддаро содирнамуда тамаъҷӯӣ ҷойдошта бошад ва ӯ ихтиёрӣ ба мақоме, ки ҳақ дорад парвандаи ҷиноятӣ кушояд, оид ба ришвадиҳӣ иттилоъ диҳад, аз ҷавобгарии ҷиноятӣ озод карда мешавад. Банди 29 Қарори Пленум муқаррар менамояд, ки аз ҷавобгарии ҷиноятӣ озод намудани шахсе, ки ришвадиҳии тиҷоратиро анҷом додааст, бо асосҳои ихтиёран дар бораи содир шудани ҷиноят хабар расонидан, маънои дар ҳаракатҳои шахсони мазкур мавҷуд набудани таркиби ҷиноятро надорад. Аз ин рӯ, онҳо ҷабрдида эътироф карда намешаванд ва барои баргардонидани ашёҳои қиматдори ба сифати предмети ришвадиҳии тиҷоратӣ додашуда ҳуқуқи талабгор шудан надоранд ва ин ашёҳо ба онҳо баргардонида намешаванд.

Дар ҳолатҳое, ки агар нисбати шахс оиди ғайриқонунӣ додани маблағҳои пулӣ, қоғазҳои қиматнок, дигар амвол дар намуди ришвадиҳии тиҷоратӣ талабот арз шуда, то додани онҳо шахс ба мақомоте, ки ҳуқуқи оғоз кардани парвандаи ҷиноятиро дорад, ихтиёран хабар расонида бошаду додани маблағҳои пулӣ, қоғазҳои қиматноку дигар амвол, бо мақсади бо далели шайъӣ

дастгир кардани шахсе, ки чунин талаботро пешниҳод намудааст, таҳти назорати мақомоти мазкур ба амал бароварда шуда бошад, маблағҳои пулӣ ва дигар амвол ба фоидаи давлат дода намешавад. Дар чунин ҳолатҳо маблағи пулӣ ва дигар ашёҳои қиматдор, ки предмети ришвадиҳии тиҷоратӣ мебошанд, бояд ба соҳибаш баргардонида шаванд.

**Ришвадиҳӣ ба иштирокчиён ё ташкилотчиёни мусобиқаҳои касбии варзишӣ ва озмунҳои намоишии тиҷоратӣ**

Ришвадиҳӣ ба иштирокчиён ё ташкилотчиёни мусобиқаҳои касбии варзишӣ ва озмунҳои намоишии тиҷоратӣ ҳамчун ҷиноят дар моддаи 280 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ гардида, аз се қисм иборат мебошад.

Объекти ҷиноятро муносибатҳои ҷамъиятие ташкил мекунад, ки ба таъмини тартиби одилона ва беғараз гузаронидани мусобиқаҳои варзишии касбӣ ва озмунҳои намоишии тиҷоратӣ равона карда шудааст.

Предмети ҷиноятро маблағҳои пулӣ, қоғазҳои қиматнок ё дигар молу мулк, инчунин фоида ё хизматрасонии хусусияти молу мулкидошта, ки беподош расонида мешаванду аммо бояд пардохт карда шаванд (пешниҳод намудани роҳхатҳои сайёҳатӣ, таъмири манзили истиқоматӣ, сохтмони бӯстонсарой ва ғайра), шуда метавонанд.

Моддаи 280 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ду ҷинояти мустақилро муқаррар мекунад, ки тарафи объективии онҳо аз кирдорҳои зерин иборат аст:

1.Ришвадиҳӣ ба варзишгарон ва дигар субъектони дар қ.1 моддаи 280 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинишуда, бо мақсади расонидани таъсир ба натиҷахои мусобиқа ё озмунҳо. Ришвадиҳӣ ин ҳаракатҳое мебошад, ки барои моил намудани варзишгарон,

доварони варзиш, устодон, роҳбарони дастаҳо ё дигар иштирокчиён ё ташкилотчиёни мусобиқаҳои варзишии касбӣ, ташкилотчиён ё аъзои доварони (жюрии) озмунҳои намоиши тиҷоратӣ бо мақсади ба манфиати ришвадиҳанда ҳал намудани натиҷахои мусобиқа ё озмунҳо равона карда шудааст.

2. Ғайриқонунӣ гирифтани арзишҳои моддӣ ё истифода аз хизматрасонии дорои хусусияти молу мулкӣ аз ҷониби варзишгарон ва дигар субъектони дар қ.3 моддаи 280 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинишуда, ки баръало барои таъсир расонидан ба натиҷаҳои мусобиқа ё озмунҳо дода шудаанд ё истифода гардидаанд.

Додани ришва ё гирифтани он аз ҷониби варзишгарон, доварони варзиш, устодон, роҳбарони дастаҳо ё дигар иштирокчиён ё ташкилотчиёни мусобиқаҳои варзишии касбӣ, ташкилотчиён ё аъзои доварони (жюрии) озмунҳои намоиши тиҷоратӣ, аз лаҳзаи қабули ҳатто як қисми ашёи қиматноки додамешуда, хотимаёфта дониста мешаванд.

Тарафи субъектии ҷиноят бо касди бевосита содир шуда, мақсад - расонидани таъсир ба натиҷахои мусобиқа ё озмунҳо аломати ҳатмии тарафи субъективии ҷиноят мебошад.

Субъекти қисмҳои 1 ва 2 моддаи 280 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон шахси мукаллафи ҷисмони ба синну соли 16 расида шуда метавонад. Субъекти қисми 3 моддаи 280 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон бошад, варзишгарон, доварони варзиш, устодон, роҳбарони дастаҳо ё дигар иштирокчиён ё ташкилотчиёни мусобиқаҳои варзиши касбӣ, ҳамчунин аз ҷониби ташкилотчиён ё аъзои доварони (жюрӣ) озмунҳои намоиши тиҷоратӣ шуда метавонанд.

**Аз хориҷа барнагардонидани воситаҳо ба асъори хориҷӣ**

Аз хориҷа бар нагардонидани воситаҳо ба асъори хориҷӣ ҳамчун ҷиноят дар моддаи 287 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ гардида, аз як қисм ва эзоҳ иборат мебошад.

Объекти ин ҷиноятро муносибатҳои ҷамъиятие ташкил мекунад, ки барои таъмини фаъолияти муътадили низоми пулию кредитии кишвар равона карда шудааст. предмети ҷиноятро воситаҳо ба асъори хориҷӣ, ки мутобиқи қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд ба ҳисобномаи бонки ваколатдори Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳатман гузаронида шавад, ташкил мекунад.

Тарафи объективии ин ҷиноят – кирдор дар шакли аз хориҷа ба миқдори калон бар нагардондани воситаҳо ба асъори хориҷӣ, ки мутобиқи қонунҳои Тоҷикистон бояд ба ҳисобномаи бонки ваколатдори Тоҷикистон ҳатман гузаронида шавад, муқаррар карда шудааст.

Мутобиқи моддаи 5 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими асъор ва назорати асъор» аз 4 ноябри соли 1995 резидентҳо метавонанд дар бонкҳои ваколатдор ба асъори хориҷӣ ҳисобҳо дошта бошанд. Асъори хориҷие, ки корхонаҳо (ташкилотҳо) - резидентҳо ба даст меоваранд, ҳатман ба ҳисоби онҳо дар бонкҳои ваколатдор гузаронида мешавад, ба шарте, ки Бонки миллӣ таври дигар муқаррар накарда бошад. Вобаста ба ин, резидентҳо вазифадоранд, ки дар Бонки миллии Тоҷикистон амонату ҳисобҳоеро, ки берун аз ҳудуди Тоҷикистон кушода мешаванд, қайд кунонанд.

Баҳри тазими тартиби аз тарафи бонки ваколатдор ба асъори хориҷӣ кушодан ва нигоҳ доштани ҳисобҳои резидентҳо Бонки миллии Тоҷикистон Дастурамал «Дар бораи кушодани суратҳисобҳои резидентҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо асъори хориҷӣ дар бонкҳои берун аз Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 20 майи соли 2011 ва

Дастурамал «Дар бораи тартиби анҷомдиҳии амалиёти асъории вобаста ба ҳаракати сармоя аз тарафи резидент» аз 30 июни соли 2011 қабул намудааст, ки он тартиби кушодан ва дар Бонки миллии Тоҷикистон ба қайд гирифтани суратҳисобҳои бонкии шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ - резидентҳои Ҷумҳурии Тоҷикистонро, ки дар бонкҳои ғайрирезидент берун аз ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон кушода мешаванд, инчунин тартиби аз ҷониби шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ-резидентҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон анҷом додани амалиёти асъории вобаста ба ҳаракати сармояро муқаррар менамояд.

Мутобиқи ин Дастурамалҳо резидентҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуқуқ доранд бо тартиби муқарраркардаи қонунгузории Тоҷикистон дар бонкҳои ғайрирезидент бе маҳдудияти шумора ва таъйинот, бо риояи талаботи низоми муқовимат ба қонунигардонии (расмикунонии) даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда ва маблағузории терроризм, суратҳисобҳои бонкӣ бо асъори хориҷӣ кушоянд.

Резидентҳо дар ҳолатҳои зерин метавонанд дар бонкҳои ғайрирезидент берун аз Ҷумҳурии Тоҷикистон суратҳисоби бонкӣ бо асъори хориҷӣ кушоянд:

– амалӣ намудани ҳисоббаробаркуниҳои ҳамкории истеҳсолӣ бо ҳамкорони хориҷӣ;
– хизматрасонии қарзи хориҷӣ;
– мавҷудияти намояндагӣ ва шӯъбаҳо берун аз ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои амалӣ кардани вазифаҳое, ки бо фаъолияти истеҳсолию хоҷагии резидентҳо алоқаманд мебошанд.
– мавҷуд набудани имконияти гузаронидани амалиётҳои ҳисоббаробаркунии зарурбуда аз ҷониби ташкилотҳои қарзии Ҷумҳурии Тоҷикистон;
– мавҷуд будани фароғатгоҳҳову муассисаҳои солимгардонӣ, маблағгузории табобат, чорабиниҳои фарҳангиву варзишӣ ва намоишгоҳҳо, иҷро намудани

дигар масъалаҳои дорои хусусияти иҷтимоӣ, амалӣ кардани фаъолияти суғуртавӣ ва нақлиётию экспедитсионӣ берун аз ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон ва монанди онҳо;

– маблағгузории корҳои махсусгардонидашуда, ки берун аз ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷро мегарданд (корҳои сохтмону монтаж, геологию ҷустуҷӯӣ, сохтмону таъмир).

Ҷинояти мазкур дар сурате хотимаёфта дониста мешавад, ки агар воситаҳо ба асъори хориҷӣ аз хориҷи кишвар, ки мутобиқи қонунҳои Тоҷикистон бояд ба ҳисобномаи бонки ваколатдори Тоҷикистон ҳатман гузаронида шавад, ба миқдори калон барнагардонида шавад. Мутобиқи эзоҳи моддаи 287 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар моддаи мазкур кирдорҳо ҳангоме ба миқдори калон содиршуда шуморида мешавад, ки агар воситаҳои ба асъори хориҷӣ баргардониданашуда аз андозаи панҷ ҳазор нишондиҳанда барои ҳисобҳо бештар бошад.

Тарафи субъективии ҷиноят бо қасди бевосита ифода гардида, ангезаи содир кардани ҷиноят гуногун мебошад ва он бояд ҳангоми таъйин кардани ҷазо ба инобат гирифта шавад.

Субъекти ҷиноят. Ҷинояти мазкурро шахси ҷисмонии мукалафи ба синну соли 16 расида, ки роҳбари корхона буда, уҳдадор аст воситаҳо бо асъори хориҷиро ба ҳисобномаи бонки ваколатдори Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳатман гузаронад, содир мекунад.

**Қочоқ**

Қочоқ ҳамчун ҷиноят дар моддаи 289 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ гардида, аз панҷ қисм ва эзоҳ иборат мебошад.

Қочоқ яке аз ҷиноятҳое мебошад, ки ба фаъолияти иқтисоди хориҷӣ аз як тараф ва аз тарафи дигар ба

манфиатҳои молиявии давлат ҷиҳати руёнидани боҷ ва дигар пардохтҳои гумрукӣ таҷовуз мекунанд. Дар натиҷаи содир намудани ин ҷиноят ба манфиатҳои молистеҳсолкунандагони дохилию хориҷӣ зарари калон расонида мешавад.

Оид ба объекти қочоқ қайд кардан зарур аст, ки миёни олимон ақидаи ягона вуҷуд надорад. Б. В. Волженкин объекти бевоситаи қочоқро чун муносибатҳои ҷамъиятии танзимсозандаи фаъолияти иқтисодии беруна муқаррар мекунад[1]. А. И. Чучаев ва С.Ю. Иванова бошад, объекти қочоқро чун муносибатҳои ҷамъиятӣ ҷиҳати танзими фаъолияти мақомоти гумрук, ки барои ба даст овардани мақсади иқтисодӣ равона шудаанд, меҳисобанд[2]. Вале ба ақидаи мо, то дараҷае дуруст объекти бевоситаи қочоқро Н.А. Лопашенко муқаррар намудаст. Ба ақидаи ӯ, объекти ин ҷиноят муносибатҳои ҷамъиятие мебошанд, ки ба принсипи манъи фаъолияти криминалӣ дар фаъолияти иқтисодӣ мутобиқат мекунанд[3]. Аммо, ақидаи Н.А. Лопашенко танҳо ба қисми аввали моддаи 289 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқат мекунад. Чунки қочоқи маводҳои дар қисми 3 моддаи 289 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинишуда (воситаҳои нашъадор, моддаҳои психотропӣ, прекурсорҳои онҳо, моддаҳои сахттаъсир, заҳролуд, заҳролудкунанда, радиоактивӣ, тарканда, аслиҳа, воситаҳои таркиш, силоҳи оташфишон, лавозимоти ҷангӣ ё муҳимоти ҳарбӣ, силоҳи зарравӣ, химиявӣ, биологӣ ё дигар намуди силоҳи қатли ом, мавод ва таҷҳизоте, ки барои сохтани силоҳи қатли ом истифода шуданашон мумкин аст, ҳамчунин ашёи хоми аз ҷиҳати стратегӣ муҳим, осори бадеӣ, таърихӣ, бостоншиносӣ ё арзишҳои

[1] Волженкин Б.В. Преступления в сфере экономичекой деятельности. СПб., 2002. С. 386.
[2] Чучаев А.И., Иванова С.Ю. Таможные преступления в новом УК РФ// Государство и право. 1998. №11. С. 43.
[3] Преступления в сфере экономики. М., 2006. С. 506.

дигари фарҳангӣ) ба ҳеҷ ваҷҳ таҷовуз ба муносибатҳои ҷамъиятӣ дар самти ба амал барории фаъолияти иқисоди хориҷӣ намекунад. Вобаста ба ин, ба ақидаи мо объекти ҷинояти дар қисми 3 моддаи 289 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинигардида вобаста ба предмети он, ин саломатии аҳолӣ, амнияти ҷамъиятӣ ва ахлоқ мебошанд. Чунки, қочоқи воситаҳои нашъаовар ё силоҳ на ба муносибатҳои иқтисодӣ, балки ба манфиатҳои давлат дар самти таъмини амният ё саломатии аҳолӣ таҷовуз мекунанд.

Предмети қисми 1 моддаи 289 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон мол ё дигар предметҳо ташкил мекунад, ки дар қисми 3 моддаи 289 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон номбар карда нашудаанд. Мутобиқи банди 16 қисми 1 моддаи 10 Кодекси гумрук мол - ҳама гуна молу мулки манқули ҳам ба мақсадҳои тиҷоратӣ ва ҳам ғайритиҷоратӣ аз сарҳади гумрукӣ интиқолшаванда, инчунин воситаҳои нақлиёти марбут ба молу мулки ғайриманқул, ки аз сарҳади гумрукӣ интиқол дода мешаванд, ба истиснои воситаҳои нақлиёти дар банди 7 ҳамин қисм нишондодашуда, дониста мешаванд. Воситаҳои нақлиёте, ки дар банди 7 моддаи 10 Кодекси гумрук нишон дода шудаанд, ба дигар предметҳо дохил мешаванд. Ба ин гурӯҳ дохил мешаванд: ҳама гуна киштии дарёӣ (аз ҷумла лихтерҳои худгард ва ғайрихудгард, баржаҳо, инчунин киштиҳои болдор), киштиҳои дорои болиштҳои пурбод, тайёраҳо, нақлиёти автомобилӣ (аз ҷумла ядакҳо, нимядакҳо, воситаҳои нақлиёти омехта) ё воҳиди ҳаракаткунандаи роҳи оҳанро дар бар мегирад, ки барои ҳамлу нақли байналмилалии интиқоли пулакии шахсон ё ҳамлу нақли пулакӣ ва ройгони бори саноатӣ ва тиҷоратӣ истифода мешаванд, инчунин қисмҳои эҳтиётии штатӣ, олот ва таҷҳизот, сӯзишворию равғанҳои молидании дар бакҳои штатӣ мавҷуда, агар онҳо якҷоя бо воситаҳои нақлиёт интиқол дода шаванд.

Дар баробари ин, таҳлили моддаи 289 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон медиҳад, ки предмети қисми 1 ҳамин модда тамоми намуди мол ё дигар предметҳое, ки аз муомилоти гражданӣ гирифта нашудаанд ё муомилоташон маҳдуд карда нашудаанд, ташкил мекунанд. Таҷрибаи тафтишотию судӣ нишон медиҳад, ки ба сифати предмети қисми 1 моддаи 289 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон асосан маҳсулоти тилловорӣ, хӯрковорӣ, маводи сӯхт баромад мекунанд.

Қочоқи мол ё дигар предметҳо мутобиқи қисми 1 моддаи 289 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар сурате ҷиноят шуморида мешаванд, ки агар дар давоми сол пас аз татбиқи ҷазои маъмурӣ содир шуда бошад.

Агар кирдори пешбининамудаи қисми 1 моддаи 289 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба миқдори калон содир шуда бошад, пас ҷавобгарии ҷиноятӣ бо қисми 2 моддаи 289 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон фаро мерасад. Кирдори пешбининамудаи қисми 2 моддаи 289 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳангоме ба миқдори калон содиршуда ҳисобида мешавад, агар арзиши мол ё воситаи нақлиёти интиқолшуда аз дую ним ҳазор нишондиҳанда барои ҳисобҳо бештар бошад.

Қисми 3 моддаи 289 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон бошад, дорои чунин предмет мебошад:

а) воситаҳои нашъадор, моддаҳои психотропӣ, прекурсорҳои онҳо, моддаҳои сахттаъсир, заҳролуд, заҳролудкунанда;
б) моддаҳои радиоактивӣ, тарканда;
в) аслиҳа, воситаҳои таркиш, силоҳи оташфишон, лавозимоти ҷангӣ ё муҳимоти ҳарбӣ, силоҳи зарравӣ, химиявӣ, биологӣ ё дигар намуди силоҳи қатли ом, мавод ва таҷҳизоте, ки барои сохтани силоҳи қатли ом истифода шуданашон мумкин аст;
г) маводи ашёи аз ҷиҳати стратегӣ муҳим;

д) осори бадеӣ, таърихӣ, бостоншиносӣ ё арзишҳои дигари фарҳангӣ.

Тарафи объективии қисмҳои 1 – 5 моддаи 289 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқат мекунанд. Вобаста ба ин, тарафи объективии қочоқ дар шаклҳои зерин ифода меёбад:

а) гузаронидан аз сарҳади гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон бидуни назорати гумрукӣ;
б) гузаронидан аз сарҳади гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон пинҳонӣ аз назорати гумрукӣ;
в) гузаронидан аз сарҳади гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо воситаи фиребгарона истифода кардани ҳуҷҷатҳо ё воситаҳои ҳаммонандкунии гумрукӣ;
г) гузаронидан аз сарҳади гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо декларатсия накардан ё декларатсиякунонии сохта.

Барои хотима ёфта донистани таркиби ҷинояти қочоқ мавҷудияти як кирдори дар боло зикршуда кофӣ аст.

Гузаронидан аз сарҳади гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон бидуни назорати гумрукӣ.

Мутобиқи моддаи 2 Кодекси гумрук дар Тоҷикистон қаламрави гумрукӣ ва сарҳади гумрукӣ мавҷуд аст. Қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон қаламрави ягонаи гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистонро ташкил медиҳад. Сарҳади гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон бошад, ба сарҳади давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқ аст, ба истиснои минтақаҳои озоди иқтисодӣ, ки ба сарҳади гумрукӣ дохил шуда, ба сарҳади давлатӣ дохил намешаванд.

Гузаронидан аз сарҳади гумрукӣ бидуни назорати гумрукӣ маънои воридот ба қаламрави гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон ё содироти мол ва (ё) воситаҳои нақлиёт аз ин қаламрав бо вайрон намудани тартиби муқаррарнамудаи Кодекси гумрукро дорад. Назорати гумрукӣ бошад, ин маҷмӯи тадбирҳое мебошад, ки

мақомоти гумрук бо мақсади таъмини риояи қонунгузории гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ менамоянд.

Тарафи субъективии ҷинояти қочоқ бо қасди бевосита содир карда шуда, субъект шахси мукалафи ба синну соли 16 расида муқаррар карда шудааст.

Қисми 4 ва 5 моддаи 289 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон таркибҳои махсус бандубастшавандаро пешбинӣ менамояд, ки онҳо:

4) Кирдорҳои пешбининамудаи қисмҳои якум, дуюм ё сеюми моддаи мазкур агар:

а) такроран;
б) аз ҷониби шахси мансабдор бо истифодаи мақоми хизматӣ;
в) бо истифодаи зӯроварӣ ё таҳдиди он нисбат ба шахсе, ки назорати гумрукиро анҷом медиҳад;
г) бо роҳи рахна кардани сарҳади гумрукӣ содир шуда бошанд.

5) Кирдорҳои пешбининамудаи қисмҳои якум, дуюм, сеюм ё чоруми ҳамин модда, агар аз ҷониби гурӯҳи муташаккил содир шуда бошанд.

Қайд кардан зарур аст, ки бо банди ”б” қисми 4 моддаи 289 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон кирдори ҳам шахси мансабдори мақомоти гумрукӣ, ки бо истифода аз мақоми хизматии худ ҷинояти пешбининамудаи қисмҳои 3 ва 4 моддаи 289 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон содир мекунад, ва ҳам шахсе, ки бинобар вазифаи ишғолкардааш мавриди санҷиши гумрукӣ қарор дода намешаваду ҷинояти зикршударо содир мекунад, банду баст карда мешавад. Номгуйи шахсоне, ки мавриди санҷиши гумрукӣ қарор намегиранд, дар боби 39 ва моддаи 430 Кодекси гумрук пешбинӣ карда шудаанд.

**Саркашӣ аз пардохтҳои гумрукӣ**

Саркашӣ аз пардохтҳои гумрукӣ ҳамчун ҷиноят дар моддаи 291 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ гардида, аз ду қисм иборат мебошад.

Саркашӣ аз пардохтҳои гумрукӣ, яъне бо андозаи муқарраршуда ва дар мӯҳлати муқарраршуда аз пардохти гумрукӣ ба миқдори калон саркашӣ кардани шахсе, ки уҳдадор буд чунин пардохтро супорад. Меъёри моддаи 291 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба диспозитсияаш хусусияти бланкетӣ дорад ва барои муайян намудани аломатҳои ҷиноят ба мо лозим меояд, ки пеш аз ҳама ба Кодекси гумрук мурочиат намоем.

Моддаи 291 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ду қисм ва эзоҳ иборат аст.

Дар қисми якум барои саркашӣ кардан аз пардохтҳои гумрукӣ ба миқдори калон ҷавобгарии ҷиноятӣ пешбинӣ карда шудааст.

Объекти ҷиноятро муносибатҳои ҷамъиятӣ дар соҳаи фаъолияти молиявии давлат ташкил медиҳанд.

Предмети ҷиноят аломати ҳатмӣ буда ба он пардохтҳои гумрукӣ дохил мешавад. Мувофиқи қонунгузории Тоҷикистон молҳо ва воситаҳои нақлиёте, ки аз сарҳади гумрукии Тоҷикистон интиқол дода мешаванд, ҳатман бояд пардохтҳои гумрукиро супоранд.

Ба пардохтҳои гумрукӣ дохил мешаванд:

а) боҷи гумрукӣ - ин пардохти ҳатмие мебошад, ки ҳангоми декларатсия кардани мол дар низомҳои гумрукие, ки шартҳои таҳти ин низом ҷойгиркунонӣ супурдани боҷҳои гумрукиро таъмин мекунанд, мувофиқи Кодекси гумрук бояд пардохта шаванд.

б) андоз аз арзиши иловашуда, ки ҳангоми воридоти мол ба қаламрави гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон ситонида мешавад;

в) аксиз, ки ҳангоми воридоти мол ба қаламрави гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон ситонида мешавад.

Тарафи объективии ҷиноятро саркашӣ кардан аз супоридани пардохтҳои гумрукӣ ба миқдори калон ташкил медиҳад. Пардохтҳои гумрукӣ ҳам аз шахсони воқеӣ ва ҳам аз шахсони ҳуқуқӣ ситонида мешавад.

Боҷҳои гумрукӣ ва андоз то қабули декларатсияи гумрукӣ аз ҷониби мақомоти гумрук ё ҳамзамон бо он пардохт мешаванд. Ҷиноят аз лаҳзаи гузаронидани муҳлати муқарраршуда барои пардохти боҷи гумрукӣ хотимаёфта дониста мешавад. Чунин муҳлатҳои муайян кардан ва супоридани пардохтҳои гумрукӣ мавҷуданд:

1) Ҳангоми воридоти мол боҷҳои гумрукӣ ва андоз бояд дар давоми 15 рӯзи пешниҳоди мол ба мақоми гумрук дар маҳали расидани он ба қаламрави гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон ё аз рӯзи анҷом ёфтани транзити дохилии гумрукӣ пардохта шаванд, ба шарте агар мол дар маҳали воридшавии он декларатсия карда нашавад.

2) Ҳангоми содироти мол боҷи гумрукӣ бояд дар муҳлати на дертар аз рӯзи пешниҳоди декларатсияи гумрукӣ пардохта шавад.

3) Ҳангоми ба мақсади дигар истифода кардани моли шартан иҷозатдодашуда на бо мақсаде, ки вобаста ба он имтиёзҳои гумрукӣ пешниҳод шуда буданд, барои ҳисоби фоизҳо (моддаи 393) муҳлати супурдани боҷҳои гумрукӣ ва андоз рӯзи аввале ҳисоб меёбад, ки шахс талаботи маҳдудият барои истифодабарӣ ва ихтиёрдории молро вайрон кардааст. Агар муайян намудани ин рӯз имконнопазар бошад, рӯзи аз тарафи мақомоти гумрук қабул шудани декларатсияи гумрукӣ ба ин гуна мол рӯзи оғози муҳлати супурдани боҷу андозҳо ҳисоб карда мешавад.

4) Ҳангоми вайрон кардани талабу шартҳои расмиёти гумрукӣ, ки мутобиқи Кодекси гумрук шахсро ба пардохти боҷҳои гумрукӣ ва андоз вазифадор месозад, муҳлати пардохти боҷҳои гумрукӣ барои ҳисоби фоизҳо рӯзи содир шудани чунин қонуншиканӣ ҳисоб мешавад. Агар муайян кардани чунин рӯз имконнопазир бошад,

рӯзи оғози амали расмиёти дахлдори гумрукӣ муҳлати пардохти боҷҳои гумрукӣ ва андоз шуморида мешавад.

5) Муҳлати пардохти боҷи гумрукӣ ва андози моле, ки шахсони воқеӣ барои истифодаи шахсӣ интиқол медиҳанд, дар муросилоти байналмилалии почта, тавассути қубурҳо ва хатҳои барқ интиқол дода мешавад, моли муваққатан воридкардашуда ва қисман аз боҷҳои гумрукӣ ва андоз озод кардашуда, моли ғайриқонунӣ воридкардашудае, ки дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон аз харидорони он пайдо карда шудаанд (созмонҳои машғули тиҷорати яклухт ё чаканаи моли воридшуда) тибқи Кодекси гумрук муайян карда мешавад.

Ба ғайр аз ин, дар сурати дар муҳлати муқарраршуда насупоридан ё пурра напардохтани боҷи гумрукӣ, андоз мақомоти гумрук боҷҳои гумрукӣ ва андозро маҷбуран, тибқи тартиби муайяннамудаи қонунгузории Тоҷикистон меситонанд. Мақоми гумрук пеш аз истифодаи чораҳои вобаста ба ситонидани маҷбурии боҷҳои гумрукӣ ва андоз ба шахси масъули пардохткунандаи онҳо талаби супоридани пардохтҳои гумрукиро пешниҳод мекунад

Талабномаи супоридани боҷи гумрукӣ ва андоз огоҳномаи мақоми гумрук аст, ки ба таври хаттӣ дар бораи дар муҳлати муқарраршуда насупоридани маблағи боҷи гумрукӣ ва андоз, инчунин уҳдадориҳои супоридани маблағи боҷи гумрукӣ, андоз ва фоизҳо дар муҳлатҳои дар ин талабнома омадаро дар бар мегирад.

Талабномаи супоридани боҷҳои гумрукӣ ва андоз бояд маълумотро дар бораи маблағи пардохтшавандаи боҷи гумрукӣ ва андоз, андозаи фоизи дар рӯзи пешниҳоди талабнома ҳисобшуда, муҳлати супоридани боҷи гумрукӣ ва андоз мувофиқи Кодекси гумрук, муҳлати иҷрои талабнома, ҳамчунин тадбирҳои маҷбурии ситонидани боҷи гумрукӣ, андоз ва таъмини ситонидани онҳоро, ки дар сурати насупоридани боҷу андозҳои гумрукӣ аз тарафи пардохткунанда истифода мегарданд, инчунин дар бораи асосҳои пешниҳоди талабномаро дар

бар гирад. Намунаи талабнома дар бораи супоридани боҷи гумрукӣ ва андоз аз тарафи мақоми ваколатдор оид ба масъалаҳои фаъолияти гумрукӣ муқаррар карда мешавад.

Талабнома дар бораи супоридани боҷи гумрукӣ ва андоз ба пардохткунанда бояд дар давоми 10 рӯзи баъд аз ошкор шудани далели насупоридан ё пурра насупоридани боҷи гумрукӣ ва андоз фиристода шавад.

Талабномаи супоридани боҷи гумрукӣ ва андоз ба роҳбар ё шахси ваколатдори намояндаи ташкилот ё шахси воқеӣ бо имзои шахсӣ ё ба тариқи дигар, ки далели гирифтан ва рӯзи гирифтани онро тасдиқ менамояд, супорида мешавад. Агар шахсони мазкур аз гирифтани талабномаи мазкур саркашӣ намоянд, пас он тавассути почта бо мактуби фармоишӣ фиристода мешавад. Талабномаи супоридани боҷи гумрукӣ ва андоз баъд аз шаш рӯзи фиристодани мактуби фармоишӣ дастрасшуда ҳисоб меёбад.

Ҳангоми дар муҳлати 20 рӯз иҷро накардани шартҳои талабномаи супоридани боҷи гумрукӣ ва андоз мақомоти гумрук тадбирҳои боздоштани амалиёти хароҷотӣ аз рӯи ҳисобномаҳои шахс дар бонкҳо ва дигар муассисаҳои молиявию кредитӣ, ҳабси амвол ва ситонидани маблағҳои ба шахс тааллуқдоштаро амалӣ менамоянд.

Талабномаи супоридани боҷи гумрукӣ ва андоз ба пардохткунанда сарфи назар аз ҷалби ӯ ба ҷавобгарии маъмурӣ ё ҷиноятӣ фиристода мешавад.

Қайд кардан ба маврид аст, ки риоя накардани шарту шароитҳои зикршуда ҷавобгарии ҷиноятиро барои насупоридани пардохтҳои гумрукӣ тақозо мекунад.

Таркиби ҷиноят (қисми 1 моддаи 291 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон) моддӣ буда, аз лаҳзаи саркашӣ кардан аз пардохти гумрукӣ ба миқдори калон хотимаёфта дониста мешавад. Мувофиқи эзоҳ ба моддаи 291 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон саркашӣ аз пардохти гумрукӣ ҳангоме ба миқдори калон содиршуда

шуморида мешавад, ки агар миқдори пардохтҳои гумрукии супориданашуда аз панҷ ҳазор нишондиҳанда барои ҳисобҳо зиёд бошад.

Субъекти ҷиноят шахси мукаллафи ба синну соли муқаррар намудаи қонун расидае (16 сола) мебошад, ки аз супоридани пардохтҳои гумрукӣ саркашӣ намудааст. Супорандагони пардохтҳои гумрукиро дар қонунгузорӣ ҳамчун декларант ё шахсони дигар ном мебаранд, ки дар асоси қонунгузорӣ вазифаи пардохти боҷҳои гумрукӣ ва андоз ба уҳдаи онҳо гузошта шудааст. Мувофиқи қисми 8 моддаи 10 Кодекси гумрук декларант – шахсе мебошад, ки молро декларатсия мекунад ё аз номи ӯ мол декларатсия карда мешавад.

Инчунин ба сифати субъекти ҷинояти мазкур брокерони гумрукӣ (намоянда) низ баромад мекунанд. Брокери гумрукӣ (намоянда) - миёнараве, ки амалиёти гумрукиро аз номи декларант ва (ё) бо супориши он ё шахси дигар, ки ба зиммаи ӯ чунин масъулият гузошта шудааст, иҷро мекунад ё ба вай ҳуқуқ дода шудааст, ки амалиёти гумрукиро мувофиқи қонунгузорӣ анҷом диҳад;

Тарафи субъективии ҷиноят бо гуноҳ дар намуди қасд дар шакли қасди бевосита шарҳ дода мешавад. Яъне, декларант дидаю дониста дар муҳлати муайян аз супоридани боҷи гумрукӣ ва андоз саркашӣ менамояд.

Қисми дуввуми модаи 291 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои саркашӣ намудан аз пардохтҳои гумрукӣ, ки:

а) аз ҷониби гурӯҳ бо маслиҳати пешакӣ;
б) бо истифода аз мақоми хизматӣ;
в) аз ҷониби шахси қаблан барои ҷинояти моддаи 269 (саркаши аз пардохти гумрукӣ) ё барои ҷиноятҳои дар моддаҳои 292 (саркашӣ аз супоридани андозҳо ва (ё) пардохтҳо аз шахси ҳуқуқӣ) ё 293 (саркашии шахси воқеӣ аз пардохти андоз) Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинишуда судшуда;

г) ба миқдори махсусан калон содир шуда бошад, ҷавобгарии ҷиноятӣ пешбинӣ намудааст.

Таркиби ҷиноят (қисми 2 моддаи 291 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон) моддӣ буда, аз лаҳзаи саркашӣ кардан аз пардохти гумрукӣ ба миқдори махсусан калон хотимаёфта донистa мешавад. Мувофиқи эзоҳ ба моддаи 291 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон саркашӣ аз пардохти гумрукӣ ҳангоме ба миқдори махсусан калон содиршуда шуморида мешавад, ки агар миқдори пардохтҳои гумрукии супориданашуда аз даҳ ҳазор нишондиҳанда барои ҳисобҳо зиёд бошад.

**Саркашӣ аз супоридани андозҳо ва (ё) пардохтҳо аз шахси ҳуқуқӣ**

Саркашӣ аз супоридани андозҳо ва (ё) пардохтҳо аз шахси ҳуқуқӣ ҳамчун ҷиноят дар моддаи 292 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ гардида, аз ду қисм ва эзоҳ (чор қисм) иборат мебошад.

Моддаи 292 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ду қисм ва эзоҳ иборат буда, ба ҳифз ва дар амалия табиқ шудани талаботи моддаи 45 Конститутсияи Тоҷикистон оид ба додани андоз ва пардохтҳо, ки қонун муайян кардааст, вазифаи ҳар кас мебошад, равона карда шудааст.

Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар қисми 1 моддаи 292 барои саркашӣ аз супоридани андозҳо ва (ё) пардохтҳо аз шахси ҳуқуқӣ, ки қонун муқаррар намудааст, бо роҳи дидаю дониста ба асноди муҳосибавӣ (бухгалтерӣ) ё декларатсияи (эъломияи) андоз дохил намудани маълумоти таҳрифшуда оид ба даромад ва хароҷот ё бо роҳи дигар пинҳон доштани дигари объектҳои андозбандишаванда, ки ба миқдори калон содир шудааст, ҷавобгарии ҷиноятӣ муқаррар кардааст.

Мафҳуми шахси ҳуқуқӣ дар моддаи 48 Кодекси граж-данӣ ба таври зайл дода шудааст: ташкилоте шахси

ҳуқуқӣ дониста мешавад, ки дар моликият, пешбурди хоҷагидорӣ ё идоракунии оперативии молу мулкро дошта, аз рӯи уҳдадориҳои худ бо ин молу мулк масъулият дорад, метавонад аз номи худ ҳуқуқҳои молу мулкӣ ва шахсии ғайримолумулкиро ба даст оварда, татбиқ намояд, уҳдадорӣ гирад, дар суд даъвогар ва ҷавобгар бошад.

Объекти ҷиноятро муносибатҳои ҷамъиятӣ дар соҳаи андозбандӣ ва супоридани пардохтҳо ба буҷет, ки ба фаъолияти шахси ҳуқуқӣ алоқаманд аст, ташкил медиҳад.

Меъёри моддаи 292 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон хусусияти бланкетӣ дорад ва ба мо лозим меояд, ки барои муайян намудани баъзе мафҳумҳо ва талаботҳо пеш аз ҳама Кодекси андоз, Кодекси гумрук, Кодекси граждании, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи боҷи давлатӣ», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи дигар пардохтҳои ҳатмӣ ба буҷет» муроҷиат намоем.

Принсипҳои ташкил намудан ва фаъолияти системаи андози Ҷумҳурии Тоҷикистонро муқаррар намуда, муносибатҳои омиронаро оид ба муқаррар намудан, тағйир додан, бекор кардан ва ҷамъ овардани андозҳо танзим менамояд, иҷрои уҳдадориҳои андоз ва андешидани тадбирҳои таъминкунандаи иҷрои ин уҳдадориҳо, объектҳои андозбандӣ ва баҳисобгирии андозро Кодекси андоз муайян мекунад.

Ҳамаи шахсони ҳуқуқӣ вазифадоранд тамоми андозҳоеро, ки нисбати ин андозҳо мувофиқи Кодекси андоз андозсупоранда ба ҳисоб мераванд, пардозанд. Андозе, ки мутобиқи Кодекси андоз ҳисоб карда шудааст, аз уҳдадорӣ дар назди давлат иборат буда, бояд ба буҷети дав-латӣ пардохта шавад.

Намудҳои дигари пардохтҳои ҳатмиро ба буҷет, ки Кодекси андоз муайян накардааст, тартиби ҳисобкунӣ ва пардохти онҳоро Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи дигар пардохтҳои ҳатмӣ ба буҷет» муқаррар менамояд.

Ба сифати предмети ҷиноят (моддаи 292 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон) баромад мекунанд:

а) андозҳо;

б) пардохтҳо.

Андоз пардохти ҳатмии муқаррарнамудаи Кодекси андоз ба буҷет ба ҳисоб рафта, ба андозаи муайян амалӣ гардида, хусусияти ҳатмии бебозгашт ва беподош дорад.

Объекти андозбандӣ ва (ё) объекте, ки бо андозбандӣ алоқаманд аст, объекте мебошад, ки дорои тавсифи арзишӣ, микдорӣ ё физикӣ буда, ҳангоми мавҷудияти он (объект) қонунгузории андоз нисбати андозсупоранда (субъект) уҳдадориҳоро доир ба пардохти андоз муайян менамояд. Объекти андозбандӣ ва (ё) объекте, ки бо андозбандӣ алоқаманд аст, метавонад аз молу мулк, даромад, фоида, амалиёт доир ба таҳвили мол (кор, хизматрасонӣ), арзиши молҳои таҳвилшуда (иҷрои корҳо, хизматрасониҳо), воридоти (содироти) мол ба (аз) қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ё дигар объекте, ки ҳамин Кодекси андоз муқаррар намудааст, иборат бошад. Ҳар кадом андоз объекти мустақили ба худ хос дорад.

Мутобиқи моддаи 6 Кодекси андоз дар Тоҷикистон андозҳои умумидавлатӣ ва андозҳои маҳаллӣ муқаррар карда мешаванд. Дар ҳолатҳои дахлдор тибқи тартибе, ки Кодекси андоз пешбинӣ намудааст, андозсупорандагон низоми андозбандии махсус ё имтиёзнокро истифода мебаранд.

Низоми андозҳо дар Тоҷикистон ба андозои умумидавлатӣ ва андозҳои маҳаллӣ ҷудо карда мешаванд. Ба андозҳои умумидавлатӣ инҳо дохил мешаванд:

– андоз аз даромад;
– андоз аз фоида;
– андоз аз арзиши иловашуда;
– аксизҳо;
– андози иҷтимоӣ;
– андозҳо барои захираҳои табиӣ;

- андоз аз истифодабарандагони роҳҳои автомобилгард;
- андоз аз фурӯши нахи пахта ва алюминийи аввалия.

Ба андозҳои маҳаллие, ки бо Кодекси андоз муқаррар шуда, бо санадҳои меъёрии ҳуқуқии мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ дар шаҳру ноҳияҳо мавриди амал қарор дода мешаванд, инҳо дохил мешаванд:

- андоз аз воситаҳои нақлиёт;
- андозҳо аз молу мулки ғайриманқул.

Дар фасли XVI Кодекси андоз низомҳои махсуси андозбандӣ муқаррар карда шудаанд, ки тибқи онҳо категорияҳои алоҳидаи андозсупорандагон уҳдадоранд баъзе андозҳои умумидавлатӣ ва маҳаллии дар қисмҳои 2 ва 3-и моддаи 6 Кодекси андоз нишондодашударо тибқи тартиби соддакардашуда супоранд.

Ба низомҳои махсуси андозбандӣ инҳо дохил мешаванд:

- низоми андозбандии шахсони воқеие, ки фаъолияти соҳибкориро тибқи патент ё шаҳодатнома амалӣ менамоянд;
- низоми соддакардашудаи андозбандӣ барои субъектҳои соҳибкории хурд;
- низоми соддакардашудаи андозбандӣ барои истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ (андози ягона);
- низоми махсуси андозбандӣ барои субъектҳои бизнеси бозӣ.

Дар фасли XVII Кодекси андоз низомҳои имтиёзноки андозбандӣ муқаррар карда шудаанд, ки барои сармоягузорӣ ба соҳаҳои афзалиятноки иқтисодиёт додани имтиёзҳои андозии иловагиро пешбинӣ менамоянд

Пардохтҳо – ин пардохт ва дигар пардохтҳои ҳатмӣ мебошанд.

Пардохт – пардохти ҳатмӣ, ки барои иҷозат оид ба истифодаи захираҳои табиӣ ё дигар захираҳои мавҷуда ситонида мешавад.

Дигар пардохтҳои ҳатмӣ - пардохтҳои ҳатмӣ ба буҷети давлатӣ, ки онҳо яке аз шартҳои нисбати супорандагон аз ҷониби мақомоти ваколатдор анҷом додани амалҳои аз ҷиҳати ҳуқуқӣ муҳим, инчунин пешниҳоди ҳуқуқҳои муайян ё додани иҷозат барои истифодаи захираҳои табиӣ ё дигар захираҳои мавҷуда мебошад.

Тарафи объективии ҷиноят. Тарафи объективии ҷиноят аз кирдор (дар намуди ҳаракат ё беҳаракатӣ), оқибат (ба миқдори калон) ва робитаи сабабӣ байни оқибат ва кирдори содиршуда иборат мебошад.

Маҳаки асосии тарафи объективии саркашӣ аз супоридани андозҳо ва (ё) пардохтҳо аз шахси ҳуқуқиро категорияи «саркашӣ», буда ба иҷро нашудани уҳдадории андоз дар муҳлати муқарраршуда равона карда шудааст.

Уҳдадории андоз ҳангоми мавҷудияти ҳолатҳои дар Кодекси андоз ва дигар санадҳои қонунгузории андоз пешбинишуда аз вазифаи андозсупоранда оид ба пардохти андози муайян, инчунин ҷаримаҳои ҳисобшуда ва фоизҳо ба буҷет иборат аст. Иҷрои уҳдадориҳои андоз, новобаста аз мавҷудияти маблағҳо дар суратҳисобҳо ва дигар молу мулки андозсупоранда, аз пардохти андозҳои пешбинишуда, ҷаримаҳои ҳисобшуда ва фоизҳо дар мӯҳлатҳои муқарраргардида иборат мебошад.

Андоз ва пардохтҳо бояд дар муҳлати пардохт, ки қонунгузорӣ муайян кардааст, супорида шавад. Муҳлати пардохти андоз санаи тақвимие мебошад, ки мутобиқи қонунгузорӣ муайян шудааст ва то ё дар лаҳзаи фарорасии он маблағи ҳисобшудаи андоз бояд ба буҷет супорида шавад, яъне уҳдадории андоз бояд иҷро гардад.

Мувофиқан ба диспозитсияи ҷинояти мазкур тарзҳои саркашӣ аз супоридани андозҳо ва (ё) пардохтҳо инҳоянд:

а) ба асноди муҳосибӣ дохил намудани маълумоти таҳрифшуда оид ба даромад ва хароҷот;
б) ба эъломия (декларатсия) дохил намудани маълумоти таҳрифшуда оид ба даромад ва хароҷот;
в) бо роҳи дигар пинҳон доштани дигар объектҳои андозбандишаванда.

Тарзи аввали саркашӣ аз супоридани андозҳо ва (ё) пардохтҳо аз шахси ҳуқуқӣ ин ба асноди муҳосибӣ дохил намудани маълумоти таҳрифшуда оид ба даромад ва хароҷот мебошад.

Ҳуҷҷатҳои баҳисобгирӣ аз ҳуҷҷатҳои ибтидоӣ, регистрҳои ҳисоботи муҳосибавӣ ва дигар ҳуҷҷатҳое иборат мебошанд, ки барои муайянсозии объектҳои андозбандӣ ва объектҳои бо андозбандӣ алоқаманд, инчунин барои ҳисобкунии уҳдадориҳои андоз ҳамчун асос истифода бурда мешаванд. Андозсупорандагон вазифадоранд ҳуҷҷатҳои баҳисобгириро мутобиқи санадҳои меъёрии Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи андоз, ҳангоми зарурат, Бонки миллии Тоҷикистон ва дигар мақомоти ваколатдори ҳокимияти давлатӣ мутобиқи қонунгузории Тоҷикистон пеш баранд.

Ба асноди муҳосибӣ дохил намудани маълумоти таҳрифшуда оид ба даромад ва хароҷот, бо роҳи қасдан дар ҳуҷҷатҳои муҳосибӣ даровардани тағйиротҳо, яъне маълумотҳои нодуруст (кам нишон додани даромад ва хароҷот, нодуруст нишон додани хусусияти объектҳои андозбандӣ ва объектҳои бо андозбандӣ алоқаманд, дар ҳисобнома-фактура кам нишон додани амалиётҳо ва монанди инҳо), ки ба ҳақиқати ҳол мувофиқ нестанд.

Тарзи дигари саркашӣ аз супоридани андозҳо ва (ё) пардохтҳо аз шахси ҳуқуқӣ ин ба эъломияи андоз дохил намудани маълумоти таҳрифшуда оид ба даромад ва хароҷот мебошад.

Эъломияи андоз, ҳисоботи андоз – ин аризаи хаттӣ ва (ё) ҳуҷҷатҳои электронии андозсупоранда, агенти андоз

мебошанд, ки ба мақомоти андоз мутобиқи тартиби муқаррарнамудаи Кодекси андоз пешниҳод шудаанд ва онҳо маълумотеро бояд оид ба объектҳои андозбандӣ ва объектҳои бо андозбандӣ алоқаманд, инчунин оид ба ҳисобкунии уҳдадориҳои андоз ва дигар маълумотҳои ба ҳисобкунӣ ва пардохти андозҳо ба буҷет алоқамандбударо дарбар гиранд.

Тарзи охир ин бо роҳи дигар пинҳон доштани дигар объектҳои андозбандишаванда мебошад.

Қайд кардан ба маврид аст, ки баъд аз гузаронидани чораҳои мубориза зидди саркашӣ аз андозсупорӣ ва усулҳои алтернативии андозбандӣ (моддаи 23 Кодекси андоз) барои саркашӣ аз супоридани андозҳо ва (ё) пардохтҳо аз шахси ҳуқуқӣ, шахсро бояд ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашид.

Таркиби ҷиноят расмӣ буда аз лаҳзаи саркашӣ намудан ба миқдори калон хотимаёфта дониста мешавад. Дар эзоҳи ҷинояти мазкур (моддаи 292 КҶ) саркашӣ аз супоридани андозҳо ва (ё) пардохтҳо аз шахсони ҳуқуқӣ ҳангоме ба миқдори калон содиршуда ҳисобида мешавад, ки агар ҳаҷми андоз ё пардохтҳои пардохтнашуда аз панҷ ҳазор нишондиҳанда барои ҳисобҳо зиёд бошад.

Субъекти ҷиноят махсус, яъне дар баробари мукаллафӣ ва ба синну соли муқаррар намудаи қонун расидан (16 сола), инчунин дорои аломатҳои хос мебошад, ки аз супоридани андозҳо ва (ё) пардохтҳо аз шахси ҳуқуқӣ саркашӣ намудааст. Ба сифати субъекти ҷиноят роҳбари шахси ҳуқуқӣ, сармуҳосибон, ва шахсони масъул, ки ба зиммаи онҳо супоридани андоз ва пардохт вогузошта шудааст, баромад карда метавонанд.

Тарафи субъективии ҷиноят бо гуноҳ дар шакли қасд дар намуди қасди бевосита шарҳ дода мешавад. Яъне, субъект дидаю дониста аз иҷрои уҳдадории худ, ки қонунгузорӣ муайян кардааст, саркашӣ мекунад.

Қисми дуввуми модаи 292 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои саркашӣ намудан аз супоридани андозҳо ва (ё) пардохтҳо аз шахси ҳуқуқӣ, ки

а) аз ҷониби шахси қаблан барои ҳамин ҷиноят ё барои ҷиноятҳои дар моддаҳои 291 (саркашӣ аз пардохтҳои гумрукӣ) ё 293 (саркашии шахси воқеӣ аз пардохти андоз) Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинишуда, судшуда;

б) ба миқдори махсусан калон содир шуда бошад, ҷавобгарии ҷиноятӣ пешбинӣ намудааст.

Эзоҳ ба моддаи 292 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон чунин ҳолатҳоро муқаррар менамояд:

1) Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои саркашӣ аз пардохтҳои гумрукӣ, супоридани андозҳо ва (ё) пардохтҳо, ки дар моддаҳои 291, 292 ва 293 Кодекси мазкур пешбинӣ шудаанд, танҳо дар ҳолате ба миён меояд, ки агар шахс бори аввал ин кирдорҳоро содир намуда, дар давоми чилу ҳашт рӯзи бонкӣ аз рӯзи қабули қарори дахлдори мақомоти гумрук, андоз ва (ё) дигар мақомоти дахлдор, маблағи пардохтҳои гумрукӣ, андозҳо ва (ё) пардохтҳоро бо ҷарима ва фоизҳояш пурра насупорад, инчунин кирдорҳои мазкурро такроран содир намуда, дар давоми бисту чор рӯзи бонкӣ аз рӯзи қабули қарори дахлдори мақомоти гумрук, андоз ва (ё) дигар мақомоти дахлдор маблағи пардохтҳои гумрукӣ, андозҳо ва (ё) пардохтҳоро бо ҷарима ва фоизҳояш пурра насупорида бошад.

2) Агар нисбати шахс бо моддаҳои 291, 292 ё 293 Кодекси мазкур парвандаи ҷиноятӣ оғоз карда шуда, ҳангоми тафтиши пешакӣ ва ё баррасии судии парвандаи ҷиноятӣ шахс маблағи пардохтҳои гумрукӣ, андозҳо ва (ё) пардохтҳоро бо ҷарима ва фоизҳояш пурра супорад, дар асоси моддаи 72 ҳамин Кодекс аз ҷавобгарии ҷиноятӣ озод карда мешавад.

3) Дар мавриди пас аз баровардани ҳукми суд маҳкумшуда маблағи пардохтҳои гумрукӣ, андозҳо ва (ё) пардохтҳоро бо ҷарима ва фоизҳояш пурра супорад, бо

қарори суде, ки ҳукм баровардааст, ё суди маҳалли иҷрои ҷазо ва ё суди болоӣ, аз адои минбаъдаи ҷазо озод карда мешавад.

4) Саркашӣ аз пардохтҳои гумрукӣ, аз супоридани андозҳо ва (ё) пардохтҳо, ки дар моддаҳои 291, 292 ва 293 Кодекси мазкур пешбинӣ шудаанд, ҳангоме ба миқдори калон содиршуда ҳисобида мешавад, ки агар маблағи пардохтҳои гумрукӣ, андозҳо ва (ё) пардохтҳои супориданашуда аз бист ҳазор нишондиҳанда барои ҳисобҳо ва ба миқдори махсусан калон, аз сию ҳафт ҳазору панҷсад нишондиҳанда барои ҳисобҳо бештар бошад.

**Саркашии шахси воқеӣ аз пардохти андоз**

Моддаи 293 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон саркашии шахси воқеӣ аз пардохти андоз аз ду қисм иборат буда, ба ҳифз ва дар амалия табиқ шудани талаботи моддаи 45 Конститутсияи Тоҷикистон равона карда шудааст.

Дар қисми 1 моддаи 293 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои саркашии шахси воқеъӣ аз пардохти андоз бо роҳи пешниҳод накардани декларатсия оид ба даромад, дар ҳолате, ки пешниҳоди декларатсия ҳатмӣ мебошад ё ба декларатсия дидаю دониста дохил кардани таҳсилотҳои таҳрифшуда оид ба даромад ва хароҷот, ки боиси ба миқдори калон напардохтани андоз гаштааст, ҷавобгарии ҷиноятӣ пешбинӣ карда шудааст.

Объекти ҷиноятро муносибатҳои ҷамъиятӣ дар соҳаи андозбандӣ ва супоридани пардохтҳо ба буҷет, ки ба фаъолияти шахси воқеӣ алоқаманд аст, ташкил медиҳад.

Меъёри моддаи 293 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон хусусияти бланкетӣ дорад ва ба мо лозим меояд, ки барои муайян намудани баъзе мафҳумҳо ва талаботҳо пеш аз ҳама Кодекси андоз, Кодекси гумрук, Кодекси гражданӣ, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар

бораи боҷи давлатӣ», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи дигар пардохтҳои ҳатмӣ ба буҷет» муроҷиат намоем.

Ба сифати предмети ҷиноят андозҳо баромад мекунанд.

Андоз – ин пардохти муқаррарнамудаи Кодекси андоз ба буҷети давлатӣ ба ҳисоб рафта, дорои хусусияти ҳатмӣ ва инфиродии ғайриэквивалентӣ мебошад. Андозҳо дар Тоҷикистон аз андозҳои умумидавлатӣ ва андозҳои маҳаллӣ иборатанд.

Тарафи объективии ҷиноят. Тарафи объективии ҷиноят аз кирдор (дар намуди ҳаракат ё беҳаракатӣ), оқибат (ба миқдори калон) ва робитаи сабабӣ байни оқибат ва кирдори содиршуда иборат мебошад.

Маҳаки асосии тарафи объективии саркашии шахси воқеиро аз пардохти андоз категорияи «саркашӣ» мебошад.

Мувофиқан ба диспозитсияи моддаи 293 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон тарзҳои саркашӣ аз пардохти андоз инҳоянд:

а) пешниҳод накардани эъломия (декларатсия) оид ба даромад, дар ҳолатҳое, ки пешниҳоди эъломия (декларатсия) ҳатмӣ мебошад;

б) ба эъломия (декларатсия) дидаю дониста дохил намудани маълумоти таҳрифшуда оид ба даромад ва хароҷот.

Эъломия оид ба даромад – ин ҳуҷҷате мебошад, ки дар он шахси воқеӣ даромадҳои солонаи худ, ки ба объекти андозбанди таалуқ доранд, инчунин сарчашмаи ин даромадҳоро бояд нишон диҳад.

Дар диспозитсияи моддаи 293 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон қайд шудааст, ки шахси воқеӣ танҳо барои пешниҳод накардани эъломия (декларатсия) оид ба даромад ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида мешавад. Ҳол он, ки мувофиқи моддаи 197 Кодекси андоз шахсони

воқеӣ дар баробари андози даромад барои андози фоида низ бояд эъломия (декларатсия) пешниҳод кунанд.

Вобаста ба моддаи 15 Кодекси андоз андозсупорандагони зерин эъломияро оид ба андози даромад ва андози фоида то 1 апрели баъди соли ҳисоботӣ ба мақомоти андоз месупоранд:

1) шахсони воқеӣ – резидентҳое, ки дар манбаи пардохти воқеъ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон даромади андозбандинашаванда доранд, ба истиснои даромадҳое, ки аз фаъолияти соҳибкории инфиродӣ дар асоси патенти харидашуда тибқи моддаи 137 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон, яъне даромадҳо аз фаъолияте, ки ба меҳнати кироя мансуб намебошад, ба даст меоранд;

2) шахсони воқеӣ - резидентҳое, ки дар суратҳисоб-ҳояшон дар бонкҳои хориҷии воқеъ берун аз қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон маблағҳои пулӣ доранд, инчунин онҳое, ки берун аз қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон даромад мегиранд;

3) шахсоне, ки мутобиқи қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ба зиммаашон вазифаи пешниҳоди эъломия оид ба андоз аз даромад ва эъломия оид ба вазъи молу мулкӣ гузошта шудааст. Тартиб, муҳлати пешниҳод ва шакли эъломияро, ки ин шахсон пешниҳод мекунанд, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар менамояд;

4) шахсони воқеӣ - ғайрирезидентҳое, ки аз манбаъҳои воқеъ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон даромаде, ки бояд андозбандӣ карда шавад мегиранд, аммо дар манбаи пардохт андоз намесупоранд;

5) шахсони воқеӣ - шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар муассисаҳои дипломатӣ, консулгарии давлатҳои хориҷӣ, ки мутобиқи қонунгузорӣ ё шартномаҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз иҷрои ӯҳдадориҳои агенти андоз нисбати шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон озод мебошанд, кор мекунанд. Ҳамзамон чунин шахсони воқеӣ, агар дигар муқаррарот дар санадҳои байналмилалии аз ҷониби Тоҷикистон

эътирофшуда пешбинӣ нашуда бошад, дар давоми соли андоз ҳангоми ба даст овардани даромад аз кор дар ташкилотҳои дар боло зикргардида уҳдадоранд, ки дар давоми 15 рӯз аз рӯзи гирифтани ҳар пардохт ба таври мустақилона маблағи андози даромад ва андози иҷтимоиро ҳисоб кунанд ва ба буҷет дар маҳали ҷойгиршавии ташкилоти дар боло зикргардида супоранд. Маълумот дар бораи шахсони воқеии дар боло зикргардида ба мақоми ваколатдори давлатӣ дар ҳар семоҳа то санаи 15 моҳи минбаъдаи семоҳаи сипаригардида аз ҷониби Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод карда мешавад.

Объекти андозбандии даромад вобаста ба шахси воқеӣ - резидент ва ғайрирезидент фарқ карда мешавад.

Барои резидентҳо ба сифати объекти андозбандии даромад даромади андозбандишавандаи онҳо ба ҳисоб меравад, ки он ҳамчун фарқи байни даромади умумӣ дар соли тақвимӣ ва маблағи тарҳшудаи хароҷоти пешбининамудаи ҳамин Кодекс барои ҳамин давра муайян карда мешавад.

Андозсупоранда – ғайрирезидент, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тавассути муассисаи доимӣ фаъолият менамояд, нисбати даромади андозбандишавандае, ки ба муассисаи доимӣ алоқаманд аст ва ҳамчун фарқи байни даромади умумии соли тақвимӣ аз манбаъҳои воқеъ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон марбут ба муассисаи доимӣ ва маблағи нигоҳдошташудаи (хароҷоти) пешбининамудаи Кодекси андоз нисбати чунин даромад барои ҳамин давра муайян карда мешавад, супорандаи андоз аз даромад мебошад.

Мафҳуми даромад ва намудҳои алоҳида он дар қисми 8 моддаи 34 Кодекси андоз муайян карда шудаанд.

Пешниҳод накардани эъломия (декларатсия) оид ба даромад, дар ҳолатҳое ҷиноят эътироф мешавад, ки пешниҳоди чунин эъломия (декларатсия) ҳатмӣ аст. Ҷинояткор бо мақсади канорагирӣ намудан аз пардохти

андоз, сари вакт дар муҳлати пешбининамудаи қонунгузорӣ аз пешниҳод кардани эъломияи даромад, агар пешниҳоди он ҳатмӣ бошад, худдорӣ мекунад, яъне саркашӣ мекунад.

Ба ақидаи баъзе аз муаллифон моддаи 293 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон танҳо барои саркашӣ намудани аз пардохти андоз аз даромад бо роҳи пешниҳод накардани декларатсия ва ё ба эъломия дохил намудани маълумоти таҳрифшуда, ба вуқӯъ меояд[1]. Аз як тараф ақидаи муаллиф дуруст буда, он дар асоси диспозитсияи моддаи 293 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон гуфта шудааст. Лекин таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки аз рӯи техникаи ҳуқуқӣ ва забони қонунгузорӣ диспозитсияи моддаи 293 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқи мақсад нест.

Қайд кардан ба маврид аст, ки шахси воқеӣ на танҳо барои насупоридани андоз аз даромад, балкӣ барои насупоридани ҳамаи намудҳои андозе, ки ӯ уҳдадор аст супорад, ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида мешавад. Ҳол он, ки дар диспозитсияи моддаи 293 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, мушаххасан дар номи ҷиноят мафҳуми андоз ба маънои кулл омадааст, на ба маънои ҷузъ, яъне намуди алоҳидаи андоз.

Ҳамин тавр, барои саркашии шахси воқеӣ аз пардохти андоз бо роҳи пешниҳод накардани эъломияи андоз, ки пешниҳоди он мувофиқи Кодекси андоз ҳатмӣ мебошад ё ба эъломия (декларатсия) дидаю дониста дохил намудани маълумоти таҳрифшуда оид ба даромад ва хароҷот, шахси воқеиро ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидан мумкин аст.

Ба эъломия (декларатсия) дидаю дониста дохил намудани маълумоти таҳрифшуда оид ба даромад ва хароҷот маънои онро дорад, ки шахси воқеӣ дар эъломия маълумотҳоеро пешниҳод мекунад, ки ба ҳақиқати ҳол

---

[1]Тафсир ба Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе, 2006. С. 652.

дуруст намегиранд. Масалан, нодуруст нишон додани сарчашмаи даромад, кам нишон додани даромад, пешниҳод кардани хароҷотҳои ҷойнадошта ва монанди инҳо.

Таркиби ҷиноят расмӣ буда аз лаҳзаи саркашӣ намудани шахси воқеӣ аз пардохти андоз ба миқдори калон хотимаёфта дониста мешавад. Дар эзоҳи моддаи 293 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон саркашии шахси воқеӣ аз пардохти андоз ҳангоме ба миқдори калон содиршуда ҳисобида мешавад, ки агар маблағи пардохтнашудаи андоз аз панҷ ҳазор нишондиҳанда барои ҳисобҳо зиёд бошад.

Субъекти ҷиноят шахси воқеии мукаллафӣ ба синну соли муқаррар намудаи қонун расидае (16 сола) мебошад, ки уҳдадор аст дар муҳлати муайяншуда эъломия оид ба даромадро пешниҳод кунад, яъне резидентҳо ва ғайрирезидентҳо.

Қайд кардан ба маврид аст, ки соҳибкорони инфиродиро низ бо моддаи мазкур ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидан мумкин аст.

Ба сифати субъекти ҷиноят агенти андоз баромад карда наметавонад.

Тарафи субъективии ҷиноят бо гуноҳ дар шакли қасд дар намуди қасди бевосита шарҳ дода мешавад. Яъне, субъект дидаю дониста аз пардохти андоз саркашӣ мекунад.

Қисми дуввуми модаи 293 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои саркашӣ намудани шахси воқеӣ пардохти андоз, ки

а) аз ҷониби шахси қаблан барои ҳамин ҷиноят ё барои ҷиноятҳои дар моддаҳои 291 (саркашӣ аз пардохтҳои гумрукӣ) ё 292 (саркашӣ аз супоридани андозҳо ва (ё) пардохтҳо аз шахси ҳуқуқӣ) Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинишуда, судшуда;

б) ба миқдори махсусан калон содир шуда бошад, ҷавобгарии ҷиноятӣ пешбинӣ намудааст.

**Суиистифодаи ваколат аз ҷониби кормандони ташкилотҳои тиҷоратӣ ва дигар ташкилотҳо**

Суиистифодаи ваколат аз ҷониби кормандони ташкилотҳои тиҷоратӣ ва дигар ташкилотҳо ҳамчун ҷиноят дар моддаи 295 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ гардида, аз ду қисм ва эзоҳ (ду қисм) иборат мебошад.

Моддаи 295 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳангоми аз ҷониби кормандони ташкилоти тиҷоратӣ ва дигар ташкилотҳо истифода намудани ваколатҳои фармонфармоӣ ё дигар ваколатҳои идоравӣ бар хилофи манфиатҳои ин ташкилотҳо ва бо мақсади ба даст овардани фоида ва бартарӣ барои худ ё барои дигарон ё расонидани зарар ба шахсони дигар, агар ин кирдор ба ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии шаҳрвандон, корхона, ҷамъият ё давлат зарари ҷиддӣ расонда бошад, ҷавобгарии ҷиноятӣ пешбинӣ намудааст.

Ташкилотҳое ташкилоти тиҷоратӣ буда метавонанд, ки ба даст овардани фоидаро мақсади асосии фаъолияти худ қарор додаанд. Шахси ҳуқуқие, ки ташкилотҳои тиҷоратӣ мебошанд, метавонанд дар шакли ширкату ҷамъиятҳои хоҷагидорӣ, кооперативҳои истеҳсолӣ, корхонаҳои воҳиди давлатӣ ва коммуналӣ таъсис дода шаванд.

Дигар ташкилотҳо гуфта Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкилотҳои ғайритиҷоратиро дар назар дорад. Ташкилотҳое ташкилоти ғайритиҷоратӣ буда метавонанд, ки мақсади ба даст овардани фоидаро надошта, фоидаро байни иштирокчиён тақсим намекунанд.

Шахси ҳуқуқие, ки ташкилоти ғайритиҷоратӣ мебошанд, метавонанд дар шакли кооперативҳои матлубот, ташкилотҳои (иттиҳодияҳои) ҷамъиятӣ ё динӣ, муассисаҳои аз ҷониби молик маблағгузоришаванда,

фондҳои хайрия ва фондҳои дигар, инчунин дар дигар шаклҳои пешбининамудаи қонун таъсис дода шаванд.

Объекти ҷиноятро муносибатҳои ҷамъиятие ташкил медиҳанд, ки вобаста ба ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии ташкилотҳо равона карда шудаанд.

Тарафи объективии ҷиноят аз кирдор (дар шакли ҳаракат ё беҳаракатӣ), оқибат (дар намуди зарари ҷиддӣ) ва робитаи сабабӣ байни кирдор ва оқибат иборат мебошад.

Истифодаи ваколатҳои фармонфармоӣ ё дигар ваколатҳои идоравӣ метавонад ҳам дар шакли ҳаракат ва ҳам беҳаракатӣ (даст кашидан аз ҳимоя ташкилот бар фоидаи вайронкунандаи ин ҳуқуқ) амалӣ карда шавад.

Дар зери мафҳуми истифодаи шахс аз ваколатҳои фармонфармоӣ ё дигар ваколатҳои идоравӣ бар хилофи манфиатҳои ташкилоти тиҷоратӣ ва дигар ташкилотҳо содир намудани ҳаракат ё беҳаракатие фаҳмида мешавад, ки дар доираи он ваколатҳое, ки мувофиқи қонунгузорӣ, шартномаи меҳнатӣ, оинномаи ташкилот ва фармонҳои дохилии ташкилот ба шахс дода шудааст. Ин кирдоҳо бояд бар зарар ва манфиатҳои ташкилотҳо содир шуда бошад.

Қайд кардан ба маврид аст, ки ҳангоми истифодаи шахс аз ваколатҳои фармонфармоӣ ё дигар ваколатҳои идоравӣ бар хилофи манфиатҳои ташкилоте, ки ӯ дар он кор намекунад, таркиби ин ҷиноятро ташкил намедиҳад.

Дар ҳолатҳое, ки шахс мақсади расонидани зарарро надошт, лекин дар корҳои идоравӣ ё таваккали истеҳсолӣ саҳв кард ва ба ташкилот зарари ҷиддӣ расонида шуд, ҷавобгарии ҷиноятӣ ба вуҷуд намеояд.

Агар, истифодаи ваколатҳои фармонфармоӣ ё дигар ваколатҳои идоравӣ танҳо ба ташкилоти тиҷоратӣ, ки ташкилоти давлатӣ намебошад, зарар расонида бошад, таъқиби ҷиноятӣ аз рӯи аризаи ҳамин ташкилот ё бо розигии он оғоз карда мешавад. Ҳангоми расонидани зарар ба дигар ташкилот, инчунин ба манфиати

шаҳрвандон, ҷамъият ё давлат - таъқиби ҷиноятӣ дар асосҳои умумӣ ба амал бароварда мешавад.

Таркиби ҷиноят моддӣ буда аз лаҳзаи расонидани зарари ҷиддӣ хотимаёфта дониста мешавад. Зарари ҷиддӣ хусусияти баҳогузорӣ дошта аз тарафи мақомоти тафтишотӣ ё суд муайян карда мешавад. Ҳангоми баҳисобгирии зарари ҷиддӣ ҳолати амволии ташкилот, миқдори ҷабрдидагон, фоидаи аз дастрафта, зарари воқеӣ ва монанди инҳо ба инобат гирифта мешаванд.

Субъекти ҷиноят махсус мебошад, ки ба он кормандони ташкилоти тиҷоратӣ ва дигар ташкилотҳо, ваколатҳои фармонфармоӣ ё дигар ваколатҳои идоравиро доранд, баромад мекунанд.

Мувофиқи эзоҳ ба моддаи 295 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти мафҳуми кормандони ташкилотҳои тиҷоратӣ ё дигар ташкилотҳо дар моддаи мазкур шахсоне дар назар дошта шудаанд, ки ба таври доимӣ, муваққатӣ ё мутобиқи ваколати махсус вазифаи фармонфармоӣ ё дигар вазифаи идоравиро дар ташкилоти тиҷоратӣ сарфи назар аз шакли моликият ва инчунин дар ташкилоти ғайритиҷоратӣ, ки мақоми ҳокимияти давлатӣ намебошанд, анҷом медиҳанд.

Тарфи субъективии ҷиноят аз гуноҳ (дар шакли қасд дар намуди қасди бевосита) ва мақсад тавсиф меёбад.

Мақсад аломати ҳатмии тарафи субъективии ҷиноят буда, он бо мақсади:

а) ба даст овардани фоида барои худ ё барои дигарон;
б) ба даст овардани бартарӣ барои худ ё барои дигарон;
в) расонидани зарар ба ашхоси дигар содир карда мешавад.

Қисми 2 моддаи 295 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳангоми аз ҷониби кормандони ташкилоти тиҷоратӣ ва дигар ташкилотҳо истифода намудани ваколатҳои фармонфармоӣ ё дигар ваколатҳои идоравӣ бар хилофи манфиатҳои ин ташкилотҳо ва бо мақсади ба даст овардани фоида ва бартарӣ барои худ ё барои

дигарон ё расонидани зарар ба шахсони дигар, агар ин кирдор ба ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии шаҳрвандон, корхона, ҷамъият ё давлат зарар расонида боиси оқибатҳои вазнин гардида бошад, ҷавобгарии ҷиноятӣ пешбинӣ намудааст.

Оқибатҳои вазнин шуда метавонад: ба муфлисӣ расонидани ташкилот; ба саломатӣ зарари вазнин расонидан; ба нодорӣ расонидани ташкилот ва монанди инҳо.

**Суиистифодаи ваколат аз ҷониби аудиторҳо, судяҳои ҳакамӣ ё арбитрҳои арбитражи байналмилалии тиҷоратӣ, (адвокат)**

Суиистифодаи ваколат аз ҷониби аудиторҳо, судяҳои ҳакамӣ ё арбитрҳои арбитражи байналмилалии тиҷоратӣ, (адвокат) ҳамчун ҷиноят дар моддаи 296 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ гардида, аз ду қисм иборат мебошад.

Асосҳои умумӣ, ҳуқуқӣ, ташкилӣ ва ҷараёни амалӣ сохтани фаъолияти аудиториро, ки дар Тоҷикистон байни мақомоти давлатӣ, шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, аудиторҳо ва ташкилотҳои аудиторӣ ба амал меоянд, аз тарафи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти аудиторӣ» аз 06 марти 2006 ба танзим медарорад.

Тартиби таъсис ва фаъолияти судҳои ҳакамиро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи судҳои ҳакамӣ» аз 5 январи 2008 ба танзим медарорад.

Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар қисми 1 моддаи 296 ҳангоми аз ҷониби аудиторҳо, судяҳои ҳакамӣ ё арбитрҳои арбитражи байналмилалии тиҷоратӣ, (адвокат), истифода намудани ваколаташон бар хилофи вазифаҳои фаъолияти ба зиммаашон гузошташуда ва ба мақсади ба даст овардани фоида ва бартариҳо барои худ ё дигар шахсон ё расонидани зарар ба дигарон, агар ин

кирдор ба ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии шаҳрвандон, ташкилот, ҷамъият ё давлат зарари ҷиддӣ расонда бошад, ҷавобгарии ҷиноятӣ пешбинӣ намудааст.

Фаъолияти аудиторӣ, аудит ин фаъолияти соҳибкорӣ дар масъалаи санҷиши мустақилонаи баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи муҳосибии (молиявии) соҳибкорони инфиродӣ ва шахсони ҳуқуқӣ мебошанд.

Аудитор шахси воқеиест, ки ба талаботи тахассусии муқаррарнамудаи мақомоте, ки танзими давлатии фаъолияти аудиториро иҷро менамояд ҷавоб дода, аттестати дахлдори тахассуси аудиторӣ дорад. Аудитор ҳуқуқ дорад, ки фаъолияти аудиториро ба сифати аудитори инфиродӣ ё корманди ташкилоти аудиторӣ, ки дар асоси шартномаи меҳнатӣ ба кор ҷалб шудааст, фаъолияташро бе ташкили шахси ҳуқуқӣ амалӣ намояд.

Суди ҳакамӣ – суди ҳакамии доимоамалкунанда ё суди ҳакамии як бор амалкунанда, ки аз ҷониби тарафҳо барои ҳалли баҳси мушаххас таъсис дода шудааст, фаҳмида мешавад. Ҳакам – ҳакамии суди ҳакамии доимоамалкунанда ё ин ки шахси воқеие, ки тарафҳо интихоб кардаанд ё бо тартиби мувофиқанамудаи тарафҳо барои ҳалли баҳс дар суди ҳакамии як бор амалкунанда таъйин гардидааст, мебошад.

Объекти ҷиноятро муносибатҳои ҷамъиятие ташкил медиҳанд, ки вобаста ба ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии шаҳрвандон, ташкилот, ҷамъият ё давлат, ки характери иқтисодӣ дорад, равона карда шудаанд.

Тарафи объективии ҷиноятро кирдор (дар шакли ҳаракат), оқибат (дар шакли зарари ҷиддӣ) ва робитаи сабабӣ байни кирдор ва оқибат ташкил медиҳад.

Кирдор дар шакли истифодаи ваколат аз ҷониби аудитор ва судяи ҳакамӣ бар хилофи вазифаҳои фаъолиятиашон, ки бар зиммаи онҳо вогузошта шуда буд, тавсиф меёбад.

Аудиторҳои инфиродӣ бе таъсиси шахси ҳуқуқӣ ва ташкилотҳои аудиторӣ, ки фаъолияти аудиториро ба амал

мебароранд, хизматҳои зерини ба аудит дахлдорро расонида метавонанд: ташкил, барқарор сохтан ва пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ, тартиб додани ҳисоботи муҳосибӣ (молиявӣ), маслиҳати муҳосибӣ; тартиб додани нақшаҳои дурнамои марбут ба андоз, машварати марбут ба андоз; таҳлили фаъолияти молиявии хоҷагии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ, машваратҳои иқтисодӣ ва молиявӣ; машварати идорӣ, аз ҷумла такмили сохтори таркиби ташкилот; автоматиконии баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҷорӣ намудани технологияи иттилоотӣ; баҳодиҳии нархи амвол; таҳия ва таҳлили барномаҳои сармоягузорӣ, таҳияи нақшаҳои тиҷоратӣ; иҷрои корҳои илмию тадқиқотӣ ва таҷрибавӣ дар соҳаҳои марбут ба фаъолияти аудиторӣ, интишори натиҷаи онҳо; мувофиқи тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Тоҷикистон таълим додани мутахассисон дар соҳаҳои марбут ба фаъолияти аудиторӣ; расонидани дигар хизматҳо доир ба фаъолияти аудиторӣ.

Аудиторони инфиродӣ ва ташкилотҳои аудиторӣ ухдадоранд, ки сирри амалиёти шахсони санҷишшаванда ва шахсонеро, ки ба онҳо хизмати ба аудит дахлдорро расонидаанд, фош насозанд. Аудиторони инфиродӣ ва ташкилотҳои аудиторӣ вазифадоранд, ки махфияти маълумот ва ҳуҷҷатҳои гирифтаашон ё тартибдодаашонро зимни амалӣ сохтани фаъолияти аудиторӣ таъмин намоянд, онҳо ҳақ надоранд, ки маълумот ва ҳуҷҷатҳои зикршуда ё нусхаи онҳоро ба шахсони сеюм диҳанд ё бе розигии хаттии шахсони санҷишшаванда, ки фаъолияти аудиторӣ нисбати онҳо амалӣ карда мешавад, инчунин хизматҳои дахлдор расонида шудааст, фош намоянд, ба истиснои мавридҳое, ки Қонун дар бораи фаъолияти аудиторӣ ва қонунҳои дигари Тоҷикистон пешбинӣ намудаанд.

Мувофиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи судҳои ҳакамӣ» баҳс мумкин аст ҷиҳати баррасӣ ба суди ҳакамӣ супорида шавад, агар дар байни тарафҳо

созишномаи ҳакамӣ ва ё дар шартнома тавзеҳоти ҳакамӣ мавҷуд бошад.

Созишномаи ҳакамӣ дар шакли хаттӣ баста мешавад. Созишномаи ҳакамӣ ба шарте бастaшуда ҳисобида мешавад, ки он дар ҳуҷҷати имзонамудаи тарафҳо дарҷ ёфта ё бо роҳи мукотиба, огоҳ намудан аз тариқи телетайп, телеграф, инчунин бо истифодаи воситаҳои дигари алоқаи электронӣ ё алоқаи дигаре, ки тасдиқи чунин созишномаро таъмин мекунанд, баста шуда бошад.

Шахси воқеие ҳакам интихоб (таъйин) мешавад, ки ба холисона ҳал кардани баҳс қодир буда, ба натиҷаи парванда бевосита ё бавосита манфиатдор нест, вобастаи тарафҳо намебошад ва ба иҷрои вазифаи ҳакам бо тартиби мувофиқанамудаи тарафҳо розӣ аст.

Бар хилофи вазифаҳои фаъолиятӣ истифода намудани ваколатҳои аудиторҳо ва судяҳои ҳакамӣ ҳангоме ҷиноят ба шумор меравад, ки ба шаҳрвандон, ташкилот, ҷамъият ва давлат зарари ҷиддӣ расонида шуда бошад. Зарари ҷиддӣ хусусияти баҳогузорӣ дошта аз тарафи мақомоти тафтишотӣ ё суд муайян карда мешавад. Ҳангоми баҳисобгирии зарари ҷиддӣ ҳолати амволии шаҳрвандон, ташкилот, ҷамъият, давлат, миқдори ҷабрдидагон, фоидаи аз дастрафта, зарари воқеӣ ва монанди инҳо ба инобат гирифта мешаванд.

Субъекти ҷиноят махсус буда ба он аудиторҳо ва судяҳои ҳакамӣ дохил мешаванд.

Тарфи субъективии ҷиноят аз гуноҳ (дар шакли қасд дар намуди қасди бевосита) ва мақсад тавсиф меёбад.

Мақсад аломати ҳатмии тарафи субъективии ҷиноят буда, он барои:

а) ба даст овардани фоида барои худ ё барои дигарон;
б) ба даст овардани бартарӣ барои худ ё барои дигарон;
в) расонидани зарар ба ашхоси дигар содир карда мешавад.

Дар қисми 2 моддаи 296 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои такроран содир намудани

суиистифодаи ваколат аз ҷониби аудиторҳо, судяҳои ҳакамӣ ё арбитрҳои арбитражи байналмилалии тиҷоратӣ, (адвокат) ҷавобгарии ҷиноятӣ пешбинӣ карда шудааст.

## IV. ТАВСИФИ ҲУҚУҚИИ ҶИНОЯТИИ ҶИНОЯТҲОИ ХУСУСИЯТИ КОРРУПСИОНИДОШТА БА МУҚОБИЛИ ҲОКИМИЯТИ ДАВЛАТӢ ВА МАНФИАТҲОИ ХИЗМАТӢ ДАВЛАТӢ (БОБИ 30 КОДЕКСИ ҶИНОЯТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН)

### Суиистифода аз ваколатҳои мансабӣ

Суиистифода аз ваколатҳои мансабӣ ҳамчун ҷиноят дар моддаи 314 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ гардида, аз се қисм ва эзоҳ иборат мебошад ва он яке аз намуди паҳнгардидаи ҷиноятҳои мансабӣ ба шумор меравад.

Объекти ҷиноят – муносибатҳои ҷамъиятии бо қонунгузории ҷиноятӣ ҳифзшавандае эътироф мешаванд, ки фаъолияти муътадили сохторҳои давлатӣ, муассисаҳо, корхонаҳо ва сохтори худидораи маҳаллиро таъмин менамоянд. Ба сифати объекти иловагии суиистифода аз ваколатҳои мансабӣ ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии шаҳрвандон, созмонҳо, ҷомеа ва давлат баромад мекунанд[1].

Тарафи объективии суиистифода аз ваколатҳои мансабиро кирдор дар шакли ҳаракатҳои фаъол ва ҳамчунин дар шакли беҳаракатӣ – ҳаракатҳои хилофи манфиатҳои хизматӣ, ифода мегардад.

Таркиби ҷинояти мазкур моддӣ буда, аз лаҳзаи ба таври ҷиддӣ ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии шаҳрвандон ё ташкилотҳо ё манфиатҳои қонунан ҳифзшудаи ҷамъият ё

---

[1] Тафсир ба Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Глобус. – Душанбе, 2006.

давлатро поймол кардан, хотимаёфта эътироф мешавад. Дар сурати ҷой надоштани оқибати зикргардида, ҷавобгарии ҷиноятӣ бо моддаи 314 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон фаро намерасад.

Моҳияти ҷинояти мазкур дар он ифода мегардад, ки шахси мансабдор ваколатҳои ба ӯ муқаррарнамудаи санадҳои меъёрии ҳуқуқии дахлдорро истифода намуда, бар хилофи манфиатҳои хизматӣ ҳаракат ё беҳаракатиро содир мекунад.

Тарафи субъективии ҷинояти мазкурро гуноҳ дар шакли қасди бевосита ташкил медиҳад. Ба сифати нишонаи ҳатмии тарафи субъективии ҷиноят - ғараз ё дигар манфиатҳои шахсӣ, баромад мекунад.

Субъекти ин ҷиноят махсус – шахси мансабдор эътироф мешавад. Агар, кирдори мазкур аз ҷониби шахсе, ки мансабҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ё сардори мақоми худидоракунии маҳаллиро ишғол мекунад содир карда шавад, ҷавобгарии ҷиноятӣ мутобиқи қисми 2 моддаи 314 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон фаро мерасад.

Дар қисми 3 моддаи 314 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ҳаракатҳои дар қисми 1 ва 2 дар назар дошта шудааст, ки агар боиси оқибатҳои вазнин гардида бошад.

**Беамалӣ дар иҷрои вазифа**

Беамалӣ дар иҷрои вазифа ҳамчун ҷиноят дар моддаи 315 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар гардида, аз як қисм иборат мебошад.

Агар, аз тарафи хизматчии давлатӣ, ки шахси мансабдор намебошад бо мақсади ғаразнок ё дигар манфиати шахсӣ ё гурӯҳӣ иҷро накардани вазифаҳои хеш, агар ин кирдор ба таври ҷиддӣ ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии шаҳрвандон, ташкилотҳо, ҷамъият ё давлатро

поймол кунад, пас ҷавбгарии ҷиноятӣ тибқи моддаи 315 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон фаро мерасад.

Объекти ҷиноят – муносибатҳои ҷамъиятии бо қонунгузории ҷиноятӣ ҳифзшавандае эътироф мешавад, ки фаъолияти муътадили давлатиро таъмин мекунанд, ташкил медиҳад.

Тарафи объективии ҷинояти мазкур дар беҳаракатӣ ифода мегардад: иҷро накардани вазифаҳои худ аз тарафи хизматчии давлатӣ, ки шахси мансабдор намебошад, яъне шахси масъул, ки вазифаҳои муайяни касбии худро иҷро намекунад. Чунин вазифаҳои касбии хизматӣ аз муқаррароти санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ аз қабили Оиннома, Низомнома, Дастурамал ва фармон бар меоянд. Барои он ки шахс бо моддаи 315 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон гунаҳгор эътироф карда шавад, бояд ҳатман муайян кард, ки ӯ кадом уҳдадориҳои мушаххаси ба зиммааш гузошташударо иҷро накардааст ва чунин уҳдадориҳо (вазифаҳо) дар кадом санади меъёрӣ пешбинӣ шудаанд.

Моҳияти ҳуқуқии ҷиноятии беамалӣ дар иҷрои вазифа ҳамчун кирдори барои ҷамъият хавфнок дар он ҳолат эътироф карда мешавад, ки агар он чунин нишонаҳоро доро бошад:

1. Бояд муайян карда шавад, ки ба чӣ беҳаракатӣ равона карда шуд ва кадом кирдорҳои мушаххасро бояд ба амал мебаровард;
2. Ҳатман муайян карда шавад, ки кадом кирдори мушаххас содир нашудааст, ҳол он ки онро бояд ба амал барорад;
3. Муайян карда шавад, ки шароити ба амал баровардани кирдори мушаххас буд ё не? ва омӯхта шавад.

Таркиби ҷинояти беамалӣ дар иҷрои вазифа моддӣ буда, худи факти иҷро накардани вазифаҳои хизматӣ, ҷавобгарии ҷиноятиро ба миён намеоварад. Яъне, бояд дар натиҷаи беамалӣ ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии

шаҳрвандон, ташкилотҳо, ҷамъият ё давлат ба таври ҷиддӣ зарар бинанд.

Тарафи субъективии ҷинояти мазкурро гуноҳ дар шакли беэҳтиётии ҳам бепарвоӣ ва ҳам худбоварона ташкил медиҳад

Субъекти ҷиноят – махсус, яъне, хизматичии давлатие, ки шахси мансабдор намебошад.

**Баромадан аз ҳадди ваколатҳои мансабӣ**

Баромадан аз ҳадди ваколатҳои мансабӣ ҳамчун ҷиноят дар моддаи 316 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ гардида, аз се қисм иборат мебошад.

Агар аз ҷониби шахси мансабдор анҷом додани ҳаракате, ки аз ҳадди ваколатҳои ӯ баръало берун мебарояд ва боиси ба таври ҷиддӣ поймол гардидани ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии шаҳрванд ё ташкилот ё манфиатҳои қонунан ҳифзшудаи ҷамъият ё давлат гаштааст, ҷавобгарии ҷиноятӣ бо моддаи 316 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон фаро мерасад.

Объекти ин ҷиноят муносибатҳои ҷамъиятии бо қонунгузории ҷиноятӣ ҳифзшавандае эътироф мешавад, ки фаъолияти муътадили мақомоти мушаххаси давлатӣ, муассисаҳо, сохтори худидораи маҳаллӣ, қисми ҳарбиро таъмин мекунанд.

Тарафи объективии ҷинояти мазкурро кирдор дар шакли ҳаракатҳои фаъол ташкил медиҳанд.

Аз рӯи хусусиятҳои худ, баромадан аз ҳадди ваколатҳои мансабӣ дар содир намудани ҳаракатҳои зерин ифода мегарданд:

1. Ҳаракатҳое, ки ба салоҳияти шахсони мансабдори болоии идора ё муассиса вобаста аст.
2. Ҳаракате содир мекунад, ки он ба ваколати шахси мансабдори идораи дигар дохил мешавад.
3. Ҳаракате содир мекунад, ки ба салоҳияти ҳайати мушовара тааллуқ дорад.

4. Ҳаракате содир мекунад, ки ҳеҷ кас ҳуқуқи онро амалӣ намуданро надорад.

Санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон салоҳияти шахси мансабдорро муайян менамоянд. Шахси мансабдор аз ин ваколатҳои муқаррарнамудаи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ баръало берун мебарояд. Баръало берун баромадан аз ҳадди ваколатҳои мансабӣ бояд ба таври ҷиддӣ ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии шаҳрванд ё ташкилот ё манфиатҳои қонунан ҳифзшудаи ҷамъият ё давлатро поймол намояд, дар акси ҳол ҷавобгарии ҷиноятӣ ҷой надорад. Бинобар ин, таркиби ин ҷиноят моддӣ эътироф мешавад.

Тарафи субъективии ҷинояти мазкурро гуноҳ дар шакли ҳам қасди бевосита ва ҳам қасди бавосита ташкил медиҳад.

Субъекти ҷиноят махсус эътироф гардида, дилхоҳ шахси мансабдор баромад карда метавонанд. Агар баромадан аз ҳадди ваколатҳои хизматӣ аз ҷониби шахси мансабдор ё сардори мақомоти худидораи маҳаллӣ содир карда шавад, пас ҷавобгарии ҷиноятӣ бо қисми 2 моддаи 316 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон фаро мерасад.

Дар чунин ҳолатҳо ҷавобгарии ҷиноятӣ бо қисми 3 моддаи 316 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон фаро мерасад, ки агар баромадан аз ҳадди ваколатҳои хизматӣ:

а) бо зӯроварӣ ё таҳдиди истифодаи он содир шавад;
б) бо истифодаи силоҳ ё воситаҳои махсус содир шавад;
в) бо расонидани оқибатҳои вазнин содир шавад.

Истифодаи зӯроварӣ ё таҳдиди истифодаи он бояд комилан бо риояи вазифаҳои хизматии худ аз ҷониби шахси мансабдор алоқаманд бошад, на бо муносибатҳои шахсии ӯ.

Истифодаи силоҳ ё дигар воситаҳои махсус танҳо ҳангоми талаботҳои муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода гардиданаш мумкин аст.

Агар, баромадан аз ҳадди ваколатҳои хизматӣ бо истифодаи силоҳ ҷабрдида кушта шавад, кирдор ҳамчун маҷмӯи ҷинояти одамкушӣ ва баромадан аз ҳадди ваколатҳои мансабӣ бояд банду баст карда мешавад.

Оқибатҳои вазнинро, ки дар натиҷаи баромадан аз ҳадди ваколати мансабӣ фаро расидаанд, худи суд бо дарназардошти шароитҳои вобаста ба ҳаҷми зарари моддӣ, дар муддати тӯлонӣ халалдор кардани кори муассиса ба таври ҷиддӣ, халалдор кардани ҳуқуқу манфиатҳои одамони бисёр, расонидани зарар ба саломатии шахс, аз беэҳтиётӣ ба марг расонидан, муайян мекунад.

**Соҳибӣ кардани ваколати шахси мансабдор**

Соҳибӣ кардани ваколати шахси мансабдор ҳамчун ҷиноят дар моддаи 317 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ гардида, аз як қисм иборат мебошад.

Агар аз ҷониби хизматчии давлатӣ ё хизматчии мақомоти худидораи маҳаллӣ, ки шахси мансабдор намебошад, соҳибӣ кардани ваколати шахси мансабдор ва вобаста ба он содир намудани ҳаракате, ки ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии шаҳрвандон ё ташкилотҳоро ба таври ҷиддӣ поймол мекунанд, ҷой дошта бошад, ҷавобгарии ҷиноятӣ тибқи моддаи 317 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон фаро мерасад.

Объекти ин ҷиноятро муносибатҳои ҷамъиятии бо қонунгузории ҷиноятӣ ҳифзшавандае ташкил медиҳанд, ки фаъолияти дурусти сохтори мушаххаси давлатӣ, муассиса ё корхона, ҳамчунин обрӯю эътибори сохторҳои давлатӣ ва сохторҳои худидораи маҳаллиро таъмин мекунанд, ташкил медиҳад.

Тарафи объективии ҷинояти мазкурро кирдор дар шакли ҳаракат ташкил медиҳад. Мисол, гунаҳгор худро ба ҷои шахси мансабдор нишон дода ҳаракатеро содир

мекунад, ки ба доираи ваколати ҳамон шахси мансабдор дохил мешавад.

Таркиби ин ҷиноят моддӣ буда, аз лаҳзаи фаро расидани оқибат дар намуди ба таври ҷиддӣ халалдор шудани ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии шаҳрванд ва ташкилот, хотимаёфта эътироф мешавад.

Тарафи субъективии ҷинояти мазкурро гуноҳ дар шакли қасди бевосита ташкил медиҳад.

Субъекти ҷиноят махсус мебошад: хизматчии давлатӣ ва хизматчии сохтори худидораи маҳаллиест, ки шахси мансабдор ба ҳисоб намеравад.

### Иштироки ғайриқонунӣ дар фаъолияти соҳибкорӣ

Иштироки ғайриқонунӣ дар фаъолияти соҳибкорӣ ҳамчун ҷиноят дар моддаи 318 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ гардида, аз як қисм иборат мебошад.

Аз ҷониби шахси мансабдор ташкилоте таъсис дода шавад, ки фаъолияти соҳибкориро доро бошад ё шахсан иштирок дар идораи чунин ташкилот ё ба воситаи шахси боваринок хилофи манъи муқаррарнамудаи қонун, он вақт ҷиноят эътироф мешавад, ки агар ин кирдор аз фароҳам овардани имтиёз ва бартарӣ ё бо дигар шакли пуштибонӣ ба чунин ташкилот алоқаманд бошад. Ба хизматчии давлатӣ машғул шудан ба фаъолияти соҳибкорӣ ё аъзои сохтори идоракунии ташкилоти соҳибкорӣ будан, агар аз рӯи тартиби муқарраркардаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон иштироки ӯ дар идоракунии чунин ташкилотҳо ба назар гирифта нашуда бошад, манъ гардидааст.

Объекти ҷинояти мазкурро муносибатҳои ҷамъиятии бо қонунгузории ҷиноятӣ ҳифзшавандае ташкил медиҳанд, ки тартиби аз рӯи қонун муқарраршудаи пеш бурдани хизмати давлатӣ, ки софдилона иҷро кардани

масъулиятҳои худ аз ҷониби шахси мансабдорро таъмин мекунад.

Тарафи объективии ҷиноятро кирдор дар шакли ҳаракатҳои зерин ташкил медиҳад: таъсиси ташкилоте, ки ба фаъолияти соҳибкорӣ машғул аст ё шахсан иштирок дар идораи чунин ташкилот ё ба воситаи шахси боваринок хилофи манъи муқаррарнамудаи қонун. Ҳамчунин, муқаррар кардани имтиёзҳо ва бартариятҳо ё ки зери ҳимоя гирифтан низ аломатҳои ифодакунандаи тарафи объективии ин ҷиноят эътироф мешаванд.

Таркиби ҷиноят расмӣ буда, аз лаҳзаи иштироки ғайриқонунӣ дар фаъолияти соҳибкорӣ, хотимаёфта эътироф мешавад.

Тарафи субъективии иштироки ғайриқонунӣ дар фаъолияти соҳибкориро гуноҳ дар шакли қасди бевосита ташкил медиҳад.

Субъекти ҷиноят махсус эътироф мегардад: шахси мансабдори сохторҳои давлатӣ, муассисаҳо ё шахси мансабдори сохторҳои худидораи маҳаллӣ.

**Гирифтани пора**

Гирифтани пора ҳамчун ҷиноят дар моддаи 319 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ гардида, аз 4 қисм ва эзоҳ, ки он низ аз чор қисмро ташкил медиҳад, иборат мебошад.

Маънои гирифтани пора дар диспозитсияи қисми 1 моддаи 319 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ифода гардидааст, ки тибқи он аз ҷониби шахси мансабдор шахсан ё ба воситаи миёнарав гирифтани пора дар намуди пул, коғазҳои қиматнок дигар, молу мулк ё фоидаи дорои характери молумулкӣ дошта, барои иҷро кардан ё накардани амали муайян ба манфиати порадиҳанда ё намояндагони ӯ, агар чунин ҳаракат (беҳаракатӣ) ба доираи ваколати хизматии шахси мансабдор, шахси мансабдори давлати хориҷӣ ё шахси

ташкилоти байналмилалӣ дохил бошанд ё онҳо вобаста ба қудрати мавқеи мансабиашон ба чунин ҳаракат (беҳаракатӣ) мусоидат карда метавонанд, ҳамчунин барои пуштибонии умумӣ ё саҳлангорӣ дар хизмат.

Гирифтани пора яке аз ҷиноятҳои хавфнокттарини муқобили ҳокимияти давлатӣ ва манфиатҳои хизмати давлатӣ ба ҳисоб рафта, обрӯву нуфузи давлатро коҳиш медиҳад. Дигар хусусияти хавфнокии гирифтани пора дар он аст, ки дорои латентнокии баланд мебошад, яъне ин ҷиноят нисбати содиршавиашон камтар дар мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ба қайд гирифта мешавад, зеро дар асл ҳам порадиҳанда ва ҳам порагиранда кӯшиш мекунанд, ки ин кирдор пинҳонӣ содир шавад ва сирри миёни тарафҳо боқӣ монад. Аз ин ҷо бармеояд, ки тарафҳо барои ошкор гардидани кирдорҳои пинҳониашон ҳавасманд намебошанд.

Объекти гирифтани пора – муносибати ҷамъиятии бо қонунгузории ҷиноятӣ ҳифзшавандае, ки обрӯву нуфузи ҳокимияти давлатӣ ва манфиатҳои хизмати давлатро таъмин менамоянд, ташкил медиҳад.

Ба сифти предмети гирифтани пора – пул, коғазҳои қиматнок, дигар молу мулк ё фоидаи дорои хусусияти молу мулкӣ дошта баромад мекунанд. Предмети додани пора (моддаи 320 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон) ва гирифтани пора ягона аст.

Ба сифти пул мисол шуда метавонад: асъори миллӣ – сомонӣ (дирам); асъорҳои хориҷӣ – рубли Россия, доллари ШМА, еврои – Аврупо ва ғайра.

Ба сифати қоғазҳои қимматнок мисол шуда метавонанд: чек, аксия, вексел ва ғайраҳо.

Ба сифати дигар молу мулк мисол шуда метавонад: зару зевар, аудио ва видеоапаратураҳо, компютер, ҷиҳози хона, автомошинаҳо ва ғайра.

Ба сифати фоидаи дорои характери молу мулкӣ дошта мисол шуда метавонад: таъмири замонавии ҳуҷра, сохтмони хона, бо нархи арзон харидории маҳсули

пешниҳодгардида, паст кардани пардохти иҷора ва ғайра[1].

Таркиби ҷинояти гирифтани пора расмӣ ба ҳисоб меравад, яъне он аз лаҳзаи гирифтани предмети пора новобаста аз он, ки бар фоидаи порадиҳанда ё намояндагони ӯ кирдор (ҳаракат ё беҳаракатӣ) содир карда шудааст ё не, ҷиноят хотимаёфта эътироф мешавад ва мутобиқи моддаи 319 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷавобгарӣ кашида мешавад.

Тарафи субъективии гирифтани пораро гуноҳ дар шакли қасди бевосита ташкил медиҳад, зеро шахси мансабдор ба ҷамъият хавфнокии гирифтани пораро дар намуди пул, коғазҳои қиматнок, дигар молу мулк ё фоидаи дорои характери молу мулкӣ дошта дарк намуда, бо истифода аз ваколатҳои хизмати худ ба манфиати порадиҳанда содир мекунад.

Субъекти ҷинояти гирифтани пора махсус эътироф мешавад: шахси мансабдор, шахси мансабдори давлати хориҷӣ ё шахси ташкилоти байналмилалӣ.

Таҳти мафҳуми шахси мансабдори давлати хориҷӣ дар моддаҳои 319-321 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон шахси дар мақомоти қонунгузор, иҷроия, маъмурӣ ё судии давлати хориҷӣ ягон мансабро ишғолнамуда (интихобгардида ё таъйингардида) ва дигар шахсе, ки барои ин мақомоти давлати хориҷӣ ягон функсияи давлатиро иҷро менамояд, фаҳмида мешавад.

Таҳти мафҳуми шахси мансабдори ташкилоти байналмилалӣ хизматчии ташкилоти байналмилалӣ ё дигар шахсе, ки ваколатдор аст аз номи ин ташкилот фаъолият намояд, фаҳмида мешавад.

Агар шахси мансабдор, шахси мансабдори давлати хориҷӣ ё шахси ташкилоти байналмилалӣ, пораро ба воситаи миёнарав гирад, ҳаракатҳои миёнарав ҳамчун

---

[1] Лопашенко Н. А. Взяточничество: проблемы квалификации. //Правоведение. -2001. - № 6. - С. 106.

шарикӣ дар гирифтани пора вобаста ба нақши ӯ дар содир кардани ҷиноят, бандубаст карда мешавад. Дар ин ҷо, ба ҳайси миёнарав ҳамчун субъекти ҷиноят – дилхоҳ шахси воқеии мукаллафе, ки ба синни 16 – расидааст, баромад карда метавонад.

Гирифтани пора дар намуди пул, коғазҳои қиматнок, дигар молу мулк ё фоидаи дорои характери молу мулкӣ дошта, барои иҷро кардан ё накардани амали муайян ба манфиати порадиҳанда ё намояндагони ӯ, агар чунин ҳаракат (беҳаракатӣ) ба доираи ваколати хизматии шахси мансабдор дохил бошанд ё он вобаста ба қудрати мавқеи мансабиаш ба чунин ҳаракат (беҳаракатӣ) мусоидат карда метавонад.

Агар, пора аз ҷониби шахси мансабдор, шахси мансабдори давлати хориҷӣ ё шахси ташкилоти байналмилалӣ барои ҳаракати (беҳаракатии) ғайриқонунӣ гирифта шавад, ҳамчун ҳолати вазнинкунадаи ҷазо эътироф мешавад ва мутобиқи қисми 2 модддаи 319 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷавобгарӣ кашида мешавад.

Гирифтани пора агар аз ҷониби шахсе содир шуда бошад, ки вазифаи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ё сардори мақоми худидораи маҳаллиро ишғол мекарда бошад, ҷавобгарӣ тибқи қисми 3 моддаи 319 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба миён меояд.

Дар қисми 4 – уми моддаи 319 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгариро ҳамчун ҳолати вазнинкунанда пешбинӣ мекунад, ки тибқи он:

**а.** Аз ҷониби шахси мансабдор бевосита ва ё ба воситаи миёнрав такроран гирифтани пора. Дар ин ҷо, қонунгузории ҷиноятӣ такрории ҳам соф ва ҳам омехтаро дар назар дорад, зеро дар қисми 2 эзоҳи моддаи 319 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти мафҳуми такроран (такрорӣ) дар моддаҳои 319, 320, 324 ва 325-и Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиноятe дар назар дошта шудааст, ки агар қаблан як ё якчанд

ҷиноятҳои пешбинӣ намудаи ҳамин моддаҳоро содир шуда бошад;

**б.** Аз ҷониби гурӯҳи шахсон бо маслиҳати пешакӣ ё гурӯҳи муташаккил. Гирифтани пора аз ҷониби гурӯҳи ашхос бо маслиҳати пешакӣ эътироф мешавад, агар дар содир намудани ҷиноят ду ё бештар шахсони мансабдор, ки пешакӣ оиди якҷоя содир намудани ҷинояти мазкур бо истифода аз ваколати хизматии худ маслиҳат карда бошанд. Ба гурӯҳи муташаккил шахсоне низ дохил буда метавонанд, ки шахсони мансабдор набуда, пешакӣ барои содир намудани як ё якчанд ҷиноят муттаҳид шудаанд. Ҷавобгарии ин гуна ашхос мувофиқи қисми 4 моддаи 37 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун ташкилкунанда, таҳриккунанда ё ёрдамчӣ ба гирифтани пора ба миён меояд;

**в.** Бо тамаъҷӯии пора. Аломати ҳатмии тамаъҷӯӣ таҳдиди вайрон намудани ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии шаҳрванд ё бавуҷудории чунин шароите ба ҳисоб меравад, ки ҳангоми он мумкин аст, ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии шаҳрвандон халалдор гардад. Агар пора барои қонеъ намудани манфиатҳои ғайриқонунии шахс дода шуда истода бошад ва порагир аз рӯи қонун амал намуда, маҳдуд намудани ҳуқуқҳои шахс ё бо истифодаи чораҳои маҷбурнамоии ба қонун асосёфта таҳдид намояд, чунин кирдорҳои шахси мансабдор ҳамчун тамаъҷӯӣ ба ҳисоб намеравад. Дар эзоҳи 2 ба моддаи 320 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон оварда шудааст: «таҳти мафҳуми тамаъҷӯе, ки дар моддаи 319 ва 320 ҳамин Кодекс пешбинӣ шудааст, талаботи шахси мансабдор, шахси мансабдори давлати хориҷӣ ё шахси ташкилоти байналмилалӣ оид ба додани пора зери таҳдиди содир кардани чунин амалҳои вобаста ба фаъолияти хизматие, ки метавонад ба манфиатҳои қонунии порадиҳанда зарар расонад, ё инчунин қасдона гузоштани шаҳрванд ба чунин ҳолате, ки ӯ маҷбур аст барои бартараф кардани оқибатҳои зарарнок ба манфиатҳои қонунии худ пора

диҳад, фаҳмида мешавад». Агар бо ҳаракатҳои шахс манфиатҳои қонунии порадиҳанда вайрон нагардида бошад ва таҳдиди вайрон намудани онҳо ҷой надошта бошад, талаби додани пора барои содир намудани ҳаракатҳо ба манфиати порадиҳанда ҳамчун тамаъҷӯӣ ҳисобида намешавад[1];

**г.** Ба миқдори калон. Дар моддаи 319 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон зери мафҳуми миқдори калон, миқдори пул, арзиши қоғазҳои қиматнок, дигар молу мулк ё фоидаи дорои хусусияти молу мулкӣ доштае фаҳмида мешавад, ки арзиши онҳо аз як ҳазор нишондиҳанда барои ҳисобҳо зиёд бошад. Агар пора ба миқдори калон қисм-қисм гирифта шуда бошад, аммо ин ҳаракатҳо дар маҷмӯъ як ҷинояти давомдорро ташкил намоянд, кирдори шахс ҳамчун гирифтани пора ба миқдори калон бандубаст карда мешавад.

Агар пора ба миқдори калон ба гурӯҳи шахсони мансабдор бо маслиҳати пешакӣ амалкунанда дода шавад, аммо ҳангоми тақсимот ҳиссаи фоидаи моддии ҳар яки онро аз ҳазор маоши ҳадди ақал кам бошад ҳам кирдори чунин шахсони мансабдор ҳамчун гирифтани пора ба миқдори калон бандубаст карда мешавад.[2]

## Додани пора

Додани пора ҳамчун ҷинояти хусусияти коррупсионидошта дар моддаи 320 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар гардида, аз ду қисм ва эзоҳ (ду қисм) иборат мебошад.

Агар шахс бевосита ба шахси мансабдор, шахси мансабдори давлати хориҷӣ ё шахси ташкилоти байналмилалӣ пора диҳад ё онро аз тариқи миёнарав

---

[1] Тафсир ба Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Глобус. Душанбе, 2006. – С. 705.

[2] Ҳамон ҷо.

диҳад, пас ҷавобгарии ҷиноятӣ бо моддаи 320 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон фаро мерасад.

Дар Тафсир ба Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки соли 2006 зери таҳрири Ҳ.Ҳ. Шарипов аз нашр баромад, дуруст қайд гардидааст, ки додани пора зинаи аввали гирифтани пора мебошад. Агар шахси порадиҳанда набошад он гоҳ дар дастгоҳи давлатӣ порагирон ҳам намебуданд. Аз додани пора шахси мансабдор ба иғво дода шуда ва майли онро барои пулдор гардонидан аз воситаҳои ғайриқонунӣ бо вайрон намудани қарзи хизмати давлатӣ ба вуҷуд меорад. Дар ин хавфнокии порадиҳӣ баён мешавад. Кӯшиши нобарори додани пора дар ҳолате, ки шахси мансабдор, шахси мансабдори давлати хориҷӣ ё шахси ташкилоти байналмилалӣ аз гирифтани пора худдорӣ мекунад он гоҳ кирдор ҳамчун сӯиқасд ба додани пора баҳо дода мешавад.

Объекти додани пора – муносибати ҷамъиятии бо қонунгузории ҷиноятӣ ҳифзшавандае, ки обрӯву нуфузи ҳокимияти давлатӣ ва манфиатҳои хизмати давлатро таъмин менамоянд, ташкил медиҳад.

Тарафи объективии додани пора дар шакли ҳаракат ифода мегардад. Яъне, додани пора ба шахси мансабдор, шахси мансабдори давлати хориҷӣ ё шахси ташкилоти байналмилалӣ (шахсан ё тариқи миёнарав) арзишҳои моддӣ ё илмӣ иҷроиши амали бепул ва пайдо кардани дигар шароити характери моддӣ дошта.

Тарафи субъективии ҷиноятро гуноҳ дар шакли қасди бевосита ташкил медиҳад.

Субъекти додани пора шахси воқеии мукаллафе эътироф мешавад, ки дар вақти содир намудани ин ҷиноят ба синни шонздаҳсолагӣ расида бошад.

Дар қисми 2 моддаи 320 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ду ҳолати вазнинкунандаи додани пора муқаррар гардидааст:

а) додани пора ба шахси мансабдор, шахси мансабдори давлати хориҷӣ ё шахси ташкилоти байналмилалӣ барои дидаву дониста иҷро кардани ҳаракат (беҳаракатии) ғайриқонунӣ;
б) такроран додани пора ба шахси мансабдор, шахси мансабдори давлати хориҷӣ ё шахси ташкилоти байналмилалӣ.

**Иғвои порадиҳӣ**

Иғвои порадиҳӣ ҳамчун ҷинояти хусусияти коррупсионидошта дар моддаи 321 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ гардида, аз як қисм иборат мебошад. Мақсади ин модда барои муҳофизат намудани шахсони мансабдори бовиҷдон, ки вазифаҳои хизматии худро мувофиқи талаботи қонуният ва адолат адо мекунанд, равона карда шудааст.

Агар дилхоҳ шахс бо мақсади сохтани далелҳои сунъӣ оид ба гирифтани пора аз тарафи шахси мансабдор, шахси мансабдори давлати хориҷӣ ё шахси ташкилоти байналмилалӣ ва кӯшиши додани пул, коғазҳои қиматнок, дигар молу мулк ё хизматрасонии дорои хусусияти молу мулкӣ бе розигии онҳоро амалӣ намояд, пас кирдори ӯ бо моддаи 321 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун иғвои порадиҳӣ бандубаст карда мешавад.

Тарафи объективии ҷинояти мазкурро кирдор дар шакли ҳаракат ташкил медиҳад: кӯшиши додани пул, коғазҳои қиматнок, дигар молу мулк ё хизматрасонии дорои хусусияти молу мулкӣ, ки чунин порадиҳӣ мавриди маслиҳати пешакӣ бо шахси мансабдор, шахси мансабдори давлати хориҷӣ ё шахси ташкилоти байналмилалӣ набуд. Ҷиноят аз лаҳзаи содир намудани ҳаракат оид ба бевосита додани пора хотимаёфта ҳисобида мешавад.

Тарафи субъективии ин ҷиноятро гуноҳ дар қасди бевосита ташкил медиҳад.

Аз диспозитсияи моддаи 321 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон бар меояд, ки дар иғвои порадиҳӣ аломати ҳатмии тарафи субъективии ҷиноят - мақсади ин ҷиноят ба ҳисоб меравад: бо мақсади сохтани далелҳои сунъӣ оид ба гирифтани пора аз тарафи шахси мансабдор, шахси мансабдори давлати хориҷӣ ё шахси ташкилоти байналмилалӣ

Субъекти ҷиноят шахси воқеии мукаллафе эътироф мешавад, ки дар вақти иғвои порадиҳӣ ба синни шонздаҳсолагӣ расидааст.

**Сохтакории хизматӣ**

Сохтакории хизматӣ ҳамчун ҷиноят дар моддаи 323 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ шуда, аз як қисм иборат аст.

Дар баробари дигар ҷиноятҳое, ки дар Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ шудаанд, объекти умумии сохтакории хизматӣ низ маҷмӯи манфиатҳои (арзишҳои) шахсият, ҷамъият ва давлат, ки аз тарафи Кодекси ҷиноятӣ ҳифз карда мешаванд, мебошад[1].

Аз сабаби он ки ҷинояти номбурда дар фасли «Ҷиноятҳо ба муқобили ҳокимияти давлатӣ» пешбинӣ шудааст, объекти гурӯҳии (хелии) сохтакории хизматиро муносибатҳои ҷамъиятии таъминкунандаи ҳифзи манфиатҳои давлатӣ ва фаъолияти муътадили бо қонун асосёфтаи ҳокимияти давлатӣ ташкил медиҳад[2].

Объекти намудии сохтакории хизматиро бошад, маҷмӯи муносибатҳои ҷамъиятие ташкил медиҳанд, ки самти муътадил ва қонуниро дар соҳаи фаъолияти

---

[1] Васильевна Ж.Г. Уголовная ответственность за служебный подлог. дис. … канд. юрид. наук. моддаи 2006. С. 48.

[2] Курс уголовного права. Том.5. Особенная часть / Под. ред. доктора юридических. наук, профессора Г. Н. Борзенокова. доктора юридических. наук, профессора В.С. Комиссарова – М.: 2002.

ҳокимияти давлатӣ ё мақомоти худидоракунии маҳаллӣ, таъмин мекунанд[1].

Объекти бевоситаи ҷинояти номбурда муносибатҳои ҷамъиятие, ки дар раванди фаъолияти мақомоти ҳокимияти давлатӣ дар робита ба тайёр намудан ва истифодаи ҳуҷҷатҳои расмӣ ба вуҷуд меоянд, мебошад[2].

Ба ҳайси предмети ҷинояти номбурда ҳуҷҷатҳои расмии дорои иттилооти гуногуни дар шакли хаттию чопӣ ва ё дар барандагони электронӣ мавҷудбуда, ки аз ҷониби шахси ҳуқуқии муайян интишор мегарданд, баромад карда метавонад.

Ҳуҷҷатҳо бояд шакли реквизитҳои муқарраршуда дошта бошанд (қоғазҳои махсус, штамп, мӯҳр ва ғ) ва аз тарафи шахси мансабдори ваколатдор имзо гузошта шавад. Аз лаҳзаи имзо гузоштан дар ҳуҷҷат он характери расмӣ пайдо мекунад. Мувофиқи қонун ҳуҷҷате, ки низоми маълумотноки автоматикунонидашуда гирифта шудааст, баъди имзо гузоштан дар он, аз тарафи шахси мансабдори давлатии ваколатдоркардашуда характери расмӣ пайдо мекунад[3].

Ҳуҷҷатҳои расмӣ, ки ба сифати предмети ҷинояти мазкур баромад менамоянд, бояд аломатҳои зеринро доро бошанд:

а) ин санадҳои мукотиботи оммавӣ, яъне ҳуҷҷатҳои содиротии давлатӣ, мақомоти худидоракунии маҳаллӣ ва муассисаҳои тобеишаҳрӣ, инчунин санадҳое, ки аз шахсони алоҳидаи ҳуқуқӣ ё ташкилотҳои тиҷоратӣ ва ғайритиҷоратӣ содирот шуда, ба коргузории мақомоти ҳокимияти умумӣ ворид шуда бошанд;

---

[1] Васильевна Ж.Г. Уголовная ответственность за служебный подлог. дис. … канд. юрид. наук. моддаи 2006. С.52.

[2] Ҳамон ҷо. С. 59.

[3] Ғоибов Р.Д. Ҳуқуқи ҷиноятӣ (Қисми махсус) – Дастури таълимӣ. Хуҷанд, 2009.

б) санадҳои дорои шакли муайян, қоғазҳои махсус, ки аз ҷониби шахси мансабдори ваколатдор ба имзо расонида, мӯҳр ва штамп гузошта шуда бошанд;
в) ҳуҷҷатҳои расмии дорои маълумотҳое, ки мазмунан аҳамияти ҳуқуқӣ доранд. Ба ин шумора метавон ҳама гуна ҳуҷҷатҳоеро, ки ба таври нотариалӣ ба расмият дароварда шудаанд ва ҳуҷҷатҳои дорандаи нишонаи ташкилотҳои тиҷоратӣ ва ғайритиҷоратӣ, ки ҳолатҳои муайяни дорои аҳамияти ҳуқуқиро муайян месозанд, мансуб донист: масалан ҳуҷҷати аз тарафи бонк додашуда, ки ҳолати хариди асъори хориҷиро шаҳодат медиҳад ё худ дафтарчаи меҳнатӣ, ки аз тарафи ташкилоти тиҷоратӣ дода шуда, асос барои шумурдани собиқаи (стаж) корӣ ва таъйини нафақа маҳсуб мешавад[1].

Тарафи объективии ин ҷиноят аз ҳаракатҳои зерин иборат аст:
а) ба асноди расмӣ дидаю дониста дохил намудани таҳсилотҳои бардурӯғ;
б) ба асноди зикршуда ворид намудани ислоҳоте, ки мазмуни аслии онро таҳриф мекунад;
в) дидаву дониста додани ҳуҷҷатҳои бардурӯғ ё қалбакӣ.

Аз рӯи конструксияи тарафи объективӣ ҷинояти мазкур ба таркиби расмӣ дохил шуда, аз лаҳзаи содир намудани яке аз ҳаракатҳои дар диспозитсияи моддаи зикршуда тамомшуда эътироф мешавад.

Роҳу усулҳои мушаххаси сохтакории ҳуҷчатҳо, ба пурра омода сохтани ҳуҷҷати мазмунан ва ҳам шаклан қалбакӣ, ворид намудани маълумотҳои қалбакӣ, дар шакли иваз намудани санаи он (ба шарте, ки санаи он дорои аҳамияти ҳуқуқӣ бошад), сохтакории имзо, муҳр,

[1] Тафсир ба моддаҳои алоҳидаи Қисми махсуси Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Дар зери таҳрири Қаххоров А.А. Душанбе 2011с. С. 608.

тозакунӣ ё изофанависии матни ҳуҷҷат ва ғайра метавонанд алоқаманд бошанд.

Аломати ҳатмии тарафи объективии ҷинояти тафсиршаванда он аст, ки ҳуҷҷатҳо бояд таҳти истифодабарии хизматии субъекти ҷиноят қарор дошта бошанд, зеро ҷинояти мазкур бо истифода аз вазифаҳои хизматӣ аз тарафи шахси мансабдор, хизматчии давлативу мақомоти худидораи маҳаллӣ, ки шахси мансабдор намебошад, содир карда мешавад[1].

Агар шахс ҳуҷҷатҳои қалбакиро барои имзо кардан омода намояд ё барои ворид намудани тағйироту иловаҳо ба онҳо кушиш намояд, агар зимнан ҷиноят бо сабабҳои аз ӯ вобаста набуда ба охир нарасад, кирдорҳои ӯ ба моддаи 323 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ишора ба моддаи 32 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон яъне сӯиқасд ба сохтакории хизматӣ бандубаст карда мешавад.

Аз рӯи аломати тарафи субъективӣ ин ҷиноят бо қасди бевосита ифода меёбад. Шахси гунаҳгор дарк мекунад, ки ҳуҷҷате, ки ба ҳақиқат номутобиқ аст, тайёр намуда истодааст ва хоҳони тайёр намудани ин гуна ҳуҷҷат аст.

Агар шахси мансабдор бо сабаби надоштани таҷрибаи кофӣ ё сабабҳои дигар ба хатогӣ роҳ дода бошад, инчунин дар натиҷаи боварӣ бо зертобеъ, бидуни хонда баромадани он имзо ва ё мӯҳр гузорад, кирдори вай аломати таркиби ҷинояти мазкурро доро намебошад . Ин кирдори шахси мансабдорро метавон чун хунукназарӣ арзёбӣ кард.

Субъекти ҷинояти мазкур шахси мансабдор ва хизматчии давлатӣ ё хизматчии мақомоти худидоракунии маҳаллӣ, ки шахси мансабдор намебошад.

---

[1] Ҳамон ҷо. С.609.

Мафҳуми шахси мансабдор ва хизматчии давлатӣ дар эзоҳи моддаи 314 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ шудааст.

Тибқи эзоҳи моддаи дар боло зикршуда таҳти мафҳуми шахси мансабдор дар моддаҳои Кодекси ҷиноятӣ шахсе дар назар дошта шудааст, ки ба таври доимӣ, муваққатӣ ё бо ваколати махсус вазифаи намояндаи ҳокимиятро ба ҷо меоварад ё вазифаҳои ташкилию амрдиҳӣ, маъмурию хоҷагидориро дар мақомоти ҳокимияти давлатӣ, муассисаҳои давлатӣ, мақомоти худидоракунии маҳаллӣ, инчунин дар Қувваҳои мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон, дигар қӯшунҳо ва ҷузъу томҳои ҳарбии Ҷумҳурии Тоҷикистон анҷом медиҳад.

**Гирифтани мукофот бо роҳи тамаъҷӯӣ**

Гирифтани мукофот бо роҳи тамаъҷӯӣ ҳамчун ҷиноят дар моддаи 324 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ шуда, аз ду қисм иборат аст.

Чун дигар ҷиноятҳо объекти умумии гирифтани мукофот бо роҳи тамаъҷӯиро низ маҷмӯи манфиатҳои (арзишҳои) шахсият, ҷамъият ва давлат, ки аз тарафи Кодекси ҷиноятӣ ҳифз карда мешаванд, ташкил медиҳад.

Объекти гурӯҳии (хелии) ҷинояти номбурда муносибатҳои ҷамъиятии таъминкунандаи ҳифзи манфиатҳои давлатӣ ва фаъолияти муътадили бо қонун асосёфтаи ҳокимияти давлатӣ мебошад.

Объекти намудии ҷинояти мазкур бошад, маҷмӯи муносибатҳои ҷамъиятие ташкил медиҳанд, ки самти муътадил ва қонуниро дар соҳаи фаъолияти ҳокимияти давлатӣ ё мақомоти худидоракунии маҳаллӣ, таъмин мекунанд.

Ба ҳайси объекти бевоситаи ин ҷиноят фаъолияти муътадил ва дурусти корхонаҳо ва муассисаҳо новобаста аз моликияташон баромад мекунад.

Предмети ҷинояти мазкур мукофоти молӣ ё фоидаи молу мулкӣ, қоғазҳои қиматнок ва дигар молу мулки мушаххас мебошанд.

Тарафи объективии ин ҷиноят аз ҳаракатҳои фаъол дар шакли талаб кардани мукофоти молӣ ё фоидаи молу мулкӣ барои иҷрои кори муайян ё расонидани хизмат, ки ба доираи вазифаи хизматии чунин корманд дохил мешавад, ҳамчунин қасдан гузоштани шаҳрванд дар чунин шароите, ки ӯ барои пешгирӣ кардани вайронкунии ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунан ҳифзшавандааш маҷбур аст чунин мукофотро барояш муҳайё созад, иборат аст.

Аз мазмуни эзоҳи моддаи 320 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва моддаи 324 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон мафҳуми тамаъҷӯӣ бар меояд. Тибқи эзоҳи моддаи 320 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти мафҳуми тамаъҷӯие, ки дар моддаҳои 319 ва 320 Кодекси ҷиноятӣ пешбинӣ шудааст, талаботи шахси мансабдор оид ба додани пора зери таҳдиди содир кардани чунин амалҳои вобаста ба фаъолияти хизматие, ки метавонад ба манфиатҳои қонунии порадиҳанда зарар расонад, ё инчунин қасдона гузоштани шаҳрванд ба чунин ҳолате, ки ӯ маҷбур аст барои бартараф кардани оқибатҳои зарарнок ба манфиатҳои қонунии худ пора диҳад, фаҳмида мешавад.

Гарчанде мафҳуми дар боло зикршуда танҳо ва бевосита ба моддаҳои 319 ва 320 Кодекси ҷиноятӣ тааллуқ дошта бошад, аммо мазмунан он ба моддаи 324 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон низ тааллуқ дошта метавонад. Мафҳуми тамаъҷӯӣ дар моддаи 324 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон низ қисман пешбинӣ шуда ба маънои «қасдан гузоштани шаҳрванд дар чунин шароите, ки ӯ барои пешгирӣ кардани вайронкунии ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунан ҳифзшавандааш маҷбур аст чунин мукофотро барояш муҳайё созад» омадааст. Дар моддаи 320 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон бошад, ба маънои «таҳдиди содир кардани чунин амалҳои вобаста

ба фаъолияти хизматие, ки метавонад ба манфиатҳои қонунии порадиҳанда зарар расонад, ё инчунин қасдона гузоштани шаҳрванд ба чунин ҳолате, ки ӯ маҷбур аст барои бартараф кардани оқибатҳои зарарнок ба манфиатҳои қонунии худ пора диҳад» омадааст. Мазмунан мафҳуми тамаъҷӯӣ дар ҳар ду моддаи дар боло зикршуда якхела пешбинӣ шуда, фарқияти онҳо дар предмет ва субъекти ҷиноят зоҳир мегардад.

Шарти зарурии ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидани хизматчии корхона бо моддаи мазкур, ин аниқ муайян кардани он мебошад, ки иҷрои кор ё расонидани хизмати мушаххас ба доираи вазифаҳои хизматии чунин корманд дохил мешавад ё не. Барои инро муқаррар кардан, ҳатман бояд уҳдадориҳои хизматии чунин кормандро, ки аз санадҳои муайяни меъёрӣ-ҳуқуқии оиннома, низомнома, фармон, иҷроиши вазифаҳои хизматӣ бар меоянд, муайян карда шавад. Агар корманд тамаъи мукофотро кунаду, лекин иҷрои кор ё расонидани хизмат ба доираи вазифаҳои иҷрои функсионалии ӯ дохил нашаванд, дар ин ҳолат ҳаракати шахс бояд ҳамчун қаллобӣ бандубаст карда шавад[1].

Мутобиқи моддаи 10 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мубориза бар зидди коррупсия» ба шахси ба иҷрои мансаби давлатӣ ваколатдор ва мансаби ба он баробар кардашуда аз шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ вобаста ба иҷрои ваколатҳояш, аз ҷумла барои хизмате, ки ҳангоми иҷрои ваколаташ (ҳуқуқу уҳдадориҳояш) анҷом додааст ё ба манфиати шахси дигар анҷом надодааст, мукофот (қарз, мукофоти пулӣ ва мукофоти дигар, хизматрасонӣ, пардохти вақтхушӣ, истироҳат, хароҷоти нақлиёт) гирад, ба шахсони мансабдори болоӣ туҳфа диҳад ё хизмат расонад, манъ аст. Туҳфаҳои ҳангоми

[1] Тафсир ба моддаҳои алоҳидаи Қисми махсуси Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Дар зери таҳрири Қаҳҳоров А.А. Душанбе 2011с. С. 612.

баргузории чорабиниҳои протоколӣ, сафарҳои хизматӣ ва чорабиниҳои дигари расмӣ гирифташударо ҳамчун молу мулки давлатӣ бояд бо санади дахлдор ба мақомоте, ки дар он фаъолият менамояд, супорад, ба истисноии армуғон ва тухфаҳои дигари рамзӣ, ки арзиши умумии онҳо дар давоми сол аз 100 (сад) нишондиҳанда барои ҳисобҳо зиёд набошад[1].

Аз рӯи конструксия таркиби ҷинояти мазкур расмӣ буда, аз лаҳзаи тамаъ кардани мукофот ё фоидаи молу мулкӣ, тамомшуда эътироф мешавад.

Тарафи субъективии ҷинояти мазкур аз гуноҳ дар шакли қасди бевосита иборат аст.

Субъекти ҷинояти мазкур махсус яъне хизматичии корхонаи давлатӣ ё ғайридавлатӣ, ки шахси мансабдор намебошад ва иҷрои кор, расонидани хизмати муайян ба доираи уҳдадориҳои хизматиаш дохил мешавад, мебошад.

Қисми 2 моддаи 324 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон гирифтани мукофот бо роҳи тамаъҷӯиро бо ҳолатҳои вазнинкунанда аз қабили такроран содир намудан ва ба миқдори калон расонидани зарар пешбинӣ намудааст.

Банди «а» қисми 2 моддаи 324 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ҳолати вазнинкунандаро барои содир намудани гирифтани мукофот бо роҳи тамаъҷӯӣ, дар ҳолати такрорӣ, пешбинӣ менамояд.

Тибқи муқаррароти диспозитсияи моддаи 19 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон такрори ҷиноят кирдоре эътироф мешавад, ки шахс дар вақти гуногун ду ё зиёда ҷинояти дар ҳамон як модда ё қисми моддаи ҳамин Кодекс пешбинишударо содир намудааст.

---

[1] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мубориза бар зидди коррупсия» (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон,с. 2005, №7, мод. 402; с. 2007, №7, мод. 660; с. 2008, №10, мод. 800; с. 2011, №12, мод. 837; с. 2014, №3, мод. 148; Қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 24.02.2017 с., №1385; аз 24.02.2017 с., №1386; аз 30.05.2017 с., №1440)

Дигар ҳолати вазнинкунандае, ки дар банди «б» қисми 2 моддаи 324 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ шудааст, ин содир намудани гирифтани мукофот бо роҳи тамаъҷӯӣ, ки ба миқдори калон зарар расонидааст, мебошад.

Тибқи эзоҳи моддаи 325 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар моддаҳои 324 ва 325 зери мафҳуми миқдори калон, миқдори пул, арзиши қоғазҳои қиматнок, дигар молу мулк ё фоидаи дорои хусусиятӣ молу мулкӣ доштае фаҳмида мешавад, ки арзиши онҳо аз панҷсад нишондиҳанда барои ҳисобҳо зиёд бошад.

**Додани мукофот ба хизматчӣ**

Додани мукофот ба хизматчӣ ҳамчун ҷиноят дар моддаи 325 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ шуда, аз ду қисм ва эзоҳ иборат аст.

Ба мисли дигар ҷиноятҳо объекти умумии додани мукофот бо роҳи тамаъҷуӣ низ маҷмӯи манфиатҳои (арзишҳои) шахсият, ҷамъият ва давлат, ки аз тарафи Кодекси ҷиноятӣ ҳифз карда мешаванд, мебошад.

Объекти гурӯҳии (хелии) ҷинояти номбурдаро муносибатҳои ҷамъиятии таъминкунандаи ҳифзи манфиатҳои давлатӣ ва фаъолияти муътадили бо қонун асосёфтаи корхонаҳои давлатӣ ва ғайридавлатӣ ташкил медиҳад.

Объекти намудии ҷинояти мазкур бошад, маҷмӯи муносибатҳои ҷамъиятие ташкил медиҳанд, ки самти муътадил ва қонуниро дар соҳаи фаъолияти корхонахои давлатӣ ва ғайридавлатӣ, таъмин мекунанд.

Объекти бевоситаи ин ҷиноят фаъолияти муътадил ва дурусти корхонаҳо ва муассисаҳо новобаста аз моликияташон мебошад.

Предмети ҷинояти мукофоти молӣ ё фоидаи молу мулкӣ, қоғазҳои қиматнок ва дигар молу мулки мушаххас мебошанд.

Тарафи объективии ин ҷиноят аз ҳаракатҳои фаъол дар шакли додани мукофоти молӣ ё фоидаи молу мулкӣ ба хизматчии корхона, сарфи назар аз шакли моликият барои ба манфиати шахси мукофотдиҳанда иҷро кардани амали ғайриқонунӣ иборат аст.

Чуноне, ки аз диспозитсияи моддаи мазкур бар меояд, ҷавобгарӣ бо ин модда дар ҳолате ба вуҷуд меояд, ки мукофот ба хизматчии корхона барои аз ҷониби ӯ иҷро кардани амали ғайриқонунӣ ба манфиати мукофотдиҳанда дода шавад. Агар мукофот ба хизматчии корхона барои амалӣ гардидани амали қонунӣ дода шавад, он гоҳ ҷавобгарии ҷиноятӣ ба миён намеояд.

Таҷриба нишон медиҳад, ки баъзе шахсон барои дар амал ҷорӣ намудани манфиатҳои шахсии худ, бо роҳи ғайриқонунӣ ба хизматчиёни корхона ва муассисаҳо мукофот медиҳанд, ки ин дар натиҷа боиси вайрон кардани вазифаҳои хизматии онҳо гардида, ба фаъолияи қонунӣ ва муътадили корхонаҳо зарар мерасонад. Қонунгузор бо ҳамин хотир кирдори мазкурро ҳамчун ҷиноят эътироф намудааст.

Аз рӯи конструксия таркиби ҷиноят расмӣ буда, аз лаҳзаи додани мукофот ё расонидани фоидаи молу мулкӣ тамомшуда эътироф мешавад.

Тарафи субъективии ҷинояти мазкур аз гуноҳ дар шакли қасди бевосита иборат аст. Гунаҳгор дарк мекунад, ки ӯ ба таври ғайриқонунӣ мукофотро ба хизматчии корхона, барои иҷро кардани амали ғайриқонунӣ дода истодааст ва хоҳиш дорад, ки чунин ҳаракати ғайриқонунии худро анҷом диҳад.

Субъекти ҷинояти мазкур шахси мукаллафи ҷисмонии ба синни 16 сола расида мебошад.

**Ғайриқонунӣ иҷозат додан ба гирифта гаштан ва нигоҳдории силоҳи оташфишон**

Ғайриқонунӣ иҷозат додан ба гирифта гаштан ва нигоҳдории силоҳи оташфишон ҳамчун ҷиноят дар моддаи 326 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ шуда, аз як қисм иборат мебошад.

Объекти бевоситаи ҷинояти номбурда муносибатҳои ҷамъиятие мебошанд, ки самти мӯътадилро дар соҳаи иҷозат додан ба гирифта гаштан ва нигоҳдории силоҳи оташфишон ба танзим медароранд.

Ба ҳайси предмети ин ҷиноят силоҳи оташфишон баромад карда метавонад.

Ҳолатҳои умумии марбут ба мафҳум ва намудҳои силоҳ, қоидаҳои асосии танзими муносибатҳое, ки ҳангоми муомилоти силоҳ ва лавозимоти ҷангии онҳо ба амал меоянд, ҳуқуқ ва вазифаҳои иштирокчиёни он, инчунин шарт ва тартиби истифодаи он дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи силоҳ» муқаррар карда шудаанд[1].

Тибқи Қонуни зикршуда таҳти мафҳуми силоҳ васила ва ашёе, ки амалан барои зарба задан ба ҳадафи зинда ва ё нишони дигар, додани ишораҳо (сигналҳо) таъйин шудаанд, фаҳмида мешавад.

Дар зери мафҳуми силоҳи оташфишон бошад силоҳе, ки барои бо гулӯлаи аз ҳисоби кулоҳаки (заряди) борут ё кулоҳаки дигар ҳаракати самтнокгирифта ба тарзи механикӣ аз масофа ба ҳадаф зарба задан таъйин шудааст, фаҳмида мешавад.

Аз мафҳуми додашуда бар меояд, ки ҳама намуд силоҳ ки барои аз масофа бо снаряд ба ҳадаф расонидан таъйин шудаасту, аз ҳисоби ин заряди борут ва ё заряди дигар

---

[1] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи силоҳ» аз 19.03.2013с. // (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2013, №3, мод. 182; с. 2014, №7, қ. 2, мод. 402; Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 8.08.2015 с., № 1217)

ҳаракати самтнок гирифтааст, фаҳмида шуда, ба ин гурӯҳ автомат, пулемёт, миномёт, гранатомёт, таппонча, милтиқ, револвер, карабин, аслиҳаҳои артилерӣ, пушкаҳои авиатсионӣ, силоҳҳои шикории мили рахпечдошта, силоҳи оташфишони суфтамилли шикорӣ ва дигар силоҳҳои оташфишон, новобаста аз қутрашон, дохил мешаванд.

Предмети ҷинояти мазкур силоҳи ҳамвормили шикорӣ, силоҳҳои пневматикӣ, сигналдиҳӣ, варзишӣ, оғоздиҳӣ (стартӣ), сохтмонӣ-монтажӣ, таҷҳизоти электрошокӣ шуда наметавонанд.

Тарафи объективии ин ҷиноят аз ҳаракатҳои зерин иборат аст:

а) ғайриқонунӣ иҷозат додан барои гирифта гаштани силоҳи оташфишон;
б) ғайриқонунӣ иҷозат додан барои нигоҳдории силоҳи оташфишон;

Мафҳуми гирифта гаштан ва нигоҳ доштани силоҳи оташфишон дар Қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, «Дар бораи таҷрибаи судӣ доир ба баррасии парвандаҳои марбут ба тасарруф ва гардиши ғайриқонунии силоҳ, лавозимоти ҷангӣ, моддаҳои тарканда, воситаҳои таркиш, ҳамчунин маҳлулҳои оташангез ва моддаҳои зуддаргиранда, ки барои ба сифати силоҳ истифода бурдан таъйинанд ё мувофиқ карда шудаанд, инчунин воситаи дигари марговар ва маводи тарфгарӣ (пиротехникӣ)» оварда шудааст:

Таҳти мафҳуми ғайриқонунӣ бо худ гирифта гаштани силоҳ, бояд дар либос ё бевосита дар бадани айбдоршаванда будани онҳо, ё тавассути борхалта, ҷузвкаш ва ғайра бурдани онҳо, фаҳмида мешавад.

Таҳти мафҳуми ғайриқонунӣ нигоҳ доштани силоҳ, бояд дар бино, махфигоҳ, ҳамчунин дар дигар ҷойҳо

будани ашёи зикргардида, ки амнияти онҳоро таъмин мекунанд, ҳисобида мешавад[1].

Вобаста ба силоҳ санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ аз қабили Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи силоҳ» аз 19.03.2013, Қарори Хукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи пешниҳоди хулосаи Ҳукумати Ҷмҳурии Тоҷикистон ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоӣикистон "Дар бораи силоҳ" аз 02.11.2012, Қарори Хукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тартиби гардиши силоҳи оташфишон ва лавозимоти ҷангии он» аз.01.04.2017, Қарори Хукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Номгӯи бемориҳо ва нуқсонҳои ҷисмоние, ки ҳангоми мавҷудияти онҳо ба шаҳрванд рухсатнома барои соҳиб шудан ба силоҳ дода намешавад ва тартиби гузаштани шаҳрвандон аз муоинаи тиббӣ барои соҳиб шудан ба силоҳ» аз 31.04.2014, Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи ҳамроҳшавии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Конвенсияи манъ ё маҳдуд сохтани истифодаи навъҳои мушаххаси силоҳи муқаррарӣ, ки метавонанд расонандаи зиёни фавқулодда ё дорои таъсири ғайриинтихобӣ ҳисобида шаванд ва протоколҳои он" аз 10.10. 1980, Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи андешидани чораҳои зарурӣ оид ба танзими гардиши силоҳии ғайринизомӣ ва қисмҳои асосии он дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 27.09.2013, қабул шудаанд.

Иҷозати ғайриқонунӣ ба силоҳ, чунин маъно дорад, ки иҷозати гирифта гаштан ва нигоҳ доштани силоҳи оташфишон бар хилофи тартиб ва бо вайрон кардани

---

[1] Қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, «Дар бораи таҷрибаи судӣ доир ба баррасии парвандаҳои марбут ба тасарруф ва гардиши ғайриқонунии яроқ, лавозимоти ҷангӣ, моддаҳои тарканда, воситаҳои таркиш, ҳамчунин маҳлулҳои оташангез ва моддаҳои зуддаргиранда, ки барои ба сифати яроқ истифода бурдан таъйинанд ё мувофиқ карда шудаанд, инчунин воситаи дигари марговар ва маводи тарфгарӣ (пиротехникӣ)» аз 23.11.2012с. банди 9.

асосу шартҳои додани иҷозат, ки дар санадҳои меъёрӣ - ҳуқуқии дар боло зикршуда пешбинишуда, дода шудааст.

Додани иҷозатнома барои истеҳсол, фурӯш ва хариди силоҳи хизматӣ, ғайринизомӣ ва лавозимоти ҷангии он, ба зиммаи Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон вогузор карда шудааст.

Мутобики муқаррароти Фармони ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тасдиқ намудани Дастурамал оиди кори мақомоти корҳои дохилӣ дар ҷорӣ намудани тартиби иҷозатдиҳӣ», додани иҷозатнома (рухсатнома) барои гирифтан, харидан, нигоҳ доштан ва гирифта гаштани силоҳи оташфишони хизматӣ ва шаҳрвандӣ, ба зиммаи воҳидҳои зерин вогузошта шудааст[1]:

– Раёсати ҳифзи тартиботи ҷамъиятии ВКД-и Ҷумҳурии Тоҷикистон - рахпеч, суфтамили шикорӣ ва тирҳои онҳо ба ташкилотҳои давлатӣ ва ҷамъиятӣ, шахсони ҳуқуқӣ ва шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон ва шаҳрвандони хориҷӣ;
– Шӯъбаҳои ҳифзи тартиботи ҷамъиятии РКД-и вилоятҳо ва шаҳри Душанбе – суфтамили шикорӣ (ғайри рахпеч), гази, пневматикӣ ва тирҳои онҳо ба ташкилотҳои давлатӣ ва ҷамъиятӣ, шахсони ҳуқуқӣ ва шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон;
– ШВКД шаҳру ноҳияҳо – силолоҳҳои шикорӣ (ғайри рахпеч), газӣ, пневматики ва тирҳои онҳо ба ташкилотҳои давлатӣ ва ҷамъиятӣ, шахсони ҳуқуқӣ ва шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон;
– ШВКД дар наклиёт буда дар доираи вазифаи худ барои гирифтан, харидан, нигоҳ доштан ва гирифта гаштани силоҳи оташфишон ва тирҳои онҳо ба

[1] Фармони ВКД-и Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тасдиқ намудани Дастурамал оиди кори мақомоти корҳои дохилӣ дар ҷорӣ намудани тартиби иҷозатдиҳӣ» бо замима аз 29.12. 2007с. таҳти № 790 бо замима. (бандҳои 3.3, 3.5, 3.6)

қисмҳои ҳарбишудаи муҳофизатии роҳи оҳан, хизмати ҳавоӣ ва ҳайати ҳавопаймоҳо.

Иҷозатномаҳо (рухсатномаҳо) аз тарафи сардорони РҲТҶ ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, РВКД-и вилоятҳо ва ш.Душанбе, РКДН, шӯъбаҳои ҳифзи тартиботи ҷамъиятии РВКД, РКДН, инчунин, дар шӯъбҳои корҳои дохилии шаҳру ноҳияҳо ва ШВКД дар нақлиёт буда, сардорон ё муовинони онҳо ба имзо расида, муҳри нишондор ё муҳри махсус, ки навиштаҷоти «тартиби иҷозатдиҳӣ» доранд, гузошта мешавад.

Вайрон намудани талаботҳои Фармони мазкур асос барои ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидани шахси мутассадӣ мегардад.

Мутобиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи силоҳ» шахсоне, ки барои соҳиб шудан ба силоҳ ҳуқуқ надоранд инҳо шуда метавонанд:

- шахсоне, ки ба синни бистуяксолагӣ нарасидаанд;
- шахсоне, ки бинобар майзадагӣ ва нашъамандӣ дар қайди мақомоти тандурустӣ қарор доранд;
- шахсоне, ки беморӣ ё нуқсонҳои ҷисмонӣ доранд ва ин ҳолатҳо ба муомилаи дуруст бо силоҳ монеъ мешаванд;
- шахсоне, ки барои содир намудани ҷиноятҳои қасдона доғи судӣ доранд;
- шахсоне, ки ҷазои ҷиноятиро адо мекунанд;
- шахсоне, ки дар давоми як соли баъди таъйини ҷазои маъмурӣ такроран ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ содир намудаанд, ки ба тартиботи ҷамъиятӣ ё ба тартиботи муқаррарнамудаи идоракунӣ таҳдид мекунад;
- шахсоне, ки ба мақомоти корҳои дохилӣ ҳуҷҷати тасдиқкунанда дар бораи гузаштан аз санҷиши донистани қоидаҳои муносибати эҳтиёткорона бо силоҳро пешниҳод накардаанд;

– шахсоне, ки бо ҳукми суд аз ҳуқуқи ишғоли мансабҳои муайян ё машғул шудан бо фаъолияти касбӣ ё соҳибкорӣ дар соҳаи гардиши силоҳ маҳрум шудаанд;
– шахсоне, ки ҷои доимии истиқомат ё шароити нигаҳдории силоҳро надоранд.

Номгӯи бемориҳо ва нуқсонҳои ҷисмониро, ки дар сурати мавҷуд будани онҳо рухсатнома барои соҳиб шудан ба силоҳ ба шаҳрванд дода намешавад ва тартиби гузаштани шаҳрвандон аз муоинаи тиббиро Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян менамояд[1].

Номгӯи бемориҳо ва нуқсонҳои ҷисмонии дар боло зикршуда дар Қарори Хукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Номгӯи бемориҳо ва нуқсонҳои ҷисмоние, ки ҳангоми мавҷудияти онҳо ба шаҳрванд рухсатнома барои соҳиб шудан ба силоҳ дода намешавад ва тартиби гузаштани шаҳрвандон аз муоинаи тиббӣ барои соҳиб шудан ба силоҳ» пешбинӣ шудаанд[2].

Ҳамзамон, ҳангоми ҷой доштани ҳолати аз тарафи шахси мурочиаткунанда барои гирифтани иҷозат оиди гирифта гаштан ва нигоҳдории силоҳи оташфишон, пешниҳод намудани ҳуҷҷатҳои қалбакӣ бо мақсади гумроҳ намудани шахси мансабдор бояд бо моддаҳои 340 ва дар ҳолати предмети ҷиноят он моддаи 195 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар бар гирад, бо моддаҳои 32-195 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон бандубаст карда шуда, шахси мансабдор ё хизматчии давлатии бевосита ба ин сохтакорӣ даст зада бошад,

---

[1] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи силоҳ» аз 19.03.2013с. // (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2013, №3, мод. 182; с. 2014, №7, қ. 2, мод. 402; Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистоназ 8.08.2015 с., № 1217)

[2] Қарори Хукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Номгӯи бемориҳо ва нуқсонҳои ҷисмоние, ки ҳангоми мавҷудияти онҳо ба шаҳрванд рухсатнома барои соҳиб шудан ба силоҳ дода намешавад ва тартиби гузаштани шаҳрвандон аз муоинаи тиббӣ барои соҳиб шудан ба силоҳ» аз 31.04.2014.

кирдораш бо моддаи 323 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон банду баст карда шавад[1].

Тарафи субъективии ҷинояти мазкур аз гуноҳ дар шакли қасди бевосита иборат буда, шахси гунаҳгор дарк менамояд, ки бар хилофи талаботҳои қонун иҷозати ба даст овардан, гирифта гаштан ва нигоҳ доштани силоҳи оташфишонро медиҳад ва хоҳиш дорад, ки чунин ҳаракати ғайриқонуниашро амалӣ намояд.

Субъекти ҷинояти номбурда махсус буда, шахси мансабдоре шуда метавонанд, ки мувофиқи тартиби муқарранамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон салоҳияти додани иҷозат оид ба гирифта гаштан ё нигоҳ доштани силоҳи оташфишонро доранд.

**Ғайриқонунӣ нигоҳ доштани муҳофизони шахсӣ ва истифодаи техникаи ҷангӣ бо ҳамин мақсад**

Ғайриқонунӣ нигоҳ доштани муҳофизони шахсӣ ва истифодаи техникаи ҷангӣ бо ҳамин мақсад ҳамчун ҷиноят дар моддаи 326 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ шуда, аз як қисм иборат мебошад.

Чихеле, ки ба ҳамагон маълум аст, баъди ба даст овардани истиқлолият дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷанги шаҳрвандӣ оғоз гардида, дар он марҳила ва баъди он шароити ҷамъиятӣ – сиёсии Ҷумҳурӣ муташанниҷ гардид. Бо истифода аз вазъияти мураккаби он давра шахсони алоҳида бо мақсади ҳимояи худ ва шахсони наздик, таҳдид намудани ҷамъият, дар амал ҷорӣ намудани ҳадафҳои нопоки худ ва ғ. муҳофизони шахсиро киро мекарданд ва инчунин техникаи ҷангиро бо ҳамин мақсад мавриди истифода қарор медоданд. Ин ҳолат боиси ба

[1] Тафсир ба моддаҳои алоҳидаи Қисми махсуси Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Дар зери таҳрири Қаҳҳоров А.А. Душанбе 2011с. С. 620.

таҳлука гирифтор шудани мардуми оддӣ ва ба вуҷуд омадани бесарусомонӣ дар байни ҷамъият гардид.

Бинобар ин қонунгузор зарур шуморид бо мақсади ба танзим даровардани муносибатҳои ҷамъиятӣ дар самти мазкур моддаи алоҳидаро бо номи ғайриқонунӣ нигоҳ доштани муҳофизони шахсӣ ва истифодаи техникаи ҷангӣ бо ҳамин мақсад дар Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид намояд.

Ҳамчунин аз ҷониби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Фармон «Дар бораи танзими масъалаҳои муҳофизати давлатии ашхоси мансабдори Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба тасвиб расид[1].

Объекти бевоситаи ҷинояти мазкур муносибатҳои ҷамъиятие мебошанд, ки самти мӯътадилро дар соҳаи нигоҳ доштани муҳофизони шахсӣ ва истифодаи техникаи ҷангӣ ба танзим медарорад.

Ба сифати предмети ҷинояти номбурда техникаи ҷангӣ аз қабили танкҳо, мошинҳои зиреҳпӯш (БТР, БМП) ҳавопаймоҳои махсусгардонидашудаи ҳарбӣ (чархбол ва тайёраҳо) ва ғ. баромад мекунанд.

Тарафи объективи ин ҷиноят аз ҳаракатҳои зерин иборат аст:

1) Ғайриқонунӣ нигоҳ доштани муҳофизони шахӣ.

2) Ғайриқонунӣ нигоҳ истифодаи техникаи ҷангӣ.

Муҳофизони шахсӣ ин кормандони воҳидҳои махсусгардонидашуда мебошанд, ки бо мақсади таъмин намудани бехатарии шахсии шахсони мансабдори давлатӣ ва аҳли оилаи онҳо чорабиниҳои муайян, ҳатто то қурбон шудани худро, меандешанд.

Ғайриқонунӣ нигоҳ доштани муҳофизони шахсӣ, ин бар хилофи тартиби муқаррнамудаи қонун киро намудани шахсоне, ки дар ягон мақомот фаъолият намекунанд ва ё

---

[1] Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими масъалаҳои муҳофизати давлатии ашхоси мансабдори Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 15 марти соли 2000с. таҳти № 188.

фаъолияти хизматии онҳо ба доираи иҷрои дигар вазифаҳо вобастагӣ дорад, ҳамчунин аз ҳисоби кормандони воҳидҳои махсусгардонидашуда киро кардани муҳофизони шахсӣ барои таъмин намудани бехатарии шахси мансабдоре, ки тибқи қонун ба номгӯи шахсоне, ки аз истифодаи муҳофизони шахсӣ бархӯрдор аст, дохил намешавад.

Мусаллаҳ будани муҳофизони шахсӣ барои банду басти ҷиноят аҳамият надорад.

Таҳти мафҳуми истифодаи техникаи ҷангӣ бо ҳамин мақсад, яъне истифодаи техникаи ҷангӣ барои муҳофизати шахсӣ ва ҳадафҳои ғайриқонунии шахсони гунаҳгор фаҳмида мешавад.

Агар техникаҳои ҳарбии бо ин мақсад истифода шуда дар қайди воҳидҳои мусаллаҳ буда, он барои истифодаи муваққатӣ аз ҷониби хизматчии ҳарбӣ ва ё корманди қисми ҳарбӣ ба шахси мансабдор пешниҳод гардида бошад, кирдорҳои хизматчии ҳарбӣ ва корманди қисми ҳарбӣ бо моддаи 382 Кодекси Ҷумҳурии Тоҷикистон банду баст карда мешаванд[1]

Тарафи субъективии ин ҷиноят дар қасди бевосита ифода меёбад. Шахси гунаҳгор дарк менамояд, ки бар хилофи тартиби муқаррарнамудаи қонун муҳофизони шахсиро нигоҳ медорад ё техникаи ҷангиро истифода мебарад, фарорасии оқибати кирдоро пешбинӣ менамояд ва хоҳони фаро расидани он мебошад.

Субъекти ҷинояти мазкур шахсе, эътироф мешавад, ки муҳофизи шахсиро барои нигоҳубини худ ва ё наздиконаш киро карда, ӯро сарпарастӣ менамояд. Дар бисёр ҳолатҳо ҷинояти номбурда аз тарафи шахсони мансабдор бо истифода аз мақоми хизматӣ содир мешавад.

---

[1] Тафсир ба моддаҳои алоҳидаи Қисми махсуси Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Дар зери таҳрири Қаххоров А.А. Душанбе 2011с. С. 621.

# V. ТАВСИФИ ҲУҚУҚИИ ҶИНОЯТИИ ҶИНОЯТҲОИ ХУСУСИЯТИ КОРРУПСИОНИДОШТА БА МУҚОБИЛИ ТАРТИБИ ИДОРАКУНӢ (БОБИ 31 КОДЕКСИ ҶИНОЯТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН)

## Моддаи 338$^1$. Ғайриқонунӣ додани қитъаи замин

Ғайриқонунӣ додани қитъаи замин ҳамчун ҷиноят дар моддаи 338$^1$ Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ шуда, аз ду қисм иборат мебошад.

Яке аз масъалаҳои муҳиме, ки ҷомеаи Тоҷикистонро ба ташвиш андохтааст, ин содиршавии ҷиноятҳои марбут ба замин аз қабили ба қайд гирифтани аҳди ғайриқонунӣ бо замин, худсарона ишғол намудани қитъаи замин ва ғайриқонунӣ додани замин мебошад.

Чуноне, ки аз маълумотҳои оморӣ бар меояд, содиршавии ҷиноятҳое, ки ба замин алоқамандanд, тамоюли зиёдшавиро ба худ касб намуда истодаанд, чунки рӯз то рӯз аҳолӣ дар мамлакат зиёд гардида, талабот ба истифодабрии замин ва сохтани хонаи истиқоматӣ дар он афзуда истодааст.

Дар таҷриба гарчанде ҳолатҳои қонунии истифодабарии самараноки замин камшумор нест, лекин ҳолатҳои аз тарафи шаҳрвандони оддӣ ва шахсони мансабдор вайрон кардани муқаррароти қонун вобаста ба замин низ ҷой доранд.

Ҳангоми содир намудани ҷиноятҳои марбут ба замин мафиатҳои давлатӣ ва ҷамъиятӣ зарар мебинанд, чунки тибқи моддаи 13 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон «Замин, сарватҳои зеризаминӣ, об, фазои ҳавоӣ, олами набототу ҳайвонот ва дигар боигарии табиӣ моликияти истисноии давлат мебошанд ва давлат истифодаи самараноки онҳоро ба манфиати халқ кафолат медиҳад». Аз муқаррароти моддаи мазкур бар меояд, ки ҳангоми

содир намудани ин қабил ҷиноятҳо ба манфиатҳои халқ низ, зарар мерасад.

Объекти бевоситаи ҷинояти мазкур муносибатҳои ҷамъиятие мебошанд, ки самти муътадилро дар соҳаи истифодабарии қонунии замин таъмин мекунанд.

Дар ҷинояти номбурда қитъаи замин ҳамчун предмети ҷиноят маҳсуб меёбад, чунки он ба мафҳуми предмети ҷиноят, ки дар адабиётҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ оварда шудааст, мутобиқат мекунад. Чунончӣ, «предмети ҷиноят он чизи муайяни мавҷуда аст, ки бо бевосита таъсиррасонӣ ба он ҷинояти мушаххас содир карда мешавад»[1] ё «предмети ҷиноят – ин он ашёи олами моддие фаҳмида мешавад, ки доир ба онҳо ва вобаста ба онҳо ҷиноят содир карда мешавад ва ҷинояткор ба он таъсир расонида, муносибатҳои ҷамъиятии бо қонунгузории ҷиноятӣ ҳифзшавандаро вайрон менамояд»[2].

Мутобики моддаи 1[2] Кодекси замини Ҷумҳурии Тоҷикистон, таҳти мафхуми қитъаи замин – қисми замин бо ҳуқуқҳои муайян нисбат ба он, ки гурӯҳи муайян ва намуди иҷозатдодашудаи истифодабарӣ, сарҳади муайяншуда, майдон ва ҷойгиршавӣ дорад, фаҳмида мешавад[3].

Тарафи объективи ин ҷиноят аз ҳаракатҳои фаъол дар шакли ғайриқонунӣ додани қитъаи замин иборат аст.

---

1 Ҳуқуқи ҷиноятӣ (қисми умумӣ) Китоби дарсӣ. Зери таҳрири Н.А. Ғаффорова, Ҳ.С. Салимов. Душанбе 2011с. С.100.

2 Ҳусейнов С.Ҳ. Таркиби ҷиноят (дастури таълимӣ). – Душанбе, 2013. – С. 57; Никифоров Б.С. Объект преступления по советскому уголовному праву. М, 1960. – С. 122; А.Н. Трайнин Общее учение о составе преступления. М, 1957. – С. 178 – 179.

3 Кодекси замини Ҷумҳурии Тоҷикистон. аз 13 .12. 1996с. таҳти № 326 (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон с. 1996, №23, мод. 351; с. 1997, №23-24, мод. 333, фасли IV; с. 1999, №5, мод. 59; с. 2001, №4, мод. 176; с. 2004, №2, мод. 55, №3, мод. 190; с. 2006, №7, мод. 347; с. 2008, №1, қ. 2, мод. 22, №6, мод. 463; с. 2011, №3, мод. 171; с. 2012, №4, мод. 269, №8, мод. 828; с. 2016, №11, мод. 879)

Тахти мафҳуми ғайриқонунӣ додани қитъаи замин, бархилофи тартиби муқаррарнамудаи қонун ё санади дигари меъёрии ҳуқуқӣ додани қитъаи замин, ки ба ҳуқуқу манфиатҳои давлатӣ ё ҷамъиятӣ зарари ҷиддӣ расонида шудааст, фаҳмида мешавад.

Тарафи субъективии ҷинояти номбурда аз гуноҳ дар шакли қасди бевосита иборат аст. Шахси гунаҳкор дарк менамояд, ки қитъаи заминро бар хилофи тартиби муқаррарнамудаи қонун ба шаҳрвандон дода истодааст ва хоҳони он аст, ки онро диҳад.

Яке аз ангезаҳои асосии содир намудани ин ҷиноят ғараз (ба даст овардани фоидаи моддӣ) буда, барои банду басти ҷиноят таъсир расонида наметавонад, аммо суд онро ҳангоми таъйини ҷазо бояд ба назар гирад.

Субъекти ҷинояти номбурда махсус, яъне танҳо шахсоне шуда метавонанд, ки ваколати додани заминро ба шаҳрвандон доранд.

Бо мақсади пешгирии ҷиноятҳои марбут ба замин хуб мешуд, аз тарафи мутахасисон ва шахсони салоҳиядор дар байни мардуми оддӣ корҳои фаҳмондадиҳӣ гузаронида шавад. Аз нуқтаи назари мо сабаби асосии содиршавии чунин ҷиноятҳо дар сатҳи паст қарор доштани маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон мебошад, чунки дар бисёр ҳолатҳо онҳо, ба шахсоне, ки ба фурӯши замин машғуланд бовар намуда, фикр мекунанд, ки шахсе, ки заминро фурӯхта истодааст, қонунӣ амал карда истодааст ва тамоми ҳуҷҷатҳои лозима ба таври қонунӣ ба расмият даровarda шудаанд. Мутаасифона аксарияти шаҳрвандоне, ки барои гирифтани замин эҳтиёҷ доранд, раванди ба расмиятдарории ҳуҷҷатҳоро намедонанд.

Дар қисми 2 моддаи 338[1] Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон якчанд ҳолатҳои вазнинкунанда аз қабили такроран, аз ҷониби гурӯҳи шахсон бо маслиҳати пешакӣ ва бо истифода аз ваколати мансабӣ содир намудани ғайриқонунӣ додани қитъаи замин пешбинӣ шудааст.

Дар банди «а» қисми 2 моддаи 338[1] Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон содир намудани ғайриқонунӣ додани қитъаи замин дар ҳолати такрорӣ оварда шудааст.

Тибқи муқаррароти эзоҳи моддаи 338 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон (худсарона ишғол намудани қитъаи замин ва сохтмони худсарона дар он) ҷиноятҳои дар моддаҳои 338 ва 338[1] Кодекси ҷиноятӣ пешбинигардида дар ҳамон вақт такроран содиршуда эътироф карда мешаванд, ки агар шахс қаблан як ё якчанд ҷиноятҳои дар ҳамин моддаҳо пешбинигардидаро содир намуда бошад.

Банди «б» қисми 2 моддаи 338[1] Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон содир намудани ғайриқонунӣ додани қитъаи заминро аз ҷониби гурӯҳи ашхос бо маслиҳати пешакӣ пешбинӣ намудааст.

Тибқи талаботи моддаи 39 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиноят бо маслиҳати пешакӣ аз ҷониби гурӯҳи шахсон содиршуда эътироф мешавад, агар дар он шахсоне иштирок карда бошанд, ки дар хусуси якҷоя содир намудани он пешакӣ маслиҳат кардаанд.

Аз муқаррароти моддаи дар боло зикршуда бар меояд, ки шахсоне, ки қитъаи заминро ба шахси дигар медиҳанд, дар хусуси якҷоя додани он пешакӣ маслиҳат намуда, аз қасди ҳамдигар бохабар мебошанд. Одатан ҷинояти номбурда дар чунин намуди шарикӣ аз тарафи шахсони мансабдори зинаҳои гуногун содир мешавад. Мисол, дар хусуси ғайриқонунӣ додани қитъаи замин мувофиқа намудани раиси ҷамоат бо раиси ноҳия.

Дигар ҳолати вазнинкунанда, ки дар банди «в» қисми 2 моддаи 338[1] Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ шудааст, ин ғайриқонунӣ додани қитъаи замин бо истифода аз ваколати мансабӣ мебошад.

Бо сӯистифода аз ваколатҳои мансабӣ содир намудани ҷинояти мазкур маънои онро дорад, ки шахси мансабдор бар хилофи манфиатҳои хизматӣ аз ваколатҳои худ истифода намуда, қитъаи заминро бо таври ғайриқонунӣ

ба шахси дигар медиҳад. Маъмулан бо истифода аз ваколатҳои мансабӣ содир намудани ҷинояти мазкур дорои ангезаи ғараз ва манфиатҳои шахсӣ мебошад.

**Сохтакорона тайёр кардан, ба муомилот баровардани маркаҳои боҷи аксизӣ, маркаҳои махсус ё аломатҳои мутобиқат ва ё истифодаи онҳо**

Сохтакорона тайёр кардан бо мақсади муомилот ё ба муомилот баровардани маркахои аксизӣ, маркаҳои махсус ё аломатҳои мутобиқати муҳофизатшаванда ва ё истифодаи онҳо ҳамчун ҷиноят дар моддаи 340[1] Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ гардида, аз ду қисм иборат мебошад.

Объекти бевоситаи ин ҷиноят – тартиботи бо қонун муқаррарнамудаи муомилоти маркаҳои боҷи аксизӣ, маркаҳои махсус ё аломатҳои мутобиқат ва ё истифодаи онҳо ба ҳисоб меравад. Ҳангоми содир намудани ин ҷиноят ба фаъолияти муътадили тартиби идоракунӣ зарар расонида мешавад.

Предмети ҷинояти мазкурро маркаҳои аксизӣ, маркаҳои махсус ва ё аломатҳои мутобиқат ташкил медиҳад.

Мувофиқи моддаи 194 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон аксиз (андози аксиз) андози ғайри мустақим мебошад, ки ба нархи фуруши молҳои (хизматрасониҳои) зераксизӣ дохил карда мешавад.

Молҳои зериаксизӣ инҳо мебошанд:

– ҳамаи намудҳои спирт, нӯшокиҳои беспирт ва спиртдор;
– тамокуи коркардшуда, маҳсулоти саноатии ивазкунандаи тамоку ва маҳсулоти тамоку;
– сӯзишвории минералӣ, ҳама намудҳои нафти хом ва маҳсулоти коркарди он, моддаҳои битуминозӣ, мумҳои минералӣ, гази моеъ;

- шина ва покришкаҳои пневматикии резинии нав, шина ва покришкаҳои пневматикии резинии барқароршуда ё пештар истифодашуда шина ва покришкаҳои яклухт ё нимпневматикӣ, протекторҳои шинагӣ ва тасмаҳои ҳошиядори резинӣ;
- автомобиҳои сабукрав ва ҳама гуна воситаҳои нақлиёти муҳаррикдоре, ки барои кашонидани одамон пешбинӣ шудаанд;
- маҳсулоти заргарӣ аз металлҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳо, инчунин қисмҳои онҳо аз металлҳои қиматбаҳо ва ё бо металлҳои қиматбаҳо рӯйпӯшкардашуда.

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон номгӯи молҳои зераксизии ватанӣ ва воридотиро, ки бояд тамғаҳои аксизӣ гузошта шаванд, муқаррар менамояд. Фурӯши чунин молҳои зераксизӣ бе тамғаҳои аксизӣ манъ аст. Мақомоти андоз ҳуқуқ доранд, чунин молҳои зериаксизиро, ки бе тамғаҳои аксизӣ ба фурӯш бароварда шудаанд, мувофиқи тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон мусодира намоянд.

Тамғаҳои аксизӣ ҳуҷҷатҳои ҳисоботдиҳии қатъӣ буда, дорои дараҷаи муайяни муҳофизат мебошанд. Тартиби таҳия ва муомилоти онҳо аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда мешавад. Тартиби гузоштани тамғаҳои аксизӣ ба маҳсулоти зераксизӣ аз ҷониби мақоми ваколатдори давлатӣ муқаррар карда мешавад.

Истеҳсолкунандагон ва шахсон - воридкунандагони молҳои зераксизӣ барои тамғагузории молҳои зераксизӣ ҷавобгар мебошанд.

Агар дар ҳамин модда тартиби дигаре муқаррар нагардида бошад, ҳангоми вайрон шудан ё гум шудани тамғаҳои аксизӣ, аксиз дар ҳаҷми навъҳои пешниҳодшудаи молҳои зериаксизӣ пардохт мешавад.

Ҳисоби аксизи тамғаҳои аксизии вайронгардида ё гумшуда (аз ҷумла дуздидашуда), ки барои тамғагузории

молҳои зераксизӣ мутобиқи муқаррароти Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ шудаанд, бо дарназардошти меъёрҳои муқарраргардида, ки нисбат ба воҳиди ҳаҷми зарфи (зарф, бастаи) дар тамға зикргардида истифода мегарданд, анҷом дода мешавад.

Ҳангоми дар тамға мавҷуд набудани ишора ба ҳаҷми воҳиди зарф (зарф, баста), ҳисоби аксиз аз рӯи тамғаҳои аксизии гум ё вайроншуда бо дарназардошти ҳаҷми нисбатан калони воҳиди зарф (зарф, баста), ки ба он рехтани печонидани, бастубанди) молҳои зераксизӣ дар ҷараёни давраи андозе, ки пеш аз давраи вайрон шудан ё гум шудани тамғаҳои аксиз сурат гирифтааст, муайян карда мешавад.

Ҳангоми вайрон шудан, гум шудани тамғаҳои аксизӣ дар ҳолатҳои зайл аксиз пардохт намешавад:

- вайрон шудан ё гум кардани тамғаҳои аксизӣ дар натиҷаи рух додани ҳолатҳои фавқулодда, ки мувофиқи тартиби муқаррарнамудаи сархати дуюми қисми 1 моддаи 184 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ гардидаанд;
- тамғаҳои аксизии вайроншуда, ки аз ҷониби мақомоти андоз дар асоси санади аз ҳисоб баровардан ҷиҳати нобудсозӣ қабул гардидаанд[1].

Тибқи талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон маркаҳои боҷи аксизӣ, маркаҳои махсус ё аломатҳои мутобиқат аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар карда мешавад, ки бояд онҳо аз ҳама гуна сохтакорӣ ҳифз карда шаванд.

Тамғаҳои аксизӣ ҳамчун ҳуҷҷати расмӣ буда, дар муҳосиботи корхона ва ташкилотҳо ба қайд гирифта мешавад. Бинобар ҳамин сабаб, маркаҳои боҷи аксизӣ, маркаҳои махсус ё аломатҳои мутобиқати муҳофизатшавадаро тайёр кардан, ба муомилот

---

[1] Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон. 17. 09. 2012. Бо тағйиру иловаҳои то 30. 05. 2017. Таҳти № 1423. моддаи 210.

баровардан ва истифода намудан аз тарафи дигар категорияи шахсон манъ мебошад.

Тарафи объективии ҷинояти мазкур якчанд ҳаракатҳоро дар бар мегирад:

1) сохтакорона тайёр кардан бо мақсади ба муомилот баровардани маркаҳои аксизӣ, маркаҳои махсус ва аломатҳои мутобиқати муҳофизатшаванда;

2) ба муомилот баровардани маркаҳои аксизӣ, маркаҳои махсус ва аломатҳои мутобиқати муҳофизатшаванда;

3) истифодаи маркаҳои аксизӣ, маркаҳои махсус ва аломатҳои мутобиқати муҳофизатшавада.

*Сохтакорона* маънои онро дорад, ки пурра тайёр кардани ҳуҷҷатҳои қалбакӣ, инчунин даровардани тағйирот ба ҳуҷҷати ҳақиқӣ, ворид намудани маълумотҳои бардурӯғ ба ҳуҷҷати расмӣ ва ғайра ба ҳисоб меравад.

*Тайёр намудан* ин ғайриқонунӣ тайёр намудани маркаҳои боҷи аксизӣ, маркаҳои махсус ё аломатҳои мутобиқати муҳофизатшавнда ё тағйирот даровардан ба онҳо фаҳмида мешавад.

Таҳти мафҳуми *муомилоти ғайриқонунии* маркаҳои боҷи аксизӣ, маркаҳои махсус ё аломатҳои мутобиқати муҳофизатшавада бояд, кирдори ғайриқонунӣ, яъне бе иҷозати дахлдори мақомоти салоҳиятдор, ба истеҳсол кардан, тайёр намудан ва истифода намудани воситаҳои дар боло зикргардида фаҳмида мешавад.

*Истифодаи* маркаҳои аксизӣ, маркаҳои махсус ва аломатҳои мутобиқати муҳофизатшаванда ин амалӣ намудани ҳаракатҳои муайян бо роҳи истифода бурдани маркаҳои боҷи аксизии қалбакӣ фаҳмида мешавад, масалан насб кардани онҳо ба борҳое, ки маркаҳои аксизиро талаб мекунанд.

Тайёр кардан, ба муомилот баровардан ва истифодаи маркаҳои аксизӣ, маркаҳои махсус ё аломатҳои мутобиқатии муҳофизатшаванда аз ҷониби ҳар гуна

категорияи шаҳрвандон манъ карда шудааст. Аз ҳамин лиҳоз, тайёр кардани ин маркаҳо ва аломатҳои мутобиқат аз тарафи шахсони дигар сохтакории ин маркаҳоро ташкил медиҳад.

Тамғаҳои аксизие, ки аз тарафи андозсупоранда харида шудааст, онро дубора фурӯхтан, ба дигар шахс додан ё ба дигар маҳсулот иваз кардан мумкин нест. Бинобар ин, чунин ҳаракатҳо низ далели сохтакории онҳоро доранд[1].

Аз рӯи конструксияи тарафи объективии ҷиноят, таркиби ҷинояти мазкур расмӣ мебошад, ҷиноят аз лаҳзаи содир намудани яке аз ҳаракатҳои дар модда пешбинишуда хотимаёфта эътироф мешавад.

Тарафи субъективии ҷиноят бо қасди бевосита содир карда мешавад, яъне гунаҳгор ба ҷамъият хавфнок будани ҳаракати (беҳаракатии) худро дарк мекунад, имконият ё ногузирии фаро расидани оқибати барои ҷамъият хавфноки онро пешбинӣ мекунад ва хоҳони фаро расидани он мебошад.

Мақсад ҳамчун аломати иловагии тарафи субъективии ҷиноят дар ҷинояти мазкур ба сифати аломати ҳатмӣ баромад мекунад. Дар ҳамон ҳолат мақсад ба сифати аломати ҳатмӣ баромад, мекунад, ки агар бевосита дар диспозитсияи моддаи дахлдори қисми махсуси КҶ пешбинӣ шуда бошад. Сохтакорона тайёр кардани маркаҳои боҷҳо аксизӣ, маркаҳои махсус ё аломатҳои мутобиқати муҳофизатшаванда, бо мақсади ба муомилот баровардан ва истифодаи онҳо аломати асосии тарафи субъективии ҷиноят ба ҳисоб меравад, яъне дар ба муомилот баровардани ин предметҳо ифода меёбад.

Субъекти ҷинояти мазкур шахси воқеии мукаллафи ба синни 16 сола расида ба ҳисоб меравад.

---

[1] Тафсир ба Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Муҳаррири масъул Ҳ.Ҳ. Шарипов. Душанбе. Глобус, 2006. – С. 740.

Қисми дуюми моддаи мазкур аломатҳои вазнинкунандаи ҷинояти мазкурро пешбинӣ менамояд, ки боиси ҷазои сахттар мегардад ва ин аломатҳои вазнинкунадаи ҷиноятро дар шаклҳои шарикӣ дар ҷиноят пешбинӣ намудааст.

Аз ҷониби гурӯҳи шахсон бо маслиҳати пешакӣ содир намудани ҷиноят яке аз шаклҳои шарикӣ дар ҷиноят ба ҳисоб меравад. Тибқи талаботи қисми 2 моддаи 39 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиноят бо маслиҳати пешакӣ аз ҷониби гурӯҳи шахсон содиршуда эътироф мешавад, агар дар он шахсоне иштирок карда бошанд, ки дар хусуси якҷоя содир намудани он пешакӣ маслиҳат кардаанд. Ин шакли шарикӣ дар ҷиноят дорои чунин аломатҳо мебошад: ҷиноятро ду ва ё зиёда шахсон содир мекунанд; шарикони ҷиноят пешакӣ то содир шудани ҷиноят маслиҳат кардаанд; ҳамаи онҳо иҷрокунандагони ҷиноят ба ҳисоб мераванд; маслиҳати пешакӣ хусусияти оддиро дорад.

Дигар шакли шарикӣ дар ҷиноят ин содир намудани ҷиноят аз ҷониби гурӯҳи муташаккил ба ҳисоб меравад. Тибқи талаботи қисми 3 моддаи 39 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиноят аз ҷониби гурӯҳи муташаккил содиршуда эътироф мешавад, агар он аз ҷониби гурӯҳи устувори шахсоне, ки пешакӣ барои содир кардани як ё якчанд ҷиноят муттаҳид шудаанд, содир шуда бошад. Ҷиноят содир намудани гурӯҳи муташаккил аз содир намудани ҷиноят аз ҷониби гурӯҳи шахсон бо маслиҳати пешакӣ бо устуворӣ ва муттаҳидии гурӯҳ фарқ мекунад. Аломатҳои содир намудани ҷиноят аз ҷониби гурӯҳи муташаккил инҳо мебошанд: ба гурӯҳ ду ва ё зиёда шахс дохил аст; пешакӣ бо мақсади содир намудани як ва ё якчанд ҷиноят гурӯҳ ташкил карда шудааст; гурӯҳ устувор ва муттаҳид мебошад. Нафаре, ки гурӯҳи муташаккилро таъсис додаст, ё ин ки ба он роҳбарӣ мекунад, барои ҳамаи ҷиноятҳое, ки гурӯҳ содир кардааст,

ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида мешавад, агар шахс бевосита зери роҳбарии худ ҷиноятро содир кардааст.

Аз ҳамин лиҳоз, содир намудани ҷинояти мазкур бо маслиҳати пешакӣ аз ҷониби гурӯҳи шахсон ва ё гурӯҳи муташаккил ҳамчун аломати вазнинкунандаи таркиби ҷинояти моддаи мазкурро ташкил медиҳад.

## VI. ТАВСИФИ ҲУҚУҚИИ ҶИНОЯТИИ ҶИНОЯТҲОИ ХУСУСИЯТИ КОРРУПСИОНИДОШТА БА МУҚОБИЛИ АДОЛАТИ СУДӢ (БОБИ 32 КОДЕКСИ ҶИНОЯТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН);

### Монеъ шудан ба татбиқи адолати судӣ, таҳқиқ ва тафтиши пешакӣ

Монеъ шудан ба татбиқи адолати судӣ, таҳқиқ ва тафтиши пешакӣ ҳамчун ҷиноят дар моддаи 345 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ гардида, аз се қисм иборат мебошад.

Дар қисми якуми моддаи мазкур, дар ҳар шакл дахолат кардан ба фаъолияти суд бо мақсади монеъ шудан ба татбиқи адолати судӣ ва дар қисми дуюм дар ҳар шакле дахолат кардан ба фаъолияти прокурор, муфаттиш ё таҳқиқбаранда бо мақсади монеъ шудан ба ҳамаҷониба, пурра ва объективии таҳқиқ ё тафтиши пешакии парванда пешбинӣ карда шудааст, яъне ҳамин кирдорҳо аз ҷониби шахс агар бо истифодаи мақоми хизматии худ содир шуда бошад, қисми сеюми моддаи мазкурро ташкил медиҳад.

Объекти бевоситаи ин ҷиноят – фаъолияти муътадили адолати судӣ, таҳқиқ ва тафтиши пешакӣ ба ҳисоб меравад.

Тарафи объективии ҷинояти мазкур дар ҳар шакл дахолат кардан ба фаъолияти суд бо мақсади монеъ шудан ба татбиқи адолати судӣ ва дар ҳар шакле дахолат кардан ба фаъолияти прокурор, муфаттиш ё

таҳқиқбаранда бо мақсади монеъ шудан ба ҳамаҷониба, пурра ва объективии таҳқиқ ё тафтиши пешакии парванда аз ҷониби шахс бо истифодаи мақоми хизматӣ ба ҳисоб меравад.

Судҳо дар фаъолияти худ мустақил мебошанд. Умуман ягон мақомот ё шахсони ҳуқуқӣ таъмини татбиқи адолати судиро ба уҳдаи худ гирифта наметавонанд. Ҳокимияти судӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мустақил мебошад. Мустақилияти судяҳо дар Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон» пешбинӣ карда шудааст, ки мувофиқи моддаи 8 – уми он, мустақилияти суд таъмин мегардад бо: тартиби махсуси интихоб, таъйин, озод ва бозхонд шудан; дахлнопазирии судя; амалӣ намудани адолати судӣ тибқи тартиби муқарраркардаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон; манъи ҳамагуна дахолат ба фаъолияти судя дар амали намудани адолати судӣ бо таҳдиди ҷавобгарӣ; ҷавобгарӣ барои беэҳтиромӣ нисбати суд, судя; ҳуқуқи ба истеъфо баромадан, бо хоҳиши худ ба кори дигар гузаштан, аз вазифа озод шудан, ба нафақа баромадан ва бозхонди судя; муҳайё намудани шароити ташкилӣ ва моддӣ – техникӣ барои фаъолияти судҳо; мувофиқи мақом аз ҳисоби давлат аз ҷиҳати моддӣ ва иҷтимоӣ таъмин намудани судя.

Дар ягон ҳолат бо мақсади монеъ шудан ба татбиқи адолати судӣ ба фаъолияти суд дахолат кардан мумкин нест. Дахлолат кардан ба фаъолияти татбиқи адолати судӣ маънои онро дорад, ки аз ҷониби шахс бо истифода аз мақоми хизматӣ, таъсиррасонии ғайриқонунӣ нисбат ба суд, судяҳо ва машваратчиёни халқӣ, инчунин дигар ҳайати суд расонида мешавад. Таъсиррасонӣ метавонад дар шакли хоҳиш аз ҷониби шахс бо истифодаи мақоми хизматӣ, ҳал кардани парванда бар ивази пора ё ваъдаи пора, таҳдид аз ҷониби шахс бо истифода аз мақоми хизматӣ, зарар расонидан ба наздикони суд ё судя, риоя накардани мустақилияти судя ва ғайра зоҳир гардад.

Аз ҷониби шахс бо истифодаи мақоми хизматӣ дар ҳар шакле дахолат кардан ба фаъолияти прокурор, муфаттиш ё таҳқиқбаранда бо мақсади монеъ шудан ба ҳамаҷониба, пурра ва объективии таҳқиқ ё тафтиши пешакии парванда манъ мебошад.

Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти прокуратура» дар моддаи ҳафтум дахолат накардан ба фаъолияти прокуратураро пешбинӣ намудааст, ки мувофиқи талаботи меъёри мазкур, дахолат кардани мақомоти давлатӣ, итиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва динӣ, ҳизбҳои сиёсӣ ва иттиҳодияҳои дигар, воситаҳои ахбори омма ва намояндагони онҳо, инчунин шахсони мансабдор ба фаъолияти прокуратура дар амалӣ намудани назорат ба иҷрои қонунҳо, тафтиши ҷиноятҳо ва дигар қонунвайронкуниҳо манъ аст. Ба ҳар восита таъсир расонидан ба коркунони прокуратура бо максади монеъ шудан дар амалӣ намудани фаъолияти вазифавиашон ё фишор овардан бо мақсади қабул кунонидани қарори ғайриқонунӣ боиси ҷавобгарии пешбининамудаи қонун мегардад.

Монеъ шудан ба фаъолияти муфаттишро аз ҷониби шахс бо истифодаи мақоми хизматӣ низ моддаи мазкур пешбинӣ кардааст. Тибқи талаботи моддаи 6 Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон муфаттиш шахси мансабдори давлатӣ буда, дар доираи салоҳияти муқаррарнамудаи ин Кодекс ваколатдор аст тафтиши пешакии парвандаи ҷиноятиро анҷом диҳад. Оид ба ҳаматарафа, пурра ва объективона тафтиши пешакии парванда аз ҷониби муфаттиш бояд дар ягон ҳолат дахолат карда нашавад. Тафтиши парвандаҳои ҷиноятӣ вобаста ба тобеияти тафтишотӣ аз ҷониби муфаттишони мақомоти прокуратура, корҳои дохилӣ, амнияти миллӣ, мубориза бо коррупсия, назорати маводи нашъаовар анҷом дода мешавад. Аз ҳамин лиҳоз, ба фаъолияти онҳо ягон мақомот ҳуқуқи дахолат карданро надорад. Дахолат кардани шахс бо истифода аз мақоми хизматӣ ба

фаъолияти муфаттиш аз он иборат аст, ки бо талаби шахси масабдор мумкин аст, ки парвандаи ҷиноятиро қатъ кунад, шахсро ғайриқонунӣ аз ҷавобгарии ҷиноятӣ озод кунад, моддаҳои Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистонро нодуруст банду баст намояд ва ғайра.

Шахси таҳқиқи парвандаҳои ҷиноятиро анҷомдиҳанда, кормандони мақомоти таҳқиқ ба ҳисоб мераванд, ки дар доираи салоҳияти худ доир ба парвадаи ҷиноятӣ тафтишро дар шакли таҳқиқ ба амал бароварда, парвандаро ба истеҳсолоти худ қабул намудааст ва онро ба амал мебарорад.

Аз рӯи конструксияи тарафи объективии ҷиноят таркиби ҷинояти мазкур расмӣ мебошад, яъне аз лаҳзаи дахолат кардан ба фаъолияти суд, прокурор, муфаттиш ё таҳқиқбаранда аз ҷониби шахс бо истифодаи мақоми хизматии худ ҷиноят хотимаёфта эътироф мешавад.

Тарафи субъективии ҷинояти мазкурро гуноҳ дар шакли қасди бевоситаро ташкил медиҳад, яъне гунаҳгор ба ҷамъият хавфнок будани ҳаракати (беҳаракатии) худро дарк мекунад, имконият ё ногузирии фаро расидани оқибати барои ҷамъият хавфнокии онро пешбинӣ мекунад ва хоҳони фаро расидани он мебошад. Ангезаи ҷинояти мазкур метавонад гуногун бошад.

Субъекти ҷиноят дар қисми 3 моддаи мазкур махсус ба ҳисоб меравад, яъне шахсе, ки мансаби давлатиро ишғол намудааст ва бо истифода аз мақоми хизматӣ ҷинояти мазкурро содир намудааст.

**Дидаю дониста ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидани шахси бе гуноҳ**

Дидаю дониста ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидани шахси бе гуноҳ ҳамчун ҷиноят дар моддаи 348 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ гардида, аз ду қисм иборат мебошад. Аломатҳои ҷинояти мазкур дар диспозитсияи моддаи ишорагардида нишон дода

шудаанд: «Дидаю дониста шахси бегуноҳро ба сифати айбдоршаванда ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидан аз ҷониби таҳқиқбаранда, муфаттиш ё прокурор».

Ҷинояти мазкур то қабули Кодекси ҷиноятии нав (1998) дар Кодекси ҷиноятии ҶШС Тоҷикистон ки аз 17 августи соли 1961 қабул карда шудааст, мустаҳкам карда шуда буд, ки мувофиқи он модда «шахси бегуноҳро дидаю дониста ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидан» ном дошт ва дар моддаи 189 Кодекси мазкур пешбинӣ карда шуда буд[1].

Ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидани шахси бегуноҳ ин амале мебошад, ки пеш аз ҳама, дидаю дониста ҳуқуқу озодиҳои инсонро зери хатар мемонад ва дар назди ҷомеа шаъну эътибори мақомоти ҳифзи ҳуқуқ паст мегардад. Объекти гурӯҳии (хелии) ҷинояти мазкур – ин гурӯҳи муносибатҳои ҷамъиятие мебошанд ва бо қонунгузории ҷиноятӣ ҳифз мешаванд, ки аз рӯи табиати худ гурӯҳи якхеларо ташкил медиҳанд. Аз ин лиҳоз, объекти гурӯҳии (хелии) ин ҷиноят фаъолияти муътадили ҳокимияти давлатӣ ба ҳисоб меравад.

Объекти бевоситаи ин ҷиноят – фаъолияти муътадили адолати судӣ ба ҳисоб меравад.

Тарафи объективии ҷинояти мазкурро дидаю дониста аз ҷониби таҳқиқбаранда, муфаттиш ё прокурор баровардани қарори беасос ва ғайриқонунӣ дар бораи ба сифати айбдоршаванда ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидани шахс ташкил медиҳад.

Тибқи талаботи моддаи 221 Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон прокурор, муфаттиш ва ё таҳқиқбаранда ҳамон вақт дар бораи ба ҷавобгарӣ кашидани шахс ба сифати айбдоршаванда дар содир намудани ҷиноят ва ба ӯ эълон кардани айб қарори асоснок мебарорад, ки агар далелҳои кофӣ мавҷуд бошад. Далелҳои кофӣ оид ба парвандаи ҷиноятӣ ин

---

[1] Кодекси ҷиноятии ҶШС Тоҷикистон. Бо тағйироту иловаҳое, ки то 1 июни соли 1988 дохил карда шудаанд. Душанбе: Ирфон, 1989 – 119 с.

маълумотҳои воқеие ба ҳисоб мераванд, ки дар асоси онҳо суд, прокурор, муфаттиш, таҳқиқбаранда бо тартиби муайяннамудаи Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон мавҷуд будан ё набудани кирдори барои ҷамъият хавфнок, исбот гардидан ё нагардидани ҳолатро оид ба парвандаи ҷиноятӣ ва ҳолати дигари барои ҳалли дурусти парванда аҳамиятдоштаро муқаррар мекунанд.

Тибқи талаботи моддаи 7 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон шахс танҳо барои он кирдори барои ҷамъият хавфнок ва оқибати хавфнокии ҷамъиятии ба вуқуъ пайвастаи он, ки гуноҳи ӯ нисбати он муайян шудааст, ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида мешавад. Гунаҳгории объективӣ, яъне барои зарари бегуноҳона расонидашуда ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидан мумкин нест.

Бе гуноҳ будан маънои онро дорад, ки шахс кирдори (ҳаракат ё беҳаракатии) ба ҷамъият хавфноке, ки ҷиноят эътироф мешавад, содир накардааст.

Ҳар кас то эътибори қонунӣ пайдо кардани ҳукми суд дар содир кардани ҷиноят гунаҳгор дониста намешавад[1]. Доир ба меъёри мазкур яке аз принсипҳои мурофиаи судиро дар хотир меорем, ки ин принсипи эҳтимолияти бегуноҳӣ ба ҳисоб меравад.

Мувофиқи принсипи эҳтимолияти бегуноҳӣ шахсе, ки дар содир кардани ҷиноят айбдор шудааст, то лаҳзае, ки гуноҳи ӯ пурра тавассути ҳукми ба қувваи қонунӣ даромадаи суд исбот нашудааст, бегуноҳ эътироф мешавад. Дар баробари ин, эҳтимолияти бегуноҳӣ бо чунин қоидае, ки айбдоршаванда дар воқеъ бегуноҳ аст, ҳаммаъно нест. Он танҳо талаб менамояд, ки айбдорщаванда то лаҳзае, ки ҳукми суд нисбат ба ӯ ҳанӯз ба қувваи қонунӣ надаромадааст, бегуноҳ дониста мешавад. Ин ҷо ҳам вазъи ҳуқуқӣ ва воқеии гумонбар ва айбдоршаванда дар давраи тафтиши ҷиноят чун шахсони

---

[1] Моддаи 20 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон.

бегуноҳ муайян шуда, бешубҳа мавҷудияти давраи то судии таъқиботи ҷиноятӣ барои амалӣ намудани ҷавобгарии ҷиноятӣ роиҷ дониста шудааст[1].

Мувофиқи талаботи моддаи 47 Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон айбдоршаванда шахсе, мебошад, ки нисбат ба ӯ қарор дар бораи ба сифати айбдоршаванда ҷалб кардан бароварда шудааст.

Мувофиқи қисми 3 моддаи 15 Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон айбдоршаванда уҳдадор нест, ки бегуноҳии худро исбот намояд.

Озод будани айбдоршаванда аз уҳдадории исботи бегуноҳии худ ӯро аз ҳуқуқи иштирок дар ҷараёни исботкунӣ маҳрум намесозад. Бояд қайд намуд, ки қонун айбдоршавандаро баҳри иштирок дар ҷараёни исботкунӣ ҳуқуқдор намудааст, на уҳдадор. Ин маънои онро дорад, ки айбдоршаванда метавонад, аз ҳуқуқҳои мурофиавиаш фаъолона истифода намояд ва ё истифода накунад[2].

Таҳқиқбаранда шахсе мебошад, ки тафтиши то судии парвандаи ҷиноятиро, ки тафтиши пешакии он шарт нест анҷом медиҳад.

Мувофиқи талаботи моддаи 6 Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар зери мафҳуми муфаттиш шахси мансабдори давлатие, ки дар доираи салоҳияти муқаррарнамудаи КМҶ ваколатдор аст, тафтиши пешакии парвандаи ҷиноятиро анҷом диҳад, фаҳмида мешавад.

Дар асоси талаботи моддаи дар боло зикршуда, дар зери мафҳуми прокурор – Прокурори генералии

---

[1] Тафсири илмию оммавии Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон. Зери таҳрири Раиси Суди Конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон , академики Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, д.и.ҳ., профессор М.А. Маҳмудов. Душанбе, 2009. – С. 121.

[2] Тафсири илмию оммавии Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон. Зери таҳрири Раиси Суди Конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон , академики Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, д.и.ҳ., профессор М.А. Маҳмудов. Душанбе. 2009 с. Саҳ. 125.

Ҷумҳурии Тоҷикистон, Сарпрокурори ҳарбӣ, прокурорҳои ВМКБ, вилоят, шаҳри Душанбе, наҳлиёти Тоҷикистон, муовинони онҳо, сардорони раёсатҳо (шуъбаҳо) ва муовинони онҳо, ёрдамчиёни калон ва ёрдамчиёни Прокурори Генералӣ, прокурорҳои калон ва прокурорҳои раёсатҳо (шуъбаҳо), ёдамчиёни калон ва ёрдамчиёни прокурорҳои ВМКБ, вилоят, шаҳри Душанбе, нақлиёти Тоҷикистон, прокурорҳои калон ва прокурорҳои шуъбаҳои пракуратураҳои вилоятҳо ва ба онҳо баробаркардашуда, прокурорҳои ноҳияҳо, шаҳрҳо, ҳарбии гарнизонҳо, назорати иҷрои қонунҳо дар муассисаҳои ислоҳӣ, муовинон, ёрдамчиёни калон ва ёрдамчиёни онҳо, прокурор – криминалистҳои калон ва прокурор – криминалистҳо, ки дар доираи салоҳияташон фаъолият мекунанд, фаҳмида мешаванд.

Таркиби ҷинояти мазкур аз рӯи конструксияи тарафи объективии ҷиноят расмӣ мебошад, яъне аз лаҳзаи баровардани қарори ғайриқонунӣ дар бораи ба сифати айбдоршаванда ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидани шахс ва эълони айб ҷиноят хотимаёфта эътироф мешавад.

Тарафи субъективии ҷинояти мазкурро гуноҳ дар шакли қасди бевосита ташкил медиҳад, яъне бо қасди бевосита содир карда мешавад. Гунаҳгор ба ҷамъият хавфнок будани ҳаракати (беҳаракатии) худро дарк мекунад, имконият ё ногузирии фаро расидани оқибати барои ҷамъият хавфноки онро пешбинӣ мекунад ва хоҳони фаро расидани он мебошад, яъне таҳқиқбаранда, муфаттиш ва прокурор бе асос дидаю дониста нисбати шахси бегуноҳ қарор дар бораи ба сифати айбдоршаванда ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашиданро мебарорад.

Дидаю дониста, ин чунин маъно дорад, ки яъне, таҳқиқбаранда, муфаттиш ё прокурор бегуноҳ будани шахсро медонад, аммо дидаю дониста шахси бегуноҳро ба сифати айбдоршаванда ба ҷавобгарии ҷиноятӣ мекашад.

Яке аз аломатҳои иловагии тарафи субъективии ҷиноят, яъне ангезаи ҷиноят метавонад бо ғарази шахсӣ,

бадбинӣ, миллатпарастӣ, маҳалгароӣ ва дигар ангезаҳо ба вуҷуд биёяд, ки барои банду басти (квалификатсияи) ҷиноят мазкур аҳамият надорад.

Субъекти ҷинояти моддаи мазкур махсус ба ҳисоб меравад. Субъекти махсус шахсе, ки ғайр аз аломатҳои асосӣ (шахси воқеӣ, мукаллафӣ ва синну сол) дорои аломатҳои иловагие (шахрвандӣ, синну сол, ҷинс, муносибати оилавӣ ва хешу таборӣ, мақоми мансабӣ, уҳдадории шаҳрвандон нисбат ба давлат, фаъолияти касбӣ, муносибат ба уҳдадориҳои ҳарбӣ) мебошанд, ки дар диспозитсияи моддаҳои дахлдори Қисми махсуси Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ карда шудаанд[1]. Аз ҳамин лиҳоз, ин ҷиноят вобаста ба мақоми мансабӣ танҳо аз ҷониби таҳқиқбаранда, муфаттиш ва прокурор содир карда мешавад. Судя субъекти ҷинояти мазкур шуда наметавонад, чунки дар диспозитсияи моддаи мазкур дидаю дониста шахси бегуноҳро ба сифати айбдоршаванда ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидан аз ҷониби таҳқиқбаранда, муфаттиш ё прокурор пешбинӣ шудааст. Агар судя дидаю дониста нисбати шахси бегуноҳ ғайриқонунӣ ҳукм ё ҳалнома барорад, дар ин ҳолат кирдори судя таркиби ҷинояти дигарро ташкил медиҳад, яъне моддаи 349 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон дидаю дониста ғайриқонунӣ баровадани ҳукм, ҳалнома ё дигар санадҳои судӣ.

Дар қисми 2 – юми моддаи мазкур се ҳолатҳои вазнинкунандаи ин ҷиноят пешбинӣ карда шудаанд:

*а. Вобаста ба айбдоркунӣ дар содир намудани ҷинояти вазнин ё махсусан вазнин.*

Меъёри мазкур дидаю дониста шахси бегуноҳро ба сифати айбдоршаванда ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидан аз ҷониби таҳкиқбаранда, муфаттиш ё прокурор барои ҷиноятҳои вазнин ва махсусан вазнин пешбинӣ мекунад.

---

[1] Абдурашидзода А.А., Назаров У.С. Ҳуқуқи ҷиноятӣ (қисми умумӣ). Курси лексияҳо: Воситаи таълимӣ. Душанбе: ЭР – граф. 2017. саҳ. 84.

Тибқи талаботи қисми 4 моддаи 18 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон кирдорҳои қасдан содиршавандае, ки ҷазо ҳадди аксари барои онҳо дар ҳамин Кодекс пешбинигардида аз дувоздаҳ соли маҳрум сохтан аз озодӣ зиёд нест, ҷинояти вазнин эътироф мешаванд.

Тибқи талаботи қисми 5 моддаи 18 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон кирдорҳои қасдан содиршавандае, ки ҷазо ҳадди аксари барои онҳо дар ҳамин Кодекс пешбинигардида аз дувоздаҳ соли маҳрум сохтан аз озодӣ зиёд аст ё ҷазои қатл пешбинӣ гардидааст, ҷинояти махсусан вазнин эътироф мешаванд.

*б. Вобаста бо сохтани далелҳои сунъии айбдоркунӣ содир шуда бошад.*

Ин меъёр пешбинӣ мекунад, ки аз ҷониби таҳқиқбаранда, муфаттиш ё прокурор нисбати шахси бегуноҳ қарор дар бораи ба сифати айбдоршаванда ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидан дар асоси далелҳои сунъӣ бароварда шуда бошад. Мутобиқи талаботи қисми 2 моддаи 72 Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон инҳо ба сифати далел баромад карда метавонанд: нишондоди шоҳид; нишондоди ҷабрдида; нишондоди гумонбаршуда; нишондоди айбдоршаванда; нишондоди судшаванда; хулоса ва нишондоди коршинос; хулоса ва нишондоди мутахассис; далелҳои шайъӣ; протоколҳои амалҳои тафтишӣ ва судӣ; сабтҳои пинҳонӣ; гуфтугӯи телефонии гӯшкардашуда ва сабтгардида; мушоҳидаҳои электронӣ; видео ва магнитафонӣ, инчунин ҳуҷҷатҳои дигар.

Сохтани далелҳои сунъӣ маънои онро дорад, ки дар воқеъ маълумотҳои воқеӣ мавҷуд нестанд, аммо бо қалбакӣ намудан онҳо сохта мешаванд.

Зери мафҳуми сохтакории далелҳо сохтакорӣ ва қалбакикунии далелҳои шайъӣ ва хаттӣ (хуҷҷатҳо, протоколҳо, маълумотномаҳо) фаҳмида мешавад[1].

---

[1] Тафсир ба Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон / Муҳаррири масъул Ҳ.Ҳ. Шарипов. Душанбе. Глобус, 2006. - С. 780.

Тибқи талаботи қисми 1 моддаи 78 Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон далелҳои шайъӣ ашёе ба ҳисоб мераванд, ки чун олоти содир намудани ҷиноят истифода шудаанд, дар худ нишонаҳои ҷиноятро нигоҳ доштаанд, объекти содир шудани кирдори ҷиноятӣ будаанд, пул ва дигар арзишҳое, ки бо роҳи ҷиноят ба даст оварда шудаанд, ашёи дигаре, ки барои ошкор намудани ҷиноят, муайян кардани ҳолатҳои воқеии парванда, пайдо намудани гунаҳгорон ё рад кардани айб ё сабук кардани ҷавобгарӣ восита шудаанд.

Аз инҷо бар меояд, ки таҳқикбаранда, муфаттиш ё прокурор далелҳое, ки дар боло зикр гардидаанд, оиди баровадани қарор дар бораи ба сифати айбдоршаванда ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидани шахси бегуноҳ ба тариқи сунъӣ ва нодуруст пешниҳод мекунанд. Дар ин ҳолат кирдори (ҳаракат ё беҳаракатии) онҳо ҳамчун ҳолати вазнинкунандаи таркиби ҷинояти моддаи мазкур эътироф мешавад.

*в. Боиси оқибати вазнин гардида бошад.*

Оқибати вазнин дар моддаи мазкур метавонад, чунин бошад: ба шахс ва давлат хисороти калони моддӣ расонад, зиёда аз ду моҳ дар ҳабсӣ пешакӣ бошад, аз вазифа дур карда шавад, шаъну эътибори шахс аз байн равад, аз озодӣ маҳрум сохта шавад, дар натиҷаи маҳрумӣ аз озодӣ гирифтори касалии руҳӣ шавад, даст ба худкушӣ занад, оилаашро аз даст диҳад ва ғайра.

Вобаста ба талаботи меъёри моддаи мазкур, яъне қисми 2 банди «в» моддаи 348 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, таркиби ин ҷиноят аз рӯи конструксияи тарафи объективии ҷиноят моддӣ ба ҳисоб меравад, яъне агар оқибати вазнин ба вуҷуд омада бошад.

**Дидаю дониста ғайриқонунӣ баровардани ҳукм, ҳалнома ё дигар актҳои судӣ**

Дидаю дониста ғайриқонунӣ баровардани ҳукм, ҳалнома ё дигар актҳои судӣ ҳамчун ҷиноят дар моддаи 349 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ гардида, аз ду қисм иборат мебошад.

Мутобиқи талаботи моддаи 9 – уми Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз шохаҳои ҳокимияти давлатӣ ин ҳокимияти судӣ ба ҳисоб меравад. Аз ҳамин лиҳоз, мувофиқи моддаи 84 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳокимияти судӣ мустақил буда, аз номи давлат ва аз тарафи судяҳо амалӣ мегардад. Ҳокимияти судӣ ҳуқуқ, озодии инсон ва шаҳрванд, манфиати давлат, ташкилоту муассисаҳо, қонунияту адолатро ҳифз менамояд. Аз меъёри мазкур бар меояд, ки суд вазифадор аст, ҳуқуқ, озодиҳои инсон ва шаҳрванд, манфиатҳои давлату ташкилот, муассиса, қонунияту адолатро, ки Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон эътироф кардааст, ҳифз намояд. Аз ҳамин нуқтаи назар, суд вазифаи конститутсионии хешро оид ба таҳкими ҳамаҷонибаи қонуният ва таъмин намудани адолати иҷтимоӣ бояд ба анҷом расонад.

Дар моддаи 349 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби судя дидаю дониста ғайриқонунӣ баровpдани ҳукм, ҳалнома ё дигар актҳои судӣ пешбинӣ карда мешавад, ки ин меъёр ҳам адолати судӣ ва ҳам адолати иҷтимоиро халалдор месозад, яъне судя аз мансаби худ суиистифода намуда, дидаю дониста ғайриқонунӣ амал мекунад.

Ҷинояти мазкур як намуди сӯиистфодаи мансаб ба ҳисоб меравад, аммо вобаста ба объект, тарафи объективӣ ва субъекти худ фарқ мекунад. Адолати судиро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон Суди Конститутсионӣ, Суди олӣ,

Суди Олии иқтисодӣ, Суди ҳарбӣ, Суди ВМКБ, судҳои вилоят, шаҳри Душанбе, шаҳр ва ноҳия, Суди иқтисодии ВМКБ, судҳои иқтисодии вилоятҳо ва шаҳри Душанбе амалӣ мекунанд. Мақсади адолати судӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳимоя намудани ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии шахс, ташкилоту муассиса ва давлат ба ҳисоб меравад.

Объекти гурӯҳии (хелии) ҷинояти мазкур – ин гурӯҳи муносибатҳои ҷамъиятии ва бо қонунгузории ҷиноятӣ ҳифз мешаванд, ки аз рӯи табиати худ гурӯҳи якхеларо ташкил медиҳанд. Аз ин лиҳоз объекти гурӯҳии (хелии) ин ҷиноят фаъолияти муътадили ҳокимияти давлатӣ ба ҳисоб меравад.

Объекти бевоситаи ин ҷиноят – фаъолияти муътадили адолати судӣ ба ҳисоб меравад.

Дар натиҷаи содир намудани ин ҷиноят адолати судӣ зарар мебинад, инчунин, ҳуқуқҳои конститутсионии шахс поймол карда мешавад. Дар натиҷаи содир намудани ҷинояти мазкур аз ҷониби судя фаъолияти муътадили мақомоти судӣ суст гардида, обрӯи судҳо ва нуфузи ҳокимияти судиро паст мекунад, инчунин ҳуқуқу манфиатҳои қонунии шаҳрвандонро поймол месозад.

Тарафи объективии ҷинояти мазкур аз ҳаракатҳои фаъол, яъне дидаю дониста ғайриқонунӣ баровардани ҳукм, ҳалнома ё актҳои судӣ аз ҷониби судя ба ҳисоб меравад.

Дидаю дониста дар ҷинояти мазкур маънои онро дорад, ки судя дар ҳақиқат медонад, ки ҳукм, ҳалнома ё акти судии ғайриқонунӣ бароварда истода, адолати судиро вайрон карда истодааст ва ба мансабу вазифаи худ иснод меоварад.

Тибқи талаботи моддаи 6 Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, судя шахси мансабдоре мебошад, ки барои ба амал баровардани адолати судӣ бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон таъйин ё интихоб гардидааст.

Судя ҳамчун амаликунандаи ҳокимияти судӣ аз номи давлат баромад намуда, ваколатдор мебошад, ки адолати судӣ ва баррасии ҳамаи парвандаҳои судиро оиди ҳифзи қонунияту адолат иҷро намояд. Дар сурати дидаю дониста ғайриқонунӣ баровардани ҳукм, ҳалнома ё акти судӣ судя ҷиноят содир намуда, адолати судиро вайрон менамояд, ки ин боиси паст намудани обрӯю нуфузи кормандони ин ниҳоди қудратӣ мегардад. Судя бояд ҳама вақт ба адолат майл кунаду даст ба амалҳои ғайриқонунии дар боло номбаршуда назанад.

Суд бояд беғараз бошад. Ин талаботи ахлоқи ҳамидаи инсонӣ, ғояи адолат ва ҳуқуқи инсон ба ҳимояи инсон мебошад. Танҳо дар шароити беғаразӣ суд босалоҳият аст, ки парвадаро баррасӣ намуда, адолатро ба амал барорад. Агар судя ва машваратчии халқӣ нисбат ба тарафҳо ва ё ба оқибати кор ғараз дошта бошанд, ҳақиқатро барқарор карда наметавонанд[1].

Диспозитсияи моддаи мазкур ҳукм, халнома ва акти судиро пешбинӣ кардааст.

Мувофиқи меъёри моддаи 6 Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳукм ин қароре, ки суди марҳилаи якум дар бораи гунаҳгор ё бегуноҳ будани судшаванда баровардааст. Ҳукми суди марҳилаи якум пас аз гузаштани муҳлати овардани шикоят ё эътирози кассатсионӣ, ба шарте, ки аз он шикоят ё ба он эътироз оварда нашуда бошад, эътибори қонунӣ пайдо мекунад ва бояд ба иҷро расонида шавад.

Ҳукме, ки суд мебарорад танҳо аз номи Ҷумҳурии Тоҷикистон бароварда мешавад. Аз ҳамин лиҳоз, бояд ҳукми суд дидаю дониста ғайриқонунӣ бароварда нашавад. Талаботе, ки Кодекси мурофиавии ҷиноятии

---

[1] Тафсири илмию оммавии Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон. Зери таҳрири Раиси Суди Конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон , академики Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, д.и.ҳ., профессор М.А. Маҳмудов. Душанбе. 2009 с. Саҳ. 114.

Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбат ба ҳукми суд пешниҳод менамояд, чунин мебошад:

1. Ҳукми суд бояд қонунӣ бошад. Хукми суд дар ҳамон вақт қонунӣ эътироф карда мешавад, ки он бо риояи талаботи қонун ва дар асоси қонун бароварда шуда бошад.
2. Ҳукми суд бояд асоснок бошад. Ҳукм ҳамон вақт асоснок эътироф карда мешавад, ки он дар асоси таҳқиқи ҳамаҷониба, пурра ва холисонаи далелҳое, ки ба суд пешниҳод гардида, дар маҷлиси суд муҳокима шудаанд, бароварда шуда бошад.
3. Ҳукми суд бояд одилона бошад. Ҳукми суд ба шарте одилона дониста мешавад, ки дар он ҷазои ба гунаҳгор таъйингардида мутобиқи моддаи Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ҷавобгарии ҷиноятиро барои содир намудани ҷиноят пешниҳод мекунад, бо назардошти шахсияти гунаҳгор, ҳолатҳои вазнинкунанда ва сабуккунандаи ҷазо таъйин шуда бошад.

Агар аз ҷониби суд дидаю дониста ғайриқонунӣ ҳукм бароварда шавад, талаботҳои қонуни мурофиавии ҷиноятӣ ба таври ҷиддӣ вайрон карда мешавад. Тибқи талаботи моддаи 375 Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таври ҷиддӣ вайрон кардани қонуни мурофиавии ҷиноятӣ чунин вайронкунии принсипҳо ва дигар муқаррароти умумии ҳамин Кодекс ҳангоми пешбурди парванда эътироф карда мешавад, ки бо рохи маҳрум ё маҳдуд кардани ҳуқуқҳои ба шахсони дар парванда иштироккунанда кафолатдодаи қонун, роия накардани расмияти пешбурди судӣ ё бо роҳи дигар ба таҳқиқи ҳамаҷониба ва холисонаи ҳолатҳои парванда халал расонида, барои баровардани ҳукми одилонаи судӣ таъсир расонидаанд ё метавонистанд таъсир расонанд.

Ҳукм дар якчанд ҳолат метавонад ғайриқонунӣ бошад ва бекор карда шавад:

1. Ҳукм бо ҳайати ғайриқонунии суд бароварда шуда бошад;
2. Парванда дар ғоибии судшаванда баррасӣ гардида бошад, ба истиснои баъзе меъёрҳо;
3. Парванда бе иштироки ҳимоятгар баррасӣ шудааст, ҳангоме, ки иштироки ӯ тибқи қонун ҳатмӣ мебошад ё бо тарзи дигар ҳуқуқи айбдоршаванда барои доштани ҳимоятгар вайрон карда шуда бошад;
4. Дар суд ҳуқуқи айбдоршаванда (судшаванда) ҳангоми истифодаи забони модарӣ ё хизмати тарҷумон вайрон карда шуда бошад;
5. Ба судшавада ҳуқуқи иштирок дар музокираи судӣ пешниҳод нашуда бошад;
6. Ба судшаванда сухани охирин дода нашуда бошад;
7. Ҳангоми баровардани ҳукм махфӣ будани машварати судяҳо вайрон карда шуда бошад;
8. Ҳукм аз тарафи судя ё яке аз судяҳо имзо нашуда бошад;
9. Дар парванда протоколи маҷлиси судӣ набошад.

Дигар санадеро, ки суд тибқи моддаи тафсиршаванда дидаю дониста ғайриқонунӣ мебарорад, ин ҳалнома мебошад.

Ҳалнома санади судие, мебошад, ки суд оиди моҳиятан дида баромадани парвандаи граждании дар маҷлиси судӣ мебарорад, ки дар асоси он ба даъвогар ҷавоби қонунӣ дода мешавад.

Диспозитсияи моддаи мазкур дигар актҳои судиро пешбинӣ кардааст. Мувофиқи талаботи моддаи 6 Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон таъйинот қарори судие, ки (ғайр аз ҳукм) суди марҳилаи якум дар вақти мурофиаи судӣ оид ба парвандаи ҷиноятӣ баровардааст, инчунин ҳамагуна санаде, ки судҳои марҳилаи кассатсионӣ ва назоратӣ, ғайр аз раёсати судҳо дар вақти аз нав дида баромадани санадҳои эътибори қонунӣ пайдонамудаи суд қабул кардааст.

Қарор бошад, санаде мебошад, ки судяи суди марҳилаи якум танҳо қабул кардааст ё санаде, ки судяи суди марҳилаи назоратӣ оид ба ҳалли шикоят ё эътирози назоратӣ қабул кардааст ё санаде, ки раёсати суд дар вақти аз нав дида баромадани санадҳои эътибори қонунӣ пайдокардаи судҳои поёнӣ қабул кардааст.

Таркиби ҷинояти мазкур аз рӯи конструксияи тарафи объективии ҷиноят расмӣ мебошад, яъне аз лаҳзаи ғайриқонунӣ баровардани ҳукм, ҳалнома ё акти судӣ ҷиноят хотимаёфта эътироф мешавад.

Тарафи субъективии ҷинояти мазкур гуноҳ дар шакли қасди бевосита ба ҳисоб меравад. Судя медонад, ки дидаю дониста ғайриқонунӣ ҳукм, ҳалнома ё дигар актҳои судиро қабул намуда истода, фаро расидани оқибати барои ҷамъият хавфнокро пешбинӣ менамояд ва хоҳони фаро расидани ин оқибат мебошад.

Ангезаи ҷинояти мазкур гуногун мебошад: ғараз, бадбинӣ, муносибати хешу таборӣ ва ғайра, ки барои банду басти ҷиноят аҳамият надорад, аммо дар вақти таъйини ҷазо ба инобат гирифта мешавад.

Субъекти ҷинояти мазкур махсус мебошад, яъне аз ҷониби судя ё судяҳое, ки парвандаҳоро дар танҳоӣ ё дастаҷамъона дар инстансияҳои якум, кассатсионӣ ва назоратӣ баррасӣ менамоянд ва ҳукм, ҳалнома ва ё санадҳои судиро қабул намудаанд.

Дар қисми 2 моддаи 349 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон се ҳолатҳои вазнинкунандаи ин ҷиноят пешбинӣ карда шудааст.

*а. Вобаста бо баровардани ҳукми аз озодӣ маҳрум сохтан.* Дар моддаи 47 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон намудҳои ҷазоҳои ҷиноятӣ пешбинӣ карда шудааст. Ҷазои маҳрум сохтан аз озодӣ ба ҳайси ҷазои асосӣ баромад мекунад. Маҳрум сохтан аз озодӣ яке аз ҷазоҳои вазнинтарин ба ҳисоб меравад, ки ба муҳлати аз шаш моҳ то бисту панҷ сол таъйин карда мешавад. Ҷазои маҳрум сохтан аз озодӣ бо маҷбуран аз ҷомеа ҷудо кардан

ва дар ҷойҳои махсус нигоҳ доштани маҳкумшуда амалӣ карда мешавад. Дар сурати ғайриқонунӣ маҳрум сохтан аз озодӣ дар ҳолати иҷрои ҳукм муҳлати зиёди вақт мегузарад, ки метавонад шахс гирифтори ягон бемори гардад. Ин ба оқибатҳои вазнин оварда мерасонад, ки дар банди дигари қ. 2 моддаи мазкур дида мебароем. Аз ҳамин лиҳоз, судяе, ки дидаю дониста ҳукми ғайриқонунӣ бароварда шахсро аз озодӣ маҳрум мекунад, ҳолатҳои вазнинкунандаи ин ҷиноят ба ҳисоб меравад. Аз ин ҷо бар меояд, ки судя дидаю дониста ҳуқуқу озодиҳои шахсро поймол намуда, шахсро аз озодӣ маҳрум месозад, ки дар оянда ба шаъну эътибори макомоти ҳокимияти судӣ зиён меорад ва боварии мардумро нисбат ба ин ниҳоди қудратӣ коҳиш медиҳад.

*б. Вобаста ба сохтани далелҳои сунъии айбдоркунӣ содир шуда бошад.* Ин меъёр пешбинӣ мекунад, ки аз ҷониби судя нисбати шахс дидаю дониста ғайриқонунӣ ҳукм, халнома ё дигар актҳои судӣ дар асоси далелҳои сунъӣ баровардa шуда бошад. Далелҳои айбдоркунӣ агар аз ҷониби судя сохтакорӣ шуда бошад, таркиби ин ҷиноятро ташкил медиҳад. Зери мафҳуми сохтакории далелҳо оид ба парвандаҳои ҷиноятӣ ва гражданӣ қалбакикунии далелҳои шайъӣ ва хаттӣ, яъне протоколҳо ва ҳуҷҷатҳои дигар фаҳмида мешавад.

*в. Боиси оқибати вазнин гардида бошад.* Дар моддаи мазкур зери мафҳуми оқибати вазнин фаҳмида мешавад: боиси таъйини ҷазои маҳрум сохтан аз озодӣ, ки метавонад шахсро гирифтори бемории руҳии сахт гардонад, таъйин намудани ҷазоҳои вазнин аз қабили ҷазо қатл ва якумра маҳрум сохтан аз озодӣ, ки оқибатҳои номусоид дорад, аз вазифаи ишғолнамуда дур кардани шахс, ба шахс хисороти моддӣ расонад, шаъну эътибори шахс аз байн равад, дар натиҷаи таъйини ҷазо даст ба худкушӣ занад, оилаашро аз даст диҳад ва ғайра.

Аз рӯи конструксияи тарафи объективии ҷиноят қисми 2 банди «в» моддаи 349 Кодекси ҷиноятии

Ҷумҳурии Тоҷикистон таркиби ҷиноят моддӣ мебошад: ҳангоми аз тарафи судя ғайриқонунӣ баровардани ҳукм, халнома ё дигар актҳои судӣ, ки боиси оқибати вазнин мегардад, ҷиноят хотимаёфта ба ҳисоб меравад.

**Сохтакории далелҳо**

Сохтакории далелҳо ҳамчун ҷиноят дар моддаи 359 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ гардида, аз се қисм иборат мебошад.

Объекти гурӯҳии ин ҷиноят фаъолияти муътадили ҳокимияти давлатӣ ба ҳисоб меравад. Объекти бевоситаи ин ҷиноят – фаъолияти муътадили адолати судӣ ба ҳисоб меравад. Дар натиҷаи содир намудани ин ҷиноят адолати судӣ зарар мебинад, инчунин, ҳуқуқҳои конститутсионии шахс поймол карда мешаванд.

Ба сифати предмети ин ҷиноят ҳама гуна далелҳо, аз он ҷумла далелҳои шайъӣ, протоколҳои амалҳои тафтишӣ ва судӣ, сабтҳои пинҳонӣ ва ҳуҷҷатҳои дигар баромад мекунанд.

Тарафи объективии ҷинояти дар қисми 2 моддаи мазкур ҳаракати фаъол дар шакли сохтакории далелҳои парвандаи ҷиноятӣ аз ҷониби таҳқиқбаранда, муфаттиш, прокурор ё ҳимоятгар ба ҳисоб меравад.

Парвандаи ҷиноятӣ ин ҳамагуна маълумотҳои воқеие ба ҳисоб мераванд, ки аз тарафи таҳқиқбаранда, муфаттиш, прокурор оиди ҳолатҳои кор баррасӣ карда мешаванд ва ба суд ирсол карда мешаванд. Доир ба парвандаи ҷиноятӣ бояд маълумотҳои зерин исбот карда шаванд: далелҳо оид ба парвандаҳои ҷиноятӣ, яъне нишондоди шоҳид, нишондоди ҷабрдида, нишондоди гумонбаршуда, нишондоди айбдоршаванда, нишондоди судшаванда, хулоса ва нишондоди коршинос, хулоса ва нишондоди мутахассис, далелҳои шайъӣ, протоколҳои амалҳои тафтишӣ ва судӣ, сабтҳои пинҳонӣ, гуфтугӯи

телефонии гӯшкардашуда ва сабтгардида, мушоҳидаҳои электронӣ, видео ва магнитафонӣ ва ҳуҷҷатҳои дигар.

Сохтакории далелҳои парвандаи ҷиноятӣ гуфта, қалбакӣ кардан ва сохтакорӣ кардани далелҳои шайъӣ ва хаттиро меноманд.

Делелҳое, ки дар боло номбар кардем тибқи талаботи Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби таҳқиқбаранда, муфаттиш прокурор ва суд оиди мавҷуд будан ё набудани кирдори ба ҷамъият хавфнок, гунаҳгории шахс ва ҳолати дигари барои ҳалли дурусти парванда аҳамиятдошта, бо роҳи гузаронидани амалҳои тафтишӣ ва судӣ ба даст оварда мешавад. Мувофиқи қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ, исбот кардани ҳолатиҳои воқеии кор ба зиммаи таҳқиқбаранда, муфаттиш, прокурор, суд ва ҳимоятгар гузошта мешавад, аз ҳамин сабаб онҳо уҳдадор ҳастанд, ки мутобиқи тартиби муқаррарнамудаи Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон далелҳоро ҷамъ намоянд. Таҳқиқбаранда, муфаттиш, прокурор ва суд бо дархости тарафҳо ҳуқуқ доранд, дар ҷараёни таҳқиқ, тафтиши пешакӣ ва муҳокимаи судӣ ҷамъоварии далелҳоро ба анҷом расонад, яъне оид ба парвандаи ҷиноятии дар пешбурди худ қарордошта ҳар шахсро барои пурсиш ва пешниҳод кардани хулоса ба сифати коршинос ҷалб намояд, азназаргузаронӣ, кофтуков ва амалҳои дигари тафтишотиро анҷом диҳад, аз корхона, ташкилот, муассиса, шахсони мансабдор ва шаҳрвандон, инчунин мақомоте, ки фаъолияти оперативӣ – ҷустуҷӯиро анҷом додаанд, пешниҳод кардани ҳуҷҷатҳо ва ашёи барои парвандаи ҷиноятӣ аҳамиятдоштаро талаб намояд, пешбурди тафтиш ва санҷишро аз мақомоти ваколатдор ва шахси мансабдор талаб намояд.

Тибқи талаботи қисми 3 моддаи 86 Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳимоятгаре, ки барои иштирок дар баррасии парвандаи ҷиноятӣ роҳ дода мешавад, ҳуқуқ дорад: далелҳо пешниҳод намояд,

маълумотеро, ки барои расонидани ёрии ҳуқуқӣ заруранд, ҷамъ оварад, маълумотнома, тавсифнома ва дигар ҳуҷҷатҳоро аз муассиса, ташкилот ва корхонаҳои мухталиф, бо тартиби муқарраршуда ба додани ин ҳуҷҷатҳо ё нусхаи онҳо уҳдадоранд, талаб кунад, бо ризои ҳимоятшаванда фикри мутахассисонро барои шарҳи масъалаҳое, ки вобаста ба расонидани ёрии ҳуқуқӣ ба миён меоянд ва онҳо дониши махсусро талаб мекунанд, пурсад.

Аз ҳамин хотир зарур аст, ки таҳқиқбаранда, муфаттиш, прокурор, суд ва ҳимоятгар бо диққат, ҳаматарафа, объективона ва қонунӣ далелҳои ҷамъовардашударо санҷида бароянд. Далелҳои ҷамъовардашуда дар ҳамон ҳолат ба сифати далелҳои парвандаи ҷиноятӣ баромад мекунанд, ки агар онҳо объективона, ҳаматарафа ва дуруст санҷида шуда бошанд. Санҷиши далелҳо бо гузаронидани ҳаракатҳои тафтишотӣ дар асоси қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ сурат мегирад, ки бояд талаботҳои мурофиавӣ риоя карда шавад. Аз ҳамин лиҳоз, ғайр аз ҳимоятгар шахсоне, ки ҳуқуқи пешниҳоди далелро доранд, вале ҳуқуқи исботкуниро надоранд, субъекти ин ҷиноят шуда наметавонанд.

Пас, тарафи объективии ҷинояти мазкур дар сохтакорӣ ва қалбакӣ намудани далелҳои хаттии исботкунӣ, яъне далелҳои шайъӣ, протоколҳои амали тафтишӣ, санадҳои тафтиши далелҳо ва дигар ҳуҷҷатҳои мурофиавӣ ифода меёбад.

Тибқи талаботи моддаи 78 Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон далелҳои шайъӣ ашёҳое ба ҳисоб мераванд, ки ҳамчун олоти ҷиноят истифода шудаанд, дар худ нишонаҳои ҷиноятро нигоҳ доштаанд, объекти содир шудани кирдори ҷиноятӣ будаанд, пул ва дигар арзишҳое, ки бо роҳи ҷиноятӣ ба даст оварда шудаанд, ашёи дигаре, ки барои ошкор намудани ҷиноят, муайян кардани ҳолатҳои воқеии парванда, пайдо

намудани гунаҳгорон ё рад кардани айб ё сабук кардани ҷавобгарӣ восита шудаанд.

Ба сифати далелҳои хаттӣ, инчунин протоколҳои амали тафтишӣ ва ҳуҷҷатҳои дигар баромад мекунанд.

Далелҳо оид ба парвандаи ҷиноятӣ гуфта, протоколҳои амали тафтишӣ, ки мувофиқи талаботи Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон тартиб дода мешаванд ва ҳолатҳоеро тасдиқ мекунанд, ки ҳангоми азназаргузаронӣ, шаҳодаткунонӣ, ёфта гирифтан, кофтуков, дастгиркунӣ, барои шинохтан пешниҳод намудан, санҷиши нишондодҳо дар ҷои ҳодиса, озмоиши тафтишӣ, гӯш кардани гуфтугӯи телефонӣ ва дигар воситаҳои техникии алоқа ҷой доштанд, инчунин протоколи маҷлиси судӣ, ки мутобиқи талаботи Кодекси зикргардида тартиб дода шударо меноманд.

Дар зери мафҳуми ҳуҷҷатҳои дигар ба ҳайси далел ҳамагуна маълумотҳои хаттие фаҳмида мешавад, ки онҳо аз ҷониби роҳбарони корхонаю ташкилот, шахсони мансабдор ва воқеӣ пешниҳод ё тасдиқ шудаанду барои парвандаи ҷиноятӣ заруранд.

Ин далелҳои ҷамъовардашуда, ки ба парвандаи ҷиноятӣ тааллуқ доранд, бояд аз ҷониби таҳқиқбаранда, муфаттиш, прокурор, суд ва ҳимоятгар дуруст, бодиққат, холисона, объективона ва ҳаматарафа санҷида шавад ва бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ ҳаракатҳои тафтишотӣ гузаронида шуда, оиди он протокол тартиб дода шавад.

Аз рӯи конструксияи тарафи объективии ҷиноят таркиби ҷинояти мазкур расмӣ эътироф мешавад, яъне аз лаҳзаи аз ҷониби таҳқиқбаранда, муфаттиш, прокурор ё ҳимоятгар сохтакорӣ намудани далелҳо оид ба парвандаи ҷиноятӣ новобаста аз оқибати ҷиноят, ҷиноят хотимаёфта эътироф мешавад.

Тарафи субъективии ҷинояти дар қисми 2 моддаи мазкур гуноҳ дар шакли қасди бевосита содиршуда эътироф мешавад, яъне шахс ба ҷамъият хавфнок будани

ҳаракати (беҳаракатии) худро дарк карда, имконият ё ногузирии фаро расидани оқибати барои ҷамъият хавфноки онро пешбинӣ намуда, хоҳони фаро расидани оқибат мебошад.

Субъекти ҷинояти мазкур махсус мебошад, яъне таҳқиқбаранда, муфаттиш, прокурор ва ҳимоятгар шуда метавонад.

Мувофиқи қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ дар баробари таҳқиқбаранда, муфаттиш ва прокурор қисми ҳолатҳои кор барои исбот намудан ба уҳдаи ҳимоятгар гузошта мешавад, тибқи талабот ба ӯ салоҳияти зиёд дода мешавад.

Ҳимоятгар шахсе мебошад, ки ҳангоми пешбурди парвандаи ҷиноятӣ ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии дастгиршуда, гумонбаршуда, айбдоршаванда, судшаванда ва маҳкумшударо ҳифз намуда, ба онҳо бо ҳар восита ва усули манънакардаи қонун ёрии ҳуқуқӣ мерасонад.

Вақте, ки ҳимоятгар дар мурофиаи судӣ иштирок мекунад ва дидаю дониста далелҳоро оид ба парвандаи ҷиноятӣ сохтакорона ва бардурӯғ пешниҳод мекунад, ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида мешавад.

Дар қисми 3 моддаи мазкур ҳолатҳои вазнинкунандаи сохтакории далелҳои парвандаи ҷиноятӣ аз ҷониби таҳқиқбаранда, муфаттиш, прокурор ва ҳимоятгар пешбинӣ карда шудааст, ки мувофики ҳамин кирдор, агар:

а) дар хусуси ҷинояти вазнин ва махсусан вазнин бошад;
б) аз беэҳтиётӣ боиси оқибатҳои вазнин гардида бошад.

*Дар хусуси ҷинояти вазнин ва махсусан вазнин бошад.* Меъёри мазкур сохтакории далелҳоро оид ба парвандаҳои ҷиноятӣ аз ҷониби таҳкиқбаранда, муфаттиш, прокурор ё ҳимоятгар барои ҷиноятҳои вазнин ва махсусан вазнин пешбинӣ мекунад.

*Аз беэҳтиётӣ боиси оқибатҳои вазнин гардида бошад.* Яке аз шаклҳои гуноҳ, ки дар моддаи 27 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ шудааст, ин беэҳтиётӣ мебошад. Ҷинояти аз беэҳтиётӣ содиршуда

кирдори барои ҷамъият хавфноке эътироф мешавад, ки аз худбоварӣ ё бепарвоӣ содир шудааст.

**Ғайриқонунӣ озод кардан аз ҷавобгарии ҷиноятӣ**

Ғайриқонунӣ озод кардан аз ҷавобгарии ҷиноятӣ ҳамчун ҷиноят дар моддаи 360 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ гардида, аз як қисм иборат мебошад.

Агар прокурор, муфаттиш ё таҳқиқбаранда шахси дар содир намудани ҷиноят гумонбар ё айбдоршавандаро ғайриқонунӣ аз ҷавобгарии ҷиноятӣ озод кунад, пас ҷавобгарии ҷиноятӣ бо моддаи 360 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон фаро мерасад.

Озод кардан аз ҷавобгарии ҷиноятӣ яке аз институтҳои асосии ҳуқуқи ҷиноятӣ ба ҳисоб меравад. Озод кардан аз ҷавобгарии ҷиноятӣ дар фасли 4 ва дар боби 11 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар моддаҳои 72 – 75 пешбинӣ карда шудааст. Аз меъёрҳои боби мазкур бар меояд, ки қонунгузории ҷиноятӣ роҳи қонунии озод кардан аз ҷавобгарии ҷиноятиро пешбинӣ намудааст. Озод кардан аз ҷавобгарии ҷиноятӣ бо қарори мақомоти ваколатдор нисбати шахси ҷиноятсодирнамуда ба амал бароварда мешавад. Озод кардан аз ҷавобгарии ҷиноятӣ баъд аз баровардани қарор оиди рад намудан аз оғози парвандаи ҷиноятӣ ё ин ки қарор оиди қатъ намудани парвандаи ҷиноятӣ амалӣ мегардад. Аз ҷониби прокурор, муфаттиш ё таҳқиқбаранда ғайриқонунӣ озод намудани шахси ҷиноятсодирнамуда, яъне гумонбаршуда ё айбдоршаванда боварии мардумро дар назди қонун паст менамояд ва мақому манзалати мақомоти давлатиро коста мегардонад. Барои ҳамин ҳам қонунгузории ҷиноятӣ ғайриқонунӣ озод кардан аз ҷавобгарии ҷиноятиро ҳамчун ҷиноят эътироф намудааст.

Объекти гурӯҳии ин ҷиноят фаъолияти муътадили ҳокимияти давлатӣ ба ҳисоб меравад.

Объекти бевоситаи ин ҷиноят – фаъолияти муътадили адолати судӣ ба ҳисоб меравад. Дар натиҷаи содир намудани ин ҷиноят адолати судӣ зарар мебинад.

Тарафи объективии ҷинояти мазкур аз ҷониби прокурор, муфаттиш ва таҳқиқбаранда гумонбар ё айбдоршавандаро ғайриқонунӣ аз ҷавобгарии ҷиноятӣ озод намудан мебошад. Дар ҳамон ҳолат шахс аз ҷавобгарии ҷиноятӣ озод карда мешавад, аз ҷониби прокурор, муфаттиш ё таҳқиқбаранда, ки бевосита моддаҳои 72 – 75 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба инобат гирифта шуда бошад. Тибқи талаботи моддаи 28 моддаи 360 Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон прокурор дар асоси моддаҳои 72 – 75 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчуни муфаттиш ва таҳқиқбаранда бо розигии прокурор ҳуқуқ доранд дар мавридҳои зерин оғози парвандаи ҷиноятиро рад кунанд ё пешбурди парвандаи ҷиноятиро бо озод кардани шахс аз ҷавобгарии ҷиноятӣ қатъ кунанд: пушаймонӣ аз кирдор, оштӣ шудан бо ҷабрдида ва барқарор намудани товони зарари расонидашуда, тағйир ёфтани вазъият ва гузаштани муҳлати ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидан. Ҳангоми қатъ намудани парвандаи ҷиноятӣ нисбати гумонбар ё айбдоршаванда муфаттиш қарори асоснок мебарорад. Инчунин, мутобиқи моддаи 99 Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон дастгиршуда дар асоси қарори (таъйиноти) мақомоти пешбурди мурофиаи ҷиноятӣ дар ҳолатҳои зерин бояд озод карда шавад, агар: гумони аз тарафи шахс содир шудани ҷиноят тасдиқ нагардида бошад; асосҳои минбаъд дар ҳабс нигоҳ доштан аз байн рафта бошанд; муқаррар карда шуда бошад, ки дастгиркунӣ бо риоя накардани қоидаҳои муқаррарнамудаи ҳамин Кодекс амалӣ шудааст; муҳлати дастгиркунӣ гузашта бошад.

Аз меъёрҳои дар Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии

Тоҷикистон номбаршуда бар меоянд, ки дар ягон ҳолат аз ҷониби прокурор, муфаттиш ва таҳқиқбаранда гумонбар ва айбдоршавандаро аз ҷавобгарии ҷиноятӣ ғайриқонунӣ озод кардан мумкин нест. Талаботҳои дар моддаҳои Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба прокурор, муфаттиш ва таҳқиқбаранда имкон медиҳанд, ки танҳо дар асоси қонун гумонбар ё айбдоршавандаро аз ҷавобгарии ҷиноятӣ озод намоянд.

Тибқи талаботи моддаи 46 Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон гумонбаршуда шахсест, ки нисбат ба ӯ бо асос ва тартиби муқаррарнамудаи ҳамин Кодекс бинобар гумонбар шуданаш дар содир намудани ҷиноят парвандаи ҷиноятӣ оғоз гардида, дар ин бора ба ӯ муфаттиш ё таҳқикбаранда хабар медиҳад ё ӯ дастгир карда шудааст ва ё дар ҳаққи ӯ то пешниҳод кардани айб чораи пешгирӣ татбиқ карда шудааст.

Мутобиқи моддаи 47 Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон айбдоршаванда шахсе мебошад, ки нисбат ба ӯ қарор дар бораи ба сифати айбдоршаванда ҷалб кардан бароварда шудааст.

Аз ҷавобгарии ҷиноятӣ озод намудани гумонбар ё айбдоршаванда танҳо дар асоси қарори таҳқиқбаранда, муфаттиш ва прокурор дар шакли мурофиавӣ сурат мегирад.

Аз рӯи конструксияи тарафи объективии ҷиноят таркиби ҷинояти мазкур расмӣ эътироф мешавад, яъне аз лаҳзаи ғайриқонунӣ озод кардани гумонбар ё айбдоршаванда аз ҷавобгарии ҷиноятӣ аз ҷониби прокурор, муфаттиш ва таҳқиқбаранда ҷиноят хотимаёфта эътироф мешавад.

Тарафи субъективии ҷинояти мазкур гуноҳ дар шакли қасди бевосита ба ҳисоб меравад. Гунаҳгор ба ҷамъият хавфнок будани ҳаракати (беҳаракатии) худро дарк мекунад, имконият ё ногузирии фаро расидани оқибати барои ҷамъият хавфноки онро пешбинӣ мекунад ва

хоҳони фаро расидани он мебошад, яъне прокурор, муфаттиш ва таҳқиқбаранда дидаю дониста гумонбар ё айбдоршавандаро аз ҷавобгарии ҷиноятӣ ғайриқонунӣ озод мекунанд. Ангезаҳои ҷиноят метавонанд гуногун бошанд.

Субъекти ҷинояти ғайриқонунӣ озод кардан аз ҷавобгарии ҷиноятӣ махсус ба ҳисоб меравад, яъне ин кирдор танҳо аз ҷониби прокурор, муфаттиш ва таҳқиқбаранда содир карда мешавад. Агар аз ҷониби судя гумонбар ё айбдоршаванда ғайриқонунӣ аз ҷаворбгарии ҷиноятӣ озод карда шавад, дар ин ҳолат қирдори судя бо моддаи 349 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон банду баст карда мешавад.

**Иҷро накардани ҳукми суд, ҳалномаи суд ё санади дигари судӣ**

Иҷро накардани ҳукми суд, ҳалномаи суд ё санади дигари судӣ ҳамчун ҷиноят дар моддаи 363 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ гардида, аз як қисм иборат мебошад.

Дар Кодекси ҷиноятии ҶШС Тоҷикистон, ки аз соли 1961 то қабули Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон амал мекард, моддаи $201^2$ – иҷро накардани ҳукми суд дар бораи маҳрум кардан аз ҳуқуқи ишғол намудани вазифаҳои муайян ё машғул шудан бо фаъолияти муайян пешбинӣ шуда буд, ки мувофиқи қисми 2 моддаи мазкур, ҳукми судро дар бораи маҳрум кардан аз ҳуқуқи ишғол намудани вазифаҳои муайян иҷро накардани шахси вазифадор, ки ҳуқуқи ба кор қабул кардан ва аз кор хориҷ кардан дорад[1], иборат мебошад. Дар меъёри мазкур иҷро накардани ҳукми суд танҳо барои як ҷазои ҷиноятӣ пешбинӣ карда шудаасту халос. Моддаи 363 Кодекси

[1] Кодекси ҷиноятии ҶШС Тоҷикистон. Бо тағйироту иловаҳое, ки то 1 июни соли 1988 дохил карда шудаанд. Душанбе: Ирфон, 1989 – 124 с.

ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон бошад, дар умум барои иҷро накардан ва монеъ шудани ҳамаи ҳукм, ҳалнома ё санадҳои дигари судӣ аз ҷониби намояндаи ҳокимият, хизматчии давлатӣ, хизматчии мақоми худидораи маҳаллӣ, инчунин хизматчии муассисаи давлатӣ, ташкилоти тиҷоратӣ ё дигар ташкилот ҷавобгарии ҷиноятиро пешбинӣ менамояд.

Объекти гурӯҳии ин ҷиноят фаъолияти муътадили ҳокимияти давлатӣ ба ҳисоб меравад. Объекти бевоситаи ин ҷиноят – фаъолияти муътадили адолати судӣ ба ҳисоб меравад. Дар натиҷаи содир намудани ин ҷиноят адолати судӣ зарар мебинад, инчунин, ҳуқуқҳои конститутсионии шахс поймол карда мешаванд.

Тарафи объективии ҷинояти мазкурро беҳаракатӣ ташкил медиҳад. Беҳаракатӣ рафтори ғайрифаъоли шахс ба ҳисоб меравад, ки шахс уҳдадор буд вазифаҳои дар наздаш гузоштаро тибқи қонун иҷро намояд. Агар шахс вазифаҳои дар наздаш гузоштаро иҷро накунад, пас ҷинояти мазкурро аз беҳаракатӣ содир мекунад, яъне аз ҷониби намояндаи ҳокимият, хизматчии давлатӣ, хизматчии мақоми худидораи маҳаллӣ, инчунин хизматчии муассисаи давлатӣ, ташкилотҳои тиҷоратӣ ё дигар ташкилот ҳукм, ҳалнома ё санади дигари эътибори қонунӣ пайдонамудаи суд иҷро карда нашавад ё ба иҷрои он монеъ шавад, дар натиҷа ҷинояти мазкур содир карда мешавад.

Иҷро накардан маънои онро дорад, ки шахс аз беҳаракатӣ рӯи рост баъди оне, ки суд оиди иҷро накардани ҳукм, ҳалнома ё санади дигари судӣ мақомоти дахлдорро хаттӣ огоҳ мекунад, вале шахс кирдорҳояшро давом дода, қарорҳои судро иҷро намекунад ва барои ба иҷро расонидани ҳукм, ҳалнома ё санади дигари судӣ чораҳои заруриро ба анҷом намерасонад.

Ба иҷрои онҳо монеъ шудан маънои онро дорад, ки шахсони босалоҳияте, ки ҳукм, ҳалнома ё санади дигари судиро бояд иҷро намоянд, ин санадҳоро пинҳон, нобуд ё

дар худ боз медоранд, ба хотире, ки иҷрои ин санадҳо имконнопазир гарданд, ҳол он ки иҷрои ин санадҳои судӣ ҳатмӣ мебошанд.

Мувофиқи талаботи моддаи 388 Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳукм, таъйинот ва қарори суд, ки эътибори қонунӣ пайдо кардаанд, барои ҳамаи корхонаҳо, ташкилотҳо ва муассисаҳо, шахсони мансабдор ва шаҳрвандон ҳатмӣ буда, дар тамоми худуди Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд ба иҷро расонида шаванд. Иҷрои ҳукм, таъйинот ва қарор ба зиммаи суде гузошта мешавад, ки парвандаро дар марҳилаи якум баррасӣ намудааст. Фармоиши иҷрои ҳукм аз тарафи судя якҷоя бо нусхаи ҳукм ба он макомоте, ки тибқи қонунгузории иҷрои ҷазои ҷиноятӣ иҷрои ҳукм ба зиммааш гузошта шудааст, ирсол мегардад. Дар сурати бо тартиби кассатсионӣ баррасӣ намудани парванда тағйир додани ҳукми суди марҳилаи якум ба нусхаи ҳукм нусхаи таъйиноти суди марҳилаи кассатсионӣ замима карда мешавад. Мақомоти иҷрокунандаи ҳукм фавран ба суде, ки хукмро баровардаасат, аз иҷрои он хабар медиҳад. Маъмурияти муассисаи ислоҳӣ судеро, ки ҳукм баровардааст, бояд аз маҳалли адои ҷазо аз тарафи махкум шуда огоҳ созад. Аз талаботи меъёри мазкур бар меояд, ки ҳукм, ҳалнома ё санади дигари судӣ аз ҷониби намояндаи ҳокимият, хизматчии давлатӣ, хизматчии мақоми худидораи маҳаллӣ, инчунин хизматчии муассисаи давлатӣ, ташкилотҳои тиҷоратӣ ё дигар ташкилот бояд тибқи талаботи қонун ҳатман бояд иҷро карда шавад.

Диспозитсияи моддаи мазкур иҷро накардани ҳукми суд, ҳалномаи суд ё санади дигари судиро аз ҷониби намояндаи ҳокимият пешбинӣ кардааст. Мувофиқи талаботи эзоҳи моддаи 328 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти мафҳуми намояндаи ҳокимият шахсе дар назар дошта шудааст, ки дар мақомоти ҳокимияти давлатӣ хизмат карда ва мутобиқи тартиби

муқаррарнамудаи қонун нисбат ба шахсони таҳти тобеияти хизматияш қарорнадошта ваколати амрдиҳиро дорад. Мазмуни эзоҳи моддаи мазкур чунин аломатҳоро барои намояндаи ҳокимият эътироф намудан пешбинӣ мекунад:

1. Бояд шахс дар мақомоти ҳокимияти давлатӣ хизмат карда истдода бошад;
2. Бояд шахс дорои ваколатҳои ҳокимиятӣ бошад, яъне вазифаи амрдиҳиро дошта бошад, ки иҷрои он барои шаҳрвандон, корхонаҳо, муассисаҳо, ташкилотҳо ҳатмӣ мебошад.

Тибқи талаботи моддаи 1 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ» хизматчии давлатӣ ин шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки мансаби давлатии хизмати давлатии музднокро дар асоси касби бо мақсади таъмини иҷрои ваколатҳои шахсони мансабдори давлатии ҳокимияти давлатӣ ва амалӣ намудани салоҳияти мақомоти давлатӣ ишғол намудааст, ба ҳисоб меравад. Хизматчии давлатӣ тибқи талаботи Қонуни мазкур ба ду намуд тақсим мешавад:

1. Хизматчии давлатии сиёсӣ – хизматчии давлатӣ, ки фаъолияти ӯ ба сиёсати умумидавлатӣ вобаста аст ва барои дар амал татбиқ намудани сиёсати дохилӣ ва хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон масъул мебошад;
2. Хизматчии давлатии маъмурӣ – хизматчии давлатӣ, ки уҳдадориҳои мансабии ӯ ба таъмини иҷрои ваколатҳои шахсони мансабдори давлатии ҳокимияти давлатӣ, мансабҳои сиёсии хизмати давлатӣ ва амалӣ намудани салоҳияти мақомоти давлатӣ равона карда шудааст;

Хизматчии мақоми худидораи маҳаллӣ ва хизматчии муассисаи давлатӣ ба хизматчии давлатии маъмурӣ дохил мешавад, ки дар Феҳристи мансабҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ шудааст.

Диспозитсияи моддаи мазкур иҷро накардани ҳукм, ҳалнома ё дигар санадҳои эътибори қонунӣ пайдонамудаи

судиро аз ҷониби ташкилотҳои тиҷоратӣ ё дигар ташкилотҳо пешбинӣ намудааст. Тибқи талаботи моддаи 50 Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкилотҳое шахси ҳуқуқӣ буда метавонанд, ки ба даст овардани фоидаро мақсади асосии фаъолияти худ қарор додаанд, ки ин ташкилотҳои тиҷоратӣ эътироф мешаванд. Ташкилотҳое, ки мақсади ба даст овардани фоидаро надошта бошанд, фоидаро байни иштирокчиён тақсим накунанд, ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ эътироф мешаванд. Шахси ҳуқуқие, ки ташкилоти тиҷоратӣ мебошанд, метавонад дар шакли ширкату ҷамъиятҳои хоҷагидорӣ, кооперативҳои тиҷоратӣ, корхонаҳои вохиди давлатӣ ва коммуналӣ таъсис дода шаванд. Шахси ҳуқуқие, ки ташкилоти ғайритиҷоратӣ мебошанд, метавонанд дар шакли кооперативҳои ғайритиҷоратӣ, кооператсияи матлубот, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ё ташкилотҳои динӣ, муассисаҳои аз ҷониби молик маблағгузоришаванда, фондҳои хайрия ва фондҳои дигар, инчунин дар дигар шаклҳои пешбининамудаи қонун таъсис дода шаванд. Ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ танҳо ба қадре ба фаъолияти соҳибкорӣ машғул шуда метавонанд, ки барои мақсадҳои оинномавии онҳо зарур аст. Таъсиси иттиҳодияҳои ташкилотҳои тиҷоратӣ ва ғайритиҷоратӣ дар шакли ассотсиатсияҳо ё иттифоқҳо ба роҳ монда мешаванд.

Аз рӯи конструксияи тарафи объективии ҷиноят таркиби ҷинояти мазкур расмӣ мебошад, яъне аз лаҳзаи ҳукм, ҳалнома ё дигар санадҳои эътибори қонунӣ пайдонамудаи судиро иҷро накардан ё ба иҷрои он монеъ шудан ҷиноят хотимаёфта эътироф мешавад.

Тарафи субъективии ҷинояти мазкурро гуноҳ дар шакли қасди бевосита ташкил медиҳад, яъне гунаҳгор ба ҷамъият хавфнок будани ҳаракати (беҳарактии) худро дарк карда, имконияте ё ногузирии фаро расидани оқибати барои ҷамъият хавфноки онро пешбинӣ менамояд ва хоҳони фаро расидани он мебошад.

Намояндаи ҳокимият, хизматчии давлатӣ, хизматчии мақоми худидораи маҳаллӣ, хизматчии муассисаи давлатӣ ва ташкилотҳои тиҷоратӣ ё ташкилотҳои дигар дидаю дониста ҳукм, ҳалнома ё дигар санадҳои эътибори қонунӣ пайдонамудаи судиро иҷро намекунанд ё ба иҷрои онҳо монеъ мешаванд. Ангезаи ҷинояти мазкур гуногун мешаванд, ба монанди манфиатҳои шахсӣ, эътироз овардан ба ҳукм, ҳалнома ё дигар санадҳои эътибори қонунӣ пайдонамудаи судӣ ва ғайра, ки барои банду басти ҷиноят аҳамият надоранд.

Субъекти ҷиноят махсус, яъне намояндаи ҳокимият, хизматчии давлатӣ, хизматчии мақоми худидораи маҳаллӣ, хизматчии муассисаи давлатӣ ва ташкилотҳои тиҷоратӣ ё дигар ташкилотҳо ба ҳисоб мераванд.

## VII. ТАВСИФИ ҲУҚУҚИИ ҶИНОЯТИИ ҶИНОЯТҲОИ ХУСУСИЯТИ КОРРУПСИОНИДОШТА БА МУҚОБИЛИ ХИЗМАТИ ҲАРБӢ (БОБИ 33 КОДЕКСИ ҶИНОЯТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН).

### Суиистеъмоли ҳокимият ё мақоми хизматӣ, аз ҳадди ваколатҳо мансабӣ ва хизматӣ баромадан ё бефаъолиятии ҳокимият

Суиистеъмоли ҳокимият ё мақоми хизматӣ, аз ҳадди ваколатҳо мансабӣ ва хизматӣ баромадан ё бефаъолиятии ҳокимият ҳамчун ҷиноят дар моддаи 391 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ гардида аз чор қисм иборат мебошад.

Ҳифзи Ватан, ҳимояи манфиатҳои давлат, таҳкими истиқлолият, амният ва иқтидори мудофиавии он вазифаи муқаддаси шаҳрванд аст. Муқаддас будани Ватан маънои онро дорад, ки ҳимояи сарзамини аҷдодони мо, ҳудуди ҷуғрофии Ҷумҳурии Тоҷикистон, сарватҳои табиии зеризаминӣ, пуштибонӣ намудан аз дастовардҳои эҷодию

фарҳангии наслҳои пештара, фарҳанги аҷдодӣ ва мероси таърихиро дар назар дорад.

Хизмати ҳарбӣ фаъолияти махсус ва пураҳамияти давлатӣ мебошад. Меъёри моддаи мазкур ҷавобгарии ҷиноятиро аз ҷониби шахсони мансабдори хизмати ҳарбӣ пешбинӣ кардааст. Аз ҷониби шахсони мансабдори хизмати ҳарбӣ содир шудани ҷинояти мазкур барои хизмати ҳарбӣ хавфи калон дорад, ки онҳо ба фаъолияти муътадили шохаҳои идоракунии ҳарбӣ зарари ҷиддӣ мерасонанд.

Объекти бевоситаи ин ҷиноят – фаъолияти муътадили дастгоҳҳои идоракунии ҳарбӣ ва манфиатҳои қонунии хизмати ҳарбӣ ба ҳисоб меравад. Ба сифати объекти иловагӣ ҳаёт ва саломатии хизматчиёни ҳарбӣ ва дигар шаҳрвандон дохил мешавад. Тибқи талаботи моддаи 32 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи уҳдадориҳои умумии ҳарбӣ ва хизмати ҳарбӣ» хизмати ҳарбӣ як навъи махсус ва афзалиятноки хизмати давлатӣ буда, иҷрои бевоситаи уҳдадориҳои конститутсионии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳайати Қувваҳои Мусаллаҳ, дигар қӯшунҳо ва сохторҳои ҳарбӣ гирифта аз инҳо иборат мебошад: аз хизмати ҳарбии мувофиқи даъват дар вазифаҳои аскар ва сержантҳо; аз хизмати ҳарбӣ бо тартиби ихтиёрӣ дар вазифаҳои прапоршикҳо; аз хизмати ҳарбии мувофиқи даъват ва бо тартиби ихтиёрӣ дар вазифаҳои ҳайати афсарон; аз хизмати ҳарбии ихтиёрӣ дар вазифаҳои ҳайати аскарон, сержантҳо, прапоршикҳо ва афсарон; аз хизмати ҳарбии курсантҳо ва шунавандагони муассисаҳои таълимии ҳарбии таҳсилоти касбӣ; аз хизмати ҳарбӣ бо тартиби ихтиёрӣ дар мақомоти амнияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вазифаҳои сержантҳо.

Ҷинояти мазкур, ки бо истифода аз вазъияти хизматӣ содир карда шудаанд, барои тартиботи ҳуқуқии ҳарбӣ хавфи калони ҷамъиятӣ доранд, онҳо ба фаъолияти муътадили дастгоҳҳои идоракунии ҳарбӣ, манфиатҳои

таъмини омодагии доимии ҷангии қӯшунҳо зарар мерасонад ва ин омилҳо хусусияти хоси ҷиноятҳои мансабии ҳарбиро муқаррар менамоянд[1].

Тарафи объективии ҷинояти мазкур якчанд аломатҳоро дар бар мегирад: а) суиистеъмоли ҳокимият ё мақоми хизматӣ; б) аз ҳадди ваколатҳои мансабӣ ё хизматӣ баромадан; в) бефаъолияти ҳокимият аз ҷониби сардор ё дигар шахси масабдори Қувваҳои Мусаллаҳ.

Суиистеъмоли ҳокимият яке аз намудҳои паҳнгардидаи ҷиноятҳо ба муқобили хизмати ҳарбӣ ба ҳисоб меравад. Суиистеъмоли ҳокимият аз ҷониби шахсони мансабдори хизмати ҳарбӣ ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунан ҳифзшавандаи хизматчиёни ҳарбӣ ё дигар шаҳрвандонро поймол мекунад, ки дар натиҷа ба ин нафарон зарари ҷиддӣ расонида мешавад ва ҷой доштани зарари ҷиддӣ аз ҳолатҳои мушаххаси кор вобаста буда, аз ҷониби мақомотҳои тафтишотӣ муайян карда мешавад. Суиистеъмоли ҳокимият дар Қувваҳои Мусаллаҳ, инчунин дигар қӯшунҳои ҳарбӣ ва сохторҳои он дар истифодаи ғайриқонунии зӯроварӣ аз ҷониби сардорон нисбат ба зердастон истифода бурда мешавад.

Хизмати давлатии ҳарбӣ фаъолияти касбии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мансабҳои давлатии хизмати давлатии мақомот ва ҷузъу томҳои ҳарбии Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон, дигар қӯшунҳо ва сохторҳои ҳарбӣ буда, ба таъмини мудофиа ва амнияти давлат нигаронида мешавад. Нишонаи асосӣ дар моддаи мазкур аз ҷониби шахси мансабдор истифода намудани ваколатҳои мансабӣ вобаста ба муносибатҳои ҳарбӣ ба ҳисоб меравад.

Дар моддаи мазкур хизматчии ҳарбие, ки шахсони мансабдор ҳисоб мешаванд, сардор, қумандон ва дигар

[1] Фатҳудинов Вайсидин. Ҷиноятҳо ба муқобили хизмати ҳарбӣ. Тафсири илмию амалии Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе, 2007. – С. 152.

шахсоне, ки дар воҳидҳои ҳарбии Қувваҳои Мусаллаҳ вазифаҳои ташкилию амрдиҳиро иҷро мекунанд. Мувофиқи талаботи моддаи 17 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мудофиа» аз 4 ноябри соли 1995, таҳти № 208 Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон сохтори ҳарбии давлатӣ мебошад, ки барои муҳофизати мусаллаҳонаи истиқлолият ва тамомияти арзии ҷумҳурӣ аз таҷовуз таъйин гаштааст. Мувофиқи моддаи 2 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 13 декабри соли 1996, таҳти № 316 вазифаҳои Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз инҳо иборат мебошад: зада гардонидани таҷовузи душман ва шикаст додани таҷовузкор; ҳифзи фазои ҳавоии давлат; муҳофизати мусаллаҳонаи сарҳади давлатӣ; ташкил ва пешбурди мудофиаи ҳудудӣ; иштирок дар зада гардонидани тачовузи мусаллаҳона ба давлати дигар ё иҷро намудани вазифаҳои сулҳоварона, ки аз уҳдадориҳои байналмилалӣ бар меоянд.

Ҳангоми ҷинояти мазкур ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии ҳифзшавандаи хизматчиёни ҳарбӣ зарар мебинад. Таҳти мафҳуми хизматчии ҳарбӣ он шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад, ки хизмати ҳарбии давлатиро дар Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон, КДАМ Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи ҳолатҳои фавқулода ва мудофиаи граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон, қӯшунҳои дохилии ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи ҳифзи сарҳади давлатии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумита оид ба таъмини амволи махсуси назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Гвардияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар вазорату идораҳо, ки мувофиқи қонунҳо дар онҳо хизмати ҳарбӣ пешбинӣ шудааст, анҷом медиҳанд. Ба хизматчиёни ҳарбӣ инҳо дохил мешаванд: афсарон, прапоршикҳо; сарбозон, сержантҳо, старшинаҳо; хизматчиёни ҳарбӣ – занон; курсантҳо ва донишҷӯёни муассисаҳои ҳарбии таълимоти маълумоти касбӣ.

Аз рӯи конструксияи тарафи объективии ҷиноят таркиби ҷинояти мазкур моддӣ мебошад, чунки аломати асосии тарафи объективии ҷиноят ин фаро расидани оқибати ба ҷамъият хавфнок мебошад. Ин оқибатҳо расонидани зарари ҷиддӣ ба Қувваҳои Мусаллаҳ, ба ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии хизматчиёни ҳарбӣ ва ба дигар шаҳрвандон ифодаи худро меёбад.

Тарафи субъективии ҷинояти мазкур гуноҳ дар шакли қасди бевосита ба ҳисоб меравад, яъне гунаҳгор ба ҷамъият хавфнок будани ҳаракати (беҳарактии) худро дарк карда, имконияте ё ногузирии фаро расидани оқибати барои ҷамъият хавфноки онро пешбинӣ менамояд ва хоҳони фаро расидани он мебошад. Шахси мансабдори ҳарбӣ вобаста аз мақоми хизматӣ ва ваколатҳои мансабӣ, инчунин бефаъолии худ дидаю дониста ба ҳуқуқ ё манфиатҳои қонунан хифзшавандаи хизматчиёни ҳарбӣ ё дигар шаҳрвандон зарари ҷиддӣ мерасонад. Ангезаи ҷинояти мазкур гуногун мешаванд, ба монанди манфиатҳои шахсӣ, ки барои банду басти ҷиноят аҳамият надоранд.

Субъекти ҷинояти мазкур махсус, яъне хизматчии ҳарбие, ки шахси мансабдор ба ҳисоб меравад, ба монанди сардор, қумандон ва дигар шахсоне, ки дар қисмҳои ҳарбии Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон вазифаи ташкилию амрдиҳиро иҷро мекунанд.

Қисми дуюми моддаи 391 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгарии ҷиноятиро барои кирдорҳои қисми 1 ҳамин модда расонидани зарари вазнин ва миёна ба саломатиро пешбинӣ намудааст. Барои кирдорро **зарари вазнин** эътироф намудан чунин нишонаҳо ҳатмӣ мебошад: хавфнок будани ҳаёти инсон ҳангоми расонидани зарар; боиси нобино шудани ҷабрдида; боиси гунг шудани ҷабрдида; боиси кар шудани ҷабрдида; талаф додани ягон узви бадан; аз кор мондани ягон узв; қатъ гардидани ҳомиладорӣ; бадсуратии

ислоҳнопазирии рӯй; гирифтор шудан ба бемории руҳӣ; гирифтори бемории нашъамандӣ ё таксикомания шудан; ба миён омадани бадсуратии ислоҳнопазирии рӯй; ба таври зиёд хароб шудани саломатӣ бо аз даст додани на камтар аз сеяки қобилияти умумии меҳнатӣ; хароб шудани саломатӣ бо пурра аз даст додани қобилияти меҳнатии касбӣ.

**Зарари миёна ба саломатӣ** чунин зараре ба ҳисоб меравад, барои ҳаёт хавфнок набуда, боиси харобшавии тӯлонии саломатӣ, инчунин бо таври устувору назаррас аз даст додани камтар аз сеяки қобилияти умумии меҳнатӣ шудааст.

Боиси харобшавии тӯлонии саломатӣ чунин маъно дорад, ки дар ҳолати зарар ба саломатӣ, ҷабрдида қобилияти меҳнатияшро зиёда аз се ҳафта гум мекунад ва ин баробар аст ба зиёда аз 21 рӯз[1].

Дар зери ба таври устувору назаррас аз даст додани камтар аз сеяки қобилияти умумии меҳнатӣ чунин фаҳмида мешавад, ки дар натиҷаи зарари миёна ба саломатӣ, ҷабрдида аз 10% то 30% (30% низ дохил мешавад) қобилияти умумии меҳнатии худро гум мекунад. Мисол, аз даст додани ягон ангушти даст ё пой[2].

Аз рӯи конструксияи тарафи объективии ҷиноят ҷинояти қисми 2 моддаи мазкур моддӣ мебошад, чунки аломати ҳатмии тарафи объективии ҷиноят оқибати

---

[1] Ҳусейнзода С.Ҳ., Нажбудинов М.А., Ҳикматзода Ҷ.У. Ҷиноятҳо ба муқобили саломатӣ. Дастури таълимӣ. Душанбе. - «ЭР – граф», 2017. - С. 73; Комментарий к Уголовному кодексу Российской Федерации (постатейный). 2 – е издание, исправленное, переработанное и дополненное / Под ред. А.И. Чучаева. – «КОНТРАКТ», «ИНФРА - М», 2010. – С. 198.

[2] Ҳусейнзода С.Ҳ., Нажбудинов М.А., Ҳикматзода Ҷ.У. Ҷиноятҳо ба муқобили саломатӣ. Дастури таълимӣ. Душанбе. - «ЭР – граф», 2017. - С. 74; Уголовное право России. Общая и Особенная части. Учебник для вузов / Под общей редакцией д.ю.н., Н.Г. Кадникова. – М.: Книжный мир. 2007. – С. 348.

ҷиноят, яъне зарари вазнин ва миёна ба саломатиро ба вуҷуд меорад.

Дар қисмҳои 3 ва 4 моддаи мазкур аломатҳои вазнинкунандаи суиистеъмоли ҳокимият ё мақоми хизматӣ, аз ҳадди ваколатҳои масабӣ ва хизматӣ баромадан ё бефаъолиятии ҳокимият пешбинӣ карда шудааст. Дар банди "а", қисми 3 моддаи мазкур содир намудани кирдорҳои қисми 1 моддаи мазкур, агар ин кирдорҳо аз беэҳтиётӣ боиси марги инсон гардида бошад, нишон дода шудааст. Беэҳтиётӣ шакли дигари гуноҳ мебошад, ки аломати асосии тарафи субъективии ҷиноят ба ҳисоб меравад. Тибқи талаботи моддаи 29 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷинояти аз беэҳтиётӣ содиршуда кирдори ба ҷамъият хавфноке эътироф мешавад, ки аз худбоварӣ ва бепарвоӣ содир шудааст. Аз беэҳтиётӣ сабаби марги инсон шудан, ки дар банди "а", қисми 3 моддаи зикргардида пешбинӣ шудааст, банду басти иловагиро бо моддаҳои Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба ҷиноятҳо ба муқобили ҳаёт ва саломатӣ талаб намекунад, чунки моддаи мазкур ин меъёрро пурра мустаҳкам намудааст.

Банди "б", қисми 3 моддаи мазкур ҳаракатҳои қисми 1 ин модда, ки боиси оқибати вазнин гаштааст, пешбинӣ намудааст. Оқибатҳои вазнини суиистеъмоли ҳокимият ё мақоми хизматӣ, аз ҳадди ваколатҳои мансабӣ ва хизматӣ баромадан ё бефаъолиятии ҳокимият, аз ба худкушӣ расонидан ё сӯиқасди худкушӣ, дар назди ҷомеа мавқеъ ва устувории ҳокимияти давлатиро коста намудан, нуфузу обрӯи Қувваҳои Мусаллаҳро паст задан, ба обрӯ ва эътибори дигар шахсони мансабдори давлатӣ ва шахсони мансабдори ҳарбӣ иснод овардан ва ғайра иборат мебошад.

Дар қисми 4 моддаи тафсиршаванда кирдорҳои дар ҳамин модда пешбинишуда, ки дар вазъияти ҷангӣ ё замони ҷанг содир шуда бошад, пешбинӣ шудааст.

Меъёри мазкур аломатҳои махсусан вазнинкунандаро пешбинӣ кардааст, ки дар вазъияти ҷангӣ ё замони ҷанг кирдорҳои зикршударо содир кардааст.

Дар банди 10 – уми қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи таҷрибаи баррасии парвандаҳои ҷиноятӣ марбут ба саркашӣ аз хизмати ҳарбӣ, худсарона тарк кардани қисми ҳарбӣ ё маҳалли хизмат, фирор ва саркашӣ аз иҷрои вазифаҳои хизмати ҳарбӣ бо роҳи узвмаибкунӣ ё усули дигар” аз 26 – уми июни соли 2009, таҳти № 19 мафҳуми вазъияти ҷангӣ ва замони ҷанг пешбинӣ карда шудааст.

Вазъияти ҷанг ин чунин ҳолати оперативие мебошад, ки бо задухӯрди ҳарбӣ ё ҷой доштани чунин таҳдиди задухӯрд бо мухолифин тавсиф меёбад. Чунин вазъият чи дар замони ҷанг ва чи дар замони тинҷӣ ба миён омаданаш мумкин аст. Вазъияти ҷангӣ дар замони тинҷӣ дар ҳолати амалҳои ҳарбии воҳидҳои мусаллаҳи ғайридавлатӣ, ки бар зидди якпорчагӣ ва ягонагии ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон равона карда шудааст, пайдо шуданаш мумкин аст[1].

Замони ҷанг ин давраест, ки давлат дар ҳолати ҷанг бо дигар давлат қарор дорад. Ҳолати ҷанг аз лаҳзаи эълон намудани он аз ҷониби мақомоти олии ҳокимияти давлатӣ ё аз лаҳзаи воқеан сар шудани амалиёти ҷангӣ оғоз меёбад. Лаҳзаи тамомшавии замони ҷанг рӯз ва соати эълон намудани қатъи амалиёти ҷангӣ ҳисобида мешавад. Лекин агар амалиёти ҷангӣ новобаста аз эълони қатъшавии он давом дода шаванд, он гоҳ лаҳзаи

[1] Карори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи таҷрибаи баррасии парвандаҳои ҷиноятӣ марбут ба саркашӣ аз хизмати ҳарбӣ, худсарона тарк кардани қисми ҳарбӣ ё маҳалли хизмат, фирор ва саркашӣ аз иҷрои вазифаҳои хизмати ҳарбӣ бо роҳи узвмаибкунӣ ё усули дигар” аз 26 – уми июни соли 2009, таҳти № 19. Банди 10.

тамомшавии замони ҷанг лаҳзаи воқеан қатъ шудани амалиёти ҷангӣ фаҳмида мешавад[1].

Аз ҳамин лиҳоз, содир намудани ин ҷиноят дар вазъияти ҷангӣ ва замони ҷанг аломати махсусан вазнинкунандаи ин ҷиноят ба ҳисоб меравад.

[1] Карори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи таҷрибаи баррасии парвандаҳои ҷиноятӣ марбут ба саркашӣ аз хизмати ҳарбӣ, худсарона тарк кардани қисми ҳарбӣ ё маҳалли хизмат, фирор ва саркашӣ аз иҷрои вазифаҳои хизмати ҳарбӣ бо роҳи узвмаибкунӣ ё усули дигар” аз 26 – уми июни соли 2009, таҳти № 19. Банди 10.

## МАВЗӮИ № 10. ТАВСИФИ КРИМИНОЛОГИИ ҶИНОЯТКОРИИ КОРРУПСИОНӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

### НАҚШАИ МАВЗӮЪ:

1. Мафҳум, моҳият ва намудҳои коррупсия чун зуҳуроти иҷтимоӣ.
2. Сабаб ва шароитҳои зуҳурёбии коррупсия дар ҷомеа.
3. Роҳҳои мубориза ва пешгирии ҷинояткории коррупсионӣ.

### АДАБИЁТИ ТАВСИЯВӢ БАРОИ МАВЗӮИ №10


1. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 06 ноябри соли 2.1994 бо тағйиру иловаҳои солҳои 1999, 2003 ва 2016. 3.Душанбе.-2016.
2. Суханронии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба муносибати 10 – солагии таъсиси 5.Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсия (10 январи соли 2017) // Сомонаи интернетии www.prezident.tj.
3. Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе.-2016.
4. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи мубориза бар зидди коррупсия” аз 27.04 соли 2005, №53. // Сомонаи интернетии www.mmk.tj.
5. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ” аз 30.05 сои 2017, №1414 // Сомонаи интернетии www.mmk.tj.
6. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи экспертизаи зиддикоррупсионии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ” аз 13 декабри соли 2012, №436. // Сомонаи интернетии www.mmk.tj.

7. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мубориза бар зидди коррупсия»/ Ахбори МО Ҷумҳурии Тоҷикистон.2005.
8. Абисатов М. Уголовно-правоые и криминологичиские проблемы борьбы с организованной преступностью в РК.Автореферат…Астана 2006.
9. Мауленов Г.С. Теоритические проблеми предупреждения организованной преступности и коррупции в РК. Автореферат…Астана 2006.
10. Зокиров Г. Коррупсия. Душанбе, 2005.
11. Хаёт ва Қонун.№2.Душанбе 2005
12. Криминология. МГУ. Москва 1998.
13. Иншаков С.М. Зарубежная криминология. ИНФРА-М-НОРМА, М-1997г.
14. Исиченко А.П. Оперативно-розыскная криминология. Учебное пособие. ИНФРА-М, М-2001г.
15. Умаров Х.А., Уголовно – правовое противодействие коррупцииив Республики Таджикистан.-Душанбе: «Ирфон», 2012, 128 с.
16. Стратегияи муқовимат ба коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2013-2020. Душанбе. - 2013.
17. Бузмаков А. А., Мирзоев С.Б., Авзалов А. Х., Насуров П. А. «Криминология». - Душанбе, 2014.
18. Ҳасанов Ш.Қ. Масъалаҳои иҷтимоию иқтисодӣ ва сиёсию 22.ҳуқуқии коррупсия. Душанбе: «Ирфон», 2014.

## I. МАФҲУМ, МОҲИЯТ ВА НАМУДҲОИ КОРРУПСИЯ ЧУН ЗУҲУРОТИ ИҶТИМОӢ

Коррупсия яке аз падидаҳои мурракаби ҷомеаи чаҳонӣ ба ҳисоб меравад. Аз ин ҷост, ки дар дарки амиқи моҳият ва хусусиятҳои он мушкилиҳо пеш меоянд. Ҳангоми таҳқиқи масъалаи мазкур таҷассуми мафҳуми он монеаҳои гуногунро дучор мегардад. Дар бисёр мавридҳо муҳақиқон маънои этимологии гуногунро аз луғатҳо

пайдо намуда, онро манбаи раднопазир дониста, андешаҳяшонро тақвият мебахшанд ва дар заминаи он, ҳодиса ё равандро шарҳу эзоҳ медиҳанд. Дар ин маврид наметавонад асли мақсадро ошкор созад.

Дар рисолаҳо ва китобҳои динӣ низ аз нахустин пайдоиши таърихи инсоният дар бобати кирдорҳои коррупсионӣ ҳукмҳои сахт ба чашм мерасанд. Масалан, дар оятҳои Қуръони Маҷид, дар сураи «Моида» (ояти 42) чунин омадааст: «Онҳо шунавандагони сухани дурӯғанд, хурандагони ҳароманд, агар пеши ту биёянд, миёни онҳо ҳукм кун, ё аз онҳо рӯй бигардон, ва агар аз онҳо рӯй бигардонӣ, ба ту ҳеҷ зиёне нарасонанд, ва агар ҳукм кунӣ, пас дар миёни онҳо ба инсоф ҳукм кун! Ба дурустӣ, ки Худо адлкунандагонро дӯст медорад»[1], инчунин пайғамбари ислом Муҳаммад (с) низ фармудаанд: «Ришвагиранда, ришвадиҳанда ва миёнарави байни ҳарду дар оташи ҷаҳаннаманд» [2] ё дар Инҷил оид ба ин масъала чунин гуфта шудааст: «Зиёфат ва туҳфаҳо чашми хирадмандонаро кӯр мегардонад ва ҳамчун ҷароҳат дар рӯй, андомашро безеб мегардонад»[3].

Коррупсия - ин зуҳуроти фисқу фасод буда, як субъект вазифаи муайяни хизматиро ишғол менамояд ва аз ҷониби субъекти дигар барои истифодабарии мавқеи (вазъи) хизматӣ ва ваколатҳо ба манфиати субъекти якум, моил карда мешавад.

**Барои муайян кардани мафҳуми коррупсия, бояд ба чор масъалаи асосӣ диққат дод:**

1. Муайян намудани соҳаҳое, ки коррупсия дар онҳо рушд намудааст;

---

1. Қуръони Карим (Китоб). Сураи «Моида». Ояти 42 (асл ва матни тарҷумаи тоҷикӣ). Матни тарҷумаи тоҷикӣ ва тавзеҳоти Муҳаммадҷон Умаров. Душанбе: ЭР-ГРАФ, 2011. – С. 1260.

[2] Ҳасанов Ш.Қ. Масъалаҳои иҷтимоию иқтисодӣ ва сиёсию ҳуқуқии коррупсия. Душанбе: «Ирфон» 2014. С.68.

[3] Китобҳои муқаддас. Инҷил. (Евангелие) Сураи Юҳанно. С. 20-29.

2. Ошкор сохтани хусусияти кирдорҳое, ки барои ба вуҷуд омадани коррупсия заминагузорӣ мекунанд;
3. Муайян намудани субъектоне, ки ба амалҳои коррупсионӣ машғул мешаванд (субъектони коррупсия);
4. Ангеза ва мақсади содир кардани кирдорҳои коррупсионӣ.

Моҳияти кирдорҳоро барои ба вуҷуд омадани коррупсия чун зуҳуроти иҷтимоӣ, ин ғайримақсаднок истифода бурдани ваколатҳо ва имкониятҳои шахсони мансабдор бар хилофи таъиноти онҳо, ҳамчунин пешниҳод намудани ҳар гуна имтиёзҳо ё ваъдаҳо ташкил мекунад. Субъектони ҳокимияти давлатӣ ё ба онҳо баробаркардашуда бо мақсади гирифтани фоидаи шахси ё гурӯҳӣ, ба кирдорҳои зидиҳуқуқӣ даст мезананд ё аз содир намудани ҳаракати қонуни худдори мекунанд. Субъектони кирдорҳои коррупсиони шахсони мансабдори давлатӣ, маъмурони сектори хусусӣ дар баъзе ҳолатҳо шахсони воқеӣ (додани пора) шуда метавонанд. Асоси психологии коррупсияро ҳолате ташкил мекунад, ки шахси мансабдор, бо ғарази муайян ғайриқонунӣ ваколатҳои расмии худро ба манфиати шахсии худ ё шахси сеюм истифода мекунад. Мақсади кирдорҳои коррупсионӣ вобаста ба ҳолатҳои зоҳиршавиашон гуногун мешаванд. Агар, дар бисёр ҳолатҳо кирдори коррупсионӣ бо мақсади ғаразнок истифода гардад, дар баъзе ҳолатҳо бе мақсади ғаразнок низ содир мегарданд.

Оқибати ба ҷамъият хавфнокии кирдорҳои коррупсионӣ дар он зоҳир мегарданд, ки ин зуҳуроти манфури ҷомеа аз тарафи омма на ҳамчун ҷиноят ё ҳуқуқвайронкунӣ, балки чун қоидаи рафтори қонунӣ ё меъёри нонавиштаи рафтори иҷтимоӣ қабул мегардад. Ҳангоми содир намудани амалҳои коррупсионӣ аҳли ҷомеа ба он диққати асосӣ намедиҳанд ва он ба як ҳуқуқвайронкунии латентӣ (рӯйпушшуда) табдил меёбад.

Ҳамин тавр, дар асоси гуфтаҳои боло чунин мафҳуми коррупсияро додан мумкин аст: **коррупсия ҳамчун зуҳуроти иҷтимоӣ, ҳама гуна кирдор, ки бо истифода аз ваколатҳои мансабӣ бо мақсадҳои гуногун аз тарафи шахсони мансабдор содир мешаванд, ҳамчунин дигар ҳуқуқвайрониҳои коррупсионӣ, ки барои ба вуҷуд омадани коррупсия замина мегузоранд ё онро рӯйпӯш месозанд ва оқибатҳои манфури онро дар бар мегиранд, дар худ ҷой мекунад.**

***Намуд ва шаклҳои зоҳирёбии коррупсия***

Муносибатҳои ҷамъиятие, ки аз тарафи қонун ҳифз карда мешаванд, объекти фаъолияти коррупсионӣ гардида, махсусан дар намуди азонихудкунӣ ё исрофкорӣ (моддаи 245 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон); тасаруфи пулу моли ба тариқи кредит додашуда (моддаи 246 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон); қаллобӣ (моддаи 247 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон); тасаруфи воситаҳои фондҳои кумаки хориҷӣ (моддаи 257 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон); монеъ шудан ба фаъолияти қонунии соҳибкорӣ (моддаи 258 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон); кирдорҳои монополистӣ ва маҳдуд намудани рақобат (моддаи 273 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон); ришвадиҳии тиҷоратӣ (моддаи 279 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон); ришвадиҳӣ ба иштирокчиён ё ташкилотчиёни мусобиқаҳои касбӣ-варзишӣ (моддаи 280 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон); суиистифодаи ваколат аз ҷониби кормандони ташкилотҳои тиҷоратӣ ва дигар ташкилотҳо (моддаи 295 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон); суистифодаи ваколат аз ҷониби аудиторҳо, судяҳои ҳакамӣ (моддаи 296 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон) ва ҷиноятҳо ба муқобили ҳокимияти давлатӣ ва манфиятҳои хизмати давлатӣ, зоҳир мегардад.

Вобаста ба суиистифодаи ваколатҳои мансабӣ бо мақсадҳои ғаразнок ё мақсадҳои дигари шахсӣ, кирдорҳои коррупсионӣ ба намудҳои зерин ҷудо мешаванд:

1. Тасаруфи амволи ғайр ё ҳуқуқ ба амволи ғайр бо истифодаи ваколатҳои мансабӣ;
2. Аз тарафи шахси мансабдор содир намудани кирдорҳои коррупсионие, ки бо тассаруфи амволи ғайр ё хуқуқ ба он алоқаманд нест. Ин намуди коррупсия дар шакли вайрон намудани ҳуқуқу озодиҳои конститутсионии инсон ва шаҳрванд, поймол сохтани обурӯй ва эътибори ҳокимияти давлатӣ зоҳир меёбад;
3. Намуди классикии коррупсия. Ин аз тарафи мансабдор гирифтани ҳар гуна неъматҳои моддӣ ва ғайримоддӣ, хизматрасонӣ вобаста ба содир намудани ягон ҳаракат ё худдорӣ намудан аз ягон ҳаракат мебошад.
4. Кирдорҳое, ки ба фаъолияти соҳибкорӣ алоқаманд будани шахсони мансабдорро барои гирифтани фоида дар бар мегиранд.

**Вобаста ба соҳаҳои фаъолият мумкин аст, ки намудҳои зерини коррупсияро ҷудо намуд**:

1. Коррупсия дар соҳаи идоракунии давлатӣ;
2. Коррупсия дар мақомоти намояндагӣ ва қонунгузорӣ (коррупсияи парлумонӣ);
3. Коррупсия дар корхонаҳо ва ташкилотҳои ғайридавлатӣ ё байналмиллалӣ;

Вобаста ба вазъи ҳуқуқии шахсони мансабдор (субъектон) чунин намудҳои коррупсияро ҷудо намудан мумкин аст:

– амалҳои коррупсионие, ки аз тарафи шахсони мансабдори давлатӣ содир мешаванд;
– амалҳои коррупсионие, ки аз тарафи шахсони мансабдори корхонаву муасисаҳои ғайридавлатӣ содар мешаванд;

- амалҳои коррупсионие, ки аз тарафи шахсони мансабдори ташкилотҳои байналмиллалӣ содир мешаванд;
- амалҳои коррупсионие, ки аз тарафи мақомоти колегиалӣ содир мешаванд.

Бояд қайд намуд, ки мафҳуми ҳуқуқвайронкунии коррупсионӣ истилоҳи умумӣ буда, барои тасвири ҳама гуна кирдорҳои шахсони мансабдор, ки бар зиддӣ манфиати касбиашон истифода мекунанд ва онҳо ғайриқонунӣ эътироф мешаванд (кирдорҳои коррупсионӣ), ҳамчунин дигар ҳаракатҳое, ки барои ба вуҷуд овардани кирдорҳои коррупсионӣ заминагузорӣ мекунанд, истифода мешаванд. Вобаста ба ин ва характери кирдор, ангеза, мақсад, самти равонашуда, ҳуқуқвайронкуниҳои коррупсионӣ ба **кирдорҳои коррупсиони ва дигар ҳуқуқвайронкуниҳои бо коррупсия алоқаманд** ҷудо мешаванд.

**Кирдорҳои коррупсионӣ** – як намуди ҳуқуқвайронкуние мебошанд, ки асоси онро суиистифодаи мақоми хизматӣ аз тарафи шахси мансабдор бо мақсади ғаразнок ва манфиати шахсӣ, ташкил мекунад. Дар навбати худ, вобаста ба ангезаи содиркунӣ (мазмуни манфиате, ки шахс бо содир намудани кирдори коррупсионӣ мехоҳад онро қонеъ кунад) кирдорҳои коррупсионӣ ба кирдорҳое, ки ба истифодаи мақоми хизматӣ барои гирифтани фоидаи шахсӣ, хизматрасонӣ ё тассаруфи амволи ғайр равона шудааст ва кирдорҳое, ки бо истифодаи мақоми хизматӣ барои қонеъ намудани дигар манфиятҳо равона шудааст, ҷудо мешаванд. Гурӯҳи аввали кирдорҳои коррупсионӣ хусусияти ғаразнокӣ дошта, бо роҳҳои гирифтани манфиятҳои моддӣ, хизматрасонӣ, тассаруфи амволи ғайр ё ҳуқуқ ба он содир мешаванд. Гурӯҳи дуюм бошанд, характери ғаразнокӣ надоранд. Масалан, аз тарафи падар ба кор қабул намудани фарзанд дар як муасиса, ки бевосита падар фаъолияти фарзандашро назорат мекунад.

Дигар ҳуқуқвайронкуниҳои ба коррупсия алоқаманд – ҳуқуқвайронкуниҳое мебошанд, ки барои ба вуҷуд омадани коррупсия чун зуҳурот шароити мусоид фароҳам меоваранд, ҳамчунин шароитҳое ки барои инкишоф, паҳн ва пинҳон мондани коррупсия кумак мекунанд. Вобаста ба муносибатҳои ҷамъиятие, ки коррупсия ба онҳо зарар мерасонад ва аз рӯи характери ҷавобгарие, ки ба онҳо муқаррар шудааст, ҳуқуқвайронкуниҳои коррупсионӣ ҷудо мешаванд ба: ҷиноятӣ (ҷиноятҳои хусусияти коррупсионӣ), маъмурӣ, конститутсионӣ, интизомӣ, ҳуқуқии гражданӣ.

Оид ба ҷиноятҳои хусусияти коррупсионӣ, ки бо характери ба ҷамъият хафнокияшон аз дигар ҳуқуквайронкуниҳо фарқ мекунанд, бояд қайд намуд, ки ин кирдорҳо бисёр паҳнгаштаанд ва дар қонунгузории ҷиноятии давлатҳои гуногун мустаҳкам гаштаанд. Вале, мафҳуми ҳаматарафаи коррупсияи криминалӣ вуҷуд надорад. Дар Кодекси рафтори шахсони мансабдор, тартиботи ҷамъиятиро таъминкунда қайд шудаст, ки ин мафҳумро қонунгузории ҳар давлат худаш муаяйн мекунад. Ба сифати аломати ҳатмӣ, содир намудан ё содир накардани ягон ҳаракат ҳангоми иҷрои вазифаҳои хизматӣ, гирифтани пора ё дигар чизҳоро муқаррар мекунад[1].

Дар Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ягон модда ё қисми модда бо номи коррупсия вуҷуд надорад. Ҳоло он, ки Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мубориза бар зидди коррупсия» мафҳуми ҷиноятҳои хусусияти коррупсиониро додааст. Мувофики моддаи 14 ин Қонун ҷиноятҳои хусусияти коррупсионидошта, кирдорҳои ғаразноке фаҳмида мешаванд, ки дар Қисми махсуси Кодекси ҷиноятӣ пешбинӣ шудаанд, ки аз тарафи

---

[1] Международная защита прав и свобод человека: Сборник документов / Составитель Мелков Г. М, 1990 г.

шахсони ба иҷрои вазифаҳои давлатӣ ваколатдор бо истифода аз мақоми хизматӣ содир шудаанд ё ғайриқонунӣ пешниҳод намудани неъматҳои моддию ғайримоддӣ, бартарият ва хизматрасониҳо, ки ба онҳо вобастааст. Ҷавобгарӣ барои ҷиноятҳои хусусияти коррупсионидошта бо Кодекси ҷиноятӣ муқаррар карда мешаванд. Новобаста аз ин, дар Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон вуҷуд доштани моддаи махсус аз рӯйи салоҳ нест, чунки коррупсия кирдори ягона ва мушахас набуда, балки зуҳуроти муракаби иҷтимоӣ аст. Новобаста аз он, ки дар Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Қирғизистон (моддаи 302) коррупсия чун ҷиноят дониста шудааст, он ҳам ҷавобгӯйи талабот намебошад. Умуман, ҳамаи ҷиноятҳои қасдонаю боғараз, ки аз тарафи шахсони мансабдор содир мешаванд ба гурӯҳи ҷиноятҳои хусусияти коррупсионидошта дохил кардан мумкин аст.

**Асосан, коррупсия дар се шакли баромад мекунад:**

1. Аҳди дутарафа, ки мувофиқи он як тараф шахси мансабдор, мансаби давлатии ҳокимияти давлатӣ ё мансаби давлатии хазмати давлатиро ишғол намуда, обурӯй, эътибор ё ваколатҳои ҳокимиятиро ба шахсони воқеӣ ё ҳуқуқӣ «мефурушад», «харидор» бошад, ин имтиёз, ваколат ё бартариятҳоро бо мақсади ғаразноки худ барои гирифтани фоида, имтиёз ё бартарият ё озод шудан аз ҷавобгарии муқарраркардаи қонун истифода мекунад.
2. Аз тарафи мансабдор тамаъҷуёна гирифтани пора ё мукофот.
3. Ришвадиҳии хизматӣ.

Механизми коррупсионӣ ду варианти асосӣ дорад. Аввалан, дар ҳолатҳои ҳар ду тараф бо роҳи алоқаҳои коррупсионӣ кӯшиш мекунанд, ки манфиятҳои худро қонеъ созанд (дар баъзе ҳолатҳо манфияти як тараф ба назар гирифта шуда, ба манфияти тарафи дигар баҳои дуруст дода намешавад). Дуюм, фаъолияти коррупсионӣ

ба ҳаракати як шахс (коррупсионер) вобаста буда, мустақиман бо истифодаи ваколатҳои хизматӣ манфиати худ ё шахсони дигарро қонеъ мегардонад.

– Варианти аввал, аз рӯйи принсип ё низоми «ту ба ман – ман ба ту» сурат гирифта, асоси муносибатҳои коррупсиониро амвол ё ҳуқуқ ба амвол ташкил медиҳад. Варианти дуюм бошад, аз рӯйи низоми «ман ба худам» амал карда, субъекти муносибатҳои коррупсионӣ бо суиистифода аз ваколатҳои мансабӣ бе ёрии дигар субъектон манфиатҳои худ ё шахсони сеюмро қонеъ мегардонад.

## II. САБАБ ВА ШАРОИТҲОИ ЗУҲУРЁБИИ КОРРУПСИЯ ДАР ҶОМЕА

Ҷинояткорӣ таърихан хоси ҳар як ҷомеа буда, махсусан дар давраҳои гузариш ба муносибатҳои иқтисодӣ, иҷтимоию сиесӣ, ки боиси болоравӣ, тавлиди шаклҳои нави ҷиноятҳо ва роҳҳои нави содиршавии онҳо мегардад, барҷастатар зуҳур мекунад. Динамика ва сохтори ҷинояткориро дар баробари шароитҳою сабабҳои анъанавӣ ҳоло ҳам ҳолатҳои ғайри дилхоҳ, ки аз душвориҳои рушди имрӯзаи сиёсӣ, иҷтимоӣ ва иқтисодии ҷомеа бармеоянд, муайн месозанд.

Пасравии маблағгузории буҷетӣ, бухрони бозори истеъмолӣ, пастравии истеҳсолоти саноатӣ, афзудани қарзи музди меҳнат ва дигар пардохтҳои иҷтимоӣ, ба тадриҷ боло рафтани нархҳо, ба таври дилхоҳ ҳал нагардидани масоили хоҷагии қишлоқ ва ҳолати тиҷоратӣ дар ҷумҳурӣ боиси рушди болоравии бекорӣ дар байни аҳолӣ ва қувват гирифтани каҷравии самтҳои арзишии аҳолӣ ба сӯйи тарзи ҳаёти ҷиноятӣ гардид.

Дар таффакури ҷомеа тимсоли ҷинояткор тағйир ёфт: тадриҷан ӯро бо тоҷири хушбахту саодатманд қиёс мекардагӣ шуданд, ки соҳиби молу мулки зиёд буда, қудрати гурез ҷустан ва ё вайрон намудани қонун ва дар

баробари ин бе ҳеҷ монеа гирифтани даромадҳои калонро дорад. Дар ин кор нақши воситаҳои ахбори умум оид ба ташвиқ ва тарғиб намудани ҳаёти ҷиноятӣ ва коррупсионӣ зиёд аст. Ба ин намоишҳои филмҳои криминалӣ оид ба «мафия ва ҳаёти ширини онҳо» бо воситаи зӯрӣ ва ё пул ҳал намудани проблемаҳои дар зиндагӣ ҷой дошта ва монанди инҳо мисол шуда метавонанд. Дар ин самт ташвиқу тарғиб намудани ин гуна маданияти ба халқи тоҷик бегона, барои дар ҷомеа пайдо шудани гурӯҳҳои ҷинояткории мутташакилона, мусоидат мекунад.

Дар илми криминалогия барои муайян сохтани сабаби пайдоиши ҷинояткории алоҳида алоқамандии онҳо бо дигар зуҳуротҳои манфии ҷомеа истилоҳи «детерминатсия» истсфода мешавад. Детерминатсия (аз калимаи лотини determinare – муайн кардан) яке аз принсипҳои чаҳонбинӣ ва методологияи фалсафа мебошад. Асоси онро ҳолате ташкил мекунад, ки мувофиқи он ҳамаи чиз дар ҷомеа сабаб дорад, имконияти дарк кардан, пешгӯӣ ва шарҳ додани ҳодисаҳо вуҷуд дорад. Ҳеҷ чиз бе сабаб ба вуҷуд намеояд. Ҳар чизро сабабе ҳаст. Детерминатсияи криминалогӣ сабабият ва алоқамандии ҷиноятҳои алоҳидаро ҳамчун зуҳуроти манфии ҷомеа меомӯзад. Сабабият яке аз принсипҳои детерминатсия буда, барои ошкор намудани он, ки ин зуҳурот (намуди ҷинояткории алоҳида) аз куҷо пайдо гаштааст, барои рушди он чӣ мусоидат мекунад, истифода мегардад. Коррупсия низ яке аз зуҳуроти иҷтимоӣ аст. Сабаби пайдоиши коррупсия гуногун аст. Он аз омиле ё ҳодисае сар намезанад. Омилҳои гуногун дар ташакули он саҳм мегиранд. Дар бисёр ҳолатҳо бештар ба омилҳои сиёсӣ ва иҷтимоию иқтисодӣ таваҷҷуҳ намуда, ба омилҳои ахлоқию маънавӣ диққат намедиҳанд. Бояд дар ошкор ва пешгирӣ намудани ин зуҳуроти номатлуб ҳамаи омилҳо дар алоҳидагӣ ва алоқамандии якдигар мавриди омӯзиш қарор дода шаванд. Он бояд дар асоси дарки ҷаҳонбинии

фалсафӣ таҳлил гардад ва сабабҳои зуҳурёбиаш муайн шавад.

Солҳои охир, дар ҷомеаи чахонӣ оид ба мубориза бар зиди коррупсия зиёд саду садоҳо баланд мекунанд. Чунки, ин зуҳуроти номатлуб тамоми соҳаҳои ҳаёти давлат ва ҷомеаи гуногуни оламро фаро гирифтааст. Дар яке аз бюллетенҳои созмони ғайридавлатии байналмиллалии «Транспренси интарнейшнл», ки мақсадаш мубориза бо коррупсия дар сатҳи ҷаҳонӣ ва давлатҳои алоҳида мебошад, омадааст: «Коррупсия дар давлатҳои пешрафтаи индустриалӣ яки аз зуҳуротҳои тараққикарда ба ҳисоб меравад, вале анъанаҳои мустаҳками сиёсӣ имконияти рӯйпӯшнамойиро оид ба зараре, ки аз коррупсия ба соҳаҳои ичтимоию иқтисодӣ расонида мешавад, ба ин зуҳурот медиҳад».

Бояд қайд намуд, ки коррупсия зуҳуроти нав нест. Он аз қадимияташ аз тамаддуни инсони қафо намемонад. Зикри ин зуҳурот дар маъхазҳои таърихии Ғарбу Шарқ оид ба таълимоти ичтимоӣ, бахусус дар таълимоти ҳуқуқӣ, динӣ ва сиёсӣ бевосита омадааст. Дар асари барҷастаи асри IV пеш аз мелоди мутаффакирони Ҳинд - «Арташастра» оид ба ришвахӯрӣ, суиистеъмоли хазина, ғоратгарии ходимони давлатӣ омадааст: «Чӣ тавре, ки обнушии моҳиён дар оби шинокардаашон мушкил аст, ташхис намудани роҳҳои дуздии амволи давлатӣ аз ҷониби маъмурин низ ғайриимкон аст. Роҳи парвози парандаҳоро дар осмон муайян намудан осонтар аст, аз он, ки як ходими хазинадуздро ошкор сохтан». Ё дар китоби муқаддаси дини насронӣ - «Инҷил» оид ба ришвахӯрӣ ва беадолатии маъмурони давлатӣ омадааст: «Ман медонам, ки ҷурму ҷиноятҳо чӣ қадар зиёданд ва гуноҳҳои Шумо сангин. Шумо худ ришва мегиред, вале шахси камбағал ва ҷӯяндаи адолатро аз дар меронед»[1].

---

[1] Библия. М, 2001. – С. 892.

Порахурӣ, беадолатӣ, ғорат намудани хазинаи давлат аз тарафи маъмурони давлатӣ дар асарҳои мутаффакирони форсу тоҷик низ мазаммат карда шудааст. Дар асарҳои Низомулмулк, М. Ғазолӣ, Абӯали ибни Сино, Форобӣ, Саъдию Ҳофиз мисолҳои зиёде оид ба коррупсия ва оқибатҳои бади он оварда шудааст. Масалан, дар «Сиёсатнома»-и Низомулмулк омадааст: «Комбуҷа (шохи Кушониён) яке аз кузоти подшоҳиро, ки барои судури як ҳукми ғайриодилона пул гирифта буд, пӯст канд ва маснадашро бо пӯсти ӯ пӯшонид ва ба писари он қозӣ дастур дод, то ба ҷойи падар бар ҳамон маснад бинишинад ва ҳамвора ин маснадро ба хотир дошта бошад»[1].

Коррупсия барои давлатҳои Аврупо, бахусус Русия бегона набуд. Таърихи Россия мисолҳои зиёдеро оид ба ришваситонӣ дар сатҳи мақомоти олии давлатӣ ва хизматчиёни хурд нишон медиҳад. Масалан, таърихи асримиёнагии Россия аз ин мисолҳо бой аст. Аввалин маҳдудиятҳоро оид ба коррупсия дар қонунгузорӣ, дар даврони ҳукмронии Ивани III мустаҳкам карда буд. Набераи ӯ – Ивани IV (Грозний) барои ришвагирии мансабдорони давлатӣ, ҳукми қатл ҷорӣ намуд. Ин падида дар даврони ҳукмронии Пётри Кабир ва оид ба Романовҳо низ вуҷуд дошт ва он яке аз манбаҳои асосии даромади амалдорон, дар сатҳи гуногун табдил ёфта буд. Тағйир ёфтани сохтори давлатӣ ва шакли идоракунӣ дар соли 1917 коррупсия ва мубориза бо онро аз байн набурд. Ҳукумати навтаъсиси Шӯрави маҷбур шуд, ки 8-майи соли 1918 «Декрет дар бораи порахӯрӣ» қабул намуда, барои ин зуҳурот ҷавобгарии ҷиноятӣ муқаррар намояд. Баъдан, дар Кодекси чиноятии ҶШСФР солҳои 1922, 1926 ва 1960 порахӯрӣ ва дигар амалҳои коррупсионӣ ҷиноят

---

[1] Сотиволдиев Р.Ш. «Политическое и правовие идеи «Сиесат-намэ». Душанбе, 1999. – С.132-133.

эътироф шуда, барои онҳо ҷавобгарии ҷиноятӣ пешбинӣ карда шуда буд.

Вазъияти коррупсионӣ дар тамоми даврони Шӯравӣ вуҷуд дошт ва бо аз байн рафтани он ба давлатҳои навтаъсис ворид гардид. Масъалаҳои зиёде, ки ҳалли худро наёфта буданд, дар шароити навин аз худ дарак медиҳанд. Илова бар ин, вазъияти нави сиёсию ҷамъиятии ИДМ масоилҳои навро ба миён мегузорад. Аз тағйирёбии ҳокимият ва ташакули низоми нави сиёсӣ, вазъияти коррупсионӣи беҳ нагардид, баръакс зиддиятҳо ва муқовиматҳои нав амалҳои коррупсиониро бештар ба миён меорад.

Таҳлилгарони хориҷӣ ба он ақидаанд, ки коррупсия монеаи асосӣ дар амалисозии ислоҳоти иқтисодӣ дар давлатҳои ИДМ гаштааст. Пурсиши Бонки Аврупоии ислоҳот ва тараққиёт нишон медиҳад, ки сатҳи паҳн гаштани коррупсия дар ИДМ аз дигар давлатҳои ҷаҳон балантар аст. Ба ақидаи Президенти Бонки Чаҳонӣ – Ч. Вулфенсон дар ИДМ баъди хотима ёфтани «ҷанги сард», коррупсия монеаи асосӣ дар раванди демократикунонии ҷомеа гаштааст.

Бар зами сабабҳои зикрёфта, инчунин омилҳои дигар, аз қабили иқтисодиёт, иҷтимоиёт, сиёсат низ ба сатҳи инкишофи коррупсия мусоидат мекунанд. Дар байни мутахассисон ва аҳолӣ чунин ақидае вуҷуд дорад, ки решаи коррупсия аз камбизоатӣ ва сатҳи пасти иқтасодиёт об мехӯрад. Ин ақида то ҷое ҳам дуруст аст. Агар, камбизоатӣ набошад, пас коррупсия низ вуҷуд надорад. Лекин, камбизоатӣ ва иқтисодиёти паст агар як сабаби рушди коррупсия бошад, пас дигар сабабҳо низ вуҷуд доранд. Ба ақидаи мо, коррупсия танҳо ба давлатҳои камбизоат ва сатҳи пасти иқтисодиёт дошта хос набуда, дар давлатҳои абарқудрат низ вуҷуд дорад. Масалан, дар Амрико ҳар гурӯҳи муташаккили ҷинояткоре, агар ошкор шавад, ҳадди ақал як аъзои он шахси мансабдори

коррупсионер аст[1]. Сарчашмаи коррупсия ба таври баробар ҳам бойигарӣ ва ҳам камбизоатӣ баромад мекунад. Аз ин хулоса баровардан мумкин аст, ки на камбизоатӣ ва на сатҳи пасти иқтисодиёт решаи коррупсия шуда метавонанд. Ҳар як сабаби асосии коррупсияро дида баромадан ба мақсад мувофиқ аст.

**<u>Иктисодиёт.</u>** Ғайри мақсаднок истифодаи захираҳои моддии давлат, бо мақсадҳои ғаразноки шахсию гурӯҳӣ, истифодаи маблағҳои буҷетӣ, ки аз тарафи шахсони мансабдор содир мешаванд, ба пеш нарафтани иктисодиёт ва камбизоатии аҳолӣ оварда мерасонад. Аз ин хотир камбизоатӣ ва сатхи пасти иқтисодиёт на сарчашма, балки оқибати манфии худи коррупсия мебошанд. Имрӯзҳо аҳолӣ ба ду қисмат тақсим гардидааст: касоне, ки сатҳи баланди зиндагиро дастрас намудаанд ва оммаи васеи мардум, ки дар сатҳи нокифоя ва пасти зиндагӣ қарор доранд. Қисмати аввали таркиби иҷтимоии ҷомеа-сарватмандон ва некӯаҳволон қисмати камтарини аҳолиро ташкил мекунанд.Новобаста аз чораҷӯйии ҳукмати кишвар оиди кам кардани сатҳи камбизоатӣ, аксарият бошад, сатҳи нокифояи зиндагӣ ва камбизоатиро аз сар мегузаронанд. Албатта, теъдоди аниқ ва сатҳи аҳволи мардумро мушахассан муайян намудан номумкин аст, вале такрибан 65-70%-оҳолӣ дар ҳолати фақирӣ қарор доранд. Маоши миёнаи кормандон аз 400-450 сомони зиёд нест, дар ҳолате, ки саҳми маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ ба ҳар як сокини ҷумҳури 1200-1500 сомониро ташкил медиҳад. Ба чунин ҳол гирифтор шудани мардуми Тоҷикистон натиҷаи фаъолияти касбии кормандони 55 вазорату кумитаҳои давлатӣ ба ҳисоб мераванд. Мавҷудияти гурӯҳи калони мансабдорон дар мақомоти давлатӣ ва музди мехнати ночиз хоҳ нохоҳ ба

---

[1] Мауленов Г.С. Теоритическое проблемы предупреждения организованной преступной и коррупсия в Республике Казакистан. Автореферат. Астана.- С. 20.

рушди коррупсия оварда мерасонад.[1] Бинобар ин муносибатро ба таъмини сатҳи зиндагии зарурии одамон бояд дигар намуд, яъне давлатро зарур аст, ки дар заминаи сиёсати мукаммали иқтисодӣ барномаи мушаххаси беҳтар намудани сатҳи зиндагии одамон ва махсусан кормандони ниҳодҳои интизомӣ, хизматчиёни давлатӣ ва хамаи онҳое, ки эҳтимолияти аз мансаб истифода карданро доранд, андешад.

**Сиёсӣ.** Дар самти сиёсат низ коррупсия ҷой дошта метавонад[2] ва сиёсат низ яке аз сабабҳои рушди коррупсия аст. Сиёсати нодурусти кадрӣ, ба сари ҳокимият омадани шахсоне, ки онҳо набояд аз рӯйи хислатҳои корӣ ва шахсиашон ин мансабҳоро сохиб шаванд, сабаби рушди коррупсияи сиёсӣ мешавад, чунки шахсони зикршуда на ба халқу давлат, балки ба «хочагон»-и худ хизмат мекунанд. Ба вазифаи давлатӣ пешбарӣ намудани ин ё он шахс аз тарафи гурӯҳҳои ҷиноятпеша ва дастгирии моддию маънавии ӯ ба он оварда мерасонад, ки ин гуна шахс дар фаъолияти худ мустақил набуда, дар зери таъсири олами ҷиноятпеша қарор мегирад. Ин ҳолат дар вақти интихобот бисёр ба чашм мерасад. Дар ҳолати аз ҷиҳати иқтисодӣ номустаҳкам будани ҳизбҳои сиёсии алоҳида, онҳо метавонанд ба зери таъсири шахсони маблағдор афтанд. Ин гуна рафтор нисбати номзадҳои алоҳида аз ҳавзаҳои интихоботи ҷой доштанаш мумкин аст. Ба сиёсат ва фаъолияти сиёсии расмӣ машғул шудани олами ҷинояткор сатҳи амалҳои коррупсиониро баланд менамояд. Тарзи ҳаёт ва муносибати ҳукмронии онҳо амалҳои коррупсиониро вусъат ва қувват мебахшад.

Кӯшиши ворид шудан ба сиёсати кабир, мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва мустаҳкам намудани мавқеи худ дар ин соҳаҳо яке аз тамоюлҳои чинояткории коррупсионӣ дар ҷумҳурӣ мебошад. Дар ҷараёни рақобати тезу тунд барои

---

[1] Зокиров Г. Коррупсия. Душанбе, 2005. - С. 21-22.
[2] Хамон ҷо. С. 31.

назорат аз болои соҳаҳои даромадноки иқтисодӣ ва қаламравҳои мусоид, ҷинояткорон муташаккил гашта, дар фаъолияти худ дастгоҳи давлатӣ, сохторҳои идоракуниву ҳифзи ҳуқуқро ҷалб месозанд. Набудани назорати мақомоти давлатии салоҳиятдор оиди пайдоиш ва ҳаракати сармояҳо, захираҳои молиявӣ то дараҷае ба ин падида мусоидат мекунад. Вазъи коррупсияи сиёсӣ дар он минтақаҳое рушд мекунад, ки маблағҳои ғайриқонуни имконияти ба зудӣ гардиш кардан ва гирифтани фоидаи калонро соҳибанд.

**Ҳуқуқ.** Одатан чунин мешуморанд, ки бе муқаррар намудани мафҳуми ин ё он зуҳуроти манфӣ ба тариқи қонунгузорӣ, мубориза бо он мушкил ё бесамар аст. Вале ба тариқи қонунгузорӣ муқаррар намудани мафҳуми коррупсия ин роҳи ҳал набуда, бояд механизми мубориза бо он кор карда шавад. Дар Тоҷикистон санадҳои меъёрию хуқуқӣ оиди мубориза бо корруппсия ва ҳуқуқвайронкуниҳои коррупсионӣ таҳия гардида, мавриди истифода қарор доранд. Аз ҷумла, фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тадбирҳои иловагӣ оид ба пурзур намудани мубориза зиди ҷинояткорӣ дар соҳаи иқтисодӣ ва коррупсия (ришвахурӣ)» аз 21-уми июли соли 1999 ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мубориза бар зидди коррупсия (ришвахурӣ)» аз 10.12.1999сол қабул гардид. Вале аз сабаби он, ки қонун фаҳми махдуди коррупсия, ба сифати субъект эътироф накардани мансабдорони ташкилотҳои хориҷӣ ва мақомоти коллегиалиро пешбинӣ мекард, зарурат ба қабули қонуни нав омад. 25-уми июли соли 2005 Қонуни нави Ҷумҳурии Тоҷикистон « Дар бораи мубориза бар задди коррупсия» дар таҳрири нав қабул гардид, ки то андозае ин камбудиро бартараф кард.

Фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ, на танҳо метавонад чун омили мубориза бар зидди коррупсия баромад кунад, балки боз метавонад сабаби инкишофи баъзе амалҳои коррупсионӣ дар ин ё он мақомот гардад. Масалан, дар

қисми1, бандӣ.9, моддаи.12 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мубориза бар зидди коррупсия» омадааст, ки беасос иҷро накардани дархост, пешниҳод, амр, дастур, қарор ва дигар санадҳои дар доираи ваколаташон қабулнамудаи мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва назоратӣ, ҳуқуқвайронкунии маъмурии ба коррупсия алоқаманд эътироф мешавад. Ҳоло он, ки қонунгузории соҳавӣ нисбати иҷро накардани дархостҳои мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва назорати дигар намуди ҳуқуқвайронкуниро пешбинӣи намудааст. Аз ин истифода бурда, мақомоти назоративу ҳифзи ҳуқуқ дар санадҳои худ бо эзоҳ ин қисми моддаро зикр намуда, ҳар гуна талаботҳои дурусту нодурусти худро мегузаронанд. Ё дар қисми.4 моддаи.12 омадааст, ки ба ҷавобгарии маъмурӣ кашидани шахсони ба иҷрои вазифаҳои давлатӣ ваколатдор ё шахсони ба онҳо баробаркардашуда барои ҳуқуқвайронкунии маъмурии бо коррупсия алоқаманд, онҳоро аз ҷавобгарии интизомӣ озод намекунад. Ин қисми модда ба талаботи моддаи.21 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон куллан зид аст. Чунки дар моддаи 21 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон омадааст, ки: «барои як кирдор танҳо як бор ҷазо додан мумкин аст». Аз ин рӯ, ҳангоми таҳияи санад бояд хосиятҳои замон, макон ва ба дигар қонунҳо мувофиқати онҳо санҷида шаванд, дар акси ҳол, худи қонунҳо манбаи афзоиши кирдорҳои коррупсионӣ мегарданд.

**Ахлоқ.** Яке аз омилҳои инкишофи коррупсия ин ахлоқ ва менталитети ин ё он халқ мебошад. Сатҳи пасти шуур ва маданияти ҳуқуқии аҳолӣ ва рафтори ҷиноятпешагии онҳо оиди коррупсия сабаб гаштааст, ки ин зуҳурот дар ҷомеа рушд намояд. Психологияи ғуломонаи қисме аз аҳолӣ, нотавонӣ ва заифии онҳо, ки аз сатҳи пасти шуури ҳуқуқию ахлоқии онҳо шаҳодат медиҳанд, дар ташаккул ва рушди амалҳои коррупсионӣ саҳми бевосита мегиранд. Одамони ғуломтабиат ва нотавон роҳи расмӣ ва қонунии ҳалли масъаларо намеписанданд. Онҳо заифии худро ҳис

намуда, роҳу воситаҳои «осон»-и ҳалли масъаларо меҷӯянд. Вақте одамон асосан аз ҷихати ҳуқуқӣ бесаводанд, ба худ ва ақлу фаросати худ боварӣ надоранд, ба ҳар кор, аз чумла ба ришвадиҳӣ тайёранд. Барои ин зумра одамон шараф, номус, имон, обурӯю эътибор аҳамияте надорад!

Бадбахтона, имрузҳо амалҳои коррупсионӣ чун ба як меъёри нонавиштаи рафтори иҷтимоӣ табдил ёфтааст. Намунаи аҳди дуҷониба ва муштаракеро таҳти шиори ғайрирасмии «мумкин нест, вале бисёр хоҳи дар он сурат мумкин аст»[1], бо нархномаи хидматҳои пасипардагии ходимони давлатӣ руйи кор овардааст. Ташаккули коррупсияи давлатие, ки имконияту салоҳияти қабул ё рад намудани қарореро оид ба тақсим кардани захираҳои моддии ба онҳо таалуқ надошта, доранд, аҳамияти хосае пайдо кардааст ва ҳамаи ин чун ба як қоидаи рафтор табдил ёфтааст.

## III. РОҲҲОИ МУБОРИЗА ВА ПЕШГИРИИ ҶИНОЯТКОРИИ КОРРУПСИОНӢ

Агар назар кунем ба олами имрӯза коррупсия на фақат ба Ҷумҳурии Тоҷикистон балки ба тамоми дунё хавф эҷод кардааст.

Барои далели ин гуфтаҳо мисол овардан мумкин аст Конвенсия СММ бар зидди коррупсия, ки 31- октябри 2003 сол қабул карда шудааст.

Ин конвенсияи СММ ҳамаи давлатҳоро даъват кард, ки муборизаи худро бар зидди коррупсия пурзӯр намоянд, зеро, ки дар худи ташкилотҳои бонуфузи дунё ба монанди СММ ва UNDP қариб, ки 70% кори худ ё, ки лоиҳаи худро бар зидди коррупсия равона кардаанд.

Ҳамасола Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам

[1] Коррупсия дар Точикистон. Андешаҳои чомеа. Душанбе, 2005. - С. 14.

Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба хавфи ҷиноятҳои хусусияти коррупсионидошта изҳори нигаронӣ карда, мақомоти қудратиро таъкид менамояд, ки ба ин вабои аср муборизаи беамон ва оштинопазир баранд.

Президенти кишвар ҳангоми суханронӣ дар ҷаласаи Шӯрои амнияти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки 17 феврали соли 2015 баргузор гардид, коррупсияро "кирдори хатарноки зиддидавлатӣ" номида, таъкид дошт, ки ин амали нангин обрӯйи давлатро дар дохил ва хориҷӣ кишвар коҳиш дода, асосҳои давлатдориро заиф менамояд. Аз ин хотир, таъкид гардид, ки мубориза бо ҷиноятҳои коррупсионӣ яке аз роҳҳои асосии таъмини амнияти иқтисодӣ ва умуман амнияти давлат мебошад. Дар Шӯрои мазкур натиҷаи кори мақомои ҳифзи ҳуқуқ баҳогузорӣ карда, оид ба бартараф кардани сабабу шароитҳои содиршавии ҷиноятҳои хусусияти коррупсионидошта супоришҳои қатъӣ дода шуд. Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон коррупсияро дар баробари терроризму ифротгароӣ аз ҷумлаи мушкилоти глобалӣ номида, бар зидди он муборизаи беамон эълон намуд.

Дар ҷомеаи мо аз ҳама ҷиноятҳои хусусияти коррупсионидошта ин додани пора, гирифтани пора ва дигар ҷиноятҳое, ки ба муқобили ҳокимияти давлатӣ ва манфиатҳои хизмати давлатӣ дохил мешаванд, содир мешаванд. Барои решакан кардани коррупсия мақомотҳои ҳифзи ҳуқуқ ҳамарӯза кӯшиш ба харҷ медиҳанд. Вале «коррупсия яке аз зуҳуроти номатлуб буда, мутаассифона, ҳоло дар ҷумҳурӣ хело васеъ доман паҳн намудааст.

Дар ҷараёни гузаронидани пурсиши сотсиологӣ, иштирокчиён дар баробари арзёбии сатҳи коррупсия, барои беҳтар намудани мубориза бар зидди ин зуҳуроти

номатлуб мулоҳиза ва пешниҳодҳои худро ниброз намуданд.

Чунончӣ, беҳтар намудани сатҳи зиндагӣ, баланд бардоштани андозаи ҳадди ақали маоши миёна дар соҳаҳои маорифу тандурустӣ ва ҳифзи ҳуқуқу тартибот, пурзӯр намудани ҷазо нисбат ба шахсоне, ки ба ришваситонӣ ва дигар амалҳои коррупсионӣ даст мезананд, аз ҷумлаи пешниҳодҳои баёншуда мебошанд.

Ба ақидаи аксари иштирокчиён тавассути воситаҳои ахбори омма мавриди муҳокимаи васеъ қарор додани амалҳои содиршудаи коррупсионӣ ва ба хизмати давлатӣ таъйин намудани шахсони поквиҷдон, лаёқатманду босавод роҳҳои асосии мубориза бар зидди коррупсия маҳсуб мешаванд.

Асосан дар бораи амалҳои коррупсионӣ дар воситаҳои ахбори омма газета, оинаи нилгун, радио ва ғайраҳо гузоришҳо пахш мегарданд ки онҳо диққатҷалбкунанда мебошанд.

Ин ҷо бояд як чиро ишора кард, ки ҳеҷ вақт мақомоти ҳифзи ҳуқуқ бе шаҳрвандон наметавонанд алайҳи коррупсия мубориза баранд. Яке аз роҳҳои аз байн бурдани коррупсия дар ҷомеа ин бо роҳи дастаҷамъона мубориза бурдан мебошад.

Ба ақидаи мо, бояд барои пешгирӣ намудани вусъати коррупсия дар Тоҷикистон чунин корҳо пеш гирифта шаванд:

1. Баланд бардоштани сатҳи шуури ҳуқуқии аҳолӣ. Бо мардум наздик шудани ходимони давлатӣ, кормандони мақомоти хифзи ҳуқуқ ва сохторҳои кудратӣ, яъне ба шаҳрвандон фаҳмондани мақсаду мароми қонунҳо ва санадҳои зериқонунӣ, ки дар онҳо дараҷаи ҳуқуқдорию амалкунии субъектон мустаҳкам гаштааст, омили мусоидаткунандаи ин манбаъ мебошад.
2. Ошкоро, шафоф ва таҳти принсипи қонуният фаъолият намудани мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва дигар

мақомоти давлатӣ, бо мақсади эҳтироми ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандон. Заминаи сарчашмагирандаи ин омил сиёсати дурусти интихоби кадрӣ дар соҳаи мазкур, баланд бардоштани савияи дониш ва рушди малакаи касбии ходимони онҳо ба ҳисоб меравад.

3. Беҳбудӣ бахшидан ба сатҳи аз ҷиҳати моддӣ ҳавасмандсозии кормандони ҳифзи ҳуқуқ ва дигар муасисаҳои давлатӣ, таъминоти онҳо бо ашёҳои зарурӣ ва дигар васоити илмию техникӣ, баланд бардоштани сатҳи ҳаёти ичтимоию иқтисодии онҳо.
4. Пурзӯр намудани назорат аз болои фаолияти шахсоне, ки бо харҷу дахли давлатӣ машғуланд.
5. Мусоидат намудан ба рушди маърифатнокии аҳолӣ ва инкишофи ҷахонбинии тафакурию равонӣ ва фаҳмиши ирфонии онҳо, тарбияи шахрвандон дар руҳияи ватандустӣ, масъулиятшиносӣ, худшиносии миллӣ, садоқатмандию эҳтиром ба қонун, ба мукаддасоти миллӣ ва дигар арзишҳои олии инсонӣ ва софдилона хифз намудани амнияти иктисодӣ, иҷтимоҷ ва марзу буми кишвар.
6. Тақвият бахшидан ва назорати раванди татбиқгардии қонунҳо ва асноди ҳуқуқие, ки нашр гаштаанд.

Дар охир қайд намудан лозим аст, ки новобаста аз нуқсонҳои чойдошта, дар ҷомеа набояд руҳафтода шуда, бо интизори нишаст, балки хар фарди солимақлро мебояд, масъулиятшиносона баҳри берун овардани Тоҷикиистон аз ин вартаи ногувор сайъ намояд. Имрӯз, мо ҳар як шаҳрванди Тоҷикистон бояд дуруст дарк намоем, ки мақсади мо бунёди давлати саҳибихтиёр, демократӣ, ҳукукбунёд, дунявӣ ва ягона мебошад ва чунин «давлат танҳо дар заминаи афкори чамъиятии пешқадам, шафофияту ошкорбаёнӣ тавлид мегарданд ва ҷомеаи ҳуқуқбунёд танҳо дар ҳамон вақт ташаккул меёбад, ки

эҳтиром ба қонун ва риояи хатмии он дар дилу шуури хар як шахрванд чой гирифта бошад».[1]

Коррупсия як қисми ҷудонопазири ҳаёти мо мебошад ва онро бо пуррагӣ решакан кардан имконнопазир буда коҳиш додани он мумкин аст.

Аслан тадбирҳо ва иқдомҳое метавонанд, ки ба дараҷаи бештар ба ҷилавгирии коррупсия дар мақомоти ҳокимияти давлатӣ таъсир расонанд ин бештар гузаронидани ташвиқоту тарғиботи зиддикоррупсионӣ дар байни оммаи мардум ва бевосита фаҳмонидани қонунҳои соҳаҳои гуногун мебошад.

Айни замон тадбирҳое, ки Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои муқобили бо коррупсия анҷом додааст ин таъсис ва ташкили Раёсати Агентии назорати молиявӣ ва мубориза бо коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад ва илова бар ин қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи «Муқовимат бар зидди коррупсия барои солҳои 2013-2020» ва ғайраҳо мебошанд.

Агар дар ҷомеаи имрӯза муборизаи ҳақиқӣ бо коррупсия оғоз шавад ба ин мубориза омилҳои субъективӣ таъсир мерасонад ва бештар шахсоне, ки аз ин манфиатдор ҳастанд ва шахсоне ки аз ин зарар дидаанд ба сиёсати зиддикоррупсионӣ мусоидат мекунанд.

Ба андешаи мо он ҷиноятҳои коррупсионие, ки мавриди тафтиш қарор гирифтаанд, бо онҳо қарори судӣ қабул гардидаанд. Аммо шахсоне, ки ҷиноятҳои коррупсионӣ содир кардаанду дар мақомоти болоӣ хешу табор ё рафиқони наздик доранд ҷинояти онҳо ҳатто ошкор намегарданд. Дар сурати ошкор кардани онҳо далелҳои кофӣ дастрас намегардад ва ба ҷавобгарӣ кашида намешаванду нисбат бо онҳо қарор ё санадҳои судӣ татбиқ намегарданд.

---

[1] Раҳмонов Э.Ш. Суханронӣ бахшида ба 80-солагии макомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Ҷумҳурият. 28.12.2004.

Инчунин мубориза ба ин амалҳои номатлуб метавон ки тарбияи ҳуқуқӣ ҳамчун омили муҳимтарини ташаккули ҷаҳонбинии иқтисоди зиддикоррупсионӣ ва сиёсати давлатии ҷавононро ҳамчун омили баланд бардоштани ҷаҳонбинии зиддикоррупсионӣ номид.

Қайд кардан бомаврид аст, ки мубориза бо коррупсия ва паст кардани сатҳи он аз бисёр омилҳо ба мисли дастаҷамъӣ, ҳамдигарфаҳмӣ, савияи баланди маърифати ҳуқуқӣ, шуурнокӣ ва фаъолнокии ҳар як фарди ҷомеа, вобастагӣ дорад.

Хулоса сиёсати давлатӣ дар мубориза бо коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳоле самараи дилхоҳ дода, ба коҳиш ёфтани он мусоидат мекунад, агар ҳамаи мақомоти ҳокимияти давлатӣ, шахсони мансабдор, шаҳрвандон ва васоити ахбори омма хулоса тамоми аҳли ҷомеа якдилона бар зидди ин падидаи номатлуби рӯз муборизаи беамон баранд.

Монеаҳо барои таъмин (интихоб) намудан ба мансабҳои давлатӣ ва мансабҳои ба онҳо баробаркардашуда:

1) Шахс дар чунин мавридҳо наметавонад ба мансабҳои давлати таъйин шавад ё дар чунин вазифаҳо бошад:
2) Доштани доғи судӣ барои ҷинояти қасдона содир намуда, агар ин доғи судиаш аз байн нарафта бошад;
3) Надоштани таҳсилот ихтисос ё собиқаи кории соҳавӣ;
4) Дар вазифае, ки таҳти назорати ё (ишғол) ҳисобдиҳанда будани мансаби ишғолшаванда ё ишғол намудани ӯ ба мансабҳое, ки онро хешовандони наздики ӯ ишғол кардаанд.
5) Ба кори дигари музднок дар асоси шароити ишғолкунии мансаби штатӣ, ғайр аз фаъолияти илмиву эҷодӣ ва омӯзгорӣ машғул шавад.
6) Шахсан ё ба воситаи шахсони боэътимод ба соҳибкорӣ машғул шавад.

***Коррупсия оқибатҳои зерини нохушро ба миён меорад:***

1) бекадршавии қонунҳо дар мамлакат;
2) паст гардидани обрӯ ва эътибори мақомоти давлатӣ ва шахсони мансабдори давлатӣ;
3) вайрон шудани адолати иҷтимоӣ;
4) нобоварии шаҳрвандон, кормандони поквиҷдон аз қонун ва мақомоти давлатӣ;
5) болоравии бетарафӣ дар ҷомеа;
6) суст гардидани тараққиёти давлат;
7) ба вуҷуд омадани бетартибиҳои оммавӣ ва ё ҷанг.

**Бо дарназардошти ин ва дигар ҳолатҳо иҷроиши корҳои зеринро олимони ватанӣ зарур мешуморанд:**

**-** Бояд ба мубориза алайҳи коррупсия ва ҷинояткории муташаккилона худи давлат ва мақомоти ягонаи он сарварӣ намояд. Ҳоло мубориза бар зидди ин зуҳуротҳо дар сатҳи гуногун қарор дорад ва субъектони он низ мухталифанд. Тамоми мақомоти давлатӣ ва шахсони алоҳида ҳамчун муборизон алайҳи коррупсия ва ҷинояткории муташаккил, эътироф мегарданд. Аммо дар мубориза, бояд мақомоти алоҳида ва махсуси давлатӣ масъулияти асосиро ба ӯҳда гирад;

**-** Аз қ.1, б.2 м.12 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мубориза бар зидди коррупсия» хориҷ намудани меъёре, ки гирифтани ҳар гуна туҳфаҳоро то 100 нишондиҳанда барои ҳисобҳо дар як сол, аз тарафи шахси мансабдор иҷозат медиҳад. Дар ҳақиқат доду гирифти ин гуна пораи хурд, ҳатто ҳуқуқвайронкунии гражданӣ намешавад. Чунки ин меъёр дар Кодекси гражданӣ низ вучуд дорад. Оиди ин масъала ҳак бар ҷониби А.Гаухман мебошад, ки ӯ мегуяд: «ин меъёр агар «сурохӣ» набошад ҳам, «рахнаест», ки шахси мансабдор аз таъқиби чиноятӣ, озод мегардад».

**-** Мубориза алайҳи коррупсия ва ҷинояткории муташаккилона на танҳо бар зидди оқибатҳои он, балки

бештар бар зидди сабабҳо ва омилҳои бунёдии он сурат бигирад;

- Амалисозии воқеии принсипи конститусионии «ҳама дар назди қонун ва суд баробаранд» (к.1м.17-и Конститусияи ҶТ), тавассути илова кардани меъёри нав дар моддаҳои 59, 72,91 Конститусияи ҶТ оиди он, ки дахлнопазир (имунитет)-и ин шахсони мансабдор ҳангоми содир намудани ҷиноят аз тарафи онҳо, татбиқ намешавад;

- Дар Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи, муқаррар намудани моддаҳои махсус, оид ба ҷавобгарӣ барои содир намудани кирдорҳои маъмурии хусусияти коррупсионидошта, бо дарназардошти Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мубориза бар зидди коррупсия» ва Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- Дар қисми 1 моддаи 319 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид сохтани илова оиди он, ки предмети пораро неъматҳои гайриамволӣ низ ташкил мекунанд ва истифодаи мафҳуми ягонаи «пора» дар моддаҳои 279, 280 ва 353 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, яъне дар ин моддаҳо ба ҷойи мафҳуми «ришва» истифодаи мафҳуми «пора» қайд карда шавад;

- Ҷалби ВАО ба мубариза алайҳи коррупсия ва ҷинояткории муташаккилона ва бо ин роҳ ба вуҷуд овардани ҷахонбинӣ алайҳи ҷинояткорӣ дар байни аҳолӣ.

Дар охир ҳаминро қайд кардан зарур аст, ки барои мубориза алайҳи коррупсия ва чинояткории муташаккилона тақвият додан ва ҷалби доираҳои васеи ҷомеа зарур аст. Фаъолнокии ҷомеа дар ин самт, аз он сабаб ногузир аст, ки ҳадафи асосӣ, паст кардани шиддати паҳнгардии ин зуҳурот дар ҷомеа мебошад. Бо вучуди ин, мубориза бар зидди чинояткорӣ, аз самтҳои афзалиятноки вазифаҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб меравад. Таъсиси Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз

иқдомоти Сарвари давлат, ҷиҳати вусъат додани низоми мубориза ба мукобили ҳуқуқвайронкунихо ва ҷиноятҳои хусусияти коррупсионидошта ба ҳисоб меравад.

***Барои пешгирӣ намудани коррупия дар мамлакат бояд корҳои зерин ба анҷом расонида шавад:***

1) ба як шахс манъ намудани ишғоли якчанд мансабҳо дар як вақт дар идораҳои давлатӣ;
2) дуруст ба роҳ мондани самти фаъолияти корӣ дар мақомотҳои қудратӣ;
3) баланд бардоштани ҳисси манфиатҳои умумӣ аз манфиатҳои шахсӣ;
4) пурзӯр намудани назорат аз ҷониби мақомоти дахлдор;
5) баланд бардоштани ҳиссиёти ватандӯстии шахсони мансабдор ва шаҳрвандон;
6) ҳар чӣ бештар дар воситаҳои ахбори омма намоиш додани шахсоне, ки даст ба кирдорҳои хусусияти коррупсионӣ задаанд;
7) баланд бардоштани маоши кормандон.

Ба мақсад мувофиқ аст, ки ба сифати тадбирҳои хусусияти зиддикоррупсионидошта чунин чорабиниҳо дохил карда шаванд:

1. Аз ҷониби мақомоти давлатӣ ва шахсони мансабдор муайян ва бартараф кардани сабабу омилҳое, ки ба ҷиноятҳои хусусияти коррупсионидошта мусоидат мекунанд;
2. Танҳо ба тариқи озмун қабул кардан ба хизмати давлатӣ ва вазифаҳои мансабӣ;
3. Бо ёрии воситаҳои ахбори умум ҷорӣ намудани саҳифаи арзи шаҳрвандон махсус дар бораи «кӣ барои чӣ» пора мегирад;
4. Ҷорӣ намудани савганди хизматӣ барои хизматчиёни давлатӣ;
5. Ҷорӣ намудани қоидаҳои этикаи касбӣ;
6. Ҳимояи ҳуқуқии хизматчиёни давлатӣ;

7. Маҳдуд намудани хизмати якҷояи хешовандони наздик дар вазифаҳое, ки дар зери тобеияти бевосита ё назорати ҳамдигар мебошанд ва ғайра.

Гуфтан ба маврид аст, ки пешгирӣ ва муборизаро бар зидди коррупсия дар доираи салоҳиятҳои худ ҳамаи мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва идоракунии давлатӣ, мақомоти ҳифзи ҳуқуқу назорат, институтҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ, воситаҳои ахбори омма ва созмонҳои байналмиллалӣ ба амал мебароранд.

Барои решакан ё паст намудани сатҳи коррупсия коркарду амалисозии чорабиниҳои комплексии зиддикоррупсионӣ зарур мебошад.

Аз ин рӯ барои натиҷаи хуб ба даст овардан дар самти муқовимат бо коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон чунин чорабиниҳои давлатию ҷамъиятиро пешниҳод менамоем.

1. Банақшагирии чораҳои зиддиамалии каррупсия;

Дар ҳудуди қонунҳо ё меъёрҳои аллоҳида мавҷуд будани монеъаҳои беасос дар роҳи амалисозии ниятҳои фоиданоки ҷамъиятӣ, яъне равандҳои мураккабгардонидашуда, ухдадориҳои серхарҷ ва ё бо душворӣ иҷрошаванда шаҳрвандон ва соҳибкоронро ба харида гирифтани ашхоси мансабдор ё рафтан ба сӯи «иқтисодиёти пасипардагӣ» маҷбур месозанд. Чунин меъёрҳо дар соҳаи қонунгузории андоз ва гумрук хеле зиёданд. Бисёр вақт меъёрҳои ҳуқуқ низ ба ашхоси мансабдор баҳри амал кардан ба салоҳдиди худ имкониятҳои аз ҳад зиёд медиҳанд, ки ин ҳам савдои озодро дар интихоби ҳалли масъалаҳо осон мегардонад.

2. Такмили қонунгузории миллӣ дар самти мубориза бар зидди коррупсияро зарур мешуморем;

3. Низоми пурсамареро бунёд намудан ҷоиз аст, ки арсаи адолатнокӣ ва шаффофияти қабул ба хизмати давлатиро амалӣ намояд;

4. Баланд бардоштани самаранокии фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ оид ба ошкорсозӣ, пешгирӣ ва тафтиши далелҳои коррупсионӣ;

5. Таҳқиқи вазъи коррупсия тавассути методикаи оморӣ, иҷтимоӣ ва усулҳои дигар;

6. Вусъати дастгирӣ ба иттилоот, таъмини шаффофияти қабули қарорҳо, ҷалби институтҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ ба зиддияти фаъолона бар зидди коррупсия;

7. Таълим ва тарбияи мунтазами зиддикоррупсионии ашхоси мансабдор ва шаҳрвандони мамлакат.

Баъзе аз тоифа шахсон барои вуҷуд доштани коррупсия мароқи беандоза зоҳир менамоянд, чунки мавҷуд будани ин зуҳурот ба фоидаи кори онҳост, лекин то ҳол дарк наменамоянд, ки бо коррупсия сарукор доштан «хештанро бо дасти хеш куштан» аст.

Қайд кардан зарур аст, ки муносибати душманона бо кирдорҳои хусусияти коррупсионӣ дошта ба фикри мо, бояд ҳамчун хун дар рагҳои мо гардиш намояд ва бар зидди ин вабо мубориза беамон барад.

# МАВЗӮИ №11. ТАҲЛИЛИ ХАВФҲОИ КОРРУПСИОНӢ

## НАҚШАИ МАВЗӮЪ:

1. Мафҳум, мақсад ва принсипҳои таҳлили хавфҳои коррупсионӣ;
2. Тартиби ташкили раванди таҳлили хавфҳои коррупсионӣ ва давраҳои он;
3. Таҳлили хавфҳои коррупсионии шароитҳои пешакӣ;
4. Таҳлили бевоситаи хавфҳои коррупсионӣ;
5. Марҳилаҳои хотимавии таҳлил (баҳодиҳӣ) ва таҳлилкунӣ (азнавбаҳодиҳӣ);

## АДАБИЁТИ ТАВСИЯВӢ БАРОИ МАВЗӮИ №11


1. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 06 ноябри соли 1994 бо тағйиру иловаҳои солҳои 1999, 2003 ва 2016. Душанбе.-2016.
2. Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе.-2016.
3. Кодекси одоби хизматчии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе.-2017.
4. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи мубориза бар зидди коррупсия" аз 27.04 соли 2005, №53. // Сомонаи интернетии www.mmk.tj.
5. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ" аз 30.05 сои 2017, №1414 // Сомонаи интернетии www.mmk.tj.
6. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи экспертизаи зиддикоррупсионии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ" аз 13 декабри соли 2012, №436 // Сомонаи интернетии www.mmk.tj.

7. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи сирри давлатӣ” аз 17 июли соли 2014, №681. // Сомонаи интернетии www.mmk.tj.
8. Стратегияи муқовимат ба коррупсия дар ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2013-2020. Душанбе-2013.
9. Методологияи тартиб ва методикаи гузаронидани таҳлили фаъолият (хавфҳои коррупсионӣ) аз 28 октябри соли 2016, №465.

## I. МАФҲУМ, МАҚСАД ВА ПРИНСИПҲОИ ТАҲЛИЛИ ХАВФҲОИ КОРРУПСИОНӢ

Солҳои охир дар Ҷумҳурии Тоҷикистон масоили коррупсия ҳамчун як падидаи номатлуб, ҷомеаи имрӯза, бахусус, аъзоёни солим ва қувваҳои пешқадами онро ба ташвиш овардааст. Дар асоси амалияи мақомоти идоракунии давлатӣ таҳлили фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, тадқиқотҳои илмӣ дарҳол ба як низоми мониторинг, яъне таҳлили донишҳо ва таҷрибаи муборизаи шадид бо коррупсия ва пешгирии омилҳои коррупсионӣ табдил ёфтааст.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ин раванд, бо дарназардошти дар кишварҳои пешқадами ҷомеаи ҷаҳонӣ, ки тараққиёти иқтисодӣ ва рушди иҷтимоии худро бо ташаккули низоми устувори мукаммали муқовимат бо коррупсия вобаста менамоянд, ҳамчун раванди илмӣ қабул карда шудааст ва дар баробари сиёсати ҳуқуқии пешгирифтаи давлат оид ба муқовимат бар зидди коррупсия дар ин самт тадқиқотҳо гузаронида шудаанд ва гузаронида мешаванд.

Таҳияи чораҳои маҷмуии ташкилию ҳуқуқӣ, иҷтимоию иқтисодӣ, ки ба пешгирӣ, ошкору бартараф кардани коррупсия ва ташкили муборизаи судманди он равона шудаанд, мавқеи ҳалкунанда дорад. Вазифаҳои асосии пешгирии коррупсия аз таъмини ҳимояи ҳуқуқу озодиҳо ва манфиатҳои қонунии инсон ва шаҳрванд,

ҷамъияту давлатаз коррупсия, амалӣ сохтани асосҳои меъёрии ҳуқуқии пешгирӣ, ошкор ва барҳам додани ҳуқуқвайронкуниҳои коррупсионӣ, муносибсозии шакл, усул ва воситаҳои муқобилият бо коррупсия, васеъ намудани татбиқи чораҳои пешгирикунанда дар мубориза бо коррупсия, ҳамкорӣ бо сохторҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ, тавсеъ ва фаъол гардонидани ҳамкориҳои байналмилалии Тоҷикистон дар соҳаи мубориза бо коррупсия иборат мебошад.

Дар қатори дигар чорабиниҳое, ки барои мубориза бар зидди коррупсия пешбинӣ шудаанд, нақши аз ҳама асосӣ ва муҳимро чораҳое мебозанд, ки онҳо пеш аз ҳама ҷиҳати пешгирӣ кардани коррупсия ва ошкору аз байн бурдани сабабу шароитҳои ба коррупсия мусоидаткунанда равона карда мешаванд. Зеро бидуни ошкор кардани сарчашмаи пайдоиши хавфҳои коррупсионӣ ва омилҳои бавуҷудоварандаи он, мубориза алайҳи ин падидаи номатлуб мушкил мегардад. Яъне паҳн ва реша давонидани онҳо бо андешидани чораҳои мушаххасу самарабахш, ҷиҳати муайян намудани сарчашмаи пайдоиши онҳо, бояд пешгирӣ карда шавад.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади ташкил ва амалӣ намудани чораҳои маҷмуии пешгирӣ, бартараф намудани сабабу шароитҳои ба коррупсия мусоидаткунанда, паст кардани шиддат ва сатҳи коррупсия дар кишвар, ҳамчун санади барномавии дурнамои миёнамуҳлати сиёсати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Старатегияи муқовимат ба коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2013-2020, ки таҳия ва татбиқи он бевосита аз иродаи олии сиёсии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон оғоз мегардад, қабул гардид ва он бо ФармониПрезиденти Ҷумҳурии Тоҷикистоназ 30 августи соли 2013, №1504 тасдиқ карда шудааст.

Тибқи банди 45-и Нақшаи чорабиниҳои татбиқи Стратегияи мазкур, Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон вазифадор карда шудааст, ки ҷиҳати мавриди таҳлил қарор додани фаъолияти воҳидҳои вазорату идораҳое, ки масъулияти пешгирии коррупсия ба зиммаашон гузошта шудааст, бо мақсади муқаррар намудани хавфҳои коррупсионӣ ва пешниҳод намудани тавсияҳо ҷиҳати бартараф намудани омилҳои номатлуб, дар якҷоягӣ бо дигар вазорату идораҳои дахлдор,ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи мубориза бо коррупсия” тағйиру иловаҳо ворид намуда, “Тартиб ва методикаи гузаронидани таҳлили фаъолият (хавфҳои коррупсионӣ)”-ро ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод намоянд.

Ҷиҳати иҷрои талаботи банди мазкур, аз ҷониби Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Методологияи тартиб ва методикаи гузаронидани таҳлили фаъолият (хавфҳои коррупсионӣ) таҳия ва ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардид.

28 октябри соли 2016 методологияи мазкур бо мақсади ҷорӣ намудани механизми таҳлили хавфҳои коррупсия дар мақомоти давлатӣ ва ташкилотҳо, бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, №465 тасдиқ карда шуд, ки он асосҳои ташкилӣ ва методии раванди таҳлили хавфҳои коррупсияро дар вазоратҳо, кумитаҳои давлатӣ, дигар мақомоти давлатӣ, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, дигар мақомоти идоракунии давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, субъектҳои хоҷагидори давлатӣ, субъектони хоҷагидоре, ки на кам аз нисфи сармояи оинномавии онҳоро ҳиссаи давлат ташкил медиҳад, инчунин ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ, аз ҷумла иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, ҳизбҳои сиёсӣ, ташкилотҳои байналмилалие, ки дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолият мекунандмуқаррар менамояд.

Таҳлили фаъолият (хавфҳои коррупсионӣ) асосан бо ду мақсад гузаронида мешавад, ки инҳо:

1. Ошкор намудани омилҳои институтсионалӣ, ки ба коррупсия мусоидат намудаанд ё метавонанд мусоидат кунанд;
2. Ҷиҳати бартараф ё паст намудани натиҷаҳои таъсироти ин омилҳо, додани тавсияҳо, ки дар шакли нақшаҳои мукаммал таҳия карда мешаванд.

Дар ҷараёни таҳлил намудани фаъолият (хавфҳои коррупсионӣ) истилоҳоте мавриди истифода қарор дода мешаванд, ки онҳо дар раванди таҳлил дар ошкор намудани омилҳои институтсионалии ба коррупсия мусоидаткунанда ва додани тавсияҳо, мафҳумҳои асосӣ ба ҳисоб мераванд. Яъне, бархе аз истилоҳоти истифодашаванда, аз қабили хавф, омилҳои хавф, ошкор намудани хавфҳо, таҳлили хавфҳо, осебпазирӣ, намудҳои осебпазири фаъолият, нақшаи мукаммал ва минтақаи ноаён мафҳумҳои хоси раванди таҳлил маҳсуб ёфта, кадом мафҳумро ифода кардани онҳо бояд дарк карда шаванд.

Дар банди 3 – юми Методологияи тартиб ва методикаи гузаронидани таҳлили фаъолият (хавфҳои коррупсионӣ) мафҳумҳои асосии дар раванди таҳлили фаъолият истифодашаванда шарҳ дода шудааст. Аз ҷумла:

– **Хавф** – эҳтимолияти он ки ҳолати муайян метавонад ҷой дошта бошад ё амали муайян ба вуқӯъ пайвандад, ки вобаста ба омилҳои хавф метавонад гуногун бошад. Дар фаъолияти вазоратҳо, кумитаҳои давлатӣ, дигар мақомоти давлатӣ, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, дигар мақомоти ташкилоти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, субъектҳои хоҷагидори давлатӣ, субъектони хоҷагидоре, ки на кам аз нисфи сармояи оинномавии онҳоро ҳиссаи давлат ташкил медиҳад, инчунин ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ, аз ҷумла иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, ҳизбҳои сиёсӣ, ташкилотҳои

байналмилалии дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолияткунанда, ки мавриди таҳлил қарор дода мешаванд, мумкин аст ягон ҳолате ҷой дошта бошад ё шояд амале дар минбаъда ба вуҷуд ояд, ки натиҷаи он ба коррупсия оварда расонад. Мавҷудияти хавф танҳо дар асоси ҷамъоварии маълумот оид ба фаъолияти ин ва ё он мақомоту ташкилот, ки дар боло зикр карда шуданд, муайян карда мешавад. Хавфҳои бевосита ҷойдошта ва ё дар минбаъда эҳтимолан падидоянда вобаста ба омилҳои бавуҷудоварандаи онҳо метавонанд гуногун бошанд;

– **Омилҳои хавф** дар методологияи мазкур чунин қайд карда шудааст, ки шароит ё ҳолати ҷузъӣ, ки ба дараҷаи хавф таъсир расонда, ба пайдошавии падидаи муайян ё зуҳури ягон амал ё имконияти гирифтани ягон бартарият ба ҳар шакл мусоидат менамояд**.** Яъне, омил ин сабаб ва асосҳои ҷузъие мебошад, ки ба пайдоиш ва инкишофу бартарӣ гирифтани хавф дар ҳар шакле, ки набошад, мусоидат мекунад. Мисол, мавҷудияти ягон меъёр дар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, ки он ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои ҳуқуқии байналмилалии аз ҷониби Тоҷикистон эътирофгардида ва ё ба барномаҳои давлатӣ дар самти муқовимат ба коррупсия мухолифат дорад, омиле ба шумор равад, ки ба пайдоиш ва инкишофу бартарӣ гирифтани хавфи коррупсия мусоидат кунад. Яъне, бинобар мавҷудияти ин омил дар фаъолият хавфи пайдоиши коррупсия эҳтимол дорад ва метавонад, ки дар оқибат амали муайяни коррупсионӣ ба вуқӯъ пайвандад;

– **Ошкор намудани хавфҳо** – тибқи шарҳи методология, ин баҳодиҳии хавфи имконпазир, сабаб ва оқибатҳои он ва ҳамчунин баҳодиҳии имкониятҳои ташкилот оид ба мубориза бо коррупсия мебошад. Яъне, таҳқиқ ва таҳлил намудани хавфҳои эҳтимолӣ, сабабҳои ба вуҷуд омадани онҳо ва таъсироти онҳо дар минбаъда,

ки оқибати он ба дараҷаи муайяни хавф оварда расониданаш мумкин аст;

- **Таҳлили хавфҳо** – ин муайян намудани афзалиятнокии хавфҳо тариқи ошкор намудани онҳо бо пешниҳоди иттилооти муфассали ба зуҳуроти коррупсия дахлдошта, яъне аз хавфҳои ошкоркардашуда вобаста ба таъсирнокии онҳо ҷудо кардани хавфҳои афзалиятдошта мебошад;
- **Осебпазирӣ** – вазъи воқеие фаҳмида мешавад, ки он қобилияти таъсиррасониро ба хавфҳои бевосита ҷойдошта ё худ ба хавфҳое, ки падид омаданашон эҳтимол дорад, коҳиш медиҳад, ё худ ба рушд ва пайдоиши онҳо мусоидат менамояд;
- **Намудҳои осебпазири фаъолият** – ин чунин намуди фаъолияти ташкилот мебошад, ки вобаста ба хусусиятҳои худ хавфи баланди коррупсияро ба вуҷуд меоварад. Яъне, он дар набудани меъёрҳо, нопуррагии меъёрҳо, басанда набудани меъёрҳое, ки ба риояи талабот оид ба покниҳодӣ равона шудаанд, шиносоии нопурраи ҳайати кормандон бо санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, ба таври дахлдор татбиқ накардани меъёрҳо, ифода меёбад;
- **Нақшаи мукаммал -** нақшаи мушаххаси амал фаҳмида мешавад, ки он бо мақсади аз байн бурдан, паст кардан ё коҳиш додани омилҳои коррупсионӣ таҳия ва амалӣ карда мешавад;
- **Минтақаи ноаён** – ин мавҷуд набудани муқаррарот дар амалӣ намудани фаъолият аст. Яъне, аз ҷониби корманд дар ҷараёни фаъолияти корӣ иҷро кардани вазифае, ки бобати иҷроиши он дар уҳдадории вазифавӣ муқаррарот вуҷуд надорад.

Таҳлили хавфҳои коррупсионӣ дар асоси принсипҳое ба роҳ монда мешавад, ки ҳангоми таҳлили мазкур онҳо ба роҳбарӣ гирифта мешаванд.

Принсипҳои таҳлили фаъолият (хавфҳои коррупсионӣ) – асосҳои роҳбарикунандае мебошанд, ки дар раванди ин таҳлил риоя карда мешаванд.

Тибқи муқаррароти банди 5 Методологияи тартиб ва методикаи гузаронидани таҳлили фаъолият (хавфҳои коррупсионӣ), таҳлили фаъолият (хавфҳои коррупсионӣ) ба принсипҳои зерин асос ёфтааст:

1. Принсипи қонуният;
2. Принсипи холисӣ ва беғаразӣ;
3. Принсипи шаффофият ва ошкорбаёнӣ дар раванди таҳлили фаъолият (хавфҳои коррупсионӣ) ба истиснои маҳдудиятҳои пешбининамудани қонунгузорӣ;
4. Принсипи риояи манфиатҳои ҷамъиятӣ (оммавӣ);
5. Принсипи ҳисоботдиҳӣ.

## II. ТАРТИБИ ТАШКИЛИ РАВАНДИ ТАҲЛИЛИ ХАВФҲОИ КОРРУПСИОНӢ ВА ДАВРАҲОИ ОН

Ошкор намудани сабаб ва шароитҳои ба содир намудани ҷиноят ва ҳуқуқвайронкуниҳои коррупсионӣ мусоидаткунанда, ошкорсозии соҳаҳо ва ташкилотҳои ба содир намудани ҷиноятҳо ва ҳуқуқвайронкуниҳои коррупсионӣ моилбуда, пешгирии ҷиноятҳо ва дигар ҳуқуқвайронкуниҳои коррупсионӣ, ҳимояи манфиатҳои иқтисодию иҷтимоии давлат бо роҳи ташкили маҷмӯи чораҳои пешгирисозандаи коррупсия, андешидани чораҳои зарурӣ барои рафъ ва бартарафсозии равандҳои ҷиноятткорӣ вобаста ба коррупсия, гузаронидани таҳлили фаъолият (хавфҳои коррупсионӣ) бо мақсади муайян намудани соҳаҳои ба хавфи коррупсия бештар гирифторбуда, яке аз самтҳои афзалиятноки мақомоти Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳсуб меёбад.

Ҳамин тавр, раванди таҳлили хавфҳои коррупсионӣ аз он оғоз меёбад, ки сараввал Агентӣ бояд ба ҳайси мақомоти махсусгардонидашудаи мубориза бо коррупсия

дар асоси маълумотҳои оморӣ, пурсиши афкори ҷомеа, таҳлил ва тадқиқотҳои махсус ва дигар сарчашмаҳои зарурӣ ташкилотҳоеро, ки дар онҳо мавҷудияти хавф афзалият дорад, муайян намояд. Баъдан, ташкилоте, ки дар он бояд таҳлили фаъолият (хавфҳои коррупсионӣ) гузаронида шавад, интихоб менамояд ва то оғози таҳлили фаъолият, яъне дар муддати на камтар аз 2 моҳ, ба ташкилоти интихобшуда хабар медиҳад. Инчунин, ҷиҳати гирифтани маълумоти иловагӣ оид ба мавҷудияти хавф иттилооти мазкурро дар сомонаи интернетии Агентӣ (www.anticorruption.tj) ҷой медиҳад.

Таҳлили фаъолият (хавфҳои коррупсионӣ) дар доираи фаъолияти ташкилот аз тарафи гурӯҳ оид ба баҳодиҳии хавфҳои коррупсия, ки бо санади дахлдори роҳбари ташкилот таъсис дода шудааст, ба роҳ монда мешавад. Гурӯҳ оид ба баҳодиҳӣ ё худ гурӯҳи таҳлилӣ аз ҳисоби роҳбарияти сарраёсатҳо, раёсатҳо, шӯъбаҳо ва бахшҳои ташкилот, вобаста аз мураккабии сохтори ташкилии ташкилот, дар ҳайати аз 5 то 7 нафар таъсис дода мешавад, ки як нафари онҳоро намояндаи Дастгоҳи марказии Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкил медиҳад. Роҳбари гурӯҳ бояд аз ҳисоби роҳбар ё муовини роҳбари ташкилот таъйин карда шавад.

Шумораи ташкилотҳое, ки Агентӣ дар онҳо дар як вақт таҳлили фаъолият мегузаронад, мумкин аст, вобаста аз мураккабии сохтори ташкилии ташкилот, яъне аз ҳисоби мураккабии миқдори равандҳои кории аз тарафи ин ташкилот ба иҷро расонидашаванда ва захираҳои кадрии доро будаи Агентӣ, тағйир дода шавад, зеро намояндаи Агентӣ, ки ба гурӯҳ шомил карда шудааст, дар доираи ваколати гурӯҳ оид ба таҳлили фаъолият (хавфҳои коррупсионӣ) уҳдадориҳои зеринро доро мебошад:

– ба кормандони ташкилот, ки дорои вазифаи роҳбарикунандаанд, дар бораи консепсия, мақсад ва

муҳимияти таҳлили хавфҳои коррупсионӣ дастур диҳад;

- нисбати усулҳои ҷамъоварӣ ва баҳодиҳии заминаи меъёрии ҳуқуқӣ, сохторҳои ташкилӣ, иттилоот дар бораи қоидаҳои ахлоқ, усулҳои ҳаммонандкунӣ ва тадқиқоти омилҳои хавф дастур ва машварат диҳад;
- мониторинги фаъолият оид ба таҳлили фаъолиятро (хавфҳои коррупсионӣ) амалӣ намояд;
- дар бораи таҳияи нақшаи фаъолияти гурӯҳ оид ба баҳодиҳӣ, тартиб додани ҳисобот дар бораи баҳодиҳии хавфҳои коррупсионӣ ва нақшаи мукаммал, тавсияҳо диҳад;
- дар ҷаласаҳои гурӯҳ оид ба баҳодиҳӣ иштирок намояд ва дар робита бо дурустии риояи тартибот, дар ҳолати зарурӣ, бо пешниҳоди таклифҳо ё тавсияҳое, ки ба ҳисобот оид ба баҳодиҳӣ замима карда мешаванд, изҳороти худро баён намояд;
- таҳия ва татбиқ намудани нақшаи мукаммалро бо ҳамдигар мувофиқ намояд.

Таҳлили фаъолият (хавфҳои коррупсионӣ) аз се давра иборат мебошад:

***Давраи аввал*** – таҳлили шароити пешакӣ;

***Давраи дуюм*** – таҳлили хавфҳои коррупсионии бевосита ҷойдошта;

***Давраи сеюм*** – баҳодиҳӣ, тартиб додани ҳисобот ва таҳияи тавсияномаҳо ҷиҳати бартараф намудани хавфҳои ошкоргардида мебошад, ки он дар шакли нақшаи мукаммал тартиб дода мешавад.

Натиҷаи давраҳои таҳлили фаъолият (хавфҳои коррупсионӣ)дар ҷаласаҳои гурӯҳ оид ба баҳодиҳӣ мавриди баррасӣ қарор дода шуда, дар ин хусус ҳисобот бояд тартиб дода шавад ва дар муддати 30 рӯзи корӣ ҳисоботи мазкур якҷоя бо нақшаи мукаммал ба мақомоти Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо

коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод карда мешавад.

## III. ТАҲЛИЛИ ХАВФҲОИ КОРРУПСИОНИИ ШАРОИТҲОИ ПЕШАКӢ

Чи тавре дар боло муқаррар карда шуд, яке аз давраҳои таҳлили хавфҳои коррупсионӣ, ин таҳлили шароити пешакӣ ба ҳисоб меравад. Дар ин давра, ҷиҳати ошкори хавфҳои коррупсионӣ корҳои зерин бояд ба анҷом расонида шаванд:

**Якум,** омӯзиш, таҳқиқ ва таҳлил намудани қонунҳо, низомнома ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқие, ки бевосита фаъолияти ташкилотро ба танзим медароранд. Омӯзиш ва таҳлили онҳо бо мақсади муайян намудани намудҳои осебпазири фаъолият, яъне ошкор намудани меъёрҳои мавҷуднабуда, меъёрҳои нопурра, меъёрҳое, ки ба тамомият равона нашудаанд, ҳолатҳое, ки кормандони ташкилот аз мавҷудияти чунин меъёр маълумоти кофӣ надоранд ё худ меъёрҳое, ки дар ташкилот ба таври дахлдор татбиқ намегарданд, гузаронида мешаванд.

Бояд тазаккур дод, ки намудҳои осебпазири фаъолият, ки дар боло ишора рафт, метавонанд ҳам дар санадҳои сохтори дохилии ташкилот ва ҳам дар санадҳое, ки фаъолият ва вазифаҳои берунии ташкилотро ба танзим медароранд, ҷой дошта бошанд. Таҳлил ва баҳо додани мавҷудияти меъёрҳои ба намуди осебпазири фаъолият тааллуқдошта, мутобиқи Замимаи 1 ба Методологияи тартиб ва методикаи таҳлили фаъолият (хавфҳои коррупсионӣ), ки ҳамчун намуна ба методологияи мазкур илова карда шудааст, амалӣ карда мешавад.

Ҷиҳати муайян намудани намудҳои осебпазири фаъолияте, ки ба сохтори дохилии ташкилот дахл доранд, ҳолатҳои зерин бояд таҳлил карда шаванд. Пеш аз ҳама бояд муайян карда шавад, ки оё дар ҳифзи иттилооти дохилӣ, пешниҳоди иттилооти махфӣ, таҳия, баррасӣ,

нигаҳдории онҳо,нусхабардории ҳуҷҷатҳо, ҳуҷҷатҳои махфии электронӣ, гардиши дохилӣ ва берунии ҳуҷҷатҳо, аз ҷумла, ҳуҷҷатҳои электронӣ ва махфӣ тартиби расмии муайян вуҷуд дорад ё не, яъне мавҷудияти маъмурикунонии иттилоот дар назар дошта мешавад.

Дар ҳамин раванд, бояд маъмурикунонии воситаҳои молиявӣ, молу мулк ва дигар хизматрасониҳо мавриди омӯзишу таҳлил қарор дода шаванд. Яъне, мавҷудияти тартиби расмӣ, вобаста ба ҷудо намудани воситаҳои пулию молӣ, назорат ва аудити маблағҳои буҷавӣ, пардохти хароҷотҳои ташкилот, ҷудо намудани воситаҳои пулӣ барои пардохти мукофотпулӣ, иловапулӣ, қабули қарор дар бораи харид ё ба кироя гирифтан, таҳияи талабот оид ба сифати хизматрасониҳо аз рӯи таҳвили онҳо, гузаронидани гуфтушунид, интихоби молрасонҳо, маъмурикунонӣ ва ҷудо намудани молу мулк дар доираи ташкилот, истифодаи молу мулки берун аз вақти корӣ ё берун аз ташкилот ва ғайра пурра таҳлил карда шаванд.

Барои муайян намудани намудҳои осебпазири фаъолияте, ки ба фаъолият ва вазифаҳои берунии ташкилот дахл доранд, ҳолатҳои зерин бояд таҳлил карда шаванд:

- Инкассатсияи пардохт;
- Бастани шартномаҳо;
- Пардохтҳо;
- Пешниҳоди шаҳодатномаҳои ҳуқуқӣ;
- Дар амал ҷорӣ намудани қонунҳо.

Яъне, бояд муайян карда шавад, ки оё дар фаъолияти берунии ташкилот, вобаста ба инкассатсияи пардохт, андоз, пардохтҳои маъмурӣ, қарзҳо, бастани шартномаҳо, озмуну тендерҳо, субсидияҳо, мукофотпулию иловапулиҳо, пардохтҳои сарпарастӣ, кумакпулиҳо, додани иҷозатномаҳо, шаҳодатномаҳои ронандагӣ, шиносномаҳо, шаҳодатномаҳои шахсият, дар амал ҷорӣ намудани қонунҳо, ҳолатҳое ҷой надошта бошанд, ки

вобаста ба хусисиятҳои худ хавфи баланди коррупсияро ба вуҷуд оваранд.

Дар вақти омӯзиш ва таҳлили қонунҳо, низомнома ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқие, ки бевосита ҳам ба сохтори дохилии ташкилот ва ҳам ба фаъолият ва вазифаҳои берунии ташкилот дахл доранд, бояд ҳар як ҳолати ошкоргардида, ки ҳамчун намудҳои осебпазири фаъолият маҳсуб меёбанд, барои ворид кардани онҳо дар нақшаи мукаммал, ки барои бартараф намудани хавфҳои коррупсионии ошкоршуда тартиб дода мешавад, ҷудо карда шаванд.

**Дуюм** коре, ки дар ин давра аз ҷониби гурӯҳ бояд ба иҷро расонида шавад, ин омӯзиш ва таҳлили сохторҳои ташкилии ташкилот мебошад. Омӯзиш ва таҳлили сохторҳои ташкилии ташкилот бо мақсади муайян намудани сатҳи мутобиқати сохтори ташкилӣ ба вазифаҳо, салоҳиятнокӣ, ҳуқуқ ва вазифаҳои ташкилот гузаронида мешавад.

Дар ин самт бояд сохтор, уҳдадориҳои вазифавӣ ва раванду тартиботи кории ташкилот пурра таҳлил карда шавад. Дар сурати ошкор кардани номутобиқатии сохтори ташкилӣ ба вазифаҳо, салоҳиятнокӣ, ҳуқуқ ва вазифаҳои ташкилот, ки боиси эҳтимоли пайдоиш ва ё ба вуқӯъ омадани хавфҳои коррупсионӣ мегарданд, муайян карда шуда, ҳолатҳои мазкур низ бояд ҷиҳати бартараф намудан ба нақшаи мукаммал ба назар гирифта шаванд.

**Сеюм,** аз ҷониби гурӯҳи баҳодиҳии хавфҳои коррупсия қоидаҳои одоби дар ташкилот мавҷудбуда, яъне рафтор, деонтология ва дигар ҳолатҳои ба рафтори кормандони ташкилот дахлдошта, бояд таҳлил карда шаванд.

Таҳлили одоб дар худ маҷмӯи принсипҳои ахлоқӣ ё арзишҳоеро ифода мекунад, ки кормандон дар асної амалӣ намудани фаъолияти дохилӣ ва берунии ташкилот бояд дар худ таҷассум намоянд. Қоидаҳои одоб ҳам дар алоҳидагӣ ва ҳам нисбат ба ҳамаи ҳайати кормандони

ташкилот вобаста ба самти фаъолияти ҳамон ташкилот қабул карда мешаванд ва метавонанд ба вазъи дохилӣ ва берунии ташкилот таъсир расонанд.Таҳлили қоидаҳои одоб баҳодиҳии меъёрҳоеро, ки дар кодекси одоби соҳавӣ самти аниқро доир ба масъалаҳои ахлоқии дорои аҳамияти муҳиме, ки метавонад дар фаъолияти ташкилот пайдо шаванд, таъмин намоянд, дар назар дорад.

Дар ҳолати сеюм низ хавф ва ё намудҳои осебпазири ошкоркардашуда ҷиҳати ворид намудан дар нақшаи мукаммал ҷудо карда мешавад ва бо ҳамин давраи аввали таҳлили фаъолияти (хавфҳои коррупсионӣ)-и шароити пешакӣ ба итмом мерасад.

## IV. ТАҲЛИЛИ БЕВОСИТАИ ХАВФҲОИ КОРРУПСИОНӢ

Таҳлили хавфҳои коррупсионии бевосита ҷойдошта ҳамчун давраи дуюми таҳлил, аз ҷониби гурӯҳ хавфҳои коррупсионии бевосита дар фаъолияти ташкилот ҷойдошта таҳқиқу ошкор карда шуда, баъдан онҳо таҳлил карда мешаванд. Яъне, ин давраи таҳлил ду марҳиларо дарбар мегирад. Дар марҳилаи якум таҳқиқ ва ошкорсозии хавфҳои коррупсионӣ ва дар марҳилаи дуюм, таҳлили хавфҳои ошкоркардашуда гузаронида мешавад.

Дар марҳилаи таҳқиқ ва ошкорсозии хавфҳо, дар бораи хавфҳои воқеӣ ва хавфҳои эҳтимолии коррупсионие, ки бевосита дар ташкилот ҷой доранд, маълумотҳои зарурӣ аз ҳисоби таҳлили муқовимати худи ташкилот ба хавфҳои коррупсионӣ, таҳлили пурсиши кормандон, таҳлили муносибатҳои мутақобилаи ташкилот бо ҷомеаи шаҳрвандӣ, таҳлили амалҳои мушаххаси коррупсионӣ ва таҳлили маълумотҳои оморӣ оид ба вазъи коррупсия дар ташкилот, ҷамъоварӣ карда мешаванд. Барои таҳқиқу ошкорсозии хавфҳо усулҳои зерин истифода бурда мешаванд:

- Таҳлили муқовимати ташкилот ба хавфҳои коррупсионӣ;
- Пурсиши кормандони ташкилот;
- Таҳлили муносибати мутақобилаи ташкилот бо ҷомеаи шаҳрвандӣ;
- Таҳлили амалҳои мушаххаси коррупсионӣ;
- Таҳлили маълумотҳои оморӣ оид ба вазъи коррупсия дар ташкилот;

Тавре зикр гардид, бояд муқовимати худи ташкилот ба хавфҳои коррупсионӣ таҳлил карда шавад. Таҳлил ва баҳо додани муқовимати ташкилот ба хавфҳои коррупсионӣ, таҳлилу баҳо додани он таҷрибаҳоеро талаб мекунад, ки онҳо бо интихоби мутахассисону кормандони ташкилот, омӯзиши онҳо, ухдадориҳои вазифавӣ, мутобиқсозии вазифаҳои дохилию берунии кормандон, машварату масъулияти мутахассисон, имконияти назорат, марказонидану яклухтсозӣ, мусоҳиба (интервю) оид ба баҳодиҳӣ, алоқаҳои берунӣ, масъулияти назорат, хавфҳои берунии ташкилот, даромадҳои муфти иловагӣ, бехавфии ҷисмонӣ, муносиботи қонунӣ бо таъсирбахшию самаранокӣ, дурусткорӣ, риояи қонун ва муомилот, алоқамандӣ дорад.

Таҳлил ва баҳо додани муқовимати ташкилот ба хавфҳои коррупсионӣ дар баробари таҳлил ва баҳодиҳии мавҷудияти меъёрҳои ба намуди осебпазири фаъолият тааллуқдошта, мутобиқи Замимаи 1 ба Методологияи тартиб ва методикаи таҳлили фаъолият (хавфҳои коррупсионӣ), ки ҳамчун намуна ба методологияи мазкур илова карда шудааст, амалӣ карда мешавад.

Баъди ҷамъ овардани маълумот оид ба муқовимати худи ташкилот ба хавфҳои коррупсионӣ, барои санҷидани дурустии маълумотҳои ба даст овардашуда бояд пурсиши кормандони ташкилот гузаронида шавад. Тартиби пурсиши кормандон тибқи саволномае, ки ҳамчун намуна дар Замимаи 2 ба Методологияи тартиб ва методикаи

таҳлили фаъолият (хавфҳои коррупсионӣ) оварда шудааст, гузаронида мешавад.

Қайд кардан зарур аст, ки саволномаи Замимаи 2 ба Методологияи зикргардида хусусияти умумӣ дошта, ҳар як ташкилоте, ки дар он таҳлили фаъолият (хавфҳои коррупсионӣ) гузаронида мешавад, метавонад, ки саволномаро ба хусусиятҳои хоси ташкилоти худ мутобиқ созад.

Баъди гузаронидани пурсиши кормандон, эҳтимолияти пайдошавӣ ва мавҷудияти воқеии хавфҳо тибқи Замимаи 3 ба Методологияи тартиб ва методикаи таҳлили фаъолият (хавфҳои коррупсионӣ), ки ҳамчун намуна ба методологияи мазкур илова карда шудааст, шарҳу тавзеҳ меёбад. Мисол, агар тибқи Замимаи 2 корманд ба саволи он ки: -"оё Шумо намудҳои фаъолияти осебпазирро иҷро менамоед?", ҷавоби "не" дода бошад, пас мутобиқи Замимаи 3 муайян мегардад, ки дар фаъолияти ташкилот воқеан намудҳои осебпазири фаъолият ҷой дорад. Дар ин сурат ҳолати мазкур чунин баҳогузорӣ карда мешавад, ки дар ташкилот зиракӣ ё худ таваҷҷуҳ ба намудҳои фаъолияти осебпазир нокифоя аст. Ё худ, агар корманд ба саволи минбаъда яъне саволи 1 (б) : -"Оё барои иҷрои намудҳои фаъолияте, ки дар боло зикр намудед, муқаррарот мавҷуд аст?", ҷавоби "не" дода бошад, пас тибқи шарҳу тавзеҳи Замимаи 3 маълум мегардад, ки иҷроиши дурусти намудҳои осебпазири фаъолият дар ташкилот возеҳ шарҳ дода нашудааст, яъне возеҳият нокифоя аст.

Ҳамчунин, барои таҳқиқ ва ошкорсозии хавфҳо маълумотҳои зарурӣ аз ҳисоби робитаҳои ташкилот бо ҷомеаи шаҳрвандӣ низ ҷамъоварӣ карда мешавад. Барои таҳлил ва баҳо додани робитаҳои ташкилот бо ҷомеаи шаҳрвандӣ, ки дар ин раванд маълумот оид ба хавфҳои коррупсионии бевосита дар фаъолияти дар ин самт ҷойдошта ҷамъоварӣ карда мешавад, бояд расмиёте, ки ба робитаҳои ташкилот бо ҷомеаи шаҳрвандӣ дахл дорад,

батафсил баррасӣ карда шаванд. Яъне, аз ҷониби ташкилот тарзу тартиби баррасии муроҷиатҳо, сатҳи шаффофияти фаъолияти ташкилот, сомонаи интернетии он, муносибати ташкилот ба воситаҳои ахбори омма ва ғайра чӣ гуна ба роҳ монда шудааст, бояд барои ошкорсозии хавфҳои коррупсионӣ батафсил баррасӣ карда шаванд.

Баъдан, бояд ҳолати мушаххаси амалҳои коррупсионие, ки бевосита аз ҷониби худи кормандони ташкилот содир карда шудааст, таҳлил карда шавад. Таҳлили ҳолати мазкур бо мақсади ошкорсозии тарзи номукаммали идоракунӣ, муайян намудани ҳудуди имкониятҳои воқеӣ ва имконпазири ташкилот оид ба огоҳсозӣ ва пешгирии амалҳои коррупсионӣ гузаронида мешавад, ки ин маълумотҳо низ ҷиҳати таҳқиқ ва ошкорсозии хавфҳои коррупсионӣ зарурӣ эътироф мешаванд.

Таҳлили маълумотҳои оморӣ оид ба вазъи коррупсия дар ташкилот низ имкон медиҳад, ки хавфҳои коррупсионии дар ташкилот ҷойдошта таҳқиқ ва ошкор карда шаванд. Ин намуди таҳлил бо мақсади муқаррар кардани хавфҳои коррупсия дар самтҳои осебпазир, яъне дар самти номукаммалии меъёрҳо, инчунин барои пешгирӣ кардану андешидани чораҳои иловагӣ ҷиҳати тақвияти фаъолияти ташкилот гузаронида мешавад.

Ғайр аз ин, бар замми маълумотҳое, ки ҷиҳати таҳқиқ ва ошкорсозии хавфҳои коррупсионӣ аз ҳисоби таҳлили муқовимати худи ташкилот ба хавфҳои коррупсионӣ, таҳлили пурсиши кормандон, таҳлили муносибатҳои мутақобилаи ташкилот бо ҷомеаи шаҳрвандӣ, таҳлили амалҳои мушаххаси коррупсионӣ ва таҳлили маълумотҳои оморӣ оид ба вазъи коррупсия дар ташкилот ҷамъоварӣ карда мешаванд, дар раванди таҳқиқ ва ошкорсозии хавфи амалҳои коррупсионӣ барои ҷамъ овардани маълумот иловатан тарзу усулҳои дигари

ҷамъоварии маълумот низ, ба роҳ монда мешавад. Аз ҷумла:

– бозназарии иттилооти бунёдӣ, яъне бори дигар азназар гузаронидани маълумотҳое, ки қаблан вуҷуд доштанд. Дар ин раванд маълумотҳо аз ҳисоби сарчашмаҳои мавҷудбуда ҷамъоварӣ карда мешаванд. Яъне, он маълумотҳое, ки дар натиҷаи таҳқиқ ва таҳлили қаблан гузаронидашуда, маълумотҳое, ки дар натиҷаи аз тарафи гурӯҳҳои манфиатдор, шахсони мансабдор, аудиторон, кормандони мақомоти муборизабаранда бо коррупсия, кормандони Палатаи ҳисоб, Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон гузаронидани санҷишҳо ба даст оварда шудаанд ва маълумотҳое, ки аз муроҷиатҳои шаҳрвандон ва воситаҳои ахбори омма ҷамъоварӣ карда шудаанд, дар назар дошта мешавад;
– ҷамъоварии маълумот – ин ба даст овардани маълумот аз рӯи натиҷаи таҳқиқоти иҷтимоӣ мебошад. Яъне, дар ҷараёни таҳқиқоти иҷтимоӣ аз рӯи натиҷаи ҷавобҳои аҳолӣ ба пурсишҳои хаттӣ ва ё мусоҳибаҳои даҳонӣ ҷамъоварии маводҳои мушаххас дар назар дошта мешавад. Пурсиши аҳолӣ метавонад ба таври умумӣ ва ё гурӯҳи шахсони алоҳида, ки бо мақсади таҳлили муқоисавӣ барои пурсиш интихоб карда шуаанд, амалӣ карда шавад;
– маълумот мумкин аст тавассути гурӯҳҳои мақсаднок ҷамъоварӣ карда шавад. Гурӯҳҳои мақсаднок гурӯҳҳои мушаххасе мебошанд, ки барои муҳокима ва ҳалли масъалаҳои махсус даъват карда мешаванд. Ин раванди корбурд хавфҳои коррупсиониро назар ба миқдори он метавонад, ки сифатан беҳтар ошкор намояд ва ба гурӯҳи баҳодиҳӣ, бо дарназардошти амалҳои коррупсионӣ, маълумотҳои мушаххастар пешниҳод намояд. Инчунин, раванди мазкур метавонад, ки сабабҳои сар задани хавфҳои

коррупсионии ошкоршударо аниқ намуда, дар баробари ин имконоти ташкилотро вобаста ба амалисозии мубориза бар зидди ин хавфҳои коррупсионӣ возеҳ нишон диҳад.

Албатта, дар баъзе мавридҳо ба пуррагӣ аз байн бурдани хавфи амалҳои коррупсионии ошкоркардашуда номумкин аст. Вале, то ба ҳадди хавфҳои ҷиддӣ рафта расиданашон паст кардани шиддати онҳо имконпазир аст. Илова бар ин, дар як муҳлат ба пуррагӣ анҷом додани таҳлили хавфҳои коррупсионӣ, ҷудо намудани вақт, диққат ва имконот ба ҳар як хавфи ошкоргардида имконнопазир аст. Аз ин рӯ, ошкор намудани ҳадди хавфҳои коррупсионӣ, вобаста аз муътадилии афзоиши хавф, хеле муҳим мегардад. Ошкор ва муайян намудани ҳадди хавфҳои коррупсионӣ дар марҳилаи таҳлил аниқ карда мешавад.

Баъди ба анҷом расонидани марҳилаи таҳқиқу ошкорсозии хавфҳои коррупсионӣ, **марҳилаи дуюми** ҳамин давра оғоз мегардад, ки он таҳлили хавфҳои коррупсионӣ ном дошта, дар ин марҳила хавфҳо вобаста ба **таъсирнокӣ ва эҳтмолияти падид омаданашон** таҳлил мегарданд.

Таҳлил вобаста ба афзалиятнокии хавфҳои коррупсионии ошкоркардашуда ба роҳ монда мешавад. Афзалиятнокии хавфҳои коррупсионӣ ба таъсирнокии онҳо вобастагӣ дорад. Агар онҳо давомнок бошанд ё худ эҳтимолияти воқеии пайдоиши онҳо ҷой дошта бошад, ин гуна хавфҳо хавфҳои афзалиятдошта маҳсуб меёбанд.

Бо сабаби он, ки афзалиятнокии хавфҳои коррупсионӣ ба таъсирнокиашон вобастагӣ доранд, онҳо вобаста ба таъсирнокиашон метавонанд, ки хавфҳои ҷузъӣ, муътадил ва муҳим бошанд.

**Хавфҳои ҷузъӣ** чунин намуди хавфҳое мебошанд, ки онҳо ба шаъну эътибори ташкилот ва ба имкониятҳои ташкилот дар амалӣ кардани мақсадҳои худ таъсири

начандон зиёд доранд. Аз ин рӯ, онҳо вобаста ба таъсирнокии худ ба гурӯҳи хафҳои ҷузъӣ маҳсуб меёбанд.

**Хавфҳои муътадил** чунин намуди хавфҳое ҳастанд, ки онҳо ба шаъну эътибори ташкилот таъсири зиёд мерасонанд ва ё қобилияти амалисозии мақсадҳои ташкилотро сахт коҳиш медиҳанд. Яъне, таъсири хавфҳои коррупсионии муътадил назар ба тахсири хавфҳои коррупсионии ҷузъӣ зиёдтар аст.

**Хавфҳои муҳим** бошанд, чунин намуди хавфҳое мебошанд, ки оқибати онҳо низоми кори ташкилотро ба хавфи ҷиддӣ дучор карда, ба амалисозии равандҳои фаъолият ва ҳадафҳои ташкилот таъсири зиёд мерасонанд ва дар натиҷаи он ташкилот метавонад зарари калони молӣ бинад ва ба раванди корбурду пешрафти он таъсири манфӣ ворид гардад.

Таҳлили хавфҳо вобаста ба эҳтимолияти падид омаданашон метавонанд, ки хавфҳои эҳтимолияти падид омаданашон ҷузъӣ, ҳадди миёна ва аз андоза зиёд бошанд.

Хавфҳое, ки эҳтимолияти падид омаданашон **ҷузъӣ** мебошанд, хавфҳои фавқулодда низ ном бурда мешаванд ва дар ин маврид эҳтимолияти падид омадани амалҳои коррупсионӣ метавонанд, ки дар шароити фавқулодда ва ё шубҳаовар, яъне аз эҳтимол дур арзи вуҷуд дошта бошанд.

Хавфҳое, ки эҳтимолияти падид омаданашон ҳадди **миёна** доранд, хавфҳои имконпазир низ ном бурда мешаванд. Эҳтимолияти падид омадани ин хавф чунин фаҳмида мешавад, ки хавфи амалҳои коррупсионӣ метавонад дар вақти муайян, яъне дар оянда падид ояд.

Хавфҳое, ки эҳтимолияти падид омаданашон аз **андоза зиёд** аст, онҳо дар сурати инкишофи муътадили воқеот ба амал омада метавонанд.

Ҳамин тариқ, бо таҳқиқу ошкорсозӣ ва таҳлили хавфҳо давраи дуюми раванди таҳлили хавфҳои коррупсионӣ низ ба охир мерасад ва дар давраи минбаъда

ҳамаи натиҷаҳое, ки аз даври якум ва дуюм ба даст оварда шудаанд, бояд таҳлил ва баҳо дода шаванд.

## V. МАРҲИЛАИ ХОТИМАВИИ ТАҲЛИЛ (БАҲОДИҲӢ) ВА ТАҲЛИЛКУНӢ (АЗНАВБАҲОДИҲӢ)

Баҳодиҳӣ ва таҳияи тавсияномаҳо ҷиҳати бартараф намудани омилҳои номатлуб давраи хотимавии таҳлил ба ҳисоб меравад. Дар ин марҳила, натиҷаҳое, ки дар аснои таҳлили фаъолияти (хавфҳои коррупсионии) шароитҳои пешакӣ ва таҳлили бевоситаи хавфҳои коррупсионӣ, яъне таҳлили хавфҳои бевосита ҷойдошта, аз ҷониби гурӯҳ оид ба баҳодиҳии хавфҳои коррупсия ба даст оварда шудаанд, таҳлил ва баҳо дода мешаванд. Таҳлил ва баҳодиҳӣ бо тартиб додани ҳисобот ба охир мерасад. Яъне аъзоёни гурӯҳ бояд аз натиҷаи таҳлили гузаронидашуда ҳисобот тартиб диҳанд.

Ҳисоботи гурӯҳ оид ба таҳлил ва баҳодиҳӣ бояд дақиқу холисона бошад ва ба талаботҳои муқарраргардидаи Методологияи зикргардида мутобиқат намояд, яъне сана ва ҷойи тартиб дода шудани ҳисобот, вазифа, ном ва ному насаби аъзоёни ҳайати гурӯҳ, ки ҳисоботро тартиб медиҳанд, бояд қайд карда шавад. Инчунин, ҳисобот бояд шаклан ва мантиқан асоснок навишта шавад, тавсияҳое, ки барои бартараф намудани хавфҳои коррупсионии дар рафти таҳлил ошкоршуда таҳия карда мешаванд, бояд саҳеҳ ва равшан бошанд, дар аснои тартиб додани ҳисобот набояд истилоҳоти монанд, ки мазмунҳои гуногунро ифода мекунанд, истифода бурда шаванд ва дар қисмати поёнӣ аъзоёни гурӯҳ бояд дурустии маълумотҳои дар ҳисобот мавҷудбударо бо имзоҳои худ тасдиқ намоянд.

Ҳамчунин, ҳисоботи гурӯҳ оид ба таҳлил ва баҳодиҳӣ дорои хулосаҳои ба таҳлил ва баҳодиҳӣ алоқаманд бошад ва ин ҳисобот дорои тавсияҳое бошад, ки онҳо ба

бартараф кардан ё худ коҳиш додани оқибатҳои хавфҳои коррупсионии ошкор кардашуда роҳнамо бошанд.

Тазаккур додан лозим, ки ҳисобот дар бораи таҳлил ва баҳодиҳӣ бояд давра ба давра ва зина ба зина таҳия карда шавад.

**Якум,** бояд натиҷаҳое, ки дар ҷараёни таҳлили фаъолияти (хавфҳои коррупсионии) шароити пешакӣ ба даст оварда шудаанд,қайд карда шаванд. Яъне, хавфҳои коррупсионие, ки дар натиҷаи омӯзиш, таҳқиқ ва таҳлил намудани қонунҳо, низомнома ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқие, ки бевосита фаъолияти ташкилотро ба танзим медароранд, ошкор карда шудаанд, хавфҳои коррупсионие, ки дар санадҳои сохтори дохилии ташкилот ва ёдар санадҳое, ки фаъолият ва вазифаҳои берунии ташкилотро ба танзим медароранд, ошкор карда шудаанд, сараввал бояд дарҷ гарданд.

**Дуюм,** бояд натиҷаҳои дар раванди таҳлили сохторҳои ташкилии ташкилот бадастовардашуда, яъне таҳлилоти органиграммаҳо, уҳдадориҳои вазифавӣ, раванду расмиёти корӣ ва таҳлили қоидаҳои ахлоқӣ қайд карда шаванд.

**Сеюм,** бояд натиҷаи таҳлили хавфҳои институтсионалӣ, яъне натиҷаҳои таҳлили муқовимати худи ташкилот ба хавфҳои коррупсионӣ, таҳлили натиҷаҳои пурсиши кормандони ташкилот, таҳлили робитаҳои мутақобилаи ташкилот бо ҷомеаи шаҳрвандӣ ва таҳлили ҳолатҳои мушаххаси коррупсия дарҷ карда шаванд.

**Чорум,** дар ҳисобот бояд хавфҳои ошкоркардашуда аз рӯи афзалиятнокиашон, ки вобаста ба таъсирнокӣ ва эҳтмолияти падид омаданашон муайян карда мешаванд, пурра баҳо дода шуда, барои бартараф намудан ё коҳиш додани оқибатҳои зараровари онҳо тавсияҳои мушаххас оварда шаванд.

Баъди аз ҷониби гурӯҳ оид ба таҳлил ва баҳодиҳӣ тартиб додани ҳисобот, бояд дар асоси ҳамин ҳисобот

нақшаи мукаммал таҳия карда шавад. Нақшаи мазкур нақшаи мукаммал ва муфассали амал оид ба пешгирӣ намудан, бартараф кардан ва коҳиш додани хавфҳои коррупсионӣ дар ташкилот ба ҳисоб меравад.

Ҳангоми таҳияи нақша афзалиятнокии хавфҳо бояд ба ҳисоб гирифта шаванд. Яъне, дар нақшаи мукаммал сараввал хавфҳои таъсирнокиашон муҳим, баъдан муътадил ва сипас ҷузъӣ ва аз ҷиҳати эҳтимоли падид омаданашон низ, аввал хавфҳои эҳтмолияти падид омаданашон зиёд, баъдан ҳадди миёна ва баъди ин хавфҳои эҳтимолияти падид омаданашон ҷузъӣ ва тавсияҳое, ки барои бартараф ва ё коҳиш додани онҳо пешбинӣ мегарданд, нишон дода мешавад.

Нақшаи мукаммал, ки дар он хавфҳои ошкоркардашуда, тавсияҳои барои бартараф ва ё коҳиш додани онҳо додашуда, иҷрокунанда ва муҳлати иҷро нишон дода мешаванд. Баъд аз мувофиқа бо ҳамаи воҳидҳои сохтории манфиатдори ташкилот, аз тарафи роҳбари ташкилот тасдиқ карда мешавад.

Муҳлати татбиқ намудани нақшаи мукаммал наметавонад аз 2 сол зиёд бошад. Ташкилоте, ки ба баҳодиҳӣ фаро гирифта мешавад, ба Агентӣ дар бораи татбиқи нақшаҳои мукаммал ва натиҷаҳои он ҳисобот пешниҳод менамояд. Агентӣ ҳуқуқ дорад, дар бораи тадбирҳое, ки бояд амалӣ карда шаванд, маълумоти иловагӣ талаб намояд.

Аз ҷониби мақомоти Агентӣ ҳар ҷамъбасти сол ба Шӯрои миллии муқовимат бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи натиҷаҳои татбиқи нақшаи мукаммал дар ташкилотҳои баҳодиҳишаванда маълумот медиҳад ва барои босифат ва сари вақт иҷро шудани чораҳои дар нақшаи мукаммал пешбинишуда диққати махсус медиҳад.

Таҳлили фаъолият (хавфҳои коррупсионӣ) дар асоси ҳамин тартиб ва метод, ки дар боло батафсил дарҷ гардид

гузаронида мешавад ва бо тартиб додани нақшаи мукаммал ба итмом мерасад.

Қайд кардан бамаврид аст, ки бо тартиб додани нақшаи мукаммал, танҳо таҳлили фаъолият (хавфҳои коррупсионӣ) ба охир мерасад, вале дар минбаъда таъмини иҷрои татбиқи нақшаи мукаммал, бо мақсади муайян намудани самарабахшии натиҷаҳои татбиқи тавсияҳо, бояд аз нав таҳлил ва аз нав баҳо дода шавад. Яъне, дар ташкилоте, ки дар он таҳлили фаъолият (хавфҳои коррупсионӣ) гузаронида шудааст, бояд дар тӯли се сол на камтар аз як маротиба бо мақсади таҳлил намудани самарабахшии тадбирҳои пешгирикунанда, ки барои ҳаммонандкунии хавфҳо, баҳодиҳии манфиатнокии нақшаҳои мукаммал, аз нав баҳодиҳии хавфҳои ибтидоӣ ва таъмини истифодаи боманфиати манбаъҳои ташкилот истифода мешаванд, таҳлилкунӣ (азнавбаҳодиҳӣ) гузаронида шавад.

Аз натиҷаи таҳлилкунӣ (азнавбаҳодиҳӣ) иловатан ҳисобот тартиб дода шуда, бо мақсади бартараф кардани хавфҳои мавҷуда ва эҳтимолӣ, ки дар рафти таҳлилкунӣ (азнавбаҳодиҳӣ) ошкор карда мешаванд, тавсияҳо дода мешаванд ва ба ҳамин тартиб хавфҳои коррупсионии дар ташкилоти таҳлилшаванда мавҷудбуда ва хавфҳои эҳтимолӣ батадриҷ, давра ба давра бартараф ва коҳиш дода мешаванд.

**Замимаи № 1**

Ба методологияи тартиб ва методикаи гузаронидани таҳлили фаъолият (хавфҳои коррупсионӣ)

## ҲИСОБОТИ НАМУНАВӢ ОИД БА МУҚОВИМАТИ ТАШКИЛОТҲО БО ХАВФИ КОРРУПСИЯ

| № р/т | Ҷанбаҳо | Расмиёти истифодаша ванда/ ошкор намудани проблемаҳо | Хавфҳои ошкоршуда | Қарорҳо |
|---|---|---|---|---|
| 1. | Мавҷудият и муқар-рарот | Мавҷуд набудан ё нопурра будани муқар-рароти мавҷуда | Набудани шакли ягонаи расмиёти истифодашава-нда. Монеаҳои нокифоя дар роҳи суиисти-фодабарӣ. Амал бо ташабусси худ. Таҳияи сохтор. Фишори зиёд ба тавзеҳоти шахсӣ дар маҷмуъ | Таҳия ва такмили муқаррароти танзмкунандаи ҳамаи гурӯҳҳои намудҳои осебпазири фаъолият |
| 2. | Мазмуни муқар-рарот | Муқаррарот ба талаботи комилӣ ба қадри маҷмуъ нокифоя | Муқаррароти нокифоя барои пешгирии амалҳои инфиродӣ.<br><br>Нокифоягии муқаррароти танзимкунандаи расмиёти назорат ва санҷиш | Муқовимат ба амалҳои инфиродӣ ва беҳтар намудани назорат тавассути таҳияи муқаррарот оид ба фаъолияти гурӯҳҳои корӣ, ҷудо кардани вазифаҳо, қабули карори муштарак, масъулият (ҳисоботдиҳии сохторӣ), назорати сохторӣ, меъёрҳои баҳодиҳии возеҳу равшан, бақайдгирииии хаттии фаъолият ва қарорҳо |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| 3. | Иттилоо-тонӣ оид ба мукар-рарот | Иттилоо-тонии нокифоя оид ба мукаррарот | Набудани шакли ягонаи расмиёт. Амал бо ташаббуси худ | Беҳтаргардонии иттилоотонӣ дар бораи мукаррарот тавассути тавсеаи зиёди онҳо, дастрасии васеъ |
| 4. | Татбиқи мукаррарот | Татбиқи номатлуби мукаррарот | Хусусусияти озодона татбиқшавии истифодабарии тавзеҳоти шахсии комилӣ | Мусоидат ба татбиқи мукаррарот дар мисоли тарзҳои идоракнӣ, назорат, мондани таҳримҳо дар ҳолатҳои татбиқ нагаштан ё нодуруст татбиқ кардан |
| 5. | Мукаррар оти махсус оид ба маъмури-кунонии иттилооти махфӣ | Набудан, надонистан ва/ё татбиқ накардани мукаррарот | Монеаҳои сатҳи паст дар роҳи ихроҷи иттилоот<br><br>Нокифоягии хушёрӣ<br><br>Нокифоягии эҳтиёткории шахсӣ | Таҳияи мукаррароти танзимкунандаи истифодаи тодурусти иттилоот (таҳия, тағйирот, тавсеа, нусхабардорӣ, маъмурикунонӣ, нигоҳдорӣ ва ғайра), истифодаи васеъи мукаррарот, мондани таҳримҳо барои риоя накардани мукаррарот |
| 6. | Мукаррар оти махсус вобаста ба маъмури-кунонии захираҳои молиявӣ ва буҷет | Набудан, надонистан ва/ё татбиқ нагаштани мукаррарот | Монеаҳои сатҳи паст барои исрофкории маблағҳо<br><br>Нокифоягии хушёрӣ<br>Имконияти васеъ барои тавзеҳоти шахсии комил | Таҳияи мукаррарот дар бораи маъмурикунонии фондҳо ва талабот оид ба пардохти хароҷот (ҷудокунӣ, назорат, хароҷот, пардохтҳо), тавсеаи зиёди мукаррарот, гузоштани таҳримҳо дар ҳолатҳои риояи нагаштани мукаррарот, аудити мустақил |
| 7. | Мукаррар оти махсуси танзим-кунандаи хариди мол ва | Набудан, надонистан ва/ё татбиқ нагаштани мукаррарот | Монеаҳои сатҳи паст барои исрофкории маблағҳо<br><br>Нокифоягии хушёрӣ | Пешгирии исрофкории маблағҳо тавассути таҳияи мукаррароти танзимкунандаи хариди мол ва хизматрасонҳо |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| | хизмат-расонӣ | | Имконияти васеъ барои тавзеҳоти шахсии комилӣ | (вобаста ба талабот оид ба сифат, шартҳои таҳвил, масоили музокирот бо таҳвилунандаи, озмунҳо) тавсеаи зиёди муқаррарот, мондани таҳримҳо барои риоя накардани муқаррарот, назорати риояи муқаррарот |
| 8. | Низомномаи махсуси истифодаи мол ва хизмат-расонӣ барои истифодаи шахсӣ | Надоштан, надонистан ва/ё истифода набурдани низомнома | Монеаҳои сатҳи паст барои исрофкории маблағҳо<br><br>Надодани диққати зарурҷ<br><br>Имконияти васеъ барои шарҳи шахсии мукаммалгардонӣ | Пешгирии истифодабарии ғайриқонунии мол ва хизматрасониҳо тавассути таҳияи муқаррарот оид ба истифодаи мол ва хизматрасониҳо бо мақсади, тавсеаи зиёди муқаррарот, мондани таҳримҳо барои риоя накардани муқаррарот, назорат аз болои риояи муқаррарот |
| 9. | Интихоби кормандон | Таваҷҷӯҳи нокифоя ба такмилгар-донии кормандон | Таваҷҷӯҳи нокифоя ба такмили кормандони интихобшуда<br><br>Таваҷҷӯҳи нокифоя ба ҷанбаҳои осебпазири мансабҳо<br><br>Хусусияти ихитёрии интихоби кормандон | Интихоб ва қабули кормандон тавассути истифодаи пайвастаи расмиёт, талаботи пур кардани CV, талабот ва санҷиши тавсияномаҳо, дархости маълумот дар бораи муваффақиятҳо дар мансабҳоиқаблии ишғолнамуда, санҷиши аслӣ будани дипломҳо ва сертификатҳо, талабот ба сертификати рафтори нек, иттилоотнокии номзадҳо дар бораи ҷанбаҳои вазифа дар маҷмӯъ, қабули савганд (ё қавли |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| | | | | расмӣ) ташкили талаботи комилӣ, барномаи таълимии муқаддимавӣ (таваҷҷӯҳ ба комилӣ) |
| 10. | Омӯзиши кормандон | Ҳангоми омӯзиши кормандон таваҷҷӯҳи кофӣ ва талабот ба талаботи комилӣ дода намешавад. | Хушёрии нокифоя<br><br>Идроки нокифоя<br><br>Нокифоягии эҳтиёткорӣ | Зиёд намудани хушёрӣ ва дарки марбут ба комилӣ, тавассути таваҷҷуҳ додан ба талабот оид ба комилӣ дар курсҳо, маводи иттилоотӣ, интихоби кормандон тибқи озмуни ҳатмӣ |
| 11. | Ухдадо-риҳои мансабӣ | Набудани вазифаҳои мансабӣ, хусусияти ғайри-актуалӣ ё норавшан доштани онҳо | Норавшанӣ дар ухдадориҳо ва ваколатҳо<br><br>Амал бо ташаббуси худ | Таъмин намудани равшаниандозӣ ва ухдадорию ваколатҳо тавассути ухдадориҳои мансабии мубрами пурра ва дақиқ |
| 12. | Мутоби-қатии дохилӣ ва берунӣ | Намудҳои бисёри осебпазири фаъолият, ки дар доираи як мансаб мутамарказ шудаанд | Ҷалби нокифоя | Назорати хавфҳои бавоситаи ҷудо намудани вазифаҳо |
| 13. | Мавчуди-яти "Минтақаи ноаён" | Зиёд будани ухдадориҳои воқеӣ аз сатҳи ваколатҳои расмӣ | Мавҷуд набудани сеҳеҳият вобаста ба қонунӣ будани қарорҳо ва фаъолият | Аз байн бурдани "минтақаи ноаён" бо ёрии ухдадориҳои мансабии дахлдор |
| 14. | Машвара-тдиҳӣ ва масъулият | Мавҷуд набудани машварат-диҳии пешакӣ ва баҳодиҳии минбаъда. Мавҷуд набудани | Қонунияти носанҷидашуда<br><br>Хатогиҳо муайян ва ислоҳ нагардидаанд.<br><br>Ислоҳ намудан мумкин аст | Таъмини қонунияти намудҳои фаъолият аз "минтақаи ноаён" тавассути машваратдиҳии пешакии гузашта (монеаи муносиб) ва ё баҳодиҳии минбаъда (монеаи камтарини |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| | | машварат-диҳии пешакӣ дар баҳодиҳии минбаъда (оянда) | танҳо вақте, ки хатогиҳо алакай содир шудаанд, тасодуфан дар машварати пешакии тасодуфӣ ё баҳодиҳии минбаъда<br><br>Хуссусияти ихтиёрӣ | ҳадди ақал) |
| 15. | Мавҷуди-яти назорат | Санҷишгар (сардори бевосита) имконияти фавран додани маслиҳат-ҳоро надорад. | Амалҳои инфиродӣ<br><br>Амал бо ташаббуси худ | Пешгирии амамлҳои инфиродӣ ва беҳтар намудани назорат тавассути омодагии муносиби сардори бевосита, таъйин намудани муовин ба роҳбари бевосита (агар зарурат дошта бошад) |
| 16. | Таваҷҷӯҳ ба комилӣ | Мавҷуд набудани ё нокифоягии машваратҳо, ки ба комилӣ ҷалб шудаанд (на камтар аз як маротиба дар як моҳ) | Амал бо ташаббуси худ<br><br>Нокифоягии назорати иҷтимоӣ Нокифоягии хушёрӣ ва идрок ба талаботи комилӣ | Пешгирии амалҳои инфиродӣ, мусоидат ба назорати иҷтимоӣ ва ҷудо намудани таваҷҷуҳи махсус ба комилӣ тавассути машваратдиҳии мунтазам (на камтар аз як маротиба дар як моҳ) бо ворид намудани комилӣ дар рӯзномаи ҳаррӯза |
| 17. | Мусоҳиба-ҳои баҳодиҳӣ | Гузарони-дани мусоҳиба-ҳои баҳодиҳӣ на камтар аз як маротиба дар як сол ва/ё масъалаҳои осебпазир баррасӣ намешаванд | Нокифоягии назорат, дастгирӣ, санҷиш ва ислоҳ<br><br>Нокифоягии хушёрӣ ва идрок | Давра ба давра гузаронидани мусоҳибаҳои баҳодиҳӣ бо дарназардошти ҷанбаҳои осебпазири мансабҳо |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| 18. | Робитаҳои берунӣ | Санҷишкунанда (роҳбари бевосита) дар бораи робитаҳои берунаи кормандон маълумоти кофӣ надорад. | Назорати нокифоя<br><br>Набудани имконият барои муайян намудани алоқаҳои хавфнок<br><br>Амали инфиродӣ | Пешгирии амали инфиродӣ, мусоидат ба назорат ва пешгирӣ намудани бархӯрди манфиатҳо бо роҳи маъруӯзаи ҳатмӣ дар бораи робитаҳои беруна ҳамчун як банди доимии рӯзномаи рӯз |
| 19. | Масъулият ва назорат | Нокифоягии басомади маърӯза дар бораи фаъолияти осебпазир<br><br>Санҷиши мунтазам тавассути назорат | Назорати нокифоя<br><br>Амали инфиродӣ<br><br>Амал бо ташаббуси худ<br><br>Назорати нокифоя | Мусоидат ба иҷрои дуруст ва бодиққати вазифаҳои осебпазир бо маърӯзаи пешгирикунанда ва дар сурати зарурӣ,ислоҳи хатогиҳо бо роҳи тез-тез аз кормандон дархост намудани маърӯза, то ҳадди имконпазир. Назорати умумӣ ё санҷишҳои интихобии намунавӣ дар ҷойи кор, ҷорӣ кардани варақаҳои махсуси назоратӣ дар ташкилотҳо |
| 20. | Шахсони бегонаи хавфнок | Дар бораи кӯшиши берунии вайрон кардани комилӣ маълумот намедиҳанд | Халалдор кардани фаъолияти ташкилот | Пешгирӣ дар доираи ташкилот тавассути хабаррасонии ҳатмӣ ба шахсони болоӣ дар бораи кӯшиши вайрон кардани комилӣ аз берун |
| 21. | Коргарони хавфнок | Мавҷуд набудан, нодонистан ва/ё риоя накардани шартҳо нисбат ба кормандони хавфнок | Муносибати номунтазам ба вайронкунии (хусусияти ихтиёрии истифодаи таҳримҳо барои вайронкуниҳо) Норасоии идрок ба | Пешгирии рафтори нопоки кормандон тавассути истифодаи таҳримҳо |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| | | | оқибатҳои рафтори нопок. | |
| 22. | Тухфаҳо, фоидаи иловагӣ | Мавҷуд набудан, надонистан ва/ё иҷро накардани муқаррарот дар бораи тухфаҳо ва фоидаи иловагӣ | Бархурди манфиатҳо<br><br>Фишор аз ҳад зиёд ба муносибатҳои шахсӣ дар комилӣ | Пешгирӣ, инчунин ҳалли муносиби бархӯрди манфиатҳо<br><br>Тавсеаи зиёди муқаррарот дар бораи бархӯрди манфиатҳо ва ҳал намудани онҳо<br><br>Назорати иҷро ва дар ҳолати зарурӣ истифодаи таҳримҳо |
| 23. | Амнияти ҷисмонӣ | Номувофи-қатии расмиётҳо | Монеаи бе ҳад паст барои вайрон кардани комилӣ аз тарафи сеюм | Пешгирии вайрон кардани комилӣ аз ҷониби шахсони беруна бо роҳи амнияти ҷисмонии муносиб (назорат дар даромадгоҳ, ҳатман худро шиносонидан, бақайдгирии ташрифоварандагон, қулф кардани идораҳо, ҷевонҳо, мизҳо ва ҷевонҳои оҳанин) |
| 24. | Таносуби қонуният ва самара-бахшӣ | Тавҷҷуҳи номуносиб ба самарабахшӣ ба зарари қонуният | Фишори аз ҳад зиёд ба дарки шахсии комилӣ | Таваҷҷуҳи зиёд ба қонуният ва коҳиш додани фишор ба дарки шахсии комилӣ, тавассути вазифаҳои мансабии дахлдор, бо роҳи дарафзоӣ ба намудҳои осебпазири фаъолият, ба воситаи расмиёти дахлдор мутобиқи алоқаҳои беруна, тавассути ҳавасмандгардонии масъулият ва назорат |
| 25. | Боодобӣ | Сатҳи нокифоя ва ё аз ҳад зиёд будани боодобӣ дар | Таваҷҷуҳи нокифоя ба манфиатҳои умумӣ | Мусоидат ба боодобӣ дар доираи ташкилот бо роҳи таҳияи Кодекси одоб |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| | | дохили ташкилот | Рафтори беодобона<br><br>Пинҳон намудани камбудиву норасоиҳо | Кам кардани хавф бо роҳи таваҷҷуҳ ба амалҳои вобаста ба робитаҳои беруна, Робитаҳои ҳаёти шахсӣ бо касбӣ, тухфаҳо, даромади иловагӣ. |
| 26. | Муоши-рати дохилӣ | Муошироти нокифояи дохилӣ | Набудани алоқа байни роҳбарият ва зердастон<br><br>Набудани дақиқӣ дар муносибатҳои фаъолияти ҳамкорон<br><br>Назорати пасти иҷтимоӣ | Кам кардани хавф бо роҳи якҷоя кардани уҳдадориҳои мансабӣ дастрасии назорат, басомади машваратдиҳиҳо ва таваҷҷуҳ ба комилӣ, мусоҳибаҳои баҳодиҳӣ, робитаи беруна, муқаррарот оид ба махфияти иттилоот, муқаррарот оид ба захираҳои молиявӣ ва буҷет, муқаррарот оид ба хариди мол ва хизматрасониҳо ба мақсади шахсӣ, расмиёт вобаста ба тухфаҳо ва даромадҳои иловагӣ. Батанзимдарории муошироти дохилӣ бо роҳи таҳияи муқаррароти дахлдор кодексҳои одоб |

**Замимаи № 2**

Ба методологияи тартиб ва методикаи гузаронидани таҳлили фаъолият (хавфҳои коррупсионӣ)

# САВОЛНОМА – НАМУНА БАРОИ ҲАЙАТИ КОРӢ

## барои ҳар як савол танҳо як ҷавобро ишора намоед

| **р/т** | **Савол** | **Ҷавоб** |
|---|---|---|
| 1 | 2 | 3 |
| 1 | Оё шумо намудҳои фаъолияти осебпазирро иҷро менамоед? | |
| | | |
| | Агар не, пас ба саволи 5-ум гузаред | Ҳа |
| а) | Ҳар ҳолате, ки агар шумо намудҳои осебпазири фаъолиятро иҷро менамоед дар поён (ҳадди ниҳоӣ) се мисол оред | Не |
| | Мисоли 1 | |
| | Мисоли 2 | |
| | Мисоли 3 | |
| б) | Оё барои иҷрои намудҳои фаъолияте, ки дар боло зикр намудед, муқаррарот мавҷуд аст? | |
| | Мисоли 1 | Ҳа |
| | | Не |
| | | Намедонам |
| | Мисоли 2 | Ҳа |
| | | Не |
| | | Намедонам |
| | Мисоли 3 | Ҳа |
| | | Не |
| | | Намедонам |
| в) | Агар ҳа, нишон диҳед, ки шумо аз муҳтавои ин низомномаҳо бохабар ҳастед | |
| | Мисоли 1 | Ҳа |
| | | Не |
| | Мисоли 2 | Ҳа |
| | | Не |
| | Мисоли 3 | Ҳа |
| | | Не |
| г) | Агар ҳа, ба ҳар як мисол нишон диҳед, агар нусхаи ин муқаррарот дар дасти шумо бошанд | |
| | Мисоли 1 | Ҳа |
| | | Не |
| | Мисоли 2 | Ҳа |
| | | Не |
| | Мисоли 3 | Ҳа |
| | | Не |
| 2 | Оё шумо аз роҳбарият вобаста ба иҷрои ин намуди фаъолият, ғайр аз машваратҳои маъмулии бо фаъолият | |

| | | |
|---|---|---|
| | алоқаманд дастурамалҳои махсус мегиред? | |
| | | Ҳа |
| | | Не |
| 3 | Оё шумо ин намудҳои фаъолиятро бо ҳамкорон якҷоя иҷро менамоед? | |
| | | Ҳа |
| | | Не |
| 4 | Агар шумо набошед шуморо ҳамкоре, ки мисли шумо ихтисос дорад иваз карда метавонад? | |
| | | Ҳа |
| | | Не |
| 5 | Оё шумо уҳдадориҳои вазифавӣ доред? | |
| | | Ҳа |
| | | Не |
| 6 | Оё шумо фикр мекунед, ки дар ҳақиқат ваколатҳои шумо нисбат ба ваколатҳои пешбининамуда расмиатон зиёданд? Оё дар ин маънии "минтақаи ноаён" ҷой дорад? | |
| | | Ҳа |
| | | Не |
| 7 | Агар ҳа, оё шумо бо роҳбарони болои пеш аз қарор қабул кардан нисбати ин "минтақаи ноаён" машварат намудаед? | |
| | | Ҳа |
| | | Баъзан |
| | | Не |
| 8 | Оё шумо ба роҳбарияти болоӣ қарори нисбати ин "минтақаи ноаён" баровардаатонро фаҳмонда будед? | |
| | | Ҳа |
| | | Баъзан |
| | | Не |
| 9 | Асосан тартиби машварат бо роҳбарияти болоӣ зуд ва осон аст? | |
| | | Ҳа |
| | | Не |
| 10 | Оё шакли умумии машварат нисбати корҳо бо роҳбарияти болоӣ ва ҳамкорони наздик вуҷуд дорад ? | |
| | | Ҳа |
| | Агар не, ба саволи 13 гузаред | Не |
| 11 | Агар машварати корӣ гузаронида шавад суръати миёнаи онҳоро нишон диҳед | |
| | На камтар аз як маротиба дар як моҳ | Ҳа |
| | Як маротиба дар як моҳ | Ҳа |
| | Зиёда аз як маротиба дар як моҳ | Ҳа |
| 12 | Агар машварати корӣ гузаронида шавад дар чи қадар муҳлат шумо МАВЗӮИ "комилӣ дар вазияти корӣ"-ро муҳокима менамоед? | |
| | Ҳеҷ вақт | Ҳа |
| | На камтар аз як маротиба дар як моҳ | Ҳа |
| | Як маротиба дар як моҳ | Ҳа |
| | Зиёда аз як маротиба дар як моҳ | Ҳа |
| 13 | Оё шуморо ақалан дар як сол як маротиба роҳбарият | |

| | | |
|---|---|---|
| | баҳогузори менамояд? | |
| | | Ҳа |
| | | Не |
| 14 | Агар роҳбар шуморо баҳогузорӣ намояд МАВЗӮИ "комилӣ дар вазъияти корӣ" муҳокима мешавад? | |
| | | Ҳа |
| | | Не |
| 15 | Оё шумо дар фаъолияти худ бо шахсони бегона муносибат менамоед? | |
| | | Ҳа |
| | (агар не, гузаред ба саволи 18) | Не |
| 16 | Оё аз муносибати шумо бо шахсони бегона доштан дар фаъолиятатон роҳбари шумо хабар дорад? | |
| | | Ҳа |
| | | Не |
| 17 | Оё роҳбари шумо моҳияти ин муносибатҳоро медонад? | |
| | | Ҳа |
| | | Не |
| 18 | Ба ҳисоби миёна дар чанд вақт шумо дар бораи фаъолияти худ ба роҳбарият гузориш медиҳед? | |
| | На камтар аз якмаротиба дар як моҳ | Ха |
| | Як маротиба дар як моҳ | Ҳа |
| | Зиёда аз як маротиба дар як моҳ | Ҳа |
| 19 | Гузориш ба роҳбари худ дар бораи фаъолият ба амаҳои зерин меорад: | |
| | Ба гузориши пура бо санҷиши мундарича | Ҳа |
| | Ташхис ва санҷиши якчанд самтҳои фаъолияти шумо | Ҳа |
| | Тасдиқи маъмулии фаъолияти шумо | Ҳа |
| 20 | Оё шумо ягон вақт дар раванди фаъолият дар бораи мушкилоти шахсии ягон нафаре аз ҳамкорон шунида будед? (мушкилоти молиявӣ ё мушкилот дар муносибатҳо) | |
| | | Ҳа |
| | | Не |
| 21 | Оё муҳокимаи мушкилот (мушкилоти молиявӣ ё мушкилот дар муносибатҳо) дар идораи шумо имконият дорад? | |
| | | Ҳа |
| | | Не |
| 22 | Оё шумо ба вазъияте, ки қарорҳои касбӣ метавонад ба зиндагии минбаъдаи шахсии шумо таъсир расонад вохӯрдаед? | |
| | | Ҳа |
| | | Не |
| 23 | Агар ҳа, шумо метавонистед ба каси дигар ин мушкилотро пешниҳод намоед ё ин ки барои қарор қабул намудан ҳамкори худ ё корманди боломақомро ҷалб намоед? | |
| | | Ҳа |
| | | Не |
| 24 | Оё шумо дар бораи ҳаракатҳои таъсиррасонии шахсони | |

| | | |
|---|---|---|
| | бегона барои ба қарори касбии ҳамкорони худ шунидаед? | |
| | | Ҳа |
| | | Не |
| 25 | Агар ҳа, оё чунин ҳолатҳо дар дохили ташкилоти шумо ба таври расмӣ муҳокима шуда буданд ? | |
| | | Ҳа |
| | | Не |
| 26 | Агар ҳа, оё шумо ягон вақт дар бораи ҳолатҳои дар ташкилоти шумо ба амал омадани дуздӣ ва ба яғмо бурдан ё дигар амалҳое, ки вайронкунандаи комилият ба ҳисоб меравaнд шунида будед? | |
| | | Ҳа |
| | | Не |
| 27 | Оё барои чунин ҳолатҳо муқаррарот мавҷуд ҳаст? | |
| | | Ҳа |
| | (Агар не ё намедонед ба саволи 30 гузаред) | Не |
| | | Намедонам |
| 28 | Агар ҳа, оё шумо ба мазмуни ин муқаррарот шинос ҳастед? | |
| | | Ҳа |
| | | Не |
| 29 | Оё ин муқарраротро дар амал истифода мебаред? | |
| | | Ҳа |
| | | Не |
| | | Намедонам |
| 30 | Оё шумо бо маълумоти махфӣ кор мекунед? | |
| | | Ҳа |
| | | Не |
| 31 | Оё дар ташкилоти шумо муқаррарот дар бораи пешниҳоди маълумоти махфӣба шахсони бегона мавҷуд аст? | |
| | | Ҳа |
| | | Не |
| | | Намедонам |
| а) | Агар ҳа, ин муқаррарот мансуб мешавад ба: | |
| | тартиб додан, тағйир додан ва ё тарҷумаи маълумотҳои махфӣ? | Ҳа |
| | паҳн намудани маълумоти махфӣ? | Ҳа |
| | нусхабардории маълумоти махфӣ? | Ҳа |
| | маъмурикунонӣ ё ҳуҷҷатикунонии маълумотҳои махфӣ? | Ҳа |
| | нигоҳдорӣ ё ҷамъоварии маълумотҳои махфӣ (масалан сиёсати "бюрои тоза")? | Ҳа |
| 32 | Оё ин муқарраротро дар амал истифода мебаред? | |
| | | Ҳа |
| | | Не |
| | | Намедонам |
| 33 | Оё шумо бо воситаҳои молиявӣ ё буҷетӣ кор мекунед? | |
| | | Ҳа |
| | Агар не ба саволи 36 гузаред | Не |
| 34 | Оё муқаррароти марбут ба воситаҳои молиявӣ ё буҷетч | |

| | | |
|---|---|---|
| | мавҷуд ҳаст? | |
| | | Ҳа |
| | | Не |
| | | Намедонам |
| а) | Агар ҳа, ин муқаррарот ба инҳодахлдорад: | |
| | тақсимоти воситаҳои молӣ ё буҷавӣ дохил мешавад? | Ҳа |
| | | Не |
| | | Намедонам |
| | Менеджменти (идоракунии) воситаҳои молӣ ё буҷавӣ? | |
| | | Ҳа |
| | | Не |
| | | Намедонам |
| | Истифодаи воситаҳои молиявӣ ё буҷетӣ? | |
| | | Ҳа |
| | | Не |
| | | Намедонам |
| 35 | Ин муқаррарот дар амал истифода мегардад? | |
| | | Ҳа |
| | | Не |
| | | Намедонам |
| 36 | Оё, шумо ба талаботи пардохти хароҷот алоқае (муносибате) доред? | |
| | | Ҳа |
| | (Агар не, ба саволи 42 гузаред) | Не |
| 37 | Оё, муқаррарот оид ба пур кардан ва тасдиқ намудани талаботи мазкур вуҷуд дорад? | |
| | | Ҳа |
| | | Не |
| | | Намедонам |
| 38 | Агар ҳа, оё, шумо ба мазмуни ин муқаррарот шиносоӣ доред? | |
| | | Ҳа |
| | | Не |
| 39 | Оё, Шумо бо хариди молу хизматрасонҳо сару кор доред? | |
| | | Ҳа |
| | (Агар не, ба саволи 42 гузаред) | Не |
| 40 | Оё, муқаррарот оиди ба даст овардани мол ва хизматрасонҳо аз ҷониби ташкилоти шумо вуҷуд дорад? | |
| | | Ҳа |
| | | Не |
| | | Намедонам |
| а) | Агар ҳа, ин муқаррарот дахд дорад ба: | |
| | муайянсозии талабот ба сифат ва шартҳои таҳвили молу хизматрасонӣ? | |
| | | Ҳа |
| | | Не |
| | | Намедонам |
| | Оё, шумо нарх ва муқаррароттро пурсон мешавед? | |
| | | Ҳа |
| | | Не |

| | | |
|---|---|---|
| | | Намедонам |
| | Шумо бо таҳвилгарон (вобаста ба имконот) савдо мекунед? | |
| | | Ҳа |
| | | Не |
| | | Намедонам |
| 41 | Оё, ин муқаррарот дар амал татбиқ мешавад? | |
| | | Ҳа |
| | | Не |
| | | Намедонам |
| 42 | Оё, муқаррарот оиди истифодаи шахсии мол ва хизматрасонӣ дар ҷойи кор вуҷуд дорад? | |
| | | Ҳа |
| | (Агар не, ба саволи 45 гузаред) | Не |
| | (Агар намедонед, ба саволи 45 гузаред) | Намедонам |
| 43 | Агар ҳа, оё шумо бо мазмуни ин муқаррарот шинос ҳастед? | |
| | | Ҳа |
| | | Не |
| 44 | Оё, ин муқаррарот дар амал татбиқ мешавад? | |
| | | Ҳа |
| | | Не |
| | | Намедонам |
| 45 | Оё, муқаррарот оид ба қабули туҳфаҳо ва нишонаҳои таваҷҷуҳ вуҷуд дорад? | |
| | | Ҳа |
| | | Не |
| | | Намедонам |
| 46 | Агар ҳа, оё шумо бо мазмуни ин муқаррарот шинос ҳастед? | |
| | | Ҳа |
| | | Не |
| 47 | Оё, ин муқаррарот дар амал татбиқ мешавад? | |
| | | Ҳа |
| | | Не |
| | | Намедонам |
| 48 | Оё муқаррарот оид ба дар як вақт ишғоливазифа ва ё даромадҳои иловагӣ вуҷуд дорад? | |
| | | Ҳа |
| | | Не |
| | | Намедонам |
| 49 | Агар ҳа, оё шумо бо мазмуни ин муқаррарот шинос ҳастед? | |
| | | Ҳа |
| | | Не |
| 50 | Оё, ин муқаррарот дар амал татбиқ мешавад? | |
| | | Ҳа |
| | | Не |
| | | Намедонам |
| 51 | Оё муқаррарот оид ба гирифтани мукофотҳо (инъомҳо) аз тарафи шахсони сеюм барои корҳое ки мувофиқи | |

| | | |
|---|---|---|
| | уҳдадориҳои касбӣ ба амал бароварда мешаванд (дар мисоли хондани лексияҳо, тадрис дар курсҳои омӯзишӣ, пешниҳоди маслиҳатҳо ва ин амсол) вуҷуд дорад? | |
| | | Ҳа |
| | | Не |
| | | Намедонам |
| 52 | Агар ҳа, оё шумо бо мазмуни ин муқаррарот шинос ҳастед? | |
| | | Ҳа |
| | | Не |
| 53 | Оё, ин муқаррарот дар амал татбиқ мешавад? | |
| | | Ҳа |
| | | Не |
| | | Намедонам |
| 54 | Оё дар ташкилоти шумо муқаррарот оид ба манъ кардани даромади шахсони бегона ба утоқи кориатон вуҷуд дорад? | |
| | | Ҳа |
| | | Не |
| | | Намедонам |
| 55 | Дар ташкилоте, ки ман кор мекунам: | |
| | муҳимтар он аст, ки "кор аз рӯйи қоида" иҷро шавад, нисбат ба он ки вазифаро сари вақт ба иҷро расонӣ. | |
| | | Розӣ ҳастам |
| | | Намедонам |
| | | Розӣ нестам |
| 56 | Дар ташкилоте, ки ман кор мекунам, дар бисёр мавврид маро аз рӯйи натиҷаи корам баҳо медиҳанд, на аз рӯйи оне ки бо кадом восита ман ин натиҷаро ба даст овардам. | |
| | | Розӣ ҳастам |
| | | Намедонам |
| | | Розӣ нестам |
| 57 | Дар ташкилоте, ки ман кор мекунам, бисёр мавврид ба осорҳои ногаҳонӣ ва беруназмуқарраротӣ барои ба даст овардани натиҷаҳои дилхоҳ роҳ дода мешавад. | |
| | | Розӣ ҳастам |
| | | Намедонам |
| | | Розӣ нестам |
| 58 | Дар ташкилоте, ки ман кор мекунам, қисми зиёди ҳамкорон манфиати худро аз манфиати ташкилот болотар мемонанд. | |
| | | Розӣ ҳастам |
| | | Намедонам |
| | | Розӣ нестам |
| 59 | Дар воҳидисохторие, ки ман кор мекунам, қисми зиёди ҳамкорон манфиати бахши худро аз манфиати умумии ташкилот болотар мемонанд. | |
| | | Розӣ ҳастам |
| | | Намедонам |
| | | Розӣ нестам |

| | | |
|---|---|---|
| 60 | Дар ташкилот ва ё воҳидисохторие, ки ман кор мекунам, ба рафтори номуносиби ҳамкорон, новобаста аз дараҷаи вазнинии мусоҳилакорӣ диққати ҷиддӣ дода намешавад. | |
| | | Розӣ ҳастам |
| | | Намедонам |
| | | Розӣ нестам |
| 61 | Дар ташкилоте ва ё воҳидисохторие, ки ман кор мекунам, дарк намудан хеле душвор аст, ки роҳбарият дар кадом самт фаъолият мебаранд. | |
| | | Розӣ ҳастам |
| | | Намедонам |
| | | Розӣ нестам |
| 62 | Дар ташкилоте ва ё воҳидисохторие, ки ман кор мекунам, расм шудааст, ки ҳамкорон якдигарро аз қабули чорабиниҳо пешакӣ огоҳ созанд. | |
| | | Розӣ ҳастам |
| | | Намедонам |
| | | Розӣ нестам |
| 63 | Дар ташкилоте, ки ман кор мекунам, бисёр маврид бо маълумоте дучор меоям, ки аз бахшҳои гуногуни ташкилот ирсолшуда, ҳама як мавзӯъро дар бар мегиранд. | |
| | | Розӣ ҳастам |
| | | Намедонам |
| | | Розӣ нестам |
| 64 | Дар ташкилоте, ки ман кор мекунам, кормандон он қадар ҷуръат доранд, ки роҳбариятро танҳо байни худ танқид мекунанд. | |
| | | Розӣ ҳастам |
| | | Намедонам |
| | | Розӣ нестам |
| 65 | Дар ташкилоте, ки ман кор мекунам, ба хатогиҳо ва саҳву камбудиҳои ҷойдошта бисёр бо таҳаммул муносибат мекунанд. | |
| | | Розӣ ҳастам |
| | | Намедонам |
| | | Розӣ нестам |
| 66 | Дар ташкилоте, ки ман кор мекунам, ба хатогиҳо ва камбудиҳое ки аз тарафи шахсони мансабдор роҳ дода мешавад, нисбат ба камбудиҳои содирнамудаи кормандони қаторӣ, бисёр беҳад оромона муносибат менамоянд ва ё дар бораи онҳочизегуфтанамешавад. | |
| | | Розӣ ҳастам |
| | | Намедонам |
| | | Розӣ нестам |
| 67 | Дар ташкилоте, ки ман кор мекунам, расм шудааст, ки агар касеро танқид кардан хоҳӣ, фикри худро тасвият намуданӣ бошӣ ва ё чизеро шарҳ доданӣ шавӣ бояд хеле боэҳтиёт амал намоӣ. | |
| | | Розӣ ҳастам |
| | | Намедонам |
| | | Розӣ нестам |

| | | |
|---|---|---|
| 68 | Дар ташкилоте ман кор мекунам, хеле кам ба мушоҳида мерасад, ки танқид ба мусбатгардонӣва тағйири раванди кор таъсир гузорад | |
| | | Розӣ ҳастам |
| | | Намедонам |
| | | Розӣ нестам |
| 69 | Шумо кадом вазифаро ишғол кардаед? | |
| | | Роҳбарӣ |
| | | Ғайри роҳбарӣ |
| 70 | Ташкилоте, ки шумо кор мекунед чи ном дорад? | |
| | | |

**Замимаи № 3**

Ба Методологияи тартиб ва методикаи гузаронидани таҳлили фаъолият (хавфҳои коррупсионӣ)

# ШАРҲУ ТАФСИРИ ПОСУХҲО

| Нуқтаи назар | Посуххои имконпазир | Тариқи баҳодиҳӣ |
|---|---|---|
| 1 | 2 | 3 |
| Намудҳои осебпазири фаъолият (саволҳои 1 – 4) | Агар ҷавоб ба саволи 1 "не бошад, дар он сурат аниқ маълум мегардад, ки намудҳои осебпазири фаъолият вуҷуд дорад. | Зиракии нокифоя ё худ таваҷҷуҳи нокифоя ба намудҳои осебпазири фаъолият |
| | Ҷавоби "не" ва ё "намедонам" ба саволи 1б ва ҳамчунин ҷавоби "не" ба саволи 1в (ва ба дараҷаи кам ба саволи 1г) | Шарҳи нокифояи возеҳият вобаста ба иҷрои дурусти иҷрои намудҳои осебпазири фаъолият.<br>Омилҳои (сабабҳои) таъсир расонидан ба вазъияти ҷойдошта (бе маҷбурият) бо фишори аз меъёр зиёд (сахт) ба назари шахсии комилӣ |
| | Посухи "не" ба саволҳои 2 ва 3 | Амалҳои инфиродӣ бо машваратдиҳӣ ва назорати нокифоя |
| | Посухи "не" ба саволи 4 | Донишҳои номукаммал ва салоҳият бо натиҷаҳои имконпазир (намудҳои осебпазири фаъолият бе таваҷҷуҳи зарурӣ ба амал бароварда мешаванд) |
| "Минтақаи ноаён" (саволҳои 5-8) | Посухи "не" ба саволи 5 | Номукаммалӣ донистани вазифаҳо ва ваколатҳои расмӣ |
| | Посухи "не" ба саволҳои 7 ва 8 | Пурра мавҷуд набудани назорат бақонунӣ будани малаҳо ё қарорҳое, ки дар натиҷаи онҳо амали нодуруст мушоҳида намешавад ва ё ба ислоҳ намешаванд |
| | Посухи "баъзан" ба саволҳои 7 ва 8 | Амалҳои ихтиёрӣ |
| Мушоваратдиҳӣ (саволҳои 9-14) | Посухи "не" ба саволи 9 | Омилҳои (сабабҳои) таъсир расонидан ба вазъияти |

| | | |
|---|---|---|
| | | ҷойдошта (бе маҷбурият) бо фишори аз меъёр зиёд (сахт) барои пуррасозии назари шахсии комилӣ |
| | Посухи "не" ба саволи 10 ва "ҳа, ҳар моҳе на зиёда аз як маротиба" ба саволи 11 | Амалҳои инфиродӣ ва имконоти сусти назорат аз тарафи шахсони воломақом ва ҳамкорон |
| | Посухҳои "ҳеҷ вақт" ё "ҳар моҳ на зиёда аз як маротиба" ба саволи 12 | Зиракии нокифоя ё худ таваҷҷуҳи нокифоя ба талаботи комилӣ |
| | Посухи "не" ба саволҳои 13 ва 14 | Идоракунӣ, равонасозӣ, тасҳеҳ ва назорати нокифояи амалҳо<br>Дарки нокифояи он ки комилӣ (пурагӣ) бояд дар фаъолият нақши муҳим бозида тавонад ва ҳамчун натиҷа зиракии нокифоя ё таваҷҷуҳи нокифоя |
| Робитаи беруна (саволҳои 15-17) | Посухи "не" ба саволҳои 16 ва 17 | Назорати нокифоя, ки бо сабаби набудани имконоти эътирофсозии хатар доштани робитаҳо метавонад ба амал ояд<br>Амалҳои инфиродӣ |
| Масъулият ва назорат (саволҳои 18-19) | Агар ҷавоби пешниҳодшуда ба саволи 18 бо гурӯҳҳои баҳодиҳӣ мутобиқатӣ надошта бошад ва новобаста аз хусусиятҳои ташкилот ё воҳиди сохтории он ба амал бароварда мешавад. | Назорати нокифоя аз болои намудҳои осебпазири фаъолият<br>Амалҳои инфиродӣ ва амалҳо вобаста ба вазъияти ҷойдошта |
| | Агар посух ба саволи 19 бо "тасдиқи кӯҳна" ба ҳисоб равад | Норасоии назорати қатъӣ |
| Ҷанбаҳои хатарноки беруна (саволҳои 24-25) | Посухи "ҳа" ба саволи 24 ва "не" ба саволи 25 | Ҳисси нокифоя будани бехатарии шахси мазкур<br>Нокифоя будани зиракӣ аз тарафи роҳбарият ва ҳамкорони наздик вобаста ба маълумоти ҷанбаҳои беруна |
| | Посухи "не" ба саволи | Ҳифзи нокифояи муносибати |

| | | |
|---|---|---|
| Мансабдори хатарнок (саволҳои 26-29) | 26 | минбаъда ба ислоҳи амалҳое, ки ба вайроншавии комилӣ боис мегарданд |
| | Посухи "намедонам" ба саволи 27 ва ё ба саволи 28 | Норасоии идроки баланд ба натиҷаи амалҳое, ки ба вайроншавии комилӣ оварда мерасонад<br>Амалҳои ихтиёрӣ ва амалҳо вобаста ба вазъият |
| | Посухи "не" ва ё "намедонам" ба саволи 29 | Ҳифзи нокифояи муносибаҳои минбаъда ба ислоҳи амалҳое ки ба вайроншавии ягонагӣ боис мегарданд<br>Амалҳои ихтиёрӣ ва амалҳо вобаста ба вазъият<br>Фаҳмиши нокифояи оқибати амалҳое, ки ба вайроншавии комилӣ боис мегарданд<br>Нокифоягии пешгирии таъсироти муносибатҳо ва ислоҳоти амалҳое, ки ба вайроншавии комилӣ боис мегарданд |
| Маълумоти махфҷ (саволҳои 30-32) | Посухи "не" ва ё "намедонам" ба саволҳои 30, 31а ва ё 32 | Сади гузошташуда бар зидди ихроҷи маълумот хеле паст мебошад<br>Фишор ба зиракии шахсҷ ва диққат ба амалҳо хеле боло аст. |
| Воситаҳои молиявӣ ва буҷетҳо саволҳои 33-35) | Посухи "не" ва ё "намедонам" ба саволҳои 34, 34а ва 35 | Монеаҳои гузошташуда бар зидди ҷиноятҳои молҷ хеле паст аст.<br>Фишор ба зиракии шахсҷ ва таваҷҷуҳ ба амалҳо хеле зиёд мебошад. |
| Молу маҳсулот ва хизматрасонҷ (саволҳои 39-41) | Посухи "не" ва ё "намедонам" ба саволҳои 40, 40А ва 41 | Монеаҳои гузошташуда бар зидди қонуншиканиҳо ва бархурди манфиатҳо вобаста ба хариди молу хизматрасониҳо хеле паст мебошад<br>Фишор ба зиракии шахсҷ ва таваҷҷуҳ ба амалҳо хеле зиёд аст. |
| Истифодабарии шахсии молу | Посухи "не" ва ё "намедонам" ба | Садди гузошташуда бар зидди тақсимоти нодурусти |

| | | |
|---|---|---|
| хизматрасониҳо (саволҳои 42-44) | саволҳои 42 ё 44 ва "не" ба саволи 43 | молу маҳсулот ва дараҷаи пасти хизматрасонӣ хеле поин мебошад<br>Фишор ба зиракии шахсӣ ва диққат ба амалҳо хеле боло аст. |
| Туҳфаҳо ва нишонаҳои таваҷҷуҳ (саволҳои 45-47) | Посухи "не" ва ё "намедонам" ба саволҳои 45 ва 47 ва "не" ба саволи 46 | Монеаи гузошташуда бар зидди бархӯрди манфиатҳо хеле паст мебошад<br>Фишор ба зиракии шахсӣ ва таваҷҷуҳ ба амалҳо хеле зиёд аст. |
| Дар як вақт ишғоли ду ва ё чанд вазифа ва даромадҳои иловагӣ (саволҳои 48-53) | Посухи "не" ва ё "намедонам" ба саволҳои 48 ва 50 ва "не" ба саволи 49 | Монеаи гузошташуда бар зидди бархурди манфиатҳо хеле паст мебошад<br>Фишор ба зиракии шахсӣ ва таваҷҷуҳ ба амалҳо хеле зиёд аст. |
| | Посухи "не" ва ё "намедонам" ба саволҳои 51 ва 53 ва "не" ба саволи 52 | Монеаи гузошташуда бар зидди бархурди манфиатҳо хеле паст мебошад<br>Фишор ба зиракии шахсӣ ва таваҷҷуҳ ба амалҳо хеле боло аст. |
| Бехатарии ҷисмонӣ (саволи 54) | Посухи "не" ба саволи 54 | Ҳисси нокифоя будани бехатарӣ (ҳушёрӣ ва ё баландидрокӣ) дар роҳбариятии такшилот<br>Монеаи гузошташуда бар зидди вайроншавии комилӣ аз ҷониби тарафҳои беруна хеле паст аст |
| Таносуби қонуният ба самаранокӣ (саволҳои 55-57) | Посухи "ризо ҳастам" басаволи 55 ва "ризо нестам" ба саволҳои 56 ва 57 ҳамзамон дар ин маврид метавонад ҷалби диққатро ба самаранокӣ нишон диҳанд | Фишори аз ҳад зиёд баҳушёрии шахсӣ ва таваҷҷуҳ ба амалҳо ҳангоми расмиёти корӣ барои натиҷаи дилхоҳ асос шуда метавонад. Аз ҷумла ҷалб ба самаранокӣ метавонад хеле хатарнок бошад, агар ғайр аз ин ҷавоби манфӣ вобаста ба як ё якчанд ҷанба ба қайд гирифта шаванд: амали осебпазир, "минтақаи ноаён", робитаи беруна, масъулият ва назорат.<br>Фарҳанги ташкилотчигӣ метавонад ҳамчун мафҳуми |

| | | |
|---|---|---|
| | | иловагии ҷавобҳои манфӣба ин саволҳо бошад. |
| Боодобӣ (саволҳои 58-60) | Посуххои "розч ҳастам" ба саволҳои 58-60 | Норасоҷ дар паст будани боодобӣ вобаста ба роҳбарияти ташкилот ва ё муносибати хеле боодобона ба ташкилот ё ҳамкорон Норасоҷ ва боодобиии аз ҳад зиёд метавонад хатарҳоро ба вуҷуд орад, агар посухи манфӣ ба як ё якчанд ҷанба ба қайд гирифта шуда бошад: равобити беруна, алоқа байни кор ва ҳаёти шахсӣ (саволҳои 22-23), туҳфаҳо ва нишонаҳои таваҷҷуҳ ва ё дар як вақт ишғоли як чанд вазифа ва даромадҳои иловагӣ |
| Муошират (саволҳои 61-63) | Посуххои "рози ҳастам" ба саволҳои 61 ва 53 ва "рози нестам" ба саволи 62 | Нокифоя будани муносибатҳои дохилч Норасоии муошират метавонад хатарҳоро ба вуҷуд орад, агар посухи манфӣ ба як ё якчанд ҷанба ба қайд гирифта шуда бошад: "минтақаи ноаён", машваратдиҳӣ, робитаҳои беруна, маълумоти махфӣ, воситаҳои молиявӣ ва буҷет, мол ва хизматрасониҳо, туҳфаҳо ва нишонаҳои таваҷҷуҳ ё дар як вақт ишғоли як чанд вазифа ва даромадҳои иловагӣ |
| Механизмҳои худислоҳсозӣ (саволҳои 64-68) | Посухи "рози ҳастам" ба саволҳои 64-68 | Механизмҳои нокифояи худислоҳсозӣ Механизмҳои нокифояи худислоҳсозӣ метавонад хатарҳои хусусиро дар бар гирад, агар ҷавобҳои манфч вобаста ба фаслҳои "масъулият ва назорат" иловатан ба қайд гирифта шуда бошанд |

# МАВЗӮИ №12. ТАҶРИБАИ ДАВЛАТҲОИ МУВАФФАҚ ДАР МУҚОВИМАТ БА КОРРУПСИЯ

**НАҚША:**

1. Таҷрибаи пешқадами кишварҳои тараққикарда дар муқовимат ба коррупсия;
2. Таҷрибаи зиддикоррупсионии Штатҳои Муттаҳидаи Амрико;
3. Таҷрибаи зиддикоррупсионии Канада;
4. Таҷрибаи зиддикоррупсионии Фаронса;
5. Таҷрибаи зиддикоррупсионии Олмон;
6. Таҷрибаи зиддикоррупсионии Голландия;
7. Таҷрибаи зиддикоррупсионии Сингапур.

## АДАБИЁТИ ТАВСИЯВӢ БАРОИ МАВЗӮИ №15


1. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 06 ноябри соли 1994 бо тағйиру иловаҳои солҳои 1999, 2003 ва 2016. Душанбе.-2016.
2. Суханронии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба муносибати 10 – солагии таъсиси Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсия (10 январи соли 2017) // Сомонаи интернетии www.prezident.tj.
3. Абадинский Ховард. Организованная преступность. Бельмонт, CA, Wadsworth, 2003.
4. Антикоррупционная политика. Учебное пособие. М., 2004.
5. Бакатин Д.В., Ковалева Т.К. Закон США о коррупционной деятельности за рубежом. Некоторые вопросы применения и толкования / Д.В. Бакатин, Т.К. Ковалева. М., 2001.
6. Борьба с коррупцией в Сингапуре: извлекая уроки // http://kaknado.info/home/c orruption_singapoure

7. Борьба с коррупцией в Сингапуре: извлекая уроки // http://www.ru-90.ru/node/1487.
8. Вудивисс Майкл. Организованная преступность и американская власть. Торонто, University of Toronto Press, 2001;
9. Иванов А.М. Уголовное законодательство зарубежных стран о преступлениях в сфере экономической деятельности // Экономическая преступность и коррупция. Научно-исследовательский институт укрепления законности и правопорядка при Ген. прокуратуре РФ. - М., 2003.
10. Кузнецов А.Ю. Российское и зарубежное законодательство о мерах противодействия коррупции/ Кузнецов А.Ю. и др. – Владивосток, Изд-во ДВГАЭУ, 1999.
11. Куракин А.В. Предупреждение и пресечение коррупции в зарубежных государствах, на примере США, Канады, ФРГ, Франции, Испании, Португалии.../ А.В.Куракин// Право и политика. - №6. – 2002.
12. Ли Куан Ю. Сингапурская история: из «третьего мира» – в «первый». Издательство МГИМО(У) МИД России. – М., 2005.
13. Полковницкий Д.О. Проблема коррупции в представлении граждан США //Уголовное право, стратегия развития в XXI веке. - М., Московская государственная юридическая академия. 2004.
14. Роль государства в социально-экономическом развитии США. - М., 1997.
15. Том Плейт. Беседы с Ли Куан Ю. Гражданин Сингапур, или Как создают нации: Олимп—Бизнес. – Москва, 2012.

# I. ТАҶРИБАИ ПЕШҚАДАМИ КИШВАРҲОИ ТАРАҚҚИКАРДА ДАР МУБОРИЗА БО КОРРУПСИЯ

Дар замони муосир қариб дар тамоми кишварҳои ҷаҳон масъалаи коррупсия ҷой дорад ва баҳри рафъи он тадбирҳои муассир ва судманд мавриди истифода қарор мегиранд. Аммо ин маънои дар кишварҳои дунё якнавохт зуҳур доштани коррупсияро надорад. Зеро сабабҳои сар задани он ба давраҳои таърихӣ ва ҷанбаҳои гуногуни рушди иҷтимоӣ-иқтисодии ҳаёти ҷомеаи ин ё он давлат вобаста буда, куллан дар шаклҳои гуногун ба миён омадааст.

Аз ин ҷо, то имрӯз андешидани чора ва тадбирҳои мушаххас ва оқилона ё маъмурӣ–ҳуқуқии пешгирӣ ва мубориза бо коррупсия зарур ва муҳим ҳам бошад, вале ҷустуҷӯ кардани тарзу усулҳои нави аз байн бурдани он тақозои замон аст.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки бо мурури замон аз ҷониби як қатор кишварҳои хориҷӣ силсилаи санадҳои ҳуқуқии маъмурии оид ба пешгирӣ ва мубориза бо коррупсия, алалхусус дар соҳаи хизмати давлатӣ ба тасвиб расидааст.

Санадҳои мазкур такя ба эътироф ва ҳифзи ҳуқуқу озодии инсон, ҳамчунин бо мақсади мураттаб сохтани иҷрои вазифаҳои хизматчии давлатӣ нигаронида шудааст. Аз ин ҷо, бо мақсади пешгирӣ ва решакан намудани коррупсия дар системаи хизмати давлатӣ мураттаб сохтани санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ айни муддао аст.

Дар баъзе мамлакатҳои ҷаҳон бевосита қонунҳои махсус қабул гардидаанд, ки онҳо намунаи санадҳои ҳуқуқӣ оид ба пешгирӣ ва решакан намудани коррупсия дар ин кишварҳо буда, манбаҳои ҳуқуқии ҷаҳонбинии зидикоррупсионӣ номидани онҳо тақозои замон аст. Зимнан, ин санадҳоро дар мисоли «Кодекси одоби хизматчии давлатӣ» ё «Қарор додани теъдоди дастовардҳо оид ба таҷрибаи пешгирӣ ва решакан намудани

коррупсия» дар системаи хизмати давлатии баъзе кишварҳои ҷаҳон, аз ҷумла ШМА, Канада, Фаронса, Олмон ва Голландия бо мақсади пешбурди иқтисодиёт баррасӣ менамоем.

Бояд таъкид намуд, ки дар ин самт ШМА таҷрибаи хубтар ва шаффофтарро пеша кардааст ва бо ин мақсад як силсила санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқиро ба тасвиб расонидааст, ки дар ташаккул ва густариши ҷаҳонбинии зиддикоррупсионӣ ва дар ташккули иқтисодиёти кишвар нақши хосаро ба ҷо меоранд.

Аз ҷумла, дар ШМА Қонун «Дар бораи принсипи одоби рафтори мансабдорон ва химатчиёни ҳукуматӣ» аз 17 октябри соли 1990, Қонун «Дар бораи одоб дар муассисаҳои ҳукуматӣ» аз 12 сентябри соли 1978 ба тасвиб расидаанд. Дар кишвари мутараққии Олмон бошад, Қонун «Дар бораи хизмати давлатӣ», Қонуни федералӣ «Дар бораи реҷаи интизомии хизмати давлатӣ», Қонун «Дар бораи кадрҳои федералӣ» ва дар Фаронса «Мақоми генералии хизматчии давлатӣ» аз соли 1946 қабул шудааст. Дар ин санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ба масъалаҳои нуфузи хизмати давлатӣ, масъулияти ахлоқии ашхоси мансабдор ва ба манфиати ҷомеа содиқона адо намудани вазифаҳои хизматӣ эътибори хоса дода шудааст.

Дар ин росто, хизмати давлатӣ дар кишварҳои хориҷаи дур вобаста бо ҳудуд ва мансубияти хосаш ба низоми идоракунии давлатӣ ҳамчун навъи фаъолияти махсус маънидод гаштааст. Бо мақсади пешбурди содиқонаи фаъолият ҳар як хизматчии давлатӣ вазифадор аст, ки ба меъёрҳои қатъиян назораткунандаи одоб ва интизом тобеъ бошад. Чунин санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, махсусан дар ШМА ва Канада бештар чашмрас мебошанд, ки дар маҷмуъ меъёрҳои он доираи муносибатҳоеро, ки аз Кодекси одоби мансабдор ё Кодекси шарафи мансабдорӣ бармеояд ва мутақобилан ҳамчун воситаи пешгирӣ ба ҷараёни мубориза бо коррупсия дар дастгоҳи давлатӣ тавассути ҷузъан ба танзимдарории тадбирҳои

қонеъгардонии манфиатҳои шахсии хизматчиёни давлатӣ ва роҳ надодан ба ихтилофи манфиатҳо истифода мегардад ва ҳамзамон масъулияти хизматиро халалдор намесозад ва ё зарари моддӣ ва маънавиро нисбат ба идораи аниқи давлатӣ ё ба худи давлат хос намедонад, нигаронида шудааст.

Аз ин рӯ, баъзе аз паҳлӯҳои судманди усулҳои мубориза бо коррупсияро дар мисоли давлатҳои муосири ҷаҳон оид ба пешбурди иқтисодиёт мавриди таҳлил ва омӯзиш қарор хоҳем дод.

## II. ТАҶРИБАИ ЗИДДИКОРРУПСИОНИИ ШТАТҲОИ МУТТАҲИДАИ АМРИКО

Зарурати ҳифз ва манфиатҳои мақомоти ҳокимияти давлатӣ аз таъсири ҳодисаҳои фасодангез ҳукумати ИМА-ро водор намудааст, ки мубориза бо коррупсияро дар ташаккули иқтисод яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати давлатӣ аз оғози асри 19 то ин ҷониб арзёбӣ намояд. Иёлоти Муттаҳидаи Амрико дар андешидани тадбирҳои зиддикоррупсионии ташаккули иқтисод нақши босазо бозидааст.

Лаҳзаҳои назаррас ва пурҷӯшу хурӯши мубориза бо коррупсия дар ШМА феълан ба миёнаҳои асри 20 рост меояд.

Аз ҷумла, ин иқдом соли 1962 Конгресси ИМА-ро водор намудааст, ки ба масъалаҳои қабули қоидаи расмӣ нисбати одоби шахсони мансабдори интихоботӣ, аз ҷумла аъзоёни палатаи Конгресс диққати махсус диҳад.

Инчунин дар Конгресс тариқи қонунан манъгардонии баъзе масъалаҳои мушаххаси хусусияти коррупсионидошта аз қабили «шахсони мансабдори оммавии идораҳои ҳокимияти иҷроия аз ҷумла, хизматчиёни давлатӣ, наздикон ва хешу табори онҳо; ки манфиатҳои баҳамбастаи молиявӣ доранд; ва ба пешрафти комилан ошногардии онҳо; қабули қарори расмӣ, истифодаи

иттилоотҳое, ки дар натиҷаи иҷрои вазифаҳои хизматӣ дастраси шахсони мансабдор гардидааст, боис мегардад» тадбирҳои судманд андешида шудаст.

Бо мақсади дар амал комёб гаштан ба самаранокии ин расмиятҳо соли 1965 Президенти ШМА Л. Ҷонсон амре интишор менамояд,[1] ки тибқи он мансабдорони олии давлатӣ бояд давра ба давра оид ба вазъи манфиатҳои молиявиашон ба идораи дахлдори давлатӣ иттилоот пешниҳод намоянд.

Яъне ин тарзи мубориза бо коррупсия ба яке аз усулҳои баланд бардоштани дараҷаи самараноки фаъолияти идоракунии давлатӣ табдил ёфт. Дар асоси амри мазкур Комиссия оид ба хизмати шаҳрвандӣ таъсис дода шуд. Ваколатҳои Комиссия аз муайян намудани доираи шахсони мансабдор, ки дар пешниҳод намудани эъломияи молиявӣ масъулият доранд ва аз ҷониби дигар бе асосҳои шубҳанок фош намудани вазъи молиявии онҳо манъ аст, иборат буд.

Вале иҷрои амри мазкур коҳиш дошт, яъне на ҳамаи идораҳои давлатӣ бо дарки масъулият аз пайи иҷрои ин амр шуданд. Аз ҷумла, яке аз талаботҳои амри мазкур аз ҷониби шахси мансабдор пешниҳод намудани иттилоот дар шакли ҳисобот оид ба вазъи молия буд, ки он ҳам бо пуррагӣ иҷро нагашт. Ҳатто, дар ин давр сохтакориҳо оид ба пешниҳоди эъломияи молиявӣ ҷой доштанд. Аз ин ҷост, ки барои бардурӯғ пешниҳод намудани чунин расмиятҳо ё дар ин росто сӯистифода аз вазифаҳои хизматӣ татбиқи раводидҳои маъмурӣ ё судӣ ба андозае коҳиш ёфт ва ҳатто нисбати чунин қонунвайронкунандагон истифода намешуд.

[1] Роль государства в социально-экономическом развитии США. - М., 1997. С.56.

Оқибат чунин ҳолат фаъолияти солими Ҳукуматро ба нокомиҳо рӯ ба рӯ намуд.[1] Аз ҷумла, тафтишоти «кашмокаши уотергейнӣ» (таърихи мухтасари худро дорад) ва аз ҷониби Раёсати назорати молиявии кишвар фош намудани як қатор камомадҳои молиявӣ боиси ташвиши фаъолияти содиқонаи ҳукумати мамлакат гашт. Қабл аз ҳама, дар ин росто салоҳияти худназоратии ҳокимияти иҷроияро дар назди омма ба шубҳа гузошт, ки оқибат ихтилофи манфиатҳоро дар ҷомеа ба миён овард ва соли 1978 аз ҷониби Конгресси ШМА ба қабули Қонун «Оид ба одоби ҳукуматӣ» сабаб гардид. Мақсад аз қабули ин Қонун маҳфуз мондани бошарафии мансабдорони давлатӣ ва боис шудан ба устувории он буд.

Дар арафаи имзогузорӣ Президенти ШМА Ҷ.Картер эълон дошт, ки «ин Қонун на танҳо ба содиқ мондани мансабдорони давлатӣ боис мегардад, балки онҳоро маҷбур месозад, ки минбаъд, ба хизмати давлатӣ содиқ бошанд» ва бо шарофати он «ва минбаъд ба ҷомеа имконоти баҳо додан ба бошарафии ин ё он номзад ва хизматчии давлатӣ ихтиёр мегардад». Бо мақсади назорат ва иҷрои Қонуни мазкур мақомоти ҳокимияти иҷроия дар назди шӯъбаи идоракунии ҳайати кормандон, шуъбаи нав «Дар бораи одоби ҳукуматӣ»-ро таъсис дод. Вале аз ҷорӣ шудани чунин иқдом мансабдорон норозӣ буданд. Зеро ин тадбир ҳамчун амали ғайриконститутсионӣ пиндошта шуд, ки дахолати мақомоти назоратӣ ва ҷомеаро ба ҳаёти шахсии мансабдорон водор мекард. Дар ин хусус, баъд аз татбиқи Қонун «Дар бораи одоби ҳукуматӣ» ба мақомоти судии ШМА арзу шикоятҳои зиёде дар бахши ба расмияттарории вазъи молиявии мансабдорони ҳукуматӣ авҷ гирифт.

[1] Вудивисс Майкл. Организованная преступность и американская власть. Торонто, University of Toronto Press, 2001; Антикоррупционная политика. Учебное пособие. М., 2004.

Вале дар ин росто, Суди Олии ШМА дар қарори ба тасвиб расонидааш тасдиқ бар он дошт, ки ба расмиятдарории вазъи молиявии шахсони мансабдори давлатӣ мухолифат ба меъёрҳои конститутсионӣ надошта, баръакс, ҳамчун усули боварии ҷамъият ба ҳукумат ва яке аз тадбирҳои оқилонаи пешгирӣ ва бартараф намудани нуқсонҳои баргузида дар ин самт пиндошта мешавад.

Ба ин нигоҳ накарда, Қонун «Дар бораи одоби ҳукуматӣ» ба ҳадафҳои пешбинигардидааш комёб нашуд ва дар натиҷа ин боиси нобоварии ҷомеа ба хизматчиёни давлатӣ гардид.

Баҳри бартараф намудани чунин нуқсонҳо соли 1989 Конгресси ШМА лоиҳаи Қонунро «Оид ба ислоҳоти қонун дар бораи одоб»-ро, ки ташаббускораш Президенти ШМА Ҷ.Буш буд, тасвиб намуд. Қонуни мазкур қоидаҳои одобро, ки иҷрои он аз ҷониби шахсони мансабдори се шохаи ҳокимияти федералӣ-қонунгузорӣ, иҷроия ва судӣ ҳатмӣ буд, муқаррар намуд.

Дар ин росто, идораи махсусе, ки салоҳияти он назорат аз болои риояи меъёри одоби дохили мақомоти давлатӣ иборат буд, таъсис дода шуд.Аз ҷумла, назорат нисбати:

– аъзоён ва кормандони дастгоҳи Палатаи намояндагони конгресс – дар амсоли комитет оид ба стандарти расмии одоби кормандони палатаи намояндагони конгресси ИМА;
– сенаторон ва кормандони Сенат мисли комитети Сенати ШМА дар бораи одоб;
– судяҳои федералӣ ва кормандони дастгоҳи судӣ – амсоли умури маъмурии судҳои ИМА;
– шахсони мансабдори мақомоти ҳокимияти иҷроия амсоли Раёсати кор оид ба одоб дар Ҳукумат ба роҳ монда шуд.

Ҳамин тариқ,ҳар идорае, ки воҳиди низоми мақомоти ҳокимияти иҷроия ба шумор мерафт, намояндаи махсуси

ваколатдори таъйиншудаи худро оид ба назорати ин самт водор намуд. Ваколатҳои он аз ҳамоҳангсозӣ ва назорат аз болои риоя ва иҷрои қоидаи одоби дохили идоравӣ иборат буда, дар ин замина ба роҳ мондани робитаи расмии идораи мазкурро бо Сарраёсати назорати молиявии ШМА ва Раёсати кор оид ба одоб дар ҳукумат тақозо мекард.[1]

Раёсати кор оид ба одоб дар ҳукумат бошад, роҳбариро тавассути намояндаи худ дар идораҳо ба роҳ монда дар ин росто, ба ҳаллу фасли масъалаҳои муҳими ин самт, ба хусус квалификатсияи вайронкунии қоидаҳои одоб, ки аз ҷониби шахсони мансабдор содир шудаанд ва дар ҳолатҳои сар задани кирдори зидди ҳуқуқӣ ба ҷавобгарии ҷиноятӣ муттаҳам намудани онҳо ва ғ. машғул буд.[2]

Таъкид кардан ҷоиз аст, ки қонун ва қоидаҳои идоравӣ, «ихтилофи манфиат»-ҳоро бо мақсади муайян намудани тафовути рафтори матлуб ва номатлуб, ки ба одоби шахси мансабдор хос аст, пешбинӣ менамуд. Яъне бо мақсади аниқ намудани одоби номатлуби шахси мансабдор ва пешгирӣ намудани он аз ихтилофи манфиатҳо, такя намудан ба қоидаҳои одоби идоравӣ ҳатмӣ буд.

Ба ҳамин сурат, маънидод намудани иштироки шахсони мансабдор дар корҳое, ки комёбгардии он аз натиҷаи иҷрои вазифаҳои хизматӣ ва қарорҳои қабулнамудаи онҳо вобаста аст ё аз рӯйи вазъи хизматие, ки иттилооти муҳим дар ихтиёр доранд, амалӣ намудани манфиатҳои молиявӣ манъ гашт.

Қонуни мазкур вобаста ба пайдоиши ихтилофоти манфиатҳо ду ҳолатро муқаррар сохта буд:

– дар ҷараёни иҷрои ваколатҳои шахсии мансабдор;

---

[1] Бакатин Д.В., Ковалева Т.К. Закон США о коррупционной деятельности за рубежом. Некоторые вопросы применения и толкования / Д.В. Бакатин, Т.К. Ковалева. М., 2001. С.36.

[2] Абадинский Ховард. Организованная преступность. Бельмонт, CA, Wadsworth, 2003. - С. 55.

– дар натиҷаи ҳаракати шахсе, ки хизмати ӯ дар мақомоти ҳокимияти давлатӣ қатъ гардидааст.

Бояд таъкид намуд, ки Қонун дар доираи ҳамкорӣ гирифтани музди меҳнати иловагиро барои хизматчиёни давлатӣ манъ кард. Яъне, музди меҳнати иловагӣ на кам аз 15% аз музди меҳнати мансабӣ зиёд набошад. Ин маҳдудият ба истиснои аъзоёни Сенати ШМА нисбат ба ҳамаи шахсони мансабдори се шохаи ҳокимият тааллуқ дошт.

Аз ҷониби дигар Қонун маҳдудиятро нисбати фаъолияти расмии собиқ кормандони давлатӣ, яъне баъд аз ба нафақа баромадан аз мақомоти ҳокимияти давлатӣ пешбинӣ намуд, ки тибқи он шахсони мансабдоре, ки дар вақти адои вазифаи хизматӣ дар ҳалли масъалаи мушаххас ширкат (шарикӣ) намуда буд, минбаъд баъд аз ба истеъфо рафтан ҳамчун собиқ корманди ҳамин мақомот аз ҳуқуқи баррасӣ намудани ҳифзи манфиатҳои шаҳрвандон маҳрум гардиданд.

Чунин ҳолати манъгашта нисбат ба ҳамаи идораҳои давлатӣ, судӣ вобаста ба дархосту муроҷиат, ки доираи васеи масъалаҳои мансубро дар ин самти фаъолият фаро мегирад, муқаррар гардидааст. Агар собиқ хизматчии давлатӣ шахсан ва ба таври қатъӣ ба чунин фаъолият машғул нагашта бошад ва ё феълан дар давоми як соли то қатъгардии шартномаи меҳнатӣ чунин масъулият ба вазифаи расмии ӯ тааллуқ дошта бошад, ӯро ба муддати ду сол аз машғул шудан ба пешбурди чунин фаъолият маҳрум мекарданд.

Инчунин Қонун ҳуқуқи пешбурди фаъолияти намояндагии собиқ хизматчиёни давлатиро оид ба баррасии баҳсҳо бо идораҳои давлатӣ, ки ин шахси мансабдор то ин дам дар он адои хизмат мекард, дар тӯли ду соли баъд аз ба истеъфо баромадан манъ кард. Ин маҳдудият баъд аз қатъ гаштани фаъолияти меҳнатӣ дар

мақомоти хизмати давлатӣ нисбат ба собиқ «мансабдорони калон» татбиқ мегашт.[1]

Яъне танҳо баъд аз гузаштани муҳлати муқарраргардида аз ҷониби собиқ хизматчии давлатии сатҳи боло анҷом додани ягон амал ба ҳифзи манфиатҳои ягон шахс ба истиснои дигар идораҳо имконпазир буд.

Бо мақсади андешидани тадбирҳо оид ба пешгирии коррупсия дар мақомоти ҳокимияти иҷроия аз ҷониби шахсони мансабдор гирифтани «амволи арзишнок» аз шахсоне, ки дар андешидани чора ё қабули қарори дахлдори шахси мансабдори ҳамин идора манфиатдоранд, қатъиян манъ гардид. Барои танзими дурусти ин самти масъала идораи масъул оид ба назорат ва риояи меъёри одоб дар ҳукумат андешидани тадбирҳои зарурӣро оид ба адои хизмати содиқона ва поквиҷдонаи давлатӣ пешбинӣ намуд.

Ин ҷо амали манъгашта нисбат ба гирифтани туҳфа аз ҷониби хизматчии давлатӣ татбиқ гашт:

– гирифтани мукофоте, ки барои он тибқи Қонун хизматчии давлатӣ ҳуқуқ дорад ё ягон неъмате, ки гирандаи он қонеъгардонии манфиати диҳандаро тибқи қонун ба ҷо меорад, ҳамчунин ба чунин амал ӯ салоҳият дорад;
– гирифтани туҳфа ё неъматҳои моддие, ки вобаста ба хешутаборӣ ё аз рӯйи дигар хусусиятҳои шахсӣ, касбӣ ё ҳамкорӣ, вале новобаста аз вазъи мансабдори туҳфагиранда;
– неъматҳои назарнорас, ки барои муносибатҳои шахсӣ, касбӣ ё корӣ, ки ҷиддан оқибатҳои халалдор гаштани одоби кори шахси мансабдорро ба миён меорад, манъ аст.

[1] Куракин А.В. Предупреждение и пресечение коррупции в зарубежных государствах, на примере США, Канады, ФРГ, Франции, Испании, Португалии.../ А.В.Куракин// Право и политика. – 2002. - №6.

Дар ШМА қонунгузории федералӣ қоидаи маҳдудкунандаи ягонаи аз ҷониби шахси мансабдор гирифтани тухфаро муқаррар намудааст. Яъне қонунгузорӣ оид ба одоби хизмати давлатӣ чунин тарзи гирифтани туҳфаро пешбинӣ менамояд. Масалан, аз ҷониби сенатори ИМА, инчунин ходимони дастгоҳе, ки якҷоя бо ӯ кор мекунанд, аз шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ гирифтани туҳфае, ки қабули қарор ё қонун ба манфиати онҳо анҷом дода мешавад, манъ аст.

Арзиши туҳфа, ки сенаторон аз дигар сарчашмаҳо ба даст меоранд (ба истиснои хешу табор) агар дар давоми соли тақвимӣ дар маҷмуъ 75 долларро ташкил диҳад, пас ба расмият (декларатсия) даровarда намешавад. Инчунин қонун дар шакли туҳфа пардохти роҳкирoро ба сафарҳои шахси мансабдор манъ намудааст. Сенат чунин лимитро вобаста ба сафар муқаррар намудааст:

– дар дохили давлат се рӯз (ва ё ду шабонарӯз);
– сафари хориҷа ҳафт рӯз (ё шаш шабонарӯз).

Инчунин ин маҳдудият нисбат ба аъзоёни оилаи сенаторон низ татбиқ мешавад.

Аз ҷумла, аъзои палатаи намояндагони Конгресси ШМА дар давоми соли тақвимӣ аз рӯйи арзиши умумӣ танҳо аз як манбаъ ба миқдори 250 доллар ҳуқуқи гирифтани туҳфаро дорад. Ҳар се сол лимити мазкур аз сари нав мавриди баррасӣ қарор дода мешавад.

Бояд тазаккур дод, ки ин маҳдудият нисбат ба кормандони дастгоҳи Конгресс татбиқ мегашт.[1]

Ба ин нигоҳ накарда, нархи туҳфаи тақдимшуда ба шахси мансабдор ё ҳамсари ӯ агар аз нархи адолати бозорӣ, яъне аз 100 доллар зиёд бошад, дар чунин сурат туҳфа ҳатман ба расмият даровarда мешуд. Дар ҳолати аз 100 долларкам будани нархи тӯхфа ба расмиятдарории он

[1] Полковницкий Д.О. Проблема коррупции в представлении граждан США // Уголовное право, стратегия развития в XXI веке. - М., Московская государственная юридическая академия. 2004. С. 502-508.

лозим набуд. Маҳдудияти мазкур ба истисnои туҳфаҳои тақдимнамудаи наздикон ё хешу табoрони шахси мансабдор амалӣ мегашт. Озод гаштан аз чунин маҳдудият танҳо тибқи қонун ё бо қарори комитет оид ба одоб ба таври истисно сурат мегирифт.

Ҳамин тариқ, ба хизматчии давлатӣ ва ҳамсари ӯ дар давоми соли тақвимӣ дар ҳаҷми 100 доллар қабули ҳадя иҷозат буд. Дар сурати зиёд гардидани ин нишондод дар давоми 60 рӯз аз ҷониби шахси мансабдоре, ки туҳфа гирифтааст, супоридани он ба Раёсати дахлдори идораи худ ҳатмӣ ҳисобида мешуд.

Дар Қонун ба таври махсус қайд шудааст, ки дар ҳолатҳои иваз гаштани қобилияти индексатсияи харидорон нархномаи туҳфа ҳар як се сол аз нав тағйир дода мешавад.

Дар Қонун қоидаҳои гирифтани туҳфа ё мукофот аз намояндагони давлати хориҷӣ муқаррар шудааст.

Тибқи он хизматчии давлатӣ дар ҳолатҳои зайл ҳуқуқи гирифтани туҳфаро аз намояндагони давлатҳои хориҷа дорад:

- агар ин туҳфа барои хотира ё аз рӯйи эҳтиром буда, аз нишондоди нархи дар боло зикршуда зиёд набошад (арзиши ҳадди ақали он дар назар дошта шудааст);
- қабули туҳфа аз рӯйи аломатҳои барзиёд нишон додани арзиши минималӣ дар он сурат иҷозат дода мешавад, ки туҳфаи гирифташуда дар тақвият бахшидан ба густариши муносибатҳои байни кишварҳо бо ШМА дар соҳаи илм ё тиб боис гардад. Ҳамзамон қонун саркаширо аз гирифтани туҳфа ва бо ин сабаб ранҷонидани туҳфадиҳандаро, ки ба муносибатҳои байналмилалии ШМА таъсири манфӣ мерасонад, манъ намудааст.

Дар ШМА соли 1991 Қонуни федералӣ дар бораи назорати ҷиноятҳои муташаккил ба тасвиб расид. Ибораи «фаъолияти рэкеторӣ» ба сифати мафҳуми асосӣ дар ин Қонун истифода гардидааст, ки он дар баробари

гирифтан ва додани пора ба доираи васеи ҳуқуқвайронкуниҳое, ки ба ҷиноятҳои муташаккил алоқаманд (ришваситонӣ, баъзе намудҳои қаллобӣ, машғул гаштан ба бозиҳои саргармӣ (азартӣ) ё қиморбозӣ,тибқи нақша пеш бурдани амалиётҳои ғайриқонунӣ ва ғ.) хос дониста мешавад.

Мубориза ба фаъолияти рэкеторӣ аз ҷониби мақомоти судӣ ва Жюрии калон пеш бурда мешавад. Жюрии калон дар доираи штат ё ҳавзаи алоҳида таъсис ёфта, шакли кори он аслан ҷаласа мебошад, ки дар он масъалаҳои мушаххас, яъне ба фаъолияти рэкетӣ машғул гаштани ашхоси алоҳида мавриди баррасӣ ва муҳокима қарор дода мешаванд.

Дар ҳолати мавҷуд будани асосҳо барои оғоз намудани парвандаи ҷиноӣ Жюрии калон парвандаро ба суд ирсол менамояд.

То қабули қарори суд Жюрии калон нисбати амалҳои гумонбар маҷмӯи маҳдудиятҳои ҳуқуқиро, ки қонун муқаррар намудааст, татбиқ менамояд. Барои риоя накардани ин маҳдудият қонун ҷаримаро ба маблағи то 20 ҳазор доллар ё ба муҳлати 20 сол аз озодӣ маҳрум карда, татбиқи якҷояи ин ҷазоҳоро пешбинӣ менамояд.

Тибқи ин қонун шахсе, ки аз фаъолияти рэкеторӣ бевосита ё бавосита даромад ба даст овардааст, дар ҳолатҳои зайл аз истифодаи минбаъдаи он қатъиян маҳрум карда мешавад:

– бо мақсади ба даст овардани корхона, таъсис ва таъмини пешбурди фаъолияти он;
– иштирок дар савдои беруна ва савдои байни штатҳо;
– тавассути маблағҳои рэкеторӣ монеа сохтан ба ҷараёни савдои давлатӣ ва ғ. Инчунин аз ҳисоби фоидаи рэкеторӣ додани кредит-қарз, бастани шартномаҳои фоидаовар ё дигар амалиёти хоҷагиро қонуни мазкур қатъиян манъ намудааст. Аз ҳама муҳимаш, барои вайрон намудани қоидаи муқаррар намудаи ин қонун

андешидани чораҳои хусусияти ҳуқуқмаҳдудкунанда дошта пешбинӣ шудааст. Яъне, барои вайрон кардани муқаррароти манъгардида ҷазои ҷиноятӣ то 25 ҳазор доллар ё ба муҳлати то 20 сол ба маҳбас кашидан, ҳамчунин татбиқи ҷазои ҷиноятӣ аз рӯйи интихоб ё ҳарду якҷоя муқаррар гардидааст. Ашхосе, ки чунин фаъолиятро касб намудаанд, ихтиёран бояд ҳамаи даромадҳои ғайриқонунии ба дастовардаашонро ба ҳисоби давлат гузаронанд. Дар сурати истодагарӣ ё саркашӣ намудан амволи ин ашхос ба ҳабс гирифта шуда, оқибат бо қарори суд мусодира карда мешавад.

Ин ҳама тадбирҳо барои пешгирӣ ва мубориза бар зидди коррупсия аз тарафи давлатҳои хориҷӣ андешида шудаанд.

Умуман ШМА дар андешидани тадбирҳои зиддикоррупсионии ташаккули иқтисод нақши босазо бозидааст. Аз ин ҷо, имконият ҳо ва дастовардҳои комёбгаштаи ИМА-ро дар мубориза бо коррупсия метавон ҳамчун тадбирҳои муҳим ва зарурии меъёрӣ–ҳуқуқии ҷаҳонбинии зиддикоррупсионӣ бо мақсади ташаккули иқтисод номид.

## III. ТАҶРИБАИ ЗИДДИКОРРУПСИОНИИ КАНАДА

Илми криминология хусусиятҳои ҷиноятҳои коррупсионӣ, шахсияти коррупсионер, ниҳонии ҷиноятҳои коррупсиониро мавриди таҳлил ва омӯзиш қарор медиҳад.

Мақсади муайян кардани ҷиноятҳои коррупсионӣ ва мавриди таҳлилу омӯзиш қарор додани он, аз як тараф пешгирии ҷиноятхои коррупсионӣ бошад, аз тарафи дигар аз фош сохтани иқтисоди пасипардагӣ иборат аст, чунки коррупсия ба пешрафти иқтисодиёт халал расонида ахлоқи шахсро коста мегардонад.

Вале, баъзе муаллифон бар он ақидаанд, ки коррупсия комилан ҳамчун илми мустақили ҳуқуқ ва фанни таълимӣ–корруптология, ки дар зери ин мафҳум тарзу

усулҳои инкишофи сиёсати ҷиноӣ ва қонунгузории мубориза бо ҷиноятҳои муташаккил ва коррупсия фаҳмида мешавад ҳисоб меёбад. Шояд ин нуқта ҳам дуруст аст. Инҷо бояд қайд кард, ки мубориза алайҳи ҷиноятҳои характери коррупсионидошта, бо мақсади пешгирии ҷиноятҳои коррупсионӣ, хусусан ҷиноятҳои иқтисоди пасипардагӣ равона гардида, дар сурати ба амал омадани кирдори номатлуб, яъне фасод боиси ҷавобгарӣ хоҳад шуд. Аз ин лиҳоз, агар ба ҷиҳатҳои қонунгузории мубориза бо коррупсия назар афканем, пас тибқи м.1 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мубориза бар зидди коррупсия» аз 25 июли соли 2005 мафҳуми коррупсия бо мазмуни зайл оварда шудааст: «*коррупсия* – ин кирдори (ҳаракат ё беҳаракатии) шахсони ба иҷрои вазифаҳои давлатӣ ваколатдор ё ба онҳо баробар кардашудае мебошад, ки мақоми худ ё имкониятҳои онро бо мақсади ба манфиати худ ё шахсони дигар ба даст овардани неъматҳои моддӣ ва ғайримоддӣ, бартарият ва имтиёзҳои дигари бо қонунҳо пешбининашуда, инчунин ба ин шахсон ваъда додан, таклиф ё пешкаш намудани ин гуна неъмату бартариятҳо бо мақсади моилкунӣ ва (ё) қадркунии онҳо барои иҷрои ин ё он кирдор (ҳаракат ё беҳаракатӣ) ба манфиати шахсони воқеию ҳуқуқӣ истифода мебаранд». Аз ин ҷо, гуфтан ба маврид аст, ки ба ҷиноятҳои характери коррупсионӣ дошта шомиланд:

– назорати давлатии молиявӣ оид ба истифодаи самарабахши маблағҳои давлатӣ;
– назорати молу мулки давлатӣ барои таъмини амнияти иқтисодии давлат;
– иқтисодиёти хусусияти коррупсионидошта;
– ҷиноятҳои ба андоз алоқаманд.

Инҷо бояд қайд кард, ки усулҳои муосири зиддикоррупсионӣ бошанд дар пешгирии ҷиноятҳои иқтисодӣ ҷанбаҳои ташкилию маҳакии мутааллиқи

низоми мутташаккили мақсадноки маърифатию иқтисодиро пешбинӣ менамоянд.

Усулҳои ҷаҳонбинии зиддикоррупсионӣ дар асоси ташаккули маърифати иқтисодию ҳуқуқӣ густариш меёбанд.

Усулҳои муосири зиддикоррупсионӣ дар давлатҳои олам асосан бо мақсади пешгирии ҳама гуна амалҳои номатлуб ва ба хотири ошкор намудани амалҳои зишти пасипардагии иқтисодӣ дар ҳамаи сохторҳои давлатию ҷамъиятӣ амалӣ карда мешаванд.

Канада, мисли ШМА яке аз давлатҳои пешқадам маҳсуб мешавад ва дар андешидани тадбирҳои муҳим ва амалии мубориза бо коррупсия дар ташаккули иқтисодиёти кишвар саҳми беандоза дорад.

Тарзу усулҳои пешгирӣ ва мубориза бо коррупсия дар Канада хусусияти ба худ хосро дорад. Тибқи қонунгузории ҷиноятии ин кишвар «додани мукофот ба шахси мансабдор», «фиреби ҳукумат», «сӯистифода аз боварӣ, ки шахси мансабдор содир намудааст», «савдо бо сӯистифода аз ваколатҳои хизматӣ» аз қабили ҷиноятҳои мансабӣ ба шумор мераванд.

Илова бар ин, соли 1985 дар Канада оид ба танзими низоъ байни масъулияти хизматӣ ва манфиати шахсӣ Кодекси ихтилофи манфиатҳо ба тасвиб расидааст, ки тибқи он масъулияти давлатӣ манбаи муҳим ва мумтози иҷтимоӣ ҳисобида шуда айнӣ будани бартарияти он муқаррар гашт. Минбаъд ба нафъи манфиатҳои шахсӣ пеш бурдани хизмати давлатӣ ҳамчун ҳуқуқвайронкунии хусусияти коррупсионидошта муайян карда шуд.

Аз назари қонунгузор, ҳадаф аз ин қоидаи мазкур комёб гаштани «боварии ҷамъият ба дастгоҳи давлатӣ, эътиқод ва садоқат ба хизматчии давлатӣ» буд. Ғайр аз ин, меъёрҳои Кодекси мазкур хусусияти пешгирӣ ва ошкор гаштани «ихтилофи манфиатҳо»-ро дар сатҳи хизмати давлатӣ ё баъд аз ба истеъфо рафтани

мансабдори хизмати давлатӣ, имконот ва усулҳои бартараф намудани онро баррасӣ намудааст.

Дар ин кишвар Кодекси ихтилофи манфиатҳо аз чаҳор қисм иборат аст.

Қисми аввали Кодекс ба принсипҳои умумии рафтор ва одоб, ки аз ҷониби шахсони мансабдори хизмати давлатӣ риоя ва ба ҷо овардани талаботҳои он ҳатмӣ мебошад бахшида шудааст.

Аз рӯйи қоидаҳои Қисми мазкур роҳ надодани хизматчии давлатӣ ба бархӯрди «ихтилофи манфиатҳо» ва андешидани силсилаи тадбирҳо оид ба пешгирии он яке аз масъулиятҳои муҳим арзёбӣ шудааст. Ҳамчунин дар Кодекс тавассути анҷом бахшидан ба ҷараёни фаъолият риояи расмиятҳои байналмилалӣ оид ба ҳуқуқи инсон аз ҷониби хизматчиёни давлатӣ таъкид гардидааст.

Хизматчиёни давлатӣ вазифаҳои худро содиқона ва поквиҷдонона бо дарки масъулият ва бо пиндошти таъмину устуворгардии эҳтироми арзишҳои ҷамъиятӣ, объективона ва холисона бояд иҷро намоянд. Ба ҳеҷ ваҷҳи касбӣ ё фаъолияти хусусӣ фурӯ нарафта мақомоти давлатӣ бояд тарзе фаъолияти хешро пеш барад, ки он қонунан асоснок ва мантиқан тадбирсоз бошад ва дар назди ҷомеа шубҳаомез набошад, бозгӯй гардида буд дар расмият ва санадҳои ҳуқуқии ин кишвар.

Вале аз назари коршиносон риояи қонун ва эҳтироми қонуният барои комёб гаштан ба ин гуфтаҳо нокифоя мебошад.[1] Зеро мавзӯи ин гуфтаҳо ба пешгирӣ ва сар

---

[1] Куракин А.В. Предупреждение и пресечение коррупции в зарубежных государствах, на примере США, Канады, ФРГ, Франции, Испании, Португалии.../ А.В.Куракин// Право и политика. - 2002. - №6. Иванов А.М. Уголовное законодательство зарубежных стран о преступлениях в сфере экономической деятельности // Экономическая преступность и коррупция. - М., Научно-исследовательский институт укрепления законности и правопорядка при Ген. прокуратуре РФ. 2003. Кузнецов А.Ю. Российское и зарубежное законодательство о мерах противодействия коррупции/ Кузнецов А.Ю. и др. – Владивосток, Изд-во ДВГАЭУ, 1999.

назадани «ихтилофи манфиатҳо» (таносуби манфиати шахсӣ ва давлатӣ) нигаронида шуда буд, ки он ҳамчун омили муҳим ва содиқонаи пешбурди хизмати давлатӣ ба ҳисоб мерафт. Дар ин ҷо бояд таъкид кард, ки ба хизматчиёни давлатии Канада дар ҷараёни пешбурди хизмати давлатӣ ба истисноИ муқарраротИ Кодекси мазкур дар содир намудани амал ё қабул намудани қарорҳои мушаххаси расмӣ такя намудан ё мувофиқгардонии моҳияти он ба манфиатҳои шахсӣ қатъиян манъ гардида буд.

Аз ҷумла, дар натиҷаи ба хизмати давлатӣ ҷалб гардидан, шаҳрвандон феълан вазифадоранд ба манфиат ва сиёсати пешгирифтаи давлат ва ҷомеа содиқона хизмат намоянд. Аз ин ҷост, ки баҳри пешгирии муқовимати манфиатҳо («манфиати давлатӣ» ва «манфиати шахсӣ»), ки манфиати давлатӣ бартариятнок аст, хизмати давлатӣ бидуни манфиатҳои шахсӣ (наздикон, хешутаборон ва ғ.) бояд пеш бурда шавад.

Ихтилофот (муқовимат) бояд ба манфиати ҷамъият ҳал гардад. Аз ҷониби хизматчиёни давлатӣ ҳуқуқи қабул ё кӯшиши гирифтани туҳфа, ки арзиши он бо асъор ифода гардидааст, манъ гардида буд. Ҳамзамон, доираи фаъолияти хизматчиёни давлатӣ ва муносибати онҳо дар ҳаллу фасли масоили ҷойдоштаи байни шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, ки аслан аз рӯйи принсипи объективонаи фаъолият пиёда мегашт, ҳатмӣ ҳисобида шуд. Дар ин замина мустақиман бе дахолат ё таъсири унсурҳои беруна қабули қарорҳои мушаххас аз ҷониби хизматчии давлатӣ афзалиятнок арзёбӣ ёфтааст. Инчунин, хизматчиёни давлатӣ, ки вобаста ба иҷрои масъулият ё бидуни он аз истифодаи манбаҳои иттилоотӣ, ки ҳоло интишор нагардидаасту аз он бохабаранд ё чунин манбаъ ба манфиатҳои шахсӣ ва дорошавии онҳо нигаронида шудааст, қатъиян манъ гардид.

Хизматчиёни давлатӣ бидуни мақсад истифода бурдан ё ба истифода додани моликияти давлатӣ, ки ба ва-

колатҳои хизматии онҳо мансуб аст, ҳуқуқ надоранд. Баъд аз ба истеъфо ё ба нафақа рафтани чунин хизматчиёни давлатӣ аз ҳуқуқ ва бартариятҳои (шиносбозӣ, сохтакорӣ ва ғ.) соҳибгардида аз фаъолияти якчандсолаи худ дар ин ё он мақомоти давлатӣ, ки хизмати давлатиро анҷом медоданд, маҳрум мегарданд. Баъдан, хизматчиёни давлатӣ вазифадоранд, ки соле як маротиба мувофиқати манфиатҳои шахсии худро тибқи Кодекси мазкур мавриди санҷиш ва баррасӣ қарор диҳанд. Ин масъулият ба зиммаи ҳайати кормандони (санҷишгарони) идораи давлатие, ки дар он хизматчии давлатӣ фаъолият дорад, вогузор шудааст.

Қисми дуюми Кодекс қоидаи мушаххасро нисбат ба фаъолияти ҳамарӯзаи хизматчии давлатӣ муқаррар намудааст. Қонунгузорӣ пешгирии «ихтилофи манфиатҳоро» ҳамчун тадбир ва талаботи маъмурӣ, ки риояи он барои хизматчиёни давлатӣ ҳатмӣ мебошад, пешбинӣ намуда, ҳамзамон эҳтимоли сар задан ва ҳалли онро ба манфиати ҷомеа нигаронидааст.

Тибқи ин Кодекс дар давоми 60 рӯзи баъд аз таъйин ва ё интихоб гаштани шахс ба вазифаи давлатӣ ӯ вазифадор аст, ки ба шахси ваколатдори хизмати давлатӣ маърӯзаи муфассали махфӣ оид ба амвол, ухдадориҳои мустақим ё мавҷуда ва бо назардошти манфиати мансабӣ қобилияти муқовимат намудан бо онҳоро пешниҳод намояд.

Силсилаи намудҳои амвол ва ухдадориҳо инҳоянд:

- саҳмия ва облигатсияҳои корпоратсияҳое, ки озодона фурӯхта мешаванд;
- тасарруфи аксия ё назорати он аз ҷониби компания, компанияҳои гуногуни хусусӣ ва ё иҷрокунандаи супориши давлатӣ.

Бояд тазаккур дод, ки силсилаи усулҳои босамари пешгири ва решакан намудани коррупсия дар системаи хизмати давлатии Канада аз инҳо иборатанд:

– манъ ва ё маҳдуд намудани иштироки шахси мансабдор дар чорабинии расмӣ, ки нисбат ба он манфиатҳои молиявии мустақим ва мавҷудаи ғайримустақим дорад;
– манъ ё маҳдуд намудани иштироки шахси мансабдор дар чорабиние, ки он ба МАВЗӮИ молиявии шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ манфиатдоранд бахшида шудааст ва бо онҳо шахсони мансабдор (бо пиндошти истеъфо ё бо назардошти ба нафақа баромадан) оид ба кор қабул намудан маслиҳати пешакӣ доранд;
– муқаррар намудани маҳдудият ба фаъолияти собиқ хизматчиёни давлатӣ, ки онҳо тариқи дархост ба идораи ҳукуматӣ ё мақомоти давлатӣ, ки дар он пештар кор кардаанду манфиатҳои хусусӣ ва шахсиро баррасӣ менамоянд;
– манъ ва маҳдуд будани гирифтани тухфа ва неъматҳои дигар;
– муқаррар намудани маҳдудият оид ба истифодаи ғайриқонунии амволи давлатӣ ва дигар неъматҳо ба манфиатҳои шахсӣ ва ғайраҳо.

Қисми сеюми Кодекс ба масъалаҳои одобу рафтори хизматчиёни давлатӣ баъди рафтан аз хизмати давлатӣ бахшида шудааст.

Ҳадафи асосии қисми мазкур ҳадди ақал коҳиш додани имконоти сар задани «ихтилофи манфиатҳо» мебошад, аз ҷумла:
– бо назардошти таъмини бартарият ва имтиёзи ба ҷойи кор таъмин намудани хизматчии давлатӣ, баъд аз ба нафақа ё истеъфо баромадан бидуни идораи хизмати давлатӣ;
– соҳиб гаштани шахси мансабдор ба вазъ ё имконоте, ки баъд аз ба нафақа ё ба истеъфо баромадани ӯ вобаста ба пешбурди баҳре аз самтҳои фаъолияте, ки дар муассисаи давлатӣ ба вуқуъ пайвастааст ва чунин вазъ аз шахсияти ӯ вобаста аст;

– ё дар хусуси бо ҷои кор таъмин нагаштан аз номи ташкилоти ғайридавлатӣ муроҷиат намудани собиқ шахси мансабдори давлатӣ ба идораи давлатӣ.

Дар сурате ин ҳадафҳо имконпазир мегарданд, ки «ихтилофи манфиатҳо» байни хизматчии давлатӣ ва идораи давлатӣ ба миён наояд. Зеро баҳри комёб гаштан ба ҳадафҳои зикргардида хизматчиёни давлатӣ дар ҷараёни фаъолият истифодаи ваколатҳои хешро баҳри дарёфт ва таъмин бо ҷои кор барои оянда (баъд аз ба нафақа ё истеъфо), ки «ихтилофи манфиатҳо»-ро ба вуҷуд меорад, ҳуқуқ надоранд.

Яъне, пешниҳод ё дар оянда бо ҷойи кор таъмин гаштани хизматчии давлатӣ баъд аз адои хизмат бидуни дахолат ба амалҳои расмӣ бояд сурат гирад. Дар сурати муайян гаштани ҷойи кор ҳатман бо тариқи хаттӣ хизматчии давлатӣ бояд ба шахси ваколатдори давлатӣ маърӯза пешниҳод намояд. Чунин ҳолат бо мақсади пешгирӣ намудани «ихтилофи манфиатҳо» баъд аз адои хизмати давлатӣ анҷом дода мешавад. Дар ҳолати аз ҷониби шахсони мутасаддӣ ё мансабдор муқаррар гаштани андозаи иштироки хизматчии давлатӣ дар амалҳои муҳими расмии корфармо ё кирокунандаи минбаъда вазифаҳои ӯ қатъиян дигар карда мешаванд. Ҳамчунин сӯистифодаи шахси мансабдор аз салоҳияти хизматӣ ё мақоми идораи давлатӣ дар хусуси андешидани тадбирҳои тарафайн оид ба бастани аҳдномаҳо ё оростани гуфтушунид бо дигар ташкилотҳои ғайридавлатӣ пеш аз ба истеъфо рафтан қатъиян манъ аст. Инчунин дигар ҳолатро вобаста бо таъмини ҷойи кор Кодекси мазкур пешбинӣ намудааст.

Умуман барои иҷро накардани талаботи қисми сеюми Кодекс хизматчии давлатӣ ба ҷавобгарии интизомӣ ҷалб мегардад ё аз вазифаи ишғолнамудааш сабукдӯш мегардад. Пеш аз сабукдӯш намудани хизматчии давлатӣ аз вазифа бо мақсади хотирнишон намудани риояи қоидаҳои рафтор ва андозаи халалдор гаштани он аз

ҷониби шахси мансабдори идораи масъул гузаронидани суҳбат ба таври ҳатмӣ муқаррар гардида буд. Ҳатто баъд аз қатъ гардидани муносибати меҳнатӣ риояи талаботи Кодекс барои собиқ хизматчии давлатӣ ҳатмӣ арзёбӣ шудааст.

Қисми чаҳоруми Кодекс ба танзими масъалаҳои тартиби қабул ва аз вазифа сабукдӯш намудани баъзе аз категорияҳои хизматчиёни давлатӣ аз назари риояи қоидаи «ихтилофи манфиатҳо» бахшида шудааст. Дар қисми мазкур силсилаи масъалаҳо оид ба суғурта ва фондҳои бо боварӣ асосёфта, ки бо мақсади риояи қоидаи пешгирии «ихтилофи манфиатҳо» дар онҳо ҷойгир намудани амволи шахси мансабдор анҷом дода мешаванд, баррасӣ гардиданд.

Қайд намудан ба маврид аст, ки қонунгузории ШМА ва Канада тартиби адои хизмати давлатиро танзим менамоянд. Дар байни силсилаи қонунгузории Кодекси маъмурӣ ва меъёри одоб, ки мақсади асосии танзими ин санадҳо аз пешгирӣ ва сар назадани «ихтилофи манфиатҳо» иборат аст, барои комёб гаштан ба сатҳи баланди касбӣ ва дар таъмини пешбурди меҳнати содиқонаи ҳайати кормандони хизмати давлатӣ нақши хоса мебозанд.

Санадҳои ҳуқуқии номбаргашта дар мисоли ШМА ва Канада ҳамчун омили муҳим ба дарёфт ва таъмини бартарии «ихтилофи манфиатҳо» дар муқовимат бо коррупсия ва мубориза алайҳи он пазируфта мешаванд.

Бояд тазаккур дод, ки нишонаҳои кирдори коррупсионӣ дар соҳаҳои дигари ҳуқуқ – иқтисод пазируфта шудааст ва дар намудҳои гуногун ҳамчун сарчашмаи ташаккули ҷаҳонбинии иқтисодӣ – зиддикоррупсионӣ арзёбӣ мегардад.

Пас ҷиноятҳои коррупсионӣ гуфта, дар маҷмуъ ҷиноятҳои оммавии сӯиқасдонаеро меноманд, ки эҳтироми хизмати давлатӣ ё мақомоти идоракунии маҳаллӣ, хизмат дар ташкилотҳои тиҷоратӣ ва сохторҳои

ғайритиҷоратӣ ва ғайраҳо дар натиҷаи ғайриқонунӣ гирифтани неъматҳои моддӣ ё бартариҳо аз ҷониби ашхоси ваколатдори хизмати давлатӣ ва мақомоти идоракунии маҳаллӣ ё ташкилоти тиҷоратӣ ва ғайритиҷоратӣ комилан халалдор мегардад, фаҳмида мешаванд.

Барои ҳамин ҳам ҷиноятҳои коррупсиониро мавриди таҳлил ва омӯзиш қарор додан аз фоида холӣ набуда, он пеш аз ҳама аз пешгирии иқтисоди пинҳонӣ иборат аст.

Бо ҳамин мақсад, барои пешравӣ ва инкишофи минбаъдаи кишвари соҳибистиқлол, хусусан дар пешрафти ҳаёти иқтисодии кишвар мо бояд тамоми тадбирҳоро ҷустуҷӯ намоем ва мавриди истифода қарор диҳем, то ки ба рафъи ин падидаи номатлуб дар ҷомеа боис гарданд. Дар ин ҷода ривоҷу равнақи додани ҷаҳонбинии зиддикоррупсионӣ тавассути тарбияи ҳуқуқӣ бо истифода аз меъёрҳои иҷтимоию иқтисодӣ МАВЗӮИ муҳим боқӣ хоҳад монд.

## IV. ТАҶРИБАИ ЗИДДИКОРРУПСИОНИИ ФАРОНСА

Дар қатори дигар давлатҳо Фаронса низ давлатест, ки дар он тадбирҳои судманди пешгирӣ ва мубориза бо коррупсия андешида шудаанд.[1]

Аслан, чораҳои зиддикоррупсионӣ, ки аз ҷониби Ҳукумати Фаронса ба тасвиб расидаанд аз рӯйи характер гуногун мебошанд. Вале барои комёб гаштан ба самаранокии мубориза бо коррупсия ё андешидани тадбирҳои ҳуқуқӣ-маъмурӣ барои ин кишвар як самти афзалиятнок шуморида мешавад. Зеро андешидани тадбирҳои маъмурӣ-ҳуқуқӣ воситаи ягона дар пешгирӣ ва решакан намудани коррупсия маҳсуб мешавад, ки аз чунин усул чандин давлатҳо истифода мебаранд.

[1] Куракин А.В. Предупреждение и пресечение коррупции в зарубежных государствах, на примере США, Канады, ФРГ, Франции, Испании, Португалии.../ А.В.Куракин// Право и политика. - 2002. - №6.

Аз ин лиҳоз, бо мақсади пешгирӣ ва решакан намудани коррупсия дар низоми хизмати давлатии Фаронса роиҷ гардидани истифодаи усулҳои маъмурӣ-ҳуқуқӣ ба солҳои 60-уми асри XX рост меояд. Яъне, барои танзими ин самт қарори ҳатмии давлатӣ ба тасвиб расидааст.

Ин қарор барои танзими одоби шаҳрвандоне, ки ба хизмати давлатӣ интихоб ва таъйин гардидаанд ва ё мутахассисони хизмати иҷтимоӣ, ки фаъолияти онҳо мубталои коррупсия аст, бахшида шудааст. Зеро шахсони мансабдори хизмати давлатӣ дар фаъолияти рӯзмарраи хеш ба андешидани тадбир ва қабули қарорҳои дахлдор машғуланд, ки чунин ҳолат онҳоро маҷбур месозад, то ки маълумоти дақиқро оид ба амвол ва манбаҳои даромади худ ба идораи дахлдори давлатӣ пешниҳод намоянд.

Қарори мазкур самтҳои зерини фаъолияти шахсони мансабдори хизмати давлатиро фаро мегирад:

– вазъи иҷтимоӣ-иқтисодии шахсе, ки ба мансаби давлатӣ пешбарӣ мегардад, то шурӯъ ба вазифаи давлатӣ, ҳамчунин наздикон ва хешу таборони он;
– пешниҳод намудани маълумоти дақиқ оид ба амвол ва манбаҳои даромад ба мақомоти дахлдори давлатӣ;
– объективона, мустақиман ва аз назари касбӣ татбиқи моҳиронаи ваколатҳои ба зимма дошта ба манфиати ҷомеа, таъмини пеш бурдани фаъолияти содиқона ва анҷом додани амалҳои қонунӣ.

Қарори мазкур вобаста ба фаъолияти хизматии шахсони мансабдор самтҳои мушаххаси дигарро пешбинӣ менамояд, ки риоя ва иҷрои бечуну чарои он ҳатмӣ мебошад. Ҳадафҳои қарор ба таъмини босамари фаъолияти идоракунии давлатӣ, адолат, поквиҷдонӣ ва ба манфиати ҷамъиятӣ анҷом додани хизмати давлатӣ аз ҷониби хизматчиёни давлатӣ нигаронида шудааст. Ба замми ин дар Фаронса ба асосҳои ҳуқуқӣ ва ташкили пешгирӣ ва мубориза бо коррупсия эътибори хосса дода шудааст, ки аз як тараф баррасии шаффофият дар ба

расмиятдарории даромад ва андозаи амволи корманди воломақоми хизмати давлатӣ МАВЗӮИ танзими ин санадҳо бошад, аз ҷониби дигар таъмини босамар ва хизмати содиқона ба ҷамъият самтҳои афзалиятноки фаъолияти давлатӣ шинохта шудааст.

Инчунин шаклҳои интишори иттилоот оид ба созишномаҳое, ки аз ҷониби маъмурияти муассисаҳо ба имзо расидаанд ё иҷозатномаҳои додашудаи онҳо ва дастрасгардии он ба доираи васеи ҷомеа, ки зери назорати доимии идораҳои махсус қарор доранд ҳатмӣ аст.

Қайд кардан ҷоиз аст, ки ҷамъоварии бевоситаи пардохти ҷаримаҳое, ки дар ҷойи вайрон кардани қоидаи ҳаракати роҳ сар мезананд, манъ гаштааст ва пардохти чунин ҷаримаҳо тариқи супоридан ба хазинаи умумӣ ё махсус минбаъд сурат мегирад, ки чунин иқдом ҳамчун усули фаъоли мубориза бо коррупсия ном бурда мешавад.

Бо мақсади баланд бардоштани самаранокии назорати давлатӣ аз ҷониби Ҳукумати Фаронса Қарор «Оид ба зиёд намудани ҳайат ва баланд бардоштани ихтисоси кормандони перефектура», ба тасвиб расидааст. Перефектура, ки ба назорати дақиқ ва иҷрои таъмини қонуният машғул аст, ба ваколатҳои он ҳуқуқи дароз кардани муҳлати санадҳои қабулгардидае, ки моҳиятан дар онҳо иғво ва хавфи амалҳои коррупсионӣ ҷой доранд, вогузор мегардад, ки чунин иқдомро метавон ҳамчун воситаи пешгирӣ ва мубориза бо коррупсия дар низоми хизмати давлатии Фаронса номид.

Таъкид кардан бамаврид аст, ки Ҳукумати Фаронса зарурати пешгирӣ ва мубориза бо коррупсияро самти афзалиятноки сиёсати давлатии хеш маънидод карда, барои васеъ намудани ваколатҳои Палатаи ҳисоботӣ, инчунин дастгирии кӯшиши корхонаҳое, ки масъулияти гузаронидани аудит ва чорабиниҳои назорати дохилиро барои мақсадҳои ҳифзи кормандони худ, ки хавфи коррупсия доранд, қарорҳои зиёде ба тасвиб расонидааст. Илова бар ин ба Ҳукумати Фаронса муяссар гардидааст,

ки дар назди вазорати адлия «Маркази хизмати мубориза бо коррупсия»-ро таъсис диҳад.

Маркази хизмати мубориза бо коррупсия фаъолияти худро аз рӯйи самтҳои мухталиф ба мисли истеҳсолӣ, меҳнатӣ ва андешидани тадбирҳоро оид ба пешгирӣ ва решакан намудани коррупсия анҷом медиҳад. Аз ҷумла, самтҳои фаъолияти ин мақомотро ҷорӣ намудани назорат дар соҳаи хизмати давлатӣ, идораҳои давлатӣ (маъмурӣ, ҳуқуқӣ, маориф, илм ва техника, тиб, соҳаи нақлиёт) дар бар мегиранд. Ҳайати кормандони мақомоти мубориза бо коррупсия аз ҳисоби собиқадорони ботаҷрибаи мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, инчунин нозироти андоз, ки бо тартиби махсус (бо истифодаи усули суҳбат муайян намудани сатҳи дониши довталаб ва яке аз шартҳои озмун донистани тамоми соҳаҳои қонунгузорӣ ва дар таносуб вазъи иқтисодии давлат, сиёсат, ахлоқ, маданият самтҳои асосии стратегияи давлат бо назардошти эҳтироми ҳуқуқи инсон ва содиқона ба манфиати ҷамъият пеш бурдани фаъолият ва ғайраҳо ҳисобида мешуд) ба кор ҷалб мегаштанд, пурра карда мешавад.

Пешгирӣ ва роҳ надодан ба сар задани «ихтилофи манфиатҳо» шиори пешбурди фаъолияти ҳайати кормандони ин мақомот эълон гардидааст.

Ҷалби кормандон ба ин мақомот аз рӯйи «принсипи ақаллияти миллӣ» сурат мегирифт.

Масалан, яке аз шартҳои кор дар ин мақомот, қатъиян манъ будани фаъолияти якҷояи ҳамсабақони (ҳамсинфон) мактабӣ, макотиби олӣ (ҳамкурсон) ё хешу таборон новобаста аз мавқеи хизматӣ дар ин мақомот мебошад. Инчунин дар шуъбаҳои мақомоти мазкур муколамаи байни кормандон оид ба оғоз ё қатъгардии парвандаҳои ҷиноятӣ ё ба кори муфаттиш дахолат намудан қатъиян роҳ дода намешавад.

Албатта, дигар лаҳзаҳоеро номбар намудан мумкин аст, ки бештари онҳо ҳамчун усули пешгирӣ ва мубориза бо коррупсия ном бурда мешаванд. Дар ин ҷода яке аз

тадбирҳое, ки Ҳукумати Фаронса андешидааст, ин аз синни мактабӣ ба вуҷуд овардани ҳисси бадбинӣ ва хусумат нисбат ба зуҳурёбии коррупсия ҳамчун падидаи номатлуби иҷтимоӣ мебошад.

Аз тарафи дигар коррупсия дар Фаронса бештар байни мансабдорони корхонаҳои хусусӣ мавқеъ ва манзалат пайдо намудааст. Вале ин истисноӣ соҳаҳои дигари фаъолияти давлатӣ ва ҷамъиятиро надорад, зеро содир намудани ҷиноятҳои ришваситонии байни кормандони поёнӣ ва байни мансабдорон одат шудааст. Масалан, барои нигоҳ доштани ҷойи кор дар ширкат ё ягон корхона ҳатман додани ришваро кормандон ба зимма мегиранд. Ё худ барои гирифтани пора корманди тиб аз пешбурди чунин фаъолият маҳрум мегардад. Аниқтараш бо қарори суд чунин кормандони тиб соҳибмаълумоти нолоиқ эълон мегарданд. Вале барқароргардии онҳо ба кор қоидаи худро дорад, ки тибқи он на ҳамеша аз рӯйи тахассус пешбурди фаъолият имконпазир аст. Ё пас аз сипарӣ шудани муддати муайян бо дархости муассисаи иҷрои ҷазо аз ҷониби комиссияи барқароркунӣ аз рӯйи дараҷаи пасти тахассусӣ ба сифати коргари оддӣ ба кор барқарор карда мешаванд. Аз истифодаи чунин бартарӣ хизматчии давлатие, ки ба ришваситонӣ муттаҳам гардидааст, маҳрум карда мешавад.

Ҳамин тариқ, бо истифода аз усулҳои меъёрӣ – ҳуқуқӣ ва дар заминаи он тақвият бахшидан ба густариши ҷаҳонбинии зиддикоррупсионӣ давлати Фаронса тадбирҳои судманд андешидааст, ки сазовори омӯзиш аст.

## V. ТАҶРИБАИ ЗИДДИКОРРУПСИОНИИ ОЛМОН

Тарзу усулҳои мубориза бар зидди коррупсия дар Олмон нисбат ба дигар давлатҳо беҳтару хубтар ба роҳ монда шудааст. Усули аз ҳама афзалиятнок ва муносибтари мубориза бо коррупсия дар Олмон бо принсипҳои зерин асос ёфтааст:

– мавҷуд будани хатари коррупсия;
– ташкили манбаҳои иттилооти оид ба шахсони ҷисмонӣ ва ҳуқуқӣ дар бонки марказӣ;
– фош кардани амали хизматчиёни давлатӣ дар гирифтани пора, ки минбаъд бо номи нав ё дигар усулҳои номатлуби пинҳонӣ фармоиши давлатиро ба ҷо меоранд;
– татбиқ намудани ротатсияи кадрҳои идоракунӣ;
– таъсиси подразделенияи дохилии назоратӣ оид ба фаъолияти ҳайати кормандони маъмурӣ.

Ба ҳамаи ин нигоҳ накарда дар Олмон коррупсия ҷой дорад. Моҳи сентябри соли 1996 дар Берлин Конфронс доир ба МАВЗӮИ мубориза бо коррупсия баргузор гардид. Аз рӯйи маводи пешниҳодгардидаа маълум шуд, ки дар шаҳрҳои калони Олмон аз ҷониби прокуратура ҳазорон далелҳои ҷой доштани коррупсия ошкор ва фош карда шудаанд (аз ҷумла дар Франкфурти лаби Майн зиёда аз 1000, дар Мюнхен қариб 600, дар Гамбург қариб 400, дар Берлин қариб 200 адад амалҳои коррупсионӣ).

Соли 1994 қариб 1500 нафар барои содир намудани ҷиноятҳои коррупсионӣ ба суд кашида шудаанд. Ин шумора соли 1995 ба ҷалби 2000 нафар боло рафтааст, ки экспертҳо ин ҳолатро ҳамчун қуллаи баланди яхкӯҳ арзёбӣ намудаанд. Аз ҷумла, дар муттаҳам гаштан ба коррупсия идораи давлатӣ оид ба санҷиши гурезагони хориҷӣ, марказҳои бақайдгирии нақлиётӣ ва дигар муассисаҳо ҷалб гардидаанд.

Ҳатто кор ба ҷое расида буд, ки бо пули нақд тариқи ғайриқонунӣ харидани ҳуқуқ ба таъсиси тарабхона ё қиморхона, шаҳодатномаи ронандагӣ, иҷозатнома барои кашида бурдани нақлиётҳое, ки нодуруст ҷойгузорӣ шудаанд ва ғайраҳо имконпазир гардида буд. Ба ин нигоҳ накарда аз рӯйи баъзе расонаҳо коррупсияи иқтисодӣ ба андозаи 4,1 миллиард евро дар соли 2007 ва ба андозаи то

3,4 миллиард евро, ки ба соли 2009 рост меояд, ба давлат зарари ҷиддии моддӣ расонидааст.

Қариб 2% кормандони кироя олудаи коррупсия мебошанд, ки ин нишондод нисбати мансабдорони воломақом бештар ба назар мерасад. Дар коррупсияи немисӣ нақши мардон афзалиятноканд. Аз рӯйи омор ҳиссаи мардон дар коррупсия аз 78% то 93% боло рафтааст. Аз ҷониби дигар, ин навъи ҷиноят дар Олмон ба машғулияти қатъии мардон табдил гардидааст. Зеро 76% сафи ҷинояткоронро дар ин самт мардон ташкил медиҳанд. Коррупсионери феълан олмонӣ ба марди дорои маълумоти олӣ ва мансабдӯст рост меояд.

Аз рӯйи хулосаи Бонки ҷаҳонӣ (оғози соли 2010) дар натиҷаи сар задани буҳрони молиявии иқтисодӣ коррупсия ҳамчун падидаи номатлуби ҷомеа рӯ ба афзоиш ниҳодааст. Дар қатори дигар давлатҳои пешрафтаи ҷаҳон буҳрони коррупсия Олмонро ба коми худ кашидааст. Ва ин падидаи номатлуб бештар дар соҳаи тиҷорат ба чашм мерасад. То охири соли 2010 тиҷорати немисӣ ҷиноятҳои коррупсионӣ - ришваситониро дар мадди аввал гузоштааст (61%), баъдан дуздӣ (57%) ва ҷиноятҳои электронӣ (53%). Ин лаҳзаҳоро Департаменти Федералии Олмон оид ба муборизаи иқтисодӣ аз рӯйи омор ва шумора айнан баррасӣ намудааст.

Умуман, баъди тасдиқи Конвенсияи СММ «Дар бораи мубориза бо коррупсия» дар Олмон як қатор тадбирҳо андешида шудаанд. Аз ҷумла, мувофиқгардонии қонунгузории дохилӣ ба стандартҳои байналмилалӣ, ҷорӣ намудани ҷавобгарии интихобшавандагони халқӣ барои ришваситонӣ ва ғайра.

Аз рӯйи нишондоди пешгирӣ ва мубориза бо коррупсия Олмон дар байни давлатҳои пешқадами ҷаҳон дар ҷойи чаҳордаҳум қарор дорад. Аслан Зеландияи Нав, Дания, Сингапур ва Шветсия давлатҳои ғайрикоррупсионӣ шинохта шудаанд.

Манзараи маҳзунро оид ба афзоиши коррупсия дар Сомалӣ, Афғонистон, Бирма, Судон ва Ироқ дида метавонем, ки дар ҳақиқат дар ин давлатҳо то кунун масъалаи коррупсия хеле ташвишовар аст. Гарчанде баъзе тадбирҳо аз ҷониби сохторҳои қудратии ин давлатҳо андешида шуда бошад ҳам, вале он то ҳол натиҷаи мусбат набахшидааст.

Коррупсия ҳамчун масъалаи байналмилалӣ то имрӯз боқӣ мондааст. Зеро новобаста аз сохтори сиёсӣ ва сатҳи инкишофи сиёсӣ аз рӯйи миқёс он мансуби тамоми кишварҳои ҷаҳон мебошад.

Ба ин нигоҳ накарда, дар Олмон баҳри пешгирӣ ва мубориза бо коррупсия тадбирҳои хеле ҷиддӣ андешида шудааст.[1] Аз қабили чунин тадбирҳо қабули санади меъёрии ҳуқуқӣ оид ба одоби хизматчиёни давлатӣ ба шумор меравад. Тибқи ин санади ҳуқуқӣ шахси мансабдори давлатӣ, бояд ҳар сол оид ба вазъи амвол ва даромади софи худ ба мақомоти назорати молиявии кишвар маълумоти дақиқ пешниҳод намояд. Дар ҳолати саркашӣ аз риояи ин талабот онҳо ба ҷавобгарӣ кашида мешаванд. Ҳамзамон, дар Олмон ба мисли ИМА, Канада ва Фаронса дар арафаи ба хизмати давлатӣ ҷалб гардидани шаҳрвандон вазъи молиявии онҳо ба қайд гирифта мешавад. Чунин иқдом дар идомаи хизмати давлатӣ низ сурат мегирад. Дар натиҷаи тағйирёбии вазъи молиявии хизматчиёни давлатӣ ҳамзамон ба мақомоти дахлдори давлатӣ ё комиссияи дохилии маъмурӣ дар ин хусус пешниҳод намудани маълумот ҳатмист. Дар сурати фош гардидани хатоии молиявӣ ё муайян намудани манбаҳои нодурусти он хизматчии давлатӣ аз вазифа сабукдӯш гашта, нисбаташ парвандаи ҷиноятӣ оғоз мегардад.

---

[1] Куракин А.В. Предупреждение и пресечение коррупции в зарубежных государствах, на примере США, Канады, ФРГ, Франции, Испании, Португалии.../ А.В.Куракин // Право и политика. - 2002. - №6.

Дар натиҷаи фош ва ошкор гаштани даромадҳои ғайриқонунии ба дастовардаи иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ нисбати роҳбарони онҳо татбиқи чораҳои қатъии характери ҳуқуқидошта сурат мегирад. Фаъолияти корхона бошад боздошта мешавад. Дар ин ҷода, истифода аз усулҳои самараноки тарбиявӣ мавқеъ ва манзалати хоса дорад. Вале дар аксар давлатҳои Ғарб усулҳои меъёрӣ-ҳуқуқии мубориза бо коррупсия афзалиятноканд ва ин усулҳо барои ба вуҷуд овардани маҳдудиятҳо нисбат ба ваколат ва вазъи хизматии шахсони мансабдори давлатӣ мавриди истифода қарор дода мешавад.

Дар давлатҳои зикргашта коррупсия бар мамми зуҳуроти мудҳиш арзёбӣ гардидан, боз ҳамчун як шакли таҳдиди ҷаҳонӣ маънидод мегардад. Ва ягона роҳи мубориза бо коррупсия таъмини волоияти қонун дар ин кишварҳо аст. Зеро риоя ва таъмини қонуният ин тадбирест баҳри наҷот ёфтан аз қоррупсия. Аз ин рӯ, таъмини босазои волоияти қонун то кунун аз ташвиқу тарғиби ҳуқуқ ва ҳамчунин тарбияи инсони комил вобаста аст. Ҳамзамон рӯ овардан ба чунин тадбир яке аз воситаҳои самараноки мубориза бо коррупсия ҳисобида мешавад.

Аз ин рӯ, ҷиҳати риоя намудани талаботи қонуният ва тартиботи ҳуқуқӣ, аз ҷумла пешгирӣ ва мубориза бо коррупсия накш, мавзеъ ва манзалати шаҳрвандон зиёд аст. Вале дар ин самт афзун намудани рафтори фаъоли ҳуқуқии шаҳрвандон аз ҳама муҳим аст. Бояд тазаккур дод, ки рафтори қонунии фаъолонаи шаҳрвандон дар заминаи сатҳи баланди фарҳангӣ-ҳуқуқӣ ва ҳастии ҷаҳонбинии зиддикоррупсионии аҳолӣ ба миён меояд. Аз ин лиҳоз, рафтори қонунии фаъолонаи шаҳрвандон хоси фарҳанги ҳуқуқӣ мебошад. Зеро сатҳи баланди фарҳанги ҳуқуқии ҷомеа яке аз омилҳои инкоркунандаи ҳама гуна кирдорҳои номатлуб арзёбӣ мегардад. Яъне риояи талаботи қонуният аз ҷониби субъектҳои ҳуқуқ, хусусан аз ҷониби идораҳои давлатӣ ва шахсони мансабдор, иҷрои

дурусти ба ҷо овардани масъулияти хизматиро баҳри таъмини ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон, адолати иҷтимоӣ, ки чунин амал ташвиқ ва тарғиби дурусти қонун ва истифодаи дақиқи онро тақозо менамояд, муҳим аст. Бархӯрдор шудан тавассути маводи таълимӣ ва тарбияи ҳуқуқӣ барои имкониятҳои назариявии аз бар намудани донишҳои ҳуқуқӣ муфид аст. Вале устувории эътиқоди назариявии ҳуқуқӣ аз ҳисоби таҷрибаи ҳаётӣ ғанӣ мегардад,ки замина ва бартариятро дар чунин ҳолат аз ҳисоби ташвиқ ва тарғиби қонуният ва таҳкими он ҳосил намудан мумкин аст. Мутаассифона, ҷиноятҳои хусусияти коррупсионидошта бештар дар натиҷаи надонистани қонун ё аз сатҳи пасти шуур ва фарҳанги иқтисодию ҳуқуқи шахс сар мезананд. Барои ҳамин ҳам аҳолӣ, ҳамчун субъекти пешгирӣ ва мубориза бо коррупсия бояд дар ин самт ташаббускор бошад, зеро қонунияти ҳуқуқӣ ва таъмини он дар самти пешгирӣ ва мубориза бо коррупсия бо мақсади ташаккули иқтисодиёти кишвар вазифаи шаҳрвандон ва аҳли ҷомеа мебошад.

## VI. ТАҶРИБАИ ЗИДДИКОРРУПСИОНИИ ГОЛЛАНДИЯ

Голландия яке аз давлатҳои пешрафтаи дунё ба шумор меравад. Чун дигар давлатҳо дар он кишвар низ мубориза бо коррупсия ҳамчун сиёсати муҳим ва ҷиддии давлатдорӣ пос дошта мешавад.

Ҳукумати Голландия бо мақсади пешгирӣ ва мубориза бо коррупсия як силсила тадбирҳое андешидааст, ки аз рӯйи хусусият онҳо ба усулҳои маъмурӣ–ҳуқуқии мубориза бо ин падидаи номатлуб хос ҳастанд. Яъне, пурзӯр намудани санксияҳои кодекси ҷиноятӣ нисбат ба амалҳои коррупсионии хизматчиёни давлатӣ як самти мубориза бо коррупсияро дар ин давлат афзалиятнок намуд.

Аслан, ҷорӣ намудани ин усулҳо сабаб дошт. Яъне, тайи солҳои охир дар мамлакат аз ҷониби баъзе ходимони сиёсӣ ва ҷамъиятӣ даст задан ба ришваю ришваситонӣ авҷ мегирад, ки ин ҳам бошад аз ҳисоби устувор намудани мақоми хеш дар идораҳои давлатӣ ва истифодаи он ба манфиати гурӯҳҳои муташаккили ҷиноятпеша пиндошта мешуд ки оқибат ба пешрафти самти иқтисодиёти кишварро коста мегардонид.

Аз ин лиҳоз, бо мақсади пешгирӣ ва мубориза бо коррупсия дар системаи хизмати давлатӣ силсилаи тадбирҳо андешида шудаанд.

Аз ҷумла, ба хизмати бехатарии давлатӣ ваколатҳо оид ба санҷиши баъзе аз номзадҳо ба депутатии парламенти мамлакат, ки онҳо бо тариқи пинҳонӣ бо гурӯҳи ҷинояткорони муташаккил ҳамкорӣ доштанд, вогузор карда шуд.

Ба ақидаи ҳуқуқшиносони кишварҳои олам дар ҳалли масоили пешгирӣ ва мубориза бо коррупсия ҷори кардани назорати махсуси иҷтимоӣ-ҳуқуқӣ нисбат ба манбаҳои даромад ва фаъолияти молиявӣ-иқтисодии шахсони гумонбар дар коррупсия нақши муҳим мебозад. Дар ҳақиқат назорати иҷтимоӣ-ҳуқуқӣ ҳамчун як тарзи мубориза бо фасодкорӣ дар ошкор кардани амалҳои коррупсионӣ нақши ҳалкунандаро мебозад. Ба ваколатҳои субъекти назоратӣ-иҷтимоӣ дар давраи муайян, яъне то қабули қарори суд мустақиман андешидани чораҳои мушаххас нисбати шахси назоратшаванда вогузор мегардад. Муваққатан аз кор дур кардани шахси гумонбар дар коррупсия, маҳдуд ё маҳрум кардан аз фаъолияти муайян, ҳамчунин нисбат ба ҳисоби бонкии ӯ татбиқ намудани монеаҳо асоси тадбирҳои андешидаи назорати иҷтимоӣ-ҳуқуқӣ шуморида мешаванд ва воситаи муҳими густариши ҷаҳонбинии зиддикоррупсионӣ маҳсуб меёбад.

Усули иҷтимоӣ-ҳуқуқии мубориза бо коррупсия асосан дар ШМА ва Ҷопон мавқеъ ва манзалати хоса

пайдо намудааст. Дар Ҷопон тибқи қонун шахсоне, ки дар ҷиноятҳои муташаккил ва коррупсия шариканд ё ба ҷавобгарии ҷиноятӣ муттаҳам гаштаанд, ба қайди махсус гирифта мешаванд.

Одатан ин икдом аз баррасии маълумот ба аҳли ҷомеа оғоз меёбад, ки ин худ як усули ботамкини ҳуқуқӣ дар ҷорӣ намудани назорат аз болои шахси муайян ва манбаҳои даромади он маҳсуб мешавад.

Ин ҳамаи он тадбирҳое мебошанд, ки барои пешгирӣ намудан ва мубориза бар зидди коррупсия аз ҷониби давлатҳои хориҷа андешида шудаанд.

Ба ақидаи мо ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва органҳои дахлдори он зарур аст, ки ин таҷрибаи бойи андӯхтаи мамлакатҳои пешқадами ҷаҳонро ҳаматарафа омӯхта қисматҳою паҳлӯҳои муҳимтарини таҷрибаи замкардаи онҳоро эҷодкорона ва моҳирона истифода баранд. Албатта, дар ин раванд хусусиятҳои хоси шароити Тоҷикистони соҳибистиқлолро ба инобат гиранд. Танҳо бо ҳамин роҳ ҷомеаи тоҷик метавонад аз ин вабои асри XXI – коррупсия то андозае раҳоӣ ёбад.

Аз ин лиҳоз баҳри пешравӣ ва инкишофи минбаъдаи кишвари соҳибистиқлол мо бояд тамоми тадбирҳоро ҷустуҷӯ намоем, то ки ба рафъи ин падидаи номатлуб дар ҷомеа боис гарданд.

## VII. ТАҶРИБАИ ЗИДДИКОРРУПСИОНИИ СИНГАПУР

*«Аз ҳабс кардани се дустатон (дар муқовимат ба коррупсияро) огоз кунед. Шумо яқинан медонед барои чӣ ва онҳо низ медонанд барои чӣ»*

***Ли Куан Ю***

Давлати муваффақтарин дар миқёси Осиё дар муқовимат ба коррупсия – ин Сингапур мебошад ва аз ҷиҳати пешрафти иқтисодиёт дар баробари давлатҳои

мутараққӣ, дар сафи пеш мебошад. Дар баробари ин, дар аксарияти чорабиниҳои зиддикоррупсионии илмиву амалӣ, таҷрибаи пешқадами Сингапур сармашқ қарор гирифта шудааст. Заро, Сингапур аз як давлати қашшоқ ба як шаҳр – давлате мубаддал гардид, алҳол аз ҳисоби шароити бомуваффақиятиаш дар ҷаҳон ҷои сеюмро ишғол намуда, нишондоди бекории аҳолиаш дар даҳсоаҳои охир аз 4 % боло нарафтааст. Дар баробари ин, аз рӯи натиҷаҳои тадқиқотҳои имтиҳони байналмилалӣ (IEA), таълим дар мактабҳои Сингапур дар сафи аввал мебошад ва 87 % аҳолии он дар хонаҳои истиқоматии шахсии худ зиндагӣ мекунанд[1]. Албатта, ҳамаи ин дастовардҳо дар натиҷаи муқовимати воқеӣ бо коррупсия ба даст оварда шудааст.

Муқовимат ба коррупсия дар Сингапур ҳанӯз аз соли 1871 дар баробари қабули Кодекси ҷиноятии Стрейтс – Сеттлментс, оғоз гардид, ки аллакай коррупсия аз доираи қонунгузорӣ берун баромада буд. Дар натиҷа, коррупсия ҳамчун муаммои ҷиддӣ эътироф гардида буд, ки бо он Сингапур рӯ ба рӯ шудааст ва ҳатто дар замони мустамлика, ҳукумати Британия аз уҳдаи муқовимат ба он баромада натавониста буд.

Соли 1879 Комиссия оид ба тафтиш ва муқррар намудани сабабҳои паст будани натиҷаи кори политсияи Сингапур таъсис дода шуд, ки сатҳи коррупсия дар байни нозирони аврупоӣ ва онони аз Майлайзия ва Ҳиндустон омада, бештар мебошад. Аммо, ҷиҳати муқовимат ба ин ҳолат коре ба анҷом расонида нашуда буд. Соли 1886 Комиссияи мазкур ҳангоми тафтиши тиҷорат дар самти қиморхонаҳо дар Стрейтс - Сеттлментс, бори дигар баланд будани сатҳи коррупсияро дар байни кормандони маҳаллии ҳифзи ҳуқуқ, мушоҳида намуд. Тибқи маълумоти ҷамъовардани васояти ахбори маҳаллӣ, аз

[1] Том Плейт. Беседы с Ли Куан Ю. Гражданин Сингапур, или Как создают нации: Олимп—Бизнес. – Москва, 2012. – С. 3.

соли 1845 то соли 1921 – ум 172 ҳолати зикргардида ба қайд гирифта шуда буд. 109 ҳолати он оид ба пора ва 42 ҳолати дигари он дар бевосита иштирок кардани кормандони политсия дар ғоратгариву дуздӣ, ба қайд гирифта шудаанд.

Сабаби боз ҳам бештар доман паҳн кардани амалҳои коррупсионӣ – дар замони забти Сингапур аз тарафи Япония ба ҳисоб мерафт (солҳои 1942 – 1945). Дар ин замон маоши хизматчиёни давлатӣ паст арзёбӣ мегардид. Ҳамин тавр, сатҳи коррупсия то рафт рӯ ба афзоиш мениҳод. Коррупсия ба муносибатҳои муътадили ҳаррӯзаи ҷамъиятии Сингапур мубаддал гардида, сохторҳои давлатӣ дар назари мардум беқадр мешуданд ва ҳатто Маъмурияти ҳарбии Британияро, ки августи соли 1945 Сингапурро аз забти Япония озод карда буд, ҳамчун «Маъмурияти бозори сиёҳ» ном мебурданд. Ҳатто, комиссари политсия дар ҳисоботи солонаи худ соли 1950 ошкоро эътироф намуд, ки дар мақомотҳои давлатии Сингапур «порахурӣ» ба як одати маъмулӣ мубаддал гардидааст.

Лесли Палмир се сабаби асосии паҳн гардидани коррупсияро дар Сингапури колониалӣ арзёбӣ мекунад:

***Сабаби аввал*** – маоши ками шахсони мансабдори Сингапур. Агар, маоши моҳонаи шахси мансабдори давлатӣ аз масрафи моҳонааш кам бошад, пас ҳатман ӯ вазифаҳои хизматиашро бар манфиати шахсиаш истифода мебарад.

Сабаби асосии бештар паҳн гардидани коррупсия дар байни кормандони политсияи Сингапур, дар паст будани маоши моҳонаашон баён мегардад. Маоши моҳонаи политсияи Сингапур аз сержанту констебли Аврупоӣ се маротиба камтар буд. ***Миқдори маоши моҳонаи аврупоӣ:*** нозири дараҷаи 1 – 100 доллари сингапурӣ; нозири дараҷаи 2 – 80; нозири дараҷаи 3 – 60; сержант – 50; констебл – 40. Миқдори маоши моҳонаӣ маҳаллӣ: сержант – 15 доллари сингапурӣ; капрал – 12; констебли дараҷаи 1

– 10; констебли дараҷаи 2 – 9; констебли дараҷаи 3 – 8; политсияи дараҷаи 1 – 5; политсияи дараҷаи 2 – 4. Бо ин маоши моҳонаи кам муқовимат ба коррупсия ғайриимкон аст.

***Сабаби дуюм*** – имкониятҳои васеъ ҷиҳати даст задан ба коррупсия. Имкониятҳои васеъ, ки дар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ муқаррар гардидаанд, ба шахсони мансабдор ҷиҳати ба манфиати шахсӣ истифода намудани манфиати хизмати давлатӣ, шароити васеъ фароҳам овардаанд. Аз ин ҳолатҳо истифода бурда, хизматчиёни давлатӣ ба ҷиноятҳои сиёҳ имконият фароҳам оварда, ба соҳибкорон монеагӣ эҷод мекарданд. Ҳатто, худи онҳо аз мавқеи доштаашон истифода карда, ба тиҷоратҳои ғайриқонунӣ машғул мешуданд.

***Сабаби сеюм*** – дар сатҳи паст қарор доштани ошкор намудани сабабҳои коррупсия ва додани ҷазо ба содир гардидани амалҳои коррупсионӣ. Дар Сингапури мустамлика коррупсия ба муносибатҳои иҷтимоии муқаррарӣ ҳамчун даромади калон мубаддал гардида буд ва дар сурати таъйини ҷазо ҳам дар баробари ин кирдор назаррас набуд. Кӯшиши британиягиҳо низ дар муқовимат ба коррупсия, бефоида буд, зеро Қарор дар бораи муқовимат ба коррупсия ва звенои зиддикоррупсионии политсия (Anti-Corruption Branch) бесамар буданд[1].

Новобаста аз он, ки ҳанӯз соли 1871 дар Сингапур коррупсия криминализатсия шуда буд, то декабри соли 1937 амал намекард. Декабри соли 1937 аввалин санади меъёрии ҳуқуқии зиддикоррупсионӣ қабул гардид – Қарор дар бораи муқовимат ба коррупсия. Моҳияти ин Қарор, дар мубориза бо порахӯрӣ ва гузаронидани тафтишҳои махфӣ дар мақомоти давлатӣ ва корхонаҳои хусусӣ, ифода мегардид. Қарори зикргардида ҳаҷман хурд буда аз

---

[1] Борьба с коррупцией в Сингапуре: извлекая уроки // http://www.ru-90.ru/node/1487.

12 боб (сексия) иборат мебошад. Боби сеюми он се кирдори коррупсиониро муқаррар карда, барои содир гардидани он ҷазо муқаррар менамуд (бо маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлати ду сол ва ҷарима ба андозаи 10000 доллари сингапурӣ).

Октябри соли 1951 аз тарафи шахсони номаълум афюн ба микдори 400000 доллари сингапурӣ тасарруф гардид. Барои тафтиши ин ҳодиса зери роҳбарии афсаре аз Малайзия гурӯҳи махсус равона гардид. Гурӯҳ муайян намуд, ки тасарруфи ин афюн зери роҳбари кормандони политсия амалӣ карда шудааст. Дар охир, на ҳамаи кормандони политсия бинобар нокифоя будани далелҳо, ба ҷавобгарӣ ҷалб карда шуда буданд. Ҳодисаи бавуқӯъ омада ҳукумати британияро маҷбур сохт, то ки мақомоти махсусгардонидаеро таъсис диҳад, ки ба сохтори политсия шомил набошад. Соли 1952 ҳукумати Британия Бюро оид ба тафтиши коррупсия (Corrupt Practices Investigation Bureau) таъсис дода шуд[1].

Баъди ба сари ҳокимият омадани ҳизби «Ҳаракати халқ», июни соли 1959 бо дарки он, ки дар сурати муваффақ гардидан дар муқовимат ба коррупсия, мамлакат рӯ ба тараққӣ мениҳад, кӯшиш ба харҷ додан лозим аст. Аммо, агар ба стратегияи зиддикоррупсионии ҳукумати зери мустамликаи Британия фаъолият намоянд, пас дар мақсадҳои зиддикоррупсионӣ муваффақ нахоҳанд шуд. Дар баробари паст намудани коррупсия, чунин вонамуд бояд кард, ки коррупсия на чун даромади бехавф, балки оқибати он хавфи бештарро ба бор меорад. Соли 1960 роҳбарияти ҳизби «Ҳаракати халқ» як қатор стратегияҳои зддикоррупсиониро бо қабули Санад оид ба муқовимат ба коррупсияро амалӣ намуда, фаъолияти Бюро оид ба тафтиши коррупсияро пурзӯр намуд.

---

[1] Ли Куан Ю. Сингапурская история: из «третьего мира» – в «первый». Издательство МГИМО(У) МИД России. – М., 2005. – С. 103.

Соли 1960 Сингапур яке аз давлатҳои қашшоқтарин дар рӯи олам эътироф мегардид. Ҳукумат, ки маоши моҳонаи хизматчиёни давлатиро боло бардошта наметавонист, бо роҳи татбиқи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва пурзӯр намудани ҷазои ҷиноятӣ сиёсати зиддикоррупсиониро пеша кард.

Санад дар бораи муқовимат ба коррупсия, ки 17 июни соли 1960 қабул гардида буд, камбудиҳои Қарор дар бораи муқовимат ба коррупсияро пурра карда, имкониятҳои зиддикоррупсионии мақомоти махсусгардонидаи муқовимат ба коррупсияро васеъ кард. Ҳамин тавр, Санади зикргардида аз 32 боб иборат буда, то рафт ба 37 боб расонида шуд. Бар боби дуюми Санади мазкур туҳфа дар ҳар шакл амали коррупсионӣ баҳо дода мешуд, ки ин бобро худи Бюро оид ба муқовимат ба коррупсия ва директории он пешниҳод карда буд. Ҷарима барои амалҳои коррупсионӣ то 10000 доллари сингапурӣ ва муҳлати ҷазои маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлато то панҷ соли бардошта шуд. То соли 1989 маблағи ҷарима барои амалҳои коррупсионӣ то 100000 доллари сингапурӣ боло рафт. Ин микдори ҷарима ҳатто барои бойшавии ғайриқонунӣ таъйин мегардид.

Дар муқовимат ба коррупсия салоҳияти Бюрои зикргардида васеъ гардид: ба кормандони Бюрои иҷозат дода шуд, то ки гумонбарони амалҳои коррупсиониро дастгир намоян ё кофтуков кунанд, дилхоҳ ҳисобҳои бонкиро омӯзанд, доштани иҷозат ба омӯхтани ҳисобҳои бонкии дилхоҳ шахсони мансабдор ва ҳатто дар сурати зарурият – ҳамсар, фарзанд ё шахсони бовариноки онҳо.

Дар замони фаъолияти худ ҳайати шахсии Бюро аз 8 нафар (соли 1960) то 71 нафар (49 муфаттиш ва 22 коргузор) то кунун фаъолият мебаранд. Бюрои мазкур арзу шикоятҳоро оид ба ҳодисаҳои коррупсионӣ дар сохторҳои давлатӣ қабул ва тафтиш мекунад; ҷиноятҳои мансабӣ ва амалғои ғайпиқонунии шахсони мансабдорро тафтиш менамояд; рафанди фаъолияти хизматчиёни

давлатиро меомӯзад, то ки дар фаъолияти онҳо хавфи коррупсия ҷой надошта бошад.

Ба Санад оид ба муқовимат ба коррупсия, ки онро ҳизби «Ҳаракати халқ» қабул намуд, ҷиҳати мӯковимати мақсаднок ба коррупсия, чандин маротиба тағйиру иловаҳо ворид карда шуданд. Соли 1963 ба он илова гардид, ки шоҳидон уҳдадоран, то ки оид ба ҳодисаи коррупсионӣ шоҳидӣ диҳанд – вобаста ба ин тафтишоти самаранокро ба бор овард. Тибқи тағйироти соли 1966 ба ин Санад, шахси мансабдор барои нияти гирифтани пора ҳатто ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида мешуд. Дилхоҳ кормандони сафоратхонаҳои Сингапур дар дигар давлатҳо, барои содир намудани амалҳои муқаррарнамудаи Санади зикргардида, тибқи қонунҳои Сингапур тафтиш гардида, ба ҷавобгарӣ кашида мешаванд.

Соли 1981 ба Санад оид ба муқовимат ба коррупсия маротибаи сеюм тағйиру иловаҳо ворид карда шуд, ки тибқи он шахси мансабдоре, ки барои ҷинояти коррупсионӣ маҳкум гардидааст, ғайр аз ҷаримаи таъйингардидаи суд, инчунин ҳамаи молу ашёе, ки бо ҷинояти коррупсионӣ ба даст овардааст, мусодира карда шуда, ба фоидаи давлат гузаронида мешаванд. Касе ин корро карда наметавонистанд, ба онҳо ҷазои вазнинтар таъйин карда мешуд. Ҳамин тавр, 14 декабри соли 1986 Вазири рушди миллии Сингапур Те Чен Ван баъди 16 соати пурсиш аз тарафи кормандони Бюро, даст ба худкушӣ задаст. Сабаби тафтиши Вазири рушди миллии Сингапур – Те Чан Ван дар он будааст, ки ӯ солҳои 1981 – 1982 дар ду ҳолат ба маблағи 1000000 доллари сингапурӣ пора гирифтааст. Те Чан Ван қабл аз пурсиш хостори мулоқот бо сарвазири Сингапур Ли Куан Ю кардааст, аммо баҳри шаффоф ба роҳ мондани тафтишот, Ли Куан Ю хостори ӯро рад кардааст ва дар ҷавоб гуфтааст, ки баъди ҷамъбасти тафтишот бо ӯ мулоқот хоҳад кард. Те Чен Ван қабл аз маргаш ба сарвазири Сингапур дар

шакли зайл мактуб навиштааст: «Таи ду ҳафтаи охир манн бисёр ғамгин ва дар ҳолати руҳафтодагӣ қарор доштам. Ман ҷавобгарии худро ҷиҳати ҳодисаи бавуқуъомада эҳсос мекунам ва эътироф менамоям, ки барои он бояд ба тамоми ҳастияш ҷавоб гӯям. Ҳамчун ҷавонмард, ман қабул медорам, ки аз рӯи адолат мешуд, агар баҳри кирдори содиркардаам, арзишмандтарин дороиямро супорам. Содиқ ба Шумо, Те Чин Ван»[1].

Қонунгузории Сингапур муқаррар менамояд, ки ҳатто агар гунаҳгор дар содир кардани ҷинояти коррупсионӣ айбдор бошаду вафот кунад, дороии ӯ ба фоидаи давлат гузаронида мешавад.

Ҳамин тавр, ҳукумати Сингапур то рафт сатҳи коррупсияро паст намуд, ки ин бо роҳи баланд бардоштани маоши моҳонаи хизматчиёни давлатӣ ва фароҳам овардани шароити хуби корӣ амалӣ гардидааст, зеро солҳои 1980 – ум иқтисодиёти мамлакат рӯ ба афзоиш ниҳода буд. Аз соли 1972 маоши хизматчиёни давлатӣ ба болоравӣ шурӯъ карда буд: бар замми маоши хуб, хизматчиён бо кумакпулиҳои солона таъмин карда мешуданд. Дар умум, кӯшиши ҳукумат баҳри он равона карда мешуд, ки сатҳу шароити кории хизматчиёни давлатӣ аз сатҳу шароити хизматии корхонаҳои хусусӣ боло бардошта шаванд.

Марти соли 1985 сарвазири Сингапур – Ли Куан Ю сиёсати зиддикоррупсионии худро бо роҳи баланд бардоштани маоши моҳонаи хизматчиёни давлатӣ оғоз намуд – маоши моҳонаи онҳо бояд аз ҳама баланд бошад, то ки фаъолияти босифат дар кори онҳо кафолат дода шавад. Агар маоши моҳона нокифоягӣ кунад, пас хизматчии давлатӣ хоҳу нохоҳ баҳри даромади иловагӣ кӯшиш мекунад. Ли Куан Ю зикр менамояд, ки барои Сингапур маъмурияте зарур аст, ки ба коррупсия эҳтиёҷ

[1] Ли Куан Ю. Сингапурская история: из «третьего мира» – в «первый». Издательство МГИМО(У) МИД России. – М., 2005. – С. 106.

надошта бошанд ва дорои сиёсатмадороне бошад, ки манфиатҳои аз он болотарро баррасӣ намоянд. Чунин маъмурият бояд аз беномусӣ, шахсиятпарастиву лагандбардорӣ, ки ба амалҳои коррупсионӣ оварда мерасонанд, холӣ бошад. Ӯ январи соли 1994 дар парламенти кишвараш зикр намуд, ки барои ҳукумат мутахассисони дараҷаи олӣ зарур аст ва ҳукумат омода аст ба онҳо маоши арзанда пардохт намояд. Дар баробари ин, ӯ иловатан зикр менамояд, ки агар инсон порахури авлодӣ (решаӣ) бошад, умед кардан ба он, ки бо баланд бардоштани маошаш тозакор мешавад, беҳуда аст.

Ли Куан Ю бо сиёсати зиддикоррупсионии худ дар байни тамоми сиёсатмадорони мамлакатҳои ҷаҳон мавқеи ба худ хос дошт. Ҳатто, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ӯро ҳамчун “муъҷизаи сингапурӣ” эътироф намуда, аз ҷумла 23 марти соли 2015 дар барқияи тасаллият ба Сарвазири Ҷумҳурии Сингапур Ли Сянлун ҷиҳати вафоти собиқ Сарвазири Ҷумҳурии Сингапур Ли Куан Ю зикр намуда буд: «Ҷаноби Олӣ,

Бо эҳсоси андӯҳ хабари даргузашти собиқ Сарвазири Ҷумҳурии Сингапур, падари миллат – Ли Куан Юро, дарёфт намудам.

Шодравон ходими барҷаставу муваффақи сиёсиву давлатӣ, офаринандаи “муъҷизаи сингапурӣ” ва яке аз бузургтарин шахсиятҳои мамлакат, минтақа ва ҷаҳон буд. Маҳз бо шарофати фаъолияти ислоҳотгаронаи пурсамари ин абармарди олами сиёсат ҳангоми ба даст овардани истиқлолият Ҷумҳурии Сингапурро аз кишвари ақибмонда ба як давлати мутараққӣ ва пешрафтаи Осиё табдил дод.

Дар ин лаҳзаҳои сангин, аз номи Ҳукумат ва мардуми Тоҷикистон ҳамдардии амиқи худро бо ин талафот ба мардуми дӯсти Сингапур изҳор медорам. Ба Шумо

Ҷаноби Олӣ, наздикон ва пайвандони падари марҳуматон тасаллиёти амиқу самимии хешро баён менамоям»[1].

Ҳамин тавр, муқовимат ба коррупсия дар Сингапур дар асоси принсипҳои зерин амалӣ карда шудаанд:

1. Чораҳои муқовимат бояд ба ҳарду тараф баробар андешида шаванд: ҳам ба порадиҳанда ва ҳам ба порагиранда;
2. Риояи ҳатмии принсипи ҷавобгарии фардӣ: амалҳои коррупсионӣ чӣ ба таври ҷавобгарии маъмурӣ ва чӣ ба таври ҷавобгарии ҷиноятӣ чораандешӣ карда шаванд;
3. Бояд ҳудуди манфиатҳои хизматӣ аз манфиатҳои шахсӣ ҷудо карда шавад. Вобаста ба ин принсип, Ли Куан Ю ишора менамояд, ки уҳдадории конфутсиявии ҳамаи мо ин кумак ба оилаи худ, хешовандон ва дӯстон аз ҳисоби дороии худ мебошад, - на амволу манфиатҳои давлатӣ;
4. Таъмини волоияти қонун. Мардум воқеан эҳсос намоянд, ки Бюро оид ба муқовимат ба коррупсия ва сохторҳои судӣ танҳо дар асоси қонун амал менамоянд;
5. Муқовимат ба коррупсия бояд воқеӣ бошад ва дар забон ё қоғаз набошад. Инчунин, кӯшишҳои зиддикоррупсионӣ фавран амалӣ карда шаванд;
6. Элитаҳои (зубдаҳои) сиёсӣ бояд бо рафтору кирдори худ ҳамеша намунаи ибрат бошанд, то ки обрӯ ва нуфузи худро нигоҳ доранд ва дар баробари ин, супоришҳои зиддикоррупсионии онҳо амалӣ мегарданд;
7. Эътирофи хизматҳои шахсӣ ва мутахассисии худи шахси мансабдори хизмати давлатӣ, на хешовандону наздикони ӯ. Ба фаъолияти хизматӣ мутахассисоне ҷалб карда шаванд, ки дониш ва таҷрибаи хуб дошта

[1] Барқияи тасаллият ба Сарвазири Ҷумҳурии Сингапур Ли Сянлун // http://president.tj/node/8497

бошанд. Хешу таборчигӣ, ёру рафиқбозӣ ва маҳалгароиву миллатгароӣ бадтарин амали коррупсионӣ эътироф мешавад;

8. Ли Куан Ю зикр менамояд, ки қоидаи асосӣ ин риояи қатъии принсипи фурӯхтанашавӣ ва озод намудани мансабдорони бо коррупсия алоқаманд мебошад. Васояти ахбори омма дар муқовимат ба коррупсия мавқеи аосиро ишғол менамояд ва набояд амалҳои коррупсионии шахсони мансабдор аз онҳо пинҳон дошта шавад. Ин ҳолат боварии мардумро ба сохторҳои давлатӣ боло мебарад;
9. Ба хизматчиёни давлатӣ бояд маоши моҳонаи арзанда пардохт;
10. Фароҳам овардани шароити корӣ бо иродаи софдилӣ.
11. Бояд имзогузориро ба ҳуҷҷатҳо то ҳаддалимкон кам карда шавад.

Кӯшишҳои ҳукумати Сингапур ҷиҳати баланд бардоштани маоши моҳонаи хизматчиёни давлатӣ аз соли 1989 то 1994 ба он оварда расонид, ки хизматчиёни давлатии сатҳи болоии Сингапур аз ҳамин мансабҳои давлатҳои дигар, дар ҷаҳон аз ҳама боло мебошад. Мисол, маоши моҳонаи Котиби доимии дараҷаи 5 ба 51000 доллари сингапурӣ (30000 доллари ШМА) боло рафт, ки қариб 4 маротиба аз маоши дараҷаи GS-18 (7000 доллари ШМА), ки маоши болотарини мансабдори Мақомоти федералии ШМА эътироф мешуд, зиёд буд.

Маоши моҳонаи афсарони калони Маъмурияти Сингапур аз рӯи котибони доимӣ, муовинони онҳо, ҳамчунин аз рӯи дараҷаҳо вобаста ба мансабҳо фарқ карда мешуданд. Котиби доимӣ: хизматчии дараҷаи 5 – 30100 доллари ШМА, хизматчии дараҷаи 4 – 25800; хизматчии дараҷаи 3 – 21500; хизматчии дараҷаи 2 – 18600; хизматчии дараҷаи 1 – 15800; хизматчии дараҷаи A – 13500; хизматчии дараҷаи B – 11400; хизматчии дараҷаи C – 9400. Муовини котиб: хизматчии дараҷаи D1 – 8000

доллари ШМА; хизматчии дараҷаи D – 7300; хизматчии дараҷаи E1 – 6400 ва ғайра[1].

Аз таҷрибаи зиддикоррупсионии Сингапур ба хулосае омадан мумкин аст, ки дар ин ҷо ҳолатҳои зерини муқовимат ба коррупсия сармашқи фаъолият қарор дода шудаанд ва онҳо самарабахш эътироф мешаванд:

***Сармашқи аввал.*** Сиёсатмадорони сатҳи болоӣ сидқан дар муқовимат ба коррупсия фаъолият бурдаанд;

***Сармашқи дуюм.*** Барои муқовимати самарабахш ба коррупсия бояд кӯшишҳои ҳамаҷониба роҳандозӣ карда шаванд. Кӯшишҳои ҳамаҷониба, инчунин ҳам дар мураттабсозии санадҳои меъёрии холӣ аз меъёрҳои ҳуқуқии ба коррупсия шароит фароҳамоваранда;

***Сармашқи сеюм.*** Мақомоти махсусгардонидаи мубориза бар зидди коррупсия бояд худ аз амалҳои коррупсионӣ дур бошанд. Ба ин мақомот нафаре бояд назорат барад, ки сиёсатмадори намоён буда, худ аз амалҳои коррупсионӣ пок бошад;

***Сармашқи чорум.*** Мақомоти махсусгардонидашудаи муқовимат ба коррупсия бояд, бе тобеият ба ягон вазору кумитаҳои давлатӣ амал намояд;

***Сармашқи панҷум.*** Барои паст намудани сатҳи коррупсия, ҳатман дар мақомотҳои давлатӣ таҳлили хавфҳои коррупсионӣ гузаронида шавад;

***Сармашқи шашум.*** Таъсир расонидан ба хизматчиёни давлатӣ бо роҳи баланд кардани маоши моҳона, то ки онҳо баҳри пешбурди зиндагӣ барои дарёфти маблағҳои иловагӣ, машғул нашаванд.

Таҷрибаи зиддикоррупсионии Сингапур вобаста ба мавқеи географӣ, сиёсӣ ва демографӣ дар ҳамаи давлатҳо ягона ба инобат гирифта шуданаш ғайриимкон аст. На ҳамаи давлатҳо хизматчиёни давлатиашонро бо маоши баланди моҳона таъмин карда метавонанд. Дар

[1] Борьба с коррупцией в Сингапуре: извлекая уроки // http://kaknado.info/home/corruption_singapoure

муқовимат ба коррупсия мавқеи асосиро иродаи баланди сиёсиву ватандӯстӣ зарур аст. Агар, сиёсатмадорони баландпояи Сингапур танҳо дар сухан ва қонунгузориашон ба коррупсия муқовимат мебурданд, пас ҳеҷ гоҳ дар ин роҳи хайр муваффақ намешуданд.

**ЗАМИМАҲО**

# САНАДҲОИ МЕЪЁРИИ ҲУҚУҚӢ ДАР САМТИ МУҚОВИМАТ БА КОРРУПСИЯ

## КОНВЕНСИЯИ СОЗМОНИ МИЛАЛИ МУТТАҲИД ЗИДДИ КОРРУПСИЯ

***(бо қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 16.04.2008с. № 952 ратификатсия карда шуд)***

**Пешгуфтор**

Давлатҳои иштирокчии ҳамин Конвенсия.

бо изҳори ташвиш аз ҷиддияти масъалаҳо ва тахдидҳои коррупсия барои амният ва суботи ҷомеа, ки арзишҳо ва ниҳодҳои. демократӣ, меъёрҳои аҳлоқӣ ва адолатро халалдор месозад, ба рушди устувор ва тартиботи ҳуқуқӣ зарар мерасонад,

инчунин бо изҳори ташвиш аз алокахои байни коррупсия ва шаклҳои дигари ҷинояткорӣ, аз ҷумла ҷинояткории муташаккилона ва иктисодӣ, ҳамчунин қонунӣ гардонидани маблағҳои пулӣ,

бо изҳори ташвиши минбаъда аз ҳолатҳои коррупсия вобаста ба хаҷми калони доро́й, ки метавонад қисми назарраси захираҳои давлатро ташкил диҳад ва ба суботи сиёсӣ ва рушди устувори ин давлатҳо гаҳдид намояд,

бо изҳори боварӣ аз он, ки коррупсия кайҳо масъалаи минтакавӣ набуда, ба зуҳуроти трансмиллӣ мубаддал гаштааст, ба ҷомеа ва иқтисодиёти ҳамаи кишварҳо мудохила менамояд ва аз ин ҷиҳат аҳамияти истисноии муҳими ҳамкории байналмилалиро дар соҳаи пешгирии коррупсия ва мубориза бо он шароит муҳайё месозад,

инчунин бо изҳори боварӣ аз он ки муносибати фарогир ва бештар бонизом барои пешгирии самараноки коррупсия ва мубориза бар зидди он зарур аст,

бо изҳори боварии минбаъда аз он, ки мавҷудияти ёрии техникӣ метавонад дар тавсеаи имкониятҳои давлатҳо

нақши муҳим бозад, аз ҷумла бо роҳи пурзӯр намудани иқтидор ва-таъсис додани институтҳо дар соҳаи пешгирии самараноки коррупсия ва мубориза бар зидди он,

бо изҳори боварӣ аз он, ки ғайриқонунӣ ба даст овардани боигарии шахсӣ метавонад ба ниҳодҳои демократӣ, иқтисодиёти миллӣ ва тартиботи ҳуқуқӣ зарари ҷиддӣ расонад,

бо азми қатъии боз ҳам самараноктар пешгирӣ, ошкор ва қатъ кардани интиқолӣ байналмилалии дороиҳои ғайриқонунӣ ба даст овардашуда ва тахкими хамкории байналмилалӣ дар амалӣ намудани чораҳо ҷихати бозгардонидани дороиҳо,

принсипҳои асосии татбиқи дахлдори ҳуқуқиро дар рафти мурофиаи ҷиноятӣ ва гражданӣ ё маъмурӣ барои муқаррар намуданӣ ҳуқуқҳои амволӣ тасдиқ намуда,

бо назардошти он, ки пешгирӣ ва решакаи кардани коррупсия вазифаи ҳамаи давлатҳо ва барои таъмини самаронокии кӯшишҳои худ дар ин соҳа онҳо бояд бо дастгирӣ ва иштироки гурӯҳҳо ва шахсони алоҳидаи берун аз доираи бахши оммавӣ, ба монанди ҷомеаи шаҳрвандӣ, ташкилотҳои ғайриҳукуматӣ ва созмонҳои дар заминаи ҷамоат амалкунанда бо якдигар ҳамкорӣ намоянд.

инчунин бо назардошти принспҳои дахлдори идораи корҳои оммавӣ ва амволи оммавӣ, адолат, чавобгарӣ ва баробарӣ дар назди қонун ва зарурати таъмини бовичдонӣ, устуворию садоқат инчунин мусоидат ба ташаккули фарҳанге, ки коррупсияро инкор мекунад,

фаъолияти Комиссияи оид ба пешгирии ҷинояткорӣ ва адолати судии ҷиноятӣ ва Раёсати Созмони Милали Муттаҳид оид ба маводи нашъаовар ва ҷинояткориро дар соҳаи пешгирии коррупсия ва мубориза бар зидди он баланд арзёбӣ намуда,

бо истинод ба фаъолияти дигар созмонҳои байналмилалӣ ва минтақавӣ, ки дар ин самт анҷом медиҳанд, аз ҷумла фаъолияти Иттиҳоди Африка, Иттиҳоди Европа, Ҷомеаи давлатҳои Араб, Созмони давлатҳои Америка, Созмони рушд ва ҳамкории иктисодӣ, Шӯрои

Европа ва Шӯрои ҳамкории гумрукӣ (ки ҳамчун Созмони умумичқа.ҳонии гумрукӣ маъруф аст),

ҳуҷҷатҳои бисёрҷонибаро оид ба пешгирии коррупсия ва мубориза бар зидди он, аз ҷумла Конвенсияи байниамерикоии мубориза бар зидди коррупсия, ки Созмони давлатҳои Америка 29 марти соли 19964 қабул намудааст, Конвенсия дар бораи мубориза бар зидди коррупсия, ки шахсони мансабдори ҷомеаҳои Европоӣ ё шахсони мансабдори Давлатҳои иштирокчии Иттиҳоди Европаро дар бар мегирад ва Шӯрои Иттиҳоди Европа 26 маи соли 1997 қабул кардааст, Конвенсия дар бораи мубориза бар зидди фурӯхташавии шахсони мансабдори хориҷӣ ҳангоми бастани аҳдҳои байналмилалии тиҷоратӣ, ки Созмони рушд ва ҳамкории иқтисодӣ 21 ноябри соли 1997 қабул кардааст, Конвенсия дар бораи ҷавобгарии ҷиноятӣ барои коррупсия, ки Кумитаи Вазирони Иттиҳоди Европа 27 январи соли 1999 қабул кардааст, Конвенсия дар бораи ҷавобгарии гражданию ҳуқуқӣ барои коррупсия, ки Кумитаи Вазироми Иттиҳоди Европа 4 ноябри соли 1999 қабул кардааст ва Конвенсияи Итгиҳоди Африка дар бораи пешгирии коррупсия ва мубориза бар зидди он, ки аз ҷониби Сарони давлатҳо ва ҳукуматҳои Иттиҳоди Африка 12 июли соли 2003 қабул гардидааст, бо миннатдорӣ ба маълумот гарифта,

29 сентябри соли 2003 эътибор пайдо намудани Конвенсияи Созмони Милали Муттаҳид зидди ҷинояткории муташаккили трансмиллиро маъқул дониста, ба мувофиқаи зайл расиданд:

## БОБИ 1. Муқарраротн умумӣ

### Моддаи 1. Мақсадҳо

Мақсадҳои ҳамин Конвенсия аз инҳо иборатанд:

а) мусоидат ба қабул ва таҳкими чораҳое, ки ба пешгирии судманд ва таъсирноки коррупсия ва мубориза бар зидди он нигаронида шудаанд;

Ь) ҳавасмандсозӣ, сабук намудан, дастгирии ҳамкории байналмилалӣ ва ёрии техникӣ дар пешгирии коррупсия ва

муборизa бар зидди он; аз ҷумла андешидани чораҳо баҳри баргардонидани дороӣ;

c) ҳавасмандсозии поквиҷдонӣ, садоқат ва масъулиятшиносӣ, инчунин идораи дахлдори корҳои оммавӣ ва амволи оммавӣ.

**Моддаи 2. Истилоҳот**

Барои мақсадҳои ҳамин Конвенсия истилоҳоти зерин истифода мегарданд:

a) "шахси мансабдори оммавӣ" - i) ҳар шахси таъйиншаванда ё интихобшавандае, ки дар мақомоти қонунгузорӣ, иҷроия, маъмурӣ ё судии Давлати иштирокчӣ дар асоси доимӣ ё муваккатӣ, барои музд ё бе подоши меҳнат ягон вазифаро ишғол менамояд, новобаста аз сатҳи мансаби ин шахс; ii) ҳар шахси дигаре, ки ягон вазифаи оммавиро иҷро мекунад, аз ҷумла барои идораи оммавӣ ё муассисаи оммавӣ ё кадом як хизматрасонии оммавиро пешниход менамояд, чуноне ки он дар қонунгузории дохилии Давлати иштирокчӣ муайян гардидааст ва тавре, ки дар соҳаи дахлдори танзими ҳуқуқии ин Давлати иштирокчӣ истифода мешавад; iii) ҳар шахси дигаре, ки ба сифати "шахси мансабдори оммавӣ" дар қонунгузории дохилии Давлати иштирокчӣ муайян мегардад. Бо вуҷуди ин барои мақсадҳои қабули баъзе чораҳои мушаххаси пешбининамудаи боби II ҳамин Конвенсия мафҳуми "шахси мансабдори оммавӣ" метавонад ҳар шахсеро дар бар гирад, ки ягон вазифаи оммавиро иҷро ё кадом як хизматрасонии оммавиро пешниҳод менамояд, чуноне ки он дар қонунгузории дохилии Давлати иштирокчӣ муайян гардидааст ва тавре, ки дар сохаи дахлдори танзими ҳуқуқии он Давлати иштирокчӣ истифода мешавад;

b) "шахси мансабдори оммавии хориҷӣ" - ҳар шахси таъйиншаванда ё интихобшаванда, ки дар мақоми қонунгузор, иҷроия, маъмурӣ ё судии давлати хориҷӣ ягон вазифаро ишғол менамояд ва ҳ.ар шахсе, ки ягон вазифаи оммавиро барои давлати хориҷӣ анҷом медиҳад, аз ҷумла барои идораи оммавӣ ё муассисаи оммавӣ;

c) "шахси мансабдори оммавии созмони байналмилалӣ" - хизматчии граждании байналмилалӣ ё ҳар шахсе, ки ваколатдор аст, аз номи чунин созмон амал кунад;

d) "амвол" - ҳама гуна дороӣ, хоҳ моддӣ ё ғайримоддӣ, манқул ё ғайриманқули дар мавод ё ҳуқуқҳо ифодаёфта, инчунин ҳуҷҷатҳои ҳуқуқӣ ё санадҳое, ки ҳуқуқи моликиятро ба чунин дороиҳо ё манфиат ба онҳо тасдиқ менамоянд;

e) "даромад аз ҷиноят" - ҳама гуна амволе, ки бевосита ё бавосита дар натиҷаи содир кардани ягон ҷиноят ба даст оварда ё гирифта шудааст;

f) "боздоштани амалиёт" ё ,ба ҳабс гирифтан, - манъи муваққатии интиқол, таҷдид, бегона кардан ё ҳаракати амвол ё ҳуқуқи муваққатии соҳибият ба чунин амвол ё амалӣ намудани назорати муваққатии он тибқи қарори суд ё макоми дигари ваколатдор;

g) "мусодира" - қатъиян маҳрум намудан аз амвол тибқи қарори суд ё мақоми дигари ваколатдор:

h) "ҳуқуқвайронкунии асосӣ" - ҳама гуна ҳуқуқвайронкуние, ки дар натиҷаи он даромад ба даст оварда шуда, нисбати он метавонанд кирдорҳое содир гарданд, ки дар моддаи 23 ҳамин Конвенсия зикр шуда, таркиби ҷиноятро ташкил медиханд,

i) "таҳвили назоратшаванда" - усуле, ки ҳангоми он баровардан, гузаронидан ё ворид намудани як миқдор моли ғайриқонунӣ ё шубҳанок ба қаламрави як ё якчанд давлат бо розигӣ ва таҳти назорати мақомоти салоҳиятнок, бо мақсади тафтиши ягон хел ҷиноят ва ошкор намудани ашхоси дар содир кардани ин ҷиноят иштирокдошта дар назар дошта шудааст.

**Моддаи 3. Доираи татбиқ**

1. Ҳамин Конвенсия мутобиқи муқаррароти он барои пешгирӣ, тафтиш ва таъқиботи ҷиноятӣ барои коррупсия ва боздоштани амалиёт, ҳабс, мусодира ва баргардонидани даромадҳо аз ҷиноят истифода мешавад, ки ҳамин Конвенсия ҷиноят эътироф намудааст.

2. Барои мақсадҳои татбиқи ҳамин Конвенсия, агар дар он тартиби дигаре пешбинӣ нагардад, шарт нест, ки ҳангоми

содир намудани ҷиноятҳои дар он зикргардида ба амволи давлат зарар ё зиён расонида шуда бошад.

**Моддаи 4. Ҳифзи истиқлолият**

1. Давлатҳои иштирокчӣ ӯҳдадориҳои худро мувофиқи ҳамин Конвенсия, мутобиқи принсипҳои баробарии соҳибистиқлолӣ ва тамомияти арзии давлатҳо ва принсипи мудохила нанамудан ба корҳои дохилии давлатҳои дигар ба амал мебарорад.

2. Ҳеч чиз дар ҳамин Конвенсия ба Давлати иштирокчӣ ҳуқуқ намедиҳад масъалаҳои ҳуқуқӣ ва вазифаҳоеро, ки ба тарзи истисноӣ мутобиқи қонунгузории дохилӣ таҳти салоҳияти мақомоти ин давлати дигар қарор доранд, амалӣ намояд.

## БОБИ II. Чораҳои пешгирии коррупсия

**Моддаи 5. Сиёсат ва амалияи пешгирӣ ва муқобилат ба коррупсия**

1. Ҳар як Давлати иштирокчӣ мутобиқи принсипҳои асосии низоми ҳуқуқии худ сиёсати самаранок ва ҳамоҳангшударо бар зидди коррупсия таҳия ва амалӣ менамояд, ки он ба иштироки ҷомеа мусоидат карда, принсипҳои тартиботи ҳуқуқӣ, идоракунии дахлдори корҳои оммавӣ ва амволи оммавӣ, бовиҷдонӣ, устувори, шаффофият ва ҷавобгариро инъикос менамояд.

2. Ҳар як Давлати иштирокчӣ кӯшиш менамояд намудҳои самараноки амалияро, ки ба пешгирии коррупсия равона гардидаанд, муқаррар ва қадр намояд.

3. Ҳар як Давлати иштнрокчӣ кӯшиш менамояд ҳуҷҷатҳои ҳуқуқии дахлдор ва чораҳои маъмуриро бо мақсади муайян кардани мутаносибии пурраи онҳо ҷиҳати пешгирии коррупсия ва мубориза бар зидди он мунтазам баҳо диҳад.

4. Давлатҳои иштирокчӣ дар ҳолатҳои дахлдор ва мутобиқи принсипҳои асосии низоми ҳуқуқии худ бо якдигар ва якҷоя бо созмонҳои байналмилалӣ ва минтақавии дахлдор дар таҳияи чораҳои дар ҳамин модда зикргардида

ва мусидат ҳангоми амалӣ намудани онҳо ҳамкорӣ мекунанд. Ин ҳамкорӣ метавонад аз иштирок дар барномаҳои байналмилалӣ ва лоиҳаҳо иборат бошад, ки баҳри пешгирии коррупсия равона гардидаанд.

**Моддаи 6. Мақом ё мақомот оид ба пешгирӣ ва муқобилият ба коррупсия**

1. Ҳар як Давлати иштирокчӣ мутобиқи принсипҳои асосии низоми ҳуқуқии худ мавҷудияти мақом ё ҳангоми зарурат мақомоти пешгирикунандаи коррупсияро тавассути чунин чораҳо таъмин мекунад:

а) пеш бурдани сиёсате, ки дар моддаи 5 ҳамин Конвенсия зикр шудааст ва ҳангоми зарурат амалӣ намудани назорат ва ҳамоҳангсозии татбиқи чунин сиёсат;

Ь) тавсеа ва паҳн намудани донишу малака оид ба пешгирии коррупсия.

2. Ҳар як Давлати иштирокчӣ ба мақом ё мақомоти дар банди 1 ҳамин Конвенсия зикршуда мутобиқи принсипҳои асосии низоми ҳуқуқи худ мустақилиятро таъмин менамояд, то ки чунин мақом ё мақомот тавонанд вазифах.ои худро самаранок ва дар шароити озод аз таъсири номатлуб анҷом диҳанд. Барои хайати махсусгардонидашуда бояд захираҳои моддии зарурӣ фароҳам оварда шуда, омодагии хайат ҷиҳати иҷрои вазифаҳои ба уҳдааш гузошташуда таъмин гардад.

3. Ҳар як Давлати иштирокчӣ ба Муншии умумии Созмони Милали Муттаҳид номгӯй, суроғаи мақом ва мақомоте, ки ба Давлатҳои иштирокчӣ метавонанд дар таҳия ва амалӣ намудани чораҳои мушаххас оид ба пешгирии коррупсия кумак расонанд, хабар медиҳад.

**Моддаи 7. Бахши оммавӣ**

1. Ҳар як Давлати иштирокчӣ кӯшиш менамояд ва ҳангоми зарурат мутобиқи приксипҳои асосии низоми ҳуқуқии худ чунин низомҳои қабул ба кор, интихоб, адои хизмат, болоравӣ дар хизмат ва баромадан ба истеъфоро барои хизматчиёни граждани ва дар холатҳои зарурӣ дигар

шахсони ба вазифаҳои оммавӣ интихобнашавандаро таъсис диҳад, дастгирӣ намояд ва таҳким бахшад, ки:

a) ба принсипҳои самаранокӣ, шаффофият ва чунин меъёрҳои объективӣ ба монанди фаъолияти бенуқсон, адолатнокӣ ва қобилият асосёфтаанд;

b) расмиёти зарурии интихоб ва омода намудани кадрҳоро барои ишғол намудани мансабҳои оммавӣ, ки махсусан аз нигоҳи коррупсия осебпазир мебошанд, таҳия менамояд ва дар холатҳои зарурӣ ротатсияи ин кадрҳоро ба чунин вазифаҳо анҷом медихад;

c) ба пардохти муносиби мукофот ва муқаррар намудани маошҳои боадолатона, бо дарназардошти сатхи рушди иқтисодии Давлати иштирокчӣ мусоидат менамояд;

d) ба татбиқи барномаҳои маърифатӣ ва таълимӣ мусоидат менамояд, то ки чунин шахсон х,ангоми иҷрои дуруст, бовиҷдонона ва муносиби вазифаҳои оммавӣ талаботро қонеъ карда тавонанд, инчунин омодагии дахлдор ва зарурирро таъмин менамояд, то ки онҳо хавфҳои вобаста ба коррупсия ва ба иҷрои вазифаҳояшон алоқамандро амиқ дарк кунанд. Чунин барномаҳо метавонанд ба кодексҳо ё меъёрҳои рафтор дар сохаҳои истифодаашон истинод намоянд.

2. Ҳар як Давлати иштирокчӣ инчунин имконияти қабули чораҳои қонунгузорӣ ва маъмурирро мутаносибан ба мақсадҳои ҳамин Конвенсия ва мӯтобиқи принсипҳои асосии қонунгузории дохилии худ баррасӣ мекунад, то ки нисбати номзадҳо ва барои интихоб ба вазифаҳои оммавӣ меъёрҳоро муқаррар намояд.

3. Ҳар як Давлати иштирокчӣ инчунин имконияти қабули чораҳои қонунгузорӣ ва маъмурирро мутаносиби мақсадхои ҳамин Конвенсия ва мутобиқи принснпхои асосии қонунгузории дохилии худ баррасӣ мекунад, то ки ҳангоми маблағгузории номзадҳо ба ансабҳои интихобшавандаи оммавӣ ва дар ҳолатҳои имконпазир - ҳангоми маблағгузории ҳизбҳои сиёсӣ шаффофиятро пурзӯр намояд.

4. Ҳар як Давлати иштирокчӣ мутобиқи принсипҳои асосии қонунгузории дохилии худ кӯшиш менамояд чунин низомҳоро барпо, дастгирӣ ва таҳким бахшад, ки ба

шаффофият мусоидат намуда, пайдо шудани мухолифати манфнатҳоро пешгирӣ мекунанд.

**Моддаи 8. Кодексҳои рафтори шахсони мансабдори оммавӣ**

1. Бо мақсадҳои мубориза бар зидди коррупсия ҳар як Давлати иштирокчӣ мутобиқи принсипҳои асосии низоми ҳуқуқии худ, илова бар он поквичдонӣ, шарафнокӣ ва масъулиятшиносии шахсони мансабдорро ҳавасманд месозад.

2. Аз ҷумла ҳар як Давлати иштирокчӣ дар доираи низомҳои институтсионалӣ ва ҳуқуқии худ кӯшиш менамояд кодексҳо ё меъёрҳои рафторро барои иҷрои бовиҷдонона ва дахлдори вазифаҳои оммавӣ истифода барад.

3. Барои мақсадҳои татбиқи муқаррароти ҳамин модда ҳар як Давлати иштирокчӣ ҳангоми зарурат мутобиқи принсипҳои асосии низоми қонунгузории худ ташаббусҳои дахлдори созмонҳои минтақавӣ, байниминтакавӣ ва бисёрҷониба, масалан Кодекси байналмилалии рафтори шахсони мансабдори давлатиро, ки ба карорӣ 51/59 Ассамблеяи Генералӣ аз 12 декабри соли 1996 замима мебошад, ба эътибор мегирад.

4. Ҳар як Давлати иштирокчӣ инчунин мутобиқи принсипҳои асосии қонунгузории дохилии худ имконияти муқаррар намудани чунин чораҳо ва низомҳоро баррасӣ менамояд, ки барои аз ҷониби шахсони мансабдори оммавӣ ба мақомоти дахлдор хабар додани кирдорҳои коррупсионӣ, ки ҳангоми иҷрои вазифаашон маълум гаштааст, мусоидат мекунанд.

5. Ҳар як Давлати иштирокчӣ ҳангоми зарурат мутобиқи принсипҳои асосии қонунгузории дохилии худ кӯшиш менамояд чораҳо ва низомҳоеро муқаррар кунад, ки онҳо шахсони мансабдори оммавиро уҳдадор менамоянд, то ба мақомоти дахлдор эъломияҳо, аз ҷумла дар бораи фаъолияти берун аз вақти хизматӣ, машғулият, маблағгузориҳо, дорбиҳо, тӯҳфаҳои арзишнок ё фоида, ки вобаста ба онҳо эҳтимоли мухолифати манфиатҳо нисбат ба

вазифаҳои онҳо ба сифати шахсони мансабдори оммавӣ ба миён оянд, пешниҳод намоянд.

6. Ҳар як Давлати иштирокчӣ мутобиқи принсипҳои асосии қонунгузории дохилии худ ҳангоми зарурат нисбати шахсони мансабдрри оммавӣ, ки кодексҳо ё меъёрҳои ҳамин моддамуқаррарнамударо вайрон кардаанд, имконияти андешидани чораҳои интизомӣ ва дигар чораҳоро баррасӣ менамояд.

**Моддаи 9. Харидҳон оммавӣ ва идораи маблағҳои оммавӣ**

1. Ҳар як Давлати иштирокчӣ мутобиқи принсипҳои асосии низоми ҳуқуқии худ барои барпо намудани низоми дахлдори харид, ки ба шаффофият, рақобат ва меъёрҳои объективӣ асос ёфтаанд ва илова бар он, аз нуқтаи назари пешгирии коррупсия самаранок мебошанд, чораҳои дахлдор ыеандешад. Чунин ннзомхо-, ки метавонанд нишондиҳандаҳои ниҳоии зарурииро ҳангоми истифода пешбинӣ намоянд, аз ҷумла инҳоро дар бар мегиранд:

a) паҳнкунии оммавии иттилоот оид ба расмиёти харид ва қарордодҳо оид ба харид, аз ҷумла иттилоот дар бораи даъват ҷиҳати иштирок дар савдоҳо нттилооти зарурӣ ё бамаврид дар бораи бастани қарордодҳо, ки ба иштирокдорони эҳтимолии савдоҳо имкон медиҳад барои таҳия ва пешниҳоди аризаҳои тендерӣ вақти кофӣ дошта бошанд;

b) пешакӣ муқаррар намудани шартҳои иштирок, аз ҷумла меъёрҳои интихоб ва қабули қарорҳо дар бораи бастани қарордодҳо инчунин қоидаҳои гузаронидани савдо ва интишори онҳо;

c) истифодаи пешакӣ ва объективии меъёрҳо нисбати қабули қарор дар бораи харидҳои оммавӣ бо мақсадҳои кумак ба тафтиши минбаъдаи дурустии истифодаи қоидаҳо ва расмиёт:

d) низоми самараноки назорати дохилӣ, аз ҷумла низоми самараноки арзи шикоят, барои таъмини воситаҳои ҳуқуқии бахс намудан ва воситаҳои химояи ҳуқуқӣ ҳангоми риоя накардани қоидаҳо ё расмиёте, ки мутобиқи ҳамин банд муқаррар гардидааст;

е) дар ҳолатҳои зарури андешидани чораҳои танзимкунандаи масъалаҳои вобаста ба хайат, ки барои харид ҷавобгар мебошад, масалан талабот дар бораи эъломия кардани манфиатнокӣ ба харидҳои оммавии мушаххас, расмиёти тафтиш ва талабот оид ба омодагии касбӣ.

2. Ҳар як Давлати иштирокчӣ мутобиқи принсипҳои асосии низоми ҳуқуқии худ оид ба мусоидат ба шаффофият ва ҳисоботдихӣ дар идоракунии маблағҳои оммавӣ чораҳои зарурӣ меандешад. Ин чораҳо ба таври илова инҳоро дар бар мегиранд:

а) расмиёти тасдиқи буҷети миллӣ;

b) пешниҳоди саривақтии ҳисобот дар бораи даромадҳо ва хароҷот;

с) низоми меъёрҳои хисоботи муҳосибавӣ, аудит ва назорати вобаста ба он;

d) низомҳои самаранок ва амалкунандаи идораи хатарҳо ва назорати дохилӣ;

е) ҳангоми зарурат, дар сурати риоя накардани талоботи мукаррарнамудаи хамин банд, тасх.еҳ намудан он.

2. Ҳар як Давлати иштирокчӣ чунин чораҳои гражданию ҳуқуқӣ ва маъмуриеро меандешад, ки мутобиқи принсипҳои асосии низоми ҳуқуқии худ ҳифзи китобҳои мухосибӣ, навиштаҳо, ҳисоботи молиявӣ ё ҳуҷҷатҳои дигари вобаста ба даромад ва хароҷоти оммавиро таьмин намояд ва ба қалбакисозии (сохтакории) чунин ҳуҷҷатҳо монеъ шавад.

**Моддаи 10. Ҳисоботдиҳии оммавӣ**

Бо дарназардошти зарурати мубориза бар зидди коррупсия ҳар як Давлати иштирокчӣ мутобиқи принсипҳои асосии низоми қонунгузории дохилии худ чунин тадбирҳое меандешад, ки барои пурзӯр намудани шаффофият дар маъмурияти оммавии он, аз ҷумла хангоми ташкили он, фаъолият ва ҳангоми зарурат дар раванди қабули қарорҳо тақозо мегардад. Чунин тадбирҳо ба таври илова метавонанд инҳоро дар бар гиранд:

а) қабули расмиёт ё қоидаҳое, ки ба аҳолӣ имкон медиҳанд ҳангоми зарурат дар бораи ташкил, фаъолият ва

раванди қабули қарорҳо аз ҷониби маъмурияти оммавӣ, бо дарназардошти дахлдори мулоҳизаҳо вобаста ба ҳифзи ҳаёти шахсӣ ва маълумоти шахсӣ, инчунин дар бораи қарорҳо ва санадҳои ҳуқуқие, ки ба манфиати аҳолӣ нигаронида шудаанд, иттилооти заруриро дастрас намоянд:

b) ҳангоми зарурат содда кардани расмиёти маъмурӣ барои осон кардани дастрасии оммавӣ ба мақомоти салоҳиятноке, ки қарор қабул менамоянд; ва

c) нашри иттилооте, ки метавонад ҳисоботи давриро дар бораи хавфи коррупсия дар маъмурияти оммавӣ дар бар гирад.

**Моддаи 11. Чораҳо нисбат ба мақомоти судӣ ва мақомоти прокуратура**

1. Бо дарназардошти мустақилияти ҳокимияти судӣ ва нақши ҳалкунандаи он дар мубориза бар зидди коррупсия ҳар як Давлати иштирокчӣ мутобиқи принсипҳои асосии низоми ҳуқуқии худ ва бе расонидани зарар ба мустакилияти мақомоти судӣ, оид ба таҳкими поквиҷдонӣ ва садоқати судҳо ва кормандони мақомоти судӣ, аз байн бурдани имкониятҳои коррупсия байни онҳо чораҳо меандешад.Чунин чораҳо метавонанд қоидаҳои вобаста ба амали судяҳо ва кормандони мақомоти судро дар бар гиранд.

2. Чораҳои шабеҳ, ки мутобиқи банди 1 ҳамин модда андешида мешаванд, метавонанд дар мақомоти прокуратураи ҳамон Давлатҳои иштирокчӣ ҷорӣ ва мавриди истифода бошанд, ки дар ин Давлатҳо онҳо ба ҳайати ҳокимияти судӣ шомил нестанд, аммо ҳамчун мақомоти судӣ аз чунин мустақилият истифода меоаранд.

**Моддаи 12. Бахши хусусӣ**

1. Ҳар як Давлати иштирокчӣ мутобиқи принсипҳои асосии қонунгузории дохилии худ оид ба пешгирии коррупсия дар бахши хусусӣ, таҳкими меъёрҳои ҳисоботи мухосибавӣ ва аудитӣ дар бахши хусусӣ ва ҳангоми зарурат барои уқаррар намудани муҷозоти самаранок, мутаносиб ва дорои таъсири боздошткунандаи ҳуқуқию гражданӣ,

маъмурӣ ё ҷиноятӣ барои риоя накардани чунин чораҳо тадбирҳо меандешад.

2. Чораҳо барои ноил шудан ба ин мақсадҳо метавонанд илова ба ин инҳоро дар бар гиранд:

a) кумак барои ҳамкорӣ байни мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва созмонҳои дахлдори хусусӣ;

b) кумак дар таҳияи меъёрҳо ва расмиёте, ки барои таъмини бовичдонӣ дар фаъолияти созмонҳои дахлдори хусусӣ нигаронида шудаанд, аз ҷумла кодексҳои рафтор барои татбиқи дуруст, бовичдонона ва муносиби фаъолияти соҳибкорон ва намояндагони ҳамаи касбҳои дахлдор ва пешгирии пайдошавии мухолифати манфиатҳо, инчунин ҳавасмандсозии истифодаи бовиҷдононаи амалияи тиҷоратӣ байни муассисаҳои тиҷоратӣ ва дар муносибатҳои шартномавӣ байни онҳо ва давлат;

c) кумак ба шаффофият дар фаьолияти созмонҳои хусусӣ, аз ҷумла ҳангоми зарурат андешидани чораҳои ҳаммонандсозии шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ, ки ба таъсис додани ташкилоти корпоративӣ ва идораи онҳо алоқаманданд;

d) пешгирии суиистифода аз расмиёти танзимкунандаи фаъолияти ташкилоти хусусӣ, аз ҷумла расмиёте, ки ба субсидияҳо ва иҷозатномаҳо вобаста буда, онҳоро мақомоти оммавӣ барои амалӣ кардани фаъолияти тиҷоратӣ пешниҳод менамоянд;

e) пешгирии пайдошавии мухолифати манфиатҳо бо роҳи муқаррар намудани маҳдудиятҳо, ҳангоми зарурат ба мӯҳлатҳои оқилона, вобаста ба фаъолияти касбии шахсони мансабдори оммавии собиқ ё нисбат ба фаъолияти шахсони мансабдори оммавӣ дар бахши хусусӣ баъди ба истеъфо ё нафақа баромадани онҳо, агар чунии фаъолият ё кор мустакиман ба функсияе, ки чунин шахсони мансабдори оммавӣ дар давраи ишғоли ҳамин мансаб иҷро менамуданд ё иҷрои онҳоро назорат мекарданд, алоқаманд мебошанд;

f) таъмини он, ки ташкилоти хусусӣ бо дарназардошти сохтор ва андозаи онҳо барои расонидани кумак ҷиҳати пешгирӣ ва ошкор намудани кирдорҳои коррупсионӣ механизмҳои кофии назорати аудитории дохилиро дошта

бошанд ва барои он, ки ҳисобномаҳо ва ҳисоботи молиявии талабшавандаи чунин ташкилоти хусусӣ барои татбиқи расмиётӣ зарурии аудит ва сертификатсия қобили ӣстифода қарор гиранд.

3. Бо мақсадҳои пешгирии коррупсия ҳар як Давлати иштирокчӣ мутобиқи қонунгузорӣ ва қоидаҳои дохилии. он чунин тадбирҳое меандешад, ки барои пешбурди ҳисоботи муҳосибавӣ, пешниходи ҳисоботи молиявӣ зарур буда, меъёрҳои бақайдгирии муҳосибавӣ ва аудитро ба танзим медарорад ва барои манъи амалҳои зерин, ки бо мақсадҳои содир намудани ҳама гуна ҷинояти эътирофнамудаи ҳамин Конвенсия анҷом дода мешаванд, мусоидат менамояд:

a) ташкили ҳисоботи ғайрирасмӣ;

b) гузаронидани амалиёти ба қайд гирифтанашуда ё нодуруст бақайдгирифташуда;

c) пешбурди бақайдгирии хароҷоти вуҷуднадошта;

d) инъикоси ӯхдадориҳо, ки объекташон нодуруст ҳаммонанд карда шудааст;

e) истифодан хуҷҷатҳои қалбакӣ; ва

f) қасдан, пеш аз мӯҳлати пешбининамудаи қонунгузорӣ нобуд кардани ҳуҷҷатҳои муҳосибавӣ.

4. Ҳар як Давлати иштирокчӣ зод кардан аз андозбандии хароҷотеро, ки ришва (пора) мебошад ва яке аз ҷузъҳои таркибии ҷиноятҭро ташкил медиҳад ва тибқи моддаҳои 15 ва 16 ҳамии Конвенсия ҷиноят эътироф шудааст, инчунин ҳангоми зарурат дигар хароҷотеро, ки бо мақсадҳои мусоидат ба кирдори коррупсионӣ масраф шудаанд; рад менамояд.

**Моддаи 13. Иштироки ҷомеа**

1. Ҳар як Давлати иштирокчӣ дар доираи имкониятҳо ва мутобиқи принсипҳои асосии қонунгузории дохилии худ барои дастгирии иштироки фаъоли шахсонӣ алоҳида ва гурӯҳҳо берун аз доираи бахши оммавӣ, ба монанди ҷомеаи гражданӣ, ташкилоти ғайрӣҳукуматӣ ва ташкилотҳое, ки дар заминаи ҷомеа амал мекунанд, оид ба пешгирии коррупсия ва мубориза бар зидди он, барои таъмиқи аз ҷониби аҳли ҷомеа дарк намудани мавҷудият, сабаб ва

хусусияти хавфноки коррупсия, инчунин тахдидҳое, ки аз он бармеоянд, чораҳои зарурӣ меандешад. Чунин иштирокро бояд бо кумаки чораҳои зайл таквият дод:

a) таҳкими шаффофият ва мусоидат барои чалби аҳолӣ ба раванди қабули қарорҳо;

b) таъмин дастрасии самараноки иттилоот барои ахолӣ;

c) баргузории чорабиниҳо оид ба иттилоотонии аҳолӣ, ки ба ташкили муҳити оштинопазирӣ нисбати коррупсия, инчунин татбиқи барномаҳои маърифати оммавӣ, аз ҷумла барномаҳои таълимӣ дармак табҳо ва донишгоҳҳо мусоидат менамоянд;

d) эҳтиром, хавасмандсозӣ ва хифзи озодии ҷустуҷӯ, ба даст овардан, нашр ва паҳн намудани иттилоот дар бораи коррупсия. Метавонад маҳдудиятҳои муайяни ин озодӣ муқаррар карда шавад, вале танҳо чунин маҳдудиятҳое, ки қонунгузорӣ пешбинӣ намудааст ва барои мақсадҳои зайл заруранд:

i) барои эҳтироми ҳуқуқ ва эътибори шахсони дигар;

ii) барои ҳимояи амнияти миллӣ ё тартиботи оммавӣ ё ҳифзи саломатӣ ва ахлоқи аҳолӣ.

2. Ҳар як Давлати иштирокчӣ барои таъмини он, ки мақомоти дахлдор оид ба муқобилат ба коррупсия, ки дар ҳамин Конвенсия зикр шудааст, барои аҳолӣ маълум бошанд, чораҳои зарурӣ меандешад ва дастрасиро ба чунин мақомот ҷихати пешниҳоди маълумот, аз ҷумла беимзо, дар бораи ҳама гуна ҳолате, ки метавонад ба сифати ягон намуди ҷинояти эътирофнамудаи ҳамин Конвенсия баррасӣ гардад таъмин менамояд.

**Моддаи 14. Чораҳо оид ба пешгирии қонуиӣ гардонидани маблағҳои пулӣ**

1. Ҳар як Давлати иштирокчӣ:

a) нисбати бонкҳо ва муассисаҳои ғайрибонкии молиявӣ, аз ҷумла шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ, ки вобаста ба интиқоли маблағҳои пулӣ с сарватҳо хизматрасониҳои расмӣ ё ғайрирасмиро пешниҳод мекунанд, инчунин ҳангоми зарурат нисбат ба мақомоти дигари аз нуқтаи назари қонунӣ гардонидани маблағҳои пулӣ махсусан осебпазир дар

доираи салоҳияти худ, бо мақсадҳои роҳ надодан ва ошкор намудани ҳамаи шаклҳои қонунӣ гардонидани маблағҳои пулӣ низоми дохилии фарогирандаи танзим ва назоратро ҷорӣ менамояд, зимнан чунин низом қабл аз ҳама ба талабот нисбат ба муқаррар намудани шахсияти мизоҷ ва дар ҳолатҳои дахлдор муайян намудани соҳибмулки манфиатдор, пешбурди ҳисобот ва пешниҳоди иттилоот дар боран созишҳои шубҳанок асос меёбад;

b) бе расонидани зарар барои мақсадҳои моддаи 46 ҳамин Конвенсия онро таъмин менамояд, ки мақомоти маьмурӣ, танзимкунанда, ҳифзи ҳуқуқ ва мақомоти дигар, ки зидди қонунӣ гардонидани маблағҳои пулӣ мубориза мебаранд (аз ҷумла ҳангоми мутобиқати он ба қонунгузории дохилӣ ва мақомоти судӣ), қодир бошанд дар сатҳӣ миллӣ ва байналмилалӣ тибқи шартҳои муқаррарнамудаи қонунгузории дохилии он ҳамкорӣ ва табодули иттилоотро анҷом диҳанд ва бо ин мақсадҳо масъалаи таъсиси бахшро оид ба иттилооти фаврии молиявӣ баррасӣ менамояд, ки ба сифати маркази миллии ҷамъоварӣ, таҳлил ва пахши иттилооте, ки ба имконпазир қонунӣ гардонидани маблағҳои пулӣ вобастаанд, амал мекунад.

2. Давлатҳои иштирокчӣ масъалаҳои истифодаи чораҳои амалан имконпазирро ҷиҳати ошкор кардани муомилоти маблағҳои пулии накд ва воситаҳои гардони дахлдор тавассути сарҳади онхо, назорати чунин муомилотро ҳангоми риояи рафодатҳои ба таъмини исифодаи зарурии иттилоот равонашуда ва эҷод накардани ягон монеа барои муомилоти маблағҳои пулии қонунӣ баррасӣ менамоянд. Чунин чораҳо метавонанд талаботро дар бораи он, ки шахсони воқеӣ ва муассисахои тиҷоратӣ дар бораи интиқолҳои байнимарзии маблағҳои пулии ҳаҷмашон калон ва воситаҳои гардони дахлдор иттилоъ диҳанд, дар бар гиранд.

3. Давлатҳои иштирокчӣ масъалаи истифодаи чораҳои зарури ва амалан имконпазирро барои муқаррар намудани талаботе баррасӣ менамоянд, ки мутобиқи он муассисаҳои молиявӣ, аз ҷумла муассисаҳо оид ба интиқоли маблағҳои пулӣ бояд:

a) ба формулярҳо (шаклҳои маълумотӣ) барои интиқоли электронии воситаҳои пулӣ ва иттилооти марбут ба он дар бораи ннтиқолдиҳанда маълумоти аниқ ва фарогирро шомил намоянд;

b) чунин иттилоотро дар тамоми раванди амаликунии пардохт хифз кунанд;

c) ҳангоми набудани иттилооти пурра дар бораи интиқолдиҳанда тафтиши амиқи интиқоли маблағҳои пулиро ба анҷом расонанд.

4. Ҳангоми муқаррар намудани низоми дохилии танзим ва назорат тибқи муқаррароти ҳамин модда ва бидуни расонидани зарар ба ягон моддаи ҳамин Конвенсия ба Давлатҳои иштирокчӣ пешниҳод карда мешавад, ки ташаббусҳои дахлдори созмонҳои минтақавӣ, байниминтақавӣ ва бисёрҷонибаро, ки бар зидди қонунӣ гардонидани маблағҳои пулӣ равона шудаанд, дастури амал қарор диҳанд.

5. Давлатҳои иштирокчӣ барои рушд ва хавасмандсозии ҳамкории глобалӣ, минтақавӣ, зерминтақавӣ ва дуҷониба байни мақомоти судӣ ва ҳифзи ҳуқуқӣ, инчунин мақомоти танзими молиявӣ бо мақсадҳои мубориза зидди қонунӣ гардонидани маблағҳои пулӣ кӯшиш менамоянд.

## БОБИ III. Криминализатсия ва фаъолият оид ба ҳхифзи ҳуқуқ

### Моддаи 15. Фурӯухташавии шахсони мансабдори оммавии миллӣ

Ҳар як Давлати иштнрокчӣ чунин чораҳои қонунгузорӣ ва чораҳои дигарро меандешад, ки метавонанд барои ба сифати ҷазои ҷиноятӣ эътироф намудани кирдорҳои зерин ҳангоми касдан содир гардидани онҳо зарур бошанд:

a) шахсан ё тавассути миёнаравҳо ба шахси мансабдори оммавӣ, ваъда кардан, пешниҳод намудан ё фароҳам овардан ягон хел афзалияти ғайриқонунӣ барои худи шахси мансабдор ё шахси дигари вокеӣ ва ҳуқуқӣ барои он, ки чунин шахси мансабдор ҳангоми иҷрои ӯхдадориҳои мансабиаш ягон хел ҳаракат ё беҳаракатиро содир

b) шахсан ё тавассути миёнаравҳо мансабдори оммавӣ гирифтани ягон хел афзалияти ғайриқонунӣ барои худи шахси мансабдор ё шахси дигари воқеӣ ва ҳуқуқӣ, бо мақсади он, ки чунин шахси мансабдор ҳангоми иҷрои уҳдадориҳои мансабиаш ягон хел ҳаракат ё беҳаракатиро содир намояд.

**Моддаи 16. Фурӯхташавии шахсони мансабдори оммавии хориҷӣ ва шахсони мансабдори созмонҳои байналмилалии оммавӣ**

1. Ҳар як Давлати иштнрокчӣ чунин чораҳон қонунгузорӣ ва чораҳои дигарро меандешад, ки метавонанд ба сифати ҷазои ҷиноӣ эътироф кардани кирдорҳои зайл ҳангоми қасдан содир кардани онҳо зарур бошанд: ба шахси мансабдори оммавии хориҷӣ ё шахси мансабдори созмони байналмилалии оммавӣ, шахсан ё тавассути миёнаравҳо ваъда додан, таклиф намудан ё пешниходи ягон хел афзалияти ғайриқонунӣ барои худи шахси мансабдор ё шахси дигари воқеӣ ё ҳуқуқӣ барои он, ки чунин шахси мансабдор ҳангоми иҷрои уҳдадориҳои мансабиаш барои ба даст овардан ё нигоҳ доштани ягон хел афзалияти тиҷоратӣ ё дигар афзалияти ғайриқонунӣ вобаста ба пешбурди фаъолияти байналмилалӣ ягон хел харакат ё беҳаракатиро содир намояд.

2. Ҳар як давлати иштирокчӣ имконияти қабули чунин чораҳои қонунгузорӣ ва дигар чораҳоро меандешад, ки онҳо метавонанд барои ба сифати ҷазои ҷиноӣ эътироф кардани кирдорҳои зайл ҳангоми касдан содир кардани онҳо зарур бошанд: тамаъҷӯӣ ё аз ҷониби шахси мансабдори оммавии хориҷӣ ё шахси мансабдори созмони байналмилалии оммавӣ шахсан ё тавассути миёнаравҳо ба даст овардани ягон хел афзадияти ғайриқонунӣ барои худи шахси мансабдор ё шахси дигари воқеӣ ва ҳуқуқӣ барои он, ки чунин шахси мансабдор ҳангоми иҷрби ӯхдадориҳои мансабиаш ягон хел ҳаракат ё беҳаракатиро содир намояд.

**Моддаи 17. Тасарруф, ғайриқонунӣ азони худ кардан ё истифодаи ғайримақсадноки амвол аз ҷониби шахси мансабдори оммавӣ**

Ҳар як Давлати иштирокчӣ чунин чораҳои қонунгузорӣ ва чораҳои дигарро меандешад, ки метавонанд барои ба сифати ҷазои ҷиноӣ эътироф кардани кирдорҳои зайл ҳангоми касдан содир кардани онҳо зарур бошанд: аз ҷониби шахси мансабдор бо мақсадҳои ба даст овардани манфиат барои худ ё шахси воқеӣ ё ҳуқуқии дигар тасарруф, ғайриқонунӣ аз они худ кардан ё дигар истифодаи ғайримақсадноки ягон амвол, воситаҳои оммавӣ ё хусусӣ ва коғазҳои қиматнок ё ягон ашёи қиматноки дигар, ки бинобар вазифаи ишғолнамудааш таҳти ихтиёри чунин шахси мансабдор қарор дорад.

**Моддаи 18. Суиистифода аз нуфуз бо мақсадҳои ғаразнок**

Ҳар як Давлати иштирокчӣ имконияти қабули чунин чораҳои қонунгузорӣ ва чораҳои дигарро баррасӣ менамояд, ки метавонанд барои, ба сифати ҷазои ҷиноӣ эътироф намудани кирдорҳои зайл ҳангоми қасдан содир кардани онҳо зарур бошанд:

а) ба шахси мансабдори оммавӣ.ё ба ҳар шахси дигар, шахсан ё тавассути миёнаравҳо ваъда додан, таклиф ё пешниҳод намудани ягон хел афзазлияти ғайриқонунӣ барои он, ки чунин шахси мансабдори оммавӣ ё чунин шахси дигар аз нуфузи ҳакиқӣ ё эҳтимолиаш бо мақсади аз маъмурият ё мақоми оммавии Давлати иштирокчӣ ба даст овардани ягон хел афзалияти ғайриқонунӣ барои ташаббускори аввалини чунин ҳаракат ё ҳар шахси дигар суиистифода намояд;

b) тамаъҷӯӣ ё аз ҷониби шахси мансабдори оммавӣ ё ҳар шахси дигар. шахсан ё тавассути миёнаравҳо ҷиҳати ба даст овардани ягон хел афзалияти ғайриқонунӣ барои худ ё шахси дигар, барои он, ки чунин шахси. мансабдори оммавӣ ё. чунин шахси дигар аз нуфузи ҳақиқӣ ё эҳтимолиаш бо мақсади аз маъмурият ё мақоми оммавии Давлати иштирокчй гирифтани ягон хел афзалияти ғайриқонунӣ суиистифода намояд.

**Моддаи 19. Суиистифода аз холати хизматӣ**

Ҳар як Давлати иштирокчӣ имконияти қабули чунин чораҳои қонунгузорӣ ва чораҳои дигарро баррасӣ менамояд, ки метавонанд барои ба сифати ҷазои ҷиноӣ эътироф намудани кирдорҳои зайл ҳангоми қасдан содир кардани онҳо зарур бошанд: суиистифода аз ваколатҳо ва ҳолати хизматӣ, яъне содир намудани ягон хел ҳаракат ё беҳаракатӣ, ки аз ҷониби шахси мансабдори оммавӣ ҳангоми иҷрои вазифаҳояш бо мақсади ба даст овардани ягон хел афзалияти ғайриқонунӣ барои худаш ё шахси дигари вокеӣ ё ҳуқуқӣ бо вайрон намудани қонунгузорӣ анҷом дода шудааст.

**Моддаи 20. Бойшавии ғайриқонунӣ**

Бо шарти риояи қонститутсия ва принсипҳои асосии низоми ҳуқуқии худ ҳар як Давлати иштирокчӣ имконияти қабули чунин чораҳо қонунгузорӣ ва чораҳои дигарро баррасӣ менамояд, ки метавонанд барои ба сифати ҷазои ҷиноӣ эътироф намудани кирдорҳои зайл ҳангоми қасдан содир кардани онҳо зарур бошанд: бойшавии ғайриқонунӣ, яъне афзоиши калони дороии шахси мансабдори оммавӣ, ки аз даромадҳои қонунии ӯ зиёд мебошанд ва онро ӯ бо тарзи фаҳмо асоснок карда наметавонад.

**Моддаи 21. Харида гирифтан дар бахши хусусӣ**

Ҳар як Давлати иштирокчӣ имконияти кабули чунин чораҳои қонунгузорӣ ва чораҳои дигарро баррасӣ менамояд, ки метавонанд барои ба сифати ҷазои ҷиноӣ эътироф намудани кирдорҳои зайл ҳангоми касдан содир кардани онҳо дар рафти фаъолияти иқтисодӣ, молиявӣ ё тиҷоратӣ зарур бошанд:

а) шахсан ё тавассути миёнаравҳо ваъда додан, таклиф ё пешниҳоди ягон хел афзалияти ғайриқонунӣ барои ҳар шахсе, ки ба фаъолияти ташкилоти бахши хусусӣ роҳбарӣ менамояд ё ба ягон сифат дар ин ташкилот кор мекунад, барои худи чунин шахс ё шахси дигар барои он, ки чунин шахс бо вайрон кардани уҳдадориҳои худ ягон хел аракат ё беҳаракатиро содир намояд;

b) тамаъҷӯӣ, шахсан ё тавассути миёнаравҳо ба даст овардани ягон хел афзалияти ғайриқонунӣ аз ҷониби ҳар шахс, ки ба фаъолияти ташкилоти бахши хусусӣ роҳбарӣ менамояд ё ба ягон сифат дар ин ташкилот кор мекунад, барои худи ҳамин шахс ё шахси дигар барои он, ки чунин шахс бо вайрон кардани уҳдадориҳои худ ягон хел ҳаракат ё беҳаракатиро анҷом диҳад.

**Моддаи 22. Тасарруфи амвол дар бахши хусусӣ**

Ҳар як Давлати иштирокчӣ имконияти қабули чунин чораҳои қонунгузорӣ ва чораҳои дигарро баррасӣ менамояд, ки метавонанд барои ба сифати ҷазои ҷиноӣ эътироф намудани кирдорҳои зайл ҳангоми қасдан содир кардани онҳо дар рафти фаъолияти иқтисодӣ, молиявӣ ё тиҷоратӣ зарур бошанд: аз ҷониби шахсе, ки ба фаъолияти ташкилоти хусусӣ роҳбарӣ менамояд ё ба ягон сифат дар ин ташкилот кор мекунад, тасарруфи ягон амвол, воситаҳои хусусӣ ё қоғазҳои қимматнок ё ашёи дигари қимматнок, ки бинобар ҳолати-хизматӣ таҳти ихтиёри ҳамин шахс қарор доштанд.

**Моддаи 23. Қонунӣ гардонидани даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастомада**

1. Ҳар як Давлати иштирокчӣ имконияти қабули чунин чораҳои қонунгузорӣ ва чораҳои дигарро баррасӣ менамояд, ки метавонанд барои ба сифати ҷиноӣ эътироф намудани кирдорҳои зайл ҳангоми қасдан содир кардани онҳо зарур бошанд:

а) i)конверсия ё интиқоли амвол, агар маълум бошад, ки чунин амвол даромад аз ҷиноят буда, бо мақсадҳои пӯшонидан ё пинҳон доштани сарчашмаи ҷиноятии ин амвол ё бо мақсадҳои расонидани кумак ба ҳар шахсе, ки дар содир кардани ҳуқуқвайронкунии асосӣ иштирок кардааст, барои он, ки чунин шахс тавонад аз ҷавобгарӣ барои содир кардани кирдорҳояш саркашӣ кунад, анҷом дода шудааст;

ii) пинҳон намудан ё ниҳон доштани хусусияти аслӣ, манбаъ, суроға, тарзи ихтиёрдорӣ, интиқол, ҳуқуқ ба амвол ё мансубияти он, агар маълум бошад, ки чунин амвол даромад

аз ҷиноят аст; b) ҳангоми риояи принсипҳои асосии низоми ҳуқуқии худ:

i) харидан, соҳибӣ ё истнфодаи амвол, агар ҳангоми гирифтани он маълум бошад, ки чунин амвол даромад аз ҷиноят мебошад;

ii) иштирок, дахлдорӣ ё забоняккунӣ бо мақсади содир намудани ҳама гуна ҷиноят, ки ҳамин модда ҷиноят эътироф намудааст, сӯикасд ба содир кардани он, инчунин ёрӣ додан, таҳрук кардан, мусоидат ё додани маслиҳат ҳангоми содир кардани он.

2. Барои мақсадҳои амалӣ намудан ё истифодаи банди 1 ҳамин модда:

a) ҳар як Давлати иштирокчӣ кӯшиш менамояд, ки банди 1 ҳамин моддаро нисбат ба доираи восеи ҳуқуқвайронкуниҳои асосӣ истифода барад;

b) ҳар як Давлати иштирокчӣ ба хисоби ҳуқуқвайронкуниҳои асосӣ ҳадди ақал доираи ниҳоят васеи ҷиноятҳоеро шомил менамояд, ки ҳамин Конвенсия ҷиноят эътироф намудааст;

c) барои мақсадҳои зербанди b боло ҳуқуқвайронкуниҳои асосӣ ҷиноятҳоеро фаро мегирад, ки ҳам дар доираи юрисдиксия ва ҳам берун аз доираи юрисдиксияи Давлати иштирокчии дахлдор содир шудаанд. Вале ҷиноятҳои берун аз доираи юрисдиксияи ягон Давлати иштирокчӣ содиршуда танҳо ба шарте ҳуқуқвайронкунии асосӣ ҳисобида мешаванд, ки агар чунин кирдор тибқи қонунгузории дохилии давлате, ки дар он содир шудааст, ба сифати ҷазои ҷиноӣ эътироф шуда бошад ва он тибқи қонунгузории дохилии Давлати иштирокчӣ, ки ҳамин модда истифода ё татбиқ мешавад, агар ҷиноят дар он содир мегардид, метавонист ба сифти ҷазои ҷиноӣ эътироф карда шавад;

d) ҳар, як Давлати иштирокчӣ ба Муншии умумии Созмони Милали Муттаҳид матни қонунҳои худро, ки татбиқи мӯқаррароти ҳамин моддаро таъмин менамоянд, инчунин матни ҳама гуна тағйироти минбаъда ба ин қонунҳо ё тасвири онҳоро пешииҳод мекунад;

е) агар инро принсипҳои асосии қонунгузории дохилии Давлати иштирокчӣ тақозо намояд, пешбинӣ мегардад, ки ҷиноятҳои дар банди 1 ҳамин модда зикршуда ба шахсоне, ки ҳуқуқвайрокунии асосиро содир намудаанд, тааллуқ надоранд.

**Моддаи 24. Пинҳон доштан**

Бе расонидани зарар ба мукаррароти моддаи 23 ҳамин Конвенсия ҳар як Давлати иштирокчӣ имконияти қабули чунин чораҳои қонунгузорӣ ва чораҳои дигарро баррасӣ менамояд, ки метавонанд кирдорро ба сифати ҷазои ҷиноӣ эътироф намояд, агар онҳо касдан, баъди содир кардани ҳама гуна ҷиноят, ки ҳамин Конвенсия ҷиноят эътироф намудааст, бе иштирок дар содир кардани чунин ҷиноят, пинҳон доштан ё бетаваққуф нигоҳ доштани амвол, агар ба шахси дахлдор маълум бошад, ки чунин амвол дар натиҷаи содир намудани ҳама гуна ҷинояти эътирофнамудаи ҳамин Конвенсия ба даст оварда шудааст.

**Моддаи 25. Монеъшавӣ ба татбиқи адолати судӣ**

Ҳар як Давлати иштирокчӣ имконияти қабули чунин чораҳои қонунгузорӣ ва чораҳои дигарро баррасӣ менамояд, ки метавонанд барои ба сифати ҷазои ҷиноӣ эътироф намудани кирдорҳои зайл ҳангоми касдан содир кардани онҳо зарур бошанд:

а) истифодаи қувваи ҷисмонӣ, таҳдид ё тарсонидан ё ваъдадиҳӣ, пешниҳод ё додани афзалияти ғайриқонунӣ, бо мақсади моил кунонидан барои додани баёноти бардурӯғ ё дахолат дар ҷараёни додани баёнот ё пешниҳоди далелҳо дар рафти мурофиа, бинобар содир кардани ҷиноятҳое, ки ҳамин Конвенсия эътироф менамояд;

Ь) истифодаи қувваи ҷисмонӣ, таҳдид ё тарсонидан бо мақсади дахолат ба иҷрои вазифаҳои шахси мансабдори мақомоти судӣ ё ҳифзи ҳуқуқ дар рафти мурофиа вобаста ба содир гардидани ҷиноятҳое, ки ҳамин Конвенсия эътироф менамояд. Ҳеҷ чиз дар ҳамин зербанд ба ҳуқуқҳои Давлатҳои иштирокчӣ барои доштани қонунгузорие, ки

ҳифзи дигар категорияҳои шахсони мансабдори оммавиро таъмин менамояд, зарар намерасонад.

**Моддаи 26. Ҷавобгарии шахсони ҳуқуқӣ**

1. Ҳар як Давлати иштирокчӣ чунин чораҳое чораҳое меандешад, ки метавонанд бо дарназардошти принсипҳои ҳуқуқии он ҷихати муқаррар намудани ҷавобгарии шахсони ҳуқуқӣ барои иштирок дар ҷиноятқое, ки ҳамин Конвенсия ҷиноят эътироф намудааст, зарур бошанд.

2. Бо шарти риояи принсипҳои ҳуқуқии Давлати иштирокчӣ ҷавобгарии шахсони ҳуқуқӣ метавонад ҷиноятті̣, гражданӣ, ҳуқуқӣ ё маъмурӣ бошад.

3. Вогузор намудани чунин ҷавобгарӣ ба ҷавобгарии ҷиноятии шахсони воқеие, ки ҷиноят содир намудаанд, зарар намерасонад.

4. Ҳар як Давлати иштирокчӣ, аз ҷумла нисбат ба шахсони ҳуқуқие, ки мутобиқи ҳамин модда ба ҷавобгарӣ кашида мешаванд, истифодаи чунин муҷозоти чиноӣ ё ғайриҷиноӣ, инчунин истифодаи муҷозоти пулиро таъмин менамояд, ки самарабахш, мутаносиб ва дорои таъсири боздошткунанда мебошад.

**Моддаи 27. Иштирок ва сӯиқасд**

1. Ҳар як Давлати иштирокчӣ имконияти қабули чунин чораҳои қонунгузорӣ ва чораҳои дигарро баррасӣ менамояд, ки метавонанд барои ба сифати ҷазои ҷиноӣ эътироф намудани кирдорҳои зайл зарур бошанд: ба ҳар сифат, масалан иштирок ба сифати ҳамиҷрочӣ, ёрдамчӣ ё таҳриккунанда дар содир кардани ягон хел ҷиноят, ки хамин Конвенсия ҷиноят эътироф намудааст.

2. Ҳар як Давлати иштирокчӣ имконияти қабули чунин чораҳои қонунгузорӣ ва дигар чораҳоро баррасӣ менамояд, ки метавонанд барои ба сифати ҷазои ҷиноӣ эътироф намудани кирдори зайл зарур бошанд: ҳама гуна сӯикасд барои содир кардани ягон хел ҷиноят, ки ҳамин Конвенсия ҷиноят эътироф намудааст.

3. Ҳар як Давлати иштирокчӣ имконияти қабули чунин чораҳои қонунгузорӣ ва дигар чораҳоро баррасӣ менамояд,

ки метавонанд барои ба сифати ҷазои ҷиноӣ эътироф намудани кирдори зайл зарур бошанд: тайёрӣ ба содир кардани ягон хел ҷиноят, ки ҳамин Конвенсия ҷиноят эътироф намудааст.

**Моддаи 28. Дарк намудан, ният ва қасд ҳамчун унсурҳои ҷиноят**

Дарк намудан, ният ё қасд, ки ҳамчун унсурҳои ягон хел ҷинояти этирофнамудаи ҳамин Конвенсия тақозо мегардад, метавонанд вобаста ба ҳолатҳои объективии воқеии ҳодиса муқаррар карда шаванд.

**Моддаи 29. Мӯҳлатҳои даъво**

Ҳар як Давлати иштирокчӣ ҳангоми зарурат, мувофиқи қонунгузории дохилии худ барои оғози истеҳсолот нисбати ҳар як ҷинояти эътирофнамудаи ҳамин Конвенсия мӯҳлати дарозмуддати даъворо муқаррар менамояд ва дар ҳолатҳое, ки агар шахси барои содир кардани ҷиноят гумонбаршуда аз адолати судйхаркашӣ намояд, мӯҳлати даъвои боз ҳам дарозмуддат ё имконияти боздоштани ҷараёни мӯҳлати даъворо муқаррар мекунад.

**Моддаи 30. Таъқиб, баровардани қарори судӣ ва муҷозот**

1. Ҳар як Давлати иштирокчӣ барои содир намудани ягон хел ҷиноят, ки ҳамин Конвенсия ҷиноят эътироф намудааст, истифодаи чунин муҷозоти ҷиноиро пешбинӣ менамояд, ки дараҷаи хавфнокии ин ҷиноятро ба эътибор мегирад.

2. Ҳар як Давлати иштирокчӣ бо дарназардошти низоми ҳҳуқуқии худ ва принсипҳои конститутсионӣ чунин чораҳое меандешад, ки метавонанд барои муқаррар ё таъмин кардани мувозинати зарури байни ҳар як масуниятҳо (иммунитетҳо) ё имтиёзҳои юрисдикснонӣ, ки ба шахсони мансабдори оммавӣ вобаста ба иҷрои вазифаи онҳо дода шудаанд, зарур бошанд ва ҳангоми зарурат имкон медиҳад тафтиши самаранок, таъқиби ҷиноятӣ ва баровардани қарори судӣ вобаста ба ҷиноятхо, ки ҳамин Конвенсия ҷиноят эътироф намудааст, ба амал мебарорад.

3. Ҳар як Давлати нштмрокчӣ кӯшиш менамояд хама гуна ваколатҳои ҳуқуқии дискретсионии пешбининамудаи қонунгузории дохилии худро марбут ба таъқиби ҷиноятии шахсон, ки ҳамин Конвенсия ҷиноят эътироф намудааст. ҷиҳати ноил гаштан ба самаранокии ҳаддалимкони чораҳои ҳифзи ҳуқуқ нисбат ба чунин ҷиноятҳо ва бо дарназардошти дахлдори зарурати монеъ шудан ба содир намудани чунин ҷиноятҳо истифода барад.

4. Нисбати ҷиноятҳое, ки ҳамин Конвенсия ҷиноят эътироф намудааст, ҳар як Давлати иштирокчи мутобиқи қонунгузории дохилии худ ва бо дарназардошти зурурии ҳуқуқҳои ҳифз, бо мақсади таъмини он, ки шартҳои қабули қарор оид ба озодкунӣ то суд ё то қабули қарор аз рӯи шикояти кассатсионӣ ё эътироз зарурати таъмини ҳузури айбдоршавандаро дар мурофиаи минбаъдаи ҷиноӣ ба инобат гирифта бошанд, чораҳои зарурӣ меандешад.

5. Ҳар як Давлати иштирокчӣ ҳангоми баррасии масъала оид ба имконияти пеш аз мӯҳлат ё шартан озод намудани шахсонеро, ки барои чунин ҷиноятҳо маҳкум шудаанд, дараҷаи хавфнокии ҷиноятҳои дахлдорро ба эътибор мегирад.

6. Ҳар як Давлати иштирокчӣ тибқи меъёри мувофиқ ба принсипҳои асосии низоми ҳуқуқии он, имконияти муқаррар намудани расмиётеро баррасӣ менамояд, ки бо кумаки он шахси мансабдори оммавии барои содир кардани ҷиноят айбдоршуда, ки ҳамин Конвенсия ҷиноят эътироф намудааст, ҳангоми зарурат метавонад бо дарназардошти зарурати эҳтироми принсипи эҳтимолияти бегуноҳӣ аз ҷониби мақомоти дахлдор маъзул (аз вазифа барканор), муваққатан аз иҷрои вазифаҳои хизматӣ дур карда ё ба мансаби дигар гузаронида шавад.

7. Бо дарназардошти дараҷаи хавфнокии ҷиноят, агар асоснок бошад, ҳар як Давлати иштирокчӣ тибқи меъёри мувофиқ, ки он ба принсипҳои асосии низоми ҳуқуқни он ҷавобгӯ мебошад, имконияти муқаррар намудани расмиётро барои аз ҳуқуқҳои муқаррарнамудаи қонунгузории дохилии он, бо қарори суд ё бо кумаки ҳар воситаҳои дахлдор ба мӯҳлати муайян маҳрум кардани шахсони барои ҷиноят

маҳкумшударо, ки ҳамин Конвенсия ҷиноят эътироф намудааст, баррасӣ менамояд:

a) ишғол кардани мансаби оммавӣ; ва

b) ишғол намудани мансаб дар ягон муассиса, ки пурра ё қисман таҳти моликияти давлат қарор дорад.

8. Банди 1 ҳамин модда ба амал баровардани ваколатҳои интизомии мақомоти салоҳиятнок нисбат ба хизматчиёни гражданӣ зарар намерасонад.

9. Ҳеҷ чиз дар ҳамин Конвенсия ба принсипе, ки мутобиқи он муайян намудани ҷиноятҳои эътирофнамудаи ҳамин Конвенсия ва эътирозҳои истифодашавандаи ҳуқуқӣ ё дигар принсипҳои ҳуқуқии муайянкунандаи қонунӣ будани кирдор дахолат намекунад ва дар доираи қонунгузории дохилии ҳар як Давлати иштирокчӣ қарор дошта, таъқиби ҷиноятӣ ва ҷазо барои чунин ҷиноятҳо мутобиқн ҳамин қонунгузорӣ ба амал бароварда мешавад.

10. Давлатҳои иштирокчӣ кӯшиш мекунанд ба шахсоне, ки барои ҷиноят маҳкум шудаанд ва онро ҳамин Конвенсия ҷиноят эътироф намудааст, барои ҳамгирой ба ҷомеа мусоидат кунад.

**Моддаи 31. Боздоштани амалиёт, хабсва мусодира**

1. Ҳар як Давлати иштирокчӣ дар доираи низоми дохилии ҳуқуқии худ чунин чораҳои имконпазиреро меандешад, ки метавонанд барои таъмини имконияти мусодираи инҳо зарур бошанд:

a) даромадҳо аз ҷиноятe, ки ҳамин Конвенсия ҷиноят эътироф намудааст ё амволе, ки арзиши он ба чунин даромадҳо баробар аст;

b) амвол, таҷҳизот ё дигар воситаҳое, ки ҳангоми содир намудани ҷиноят истифода шудаанд ё таъйин шудаанд барои ҳангоми содир намудани ҷиноят истифода шудаанд ва ҳамин Конвенсия ҷиноят эътироф намудааст;

2. Ҳар як Давлати иштирокчӣ чунин чораҳое меандешад, ки метавонанд барои таъмини имконияти ошкор намудан, пайгирӣ, боздоштан ё ба ҳабс гирифтани ҳама гуна даромаду амволи дар банди 1 ҳамин модда номбаршуда бо мақсади мусодираи минбаъда зарур бошанд.

3. Ҳар як давлати иштирокчӣ мутобиқи қонунгузории дохилии худ чунин чораҳои қонунгузори ва дигар чораҳое меандешад, ки барои танзими идоракунии амволи боздоштшуда, ба хабс гирифта ё тибқи бандҳои 1 ва 2 ҳамин модда мусодирагардида аз ҷониби мақомоти салоҳиятнок зарур мебошанд.

4. Агар чунин даромадҳо аз ҷиноят қисман ё пурра ба дигар амаол табдил дода шуда бошанд, он гоҳ чораҳои дар ҳамин модда зикргардида нисбати чунин амвол истифода мегарданд.

5. Агар даромад аз ҷиноят ба амволи аз манбаъҳои қонунӣ бадастоварда ҳамроҳ карда шуда бошад, он гоҳ мусодира бидуни зарар ба ҳама гуна ваколатҳои марбут ба боздоштан ё ҳабс нисбат ба он қисми амволе истифода мегардад, ки баробари арзшии даромади ҳамроҳгардида мебошад.

6. Чораҳои дар ҳамин модда зикргардида, инчунин нисбат ба фоида ё дигар нафъе, ки аз чунин даромадҳо аз ҷиноят гирифта шудаанд, аз амволе, ки даромадҳо аз ҷиноятҳо ба он ҳамроҳ ё табдил дода шуда буданд, бо ҳамон усул ва ба ҳамон андозае, ки нисбат ба даромадҳо аз ҷиноят андешида мешаванд, татбиқ мегарданд.

7. Барои мақсадҳои ҳамин модда ва моддаи 55 ҳамин Конвенсия ҳар як Давлати иштирокчӣ судҳо ё мақомоти салоҳиятноки дигари худро ваколатдор менамояд, ки дар бораи пешниҳод намудан ё ба ҳабс гирифтани ҳуҷҷатҳои бонкӣ, молиявӣ ё тиҷоратӣ қарор қабул кунанд. Давлати иштирокчӣ мутобиқи муқаррароти ҳамин банд бо истинод ба нигоҳ доштани сирри бонкӣ аз андешидани чораҳо саркашӣ намекунад.

8. Давлатҳои иштирокчӣ метавонанд имконпазирии муқаррар намудани талаботеро баррасӣ намоянд, ки он ба шахси содирнамудаи ҷиноят имкон медиҳад пайдоиши қонунии даромадҳои эҳтимолӣ аз ҷиноят ё дигар амволи таҳти мусодира қарордоштаро дар ҳаҷме, ки чунин талабот ба принсипҳои қонунгузории дохилии он ва хусусияти мурофиаи судӣ ё баррасии дигар мутобиқ бошад, исбот кунад.

9. Муқаррароти ҳамин модда набояд тарзе шарҳ дода шавад, ки ба ҳуқуқҳои тарафҳои сеюми поквичдон зарар расонад.

10. Ҳеҷ чиз дар ҳамин модда принсипҳоеро, ки мутобиқи онҳо чораҳои дар он зикргардида дар асоси муқаррароти қонунгузории дохилии Давлати иштирокчӣ ва бо шарти риояи онҳо муайян ва амалӣ карда мешаванд, халалдор намесозад.

**Моддаи 32. Ҳифзи шоҳидон, экспертҳо ва ҷабрдидагон**

1. Ҳар як Давлатҳои иштирокчӣ мутобиқи низоми дохилии ҳуқуқии худ ва дар доираи имконоти худ ҷихати таъмини ҳимояи самаранок аз интиқом ё тарсонидани эҳтимолӣ нисбати шоҳидон ва экспертон, ки вобаста ба ҷиноят баёнот додаанд ва ҳамин Конвенсия ҷинбят эътироф намудааст ва хангоми зарурат нисбат ба хешовандон ва дигар шахсони наздики онҳо чораҳои дахлдор меандешад.

2. Чораҳои дар банди 1 моддаи мазкур пешбинишуда, бе расонидани зарар ба ҳуқуқҳои айбдоршаванда, аз ҷумла ҳуқуқ барои баррасии дахлдор, инҳоро низ метавонанд дар бар гиранд:

a) муқаррар намудани расмиёт барои ҳимояи ҷисмонии чунин шахсон, то андозае, ки зарур ва амалан имконпазир аст, - ҷихати барои мухоҷирати (кӯчонидани) онҳо ба макони дигар ва қабули чунин ҳолатҳое, ки ҳангоми зарурат фош насохтани маълумоти мансуб ба шахсият ва макони ҷойгиршавии чунин шахсонро иҷозат медиҳад ё барои ошкор намудани чунин маълумот маҳдудиятро муқаррар менамояд;

b) қабули қоидаҳо аз он шаҳодат медиҳанд, ки ба шоҳидон ва экспертон имконияти додани баёнот тарзе таъмин гардидааст, ки онҳо тахти ҳимоя қарор доранд, масалан иҷозати додани баёнот бо кумаки воситаҳои алоқа, ба монанди алоқаи видео ё дигар воситаҳои дахлдор.

3. Давлатҳои иштирокчӣ имконияти бастани созишномаҳо ё шартномаҳоро бо дигар давлитҳо оид ба муҳоҷирати (кӯчонидани) шахсоне, ки дар банди 1 моддаи мазкур зикр шудаанд, баррасӣ менамоянд.

4. Муқаррароти моддаи мазкур ҳамчунин нисбат ба ҷабрдидагон то андозае, кн онҳо шоҳид мебошанд, татбиқ карда мешавад.

5. Ҳар як Давлати иштмрокчӣ бо шарти риояи қонунгузории дохилии худ дар ҳамаи давраҳои мурофиаи судӣ барои баён намудан ва баррасии андешаҳо ва хавфи ҷабрдидагон нисбат ба шахсони содирнамудаи ҷиноят чунин шароите фароҳам меоварад, ки он ба ҳуқуқҳои ҳимоя зарар расонида натавонад.

**Моддаи 33. Ҳифзи шахсоне, ки иттилоот медиҳанд**

Ҳар як Давлати иштирокчӣ имконияти ба низоми дохилии ҳуқуқии худ ворид намудани чораҳои дахлдорро баррасӣ менамояд, ки барои аз муомилаи беадолатониа ҳифз намудани ҳама гуна шахсоне, ки аз рӯи виҷдон ва дар заминаи ақлу хирад ба мақомоти ваколатдор оид ба ҳамаи ходисаҳои вобаста ба ҷиноятхое, ки ҳамин Конвенсия эътироф намудааст, хабар медиҳанд, баррасӣ менамояд.

**Моддаи 34. Оқибатҳои кирдорҳои коррупсионӣ**

Бо дарназардошти бовиҷдонона ба даст овардани ҳуқуқҳои тарафҳои сеюм ҳар як Давлати иштирокчӣ мутобиқи принсипҳои асосии қонунгузории дохилии худ ҷиҳати ба танзим даровардани масъалаҳо оид ба оқибатҳои коррупсия чораҳо меандешад. Аз ин рӯ, Давлатҳои иштирокчӣ метавонанд коррупсияро ба сифати омиле, ки истеҳсолот барои аз эътибор соқит кардан ё бекор кардани қарордодҳо ё бозхонди консессия (имтиёз) ё дигар воситаҳои шабеҳ ё қабули дигар чораҳо барои ислоҳи вазъи бавуҷудомада дорои аҳамият мебошад, баррасӣ намоянд.

**Моддан 35. Ҷуброни зарар**

Ҳар як Давлати иштирокчӣ тибқи принсипҳои қонунгузории дохилии худ чунин чораҳое меандешад, ки имкон медиҳанд шахсони ҳуқуқӣ ва воқеии дар натиҷаи ин ё он кирдори коррупсионӣ зарардида ҳуқуқ дошта бошанд ҷихати ҷуброн нисбати шахсоне, ки барои расонидани ин зарар ҷавобгаранд, парванда оғоз намоянд.

**Моддаи 36. Мақомоти махсусгардонидашуда**

Ҳар як Давлати иштирокчӣ мутобиқи принсипҳои асосии низоми ҳуқуқии худ мавҷуд будани мақом ё мақомот ё шахсонеро, ки барои мубориза бар зидди коррупсия тавассути чораҳои ҳифзи ҳуқуқ махсус гардонида шудаанд, таъмин менамояд. Ба чунин мақомот, ё шахсои тибқи принсипҳои асосии низоми ҳуқуқии Давлатҳои иштирокчӣ мустақилияти зарурӣ фароҳам оварда мешавад, то онҳо тавонанд функсияҳои худро самаранок ва бе ягон таъсири номатлуб иҷро намоянд. Шахсон ё кормандони ин гуна мақом ё мақомот ҷихати иҷрои вазифаҳои худ бояд дорои тахассуси дахлдор ва захираҳои зарурӣ бошанд.

**Моддаи 37. Ҳамкорӣ бо мақомоти ҳифзи ҳуқуқ**

1. Ҳар як Давлати иштирокчӣ барои ҳавасмандгардонии шахсоне, ки дар содир кардани ин ё он ҷиноят иштирок мекунанд ё кардаанд ва ҳамин Конвенсия ин кирдорро ҷиноят эътироф намудааст, ҷиҳати пешниҳоди иттилооте, ки ба мақомоти ваколатдор барои мақсади тафтишот ва исбот ниҳоят муфид аст, инчунин ҳангоми расонидани кумаки мушаххас ва воқеӣ ба мақомоти ваколатдор, ки метавонад барои аз даромади ҷинояти содиркарда маҳрум сохтани ҷинояткорон ва бозбаргардонидани ин фоида мусоидат намояд, чораҳои зарурӣ меандешад.

2. Ҳар як Давлати иштирокчӣ дар ҳолатҳои дахлдор масьалаҳои сабук намудани ҷазои шахси айбдоршавандаро, ки ҳангоми пешбурди тафтишот ё таъқиб вобаста ба ин ё он ҷиноят бо мақомоти ваколатдор ҳамкорӣ мекунад ва онро ҳамин Конвенсия ҷиноят эътироф намудааст, баррасӣ менамояд.

3. Ҳар як Давлати иштирокчӣ мутобиқи принсипҳои асосии қонунгузории дохилии худ масъалаи имконпазирии додани масуният аз таъқиби ҷиноятиро ба шахсе, ки ҳангоми тафтишот ё таъқиб вобаста ба ин ё он ҷиноят бо мақомоти ваколатдор ҳамкории ҷиддӣ мекунад ва онро ҳамин Конвенсия ҷиноят эътироф намудааст, баррасӣ менамояд.

4. Ҳимояи ин шахсон mutatis mutandis, тибқи тартиби пешбининамудаи модааи 32 Конвесияи мазкур ба амал баровarda мешавад.

5. Дар ҳолатҳое, ки агар шахси дар банди 1 моддаи мазкур зикршуда дар яке аз Давлатҳои иштирокчӣ бошад ва бо мақомоти ваколатдори Давлатҳои иштирокчии дигар ҳамкории ҷиддӣ намояд, қонунгузории дохилии худ имконияти бастани созишнома ё шартномаҳоро ҷиҳатн имконпазирии аз ҷониби дигар Давлати иштирокчӣ ба ин шахс фароҳам овардани реҷаи пешбининамудаи бандҳои 2 ва 3 ҳамин моддаро баррасӣ менамояд.

**Моддаи 38. Ҳамкорӣ байни мақомоти миллӣ**

Ҳар як Давлати иштирокчӣ мутобиқи қонунгузории дохилии худ чораҳое меандешад, ки онҳо метавонанд барои ҳавасмандгардонии ҳамкорӣ байни макомоти оммавӣ, инчунин шахсони баландмакоми оммавии он аз як тараф, ва аз тарафи дигар бо мақомоти худ, ки барои тафтишот ва таъқиб вобаста ба ҷиноят масъуланд, зарур бошанд. Чунин ҳамкорӣ метавонад шаклҳои зайлро дар бар гирад:

а) бо ташаббуси худ пешниҳод намудани маълумот ба чунин мақомоти масъул, агар асосҳо барои эхтимоли содир шудани ин ё он ҷиноят мавҷуд бошад ва он мутобиқи моддаҳои 15, 21 ва 23 ҳамин Конвенсия ҷиноят эътироф шудааст; ё

б) ҳангоми гирифтани дархости дахлдор ба чунин мақомоти масъул пешниҳод намудани тамоми иттилооти зарурӣ.

**Моддаи 39. Ҳамкорӣ байни мақомоти миллӣ ва бахши хусусӣ**

1. Ҳар як Давлати иштирокчӣ мутобиқи қонунгузории дохилии худ чунин чораҳое меандешад, ки метавонанд барои ҳавасмандгардонии ҳамкориҳо байни мақомоти миллии тафтишотӣ, мақомоти прокуратура ва ташкилотҳои бахши хусусӣ, аз ҷумла муассисаҳои молиявӣ оид ба масъалаҳои вобаста ба содир намудани ҷиноят, ки ҳамин Конвенсия онро ҷиноят эътироф намудааст, зарур бошанд.

2. Ҳар як Давлати иштирокчӣ масъалан ҳавасмандгардонии шаҳрвандони худ ва дигар шахсонро, ки маъмулан дар қаламрави он зиндагӣ мекунанд, ҷиҳати

додани маълумот ба мақомоти миллии тафтишотӣ, мақомоти прокуратура оид ба содир шудани ягон ҷиноят, ки ҳамин Конвенсия ҷиноят эътироф намудааст, баррасӣ менамояд:

**Моддаи 40. Сирри бонкӣ**

Ҳар як Давлати иштирокчӣ ҳангоми тафтишоти ҷиноятии дохилӣ, ки ҳамин Конвенсия ҷиноят эътироф намудааст, метавонад дар доираи низоми дохилии ҳуқуқии худ мавҷуд будани механизмҳои заруриеро таъмин кунад. ки онҳо тавонанд монеаҳои дар натиҷаи татбиқи қонунгузорӣ дар бораи сирри бонкӣ бамиёномадаро бартараф намоянд.

**Моддаи 41. Маълумот дар бораи доштани доғи судӣ**

Ҳар як Давлати иштирокчӣ метавонад қонунгузорие қабул намояд ё дигар чорае андешад ки имкон медиҳад тибқи ҳамон шарт ваҳ амон мақсад, он гуна ҳуқиеро, вобаста ба гумонбарӣ дар содир намудани ҷинояти тафтишшаванда баровардашуда, барои истифодаи чунин маълумот дар ҷараёни мурофиаи судӣ вобаста ба ҷинояти дар ҳамин Конвенсия ҷиноят эътирофгардида зарур хоҳанд буд, ба ҳисоб гирифта шавад.

**Моддаи 42. Юрисдиксия**

1. Ҳар як Давлати иштирокчӣ метавонад чунин чорае андешад, ки имкон медиҳад нисбати ҷиноятe, ки ҳамин Конвенсия ҷиноят эътироф намудааст, юрисдиксияи худро муқаррар намояд, агар:

а)ҷиноят дар ҳузури ҳамин Давлатҳои иштирокчӣ содир шуда бошад; ё

b) ҷиноят дар ҳузури дохили киштие содир шудааст, ки таҳти парчами ҳамин Давлатҳои иштирокчӣ шино мекунад ё дар киштии ҳавоие содир шудааст, ки дар ҳамин лаҳза мутобиқи қонунгузории ҳамин Давлатҳои иштирокчӣ ба қайд гирифта шудааст.

2. Ҳангоми риояи моддаи 4 Конвенсияи мазкур Давлати иштирокчӣ инчунин метавонад юрисдиксияи худро нисбати ҳама гуна ҷиноятҳо мукаррар намояд, агар:

a) ҷиноят муқобили шаҳрванди ҳамин Давлати иштирокчӣ содир шуда бошад;

b) ҷиноят аз тарафи шаҳрванди ҳамин Давлати иштирокчӣ ё шахси бетабаа, ки маъмулан дар қаламрави он зиндагӣ мекунад, содир шудабошад;

c) ҷиноят ҳангоме ҷиноят ҳисоб меёбад, ки мутобиқи банди 1b ва моддаи 23 Конвенсияи мазкур ҷиноят эътироф шуда, берун аз қаламрави давлат, бо мақсади амалӣ намудани ягон ҷиноят дар қаламрави он содир гардидааст ва мутобиқи банди 1 а i) ё ii) ё ин b i) моддаи 23 Конвенсияи мазкур ҷиноят эътироф шуда бошад; ё

d) ҷиноят ба муқобили ҳамин Давлати иштирокчӣ содир шудааст.

3. Барои мақсади моддаи 44 Конвенсияи мазкур ҳар як Давлати иштирркчӣ чунин чораҳое меандешад, ки метавонанд барои муқаррар намудани юрисдиксяи худ нисбати ҷинояте, ки онро ҳамин Конвенсия ҷиноят эътироф намудааст, зарур бошанд, хангоме, ки агар шахси барои содир намудани ҷиноят гумонбаршуда дар ҳудуди ҳамин давлат мавҷуд бошад ва он шахсро танҳо аз сабаби он, ки яке аз шаҳрвандони ҳамин давлат мебошад, баргашта намедиҳад.

4. Ҳар як Давлати иштирокчӣ тадбирҳое меандешад, ки метавонанд барои муқаррар намудани юрисдиксияи худ нисбати ҷинояти эътирофнамудаи ҳамин Конвенсия зарур бошанд, инчунин ҳангоме, ки агар шахси дар содир намудани ҷиноят гумонбаршуда дар ҳудуди ҳамин давлат бошад ва он чунин шахсро баргашта намедиҳад.

5. Агар Давлати иштирокчӣ, ки юрисдиксияи худро тибқи банди 1 ё 2 моддаи мазкур татбиқ менамояд, хабарнома гирад ё бо усули дигар огоҳ шавад, ки ҳама гуна Давлатҳои дигари иштирокчӣ тафтиши ҷиноят ё мурофиаи судиро вобаста ба ҳамон як кирдор пеш мебаранд, мақомоти ваколатдори ҳамин Давлатҳои иштирокчӣ дар ҳолатҳои зарурӣ бо мақсади ҳамоҳангсозии фаъолияти худ байни ҳамдигар машварат мекунанд.

6. Бе расонидани зарар ба меъёрҳои умумии ҳуқуқи байналмилалӣ Конвенсияи мазкур татбиқи ҳама гуна

юрисдиксияи ҷиноятиро, ки Давлати иштирокчӣ мутобиқи қонунгузории дохилии худ муқаррар намудааст, истисно намекунад.

## БОБИ IV. Ҳамкории байналмилалӣ

### Моддаи 43. Ҳамкории байналмилалӣ

1. Давлатҳои иштирокчӣ аз рӯи масъалаҳои ҷиноятӣ ҳуқуқӣ мутобиқи моддаҳои 44 ва 50 Конвенсияи мазкур ҳамкорӣ менамоянд, агар ин мувофиқн мақсад ва мутобиқи низоми дохилии ҳуқуқии онҳо бошад. Давлатҳои иштирокчӣ имконияти расонидани кумаки байниҳамдигарнро ҷиҳати пешбурди тафтишот ва мурофиа вобаста ба масъалаи шаҳрвавдию ҳуқуқӣ ва маъмурӣ, ки ба коррупсия алоқаманд аст, мусоидат менамоянд.

2. Агар нисбат ба масъалаи ҳамкории байналмилалӣ риояи принсипи эътирофи муштараки ягон амали дахлдор ба сифати ҷиноят зарур бошад, ин принсип риояшуда ҳисоб меёбад, новобаста аз он, ки қонунгузории Давлати иштирокчии дархостшаванда ин кирдорро ба категорияи ҷиноятҳо дохил намудааст ё онро бо ҳамон истилоҳоте тавсиф мекунад, ки Давлати иштирокчии дархосткунанда истифода намудааст, агар кирдоре, ки таркиби ҷиноятро ташкил медиҳад, мутобиқи қонунгузориҳои ҳар ду Давлати иштирокчӣ чун ҷавобгарии ҷиноятӣ эътироф шуда бошад.

### Моддаи 44. Супоридан

1. Моддаи мазкур нисбати ҷиноятҳое, ки ҳамин Конвенсия ҷиноят эътироф намудааст, татбиқ карда мешавад, агар шахсе, ки барои супоридан дархост шудааст, дар ҳудуди Давлати иштирокчии дархостшаванда қарор дошта бошад, ба шарте, ки агар кирдори ӯ вобаста ба дархости супоридан мутобиқи қонунгузории дохилии ҳам Давлати иштирокчии дархосткунанда ва ҳам Давлайт иштирокчии дархостшаванда чун ҷавобгарии ҷиноятӣ эътироф шудабо шад.

2. Қатъи назар аз муқарраროти банди 1 моддаи мазкур қонунгузории Давлатҳои иштирокчӣ, метавонанд мутобиқи

Конвенсияи мазкур ҷиҳати супоридани ин ё он шахс вобаста ба ҳама гуна ҷиноят иҷозат диҳанд, агар он тибқи қонунгузории дохилии ҳамин Давлат чун ҷавобгарии ҷиноятӣ эътироф нашуда бошад.

3. Агар дархост барои супоридан ба якчанд ҷиноятҳои алоҳида дахл кунад, ки ҳатто яке аз он метавонад тибқи моддаи мазкур боиси супоридан гардида, боқимонда аз сабаби мӯҳлати ҷазо барои онҳо супориданро ба миён намеоварад, вале мувофиқи ҳамин Конвенсия ҷиноят эътироф шудаанд, Давлати иштирокчии дархосткунанда метавонад моддаи мазкурро нисбати ин ҷиноятҳо низ татбиқ намояд.

4. Ҳар як ҷиноятe, ки нисбати он моддаи мазкур татбиқ мешавад. ба ҳамаи шартномаҳои мавҷудаи байни Давлатҳои иштирокчӣ дар хусуси супорндан ба сифати ҷиноят воридгардида ҳисоб меёбад, ки метавонад боиси супоридан шавад. Давлатҳои иштирокчӣ уҳдадор мешаванд чунин ҷиноятро ба сифати ҷиноятe, ки метавонад боиси супоридан шавад ба ҳама гуна шартномаҳо оид ба супоридан, ки байни худ ба имзо расонидаанд, дохил кунанд. Давлатҳои иштирокчӣ, ки қонунгузориашон иҷоат медиҳад Конвенсияи мазкур ҳангоми супоридан ҳамчун асос истифода гардад, ҳеҷ яке аз ҷинояти эътирофнамудаи Конвенсияи мазкурро ҷиноят ҷинояти сиёсӣ намешуморанд.

5. Агар Давлати иштирокчие, ки барои супоридани тибқи шартнома қайду шарт мегузорад, аз Давлати иштирокчии дигар Давлати иштирокчӣ дар бораи супоридан шартнома дар хусуси супоридан надорад, дархост мегирад, новобаста аз ҷиноятe, ки нисбати он моддаи мазкур татбиқ мегардад, метавонад ҳамин Конвенсияро ба сифати асоси ҳуқуқӣ ҷиҳати супоридан баррасӣ намояд.

6. Давлати иштирокчӣ, ки супориданро бо мавҷудияти шартнома қайду шарт намудааст:

а) ҳангоми барои нигаҳдошт супоридани ҳолати ба таъҷиб расида ё ҳуҷҷат оид ба қабул ё тасдиқи Конвенсияи мазкур ё ҳамроҳшавӣ 6а он ба Муншии умумии Созмони Милали Муттаҳид дар хусуси он, ки ҳамин Давлат барои ҳамкорӣ бо дигар Давлатҳои иштирокчӣ вобаста ба

масъалаи супоридан ҳамин Конвенсияро ба сифати асоси ҳуқуқи истифода мебарад, иттилоъ медиҳад; ва

b) агар он Конвенсияи мазкурро барои ҳамкорӣ вобаста ба масъалаҳои супоридан ба сифати асоси ҳуқуқӣ истифода набарад. ҳангоми зарурат, бо мақсади татбиқи моддаи мазкур бо дигар Давлати иштирокчии ҳамин Конвенсия кӯшиш мекунад шартнома дар бораи супориданро имзо намояд.

7. Давлатҳои иштирокчӣ, ки супориданро бо мавҷудияти шартнома қайду шарт нанамудаанд, дар муносибат бо ҳамдигар ҷиноятеро, ки нисбати он ҳамин модда татбиқ мегардад 6а сифати ҷиноятe эътироф менамоянд, ки боиси супоридан гашта метавонад.

8. Супоридан мутобиқи шартҳои пешбининамудаи қонунгузории дохилии Давлатҳои иштирокчии дархостшаванда ё тибқи шартномаҳо оид ба супоридан, аз ҷумла шартҳое, ки бо талаботи ҷазои ҳадди ақал нисбати супоридан алоқаманд аст ва асосҳое, ки Давлати иштирокчии дархостшаванда метавонад супориданро рад кунад, амалӣ карда мешавад.

9. Доир ба ҳама гуна ҷиноятe, ки нисбати он моддаи мазкур татбиқ мешавад, Давлатҳои иштирокчӣ бо шарти риояи қонунгузории дохилии худ кӯшиш менамояд, ки тартиботи супориданро суръат бахшида, талаботи вобаста бо онро осон гардонанд.

10. Ҳангоми риояи муқаррароти қонунгузории дохилии худ ва шартномаҳои худ оид ба супоридан, Давлати иштирокчии дархостшаванда баъди пайдо кардани итминон, ки инро вазъият тақозо менамояд ва хусусияти таъхирнопазир дорад ва бо дархости Давлати иштирокчии дархосткунанда сурат мегирад, метавонад шахси дар ҳудудаш қарордоштаро ҳабс кунанд ё барои ҳангоми расмиёти супоридан ҳозир будани чунин шахс дигар чораҳои дахлдорро таъмин намояд.

11. Давлати иштнрокчӣ, ки шахси ба содир кардани ҷиноят гумонбаршудаи дар ҳудуди он қарордоштаро вобаста ба ҷинояти пешбининамудаи ҳамин модда бо сабаби яке аз шаҳрвандони ҳамин давлат будани ӯ

барнамегардонад, ӯҳдадор аст бо дархости Давлати иштирокчии дархосткунанда парвандаро бетаъхир ба мақомоти ваколатдори худ барои таъқиб супорад. Ин мақомот тибқи қонунгузории ҳамин Давлати иштирокчӣ қарор қабул мекунад ва мурофиаро тарзе ба роҳ мемонад, ки ҳангоми дигар ҷинояти дорои хусусияти ҳавфнок ба амал бароварда мешавад. Ҳар як Давлати иштирокчии ҳавасманд бо ҳамдигар, аз ҷумла вобаста ба масъалаҳои мурофиавӣ ва исботкунӣ ҷиҳати таъмини самаранокии чунин таъқиб ҳамкорӣ менамоявд.

12. Дар ҳама ҳолат, агар ба Давлатхои иштирокчӣ тибқи қонунгузории дохилӣ ё ба таври дигар супоридан ё додани яке аз шаҳрвандони худ танҳо бо шарте иҷозат дода шуда бошад, ки ин шахс ба ҳамин Давлат барои минбаъд адо намудани ҷазое, ки дар натиҷаи муҳокимаи судӣ ё мурофиаи судӣ вобаста ба дархости супоридан ё баргардонидан таъйин гардидааст ва ҳамин Давлати иштирокчӣ ва Давлати иштирокчии супоридани ин шахсро дархостнамуда бо ҳамин тартибу шартҳоии пазируфтаашон розӣ шудаанд, чунин супоридани шартӣ ё баргардонидан ҷихати иҷрои ӯҳдадориҳои муқаррарнамудаи банди 11 моддаи мазкур кифоя аст.

13. Агар супоридан, ки бо мақсади иҷрои ҳукми суд дархост шудааст, аз сабаби шаҳрванди Давлати иштирокчии дархостшаванда будани шахси ҷустуҷӯшаванда рад гардад, Давлати иштирокчии дархостшаванда, агар қонунгузории дохилии он иҷозат дихад ва он ҷавобгӯи талаботи чунин қонунгузорӣ бошад, бо дархости Давлати иштирокчии дархосткунанда оид ба амалӣ намудани иҷрои ҳукм ё қисми боқимондаи ҳукмро, ки тибқи қонунгузории дохолии Давлати иштирокчии дархосткунанда бароварда шудааст, баррасӣ менамояд.

14. Ба ҳар шахсе, ки вобаста ба ягон намуди ҷиноят нисбати ӯ парванда оғоз шуда, муқаррароти моддаи мазкур татбиқ мегардад, дар ҳамаи давраҳои мурофиа муомилаи боадолатона кафолат дода мешавад, аз ҷумла амалӣ намудани ҳамаи ҳуқуқ ва кафолатҳое, ки тибқи

қонунгузории дохилии Давлати иштирокчӣ пешбинӣ шудааст ва ҳамин шахс дар ҳудуди он қарор дорад.

15; Дар Конвенсияи мазкур ҳеҷ чиз чун ӯхдадории муқарраршудаи супоридан тафсир карда намешавад, агар Давлати иштирокчии дархостшаванда дорои чунин асосҳои кофӣ бошад ва тахмин намояд, ки дархост оид ба супоридан бо мақсади таъқиб ё ҷазо додани ягон шахс вобаста ба ҷинс, иажод, эътиқоди динӣ, шаҳрвандӣ, баромади этникӣ ё ақидаи сиёсӣ пешниҳод гардидааст ё қонеъгардонии ин дархост ба вазъи ин шахс вобаста ба ҳар яке аз ин сабабҳо зарар мерасонад.

16. Давлатҳои иштирокчӣ инчунин наметавонанд дархости супориданро танҳо дар он асос, ки ҷиноят бо масъалаҳои андоз низ алоқамавд мебошад, рад кунанд.

17. Дар ҳолатҳои зарурӣ, то рад кардани баргардонидан Давлати иштирокчии дархосткунанда бо Давлати иштирокчии дархостшаванда машваратҳо мегузаронад, то ин ки ба он ҷиҳати изҳори ақида ва пешниҳоди маълумоти марбут ба далелҳои пешниҳодшуда имконияти кофӣ диҳад.

18. Давлатҳои иштирокчӣ бо мақсади амалӣ намудани супоридан ё ҷиҳати баланд бардоштани самаранокии он кӯшиш ба харҷ медиҳанд, ки созишномаҳои дуҷониба ё бисёрҷониба банданд.

**Моддаи 45. Баргардонидани шахсони махкумшуда**

Давлатҳои иштирокчӣ метавонанд имконоти бастани созишномаҳо ё шартномаҳои дуҷониба ё бисёрҷонибаро ҷиҳати баргардонидани шахсоне, ки барои содир намудани ҷиноятҳои эътирофнамӯдаи ҳамин Конвенсия ба маҳбас маҳкум шудаанд ё ба таври дигар аз озодӣ маҳрум гардидаанд, баррасӣ намоянд, то ин ки онҳо тавонанд мӯҳлати ҷазои гирифтаашонро дар ҳудуди худ адо намоянд.

**Моддаи 46. Ёрии мутақобилаи ҳуқуқӣ**

1. Давлатҳои иштирокчӣ дар пешбурди тафтишот, таъқиби ҷиноятӣ ва муҳокимаи судӣ вобаста ба ҷиноятҳо, ки ҳамин Конвенсия дар бар мегирад, ба ҳадигар ёрии васеи мутақобилаи ҳуқуқӣ мерасонанд.

2. Ёрии мутақобилаи ҳуқуқӣ дар ҳаҷми имконпазири максималӣ, тибқи қонунҳои мавҷуда, шартномаҳои байналмилалӣ, созншномаҳо ва шартномаҳои Давлатҳои нштирокчии дархостшаванда нисбат ба пешбурди тафтишот, таъқиби ҷиноятӣ ва муҳокимаи судӣ вобаста ба ҷиноятҳое расонида мешаванд, ки барои содир намудани онҳо аз Давлати иштирокчии дархостшаванда тибқи моддаи 26 Конвенсияи мазкур мумкин аст, шахсони ҳуқуқӣ ба ҷавобгарӣ ҷалб карда шаванд.

3. Ёрии мутақобилаи ҳуқуқӣ, ки тибқи моддаи мазкур пешниҳод шуда, метавонад барои ҳар яке аз мақсадҳои зайл дархост гардад:

a) гирифтани нишондоди шоҳид ё аризаҳо аз шахсони алоҳида;

b) супоридани ҳуҷҷатҳои судӣ;

c) гузаронидани кофтуков ва ба ҳабс гирифтани молу мулк, инчунин боздоштани фаъолият;

d) азназаргузаронии иншоот ва қитъаҳои маҳал;

e) пешниҳод намудани маълумот, далелҳои шайъӣ ва баҳодиҳии коршиносон (экспертҳо);

f) пешниҳоди асли ҳуҷҷат ё нусхаҳои тасдиқгардидаи хуҷҷатҳо ва маводи дахлдор, аз ҷумла ҳуҷҷатҳои ҳукуматӣ, бонкӣ, молиявӣ, корпоративӣ ё тиҷоратӣ;

g) ошкор намудан ё таъқиби даромад аз ҷиноят, амвол, воситаҳои содир намудани ҷиноят ё дигар предмет бо мақсади исбот;

h) мусоидат ҷиҳати мхтиёрӣ омадани шахсони дахлдор ба мақомоти Давлати иштирокчии дархостшаванда;

i) расонидани дигар намуди кумак, ки хилофи қонунгузории дохилии Давлати иштирокчии дархосткунанда намебошад;

j) ошкор намудан, боздоштан ва таъқиби даромад аз ҷиноят мутобиқи муқаррароти боби II Конвенсияи мазкур;

k) ситонидани активҳо мутобиқи муқаррароти боби II Конвенсияи мазкур.

4. Бе расонидани зарар ба қонунгузории дохилӣ мақомоти ваколатдори як Давлати иштирокчӣ метавонанд бе дархости пешакӣ оид ба масъалаи ҷиноятӣ ҳуқуқӣ ба

мақомотӣ ваколатдори Давлати иштирокчии дигар Давлати иштирокчӣ маълумот пешниҳод намоянд, агар онҳо итминони комил дошта бошанд, ки ин маълумот метавонад ба ин мақомот ҷихати тафтиш ё бомуввафақият анҷом додани тафтиш ва таъқиби ҷиноятӣ кумак мерасонад ё боиси аз ҷониби ҳамин Давлати иштирокчи тибқи Конвенсияи мазкур тартиб додани дархост мегардад.

5. Интиқоли маълумот тибқи банди 4 моддаи мазкур бе расонидани зарар ба тафтишот на мурофиаи судӣ дар давлате, ки мақомоти ваколатдораш маълумот пешниҳод менамоянд, сурат мегирад. Мақомоти ваколатдоре, ки маълумот мегиранд, ҳатто дар асоси мӯҳлати муваққатӣ дархости маҳфуз нигоҳ доштани ин маълумотро иҷро менамоянд ё маҳдудиятро ҳангоми истифодаи он риоя мекунанд. Вале ҳамаи ин ба Давлати иштирокчие, ки маълумот гирифтааст, ҷиҳати гузаронидани мурофиаи судӣ барои ошкор кардани маълумоте, ки айбдоршавандаро сафед мекунад, монеа шуда наметавонад. Дар чунин ҳолатҳо, то ошкор намудани маълумот. Давлати иштирокчии маълумотгирифта Давлати иштирокчии пешниҳоднамудаи маълумотро дар маврид хабардор мекунад ва агар дар ин хусус дархост гирифта бошад. бо Давлати иштирокчии пешниҳоднамудаи маълумот машваратҳо мегузаронад. Дар ҳолатҳои махсус, агар огоҳкунии пешакӣ ғайриимкон бошад, Давлати иштирокчие, ки маълумот гирифтааст, фавран Давлати иштирокчии пешниҳоднамудаи маълумотро дар хусуси чунин ошкор намудани маълумот огоҳ мекунад.

6. Муқаррароти моддаи мазкур ба ӯхдадориҳои дигар шартномаҳо, ки пурра ё қисман ёрии мутақобилаи ҳуқуқиро танзим менамоянд, ҳарчанд дуҷониба ё бисёрҷониба бошанд ҳам, дахолат намекунад.

7. Бандҳои 9-29 ҳамин модда нисбат ба дархостҳое, ки дар асоси моддаи мазкур фиристода шуданд, татбиқ карда мешавад, агар Давлати иштирокчӣ ба дигар шартнома оид ба ёрии мутақобилаи ҳуқуқӣ вобаста набошад. Агар ин Давлатҳои иштирокчӣ ба чунин шартнома вобаста бошанд, пас муқаррароти дахлдори хамин шартнома татбиқ карда мешавад, ба шарте, ки агар Давлатҳои иштирокчӣ бар ивази

онҳо барои татбиқи бандҳои 9-29 моддаи мазкур розигӣ надиҳанд. Аз ҳамаи Давлатҳои иштирокчӣ боисрор пешниҳод карда мешавад, ки ҳамин бандҳоро, агар онҳо барои ҳамкорӣ мусоидат кунанд, татбиқ намоянд.

8. Давлатҳои иштирокчӣ тибқи моддаи мазкур фароҳам овардани ин ёрии мутақобилаи ҳуқуқиро набояд бо истинод ба сирри бонкӣ рад кунанд.

a) Давлати иштирокчии дархосткунанда ба дархост оид ба пешниходи ёрӣ тибқи моддаи мазкур ҷавоб дода, ҳангоми набудани мувофиқаи муштараки ҷиноят эътирофи намудани кирдори дахлдор мақсадҳои дар моддаи 1 ҳамин Конвенсия зикршударо ба инобат мегирад;

b) Давлматҳи иштирокчӣ тибқи ҳамин модда дар асоси набудани мувофикаи муштараки ҷиноят эътирофи намудани кирдори дахлдор метавонанд пешниҳоди ёриро рад кунанд. Ҳамзамон Давлати иштирокчии дархосткунанда метавокад ёрӣ расонад, агар ин ба консепсияҳои асосии низоми хуқукии он мувофиқ бошад ва ин ёрӣ бидуни чораҳои маҷбурӣ анҷом дода шавад. Агар дархост бо масъалаҳои дорои хусусияти de minimis алоқаманд бошад ё масъалаҳоеро дар бар гирад, ки вобаста ба онҳо ҳамкории дархостшаванда ё ёрӣ метавонад тибқи дигар муқаррароти Конвенсияи мазкур таъмин гардад, чунин ёрӣ метавонад рад шавад;

c) ҳар як Давлати иштирокчӣ, ҳангоми набудани мувофиқаи муштарак, агар ҷиноят эътирофи намудани кирдори дахлдор тақозо гардад, метавонад тибқи моддаи мазкур имконияти худро ҷихати қабули чунин чораҳо барои расонидани ҳаҷми бештари ёрӣ баррасӣ намояд.

10. Шахсе, ки дар ҳабси пешакӣ аст ё мӯҳлатро дар маҳбас дар худуди яке аз Давлатҳои иштирокчӣ мегузаронад ва дар дигар Давлати иштирокчӣ қарор доштани ӯ бо мақсади муқаррар намудани шахсият, додани нишондод ё расонидани дигар хел ёрӣ ҷиҳати гирифтани далел барои пешбурди тафтишот, таъқиби ҷинояти ё муҳокимаи судӣ вобаста ба ҷиноятҳои, эътирофнамудаи ҳамин Конвенсияи зарур мебошад, метавонад бо риояи шартҳои зерин интиқол дода шавад, агар:

a) ин шахс озодона розигии худро изҳор намояд;

b) мақоми ваколатдори ҳар ду Давлати иштирокчӣ бо чунин шартҳо ба мувофиқа расидаанд, ки ҳамин Давлатҳои иштирокчӣ зарур мешуморанд;

11. Бо мақсади банди 10 моддаи мазкур:

a) Давлати иштирокчӣ, ки шахс интиқол дода мешавад, ҳуқуқ дорад ва ӯҳдадор аст ӯро дар ҳабси пешакӣ нигоҳ дорад, агар Давлати иштирокчие, ки шахсро интиқол додааст, дархости дигар ё тартиби дигарро пешниҳод накарда бошад;

b) Давлати иштирокчие, ки шахс ба он интиқол дода мешавад, чуноне, ки қаблан мувофиқа шуда буд ё бо мақомоти ваколатдори ҳар ду Давлати иштирокчӣ мувофиқа шуда буд, уҳдадории худро ҷиҳати супоридани ӯ ба ихтиёри Давлати иштирокчие, ки шахсро интиқол додааст, фавран иҷро менамояд;

c) Давлати иштирокчие, ки шахс ба он интиқол мешавад, аз Давлати иштирокчие, ки шахсро интикол додааст, оғози расмиёти супориданро барои ӯ талаб намекунад;

d) ба мӯҳлати адои ҷазои шахси интиқолдодашуда дар давлате, ки ӯро интиқол додаст, мӯҳлати нигоҳдорӣ дар ҳабси пешакӣ дар Давлати иштирокчие, ки ӯ интиқол гардидааст, хисобкарда мешавад.

12. Бе розигии Давлати иштирокчие, ки тибқи бандҳои 10-11 моддаи мазкур бояд ин ё он шахсро интикол диҳад, ин шахс сарфи назар аз шаҳрвандӣ вобаста ба ҳаракат, беҳаракатӣ ё маҳкумият, ки ба давраи то рафтани ӯ аз ҳудуди давлати ба он итиқолшуда дахл дорад, дар ҳудуди дигар давлат, ки ин шахс интиқол дода мешавад, вобаста ба ҳаракат, беҳаракатӣ ё маҳкумият, ки ба давраи то рафтанн ӯ аз ҳудуди давлати ба он интиқолшуда дахл дорад, тахти таъқиби ҷиноятӣ, нигоҳ доштан дар ҳабс кумаки ҷазо ё дигар навъи маҳдуд кардани озодии дар ҳудуди дигар давлат, ки ин шахс интиқол дода мешавад, қарор намегирад.

13. Ҳар як Давлати иштирокчӣ мақомоти марказиро таъйин мекунад, ки барои гирифтани дархост оид ба ёрии мутақобилан ҳуқуқӣ ё барои иҷрои он ё ҳамроҳи кардани он ба мақомоти ваколатдор ҷавобгар ва дорои ваколатҳои

дахлдор мебошад. Агар Давлати иштирокчӣ дорои минтақа ё ҳудуди махсус бо низоми алоҳидаи расонидани ёрни мутақобилан ҳуқуқӣ бошад, он метавонад мақоми марказии махсусро таъйин намояд, ки дар ин минтақа ё ҳудуд ҳамин функсияҳоро иҷро менамояд. Мақомоти марказӣ иҷрои фаврӣ ва зарурии дархостҳои расида ё ба суроғаи дахлдор ирсол намудани онро таъмин мекунанд. Агар мақоми марказӣ дархостро ба мақоми ваколатдор фиристад, ҳамин мақом ҷиҳати иҷрои фаврӣ ва зарурии дархост мусоидат менамояд. Ҳангоми аз ҷониби Давлати иштирокчӣ барои нигоҳдорӣ супурдани тасдиқнома е ҳуҷҷат дар бораи қабул ва тасдиқи Конвенсияи мазкур ё ҳамроҳшавӣ ба он ба Муншии умумим Созмони Милали Муттаҳид дар бораи мақоми марказӣ, ки бо ҳамин мақсад таъйин щудааст, иттилоъ медиҳад. Дархостҳо ҷиҳати расонидани ёрии мутақобила ҳуқуқӣ ё дигар маълумоти марбут ба он ба мақомоти марказӣ, ки аз тарафи Давлатҳои иштирокчӣ таъйин шудаанд, супорида мешаванд. Ин талабот ба ҳуқуқи Давлати иштирокчӣ зарар намерасонад, агар он талаб намояд, ки чунин дархост ва маълумот тавассути каналҳои дипломатӣ ва дар ҳолатҳои фавкулодда, агар имконпазир бошад ва Давлатҳои иштирокчӣ дар ин хусус ба мувофиқа расида бошанд, тавассути Ташкилоти байналмилалии политсияи ҷиноятӣ фиристода шавад.

14. Дархостҳо дар шакли хаттӣ фиристода мешаванд ё агар иимконпазир бошад, бо ёрии дигар воситаҳо, ки таҳияи сабти хаттиро ба забони барои Давлати иштирокчии дархосткунанда қобили қабул таъмин менамояд, ба шарте, ки агар ба ин Давлати иштирокчӣ имконият медиҳад саҳеҳии матнро муайян намояд. Ҳангоми барои нигоҳдорӣ супурдани грамотаи ба тасвиб расида ё хуҷҷат дар бораи қабул ё тасдиқи Конвенсияи мазкур ё ҳамроҳшавӣ ба он Муншии умумии Созмони Милали Муттаҳид дар бораи забон ё забонҳое, ки барои ҳар як Давлати иштирокчӣ қобили қабул аст, огоҳ менамояд.

Ҳангоми ҳолатҳои фавкулодда ва дар ҳолати розигии Давлатҳон иштирокчӣ дархостҳо метавонанд ба таври

шифохӣ ирсол гарданд, вале онҳо фавран ба шакли хаттӣ тасдиқ карда мешаванд.

15. Дар дархост оид ба расонидани ёрии мутақобилаи ҳуқуқи инҳо зикр карда мешаванд:

a) номи мақоме, ки бо дархост муроҷиат кардааст;

b) моҳияти масъала ва хусусияти тафтишот, таъқиби ҷиноятӣ ё муҳокимаи судӣ, ки дархост бо он вобаста аст, инчунин ном ва функсияи мақоме, ки ин тафтишот, таъқиби ҷиноятӣ ё истеҳсолотро анҷом медиҳад;

c) мухтасар баён намудани омилҳои мавҷуда, ба истисноӣ дархост нисбат ба супурдани ҳуҷҷатҳои судӣ;

d) тавсифи ёрии дархостшаванда ва маълумоти муфассал дар хусуси ҳама гуна расмиёти мушахас, ки риояи онро Давлати иштирокчии дархосткунанда мехоҳад таъмин намояд;

e) агар имконпазир бошад, маълумот дар бораи шахсият, ҷои истиқомат ва шаҳрвандии ҳама гуна шахси дахлдор; ва

f) мақсади далелҳо, маълумот ё чораҳои дархостшаванда.

16. Давлатҳои иштирокчии дархосткунанда метавонад маълумоти иловагиро талаб намоян, агар он ҷиҳати иҷрои дархост тибқи қонунгузории дохилии он зарур бошад ё агар ин маълумот иҷрои ин дархостро осон гардонад.

17. Дархост мутобиқи қонунгузории дохилии Давлати иштирокчии дархосткунанда ба андозае, ки хилофи қонунгузории дохилии Давлатҳои иштирокчии дархосткунанда намебошад ва аз рӯи имконият вобаста ба расмиёти дар дархост зикргардида иҷро карда мешавад.

18. То ҳадди имконпазир ва тибқи принсипҳои асосии дохилӣ, агар ягон шахс дар ҳудуди Давлатҳои ва ӯ бояд ба сифати шоҳид ё эксперт аз ҷониби мақомоти судии Давлатҳои иштирокчии дигар шунида шавад, давлатҳои иштирокчии аввал метавонанд бо дархости дигар Давлатҳои иштирокчии ба гузаронидани ввдеоалоқа розигӣ диҳад, агар ҳузур доштани ин шахс дар Давлатҳои иштирокчии дархосткунандаи ғайриимкон ё номатлуб бошад. Давлатҳои иштирокчӣ метавонанд ба мувофиқа расанд, ки шунидан (пурсиш) аз ҷониби мақомоти судии Давлати иштирокчии

дархосткунанда бо иштироки намояндагони мақомоти судии Давлатҳои иштирокчии дархостшаванда гузаронида мешавад.

19. Давлати иштирокчии дархосткунанда маълумот ё далелеро, ки аз Давлатҳои иштирокчии дархостшаванда пешниҳод намудааст,бе розигии пешакии Давлатҳои иштирокчии дархостшаванда барои пешбурди тафтишот, таъқиби ҷиноятӣ ё муҳокимаи судӣ интиқол намедиҳад ва истифода намебарад, ба истисnoи он, ки дар дархост зикр гардидааст. Ҳеҷ чиз дар банди мазкур Давлатҳои иштирокчии дархостшавандаро водор карда наметавонад, ки ҳангоми мурофиаи судӣ маълумот ё далели сафедкунандаи айбдоршавандаро ошкор нанамояд. Дар ин ҳолат, то ошкор намудани маълумот ё далел Давлатҳои иштирокчии дархосткунанда Давлатҳои иштирокчии дархостшавандаро огоҳ мекунад ва агар дар хусуси он дархост гирифта бошад, бо Давлатҳои иштирокчии дархосткунанда машваратҳо мегузаронад. Агар дар ҳолатҳои истисноӣ огоҳонидани пешакӣ ғайриимкон бошад, Давлатҳои иштирокчии дархосткунанда фавран оид ба ошкор шудани маълумот ба Давлатҳои иштирокчии дархостшаванда иттилоъ медиҳад.

20. Давлатҳои иштирокчии дархосткунанда аз Давлатҳои иштирокчии дархостшаванда метавонад маҳфияти маҷудият ва моҳияти дархостро талаб намояд, ба истисnoи он, ки барои иҷрои худи дархост зарур аст. Агар Давлатҳои иштирокчии дархосткунанда талаботи маҳфиятро иҷро карда натавонад, фавран дар ин хусус ба Давлатҳои иштирокчии дархостшаванда иттилоъ медиҳад.

21. Дар холатҳои зайл ёрии мутақобилаи ҳуқуқӣ метавонад рад карда шавад:

a) агар дархост мутобиқи муқаррароти моддаи мазкур пешниҳод нашуда бошад;

b) агар Давлатҳои иштирокчии дархостшаванда чунин шуморад, ки иҷрои дархост метавонад ба истиқлолият, амният, тартиботи оммавӣ ё дигар мақсаду манфиатҳои ҳаётан муҳими он зарар меоварад;

c) агар қонунгузории дохилии Давлатҳои иштирокчии дархостшаванда ба мақомоти он иҷрои ҳама гуна чораҳои дархостшавандаро нисбати ҳама гуна чунин ҷиноятҳо манъ карда бошад, агар ин гуна ҷиноятҳо мавзӯи тафтишот, таъқиби ҷиноятӣ ё муҳокимаи судӣ шуда, дар доираи юрисдиксияи он бошад;

d) агар иҷрои дархост хилофи низоми ҳуқуқии Давлатҳои иштирокчии дархостшаванда оид ба масъалаи ёрии мутақобилаи ҳуқуқӣ бошад.

22. Давлатҳои иштирокчӣ танҳо дар он асос, ки ҷиноят бо масъалаҳои андоз низ вобаста мебошад, дархост оид ба расонидани ёрии мутақобилаи ҳуқуқиро рад карда наметавонад.

23. Ҳама гуна радкунии расонидани ёрии мутақобилаи ҳуқуқӣ бояд асоснок карда шавад.

24. Давлатҳои иштирокчии дархостшаванда дархостро дар бораи расонидани ёрии мутақобилаи ҳуқуқӣ то ҳадди имконпазир, бо дарназардошти мӯҳлатҳои пешниҳоднамудаи Давлатҳои иштирокчии дархосткунанда, ки дар худи дархост асоснок карда шудаанд, дар мӯҳлати кӯтоҳтарин иҷро мекунад. Давлатҳои иштирокчии дархосткунанда дар бораи пешниҳоди маълумот оид ба мақом ва ҷараёни чораҳои амалишаванда, ки аз ҷониби Давлати иштирокчии Давлатҳои иштирокчии дархостшаванда ҷиҳдти қонеъ гардонидани дархости дурусти он қабул шудаанд; муроҷиат карда метавонад. Давлати Давлатҳои нштирокчии дархостшаванда оид ба мақом ва ҷараени иҷрои дархости дуруст ба Давлати Давлатҳои иштирокчии дархосткунанда ҷавоб медиҳад. Давлати Дьвлатҳои иштирокчии дархостшаванда ба таври фаврӣ Давлати Давлатҳои иштирокчии дархосткунандаро дар хусуси он, ки минбаъд ба ёрии дархостшуда зарурат боқӣ намондааст, огоҳ месозад.

25. Мӯҳлати расонидани ёрии мутақобилаи ҳуқуқӣ аз ҷониби Давлатҳои иштирокчӣ Давлати иштирокчии дархостшаванда дар асоси он, ки ин метавонад ба пешбурди тафтишот, таъқиби ҷинояти ё муҳокимаи судӣ халал расонад, мавқуф гузорад.

26. То лаҳзаи рад кардани иҷрои дархост тибқи банди 21 моддаи мазкур ё мавқуф гузоштани иҷрои он тибқи банди 25 моддаӣ мазкур Давлатҳои иштирокчӣ Давлати иштирокчии дархостшаванда бо Давлатҳои иштирокчии дархосткунанда ҷихати муайян намудани он, ки бе ёри расонида мешавад, дар кадом мӯҳлат ва тибқи кадом шарту шароит сурат мегирад, гузаронидани машваратҳоро зарур медонад. Дар сурати қабул намудани ёрӣ бо чунин шарт Давлатҳои иштирокчии дархосткунанда бояд ҳамаи ин шартҳоро риоя намояд.

27. Бе расонидани зарар ҷиҳати татбиқи банди 12 моддаи мазкур шоҳид, эксперт ё шахси дигаре, ки бо дархости Давлати иштирокчии дархосткунанда ҷихати додани нишондод дар ҷараёни истеҳсолот розиги медиҳад ё ҳангоми пешбурди тафтишот, таъқиби ҷиноятӣ ё муҳокимаи судӣ дар ҳудуди Давлати иштирокчии дархосткунанда ёрӣ мерасонад, вобаста ба ҳаракат, беҳаракатӣ ё маҳкумият, ки ба давраи то тарк кардани Давлати иштирокчии дархостшаванда дахл дорад, наметавонад дар ин ҳудуд таҳти таъқиби ҷиноятӣ, нигоҳ доштан дар ҳабси пешакӣ, ҷазо ё ягон намуди дигари маҳдудкунии озодии шахсии ӯ қарор дошта бошад. Амали чунин кафолати амнияти шахсӣ дар он сурат қатъ мегардад, ки агар шоҳид, эксперт ё шахси дигар дар муддати понздаҳ рӯзи расман огоҳ карда шуданаш ё дар ҷараёни қама гуна мӯҳлати байни Давлатҳои иштирокчӣ мувофиқашуда, аз санае, ки чунин шахс дар хусуси ба ҳозирии ӯ эҳтиёҷ надоштани мақомоти судӣ огоҳ гардида, имкон дошт Давлатҳои иштирокчии дархосткунандаро тарк қунад, вале ихтиёран дар худуди он боқӣ монд ё онро тарк намуда, боз бо хохиши худ баргашта бошад.

28. Хароҷоти муқаррарӣ вобаста ба иҷрон дархост аз ҷониби Давлатҳои иштирокчии дархосткунанда пардохта мешавад, агар Давлатҳои иштирокчии манфиатдор оид ба тартиби дигар ба мувофиқа нарасида бошанд. Агар иҷрои дархост хароҷоти назаррас ё фавкулоддаро такозо намояд, пас Давлатҳои иштирокчӣ бо мақсад муайян намудани шартҳое, ки тавассути он дархост иҷро мешавад, инчунин

дар бораи тартиби пардохти ҳароҷот машварат мегузаронанд.

29. Давлатҳои иштирокчии дархостшашнда:

а) ба Давлатҳои иштирокчии дархосткунанда нусхаҳои маводҳо, ҳуҷҷатҳо ё маълумоти ҳукуматиро, ки дар ихтиёр дорад ва тибқи қонунгузории дохилии он барои дастрасии оммавӣ кушода аст, пешниҳод менамояд,

b) метавонад тибқи салоҳдиди худ ба Давлати иштирокчии дархосткунанда пурра ё қисман ё ҳангоми риояи чунин шартҳое, ки он зарурӣ мешуморад, нусхаҳои ҳама гуна мавод, ҳуҷҷат ё маълумоти ҳукуматии дар ихтиёраш қарордошта ва тибқи қонунгузории дохилии он барои дастрасии оммавӣ пӯшидаро пешниҳод намояд.

30. Давлатҳои нштирокчӣ ҳангоми зарурат имконпазирии бастани созишнома ва шартномаҳои дуҷонибаю бисёрҷонибаро баррасӣ менамоянд, ки ҷавобгӯи мақсадҳои моддаи мазкур буда, таъсирнокии амалии онро таъмин менамоянд ё муқаррароти онро таҳким мебахшанд.

**Моддаи 47. Таҳвнли истеҳсоли ҷиноятӣ**

Давлатҳои ишшрокчӣ имконияти таҳвили мутақобилаи истеҳсолотро бо мақсади таъқиби ҷиноятӣ вобаста ба ҷиноятe, ки ҳамин Конвенсия ҷиноят эътироф намудааст, ҳангоме баррасӣ менамоянд, ки агар чунин таҳвил ба манфиатҳои иҷрои адолати судӣ бошад, аз ҷумла дар ҳолатҳое, ки агар ҷиҳати якҷоя кардани парвандаҳои ҷиноятӣ он ба якчанд юрисдиксия дахл намояд.

**Моддаи 48. Ҳамкорӣ байни мақомоти хифзи ҳуқуқ**

1. Давлатҳои иштирокчӣ бо ҳамдигар зич ҳамкорӣ намуда, тибқи низомҳои дохилии ҳуқуқӣ ва маъмурии худ бо мақсади баланд бардоштани самаранокии чораҳои ҳуқуқӣ чиҳати мубориза бо ҷиноятҳое, ки ҳамин Конвенсия дар бар гирифтаст, амал мекунанд. Давлатҳои иштирокчӣ, аз ҷумла чунин чораҳои самарбахшро меандешанд:

а) таҳкими усулҳои робита ва ҳангоми зарурат барқарор намудани роҳҳои нави робита байни мақомоти ваколатдор, муассисаҳо ва ҳадамоти онҳо чиҳати таъмини босуръату

боэътимоди мубодилаи иттилоот оид ба тамоми ҷабҳаҳои ҷинояткорӣ, ки ҳамин Конвенсия дар бар гирифтаст, аз ҷумла, агар Давлатҳои иштирокчии манфиатдор зарур шуморанд - дар ҳамбастагӣ бо дигар намудҳои фаъолияти ҷиноятӣ;

b) ҳамкорӣ бо дигар давлатҳои иштирокчӣ дар гузаронидани тафтишот вобаста ба ҷиноятҳое, ки ҳамин Конвенсия дар бар гирифтаст, бо мақсади ошкор намудани:

i) шахсият, ҷои истиқомат ва фаъолияти шахсоне, ки дар содир намудани чунин ҷиноятҳо гумонбар шудаанд ё дигар шахсони ба он алоқаманд;

ii) таҳвили даромад аз ҷиноят ё моликият, ки дар натиҷаи содир намудани чунин ҷиноятҳо ба даст омадаанд;

iii) таҳвили моликият, таҷҳизот ё дигар воситаҳо, ки ҳангоми содир намудани ҷиноят истифода шудаанд;

c) дар ҳолатҳои дахлдор пешниҳод намудани миқдори зарурин ашёю мавод бо мақсади таҳлил ё тафтиш;

d) ҳангоми зарурат мубодилаи маълумот бо Давлатҳон иштнрокчии дигар оид ба воситаҳо ва усулҳои мушаххас, ки дар содир намудани ҷиноят истифода мешаванд ва ҳамин Конвенсия дар бар гирифтааст, аз ҷумла истифодаи шаҳодатномаи шахсии қалбакӣ, ҳуҷҷатҳои қалбакию тағйирдодашуда ва дигар воситаҳо барои пинҳон намудани фаъолият;

e) мусоидат ҷихати ҳамоҳангсозии самараноки фаъолият байни мақомоти ваколатдор, муассисаҳо ва ҳадамоти онҳо, ҳавасмандгардонии мубодилаи кормандон ва дигар экспертон, аз ҷумла ҳангоми бастани созишнома ва шартномаҳои дуҷониба байни Давлатҳои иштирокчии манфиатдор;

f) мубодилам иттилоот ва ҳамоҳангсозии дигар чораҳои маъмурӣ, ки дар ҳолатҳои дахлдор бо мақсади сари вақт ошкор намудани ҷиноятҳои эътирофнамудаи ҳамин Конвенсия қабул шудааст.

2. Бо мақсади татбиқи амалии Конвенсияи мазкур Давлатҳои иштирокчӣ имконияти бастани созишнома ё шартномаҳои дуҷониба ё бисёрҷонибаро оид ба ҳамкории бевосита байни - мақомоти ҳифзи ҳуқуқӣ худ баррасӣ

менамоянд ва агар чунин созишнома ё шартномаҳо мавҷуд бошанд, кӯшиш мекунанд, ки ба онҳо тағйирот ворид намоянд. Ҳангоми набудани чунин созишнома ё шартномаҳо байни Давлатҳои иштирокчии дахлдор, онҳо метавонанд ҳамин Конвенсияро ҷихати ҳамкории байниҳамдигарии мақомоти ҳифзи ҳуқуқ бар зидди ҷиноят ба сифати асос баррасӣ намоянд. Ҳангоми зарурат Давлатҳои иштирокчӣ ҷихати тавсеаи ҳамкорӣ байни мақомоти ҳифзи ҳуқуқи худ то ҳадди имконпазир аз шартнома ё созишномаҳо, аз ҷумла аз механизмҳои ташкилотҳои байналмилалӣ ё минтақавӣ истифода мебаранд.

3. Давлатҳои иштирокчӣ кӯшиш мекунанд дар доираи имкониятҳои худ, бо мақсади муқовимат бар зидди ҷиноятҳои дар ҳамин Конвенсия зикргардида, ки бо истифодаи технологияҳои муосир содир мешаванд, ҳамкорӣ намоянд.

**Моддаи 49. Тафтишоти муштарак**

Давлатҳои иштирокчӣ метавонанд имконпазирии бастани созишнома ё шартномаҳои дуҷониба ё бисёрҷонибаро барасӣ намоянд, ки дар асоси онҳо вобаста ба парвандаҳое, ки предмети тафтишот, таъқиби ҷиноятӣ ё муҳокимаи судӣ мебошанд ва дар як ё якчанд давлат баррасӣ мегарданд, мақомоти босалоҳияти манфиатдори онҳо метавонанд оид ба гузаронидани тафтишоти муштарак мақомот таъсис диҳанд. Ҳангоми набудани чунин созишнома ё шартномаҳо тафтишоти муштарак метавонад дар ҳар ҳолати алоҳида тибқи мувофиқа гузаронида шавад. Давлатҳои иштирокчии дахлдор эҳтироми комили истиқлолияти Давлатҳои иштирокчиро, ки дар ҳудуди он бояд чунин тафтишот гузаронида шавад, таъмин менамоянд.

**Моддаи 50. Усулҳои махсуси тафтишот**

1. Бо мақсади мубориза самаранок бар зидди коррупсия ҳар як Давлати иштирокчӣ ба андозае, ки принсипҳои асосии низоми дохилии ҳуқуқии он имконият медиҳад, тибқи шартҳои муқаррарнамудаи қонунгузории

дохилии он, дар доираи имкониятҳои худ чунин тадбирҳое меандешад, ки ба мақомоти ваколатдори худ иҷозат медиҳад аз таҳвили назоратшаванда ва ҳангоми зарурат аз дигар усулҳои махсуси тафтишот, аз ҷумла назорати электронӣ ё дигар шаклҳои назорат, инчунин амалиёти агентурӣ дар ҳудуди худ истифода барад ва кӯшиш менамояд, ки далелҳои тавассути чунин усул ҷамъоваришуда барои истифода дар суд иҷозат дода шаванд.

2. Бо мақсади тафтиши ҷиноят, ки ҳамин Конвенсия дар бар гирифтаст, Давлатҳои иштирокчӣ ҳангоми зарурат ҷиҳати бастани шартнома ё созишномаҳои дахлдори дуҷониба ё бисёрҷониба оид ба истифодаи чунин усулҳои махсуси тафтишот дар доираи ҳамкорӣ дар сатҳи байналмилалӣ ҳавасманд гардонида мешаванд. Чунин шартнома ё созишномаҳо ҳангоми риояи пурраи принсипи мустақилияти баробари давлатҳо баста ва амалӣ гардида, қатъан мутобиқи шартҳои ҳамин шартнома ё созишномаҳо татбиқ карда мешаванд.

3. Ҳангоми вуҷуд надоштани шартнома ё созишномаҳои дар банди 2 моддаи мазкур зикршуда қарор оид ба истифодаи чунин усулҳои махсуси тафтишот дар сатҳи байналмилалӣ барои ҳар ҳолати алоҳида қабул гардида, ҳангоми зарурат метавонад шартномаҳои молиявӣ ва якдигарфаҳмӣ нисбат ба татбиқи юрисдиксияи Давлатҳои иштирокчии манфиатдор ба инобат гирифта шавад.

4. Қарор оид ба истифодаи таҳвили назоратшаванда дар сатҳи байналмилали метавонад бо розигии Давлатҳои иштирокчии манфиатдор чунин усулҳоро, ба монанди боздоштани бор ё воситаҳо ва кордор нашудан ё пурра ё қисман кашида гирифтан ё иваз намудани онро дар бар гирад.

## БОБИ V. Чораҳо ҷиҳати баргардонидани даромадҳо

### Моддаи 51. Мукаррароти умумӣ

Баргардонидани даромадҳо тибқи ҳамин боб принсипи асосии Конвенсияи мазкурро дар назар дорад ва Давлатҳои

иштирокчӣ ба таври васеъ байни ҳамдигар ҳамкорӣ намуда, дар ин самт ба якдигар ёрӣ мерасонанд.

**Моддаи 52. Пешгирӣ ва ошкор намудани таҳвили даромадҳо аз ҷиноят**

1. Бе расонидани зарар ба моддаи 14 Конвенсияи мазкур ҳар як Давлати иштирокчӣ мутобиқи қонунгузории дохилии худ чунин чораҳо меандешад, то ки тавонад тавассути муассисаҳои молиявии тахти юрисдиксияаш қарордошта шахсияти мизоҷонро санҷад, ҷиҳати муайян намудани шахсияти моликон-бенефисиарони воситаҳо, ки дар ҳисобномаҳояшон маблағҳои ҳаҷман калон ба амонат гузошта шудааст, инчунин нисбат ба ҳисобномаҳои мекушодаи шахсоне, ки дорои ваколатҳои зиёди оммавӣ буданд ё ҳастанд, аъзои оилаи онҳо ё шарикони наздики онҳо ё аз номи ҳама гуна шахсони дар боло зикргардида кушода мешаванд, чораҳои қатъӣ андешад. Чунии чораҳои нисбатан қотеона то ҳадди имкон барои ошкорсозии амалиёти шубҳанок, бо мақсади дар бораи онҳо пешниҳод намудани иттилоот ба мақомоти ваколатдор истифода гардида, набояд чун амали мамонияткунанда ё манъкунандаи пешбурди кори муассисаи молиявӣ бо ҳама гуна мизоҷи қонунӣ маънидод карда шаванд.

2. Бо мақсади мусоидат ва татбиқи чораҳои пешбининамудаи банди 1 ҳамин модда ҳар як Давлати иштирокчӣ мутобиқи қонунгузории дохилии худ ва дастури амал қарор додани ташаббусҳои дахлдори ташкилотҳои минтақавӣ, байниминтақавӣ ва бисёртарафа оид ба муқовимат бар зидди қонунӣ гардонидани воситаҳои пулӣ:

а) мутаносибан ба он гурӯҳи шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, ки нисбати ҳисобномаҳои онҳо муассисаҳои молиявии тахти юрисдиксияаш қарордошта имкон дорад чораҳои нисбатан қатеонаи назоратро истифода баранд, оид ба навъи ҳисобномаҳо ва амалиёте, ки ба онҳо бояд таваҷҷӯҳи махсус зоҳир гардад, доир ба чораҳои дахлдори кушодан ва пешбурди ҳисобномаҳо, инчунин пешбурди ҳисобот оид ба ҳисобномаҳое, ки бояд нисбати чунин ҳисобномаҳо қабул гардад, нишондодҳои тавсиявиро таҳия менамояд;

b) дар ҳолатҳои дахлдор муассисаҳои молиявии тахти юрисдиксияаш қарордоштаро бо дархости Давлати иштирокчиидигар Давлати иштирокчӣ ё бо ташаббуси шахсии худ дар бораи шахсияти шахсони мушаххаси воқеӣ ё ҳуқуқӣ, ки нисбати ҳисобномаҳои онҳо чунин муассисаҳо истифодаи чораҳои нисбатан қатьии назоратро дар назар доранд, илова бар он шахсоне, ки шахсияти онҳоро муассисаҳои молиявӣ метавонанд бо тартиби дигар муайян намоянд, огоҳ месозад.

3. Мутобиқи банди 2 моддаи мазкур ҳар як Давлати иштирокчӣ тадбирҳо меандешад, ки муассисаҳои молиявии он дар доираи мӯҳлатҳои дахлдор ҳисобот оид ба ҳисобномаҳо ва амалиётро, ки шахсони дар банди 1 ҳамин модда зикрёфта ба онҳо алоқаманд мебошанд ва он ба қадри имкон дар бораи шахсияти мизоҷон, инчунин молики бенефисиар маълумотро дар бар мегирад, нигоҳ доранд.

4. Бо мақсади пешгирӣ ва ошкор сохтани интиқоли даромадҳо аз ҷиноят, ки ҳамин Конвенсия ҷиноят эътироф намудааст, ҳар як Давлати иштирокчӣ тавассути мақомоти танзимиву назоратии худ ҷиҳати огоҳ намудани муассисаҳои бонкҳое, ки воқеан вуҷуд надоранд ва аз тарафи ягон гурӯҳи молиявӣ аффилятсия нашудаанд, чораҳои зарурӣ ва амалиро татбиқ менамояд. Ғайр аз ин, Давлатҳои иштирокчӣ метавонанд имконоти муқаррар намудани талаботи дохил нашудани муассисаҳои молиявии худро ба муносибатҳои корреспондентии бонкӣ ё давом додани чунин муносибатҳоро баррасӣ намояд, инчунин аз барқарор кардани муносибатҳо бо муассисаҳои хориҷии молиявӣ, ки дар онҳо истифодаи ҳисобномаҳо аз ҷониби бонкҳои воқеан вуҷуд надоранд ва аз тарафи ягон гурӯҳи молиявӣ аффилятсия нашуда иҷозат дода шудааст, канорагирӣ кунанд.

5. Ҳар як Давлатҳои иштирокчӣ мутобиқи қонунгузории дохилии худ имконияти таъсиси низомҳои самаранокро, ки ошкор намудани маълумоти молиявиро нисбати шахсони мансабдори оммавии дахлдор пешбинӣ менамоянд, баррасӣ намуда, барои риоя накардани ин талабот муҷозоти зарурииро муқаррар менамояд. Ҳар як Давлатҳои иштирокчӣ

инчунин имконияти андешидани чораҳоеро баррасӣ менамояд, ки ба мақомоти ваколатдораш барои мубодилаи маълумот бо дигар мақомоти ваколатдор тақозо мегарданд, агар ин барои пешбурди тафтишот, арзи ҳуқуқҳо ва қабули чораҳо ҷихати баргардонидани даромадҳо аз ҷинояти эътирофнамудаи ҳамин зарур бошад.

6. Ҳар як Давлати иштирокчӣ чунин чораҳое меандешад, ки имкон медиҳад мутобиқи қонунгузории дохилии худ талабот муқаррар намояд, ки шахсони мансабдори оммавии дахлдор, ки ба ин ё он ҳисобномаи молиявӣ дар ягон кишвари хориҷӣ манфиатдор мебошанд ё ҳуқуқи имзо ё дигар ваколат доранд, дар баъзе ҳолатҳо ба таври дахлдор ба мақоми ваколатдор иттилот диҳанд ва вобаста ба ҳамин ҳисобномаҳо ҳисоботи заруриро пеш баранд. Чунин чораҳо инчунин барои иҷро накардани ҳамин талабот истифодаи ҷазоро пешбинӣ менамоянд.

**Моддаи 53. Чораҳо барои бавосита баргардонидани амвол**

Ҳар як Давлати иштирокчӣ мутобиқи қонунгузории дохилии худ:

a) чунин чораҳое меандешад, ки метавонад ба дигар Давлатҳои иштирокчӣ иҷозат диҳад, ки ба судҳои худ оид ба муқаррар намудани титули ҳуқуқӣ ё ҳуқуқи моликият ба амволи дар натиҷаи ин ё он ҷиноят бадастомада, ки ҳамин Конвенсия ҷиноят эътироф намудааст, даъвоҳои гражданӣ пешниҳод кунад;

b) инчунин чораҳое меандешад, ки метавонад ба судҳои худ имконият диҳад нисбати шахсони содирнамудаи ҷиноят, ки ҳамин Конвенсия ҷиноят эътироф намудааст, дастур диҳад, ки ҷубронпулӣ ё ҷуброни зарари дар натиҷаи содир гардидани чунин ҷиноят расонидашударо ба дигар Давлати иштирокчӣ пардозанд;

c) чунин чораҳое меандешад, ки метавонад ба судҳои худ ё мақоми ваколатдор имконият диҳад, ки ҳангоми қабули қарор дар бораи мусодира талаботи дигар Давлатҳои иштирокчиро ҳамчун молики қонунии амволе, ки дар

натиҷаи ин ё он ҷиноят ба даст омадааст ва ҳамин Конвенсия дар бар мегирад, эътироф намояд.

**Моддаи 54. Механизми кашида гирифтани амвол тавассути ҳамкориҳои байналмилалӣ оид ба коррупсия**

1. Ҳар як Давлати иштирокчӣ бо мақсади фароҳам овардани ёрии мутақобилаи ҳуқуқӣ мутобиқи моддаи 55 ҳамин Конвенсия нисбати амволе, ки дар натиҷаи содир намудани ин ё он ҷиноят ба даст омадааст ва ҳамин Конвенсия ҷиноят эътироф намудааст, ё ҳангоми содир намудани чунин ҷиноят истифода шудааст, мутобиқи қонунгузории дохилии худ:

a) чунин чораҳое меандешад, ки метавонад ба мақомоти ваколатдори худ имконият диҳад қарори дар хусуси мусодира баровардаи суди дигар Давлати иштирокчиро иҷро намояд;

b) чунин чораҳое меандешад, ки метавонад ба мақоми ваколатдори худ имконият диҳад ҳангоми қабули қарори суд вобаста ба ҷинояти қонунигардонии воситаҳои пулӣ ё чунин ҷиноятҳои дигар, ки метавонад таҳти юрисдиксияи он қарор гирад, ё ҳангоми истифодаи дигар расмиёте, ки қонунгузории дохилии он иҷозат медиҳад, дар доираи юрисдиксияи худ дар бораи мусодираи чунин амволи сохти (баромади) хориҷӣ қарор қабул кунад; ва

c) масъалаи андешидани чунин чораҳоеро баррасӣ намояд, ки имкон медиҳад чунин амвол бе баровардани ҳукм, дар доираи мурофиаи судӣ оид ба парвандаи ҷиноятӣ, ҳангоме, ки ҷиноятқор наметавонад бо сабаби фавт, пинҳон шудан ё ҳозир набудан ё дигар ҳолатҳои дахлдор таъқиб гардад, мусодира карда шавад.

2. Ҳар як Давлати иштирокчӣ бо мақсади пешниҳод намудани ёрии ҳуқуқи тибқи дархосте, ки дар асоси банди 2 моддаи 55 ҳамин Конвенсия ирсол гардидааст, мутобиқи қонунгузории дохилии худ:

a) чунин чораҳое меандешад, ки метавонад ба мақоми ваколатдори худ имконият диҳад ҷиҳати иҷрои қарор дар хусуси боздоштан ё ба ҳабс гирифтани амвол, ки суд ё мақоми ваколатдори дигар Давлати иштирокчии

дархосткунанда қабул намудааст ва дар он асосҳои оқилона мавҷуд буда, ба Давлати иштирокчии дархостшаванда имконият медиҳад тахмин намояд, ки барои қабули чунин чораҳо асосҳои кофӣ мавҷуданд ва нисбати ҳамин амвол ниҳоят мутобиқи мақсадҳои банди 1 ҳамин модда қарор оид ба мусодира бароварда мешавад, амволро боздорад ёба ҳабс гирад;

b) чунин чораҳое меандешад, ки метавонад ба мақоми ваколатдори худ имконият диҳад мувофиқи дархосте, ки дар он асосҳои оқилона мавҷуд буда, ба Давлати нштирокчии дархостшаванда имкон медиҳад тахмин намояд, ки барои андешидани чунин чораҳо асосҳои кофӣ мавҷуданд ва нисбати ҳамин амвол ниҳоят мувофиқи мақсадҳои банди 1 ҳамин модда дар бораи мусодира қарор бароварда мешавад, амволро боздорад ё ба ҳабс гирад; ва

c) дар хусуси қабули чораҳои иловагӣ масъаларо баррасӣ менамояд. то ин ки ба мақомоти ваколатдори худ имконият диҳад амволро бо мақсади мусодира ҳифз намояд, мисол, дар асоси қарори хориҷӣ дар хусуси ба ҳабс гирифтан ё пешииҳоди айбдоркунин ҷиноятӣ барои ба даст овардани чунин амвол.

**Моддаи 55. Ҳамкориҳои байналмнлалӣ бо мақсади мусодира**

1. Давлати иштирокчӣ, ки аз дигар Давлати нштирокчӣ, ки ин ё он ҷиноят таҳти юрисдиксияи он қарор дорад ва ҳамин Конвенсия ҷиноят эътироф намудааст, дар хусуси мусодираи даромад аз ҷиноят, амвол, таҷҳизот ва дигар воситаҳои содир намудани ҷинояти дар банди 1 моддаи 31 ҳамин Конвенсия зикргардидаи дар ҳудуди он қарордошта дархост гирифтааст, то ҳадде, ки дар доираи низоми ҳуқуқии дохилии он имконпазир аст:

a) ин дархостро бо мақсади баровардани қарор дар хусуси мусодира ба мақоми ваколатдори худ ирсол медорад ва ҳангоми баровардани чунин қарор иҷрои онро таъмин мекунад; ё

b) қарор дар бораи мусодираро, ки суд дар ҳудуди Давлати иштирокчии дархосткунанда мутобиқи банди 1

моддаи 31 ва банди 1b моддаи 54 ҳамин Конвенсия баровардааст; бо мақсади иҷро тибқи ҳаҷми дар дархост зикргардида ва тибқи ҳамон андозаи даромад аз чунин ҷиноят, амвол, таҷҳизот ва дигар воситаҳои содир намудани ҷинояти дар банди 1 моддаи 31 зикргардида, ки дар ҳудуди Давлатҳои иштирокчии дархостшаванда қарор дорад, ба мақоми ваколатдори худ ирсол менамояд.

2. Баъди гирифтани дархости ирсолнамудаи дигар Давлатҳои иштнрокчӣ, ки ин ё он ҷинояти эътирофнамудаи ҳамин Конвенсия таҳти юрисдиксияи он қарор дорад, Давлатиҳо иштирокчии дархостшаванда барои ошкор намудан, назорат, боздоштан ё ҳабси даромадҳо аз ҷиноят, амвол, таҷҳизот ё дигар воситаҳои содир намудани ҷинояти дар банди 1 моддаи 31 ҳамин Конвенсия зикршуда, бо мақсади мусодираи минбаъда чораҳо меандешад ва дар ин хусус ё аз ҷониби давлатҳои иштирокчии дархосткунанда ё мувофиқи дархост дар асоси банди 1 ҳамин модда аз ҷониби Давлатҳои иштирокчии дархостшаванда қарор баровардa мешавад.

3. Муқаррароти моддаи 46 ҳамин Конвенсия нисбат ба ҳамии модда mutates mutandis татбиқ мегардад. Илова ба маълумоти дар банди 15 моддаи 46 зикргардида дархости, дар асоси ҳамин модда ирсолгардида метавонад инҳоро дар бар гирад:

a) нисбат ба дархости пешбининамудаи банди 1 ҳамин модда -руйихати (тасвири) амволе, ки бояд мусодира шавад, аз ҷумла то ҳадди имконпазир маълумот дар бораи маҳали ҷойгиршавии он ва агар имкон бошад - арзиши баҳодиҳии амвол ва ариза бо зикри далелҳое, ки ба он Давлати иштирокчии дархосткунанда истинод менамояд ва он ба Давлати иштирокчии дархостшаванда имкон медиҳад, ки мутобиқи қонунгузории дохилии худ қарор қабул намояд;

b) нисбат ба дархости пешбининамудаи банди 16 ҳамин модда-нусхаи аз нигоҳи ҳуқуқӣ иҷозатшудаи қарор дар хусуси мусодира, ки Давлати иштирокчии дархосткунанда додааст ва дархост ба он асос ёфтааст, ариза бо зикри далелҳо ва маълумот оид ба ҳаҷми иҷрои дархостшавандаи қарор, ариза, ки дар он чораҳои андешидаи Давлати

иштирокчии дархосткунанда ҷихати ирсоли огоҳиномаи дахлдор ба тарафҳои бовиҷдони сеюм зикр мегардад, ва таъмини риояи расмиёти дахлдори ҳуқуқӣ ва ариза дар хусуси он, ки қарор оид ба мусодира ниҳоӣ мебошад;

с) нисбат ба дархости пешбининамудаи банди 2 ҳамин модда - ариза бо зикри далелҳое, ки Давлатҳои иштирокчии дархосткунанда ба он истинод менамояд ва инъикоси чораҳои дархостшаванда, инчунин агар мавҷуд бошад - нусхаи аз нигоҳи ҳуқуқӣ иҷозатшудаи қароре, ки дархост ба он асос ёфтааст.

4. Қарор ё чораҳои пешбининамудаи бандҳои 1 ва 2 ҳамин модда аз ҷониби Давлатҳои иштирокчии дархостшаванда мутобиқи муқаррароти қонунгузории дохилии он ва меъёри мурофиавӣ ё ҳама гуна созишномаҳои дуҷониба ё бисёрҷониба ё шартномаҳое, ки тибқи онҳо он метавонад нисбат ба Давлатҳои иштирокчии дархосткунанда алоқаманд бошад ва ҳангоми риоя намудани он қабул карда мешавад.

5 Ҳар як Давлати иштирокчи ба Муншии умумии Созмони Милали Муттаҳид матни қонун ва қоидаҳоеро, ки иҷрои муқаррароти ҳамин моддаро таъмин менамояд, инчунин матни ҳама гуна тағйироти минбаъда ба чунин қонун ва қоидаҳо ё шарҳи (тавсифи) онҳоро пешниҳод менамояд.

6. Агар Давлатҳои иштирокчӣ барои андешидани чораҳои дар банди 1 ва 2 ҳамин модда зикргардида мавҷуд будани шартномаи дахлдорро қайду шарт кунад, пас ҳамин Давлатҳои иштирокчӣ ҳамин Конвенсияро ҳамчун асоси шартномавию ҳуқуқӣ заруру кифоя баррасӣ менамояд.

7. Мутобиқи ҳамин модда ҳамкорӣ метавонад рад карда шавад ё чораҳои таъминкунанда метавонанд бардошта шаванд, агар Давлати иштирокчии дархостшаванда сари вақт далеяҳои кофиро ба даст наорад ё агар амвол дорои арзиши ҳадди ақал бошад.

8. Барои аз байн бардоштани ҳама гуна чораҳои таъминкунанда, ки мутобиқи ҳамин модда қабул шудааст, Давлатҳои иштирокчии дархостшаванда дар сурати имконпазир ба тарафи Давлатҳои иштирокчии

дархосткунанда имконият фароҳам меорад, ки ваҷҳҳои худро ба манфиати идома додани иҷрои чунин чораҳо баён намояд.

9. Муқаррароти ҳамин модда набояд тарзе тавзеҳ дода шавад, ки ба ҳуқуқи тарафҳои сеюми бовиҷдон зарар ворид намояд.

**Моддаи 56. Ҳамкориҳои махсус**

Бе расонидани зарар ба қонунгузории дохилии худ ҳар як Давлати иштирокчӣ кӯшиш менамояд чораҳое андешад, ки ба ӯ имконият медиҳад бе расонидани зарар барои тафтиши худӣ, таъқиби ҷинояти ё муҳокимаи судӣ оид ба даромад аз ҷинояти эътирофнамудаи ҳамин Конвенсия ба дигар Давлатҳои иштирокчӣ бе дархости пешакӣ иттилоот пешниҳод намояд, агар зарур шуморад, ки ифшои чунин иттилоот метавонад ба Давлатҳои иштирокчие, ки онро мегирад, ҷиҳати оғоз намудани тафтиш, таъқиби ҷиноятӣ ё муҳокимаи судӣ мусоидат менамояд ё метавонад боиси аз ҷониби ҳамин Давлатҳои иштирокчӣ мутобиқи ҳамин боби Конвенсия ирсол намудани дархост гардад.

**Моддаи 57. Баргардонидани активҳо ва ихтиёрдории онҳо**

1. Амволеро, ки Давлати иштирокчӣ дар асоси моддаи 31 ё моддаи 55 ҳамин Конвенсия мусодира намудааст, ҳамин Давлати иштирокчӣ мутобиқи муқаррароти ҳамин Конвенсия ё қонунгузории дохилии худ, аз ҷумла мутобиқи банди 3 ҳамин модда бо роҳи баргардонии чунки амвол ба соҳибмулки қаблӣ ихтиёрдорӣ менамояд.

2. Ҳар як Давлати иштирокчӣ мутобиқи принсипҳои қонунгузории дохилии худ чунин чораҳои қонунгузорӣ ва дигар чораҳо меандешад, ки метавонад ба мақомоти ваколатдори худ, агар онҳо мувофиқи дархости ирсолнамудаи дигар Давлати иштирокчӣ, тибқи ҳамин Конвенсия, бо дарназардошти ҳуқуқи тарафҳои сеюми бовиҷдонона амал кунанд, имконият диҳад, ки амволи мусодирашударо баргардонанд.

3. Мутобиқи моддаҳои 46 ва 55 ҳамин Конвенсия ва бандҳои 1 ва 2 ҳамин модда Давлати иштирокчии дархостшаванда:

a) ҳангоми тасарруфи маблағҳои оммавӣ ё қонунигардонии маблағҳои оммавии тасарруфшуда, чуноне, ки дар моддаҳои 17 ва 23 хамин Конвенсия зикр гардидааст, агар мусодираро мутобиқи моддаи 55 дар асоси қарори ниҳоии суд, ки дар Давлати иштирокчии дархосткунанда баровардa шудааст, анҷом дода бошад ва ин талабот метавонад аз ҷониби Давлати иштирокчии дархостшаванда аз байн бардошта шавад, - амволи мусодирашударо ба Давлати иштирокчии дархосткунанда бармегардонад;

b) нисбат ба даромад аз ҳама гуна ҷинояти дигар, ки ҳамин Конвенсия дар бар мегирад, агар мусодираро мутобиқи моддаи 55 ҳамин Конвенсия ва дар асоси қарори ниҳоии баровардаи суди Давлати иштирокчии дархосткунанда анҷом дода бошад ва ин талаботро Давлати иштирокчии дархостшаванда метавонад аз байн бардорад - амволи мусодирашуда ба Давлати иштирокчии дархосткунанда баргардонида мешавад, агар Давлати иштирокчии дархосткунанда оқилона ба Давлати иштирокчии дархостшаванда ҳуқуқи моликияти қаблан доштаашро ба чунин амволи мусодирашуда исбот намояд ё агар Давлати иштирокчии дархостшаванда зиёни ба Давлати иштирокчии дархосткунанда ба сифати асос барои баргардонидани амволи мусодирашуда расонидаро эътироф намояд;

c) дар ҳамаи дигар ҳолатҳо дар навбати аввал масъалаи баргардонидани амволи мусодирашуда ба Давлати иштирокчии дархосткунанда, баргардонидани чунин амвол ба соҳибмулки қонунии қаблии ҳамин амвол ё пардохти ҷуброн ба оне, ки аз ҷиноят ҷабр дидааст, баррасӣ карда мешавад.

4. Дар ҳолатҳои дахлдор, агар Давлатҳои иштирокчӣ қарори дигар қабул накунанд, Давлати иштирокчии дархостшаванда метавонад хароҷоти оқилонаи дар ҷараёни таҳқиқ таъқиби ҷиноятӣ ё муҳокимаи судӣ расонидашударо, ки боиси баргардонидани амволи мусодирашуда гардидааст

ё хароҷоти ихтиёрдории онро мутобиқи ҳамин модда аз ҳисоб барорад.

5. Дар ҳолатқои дахлдор Давлатҳои иштирокчӣ метавонанд имконпазирии вобаста ба ҳар ҳолати алоҳида бастани созишнома ё шартномаҳои барои ҳам қобили қабулро оид ба ихтиёрдории ниҳоии амволи мусодирашуда махсус баррасӣ намоянд.

**Моддаи 58. Воҳидҳо барои ҷамъоварии иттилооти оперативии молиявӣ**

Давлатҳои иштирокчӣ бо мақсади пешгирии интиқоли даромадҳо аз ҷиноят, ки мутобиқи ҳамин Конвенсия ҷиноят эътироф шудааст ва мубориза бар зидди онҳо, инчунин мусоидат ҷиҳати истифодаи роҳу усули кашида гирифтани чунин даромадҳо ҳамкорӣ менамоянд ва бо ин мақсад оид ба таъсиси воҳид ҷиҳати ҷамъоварии иттилооти оперативии молиявӣ масъаларо баррасӣ мекунанд ва ин мақом барои ба даст овардан, таҳлил ва ба мақомоти ваколатдор ирсол намудани иттилоот дар хусуси амалиёти шубҳаноки молиявӣ масъул мебошад.

**Моддаи 59. Созишнома ва шартномаҳои дуҷониба ё бисёрҷониба**

Давлатҳои иштирокчӣ имконпазирии бастани созишнома ё шартномаҳои дуҷониба ё бисёрҷонибаро ҷиҳати баланд бардоштани ҳамкориҳои байналмилалӣ, ки мутобиқи ҳамин Конвенсия анҷом дода мешавад, баррасӣ менамоянд.

## БОБИ VI. Кумаки техникӣ ва мубодилаи иттилоот

**Моддаи 60. Тарбияи кадрҳо ва кумаки техникӣ**

1. Ҳар як Давлати иштирокчӣ, агар зарур бошад, барномаҳои мушаххаси омодасозии кормандони худро, ки барои пешгирии коррупсия ва мубориза бар зидди он масъулият доранд, таҳия мекунад, амалӣ менамояд ё такмил медиҳад. Чунин барномаҳои тарбияи кадрҳо метавонад соҳаҳои зайлро низ дар бар гирад:

a) андешидани чораҳои муассир оид ба пешгирӣ, ошкор намудан ва таҳқиқи кирдорҳои коррупсионӣ, инчунин андешидани ҷазо барои онҳо ва мубориза бар зидди онҳо, аз ҷумла бо истифода аз усули ҷамъоварии далел ва тафтиш;

b) фароҳам овардани неру дар соҳаи таҳлил ва банақшагирии сиёсати стратегии муқовимат ба коррупсия;

c) тарбияи кормандони мақомоти ваколатдор оид ба масъалаҳои таҳияи дархост дар бораи ёрии мутақобилаи ҳуқуқӣ, ки талаботи ҳамин Конвенсияро қонеъ мегардонад;

d) арзёбӣ ва таҳкими муассисаҳо, идоракунии хадамоти оммавӣ ва идоракунии маблағҳои молиявии оммавӣ, аз ҷумла хариди оммавӣ ва бахши хусусӣ;

e) пешгирии интиқоли даромадҳо аз ҷиноят эътироф намудааст, инчунин кашида гирифтани чунин даромадҳо;

f) ошкор намудан ва боздоштани амалиёт оид ба интиқоли даромадҳое, ки аз ҷиноят ба даст омадааст ва ҳамин Кодекс ҷиноят эътироф намудааст;

g) пайгирии интиқоли даромадҳо аз ҷиноят, ки ҳамин Конвенсия ҷиноят эътироф намудааст ва усуле, ки барои интиқол, пинҳон ё махфӣ нигоҳ доштани чунин даромадҳо истифода бурда мешаванд;

h) усул ва механизмҳои дахлдор ва муассири ҳуқуқӣ ва маъмурӣ, ки ба кашида гирифтани даромади бо роҳи ҷиноят бадастомада мусоидат менамояд ва ҳамин Конвенсия ҷиноят эътироф намудааст.

Дар бораи усули истифодашаванда ҷиҳати ҳифзи ҷабрдидагон ва шоҳидоне, ки бо мақомоти судӣ ҳамкорӣ мекунанд; ва

i) тарбияи кормандон оид ба масъалаҳои марбут ба қоидаҳои миллӣ ва байналмилалӣ, инчунин омӯхтани забонҳо.

2. Давлатҳои нштирокчӣ бо дарназардошти имкониягҳои худ масъалаҳои ба ҳамдигар расонидани кумаки васеи техникӣ, махсусаи ба манфиати кишварҳои рӯ ба инкишоф, вобаста ба нақша ва барномаҳои дахлдори онҳо, оид ба мубориза бар зидди коррупсия, аз ҷумла дастгирии моддӣ ва тарбияи кадрҳо дар сохаҳои дар банди 1 ҳамии модда зикргардида, инчунин тарбияи кадрҳо ва

расонидани кумак ва мубодилаи таҷриба ва донишҳои махсусро баррасӣ менамоянд, ки ин ба ҳамкориҳои байналмилалии байни Давлатҳои иштирокчӣ оид ба масъалаҳои супоридан ва ёрии ҳуқуқии мутақобила мусоидат менамояд.

3. Давлатҳои иштирокчӣ ҳангоми зарурат азму талоши худро, ки ба ҳарчи бештар баланд бардоштани самарабахшии чораҳои амалӣ ва таълимӣ дар созмонҳои байналмилалӣ ва минтақавӣ нигаронида шудааст, дар доираи созишнома ва шартномаҳои дахлдори дуҷониба ва бисёрҷониба фаъол мегардонанд.

4. Давлатхои иштирокчӣ мутобиқи дархост имконпазирии мусоидати байниҳамдигариро ҷиҳати арзёбӣ, таҳқиқот, таҳияи коркардҳо марбут ба навъ, сабаб, оқибат ва хароҷоти коррупсия дар кишварҳои дахлдори худ бо мақсади бо иштироки мақомоти ваколатдор ва ҷомеа таҳия намудани стратегия ва нақшаи фаъолият бар зидди коррупсия баррасӣ хоҳанд кард.

5. Барои мусоидат ҷиҳати кашида гирифтани даромади бо роҳи ҷиноят бадастомада, ки ҳамин Конвенсия ҷиноят эътироф намудааст, Давлатҳои иштирокчӣ метавонанд бо роҳи ба ҳамдигар пешниҳод намудани номи экспертҳо, ки қодиранд барои ноил шудан ба ин мақсадҳо ёрӣ кунанд, ҳамкорӣ намоянд.

6. Давлатҳои иштирокчӣ имконпазирии истифодаи конференсияҳо ва семинарҳои субминтақавӣ; минтақавӣ ва байналмилалиро барои мусоидат ба ҳамкорӣ ва кумаки техникӣ, хавасмандгардонии муҳокимаи проблемаҳои муштараку муфид, аз ҷумла проблемаҳои махсус ва эҳтиёҷоти кишварҳои рӯ ба инкишоф иқтисоди гузарандаро баррасӣ менамоянд.

7. Давлатҳои иштирокчӣ бо мақсади мусоидати молиявӣ ба азму талоши кишварҳои рӯ ба инкишоф ва кишварҳои дорои иқтисоди гузаранда оид ба татбиқи ҳамин Конвенсия тавассути татбиқи барнома ва лоиҳаҳо дар соҳаи кумаки техникӣ имконпазирии таъсисн механизмҳои ихтиёриро баррасӣ менамояд.

8. Ҳар як Давлати иштирокчӣ бо мақсади мусоидат ҷиҳати идоракунии татбиқи барномаҳо ва лоиҳаҳо дар кишварҳои рӯ ба инкишоф барои татбиқи ҳамин Конвенсия имконпазирии ҷудо намудани саҳми ихтиёриро барои эҳтиёҷоти Раёсати Созмони Милали Муттаҳид оид ба маводи нашъаовар ва ҷиноят баррасӣ менамоянд.

**Моддаи 61. Ҷамъоварӣ ва таҳлили иттилоот оид ба коррупсия ва мубодилаи чунин иттилоот**

1. Ҳар як Давлати иштирокчӣ бо машварат бо экспертҳо имконияти гузаронидани таҳлили равандро дар соҳаи коррупсия дар ҳудуд худ, инчунин шароитеро, ки дар он ҳуқуқвайронкуниҳои коррупсионӣ содир мегарданд, баррасӣ менамояд.

2. Давлатҳои иштирокчӣ, ҳангоми зарурат, бо мақсади таҳияи мафҳумҳои умумӣ, стандартҳо ва методология имконпазирии тавсеан маълумоти оморӣ, донишҳои аналитикӣ марбут ба коррпусия ва иттилоот, аз ҷумла оид ба навъҳои амалияи зарурӣ ҷиҳати пешгирии коррупсия ва мубориза бар зидди он мубодилаи иттилоотро байни худ ва тавассути созмонҳои байналмилалӣ ва минтақавӣ баррасӣ менамоянд.

3. Ҳар як Давлати иштирокчӣ имконпазирии назоратн сиёсати худ ва чораҳои амалиро оид ба мубориза бар зидди коррпусия, инчуни арзёбии самарабахшӣ ва муассирии онҳоро баррасӣ менамояд.

**Моддаи 62. Чораҳоӣ дигар: татбиқи ҳамин Конвенсия тавассути рушди иқтисодӣ ва кумаки техникӣ**

1. Давлатҳои иштирокчӣ то ҳадди имконпазир барои татбиқи оптималии ҳамин Конвенсия тавассути ҳамкориҳои байналмилалӣ, бо дарназардошти оқибатҳои манфии коррупсия дар маҷмӯъ барои ҷомеа, аз ҷумла барои рушди устувор чораҳо меандешанд.

2. Давлатҳои иштирокчӣ то ҳадди имконпазир дар ҳамоҳангӣ бо ҳамдигар, инчунин созмонҳои байналмилалӣ ва минтақавӣ барои корҳои зайл чораҳои мушаххас меандешанд:

a) фаъол сохтани ҳамкории худ дар сатҳҳои мухталиф бо кишварҳои рӯ ба инкишоф бо мақсади таҳкими имкониятҳои ин кишварҳо дар соҳаи пешгирии коррупсия ва мубориза бар зидди он;

b) тавсеаи кумаки моддию молиявӣ бо мақсади дастгирин азму талоши кишварҳои рӯ ба инкишоф оид ба пешгирии самарабахши коррупсия ва мубориза бар зидди он ва расонидани ёрӣ ба онҳо ҷиҳати татбиқи муваффақонаи ҳамин Конвенсия;

c) расонидани кумаки техникӣ ба кишварҳои рӯ ба инкишоф ва кишварҳои дорои иқтисоди гузаранда бо мақсади мусоидат ҷиҳати қонеъгардонии эҳтиёҷоти онҳо вобаста ба татбиқи ҳамин Конвенсия. Бо ин мақсад Давлатҳои нштирокчӣ кӯшиш мекунанд ба таври мунтазам саҳмҳои дахлдори ихтиёриро ба ҳисобномае, ки ба таври мушаххас барои ин мақсад Созмони Милали Муттаҳид дар механизми маблағгузорӣ таъсис додааст, гузаронанд; Давлатҳои иштирокчӣ ҳамчунин метавонанд мутобиқи қонунгузории дохилии худ ва муқаррароти ҳамин Конвенсия имконпазирии ба ҳисобномаи зикргардида гузаронидани ҳиссаи дахлдори пулӣ ё арзиши дахлдори даромад аз ҷиноят ё амволро, ки мутобиқи муқаррароти ҳамин Конвенсия мусодира шудааст, гузаронанд;

d) ҳавасмандгардонӣ ва боваркунонии дигар давлатҳо ва муассисаҳои молиявӣ ҷиҳати дар ҳолатҳои дахлдор ҳамрохшавии онҳо барои амалисозии ҳамин азму талошҳо, ки дар асоси ҳамин модда анҷом дода мешавад, аз ҷумла бо роҳи таъмини кишварҳои рӯ ба инкишоф бо хаҷми бештари барномаҳои тарбияи кадрҳо ва таҷҳизоти муосир бо мақсади аз ҷониби ин давлатҳо ноил гардидан ба мақсадҳои ҳамин Конвенсия.

3. То ҳадди имконпазир ин чораҳо ба уҳдадориҳои дахлдори вобаста ба кумаки хориҷӣ ё дигар щартномаҳо оид ба ҳамкориҳои молиявӣ, ки дар сатҳҳои дуҷониба, минтақавӣ ё байналмилалӣ баста шудаанд, зарар намерасонад.

4. Давлатҳои иштирокчӣ метавонанд дар бораи кумаки моддию техникӣ, бо дарназардошти шартҳои молиявӣ, ки

барои таъмини самарабахшии ҳамкориҳои байналмилалӣ зарур буда, ҳамин Конвенсия пешбинӣ намудааст, инчунин ҷихати пешгирӣ ва ошкор намудани коррупсия ва мубориза бар зидди он созишнома ё шартномаҳои дуҷониба ё бисёрҷонибаро ба имзо расонанд.

## БОБИ VII. Механизми татбиқи Конвенсия

### Моддаи 63. Конференсияи Давлатҳои иштирокчии Конвенсия

1. Тибқи ҳамин Конвенсия бо мақсади тавсеаи имконияти иштирокчӣ ва ҳамкорӣ байни онҳо ҷихати ноил шудан ба мақсадҳои муррарнамудаи ҳамин Конвенсия, инчунин мусоидат барои татбиқи ҳамин Конвенсия ва назорати ҷараёни татбиқи он Конференсияи давлатҳои иштирокчии Конвенсия таъсис дода мешавад.

2. Муншии умумии Созмони Милали Муттаҳид Конференсияи Давлатҳои иштирокчиро дар мӯҳлати на дертар аз як соли эътибор пайдо кардани ҳамин Конвенсия даъват менамояд. Минбаъд мутобиқи қоидаҳои расмиёте, ки Конференсияи Давлатҳои иштирокчӣ қабул кардааст, ҷаласаҳои навбатии Конференсия доир мегарданд.

3. Конференсияи Давлатҳои иштирокчӣ қоидаҳои расмиёт ва қоидаҳоеро, ки иҷрои иамудҳои фаъолиятро танзим менамоянд ва дар ҳамин модда зикр гардидаанд, аз ҷумла қоидаҳои марбут ба иҷозатдиҳӣ ва иштироки нозирон ва пардохти хароҷотро, ки ҳангоми иҷрои ҳамин навъи фаъолиятсурат гирифтааст, қабул мекунад.

4. Конференсияи Давлатҳои иштирокчӣ намудҳои фаъолият, расмиёт ва усули корҳоеро, ки барои ноил шудан ба мақсадҳои дар банди 1 ҳамин модда зикршуда заруранд, ба мувофиқа мерасонад, аз ҷумла:

a) мусоидат ба фаъолияти Давлатҳои иштирокчӣ мутобиқи моддаҳои 60 ва 62 ва бобҳои II-Й ҳамин Конвенсия, аз ҷумла бо роҳи ҳавасмандгардонии сафарбар намудани саҳмҳои ихтиёрӣ;

b) мусоидат ба мубодилаи иттилоот байни Давлатҳои иштирокчи дар бораи шаклҳои коррупсия ва равандҳои ин

соҳа, инчунин оил ба усулҳои самарабахши пешгирии коррупсия, мубориза бар зидди он, баргардонидани даромадҳо аз ҷиноят тавассути чоп кардани иттилооти дахлдор, аз ҷумла иттилооти дар ҳамин модда зикргардида:

c) ҳамкорӣ бо созмонҳои байналмилалию минтақавӣ ва механизмҳо, инчунин ташкилотҳои ғайриҳукуматӣ;

d) истифодаи дурусти иттилооти дахлдор, ки дигар механизмҳои байналмилалӣ ва минтақавӣ таҳия намудаанд, бо мақсади пешгирии коррупсия ва мубориза бар зидди он, инчунин ҷихати канорагирӣ аз такрори иловагии корҳо;

e) мунтазам баррасӣ намудани масъалаҳо оид ба татбиқи ҳамин Конвенсия аз ҷониби Давлатҳои иштирокчӣ;

f) пешниҳоди тавсияҳои марбут ба такмили ҳамин Конвенсня ва татбиқи он;

g) баинобатгирии эҳтиёҷоти Давлатҳои иштирокчӣ ба кумакм техникӣ ҷиҳати иҷрои ҳамин Конвенсия ва пешниҳоди тавсияҳо оид ба ҳама гуна амале, ки барои ин мақсад зарур дониста мешавад.

5. Барои мақсадҳои банди 4 ҳамин модда Конференсияи Давлатҳои иштирокчӣ оид ба тадбирҳое, ки Давлатҳои иштирокчӣ дар ҷараёни татбиқи ҳамин Конвенсия андешидаанд ва мушкилоте, ки ба он рӯ ба рӯ шудаанд, дар асоси иттилооти ба онҳо пешниҳодшуда ва тавассути чунин механизмҳои иловагии таҳиякунандаи тафсир (хулоса), ки метавонад дар Конференсияи Давлатҳои иштирокчӣ таъсис дода шавад, маълумоти зарурӣ мегирад.

6. Ҳар як Давлати иштирокчӣ ба Конференсияи Давлатҳои иштирокчӣ дар бораи барномаҳо, нақша ва амалияи худ, инчунин оид ба қонунгузорӣ ва чорабиниҳои маъмурӣ, ки барои татбиқи ҳамин Конвенсия нигаронида шудааст ва онро Конференсияи Давлатҳои иштирокчӣ тақозо менамояд, иттилоот манзур медорад. Конференсияи Давлатҳои иштирокчӣ оид ба усулҳои нисбатан самарабахши гирифтани чунин иттилоот ё дар асоси он қабул намудани қарор дахлдор, аз ҷумла иттилоотеро, ки аз Давлатҳои иштирокчӣ ё созмонҳои байналмилалии ваколатдор ба даст овардаанд, масъалаҳоро меомӯзад. Конференсия ҳамчунин маводи пешниҳоднамудаи

ташкилотҳон дахлдори ғайриҳукуматиро, ки ба таври дахлдор мутобиқи расмиёт аккредитатсия шуда, бо қарори Конференсияи Давлатҳои иштирокчӣ муайян гардидаанд метавонанд мавриди баррасӣ қарордиҳад.

7. Мутобиқи бандҳои 4 ва 6 ҳамин модда Конференсияи Давлатҳои иштирокчӣ агар зарур шуморад, барои мусоидат ба татбиқи самарабахши Конвенсия метавонад ҳама гуна механизм ё макоми дахлдорро таъсис диҳад.

**Моддаи 64. Котибот**

1. Муншии умумии Созмони Милали Муттаҳид хизматрасонии дахллори зарурии котиботи Конференсияи Давлатҳои иштирокчии Конвенсияро таъмин менамояд.

2. Котибот:

a) ба Конференсияи Давлатҳои иштирокчӣ ҷиҳати татбиқи фаъолияти дар моддаи 63 ҳамии Конвенсия зикргардида ёрӣ расонида, инчунин сессияи Конференсияи Давлатҳои иштирокчиро ташкил менамояд ва хизматрасонии заруриро анҷом медиҳад;

b) мутобиқи дархост ба Давлатҳои иштирокчӣ ҷиҳати фароҳам овардани иттилооти Конференсияи Давлатҳои иштирокчӣ, чуноне, ки дар бандҳои 5 ва 6 моддаи 63 ҳамин Конференсия пешбинӣ шудааст, ёрӣ мерасонад; ва

c) бо котиботи дигар созмонҳои байналмилалӣ ва минтақавӣ ҳамоҳангсозии заруриро таъмин менамояд.

## БОБИ VIII. Муқаррароти хотимавӣ

**Моддаи 65. Татбиқи Конвенсия**

1. Ҳар як Давлати иштирокчӣ мутобиқи принсипҳои асосии қонунгузорин дохилии худ барои таъмини иҷрои уҳдадориҳои худ мутобиқи ҳамин Конвенсия чораҳои зарурӣ, аз ҷумла чораҳои қонунгузорӣ ва маъмурӣ меандешад.

2. Ҳар як Давлати иштирокчӣ метавонад нисбат ба чораҳое, ки ҳамин Конвенсия барои пешгирии коррупсия ва мубориза бар зидди он пешбинӣ намудааст, дигар чораҳои нисбатан қотеъона ё сахттарро пешбинӣ намояд.

**Моддаи 66. Танзими баҳсҳо**

1. Давлатҳои иштирокчӣ кӯшиш мекунанд баҳсҳоро вобаста ба тавзеҳ ё татбиқи ҳамин Конвенсия бо роҳи гуфтушунид танзим намоянд.

2. Ҳама гуна баҳсҳо байни ду Давлати иштирокчӣ ё бештар аз он вобаста ба тавзеҳ ё татбиқи ҳамин Конвенсия, ки наметавонад дар ҷараёни мӯҳлати оқилона бо роҳи гуфтушунид танзим гардад, бо дархости яке аз Давлатҳои иштирокчӣ ба муҳокимаи суди ҳакамӣ (арбитражӣ) пешниҳод карда мешавад. Агар дар ҷараёни 6 моҳ аз рӯзи муроҷиат ба суди ҳакамӣ (арбитраж) ҳамин Давлатҳои иштирокчӣ дар бораи ташкили он ба мувофиқа нарасанд, ҳар яке аз Давлатҳои иштнрокчӣ метавонад баҳсро бо ариза мутобиқи Мақоми суд ба Суди байналмилалӣ ирсол намояд.

3. Ҳар як Давлати иштирокчӣ ҳангоми имзо, тасдиқ ва ё қабули ҳамнн Конвенсия ё ҳароҳшавӣ ба он бояд изҳор намояд, ки ӯ худро ба муқаррароти банди 2 ҳамнн модда вобаста намешуморад. Дигар Давлатҳои иштирокчӣ ба муқаррароти банди 2 ҳамин модда нисбат ба ҳама гуна Давлатҳои иштирокчӣ, ки чунин қайду шартро изҳор намудаанд, вобаста намебошанд.

4. Давлати иштирокчӣ, ки мутобиқи банди 3.^амии модда чуиии қайду шартро изҳор намудааст, метавонад хар вақт ип кайду шартро тавассути ирсоли огох.инома ба Муншии умумии Созмони Милали Муттахид аз байн бардорад.

**Моддаи 67. Ба имзо расонидан, ба тасвиб расонидан, қабул, тасдиқ ва ҳамроҳшавӣ ба Конвенсия**

1. Ҳамин Конвенсия барои имзо барои ҳамаи давлатҳо аз 9 то 11 декабри соли 2003 дар Мерид, Мексика ва минбаъд Муассисаҳои марказии Созмони Милали Муттаҳид дар Ню-Йорк то 9 декабри соли 2005 кушода аст.

2. Ҳамин Конвенсия инчунин ҷиҳати имзо барои ташкилотҳои минтақавии ҳамгироии иқтисодӣ, агар ҳатто яке аз Давлатҳои иштирокчии чунин ташкилот ҳамин Конвенсияро мутобиқи банди 1 ҳамин модда имзо карда бошад, кушода аст.

3. Ҳамин Конвенсия бояд қабулеё тасдиқ карда шавад. Грамотаи ратификатсионӣ ё ҳуҷҷатҳо дар бораи қабул ё тасдиқ барои ҳифз ба Муншии умумни Созмони Милали Муттаҳид супорида мешаванд. Ташкилоти минтақавии ҳамгироии иқтисодӣ метавонад Грамотаи ратификатсионӣ худ ё дигар хуҷҷатро дар хусуси қабул е тасдиқ барои ҳифз супорад, агар ҳатто яке аз Давлатҳои иштирокчии он ҳамин тавр муносибат карда бошад. Дар ин Грамотаи ратификатсионӣ ё ҳуҷҷат оид ба қабул ё тасдиқ чунин ташкилот дар хусуси доираи ваколати ҳуд нисбат ба масьалаҳое, ки ҳамин Конвенсия танзим менамояд, изҳор медорад. Чунин ташкилот ҳамчунин ба маҳфуздоранда оид ба ҳама гуна тағйироти дахлдор дар соҳаи ваколати худ иттилоъ медиҳад.

4. Ҳамин Конвенсия барои ҳамроҳшавии ҳама гуна давлат ё ҳама гуна ташкилоти минтақавии ҳамгироии иқтисодӣ, ки ҳатто яке аз Давлатҳои иштирокчии он иштирокчии ҳамин Конвенсия мебошад, кушода аст.

Ҳуҷҷатҳо дар бораи ҳамроҳшавӣ барои ҳифз ба Муншии умумии Созмони Милали Муттаҳид супурда мешаванд. Ҳангоми ҳамроҳшавӣ ташкилоти минтақавии ҳамгироии иқтисодӣ дар хусуси доираи ваколати худ нисбат ба масъалаҳое, ки ҳамин Конвенсия танзим менамояд, изҳор мекунад. Чунин ташкилот низ ба маҳфуздоранда оид ба ҳама гуна тағйироти дахлдор дар соҳаи ваколати худ иттилоъ медиҳад.

**Моддаи 68. Эътибор пайдо кардани Конвенсия**

1. Ҳамин Конвенсия аз рӯзи 90-уми баъди барои ҳифз супурдани тасдиқномаи 30-юм ё ҳуҷҷат дар мавриди қабул, тасдиқ ё ҳамроҳшавӣ эътибор пайдо мекунад. Барои мақсадҳои ҳамин банд ҳама гуна чунин тасдиқнома ё ҳуҷҷате, ки аз ҷониби ташкилоти минтақавии ҳамгироии иқтисодӣ супорида шудааст, ба сифати илова ба тасдиқномаҳо ё хуҷҷатхое, ки Давлатҳои иштирокчии чунин ташкилот барои ҳифз супурдаанд, баррасӣ карда намешаванд.

2. Барои ҳар як давлат ё ташкилоти минтақавии ҳамгироии иқтисодӣ, ки ҳамин Конвенсияро ба тасвиб мерасонад, қабул ё тасдиқ менамояд ё ба он баъди барои ҳифз супурдани тасдиқномаи 30-юм ё ҳуччат доир ба чунин амал ҳамроҳ шудаанд, ҳамин Конвенсия дар рӯзи 30-юми баъди барои ҳифз супурдани тасдиқнома ё ҳуҷҷати дахлдор аз ҷониби чунин давлатҳо ё ташкилот ё аз санаи эътибор пайдо кардани ҳамин Конвенсия мутобиқи банди 1 ҳамин Конвенсия, вобаста ба он, ки кадоме аз онҳо баъдтар фаро мерасад, эътибор пайдо мекунад.

**Моддаи 69. Ислоҳ**

1. Бо гузашти панҷ соли баъди эътибор пайдо кардани ҳамин Конвенсия Давлати иштирокчӣ метавонад ислоҳ пешниҳод намояд ва онро ба Муншии умумии Созмони Милали Муттаҳид манзур дорад, ки он ислоҳи пешниҳодшударо бо мақсади баррасӣ ва қабули қарор ба Давлатҳои иштирокчӣ ва Конференсияи Давлатҳои иштирокчӣ мефиристад. Конференсияи Давлатҳои иштирокчӣ барои ноил шудан ба консенсус нисбати ҳар як ислоҳ кӯшиш мекунанд. Агар тамоми кӯшишҳо ҷиҳати ноил шудан ба консенсус бенатиҷа бошанд ва ба мувофиқа нарасанд, ба сифати тадбири ниҳоӣ барои қабули ислоҳ аксарияти аз се ду ҳиссаи овози Давлатҳои иштирокчӣ, ки дар ҷаласан Конференсияи Давлатҳои иштирокчӣ хузур дошта, дар овоздиҳӣ иштирок намудаанд, тақозо мегардад.

2. Оид ба масъалаҳое, ки таҳти ваколати онҳо қарор дорад, ташкилотҳои минтақавии ҳамгироии иқтисодӣ ҳуқуқи овози худро мутобиқи ҳамин модда, бо доштани ҳамон миқдори овозе, ки ба шумораи Давлатҳои иштирокчии онҳо баробаранд ва иштирокчии ҳамин Конвенсия мебошанд, татбиқ менамоянд. Чунин ташкилот ҳуқуқи овози худро татбиқ наменамояд, агар Давлатҳои нштирокчии онҳо ҳуқуқи овози худро истифода баранд ва ё баръакс.

3. Ислоҳе, ки мутобиқи банди 1 ҳамин модда қабул шудааст, бояд аз ҷонибн Давлатҳои иштирокчӣ тасвиб, тасдиқ ё қабул карда шавад.

4. Ислоҳе, ки мутобиқи банди 1 ҳамин модда қабул шудааст. нисбат ба Давлатҳои иштирокчӣ баъди 90 рӯзи ба Муншии умумии Созмони Милали Муттаҳид барои ҳифз супурдани тасдиқнома ё ҳуҷҷат дар хусуси қабул ё тасдиқи чунин ислоҳ эътибор пайдо мекунад.

5. Ҳангоми эътибор пайдо намудани ислоҳ он барои Давлатҳои иштирокчие, ки дар хусуси вобастагӣ ба он розигии худро изҳор намудаанд, ҳатмӣ мебошад. Дигар Давлатҳои иштирокчӣ ба муқаррароти ҳамин Конвенсия ва ҳама гуна ислоҳ ки қаблан тасвиб, қабул ё тасдиқ гардидаанд, вобаста боқӣ мемонанд.

**Моддаи 70. Бекор намудан (денонсатсия)**

1. Давлати иштирокчӣ метавонад ҳамин Конвенсияро бо роҳи ба Муншии умумии Созмони Милали Муттаҳид ирсол намудани огоҳиномаи хаттӣ бекор кунад. Чунин бекор кардан бо гузашти як соли баъди санаи аз ҷониби Муншии умумии Созмони Милали Муттаҳид гирифтани огоҳинома эътибор пайдо мекунад. 2. Ташкилоти минтақавии ҳамгироии иқтисодӣ ҳангоме, ки ҳамаи Давлатҳои иштирокчии он ҳамин Конвенсияро бекор кардаанд, дигар иштирокчии ҳамин Конвенсия буда наметавонад.

**Моддаи 71. Маҳфуздоранда ва забонҳо**

1. Маҳфуздорандаи ҳамин Конвенсия Муншии умумии Созмони Милали Муттаҳид таъйин мегардад.

2. Асли ҳамин Конвенсия, ки матни забони англисӣ, арабӣ, испанӣ, хитоӣ, русӣ ва франсузии он ба ҳам баробаранд, барои нигоҳ доштан ба Муншии умумии Созмони Милали Муттаҳид супорида мешавад.

Барои тасдиқи ҳамин намояндагони ваколатдори дар зер имзогузошта, ки аз тарафи ҳукуматҳои худ ба таври дахлдор ваколатдор шудаанд, ҳамин Комвенсияро имзо намуданд.

1. Гузориши Конференсияи байналмилалӣ оид ба маблағгузории рушд, Монтеррей, Мексика. 18-22 марти соли 2002 (Нашрияи Созмони Милали Муттаҳид, дар фурӯш № Ғ.02.11.А.77. Боби 1, резолютсияи 1, замима 1.)

2. Гузориши Вохӯрии умумиҷаҳонӣ дар сатҳи олӣ оид ба рушди устувор, Йоханнесбург, Африкаи Ҷанубӣ, 26 август- 4 сентябри соли 2002 (нашри Созмони Милалм Муттаҳид, дар фурӯш № Ғ.ОЗ. 11.А. 1. ва ислоҳ) Боби 1, резолютсияи 1, замимаи 1.

3. A/58/422 и Add.I

4. См.E/1996/99.

5. Official Journal of the Evropean Communities, C195,25 June 1997.

6. Cm. Corruption and integrity Imporovement Initiatives in Deveioping Countries (United Nations publication. Sales No. E.98.III.B.18)

7. Council of Evrope, Evropean Treaty Series, No. 173.

8. Ibid., No. 174.

9. Резолютсияи 55/25 Ассамблеяи генералӣ замимаи 1.

# ҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
# ДАР БОРАИ МУБОРИЗА БАР ЗИДДИ КОРРУПСИЯ

**(Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2005, №7, мод. 402; с. 2007, №7, мод. 660; с. 2008, №10, мод. 800; с. 2011, №12, мод. 837; с. 2014, №3, мод. 148; Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 24 феврали соли 2017, №1385; Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 24 феврали соли 2017, №1386)**

(Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.07.2007 № 296, аз 6.10.2008 № 419, аз 26.12.2011 № 772, аз 14.03.2014 № 1073, аз 24.02.2017 № 1385, № 1386, аз 30.05.2017 № 1440)

Ҳамин Қонун ба ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, манфиатҳои ҷамъият, таъмини амнияти миллӣ, фаъолияти муътадили мақомоти ҳокимияти давлатӣ, поктинатӣ ва беҷаразӣ дар хизмати давлатӣ равона гардида, асосҳои ташкилию ҳуқуқии пешгирӣ, ошкоркунӣ, кушодан ва барҳам додани оқибатҳои ҳуқуқвайронкуниҳои ба коррупсия алоқаманд ва ба ҷавобгарӣ кашидани шахсро муқаррар карда, навъҳои ҳуқуқвайронкуниҳои ба коррупсия алоқаманд ва чораҳои ҷавобгариро барои онҳо муайян менамояд.

## БОБИ 1. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

### Моддаи 1 . Мафҳумҳои асосӣ

Дар Қонуни мазкур мафҳумҳои асосии зерин истифода мешаванд:

- коррупсия - кирдоре (ҳаракат ё беҳаракатие), ки шахсони ба иҷрои вазифаҳои давлатӣ ваколатдор ё шахсони ба онҳо баробаркардашуда бо истифода аз мақоми худ ва имкониятҳои он барои ба манфиати худ ё шахсони дигар ғайриқонунӣ ба даст овардани неъматҳои моддию ғайримоддӣ, бартарият ва имтиёзҳои дигар содир менамоянд, инчунин ба ин шахсон ваъда додан, таклиф ё пешкаш намудани ин гуна неъмату бартарият ва имтиёзҳои дигар бо мақсади моилкунӣ ё қадр кардани онҳо барои содир намудани чунин кирдорҳо (ҳаракат ё беҳаракатӣ) ба

манфиати шахсони воқеӣ ё ҳуқуқӣ (Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26.12.2011 *№ 772*);

- муқовимат ба коррупсия - фаъолияти мақомоти ҳокимияти давлатӣ, мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ, ташкилотҳо, новобаста аз шакли моликият, дар доираи ваколатҳо ва вазифаҳои худ, инчунин шахсони воқеӣ дар самти пешгирии коррупсия, аз ҷумла оид ба ошкор ва бартарафсозии омилҳои бавуҷудоварандаи коррупсия (пешгирии коррупсия), дар самти ошкор кардан, кушодан, рафъ намудан ва тафтиши ҳуқуқвайронкуниҳои коррупсионӣ (мубориза бо коррупсия), оид ба кам ва бартараф намудани оқибатҳои ҳуқуқвайронкуниҳои коррупсионӣ, дар самти мусоидат дар пешгирӣ, ошкор кардан, кушодан, рафъ намудан ва тафтиши ҳуқуқвайронкуниҳои коррупсионӣ (Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 24.02.2017 *№ 1386*);

- истифодаи мақом ё имкониятҳои он - истифодаи якдафъагӣ, такрорӣ ё мунтазами ваколатҳои хизматӣ ва суиистифодаи мансаб, инчунин барқарор намудани алоқаҳои устувори як ё якчанд шахсони ба иҷрои вазифаҳои давлатӣ ваколатдор ё ба онҳо баробар кардашуда бо шахсон ё гурӯҳҳои алоҳида бо мақсадҳои дар сархати якуми ҳамин модда номбаршуда, ки ба манфиатҳои давлат ва ҷамъият таҳдид мекунанд (Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 24.02.2017 *№ 1385*);

- ҳуқуқвайронкуниҳои бо коррупсия алоқаманд - ҳуқуқвайронкуниҳои бо ҳамин Қонун ва дигар қонунҳо пешбинишудае, ки барои коррупсия шароит ба вуҷуд меоваранд, ҳуқуқвайронкуниҳои маъмурии бо коррупсия алоқаманд, ҳамчунин ҷиноятҳои хусусияти коррупсионидоштае мебошанд, ки боиси ҷавобгарии бо қонун муқарраршудаи интизомӣ, маъмурӣ, ҳуқуқии граждании ва ҷиноӣ мегарданд;

- субъектҳои ҳуқуқвайронкуниҳои бо коррупсия алоқамандшахси таъйин ё интихобшуда, ки ба таври доимӣ, муваққатӣ ё бо ваколати махсус вазифаи намояндаи ҳокимияти давлатиро амалӣ менамояд, яъне бо тартиби

муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дорои ваколатҳои амрдиҳӣ ба шахсоне мебошад, ки дар тобеияти хизматии ӯ қарор надоранд, инчунин шахсе, ки вазифаҳои ташкилию амрдиҳӣ, маъмурию хоҷагидориро дар мақомоти ҳокимияти давлатӣ, муассисаҳои давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, ҳамчунин дар субъектҳои хоҷагидори давлатӣ ва дигар субъектҳои хоҷагидор, ки дар онҳо ҳиссаи давлат на кам аз нисфро ташкил медиҳад, ба таври музднок ё бемузд иҷро менамояд (Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 24.02.2017 *№ 1386*);

хориҷ карда шуд (Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 24.02.2017 *№ 1386*);

- шахсони ба субъектҳои ҳуқуқвайронкуниҳои бо коррупсия алоқаманд баробаркардашуда - шахсони мансабдори давлатҳои хориҷӣ ва ташкилотҳои байналмилалӣ, ки бо мақомоти давлатӣ, шахсони мансабдор, шахсони воқеӣ ва ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон муносибат доранд (Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 24.02.2017 *№ 1386*);

- вазифаҳои давлатӣ - вазифаҳое, ки Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон онҳоро ба ваколатҳои давлат, мақомоти он ва шахсоне, ки мансабҳои давлатиро ишғол менамоянд, мансуб донистаанд (Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 24.02.2017 *№ 1385*);

- хешовандони наздик - зан (шавҳар), фарзандон, падару модар, бародарон, хоҳарон, инчунин падару модар, бародарон, хоҳарон ва фарзандони зан (шавҳар), қудоҳо, келинҳо, домодҳо, ҷиянҳо, ҳамчунин дигар шахсоне, ки бо шахси ба иҷрои вазифаҳои давлатӣ ваколатдор ё шахси ба он баробар кардашуда якҷоя зиндагӣ карда, хоҷагии умумӣ мебаранд (Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26.12.2011 *№ 772*, аз 24.02.2017 *№ 1386*).

**Моддаи 2. Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи мубориза бар зидди коррупсия**

Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи мубориза бар зидди коррупсия ба Конститутсияи Ҷумҳурии

Тоҷикистон асос ёфта, аз ҳамин Қонун, дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон онҳоро эътироф намудааст, иборат мебошад (Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 24.02.2017 *№ 1385*).

**Моддаи 3. Доираи амали Қонуни мазкур**

1. Қонуни мазкур дар тамоми ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбати ҳамаи шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ амал мекунад (Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 24.02.2017 *№ 1385*).

2. Қонуни мазкур берун аз ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбати шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон ва шахсони ҳуқуқие, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон сабти ном гардидаанд, амал мекунад, агар дар санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон онҳоро эътироф кардааст, тартиби дигаре пешбинӣ нашуда бошад.

3. Ҳамин Қонун нисбати шахсони мансабдори давлатҳои хориҷӣ ва ташкилотҳои байналмилалие, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолият мекунанд, ё бо шахсони мансабдор, мақомоти давлатӣ, шахсони воқеӣ ва ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки берун аз ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон муносибат доранд, амал мекунад.

4. Мамониатҳои дохил шудан ба хизмати давлатӣ, маҳдудиятҳо, уҳдадориҳо, инчунин ҳуқуқвайронкуниҳои маъмурии бо ин Қонун барои шахсони ба иҷрои вазифаҳои давлатӣ ваколатдор пешбинишуда дар ҳолатҳои муқаррарнамудаи ҳамин Қонун ба шахсоне, ки ба онҳо баробар карда шудаанд, татбиқ мегарданд.

5. Муқаррароти Қонуни мазкур оид ба манъи хизмати якҷояи хешовандони наздики дар сархати чоруми қисми якуми моддаи 9, маҳдудиятҳои дар сархатҳои якум, дуюм, сеюм, шашум, ҳафтум ва нуҳуми қисми 1 моддаи 10, ҳуқуқвайронкуниҳои дар сархатҳои панҷум, шашум ва нуҳуми қисми 1 моддаи 11, сархатҳои ҳафтум, дувоздаҳум ва чордаҳуми қисми 1 моддаи 12 ҳамин Қонун пешбинишуда нисбати шахсони мансабдори ташкилотҳои ба моликияти инфиродӣ ва оилавии шаҳрвандон таъсисгардида татбиқ

намегарданд (Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 24.02.2017 *№ 1385*).

6. Нисбати шахсони мансабдори ташкилотҳои соҳаи кооператсияи матлубот, иттиҳодияҳо (ассотсиатсияҳо), корхонаҳои иҷоравӣ, кооперативҳои истеҳсолӣ, хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ), ширкату ҷамъиятҳои хоҷагидорӣ, фондҳо, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, дигар ташкилотҳои ба моликияти дастаҷамъии ғайриоилавӣ асосёфта, ки дар онҳо роҳбари ташкилот молик, муассис ё сармоягузори асосӣ намебошад Қонуни мазкур ба истисноИ муқаррароти сархатҳои якум, дуюм ва сеюми қисми 1 моддаи 10 татбиқ мегардад (Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 24.02.2017 *№ 1385*).

**Моддаи 4. Принсипҳои асосии мубориза бар зидди коррупсия**

Мубориза бар зидди коррупсия, бо ба вуҷуд овардани шароити поктинатӣ барои шахсоне, ки дар сархати чоруми моддаи 1 ҳамин Қонун номбар шудаанд, дар асоси принсипҳои зерин ба амал бароварда мешавад (Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 24.02.2017 *№ 1385*):

- эътироф, риоя ва ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд (Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26.12.2011 *№ 772*);

- баробарии ҳама дар назди қонун ва суд (Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26.12.2011 *№ 772*);

- танзими дақиқи ҳуқуқии фаъолияти субъектҳои ҳуқуқвайронкунии бо коррупсия алоқаманд, қонуният, шаффофият ва ошкорбаёнӣ дар фаъолияти онҳо ва назорати давлативу ҷамъиятӣ аз болои ин субъектҳо (Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26.12.2011 *№ 772*);

- такмили сохтори дастгоҳи давлатӣ ва тартиби ҳалли масъалаҳое, ки ба ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ дахл доранд;

- эътирофи раво будани маҳдудкунии ҳуқуқ ва озодиҳои шахсони ба иҷрои вазифаҳои давлатӣ ваколатдор, инчунин шахсони ба онҳо баробар кардашуда мутобиқи моддаи 14

Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон (Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 24.02.2017 *№ 1385*);

- ногузир будани ҷавобгарӣ барои содир намудани ҳуқуқвайронкуниҳои ба коррупсия алоқаманд (Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26.12.2011 *№ 772*);

- манъ будани иҷрои вазифаҳои давлатӣ дар ҳолати бархӯрди манфиатҳои шахсӣ ва давлатӣ (Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26.12.2011 *№ 772*);

- роҳ надодан ба хешутаборчигӣ, маҳалгароӣ ва пуштибонӣ ҳамчун зуҳуроти кирдорҳои коррупсионӣ (Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26.12.2011 *№ 772*);

- барқарор намудани ҳуқуқу манфиатҳои қонунии шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, пешгирӣ намудан ва барҳам додани оқибатҳои зарарноки ҳуқуқвайронкуниҳои ба коррупсия алоқаманд;

- аз тарафи давлат муҳофизат намудани ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии шахсони ба иҷрои вазифаҳои давлатӣ ваколатдор ё шахсони ба онҳо баробар кардашуда, муқаррар намудани музди меҳнат ва имтиёзҳое, ки ба онҳо ва аҳли оилаашон сатҳи муносиби зиндагиро таъмин мекунанд;

- манъи вогузор намудани ваколатҳо оид ба танзими давлатӣ ва назорати фаъолияти соҳибкорӣ ба зиммаи шахсони воқеӣ ва ҳуқуқие, ки чунин фаъолиятро амалӣ менамоянд ***Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 24.02.2017 № 1385)***;

- пешбурди фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ бо мақсади пешгирӣ, ошкор кардан, кушодан ва рафъ намудани ҷиноятҳои хусусияти коррупсионидошта, ошкор ва муайян намудани шахсони онҳоро тайёркунанда, тайёркарда, содиркунанда ё содиркарда, инчунин татбиқи тадбирҳои махсуси назорати молиявӣ (Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26.12.2011 *№ 772*);

- таъмини амнияти шахсӣ ва кафолати ҳуқуқии шахсоне, ки ба мубориза бар зидди ҳуқуқвайронкуниҳои ба коррупсия алоқаманд мусоидат менамоянд (Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26.12.2011 *№ 772*);

- ҳамкории давлат бо ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ, ташкилотҳои байналмилалӣ ва шахсони воқеӣ (Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26.12.2011 *№ 772*).

**Моддаи 5. Мақомоти мубориза бар зидди коррупсия**

1. Мақомоти назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо қоррупсия, мақомоти прокуратура, корҳои дохилӣ, амнияти миллӣ, идоракунии ҳарбӣ, назорати маводи нашъаовар, андоз ва гумрук дар доираи салоҳияти худ бар зидди коррупсия мубориза мебаранд (Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.07.2007 *№ 296*, аз 24.02.2017 *№ 1385*).

2. Ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомоти мубориза бар зидди коррупсия, пешбурди кори таҳлилӣ ба зиммаи мақомоти назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсия ва мониторинги омории вазъи мубориза бар зидди коррупсия ба зиммаи мақомоти прокуратура гузошта мешавад (Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.07.2007 *№ 296*).

3. Иҷрои талаботи моддаҳои 7, 8, 9, 10, 16 ва татбиқи ҷавобгарии интизомии дар моддаи 11 Қонуни мазкур муқарраршударо роҳбарони ҳама мақомоти ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, ташкилотҳои давлатӣ ва дар ҳолатҳои пешбиникардаи ҳамин Қонун роҳбарони ташкилотҳои ғайридавлатӣ дар доираи ваколатҳои ба онҳо додашуда таъмин менамоянд (Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26.12.2011 *№ 772*).

4. Мубориза бар зидди коррупсия бо иштироки васеи аҳолӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва воситаҳои ахбори омма ба амал бароварда мешавад.

5. Мақомоти назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсия натиҷаи асосҳои ташкилӣ ва методии раванди баҳодиҳии (таҳлили) хавфҳои коррупсияро дар вазоратҳо, кумитаҳои давлатӣ, дигар мақомоти давлатӣ, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, субъектҳои хоҷагидори давлатӣ, субъектҳои хоҷагидоре, ки на кам аз нисфи моликияти онҳоро ҳиссаи давлат ташкил медиҳад, инчунин ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ, аз ҷумла иттиҳодияҳои

ҷамъиятӣ, ҳизбҳои сиёсӣ, ташкилотҳои байналмилалие, ки дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолият мекунанд, ҷамъбаст менамоянд. Методологияи тартиб ва методикаи гузаронидани таҳлили фаъолият (хавфҳои коррупсионӣ)-ро Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар менамояд (Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.05.2017 *№ 1440*).

**Моддаи 5(1). Субъектҳои муқовимат ба коррупсия**

(Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 14.03.2014 *№ 1073*)

1. Вазоратҳо, кумитаҳои давлатӣ, дигар мақомоти давлатӣ, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, субъектҳои хоҷагидори давлатӣ, субъектҳои хоҷагидоре, ки на кам аз нисфи моликияти онҳоро ҳиссаи давлат ташкил медиҳад, инчунин ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ, аз ҷумла иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, ҳизбҳои сиёсӣ, ташкилотҳои байналмилалие, ки дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолият мекунанд, субъектҳои муқовимат ба коррупсия мебошанд (***Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 24.02.2017 № 1385)***.

2. Барои иҷрои вазифаҳои муқовимат ба коррупсия роҳбарони субъектони муқовимат ба коррупсия масъул мебошанд.

3. Талабот, мамониат, маҳдудият ва уҳдадориҳои иловагӣ оид ба пешгирии омилҳои бавуҷудоварандаи коррупсия, ки бо Қонуни мазкур муқаррар шудаанд, нисбати шахсони мансабдори субъектҳои хоҷагидори давлатӣ ва субъектҳои хоҷагидоре, ки на кам аз нисфи моликияти онҳоро ҳиссаи давлат ташкил медиҳад, татбиқ карда мешаванд (Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 14.03.2014 *№ 1073*).

**Моддаи 5(2). Шӯрои миллии муқовимат ба коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон**

(Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 14.03.2014 *№ 1073*)

1. Шӯрои миллии муқовимат ба коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон мақоми умумимиллии машваратӣ, мутобиқсозандаи фаъолияти мақомоти давлатӣ ва ҷалби

ҷомеаи шаҳрвандӣ ҷиҳати амалигардонии чораҳои пешгирӣ ва муқовимат ба коррупсия буда, аз тарафи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис дода мешавад ва ба ӯ ҳисоботдиҳанда мебошад.

2. Ҳайат ва Низомномаи Шӯрои миллии муқовимат ба коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз тарафи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян ва тасдиқ карда мешавад (Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 14.03.2014 *№ 1073*).

**Моддаи 6. Кафолати дахлнопазирии шахсоне, ки ба мубориза бар зидди коррупсия мусоидат менамоянд**

1. Шахсе, ки дар бораи ҳодисаҳои ҳуқуқвайронкунии ба коррупсия алоқаманд хабар додааст ё ба тариқи дигар ба муборизаи зидди коррупсия мусоидат намудааст, таҳти ҳимояи давлат қарор дорад.

2. Иттилоот дар бораи шахсе, ки ба муборизаи зидди коррупсия мусоидат намудааст, сирри давлатӣ мебошад ва фақат бо дархости мақомоте, ки дар қисми 1 моддаи 5 ҳамин Қонун зикр шудаанд, ё суд бо тартиби муқаррарнамудаи қонун танҳо бо ризоияти онҳо пешниҳод карда мешавад. Ошкор намудани ин сир боиси ҷавобгарии бо қонун пешбинишуда мегардад.

3. Дар ҳолати зарурӣ мақомоте, ки бар зидди коррупсия мубориза мебаранд, амнияти шахсии онҳоеро, ки ба муборизаи зидди коррупсия мусоидат мекунанд, таъмин менамоянд.

4. Муқаррароти ин модда ба шахсоне, ки дидаю дониста хабари бардурӯғ расонидаанд ва мутобиқи қонун барои он бояд ба ҷавобгарӣ кашида шаванд, татбиқ намегардад.

**Моддаи 6(1) . Ҳамкории байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи мубориза бар зидди коррупсия**

(Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26.12.2011 *№ 772*)

Ҷумҳурии Тоҷикистон тибқи санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Тоҷикистон дар соҳаи мубориза бар зидди коррупсия дар асоси принсипҳои ҳамкории байналмилалии ҳуқуқӣ бо мақсадҳои пешгирии коррупсия ва мубориза бо он ҳамкориро бо давлатҳои

хориҷӣ ва ташкилотҳои байналмилалӣ амалӣ менамояд (Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26.12.2011 *№ 772*).

## БОБИ 2. ПЕШГИРӢ НАМУДАНИ КОРРУПСИЯ

### Моддаи 7. Талаботи махсус нисбати довталабони вазифаҳои давлатӣ ва шахсони ба иҷрои вазифаҳои давлатӣ ваколатдор

1. Бо мақсади роҳ надодан ба суиистифодаи вазъи ҳуқуқӣ ё нуфузи он ба манфиатҳои шахсӣ, гурӯҳӣ ва дигар манфиатҳои ғайрихизматӣ бо Қонуни мазкур ва дигар қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбати довталабони мансабҳои давлатӣ, шахсони ба иҷрои вазифаҳои давлатӣ ваколатдор, инчунин шахсони ба онҳо баробар кардашуда, маҳдудият ва уҳдадориҳои махсус муқаррар карда мешаванд.

2. таъйин намудан ба (ишғоли) мансаб ба сифати шахси ба иҷрои вазифаҳои давлатӣ ваколатдор ва шахсони ба онҳо баробар кардашуда маънои ихтиёран ба зимма гирифтани ин уҳдадорӣ ва маҳдудиятҳоро дорад.

3. Маҳдудият ва уҳдадориҳо нисбати шаҳрвандоне, ки ба сифати номзад ба мансабҳои давлатии интихобӣ ба қайд гирифта шудаанд, бо қонунҳо дар бораи интихобот ва дигар санадҳои қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар карда мешаванд.

### Моддаи 8. Чораҳои назорати молиявӣ

1. Довталабони мансабҳои давлатӣ дар мавриди таъйин (интихоб) ба мансаб ва шахсони ба иҷрои вазифаҳои давлатӣ ваколатдор ҳар сол ба мақомоти андози ҷои истиқоматашон бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи даромадҳояшон эъломия пешниҳод менамоянд.

2. Мақоми давлатие, ки ҳуқуқи ба вазифаи давлатӣ таъйин (интихоб) ва аз он озод намуданро дорад, ҳуқуқ дорад дар мавриди ба мансаб таъйин (интихоб) намудани шахсон ва аз шахсони мансабҳои давлатиро ишғолкунанда соле як маротиба маълумоти зеринро талаб намояд:

- дар бораи даромадҳои аз тамоми манбаъҳо гирифтаи онҳо;

- амволи ғайриманқул ва манқули арзишашон дар алоҳидагӣ зиёда аз ду ҳазор нишондиҳанда барои ҳисобҳо, аз ҷумла молу мулки берун аз ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон воқеъбуда ё муваққатан дар ихтиёри шахси дигар буда бо нишон додани арзиш ва суроғаи он (Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 06.10.2008 № 419, ***аз 24.02.2017 № 1385)***;

- дар бораи пасандозҳои бонкӣ, аз ҷумла дар бонкҳои хориҷӣ доштаашон ва коғазҳои қиматноке, ки шахсан ё ҳамроҳи дигарон ихтиёрдорӣ мекунанд;

- дар бораи иштироки бевосита ё бавосита ба сифати саҳмгузор ё иштирокчии ширкату ҷамъиятҳо, хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ), дигар субъектҳои хоҷагидор ва фондҳо бо нишон додани шакли иштирок ва фоизи моликият дар онҳо;

- дар бораи қарзҳои ҳаҷмашон бештар аз 500 нишондиҳанда барои ҳисобҳо ва дигар уҳдадориҳои молиявӣ, аз ҷумла дар хориҷа (Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 06.10.2008 № 419);

- маълумот оид ба амволи аъзои оила.

3. Пешниҳод накардан ё пешниҳод кардани маълумоти нопурра ва носаҳеҳе, ки дар қисми 2 ҳамин модда пешбинӣ гардидаанд, агар дар ин кирдор таркиби ҷиноят ҷой надошта бошад, барои рад кардани ба мансаб таъйин (интихоб) намудан ё аз мансаб озод намудан асос мегарданд.

4. Маълумоти пешниҳодшуда ба истиснои ҳолатҳои муқаррарнамудаи қонунгузорӣ ошкор карда намешавад.

**Моддаи 9. Мамониатҳо барои таъйин (интихоб) намудан ба мансабҳои давлатӣ ва мансабҳои ба онҳо баробар кардашуда**

1. Шахс дар чунин мавридҳо наметавонад ба мансабҳои давлатӣ ё мансабҳои ба онҳо баробар кардашуда таъйин (интихоб) шавад ё дар чунин вазифаҳо бошад:

- мавҷудияти доғи судӣ барои ҷинояти барқасдона содир намуда, агар ин доғи судиаш аз байн нарафта ё аз рӯи тартиби муқарраркардаи қонун бардошта нашуда бошад;

- эътибори қонунӣ пайдо кардани ҳалномаи суд дар бораи маҳдуд намудани қобилияти амал ё ғайри қобили амал эътироф намудани шахс (***Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 24.02.2017 № 1385)***;

- надоштани таҳсилот, ихтисос ё собиқаи кории дахлдоре, ки мавҷудияти онҳо мувофиқи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои вазифаи мазкур ҳатмӣ мебошанд;

- бевосита дар итоат, таҳти назорат ё ҳисоботдиҳанда будани мансаби ишғолшаванда ё ишғолнамудаи ӯ ба мансабҳое, ки онро хешовандони наздики ӯ ишғол кардаанд;

- дар сурати шаҳрванди давлати хориҷӣ ё шахси бешаҳрванд будан, ба истисноӣ ҳолатҳое, ки агар роҳ додани чунин шахсон ба хизмати давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ гардида бошанд;

- дар дигар мавридҳое, ки бо қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар гардидаанд.

2. Дар сурати риоя накардани мамониатҳои дар қисми 1 ҳамин модда пешбинишуда қарори ба мансаб таъйин (интихоб) шудани шахс бо эътироз ё пешниҳоди прокурор, пешниҳоди мақомоти назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ё бо ташаббуси худи мақоми қарорро қабулкарда ё мақоми болоӣ бекор карда мешавад (Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 24.02.2017 № 1386).

3. Ҳангоми ба миён омадани мамониатҳои номбурда дар давоми иҷрои мансаби давлатӣ ё мансаби ба он баробар кардашуда бо пешниҳоди ҳамин мақомот дар мӯҳлати на дертар аз се моҳ корманд ба мансаби дигари мувофиқ гузаронида мешавад.

4. Дар ҳолати мавҷуд набудани имконияти ба дигар мансаб гузаронидани корманд ё аз гузаштан ба мансаби дигар норозӣ будани ӯ ё ба миён омадани дигар мамониати хизмати давлатиро истиснокунанда корманд аз мансаб озод карда мешавад.

**Моддаи 10. Маҳдудиятҳо вобаста ба иҷрои мансаби давлатӣ ва мансаби ба он баробар кардашуда**

1. Ба шахси ба иҷрои мансаби давлатӣ ваколатдор ва мансаби ба он баробар кардашуда манъ аст:

- ба фаъолияти мақомоти дигари давлатӣ, ки ба доираи ваколатҳои мансабиаш дохил нест, дахолат намояд (***Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 24.02.2017 № 1385)***;

- ба кори дигари музднок дар асоси шароити ишҷолкунии мансаби штатӣ, ҷайр аз фаъолияти илмиву эҷодӣ ва омӯзгорӣ машҷул шавад;

- аз рӯи масъалаҳои вобаста ба фаъолияти мақоми давлатие, ки дар он ҷо хизмат мекунад ё бевосита тобеъ ё бевосита таҳти назорати он мақом қарор дорад, вакили шахсони сеюм бошад;

- шахсан ё ба воситаи шахсони боэътимод ба фаъолияти соҳибкорӣ машҷул шавад. Шахси ба иҷрои вазифаҳои давлатӣ ваколатдор уҳдадор аст, ки дар мӯҳлати на дертар аз понздаҳ рӯзи баъди ба хизмати давлатӣ дохил шудан ҳиссаи дар сармояи оинномавии (шариконаи) ташкилотҳои тиҷоратӣ доштаашро ба шахси дигар бо ҳуқуқи идораи ба боварӣ асосёфта диҳад (***Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 24.02.2017 № 1385)***;

- дар бонкҳои хориҷие, ки берун аз ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолият доранд, суратҳисобҳо кушояд ва пасандозҳо дошта бошад (***Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 24.02.2017 № 1385)***;

- воситаҳои молиявӣ, моддию техникӣ, нақлиётӣ, дигар захираҳои давлатӣ ё коллективӣ ва ахбороти хизматиро ба мақсадҳои ҷайрихизматӣ истифода намояд;

- аз шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ вобаста ба иҷрои ваколатҳояш, аз ҷумла барои хизмате, ки ҳангоми иҷрои ваколаташ (ҳуқуқу уҳдадориҳояш) анҷом додааст ё ба манфиати шахси дигар анҷом надодааст, мукофот (қарз, мукофоти пулӣ ва мукофоти дигар, хизматрасонӣ, пардохти вақтхушӣ, истироҳат, хароҷоти нақлиёт) гирад, ба шахсони мансабдори болоӣ тӯҳфа диҳад ё хизмат расонад. Тӯҳфаҳои ҳангоми баргузории чорабиниҳои протоколӣ, сафарҳои хизматӣ ва чорабиниҳои дигари расмӣ гирифташударо

ҳамчун молу мулки давлатӣ бояд бо санади дахлдор ба мақомоте, ки дар он фаъолият менамояд, супорад, ба истисної армуғон ва тӯҳфаҳои дигари рамзӣ, ки арзиши умумии онҳо дар давоми сол аз 100 (сад) нишондиҳанда барои ҳисобҳо зиёд набошад (***Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 24.02.2017 № 1385)***;

- аз ҳисоби шахсони воқеӣ ва ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ё шахсони воқеӣ ва ҳуқуқии хориҷӣ ба саёҳат ва сафарҳои дохиличумҳуриявӣ ва хориҷии муоличавӣ - табобатӣ, саёҳатӣ ва дигар сафарҳо равад, ба истисної сафарҳо бо даъвати хешовандони наздик ва аз ҳисоби онҳо ва сафарҳо дар асоси санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ё бо мувофиқаи байни мақомоти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақомоти давлатии кишварҳои хориҷӣ ва ташкилотҳои байналмилалӣ, ки аз ҳисоби мақомоти давлатии дахлдор ё ташкилотҳои байналмилалӣ сурат мегиранд;

- супоришу дастурҳои ҳизбҳои сиёсӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, ташкилотҳои динӣ ва субъектҳои хоҷагидорро, ки ба хизмати мақомоти давлатӣ дахл доранд, ба ҷо оварад ё мақоми хизматии худро ба манфиати онҳо истифода барад;

- бар хилофи манфиати кор бюрократизм, идорабозӣ ва маҳалгароӣ зоҳир намояд, нисбати ягон ташкилот, мақомот, иттиҳодияҳои шаҳрвандон ё шахси мушаххас бадхоҳ ё хайрхоҳ бошад;

- барои дар матбуот, радио ва телевизион интишор ва пахш гардидани мақолаю баромадҳои дар чорабиниҳои расмӣ ба сифати хизматчии давлатӣ баёнкарда, ки таҳияи онҳо ба уҳдадории хизматиаш дохил мешавад, ҳақи қалам гирад.

2. Иҷро накардани маҳдудиятҳои номбурда барои ба ҷавобгарӣ кашидани шахс мутобиқи боби 3 ҳамин Қонун асос мегардад.

## БОБИ 3. ҲУҚУҚВАЙРОНКУНИҲОИ БА КОРРУПСИЯ АЛОҚАМАНД ВА ҶАВОБГАРӢ БАРОИ ОНҲО

### Моддаи 11. Ҳуқуқвайронкуниҳое, ки барои коррупсия шароит ба вуҷуд меоваранд ва ҷавобгарӣ барои онҳо

1. Кирдорҳои зерини шахсони ба иҷрои вазифаҳои давлатӣ ваколатдор ва шахсони ба онҳо баробар кардашуда ҳуқуқвайронкунии барои коррупсия шароит бавуҷудоваранда ҳисобида мешаванд:

- истифодаи мақоми худ дар ҳалли масъалаҳое, ки ба манфиатҳои шахсӣ, хешовандони наздик ё шахсони сеюм дахл доранд;

- монеъ шудан ё ғайриқонунӣ дахолат кардан ба иҷрои фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва назоратӣ дар ҳудуди муайян, ё нисбати объектҳо ва ё шахсони мушаххас (***Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 24.02.2017 № 1385)***;

- иштирок ба сифати намояндаи манфиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ аз рӯи корҳои мақоме, ки ин шахс дар он ҷо кор мекунад ё зердасти вай мебошанд ё фаъолияти онҳоро назорат мекунад, аз ҷумла иштирок ба сифати ҳимоятгари ҷамъиятӣ ё намоянда (ба истисноы ҳолатҳои намояндагии қонунӣ) аз рӯи парвандаҳои граждании, иқтисодӣ, оилавӣ, ҷиноятӣ ё парванда оид ба ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ (***Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 24.02.2017 № 1385)***;

- иштирок дар қиморбозиҳои пулӣ ё қиморбозиҳои дигари характери молумулкӣ дошта бо шахсони мансабдори болоӣ ё тобеъ ва ё аз ягон ҷиҳати корӣ ё хизматӣ ба онҳо тобеъ (Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26.12.2011 *№ 772*);

- машғул шудан ба фаъолияти соҳибкорӣ, иштирок дар идораи фаъолияти ҷамъияти хоҷагидор ё дигар ташкилоти тиҷоратӣ, аз ҷумла дар ҳайати мақомоти идоракунии ташкилоти тиҷоратӣ, ки узвият дар онҳо бе изҳори иродаи махсуси фардӣ ғайриимкон аст, ба истисноы ҳолатҳои пешбининамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон (***Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 24.02.2017 № 1385)***;

- узвият дар мақомоти идоракунӣ, шӯроҳои нозирон ё парасторон, мақомоти дигари ташкилотҳои ғайритиҷоратии хориҷӣ ва воҳидҳои сохтории дар ҳудуди Ҷумҳурии

Тоҷикистон амалкунандаи онҳо, агар қонунгузорӣ ё шартномаҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон тартиби дигарро пешбинӣ накарда бошанд (***Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 24.02.2017 № 1385)***;

- пешбарӣ ва (ё) таъйин намудан ба мансаб ба сифати шахси ба иҷрои вазифаҳои давлатӣ ваколатдор ё шахсони ба онҳо баробар кардашуда, дар сурати мавҷуд будани мамониатҳо барои ишғол намудани чунин мансаб, ки дар моддаи 9 Қонуни мазкур пешбинӣ шудаанд, ё дидаву дониста риоя накардани маҳдудиятҳои муқарраркардаи ҳамин Қонун дар мавриди хизмати якҷояи хешовандони наздик, дидаву дониста, ғайриқонунӣ аз мансаб озод намудан ё ба мансаби дигар гузаронидани кормандон;

- пешниҳоди бартариятҳои бо қонун пешбининагардида (протексионизм) зимни таъйин ва (ё) пешбарӣ ба хизмати давлатӣ, таҳсил, фаъолияти илмӣ ва фаъолияти дигари ба онҳо монанд;

- вайрон кардани тартиби бо қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муқарраршудаи баррасии мурочиатҳои шаҳрвандон, ба назар нагирифтани бартарият, имтиёзҳо ва навбати бо қонунгузорӣ ё санадҳои дигари меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон муқарраршуда ё аз ҳолатҳои мушаххас бармеомада дар мавриди ҳалли онҳо;

- ғайриқонунӣ аз шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ талаб намудани иҷрои шартҳои иловагӣ, пешниҳоди ҳуҷҷатҳо ва талаботи дигари бо санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ пешбининагардида, ба вуҷуд овардани дигар монеаҳои сунъӣ ва ғайриқонунӣ зимни таъйин (интихоб) намудан ва (ё) пешбарӣ намудан ба мансабҳои давлатии хизмати давлатӣ, ҷобаҷогузорӣ, ҷойивазкунӣ, таҳсил, фаъолияти илмӣ ва дар мавриди амалӣ намудани дигар ҳуқуқу уҳдадориҳо ва вазифаҳои хизматчии давлатӣ (Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26.12.2011 *№ 772*);

- ҳангоми амалӣ намудани фаъолият ва ҳуқуқу уҳдадориҳои мансабӣ аз рӯи ғараз ва манфиати шахсӣ қабул намудани қарорҳо ва дигар санадҳои ғайриқонунӣ, содир намудани амалҳои ғайриқонунӣ, аз ҷумла оиди ба кор қабул намудан ва аз кор озод намудани шахс ва дигар амалҳое, ки

ҳуқуқу манфиатҳои дигар шахсони воқеӣ ва ҳуқуқиро поймол мекунанд ва ба онҳо зарар мерасонанд (Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26.12.2011 № 772);

- пешниҳод намудани (гузашт кардани) ваколатҳо оид ба танзими давлатии фаъолияти соҳибкорӣ ва назорати фаъолияти соҳибкорӣ ба шахсони воқеӣ ва ҳуқуқие, ки ба чунин фаъолият машғуланд.

2. Аз ҷониби шахсони ба иҷрои вазифаҳои давлатӣ ваколатдор ё шахсони ба онҳо баробар кардашуда содир намудани яке аз ҳуқуқвайронкуниҳои дар қисми 1 моддаи мазкур нишон додашуда, агар он таркиби ҷиноятро надошта бошад, боиси ҷазои интизомӣ дар шакли сарзаниш, танбеҳ, танбеҳи қатъӣ ё озод намудан аз мансаб мегардад (Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 24.02.2017 № 1386).

3. Содир кардани ду ва зиёда ҳуқуқвайронкунии дар боло зикргардида ё такроран дар давоми сол баъди татбиқи ҷазои интизомӣ содир намудани чунин ҳуқуқвайронкунӣ асос барои озод намудан аз мансаб мегардад (Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 24.02.2017 № 1386).

**Моддаи 12. Ҳуқуқвайронкуниҳои маъмурии ба коррупсия алоқаманд**

1. Кирдорҳои зерини шахсони ба иҷрои вазифаҳои давлатӣ ваколатдор ва шахсони ба онҳо баробар кардашуда, агар дар онҳо таркиби ҷиноят мавҷуд набошад, ҳуқуқвайронкунии маъмурии ба коррупсия алоқаманд ҳисобида мешаванд:

- барои фаъолияти худ аз мақомоти давлатӣ, ташкилотҳое, ки шахси мазкур дар онҳо вазифаҳои дахлдорро иҷро намекунад, инчунин аз ташкилотҳои ғайридавлатӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва шахсони воқеӣ дар шакли пул, хизматрасонӣ ва дигар шаклҳо гирифтани ҳар навъ подоши иловагӣ, агар бо қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳолатҳои дигаре пешбинӣ нашуда бошанд;

- қабул кардани тӯҳфа ва дигар хизматрасониҳо вобаста ба иҷрои вазифаҳои давлатӣ ё ба онҳо баробар кардашуда аз шахсони аз рӯи вазифа тобеъ (ба истиснои армуғонҳои рамзӣ ва нишони эҳтиром ҳангоми чорабиниҳои расмӣ ва

маросимҳои дигар, ки арзиши умумиашон дар як сол аз 100 нишондиҳанда барои ҳисобҳо зиёд нест), инчунин пешниҳод намудани ин гуна тӯҳфаву хизматрасониҳо ба шахси мансабдори болоӣ (Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 06.10.2008 *№ 419*, аз 26.12.2011 *№ 772*);

- истифодаи бартариятҳои бо қонун пешбининагардида дар гирифтану баргардонидани кредит ва қарзи бонкӣ ва дигар ташкилотҳо, харидани коғазҳои қиматнок, молу мулки ғайриманқул, дигар амвол, пардохти андозҳои давлатӣ ва иҷрои дигар уҳдадориҳо (Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26.12.2011 *№ 772*);

- додани бартарият ва имтиёзҳои ғайриқонунӣ ё беасос ба шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ дар мавриди таҳия ва қабули қарорҳо, ҷойгир кардани фармоишҳои давлатӣ, дигар фармоишҳои аз ҳисоби буҷети давлатӣ ва ё ташкилотҳо новобаста аз шакли моликият маблағгузоришаванда, тақсимоти воситаҳои молиявию моддӣ, захираҳои энергетикӣ ва табиӣ, пардохти андозҳо ва баргардонидани қарзҳо ва иҷрои дигар уҳдадориҳои молиявию моддӣ;

- бе қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳуқуқи моликият ё ба истифодаи муваққатӣ ба ташкилотҳои ғайридавлатӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ё шахсони воқеӣ ройгон додани захираҳои молиявӣ ва моддии ба фондҳои давлатӣ, субъектҳои давлатии хоҷагидор ва дигар субъектҳои хоҷагидор тааллуқдоштае, ки дар моликияти онҳо ҳиссаи давлат на кам аз нисфро ташкил медиҳад;

- бо мақсадҳои шахсӣ, гурӯҳӣ ва мақсадҳои дигари ғайрихизматӣ истифода намудани биноҳо, воситаҳои нақлиёт ва алоқа, воситаҳои электронӣ, маблағҳо ва молу мулки дигари давлатӣ, ки барои адои вазифаҳои давлатӣ вобаста карда шудаанд, агар он бо қонунҳо пешбинӣ нагардида бошад, ба манфиатҳои давлат зарар расонад (Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26.12.2011 *№ 772*);

- таъсис додан (ташкил кардан) ё аз ҳисоби буҷети давлатӣ ва ташкилотҳои давлатӣ маблағгузорӣ намудани ташкилотҳои тиҷоратие, ки ба муассис (буҷети давлатӣ, ташкилотҳои мазкур) ҳисса ҷудо намекунанд;

- восита ва захираҳои молиявию моддии давлатиро ба фондҳои интихоботии номзадҳои ҷудогона ва ҳизбҳои сиёсӣ гузаронидан (Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26.12.2011 *№ 772*);

- беасос иҷро накардани дархост, пешниҳод, амр, дастур, қарор ва дигар санадҳои дар доираи ваколаташон қабулнамудаи мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, назоратӣ ва судӣ (Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26.12.2011 *№ 772*);

- ба манфиатҳои шахсӣ ё гурӯҳӣ истифода намудани маълумоте, ки ҳангоми иҷрои вазифаҳои давлатӣ ба даст омада, паҳнкунии он манъ карда шудааст;

- ғайриқонунӣ дахолат кардан ба фаъолияти субъектҳои хоҷагидор, риоя накардани мустақилият ва ҳуқуқу манфиатҳои онҳо ғайриқонунӣ барҳам додан ё азнавташкилдиҳии онҳо, дахолат ба таъйин (интихоб) ба мансаб ва аз мансаб озод намудани роҳбарон ва кормандони субъектҳои хоҷагидори ғайридавлатӣ, маҳдуд намудани рақобат дар бозори мол (иҷрои кор ва хизматрасонӣ) (Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26.12.2011 *№ 772*);

- ғайриқонунӣ аз ҳисоб баровардан, вайрон кардани тартиби нархгузорӣ ва ба фурӯш баровардани молу мулк, гузаронидани музояда ва тендерҳо оид ба хусусигардонии молу мулки давлатӣ ва хариди давлатии мол (иҷрои кор ва хизматрасонӣ), ки ба манфиатҳои давлат, шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ зарар расонидааст, инчунин аз тарафи роҳбарони ташкилотҳои давлатӣ худсарона ба иҷора додан ё фурӯхтани амволи давлатӣ, беасос вайрон намудани молу мулки ғайриманқули давлатӣ (Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26.12.2011 *№ 772*, ***аз 24.02.2017 № 1385);***

- ғайриқонунӣ ё бо шартҳои ба манфиатҳои давлат ва ташкилотҳо ошкоро номувофиқ ба истифода, киро ё иҷора додани воситаҳои асосӣ, замин ва дигар сарватҳои моддию табиӣ ба шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, ғайриқонунӣ рад намудани додан ё кашида гирифтани онҳо;

- пинҳон намудан аз баҳисобгирӣ, ба расмият надаровардани ҳуқуқвайронкуниҳои маъмурии ошкоршуда, ғайриқонунӣ аз ҷавобгарии маъмурӣ озод намудан ё доир ба ин ҳуқуқвайронкуниҳо қабул намудани қарорҳои ошкоро ба

вазнинии кирдор номувофиқ, инчунин надидани чораҳои барқароркунии зарари бо ҳуқуқвайронкуниҳои маъмурӣ расонидашуда;

- тартиб додан, ба расмият даровардан, тасдиқ намудан ё ба қайд гирифтани санадҳо, аҳдҳо ва шартномаҳо, эъломияҳо, ҳуҷҷатҳои ибтидоии муҳосибавӣ оид ба хариду фурӯш, ҳадя кардан, иваз намудан, гарав, молтаъминкунӣ, киро, иҷора, хусусигардонӣ, аз ҳисоб баровардан, харид намудан ва дигар аҳдҳо оид ба ихтиёрдорӣ, истифода ва интиқоли молу мулк (иҷрои кор, хизматрасонӣ), ки дар онҳо нарх, миқдор, ҳаҷм, соли истеҳсол ва дигар нишондиҳандаҳои молу мулк (мол, иҷрои кор ва хизматрасонӣ) таҳриф карда шуда, ба ин восита ба манфиатҳои давлат, шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ зарар расонида шудааст (Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26.12.2011 *№ 772*, ***аз 24.02.2017 № 1385);***

- ба шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ дар татбиқи ҳуқуқу манфиатҳои қонуниашон ба вуҷуд овардани монеаҳои сунъӣ, аз онҳо талаб кардани ҳуҷҷатҳо ва маълумоте, ки қонунгузорӣ пешниҳодкунии онро аз ҷониби ин шахсон пешбинӣ намекунад, ё рад кардани ба онҳо додани чунин санаду маълумот, ки бо санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ пешбинӣ гардидааст, кашол додани пешниҳодкунии маълумот, додани маълумоти нопурра ё таҳрифшуда, беасос кашида гирифтан ё ба гарав гирифтани ҳуҷҷатҳои ба онҳо тааллуқдоштаи тасдиққунандаи ҳуқуқ;

- ба шахсони ба иҷрои вазифаҳои давлатӣ ваколатдор ва ба онҳо баробар кардашуда пешниҳод намудани неъматҳои моддиву ғайримоддӣ, хизматрасонӣ ва фоида ҷиҳати моилкунии онҳо ба кирдори (ҳаракат ё беҳаракатии) дахлдор ба манфиати шахси пешниҳодкунандаи ин неъмату хизматҳо. Шахсоне, ки неъматҳои моддиву ғайримоддӣ, тӯҳфа ва хизматрасониро ба шахсони ба иҷрои вазифаҳои давлатӣ ё ба онҳо баробар кардашуда дар натиҷаи тамаъҷӯии онҳо пешниҳод намуда, дар ин бора ихтиёрӣ ба мақомоти мубориза бар зидди коррупсия хабар додаанд, ба ҷавобгарӣ кашида намешаванд;

- ба мақомоти ҳифзи ҳуқуқ пешниҳод накардани хабару маълумоти мавҷуда оид ба ҳуқуқвайронкуниҳои маъмурии ба коррупсия алоқаманд ё ҷиноятҳои хусусияти коррупсионидошта;

- ба мақомоти барои баррасӣ ва қабули қарор ваколатдор пешниҳод накардан ё сари вақт пешниҳод накардани санад ва маводи тафтишу санҷиш, ки дар онҳо оид ба ҳуқуқвайронкуниҳо маълумот мавҷуд аст, сарфи назар аз натиҷаҳои он (Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26.12.2011 *№ 772*);

- иҷро накардани чорабиниҳои барномаҳои давлатии зиддикоррупсионӣ ва нақшаи татбиқи ин барномаҳо (Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 24.02.2017 *№ 1386*);

- саркашии бадқасдонаи шахси ба пешбурди баҳисобгирии муҳосибавӣ ваколатдор ё роҳбари ташкилот аз барасмиятдарории амалиётҳои молиявию хоҷагидорӣ, ки қонун пешбинӣ кардааст, ё ба асноду ҳисоботҳои молиявӣ, муҳосибавӣ ва оморӣ даровардани маълумотҳои таҳрифшуда оид ба фаъолият ё амалиётҳои молиявию хоҷагидорӣ, инчунин нобуд кардани асноди молиявӣ ва дигар асноди баҳисобгирӣ.

2. Содир кардани ҳуқуқвайронкуниҳои дар қисми 1 моддаи мазкур зикршуда аз ҷониби шахсони ба иҷрои вазифаҳои давлатӣ ваколатдор ё ба онҳо баробар кардашуда, агар дар кирдорҳои онҳо таркиби ҷиноят мавҷуд набошад, барои кашидан ба ҷавобгарии пешбининамудаи Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон асос мегарданд (Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26.12.2011 *№ 772*, ***аз 24.02.2017 № 1385)***.

3. Содиркунии ду ва зиёда ҳуқуқвайронкунии маъмурии ба коррупсия алоқаманд ё дар давоми сол, баъди додани ҷазои маъмурӣ такроран содир намудани чунин ҳуқуқвайронкунӣ, барои дар асоси даъвои прокурор бо қарори суд барҳам додани шахси ҳуқуқӣ ё қатъ намудани фаъолияти соҳибкори инфиродӣ асос мегардад.

4. Ба ҷавобгарии маъмурӣ кашидани шахсони ба иҷрои вазифаҳои давлатӣ ваколатдор ё шахсони ба онҳо баробар

кардашуда барои ҳуқуқвайронкунии маъмурии ба коррупсия алоқаманд онҳоро аз ҷавобгарии интизомӣ озод намекунад.

**Моддаи 13. Ҷавобгарӣ барои дастаҷамъона қабул кардани қарори дорои хусусияти коррупсионӣ**

(Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26.12.2011 *№ 772*)

1. Ҷавобгарии бо Қонуни мазкур муқарраршуда барои қабули қарори хусусияти коррупсионидошта, ки аз тарафи мақоми дастаҷамъӣ қабул шудааст, дар сурате, ки он бевосита ба манфиати роҳбари ин мақом ё хешовандони наздики ӯ ё ба манфиати шахсони сеюм равона шуда, роҳбари мақоми мазкур ба қабули ин қарор фаъолона мусоидат намуда бошад, ё ба қабули он фаъолона мамониат накарда бошад, пурра ба уҳдаи роҳбари ин мақом гузошта мешавад (Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26.12.2011 *№ 772*).

2. Дар ташкилотҳое, ки роҳбарии мақоми дастаҷамъӣ аз тариқи ҷамъиятӣ, роҳбарии маъмурӣ аз ҷониби мақоми иҷроия пеш бурда мешавад, ҷавобгарӣ барои қабули қарорҳои хусусияти коррупсионидошта аз ҷониби мақоми коллегиалӣ, дар ҳолати ҷой доштани кирдори дар қисми 1 ҳамин модда зикршуда ба уҳдаи роҳбари мақоми иҷроия гузошта мешавад (Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26.12.2011 *№ 772*).

**Моддаи 14. Ҷиноятҳои хусусияти коррупсионидошта ва тартиби баҳисобгирии онҳо**

1. Ҷиноятҳои хусусияти коррупсионидошта, кирдорҳои дар қисми махсуси Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинигардидае ҳисоб мешаванд, ки аз тарафи шахсони ба иҷрои вазифаҳои давлатӣ ваколатдор ва ба онҳо баробар кардашуда бо ғараз ё дигар манфиатҳои шахсӣ ва бо истифодаи мақоми хизматӣ содир шудаанд ё ба ғайриқонунӣ пешниҳод намудани неъматҳои моддиву ғайримоддӣ, бартарият ва имтиёзҳои дигар ба онҳо вобастаанд (Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26.12.2011 *№ 772*).

2. Ҷавобгарӣ барои ҷиноятҳои хусусияти коррупсионидошта бо Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар карда мешавад.

3. Феҳристи ҷиноятҳои хусусияти коррупсионидошта ва тартиби баҳисобгирии омории онҳо бо дастурамале, ки аз тарафи мақомоти ҳамоҳангсоз таҳия ва аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ мегардад, муқаррар карда мешавад.

## БОБИ 4. БАРТАРАФ НАМУДАНИ ОҚИБАТҲОИ ҲУҚУҚВАЙРОНКУНИҲОИ БА КОРРУПСИЯ АЛОҚАМАНД

**Моддаи 15. Ситонидани молу мулки ғайриқонунӣ гирифташуда ё арзиши хизматрасонии ғайриқонунӣ**

(Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26.12.2011 *№ 772*)

Молу мулк ва арзиши хизматрасоние, ки дар натиҷаи ҳуқуқвайронкунии ба коррупсия алоқаманд ба даст оварда шудаанд, бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба фоидаи давлат мусодира карда мешаванд (Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26.12.2011 *№ 772*).

**Моддаи 16. Беэътибор донистани санадҳои ба коррупсия алоқаманд**

Санадҳое, ки дар натиҷаи ҳуқуқвайронкуниҳои ба коррупсия алоқаманд қабул гардидаанд, аз тарафи мақомоти ба қабули он ваколатдор ё мақомоти болоӣ бо ташаббуси худ ё бо эътирози прокурор ё аз тарафи суд бо даъвои прокурор ё шахсони манфиатдори воқеӣ ва ҳуқуқӣ беэътибор дониста мешаванд.

## БОБИ 5. МУҚАРРАРОТИ ХОТИМАВӢ

**Моддаи 17. Дар бораи аз эътибор соқит донистани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи мубориза бар зидди коррупсия"**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 10 декабри соли 1999 "Дар бораи мубориза бар зидди коррупсия" (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 1999, №12, моддаи 314) аз эътибор соқит дониста шавад.

**Моддаи 18. Мавриди амал қарор додани Қонуни мазкур**

Қонуни мазкур пас аз интишори расмӣ мавриди амал қарор дода шавад.

Президенти
Ҷумҳурии Тоҷикистон Э. Раҳмонов
от 25 июли соли 2005 № 100
ш. Душанбе

# ҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
ДАР БОРАИ АГЕНТИИ НАЗОРАТИ ДАВЛАТИИ МОЛИЯВӢ ВА МУБОРИЗА БО КОРРУПСИЯИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**(Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с.2008, №3, мод. 193; с.2009, №5, мод. 323; с. 2010, №3, мод. 154; с.2011, №6, мод. 459; с.2013, №7, мод. 517; с. 2014, №11, мод. 645; с. 2016, №3, мод. 137; Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 24 феврали соли 2017, №1387; Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 24 феврали соли 2017, №1388; Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 24 феврали соли 2017, №1389)**

(Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 19.05.2009 № 516, аз 11.03.2010 № 599, аз 28.06.2011 № 748, аз 22.07.2013 № 989, аз 27.11.2014 № 1136, аз 15.03.2016 № 1284, аз 24.02.2017 № 1387, № 1388, № 1389, аз 30.05.2017 № 1441)

## БОБИ 1. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

### Моддаи 1. Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон

1. Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд - Агентӣ) мақомоти ваколатдори назорати давлатии молиявӣ ва ҳифзи ҳуқуқ буда, назорати давлатии молиявиро оид ба истифодаи самарабахши маблаҷҳои давлатӣ ва молу мулки давлатӣ барои таъмини амнияти иқтисодии давлат, бо роҳи огоҳсозӣ, пешгирӣ, ошкорсозӣ, рафъи ҳуқуқвайронкуниҳои коррупсионӣ, фошнамоӣ, таҳқиқ ва тафтишоти пешакии ҷиноятҳои коррупсионӣ, иқтисодии хусусияти коррупсионидошта ва ҷиноятҳои ба андоз алоқаманд, инчунин дигар вазифаҳоеро, ки ҳамин Қонун ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ кардаанд, иҷро менамояд.

2. Агентӣ дар фаъолияти худ танҳо ба Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тобеъ ва ҳисоботдиҳанда буда, ба Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии

Тоҷикистон соле як маротиба оид ба натиҷаҳои тафтишу санҷишҳои молиявӣ ҳисобот пешниҳод менамояд (Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 24.02.2017 *№ 1387*).

**Моддаи 2. Асосҳои ҳуқуқии фаъолияти Агентӣ**

1. Асосҳои ҳуқуқии фаъолияти Агентиро Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳамин Қонун, дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон эътироф кардааст, ташкил медиҳанд (Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 24.02.2017 *№ 1387*).

2. Фаъолияти назорати давлатии молиявии Агентӣ дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи назорати давлатии молиявӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон" ба амал бароварда мешавад.

**Моддаи 3. Вазифаҳо ва самтҳои асосии фаъолияти Агентӣ**

1. Вазифаҳо ва самтҳои асосии фаъолияти Агентӣ инҳоянд:

- иштирок дар амалисозии сиёсати давлатӣ дар соҳаи мубориза бо коррупсия;

- дар доираи ваколати худ таъмин намудани ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, амнияти иқтисодии давлат, ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои қонунии субъектҳои фаъолияти соҳибкорӣ, ҷамъият ва давлат;

- амалӣ намудани мубориза бо коррупсия дар тамоми шохаҳои ҳокимияти давлатӣ, мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, ҳизбҳои сиёсӣ,ташкилотҳои қарзӣ, корхонаҳо, муассисаҳо ва дигар ташкилотҳо сарфи назар аз шакли ташкилию ҳуқуқӣ (Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27.11.2014 *№ 1136*, аз 24.02.2017 *№ 1387*);

- муайян ва дар амал татбиқ намудани тартиб ва тарзу усулҳои гузаронидани таҳлили хавфҳои коррупсия дар мақомоти назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсия (Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 15.03.2016 *№ 1284*);

- амалӣ намудани назорати давлатии молиявӣ дар тамоми шохаҳои ҳокимияти давлатӣ, мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, корхонаю муассиса ва ташкилотҳои давлатӣ, инчунин дар дигар ҳолатҳои пешбининамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон (Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27.11.2014 *№ 1136*);

- гузаронидани чорабиниҳои оперативию ҷустуҷӯӣ бо мақсади огоҳсозӣ, пешгирӣ, ошкорсозӣ, рафъ ва фошнамоии ҷиноятҳои коррупсионӣ, иқтисодии хусусияти коррупсионидошта ва ҷиноятҳои ба андоз алоқаманд, ҷустуҷӯи шахсоне, ки ин гуна ҷиноятҳоро содир кардаанд;

- гузаронидани таҳқиқ ва тафтиши пешакии ҷиноятҳои коррупсионӣ, иқтисодии хусусияти коррупсионидошта ва ҷиноятҳои ба андоз алоқаманд;

- гузаронидани экспертизаи давлатии зиддикоррупсионии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ (Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27.11.2014 *№ 1136*);

- дар доираи ваколати худ ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомоти мубориза бар зидди коррупсия (Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 24.02.2017 *№ 1387*);

- амалисозии ҳамкориҳои байналмилалӣ оид ба масъалаҳое, ки ба ваколати Агентӣ мансубанд;

- амалӣ намудани дигар вазифаҳое, ки санадҳои қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ намудаанд (Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27.11.2014 *№ 1136*).

**Моддаи 4. Принсипҳои фаъолияти Агентӣ**

1. Фаъолияти Агентӣ мутобиқи принсипҳои зерин ба роҳ монда мешавад:

- қонуният;
- эҳтиром ва риояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд;
- баробарии ҳама дар назди қонун;
- яккасардорӣ ва идоракунии муттамарказонида;
- истифодаи усулу воситаҳои ошкоро ва махфии фаъолият;

- алоқамандӣ бо аҳолӣ ва ба назар гирифтани афкори ҷамъиятӣ дар фаъолият;

- ҷайриҳизбият.

**Моддаи 5. Риояи ҳуқуқ ва озодиҳои шаҳрвандон дар фаъолияти Агентӣ**

(Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 24.02.2017 *№ 1387*)

1. Агентӣ дар доираи ваколати худ ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандро, қатъи назар аз шаҳрвандӣ, ҷои истиқомат, ҷинс, миллат, нажод, забон, эътиқоди динӣ, мавқеи сиёсӣ, таҳсил, вазъи иҷтимоӣ ва молу мулкӣ ҳимоя мекунад (Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 24.02.2017 *№ 1387*).

2. Корманди Агенти дар ҳама ҳолатҳо вазифадор аст ба шаҳрванд, шаҳрванди хориҷӣ ё шахси бешаҳрванд асосу сабаби махдуд кардани ҳуқуқу озодиҳояшро фаҳмонад.

3. Корманди Агентӣ ҳуқуқи ҳимоя ва дигар ҳуқуқҳои шахсони дастгиршуда ва ҳабсгардидаро таъмин мекунад, дар ҳолатҳои зарурӣ муоинаи тиббии онҳоро мегузаронад, инчунин бетаъхир дар бораи дастгир намудани онҳо ба хешовандон, маъмурияти ҷои кор ё таҳсил ва дар муддати 24 соат ба прокурор хабар медиҳад, дар мавриди зарурат ба дастгиршудагон барои расонидани кумаки аввалияи тиббӣ, инчунин барои рафъи хатар, ки ба ҳаёт, саломатӣ ё молу мулки онҳо ҳангоми дастгиркунӣ ё ҳабс таҳдид менамояд, тадбирҳо меандешад.

4. Агентӣ ҳуқуқи ҷамъ овардан, нигоҳ доштан, истифода бурдан ва паҳн кардани маълумотро дар бораи ҳаёти шахс бе розигии худи ӯ, ба истисноӣ мавридҳое, ки Қонуни мазкур ва дигар санадҳои қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ намудаанд, надорад (Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27.11.2014 *№ 1136*).

5. Маҳдуд кардани ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, ба истисноӣ мавридҳое, ки қонун пешбинӣ намудааст, манъ аст. Агентӣ вазифадор аст шахсро бо ҳуҷҷатҳои маҳдудкунандаи ҳуқуқу озодиҳои вай шинос намояд, ба истисноӣ ҳолатҳое, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон

муқаррар кардааст (Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27.11.2014 *№ 1136*).

6. Агар шахс ҳисоб кунад, ки ҳуқуқу озодиҳои ӯ аз тарафи мақомоти Агентӣ ё шахсони мансабдори он поймол карда шудаанд, метавонад нисбати амали ин мақомот ва шахсони мансабдор ба мақомоти болоии Агентӣ, прокуратура ё суд шикоят кунад.

**Моддаи 6. Дахолат накардан ба фаъолияти Агентӣ**

1. Дахолат кардани мақомоти давлатӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, ҳизбҳои сиёсӣ, иттиҳодияҳои динӣ, воситаҳои ахбори омма, намояндагон ва шахсони мансабдори онҳо ба фаъолияти Агентӣ дар мавриди амалӣ намудани иҷрои ваколатҳояш манъ аст (Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 24.02.2017 *№ 1387*).

2. Ба ҳар восита таъсир расонидан ба кормандони Агентӣ бо мақсади монеъ шудан дар амалӣ намудани фаъолияти вазифавиашон ё фишор овардан бо мақсади қабул намудани қарори ғайриқонунӣ мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон боиси ба ҷавобгарӣ кашидан мегардад.

3. Кормандони Агентӣ вазифадор нестанд, ки оид ба моҳияти парвандаҳо ва маводҳои дар истеҳсолоташон буда ягон хел тавзеҳот диҳанд, онҳоро барои шинос шудан пешниҳод кунанд, ба истисноии ҳолатҳое, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ кардааст.

**Моддаи 7. Ҳатмӣ будани иҷрои талаби кормандони мақомоти Агентӣ**

1. Талаби кормандони мақомоти Агентӣ, ки аз ваколатҳои дар ҳамин Қонун зикршуда бармеоянд, бояд ҳатман дар мӯҳлатҳои муқарраршуда баррасӣ карда шаванд.

2. Мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва идоракунии Ҷумҳурии Тоҷикистон, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, корхонаю муассиса ва ташкилотҳои давлатӣ, инчунин дигар шахсони воқеию ҳуқуқӣ новобаста аз шакли ташкилию ҳуқуқӣ, вазифадоранд вобаста ба дархости мақомоти Агентӣ иттилооти заруриро пешниҳод намоянд ва

барои иҷрои вазифаҳои ба зиммаи мақомоти Агентӣ гузошта, мусоидат намоянд (Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 24.02.2017 *№ 1387*).

3. Ахбори оморӣ ва дигар маълумот, ҳуҷҷатҳо ё нусхаи онҳо, ки барои амалӣ намудани иҷрои ваколатҳои Агентӣ ё тафтиши ҷиноятҳо заруранд, бо талаби кормандони мақомоти Агентӣ ройгон дода мешаванд.

4. Шахсони мансабдор, шаҳрвандон, шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванд вазифадоранд, ки бо даъвати кормандони мақомоти Агентӣ ҳозир шаванд ва аз рӯи моҳияти масъалаҳое, ки дар рафти санҷиш муайян карда мешаванд, бо тартиби муайяннамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон баёнот диҳанд.

5. Шахсони мансабдор, шаҳрвандон, шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванд барои бе сабабҳои узрнок рад намудан ва саркашӣ аз пешниҳоди саривақтии иттилоот ё ҳуҷҷатҳои зарурии пешбининамудаи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, дидаю дониста пешниҳод намудани иттилооти бардурӯғ ба дархости қонунии мақомоти Агентӣ, ҳамчунин саркашӣ аз ҳозиршавӣ бо даъвати асосноки корманди мақомоти Агентӣ мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷавобгарӣ кашида мешаванд.

**Моддаи 8. Ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомоти мубориза бар зидди коррупсия**

1. Ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомоти мубориза бар зидди коррупсия ва ҷиноятҳои ба андоз алоқаманд аз ҷониби Агентӣ мувофиқи тартиби муайянкардаи Низомномаи ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомоти мубориза бар зидди коррупсия, ки аз тарафи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда мешавад, амалӣ мегардад.

**Моддаи 9. Иштирок дар фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ**

1. Агентӣ дар рафти амалӣ намудани ваколатҳои худ ҳангоми зарурати такмилдиҳии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ метавонад ба субъекти ваколатдоре, ки ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ дорад ё ба мақоме, ки санади меъёрии ҳуқуқиро

қабул кардааст, дар бораи қабул, ворид намудани тағйиру иловаҳо ё аз эътибор соқит кардани онҳо таклифҳо пешниҳод намояд.

**Моддаи 10. Баррасии мурочиатҳо**

1. Мақомоти Агентӣ арзу шикоятҳо ва дигар мурочиати шаҳрвандон ва шахсони ҳуқуқиро дар бораи ҳуқуқвайронкуниҳое, ки санҷишу тафтиши онҳо ба ваколати Агентӣ вогузор шудааст, тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасӣ намуда, барои рафъи камбудиҳои ошкоргардида чораҳо меандешад.

## БОБИ 2. НИЗОМ, СОХТОР ВА ТАШКИЛИ ФАЪОЛИЯТИ МАҚОМОТИ АГЕНТӢ

**Моддаи 11. Низом ва сохтори мақомоти Агентӣ**

1. Мақомоти Агентиро Директори Агентӣ роҳбарӣ мекунад.

2. Мақомоти Агентӣ дорои низоми ягонаи марказонидашуда буда, аз Дастгоҳи марказӣ, мақомоти маҳаллӣ- раёсатҳои Агентӣ дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо, шаҳри Душанбе ва шӯъбаҳои минтақавӣ иборат мебошад (Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 11.03.2010 № 599).

3. Сохтори Дастгоҳи марказӣ, мақомоти маҳаллии Агентӣ аз воҳидҳои назорати давлатии молиявӣ, оперативӣ-ҷустуҷӯӣ, тафтишотӣ ва дигар воҳидҳо иборат мебошад (Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 11.03.2010 № 599).

4. Таъсис, азнавташкилдиҳӣ ва барҳамдиҳии мақомоти Агентӣ ва сохторҳои тобеи он, инчунин таҳкими ташкилию штатии мақомоти Агентӣ, тасдиқи Низомномаи Агентӣ, сохтори Дастгоҳи марказӣ ва нақшаи идоракунии он аз тарафи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ мегардад. Сохтори воҳидҳои Дастгоҳи марказӣ, мақомоти маҳаллии Агентӣ аз тарафи Директори Агентӣ тасдиқ карда мешавад (Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 11.03.2010 № 599).

5. Агентӣ, мақомоти маҳаллии он шахсони ҳуқуқӣ буда, дорои ҳуқуқи идоракунии оперативии моликияти ба онҳо

вобастакардашуда ва объектҳои таъйиноти иҷтимоии маишӣ ва хоҷагидорӣ мебошанд (Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 11.03.2010 *№ 599*, аз 24.02.2017 *№ 1388*).

**Моддаи 12. Директори Агентӣ**

1. Директори Агентӣ:

- аз тарафи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба вазифа таъйин ва аз вазифа озод карда мешавад;
- бевосита ба Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон итоат мекунад;
- роҳбарии мақомотро анҷом медиҳад, ваколат ва масъулияти муовинон, сардорони сарраёсатҳо, раёсатҳо, шӯъбаҳо, бахшҳо ва роҳбарони дигар воҳидҳои Агентиро муқаррар менамояд (Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 24.02.2017 *№ 1387*, аз 30.05.2017 *№ 1441*).

**Моддаи 13. Ваколати Директори Агентӣ**

(Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 24.02.2017 *№ 1387*)

1. Директори Агентӣ бо мақсади иҷрои вазифаҳои худ:

- дар доираи ваколатҳои муқарраргардида ба воҳидҳои сохтории Агентӣ роҳбарӣ мекунад, супоришҳо медиҳад ва иҷрои онҳоро назорат менамояд;
- низомномаҳои воҳидҳои сохториро тасдиқ менамояд;
- оид ба масъалаҳои таъсис, азнавташкилдиҳӣ ва барҳамдиҳии мақомоти Агентӣ ва сохторҳои тобеи он, инчунин оид ба таҳкими ташкилию воҳидӣ, кадрӣ ва моддию техникии мақомоти он, ворид намудани таҷйирот ба Низомномаи Агентӣ, сохтори Дастгоҳи марказӣ ва нақшаи идоракунии он ба Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод манзур менамояд;
- харҷнома ва ҷадвали воҳидҳои Агентиро дар доираи фонди пардохти музди меҳнат ва шумораи кормандони аз ҷониби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муқарраргардида тасдиқ менамояд;
- сардорони сарраёсатҳо, раёсатҳо ва шӯъбаҳои Дастгоҳи марказӣ, сардорони Раёсатҳои Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятӣ, шаҳри Душанбе ва шӯъбаҳои минтақавиро бо розигии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

ба вазифа таъйин ва аз вазифа озод менамояд (Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 11.03.2010 *№ 599*);

- шахсони мансабдор ва дигар кормандони масъули Дастгоҳи марказӣ, раёсатҳои Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятӣ, шаҳри Душанбе ва шӯъбаҳои минтақавӣ, инчунин кормандони ҳайати хизматрасони Дастгоҳи марказиро ба кор қабул ва аз кор озод менамояд (Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 11.03.2010 *№ 599*);

- нақшаи кории мақомоти назорати давлатии молиявии Агентиро барои тасдиқ ба Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод менамояд;

- ҳар шаш моҳ ба Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба фаъолияти Агентӣ ҳисобот пешниҳод менамояд;

- оид ба натиҷаҳои фаъолияти таҳлилию назоратӣ, тафтиши молиявӣ ва санҷишҳо оид ба иҷрои қисмҳои даромад ва хароҷоти буҷетҳои ҷумҳуриявӣ ва маҳаллӣ, самаранокии истифодабарии фондҳо, молу мулки давлатӣ ба Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳисобот, хулосаҳо ва таклифҳо, инчунин оид ба натиҷаҳои тафтишу санҷишҳои молиявӣ ба Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳисобот пешниҳод менамояд;

- тибқи тартиби муқарраргардида лоиҳаҳои қонунҳо, фармонҳо ва амрҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарорҳо ва фармоишҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистонро оид ба масъалаҳои марбут ба ваколати Агентӣ таҳия ва барои баррасӣ пешниҳод менамояд (Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 24.02.2017 *№ 1387*);

- дар таҳияи лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ оид ба масъалаҳои таъмини амнияти иқтисодии давлат, назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсия иштирок менамояд;

- дар доираи ваколати худ кормандони Агентиро мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон бо рутбаҳо ва унвонҳои махсуси дахлдор сарфароз мегардонад;

- ба Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи ба ҳайати роҳбарикунандаи Агентӣ додани рутбаҳо ва унвонҳои махсуси олӣ пешниҳод манзур менамояд;

- масъалаҳои ҳавасмандгардонӣ ва муҷозоти интизомии кормандонро тибқи тартиби муқаррааргардида ҳал менамояд;

- оид ба сарфарозгардонии кормандони Агентӣ бо мукофотҳои давлатӣ ба Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод манзур менамояд;

- дар доираи ваколати худ фармонҳои дорои хусусияти меъёрӣ ва ғайримеъёрӣ қабул менамояд (Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 24.02.2017 *№ 1387*);

- ба шахсони мансабдор дастурҳои хаттӣ ва пешниҳод оид ба бартараф кардани камбудиҳои молиявӣ ва ҳуқуқвайронкуниҳои хусусияти коррупсионидошта ирсол менамояд, ки баррасии онҳо аз ҷониби шахсони мансабдор ва мақомоту ташкилоти дахлдор ҳатмӣ мебошад;

- қарорҳои хилофи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон қабулнамудаи воҳидҳои сохтории Агентиро бекор мекунад, агар тартиби дигари бекор кардани онҳо дар қонунгузорӣ муқаррар нашуда бошад;

- Агентиро дар мақомоти ҳокимияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дар хориҷи кишвар намояндагӣ менамояд;

- бо тартиби муқарраргардида ҳамкориро бо мақомоти дахлдори давлатҳои хориҷӣ ва ташкилотҳои байналмилалӣ оид ба масъалаҳои назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсия ба роҳ мемонад;

- иҷрои уҳдадориҳоро оид ба созишномаҳои байналмилалӣ ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалии мубориза бо коррупсия, ки Тоҷикистон эътироф намудааст, таъмин ва назорат менамояд;

- дигар вазифаҳои пешбиникардаи қонунгузориро иҷро менамояд.

**Моддаи 14. Муовини якум ва муовинони Директори Агентӣ**

1. Муовини якум ва муовинони Директори Агентӣ аз ҷониби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба вазифа таъйин ва аз вазифа озод карда мешаванд ва бевосита ба Директори Агентӣ тобеъ мебошанд.

2. Муовинони Директори Агентӣ фаъолияти хизматиашонро дар доираи уҳдадориҳои вазифавии худ, ки аз тарафи Директори Агентӣ муқаррар мегардад, амалӣ намуда, ба соҳаҳои алоҳидаи ба онҳо вогузоршудаи фаъолияти Агентӣ роҳбарӣ мекунанд. Бо ин мақсад ва бо супориши Директори Агентӣ онҳо вазифаҳои алоҳидаи ӯро иҷро менамоянд.

**Моддаи 15. Дастгоҳи марказӣ**

1. Дастгоҳи марказӣ дар доираи ваколати пешбининамудаи ҳамин Қонун ва Низомномаи Агентӣ вазифаҳои ҳамоҳангсозии байнисоҳавӣ ва дигар вазифаҳоро оид ба огоҳсозӣ, пешгирӣ, ошкорсозӣ, рафъи ҳуқуқвайронкуниҳои коррупсионӣ, фошнамоӣ, таҳқиқ ва тафтишоти пешакии ҷиноятҳои коррупсионӣ, иқтисодии хусусияти коррупсионидошта ва ҷиноятҳои ба андоз алоқамандро иҷро менамояд (Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 24.02.2017 *№ 1387*).

2. Дар Дастгоҳи марказӣ сарраёсатҳо, раёсатҳо, шӯъбаҳо, қисмҳо ва бахшҳо мавҷуданд. Дар сарраёсатҳо, раёсатҳо, шӯъбаҳо, қисмҳо ва бахшҳо ваколатдорони калони фаврӣ оид ба корҳои махсусан муҳим, ваколатдорони калони оперативӣ, ваколатдорони фаврӣ, муфаттишони калон оид ба корҳои махсусан муҳим, муфаттишони калон, муфаттишон, сарнозирон, нозирони калон, нозирон, сармутахассисон, мутахассисони пешбар ва мутахассисон мавҷуданд (Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 24.02.2017 *№ 1388*).

**Моддаи 16. Ҳайати мушовараи Агентӣ**

1. Барои ҳалли масъалаҳои муҳимтарини фаъолияти Агентӣ дар назди Директори Агентӣ ҳайати мушовара аз ҷумлаи муовини якум ва муовинони Директор аз рӯи вазифа ва сардорони сарраёсатҳо ва раёсатҳо дар доираи шумораи пешбининамудаи Низомномаи Агентӣ бо пешниҳоди Директори Агентӣ аз ҷониби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис дода мешавад.

**Моддаи 17. Мақомоти маҳаллии Агентӣ**

(Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 11.03.2010 № 599)

1. Мақомоти маҳаллии Агентӣ дар ҳудуди маъмурии вобасташуда вазифаҳои Агентиро дар доираи ваколатҳои худ иҷро менамоянд (Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 11.03.2010 № 599).

2. Ба мақомоти маҳаллии Агентӣ сардорони дахлдор роҳбарӣ мекунанд (Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 11.03.2010 № 599).

3. Дар мақомоти маҳаллии Агентӣ шӯъбаҳо ва ё бахшҳо ташкил карда мешаванд (Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 11.03.2010 № 599).

4. Дар сохторҳои мақомоти маҳаллии Агентӣ ваколатдорони калони фаврӣ оид ба корҳои махсусан муҳим, ваколатдорони калони оперативӣ, ваколатдорони оперативӣ, муфаттишони калон оид ба корҳои махсусан муҳим, муфаттишони калон, муфаттишон, сарнозирон, нозирони калон, нозирон, сармутахассисон, мутахассисони пешбар ва мутахассисон мавҷуданд (Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 11.03.2010 № 599, аз 24.02.2017 № 1388).

5. Сардорони мақомоти маҳаллии Агентӣ бо тартиби муқарраргардида оид ба тағйир додани шумораи ҳайати шахсии кормандони воҳидҳои тобеи худ ба Директори Агентӣ таклифҳо пешниҳод менамоянд (Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 11.03.2010 № 599).

6. Сардорони мақомоти маҳаллии Агентӣ дар доираи ваколати худ кормандони ҳайати хизматрасонро ба кор қабул ва аз кор озод менамоянд (Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 11.03.2010 № 599).

7. Сардорони мақомоти маҳаллии Агентӣ дар доираи ваколати худ фармонҳо ва фармоишҳо қабул менамоянд, ки иҷрои онҳо барои кормандони тобеъ ҳатмӣ мебошад (Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 11.03.2010 № 599).

## БОБИ 3. ҲУҚУҚ ВА УҲДАДОРИҲОИ МАҚОМОТИ АГЕНТӢ

(Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 24.02.2017 *№ 1387*)

**Моддаи 18. Уҳдадориҳои мақоми Агентӣ**

1. Мақоми Агентӣ вобаста ба вазифаҳои дар наздаш гузошташуда ӯҳдадор аст:

- самтҳои афзалиятноки мубориза бо коррупсияро муайян намояд;

- дар доираи ваколат барномаҳо ва нақшаҳои чорабиниҳои мубориза бар зидди коррупсияро таҳия ва амалӣ намояд (Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 24.02.2017 *№ 1387*);

- дар таҳия ва татбиқи барномаҳои мубориза бо ҷинояткорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон иштирок намояд;

- мубориза бо коррупсияро дар тамоми шохаҳои ҳокимияти давлатӣ, мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, ҳизбҳои сиёсӣ, ташкилотҳои қарзӣ, корхонаҳо, муассисаҳо ва дигар ташкилотҳо сарфи назар аз шакли ташкилию ҳуқуқӣ амалӣ намояд (Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27.11.2014 *№ 1136*, аз 24.02.2017 *№ 1387*);

- ҳуқуқвайронкуниҳои коррупсиониро огоҳ, пешгирӣ, ошкор ва рафъ намояд, аз рӯи ин амалҳо санҷиш гузаронад;

- бо қонунигардонии (расмикунонии) даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда ва маблаҷгузории терроризм мубориза барад (Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27.11.2014 *№ 1136*);

- тибқи қонунгузории мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳқиқ ва тафтишоти пешакӣ барад;

- бо мақсади огоҳсозӣ, пешгирӣ ошкорсозӣ, рафъ, фошнамоӣ, таҳқиқ ва тафтишоти пешакии ҷиноятҳои коррупсионӣ, иқтисодии хусусияти коррупсионидошта ва ҷиноятҳои ба андоз алоқаманд, амалиётҳои оперативӣ-ҷустуҷӯӣ гузаронад;

- оид ба барқарор намудани зарари молумулкӣ ва молиявӣ чораҳо андешад;

- сирри давлатӣ ё дигар сирреро, ки бо қонун муҳофизат карда мешавад ва дигар маълумоте, ки ҳангоми иҷрои вазифаи хизматӣ ба даст омадааст, ҳифз намояд;

- арзу шикоят, иттилооту маълумот, маводҳо оид ба санҷиши фаъолияти молиявию хоҷагӣ ва тафтишоти хизматиро нисбат ба хизматчиёни давлатӣ вобаста ба ҳуқуқвайронкуниҳои коррупсионӣ баррасӣ намояд;

- ҳангоми аз тарафи кормандони Агентӣ вайрон кардани ҳуқуқу манфиатҳои қонунии шаҳрвандон бо тартиби муқаррааргардида ҳуқуқҳои халалдоршудаи шаҳрвандонро барқарор намояд, зарари расонидаро ҷуброн намояд ва барои ба ҷавобгарӣ кашидани гунаҳгор чораҳои зарурӣ андешад (Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27.11.2014 *№1136*);

- дар мавриди зарурат амнияти шахсии кормандони мақомоти Агентӣ ва аҳли оилаи онҳоро таъмин намояд;

- дигар уҳдадориҳои пешбиникардаи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистонро иҷро намояд.

**Моддаи 19. Ҳуқуқҳои мақоми Агентӣ**

1. Мақоми Агентӣ, дар доираи ваколатҳои худ барои иҷрои вазифаҳои ба зиммааш гузоштташуда ҳуқуқ дорад:

- тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба мақомоти судӣ бо аризаи даъвогӣ муроҷиат намояд;

- ба шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ ҷиҳати бартараф намудани сабабу шароитҳои ба содир намудани ҷиноят ва дигар ҳуқуқвайронкуниҳои хусусияти коррупсионидошта мусоидаткунанда дастури хаттӣ диҳад ва пешниҳод ирсол намояд. Дар дастури хаттӣ ва пешниҳод, ки санадҳои эътиноии Агентӣ буда, баррасии онҳо ҳатмӣ мебошад, тарзу усулҳои бартараф намудани сабабу шароитҳои ба коррупсия ва бархӯрди манфиатҳо мусоидаткунанда нишон дода мешаванд. Дастури хаттӣ дар мӯҳлати на дертар аз 10 рӯз баррасӣ ва пешниҳод на дертар аз 1 моҳ бо иштироки ҳатмии кормандони воҳидҳои Агентӣ муҳокима гардида, аз натиҷааш ба Агентӣ хабар дода мешавад (Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 24.02.2017 *№ 1388*);

- бо мақсади муқаррар намудани мувофиқати санадҳои мақомоти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот ва шахсони мансабдори онҳо ба талаботи қонунгузорӣ ба суд барои бекор кардан ё ба прокурори дахлдор оид ба овардани эътироз аз болои чунин санадҳо пешниҳод оварад (Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 24.02.2017 *№ 1387*);

- дар ҷараёни тафтиш ва санҷишҳои молиявӣ, амалиётҳои таҳқиқотӣ ва тафтишотӣ ба хазинаҳо, мошинҳои назоратӣ - хазинавии дорои хотираи фискалӣ, бино ва ҷои нигоҳдории ҳуҷҷатҳо, технологияҳои иттилоотӣ, маблағҳои пулӣ ва арзишҳои моддӣ мӯҳр занад (Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27.11.2014 *№ 1136*, аз 24.02.2017 *№ 1387*);

- ҳангоми саркашӣ аз пешниҳоди ҳуҷҷатҳо, пешниҳоди ҳуҷҷатҳои қалбакӣ ё таҳрифшуда, саркашӣ аз иҷрои талаби қонунии кормандони мақомоти Агентӣ, масъалаи ба ҷавобгарӣ кашидани шахсони мансабдор ва соҳибмулкони дахлдори иморату иншоотҳо, анборҳо, нуқтаҳои савдо ва дигар иншоотҳоро новобаста аз шакли ташкилию ҳуқуқӣ баррасӣ намояд;

- ҳангоми мавҷуд будани маводи боэътимод оид ба содиршавии ҷинояти коррупсионӣ бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон азназаргузаронии шахсӣ, бори дастӣ ва баҷоҷи мусофирони тамоми намуди нақлиётро анҷом диҳад (Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27.11.2014 *№ 1136*);

- барои баррасӣ ва такмили масъалаҳо дар соҳаи муқарраргардидаи фаъолият ташкилотҳои илмӣ, дигар ташкилотҳо, олимон ва мутахассисонро ҷалб намояд;

- дар соҳаи муқарраргардидаи фаъолият шӯроҳо, комиссияҳо ва гурӯҳҳои дохилиидоравӣ ва байниидоравӣ таъсис диҳад;

- экспертизаи давлатии зиддикоррупсионии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқиро ҷиҳати дар онҳо ошкор намудани омилҳои ба вуҷудоварандаи коррупсия гузаронад ва бо ин мақсад дорои воҳиди илмӣ - ташхисӣ бошад (Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27.11.2014 *№ 1136*);

- оид ба ҳуқуқвайронкуниҳо ва ҷиноятҳои коррупсионӣ, иқтисодии хусусияти коррупсионидошта ва ҷиноятҳои бо андоз алоқаманд, бинобар тафтиши парвандаи ҷиноятӣ санҷиши фаъолияти молиявию иқтисодӣ ва дар ҳолати мавҷуд будани асосҳои кофӣ тибқи дархости хаттии Агентӣ якҷоя бо мутахассисони мақомоти андоз санҷишҳои андози шахсони ҳуқуқӣ ва воқеии субъектҳои соҳибкориро сарфи назар аз шакли ташкилию ҳуқуқӣ ва намуди фаъолияти онҳо гузаронад;

- мувофиқи тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳолати санҷиш ва ё тафтишоти пешакӣ асл ва нусхаҳои қарорҳо, фармоишҳо, ҳуҷҷатҳои зарурии вобаста ба коррупсияро аз тамоми мақомоти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, ҳизбҳои сиёсӣ, ташкилотҳои Қарзӣ, корхонаҳо, муассисаҳо ва дигар ташкилотҳо сарфи назар аз шакли ташкилию ҳуқуқӣ ва шахсони мансабдори онҳо оид ба масъалаҳои ба ваколатҳои Агентӣ мансуббуда талаб карда гирад (Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 24.02.2017 *№ 1387*);

- оид ба масъалаҳои ба ваколати мақомоти Агентӣ тааллуқдошта бо мақомоти ҳокимияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, мақомоти дахлдори давлатҳои хориҷӣ ва ташкилотҳои байналмилалӣ ҳамкорӣ намояд (Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 24.02.2017 *№ 1387*);

- дар ҳолати зарурӣ аз мақомоти ваколатдор ва шахсони мансабдор гузаронидани муоина, ташхис, тафтиши молиявӣ, санҷиш, мониторинг, хронометраж, аудит ва баҳодиҳиро талаб намояд (Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 24.02.2017 *№ 1387*);

- ҳангоми пешгирии бевоситаи ҷиноят, таъқиби шахси дар содир намудани ҷиноят гумонбаршуда дар ҳолати доштани маълумоти кофӣ ба ҳудуд ва бинои вазорату идора, корхона, муассиса, ташкилот, сарфи назар аз шакли ташкилию ҳуқуқӣ, қитъаи замини шахсони алоҳида (ба истиснои намояндагиҳои дипломатӣ, муассисаҳои консулгарӣ ва намояндагии ташкилотҳои байналмилалии дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аккредитатсияшуда), инчунин

минтақаҳои сарҳадӣ ва назорати гумрукӣ бо пешниҳоди шаҳодатномаи хизматӣ (ба иншооти реҷаашон махсус - ҳангоми мавҷуд будани иҷозати махсус) барои гузаронидани амалиёти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ ва тафтишотӣ ворид гардад;

- барои иҷрои баъзе амалиётҳои тафтишотӣ ҳуқуқи даромадани шаҳрвандонро ба иншоот ва бино муваққатан маҳдуд ё манъ кунад;

- дар ҳолатҳои таъхирнопазир ҳангоми иҷрои вазифаҳои хизматӣ аз воситаҳои алоқа ва нақлиётие, ки ба ташкилотҳо сарфи назар аз шакли ташкилию ҳуқуқӣ ё шаҳрванд (ҷайр аз воситаҳои нақлиётии намояндагиҳои дипломатии хориҷӣ, консулгариҳо, дигар намояндагиҳои давлатҳои хориҷӣ ва ташкилотҳои байналмилалӣ) тааллуқ доранд, бемамониат истифода намояд. Зиёни моддии расонидашуда, тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба соҳибони воситаҳои алоқа ва нақлиёт барқарор карда мешавад;

- аз воситаҳои ахбори оммаи давлатӣ ба таври ройгон истифода намояд;

- шаҳрвандонеро, ки ба мақомоти Агенти дар иҷрои вазифаҳояшон ёрӣ расонидаанд, ҳавасманд гардонад, таъйин гардидани мукофотро барои кумак кардан дар ошкор намудани ҷиноятҳо ва дастгир кардани шахсоне, ки онҳоро содир намудаанд, эълон кунад ва онро ба шаҳрвандон супорад;

- системаҳои иттилоотӣ, аз ҷумла сомонаи идоравиро дар шабакаи Интернет ташкил ва истифода намояд (Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 24.02.2017 *№ 1387*);

- дигар ҳуқуқҳои пешбиникардаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистонро амалӣ намояд.

**Моддаи 20. Фаъолияти оперативӣ-ҷӯстуҷӯии мақомоти Агентӣ**

1. Воҳидҳои оперативии мақомоти Агентӣ фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯиро мувофиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ" анҷом медиҳанд.

**Моддаи 21. Тафтиши ҷиноят аз ҷониби мақомоти Агентӣ**

1. Мақомоти Агентӣ аз рӯи парвандаҳои ҷиноятие, ки тафтишоташон ба ваколати онҳо вогузор шудааст, тибқи қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ тафтишоти пешакӣ мегузаронанд (Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 24.02.2017 *№ 1387*).

**Моддаи 22. Тавқифгоҳи нигаҳдории муваққатӣ**

1. Бо мақсади нигоҳ доштани дастгиршудагон Агентӣ дорои тавқифгоҳҳои нигаҳдории муваққатӣ мебошад ва мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон аз онҳо истифода менамояд.

## БОБИ 4. ИСТИФОДАИ ҚУВВАИ ҶИСМОНӢ, ВОСИТАҲОИ МАХСУС ВА СИЛОҲИ ОТАШФИШОН АЗ ҶОНИБИ КОРМАНДОНИ МАҚОМОТИ АГЕНТӢ

(Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27.11.2014 *№ 1136*)

**Моддаи 23. Ҳуқуқ, шартҳо ва доираи истифодаи қувваи ҷисмонӣ, воситаҳои махсус ва силоҳ оташфишон**

(Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27.11.2014 *№ 1136*)

1. Кормандони воҳидҳои ҳифзи ҳуқуқи Агентӣ ҳуқуқ доранд силоҳи оташфишон ва воситаҳои махсусро баъд аз гузаштани тайёрии дахлдор бо худ нигоҳ доранд ва гирифта гарданд. Онҳо метавонанд аз қувваи ҷисмонӣ, воситаҳои махсус ва силоҳи оташфишон танҳо дар ҳолатҳо ва тибқи тартибе, ки Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи милитсия" пешбинӣ кардааст, истифода баранд (Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27.11.2014 *№ 1136*).

## БОБИ 5. ХИЗМАТ ДАР МАҚОМОТИ АГЕНТӢ

**Моддаи 24. Вазъи ҳуқуқии кормандони мақомоти Агентӣ**

1. Корманди мақомоти Агентӣ шахсе ба ҳисоб меравад, ки танҳо шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон бошад, дар хизмат ва ҳайати эҳтиётии кадрҳои мақомоти Агентӣ қарор дошта, бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ӯ рутба ва ё унвони махсус дода

шудааст (Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.05.2017 *№ 1441*).

2. Кормандони мақомоти Агентӣ намояндаи ҳокимияти давлатӣ ба ҳисоб рафта, тахти ҳимояи давлат мебошанд. Иҷрои талаботи қонунии кормандони мақомоти Агентӣ барои ҳамаи шаҳрвандон ва мақомоти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, шахсони мансабдор, шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ ҳатмӣ мебошад (Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.05.2017 *№ 1441*).

3. Ба кормандони мақомоти Агентӣ барои тасдиқи шахсият ва ваколаташон шаҳодатномаи хизматӣ дода мешавад. Тасвири шаҳодатномаи хизматӣ аз тарафи Директори Агентӣ тасдиқ карда мешавад.

4. Иҷро накардани талаботи қонунии мақомоти Агентӣ, таҳқир намудан, муқобилият нишон додан, таҳдиди зӯрӣ ё сӯиқасд ба ҳаёт, саломатӣ, шаъну шараф ва молу мулки корманди мақомоти Агентӣ, аъзои оила ва хешовандони наздики ӯ бинобар сабаби иҷрои вазифаҳои хизматиаш боиси ҷавобгарии пешбининамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон мегардад. Зарари моддие, ки ба корманди мақомоти Агентӣ, аъзои оилаи ӯ ва хешовандони наздики ӯ, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян кардааст, вобаста ба иҷрои вазифаҳои хизматӣ расонида шудааст, аз ҳисоби маблаҷи буҷети давлатӣ пурра ҷуброн карда шуда, ин маблаҷ аз ҳисоби шахсони гунаҳкор мутобиқи тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба буҷет руёнда мешавад.

5. Корманди мақомоти Агентӣ дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон новобаста аз будан ё набудан дар иҷрои вазифаҳои хизматиаш дар ҳолати муроҷиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, инчунин шахсони мансабдор бо ариза ё хабар оид ба ҳуқуқвайронкунии коррупсионӣ ва ё дар ҳолати бевосита ошкор намудани чунин ҳуқуқвайронкуниҳо вазифадор аст, ки ба роҳбари бевоситаи худ ё ба мақомоти наздиктарини Агентӣ хабар диҳад (Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.05.2017 *№ 1441*).

6. Корманди мақомоти Агентӣ барои расонидани зарар ҳангоми истифодаи қувваи ҷисмонӣ, воситаҳои махсус ва силоҳи оташфишон ҷавобгар нест, агар ин зарар дар асоси талаботи пешбининамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон расонида шуда бошад (Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27.11.2014 *№ 1136*).

7. Корманди мақомоти Агентӣ аз рӯи қарор ва ҳаракатҳое, ки нисбати ӯ қабул мешаванд, ҳуқуқ дорад ба мақомоти болоӣ ё суд муроҷиат намояд.

**Моддаи 25. Танзими ҳуқуқии муносибатҳои меҳнатии кормандони Агентӣ**

1. Муносибатҳои меҳнатии кормандони мақомоти Агентӣ тибқи ҳамин Қонун, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи хизмати давлатӣ", Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Низомнома оид ба тартиби адои хизмат дар воҳидҳои ҳифзи ҳуқуқи Агентӣ дар он қисме, ки ба ҳамин Қонун мухолиф нест, ба танзим дароварда мешаванд.

2. Тартиб ва шартҳои ба ҳайати эҳтиётии раёсати кадрҳои мақомоти Агентӣ гирифтани кормандонро Низомнома оид ба тартиби адои хизмат дар воҳидҳои ҳифзи ҳуқуқи Агентӣ ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ муайян менамоянд.

3. Давомнокии вақти корӣ барои кормандони мақомоти Агентӣ дар асоси Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар карда мешавад. Ҳангоми зарурати иҷрои корҳои оперативӣ-ҷустуҷӯӣ ва чорабиниҳои тафтишотӣ мумкин аст кормандони мақомоти Агентӣ барои иҷрои вазифаҳои хизматии зиёда аз вақти муқарраршуда, инчунин шабона, рӯзҳои истироҳат ва ид ба кор ҷалб карда шаванд. Дар чунин мавридҳо ҳаққи хизмати корманд тибқи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷуброн карда мешавад. Ҷалб кардани кормандони мақомоти Агентӣ ба иҷрои вазифаҳое, ки ҳамин Қонун ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба зиммаашон вогузор накардааст, манъ аст (Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27.11.2014 *№ 1136*).

**Моддаи 26. Хизмат дар мақомоти Агентӣ**

1. Ба хизмат дар мақомоти Агентӣ шахсе ба кор қабул карда мешавад, ки танҳо шаҳрвандии Ҷумҳурии Тоҷикистонро дошта, синнаш ба 20 расида бошад, дорои таҳсилоти миёна ва (ё) олии касбӣ, сифатҳои зарурии касбӣ ва ахлоқӣ буда, забони давлатиро донад ва вазъи саломатиаш барои адои хизмат дар мақомоти Агентӣ мувофиқ бошад (Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.05.2017 *№ 1441*).

2. Ба хизмат дар воҳидҳои ҳифзи ҳуқуқи Агенти шахсе қабул карда мешавад, ки танҳо шаҳрвандии Ҷумҳурии Тоҷикистонро дошта, синнаш то 35 бошад, дорои таҳсилоти олии касбӣ, сифатҳои зарурии касбӣ ва ахлоқӣ буда, забони давлатиро донад ва вазъи саломатиаш барои адои хизмат дар мақомоти Агентӣ мувофиқ бошад. Нисбати шахсоне, ки аз дигар мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ба хизмат дар Агентӣ гузаштаанд, маҳдудияти синнусолӣ паҳн намегардад (Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.05.2017 *№ 1441*).

3. Ба хизмат ба мақомоти Агентӣ шаҳрвандоне, ки доғи судӣ доштанд ё доранд, ба истиснои онҳое, ки аз тарафи суд сафед карда шудаанд, қабул карда намешаванд.

4. Ишғоли мансаби холӣ дар Агентӣ дар асоси озмун ва дар ҳолатҳои зарурӣ барои ишғоли мансабҳои роҳбарикунанда бо пешниҳоди ҳайати мушовара тибқи талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон сурат мегирад.

5. Нисбати шахсоне, ки аз рӯи ихтисосашон таҷрибаи кофии амалӣ надоранд, то 6 моҳ мӯҳлати коромӯзӣ муқаррар карда мешавад.

6. Ҳангоми қабул шудан ба мақомоти Агентӣ кормандон бо тартиби муқарраршудаи савгандёдкунии хизматчиёни давлатӣ савганд ёд мекунанд.

7. Ба кормандони мақомоти Агентӣ иҷро кардани вазифаи дигари музднок, вакили мақомоти намояндагӣ, узви ҳизб ва ташкилотҳои сиёсӣ ва ба соҳибкорӣ машғул шудан манъ аст, ба истиснои фаъолияти илмиву эҷодӣ ва омӯзгорӣ.

8. Уҳдадорони ҳарбие, ки ба вазифаи ҳайати роҳбарикунандаи хурд, миёна, калон ва олии воҳидҳои

ҳифзи ҳуқуқи Агентӣ таъйин мешаванд, бо тартиби муайяншуда аз қайди ҳарбӣ баромада, дар қайди махсуси воҳидҳои ҳифзи ҳуқуқи Агентӣ гузошта мешаванд.

9. Кормандони дорои рутбаҳои ҳарбӣ, махсус, дараҷавӣ ва тахассусӣ, ки аз дигар мақомоти ҳифзи ҳуқуқу қудратӣ ё ҳокимияти давлатӣ дар воҳидҳои ҳифзи ҳуқуқи Агентӣ ба вазифа таъйин шудаанд, рутбаҳои онҳо ба рутбаҳои махсуси кормандони Агентӣ баробар эътироф карда шуда, мӯҳлати хизмати пештараашон ба мӯҳлати хизмати онҳо дар Агентӣ дохил мешавад. Чунин ҳуқуқҳоро кормандони воҳидҳои ҳифзи ҳуқуқи Агентӣ низ ҳангоми ба дигар мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва ҳокимияти давлатӣ ба кор гузаштан доранд.

10. Кормандони воҳидҳои ҳифзи ҳуқуқи Агентӣ либоси ягона доранд, ки он ройгон дода мешавад. Намунаи он аз ҷониби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда мешавад.

11. Дар сурати ба кормандони воҳидҳои ҳифзи ҳуқуқи Агентӣ таъмин накардани либоси хизматӣ, маблаҷи либос ҷуброн карда мешавад.

12. Синни ниҳоии хизмат дар мақомоти Агентӣ барои мардон 63 сол ва барои занон 58 сол мебошад. Нисбати кормандони воҳидҳои ҳифзи ҳуқуқи Агентӣ синни ниҳоии хизматро вобаста ба рутбаҳои махсус Низомнома оид ба тартиби адои хизмат дар воҳидҳои ҳифзи ҳуқуқи Агентӣ муайян менамояд.

13. Корманди воҳидҳои ҳифзи ҳуқуқи Агентӣ, ки 25 сол ва зиёда аз он собиқаи хизмат дорад, барои аз рӯи собиқаи хизмат ба нафақа баромадан ҳуқуқ дорад (Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 24.02.2017 *№ 1389*).

14. Дар сурати зарурат директори Агентӣ метавонад мӯҳлати дар хизмат будани кормандро бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон то 2 сол дароз намояд. Дар ин ҳолат корманд метавонад фаъолияти хизматии худро дар асоси шартномаи меҳнатии мӯҳлатнок давом диҳад (Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.05.2017 *№ 1441*).

15. Дигар масъалаҳоро доир ба тартиби адои хизмат дар Агентӣ Низомнома оид ба тартиби адои хизмат дар

воҳидҳои ҳифзи ҳуқуқи Агентӣ, ки аз ҷониби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда мешавад, ба танзим медарорад.

**Моддаи 27. Рутбаҳо ва унвонҳои махсуси кормандони мақомоти Агентӣ**

1. Ба кормандони мақомоти Агентӣ вобаста ба вазифаи ишғол кардаашон ва собиқаи кор рутбаҳо ва ё унвонҳои махсус дода мешаванд.

2. Рутбаҳои махсуси кормандони воҳидҳои ҳифзи ҳуқуқи мақомоти Агентӣ аз ҷониби Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар карда мешаванд.

3. Тартиби додани рутбаҳои махсуси ҳайати роҳбарикунандаи хурд, миёна ва калонро Низомнома оид ба тартиби адои хизмат дар воҳидҳои ҳифзи ҳуқуқи Агентӣ, ки аз тарафи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда мешавад, муайян мекунад.

4. Номгӯи мансабҳоеро, ки генералҳо ва полковникҳои хадамоти зиддикоррупсионӣ ва адлия дар Агентӣ ишғол менамоянд, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ менамояд.

5. Рутбаҳо ва ё унвонҳои махсуси кормандони Агентӣ якумра мебошанд. Дар вақти ба истеъфо рафтани кормандони воҳидҳои ҳифзи ҳуқуқи Агентӣ ба рутбаҳои махсуси онҳо ибораи "дар истеъфо" илова карда мешавад.

**Моддаи 28. Таъминоти моддию иҷтимоии кормандони мақомоти Агентӣ**

1. Барои таъмини сатҳи дахлдори зиндагии корманди мақомоти Агентӣ ва оилаи ӯ ба корманд музди меҳнат ва имтиёзҳо муқаррар карда мешавад.

2. Музди меҳнати кормандони мақомоти Агентӣ аз маоши вазифавӣ, иловапулиҳо барои рутбаҳо ва унвонҳои махсус, инчунин собиқаи хизмат иборат аст.

3. Ҳамчунин ба кормандони Агентӣ мувофиқи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон иловапулиҳо барои

шароити махсуси кор ва дигар иловапулиҳо пардохт карда мешавад.

4. Маоши вазифавии кормандони мақомоти Агентӣ, инчунин андоза ва тартиби додани иловапулиҳо барои рутбаҳо ва унвонҳои махсус, собиқаи хизматӣ аз ҷониби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар карда мешавад.

5. Ба кормандони воҳидҳои ҳифзи ҳуқуқи Агентӣ бар ивази озуқаворӣ ҷубронпулӣ пардохта мешавад, ки ҳаҷми онро қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар менамояд.

6. Кормандони воҳидҳои ҳифзи ҳуқуқи Агентӣ ҳангоми иҷрои вазифаҳои хизматиашон ҳуқуқ доранд, ки дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон аз тамоми навъҳои нақлиёти хатти ҳаракати байниноҳиявӣ, байнишаҳрӣ, наздишаҳрӣ ва маҳаллӣ (ба ҷайр аз таксӣ), дар деҳаҳо аз тамоми нақлиёти ҳамсафар, ройгон истифода баранд (Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 24.02.2017 *№ 1389*, аз 30.05.2017 *№ 1441*).

7. Ҳангоми ба сафари хизматӣ баромадани кормандони мақомоти Агентӣ онҳо ҳуқуқ доранд, ки дар меҳмонхонаҳо бенавбат ҷой гиранд ва барои тамоми навъҳои нақлиёт бенавбат чипта гиранд.

8. Ба кормандони мақомоти Агентӣ, ки барои кори доимӣ ба дигар ҷой фиристонида шудаанд, хароҷоти кӯчидан, роҳпулии худ ва аъзои оилаашон пурра пардохта мешавад.

9. Мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ вазифадоранд, ки ба кормандони мақомоти Агентии ба вазифа таъйиншуда ва кормандони эҳтиёҷманд барои беҳтар кардани шароити манзилӣ дар навбати аввал, вале на дертар аз шаш моҳ, новобаста аз муддати дар ҳамин маҳалли аҳолинишин зиндагӣ карданашон, манзили истиқоматии хизматӣ диҳанд. Кормандони мақомоти Агентӣ ба масоҳати иловагии манзил ҳуқуқ доранд.

10. Кормандони мақомоти Агентӣ то ба онҳо аз рӯи тартиби муқарраршуда барои зиндагонии доимӣ додани хонаи истиқоматии хизматӣ барои ҷуброни маблаҷи иҷораи хонаҳои истиқоматӣ ҳуқуқ доранд.

11. Бо ризоияти кормандони мақомоти Агентӣ ба онҳо ба ивази хонаи истиқоматии хизматӣ аз ҳисоби буҷети ҷумҳуриявӣ мутобиқи тартиби муқаррарнамудаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои харидан ё сохтани манзил ба мӯҳлати то 20 сол қарзи бефоиз дода мешавад.

12. Дар хонаҳои истиқоматие, ки кормандони мақомоти Агентӣ зиндагӣ мекунанд, бенавбат телефон гузаронида мешавад. Аз рӯи ҳамин тартиб дар муассисаҳои таълимии томактабӣ, мактаб-интернатҳо, муассисаҳои табобатии тобистона барои фарзандони кормандони мақомоти Агентӣ ҷой муҳайё карда мешавад (Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27.11.2014 *№ 1136*).

**Моддаи 29. Рухсатии меҳнатии кормандони Агентӣ**

1. Ба кормандони мақомоти Агентӣ рухсатии ҳарсолаи пардохтшавандаи давомнокиаш 30 рӯзи тақвимӣ дода мешавад. Роҳпулии рафту омади кормандони воҳидҳои ҳифзи ҳуқуқи Агентӣ ба ҷои истироҳат дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон пардохта мешавад. Рухсатии иловагии ҳарсолаи пардохтшаванда барои собиқаи хизмати давлатӣ ба кормандони мақомоти Агентӣ ба мӯҳлатҳои зерин дода мешавад:

баъди 5 сол - 3 рӯзи тақвимӣ;

баъди 10 сол - 6 рӯзи тақвимӣ;

баъди 15 сол - 10 рӯзи тақвимӣ;

баъди 20 сол - 15 рӯзи тақвимӣ.

2. Ба кормандони мақомоти Агентӣ инчунин дигар намуди рухсатиҳои меҳнатии пешбининамудаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи хизмати давлатӣ", Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Низомнома оид ба тартиби адои хизмат дар воҳидҳои ҳифзи ҳуқуқи Агентӣ дода мешавад.

**Моддаи 30. Тартиби бо нафақа таъмин намудани кормандони Агентӣ**

1. Кормандони воҳидҳои ҳифзи ҳуқуқи Агентӣ, ки бинобар расидан ба синну соли муқарраргардида, бо сабаби бемориӣ ё ки пурра гардидани собиқаи хизматӣ ба нафақа

мераванд, ба имтиёзҳои барои кормандони милитсия пешбининамудаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи таъмини нафақаи хизматчиёни ҳарбӣ", аз ҷумла ба таъминоти тиббӣ дар муассисаҳои табобатие, ки дар он ҷо ба қайд гирифта шудаанд, ҳуқуқ доранд (Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27.11.2014 *№ 1136*).

2. Ҳаҷми нафақаи кормандони воҳидҳои ҳифзи ҳуқуқи Агентӣ, ки аз хизмат бинобар расидан ба синну соли муқарраргардида, аз рӯи беморӣ, ё ки пурра гардидани собиқаи хизматӣ озод шудаанд, аз таъминоти пурраи пулӣ ҳисоб карда мешавад.

3. Ҳангоми ба хизмати мақомоти Агентӣ қабул шудани мугахассисон аз мақомоти судӣ, прокуратура, ҳифзи ҳуқуқ ва ташкилотҳои ҳарбикунонидашуда як соли собиқаи меҳнатиашон барои таъмини нафақа ва илова намудани маоши изофагӣ ба собиқаи хизматӣ баробар ба як соли собиқаи хизматӣ дар воҳидҳои ҳифзи ҳуқуқи мақомоти Агентӣ ҳисобида мешавад. Дигар шаҳрвандоне, ки ба хизмати мақомоти Агентӣ қабул мешаванд, ду соли собиқаи умумии меҳнатии онҳо барои таъмини нафақа ва илова намудани маоши изофагӣ ба собиқаи хизматӣ баробар ба як соли собиқаи хизматӣ дар воҳидҳои ҳифзи ҳуқуқи мақомоти Агентӣ ҳисобида мешавад.

4. Кормандони воҳидҳои ҳифзи ҳуқуқи Агентӣ, ки 20 сол ва аз он зиёдтар хизмат кардаанд ва боз хизматро давом медиҳанд, ҳар моҳ ба таъминоти пулиашон то 20 фоиз маоши иловагӣ мегиранд. Тартиб ва шарти пардохти иловапулии мазкур аз ҷониби Директори Агентӣ муайян карда мешавад.

5. Таъмини нафақаи кормандони воҳидҳои назорати давлатии молиявии Агентӣ мувофиқи тартиби муқарарнамудаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи таъмини нафақаи шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон" ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи нафақаҳои суғуртавӣ ва давлатӣ" амалӣ карда мешавад (Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27.11.2014 *№ 1136*).

**Моддаи 31. Ҳимояи ҳуқуқию иҷтимоии кормандони мақомоти Агентӣ**

1. Кормандони мақомоти Агентӣ намояндагони ҳокимияти давлатӣ буда, таҳти ҳимояи давлат қарор доранд. Хешовандони онҳо, дар мавридҳои истисноӣ бошад, шахсони дигар, ки ба ҳаёт ва саломатиашон ба мақсади монеъ шудан ба фаъолияти қонунии кормандони мақомоти Агентӣ қасд карда мешавад, ҳамчунин моликияти онҳо таҳти чунин ҳимоя қарор доранд.

2. Тартиб ва шароити амалӣ намудани ҳимояи давлатии кормандони мақомоти Агентиро қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян мекунад.

3. Кормандони мақомоти Агентӣ, ки ҳангоми иҷрои вазифаҳои хизматиашон вафот кардаанд, ҳамчунин кормандони аз хизмат ҷавобшудаи мақомоти Агентӣ, ки вобаста ба иҷрои вазифаҳои хизматиашон дар натиҷаи ҷароҳати ҷисмонӣ гирифтан ё ба саломатиашон расонидани зиёни дигар вафот кардаанд, аз ҳисоби маблаҷе дафн карда мешаванд, ки барои бо пул таъмин кардани мақомоти Агентӣ ҷудо карда шудааст.

4. Кормандони мақомоти Агентӣ аз ҳисоби маблаҷҳои буҷети ҷумҳуриявӣ бо суҷуртаи ҳатмии давлатӣ фаро гирифта мешаванд. Дар сурати ба корманди воҳидҳои ҳифзи ҳуқуқи Агентӣ расонидани зарари ҷисмонӣ, ки ба фаъолияти касбӣ машҷул шуданро имконнопазир мегардонад, ба ӯ кумакпулии якдафъаина дар ҳаҷми 6 (шаш) маоши таъминоти пулӣ аз ҳисоби маблаҷҳои дахлдори Агентӣ пардохта мешавад, ки минбаъд ин маблаҷ аз шахсони гунаҳкор рӯёнида мешавад. Ҳангоми ҳалок гардидани корманди воҳидҳои ҳифзи ҳуқуқи Агентӣ, бинобар иҷрои фаъолияти хизматӣ ба оилаи корманди ҳалокгардида ва ё шахсони таҳти саробонии он буда, кумакпулии якдафъаина дар ҳаҷми 8 (ҳашт) маоши таъминоти пулии корманди ҳалокгардида, аз ҳисоби маблаҷҳои дахлдори Агентӣ пардохта мешавад, ки минбаъд аз шахсони гунаҳкор бо ҷуброни ин маблаҷ аз лаҳзаи пардохт рӯёнида мешавад. Ҳангоми пеш аз мӯҳлат рухсат шудани корманди воҳидҳои ҳифзи ҳуқуқи Агентӣ аз хизмат, бо сабаби гирифтор шудан

ба бемории дар рафти иҷрои уҳдадориҳои хизматӣ, ба ӯ кумакпулии якдафъаина ба андозаи 5 (панҷ) маоши таъминоти пулӣ, ки дар рӯзи пардохти кумакпулӣ муқаррар гардидааст, пардохта мешавад (Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 24.02.2017 *№ 1387*).

5. Ба кормандони воҳидҳои назорати давлатии молиявии Агентӣ дар ҳолатҳои пешбининамудаи қисми 4 ҳамин модда, бо тартиб ва андозаи муқаррарнамудаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи хизмати давлатӣ" кумакпулии якдафъаина пардохта мешавад (Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 24.02.2017 *№ 1387*).

6. Агар ба кормандони мақомоти Агентӣ ба иртиботи иҷрои фаъолияти хизматиашон ҷароҳати ҷисмонӣ ё ба саломатиашон зарари дигаре расонида шавад, ки минбаъд ба фаъолияти касбӣ машғул шудани онҳоро ғайриимкон мегардонад, барояшон ҳар моҳ фарқи байни музди миёнаи якмоҳа ва нафақаи ба ҳамин сабаб таъйиншуда, бидуни ба ҳисоб гирифтани маблағи пардохт, ки аз ҳисоби суғуртаи ҳатмии давлатӣ гирифта шудааст, ҷубронпулӣ дода мешавад.

7. Агар кормандони мақомоти Агентӣ вобаста ба фаъолияти хизматиашон вафот кунанд, ҳамчунин кормандони мақомоти Агентии аз хизмат ҷавобшуда, дар натиҷаи вобаста ба фаъолияти хизматӣ ба онҳо ҷароҳати ҷисмонӣ ё ба саломатиашон зиёни дигар расонидан вафот кунанд, ба аъзои ғайри қобили меҳнати оилае, ки дар таъминоти онҳо мебошанд, фарқи байни ҳиссаи барояшон баробаршавандаи қисми музди миёнаи меҳнати вафоткарда ва нафақаи бинобар гум кардани саробон барояшон таъйиншуда, бидуни ба ҳисоб гирифтани маблағи пардохт, ки аз ҳисоби суғуртаи ҳатмии давлатӣ гирифта шудааст, ҳар моҳ ҷубронпулӣ дода мешавад. Барои муайян кардани ин қисми музди миёнаи меҳнати шахси вафоткарда ба шумораи аъзои оилаи дар таъминоташ буда, аз ҷумла аъзои қобили меҳнат тақсим карда мешавад.

8. Барои оилаи корманди вафоткарда ҳуқуқи гирифтани манзили истиқоматӣ бо шарту асосҳое, ки то лаҳзаи вафот

кардани кормандони мақомоти Агентӣ ҷой доштанд, нигоҳ дошта мешавад.

9. Зараре, ки аз несту нобуд ё хароб кардани молу мулки кормандони мақомоти Агентӣ ё ин ки молу мулки аъзои оилаи онҳо вобаста ба иҷрои вазифаҳои хизматиашон расидааст, дар ҳаҷми пурра, аз ҷумла фоидаи аз дастрафта бо тартиби муқарраркардаи қонунгузорӣ ҷуброн мегардад (Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27.11.2014 *№ 1136*).

10. Асос барои надодани суғуртапулӣ ва ҷубронпулии дар ҳамин модда пешбинишуда фақат ҳукм ё қарори суд нисбати шахсе шуда метавонад, ки ба вафот кардани кормандони мақомоти Агентӣ, ба онҳо расидани ҷароҳати ҷисмонӣ ё нобуду хароб кардани молу мулки ба онҳо тааллуқдошта айбдор дониста шудааст ва мувофиқи қарори дахлдор муқаррар шудааст, ки ин ҳодиса ба иҷрои вазифаи хизматиашон вобастагӣ надорад.

11. Парвандаи ҷиноятӣ нисбати корманди мақомоти Агентӣ оиди ҷиноятҳои коррупсионӣ, иқтисодии хусусияти коррупсионидошта ва ҷиноятҳои ба андоз алоқаманд, танҳо аз тарафи Прокурори генералӣ ва Директори Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон оғоз карда мешавад. Тафтиши ин гуна парвандаҳои ҷиноятӣ аз тарафи муфаттишони мақомоти назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсия гузаронида мешавад (Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 19.05.2009 *№ 516*, аз 22.07.2013 *№ 989*).

**Моддаи 32. Асосҳо барои қатъ шудани хизмат дар мақомоти Агентӣ**

1. Хизмат дар мақомоти Агентӣ дар мавриди аз вазифа озод намудан, аз ҷумла бинобар ба истеъфо ва нафақа баромадан қатъ меёбад.

2. Ғайр аз асосҳои пешбинишудаи Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз вазифа озод намудани корманд бо ташаббуси Директори Агентӣ дар мавридҳои зерин сурат гирифта метавонад:

- расидан ба синни ниҳоии хизмат дар мақомоти Агентӣ;

- қатъ шудани шаҳрвандии Ҷумҳурии Тоҷикистон ё соҳиб шудан ба шаҳрвандии давлати дигар (Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.05.2017 *№ 1441*);

- нафақагири Ҷумҳурии Тоҷикистон ё давлати хориҷӣ будан (Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.05.2017 *№ 1441*);

- ба охир расидани мӯҳлати хизмат мувофиқи қарордод;

- риоя накардани шартҳои қарордод аз ҷониби корманд;

- ихтисори басти корӣ;

- дар асоси хулосаи комиссияи тиббии дахлдор оид ба корношоямии корманд бинобар вазъи саломатиаш;

- аз рӯи натиҷаи аттестатсия;

- даҷалона ва ё мунтазам вайрон кардани интизоми хизматӣ;

- содир кардани рафторе, ки ба шарафи корманди Агентӣ иснод меорад ё шикастани савганд;

- ба қувваи қонунӣ даромадани ҳукми айбдоркунии суд;

- тасдиқ гардидани ҳолати аз тарафи корманд фош карда шудани маълумоти дорои сирри давлатӣ, хизматӣ ва сирри дигаре, ки бо қонун ҳифз карда мешавад;

- вайрон кардани тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросимҳо.

3. Дар ҳолати қатъ шудани хизмат корманд аз қайди махсуси мақомоти Агентӣ бароварда шуда, дар қайди ҳарбӣ гузошта мешавад, агар ба синни ниҳоии қайди шахсони эҳтиётӣ барои гузаштани хизмати ҳарбӣ, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ кардааст, нарасида бошад.

4. Дар сурати ғайриқонунӣ аз вазифа озод намудан корманд метавонад ҳуқуқи худро ба воситаи суд ҳимоя намояд.

## БОБИ 6. ҲАМКОРИИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ ҲУҚУҚИИ АГЕНТӢ

### Моддаи 33. Мавзӯи ҳамкории байналмилалии ҳуқуқӣ

1. Агентӣ мутобиқи қонунҳо ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Тоҷикистон ҳамкории байналмилалии ҳуқуқиро бо мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва дигар

мақомоти салоҳиятдори давлатҳои хориҷӣ ва ташкилотҳои байналмилалӣ бо мақсадҳои зерин амалӣ мегардонад:

- ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд;

- мубориза бо ҳуқуқвайронкуниҳо ва ҷиноятҳои коррупсионӣ, иқтисодии хусусияти коррупсионидошта ва ҷиноятҳои ба андоз алоқаманд;

- ҷуброни зарари аз ҷинояткорӣ расонидашуда;

- расонидани ёриихамдигарии ҳуқуқӣ аз рӯи парвандаҳои ҷиноятӣ (Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27.11.2014 *№ 1136*);

- ошкор ва тафтиши ҷиноятҳои коррупсионии трансмиллӣ, кофтукови шахсони ҷиноятсодиркарда барои ба ҷавобгарии муқарраркардаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон кашидани онҳо (Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27.11.2014 *№1136*);

- пешгирӣ намудани қонунигардонии (расмикунонии) даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда ва маблаҷгузории терроризм, инчунин воридшавии ин маблаҷҳо ба иқтисодиёти кишвар ва дигар ҷиноятҳо дар соҳаи иқтисодиёт (Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27.11.2014 *№ 1136*);

2. Агентӣ дар доираи ваколати худ бо мақомоти дахлдори дигар давлатҳо ва ташкилотҳои байналмилалӣ робитаҳо барқарор менамояд, бо онҳо ҳамкорӣ мекунад, оид ба масъалаҳои ёрии ҳуқуқӣ ва мубориза бар зидди ҷинояткорӣ шартномаҳо мебандад. Дар таҳияи шартномаҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон иштирок мекунад (Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 24.02.2017 *№ 1387*).

**Моддаи 34. Принсипҳои ҳамкории байналмилалии ҳуқуқӣ**

1. Агентӣ бо мақомоти ҳифзи ҳуқуқи мамлакатҳои хориҷӣ дар асоси принсипҳои зерин ҳамкорӣ мекунад:

- эҳтироми соҳибихтиёрии давлатҳо ва бемайлон риоя намудани қонунгузории миллӣ ва меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ;

- баробарҳуқуқии тарафҳо;

- афзалияти ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандони мамлакатҳои ҳамкорикунанда, инчунин меъёрҳои аз тарафи умум эътироф гардидаи ҳуқуқи байналмилалӣ;

- ҳамаҷониба ривоҷ додани ҳамкорӣ ва эътимод дар байни мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва дигар мақомоти салоҳиятноки мамлакатҳои ҳамкорикунанда;

- софдилона иҷро кардани уҳдадориҳои байналмилалӣ.

**Моддаи 35. Ваколати Агентӣ оид ба ҳамкории байналмилалӣ**

1. Агентӣ ҳангоми ҳамкории байналмилалӣ ҳуқуқу ваколати пешбининамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалиро, ки онҳоро Тоҷикистон эътироф кардааст, дар ҳалли масъалаҳои зерин истифода мебарад:

- лоиҳаи барномаҳои байнидавлатии мубориза бо ҷиноятҳои коррупсионии муташаккилонаро дар ҳудуди давлатҳои ҳамкорикунанда таҳия мекунад, дар иҷрои чунин барномаҳо ширкат меварзад;

- амалиёти муштарак ва мувофиқашудаи оперативӣ-ҷустуҷӯиву тафтишотӣ оид ба пешгирӣ ва тафтишоти ҷиноятҳоро дар ҳудуди мамлакатҳои ҳамкорикунанда ташкил менамояд ё ба он ёрӣ мерасонад;

- ёрии бевоситаи ахборотӣ, ташкилӣ, ҳуқуқӣ ва дигар ёрии пешбиникардаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ё шартномаҳои байналмилалиро ба мақомоти ҳифзи ҳуқуқи мамлакатҳои ҳамкорикунанда барои пешгирӣ ва ошкор кардани ҷиноятҳо, ҷустуҷӯи ҷинояткорон амалӣ мегардонад (Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27.11.2014 *№ 1136*);

- дар тайёр кардани кадрҳои мақомоти бо коррупсия муборизабаранда, гузаронидани тадқиқотҳои илмӣ дар соҳаи мубориза бо ҷинояткорӣ, ҳимояи ҳуқуқ ва озодии инсон ва шаҳрванд ёрӣ мерасонад ва ёрӣ мегирад;

- дар фаъолияти ташкилотҳои байналмилалии бо коррупсия муборизабаранда иштирок мекунад;

- доир ба лоиҳаҳои шартномаҳои байналмилалӣ, инчунин дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба шартномаҳои амалкунанда пешниҳодҳо таҳия менамояд;

- дигар ваколатҳоро, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофкардаи Тоҷикистон пешбинӣ кардаанд, иҷро менамояд.

## БОБИ 7. ТАЪМИНОТИ МОЛИЯВӢ ВА МОДДИЮ ТЕХНИКИИ МАҚОМОТИ АГЕНТӢ

### Моддаи 36. Таъминоти молиявӣ ва моддию техникии мақомоти Агентӣ

1. Таъминоти молиявӣ ва моддию техникии мақомоти Агентӣ аз ҳисоби буҷети ҷумҳуриявӣ ва аз ҳисоби дигар манбаъҳои маблағгузории пешбинишудаи қонунгузорӣ сурат мегирад. Мақомоти Агентӣ бо биноҳои хизматӣ, нақлиёт, воситаҳои алоқа ва дигар навъҳои таъминот аз ҳисоби буҷети ҷумҳуриявӣ таъмин карда мешаванд.

2. Мақомоти Агентӣ метавонад аз ҳисоби дигар маблағҳо ва воситаҳои моддию техникие, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон манъ накардааст, таъмин карда шаванд.

3. Тартиб ва меъёрҳои таъминоти моддию техникии мақомоти Агентиро Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бо пешниҳоди Директори Агентӣ муқаррар мекунад.

4. Мақомоти Агентӣ метавонад дорои фонди манзили идоравӣ бошад.

5. Таъминоти молиявии фаъолияти Агентӣ аз тарафи Дастгоҳи марказӣ сурат мегирад. Муҳофизати биноҳо ва молу мулки мақомоти Агентӣ ба зиммаи худи мақомоти Агентӣ гузошта мешавад (Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27.11.2014 *№1136*).

### Моддаи 37. Мусоидати мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ба фаъолияти Агентӣ

1. Мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ вазифадоранд мақомоти Агентии дар ҳудудашон воқеъ бударо бо биноҳои алоҳидаи хизматии муносиб таъмин намоянд ва дар амалӣ намудани вазифаҳои онҳо мусоидат намоянд.

## БОБИ 8. МУҚАРРАРОТИ ХОТИМАВӢ

**Моддаи 38. Назорати қонуният дар фаъолияти мақомоти Агентӣ**

1. Назорати риояи дақиқ ва иҷрои якхелаи қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқиро дар фаъолияти мақомоти Агентӣ Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва прокурорҳои тобеи он дар доираи ваколати худ татбиқ менамоянд (Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 24.02.2017 *№ 1387*).

**Моддаи 39. Масъулияти корманди мақомоти Агентӣ**

1. Корманди мақомоти Агентӣ барои вайрон кардани қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, суиистифода аз мансаб, баромадан аз ҳадди ваколати хизматӣ, иҷро накардан ё иҷрои номатлуби вазифаҳои ба зиммааш гузошташуда мутобиқи тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷавобгарии моддӣ, интизомӣ, маъмурӣ ва ҷиноятӣ кашида мешавад.

2. Ҳангоми аз ҷониби корманди мақомоти Агентӣ поймол кардани ҳуқуқу манфиатҳои шаҳрвандон, ба корхонаҳо, муассисаҳо ва дигар ташкилотҳо расонидани зарар, мақомоти Агентӣ вазифадор аст барои барқарор намудани ин ҳуқуқҳо чора андешад ва бо талаби шаҳрванд ба таври расмӣ аз ӯ узр пурсад. Товони зиёни расонидашуда тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷуброн карда мешавад.

**Моддаи 40. Тартиби мавриди амал қарор додани Қонуни мазкур**

Қонуни мазкур пас аз интишори расмӣ мавриди амал қарор дода шавад.

Президенти
Ҷумҳурии Тоҷикистон
Эмомалӣ Раҳмон
ш. Душанбе,
20 марти соли 2008 № 374
Замима ба қарори Ҳукумати
Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз 7 сентябри соли 2006 № 414
тасдиқ шудааст

***Дастурамали баҳисобгирии омории ҷиноятҳои хусусияти коррупсионидошта ва феҳристи чунин ҷиноятҳо***
(қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.11.2007 № 600)

## I. Муқаррароти умумӣ

1. Дастурамали баҳисобгирии омории ҷиноятҳои хусусияти коррупсионидошта ва феҳристи чунин ҷиноятҳо (минбаъд - Дастурамал) ҷиҳати иҷрои талаботи қисми 3 моддаи 14 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25 июли соли 2005, № 100 "Дар бораи мубориза бар зидди коррупсия" бо мақсади таъминоти оморӣ ва иттилоотии раванди татбиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи мубориза бар зидди коррупсия" таҳия шудааст.

2. Дастурамали мазкур тартиби таҳия ва пешниҳоди ҳисоботи оморӣ оид ба натиҷаҳои назорати прокурорӣ доир ба татбиқ ва иҷрои Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи мубориза бар зидди коррупсия", фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ оид ба баррасии аризаҳо ва маълумот бо ҷиноятҳои хусусияти коррупсионидошта, ошкоркунӣ ва тафтиши ҷиноятҳои хусусияти коррупсионидошта, категорияи шахсони чунин ҷиноят содирнамуда, натиҷаи баррасии судии ин парвандаҳои ҷиноятӣ, татбиқи ҷазои ҷиноятӣ ва категорияи шахсони барои содиркунии чунин ҷиноятҳо маҳкумшударо муқаррар менамояд.

## II. Шакл, сохтор, субъектҳо ва заминаҳои ҳисобот

**1. Шакл ва сохтори ҳисобот**

3. Намунаи Ҳисоботи омории шакли № 1-коррупсия (минбаъд - Ҳисоботи омории шакли № 1-коррупсия") ба Дастурамали мазкур замима шудааст.

4. Ҳисоботи омории шакли № 1-коррупсия аз фаслҳои зерин иборат аст:

- Фасли 1 - "Вазъи назорати прокурорӣ аз болои татбиқ ва иҷрои Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи мубориза бар зидди коррупсия";
- Фасли 2 - "Баррасии аризаҳо ва маълумот оид ба ҷиноятҳои хусусияти коррупсионидошта";
- Фасли 3 - "Маълумот оид ба ошкоршавии ҷиноятҳои хусусияти коррупсионидошта";
- Фасли 4 - "Ҷиноятҳои хусусияти коррупсионидошта дар соҳа ва самтҳои фаъолият";
- Фасли 5 - "Ҳолати тафтишоти ҷиноятҳои хусусияти коррупсионидошта"
- Фасли 6 - "Дар бораи шахсоне, ки ҷиноятҳои хусусияти коррупсионидошта содир кардаанд";
- Фасли 7 - "Баррасии судии парвандаҳои ҷиноятӣ оид ба ҷиноятҳои хусусияти коррупсионидошта";
- Фасли 8 - "Оид ба ҷазоҳои таъйиннамудаи судҳо барои содиркунии ҷиноятҳои хусусияти коррупсионидошта"
- Фасли 9 - "Оид ба шахсони барои содир намудани ҷиноятҳои хусусияти коррупсионидошта маҳкумшуда".

**2. Субъектҳо ва заминаҳои таҳияи ҳисобот**

6. Субъектҳои Ҳисоботи омории шакли №1-коррупсия мақомоти зерин мебошанд:

- мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла мақомоти прокуратураи ҳарбии Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- мақомоти корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- мақомоти амнияти Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- Вазорати мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.11.2007 *№ 600*);

- Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.11.2007 *№ 600*);

- Кумитаи давлатии ҳифзи Сарҳади давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- Сарраёсати полиси андоз ва Департаменти гумруки Вазорати даромадҳо ва пардохтҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- Агентии назорати маводи нашъадори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- муассисаҳои ислоҳии Раёсати корҳои ислоҳии Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- ҳама зинаҳои судҳои тобеияти умумӣ ва судҳои ҳарбӣ;

- Шӯрои адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Доираи субъектҳои қисмҳои мушаххаси Ҳисоботи омории шакли № 1-коррупсия ва субъектҳои барои таҳияи ҳисоботҳои ҷамъбастии умумиҷумҳуриявӣ аз рӯи қисмҳои мушаххас бо қисми 2 фасли IҲ ин Дастурамал муайян карда шудаанд.

7. Нишондиҳандаҳои Ҳисоботи мазкур доир ба ошкоркунӣ ва тафтиши ҷиноятҳои хусусияти коррупсионидошта, шахсони онҳоро содирнамуда ва барои содиркунии чунин ҷиноятҳо маҳкумшуда дар асоси ҳуҷҷатҳои бақайдгирии ибтидоӣ - варақаҳои омории шаклҳои № 1.0 (дар бораи ҷинояти ошкоршуда), № 1.1 (дар бораи фошкунии ҷиноят ва натиҷаҳои дигари тафтишот), № 2.0 (дар бораи шахси ҷиноятсодиркарда ва № 3.0 (дар бораи ҳаракати парвандаи ҷиноятӣ) ва дар бораи натиҷаи судии баррасии парвандаи ҷиноятӣ (маълумотномаи шакли № 6) ташаккул меёбанд.

8.Бақайдгирии ҷиноятҳои хусусияти коррупсионидошта, парвандаҳои ҷиноятӣ ва шахсоне, ки чунин ҷиноятҳоро содир намудаанд, тибқи Дастурамал "Дар бораи баҳисобгирии ягонаи ҷиноятҳо" № 11-29-05 аз 23 июни соли 2005, ки бо ҳама субъектҳои бақайдгирии ҷиноятҳо

мувофиқа карда, аз тарафи Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ ва бо фармоиши № 11-33-05 аз 28 июни соли 2005 мавриди амал қарор дода шудааст, амалӣ карда мешавад.

## III. Феҳристи ҷиноятҳои хусусияти коррупсионидошта

### 1. Меъёрҳои мансубияти ҷиноятҳо ба гурӯҳи ҷиноятҳои хусусияти коррупсионидошта

9. Зимни таҳияи Ҳисоботи омории шакли № 1-коррупсия бояд дар назар дошт, ки Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон фасл ё боби махсуси ба ҷиноятҳои коррупсионӣ бахшидашуда надорад. Ин ҷиноятҳо дар таркиби фаслу бобҳои гуногуни Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон оварда шудаанд.

Муайян намудани доираи ҷиноятҳои хусусияти коррупсионидошта бо дарназардошти мавҷудияти нишонаҳои коррупсия дар кирдори мушаххас анҷом дода мешавад.

10. Мутобиқи мафҳуми дар моддаи 1 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи мубориза бар зидди коррупсия" додашуда "Коррупсия - ин кирдори (ҳаракат ё беҳаракатии) шахсони ба иҷрои вазифаҳои давлатӣ ваколатдор ё ба онҳо баробар кардашудае мебошад, ки мақоми худ ё имкониятҳои онро бо мақсади ба манфиати худ ё шахсони дигар ба даст овардани неъматҳои моддӣ ва ғайримоддӣ, бартарият ва имтиёзҳои дигари бо қонунҳо пешбининашуда, инчунин ба ин шахсон ваъда додан, таклиф ё пешкаш намудани ин гуна неъмату бартариятҳо бо мақсади моилкунӣ ва (ё) қадркунии онҳо барои иҷрои ин ё он кирдор (ҳаракат ё беҳаракатӣ) ба манфиати шахсони воқеию ҳуқуқӣ истифода мебаранд."

Аз мафҳуми мазкур аломатҳои зерини таркиби ҷиноятҳои хусусияти коррупсионидошта бармеоянд;

Субъекти ҷиноят - шахсони ба иҷрои вазифаҳои давлатӣ ваколатдор ё шахсони ба онҳо баробаркардашуда, инчунин шахсоне мебошанд, ки ба шахсони барои иҷрои вазифаҳои давлатӣ ваколатдор ё шахсони ба онҳо баробар кардашуда

ғайриқонунӣ неъматҳои моддӣ ва ғайримоддиро ваъда, таклиф ё пешниҳод менамоянд.

Мутобиқи моддаи 1 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи мубориза бар зидди коррупсия" шахсони ба иҷрои вазифаҳои давлатӣ ваколатдор инҳо мебошанд;

шахсоне, ки мансаби давлатии ҳокимияти давлатӣ ё мансаби давлатии хизмати давлатиро мутобиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи хизмати давлатӣ", аз ҷумла дар Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон ишғол мекунанд;

шахсони мансабдори субъектҳои хоҷагидори давлатӣ ва дигар субъектҳои хоҷагидоре, ки ҳиссаи давлат дар моликияти онҳо на кам аз нисфро ташкил медиҳад.

Ба шахсони барои иҷрои вазифаҳои давлатӣ ваколатдор баробар карда шудаанд - шахсони мансабдори мақомоти худидоракунии маҳаллӣ, шахсони мансабдори ташкилотҳо новобаста аз тобеият ва шакли моликият, ташкилотҳои ҷамъиятӣ, ҳизбҳои сиёсӣ ва ташкилотҳои динӣ; шахсоне, ки бо тартиби муқарраркардаи қонун ба сифати номзад ба вазифаҳои давлатии интихобӣ ва аъзои мақомоти давлатии интихобӣ ба қайд гирифта шудаанд, шахсони мансабдори давлатҳои хориҷӣ ва ташкилотҳои байналмилалӣ, ки бо шахсони мансабдор, мақомоти давлатӣ, шахсони воқеӣ ва ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон муносибат доранд.

Тарафи субъективии ҷиноят - кирдорҳои коррупсионии қасдона буда, аз рӯи ғараз ё дигар манфиатдории шахсӣ содир карда мешаванд.

Объекти ҷиноят - фаъолияти муътадил ва бо қонуну дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ танзимшудаи мақомоти давлатӣ, мақомоти худидораи маҳаллӣ, Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон, дигар муассисаҳои давлати, субъектҳои хоҷагидори давлатӣ ва ғайридавлатӣ, ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии шаҳрвандон, шахсони ҳуқуқӣ, давлат ва ҷамъият мебошад.

Тарафи объективии ҷиноят - истифода бурдани вазъи хизматӣ ё имкониятҳои он бо мақсади ба манфиати худ ё шахсони дигар ба даст овардани неъматҳои моддӣ ва ғайримоддӣ, бартарият ва имтиёзҳои дигари бо қонунҳо

пешбининашуда, инчунин ба ин шахсон ваъда додан, таклиф ё пешкаш намудани ин гуна неъмату бартариятҳо бо мақсади моилкунӣ ва (ё) қадркунии онҳо барои иҷрои ин ё он кирдор (ҳаракат ё беҳаракатӣ) ба манфиати шахсони воқеию ҳуқуқӣ.

**2. Оид ба феҳристи ҷиноятҳои хусусияти коррупсионидошта**

11. Дар сурати мавҷуд будани ҳама нишонаҳои дар банди 10 қайдгардида, бо риояи қоидаҳои дар бандҳои 12 ва 13 ин Дастурамал пешбинишуда, ҷиноятҳои зерини дар қисми махсуси Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинигардидаро метавон ба гурӯҳи ҷиноятҳои хусусияти коррупсионидошта мансуб донист ва ба Ҳисоботи омории шакли № 1-коррупсия дохил намуд:

аз боби 26 "Ҷиноятҳо ба муқобили моликият"

- азонихудкунӣ ё исрофкорӣ бо истифодаи ваколати мансабдорӣ (банди "г" қисми 2 моддаи 245, қисмҳои 3 ва 4 ҳамин модда - агар кирдорҳои дар ин бандҳо зикршуда бо истифодаи ваколати мансабдорӣ содир шуда бошанд);
- тасарруфи пулу моли ба тариқи кредит додашуда (моддаи 246)агар он бо истифодаи ваколати мансабдорӣ содир шуда бошад;
- қаллобӣ, бо истифодаи мақоми хизматӣ (банди "г" қисми 2 моддаи 247, инчунин қисмҳои 3 ва 4 моддаи мазкур - агар кирдорҳои дар ин бандҳо зикршуда бо истифодаи мақоми хизматӣ содир шуда бошанд;
- тасарруфи воситаи фондҳои кумаки хориҷӣ (моддаи 257);

аз боби 27 "Ҷиноятҳо дар соҳаи фаъолияти иқтисодӣ"

- монеъ шудан ба фаъолияти қонунии соҳибкорӣ (моддаи 258);
- бақайдгирии аҳди ғайриқонунӣ бо замин (моддаи 261);
- ба расмият даровардани (қонунӣ гардонидани) маблағҳои пулӣ ё амволи дигари ғайриқонунӣ ба даст овардашуда (моддаи 262);

- ғайриқонунӣ гирифтани кредит (моддаи 264) - агар он аз ҷониби роҳбари ташкилоту корхона новобаста аз шакли моликият содир шуда бошад;

- ғайриқонунӣ додани кредит (моддаи 265);

- ғайриқонунӣ истифода бурдани маблаҷ (моддаи 268);

- кирдори инҳисорӣ (монополистӣ) ва маҳдуд кардани рақобат бо истифодаи мақоми хизматӣ (банди "в" қисми 3 моддаи 273);

- бадқасдона вайрон кардани қоидаҳои баргузории тиҷорати оммавӣ, тендер ё музоядаҳо (аукcион) (моддаи 274);

- ифшои сирри тиҷоратӣ ё бонкӣ (моддаи 278):

- ришвадиҳии тиҷоратӣ (моддаи 279);

- ришвадиҳӣ ба иштирокчиён ё ташкилотчиёни мусобиқаҳои касбии варзишӣ ва озмунҳои намоишии тиҷоратӣ (моддаи 280);

- аз хориҷа барнагардонидани воситаҳо ба асъори хориҷӣ (моддаи 287);

- контрабанда (қочоқ) аз ҷониби шахси мансабдор бо истифодаи мақоми хизматӣ (банди "б" қисми 3 моддаи 289), инчунин қисми 4 ҳамин модда агар дар гурӯҳи муташаккил субъекти ҷинояти коррупсионӣ иштирок дошта бошад;

- саркашӣ аз пардохтҳои гумрукӣ бо истифодаи мақоми хизматӣ (банди "б" қисми 2 моддаи 291);

- саркашӣ аз супоридани андозҳо ва (ё) пардохтҳо аз шахси ҳуқуқӣ (моддаи 292);

- саркашии шахси воқеӣ аз пардохти андоз (моддаи 293) (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.11.2007 № 600);

- сӯистифодаи ваколат аз ҷониби кормандони ташкилотҳои тиҷоратӣ ва дигар ташкилотҳо (моддаи 295);

- сӯистифодаи ваколат аз ҷониби аудиторҳо, судяҳои ҳакамӣ (моддаи 296);.

аз боби 30. "Ҷиноятҳо муқобили ҳокимияти давлатӣ ва манфиатҳои хизмати давлатӣ".

- сӯистифода аз ваколатҳои мансабӣ (моддаи 314);

- беамалӣ дар иҷрои вазифа (моддаи 315) (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.11.2007 № 600);

- баромадан аз ҳадди ваколатҳои мансабӣ (моддаи 316);
- соҳибӣ кардани ваколати шахси мансабдор (моддаи 317);
- иштироки ғайриқонунӣ дар фаъолияти соҳибкорӣ (моддаи 318);
- гирифтани пора (моддаи 319);
- додани пора (моддаи 320);
- иғвои порадиҳӣ (моддаи 321)
- сохтакории хизматӣ (моддаи 323);
- гирифтани мукофот бо роҳи тамаъҷӯӣ (моддаи 324);
- додани мукофот ба хизматчӣ (моддаи 325);
- ғайриқонунӣ иҷозат додан ба гирифта гаштан ва нигоҳдории яроқи оташфишон (моддаи 326) (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.11.2007 *№ 600*);
- ғайриқонунӣ нигоҳ доштани муҳофизони шахсӣ ва истифодаи техникаи ҷангӣ бо ҳамин мақсад (моддаи 327);
- хориҷ карда шуд (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.11.2007 *№ 600*).

аз боби 32 "Ҷиноятҳо муқобили адолати судӣ"
- монеъ шудан ба татбиқи адолати судӣ, таҳқиқи ибтидоӣ ва тафтиши пешакӣ, ки бо истифода аз мақоми хизматӣ содир шудааст (қисми 3 моддаи 345);
- дидаю дониста ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидани шахси бегуноҳ (моддаи 348);
- дидаю дониста ғайриқонунӣ баровардани ҳукм, ҳалнома ё дигар актҳои судӣ (моддаи 349);
- сохтакории далелҳои парвандаи ҷиноятӣ аз ҷониби шахси таҳқиқи ибтидоӣ гузаронанда, муфаттиш, прокурор ё ҳимоятгар (қисмҳои 2 ва 3 моддаи 359);
- ғайриқонунӣ озод кардан аз ҷавобгарии ҷиноятӣ (моддаи 360);
- ҳукм, ҳалнома ё санади дигари эътибори қонунӣ пайдонамудаи судро қасдан иҷро накардани намояндаи ҳокимият, хизматчии давлатӣ, хизматчии мақоми худидораи маҳаллӣ, инчунин хизматчии муассисаи давлатӣ, ташкилотҳои тиҷоратӣ ё дигар ташкилот, инчунин барои иҷрои онҳо монеъ шудан (моддаи 363).

аз боби 33 "Ҷиноятҳо ба муқобили хизмати ҳарбӣ"

- сӯистеъмоли ҳокимият ё мақоми хизматӣ, аз ҳадди ваколатҳои мансабӣ ва хизматӣ баромадан ё бефаъолиятии ҳокимият (моддаи 391);

- хорич карда шуд (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.11.2007 *№ 600*).

12. Бояд дар назар дошт, ки баъзе ҷиноятҳои дар боло номбурда аз ҷумла: "Баромадан аз ҳадди ваколатҳои мансабӣ" (моддаи 316), "Соҳибӣ кардани ваколати шахси мансабдор" (моддаи 317), "Сохтакории далелҳои парвандаи ҷиноятӣ аз ҷониби шахси таҳқиқи ибтидоӣ гузаронанда, муфаттиш, прокурор ё ҳимоятгар" (қисмҳои 2 ва 3 моддаи 359 ) ва "Ғайриқонунӣ озод кардан аз ҷавобгарии ҷиноятӣ" (моддаи 360) дар шаклҳои гуногун зоҳир шуда, на ҳамеша хусусияти коррупсионӣ дошта метавонанд.

Аз ин ру, зимни ҳалли масъалаи ҳамчун ҷиноятҳои хусусияти коррупсионидошта ба Ҳисоботи омории шакли № 1-коррупсия дохилкунии онҳо бояд ҳолатҳои мушаххаси кор, ангезаи коррупсионӣ, инчунин ҳама аломатҳои дигари таркиби ҷиноятҳои коррупсиониро доштан ё надоштани онҳо ба назар гирифта шаванд (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.11.2007 *№ 600*).

13. Кирдорҳои дар қисми якуми моддаи 262 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинишуда "Ба расмият даровардани (қонуни гардонидани) маблаҷҳои пулӣ ё амволи дигари ғайриқонунӣ ба даст овардашуда" ҳамчун ҷинояти коррупсионӣ фақат дар ҳолате ба ҳисоб гирифта мешавад, ки агар он бо барасмиятдарории (қонунӣ гардонидани) маблаҷҳои пулӣ ё амволи дар натиҷаи коррупсия бадастовардашуда вобаста бошад.

Кирдорҳои дар банди "в" қисми дуюми ҳамин модда пешбинишуда (ба расмият даровардани (қонунӣ гардонидани) маблаҷҳои пулӣ ё дигар амволи бо роҳи ғайриқонунӣ ба даст овардашуда аз ҷониби шахс бо истифодаи мақоми хизматӣ) новобаста аз манбаъ ва шакли ғайриқонунӣ ба даст овардани маблаҷи пулӣ ё амволи ба расмият даровардашуда (қонунӣ гардонидашуда) ҳамчун ҷинояти хусусияти коррупсионидошта ба ҳисоб гирифта мешавад.

Кирдорҳои дар бандҳои дигари қисми дуюм, инчунин ҳама кирдорҳои дар қисми сеюми моддаи 262 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинишуда дар ҳолате ҳамчун ҷинояти хусусияти коррупсионидошта ба ҳисоб гирифта мешаванд, ки агар бо барасмиятдарории (қонунӣ гардонидани) маблаҷҳои пулӣ ё амволи дар натиҷаи коррупсия бадастовардашуда вобаста бошанд ё аз ҷониби шахс бо истифодаи мақоми хизматӣ содир шуда бошанд.

## IV. Тартиби ташаккул ва пешниҳод намудани ҳисобот

### 1. Ташаккули маълумот аз рӯи қисмҳои Ҳисобот

14. Фасли 1 - "Вазъи назорати прокурорӣ аз болои иҷро ва риояи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи мубориза бар зидди коррупсия" натиҷаҳои фаъолияти мақомоти прокуратураро дар ин самт инъикос намуда, аз рӯи қоидаҳои барои таҳияи ҳисоботи омори шакли № П "Ҳисобот оид ба фаъолияти прокурор" муқарраршуда тартиб дода мешавад.

Маълумоти дар қисми мазкур инъикосшаванда бояд аз маълумоти ҳуҷҷатҳои ибтидоии зерин, ки ба ҳисобот замима мешаванд, асос ёбанд;

- руйхати санҷишҳои вазъи иҷро ва риояи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи мубориза бар зидди коррупсия";
- руйхати санадҳои эътиноии прокурорӣ доир ба вайроншавии Қонуни мазкур;
- руйхати шахсони дар асоси санадҳои эътиноии прокурорӣ ба ҷавобгарии интизомӣ, моддӣ ва маъмурӣ ҷалбкардашуда;
- руйхати парвандаҳои ҷиноятии дар натиҷаи ин санҷишҳо ва дигар чорабиниҳо оҷозкардашуда;
- маълумотнома оид ба микдори зарари бо санадҳои эътиноии прокурорӣ барқароршуда бо замимаи ҳуҷҷатҳои тасдиққунанда.

Дар сутуни 1-уми фасли мазкур микдори санҷишҳои умумии вазъи иҷро ва риояи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон

"Дар бораи мубориза бар зидди коррупсия" нишон дода мешаванд.

Дар сутуни 2-и фасл ҳамчун "дигар чорабиниҳо" миқдори санҷишҳо аз рӯи аризаҳо ва маълумот, инчунин чорабиниҳои бо мақсади дар ҷои ҳодиса бо далели шайъӣ дастгиркунии шахсон гузаронидашуда нишон дода мешаванд.

Ҳама рақамҳои дар сутунҳои 1-12 муқобили сатри ҷамъбастии 1-ум нишондодашаванда, минбаъд дар сатрҳои 2-37 аз рӯи навъи мақомоти идоракунӣ, мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, мақомоти назоратӣ ва соҳаҳои фаъолият тақсим карда мешаванд.

15. Фасли 2 - "Баррасии аризаҳо ва маълумот оид ба ҷиноятҳои хусусияти коррупсионидошта" фаъолияти ҳама мақомоти ҳифзи ҳуқуқро оид ба баррасии аризаҳо ва маълумот оид ба ҷиноятҳои хусусияти коррупсионидошта инъикос менамояд.

Хориҷ карда шуд (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.11.2007 _№ 600_).

16. Фасли 3 - "Маълумот оид ба ошкоршавии ҷиноятҳои хусусияти коррупсионидошта" аз рӯи маълумоти варақаҳои омории шаклҳои № 1.0 (дар бораи ҷинояти ошкоршуда) ва № 1.1 (дар бораи фошкунии ҷиноят ва натиҷаҳои дигари тафтишот) пур карда шуда, миқдори ҷиноятҳои бақайдгирифта, парвандаҳои ҷиноятии оҷознамуда ва миқдори маводи бо асосҳои ғайрисафедкунанда аз оҷози парвандаи ҷиноятӣ раднамудаи мақомоти прокуратура, корҳои дохилӣ, амният, Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Агентии назорати маводи нашъадори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар бар мегирад (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.11.2007 _№ 600_).

Хориҷ карда шуд (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.11.2007 _№ 600_).

17. Фасли 4 - "Ҷиноятҳои хусусиятн коррупсионидошта дар соҳаҳо ва самтҳои фаъолият" аз рӯи маълумоти варақаҳои омории шакли № 1.0 (дар бораи ҷинояти

ошкоршуда) ва шакли № 1.1 (дар бораи фошкунии ҷиноят ва натиҷаҳои дигари тафтишот) пур карда шуда, мансубияти соҳавии ҷиноятҳои ошкоршударо ташкил медиҳад.

Дар сутуни 1 ин фасл ҳама ҷиноятҳои хусусияти коррупсионидошта, ки дар давраи ҳисоботӣ парвандаҳои ҷиноятӣ нисбати онҳо бо тасдиқи фикри айбдорӣ ба суд фиристода шудааст, бо асосҳои ғайрисафедкунанда парвандаи ҷиноятӣ нисбати онҳо қатъ карда ё аз оғози парвандаи ҷиноятӣ бо чунин асосҳо аз тарафи мақомоти барои мубориза бар зидди коррупсия ваколатдор рад карда шудааст, нишон дода мешаванд (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.11.2007 *№ 600*).

18. Фасли 5 "Ҳолати тафтишоти ҷиноятҳои хусусияти коррупсионидошта" аз рӯи маълумотҳои Ҳисоботи давлатии оморӣи шакли №1Е "Оиди кори тафтишот" пешбинишуда ва рӯйхатҳои ба он замимашаванда пур карда мешавад (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.11.2007 *№ 600*).

19. Фасли 6 "Дар бораи шахсоне, ки ҷиноятҳои хусусияти коррупсионидошта содир кардаанд" дар асоси маълумоти варақаи омории шакли № 2.0 (дар бораи шахси ҷиноят содиркарда) пур карда шуда, мансубияти идоравӣ ва мансабҳои ишғолнамудаи шахсони ҷиноятҳои хусусияти коррупсионидошта содирнамударо инъикос менамояд.

Бояд дар назар дошт, ки ба гурӯҳи шахсони ҷиноят содирнамуда ҳама шахсоне, ки парвандаҳои ҷиноятӣ нисбати онҳо бо тасдиқи фикри айбдоркунӣ ба суд фиристода шудааст, бо асосҳои ғайрисафедкунанда парвандаи ҷиноятӣ нисбати онҳо қатъ карда ё аз оғози парвандаи ҷиноятӣ бо чунин асосҳо рад карда шудааст, дохил мешаванд (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.11.2007 *№ 600*).

Миқдори умумии чунин шахсон дар давраи ҳисоботӣ дар сутуни 1-уми фасл дарҷ карда мешаванд.

Дар сутуни 2 миқдори шахсоне, ки аз ҷавобгарии ҷиноятӣ озод карда шудаанд, нишон дода шавад (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.11.2007 *№ 600*).

Рақамҳои дар сутуни 2 овардашуда аз рӯи категорияи шахсони мансабдор дар сутунҳои минбаъда тақсим карда

мешаванд (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.11.2007 *№ 600*).

20. Фаслҳои 7, 8 ва 9 Ҳисоботи омории шакли № 1-коррупсия дар асоси маълумоти варақаи оморӣ "Дар бораи натиҷаи баррасии судии парвандаи ҷиноятӣ" (маълумотномаи шакли № 6), ки шакли он аз тарафи Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар субъектҳои бақайдгирӣ ва баҳисобгирии ҷиноятҳо бо ҳамбастагии Шӯрои адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда шудааст, ташкил дода мешаванд.

21. Дар фасли 7 "Баррасии судии ҷиноятҳои хусусияти коррупсионидошта" ҷамъи сутунҳои 1 ва 3 ба ҷамъи сутунҳои 5, 22, 23, 24, 25 бояд баробар бошанд.

Ба монанди ин ҷамъи сутунҳои 7, 9, 11 ва 15 бояд ба ннщондиҳандаи сутуни 5 баробар бошанд.

22. Фасли 8 Ҳисобот "Оид ба ҷазоҳои таъйиннамудаи судҳо барои содиркунии ҷиноятҳои хусусияти коррупсионидошта" давоми фасли 7 буда, маълумоти он на миқдори парвандаҳои ҷиноятии дар судҳо баррасишуда, балки миқдори шахсони дар давраи ҳисоботи аз ҷониби судҳо маҳкумшударо инъикос менамоянд. Аз ин рӯ, ҷамъи маълумоти дар сутунҳои 1-8 фасли 8 бақайдгирифташуда бояд ба миқдори умумии маҳкумшудагон, ки дар сутуни 16 фасли 7 нишон дода мешаванд, баробар бошанд.

Дар фасли 8 ҳамчунин ҷамъи маълумоти дар сутунҳои 9-13 қайдшаванда бояд бо маълумоти сутуни 8-и худи ҳамин фасл баробар бошанд.

Бояд дар назар дошт, ки мутобиқи моддаи 48 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷарима, маҳрум кардан аз ҳуқуқи ишғоли мансабҳои муайян ва ё машғул шудан ба фаъолияти муайян метавон ҳам ба сифати ҷазоҳои асосӣ ва ҳам ба сифати ҷазои иловагӣ татбиқ шаванд.

Аз ин рӯ, дар ҳолате, ки ҷазоҳои мазкур ба сифати ҷазоҳои асосӣ таъйин шуда бошанд, ҷаримаро фақат дар сутуни 2 ва маҳрум кардан аз ҳуқуқи ишғоли мансабҳои муайян ва ё машғул шудан ба фаъолияти муайянро фақат дар сутуни 3 нишон дода, такроран онҳо дар сутунҳои 17 ва 19 нишон дода намешаванд.

23. Фасли 9 "Оид ба шахсони барои содир намудани ҷиноятҳои хусусияти коррупсионидошта маҳкумшуда" мансубияти идоравӣ, соҳавӣ ва вазифаҳои ишғолнамудаи шахсони барои содир намудани чунин ҷиноятҳо маҳкумшударо инъикос менамояд.

24. Ба ғайр аз фаслӣ-4 дар тамоми фаслҳои боқимоидаи Ҳисобот сатрҳои 1- 41 номгӯи ҷиноятҳои хусусияти коррупсионидоштаро инъикос намуда, ҷамъи рақамҳои дар муқобили ин сатрҳо овардашаванда дар ҳар як саҳифаи ҳисобот бояд ба маълумоти сатри 42 ва танҳо фасли 2 ба маълумотҳои сатри 43 нишондодашуда баробар бошанд.

25. Дар сатри 25 фасли 1 ва умуман дар ҳама фаслҳои дигари ҳисобот таҳти мафҳуми "Сохторҳои низомӣ" ҷузъу томҳои Вазорати мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи давлатии ҳифзи Сарҳади давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати ҳолатҳои фавқулодда ва мудофиаи граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон, қушӯнҳои дохилии Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раёсати корҳои ислоҳии Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Агентии таъмини амволи махсуси назди Вазорати иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон, Гвардияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар назар дошта шудаанд.

**2. Тартиби таҳия ва пешниҳоди ҳисобот**

26. Субъекти Ҳисоботи омории шакли № 1-коррупсия аз рӯи фасли 1 "Вазъи назорати прокурорӣ аз болои иҷро ва риояи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи мубориза бар зидди коррупсия" фақат мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошанд.

27. Субъектҳои ҳисобот аз рӯи фасли 2- "Баррасии аризаҳо ва маълумот оид ба ҷиноятҳо ва ҳуқуқвайронкуниҳои коррупсионӣ" тамоми субъектҳои дар банди 6 Дастурамал нишон дода шуда, ба истисноии Шӯрои адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошанд.

28. Фаслҳои 1 ва 2 Ҳисоботи омории шакли № 1-коррупсия ҳар нимсола ва солона пешниҳод шуда, аз ҷониби мақомоти прокуратура ҷамъбаст ва дар ин замина ҳисоботи минтақавӣ ва ҷумҳуриявӣ тартиб дода мешаванд.

Субъектҳои фаслҳои 1-2 ҳисобот дар ВМКБ, вилоятҳо ва шаҳри Душанбе ҳисоботи худро барои ҷамъбаст ба шӯъбаҳои омор ва таҳлили прокуратураҳои ВМКБ, вилоятҳо, шаҳри Душанбе, дар шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ бошад, ба Шӯъбаи омор ва таҳлили Прокуратураи генералӣ на дертар аз санаи 1-уми моҳи навбатии баъди нимсолаи (соли) ҳисоботӣ пешниҳод менамоянд.

Шӯъбаҳои омор ва таҳлили прокуратураҳои вилоятҳо (ВМКБ, шаҳри Душанбе,), инчунин мақомоти марказии (ҷумҳуриявии) субъектҳои ҳисоботи мазкур ҳисоботи омориро аз рӯи фаслҳои 1-2 ба Шӯъбаи омор ва таҳлили Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон на дертар аз санаи 5-уми моҳи навбатии баъди нимсолаи (соли) ҳисоботӣ пешниҳод менамоянд.

Шӯъбаи омор ва таҳлили Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳар нимсола ва солона дар мӯҳлатҳои на дертар аз санаи 10- уми моҳи аввали баъди давраи ҳисоботӣ аз рӯи фаслҳои 1-2 ҳисоботҳои ҷумҳуриявиро таҳия намуда, ба Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати истифода дар таҳияи ахборот ба номи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод менамояд.

29. Субъектҳои Ҳисоботи омории шакли № 1-коррупсия аз рӯи фасли 3 - "Маълумот оид ба ошкоршавии ҷиноятҳои хусусияти коррупсионидошта" ва фасли 4 - "Ҷиноятҳои хусусияти коррупсионидошта дар соҳаҳо ва самтҳои фаъолият" ҳама субъектҳои бақайдгирии ҷиноятҳо буда, онҳо ҳар моҳ оид ба бақайдгирии ҷиноятҳо ва фошкунии онҳо, инчунин оиди шахсони ҷиноятсодиркарда ба Раёсати ахбори Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ҷамъи афзуншаванда бо нишон додани минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон маълумотҳо пешниҳод мекунанд (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.11.2007 № 600).

Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси маълумоти гирифташуда, вобаста ба ошкоршавии ҷиноятҳои хусусияти коррупсионидошта ва паҳншавии онҳо дар соҳа ва самтҳои фаъолият тибқи фаслҳои 3-4 ҳисоботи

мазкур ҳар нимсола ва солона бо дарназардошти маълумоти афзуншаванда бо тақсим намудан ба субъектҳои бақайдгирӣ ва минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, маълумоти ҷамъбастӣ тартиб дода ба Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Кумитаи давлатии омори Ҷумҳурии Тоҷикистон, пешниҳод менамояд (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.11.2007 *№ 600*).

30. Субъектҳои Ҳисоботи омории шакли №1-коррупсия аз рӯи фасли 5 - "Ҳолати тафтишоти ҷиноятҳои хусусияти коррупсионидошта" ва фасли 6 "Дар бораи шахсоне, ки ҷиноятҳои хусусияти коррупсионидошта содир кардаанд" Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон мақомоти прокуратура, корҳои дохилӣ, амният, Агентии вазорати маводи нашъадори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошанд (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.11.2007 *№ 600*).

Фаслҳои 5-6 Ҳисоботи омории шакли №1-коррупсия ҳисоботп ҳармоҳа бо ҷамъи афзуншаванда буда, аз рӯи тартиб ва мӯҳлатҳое, ки барои ҳисоботи омории шакли № 1-Е "Ҳисобот оид ба кори тафтишотӣ" муқаррар шудаанд, таҳия гардида, ба мақомоти прокуратура пешниҳод, аз рӯи он дар мӯҳлатҳои номбаршуда ҷамьбаст карда, ҳисоботҳои минтақавӣ (вилоятӣ ва ш.Душанбе) ва ҷумҳуриявӣ тартиб дода мешаванд.

31. Субъектҳои Ҳисоботи омории шакли № 1-коррупсия аз рӯи фасли 7 "Баррасии судии ҷиноятҳои хусусияти коррупсионидошта", фасли 8 "Оид ба ҷазоҳои таъйиннамудаи судҳо барои содиркунии ҷиноятҳои хусусияти коррупсионидошта", фасли 9 "Оид ба шахсони барои содир намудани ҷиноятҳои хусусияти коррупсионидошта маҳкумшуда" ҳамаи зинаҳои судҳои тобеияти умумӣ ва судҳои ҳарбӣ мебошанд. Ин мақомот ҳисоботи худро аз рӯи ин шаклҳо ҳар нимсола ва солона аз рӯи маълумоти ҷамъшуда ба Шӯрои адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод менамоянд.

Шӯрои адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳисоботи ҷамъбастиро аз рӯи фаслҳои номбурда ҳар нимсола ва солона дар мӯҳлатҳои на дертар аз санаи 5-уми моҳи навбатии баъди давраи (нимсолаи, соли) ҳисоботӣ ба Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод менамояд (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.11.2007 *№ 600*).

32. Раёсати ахбори Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун манбаи асосии маълумот оид ба бақайдгирии ҷиноятҳо, шахсони ҷиноятсодиркарда, шахсони маҳкумшуда ва ҳаракати парвандаҳои ҷиноятӣ ҳар нимсола ва солона ба Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки масъули пешбурди мониторинги омории вазъи мубориза бар зидди коррупсия мебошад барои таҳлил ва муқоиса аз рӯи фаслҳои 3-9 Ҳисоботи омории шакли № 1-коррупсия маълумотномаи ҷамъбастӣ пешниҳод менамояд (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.11.2007 *№ 600*).

33. Ҷиноятҳои зерин аз рӯи тартиби дар ҳамин Дастурамал пешбинишуда дар ҳисоботи омории шакли "№ 1-коррупсия"-и мақомоти Агентӣ дарҷ карда шаванд:

- соҳибкории ғайриқонунӣ (моддаи 259);
- истеҳсол, ба даст овардан, нигоҳдорӣ, ҳамлу нақл ё ба муомилот баровардани мол ва маҳсулоти тамғанашуда" (моддаи 2591);
- соҳибкории сохта (моддаи 260);
- бақайдгирии аҳди ғайриқонунӣ бо замин (моддаи 261);
- ба расмият даровардани (қонунн гардонидани) маблаҷҳои пулӣ ё амволи дигари ғайриқонунӣ ба даст овардашуда (моддаи 262);
- ҳаракати ғайриқонунӣ ҳангоми муфлисшавӣ (моддаи 269);
- муфлисшавии бадқасдона (моддаи 270);
- муфлисии сохта (моддаи 271);

- сохтакорона тайёр кардан, ба муомилот баровардани маркаҳои боҷи аксизӣ, маркаҳои махсус ё аломатҳои мутобиқатӣ ва ё истифодаи онҳо (моддаи 3401) (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.11.2007 *№ 600*).

Эзоҳ: Ҳисоботи омории шакли № 1-коррупсия дигар шаклҳои амалкунандаи ҳисоботҳои омории мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, судҳо ва Шӯрои адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистонро иваз, бекор ё дигар намекунад.

Маълумоти ба Ҳисоботи омории шакли № 1-коррупсия дохилшаванда иловагӣ буда, бояд ба маълумоти дигар шаклҳои ҳисоботи амалкунандаи мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, судҳо ва Шӯрои адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ба меъёрҳои дигари баҳисобгирии ҷиноятҳо ва шахсони онҳоро содирнамуда асос ёфтаанд, такя намоянд.

Замима
ба Дастурамали баҳисобгирии
омории ҷиноятҳои хусусияти
коррупсионидошта ва феҳристи
чунин ҷиноятҳо, ки бо қарори
Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз 7 сентябри соли 2006 № 414
тасдиқ шудааст

***ҲИСОБОТИ ОМОРИИ Шакли №1-коррупсия***

| 1 | 2 | 3 | 4 |
|---|---|---|---|
| Ташкилоти тахиякунандаи хисобот | Вазоратҳо (идорахо) | Шаклхои моликият | Махалхо |
| Рамзхоро мақомоти омор мегузоранд | Моҳона, нимсола ва солона | | |

______________________________ барои соли 200

* Намунаи Ҳисоботи омории шакли № 1 - коррупсия, ки аз фаслҳои 1-9 иборат аст, дар нусхаи аслӣ оварда шудааст

Бо қарори Ҳукумати
Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз "28" октябри соли 2016 № 465
тасдиқ шудааст

# МЕТОДОЛОГИЯИ ТАРТИБ ВА МЕТОДИКАИ ГУЗАРОНИДАНИ ТАҲЛИЛИ ФАЪОЛИЯТ (ХАВФҲОИ КОРРУПСИОНӢ)

## 1. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

1. Методологияи тартиб ва методикаи гузаронидани таҳлили фаъолият (хавфҳои коррупсионҳ) (минбаъд - методология) асосҳои ташкилӣ ва методии раванди баҳодиҳии (таҳлили) хавфҳои коррупсияро дар вазоратҳо, кумитаҳои давлатӣ, дигар мақомоти давлатӣ, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, дигар мақомоти ташкилоткунии давлатӣ, мақомоти худташкилоткунии шаҳрак ва деҳот, субъектҳои хоҷагидори давлатӣ, субъектони хоҷагидоре, ки на кам аз нисфи сармояи оинномавии нҳоро ҳиссаи давлат ташкил медиҳад, инчунин ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ, аз ҷумла иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, ҳизбҳои сиёсӣ, ташкилотҳои байналмилалие, ки дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолият мекунанд (минбаъд - ташкилот) муқаррар менамояд.

2. Мақсади методологияи мазкур, бо дарназардошти таҳлили фаъолият (хавфҳои коррупсионҳ) дар ташкилотҳо раванди ошкор намудани омилҳои институтсионалӣ, ки ба коррупсия мусоидат менамоянд ё метавонанд ба он замина гузоранд ва ҳамчунин таҳияи тавсияномаҳо оид ба аз байн бурдани натиҷаҳои таъсири онҳо мебошад.

3. Мафҳумҳои асосие, ки дар методологияи мазкур истифода шудаанд:

- хавф - эҳтимолияти он, ки ҳолати муайян метавонад ҷой дошта бошад ё амали муайян ба вуқӯъ пайвандад, ки вобаста ба омилҳои хавф метавонад гуногун бошад;

- омилҳои хавф - шароит ё ҳолати ҷузъӣ, ки ба дараҷаи хавф таъсир расонда, ба пайдошавии падидаи муайян ё

зуҳури ягон амал ё имконияти гирифтани ягон бартарият ба ҳар шакл мусоидат менамояд;

- ошкор намудани хавфҳо - баҳодиҳии хавфи имконпазир, сабаб ва оқибатҳои он ва ҳамчунин баҳодиҳии имкониятҳои ташкилот оид ба мубориза бо коррупсия;

- таҳлили хавфҳо - муайян намудани авлавияти хавфҳо тариқи ошкор намудани онҳо бо пешниҳоди иттилооти муфассали ба зуҳуроти коррупсия дахлдошта;

- осебпазирӣ - вазъи воқеӣ, ки қобилияти таъсиррасониро ба хавфҳои мавҷудбуда ё эҳтимолиро паст менамояд ва ё ин, ки ба пайдоиш ва рушди онҳо мусоидат мекунад;

- намудҳои осебпазири фаъолият - намуди фаъолияти ташкилот, ки вобаста ба хусусияти худ хавфи баланди коррупсияро ба вуҷуд оварда ба таври зайл ифода мешаванд: набудани меъёрҳо, нопуррагии меъёрҳо, басанда набудани меъёрҳое, ки ба риояи талаботи оид ба покниҳодӣ равона шудаанд, шиносоии нопурраи ҳайати кормандон бо санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, ба таври дахлдор татбиқ накардани меъёрҳо;

- нақшаи мукаммал - нақшаи мушаххаси амал бо мақсади аз байн бурдан ё коҳиш додани омилҳои коррупсионӣ дар доираи фаъолияти ташкилот, ки ба пайдоиши коррупсия дар ташкилот мусоидат мекунанд ё рағбатоварандаанд.

4. Таҳлили фаъолият (хавфҳои коррупсионҳ) бо мақсадҳои зерин амалӣ карда мешавад:

- ошкор намудани омилҳои институтсионалӣ, ки ба коррупсия мусоидат менамоянд ё метавонанд мусоидат кунанд;

- таҳияи тавсияномаҳо оид ба истисно намудан ё паст намудани натиҷаҳои таъсироти онҳо (таҳияи нақшаҳои мукаммал).

5. Ба принсипҳои таҳлили фаъолият (хавфҳои коррупсионҳ) дохил мешаванд:

- қонуният;

- холисӣ ва беғаразҳ;

- шаффофият ва ошкорбаёнӣ дар раванди таҳлили (хавфҳои коррупсионҳ) ба истисноии маҳдудиятҳои пешбининамудани қонунгузорҳ;

- риояи манфиатҳои ҷамъиятӣ (оммавӣ);
- ҳисоботдиҳӣ.

## 2. ТАРТИБИ ТАШКИЛИ РАВАНДИ ТАҲЛИЛИ ФАЪОЛИЯТ (ХАВФҲОИ КОРРУПСИОНӢ) ВА ДАВРАҲОИ ОН

6. Таҳлили фаъолият (хавфҳои коррупсионӣ) дар доираи фаъолияти ташкилот аз тарафи гурӯҳи оид ба баҳодиҳии хавфҳои коррупсия (минбаъд - гурӯҳи оид ба баҳодиҳӣ), ки бо санади дахлдори роҳбари ташкилот таъсис дода шудааст, ба роҳ монда мешавад. Гурӯҳи оид ба баҳодиҳӣ аз ҳисоби роҳбарияти сарраёсатҳо, раёсатҳо, шӯъбаҳо ва бахшҳои ташкилот (аз 5 то 7 нафар), аз ҷумла корманди дастгоҳи марказии Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсия (минбаъд - Агентӣ) ташкил карда мешавад. Роҳбари гурӯҳ аз ҳисоби роҳбар ё муовини роҳбари ташкилот таъйин карда мешавад.

7. Таҳлили фаъолият (хавфҳои коррупсионӣ) аз давраҳои зерин иборат аст:

- таҳлили шароити қаблӣ;
- таҳлили хавфҳои коррупсионии бевосита ҷойдошта;
- баҳодиҳӣ ва таҳияи тавсияномаҳо ҷиҳати бартараф намудани омилҳои номатлуб.

8. Натиҷаи давраҳои таҳлили фаъолият (хавфҳои коррупсионӣ) дар ҷаласаҳои гурӯҳи оид ба баҳодиҳӣ мавриди баррасӣ қарор дода шуда, дар ин хусус ҳисобот тартиб дода мешавад ва дар муддати 30 рӯзи корӣ якҷоя бо нақшаи чорабиниҳо ба Агентӣ пешниҳод карда мешавад.

9. Агентӣ ташкилотеро, ки барои гузаронидани таҳлили фаъолият (хавфҳои коррупсионӣ) дар асоси маълумотҳои оморӣ, пурсиши афкори ҷомеа, ҳисобот дар бораи коррупсия, таҳлилҳо ва тадқиқоти махсус дар бораи коррупсияро доро мебошанд, интихоб менамояд ва дар муддати на камтар аз 2 моҳ то оғози фаъолияти баҳодиҳӣ ба ташкилоти интихобшуда хабар медиҳад ва ҳамчунин ин иттилоотро дар сомонаи интернетии Агентӣ ҷой медиҳад.

10. Шумораи ташкилотҳое, ки Агентӣ дар як вақт дар онҳо таҳлили фаъолият мегузаронад, вобаста аз мураккабии сохтори ташкилии ташкилоте, ки дар он баҳодиҳӣ

гузаронида мешавад, миқдори равандҳои корӣ, ки аз тарафи ин ташкилот ба иҷро расонидашаванда ва захираҳои кадрии доробудаи Агентӣ, таҷйир дода мешаванд.

11. Дар доираи ваколати гурӯӣ оид ба таҳлили фаъолият (хавфҳои коррупсионҳ) корманди Агентӣ дорои уҳдадориҳои зерин аст:

- ба кормандони ташкилот, ки дорои вазифаи роҳбарикунандаанд, дар бораи консепсия, мақсад ва муҳимияти таҳлили хавфҳои коррупсионӣ дастур медиҳад;

- нисбати усулҳои ҷамъоварӣ ва баҳодиҳии заминаи меъёрии ҳуқуқӣ, сохторҳои ташкилӣ, иттилоот дар бораи қоидаҳои ахлоқ, усулҳои ҳаммонандкунӣ ва тадқиқоти омилҳои хавф дастур ва машварат медиҳад;

- мониторинги фаъолият оид ба таҳлили фаъолиятро (хавфҳои коррупсионҳ) амалӣ менамояд;

- дар бораи таҳияи нақшаи фаъолияти гурӯӣ оид ба баҳодиҳӣ, тартиб додани ҳисобот дар бораи баҳодиҳии хавфҳои коррупсионӣ ва нақшаи мукаммал, тавсияҳо медиҳад;

- дар ҷаласаҳои гурӯӣ оид ба баҳодиҳӣ иштирок менамояд ва дар робита бо дурустии риояи тартибот, дар ҳолати зарурӣ, бо пешниҳоди таклифҳо ё тавсияҳое, ки ба ҳисобот оид ба баҳодиҳӣ замима карда мешаванд, изҳороти худро баён менамояд.

- таҳия ва татбиқ намудани нақшаи мукаммалро бо ҳамдигар мувофиқ менамояд.

## 3. ТАҲЛИЛИ ФАЪОЛИЯТИ (ХАВФҲОИ КОРРУПСИОНИИ) ШАРОИТҲОИ ПЕШАКӢ

12. Таҳлили фаъолияти (хавфҳои коррупсионии) шароитҳои пешакӣ чунин омилҳоро ба назар мегирад:

- таҳлили мубрами қонунгузорӣ барои ташкилот;

- таҳлили сохторҳои ташкилии ташкилот;

- таҳлили қоидаҳои одоб (рафтор, деонтология, ё дигар ҳолатҳое, ки ба рафтори кормандони ташкилот дахл доранд).

13. Таҳлили фаъолияти (хавфҳои коррупсионии) шароитҳоии қаблӣ (пешакҳ) асосҳои қонунгузорӣ инро дар назар дорад:

- таҳлили асосҳои қонунгузорӣ (қонунҳо ва санадҳои зерқонунӣ, аз ҷумла идоравӣ), ки ба ташкилот дахл доранд;

- таҳлили низомномаҳое, ки ба намудҳои осебпазири фаъолият дахл доранд.

14. Ҳангоми таҳлили заминаҳои қонунгузорӣ диққати махсус ба муқаррароти қонунгузорӣ марбут ба фаъолияти осебпазир дода мешавад. Дар ин замина амалҳо бояд ба ошкор кардани ҳолатҳои зерин: мавҷуд набудани меъёрҳо, нопуррагии онҳо, меъёрҳое, ки ба тамомият равона нашудаанд, иттилоотонии нокифояи кормандон оид оид ба меъёрҳо, ба таври дахлдор татбиқ нагаштани меъёрҳо, равона карда шаванд.

15. Намудҳои осебпазири фаъолият метавонанд, ҳам намудҳои марбут ба сохтори дохилии ташкилот ва ҳам намудҳои фаъолияти ба вазифаҳои ташкилот (вазифаҳои берунӣ) дахл дошта бошанд.

16. Баҳодиҳии меъёрҳое, ки ба намудҳои осебпазири фаъолият алоқамананд, метавонанд, мутобиқи намуна аз замимаи 1 методологияи мазкур амалӣ карда шавад.

17. Намудҳои осебпазири фаъолияте, ки ба сохтори дохилии ташкилот дохил мешаванд, дар навбати аввал алоқамананд бо:

- маъмурикунонии иттилоот (ҳифз намудани иттилооти дохилӣ, пешниҳод намудани иттилооти махфӣ, таҳия, баррасӣ, нигоҳдории маъмурикунонӣ (нигоҳдорӣ);

- нусхабардории ҳуҷҷатҳо, аз он ҷумла ҳуҷҷатҳои махфии электронӣ, гардиши дохилӣ ва берунии ҳуҷҷатҳо, аз он ҷумла электронӣ ва махфӣ;

- маъмурикунонии воситаҳои молиявӣ (ҷудо намудан, назорат ва аудити буҷет, пардохти хароҷотҳо, ҷудо намудан ва пардохти мукофотпулӣ, иловапулӣ ва мукофотҳои пулӣ);

- маъмурикунонии молу мулк ва хизматрасониҳо (қабули қарор дар бораи харид ё ба кироя гирифтан, таҳияи талабот оид ба сифати хизматрасониҳо аз рӯи таҳвили онҳо, гузаронидани гуфтушунид, интихоби молрасонҳо, маъмурикунонӣ ва ҷудо намудани молу мулк дар доираи ташкилот, истифодаи молу мулки берун аз вақти корӣ ё берун аз ташкилот).

18. Намудҳои осебпазири фаъолияти бо вазифаҳои (вазифаҳои берунӣ) ташкилот алоқамананд, намудҳои

фаъолияте ба ҳисоб мераванд, ки дар навбати аввал бо омилҳои зерин алоқамانданд:

- инкассатсияи пардохт (андоз, пардохтҳои маъмурӣ, қарзҳо ва ҷайра);
- бастани шартномаҳо (озмунҳо, тендерҳо, шартномаҳо ва ҷ.);
- пардохтҳо (субсидияҳо, мукофотпулиҳо, иловапулиҳо, пардохтҳои сарпарастӣ, кумакҳои пулӣ ва ҷ.);
- пешниҳоди шаҳодатномаҳои ҳуқуқӣ (додани иҷозатномаҳо, шаҳодатномаҳои ронандагӣ, шиносномаҳо, шаҳодатномаи шахсият, фардикунонӣ, маълумотномаҳо ва ҷ);
- дар амал ҷорӣ намудани қонунҳо (санҷиш, назорат, муқаррар намудани (констатасияи) мутобиқат ё вайронкунии қонун, муҷозот ва ҷ.).

19. Таҳлили фаъолияти сохторҳои ташкилӣ инҳоро дар назар дорад:

- таҳлили органиграммаҳо;
- таҳлили уҳдадориҳои вазифавҳ;
- таҳлили раванду тартиботи корҳ.

20. Таҳлили фаъолияти сохтори ташкилии ташкилот бо назардошти меъёрҳои зерин гузаронида мешавад:

- сатҳи мутобиқати сохтори ташкилӣ ба вазифаҳо, салоҳиятнокӣ, ҳуқуқ ва вазифаҳои ташкилот;
- сатҳи манфиатнокии сохторҳои ташкилӣ бо дарназардошти вазифаҳо, салоҳиятнокӣ, ҳуқуқ ва вазифаҳои ташкилот.

21. Таҳлили одоб, дар худ маҷмӯи принсипҳои ахлоқӣ ё арзишҳоеро ифода мекунад, ки ташкилот бо мақсади самти рафтори кормандони ташкилот дар ҳолати амалӣ намудани ҳамаи намудҳои фаъолияти дохилӣ ва берунӣ, таҷассум менамояд. Қоидаҳои одоб ҳам дар алоҳидагӣ ва ҳам нисбат ба ҳамаи ҳайати кормандони ташкилот қабул карда мешавад ва метавонад ба вазъи дохилӣ ва берунии ташкилот таъсир расонад. Таҳлили қоидаҳои одоб баҳодиҳии меъёрҳоеро, ки дар кодекси одоби соҳавӣ самти аникро доир ба масъалаҳои ахлоқии дорои аҳамияти муҳиме, ки метавонад дар фаъолияти ташкилот пайдо шаванд, таъмин намоянд, дар назар дорад.

## 4. ТАҲЛИЛИ БЕВОСИТАИ ФАЪОЛИЯТ (ХАВФҲОИ КОРРУПСИОНӢ)

22. Барои таҳлили бевоситаи фаъолият (хавфҳои коррупсионҳ) ба амалӣ намудани шартҳои зерин зарур аст:

- таҳқиқ ва ошкорсозии хавфҳо;
- таҳлили хавфҳо.

23. Дар ин марҳилаи таҳқиқ ва ошкорсозии хавфҳо ҷамъоварии маълумот оид ба хавфҳои воқеӣ ва эҳтимолии коррупсия дар ташкилотҳо амалӣ карда мешавад.

24. Дар ин марҳила усулҳои зерини таҳқиқ ва ошкорсозӣ мавриди истифода қарор мегиранд:

- таҳлили муқовимати ташкилот ба хавфҳои коррупсионҳ;
- пурсиши кормандони ташкилот;
- таҳлили муносиботи мутақобилаи ташкилот бо ҷомеаи шаҳрвандҳ;
- таҳлили амалҳои мушаххаси коррупсионҳ;
- таҳлили маълумотҳои оморӣ оид ба вазъи коррупсия дар ташкилот.

25. Баҳодиҳии муқовимати ташкилот ба хавфҳои коррупсия баҳодиҳии таҷрибаҳоеро тақозо менамояд, ки он бо интихоби ҳайати мутахассисону кормандони ташкилот, доираи омӯзишу таҳсили онҳо, уҳдадориҳои вазифавӣ, мутобиқсозии (дохилӣ ва берунии) вазифаи кормандон, машварат ва масъулияти мутахассисон, имконоти нозирот, мутамарказонӣ ва яклухтсозӣ, мусоҳибаи баҳодиҳӣ, алоқаҳои беруна, масъулияти назорат, хавфҳои берун аз ташкилот, даромадҳои муфти иловагӣ, бехавфии ҷисмонӣ, муносиботи қонунӣ бо таъсирбахшию самаранокӣ, дурусткорӣ, риояи қонун ва муомилот алоқамандӣ дорад.

26. Баҳодиҳии муқовимати ташкилот ба хавфҳои коррупсия метавонад мувофиқи намунаҳо аз замимаи 1 ба методологияи мазкур ҳамроӣ шудааст, ба амал бароварда шавад.

27. Бо мақсади санҷиши дурустии маълумоти бадастоварда оид ба баҳодиҳии муқовимати ташкилот ба хавфҳои коррупсия дар ташкилот пурсиши кормандон ба роӣ монда мешавад. Бо ин мақсад ҳамчун восита намунаи саволномае, ки дар замимаи 2 оварда шудааст, метавонад

мавриди истифода қарор гирад. Саволномаи мазкур метавонад бо хусусиятҳои хоси ташкилот мутобиқ гардонида шавад. Натиҷаи пурсишҳо мутобиқи замимаи 3 методологияи номбурда шарҳу тавзеӣ меёбад.

28. Баҳодиҳии робитаҳои ташкилот бо ҷомеа баррасии ботафсили расмиёти робитаҳои бо ҷомеа дахлдошта, аз ҷумла расмиёти алоқаманд ба баррасии муроҷиатҳо, сатҳи шаффофияти фаъолияти ташкилот, сомонаи интернетии он, муносибат ба воситаҳои ахбори омма ва амсоли онро дар бар мегирад.

29. Таҳлили ҳолатҳои мушаххаси амалҳои коррупсионӣ (ҳолатҳои мубрам ё хоси амалҳои коррупсионии аз ҷониби кормандони ташкилот содиршуда), бо мақсади ошкорсозии тарзи номукаммали идоракунӣ, ҳамчунин муайянкунии ҳудуди имкониятҳои воқеӣ ва имконпазири ташкилот оид ба огоҳсозӣ ва пешгирии амалҳои коррупсионӣ ба амал бароварда мешаванд.

30. Таҳлили маълумотҳои оморӣ оид ба вазъи коррупсия дар ташкилот бо мақсади муқаррар кардани хавфҳои коррупсия дар самтҳои осебпазир, номукаммалии меъёрҳо ва андешидани чораҳои иловагӣ ҷиҳати тақвияти фаъолият, баҳри пешгирии коррупсия гузаронида мешавад.

31. Барои таҳқиқ ва ошкорсозии хавфи амалҳои коррупсионӣ восита ва усулҳои зерини ҷамъоварии маълумотро бояд ба роӣ монд:

- бозназарии иттилооти бунёдӣ - ҷамъоварии иттилоот аз сарчашмаҳои мавҷудбуда, ба монанди таҳқиқ ва баҳодиҳиҳои қаблӣ, ки аз тарафи гурӯҳҳои манфиатдор, шахсони мансабдор, аудиторон, мақомоти муборизабаранда бо коррупсия, Палатаи ҳисоб, Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳамчунин ҷамъоварии иттилоот аз муроҷиатҳои шаҳрвандон ва воситаҳои ахбори омма;

- ҷамъоварии маълумот аз рӯйи натиҷаи таҳқиқоти иҷтимоҳҷамъоварии маводи мушаххас аз рӯйи натиҷаи ҷавоби аҳолӣ ба пурсишҳои хаттӣ ва ё мусоҳибаҳои даҳонҳ. Пурсиши аҳолӣ метавонад ба таври умумӣ ва ё гурӯҳи шахсони алоҳида, ки барои пурсиш бо мақсади таҳлили муқоисавӣ интихоб карда мешаванд, бошад;

- истифодаи гурӯҳҳои мақсаднок - ҷамъоварии маълумот тавассути гурӯҳҳои мақсаднок. Гурӯҳҳои мақсаднок - гурӯҳҳои мушаххасе мебошанд, ки барои муҳокима ва ҳалли масоили махсус даъват карда мешаванд. Ин раванди корбурд метавонад, мутаносибан, аз рӯйи сифат нисбат ба шумора хавфҳои коррупсиониро ошкор сохта, маълумоти мушаххастарро бо дарназардошти амалҳои коррупсионӣ, инчунин сабаби сар задани ин амалҳоро аниқ намояд ва ҳамзамон имконоти ташкилотро доир ба амалисозии мубориза бар зидди коррупсия возеӣ нишон диҳад.

32. Дар баъзе мавридҳо ба пуррагӣ аз байн бурдани хавфи амалҳои коррупсионӣ номумкин аст, вале паст намудани раванди хавфҳои ошкоргардидаи амалҳои коррупсионӣ то ҳадди расидани хавфҳои ҷиддӣ имконпазир дониста мешавад.

33. Илова бар ин, дар як муҳлат анҷом додани таҳлил, ҷудо намудани вақт, диққат ва имконот ба ҳар як хавфи ошкоргардида номумкин ҳисобида мешавад. Аз ин лиҳоз, ошкор намудани ҳадди хавфҳои коррупсионӣ, вобаста аз эътидоли хавфафзоии амалҳои коррупсионӣ барои ташкилотдошта хеле муҳим ҳисобида мешавад.

34. Таҳлили хавфҳои коррупсионӣ мутобиқ ба авлавияти онҳо ба роӣ монда мешавад. Авлавияти хавфҳои коррупсионӣ, дар сурати давомнокии хавфҳо ва ё эҳтимолияти пайдоиши онҳо, ба таъсири ин гуна хавфҳо вобастагӣ дорад.

35. Вобаста ба таъсирнокӣ хавфҳои коррупсионӣ метавонанд намудҳои зерин дошта бошанд:

- ҷузъӣ - хавфе, ки ба шаъну эътибори ташкилот ва имконияти он ва амалӣ кардани мақсадҳояш таъсири начандон зиёд дорад;

- муътадил - хавфҳои коррупсионии муътадил хавфҳое мебошанд, ки ба шаъну эътибори ташкилот таъсири зиёд мерасонанд ва ё қобилияти амалисозии мақсадҳои онро сахт коҳиш медиҳанд;

- хавфҳои муҳим - хавфҳои коррупсионие мебошанд, ки дар натиҷаи онҳо низоми кори ташкилот бо хавфи ҷиддӣ дучор шуда, ба амалисозии равандҳои фаъолият ва ҳадафҳои ташкилот таъсир мерасонад, ки дар натиҷаи он ташкилот

метавонад зарари калони молӣ бинад ва ба раванди корбурду пешрафташ таъсири манфӣ ворид гардад.

36. Вобаста аз эҳтимолияти падид омадан, хавфҳои коррупсионӣ метавонанд намудҳои зерин дошта бошанд:

- эҳтимолияти ҷузъии ба вуҷуд омадани хавфҳои коррупсионӣ (хавфҳои фавқулодда) - дар ин маврид хавфи амалҳои коррупсионӣ метавонад дар шароити фавқулодда ва ё шубҳаовар (аз эҳтимол дур) арзи вуҷуд дошта бошад;

- эҳтимолияти ҳадди миёнаи ба вуҷуд омадани хавфҳои коррупсионӣ (хавфҳои имконпазир) - дар ин маврид хавфи амалҳои коррупсионӣ метавонад дар вақти муайян дар оянда падид ояд.

- эҳтимолияти аз андоза зиёди падид омадани хавфҳои коррупсионӣ (анқариб хавфҳои ҷайришартҳ) - дар ин маврид хавфи амалҳои коррупсионӣ дар сурати инкишофи муътадили воқеот ба амал омада метавонад.

## 5. МАРҲИЛАИ ХОТИМАВИИ БАҲОДИҲӢ (ТАҲЛИЛ)

37. Баҳодиҳии (таҳлили) пешакӣ ва хавфҳои коррупсия бо таҳияи ҳисобот дар бораи баҳодиҳӣ ба охир мерасад.

38. Ҳисобот дар бораи баҳодиҳӣ (таҳлили) бояд ба талаботҳои зерин мутобиқат намояд:

- ба таври алоқамандии мантиқӣ ва шакли асоснок навишта шавад;

- таъмин намудани саҳеҳият ва дурустии тасвия;

- истифода намудани истилоҳоти монанд;

- мавҷуд будани сана ва ҷойи тартибдиҳӣ, ҳайати гурӯҳи баҳодиҳҳ;

- имзогузорӣ шудан аз тарафи аъзои гурӯҳи баҳодиҳҳ.

39. Ҳисобот дар бораи баҳодиҳӣ (таҳлил) бояд:

- дорои хулосаҳои ба баҳодиҳӣ (таҳлил) алоқаманд бошад;

- дорои тавсияҳо оид ба истисно ё паст намудани натиҷаҳои хавфҳои ошкоршуда бошад.

40. Ҳисобот дар бораи баҳодиҳӣ (таҳлил) мутобиқи сохтори зерин таҳия мешавад:

а) баҳодиҳии (таҳлили) шароити қаблҳ;

- баҳодиҳии (таҳлили) мубрами қонунгузорӣ барои ташкилот;

- баҳодиҳии (таҳлили) умумии қонунгузорҳ;

- баҳодиҳии (таҳлили) санадҳои зерқонунии идоравӣ дар бораи намудҳои осебпазири фаъолият, ки ба ташкили дохилии ташкилот алоқаманданд;

- баҳодиҳии (таҳлили) санадҳои зерқонунии идоравӣ дар бораи намудҳои осебпазири фаъолият, ки ба вазифаҳои (ҳадафҳои берунии) ташкилот дахл доранд.

б) баҳодиҳии (таҳлили) сохторҳои ташкилии ташкилот;

- таҳлили органиграммаҳо;

- таҳлили уҳдадориҳои вазифавҳ;

- таҳлили раванду ва расмиёти корҳ;

- баҳодиҳии (таҳлили) қоидаҳои ахлоқҳ.

в) баҳодиҳии (таҳлили) хавфҳои институтсионалии коррупсия:

- баҳодиҳии (таҳлили) муқовимати ташкилот ба хавфҳои коррупсия;

- шарҳи натиҷаҳои пурсиши кормандони ташкилот;

- баҳодиҳии (таҳлили) робитаҳои мутақобилаи ташкилот бо ҷомеа;

- таҳлили ҳолатҳои мушаххаси коррупсия.

г) баҳодиҳии таҳлили хавфҳои ошкоршуда. Авлавияти хавфҳо. Хулосаҳои умумҳ.

д) тавсияҳо оид ба аз байн бурдан ё коҳиш додани оқибатҳои хавфҳои ошкоршуда.

41. Дар асоси ҳисобот дар бораи баҳодиҳӣ (таҳлил) гурӯӣ оид ба баҳодиҳӣ лоиҳаи нақшаи мукаммалро таҳия менамояд. Нақшаи мазкур нақшаи муфассали амал оид ба пешгирӣ намудани коррупсия дар ташкилот ба ҳисоб меравад. Ҳангоми таҳияи нақша авлавияти хавфҳо ба ҳисоб гирифта мешавад. Ҳамин тавр, амалиёт оид ба ниҳоят паст гардидан ва баланд шудани эҳтимолияти пайдоиши хавфҳо бартарият мегирад. Баъд аз ин амал бояд амал бояд амал оид ба аз байн бурдан ё паст намудани оқибатҳои миёна ва эҳтимолияти миёнаи пайдоиши хавфҳо оянд. Дар хулоса амалиёт оид ба истисно намудан ва паст намудани оқибатҳои ҷузъӣ ва эҳтимолияти ками пайдоиши хавфҳо ба нақша гирифта мешавад. Нақшаи мукаммал баъд аз мувофиқа бо ҳамаи воҳидҳои сохтории манфиатдори ташкилот аз тарафи роҳбари ташкилот тасдиқ карда мешавад.

42. Муҳлати татбиқ намудани нақшаи мукаммал наметавонад аз 2 сол зиёд бошад. Ташкилоте, ки ба баҳодиҳӣ фаро гирифта мешавад, ба Агентӣ ҳисобот дар бораи татбиқи нақшаҳои мукаммадро пешниҳод менамояд. Агентӣ ҳуқуқ дорад, дар бораи тадбирҳое, ки бояд амалӣ карда шаванд, маълумоти иловагӣ талаб намояд.

43. Агентӣ ҳар ҷамъбасти сол ба Шӯрои миллии муқовимат бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи татбиқ намудани нақшаи мукаммал дар ташкилотҳои баҳодиҳишаванда маълумот медиҳад ва барои босифат ва сари вақт иҷро шудани чораҳои дар нақша пешбинишуда диққати махсус медиҳад.

## 6. АЗ НАВ БАҲОДИҲӢ (ТАҲЛИЛКУНҲ)

44. Аз нав баҳодиҳии (таҳлилкунии) на камтар аз як маротиба дар се сол гузаронида мешавад ва дорои мақсадҳои худ доир ба самарабахшии баҳодиҳии тадбирҳои пешгирикунандп, ки барои ҳаммонандкунии хавфҳо, баҳодиҳии манфиатнокии нақшаҳои мукаммал, аз нав баҳодиҳии хавфҳои ибтидоӣ ва таъмини истифодаи боманфиати манбаъҳои ташкилот истифода мешаванд, мебошад.

Бо Фармони Президенти
Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз 14 декабри соли 2010 № 968
тасдиқ шудааст

# НИЗОМНОМАИ ШӮРОИ МИЛЛИИ МУҚОВИМАТ БА КОРРУПСИЯИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

(Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 14.06.2014 № 214, аз 5.06.2017 №887)

## 1. Муқаррароти умумӣ

1) Шӯрои миллии муқовимат ба коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд - Шӯрои миллӣ) мақоми умумимиллии машваратӣ, мутобиқсозандаи фаъолияти мақомоти давлатӣ ва ҷалби ҷомеаи шаҳрвандӣ ҷиҳати амалигардонии чораҳои пешгирӣ ва муқовимат ба коррупсия буда, дар асоси Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис дода шуда, ба ӯ ҳисоботдиҳанда мебошад.

2) Шӯрои миллӣ дар фаъолияти худ Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонунҳои конститутсионӣ, қонунҳо, Фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистонро ба роҳбарӣ мегирад (Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 5.06.2017 *№ 887*).

## 2. Мақсад ва вазифаҳои Шӯрои миллӣ

3) Мақсади асосии Шӯрои миллӣ аз инҳо иборат аст:

- таҳлил ва баррасии масъалаҳои муқовимат ба коррупсия ва мутобиқ намудани фаъолияти мақомоти давлатӣ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ дар самти псшгирӣ ва мубориза бо коррупсия;

- мусоидат оид ба татбиқ намудани талаботи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба муқовимат ба коррупсия, Стратегияи муқовимат бо коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2013-2020 ва дигар санадҳои барномавии миллии мубориза бо

коррупсия (Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 14.06.2014 *№ 214*);

- мониторинги давлатию ҷамъиятӣ оид ба пешгирии коррупсия ва иҷрои самараноки вазифаҳои мақомоти давлатӣ дар мубориза бо коррупсия ва баҳогузорӣ намудан ба фаъолияти мақомоти давлатӣ ва дигар ташкилотҳо дар ин самт;

- ҷалби васеи ташкилотҳои ҷайриҳукуматӣ, ҷомеаи шаҳрвандӣ ва шахрвандон дар мубориза бо коррупсия;

- бартараф намудани таҳдидҳо ба бехатарии иқтисодиёти миллӣ, пешгирии омилҳо ва шароитҳои ба коррупсия мусоидаткунанда, мусоидат ба дарки хавфнокии коррупсия дар ҷомеа ва ташаккули фазои тоқатнопазирӣ ба омилҳои коррупсионӣ.

4) Вазифаҳои Шӯрои миллӣ аз инҳо иборат мебошанд:

- мусоидат оид ба муайян намудани самтҳои афзалиятноки фаъолияти мақомоти давлатӣ оид ба пешгирӣ ва муқовимат ба коррупсия;

- пешниҳоди таклифҳо ҷиҳати муайянсозӣ, тасдиқ ва амалигардонии сиёсати давлатӣ дар соҳаи муқовимат ба коррупсия;

- мутобиқсозии фаъолияти мақомоти давлатӣ ва мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот ҷиҳати амалигардонии сиёсати давлатӣ дар соҳаи муқовимат ба коррупсия;

- мониторинг ва баҳогузорӣ ба фаъолияти мақомоти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот оид ба иҷрои ҷорабиниҳои муқовимат ба коррупсия;

- назорати иҷрои чорабиниҳои пешгирии коррупсия ва бартараф намудани сабабу шароитҳои ба коррупсия мусоидаткунанда;

- ташаккули фазои тоқатнопазирӣ ба коррупсия ва дарки хавфнокии коррупсия дар ҷомеа, ҷалби қувваҳои солимфикри ҷомеа дар муқовимат ба коррупсия бо роҳи ҳамкории давлат бо ҷомеаи шаҳрвандӣ;

- иҷрои дигар вазифаҳое, ки санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ намудаанд.

**3. Ҳуқуқҳои Шӯрои миллӣ**

5) Шӯрои миллӣ дорои ҳуқуқҳои зерин мебошад:

- таҳияи пешниҳодот оид ба такмили фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, дигар мақомоти давлатӣ ва мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот дар самти пешгирӣ ва муқовимат ба коррупсия;

- тибқи тартиби муқарраргардида талаб карда гирифтани маълумоти зарурӣ аз мақомоти дахлдор;

- барои иштирок дар ҷаласаҳои Шӯрои миллӣ ҷалб намудани роҳбарони мақомоти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, ташкилотҳои ҷамъиятӣ ва шунидани ахбороти онҳо оид ба масъалаҳои пешгирӣ ва муқовимат ба коррупсия;

- таъсиси комиссияҳо ва гурӯҳҳои корӣ дар ҳолатҳои зарурӣ;

- амалӣ намудани дигар ҳуқуқҳо, ки санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ намудаанд.

**4. Ҳайати Шӯрои миллӣ**

6) Ҳайати Шӯрои миллӣ аз Раис, аъзо ва котиб иборат аст.

7) Раиси Шӯрои миллӣ Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

8) Аъзои Шӯрои миллӣ инҳо мебошанд:

- Ёрдамчии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои ҳуқуқӣ - Намояндаи ваколатдори Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон (Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 14.06.2014 *№ 214*);

- Ёрдамчии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои кадрҳо (Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 14.06.2014 *№ 214*);

- Ёрдамчии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои рушди иҷтимоӣ ва робита бо ҷомеа (Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 14.06.2014 *№ 214*);

- Ёрдамчии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои амнияти миллӣ (Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 14.06.2014 *№ 214*);

- Раиси Кумитаи Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба таъмини асосҳои конститутсионӣ, ҳуқуқу озодиҳои инсон, шаҳрванд ва қонуният";

- Раиси Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба мудофиа ва тартиботи ҳуқуқӣ;

- Раиси Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- Раиси Суди Олии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

хориҷ карда шуд (Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 5.06.2017 *№ 887*);

- Директори Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- Директори Агентии хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 14.06.2014 *№ 214*);

- Вазири корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- Вазири адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- Вазири мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- Вазири молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- Раиси Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- Директори Агентии назорати маводи нашъаовари назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- Сардори Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- Раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- Сардори Департаменти мониторинги молиявии назди Бонки миллии Тоҷикистон;

- Роҳбарони ҳизбҳои сиёсӣ, ки дар Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон вакил доранд;

- Раиси Федератсияи иттифоқҳои касабаи мустақили Тоҷикистон;

- Раиси Маркази исломии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- Раиси Иттифоқи журналистони Тоҷикистон;

- Раиси Иттифоқи ҷавонони Тоҷикистон;

- Раиси Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон;

- Раиси Ассотсиатсияи соҳибкорони Тоҷикистон;

- раиси ташкилоти ҷамъиятии "Кумитаи кор бо ҷанговарони интернатсионалисти Ҷумҳурии Тоҷикистон" (Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 5.06.2017 *№ 887*).

9) Аъзои Шӯрои миллӣ вазифадоранд, ки дар ҷаласахои Шӯрои миллӣ иштирок намоянд. Онҳо наметавонанд иҷрои ваколатҳои худро ба шахси дигар супоранд.

**5. Ваколатҳои Раиси Шӯрои миллӣ**

10) Раиси Шӯрои миллӣ дорои ваколатҳои зерин мебошад:

- ҷаласаҳои Шӯрои миллиро даъват менамояд;

- ҷаласаҳои Шӯрои миллиро мегузаронад ва ба онҳо раисӣ менамояд;

- қарорҳои Шӯрои миллиро имзо менамояд;

- аз ҳисоби аъзои Шӯрои миллӣ, намояндагони дигар мақомоти давлатӣ, ташкилотҳои ҷамъиятӣ, коршиносон, олимон ва мутахассисон оид ба масъалаҳои алоҳидаи самтҳои фаъолияти Шӯрои миллӣ комиссияҳо ва гурӯҳҳои корӣ таъсис медиҳад ва ҳисоботи онҳоро мешунавад;

- ҷиҳати иҷрои қарорҳои Шӯрои миллӣ ба вазорату идораҳои дахлдор дастуру супоришҳо медиҳад;

- дигар ваколатҳоеро, ки ба фаъолияти Шӯрои миллӣ дахл доранд, амалӣ менамояд.

11) Котиби Шӯрои миллӣ аз ҷониби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба вазифа таъйин ва аз вазифа озод карда мешавад. Котиби Шӯрои миллӣ Сардори Раёсати мудофиа ва тартиботи ҳуқуқии Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб рафта, фаъолияти худро дар асоси доимӣ амалӣ менамояд. Котиби Шӯрои миллӣ масъалаҳои иттилоотию таҳлилӣ ва

ташкилию техникии фаъолияти Шӯрои миллиро таъмин менамояд (Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 14.06.2014 *№ 214*).

12) Вазифаҳои Котиби Шӯрои миллӣ аз инҳо иборатанд:

- рӯзномаи ҷаласаи Шӯрои миллиро омода менамояд;
- коргузории Шӯрои миллиро ташкил менамояд;
- муроҷиатҳо ва дигар ҳуҷҷатҳои ба Шӯрои миллӣ воридшударо таҳия ва ҷамъбаст намуда ба Раиси Шӯрои миллӣ пешниҳод менамояд;
- якҷоя бо аъзои Шӯрои миллӣ ҳуҷҷатҳои заруриро оид ба масъалаҳои баррасишаванда таҳия намуда, лоиҳаи қарорҳоро аз рӯи онҳо ба Раис ва аъзои Шӯрои миллӣ пешниҳод менамояд;
- қарорҳои Шӯрои миллиро омода ва барои имзо ба Раиси Шӯрои миллӣ пешниҳод менамояд;
- тавассути воситаҳои ахбори омма тартиби фаъолияти Шӯрои миллӣ ва қарорҳои қабулнамудаи онро ташкил менамояд;
- назорати иҷрои қарорҳои Шӯрои миллиро ба роҳ мемонад;
- супоришҳои Раиси Шӯрои миллӣ ва дигар вазифаҳоро вобаста ба фаъолияти Шӯрои миллӣ тибқи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷро менамояд.

13) Дар кори таҳлил ва ҷамъбасти масъалаҳои дар ҷаласаҳои Шӯрои миллӣ муҳокимашаванда ба Котиби Шӯрои миллӣ Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон мусоидат менамояд.

**6. Тартиби кори Шӯрои миллӣ**

14) Шӯрои миллӣ масъалаҳои муҳимро вобаста ба муқовимат ба коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди баррасӣ қарор дода, қарор қабул менамояд, ки дар шакли протокол ба расмият даровардa шуда, аз ҷониби Раиси Шӯрои миллӣ имзо карда мешаванд.

15) Ҷаласаҳои Шӯрои миллӣ на камтар аз як маротиба дар як сол гузаронида мешаванд.

Ҷаласаи ғайринавбатии Шӯрои миллӣ аз рӯи зарурат бо ташаббуси Раиси Шӯрои миллӣ, ё аз нисф зиёди аъзои Шӯрои миллӣ даъват карда мешавад.

16) Рӯзномаи ҷаласа ва маводи баррасишаванда ба аъзои Шӯрои миллӣ на дертар аз се рӯз пеш аз оғози ҷаласа ирсол карда мешаванд.

17) Ҷаласаҳои Шӯрои миллӣ дар ҳолати иштироки на камтар аз се ду ҳиссаи аъзои Шӯрои миллӣ гузаронида мешаванд.

18)Қарори Шӯрои миллӣ бо овоздиҳии ошкоро ва тарафдории аксари иштирокчиёни ҷаласа қабул карда мешавад.

19) Шӯрои миллӣ барои шунидани ҳисобот метавонад ба ҷаласаҳои худ роҳбарони вазорату идораҳо, раисони вилоятҳо, шаҳру ноҳияҳо, роҳбарони мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, роҳбарони корхонаҳо, муассисаҳо, дигар ташкилотҳо ва шахсони мансабдорро даъват намояд. Шӯрои миллӣ дар мавриди зарурӣ метавонад барои додани хулоса оид ба масъалаҳои дар ҷаласаҳои худ баррасишаванда олимон, коршиносон ва мутахассисонро даъват намояд.

**7. Таъминоти молиявии фаъолияти Шӯрои миллӣ**

20) Маблағгузории фаъолияти Шӯрои миллӣ ва котиби он аз ҳисоби маблағҳои буҷети ҷумҳуриявӣ амалӣ карда мешавад.

**8. Муқаррароти хотимавӣ**

21) Ташкил, таҷдид ва барҳамдиҳии Шӯрои миллӣ аз ҷониби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ карда мешавад.

Бо Фармони Президенти
Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз 25 ноябри соли 2015, № 587
тасдиқ шудааст

# НИЗОМНОМАИ ҲАМОҲАНГСОЗИИ ФАЪОЛИЯТИ МАҚОМОТИ МУБОРИЗА БАР ЗИДДИ КОРРУПСИЯ

## БОБИ 1. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

1. Мақсади ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомоти мубориза бар зидди коррупсия баланд бардоштани самаранокии фаъолият ҷиҳати огоҳсозӣ, пешгирӣ, ошкорсозӣ ва рафъи ҳуқуқвайронкуниҳои коррупсионӣ, фошнамоӣ, таҳқиқ ва тафтиши пешакии ҷиноятҳои коррупсионӣ, иқтисодии хусусияти коррупсионидошта ва ҷиноятҳои ба андоз алоқаманд, ки аз ҷониби Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон анҷом дода мешавад, мебошад.

2. Ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомоти мубориза бар зидди коррупсия дар асоси Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи мубориза бар зидди коррупсия", "Дар бораи Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон", дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар самти мубориза бо коррупсия, инчунин санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф кардааст ва Низомномаи мазкур анҷом дода мешавад.

3. Бобати баланд бардоштани самаранокии мубориза бар зидди коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд - Агентӣ) фаъолияти мақомоти прокуратура, корҳои дохилӣ, амнияти миллӣ, идоракунии ҳарбӣ, назорати маводи нашъаовар, андоз ва гумрукро ҷиҳати пешбурди кори таҳлилӣ, пешгирӣ, сари вақт ошкор намудану тафтиш кардани ҷиноятҳои коррупсионӣ, иқтисодии хусусияти коррупсионидошта ва ба андоз алоқаманд, бартараф намудани сабабу шароитҳои ба онҳо мусоидаткунанда ҳамоҳанг месозад. Бо ин мақсадҳо

дар назди Агентӣ Шӯрои ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомоти мубориза бар зидди коррупсия (минбаъд - Шӯро) таъсис дода мешавад.

4. Ҳамоҳангии фаъолияти мақомоти мубориза бар зидди коррупсия дар ҷаласаҳои Шӯрои ҳамоҳангсозӣ мавриди баррасӣ қарор дода мешавад.

## БОБИ 2. САМТҲОИ АСОСИИ ҲАМОҲАНГСОЗИИ ФАЪОЛИЯТ

5. Ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомоти мубориза бар зидди коррупсия инҳоро дар бар мегирад:

- фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ;
- таҳқиқу тафтиши пешакии парвандаҳои ҷиноятӣ;
- пешбурди мубориза бо омилҳои коррупсионӣ бо истифода аз усулҳои гражданӣ-ҳуқуқӣ;
- андешидани тадбирҳо баҳри пешгирии ҷиноятҳои коррупсионӣ, иқтисодии хусусияти коррупсионидошта ва ба андоз алоқаманд, дигар ҳуқуқвайронкуниҳои хусусияти коррупсионидошта, бартараф намудани сабабу шароитҳое, ки ба содиршавии онҳо мусоидат мекунанд;
- таҳлили ҳолати таъмини қонуният ва ҷинояткории коррупсионӣ дар мақомот ва ё минтақаҳои алоҳида.

6. Самтҳои асосии ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомоти мубориза бар зидди коррупсия аз инҳо иборатанд:

- огоҳсозӣ, пешгирӣ, ошкорсозӣ, рафъи ҳуқуқвайронкуниҳои коррупсионӣ, фошнамоӣ, таҳқиқ ва тафтишоти пешакии ҷиноятҳои коррупсионӣ, иқтисодии хусусияти коррупсионидошта ва ба андоз алоқаманд;
- таҳлили якҷояи вазъи ҷинояткории коррупсионӣ, иқтисодии хусусияти коррупсионидошта ва ба андоз алоқаманд, муайян намудани ҷараёни инкишофи онҳо, омӯзиш, мураттаб ва паҳн намудани таҷрибаи пешқадами пешгирӣ, ошкор, таҳқиқу тафтиш намудани ин гуна ҷиноятҳо, ҳамчунин рафъи сабабу шароитҳои ба онҳо мусоидаткунанда;
- таъмини иҷрои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар соҳаи муқовимат бо коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва чорабиниҳои давлатӣ оид ба мубориза бар зидди ҷиноятҳои

коррупсионӣ, иқтисодии хусусияти коррупсионидошта ва ба андоз алоқаманд;

- дар якҷоягӣ бо дигар мақомоти давлатӣ ва муасоисаҳои илмӣ тайёр намудани пешниҳодҳо оид ба такмили қонунгузорӣ баҳри пешгирии коррупсия;

- таҳлил ва ҷамъбасти таҷрибаи иҷрои шартномаҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон, аҳдномаҳо бо давлатҳои хориҷиву ташкилотҳои байналмилалӣ оид ба масъалаҳои ҳамкорӣ дар мубориза бар зидди коррупсия, инчунин таҳияи пешниҳодҳои дахлдор дар ин самт.

## БОБИ 3. ПРИНСИП ВА МАҚСАДҲОИ ҲАМОҲАНГСОЗӢ

7. Принсип ва мақсадҳои ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомоти мубориза бар зидди коррупсия чунинанд:

- риояи қонуният;

- баробарҳуқуқии ҳамаи аъзои Шӯро дар масъалагузорӣ, пешниҳод намудани тавсияҳо баҳри банақшагирии чорабиниҳо;

- мустақилияти ҳар як мақомоти мубориза бар зидди коррупсия дар доираи ваколатҳои ба онҳо муқаррарнамудаи қонунгузорӣ ҳангоми иҷрои қарорҳо, тавсияҳо ва гузаронидани чорабиниҳои якҷоя; бо ҳамдигар мувофиқа намудани тарз, шакл ва усулҳои мубориза бар зидди коррупсия;

- расонидани ёрӣ ба ҳамдигар дар таъмин намудани бехатарии худи мақомот;

- ошкорбаёнии фаъолият то ҳадди пешбининамудаи қонунгузорӣ дар ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, ҳифзи сирри давлатӣ ва дигар сирри аз тарафи қонун ҳифзшаванда;

- масъулияти роҳбарони мақомоти мубориза бар зидди коррупсия барои иҷрои қарорҳои қабулнамудаи Шӯро.

## БОБИ 4. ВАЗИФАҲОИ ШӮРО

8. Шӯро бо мақсади иҷрои вазифаҳои гузошташуда:

- нақшаи фаъолияти худро таҳия ва тасдиқ менамояд;

- лоиҳаи ҳуҷҷатҳои дахлдорро таҳия ва баррасӣ менамояд;

- тарзу усулҳои ҳамкории мақомоти ҳифзи ҳуқуқу қудратиро дар мубориза бар зидди коррупсия, ҷиноятҳои коррупсионӣ, иқтисодии хусусияти коррупсионидошта ва ба андоз алоқаманд муайян менамояд;

- маводҳои таҳлилӣ-иттилоотӣ ва дигар санадҳоро тайёр менамояд;

- бо мақсади гузаронидани санҷишу амалиётҳои муштарак ва тафтиши якҷояи ҷиноятҳои коррупсионӣ, иқтисодии хусусияти коррупсионидошта ва ба андоз алоқаманд гурӯҳҳои корӣ ва оперативӣ-тафтишотии байниидоравӣ таъсис медиҳад;

- мубодилаи иттилоотро дар бораи мубориза бар зидди коррупсия ба роҳ мемонад;

- барои баланд бардоштани савияи дониши касбии кормандони мақомоти мубориза бар зидди коррупсия аз имкониятҳои мавҷуда истифода намуда, машҷулияту конференсияҳо мегузаронад.

## БОБИ 5. РАИСИ ШӮРО ВА ВАКОЛАТҲОИ ОН

9. Раиси Шӯро:

- ҷаласаҳои Шӯроро мегузаронад;

- дар ҳолатҳои зарур, вале на камтар аз як маротиба дар шаш моҳ бевосита ё бо ташаббуси яке аз аъзои Шӯро, ҷаласаи онро даъват менамояд;

- Раиси Шӯро нақшаи кори Шӯроро дар мувофиқа бо аъзои Шӯро тасдиқ менамояд;

- барои ташкил намудани фаъолияти ҳамоҳангсозӣ маълумоти заруриро талаб менамояд;

- ба нақшаи кори Шӯро дар мувофиқа бо аъзои Шӯро таҷйиру иловаҳо ворид менамояд;

- барои иҷрои бевосита ва назорати қарорҳои қабулнамудаи Шӯро аз ҳисоби намояндагони мақомоти ваколатдори мубориза бар зидди коррупсия гурӯҳҳои корӣ таъсис медиҳад;

- аз ҳисоби кормандони Агентӣ Котиби масъули Шӯроро таъйин менамояд, ки ба Котиботи Шӯро роҳбарӣ мекунад;

- ба Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон доир ба вазъи ҷиноятҳои коррупсионӣ, иқтисодии хусусияти коррупсионидошта ва ба андоз алоқаманд, инчунин оид ба чораҳои мубориза бо коррупсия ва такмилу батанзимдарории масъалаҳои ҳуқуқӣ маълумот ва пешниҳодҳо манзур менамояд;

- дар бораи вазъи мубориза бар зидди коррупсия ва фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дар ин самт бо истифода аз воситаҳои ахбори омма ба аҳли ҷомеа иттилоъ медиҳад.

## БОБИ 6. АЪЗОИ ШӮРО

10. Аъзои Шӯро дорои ваколатҳои зерин мебошанд;

- дар муҳокима ва қабули қарорҳо оид ба масъалаҳои ба баррасии Шӯро пешниҳодгардида иштирок менамоянд;

- дар таҳияи нақшаи кори Шӯро бевосита иштирок намуда, оид ба баррасии масъалаҳои марбут ба фаъолияти ҳамоҳангсозӣ бо асоснокгардонии зарурат ва нишон додани роҳу усулҳои ҳалли онҳо таклифҳо пешниҳод менамоянд;

- бо тартиби мувофиқашуда лоиҳаи санадҳо ва дигар маводеро, ки муҳокима ва қабули қарорро талаб мекунанд, пешниҳод менамоянд;

- аъзои гурӯҳҳои кориро аз ҳисоби кормандони зертобеи худ муайян менамоянд;

- оиди самаранокии иҷрои қарорҳои Шӯро ва чораҳои амалигардонии онҳо таклифҳо пешниҳод менамоянд;

- ҳангоми муҳокимаи масъалаҳо ва қабули қарор доир ба онҳо баробарҳуқуқ мебошанд.

## БОБИ 7. ТАШКИЛИ ФАЪОЛИЯТИ ШӮРО

11. Шӯрои ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомоти мубориза бар зидди коррупсия мақоми машваратӣ буда, иҷрои қарорҳои дар доираи салоҳияташ қабулнамудаи он барои аъзои Шӯро ҳатмист.

12. Ба ҳайати Шӯрои ҳамоҳангсозӣ Директори Агентӣ (Раиси Шӯро) ва роҳбарони аввали мақомоти дигари мубориза бар зидди коррупсия, ки дар моддаи 5 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи мубориза бар зидди коррупсия" пешбинӣ шудаанд, (аъзои Шӯро) шомил мешаванд ва ҳуқуқҳои баробар доранд.

13. Ҷаласаҳои Шӯро мутобиқи нақша ё бо дастури Раиси Шӯро дар вақти муайянгардида гузаронида шуда, дар сурати иштироки аз се ду ҳиссаи аъзои Шӯро салоҳиятнок ҳисобида мешаванд.

14. Дар мавридҳои зарурӣ метавонанд ҷаласаҳои сайёри Шӯро гузаронида шаванд.

15. Дар ҷаласаҳои Шӯро дар мувофиқа бо Раиси Шӯро метавонанд тибқи тартиби муқаррааргардида дигар шахсони мансабдори мақомоти мубориза бар зидди коррупсия, роҳбарони мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ ва худидоракунии шаҳрак ва деҳот, ташкилотҳои ҷамъиятӣ, байналмилалӣ, кормандони илмию омӯзгорӣ, намояндагони воситаҳои ахбори омма иштирок намоянд.

16. Барои иштирок ва омода намудани масъалаҳои дар Шӯро баррасишаванда метавонанд намояндагони дигар мақомоти давлатӣ ҷалб карда шаванд.

17. Шӯро дар ҷаласаҳояш масъалаҳои муҳими фаъолияти мақомоти дахлдорро дар пешгирӣ ва мубориза бар зидди ҳуқуқвайронкуниҳои коррупсионӣ, ҷиноятҳои иқтисодии хусусияти коррупсионидошта ва ба андоз алоқаманд, инчунин мушкилиҳои дар ин самт ҷойдошта муҳокима намуда, гузориши аъзои Шӯро, роҳбарони воҳидҳои мақомоти ҳифзи ҳуқуқро мешунавад.

18. Қарори Шӯро дар шакли хаттӣ тартиб дода шуда, тариқи овоздиҳии ошкоро ва дар ҳолати ба тарафдории он аз нисф зиёди аъзои Шӯро овоз додан қабулшуда ҳисоб мешавад. Қарор ва протоколи ҷаласаи Шӯро аз ҷониби Раиси Шӯро ва Котиби масъули он имзо карда мешавад.

19. Лоиҳаи қарор ё дигар ҳуҷҷатҳоро оид ба масъалаҳои дар ҷаласаи Шӯро баррасишаванда мақоме, ки баррасии онҳоро пешниҳод намудааст, таҳия менамояд. Дар ҳолатҳои зарурӣ бо ин мақсад аз ҳисоби намояндагони мақомоти дахлдор гурӯҳи корӣ таъсис дода мешавад.

20. Аъзои Шӯро барои амалӣ намудани қарорҳои Шӯро дар доираи ваколатҳои худ фармоиш, дастур, амр ва дигар санадҳои дохилиидоравӣ қабул намуда, иҷрои қарорҳои Шӯроро дар қисми ба онҳо тааллуқдошта таъмин менамоянд. Агар иҷрои қарори қабулшуда ба зиммаи якчанд мақомоти мубориза бар зидди коррупсия вогузор карда шуда бошад, масъулияти ташкили иҷрои он ба зиммаи мақомоте, ки дар аввал зикр шудааст, гузошта мешавад.

21.Таъминоти моддию техникии фаъолияти Шӯро аз ҷониби Агентии назорати давлатӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Котиботи Шӯро амалӣ карда мешавад.

## БОБИ 8. КОТИБОТИ ШӮРО

22. Котиботи Шӯро аз ҳисоби намояндагони ҳамаи мақомоти мубориза бар зидди коррупсия бо қарори Шӯро таъсис дода мешавад.

23. Котиботи Шӯро: корҳои ҷории ташкилиро амалӣ менамояд;

- лоиҳаи нақшаи кори Шӯроро дар асоси таклифҳои аъзои Шуро таҳия намуда, барои баррасӣ ба ҷаласаи Шӯро пешниҳод менамояд;
- ҳуҷҷатгузории Шӯроро бо риояи талаботи коргузории махфӣ пеш мебарад; аъзои Шӯро ва даъватшавандагонро бо рӯзномаи ҷаласа бо пешниҳоди лоиҳаи ҳуҷҷатҳое, ки мавриди муҳокима қарор дода мешаванд, шинос менамояд, инчунин дигар маводи дахлдорро пешкаш менамояд;
- ҳолати иҷрои нақшаи корӣ ва қарорҳои Шӯроро зери назорат мегирад, таҳлил мекунад ва аз натиҷааш ба Раиси Шӯро маълумот пешниҳод менамояд;
- маводро барои таҳия намудани лоиҳаи қарори Шӯро ҷамъ оварда, ирсол намудани маълумоти заруриро ба сохторҳои гуногуни давлатӣ ба роҳ мемонад; - дигар супоришҳои Раиси Шӯроро иҷро менамояд.

## БОБИ 9. ҲАМКОРӢ БО СУДҲО ВА МАҚОМОТИ АДЛИЯ

24. Ҳамкории мақомоти мубориза бар зидди коррупсия бо судҳо ва Шӯрои адлия бо риояи принсипҳои мустақилияти ҳокимияти суда, мустақилияти судяҳо ва тобеъ будани онҳо танҳо ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ба амал бароварда мешавад.

25. Раисони Суди Олӣт, Суди Олии иқтисодӣ, Шӯрои адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон метавонанд бо даъвати Раиси Шӯро ё бо мувофиқа бо ӯ дар ҷаласаҳои Шӯро иштирок намоянд.

26. Бо мақсади баланд бардоштани самаранокии ҳамоҳангии фаъолияти мақомоти мубориза бар зидди коррупсия бо судҳо ва мақомоти адлия ҳамкории мутақобила дар шакли зайл ба роҳ монда мешавад:

- мубодилаи тарафайни иттилоот оиди баррасии парвандаҳо вобаста ба ҷиноятҳои коррупсионӣ, иқтисодии хусусияти коррупсионидошта ва ба андоз алоқаманд, ҳамчунин нисбати маҳкумшудагон бо ин гуна парвандаҳо;
- истифодаи маълумотҳои омории судӣ ва маводҳои таҷрибаи судӣ ҳангоми гузаронидани чорабиниҳо доир ба мубориза бар зидди коррупсия;
- дар якҷоягӣ таҳия ва омода намудани лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ вобаста ба мубориза бар зидди коррупсия;
- бо мақсади баланд бардоштани тахассуси касбии кормандони мақомоти мубориза бар зидди коррупсия гузаронидани семинару конференсияҳо;
- таҳия ва ирсол намудани мактубҳои иттилоотӣ, маълумотномаҳо;
- иштирок дар ҷараёни таҳия намудани лоиҳаи қарорҳои Пленуми Суди Олӣ ва Суди Олии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон марбут ба масъалаҳои мубориза бар зидди коррупсия, ҷиноятҳои иқтисодии хусусияти коррупсионидошта ва ба андоз алоқаманд.

**ҚАРОРИ ПЛЕНУМИ СУДИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН №2**

**аз 19 декабри соли 2008 ш. Душанбе**

**«Дар бораи таҷрибаи судӣ оид ба парвандаҳои ҷиноятӣ марбут ба гирифтан, додани пора ва ришвадиҳии тиҷоратӣ»**
(бо тағйиротҳое, ки бо қарори Пленум аз 23 ноябри соли 2012 №30 ворид гардидаанд)

Бо мақсади таъмини татбиқи дуруст ва якхелаи қонунгузорие, ки ҷавобгарии ҷиноятиро барои гирифтан, додани пора ва ришвадиҳии тиҷоратӣ пешбинӣ менамояд, дар асоси моддаи 27 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон», Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон;-

**Қ А Р О Р К А Р Д:**

1. Диққати судҳо ба он ҷалб карда шавад, ки ҷиноятҳои марбут ба гирифтан, додани пора ва ришвадиҳии тиҷоратӣ ба таври ҷиддӣ масъалаҳоеро ба миён меорад, ки ба амният, субботи ҷомеа, арзишҳою падидаҳои демократӣ, меъёрҳои ахлоқӣ ва адолат халал расонида, ба рушду устувории давлат ва тартиботи ҳуқуқии он зарар мерасонад.

2. Судҳо ҳангоми иҷро намудани талаботи қонун дар бораи ҳамаҷониба, пурра ва объективона тафтиш намудани ҳолатҳои кор, бояд мавқеи мансабии шахсоне, ки ба гирифтани пора айбдор карда мешаванд, нақши воқеии ҳар яке аз онҳоро дар содир намудани ҷиноят, мавҷуд будани ҳолатҳои бандубасткунандаи гирифтан ва додани пораро муқаррар намоянд.

Талаботи дар боло зикргардида бояд мавриди баррасии парвандаҳо нисбати шахсе, ки дар содир намудани ҷиноятҳои ришвадиҳии тиҷоратӣ айбдор карда шудаанд, низ ба назар гирифта шавад.

3. Барои пай дар пай ноил шудан ба амалӣ гардонидани принсипи ногузирии ҷавобгари ҷиноятӣ муайян кардан

зарур аст, ки оё аз ҷониби мақомоти тафтишоти пешакӣ ҷиҳати ошкор сохтани ҳамаи иштирокчиёни ҷиноят ва ҳамаи лаҳзаҳои фаъолияти ҷиноятии айбдоршавандагон чораҳо андешида шудаанд, порадиҳандагон аз ҷавобгарии ҷиноятӣ қонунӣ озод карда шудаанд, сарчашмаи ба даст овардани ашёҳои қиматнок, ки ҳамчун пора дода шудаанд, муқаррар карда шудааст, парвандаҳои ҷиноятӣ ё мавод ба истеҳсолоти алоҳида дуруст ҷудо карда шудаанд, ба дигар шарикони ҷиноят, ки боздошт нашудаанд, саривақт айб эълон карда, кофтукови онҳо ба расмият даровarда шудааст ё не.

Дар сурати ғайриқонунӣ рад кардан аз оғози парванда ё беасос қатъ намудани он нисбати порадиҳанда суд метавонад оиди асоснокии чунин қарор дар назди прокурор масъала гузорад.

Судҳо бояд дар назар дошта бошанд, ки баррасии ҷудогонаи парвандаҳо нисбати порадиҳанда ва порагир танҳо дар сурате имконпазир аст, ки агар он ба ҳамаҷониба, пурра ва объективона тафтиш намудан ва ҳалли парванда халал нарасонад.

4. Судҳо бояд ба инобат гиранд, ки ҳаракатҳои тафтишотӣ оид ба ҷамъоварии далелҳо фақат баъд аз оғоз намудани парвандаи ҷиноятӣ гузаронида мешавад, ба истиснои ҳолатҳое, ки қонунгузор пешбинӣ намудааст (масалан, ҷои рӯй додани ҳодисаро аз назар гузаронидан).

Далелҳое, ки бе оғоз намудани парвандаи ҷиноятӣ дар ҷараёни таҳқиқ ё тафтиши пешакӣ бо роҳи зӯрӣ, таҳдид, азобу шиканҷа, рафтори бераҳмона ва ё усулҳои дигари ғайриқонунӣ ба даст оварда шудаанд, беэътибор дониста мешаванд ва қувваи ҳуқуқӣ надошта, ҳамчун асос дар ҳукми айбдоркунанда гузошта намешаванд.

5. Диққати судҳо ба он равона карда шавад, ки тибқи эзоҳи моддаи 314 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон субъекти ҷинояти гирифтани пора, ки бо моддаи 319 ҳамин Кодекс пешбинӣ шудааст, шахсе шуда метавонад, ки ба таври доимӣ, муваққатӣ ё бо ваколати махсус вазифаи намояндаи ҳокимиятро ба ҷо меоварад ё вазифаҳои ташкилию амрдиҳӣ ё маъмурию хоҷагидориро дар мақомоти ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии маҳаллӣ, муассисаҳои давлатӣ ва инчунин дар Қувваҳои мусаллаҳи Ҷумҳурии

Тоҷикистон, дигар қӯшунҳо ва ҷузъу томҳои ҳарбии Ҷумҳурии Тоҷикистон анҷом медиҳад.

Иҷро намудани вазифаҳои номбаршуда бо ваколати махсус маънои онро дорад, ки шахс вазифаҳои муайянро тибқи қонун (коромӯзони мақомоти милитсия, прокуратура ва ғайра), санади меъёрӣ, фармон ё амри шахси мансабдори болоӣ ё ин ки мақомот ё шахси мансабдори ваколатдор анҷом медиҳад. Чунин вазифаҳо мумкин аст дар давоми вақти муайян ё яккарата ё ин ки бо кори асосӣ якҷоя карда (машваратчиёни халқӣ, аъзоёни комиссияҳои доимии маҳаллии танзими анъана ва ҷашну маросимҳо, комиссияҳои қабули довталабон ба муассисаҳои таълимӣ, комиссияҳои даъвати шаҳрвандон ба хизмати ҳарбӣ ва ғайраҳо) анҷом дода шаванд.

6. Ба сифати намояндагони ҳокимият бояд шахсоне дониста шаванд, ки фаъолияти ҳокимияти қонунгузорӣ, иҷроия ё судиро амалӣ менамоянд, инчунин кормандони мақомоти давлатӣ, назоратӣ ё контролӣ, ки тибқи тартиби бо қонун муқарраргардида нисбати шахсоне, ки аз онҳо вобастагии хизматӣ надоранд, ваколатҳои идоракунӣ ё ҳуқуқи қабул намудани қарорҳои барои иҷроиши шаҳрвандон ва инчунин аз ҷониби ташкилотҳо, новобаста аз тобеияти идоравиашон ҳатмибударо доро мебошанд (масалан, узви Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, вакили Маҷлиси вакилони халқи вилоят, Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, шаҳр ва ноҳия, аъзои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мақомоти иҷроияи ҳокимияти маҳаллӣ, судяҳо, кормандони ваколатдори мақомоти прокуратура, мақомоти андоз, гумрук, Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати корҳои дохилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Комитети давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Агентии назорати маводи нашъаовари назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, аудиторҳои дар хизмати давлатӣ буда, нозирон ва назоратчиёни давлатӣ, хизматчиёни ҳарбӣ ҳангоми иҷроиши уҳдадориҳои ба онҳо вогузор кардашуда, роҷеъ ба ҳифзи тартиботи ҷамъиятӣ,

таъмини бехатарӣ ва дигар вазифаҳо, ки ҳангоми иҷроиши онҳо ба хизматчиёни ҳарбӣ ваколатҳои идоракунӣ дода мешаванд).

7. Суд бояд дақиқан таҳқиқ намояд, ки шахси барои гирифтани пора ба ҷавобгарӣ кашидашуда, кадом вазифаҳои ташкилию амрдиҳӣ ё маъмурию хоҷагидориро (ба таври доимӣ ё муваққатӣ) иҷро менамуд.

Мафҳуми иҷро кардани вазифаҳои ташкилию амрдиҳӣ мисол, салоҳияти ба коллектив роҳбарӣ кардан, ҷо ба ҷогузорӣ ва интихоби кадрҳо, ташкили меҳнат ё хизмати тобеон, нигоҳ доштани интизом, татбиқи чораҳои ҳавасмандкунӣ ва муҷозоти интизомӣ доштанро дар бар мегирад (масалан, роҳбарони корхонаю ташкилот, идораҳо, муовинони ӯ, сардорони шӯъбаҳо ва ғайра) .

Ба вазифаҳои маъмурию хоҷагидорӣ доштани ваколатҳо доир ба идоракунӣ ва ихтиёрдории молу мулк, маблағҳои пулӣ, ки дар тавозун ва суратҳисоби бонкии ташкилоту муассисаҳо, қисмҳои ҳарбӣ ва зерқисмҳои он дохилшуда, инчунин анҷом додани дигар ҳаракатҳо: қабули қарор дар бораи баҳисобгирии музди меҳнат, мукофот, назорат бурдан аз болои ҳаракати ашёҳои моддии қиматнок, муайян сохтани тартиби онҳо фаҳмида шавад.

8. Субъекти ҷинояти бо моддаи 319 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинишуда, дар ҳолати ҷой доштани асосҳо, инчунин бояд чунин шахси мансабдоре низ эътироф карда шавад, ки гарчанде барои ба манфиати порадиҳанда ё намояндагони ӯ амалӣ гардонидани ҳаракат (беҳаракатӣ) ваколат надошта бошад ҳам, аммо вобаста ба қудрати мавқеи мансабиаш ба чунин ҳаракати (беҳаракатии) шахси мансабдори дигар мусоидат карда метавонад ё ин ки барои пуштибонии умумӣ ё саҳлангорӣ дар хизмат пора гирифтааст. Дар ҳукм бояд дарҷ намуд, ки чунин ҳаракат (беҳаракатӣ) маҳз дар чи ифода ёфтааст.

Таҳти мафҳуми мавқеи мансабӣ, ки ба анҷом додани ҳаракатҳои муайян ба манфиати порадиҳанда аз ҷониби шахсони мансабдори зикргардида мусоидат намудаанд, бояд аз ҷумла аҳамият ва обурӯю эътибори вазифаи ишғолнамуда, таҳти тобеият қарор доштани дигар шахсони мансабдор, ки нисбаташон аз ҷониби порагир роҳбарӣ

амалӣ мегардад, фаҳмида шавад. Дар баробари ин, мақомоти тафтишоти пешакӣ ва судҳо бояд ба назар гиранд, ки истифода бурдани муносибатҳои шахсиро, агар онҳо ба вазифаи ишғолнамуда алоқаманд набошанд, ҳамчун истифодабарии мавқеи мансабӣ дониста намешаванд.

Зери мафҳуми пуштибонии умумӣ дар хизмат, мумкин аст, аз ҷумла ҳаракатҳои марбут ба ҳавасмандкунии номуносиб, беасос дар вазифаи худ гузоштан ё ба вазифаи баланд гузаронидан, анҷом додани дигар ҳаракатҳое, ки зарурат надоштанд, фаҳмида шаванд.

Таҳти мафҳуми саҳлангорӣ дар хизмат масалан, аз ҷониби шахси мансабдор наандешидани чора барои бартараф намудани камбудиҳо ё норасогиҳо дар фаъолияти хизматии порадиҳанда ё намояндагони ӯ, беэътиноӣ зоҳир намудан ба кирдори ғайриқонунии ӯ, фаҳмида мешавад.

9. Судяҳо бояд ба эътибор гиранд, ки кормандони мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва худидоракунии маҳаллӣ, муассисаҳои давлатие, ки дар он ҷо вазифаҳои касбӣ ё техникиро анҷом медиҳанд ва ба вазифаҳои ташкилию амрдиҳӣ ё маъмурию хоҷагидорӣ мансуб намебошанд, субъекти гирифтани пора шуда наметавонанд.

10. Шахсоне, ки ба таври доимӣ, муваққатӣ, ё бо ваколати махсус вазифаҳои ташкилию амрдиҳӣ ё маъмурию хоҷагидориро дар корхонаи тиҷоратӣ ё дигар корхона новобаста аз шакли моликият ё корхонаи ғайритиҷоратие, ки мақомоти давлатӣ, мақомоти худидоракунии маҳаллӣ, муассисаи давлатӣ намебошад ва инчунин ваколатдороне, ки тибқи шартнома манфиати давлатро дар мақомоти идоракунии ҷамъиятҳои саҳҳомӣ (ширкатҳои хоҷагидорӣ), ки қисми саҳмияи онҳо (ҳисса, амонат) моликияти давлат мебошад, намояндагӣ мекунанд, шахсони мансабдор эътироф карда намешаванд ва дар сурати ғайриқонунӣ гирифтани ашёи қиматнок ё истифодаи хизматрасонӣ барои анҷом додани ҳаракат (беҳаракатӣ) ба манфиати ришвадиҳанда, бинобар ишғол намудани мавқеи хизматиаш, бояд тибқи моддаи 279 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷавобгарӣ кашида шаванд.

11. Мавриди ҳал намудани масъала оиди дар ҳаракати шахс мавҷуд будани аломати ҷинояти бо моддаи 279 КҶ

Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинишуда, судҳо бояд ба назар гиранд, ки таҳти мафҳуми корхонаи тиҷоратӣ тибқи моддаи 50 КГ Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкилоте (шахси ҳуқуқие) фаҳмида мешавад, ки мақсади асосии фаъолияти он ба даст овардани фоида мебошад (масалан, ширкату ҷамъиятҳои хоҷагидорӣ, кооперативҳои истеҳсолӣ, корхонаи воҳид). Ҳамзамон, бояд дар назар дошт, ки корхонаи воҳид мутобиқи моддаи 124 КГ Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкилоти тиҷоратӣ буда, ҳуқуқи ба молу мулки вобастакардаи молик (муассис), ки нисбати он ӯ танҳо фаъолияти хоҷагидорӣ ё идоракунии оперативиро ба амал мебарорад, соҳиб шуданро надорад (моддаҳои 125, 127 КГ Ҷумҳурии Тоҷикистон).

Таҳти мафҳуми ташкилоти ғайритиҷоратӣ, ки тобеи мақомоти ҳокимияти давлатӣ ё мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва муассисаи давлатӣ намебошад, тибқи қонунгузории гражданӣ ҷамъиятҳои матлубот ва иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ё ташкилоти динӣ, сармояи хайрия ва дигар сармояҳо ва инчунин муассисае, ки аз ҷониби молик барои амалӣ гардонидани вазифаҳои идоракунӣ, иҷтимоӣ - фарҳангӣ ё дигар фаъолияти хусусияти ғайритиҷоратӣ дошта таъсис дода шудааст, фаҳмида мешаванд ( моддаҳои 50, 132 КГ Ҷумҳурии Тоҷикистон).

12. Судҳо бояд ба инобат гиранд, ки ҷавобгарии ҷиноятии миёнарав дар гирифтан, додани пора бо дарназардошти ҳолатҳои воқеии кор ва нақши ӯ дар ин ҷиноятҳо танҳо дар ҳолатҳои бо моддаи 36 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон пешибинишуда ба амал меояд.

13. Тибқи мафҳуми қонун предмети пора ё ришвадиҳии тиҷоратӣ дар баробари маблағҳои пулӣ, қоғазҳои қиматнок ё дигар амвол инчунин фоида ё хизматрасонии хусусияти амволидошта, ки беподош расонида мешаванду аммо бояд пардохт карда шаванд (пешниҳод намудани роҳхатҳои сайёҳатӣ, таъмири манзили истиқоматӣ, сохтмони бӯстонсарой ва ғайра), шуда метавонанд. Таҳти мафҳуми фоидаи хусусияти амволидошта бошад паст кардани арзиши амволи додамешуда, объектҳои хусусишаванда, кам кардани пардохти иҷора, маблағи фоизи истифодаи ссудаи (қарзи) бонкӣ, фаҳмида мешавад. Дар ҳукм бояд ба фоида ва

хизматрасонии хусусияти амволидошта, баҳои маблағӣ дода шавад.

Инчунин ба суд лозим аст, ки дар ҳукм қайд намояд, ки барои иҷроиши кадом ҳаракати мушаххас (беҳаракатӣ) шахси мансабдор ё шахсе, ки вазифаҳои идоракуниро дар корхонаи тиҷоратӣ ё дигар корхона анҷом медиҳад, пора ё предмети ришвадиҳии тиҷоратиро аз шахси манфиатдор гирифтааст. Вақти додани онҳо (то ё баъди содир намудани ҳаракат (беҳаракатӣ) ба манфиати шахси порадиҳанда ё ришвадиҳанда) ба банду басти кирдори содиршуда таъсир намерасонад.

Агар фоидаи амволӣ дар намуди маблағи пулӣ ё дигар ашёҳои қиматнок, расонидани хизматрасонии моддӣ, ки ба хешовандон ва шахсони наздики шахси мансабдор бо розигии ӯ пешниҳод гардида бошад ё ин ки ӯ ба ин монеъгӣ накарда, ваколати хизматии худро ба фоидаи порадиҳанда истифода бурда бошад, он гоҳ ҳаракатҳои шахси мансабдор бояд ҳамчун гирифтани пора банду баст карда шаванд.

14. Ба судҳо тавзеҳот дода шавад, ки таҳти мафҳуми ҳаракати (беҳаракатӣ) шахси мансабдор, ки ба фоидаи порадиҳанда амалӣ мегардад, бояд чунин ҳаракатҳое фаҳмида шаванд, ки шахси мансабдор ба онҳо ваколат дошт ё вазифадор буд, ки мутобиқи ваколатҳои хизматии ба души ӯ вогузоргардидаро иҷро намояд. Таҳти мафҳуми ҳаракатҳои ғайриқонунии шахси мансабдор бошад, ҳаракатҳои ғайриҳуқуқие, ки аз ваколати хизматиаш барнамеоянд ё ин ки бархилофи манфиати хизматӣ амалӣ гардонида шудааст ва инчунин ҳаракатҳое, ки аломати ҷиноят ё дигар ҳуқуқвайронкуниро дар бар мегиранд, фаҳмида мешавад.

15. Додани пора ё мукофоти ғайриқонунӣ ҳангоми ришвадиҳии тиҷоратӣ, ҳамчунин гирифтани он аз ҷониби шахси мансабдор ё шахсе, ки вазифаҳои идоракуниро дар корхонаи тиҷоратӣ ё дигар корхона анҷом медиҳад, аз лаҳзаи қабули ҳатто як қисми ашёи қиматноки додамешуда, хотимаёфта дониста мешаванд.

Дар ҳолате, ки шахси мансабдор ё шахсе, ки вазифаҳои идоракуниро дар корхонаи тиҷоратӣ ё дигар корхона анҷом медиҳад, гирифтани предмети пора ё ришваи тиҷоратиро

рад намудааст, порадиҳанда ё шахсе, ки предмети пора ё ришвароро медиҳад, барои сӯиқасд ба ҷинояти бо моддаи 320 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон ё ин ки бо қисми дахлдори моддаи 279 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинишуда ба ҷавобгарӣ кашида мешавад.

Агар додани ашёи қиматдори маслиҳатгардида бо сабабҳои аз иродаи шахсе, ки кӯшиш мекарданд предмети пора ё ришвароро диҳанд ё гиранд вобастанабуда, анҷом наёфта бошад, кирдори содирнамудаи онҳо бояд ҳамчун сӯиқасд ба гирифтан ё додани пора ё мукофоти ғайриқонунӣ ҳангоми ришвадиҳии тиҷоратӣ банду баст карда шавад.

Нияти изҳорнамудаи шахс дар бораи додани (гирифтани) маблағи пулӣ, қоғазҳои қиматнок, дигар амвол ё пешниҳод намудани имконияти ғайриқонунӣ истифода бурдани хизматрасонии хусусияти моддӣ дошта, таркиби ҷиноятро оиди сӯиқасди гирифтан ё додани пора ё ришвадиҳии тиҷоратӣ ташкил намедиҳад, агар шахс барои амалӣ гардонидани ин нияташ ягон ҳаракатҳои мушаххасро иҷро накарда бошад.

16. Хусусияти хоси пешбурди парвандаҳои марбут ба ҷиноятҳои гирифтану додани пора ва ришвадиҳии тиҷоратӣ дар ошкор кардан, ёфта гирифтан ва ҳамчун далели шайъӣ эътироф намудани предмети пора ва ришвадиҳии тиҷоратӣ зоҳир мегардад. Аз ин рӯ ба мақомоти анҷомдиҳандаи тафтишоти пешакӣ зарур аст, ки ҷиҳати ошкор кардан, ёфта гирифтан ва ҳамчун далели шайъӣ ба парванда ҳамроҳ намудани предмети пора ва ришвадиҳии тиҷоратӣ тамоми чораҳои бо Қонуни мурофиавии ҷиноятӣ пешбинигардидаро андешанд.

Дар ҳолати дарёфт нагардидани предмети пора ё ришвадиҳии тиҷоратӣ ва мавриди таҳқиқу ташхис қарор нагирифта, далели шайъӣ эътироф нашудани онҳо, ки ин ҳолатҳо барои ҳал кардани масъалаи исботи гунаҳгорӣ ё бегуноҳӣ аҳамияти ҷиддӣ доранд, ба мақомоти тафтишоти пешакӣ ва судҳо лозим аст, нишондодҳои порадиҳанда ва шахси дигар (гумонбаршуда, айбдоршаванда, судшаванда, шахсони холис, шоҳидон, сабтҳои пинҳонӣ, гуш кардан, боздошти гуфтугӯи телефонӣ ва ғайра)-ро дар маҷмуъ бо дигар далелҳои парвандаи ҷиноятӣ дақиқан санҷида, ба онҳо

баҳои ҳуқуқӣ дода, баъдан қарори қонунӣ ва асоснок қабул намоянд.

17. Шахси мансабдор ё шахсе, ки вазифаҳои идоракуниро дар корхонаи тиҷоратӣ ё дигар корхона анҷом медиҳанду ба корманди зертобеи хизматиаш барои анҷом додани ҳаракати (беҳаракатӣ) хостааш ба манфиати худ ё ташкилоти худ, ба шахси мансабдори дигар пора доданро таклиф менамоянд, бо қисми дахлдори моддаи 320 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳамчун иҷрокунандаи ҷиноят, корманди супориши ӯро иҷронамуда бошад, ҳамчун шарики дар додани пора ба ҷавобгарӣ кашида мешаванд.

Шахси мансабдор ё шахсе, ки вазифаҳои идоракуниро дар корхонаи тиҷоратӣ ё дигар корхона анҷом медиҳанд ба корманди зертобеи хизматиаш барои ноил гардидан ба ҳаракати (беҳаракатӣ) мехостааш ба манфиати ташкилоти худ таклиф менамоянд, ки ба шахсе, ки вазифаҳои идоракуниро дар корхонаи тиҷоратӣ ё дигар корхона анҷом медиҳанд, маблағи пулӣ, қоғазҳои қиматнок, дигар амволро диҳанд, бо қисми якум ё дуюми моддаи 279 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун иҷрокунандаи ҷиноят, корманди супориши ӯро иҷронамуда бошад, ҳамчун шарики ришвадиҳии тиҷоратӣ ба ҷавобгарӣ кашида мешаванд.

18. Банду басти гирифтану додани пора ё мукофоти амволӣ ҳангоми ришвадиҳии тиҷоратӣ бо аломати такрорӣ содир намудани ҳамон як ҷиноятро на камтар аз ду маротиба ифода менамояд, агар мӯҳлати ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидан барои ҷиноятҳои қаблӣ нагузашта бошад ё ин ки доғи судӣ барои чунин ҷинояти қаблан содирнамуда бардошта ё барҳам нахӯрда бошад.

Гирифтан ва додани пора ё мукофоти ғайриқонунӣ ҳангоми ришвадиҳии тиҷоратӣ дар якчанд марҳила барои иҷро намудан ё иҷро накардани ҳаракатҳое, ки ба вуқӯъ омадани натиҷаи дилхоҳро таъмин менамояд ва ҳамчунин додани пора ё предмети ришва ба гурӯҳи шахсони мансабдор ё шахсоне, ки вазифаҳои идоракуниро дар корхонаи тиҷоратӣ ё дигар корхона анҷом медиҳанд ва ҷиноятро бо маслиҳати пешакӣ ё дар ҳайати гурӯҳи муташаккил содир намудаанд, ҳамчун ҷинояти такроран содиршуда эътироф карда намешавад.

Дар мавриди мунтазам додани ашёҳои қиматдор ва хизматрасонии хусусияти амволӣ ба шахси мансабдор барои пуштибонии умумӣ ё саҳлангорӣ дар хизмат, суд бояд санҷида барояд, ки оё ин кирдорҳоро қасди умумӣ ва мақсади ягонаи порадиҳанда дар бар мегирад ё не. Ҳангоми мавҷуд набудани аломати такрорӣ ҳаракатҳои мазкур, бояд ҳамчун ҷинояти давомдор бо қисми 1 моддаи 320 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон банду баст карда шаванд. Ҳамчунин, дар сурати мавҷуд набудани аломати такрорӣ, мунтазам гирифтани амволи қиматдори зикргардида, дар намуди пора бояд бо қисми 1 моддаи 319 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳангоми мавҷуд будани асосҳо бошад бо қисмҳои 3 ё 4 ҳамин модда банду баст карда шаванд.

19. Гирифтани пора ё предмети ришвадиҳии тиҷоратӣ дар сурате бо маслиҳати пешакӣ аз ҷониби гурӯҳи шахс дониста мешавад, ки агар дар ҷиноят ду ва зиёда шахсони мансабдор ё ду ва зиёда шахсоне, ки вазифаҳои идоракуниро дар корхонаи тиҷоратӣ ё дигар корхона анҷом медиҳанд, иштирок карда, қаблан барои якҷоя содир намудани ҷинояти мазкур бо истифодаи мавқеи хизматии худ маслиҳат кардаанд. Дар ин маврид аҳамият надорад, ки кадом маблағро ҳар яке аз ин шахсон гирифтаанд.

Тибқи қонун (моддаи 39 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон) гурӯҳи муташаккил бо устувории худ, дараҷаи баланди муташаккилӣ, тақсимоти нақшҳо, мавҷудияти ташкилкунанда ва роҳбар, ифода меёбад. Аз ин лиҳоз, ба гурӯҳи муташаккил метавонанд шахсе дохил шаванд, ки шахсони мансабдор ва вазифаҳои идоракуниро дар корхонаи тиҷоратӣ ё дигар корхона анҷоммедода набуда, қаблан барои содир намудани як ё якчанд ҷиноят муттаҳид шудаанд. Дар ин ҳолат иштирокчиёни гурӯҳи муташаккил мутобиқи талаботи қисми 8 моддаи 39 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида мешаванд. Бинобар ин ҷиноят аз лаҳзаи қабули пора ё мукофоти ғайриқонунӣ ҳангоми ришвадиҳии тиҷоратӣ аз ҷониби ақаллан яке аз шахсони мансабдор ё шахсоне, ки вазифаҳои идоракуниро дар корхонаи тиҷоратӣ ё дигар корхонаҳо анҷом медиҳанд, хотимаёфта дониста мешавад.

20. Таҳти мафҳуми тамаъҷӯи, аз ҷониби шахси мансабдор ё шахсе, ки вазифаҳои идоракуниро дар корхонаи тиҷоратӣ ё дигар корхона анҷом медиҳад, талаб намудани додани пора ё мукофоти ғайриқонунӣ дар намуди маблағи пулӣ, қоғазҳои қиматнок, дигар амвол ҳангоми ришвадиҳии тиҷоратӣ, зери таҳдиди содир намудани ҳаракатҳое, ки метавонанд ба манфиатҳои қонунии шаҳрванд зарар расонанд ё охиринро ба чунин вазъият гузоранд, ки ӯ маҷбур мешавад пора диҳад ё ришвадиҳии тиҷоратиро бо мақсади пешгирии оқибатҳои зарарнок ба манфиатҳои бо қонун ҳифзшавандааш амалӣ намояд, фаҳмида мешавад.

21. Бо назардошти он, ки аз андозаи пора банду басти ҷиноят вобастагӣ дорад, бояд ба ҳар як предмети додашуда ё хизмати расонидашуда дар асоси арзиши ҳақиқии предмет, нарху наво ё тарифи хизматрасонӣ дар маҳалли мазкур ё дар лаҳзаи содир намудани ҷиноят ҷойдошта, дар ҳолати мавҷуд набудани онҳо бошад, дар асоси хулосаҳои коршиносони судӣ баҳои арзишӣ (пулӣ) дода шавад.

Агар пора ба миқдори калон қисм ба қисм гирифта шуда бошад, вале ин ҳаракатҳо лаҳзаҳои як ҷинояти давомдорро ифода намоянд, кирдори содиргардида бояд ҳамчун гирифтани пора ба миқдори калон банду баст карда шавад.

22. Дар сурати аз ҷониби шахсе, ки мансаби давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистонро ишғол менамояд, ҳамчунин аз тарафи сардори мақомоти худидоракунии маҳаллӣ гирифтани пора ташкилкунанда, таҳриккунанда ва ёрдамчӣ чун шарикони ҷинояти мазкур бо моддаи 36 ва қисми 3 моддаи 319 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷавобгарӣ кашида мешаванд.

23. Аломатҳои бандубасткунандае, ки хавфнокии баланди ҷамъиятӣ доштани гирифтани пора ё ришвадиҳии тиҷоратиро ифода мекунанд (тамаъҷӯӣ, содир намудани ҷиноят аз ҷониби гурӯҳи шахс бо маслиҳати пешакӣ ё гурӯҳи муташаккил ва ғайра) бояд ҳангоми баҳои ҳуқуқӣ додан ба ҳаракатҳои шарикони гирифтани пора ё мукофоти ғайриқонунӣ ҳангоми ришвадиҳии тиҷоратӣ ба инобат гирифта шаванд, агар ҳолатҳои мазкурро қасди онҳо дар бар гирифта бошад.

Дар баробари ин, ҳангоми банду баст намудани ҳаракатҳои шарикони ҷиноят, ҳолатҳое, ки шахсияти дигар иштирокчиёни кирдорро тавсиф медиҳад (масалан, такроран додан ё гирифтани пора, ришвадиҳии тиҷоратӣ), бояд ба инобат гирифта нашаванд.

24. Ҷавобгарӣ барои гирифтан ва додани пора ё ришвадиҳии тиҷоратӣ ҳамзамон ба ҷавобагарии ҷиноятӣ кашиданро барои ҳаракатҳое, ки ҷинояти мустақилро ташкил медиҳанд, истисно намекунад. Дар чунин ҳолатҳо кирдори содирнамуда аз рӯи маҷмуи ҷиноятҳо бояд банду баст карда шавад.

Агар порагир ба манфиати порадиҳанда ё намояндагони ӯ, ҳаракатҳои ғайриқонуниеро, ки таркиби ҷинояти дигарро ташкил мекунад, содир намуда бошад, бояд барои маҷмуи ҷиноятҳои бо қисми 2 моддаи 319 ва моддаи дахлдори КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон (сӯистифода аз ваколатҳои мансабӣ, ғайриқонунӣ озод кардан аз ҷавобгарии ҷиноятӣ, сохтакории далелҳо ва ғайра) ба ҷавобгарӣ кашида шавад.

25. Аз ҷониби шахси мансабдор ё шахсе, ки вазифаҳои идоракуниро дар корхонаи тиҷоратӣ ё дигар корхона анҷом медиҳад, гирифтани маблағи пулӣ, қоғазҳои қиматнок ва дигар ашёҳои қиматдор гӯё барои содир намудани ҳаракате (беҳаракатие), ки онро ӯ аз сабаби мавҷуд набудани ваколатҳои хизматӣ ё имконнопазир будани истифодабарии мавқеи хизматии худ наметавонад амалӣ гардонад, ҳангоми ҷой доштани қасд барои гирифтани ашёҳои қиматдори номбурда, бояд ҳамчун қаллобӣ бо моддаи 247 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон банду баст карда шавад.

Дар чунин ҳолатҳо соҳиби ашёҳои қиматдор барои сӯиқасд ба додани пора ё ришвадиҳии тиҷоратӣ ба ҷавобгарӣ кашида мешавад, агар додани ашёҳои қиматдор ба мақсади аз ҷониби шахсони қайдгардида амалӣ намудани ҳаракатҳои (беҳаракатӣ) хоҳишнамудаи ӯ, равона шуда бошад.

26. Агар шахс аз ягон кас маблағи пулӣ ё дигар ашёҳои қиматдорро гӯё барои ба шахси мансабдор ё шахсе, ки вазифаҳои идоракуниро дар корхонаи тиҷоратӣ ё дигар корхона анҷом медиҳад, ба сифати пора ё предмети ришвадиҳии тиҷоратӣ додан, гирифта, аммо ин ниятро

амалӣ кардани набуд ва онҳоро азони худ карда бошад, кирдори содирнамудаи ӯ бояд ҳамчун қаллобӣ банду баст карда шавад. Дар чунин ҳолат ҳаракатҳои соҳиби ашёҳои қиматдор ҳамчун сӯиқасд ба додани пора ё ришвадиҳии тиҷоратӣ банду баст карда мешаванд. Ҳамзамон, шахси мушаххаси мансабдор ё шахсе, ки вазифаҳои идоракуниро дар корхонаи тиҷоратӣ ё дигар корхона анҷом медиҳад ва пора ё мукофоти ғайриқонунӣ ҳангоми ришвадиҳии тиҷоратӣ бояд ба ӯ дода мешуд, номбар карда шудаанд ё не, аҳамият надорад.

27. Судҳоро зарур аст ба инобат гиранд, ки мавриди ҳалли масъалаи аз ҷавобгарии ҷиноятӣ озод намудани шахсе, ки дар бораи ба шахси мансабдор додани пора, ё дар хусуси ғайриқонунӣ додани маблағи пулӣ, қоғазҳои қиматнок, дигар амвол ба шахси вазифаҳои идоракуниро дар корхонаи тиҷоратӣ ё дигар корхона анҷом медод, ба мақомоте, ки ҳуқуқи оғоз намудани парвандаи ҷиноятиро дорад хабар расонидааст, дар назар доштан лозим аст, ки хабари расонидашуда (ба тариқи хаттӣ ё шифоҳӣ) новобаста аз ангезаҳои ба асосгирифтаи арзкунанда, бояд ихтиёрӣ эътироф карда шавад. Дар сурате, ки додани пора ё ришвадиҳии тиҷоратӣ ба мақомоти ҳокимият маълум бошад, хабари баъдан дар ин хусус расонидашуда, ихтиёран эътироф карда намешавад.

28. Маблағи пулӣ ва дигар ашёҳои қиматдори ёфта гирифташуда, ки предмети пора ё ришвадиҳии тиҷоратӣ мебошанд ва далелҳои шайъӣ эътироф гардидаанд, дар асоси муқаррароти КМҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун бо роҳи ҷиноят ба дастовардашуда, ба фоидаи давлат гузаронида мешаванд.

29. Аз ҷавобгарии ҷиноятӣ озод намудани порадиҳанда ё шахсе, ки ришвадиҳии тиҷоратиро анҷом додааст, бо асосҳои ихтиёран дар бораи содир шудани ҷиноят хабар расонидан, маънои дар ҳаракатҳои шахсони мазкур мавҷуд набудани таркиби ҷиноятро надорад. Аз ин рӯ, онҳо ҷабрдида эътироф карда намешаванд ва барои баргардонидани ашёҳои қиматдори ба сифати пора ё предмети ришвадиҳии тиҷоратӣ додашуда ҳуқуқи талабгор

шудан надоранд ва ин ашёҳо ба онҳо баргардонида намешаванд.

Дар ҳолатҳое, ки агар нисбати шахс оиди додани пора ё ғайриқонунӣ додани маблағҳои пулӣ, қоғазҳои қиматнок, дигар амвол дар намуди ришвадиҳии тиҷоратӣ талабот арз шуда, то додани онҳо шахс ба мақомоте, ки ҳуқуқи оғоз кардани парвандаи ҷиноятиро дорад, ихтиёран хабар расонида бошаду додани маблағҳои пулӣ, қоғазҳои қиматноку дигар амвол, бо мақсади бо далели шайъӣ дастгир кардани шахсе, ки чунин талаботро пешниҳод намудааст, таҳти назорати мақомоти мазкур ба амал бароварда шуда бошад, маблағҳои пулӣ ва дигар амвол ба фоидаи давлат дода намешавад. Дар чунин ҳолатҳо маблағи пулӣ ва дигар ашёҳои қиматдор, ки предмети пора ё ришвадиҳии тиҷоратӣ мебошанд, бояд ба соҳибаш баргардонида шаванд.

Агар ҳангомигузаронидани чорабиниҳои оперативӣ-ҷустуҷӯӣ маблағи пулӣ аз суратҳисоби махсуси мақомотитаъқибиҷиноятӣсарфкарда, оид ба парванда ҳамчун далели шайъӣ эътироф шуда бошад, ба ин мақомот баргардонида мешавад.

30. Ба судҳо тавзеҳот дода шавад, ки субъекти иғвои порадиҳӣ (моддаи 321 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон) метавонад ҳар гуна шахсе бошад, ки бо қасди бевосита бо мақсади сохтани далелҳои сунъӣ оид ба содир гардидани ҷиноят амал намудааст. Ҷинояти мазкур аз лаҳзаи кӯшиши додани маблағи пулӣ ё дигар ашёҳои қиматдор ё ин ки кӯшиши расонидани хизмати хусусияти амволидошта, хотимаёфта ба ҳисоб меравад. Ҳангоми ҳалли масъалаи мавҷуд будани таркиби ҷинояти мазкур, суд бояд санҷида барояд, ки дар бораи қабули предмети пора бо шахси мансабдор маслиҳати пешакӣ ҷой дошт, ё не.

Дар сурати мавҷуд набудани чунин маслиҳат ва даст кашидан аз гирифтани предмети пора, шахсе, ки бо мақсади сохтани далелҳои сунъӣ оид ба содир гардидани ҷиноят кӯшиш намудааст, предмети номбурдаро супорад, бояд бо моддаи 321 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷавобгарӣ кашида мешавад.

Гузаронидани амалиётҳои оперативӣ - ҷустуҷӯи аз ҷониби мақомоти ваколатдор вобаста ба санҷиши ариза дар бораи тамаъҷӯии пора ё мукофоти амволӣ ҳангоми ришвадиҳии тиҷоратӣ, ки бо қонунгузории ҷумҳурӣ пешбинӣ шудаанд, иғвои порадиҳӣ ба ҳисоб намераванд.

Агар иғвои порадиҳӣ аз ҷониби шахси мансабдор бо истифодаи мавқеи хизматиаш содир шуда бошад, кирдори содирнамудаи ӯ иловатан бо моддаи 314 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон банду баст карда мешавад.

31. Дар вақти баррасии парвандаҳои марбут ба ҷиноятҳои гирифтану додани пора ва ришвадиҳии тиҷоратӣ, судҳо бояд талаботи қонунро оид ба фардикунонидани ҷазо қатъиян риоя намоянд, то ки ҳолатҳои ба гунаҳгорони ин ҷиноятҳо таъйин намудани чораҳои ҷазо, чи аз ҷиҳати сабукӣ ва чи аз ҷиҳати вазнинииаш ба кирдори содиргардида номувофиқ, истисно шаванд. Дар баробари ин, бояд талаботи қонун оид ба татбиқи мусодираи амвол ҳамчун чораи иловагии ҷазо барои гирифтани пора ва миёнаравӣ дар порагирӣ бо аломатҳои бандубасткунанда, бемайлон риоя карда шавад. Таъйин накардани мусодираи амвол, танҳо бо асосҳои дар моддаи 63 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон нишондода, имконпазир мебошад.

Мутобиқи моддаи 50 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон ба судҳо зарур аст, нисбати шахсе, ки дар гирифтани пора ва ришвадиҳии тиҷоратӣ маҳкум шудаанд, масъалаи татбиқ намудани чораҳои ҷазои иловагиро дар намуди маҳрум кардан аз ҳуқуқи ишғоли мансабҳои муайян ё машғул шудан бо фаъолияти муайянро, ки дар моддаҳои 279 ва 319 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар гардидаанд, муҳокима намоянд.

32. Мавриди дида баромадани парвандаҳо оид ба гирифтану додани пора ва ришвадиҳии тиҷоратӣ, дар сурати мавҷуд будани асосҳо суд бояд таъйиноти (қарорӣ) хусусӣ бароварда, диққати мақомоти давлатӣ, ташкилотҳои ҷамъиятӣ ё шахсони мансабдорро ба фактҳои аз рӯи кор ошкор кардашудаи вайронкунии қонун, сабабу шароитҳое, ки ба содир гардидани ҷиноятҳои зикргардида, мусоидат кардаанду дидани чораҳои дахлдорро талаб менамоянд, ҷалб кунанд.

Бо назардошти хусусияту дараҷаи хавфнокии ҷамъиятии ҷиноятҳои марбут ба гирифтану додани пора ва ришвадиҳии тиҷоратӣ ба судҳо зарур аст, таҷрибаи баррасии парвандаҳои зикргардидаро мунтазам ҷамъбаст намуда, хатогиҳои дар вақти дида баромадани парвандаҳо роҳ додашударо сари вақт ошкор карда, оиди бартараф намудани онҳо чораҳои дахлдор андешида, бо мақсади пешгирии содир гардидани ҷиноятҳои нав корҳои фаҳмондадиҳиро ба роҳ монанд.

Ҳамчунин, бобати пешгирӣ ва бартараф намудани сабаб ва омилҳои содиршавии ин қабил ҷиноятҳо ва баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии аҳолӣ судҳо бояд дар ташкилоту корхонаҳо мурофиаҳои сайёри судӣ гузаронида, ба муҳокимаи қарорҳои судӣ муваффақ гарданд.

33. Ба судҳои марҳилаи кассатсионию назоратӣ тавзеҳот дода шавад, ки назоратро ҷиҳати ҳарҷониба, пурра ва холисона тафтиш кардани ҳолатҳои кор, қонунӣ ва асоснок баррасӣ намудани парвандаҳо аз ҷониби судҳои зинаи якум вобаста ба ҷиноятҳои дар моддаҳои 279, 319, 320 ва 321 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинишуда, пурзӯр намоянд.

34. Бо қабули қарори мазкур Қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 04 июни соли 1992 таҳти №6 «Дар бораи таҷрибаи судӣ бо парвандаҳои марбут ба гирифтану додани пора» аз эътибор соқит дониста шавад.

**Раиси Пленум,**
**Раиси Суди Олии**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон** **Н. Абдуллоев**

**Котиби Пленум,**
**судяи Суди Олии**
**Ҷумурии Тоҷикистон** **М. Саидов**

## АДАБИЁТИ ИСТИФОДАШУДА:

## РОҲБАРИКУНАНДА:


1. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 22 декабри соли 2016 // Ҷумҳурият. Душанбе, 26 декабри 2016. № 254 (23 076).
2. Эмомалӣ Раҳмон. Бахри волояти қонун, манфиатҳои давлат ва ҳуқуқи шаҳрвандон. Маърӯза дар ҷамъомади кормандони мақомотҳои ҳифзи ҳуқуқ бахшида ба 80-солаги мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон// «Народная газета», соли 2005, №1.
3. Суханронии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба муносибати 10 – солагии таъсиси Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсия (10 январи соли 2017) // Сомонаи интернетии www.prezident.tj.


## САНАДҲОИ МЕЪЁРИИ ҲУҚУҚӢ:


4. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 06 ноябри соли 1994 бо тағйиру иловаҳои солҳои 1999, 2003 ва 2016. Душанбе.-2016.
5. Конвенсияи Созмони Милали Муттаҳид бар зидди ҷиноятҳои муташаккили трансмиллӣ аз 15 ноябри соли 2000.
6. Конвенция о гражданско – правовой ответственности за коррупцию – Совет Европы. Серия Европейских договоров. № 174.
7. Конвенция об уголовной ответственности за коррупцию от 27. 01.1999 года, Страсбург, 27 января 1999 года — Совет Европы. Серия Европейских договоров. №173.
8. Конвенция Организации объединённых наций против коррупции. Нью-Йорк, ООН, 2004.
9. Кодекси Граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе, 2014.
10. Кодекси замини Ҷумҳурии Тоҷикистон. аз 13 .12. 1996с. таҳти № 326 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон с. 1996, №23, мод. 351; с. 1997, №23-24, мод. 333, фасли IV; с. 1999, №5, мод. 59; с. 2001, №4, мод. 176; с. 2004, №2, мод. 55, №3, мод. 190; с. 2006, №7, мод. 347; с. 2008, №1, қ. 2, мод. 22, №6, мод. 463; с. 2011, №3, мод. 171; с. 2012, №4, мод. 269, №8, мод. 828; с. 2016, №11, мод. 879)
11. Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон , с.1998, № 9, мод.68, мод.69; №22, мод. 306; с.1999, №12, мод. 316; с.2001, № 4, мод.149, мод.167; с.2002, №11, мод.675, мод.750; с.2003, № 8, мод. 456, мод.468; с.2004, №5, мод. 346; №7, мод.452, мод.453; с.2005, №3, мод.126; №7, мод.399; №12, мод.640; с.2007, №7, мод.665; с.2008, №1 қ.1, мод.3; №6, мод.444,

мод.447; №10, мод.803; №12, қ.1, мод.986, №12, қ.2, мод. 992; с.2009, № 3, мод.80; №7-8, мод.501; с. 2010, № 3, мод.155; №7, мод.550; с.2011, №3, мод.161; №7-8, мод.605; с.2012, №4, мод.258; №7, мод.694, с.2013, №6, мод.403; мод.404; №11, мод.785; №12, мод.881; с.2014, №3, мод.141; Қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26.07.2014 с., №1088; № 1089)

12. Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе, 2016.
13. Кодекси одоби хизматчии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе.-2017.
14. Кодекси ҷиноятии ҶШС Тоҷикистон. Бо тағйироту иловаҳое, ки то 1 июни соли 1988 дохил карда шудаанд. Душанбе: Ирфон, 1989 – 119 с.
15. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи мубориза бар зидди коррупсия" аз 25 июли соли 2005, таҳти № 100 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2005, №7, мод. 402; с. 2007, №7, мод. 660; с. 2008, №10, мод. 800; с. 2011, №12, мод. 837; с. 2014, №3, мод. 148; Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 24 феврали соли 2017, №1385; Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 24 феврали соли 2017, №1386.
16. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ” аз 30.05 сои 2017, №1414;
17. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи сирри давлатӣ” аз 17 июли соли 2014, №681.
18. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи экспертизаи зиддикоррупсионии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ” аз 13 декабри соли 2012, №436.
19. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 20 марти соли 2008 // Сомонаи интернетии www.mmk.tj.
20. Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи интихоботи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 10 декабри соли 1999 // Сомонаи интернетии www.mmk.tj.
21. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи назорати молиявии давлатӣ» 2 декабри соли 2000 // Сомонаи интернетии www.mmk.tj.
22. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳимоя ва дастгирии давлатии соҳибкорӣ» 23 апрели соли 2002 // Сомонаи интернетии www.mmk.tj.
23. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи силоҳ» аз 19.03.2013 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2013, №3, мод. 182; с. 2014, №7, қ. 2, мод. 402; Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 8.08.2015 с., № 1217.
24. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти аудитӣ» 3 марти соли 2006 // Сомонаи интернетии www.mmk.tj.

25. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти бонкӣ» аз 19.05.2009с. // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 2009, №5, мод.331; соли 2010, №7, мод. 555; соли2011, №12, мод.846.
26. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ» 5 март соли 2007 // Сомонаи интернетии www.mmk.tj.
27. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хусусигардонии моликияти давлатӣ» 16 майи соли 1997 // Сомонаи интернетии www.mmk.tj.
28. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи экспертизаи зиддикоррупсионии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» аз 28 декабри соли 2012 // Сомонаи интернетии www.mmk.tj.
29. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ" // Сомонаи интернетии www.mmk.tj.
30. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон“Дар бораи ҳуҷҷатҳои тасдиққкунандаи шахсияти” // Сомонаи интернетии www.mmk.tj.
31. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон“Дар бораи хусусигардонии моликияти давлатӣ” // Сомонаи интернетии www.mmk.tj.
32. Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сиёсати ҳуқуқӣ ва таъмини тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 9 апрели соли 1997.
33. Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими масъалаҳои муҳофизати давлатии ашхоси мансабдори Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 15 марти соли 2000 таҳти № 188.
34. Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тасдиқи Низомномаи адои хизмат дар воҳидҳои ҳифзи ҳуқуқ Агентии назорати давлатии молиявы ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 13 майи соли 2007.
35. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи баъзе чораҳои беҳтар намудани тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандон ва корҳои ҳуқуқӣ дар ҷумҳурӣ» аз 27 августи соли 1997.
36. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи натиҷаҳои тафтишу санҷишҳои Агенти назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба вазъи истифодабарии заминҳо дар шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ» аз 30 ноябри соли 2007.
37. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Тартиби гузаронидани экспертизаи зиддикоррупсионии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, санадҳои меъёрии ҳуқуқии хусусияти умумиҳатмидоштаи вазоратҳо, кумитаҳои давлатӣ, дигар мақомоти давлатӣ, мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳраку деҳот ва лоиҳаҳои онҳо, арзёбии дохилиидоравии зиддикоррупсионии лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» // Сомонаи интернетии www.anticorruption.tj.

38. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Номгӯи бемориҳо ва нуқсонҳои ҷисмоние, ки ҳангоми мавҷудияти онҳо ба шаҳрванд рухсатнома барои соҳиб шудан ба силоҳ дода намешавад ва тартиби гузаштани шаҳрвандон аз муоинаи тиббӣ барои соҳиб шудан ба силоҳ» аз 31.04.2014.
39. Методологияи тартиб ва методикаи гузаронидани таҳлили фаъолият (хавфҳои коррупсионӣ) аз 28 октябри соли 2016, №465.
40. Низомномаи ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомоти мубориза бар зидди коррупсия, ки бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25 ноябри соли 2015, № 587 тасдиқ шудааст.
41. Низомномаи тартиби идораи кумаки башардӯстона ва техникӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. аз 09 11. 2000 № 459. (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26.01.2008 № 47, 02.02.2009с. № 86, аз 30.12.2009 № 714).
42. Низомномаи Шӯрои миллии муқовимат ба коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 14 декабри соли 2010 № 968.
43. Дастурамали баҳисобгирии омории ҷиноятҳои хусусияти коррупсионидошта ва феҳристи чунин ҷиноятҳо, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 7 сентябри соли 2006, таҳти № 414 тасдиқ шудааст.
44. Стратегияи муқовимат ба коррупсия дар ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2013-2020. Душанбе, 2013.
45. Маҷмӯаи Қарорҳои Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон (солҳои 1992-2011). Душанбе-2011.
46. Қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҷрибаи баррасии парвандаҳои ҷиноятӣ оид ба азонихудкунӣ ва исрофкорӣ» аз 26.06.2009.
47. Қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз «Дар бораи таҷрибаи судӣ оид ба парвандаҳои марбут ба дуздӣ, қаллобӣ, ғоратгарӣ ва роҳзанӣ» аз 25 июни соли 2004.
48. Қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, «Дар бораи таҷрибаи судӣ доир ба баррасии парвандаҳои марбут ба тасарруф ва гардиши ғайриқонунии силоҳ, лавозимоти ҷангӣ, моддаҳои тарканда, воситаҳои таркиш, ҳамчунин маҳлулҳои оташангез ва моддаҳои зуддаргиранда, ки барои ба сифати силоҳ истифода бурдан таъйинанд ё мувофиқ карда шудаанд, инчунин воситаи дигари марговар ва маводи тарфгарӣ (пиротехникӣ)» аз 23.11.2012.
49. Фармони ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тасдиқ намудани Дастурамал оиди кори мақомоти корҳои дохилӣ дар ҷорӣ намудани тартиби иҷозатдиҳӣ» бо замима аз 29.12. 2007.таҳти № 790 бо замима.

## МОНОГРАФИЯҲО, АДАБИЁТИ ТАЪЛИМӢ, ТАФСИРҲО ВА МАҚОЛАҲО


50. Фарҳанги истилоҳоти ҳуқуқ /Зери таҳрири Ҳуқуқшиноси шоистаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, доктори илми ҳуқуқ, профессор, Академики АИ Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҳмудов М.А. Душанбе., Нашриёти «ЭР-граф», 2004.
51. Абадинский Ховард. Организованная преступность. Бельмонт, CA, Wadsworth, 2003.
52. Абдурашидзода А.А., Назаров У.С. Ҳуқуқи ҷиноятӣ (қисми умумӣ). Курси лексияҳо: Воситаи таълимӣ. Душанбе: ЭР – граф., 2017.
53. Аламова С.М. Антикоррупционная экспертиза нормативных актов и их проектов: правовая основа и методика проведения / С.М. Аламова // Научные труды. Российская академия юридических наук. Вып.10: в 3т. Т.1. М.: - Издательская группа «Юрист». - 2010.
54. Александрова А.И. Новое уголовное законодательство о мошенничестве // Юридическая наука и практика. Вестник Нижегородской Академии МВД России. – 2003. - № 21.
55. Анжель Ж. Римская империя. Москва, 2004.
56. Антикоррупционная политика. Учебное пособие. М., 2004.
57. Бакатин Д.В., Ковалева Т.К. Закон США о коррупционной деятельности за рубежом. Некоторые вопросы применения и толкования / Д.В. Бакатин, Т.К. Ковалева. М., 2001.
58. Безверхов А.Г. Имущественные преступления. Монография. – Самара: Издательство. Самарский университет, 2002.
59. Борьба с коррупцией в Сингапуре: извлекая уроки // http://kaknado.info/home/c orruption_singapoure.
60. Брестед Д., Тураев Б. История Древнего Египта. - Минск, 2003.
61. Бузмаков А. А., Мирзоев С.Б., Авзалов А. Х., Насуров П. А. «Криминология». - Душанбе, 2014.
62. Бытко Ю.И. “Уголовное право Росии (части общая и особенная)”. Учебник
63. Волженкин Б.В. Преступления в сфере экономичекой деятельности. СПб., 2002.
64. Всемирная история государства и права (Энциклопедический словарь). -ИНФРА-М., 2001.
65. Всемирная история. В 24 томах. А.Бадак, И.Войнич, Н. Волчек и др., Минск, 1997-1999.
66. Вудивисс Майкл. Организованная преступность и американская власть. Торонто, University of Toronto Press, 2001.
67. Гарни О. Хетты. Разрушители Вавилона. Москва, 2002; Крамер С. Шумеры. Первая цивилизация на Земле. Москва, 2002.
68. Ғоибов Р.Д. Ҳуқуқи ҷиноятӣ (Қисми махсус) – Дастури таълимӣ. Хуҷанд, 2009.
69. Грант моддаи История Древнего Рима. Москва, 2003.

70. Джонс А. Гибель античного мира. Ростов н/Д, 1997.
71. Иванов А.М. Уголовное законодательство зарубежных стран о преступлениях в сфере экономической деятельности // Экономическая преступность и коррупция. Научно-исследовательский институт укрепления законности и правопорядка при Ген. прокуратуре РФ. - М., 2003.
72. История Древнего Востока. Под. ред. В.Кузицина.-М, 2001.
73. История Китая. В.Адамчик, М.Адамчик, А.Бадан и др. Москва – Минск, 2005.
74. История политических и правовых учений. - М., Наука, 1989.
75. Қаюмов С.А. Тафсир ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи экспертизаи зиддикоррупсионии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ». Нашриёти «Кайҳон». – Душанбе, 2013.
76. Ковалев С. История Рима, под ред. Э.Фролова. С-Петербург, 2003.
77. Корухов, Ю. Допустимы ли правовые и юридические экспертизы в уголовном процессе / Ю. Корухов // Законность. - № 1. - 2000.
78. Кудрявцев В.Н.Правовое поведение, норма и патология.- М., 1982.
79. Кузнецов А.А., Третьякова Н.С. Присвоение и растрата, совершаемые с использование своего служебного положения. (методические рекомендации) Омск, 2015.
80. Кузнецов А.Ю. Российское и зарубежное законодательство о мерах противодействия коррупции/ Кузнецов А.Ю. и др. – Владивосток, Изд-во ДВГАЭУ, 1999.
81. Кузовков Ю.В. Мировая история коррупции. М., Издательство Анима-Пресс, 2010.
82. Куракин А.В. Предупреждение и пресечение коррупции в зарубежных государствах, на примере США, Канады, ФРГ, Франции, Испании, Португалии.../ А.В.Куракин// Право и политика. - №6. – 2002.
83. Курс уголовного права. Том.5. Особенная часть / Под. ред. доктора юридических. наук, профессора Г. Н. Борзенокова. доктора юридических. наук, профессора В.С. Комиссарова – М.: 2002.
84. Ли Куан Ю. Сингапурская история: из «третьего мира» – в «первый». Издательство МГИМО(У) МИД России. – М., 2005.
85. Лопашенко Н. А. Взяточничество: проблемы квалификации. //Правоведение. -2001. - № 6.
86. Лопашенко Н.А. Посягательства на собственность: монография. моддаи : Норма, Инфра – М., 2012.
87. Маърӯзаи миллӣ оид ба чараёни татбиқи паймони байналхалқӣ доир ба ҳуқуқи сиёсӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ аз ҷониби Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе, 2008.
88. Милан Бартошек Римское право (Понятия, термины, определения), Пер. с чешск. - М., 1989.

89. Моммзен Т. История Рима. т. 1 кн. 1, 2; т. 1 кн. 3; т. 2 кн. 4; т.3 кн. 5; т. 5 кн. Москва, 2001,
90. Никифоров Б.С. Объект преступления по советскому уголовному праву. М, 1960.
91. Ноздрачёв, А.Ф. Коррупция как правовая проблема в вопросах и ответах / А.Ф. Ноздрачев // Адвокат. - 2007. - № 10.
92. Ҳасанов Ш.Қ. Масъалаҳои иҷтимоию иқтисодӣ ва сиёсию ҳуқуқии коррупсия. Душанбе: «Ирфон», 2014.
93. Ҳуқуқи ҷиноятӣ (қисми умумӣ) Китоби дарсӣ. Зери таҳрири Н.А. Ғаффорова, Ҳ.С. Салимов. Душанбе, 2011.
94. Ҳусейнов С.Ҳ. Таркиби ҷиноят (дастури таълимӣ). – Душанбе, 2013.
95. Памятники Римского права, Законы XII таблиц, Институции Гая, Дигесты Юстиниана. - М., Зерцало, 1997.
96. Петухов Ю. Русы Древнего Востока. Москва, 2008.
97. Полковницкий Д.О. Проблема коррупции в представлении граждан США //Уголовное право, стратегия развития в XXI веке. - М., Московская государственная юридическая академия. 2004.
98. Райзберг Б. А. Лозовский Л.Ш. Стародубцева Б. Б . Современный экономический словарь. М.: ИНФРА – М, 2007.
99. Роджерс Г. Александр Македонский. - М., 2006.
100. Роль государства в социально-экономическом развитии США. - М., 1997.
101. Рыжов К. Все монархи мира. Древняя Греция, Древний Рим, Византия. Москва, 2002.
102. Сафаров А.И. Анализ объективных признаков воспрепятствования законной предпринимательской деятельности по уголовному законодательству Республики Таджикистан/ Вестник Таджикского национального университета. Серия гуманитарных наук. 2015. №3/12(189).
103. Сафаров А.И. Анализ субъективных признаков воспрепятствования законной предпринимательской деятельности по уголовному законодательству Республики Таджикистан/ Вестник Таджикского национального университета. Серия гуманитарных наук. 2015. №3/12(189).
104. Сафаров А.И. Конвенционные основы борьбы против легализации (отмывании) преступных доходов в Республике Таджикистан // Девятые Всероссийские Державинские чтения (Москва, 13-14 декабря 2013 года): сборник статей: в 7 кн. Кн. 5: Проблемы уголовно-процессуального, уголовно-исполнительного и уголовного права, криминалистики и криминологи. М., Из-во РПА, Минюста России. 2014.
105. Сафаров А.И. Конституционно-правовые основы противодействия воспрепятствованию законной предпринимательской деятельности // Нақши Конститутсия дар рушди қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон (Маводҳои конфронси илмӣ-назариявӣ бахшида ба 19-

солагии қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон). Душанбе, 2014.
106. Сафаров А.И. Корупционные преступления в сфере предпринимательской деятельности по законодательству Республики таджикистан/ Вестник университета. 2015. Т.1. №4(51).
107. Сафаров А.И. Некоторые вопросы состояния преступности в сфере легализации (отмывания) денежных средств либо иного имущества, приобретенных противозаконным путем (по материалам Республики Таджикистан) // Уголовное, уголовно-процессуальное и уголовно-исполнительное законодательство (современное состояние и направления совершенствования): сборник трудов участников Всероссийской научно-практической конференции (г. Москва, 13-14 апреля 2011 г.) / Под ред. проф. А.В. Гриненко. М.: Издательство МГОУ, 2011.
108. Сафаров А.И. Некоторые проблемы определения предмет легализацией (отмыванием) денежных средств или иного имущества, полученных незаконным путем/ Вестник Таджикского национального университета №1(57). 2010.
109. Сафаров А.И. Некоторые проблемы определения субъекта легализации преступных доходов по законодательству Республики Таджикистан / Вестник Таджикского национального университета. №4(60). 2010.
110. Сафаров А.И. Проблемы классификации уголовно-правовых норм, связанных с посягательством на предпринимательскую деятельности/ Вестник педагогического университета. 2014. №6(61).
111. Сафаров А.И. Проблемы определения общественной опасности должностных преступлений в сфере предпринимательской деятельности // Вестник Таджикского национального университета. Серия гуманитарных наук. 2014.№3/5(142).
112. Сидихменов В.Я. Китай. Страницы прошлого. - М., 1987.
113. Сотиволдиев Р.Ш. Назарияи умумии ҳуқуқ ва давлат. Душанбе, 2003.
114. Сырых В.М.Теория государства и права. -М., 1998.
115. Тафсир ба Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Дар зери таҳрири Ҳ.Ҳ. Шарипов. Глобус. - Душанбе, 2006.
116. Тафсир ба моддаҳои алоҳидаи Қисми махсуси Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Дар зери таҳрири Қаҳҳоров А.А. Душанбе, 2011.
117. Тафсири илмию оммавии Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон. Зери таҳрири Раиси Суди Конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон , академики Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, д.и.ҳ., профессор М.А. Маҳмудов. Душанбе, 2009.
118. Том Плейт. Беседы с Ли Куан Ю. Гражданин Сингапур, или Как создают нации: Олимп—Бизнес. – Москва, 2012.
119. Трайнин А.Н. Общее учение о составе преступления. М, 1957.

120. Троицкая, Т.В. Понятие и юридическая природа общественной экспертизы / Т.В. Троицкая // Юридический мир. - 2006.
121. Уголовное право. Особенная часть /Под ред. Л.Д. Гаухман и С.В. Максимов. М., 2004.
122. Халифаев М.Н. Ҳамоҳангсози сиёсати зиддикор-рупсионӣ //Прокуратураи Тоҷикистон 80 сол. – Душанбе «Сарпараст», 2004.
123. Худоёров Б.Т., Шонасридинов Н., Муқимова С.А. Тафсири Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон. -Душанбе, «ЭР-граф», 2004.
124. Черетаев А. Византия. Юстиниановская эпоха. - М., 2004.
125. Чучаев А.И., Иванова С.Ю. Таможные преступления в новом УК РФ// Государство и право. 1998. №11.

## АВТОРЕФЕРАТ ВА ДИССЕРТАТСИЯҲО

126. Богуш Г.И. Коррупция и международное сотрудничество в борьбе с ней: дисс. … к.ю.н., 12.00.08 Москва, 2004.
127. Васильевна Ж.Г. Уголовная ответственность за служебный подлог. дис. … канд. юрид. наук. моддаи 2006.
128. Лунин Н.Н. Мошенничество по уголовному законодательству России: уголовно – правовая характеристика и квалификация. Дисс. … канд. юрид. наук. Москва. 2006.
129. Сафаров А.И. Уголовное ответственность за легализацию(отмывание) денежных средств либо иного имущества, полученных противозаконным путем(по материалам Республики Таджикистан). Автореф. на соис. канд. юрид. наук. М., 2011.

Шарифзода Ф.Р., Кабирзода Ҷ.Ҳ., Идрисзода И.М., Ҳусейнзода С.Ҳ., Ҳасанов Ш.Қ., Нажбудинов М.А., Алимардонов М.У., Сафрзода А.И., Расулӣ Б., Аҳёзода Ш.Т., Назаров У.С., Шарифзода В., Нарзуллоев С.С.

**СИЁСАТИ ЗИДДИКОРРУПСИОНӢ**
**(Воситаи таълимӣ)**

---

Шарифзода Ф.Р., Кабирзода Дж.Х., Идрисзода И.М., Хусейнзода С.Х., Ҳасанов Ш.К., Нажбудинов М.А., Алимардонов М.У., Сафрзода А.И., Расули Б., Ахёзода Ш.Т., Назаров У.С., Шарифзода В., Нарзуллоев С.С.

**АНТИКОРРУПЦИОННАЯ ПОЛИТИКА**
**(Учебное пособие)**

**БИ № 5907**

Нашриёти «Ирфон»
Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон,
734018, ш.Душанбе, кӯчаи Н.Қарабоев, 17.
E-mail: irfon_company@mail.ru

---

Ба чопаш 16.12.2017 имзо шуд. Андозаи 60x84 1/16. Коғази офсет.
Чопи офсет. Гарнитураи Times New Roman Tj. Ҷузъи чопии шартӣ 50.
Теъдоди нашр 300 нусха. Супориши №138.

ҶДММ "Сарвар 18".
734036, ш. Душанбе, кӯчаи Айни, 78/2.